МИРЗО МУЛЛОАҲМАД

# РАВЗАНАИ ХИРАД

Равшанфикр
www.ravshanfikr.tj

# Равзанаи адаб

## «Бузургию неъмат зи оли Сомон буд»

Дар таърихи фарҳангу адабиёти мардумони гуногуни олам давраҳои хосе ҳастанд, ки бо рушду камол ва шукуфоии худ мумтоз буда, бо дастовардҳои беназирашон тамаддуни ҷаҳонро ғанӣ гардондаанд. Адабиёт ва ҳунари Юнони бостон, давраи Эҳёи Италия, Аҳди Маорифи Фаронсаву Олмон, адабиёти асри Х1Х рус аз ҷумлаи ҳамин гуна даврахои шукуфони таърихӣ мебошанд. Дар таърихи адабиёти ғаниву бостонии мардумони эронитабор ҳам, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо бо забону хатҳои мухталиф арзи зуҳур намудааст, адабиёту фарҳанги асри Х, ки ба аҳди Сомониён рост меояд ва устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз бузургтарин намояндагони он аст, аз чунин даврони дурахшону шукуфон ба шумор меравад, ки таърихи тамаддуни олам назирашро кам дидааст. Бесабаб нест, ки донишмандон ин давраро «асри зарин», «эҳёи Аҷам», «Эҳёи тоҷик» … номидаанд.

Дар воқеъ фарҳанги ин даврон аз як тараф таҷассуми суннатҳои Эрони бостон буда, аз тарафи дигар зербинои фарҳанги асрҳои баъд мебошад. Адабиёте, ки дар заминаи ин фарҳанг ба забони форсии дарӣ падид омадааст, дар тӯли беш аз ҳазор сол идома ёфта, имрӯз бо унвонҳои «адабиёти Эрон», «адабиёти форсӣ», «адабиёти дарӣ», «адабиёти форсу тоҷик» ва амсоли инҳо шӯҳрат дорад.

Ин давра таваҷҷӯҳи муаррихону адибон ва муҳаққиқони зиёдеро аз асрҳои пешин то имрӯз ҷалб намудааст. Дар бораи таъриху фарҳанг ва адабиёти аҳди сомонӣ илова бар муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ чун «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихи Систон», «Зайнулахбор»-и Гардезӣ, «Сафарнома»-и Ибни Ҳавқал, «Аҳсануттақосим»-и Муқаддасӣ, «Масоликулмамолик»-и Истахрӣ, «Муъҷамулбулдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Таърихи Байҳақӣ», «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва донишмандони маъруфи кишварҳои гуногуни олам амсоли В.В. Бартолд, А. Якубовский, Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Бобоҷон Ғафуров, А.А. Семенов, Е. Э. Бертелс, Абдулғанӣ Мирзоев, Р. Фрай, Нӯъмон Неъматов, Аҳрор Мухторов, Расул Ҳодизода, Муҳаммаднурӣ Усмонов, А. Тоҳирҷонов, Холиқ Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, М. Занд, Аълохон Афсаҳзод, Ҷаводи Ҳиравӣ, Паноҳии Симнонӣ таҳқиқоти пурарзише анҷом додаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон то ҳадде муҳиту заминаи рушди фарҳанги аҳди Сомониён равшан

шудааст. Тавре ки ба субут расидааст, дар эҷоди муҳити созгор саҳми давлати Сомониён хеле калон будааст. Ин давлат дарвоқеъ аз тавонотарину бонизомтарин давлатҳои на танҳо эрониву мусулмонӣ, балки кулли ҷаҳон маҳсуб мешуд. Дар таърихи давлатдории ҷаҳон камтар давлатеро метавон пайдо кард, ки мисли Сомониён дар як муддати кӯтоҳ сарзаминеро, ки бар асари ҳуҷумҳои аҷнабиёни бодиянишин тороҷу хароб ва парешон гашта буд, ба як кишвари паҳновару пешрафта табдил диҳанд. Нақши ин давлат дар пешрафти адабиёт низ хеле назаррас аст. Тавре ки маълум аст, пас аз истилои араб дар муддати беш аз дусад сол забони арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон забони расмӣ ва илмиву адабӣ буд. Маҳз бо саъю талоши давлатҳои Тоҳириёну Саффориён ва ба хусус Сомониён забони порсии дарӣ, ки аз забонҳои маҳаллии мардуми кӯҳистони Мовароуннахр буд, рушду камол ёфта, ҷои забони арабиро гирифт. Ин забон дар як муддати кӯтоҳ на танҳо ба забони расмиву давлатӣ табдил ёфт, балки бо ин забон осори фаровони адабиву илмӣ ҳам ба вуҷуд омад. Муҳити фарҳангие, ки Сомониён фароҳам оварданд, барои рушди ҳарҷонибаи илму адаб ва ҳунар мусоидат намуд. Аз ин ҷост, ки маҳз дар ҳамин давра як зумра адибону донишмандони бузург падид омаданд, ки на танҳо дар таърихи фарҳанги мо беназиранд, балки дар илму фарҳанг ва адабиёти олам низ мақоми баланд доранд. Дар ин давра ба хусус шеър ривоҷи зиёд дошт. Шоирони маъруф Шаҳиди Балхӣ, Муродӣ, Абӯшакури Балхӣ, Башшори Марғазӣ, Фароловӣ, Имораи Марвазӣ, Робеаи Қаздорӣ, Сипеҳрии Бухороӣ, Мантиқии Розӣ, Абулаббоси Марвазӣ, Шокири Бухороӣ, Тайёни Марғазӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Дақиқӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Маъруфии Балхӣ, Хусравонӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Қамарии Ҷурҷонӣ ва амсоли онҳо бо сарварии устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки барҳақ падари шеъри форсӣ донистаанд, бо осори ғанию рангини худ шеърро на танҳо ташаккул доданд, балки ба пояҳои олии такомул расонданд. Агар устод Рӯдакӣ дар саргаҳи адабиёти ин давра мақом дошта бошад, ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар интиҳои он қарор гирифта, бо «Шоҳнома»-и худ камолоти шеърро устувор намуд. Суннатҳое, ки шоирони мазкур ҳам дар мазмуну мавзӯоти шеър ва ҳам дар қолабу анвои он ба вуҷуд оварданд, сармашқу улгуи шоирони асрҳои пасин гардиданд. Масалан, фақат ба қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ беш аз 150 шоир то имрӯз назираву тазмин ва ҷавобия сурудаанд. Воқеан шеъри ин давраро метавон сарчашмаи файзбори шеъри ҳазорсолаи форсӣ донист, ки ба ҳар давру замон ва ҳар шоир

асаре бахшидааст. Ҳатто дар шеъри тасаввуфӣ, ки раванди хосу мутафовит дошт, таъсири шеъри Рӯдакиву муосиронашро равшан метавон дид, ки ғазалҳои Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ гувоҳ бар онанд.

Ҳарчанд роҷеъ ба адабиёти асрҳои 1Х – Х тоҷику форс баррасиву ҷустор ҳои зиёди илмӣ шудааст, вале суннатҳои асосии ин адабиёт, ба хусус шеъри форсӣ, сайри онҳо дар асрҳои пасин ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Дар ҳоле ки аз осори хеле ғании Рӯдакиву муосиронаш миқдори ниҳоят кам боқӣ мондааст ва девонҳои шоирони садаҳои пасин ҳам ба табъ нарасидаанд, баррасии амиқу ҳарҷонибаи ин масъала имконнопазир аст. Вале тавре мегӯянд :

Оби дарё гар набитвон дам кашид,
Ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид.

Аз ин рӯ муҳим будани мавзӯъ моро водор кард, ки ба таҳқиқи муқаддимотии он пардохта, мушоҳидахои худро манзури аҳли илму адаб намоем, то барои барасиҳои оянда заминае муҳайё бошад.

Адабиёти аҳди Сомониён дарвоқеъ аз дурахшонтарин давраҳои таърихи адабиёти бостонии мардумони эронинажод аст, ки ганҷинаи тамаддуни Эрон ва ҷаҳонро бо дурдонаҳои гаронбаҳои худ ғанӣ намуда, бунёди адабиёти нави форсиро гузоштааст, ки дар тӯли беш аз ҳазор сол бо унвонҳои «адабиёти Эрон», «адабиёти форсӣ», «адабиёти форсу тоҷик» ва амсоли инҳо сайру такомулу таҳаввул дорад. Бо вуҷуди он ки аксари офаридаҳои адибони давраи мазкур бар асари ҳаводиси нохуш то замони мо нарасидаанд, он чӣ то имрӯз боқӣ мондааст, аз ғановату сарвати хазинаи адабиёти он даврон гувоҳӣ дода, аз пурбортарин давраҳои таърихи адабиёти форсизабон будани онро ба субут мерасонад. Осори устод Рӯдакӣ, бино бар ишораи Рашидии Самарқандӣ, аз як миллиону сесад ҳазор байт ё ҳадди ақал аз сад ҳазор байт иборат будааст.[1] Ё худ «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки, хушбахтона, ба таври мукаммал боқӣ мондааст, аз шаст ҳазор байт иборат аст. Муаллифону мураттибони тазкираҳову фарҳангҳои қарнҳои баъдина аз ному осори беш аз ҳафтод шоири он давра ёд кардаанд, ки ин ҳама аз ривоҷи беназири адабиёт шаҳодат медиҳад.

Ин адабиёт на танҳо бо миқдори адибону осори онон, балки бо мазмуну андешаҳои баланди башардӯстиву ватанпарастӣ, масоили муҳими иҷтимоиву ахлоқӣ ва шеърияту сабки шевои худ низ мумтоз аст.

Дар воқеъ, ин адабиёт пас аз истилои дусадсолаи арабҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон зуҳур намуда, дар як муддати на он қадар зиёд ташаккулу такомул пайдо кард ва ба давраи тиллоии тамаддун табдил ёфт. Аз ин ҷост, ки он таваҷҷӯҳи донишмандони зиёди оламро ба худ ҷалб намудааст. Вале то ҳол сабабҳои рушди хеле сареъи адабиёт дар давраи мазкур мавриди баҳсу таҳқиқи ҷудогонаву муфассал қарор нагирифтааст ва омилҳои пешрафти ҳаёти адабиву фарҳангӣ ба пуррагӣ нишон дода нашудааст. Ҳамон тавре ки ховаршиноси номдори рус Е. Э. Бертелс фармудааст: "Барои таҳқиқи он ки ҳаёти адабӣ дар Бухоро бо кадом роҳҳо ба чунин шукуфоӣ расидааст, камии маводи боқимонда имкон намедиҳад"[2]

Бо вуҷуди ин баъзе донишмандон дар зимни таҳқиқоти худ ба ин масъала низ ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла устод Саид Нафисӣ таваҷҷӯҳи Сомониёнро ба адабиёт аз омилҳои асосии инкишофи он дониста, фармудааст: «Дар адабиёти порсӣ рағбати Сомониён ба маротиб беш аз забони тозӣ буд ва ростӣ метавон гуфт шӯреву ишқе бад-ин кор доштаанд, чунонки назму насри забони дариро бояд зодаи Мовароуннаҳр ва дарбори Сомониён донист»[3] Устод Садриддин Айнӣ низ ҳамзамон бо Саид Нафисӣ ва ноогоҳона аз асари ӯ дар зимни шарҳи ҳоли Рӯдакӣ ҳамин андешаро баён намуда, «ба ривоҷ додани шеъру адабиёти форсии нав (забони адабии тоҷикӣ) ва баланд бардоштани маданияти миллӣ» кӯшиш доштани Сомониёнро таъкид кардааст[4], ҳарчанд қаблан дар сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик», ба қавли худи ӯ, «такя ба усули марксизм» намуда, хилофи ин андешаро баён менамояд[5]

Донишманди маъруфи тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев ин матлабро тавсеа дода, аз омилҳои дигари сиёсиву иҷтимоӣ ёд кардааст: «Ба даст даровარда шудани истиқлолияти сиёсӣ ва муваффақиятҳои дурахшоне, ки дар қисматҳои ҷудогонаи ҳаёти ҷамъиятии асри Х ба даст даромада буд, на фақат ба сабзиши қувваҳои истеҳсолӣ ва умуман ҳаёти моддӣ таъсири фавқулъодаи калоне расонид, балки барои пешрафти ҳаёти маданӣ, илмӣ, адабӣ ва ғайра заминаҳои мувофиқе ба вуҷуд овард. Муборизаҳои сиёсӣ ва чорабиниҳое, ки дар соҳаи марказият додани давлати Сомонӣ, таъмин намудани бехатарӣ, ободонии мамлакат ва амсоли инҳо бурда мешуд, ба масъалаи аз ҷиҳати ҳаёти маданӣ сабзидани шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон низ бетаъсир намонд»[6]

Адабиётшиноси барҷастаи эронӣ Забеҳулло Сафо низ иллати асосии пешрафти сареъи адабиётро дар таваҷҷӯҳи зиёди умарои сомонӣ ба забону адабиёти порсӣ медонад: "Таваҷҷӯҳ ба забону адаби порсӣ ҳам аз хадамоти муҳими шоҳони сомонӣ аст. Шоҳони сомонӣ ва ҳамаи афроди ин хонадон алоқаи шадид ба забони

форсӣ ва назму насри он доштаанд ва аз ин рӯ, шуароро мавриди ташвиқу инъом қарор медоданд ва бо ағлаби онон ба меҳру эҳтиром рафтор мекарданд ва нависандагонро ба тарҷумаи кутуби мӯътабаре монанди "Таърихи Табарӣ" ва тафсири "Ҷавомеъ-ул-баён"-и Табарӣ ва "Калилаву Димна"-и Абдулло бинни Ал-Муқаффаъ ба насри форсӣ ташвиқ мекарданд. Ин таваҷҷӯҳи Сомониён ба забону адаби форсӣ боис шуд, ки адабиёти порсӣ, ки аз аҳди Тоҳириёну Саффориён ба вуҷуд омада буд, бо суръате аҷиб тариқи камол гирад ва шоирону нависандагони бузурге ба вуҷуд оянд ва бунёди адаби форсӣ ба наҳве ниҳода шавад, ки асбоби истиқлоли адабии Эрон ба беҳтарин навъе фароҳам гардад"[7]

Аввалин икдоме, ки ҷиҳати баррасии амиқтари масъалаи мавриди баҳс гузошта шудааст, мақолаи устод Расул Ҳодизода "Пеш аз Рӯдакӣ" мебошад, ки мулоҳизаву фарзияҳои илмии муаллифро дар бар мегирад. Дар мақолаи мазкур чаҳор маншаи тараққиёти адабиёти қарни 10, яъне омилҳои фарҳангии он ба тариқи зайл нишон дода шудааст: "Якум. Дар вазъияти забони форсие, ки пеш аз замони Рӯдакӣ вуҷуд дошт ва дар он назми нави дарӣ иншо мешуд. Дуюм. Дар намунаҳои аввалин шеъри форсӣ, ки дар замони ҳукмронии забон ва адабиёти араб дар сарзаминҳои нави забтшудаи маҳаллӣ ба вуҷуд омада буд. Сеюм. Дар суннатҳои шеъри арабӣ, ки пас аз истилои Эрон, Мовароуннаҳр аз тарафи шоирони эронинажод ба назми арабӣ ворид гардида буд. Чорум. Дар анъана ва мазмунҳои адабии давраи қадим, яъне замони тоисломии халқҳои маҳаллӣ, ки дар шароити ҳукмронии забон ва адабиёти арабизабон ҳам барқарор ва побарҷо буд"[8]

Тавре ки аз гуфтаҳои фавқ ҳувайдост, донишмандон омилҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии пешрафти адабиёти қарнҳои 9-10-ро ёд кардаанд, вале ҳанӯз кулли авомил ба тариқи маҷмӯъ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Аксари донишмандон барҳақ давлати Сомониён ва вазъи пешрафти иқтисоди кишварро дар аҳди ҳукмронии онон аз авомили асосии ривоҷи адабиёт донистаанд. Дар воқеъ, давлати Сомониён аз тавонотарину бонизомтарин давлатҳои эрониву мусулмонӣ ва умуман ҷаҳонӣ буда, дар силсилаи давлатдории бостонии мардумони эронинажод чун ҳалқаи заррин ҷилвагар мешавад. Дар таърихи давлатдории ҷаҳон камтар ҳукуматеро метавон пайдо кард, ки мисли Сомониён дар як муддати кӯтоҳ сарзаминеро, ки бар асари ҳуҷумҳои харобиовари аҷнабиён ва ҳамлаҳои тороҷгаронаи бодиянишинон вайрону парешон гашта буд, тавассути сиёсати одилонаву оқилона ба кишвари паҳновару шукуфон ва пешрафтаву басомон табдил дода бошад. Маҳз ба шарофату баракати давлати Сомониён, ба хусус кӯшишу талошҳои

давлатмардони номии он чун Исмоили Сомониву Наср бинни Аҳмад шаҳрҳои азиму ободони Бухорову Самарқанд, Фарғонаву Хуҷанд, Марву Нишопур, Балху Рай аз нав ривоҷ пайдо карда, ба марказҳои иқтисодиву тиҷоратӣ табдил ёфтанд, деҳоту рустоҳои Усрушанаву Бутамон, Шомону Чағониён, Рашту Хуталон бо ашёву колоҳои гаронбаҳои худ шӯҳраи ҷаҳон гаштанд[9]

Ин ҳама пешрафтҳои иқтисодӣ ва оромиву осоише, ки дар давраҳои аввали ҳукумати Сомониён ба вуҷуд омадаанд, ба таъсису сохтани мадрасаву масҷиди фаровон, бузургтарин китобхонаи ҷаҳон дар Бухоро ва ривоҷи улуми ақливу шаръӣ, меъмориву хаттотӣ, наққошиву мусиқӣ ва дигар навъҳои ҳунару фарҳанг мусоидат намуданд.

Дар пешрафти сареъи адабиёт нақши худи ҳокимони фозилу донишманди сомонӣ, ба хусус вазирони маъруфи онҳо Абдулфазли Балъамӣ, Абдулҳусайни Утбӣ, Абӯалии Балъамӣ, Абӯабдуллои Ҷайҳонӣ бузург аст[10]. Зеро худи онҳо дар офаридани осори муҳими таърихиву ҷуғрофӣ ба забони форсӣ намунаи ибрат буданд ва "истихдом дар дастгоҳи давлат беҳтарин василаи ташвиқ ва ҳимоят аз удабову донимашндон буд"[11]

Дарвоқеъ, таъсиси девони шоирон, яъне доираи адабӣ дар дарбор, ғамхориву сарпарастии ҳарҷонибаи моддиву маънавӣ нисбат ба адибон, ки Сомониён ба ҳукми анъана даровarданд, аз таваҷҷӯҳи зиёди онҳо ба адабиёт гувоҳӣ медиҳад. Дар бораи ҳадяҳои фаровоне, ки амирони сомонӣ ба Рӯдакиву муосиронаш додаанд, сарвату давлати зиёди шоирони замон, вазъи хуби моддии онҳо дар манобеи таърихӣ далелҳои зиёде мавҷуданд. Худи шоирон низ аз ғамхории ҳокимони сомонӣ бо сипосгузорӣ ёд кардаанд. Аз ҷумла, Рӯдакӣ дар қасидаи "Шикоят аз пирӣ" таъкид мекунад, ки ӯ на танҳо аз амирони сомонӣ, балки аз деҳқонону сарватмандони дигар низ пайваста атоҳои фаровон дарёфт мекардааст. Шоир эътироф мекунад, ки хушрӯзиву бузургии ӯ маҳз ба шарофати ғамхории Сомониён аст:

Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳамлон буд.
Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Маро бузургию неъмат зи оли Сомон буд.[12]

Яке аз муҳимтарин омилҳои фарҳангии пешрафти адабиёти аҳди Сомониён, бешубҳа, рушду камоли забони порсии дарӣ ва таваҷҷӯҳи хоси давлат ба он аст. Зеро забони порсии дарӣ дар қарни 9-10 василаи муҳими иттиҳоди мардуму қавмҳои эронинажоди Мовароуннаҳру Хуросон ва Форс гардид. То

истилои арабҳо дар сарзаминҳои мазкур забонҳои суғдиву хоразмӣ, бохтариву тахорӣ, паҳлавию озарӣ ва даҳҳо забонҳои дигар амал мекардаанд, ки аз байн рафтанд ва забони форсии дарӣ ҷои онҳоро гирифт ва барои нигаҳдошти ҳуввияти миллии эрониён хидмати бузурги таърихиро анҷом дод. Бинобар ин, ба забони форсии дарӣ эътибори ҷиддӣ додани амирони сомонӣ ҳодисаи тасодуфӣ нест. Тавре ки маълум аст, давлатҳои тозабунёди эронӣ барои истиқрори давлат ва тақвияти истиқлол, пеш аз ҳама, ба забону оинҳои мардум, ки бар асари ҳукмронии арабҳо хеле заиф гашта, рӯ ба нобудӣ мениҳоданд, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуданд. Дар ин росто иқдоми Яъқуби Лайси Саффорӣ басо ҷиддӣ, далерона ва муҳим буд. Чунонки муаллифи гумноми "Таърихи Систон" навиштааст: "Пас шуаро ӯро (Яъқуби Лайсро) шеърҳо гуфтандӣ ба тозӣ.

Чун шеър бихонданд, ӯ олим набуд, андар наёфт. Муҳаммад ибни Васиф ҳозир буд ва дабири расоили ӯ буд ва адабӣ некӯ донист ва ба он рӯзгор номаи порсӣ набуд. Пас Яъқуб гуфт: "Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт?.

Муҳаммад ибни Васиф пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт".[13]

Тавре ки аз иқтибоси мазкур бармеояд, Яъқуби Лайси Саффорӣ, ки худ аз табақаи мисгарон бархоста буд, асосан ба сабаби хуб надонистани забони арабӣ шоиронро ба сурудани шеър ба забони порсӣ ташвиқ кардааст. Вале амирони сомонӣ аз табақаи ашроф буда, бо халифа ва ноибони ӯ қаробат доштанд ва забони арабиро хуб медонистанд. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи онҳо ба забони форсии дарӣ сабабҳо ва ангезаҳои дигар дошт, ки муҳимтаринашон ба василаи он муттаҳид кардани мардуми парешон, бо сухани шоирона бедор кардани эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстии онон ва дар ниҳояти кор истиқлоли миллии кишвар буд. Беҳуда нест, ки ҳокимони сомонӣ ба тарҷумаи муҳимтарин осори он замон чун "Таърихи Табарӣ" ва "Тафсири Табарӣ", мураттаб намудани "Шоҳнома"-ҳо дастур додаанд.

Натиҷаи таваҷҷӯҳи хос ва талошу муборизаҳо буд, ки забони форсии дарӣ хеле зуд забони арабиро дар доираи коргузории расмӣ маҳдуд карда, дар арсаи адабиёт мақоми аввал ва асосиро ишғол намуд ва ҳатто якҷо бо худшиносии миллии мардум бо суръати тамом ривоҷ ёфта, дар мисоли "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ба қуллаи баланд расид. Ба гумони ғолиб, агар таваҷҷӯҳу пуштибонии пайгирона ва ҷиддии Сомониён аз забони форсӣ намешуд, монанди Мисру Сурияву Ироқ ба кишвари арабизабон табдил ёфтани Эронзамин аз эҳтимол дур набуд. Ба қавли донишманди маъруф Сайид Ҳусайни Наср "агар забони форсӣ

вуҷуд намедошт, Эрон на танҳо мусалмон мешуд, балки арабзабон ҳам мешуд".[14]

Яке аз омилҳои муҳиме, ки дар пешрафт ва ё баръакс ақибравии раванди адабӣ таъсир мерасонад, мафкураи ҳукмрони давр аст. Ҳамон тавре ки манобеи таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, амирони сомонӣ на танҳо диндор буданд, балки бо халифа иртиботи қавӣ дошта, аз ҳомиёну паҳнкунандагони фаъоли дини ислом маҳсуб мешуданд. Масалан, Исмоили Сомонӣ барои ба ислом ворид кардани туркон муборизаву талошҳои зиёде ба харҷ дода, ба унвони "Амири ғозӣ" сазовор гашта буд. Вале чунонки баъдтар хоҳем дид, амирони сомонӣ, ба хусус Исмоил ва Наср бинни Аҳмад ба таассуби динӣ роҳ надода, исломро бо оинҳои эронӣ омезиш доданд. Хидмати бузурги фарҳанги Сомониён бештар дар он зоҳир мегардад, ки онҳо миёни ислом ва суннатҳои фарҳангии Эрони бостон созгорӣ ба вуҷуд оварданд. Дар ин бобат Ричард Фрай навиштааст: "Ба назари ман, имтизоҷи Эрон ва ислом бузургтарин дастоварди Сомониён буд ва ба ҳамин хотир ҳамвора бояд аз онон ёд шавад".[15]

Чунин сиёсати мӯътадили динӣ ба адабиёт низ таъсири мусбат расонд. Бесабаб нест, ки дар осори шоирони давр ситоишу бузургдошти инсон, ки ҳам дар осори Эрони бостон ва ҳам дар Қуръону ҳадисҳои набавӣ аз масоили асосист, дар мадди аввал қарор мегирад ва андешаҳои башардӯстӣ яке аз мавзӯъҳои умдаи адабиётро ташкил медиҳад. Дар ситоиши инсон ҳамраъйии дину оин ва фарҳангу тамаддунҳои гуногун равшан мушоҳида мешавад. Дақиқӣ, ки ошкоро ба оини зардуштӣ мӯътақид будани худро таъкид мекунад ва аз он ифтихор ҳам дорад, ба аҳкоми ислому шариат низ комилан мувофиқ ва мӯътақид аст. Ӯ дар қасидае, ки "яке зардуштворам орзуяст" мегӯяд, дар ситоиши мамдӯҳи худ аз теғи Ҳайдару набарди Хайбар, ғами Яъқуб аз ҳиҷрати Юсуф, оби Кавсар, Дулдул ва дигар масоили марбут ба ислом ёд мекунад.[16]

Ё худ дар шоҳасаре чун "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, ки ба эҳёи Эрони бостон ихтисос дорад, ҳарчанд мазаммати истилогарони араб ба назар мерасад, вале муқобилгузории динҳо ё хурдтарин беэътиноие нисбат ба ислому шариат мушоҳида намешавад.

Амирони сомонӣ бо вуҷуди мутадайину ғозӣ будан ба таассубу ифрот дар умури динӣ роҳ намедоданд ва дар қаламрави худ алорағми дасисаҳову таассуби мазҳабии халифаи Бағдод фазои нисбатан озоди маънавиро эҷод карданд, ки ин ҳам барои пешрафти сареъи адабиёт муҳити мусоид фароҳам меоварад. Аз иттилооти манобеи таърихиву адабӣ бармеояд, ки дар он даврон дар Бухоро ва шаҳрҳои дигари қаламрави Сомониён намояндагони халқҳои гуногун, дину мазҳабҳои мухталиф

озодона зиндагӣ ва фаъолият мекарданд, дучори таъқибу таҳқир намешуданд. Ин сиёсати мӯътадили динии Сомониён боиси ривоҷи тарҷумаи осори илмиву адабии халқҳои гуногуни олам, инкишофи хеле чашмраси илмҳои ақливу табиатшиносӣ ва вусъати зиёди доираи мавзӯъоти адабиёти давр гардида, барои пешрафти ҳарҷонибаи адабиёт низ шароити мусоид фароҳам овард.

Ҳамон тавре ки зикр шуд, забон ва адабиёти форсии дарӣ пайваста бо таҳкими истиқлоли сиёсии давлати Сомониён ва худогоҳии миллии мардум рушду тавсеа меёфт. Дар ин раванд ҳарчанд онҳо бо забон ва адабиёти араби ҳукмрон мубориза мебурданд, вале аз онҳо манфиати зиёд ҳам гирифтаанд. Бинобар ин, забон ва адабиёти арабизабонро метавон омили дигари рушди сареъи адабиёти форсии дарӣ дар аҳди Сомониён донист.

Дар асрҳои 8-9, ки чун ду қарни сукути адабиёти Эрон маъруф аст, дар тамоми қисматҳои Эронзамин ва махсусан, дар Хуросону Мовароуннаҳр адабиёти арабизабон хеле рушду тавсеа пайдо кард, ки манобеъи адабиву таърихӣ, аз ҷумла девонҳои зиёди шоирон ба ин гувоҳӣ медиҳанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар пешрафти ин адабиёт суннатҳои адабии Эрони бостон низ таъсир расонидааст. Бинобар ин, барои адабиёти навзоди форсии дарӣ имконияти интихоби шаклу василаҳои гуногуни адабӣ мавҷуд буд, ки онҳо моҳирона истифода шудаанд. Чунонки таҳқиқоти донишмандони тоҷик Т. Мардонов ва Н. Зоҳидов нишон медиҳад, аксари адибони форсигӯи асрҳои 9-10 забони арабиро хеле хуб медонистаанд ва ба ду забон асар меофаридаанд. Дар воқеъ, адибони мазкур тавассути забон ва адабиёти араб бо суннатҳои адабии давраҳои гузаштаи тоисломии худ ва ҳамчунин бо дастовардҳои муҳими адабиёти олам огоҳ мешуданд. Бинобар ин, ба андешаи баъзе донишмандон, ки ба аввалин шеърҳои шоирони форсигӯй, аз ҷумла, Муҳаммад ибни Васиф маҳз барои он ки аз лиҳози шакл пухтаву расоянд, бо шубҳа менигаранд, наметавон розӣ шуд. Зеро он шоирон дар баробари суннатҳои адабиёти шифоҳӣ дар мисоли адабиёти арабизабон захираи бузурги адабиву эстетикиро дар ихтиёр доштанд. Яке аз сабабҳои бештар аз қасида иборат будани ашъори аввалин шоирони форсигӯй, аввалан, дар доираи дарбор офарида шудани онҳо бошад, сониян, дар он аст, ки қасида навъи асосии адабиёти араб ба шумор мерафт. Вале ин ҳеҷ гоҳ маънии "тавлиди шеъри форсиро ар шакли арабӣ"[17] ки Е.Э. Бертелс дар асарҳои аввалаи худ иддао мекард, надорад. Зеро шоирони форсигӯй шаклу навъҳои адабиёти арабро айнан напазируфта, ба онҳо тағйироти ҷиддӣ ворид намуда, ғанитару мукаммалтар сохтаанд. Далели равшани он вазни арӯз шуда метавонад, ки аз қадамҳои аввали ба шеъри форсӣ гузоштааш ба

дигаргуниҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ гашт. Ё худ дере нагузашта дар адабиёти форсу тоҷик навъҳои тозаи шеър, монанди рубоӣ, маснавӣривоҷ ёфтанд, ки ҳарчанд унвони арабӣ гирифтаанд, вале дар адабиёти араб назире надоштаанд,.

Ҳамчунин наметавон ба хулосаи зерини Е.Э.Бертелс дар мақолаи мазкур розӣ шуд, ки навиштааст: "1) Шеъри форсии аҳди Сомониро наметавон ҷудо аз назми араби ҳамон даврон баррасӣ намуд – ин як адабиёт аст, ки аз ду забони гуногун истифода кардааст"[1]8.

Ба назари мо, баръакс, осори бадеии арабизабонро, ки дар асрҳои 8-10 дар Хуросону Мовароуннаҳр офарида шудааст, бояд аз адабиёти форсу тоҷик донист. Зеро он осор ҳарчанд ба забони арабист, вале комилан рӯҳияи милливу ифтихороти эронӣ дошта, аксаран андешаву эҳсосоти зиддиарабиро ифода менамояд.

Ниҳоят, муҳимтарин омили дигари пешрати сареъи адабиёти аҳди Сомониён, ки мехоҳем роҷеъ ба он таваққуф намоем, наҳзати иҷтимоиву адабии шуъубия аст, ки ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашуда ва моҳияти воқеии он арзёбӣ нагаштааст. Ҷунбиши шуъубия, ки унвони худро аз ояи 13 сураи 49-и Қуръони маҷид "Ҳуҷарот" гирифтааст, дар ибтидои асри 8 чун аксуламале ба худписандиву такаббури ҳокимону хулафои араб ва муносибати таҳқиромези онҳо ба аҷамиён пайдо шуда буд, тадриҷан ба як ҷараёни бузурги ичтимоиву сиёсӣ табдил ёфта, барои ҷунбишҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ошӯбу исёнҳои гуногун замина гузоштааст. Ин ҷунбиши иҷтимоӣ ба адабиёт низ роҳ ёфта, дар қолаби забони арабӣ зуҳур кардааст. Адибони маъруфи арабизабон Исмоил бинни Ясар, Башшор бинни Бурди Тахористонӣ, Хураймии Суғдӣ, Мутаваккилӣ, Абӯнувос, Ибни Муқаффаъ ва амсоли онҳо дар осори худ аз гузаштаи пурифтихори мардуми эронинажод, бузургиву шукӯҳи тамаддуни ниёгони худ ёд карда, бартарии аҷамиёнро бар арабҳо таъйид менамуданд ва хулафову ҳокимони арабро мавриди тамасхуру мазаммат қарор медоданд.

Адибону донишмандони шуъубия, гузашта аз осори ғании манзум, ба таълифи рисолаҳо низ пардохтанд, ки "Интиоф-ул-Аҷам мин-ал-Араб" ва "Фазл-ул-Аҷам ало ал-Араб ва ифтихоруҳо"-и Абӯусмон Сайид бинни Ҳамиди Бухтакон, "Ал-масолиб-ус-сағир" ва "Ал-масолиб-ул-кабир"-и Ҳайсам бинни Адо, "Фазоил-ул-фурс"-и Абӯубайди Муаммар аз ҳамин зумраанд.

Адабиётшиноси ҷавони тоҷик Низомиддин Зоҳидов дар таҳқиқоти худ ашъори чанде аз шоирони шуъубиро таҳқиқ намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки хеле ҷолиб аст: "Мафкураи шуъубия, шеъри шуъубӣ дар пайдоишу рушди шеъри нави форсӣ нақши хосе дорад. Оҳангҳои ватандӯстӣ, алоқа ба фарҳанги

тоисломии худӣ, руҷӯъ ба осори Эрони бостон, ки ба офаридаҳои шуарои шуъубӣ хос буданд, ба адабиёти қарни X форсу тоҷик аз шеъри шуъубияи қарнҳои 8-9 интиқол ёфтаанд"19

Дар воқеъ таъсири неҳзати шуъубия дар худогоҳиву худшиносӣ ва тақвияти эҳсоси ватандӯстии аҳли адаби аҳди Сомониён хеле бузург аст. Бесабаб нест, ки дар осори адибони ин аср эҳсосу андешаҳои баланди ватандӯстӣ нисбат ба давраҳои дигари таърихи адабиётамон хеле бештар ифода ёфтаанд, маҳз дар ҳамин даврон бузургтарин ҳамосаи ватанпарварии адабиёти ҷаҳон – "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ падид омадааст.

Тақрибан 40 сол муқаддам адабиётшинос Михаил Занд офаридаҳои адибони шуъубиро "адабиёти халқҳои эронӣ ба забони арабӣ" номида, зарурати як ҷузъи таркибии адабиёти форсу тоҷик донистани онро таъйид карда навишта буд: "Дар айни ҳол ба эрониён низ метавон ҳақ дод, ки нависандагони барҷастаи шуъубиро дар идоди бузургони адабиёти клоссикии худ бидонанд. Барои ин адабиёти садаҳои 8-9 давраи дигарбудагӣ Anderssein ё зиндагӣ дар қолаби як забони дигар ба шумор меравад"20

Мутаассифона, ба ин хитоб то ҳол эътибори ҷиддӣ дода намешавад. Ҳарчанд дар Тоҷикистон таҳқиқи ин падидаи муҳими адабӣ шурӯъ шудааст, вале то ҳол, ҳатто, мунтахабе аз осори шоирони шуъубӣ тарҷумаву интишор наёфтааст, дар китобҳои таърихи адабиёт фасле ба он ҷудо нагаштааст. Ҳатто дар муфассалтарин таърихи адабиёти Эрон, ки ба қалами Забеҳулло Сафо тааллуқ дорад, чунин фасле ба назар намерасад.

Бинобар ин, зарур аст, ки донишмандону адибони Эрону Тоҷикистон ҳарчи зудтар ба тарҷумаву нашри осори шоирони маъруфи арабизабони шуъубӣ иқдом намоянд.

Хуб мешуд, ки минбаъд адабиёти арабизабони қарнҳои 8-9-и Хуросону Мовароуннаҳр чун як ҷузъи таърихи адабиёти форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирад ва фаслҳои ихтисосии таърихи адабиёт ба онҳо бахшида шавад. Дар он сурат мо метавонем садои воқеии "ду қарни сукут"-и таърихи адабиётамонро шунавем ва ба заминаҳову омилҳои пайдоиш ва пешрафти сареъи адабиёти оламшумули форсу тоҷик дар аҳди Сомониён бештару беҳтар ошно шавем.

## ПАЙНАВИШТ

[1]Шоири қарни 12 Рашидии Самарқандӣ навиштааст:
*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*

*Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,*
*Ҳам фузун ояд, агар чунон ки бояд бишмарӣ.*

[2] Е.Э.Бертельс. Литература на персидском языке в Средней Азии. //Избранные труды. История литературы и культуры Ирана,- М., 1988, с. 268.

[3] Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Теҳрон, чопи дуввум, 1341, саҳ. 247.

[4] Садриддин Айнӣ. Устод Рӯдакӣ.//Куллиёт, ҷ. 2, китоби якум. – Душанбе, 1963, саҳ. 138.

[5] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –М., 1926, саҳ. 3.

[6] Абдулғанӣ Мирзоев. Абӯабдулло Рӯдакӣ. –Сталинобод, 1958, саҳ. 37.

[7] Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Теҳрон, ҷилди аввал, чопи дуввум, 1371, саҳ. 206.

[8] Расул Ҳодизода. Пеш аз Рӯдакӣ (Мулоҳиза ва чанд фарзияи илмӣ) // Аз Рӯдакӣ то имрӯз, -Душанбе, 1988, саҳ. 31.

[9] Дар бораи пешрафтҳои иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон дар он замон сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти фаровон додаанд, ки дар таҳқиқоти зер ҷамъбаст шудаанд: Б.Ғафуров. Тоҷикон,- Душанбе, 1986; Н. Неъматов. Давлати Сомониён,-Душанбе, 1989, саҳ. 74-97; Ҷаводи Ҳиравӣ. Эрон дар аҳди Сомониён,- Машҳад, 1365.

[10] Дар бораи онҳо ниг.: Аҳрор Мухторов. Амирон ва вазирони сомонӣ,-Душанбе, 1997, саҳ. 57-64.

[11]Ричард Фрай. Бухоро- дастоварди қуруни вусто.-Теҳрон, Чопи дуввум, 1365, саҳ. 89

[12] Осори Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 22.

[13] Таърихи Систон, вероиши матн: Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ.-Теҳрон, 1373, саҳ. 106-107.

[14] Сайид Ҳусайни Наср. Забони форсӣ ва ҳуввияти миллӣ.// Паёми андеша, 1998, №2, саҳ. 25.

[15]Ричард Фрай. Бухоро – дастоварди қуруни вусто, саҳ. 155.

[16] Осори Рӯдакӣ. – Сталинобод, саҳ. 278-282.

[17] Е.Э.Бертелс. Персидская поэзия в Бухаре X в.//Избранные труды История литературы и культуры Ирана. – М., 1988, с. 290.

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 426.

[19]Низомиддин Зоҳидов. Арабоязычный период персидско-таджикской литературы VIII-IX в. – Душанбе, 1993, стр. 77.

[20] М. Занд. Шесть веков славы, - М., 1964. Тарҷумаи форсии он: Михаил И.Занд. Нур ва зулмат дар таърихи адабиёти Эрон. Тарҷумаи Ҳ. Асадпури Пиронфар.- Теҳрон, чопи дуввум, 2536, саҳ.

## Омилҳои рушд ва мондагории забон ва адабиёти тоҷику форс

Мардумони ориёӣ дар дарознои ҳазорсолаҳо ҳарчанд борҳо ҷабри таърихро кашидаву заҳри беадолатиҳоро чашидаанд ва дучори ҳуҷумҳои тороҷгаронаву кушторҳои бераҳмона гардидаанд, вале ҳамеша ҳастиву ҳувияти худро нигоҳ доштаанд. Яке аз омилҳои асосии ин пойдориву мондагорӣ бешак забон, адабиёт ва фарҳанги ғании онҳост, ки таваҷҷӯҳи донишмандони оламро асрҳост, ки ҷалб менамояд. Дар ин замина осори фаровони илмӣ офарида шудаанд, вале ҳанӯз масъалаҳои ҳалношудаву муаммоҳои печида мавҷуданд, ки ба чанде аз онҳо ҳоло ишора хоҳад шуд.

Пайдоиши забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикӣ, яъне форсии нав ва заминаҳои шаклгириву рушди он аз зумраи масъалаҳои баҳснок аст, ки ҳалли он барои равшан намудани омилҳои мондагории мардум ва худи забон низ мадад мерасонад.

Дар ин мавзӯъ дар ибтидои қарни XX баҳсҳои зиёде сурат гирифта буд. Шоир ва донишманди маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор бо далелҳои қотеъ андешаи аз қисмати ҷанубу ғарбии Эрон ба Хуросону Мовароуннаҳр омадани забони порсии дариро рад намуда, маҳз дар қисмати шарқии Эронзамин падид омадани онро ба субут расонд.[1] Ин андеша мавриди таъйиди устод С.Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Б.Ғафуров, Забеҳулло Сафо, А.Н.Болдирев, Б. Лившитс, А.Мирзоев ва дигарон қарор гирифт. А.Мирзоев мулоҳизоти дар ин мавзӯъ баёншударо ҷамъбандӣ намуда, навишта буд, ки «забони дарии порсӣ-тоҷикӣ на ин ки дар вақти истилои ҳукмронони араб аз қисмати ҷануби ғарбии Эрон-вилояти Форс ба Хуросон ва Мовароуннаҳр оварда нашудааст, балки вай забони аҳолии маҳаллии мардуми эронинажоди ҳамин сарзамин будааст.»[2]

Андешаи мазкур минбаъд дар асарҳои Н.Неъматов, М. Шакурӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Ҷаводи Ҳиравӣ, Камол Айнӣ бо далелҳои тоза тақвият пайдо кард.[3] Вале баъзе донишмандон амсоли Ричард Нилсон Фрай, Жилбер Лазар боз ҳамон андешаи радшударо бидуни далели тозаву қотеъ такрор менамоянд. Аз ҷумла эроншиноси маъруфи фаронсавӣ Жилбер Лазар дар суханроние, ки соли 1990 дар кунгураи «Ҳазораи тадвини «Шоҳнома» дар Теҳрон эрод намуд, аз нав андешаи тавассути асироне, ки арабҳо пас аз истилои вилояти Форс ҳамроҳи худ ба Хуросону Мовароуннаҳр овардаанд, интиқол

ёфтани забони порсии дариро иброз дошт.[4] Ӯ ин фарзияро соли 1993 дар суханрониаш дар анҷумани устодони Донишгоҳи Ҷорҷ Вашингтони Амрико дар мавзӯи «Решаҳои забони форсии адабӣ» идома дод, ки тарҷумаи форсии он дар маҷаллаи «Эроннома» ба табъ расид.

Жилбер Лазар кулли таҳқиқоти эроншиносонро дар ин замина нодида гирифта, пайдоиши забони порсии дариро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба истилои арабҳо марбут медонад: «Пас аз пирӯзии аъроб дар Эрон форсии гуфторӣ ҳамчунон ба сӯи Ховар пеш рафт ва ба василаи сипоҳиёну бозаргонон ба Мовароуннаҳр ва Афғонистони кунунӣ расид».[5] Ба ин тартиб ӯ ба натиҷае мерасад, ки «форсӣ гӯйиши маҳаллии ҷанубитарин ноҳияи Эрон буд, ки ба унвони як забони муколама ба тадриҷ, аз ҷануб ба шимол ва ховари Эрон густариш ёфт ва он гоҳ дар мунтаҳоилайҳ дар шимоли ховарии Эрон ба забони адабии он ноҳия табдил гардид ва аз он ҷо ба бохтару ҷануби Эрон рафт ва саранҷом дар бахше бузург аз Осиё реша давонд».[6]

Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки бебунёдии ин андешаро ба субут расонда, аз вуҷуд доштани забони порсии дарӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр то истилои арабҳо гувоҳӣ медиҳанд. Ин ҷо бо зикри ду далел иктифо мешавад. Далели аввал суруди машҳури «Аз Хуталон омадия» мебошад, ки тавассути «Таърихи Табарӣ» то ба имрӯз расидааст. Ҳангоме ки сарлашкари араб Асад ибни Абдулло дар Хатлон шикаст хурда, ба Балх меояд, мардум ин суруди ҳаҷвомезро месароянд:

Аз Хуталон омадия,

Ба рӯй табоҳ омадия.

Овор боз омадия,

Бедил фароз омадия.[7]

Аз ин бармеояд, ки то омадани арабҳо ба ин сарзамин мардуми он бо забони порсии дарӣ ҳарф мезаданд.

Далели дуюм иттилооти «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ роҷеъ ба ҷорӣ шудани ислом ва забони арабӣ дар ин сарзамин аст. Тавре ки Наршахӣ хабар медиҳад, мардуми Бухоро арабҳоро водор менамоянд, ки оятҳои Қуръон маҳз ба забони порсии дарӣ тарҷума шавад, ки забони гуфтории онҳо будааст.

Ин ду далел ва мисолҳои фаровони дигар собит менамоянд, ки забони порсии дарӣ то истилои арабҳо дар радифи забонхои суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, ориёӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар шакли гуфторӣ вуҷуд доштааст.

Ба назар нагирифтани ин воқеияти таърихӣ боиси пайдо шудани муаммоҳо барои Жилбер Лазар гаштааст. Аз ҷумла барои ӯ «му аммои» нахустро Ибни Муқаффаъ, донишманди номдори эронӣ, ки поягузори насри арабӣ ва мутарҷими «Калима ва Димна» аз форсии миёна ба арабӣ буд, матраҳ кардааст».[8]

Жилбер Лазар иттилои Ибни Муқаффаъро дар бораи панҷ забоне, ки дар поёни даврони Сосониён вуҷуд доштанд, яъне забонҳои паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, хузӣ ва суриёнӣ зикр намуда, тааҷҷуб мекунад, ки чаро «Ибни Муқаффаъ ба талвеҳ мегӯяд, ки дар миёни забонҳои Хуросон балхӣ беҳтарин гӯйиши дарӣ аст.»[9] Ва ин ҳаққиқатро ӯ муаммо медонад ва аз осори қарнҳои 1Х-Х1 мелодӣ амсоли тарҷумаи ТаърихиТабарӣ»,«Донишнома»-и Майсарӣ,«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Кайковус мисолҳо меорад, ки дар ҳамаи онҳо иборaи форсии дарӣ ё порсии дарӣ истифода шудааст. Азбаски ин далелҳои қотеъ андешаи ӯро ба субут намерасонанд, тааҷҷуб мекунад, ки «чаро Ибни Муқаффаъ ба ҳангоми сухан гуфтан аз «дарӣ» танҳо ба пойтахт ва ба Хуросон ишора мекунад ва на ба ҳеч бахшу шаҳри дигаре аз Эрон»?[10]

Ин пурсишу тааҷҷуби донишманди фаронсавӣ ниёз ба тавзеҳу посух надорад ва гуфтаи Ибни Муқаффаъ дар воқеъ забони мардуми Хуросон будани порсии дариро собит менамояд.

Масъалаи баҳсбарангези дигар номи ин забон аст, ки ҳанӯз решаи он ба таври дақиқ муайян нашудааст.

Аксари муҳақиқоне, ки дар ин хусус изҳори назар кардаанд, пайдоиши вожаи «дарӣ»-ро аз калимаи «дарборӣ» донистаанд. Жилбер Лазар низ дар пайравии онҳо таъкид менамояд, ки «дарӣ» муштақ аз «дар» ва «дарбор» аст. Чунин ба назар меояд, ки дарӣ танҳо забони гуфторӣ будааст, он ҳам дар дарбори шоҳон ва дар пойтахти онон.»[11]

Аввалан, тавре ки маълум аст, забон падидаи синфиву табақавӣ нест ва забони ҳама дарборҳову давлатҳо забони расмии адабист.

Сониян, агар дар воқеъ забони форсии дарӣ забони дарбор мебуд, бо истилои арабҳо , ки дарборҳо нобуд шуданд, бояд аз байн мерафт.

Дар хусуси тасмияи «дарӣ» ахиран аз ҷониби устод Расул Ҳодизода андешаи нави зерин баён гардид: «Аммо фикри банда он аст, ки «дарӣ» ба маънои «дарунӣ, дохилӣ» аст, яъне забоне, ки

бо он мардуми даруни маҳаллӣ - на арабҳои омада - сухан мегуфтанд ва аз он_ҷо номи «дарӣ», (яъне «дарунӣ»)-ро гирифтааст.»[12]

Дар баъзе луғатномаҳо ба пайдоиши «дарӣ» аз вожаи «дара» низ ишора шудааст. Тавре ки дар «Луғатнома»-и Деҳхудо омадааст: «Соҳибони «Анҷуманоро» ва «Онандроҷ ва «Ғиёс…» дар ин маврид менависанд: забони порсиро аз он дарӣ гӯянд, ки дар русто ва кӯҳистону дара бад-он такаллум мекарданд…»[13] Худи Деҳхудо низ аввал ҷонибдории худро ба ин андеша иброз медорад : «Ва ҳақ он аст, ки дарӣ мансуб ба кӯҳу дара аст, чунончи кабки дарӣ кабкҳоеро гӯянд, ки дар миёни дараи кӯҳ парвариш ёбанд ва забони дарӣ забони аҳли Кӯҳистон аст…»[14] Вале ӯ ҳам ақидаи аз «дарбор» будани «дарӣ»-ро илмӣ мешуморад : «Ин изҳори назарҳо бар асоси илмӣ нест ва он чӣ беҳтар ба назар мерасад, ин аст, ки дарӣ мансуб ба дар мухаффафи «дарбор» аст, яъне забоне, ки дар дарбору даршоҳи шоҳон бар он сухан мегуфтанд».[15]

Баъзе муҳаққиқон низ андешаи ба дара мансуб будани дариро ҷонибдорӣ кардаанд.[16] Вале ин андеша рушду тавсиа пайдо накард ва мавриди таъйиди донишмандон қарор нагирифт.

Ба назари мо дарвоқеъ вожаи «дарӣ» дар ибораи «забони дарӣ» аз калимаи «дара» буда, азбаски талаффузи вожаҳои «дараӣ» ё «дарагӣ» мисли «дарборӣ» равон нестанд, тахфиф шуда, шакли зебову равони «дарӣ»-ро гирифтаанд.

Сонияи, дар забони мо қаринаи дигаре нест, ки дарӣ ба маънии дарборӣ ё дарунӣ истифода мешуда бошад, вале ба маънии дарагӣ як мисоли хубе ҳаст, ки он ибораи шевои «кабки дарӣ» мебошад. Лафзи дарӣ, забони дарӣ дар ҳамин қолаби иборасозӣ сохта шудаанд. «Дар» ба маънии «дара» дар ашъори шоирон низ ба назар мерасад. Аз ҷумла дар байти зайли Туғрал дар ба ҳамин маънӣ истифода шудааст :

В-аз адли ӯ дар кӯҳу **дар** оҳу аниси шери нар,
Бабру палангаш безарар бо рама чӯпон парварад.[17]

Агар ин фарзия пазируфта шавад, муаммоҳое, ки Ж. Лазар ёд кардааст, ҳал хоҳанд шуд. Яъне забони порсии дарӣ як навъи гуфтории забони порсӣ буд, ки на дар дарборҳо, балки дар дараҳои кӯҳистони Хуросону Мовароуннаҳр дар баробари забонҳои соҳибхатти суғдӣ, бохтарӣ, ориёӣ, хоразмӣ дар байни мардум амал мекард. Бар асари истилои арабҳо ва ҷорӣ шудани забону хатти арабӣ ба сифати забони расмӣ забонҳои мазкур аз байн рафтанд ва забони гуфтугӯии мардум бо фароҳам омадани шароити мусоид дар аҳди Саффориёну Тоҳириён ва Сомониён дар

як муддати кӯтоҳ на танҳо чун забони адабӣ ташаккул ёфт, балки ба дараҷаи камолот расид. Агар ин шароит ба вуҷуд намеомад ва дастгириву пуштибонии он давлатҳо, ба хусус давлати Сомониён намебуд, яқинан забонҳои эронӣ имрӯз ба ин ҳолат намерасиданд.

Ин ҳақиқати таърихӣ, ки аз ҷониби эроншиносони олам пазируфта шудааст, ахиран дар асари Г. Ҳидоятов «Заволи Сомониён», ки ба забони русӣ ба табъ расидааст, нодида гирифта шуда, мақоми Сомониён дар арсаи таърих рад гардидааст.

Мо ин ҷо дар хусуси андешаҳои беасосу муғризонаи Г. Ҳидоятов роҷеъ ба «ватани аслии туркҳо будани Осиёи Марказӣ», «шаҳри қадимии туркҳо будани Бухоро», «сардори наҳзати милливу озодихоҳии халқҳои турк будани Абумуслими Хуросонӣ», «Ҳокими Балх будани туркони қарлуқ дар асри IX», боаслу насаб ва бомутакко будани давлатҳои Қарохониён, Темуриён, Аштархониён, Манғитиён ва қавмҳои қарлуқ, чигил, қунғурот, барлос, манғит... ва беаслу насаб ва бе асоси этникӣ будани Сомониёну тоҷикон дар Осиёи Марказӣ, «давлати хориҷӣ будани Сомониён» «дар уқёнуси ҷаҳони туркон», «ҳеч осори намоёне дар солномаи таърихии Осиёи Марказӣ нагузоштани сулолаи Сомониён»[18] ва амсоли инҳо чизе намегӯем ва таърихшиносон посухи сазовори онҳоро хоҳанд дод.

Ҳоло бо таъкиди ин матлаб иктифо мешавад, ки фақат як ғамхориву парастории Сомониён нисбат ба забон, адабиёт фарҳанг ва аҳли илму адаб хидмати бузурги таърихист. Дар ин бора дар «Аҳсануттақосим фӣ маърифатилақолим»-и донишманди араб Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ, ки ба қавли Ҷаводи_Ҳиравӣ «аз ҷумлаи мӯътабартарин манобеи ҷуғрофиёӣ ба шумор меояд»[19], ишора шудааст, ки «онҳо (Сомониён-М.М.) бо хулқу хӯ, бо намуд ва бо эҳтиром нисбат ба илму аҳли илм аз беҳтарин шоҳонанд...Онҳо намегузоранд, ки аҳли илм дар ҷилавашон заминбӯсӣ кунанд ва расми онҳост, ки дар тамоми тӯли моҳи Рамазон ҳар шаб ба манзури мубоҳиса дар ҳузури ҳокимон маҳфил баргузор кунанд»[20].

Аз ин рӯ метавон хидматҳои бузурги Сомониёнро, ки онҳо на танҳо ба забону адабиёт ва аҳли илму фарҳанг таваҷҷӯҳ ва ғамхории зиёд зоҳир менамуданд, балки озодии андешаву ақида, оину мазҳабро ҷорӣ намуда, гуфтугӯи тамаддунҳоро фароҳам оварда буданд, ки ба майдон омадани Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобиву Абӯрайҳони Берунӣ ва даҳҳо адибону донишмандони бузург самараи онҳост, аз омилҳои муҳимми мондагорӣ ва рушди сареъ пайдо кардани забону адабиёти форсу тоҷик дар он даврон аст.

Андешаҳои роҷеъ ба забон ва адабиёти форсу тоҷик баён кардаи Г. Ҳидоятов низ аксаран беасосу ғалатанд, ки ҷихати намуна ба чанде аз онҳо ишора менамоем.

Г. Ҳидоятов ба Сомониён тӯҳмат намуда, гуноҳи аз байн бурдани забонҳои маҳаллиро ба гардани онҳо бор мекунад: «Сомониён саъй менамуданд, ки ба дарбори худ ба Бухоро шоирону мутрибонро ба таври васеъ ҷалб намоянд, ба ин тарз онҳо ният доштанд, ки забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла суғдиро танг намоянд ва фарҳанги маҳаллиро аз байн баранд. Вале худи онҳо чизе наофариданд.»[21]

«Иштибоҳи марговари Сомониёнро» Г. Ҳидоятов дар кӯшиши «суръатафзоии арабисозии Мовароуннаҳру Хуросон» медонад, ки дурӯғи маҳз будани он ниёз ба исбот надорад.

Таҳрифкории Г. Ҳидоятов ба ҳаддест, ки зодгохи бунёдгузори адабиёти форсизабонони олам устод Рӯдакӣ - Панҷакентро вожаи туркӣ дониста, онро «шаҳри қадимии туркон» эълон мекунад ва дар ҳамин замина менависад: «Рудакӣ бо ҳама наздикиаш ба мардум дар сарзамине зиндагӣ мекард, ки аҳолии асосии этникии он туркҳо буданд, ки ӯро кам мефаҳмиданд ва онҳо дар он замон назми туркии худро доштанд». [22]

Чунин андешаҳои беасосу тӯҳматангез дар ин китоб фаровон аст, ки аз надонистани таъриху фарҳанг ва боғаразона будани нияти муаллифи асари «Заволи Сомониён» шаҳодат медиҳанд.

Дарвоқеъ, адабиёти ғании форсу тоҷик пуштвонаи асосии забони порсии дарӣ буда, боиси пойдориву мондагарии он гаштааст. Танҳо ба ёд овардани «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ кофист, ки шаҳомату ғановати забони форсии дарӣ тасаввур гардад. Тавре ки худи шоир фармудааст:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Сабаби алорағми ҳуҷумҳои фалокатбори аҷнабиён, тороҷгариву харобкории вахшиёнаи чингизиён на танҳо аз байн нарафтан, балки рушд пайдо кардани адабиёти форсу тоҷикро дар он замон ва пас аз он ва ба майдон омадани бузургтарин адибони олам амсоли Ҷалолиддини Румиву Камоли Хуҷандӣ, Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ, ки воқеан шигифтангез аст, бояд дар рушди сареъу беназири адабиёти аҳди Сомониён ва пойдории суннатҳои волои он ҷуст, ки ҳеч нерӯи харобиоваре то имрӯз натавонистааст садди пешрафти он гардад.[23]

Масъалаи дигаре, ки имрӯз мавриди баҳс аст, имконоти забони илм шудани забони форсии тоҷикист. Бояд гуфт, ки дар аҳди

Сомониён ин забон ба дарачаи забони илмии давр расида буд. Хидмати донишмандони замон, ба хусус Ибни Синову Берунӣ дар сохтани истилоҳоти илмҳои риёзиву физика, тиббу нуҷум, фалсафаву илоҳиёт, ҳандасаву маъданшиносӣ ва илмҳои дигар хеле бузург аст. Онҳо ҳатто усулҳои вожагузиниву истилоҳсозиро дар соҳаҳои гуногуни илм муайян карда буданд. Имрӯз донишмандони илмҳои дақиқу табиатшиносии кишварҳои форсизабонро зарур аст, ки он таҷрибаву усулҳоро омӯзанд ва дар эҷоди истилоҳоти тоза ба кор гиранд.

Имрӯз бояд барои ҳамгунсозии истилоҳоти фаннӣ дар кишварҳои форсизабон кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Рангиниву гуногунии шеваи гуфтор, калимаву иборот ва таъбирҳои хос ҳусни забонҳову гӯйишҳои моро меафзояд. Бо ҳамкориву ҳамёрӣ метавон забони илмро ба вуҷуд овард, ки посухгӯи замони рушди техникаву фановарӣ бошад.

## *ПАЙНАВИШТ*


1. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ, Теҳрон, 1342; Баҳор ва адаби форсӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Гулбун, Теҳрон, ҷ. 1, 1351.
2. А.Мирзоев. Абӯ Абдулло Рудакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ.33.
3. Н.Неъматов. Давлати Сомониён, Душанбе,1989,М.Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо, Душанбе, 1996; Алиасғари Шеърдӯст. Чашм андози шеъри имрӯзи тоҷик, Душанбе, 1997; Ш.Рустамов. Шаклгирии забони адабии тоҷик. Номаи Оли Сомон. Маҷмӯаи мақолот, ба кӯшиши Алиасғари Шеърдӯст, Қаҳрамони Сулаймонӣ, Теҳрон, 1378; М.Қосимова. Сомониён ва анҷоми ташаккули забони адабӣ, Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ тоҷикӣ, Душанбе 1998, саҳ, 456-459; Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён (асри тиллоии Эрон баъд аз ислом), Теҳрон, 1380, саҳ. 15-16; Камол Айнӣ. Забони порсии дарии тоҷикии Варорӯд ва Хуросон;
4. Жилбер Лазар.
5. Жилбер Лазар. Решаҳои забони форсии адабӣ, маҷ. Эроннома, 1993, №4, саҳ. 571.
6. Ҳамон, саҳ. 572.

7. Таърихи Табарӣ, Душанбе, 1992, ҷ.1.

8. Жилбер Лазар. Решаҳои забони форси адабӣ, саҳ. 572. 9. Ҳамон, саҳ, 572-573.

10 Ҳамон, саҳ. 575.

11. Ҳамон саҳ.582.

12. Расул Ҳодизода. Равнақи адабиёти форсии тоҷикӣ дар аҳди Оли Сомон, «Садои мардум», 16 октябри соли 1998.

13. Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома, ҷ. 7, Теҳрон, 1373, саҳ. 9423.

14. Ҳамон саҳ.

15. Ҳамон саҳ.

16. Г. Козлов. Из истории языка дари. Краткие сообщения Института народов Азии, № 65, М., 1964, стр. 84-85

17. Девони Туғрал, Когон, 1916, саҳ. 242.

18. Г. Ҳидоятов. Крушение Саманидов, Москва-Ташкент, 2004, с.53,76,89,109-110, 114,13.

19. Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён, саҳ. 31.

20. Иқтибос аз мақолаи Б.Ғафуров. Илали авҷгирӣ ва суқути Сомониён, тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмад. Эроншинохт, 1376, №6, саҳ. 154.

21. Г. Хидоятов. Крушение Саманидов, стр. 129.

22. Ҳамон ҷо, саҳ. 140.

23. Дар бораи омилҳои рушди сареъи адабиёти форсу тоҷик дар аҳди Сомониён руҷӯъ шавад: Мирзо Муллоаҳмад. Бузургию неъмат зи Оли Сомон буд. Адаб, 1998, №3-4, саҳ. 28-34.

## СУННАТҲОИ БОСТОНӢ ДАР АДАБИЁТИ АҲДИ СОМОНӢ

Яке аз омилҳои рушду такомули адабиёту фарҳанги аҳди Сомониён бешубҳа тавағҷӯҳи зиёди адибону донишмандони давр ба тамаддуни Эрони бостон ва эҳёи суннатҳои волои он мебошад. Тавре ки маълум аст, пас аз истилои арабҳо дар замони султаи хилофат дар Хуросону Мовароуннаҳр ва соири кишварҳои Шарқ ҷунбишҳои озодихоҳиву истиқлолталабӣ ривоҷ пайдо кард, ки муҳимтарини онҳо наҳзати Абӯмуслими Хуросонӣ, шӯриши Сунбоди Муғ, исёни Муқаннаъ ва ба хусус наҳзати шуубия буданд, ки на танҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар хилофат шуданд, балки ба пайдоиши давлатҳои маҳаллии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён анҷомиданд.

Дар таҳкими истиқлоли давлатҳои мазкур бедории мардуми кишвар, тарбияту тақвияти эҳсоси меҳандустии онон, нақши забони форсии дарӣ ва осори пурбаҳои ба ин забон офарида шуда хеле калон аст, ки намунаи барҷастаи он «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавӣ аст, ки хушбахтона, то имрӯз ба таври комил боқӣ мондааст.

Ҳарчанд аз осори шоирони форсизабони асрҳои 1Х – Х бо мурури замон ва бар асари турктозиву китобсӯзиҳои аҷнабиёни истилогар танҳо намунаҳои каме боқӣ мондаанд, бо вуҷуди ин дар он абёти пароканда ва шеърпораҳо ҳам метавон тавағҷӯҳи зиёди шоирони замонро ба эҳёи суннатҳои бостонии фарҳанги эронӣ эҳсос намуд, ки барои пайдоиши шоҳасаре чун «Шоҳнома» замина гузоштаанд. Вале, мутаассифона, ин масъала ҳанӯз мавриди таҳқиқи амиқи муҳаққиқон қарор нагирифтааст ва иқдоме, ки донишманди маъруф Муҳаммад Муин дар ин росто шурӯъ карда буд, идома пайдо накардааст. Ҳоло фақат роҷеъ ба ишораҳо ба суннатҳои бостонии фарҳанги эронӣ дар ашъори бозмондаи шоирони форсигӯйи асрҳои 1Х – Х чанд мушоҳидаву мулоҳиза баён мешавад.

Дар ҳамон қитъаи машҳури ошиқонаи Ҳанзалаи Бодғисӣ, ки аз қадимтарин намунаҳои шеъри форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ишорае ба расми қадимии ба оташ афкандани сипанд барои пешгирӣ аз расидани чашми бад ба назар мерасад:

> Ёрам сипанд агарчи ба оташ ҳамефиканд,
> Аз баҳри чашм то нарасад мар варо газанд.
> Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор
> Бо рӯйи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.

Сиёсати истиқлолхоҳии давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва ба хусус Сомониён шоиронро рӯҳбаланд мекард ва эҳсоси

ватандӯстии ононро бармеангехт. Аз ин ҷост, ки онҳо бештар рӯй ба гузаштаи пурифтихори кишвари худ намуда, аз таъриху тамаддуни ғании бостонии ниёгон ёд мекарданд. Масъуди Марвазӣ, ки шояд аз нахустин «Шоҳнома»-сароён бошад, аз зумраи шоирони меҳандӯст аст, ки эҳёи Аҷамро ҳадафи суханварии худ қарор дода, қабл аз Дақиқиву Фирдавсӣ роҷеъ ба таъриху тамаддуни бостонии Эрон ба забони форсии дарӣ асари манзуми ҳамосӣ офаридааст, ки мутаасифона, то имрӯз нарасидааст. Аз он чанд байти боқимонда ҳам ҳадафи шоир маълум мешавад :

Нахустин Каюмарс омад ба шоҳӣ,
Гирифташ ба гетӣ дарун подшоҳӣ.

Шоирони асрҳои 1Х – Х барои барангехтани эҳсоси ватандӯстиву диловарии ҳамзамонони худ ба ҳар васила аз қаҳрамонони «Худойнома» ва «Шоҳнома»-ҳои қадимӣ ёд мекунанд. Аз ҷумла Мантиқии Розӣ дар ҳаққи мамдӯҳаш гуфтааст :

Куҷо камтарин бандагонаш чу Бежан,
Фузун дорад ар чокар аз Тӯсу Навзар.

Рустами Достон барои Рӯдакӣ рамзи тавоноиву диловарист. Аз ин ҷост, ки мамдӯҳи худро ба ӯ монанд мекунад :

Рустамро ном агарчи сахт бузург аст,
Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон.

- х –

Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.

Ба ин тартиб шоирони ин давра аз Ҷамшеду Кайковус, Парвизу Сиёвуш ва қаҳрамонони дигари бостонӣ ёд кардаанд. Аз ашъори боқимондаи он даврон бармеояд, ки шоирон аз ёдгори қадимтарини ниёгони худ «Авесто» огоҳии хуб доштаанд. Рӯдакӣ дар зимни ситоиши мамдӯҳ хислатҳои ҳамида ва ботини неки ӯро ба «Авесто» монанд кардааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу Абастост фазлу сифоти ӯ Занд.

Аз байти мазкур агар аз як тараф алоқаву дилбастагии шоир ба «Авесто» зоҳир гардад, аз сӯи дигар назари мусбати ҳокимони сомонӣ ҳам ба китоби муқаддаси оини зардуштӣ равшан мегардад. Дарвоқеъ ҳокимони тоҳириву саффорӣ ва ба хусус амирони сомонӣ ҳама мутадаййин буда, барои густариши дини Ислом ва тарвиҷи он дар Аҷам хидмати зиёде кардаанд. Беҳуда нест, ки Амир Исмоили Сомонӣ бо лақаби амири ғозӣ машҳур гаштааст. Вале аксари онҳо аз таассуби диниву мазҳабӣ, ки дар қарнҳои баъд хеле ривоҷ меёбад, дур будаанд. Дар аҳди Сомониён дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд дар радифи уламои мусулмон донишмандони масеҳӣ, юнонӣ, румӣ, чинӣ ва амсоли онҳо озодона фаъолият доштанд, дар китобхонаҳои маъруфи Бухоро китобҳои фаровоне ба забонҳои мухталифи дунё мавҷуд буданд…

Ашъори шоирони ин давра низ ба зиёд набудани таассуби диниву мазҳабӣ дар он замон гувоҳӣ медиҳад. Масалан, Рӯдакӣ дар зимни шеъри ғиноие бо лаҳни ҳазлу мутоиба садои барбатро аз такбир хуштар медонад:

Дӯстон он хурӯши барбат бӯ,
Хуштарояд ба гӯшам аз такбир.

Ишқ ошиқи шефтаро ҳатто ба калисо меорад:

Аз Каъба калисонишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ.

Аз сурудаҳои шоирони форсигӯи ин давра маълум мегардад, ки ҷашну оинҳои бостонии ориёӣ мисли Наврӯз, Меҳргон, Сада аз нав эҳё гаштаанд. Рӯдакӣ мамдӯҳро бо ҷашни Меҳргон табрик мегӯяд :

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад.

Мунҷики Тирмизӣ низ мамдӯҳаш Тоҳири Чағониро бо фаро расидани ҷашни бостонии Меҳргон шодбош мегӯяд:

Худойгоно, фархунда Меҳргон омад,
Зи боғ гашт ба таҳвил офтоб аҳвол.

Дар абёти парокандаи Рӯдакӣ табрики мамдӯҳ бо қадимтарину фархундатарин ҷашни мардуми ориёӣ – Наврӯз низ ба назар мерасад:

Бод бар ту мубораку хуншон,
Ҷашни Наврӯзу Гӯспандкушон.

Тавре ки аз байти мазкур бармеояд, дар он сол ҷашни Наврӯз бо иди Қурбон дар як вақт омадааст. Ҳамчунин аз байти мазкур маълум мегардад, ки унвони ин иди мусулмониро мардум ба форсии тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Гӯспандкушон ишораест ба маросими қурбонӣ кардани гӯспанд дар ин ид, ки то имрӯз дар байни мусулмонон мутадовил аст.

Шоирони асрҳои 1Х – Х ба осори ҳунарии бостонӣ амсоли «Аржанг»-и Монӣ ва навоҳои Борбад низ таваҷҷӯҳи зиёд доштаанд. Робиаи Балхӣ дар зимни тасвири зебоиҳои фасли баҳор ёде аз Озар ва Монии сеҳрқалам мекунад :

Бидод аз нақши Озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.

Ҷои дигар ӯ ба асари маъруфи Монӣ «Аржанг» ишора менамояд :

Зи бас гул дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.

Рӯдакӣ низ зебоии манзараҳои табиатро дар фасли баҳор ба наққошии Монӣ дар «Аржанг» монанд кардааст :

Он саҳни чаман, ки аз дами дай,
Гуфтӣ думи гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу «Жанг» аст.

Башшори Марғазӣ нағмаҳои хуши паррандагонро ба садои нойи Борбад монанд кардааст :

В-он зардбофи гунгшуда шуд чу Борбад,
Дастонзанон зи сарв ба гул бар ҳамепарид.

Тавре ки ишора шуд, дар осори боқимондаи шоирони асрҳои 1Х – Х гароиш ба суннатҳои оини зардуштӣ ба назар мерасад. Рӯдакӣ дар қасидаи маъруфи худ «Модари май» дар

радифи симоҳои асотириву таърихии мусулмониву юнонӣ амсоли Суқроту Афлотун, Буҳанифаву Суфиён аз асотири Эрони бостон, аз ҷумла аз худои ҷанг Баҳром, ки дар «Авесто» ҳам мавриди ситоиш қарор гирифтааст, ёд кардааст :

В-ар ба набард оядаш ситораи Баҳром,
Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаравгон.

Яке аз бузургтарин шоироне, ки дар аҳди Сомониён барои эҳёи суннатҳои Эрони бостон талошу кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст, Дақиқии Самарқандӣ аст. Аз ашъори шоир бармеояд, ки ӯ ба оини зардуштӣ таваҷҷӯҳи зиёд доштааст:

Дақиқӣ чор хислат баргузидаст
Ба гетӣ аз ҳама хубиву зиштӣ.
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ.

Аз ин ҷост, ки ӯ ба назми «Шоҳнома» шурӯъ мекунад, вале дар ҷавонӣ кушта мешавад ва кори муҳимми оғозкардаашро Фирдавсӣ идома медиҳад. Он қисмати иншошудаи «Шоҳнома»-и Дақиқӣ ҳам ба Зардушт бахшида шудааст. Маснавии мазкур ба тасвири ҳукмронии Гуштосб ва дини Зардуштро пазируфтани ӯ шурӯъ мешавад. Дақиқӣ ба такрор дини беҳ будани оини зардуштиро таъйид менамояд :

Биёмӯз ойини дини беҳӣ,
Ки бе дин на хуб аст шоҳаншаҳӣ.
Чу бишнид аз ӯ шоҳи беҳ дини беҳ,
Пазируфт аз ӯ дину ойини беҳ…

Худи Зардушт чун паёмбари ростгӯй муаррифӣ шуда, пайравӣ аз ӯ талқин мегардад:

Сӯйи гунбади Озар оред рӯй,
Ба фармони пайғамбари ростгӯй.

Тарғиби ойини зардуштӣ ва алоқаву дилбастагӣ ба он дар қасоиду муқаттаоти шоир низ ба назар мерасад. Аз ҷумла дар поёни қасидаи тӯлонии мадҳӣ менависад :

Яке Зардуштворам орзӯест,
Ки пешат Зандро бархонам аз бар.

Ҳатто шоир ғазали ошиқонаи худро бо руҷуъ ба Зардушт шурӯъ менамояд :

Бархезу барафрӯз, ҳало қиблаи Зардушт,
Биншину барафкан шиками қоқум бар пушт.
Бас кас, ки зи Зардушт бигардид дигар бор,
Ночор кунад рӯ ба сӯйи қиблаи Зардушт.

Дар қитъаот ва пораҳои боқимондаи қасоиду ғазалиёти Дақиқӣ низ ишора ба шоҳону қаҳрамонони бостонии Эрон ба назар мерасад:

Малик он ёдгори оли Доро,
Малик он қутби даври оли Сомон.
Ба пои лашкараш Ноҳиду Ҳурмуз,
Ба пеши лашкараш Мирриху Кайвон.

Эҳёи суннатҳои бостонии фарҳангу тамаддуни ориёӣ ба хусус дар «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Фирдавсӣ, ки он ҳам аслан офаридаи аҳди Сомонӣ аст, ба ҳадди аъло мерасад. Таҳқиқи ҳарҷонибаи суннатҳои мазбур дар он шоҳасар аз вазифаҳои ояндаи адабиётшиносону фарҳангшиносон буда, ҷанбаҳои тозаи адабиёту тамаддуни ориёиро равшан мекунад ва бори дигар ба субут хоҳад расонд, ки суннатҳои фарҳангии Эрони бостон дар адабиёти форсизабон ҳеҷ гоҳ комилан қатъ нашудааст.

## Бозтоби дардҳои замон

Адабиёт зодаву парвардаи ҷомеаи инсонӣ буда, миёни онҳо робитаи қавӣ мавҷуд аст. Дар ҳамаи давру замонҳо адабиёт чун ойинаи тамомнамо муҳимтарин падидаҳои иҷтимоии замонро инъикос менамояд. Адабиёти асри X тоҷику форс низ қабл аз ҳама баёнгари воқеъияти зиндагӣ, афкору эҳсос ва отифаҳои мардуми ин даврон мебошад.

Чунон ки маълум аст, аз осори ғании адабиёти давраи мазкур бо мурури замон то имрӯз ба миқдори хеле кам, ба истисноӣ Шоҳномаи Фирдавсӣ, асосан ашъори ғиноӣ расидааст, ки дар он воқеияти зиндагӣ на мустақиман, балки тавассути эҳсосу андеша инъикос шудааст. Ба иборати дигар, эҳсосу андешаҳои шоирон, ки бо каломи рангин иброз мегардад, аз воқеияти зиндагии мардум, ҳодисаву рӯйдодҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии давр маншаъ мегирад. Аз ин ҷост, ки осори адибон чун манбаи муҳимми рӯзгори онҳо ва гузашта аз ин сарчашмаи ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва сиёсӣ ҳам шинохта шудааст. Бесабаб нест, ки муҳаққиқон дар осори адибон бозтоби андешаҳои фалсафиву ахлоқӣ ва иҷтимоиву сиёсии онҳоро ҷӯё мешаванд ва бар асоси онҳо гоҳо адибонро ба фирқаву гурӯҳҳои сиёсӣ мансуб медонанд. Ҳол он ки шоир ё нависанда метавонад файласуф набуда, баъзе андешаҳои фалсафӣ баён кунад ва ё бидуни сиёсатмадору давлатманд будан аз сиёсату давлатдорӣ сухан гӯяд.

Агар аз ҳамин дидгоҳ ба осори бозмондаи устод Абӯабдулло Рӯдакӣ ва муосиронаш нигоҳ кунем, ҳатто дар абёти парокандаи шоирон ҳам бозтоби андешаҳои гуногунро метавон мушоҳида кард.

Абӯабдулло Рӯдакӣ бо илми фалсафа чӣ иртиботе доштааст, ба мо маълум нест, вале аз ашъори ӯ пай бурдани баъзе андешаҳои фалсафӣ душвор нест. Аз ҷумла дар байти зер Рӯдакӣ пайдоиши инсонро аз чор унсур медонад:

Халқ зи хоку зи обу оташу боданд
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон.

Андешаҳои фалсафии мазкур реша аз таълимоти файласуфи машҳури Юнони қадим Эмпедокл мегирад. Вале чунон ки аз байти дигари Рӯдакӣ бармеояд, ӯ ба фалсафаи Юнон таваҷҷӯҳ надошааст ва инро ошкоро баён кардааст:

Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,
Чӣ об ҷӯям аз ҷӯи хушки юнонӣ?

Бинобар ин назари Абдулғанӣ Мирзоев комилан саҳеҳ аст, ки ӯ пас аз пайдо кардани ҳамин гуна андешаҳо дар осори донишмандони асри 10 ва аз ҷумла дар "Ишорот ва танбеҳот"-и Абӯалӣ ибни Сино менависад: «Рӯдакӣ дар таълифи ин масъала (пайдоиши инсон - М.М.) бо ақидаи фалсафии асри худ ба куллӣ ҳамовоз аст».[1]

Ба ин минвол афкору андешаҳои дигари фалсафӣ низ ба ҷаҳонбинии шоир таъсир гузоштаанд. Аз назари Рӯдакӣ дунё ҳамеша дар ҳаракат ва тағйирот аст, ҳама ашёи ҷаҳон аз як ҳолат ба ҳолати дигар табдил меёбанд. Чунин андешаҳои фалсафии шоир, ки метавонанд мушоҳидаҳои амиқи ҳаётии ӯ низ бошанд, дар яке аз охирин асарҳои ӯ, дар қасидаи маъруфи "Шикоят аз пирӣ" баён шудаанд:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдагардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
Ҳамон шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт он куҷо биёбон буд.

Андешаҳои Рӯдакӣ дар бораи моҳияти ҳастии инсон, омилҳои ташаккули шахсияти он низ ҷанбаи амиқи фалсафӣ дошта, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шоир ба инсон, ҷомеа ва табиат на ба таври сатҳӣ, балки бо диди амиқ ё худ бо чашми дил нигаристааст. Худи шоир дар ин бобат фармудааст:

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ҷаҳон.

Андешаҳои амиқро дар хусуси ҳодисаҳои гуногуни табиат ва ҳаёт, талоши кушодани розҳои ҳастӣ ва офариниши оламу одам ва амсоли инҳо дар осори шоирони ҳамасри Рӯдакӣ ва Шаҳиди Балхӣ ва Кисоии Марвазӣ бештар ба назар мерасад. Аз Кисоии Марвазӣ қасидаи тӯлоние боқӣ мондааст, ки саросар ба масоили гуногуни фалсафӣ бахшида шудаанд:

Ҷону хирад раванда бар ин чархи ахзаранд
Ё ҳар дувон нуҳуфта дар ин кӯи ағбаранд.
Олам чаро ки нест сухангӯю ҷонвар,

Гар ҷону ақл ҳар ду бад-ин олам андаранд…

Зимнан бояд гуфт, ки суннати навиштани чунин қасидаҳои фалсафиро Носири Хусрав идома ва такомул додааст.

Рӯдакӣ ва муосиронаш ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ, ки сиёсати давлати Сомониён бар асоси он қарор дошт, ифтихори миллӣ, худшиносиву худогоҳии мардум аз таъриху фарҳанги бостонӣ буд, ки дар Шоҳномаи Фирдавсӣ ба таври хеле барҷаста ифода шудааст.

Бо вуҷуди он ки давлати Сомониён, ба хусус амирони аввалини он барои беҳбуди аҳволи мардум ғамхорӣ менамуданд, вазъи зиндагии мардуми заҳматкаш ва табақаҳои поёнии ҷомеа хуб набуд. Онҳо ба сахтӣ ва машаққат рӯз мегузарониданд, аз самараи заҳматҳои онҳо бошад, тоифаи сарватмандон истифода намуда, бо комронӣ зиндагӣ мекарданд. Рӯдакӣ ва муосиронаш ин вазъи ногувори зиндагии мардумро мушоҳида намуда, аз нобарориҳои иҷтимоӣ шикоят мекарданд. Аз ҷумла дар байти зайли Рӯдакӣ, ки тавассути санъати тазод тафовутҳои тарзи зиндагии ду табақаи иҷтимоӣ хеле равшан зоҳир гаштааст, садои шикояту эътирози шоири башардӯст ба гӯш мерасад:

Басо касо, ки ҷавин нон ҳаме наёбад сер,
Басо касо, ки бара асту фархаша бар хон-ш.

Ҳамин мазмунро дар зарбулмасали машҳури мардуми тоҷик ҳам метавон мушоҳида кард:

Киҳо кунанд ҷавру ҷафо,
Киҳо кунанд кайфу сафо.

Муҳаммаднурӣ Усмонов дар мақолаи «Зарбулмасалу мақолҳо дар осори манзуми Рӯдакӣ» ин масъаларо баррасӣ намуда, дар осори адибони маъруфи тоҷику форс интишор ёфтани онро таъйид мекунад: «Мавзӯи яке ва дигаре дар шеър бо тафаккури дигар низ таҷассуми бадеӣ пайдо кардааст. Шоирон аксаран орзуҳои худро чун воқеият ба қалам дода, менависанд, ки ҳокимон байни «яке ва дигарон» сулҳ барқарор менамуданд ва барои ибрози ин матлаб тазодҳои гуногунро ба кор бурдаанд: дар осори Муҳаммад Ибни Васиф «даду дом», Дақиқӣ «палангу оҳу», Фирдавсӣ «гургу меш», «гавазну паланг».

Рӯдакӣ низ дар ин мавзӯъ тимсолҳои «бозу усфур», «бозу саъва"-ро истифода кардааст»[2].

Рӯдакӣ аз вазъи баду ногувори мардум, ранҷу ситам ва нохушии рӯзгори онон ғусса мехӯрад ва аз номи ин мардуми ситамдида бо дарду алам хитоб мекунад:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох/в/аш моем.

Шаҳиди Балхӣ бештар аз ҳоли ғамангези аҳли илму хирад шикоят мекунад, ки ба эҳтимоли қавӣ ин ба рӯйдодҳои солҳои охири ҳукмронии Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, ки адибону донишмандони зиёде бо тӯҳмати қармативу исмоилӣ мавриди таъқиб қарор гирифтанд, марбут аст:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Дар қитъаи мазкур шоир бо монанд кардани ғаму ғуссаи ғайримоддӣ бо дуд, ки ҳам бо сиёҳрангӣ ва ҳам бо қувваи тазйиқдиҳандаву хафакунандаи худ аёну чашмрас аст, вазъи рӯҳии аҳли илму донишро хеле равшану барҷаста ба қалам додааст.

Шоирон сабаби бад шудани вазъи рӯзгори мардумро аз ноустувории дунё, гардиши фалаки каҷрафтор ва замона медонанд. Аз ҷумла Рӯдакӣ аз ҷаври замонаи шум шикоят мекунад:

Оҳ, аз ҷаври ин замонаи шум,
Ҳама шодии ӯ ғамон омеғ.

Шоир афсӯс мехӯрад, ки инсон дар назди замонаву марг эътиборе надорад ва мисли гул пажмурда мегардад:

Ҷумла сайди ин ҷаҳонем, эй писар,
Мо чу саъва, марг бар сони заған.
Ҳар гуле пажмурда гардад, з-ӯ на дер-
Марг бифшорад ҳама дар зери ған.

Шоирони давр барои беҳтар шудани вазъи зиндагии мардум ва ободии кишвар мақоми шоҳи одилро муҳим медонанд. Дар назари онҳо шоҳ чун чӯпон асту раият мисли рама ва офияту оромиши он ба чӯпон вобаста аст. Аз ин рӯ шоҳ бояд аз ҳоли

мардум ҳамеша огоҳ бошад ва ононро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад:

Пас ин шоҳро беҳ, ки дорад нигоҳ,
Ки бар омма-бар чун шубон аст шоҳ.
Чу хусрав надорад, чӣ хоҳанд аз ӯй,
Ҳақи мардумон чун вогузорад бигӯй.

Абӯшакури Балхӣ ҳамчунин барои шоҳон вуҷуди вазирони донову дурусткорро зарур мешуморад:

Шунидам, ки бар шоҳ фаррух бувад,
Ки дастури покизапосух бувад.
Наёяд-ш дастури нодон ба кор,
Дабирони нодону ноустувор.

Шоир хислатҳои ношоиставу бади шоҳонро танқид карда, махсусан, шитобзадагиву хашми бемавриди ононро мазаммат менамояд:

Шитоб оварад зишт некӯ ба чашм,
На некӯ бувад подшо зудхашм.

Наздикиву қаробат бо чунин шоҳони зудхашм хатари ҷон дорад. Дар таърих воқеаҳои зиёде маълум аст, ки чи қадар вазирону надимон ва шоирону таъбиргарон дучори ғазаби шоҳон гаштаанд. Аз ин ҷост, ки Абушакури Балхӣ шоҳонро ба оташ монанд мекунад, ки наздикӣ ба он хеле хатарнок аст:

Шунидам, ки оташ бувад подшоҳ,
Ба наздики оташ кӣ ҷӯяд паноҳ?

Ҳатто наздикӣ ба шоҳ барои писари ӯ низ бехатар нест:

Агар подшоҳро ту бошӣ писар,
Ҳаметарс аз ӯ, гар бибояд-т сар.

Рӯдакӣ, ки дар радифи аввали суханварони замон қарор гирифта буд, бо ҷуръату ҷасорат зидди зулму ситами золимон, бадкории амалдорон, хунрезии лашкаркашону силоҳбадастон қотеъона сухан мегӯяд. Ӯ куштани мардуми бечора ва бегуноҳро бадтарин кор медонад, ки аз ҷониби Худованд беҷавоб нахоҳад монд:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.

Ин ҳама далели он аст, ки Рӯдакӣ ва ҳамасронаш аз ҳоли мардуми бенаво, аз беадолативу носомонии иҷтимоии давр ғофил набуда, дарди мардум ва ҷомеаро ба ҳар васила иброз медоштанд ва садои эътирози хешро баланд мекарданд, ки ин садо имрӯз ҳам шунавост ва баъзе дардҳои инсон ва ҷомеаро бозгӯ менамояд.

**Соли 1999**

## ПАЙНАВИШТ

[1] Абдулғанӣ Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Стлаинобод, 1958, с. 288.

2Н.О.Османов. Пословицы и поговорки в поэтическом наследии Рудаки. Рудаки и его эпоха. Сталинабад, 1958, с. 183.

## Ситоиши инсон дар осори Рӯдакӣ

Дар осори Абӯабдулло Рӯдакӣ, қофиласолори адабиёти классики тоҷику форс, яке аз саромадони адабиёти башарӣ, ки имрӯз аз он намунаҳои каме чун пораалмосҳои дурахшанда боқӣ мондаанду аз рангиниву шукӯҳ ва арзиши баланди худ шаҳодат медиҳанд, инсон ва тасвиру тавсиф ва бузургдошти он мақоми шоистае дорад. Аслан тавсифи инсон дар таърихи адабиёту тамаддуни тоҷику форс аз замонҳои қадим аз масъалаҳои эҷоди бадеӣ ба шумор мерафт. Ҳанӯз дар асотири қадимаи халқҳои эронӣ, ёдгориҳои бостониии адабиёти паҳлавию монавӣ ситоиши қудрату тавоноии инсон ҷой доштанд. Дар «Авесто», ёдгории бостонии ниёгонамон бузургии инсони нерӯманду тавоно, диловару зебо ва ситоиши некиву накӯкории он, муборизаи ӯ бар зидди зиштиву торикӣ бозтоб ёфтааст.

Адабиёти нави тоҷику форс, ки дар ҳамбастагӣ бо худогоҳиву ташаккули халқи тоҷик ва муборизаи он алайҳи хилофати араб баҳри истиқлол тақвият меёфт, аз сарчашмаи пурфайзи анъанаҳои инсондӯстии тамаддуни гузашта чошнӣ гирифта буд, он суннатҳоро ҳамвора такмил медод. Осори устод Рӯдакӣ - сарвару саромади ин адабиёт, ки саршор аз эҳсосоти башардӯстӣ буда, қарнҳост чун таронаи муҳаббат ва садоқат садо медиҳад, худ гувоҳи он ин матлаб мебошад.

Рӯдакӣ маъниву мақсади асосии зиндагии инсонро пеш аз ҳама аз некиву накӯкорӣ иборат медонад. Дар умри гузарон, ки ҳар лаҳзаи он бебозгашт аст, инсон бояд аз худ танҳо ёдгории бегазанди некройӣ, накӯгуфторӣ ва накӯкирдорӣ бигзорад. Шоир ҳамин матлаби инсондӯстонаи хешро хеле содаву самимӣ бо сабки саҳли мумтанеъ баён намудааст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад- он чашм, к- андар он нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в- аз накӯкорӣ,
Киштие соз то бад – он гузарӣ!

Рӯдакӣ дар ситоиши инсон ба анъанаҳои тамаддуни гузаштаи халқҳои эронинажод содиқ мондааст. Зеро дар ёдгориҳои бостонӣ ҳам, ки тавсифи некию накӯкорӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, бартарин некӣ бар бадӣ ва сифати барозандаи инсон ва тамоми мавҷудоти ҳастӣ будани некӣ ифода шудааст. Рӯдакӣ некиро на танҳо аз хислатҳои ҳамида медонад, балки онро дар

баробари сиҳатмандиву дониш аз рукнҳои асосии зиндагии хуши инсони озода мешуморад:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.

Некиву накукорӣ, ки Рӯдакӣ ситоиш мекунад, пештар аз ҳама аз суннати мардумони эронинажод, аз сиришти худи ӯ, аз ахлоқу назари нек, аз нияту орзӯҳои неки ӯ маншаъ мегиранд. Аз ҳамин оғоз мароми шоирии Рӯдакӣ тавассути шеър некӣ расондан ба мардум будааст. Ӯ бо ҳамин нияту мароми накӯкорӣ барои расонидани манфиати ҳар чи бештар ба халқу кишвар роҳи дуру дарозеро тай намуда, ба хидмати давлати навбунёди Сомонӣ, ки истиқлоли сиёсиро ба даст оварда буд, пайвастааст:

Раҳӣ савору ҷавону тавонгар аз раҳи дур
Ба хидмат омад некӯсиголу некандеш.

Аз ин ҷост, ки тасвири инсони некӯкор ва тарғиби ғояҳои инсонпарвариву башардӯстӣ аксари ашъори боқимондаи Рӯдакиро фаро гирифтаанд. Шоир ба қудрату тавоноии инсон, нерӯи эҷодкори он имкони комил дорад. Дар замоне, ки зимомдорони айём инсонро беиродаву оҷиз шумурда чун ашёъ мавриди хариду фурӯш қарор медоданд, Рӯдакӣ бузургдошту эҳтироми инсонро талқин намуда, паҳлӯҳои гуногуни олами ботинии ӯро тасвир мекунад ва роҳу василаҳои рушду такомули инсони накӯкорро нишон медиҳад. Шоир пеш аз ҳама инсонро ба амалу фаъолият даъват мекунад. Ӯ таъкид менамояд, ки ҷаҳон дар назари аввал орому ҳамвор аст, вале дар асл он пур аз тазодҳои шаддидест, танҳо шахсе аз моҳияти онҳо огоҳ шуда метавонад, ки дили бедор дошта бошад. Чунин андешаҳои фалсафии шоир, ки саршори рӯҳияи хушбинона нисбат ба инсон ва тавоноии он мебошад, дар қитъаи зерини ӯ хеле равшану возеҳ ифода ёфтаанд:

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дил –ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷои тимор аст.
Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст…

Кӯшишу талош аз василаҳои пешрафти инсон дар зиндагист. Шоир дар ҳар ҳолат хомӯшу фориғбол набудан ва пайваста дар кӯшишу ҳаракат буданро талқин менамояд:

Агарат мадад расонад ҳаме бадри мунир,

Мубодират куну хомӯш мабош чандино.

Воқеан саъю кӯшиш ва меҳнат офаридгори бахти инсонанд. Шоир таъкид мекунад, ки ҳарчанд дар замони ӯ бахт ёри хирадманд нест, вале вай бо саъю кӯшиш метавонад бахти худро ба даст оварад:

Бо хирадманд бевафо ин бахт,
Хештани хешро бикӯш ту як лахт.
Худ хӯру худ деҳ, кучо набуд пушаймон
Ҳар ки бидоду бихӯрд аз он чӣ билфахт.

Рӯдакӣ мақоми илму донишро дар ҳаёти инсон хеле баланд медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон ба дониш эҳтиёҷи калон дорад ва он мушкилкушои ҳама гуна душвориҳои ҳаёт буда, ҳамеша раҳнамои зиндагист. Аз ин рӯ шоир омӯзиши илму донишро ҳам яке аз шартҳои асосии камолоти инсон медонад ва пайваста онро тарғиб мекунад. Ӯ донишро аз тамоми ганҷҳои олам пурарзиштар медонад:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рав туву ин ганҷ неҳ.

Ситоиши ақлу хирад ва илму дониш низ аз мавқеи инсондӯстии шоир сар мезанад. Зеро шоир бо тавсифи ақлу дониш муқтадиру тавоно будани инсонро дар мубориза бо ҳолату зулмот ва зиштиву нобасомониҳо мекунад. Беҳуда нест,ки нуқтаи мазкур дар адабиёти классики тоҷику форс баъдан инкишоф ёфта, дар осори суханварони маъруф ҳамбаста бо диду назари ахлоқиву иҷтимоии онон бо рангу ҷилои тоза ифода гардидааст. Онҳо ин нуқтаро ҳамвора таъкид кардаанд, ки бе омӯзиши илму дониш инсон наметавонад зиндагии ҳақиқӣ ба сар барад. Аз ҷумла Фирдавсӣ, ки тавоноиро аз доноӣ медонад, донишро ба сифати мояи ҳастии инсон мешиносад:

Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.

Ё Носири Хусрав, ки камолоти инсониро дар илму дониш медонад, чунин фармудааст:

Ҷамоли одамӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад.

Аз назари Саъдӣ ҳам илм воситаи камолоти инсон буда, давлату сарват дар муқоисаи он ночиз аст:

Бани одам аз илм ёбад камол,
На аз ҳашмату ҷоҳу молу манол.

Вале аз назари ҳам Рӯдакӣ ва ҳам аз шоирони дигар ақлу хиради инсон ва омӯхтани илму дониш на бар сари худ, балки дар робита бо ҳаёти инсон маъниву арзиш пайдо мекунад. Рӯдакӣ таъкид месозад, ки бузургиву матонати инсон ҳангоми бархӯрди ӯ бо мушкилоти зиндагӣ зоҳир мегардад. Дар ин мавқеъ донишу хираде, ки дар тӯли умр андӯхтааст, мададгори инсон хоҳад шуд. Шоир барои муайян кардани арзиши инсон зиндагиро маҳаки асосӣ қарор дода, зуҳуроти моҳияти инсон, ғанои маънавии ӯро дар рафтору амалиёташ месанҷад. Аз ин ҷост, ки шоир ба инсон дар рӯзҳои сахт маъюс нашуданро ва бо азму иродаи қавӣ ва донишу хирад бартараф кардани душвориҳоро талқин менамояд:

Андар балои сахт падид оранд
Фазлу бузургмардиву солорӣ.

Ҳаёт омӯзгори асосии инсон аст. Бахусус, дар зиндагии ҳамарӯза инсон ташаккул ёфта, дар асари бархӯрд бо ҳодисаҳои гуногуни рӯзгор аз неку бад огоҳӣ меёбад.Ҳамин ҳаводиси мухталифи рӯзгор аст, ки инсонро обутоб дода ба набардҳои тоза ва душвориҳои оянда бурдбор менамояд. Рӯдакӣ, ки худ гармиву сардиҳои зиндагиро эҳсос карда, талхиву шириниҳои онро чашида, аз пастиву баландиҳои ҳаёт гузашта ба дараҷаи камолот расида буд, сабақҳои рӯзгорро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад ва ҳамеша аз сабақҳои зиндагӣ баҳравар шуданро тарғиб менамояд:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Тибқи андешаи Рӯдакӣ ҳеҷ омӯзгоре дар тарбияву ташаккули инсон бар мақоми ҳаёт намебошад. Зеро воқеияти ҳаёт басо рангин ва беҳадду канор аст. Танҳо шахсе метавонад аз санҷишу душвориҳои ҳаёт ба осонӣ бигзарад,ки аз рӯйдодҳои он дарси ибрат омӯхтааст.

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Рӯдакӣ аз панду андарз ба сифати василаи тарбияи шахс хеле устодона истифода кардааст. Зимнан бояд гуфт, ки анъанаи панду андарзгӯӣ дар адабиёти тоҷику форс таърихи қадимӣ дошта, ҳанӯз ба забонҳои форсии қадим ва паҳлавӣ суруда шудани як теъдод андарзномаҳо аз қабили «Пандномаи Бузарҷмеҳр», «Пандномаи Анӯшервон», «Хирадномаҳо» маълум аст. Ба эҳтимоли қавӣ Рӯдакӣ низ монанди «Офариннома»-и ҳамзамони худ Абушукури Балхӣ пандномаҳо навиштааст, ки мутаассифона, то замони мо нарасидаанд, вале абёти зиёди ҳикматомези боқимонда аз ҳамин қабил асарҳои шоир шаҳодат медиҳанд. Дар он байтҳои парешон андешаҳои ҷудогонаи ахлоқии шоир ифода ёфтаанд, ки матлаби асосии онҳо ба корҳои некӯ ва ҳамида раҳнамун сохтани одамон мебошад. Аз ҷумла шоир беҳтар будани хомӯширо нисбат ба пургӯии беҷо ба ин тариқ таъкид мекунад:

Баски дар гуфта пушаймон будаам,
Баски бар ногуфта шодон будаам.

Ростиву росткорӣ, ки аз хислатҳои неки инсонӣ аст, ба кас хушиву нишот меорад, зеро инсони росткор ҳамеша осуда буда, парешониву пушаймонӣ надорад:

Ҳар к-ӯ, бираваد рост, нишастаст ба шодӣ
В-он к-ӯ наравад рост, ҳама мурда ҳамедиш.

Рӯдакӣ ҳамчунин одамонро ба мағрур нашудан аз дарёфти молу сарват, накардани бадгӯиву бадкорӣ, наварзидани бухлу ҳасад даъват менамояд. Шоир ҳирсу озро низ аз хислатҳои бади инсонӣ мешуморад, онро сабабгори пайдоиши бадгӯиву бухлу ҳасад ва дигар хислатҳои зишт медонад. Дурӣ ҷустан аз ин хислатҳои бад ва пеша кардани қаноатро шоир аз шартҳои зиндагии озодонаи инсон меҳисобад:

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.
Дар беҳ зи худӣ назар макун, ғусса махӯр,
Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ.

Зиндагии инсон бе дӯстӣ маъниву сафое надорад. Аз ин ҷост,ки суханварони маъруфи ҳар давру замон дӯстиро васф намуда, душманиро маҳкум кардаанд. Рӯдакӣ низ фараҳу шодмонии ҳангоми боздиди дӯстонро хуштарин лаҳзаи умри инсон шуморида, лаҳзаҳои фироқро талхтарин овони ҳаёт медонад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

Андешаву афкори ахлоқиву башардӯстӣ дар адабиёти бадеӣ бо роҳу равиши гуногун ифода мешавад ва яке аз онҳо ба тариқи панду андарз баён намудани онҳост. Василаи дигари хеле муносиби ифодаи афкору андешаи инсондӯстӣ тамсилу масал мебошад. Дар масал ба назари аввал гӯё ҳадафи шоир рафтори ҳайвонот ва воқеаҳоест, ки бо ҷонварон рух медиҳад. Вале дар асл ин танҳо як василаест барои ифодаи ғояву андешаи ахлоқиву гуманистӣ. Шоир ба тасвири ҳайвонот эҳсосу ҳаяҷон, фикру андешаи инсониро ифода менамояд, ба одамон ягон матлабро талқину тарғиб месозад ва ё хислати ношоямеро мазаммат мекунад. Зиёда аз ин дар ҳар лаҳзаи тасвир муносибати худи шоир, эҳсосу назари ӯ чун фарди ҷомеа ифода мегардад. Устод Рӯдакӣ аз ин василаи ибрози эҳсосу андешаҳои ахлоқӣ ҳам хеле моҳирона истифода кардааст. Аз осори боқимондаи шоир маснавии «Калила ва Димна» намунаи барҷастаи ин қабил осор аст,ки аксари панду андарзҳои маҷмӯаи ҳозир низ аз ҳамин маснавӣ гулчин шудаанд.

Инсоне, ки устод Рӯдакӣ мавриди ситоиш қарор дода орзуву омол, эҳсосу андеша ва ангезишҳои олами ботинии ӯро ифода намудааст, хаёливу таҷридӣ набуда, пеш аз ҳама намоёнгари мардуми одиву меҳнаткаш мебошад, ки тамоми ғаму андӯҳ, ҷабру зулми замона ба сари онҳо бор шудааст:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох(в) аш моем.

Дар ҷомеаи феодалӣ, ки ҳуқуқҳои инсонии аҳли заҳмат поймол мегардид, Рӯдакӣ ба дифои мардуми бечораву мазлум, «ки ҷавин нон наёбад сер» бархоста , пуштибонии онҳоро нишонаи мардӣ медонад. Ин хитоб ва ё даъвати расои инсонпарваронаи шоир эътирози сахте буд ба ҳокимону давлатмандони даврон, ки «пой задан ба афтодагон» аз хислатҳои хосси онон ба шумор мерафт:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нуқта нагирӣ, мардӣ.

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ,мардӣ.

Дар ашъори ошиқонаи Рӯдакӣ на танҳо зебоии инсон, ки васфи он аз мавзӯъҳои ашъори ошиқонаи шоир аст, балки то андозае озодии маънавии шахс ҳам ифода ёфтааст. Ошиқи ашъори лирики Рӯдакӣ ба маъшуқи худ саҷда меорад, ишқи маъшуқ барои вай аз ҳама муқаддамтар аст:

Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд ?
Дил ба Бухорову бутони Тироз.
Эзиди мо васвасаи ошиқӣ
Аз ту пазирад, напазирад намоз.

Ошиқ дар ашъори Рӯдакӣ инсони ҳаётдӯсту бебокест. Ӯ пойбанди ғаму андӯҳи зиндагӣ нашуда, бештар ба хушиҳои он рӯй меорад ва хушгузаронии лаҳзаҳои нотакрори умрро пеш мегирад. Яке аз воситаҳои хушгузаронии умр дар ашъори шоир маю майгусорист. Рӯдакӣ дар як идда шеърҳояш майро ба маънии аслиаш васф намуда, онро василаи шодмониву тараб медонад. Вале ситоиши май дар ашъори шоир маънии талқини майпарастиро надорад. Мақсади асосӣ истифода бурдан аз лаззату неъматҳои зиндагист:

Майи лаъл пеш ору пеши ман ой
Ба як даст ҷому ба як даст чанг
Аз он май маро деҳ, ки аз акси ӯ
Чу ёқут гардад ба фарсанг санг.

Ба ин тариқ, Рӯдакӣ инсонро ба хушгузаронии умр, манфиатбардорӣ аз неъматҳои моддии зиндагӣ истифодаи хушиҳои ҳаёт ва лаҳзаҳои бебозгашти дунёи гузарон даъват менамояд:

Шод зӣ бо сиёҳчашмон,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.
З-омада шодмон бояд буд
Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.
В-аз гузашта накард бояд ёд.
Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,
Бода пеш ор, ҳар чӣ бодобод.

Дар баъзе шеърҳои Рӯдакӣ дар назари аввал талқини дил набастан ба зиндагии моддӣ ва ногузир будани марг мушоҳида мешавад, ки ба рӯҳияи хушбинона ва ҳаётдӯстии симои лирики шоир мухолиф менамояд. Вале агар ба чунин шеърҳои шоир бо тааммуқ нигариста, муҳити суруда шудани онҳоро, ки дарбори пуртаҷаммули феодалӣ буд, ба назар гирем, пай бурдан душвор нест, ки он шеърҳо пеш аз ҳама ба дарбориёну давлатмандон бахшида шуда, мақсади шоир нигаҳ доштани онон аз гирдоварии молу сарвати фаровон будааст. Ҳамин матлабро аз ишораи нозуки шоир дар зимни яке аз ҳамин гуна шеърҳояш дарк кардан мумкин аст:

Зери хок андарун-т бояд хуфт,
Гарчи акнун-т хоб дар дебост.

Ҳарчанд ин зумра шеърҳои шоир ба мардуми одиву бенаво, ки имкони ғундоштани молу сарвати фаровон ва дар дебо хуфтанро надоштанд, бахшида нашудааст, вале аз дидгоҳи онон суруда шудани шеърҳоро ғояву матлаби шоир далолат менамояд.

Бузургдошти мақоми инсонро дар шеърҳои ба шахсони таърихӣ бахшидаи Рӯдакӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла дар марсияи марги Абулҳасани Муродӣ шоир аз мақому манзалоти баланди ӯ чун инсон,ки аз тамоми мавҷудот болотар аст, ёд мекунад:

Коҳ набуд ӯ, ки ба боде парид,
Об набуд ӯ, ки ба сармо фусурд.
Шона набуд ӯ, ки ба мӯе шикаст,
Дона набуд ӯ, ки заминаш фушурд …

Рӯдакӣ ҳамчун башардӯсти бузург ҳамеша бо эҳсоси баланди хайрхоҳи ба ҳимояи инсон пардохта, зулму ситам ба онро дар шаклу намудаш маҳкум менамояд. Шоир андешаҳои инсондӯстии худро бо далелҳои ҳаётӣ таввввассути образҳои воқеӣ басо муассиру нишонрас ифода мекунад. Гоҳо шоир ҳамчун рӯҳшиноси моҳир саъй менамояд, андешаҳои худро ба золимону ситамкорон, ки аз ҷабру зулм ва ҳатто куштори мардуми бегуноҳ рӯй наметофтанд, талқин карда, ин тоифаро аз зиштиву бадкориҳо нигоҳ дорад. Дар шеъри зерин шоир матлаби аслии худро дар мисраи аввал ба таври қатъӣ баён намуда, барои қобили дарк гардидани он ба хонанда далелҳо меорад. Шоир василаи аз ҳама беҳтари таъсиррасонӣ ба инсонро дар эътиқоду боварии ӯ медонад ва барои таъкиди матлаб аввалан аз рӯйдодҳои зинда сониян аз ривоятҳои динӣ истифода мебарад. Шоир ба хусус

нуктаи маъруфи динии «мукофоти амал»-ро ба таври муассир истифода бурдааст. Тибқи ин нукта ҳар кас имрӯз ё фардо ҳатман подоши амали худро мебинад: агар бадӣ кунад, бадӣ ва агар некӣ кунад, некӣ хоҳад дид. Шоир бо таъкиди ин нукта мехоҳад ҳаддалимкон дасти ситамкорону қотилонро аз зулму куштори мардуми бегуноҳ боздорад:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ то кушта шудӣ зор?
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт.
Ангушт макун ранҷа ба даркӯфтани кас?
То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт?

Бо вуҷуди он, ки дар шеъри мазкур шоир барои ифодаи ғояи инсондӯстии худ аз ривояти динӣ истифода мебарад, вале матлаби аслии ӯ имрӯз низ арзиш ва қимати худро гум накардааст ва зиёда аз ин хусусияти умумибашарӣ касб намудааст. Дар воқеъ, ҳоло сармоядорони ҷангҷӯйи олам аз комёбиҳои илму техника ва дастовардҳои башарият барои қатли омми худи инсоният истифода мебаранд, дар ҳоле ки чунин дастовардҳо бояд пурра ба манфиати инсон мавриди истифода қарор гирад. Таърихи башар дурустии матлаби шоирро ба субут мерасонад, ки ҷангу куштор шурӯъ намуда, оқибат ҷазои хешро хоҳанд дид.

Воқеан, Рӯдакӣ чунон ки худ мефармояд: «ҷаҳонро ба чашми дил дида», моҳияти ҳодисаву рӯйдодҳои оламро амиқан дарк мекунад ва бо образу тасвирҳои бадеӣ андешаҳои баланди ахлоқиву фалсафиро ифода менамояд. Аз назари ӯ инсони накӯкор на танҳо неъматҳои моддӣ меофараду худро такмил медиҳад, балки метавонад инону зимоми давру замонро ҳам ба даст гирад:

Замона аспу ту роиз барои хештан тоз,
Замона гӯю ту ҷавгон барои хештан боз.

Дар ин хитоби рӯҳпарвари шоир як ҷаҳон бовару эътиқод ба инсон ва қудрати тавонои он эҳсос мешавад.

Ҳамин тавр, симои Рӯдакӣ аз миёни ашъори парешонаш ҳамчун инсондӯсти бузург намудор мешавад. Андешаҳои баланди инсондӯстии ӯ саҳифаи дурахшоне дар таърихи афкори ахлоқиву

гуманистии башарият ба шумор меравад. Афкору эҳсос ва ғояву андешаҳои инсондӯстии устод Рӯдакӣ, ки дорои моҳияти умумибашарианд, на танҳо имрӯз, балки фардо низ барои тарбияву ташаккули инсони комили сайёраи мо хидмати шоистае анҷом хоҳанд дод.

## Нахустқасидаи фалсафӣ дар адабиёти тоҷику форс

«Шикоят аз пирӣ» на танҳо аз маъруфтарин қасидаҳои Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва қарни X адабиёти тоҷику форс аст, балки намунаи барҷаста ва хоси ин навъи шеър ба шумор меравад. Тавре ки маълум аст, устод Рӯдакӣ дар ташаккул ва такомули аксари навъҳои шеъри форсиву тоҷикӣ, аз ҷумла қасида саҳми бузург гузоштааст. Дар ин бора И.С. Брагинский дуруст фармудааст: Рӯдакӣ «ҳамаи жанрҳо ва шаклҳои асосии назми тоҷикро ба камолот расондааст: ҳам қасида, ҳам марсия, ҳам ҳаҷвия, ҳам ғазал, ҳам насиб, ҳам маснавӣ, ҳам қитъа, ҳам рубоӣ.»1 Роҷеъ ба хидмати Рӯдакӣ дар такомули қасида муаллифону мураттибони зиёди сарчашмаҳои адабӣ, муҳаққиқони кунунии кишварҳои Шарқу Ғарб сухан ронда, ӯро устоди беназири ин навъи шеър донистанд. Аз қасоиди Рӯдакӣ низ мисли осори дигари ӯ танҳо ду қасидаи комил ва чанд пораи гуногуни қасидаҳо боқӣ мондаанд, ки аз маҳорати баланди ӯ дар қасидасароӣ гувоҳӣ медиҳанд. Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқони зиёде қарор гирифтааст. Агар дар асарҳои Ҳ. Эте, Шиблии Нӯъмонӣ, С. Айнӣ, Саид Нафисӣ, Е.Э. Бертелс, А. Мирзоев, И.С. Брагинский, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Мазоҳир Мусаффо, Исломии Надушан, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, Камол Айнӣ, А. Тоҳирҷонов, А. Афсаҳзод, Насруллоҳ Имомӣ, А. Сайфуллоев, Ш. Исрофилниё, Т.Отахонов ва амсоли онҳо зимни таҳлили осори шоир ин қасида низ баррасӣ шуда бошад, аз тарафи дигар чанде аз муҳаққиқон роҷеъ ба қасидаи мазкур мақолаҳои ҷудогонаро ихтисос додаанд. Аз ҷумла С. Наимбоев муҳтавои қасидаро шарҳ дода, тарзи таълими онро дар мактаб нишон додааст.2 Адабиётшинос Р. Мусулмонқулов дар ду мақола ҷанбаҳои гуногуни қасидаро баррасӣ намудааст. Дар мақолаи «Асоси як тасвири шоиронаи устод Рӯдакӣ» ӯ ба тасвири «қатраи борон» дар қасида таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, онро «чи мазмунан ва чи шаклан расову мукаммал медонад ва шакли дурусти онро «қатраборон» мешуморад, ки «гиёҳи маълуми воқеӣ – табиӣ» мебошад.3 Ин назари Р. Мусулмонқулов мавриди қабули муҳаққиқон қарор нагирифт ва аз ҷумла А. Сатторзода саҳеҳ будани «қатраи борон»-ро ба субут

расонд.4 Далели дигаре, ки дурустии «қатраи борон»-ро таъйид менамояд, он аст, ки шоир илова бар шакли зоҳирии дандонҳо ба паи ҳам фурӯ рехтани онҳо низ таваҷҷӯҳ дорад.

Дар мақолаи дигари худ «Радифи як шоҳасар» Р.Мусулмонқулов роҷеъ ба радифи қасида изҳори назар намуда, дар байти охири он табдил ёфтани «буд»-ро ба «шуд» ҳадс мезанад.5 Вале дар ин бобат далеле намеорад. Аввалан тавре ки баррасиҳои матншиносӣ нишон медиҳанд, дар ягон матн ба ҷои «буд»дар мақтаи қасида «шуд» сабт нашудааст. Сониян вожаи «буд» метавонад маъниҳои гуногунро касб намояд, ки дар ин бора баъдтар сухан хоҳем ронд.

А. Сатторзода низ роҷеъ ба қасидаи «Шикоят аз пирӣ» чанд мақола ба табъ расондааст. Дар мақолаи «Тазоди зиндагӣ дар таносуби шеър (Кӯшиши мутолиаи ҳамаҷонибаи як қасидаи ғарро)» муаллиф саъй намудааст, ки қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро бо равиши тозаи таҳқиқ, ки дар адабиётшиносии рус ва ғарб ба унвони таҳқиқи ҷомеъи шеъри ҷудогона маъруф аст, баррасӣ кунад. Ӯ қасидаи мазкурро пеш аз ҳама аз лиҳози сохтор ба 5 қисмат ҷудо намуда, сипас усулҳои тасвирро нишон додааст ва мулоҳизаҳои ҷолибу тоза баён намудааст. Вале ишораи Р. Мусулмонқулов, ки «қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро аз нуқтаи назари хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ, эмотсионаливу композитсионӣ, услубиву замонӣ ва ғайра на ба панҷу ҳашт, балки пеш аз ҳама ба ду қисм ҷудо кардан авлотар менамояд»6, дуруст ба назар мерасад. Зеро бунёди қасидаро тасвири ду давраи зиндагии шоир ташкил медиҳад. Тавре ки худи А. Сатторзода ҳам таъкид кардааст, «яке аз усули асосии тасвир дар қасидаи мазкур тазод ва муқобила аст»7.

Дар мақолаи «Шеъри ҳолия дар замони Сомониён» А. Сатторзода қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакиро бо ашъори ҳасбиҳолии суханварони асри X Мантиқии Розӣ, Кисоии Марвазӣ ва Мунтасир мавриди муқояса қарор дода, зери таъсири он қасида эҷод шудани ашъори ҳолияи онҳоро ба субут расондааст.

Дар ду мақолаи В. Элбойзода ва асари Х. Муҳаммадзод вежагиҳои забони қасидаи «Шикоят аз пирӣ» баррасӣ гардида, роҷеъ ба таркиби луғавии қасида ва тарзи истифодаи калимаву таъбирҳои ҷудогона мулоҳизаҳо баён шудаанд.9

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ» таваҷҷӯҳи муҳаққиқони хориҷиро низ ҷалб намудааст.Аз ҷумла ховаршиноси рус М.Л. Рейснер дар китоби «Назми лироэпикии асри X - ибтидои асри X1.

Пайдоиш ва таҳаввули қасидаи классикӣ» ба таври муфассал дар мавридҳои гуногун дар бораи қасидаи мазкур таваққуф намуда, онро дар робита бо осори шоир ва суннати қасидасароӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.10

Тавре ки мебинем, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ мавриди баррасии муҳаққиқони зиёде қарор гирифтааст, вале ҳанӯз бисёр паҳлуҳои он таҳлилу таҳқиқи амиқ наёфтаанд, ки ҷанбаҳои фалсафиву равонӣ, оҳангу мусиқии алфоз аз он ҷумлаанд.

Қасидаи «Шикоят вз пирӣ» аз 34 байт иборат буда, дар баҳри муҷтаси мусаммани махбуни мақтуъ навишта шудааст. Дар бораи унвони қасида андешаҳои гуногун баён шудааст. Аксари муҳаққиқон онро «Шикоят аз пирӣ» ё «Қасида дар шикояти пирӣ»(А.Мирзоев) номидаанд ва бо ҳамин унвон машҳур гаштааст. Баъзе мухаққиқон ба ин унвон бо шубҳа нигариста, назари худро баён намудаанд. Аз ҷумла А.Сатторзода таъкид менамояд, ки «дар асл ин унвон шартӣ буда, имрӯз маълум нест, ки дар асл чунин унвон дошт ё не. Ин чиз чандон муҳим нест.»11 Вале Субҳони Амир дар ин бора қатъитар сухан ронда навиштааст: «унвони зикршудаи қасида(«Шикоят аз пирӣ»-М.М.) ба сохтор ва асолати мазмуну мундариҷаи он мувофиқат намекунад.»12 Аз ин рӯ ӯ дар пайравии Р.Ҳодизода унвони «Қасидаи пирӣ»-ро дуруст мешуморад. Зимнан бояд гуфт, ки дар тарҷумаи русии қасида ва осори ховаршиносони рус ҳамин унвон(«Старческая касыда», «Касыда о старости») қабул шудааст. Тавре ки маълум аст, дар гузашта суннати гузоштани унвон ба қасидаву ғазал аз рӯи мазмуни шеър расм нашуда буд. Шеърро одатан аз рӯи қофияи он номгузорӣ мекарданд, мисли «Қасидаи нуния».

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳси муҳаққиқон аст, ба кадом навъи қасида мансуб будани шеъри мазкур аст. Муҳаққиқон онро қасидаи ҳасбиҳолӣ(ҳолия), фахрия, марсия ва амсоли инҳо номидаанд. Дарвоқеъ дар қасидаи мазкур унсурҳои ҳамаи навъҳои зикршударо метавон пайдо кард. Махсусан, ҷанбаи ҳасбиҳолии қасида ҷолиб буда, тавре ки баътар хоҳем дид, аз он метавон дар бораи лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти шоир иттилооти муфид ва муътамад ба даст овард. Аз ҷумла маҳз дар асоси далелҳои ин қасида масъалаи нобиноии Рӯдакӣ ба таври қатъӣ ба субут расонда шуд.

Субҳони Амир ҳарчанд аввал шеъри мазкурро «Қасидаи пирӣ» меномад, аммо пас аз баррасии муҳтавои он ба чунин натиҷа мерасад, ки ҷолиб аст: «Вале аз рӯи аслу ҷавҳари шеърият

қасидаи мазкур як навъ шеъри фалсафию ахлоқӣ аст, ки маводи ҳасби ҳолӣ зоҳиран ба сифати тамсили бадеъӣ барои тақвият ва тафсири қазияи фалсафии қонуни яздонӣ(«Қазои яздон»), ки он ба бозгаштани давру даҳр ва ё даври тасалсул далолат мекунад, истифода шудааст» .14

Дар ҳақиқат, қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро метавон шеъри фалсафӣ донист. Вале, мутаассифона, дар осори назарияи адабиётшиносии гузашта ва имрӯзаи тоҷику форс ба ин навъи қасида ва умуман шеър таваҷҷӯҳ нашудааст. Аксари муҳаққиқон ҳатто вазифаи қасидаро танҳо аз баёни мадҳ иборат медонанд. Масалан, Сируси Шамиссо дар таърифи қасида навиштааст: «Шеъре, ки дар он қасди хосе бошад ва он қасд дар асл мадҳ аст».15

Ҳарчанд Сируси Шамиссо баъдтар дар қасида баён шудани мавзӯъҳои дигарро аз қабили нукоти ахлоқӣ, ҳикамӣ ва динӣ гӯшрас менамояд, вале онҳоро мавзӯъҳои фаръӣ медонад ва таъкид мекунад: «Ҳарчанд шоироне чун Носири Хусрав ба қасидаҳои мазҳабиву фалсафӣ ва Манучеҳриву Хоқонӣ ба васфи табиат ва Саноӣ ба ирфон ва Масъуди Саъд ба ҳабсия маъруфанд, аммо ба таври куллӣ мазмун ва қасди аслии қасидаро мадҳ маҳсуб дошт».16

Ҳусейни Размҷӯ низ ҳарчанд дар бораи навъҳои гуногуни қасида аз назари радифу қофия, ташбибу тағаззул ва мавзӯъ сухан ронда, аз ҷумла ба қасидаҳои ҳабсия, шиквоия, ватанӣ, сиёсӣ, иҷтимоъӣ, динӣ ишора мекунад, вале аз қасидаҳои фалсафӣ ё ҳикамӣ ёд намекунад.1

Чунин вазъро дар адабиётшиносии тоҷик низ метавон мушоҳида кард. Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» ба 6 навъи қасида(баҳория, ҳолия, фахрия, ишқия, хамрия, ҳаҷвия) ишора шудааст.

Ю. Бобоев ба навъҳои мазкур муноҷот ва наътро илова намуда, аз қасидаҳои фалсафӣ ёде намекунад.19 Дар ин бора дар асари Р. Мусулмониён ва адабиётшиносони дигар низ ишорае ба назар намерасад.20

Тавре ки мебинем, дар осори назариявии адабиётшиносӣ моҳияту мӯҳтавои қасида аксаран якҷониба ва маҳдуд шарҳ дода шудааст ва аз вуҷуди қасидаи фалсафӣ ё ҳикамӣ дар адабиёти тоҷику форс зикре нарафтааст.

Робитаи адабиёт, аз ҷумла адабиёти мардумони эронӣ бо фалсафаву ҳикмат ва ба хусус ахлоқ аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст, ки «Авесто» ва андарзномаву худойномаҳои давраи Сосониён далели барҷастаи онанд. Вале аксари муҳақиққон ба ин масъала камтар таваҷҷӯҳ карда, ин ҷанбаи муҳимми адабиёти тоҷику форсро нодида гирифтаанд. Ҳатто донишманди маъруф

И.С. Брагинский дар зимни баррасии қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ на танҳо ба моҳияти фалсафии қасида таваҷҷӯҳ накардаст, балки донишмандии шоирро низ нодида гирифтааст.Ӯ маҳорати шоирии устод Рӯдакиро хеле хуб шарҳ дода, дар айни замон донишмандии вайро инкор менамояд: «Рӯдакӣ файласуф набуд, ки оламро шарҳ диҳад, вай шоире буд, ки оламро эҳсос мекард ва орзу дошт, ки он беҳтар гардад».21 Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки дар шеъри Рӯдакӣ таъбирҳои дақиқи фалсафӣ нестанд, ҳарчанд истилоҳоти фалсафӣ чун чаҳор унсур(ҳаво, оташ, хок, об) мавҷуданд. Вале набояд фаромӯш кард, ки моҳияти шеърро на корбурди истилоҳоту мафҳумҳо, балки мазмуну муҳтавои он муайян менамоянд.

Баррасии мавзӯъ ва муҳтавои қасида нишон медиҳад, ки ҳадафи асосии шоир қабл аз ҳама баёни андешаву эҳсос дар бораи маъниву моҳияти ҳаёту ҳастӣ аст. Шоир ба сароҳату равшанӣ ва хеле содаву ошкоро аз гирду гардон будани олам, аз тазодҳо таркиб ёфтани ҳаёту табиат, аз таҳаввулоту тағйири доимии онҳо, табдилу дигаршавии пайвастаи олам ва амсоли инҳо, ки аз мақулаҳои аслии фалсафаанд, сухан меронад. Ин андешаҳои жарфи фалсафии шоир тавассути тасвирҳои қолибу маҳсус ба қалам омадаанд:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд
Ҳамон ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Вабоз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Кӯҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав бу
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд,
Басо шикаста биёбон, ки бо ги хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт он куҷо биёбон буд.22

Аз байтҳои мазкур бармеояд, ки Рӯдакӣ аз фалсафаву ҳикмати аҳди бостон ошноӣ доштааст, аз қонуни ягонагӣ ва мубориза ба ҳам зидҳо ва омили рушд будани тазод ва амсоли инҳо, ки дар осори файласуфони Юнони бостон баён шудаанд, огоҳ будааст

Тавре ки А. Сатторзода дуруст таъкид кардааст, қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ба усули тазоду муқобала асос ёфтааст. Ин тазодро ҳам дар муҳтавои тасвир – ҳаёти даврони пириву ҷавонӣ, дар табиати гирдгардон, табдили баҳору хазон, биёбону бӯстон, ҳам дар ҳолатҳои рӯҳиву равонии инсон амсоли шодиву ғам, дарду дармон, ҳам дар василаҳои тасвир чун боғу биёбон, ҳарира санг ва вожаҳо метавон мушоҳида кард. Ин бесабаб нест, зеро шоир ба қонуни рушди ҳаёт ва табиат, ки аз ягонании ба ҳам зидҳо таркиб

ёфтааст, ба хубӣ огоҳ аст. Ӯ зиндагии инсонро ҳам мисли табиат бидуни тазодҳо, тағйиру табдили ҳамешагӣ тасаввур намекунад. Шоир тазоди некиву бадӣ, наву кӯҳна, ободиву харобӣ, шодиву ғам, дарду дармонро зарурати зиндагиву ҳастӣ медонад. Ӯ ин воқеияти зиндагиву оламро на танҳо дарк ва эътироф менамояд, балки зарур мешуморад. Аз ин ҷост, ки ӯ аз гузашти умр шикоят намекунад, касе ё чизеро гунаҳгор намешуморад. Дар қасида ҳарчанд аз даврони пирӣ, ки хазони умр аст, сухан меравад, вале на оҳанги яъсу навмедӣ, балки шодиву нишот бештар ба гӯш мерасад. Бинобар ин наметавон ба андешаи он муҳаққиқон, ки ин қасидаро марсия ва шеъри шиквоӣ номидаанд, розӣ шуд. Байти охир, яъне мақтаъи қасида на ба фоҷиа, балки ба идомаи зиндагӣ ва оғози давраи нави умри инсон ишора менамояд.

Аз нигоҳи Рӯдакӣ инсон низ як ҷузъи табиат аст ва он ҳама тағйирот дар ҳастиву рӯзгори ӯ низ сурат мегирад:

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд.23

Ҳамин ду пораи қасида, ки ҷавҳари шеърро бозгӯ менамоянд, далели шеъри фалсафӣ будани он аст. Дар матлаъу мақтаъи шеър шоир вазъи худро дар пирӣ ба таври мушаххас бо тасвири рехтани дандонҳо ва гирифтани асову анбон ба қалам додааст, ки ин ҳам баёнгари фалсафаи зиндагист. Зеро шоир ба ин васила ногузир будани тағйиру табдили ҳаёти инсонро таъкид кардааст. Вале аксари муҳаққиқон ба маънии фалсафии он пораҳо эътибор надода, шеъри мазкурро қасидаи ҳасбиҳолӣ номидаанд. Албатта, дар қасида лаҳзаҳои ҳасбиҳолӣ ҳастанд, вале онҳо на барои баёни саргузашти шоир, балки ҷиҳати ибрози андешаҳои фалсафӣ зикр шудаанд. Барои тақвияти ҷанбаи ҳасбиҳолии қасида як мушоҳидаи дигари худро баён мекунем, ки барои шинохти шахсияти шоир хеле муҳим аст. Донишманди маъруф Аҳрор Мухторов зимни ҷустуҷӯйҳои илмӣ дар Музейи нусхаҳои хаттии Солорҷанги Ҳиндустон ба нусхаи хаттие дучор меояд, ки дар он 302 мисраъ аз ашъори Рӯдакӣ, аз ҷумла қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ҳам мавҷуд будааст. Мисраъи панҷум дар он матн аз матнҳои дигар тафовут дошта, ба ҷои «з-он, ҳама» ибораи «паи ҳам» сабт шудааст:

Яке намонд кунун **паи ҳам** бисуду бирехт
Чӣ наҳс буд? Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд.24

Тафовути мазкур ба баҳси тӯлоние, ки миёни донишмандон М.М. Герасимов ва А. Тоҳирҷонов дар бораи тарзи рехтани дандонҳои шоир вуҷуд дошт, хотима медиҳад ва дурустии андешаро дар бораи он ки дандонҳои шоир бар асари пирӣ на дар

як вақт, балки паи ҳам ба таври твбиӣ рехтаанд, ба субут мерасонад… Вале бо вуҷуди он ки чунин унсурҳои тарҷумаиҳолӣ дар қасида зиёданд, онро наметавон комилан қасидаи ҳасбиҳолӣ номид. Зеро тавре ки зикр шуд, ҳадафи аслии шоир дар қасида баёни андешаҳои фалсафист ва ишораҳои саргузаштӣ барои тақвияти он андешаҳост.

Қасидаи «Шикоят аз пирӣ», ба назари мо маънии ниҳонии иҷтимоиву сиёсӣ ҳам дорад, ки шоир аз баёни ошкорои он худдорӣ намудааст ва инро аз баъзе ишораҳои ӯ метавон пай бурд. Мусаллам аст, ки қасидаи мазкурро шоир дар поёни умр сурудааст. Ин на танҳо замони пириву заифии ҷисмониву рӯҳии шоир аст, балки даврони шурӯъи касоду таназзули давлати Сомониён ҳам ҳаст. Дарвоқеъ пешрафту камолоти шахсӣ ва эҷодии Рӯдакӣ ба замони рушди давлати Сомониён рост меояд, ки худи шоир ҳам ба он ишора кардааст:

Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургиву неъмат зи оли Сомон буд.25

Тавре ки маълум аст, пас аз вафоти Наср ибни Аҳмад, ки мамдӯҳ ва пуштибони асосии шоир буд, давлати Сомониён рӯ ба таназзул ниҳод. Дар ин бора Б. Ғафуров дар мақолаи ҷудогонае изҳори назар намуда, омилҳо ва сабабҳои онро нишон додааст.26 Ин таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳаёти шоире, ки умри худро сарфи хидмати самимиву содиқона ва тарғиби он кардааст ва маҳз ҳамин давлат барои пешрафти ӯ заминаи мусоид муҳайё намудааст, таъсири амиқ расондааст. Шоир аз тафсири ин вазъи ногувори сиёсиву иҷтимоӣ худдорӣ карда, танҳо ба таъкиди дигар шудани замона иктифо намудааст:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.27

М. Рейснер зимни таҳлили «Шикоят аз пирӣ» он қисмати қасидаро, ки ба ёди даврони ҷавонии шоир ихтисос дода шудааст, унсури фахрия дониста, онро ба таъсири суннати ашъори ғиноии араб, ки «умария» номида мешавад, вобаста менамояд.28 Мусаллам аст, ки Рудакӣ аз адабиёти араб огоҳии хуб дошт ва зикри номи шоирони араб чун Ҳассону Ҷарир, Тоиву Саҳбон ва амсоли онҳо дар ашъори ӯ бар ин гувоҳ аст. Вале шеъри мазкурро пайравӣ ба қасидаи арабӣ донистан дуруст нест. Зеро Рӯдакӣ саъй намудааст, ки шеъри худро дар пояи суннатҳои фарҳангии миллӣ иншо намояд. Ӯ ҳатто аз истифодаи зиёди калимаву ибраҳои арабӣ худдорӣ кардааст. Масалан, дар матлаъ аз 15 вожа танҳо ду вожа ва дар байти дувум танҳо як вожаи арабӣ ба кор рафтааст.29

Умуман наметавон ба андешаи М.Рейснер розӣ шуд, ки ӯ решаи қасидаи форсиро комилан арабӣ медонад ва аз ҳамин дидгоҳ ба «Шикоят аз пирӣ» менигарад. Ӯ ҳатто аз ин қасида насибу зӯҳдиёту фахр барин бахшҳои маъмули қасидаи арабиро ҷустааст. Дар ҳоле ки ин шеъри Рӯдакӣ ҳам аз лиҳози муҳтаво ва ҳам аз ҷиҳати сохтор аз қасидаи арабӣ тафовут дорад. Рӯдакӣ дар ин шеър қолабшиканӣ карда, қасидаи комилан форсиву тоҷикиро офаридааст, ки дар он риояти қолаб муҳим нест, балки ҳадафи аслӣ баёни андешаҳои фалсафист.

Дар қасида боз як ҷанбаи дигари фалсафиро метавон мушоҳида кард, ки он назари хушбинии шоир ба ҳаёт ва олам аст. Ҳарчанд матлаъу мақтаъи шеър дар назари аввал ҳузнангез менамояд ва бесабаб нест, ки баъзе муҳаққиқон амсоли И.С.Брагинский онро марсия(элегия) номидаанд, вале шеър ба таври куллӣ дар рӯҳияи волои хушбиниву хушҳолӣ суруда шудааст. Шоир ба ёдоварии айёми хуши зиндагӣ дар овони ҷавонӣ, ишқварзӣ бо моҳрӯён, рӯзгори хушу фароҳманд дар боргоҳи Сомониён ва амсоли инҳо дилбастагиро ба зиндагӣ иброз менамояд. Бо он ки умри дароз, пастиву баландиҳои рӯзгор, ки ногузиранд, яъне аз рӯи қонуни ҳаёт ва хости Худованд(қазову қадар) сурат мегиранд, ҷисми ӯро коҳиш додаанд, вале рӯҳу иродаи ӯро нашикастаанд. Ӯ аз он рӯҳбаланд аст, ки умрро беҳуда нагузарондааст, аз лаззатҳои фаровони зиндагӣ бархӯрдор шудааст, дар хидмати давлат ва мардум муваффақ будааст, соҳиби молу сарват ва иззату шӯҳрат гаштааст. Ба назари мо қасида на марсия асту на шикоят аз пириву рӯзгор, балки паёми ахлоқиву фалсафии шоир аст ба ҳамзамонону ояндагон, ки аз зиндагӣ ғофил набошанд ва аз ҳама хушиҳои он истифода намоянд.

Ба ин минвол Рӯдакӣ дар қасида қабл аз ҳама ба баёни андешаҳои фалсафиву ҳикамӣ пардохта, нигоҳи худро нисбат ба зиндагӣ ва олами ҳастӣ ба қалам додааст ва пеши назари хонанда чун ҳакиму донишманди рӯзгордидаву хирадманд ҷилвагар мешавад. Вале тавре зикр шуд, баъзе муҳаққиқони осори шоир инро нодида гирифтаанд. Ҳатто донишманди дақиқкор Шафеъии Кадканӣ зимни таҳлили вежагиҳои сувари хаёли ашъори бозмондаи Рӯдакӣ таъсири илмро дар он инкор менамояд: «Дар миёни сувари хаёли ӯ(Рӯдакӣ-М.М.) камтар чизе аз аносири ғайритабиӣ вуҷуд дорад, таъсири илмро ба ҳеч гуна дар хаёли ӯ наметавон ҷустуҷӯ кард».30 Вале баръакс баррасҳои олими набототшиноси тоҷик Мақсуд Ҳоҷиматов нишон медиҳад, ки аксари тасвирҳои унсурҳои табиат, ба хусус гиёҳу гулҳо дар ашъори Рӯдакӣ асосу пояи илмӣ доранд.31 Илова бар ин

тасвирҳои шоир дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ҳам чунон ки зикр шуд, ҷанбаи фалсафиву илмӣ доранд.

Ба ин ҷанбаи ашъори шоир чанде аз муҳаққиқон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла Ҷаъфари Шиор ва Ҳасани Анварӣ навиштааанд: Рӯдакӣ «беш аз он ки андешаи тааббудӣ ва динӣ дошта бошад, андешаи фалсафӣ ва озод дорад».32

М.Л.Рейснер зимни баррасии қасоиди Носири Хусрав ӯро ислоҳгари қасида ва воридкунандаи оҳангҳои сиёсӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, насиҳатӣ, ҳикамиву фалсафӣ дар ин навъи шеър дониста, ба чунин натиҷа расидааст: «Минбаъд маҳз омили пайдоиши равияҳои ахлоқиву фалсафӣ ва зӯҳдиёту тамсилӣ дар қасидаҳои шоири мубаллиғ Носири Хусрав барои тавсиаи доираи мавзӯоти ин шакли шеър дар осори шоирони ҷарни X11 чун Саноӣ, Хоқонӣ, Аттор ва дигарон роҳро боз намуд».33 Аббоспур низ дар зимни шарҳи анвоъи қасида навиштааст: «Қасоиди ҳикамӣ ва фалсафӣ, ки асоси онҳо ба андеша устувор аст. Носири Хусрав соҳиби барҷастатарин қасоиди ҳикамӣ ва фалсафӣ дар шеъри форсӣ аст».34 Дуруст аст, ки Носири Хусрав бо қасоиди фалсафиву ҳикамии худ ба ашъори шоирони мазкур таъсир расондааст, вале барҳақ бояд Рӯдакиро бунёдгузори ин навъи қасида донист, ки инро на танҳо «Шикоят аз пирӣ», балки пораҳои зиёди ашъори мутафарриқаи ӯ низ ба субут мерасонанд. Аз ҷумла дар осори боқимондаи Рӯдакӣ шеърпораи дигаре ҳаст, ки ба эҳтимоли қавӣ он ҳам дар поёни умри ӯ офарида шудааст ва бо қасидаи мазкур ҳамоҳанг аст:

Басо, ки маст дар ин хона будаму шодон,
Чунон ки ҷоҳи ман афзун буд аз амиру мулук.
Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро нагӯйӣ, к-аз чӣ шудаст шодӣ сӯг?35

Шояд дар ҳамин қасида шоир сабаби ба ин ҳол гирифтор шуданашро ба қалам дода бошад, вале он шеър нотамом аст.

Дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» аксари тасвиру таъбирҳо, вожаву ибораҳо ва дигар васила҆ҳои баён бори маънии фалсафиро мекашанд. Ҳатто радифи шеър «буд» мафҳуми васеъ пайдо карда, ишора ба гузаштани умри бебозгашт ва тағйиру табдили ҳаёту ҳастӣ мекунад. Ин радиф барои эҳёи хотираи шоир мусоидат намуда, давраи пурнишоти ҷавонӣ, рӯзгори хушу хуррам, даврони шукӯҳу бузургии умри ӯро ба ёд меорад. Аз ин ҷост, ки шоир ҳар гоҳ мехоҳад он лаҳзаҳои хуши умрро таъкид кунад, ба такрори он вожа ва муродифаш «шуд» мепардозад:

Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд…
Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,
Нишоти ӯ ба фузун буду бими нуқсон буд…
Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.36

Такрори зиёди вожаҳои «буд» ва «шуд» дар байтҳои боло на танҳо ҳусни шеърро накостааст, балки таъсири ҳиссиву равонии онро бештар намудааст. Бевачҳ нест, ки дар 34 байт 54 маротиба калимаи «буд» такрор ёфтааст. Ба ин масъала Мазоҳир Мусаффо низ таваҷҷӯҳ намуда, дуруст фармудааст: «дар ҳамин қасида сарфи назар аз радиф 20 бор феъли «буд» такрор шуда ва ҳар як гузаштае аз зиндагии ӯро баён кардааст, бе он ки кӯчактарин садамае ба равониву зебоӣ ва лутфи баёни гӯянда ва ҳайъати шеъри ӯ бирасад».37 Такрор низ дар қасида пайваста бо тазоду муқобала маҳз барои таъйиду таъкиди андешаҳои фалсафии шоир ба кор рафтааст.

Р. Мусулмонқулов дар мақолаи «Радифи як шоҳасар» қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро бори дигар мавриди баррасӣ қарор дода, онро аз лиҳози сохтор таҳқиқ мекунад ва тағйири радифро аз «буд» ба «шуд» дар мақтаъи қасида ба субут расонданӣ мешавад. Ӯ назари адабиётшиносони гузаштаву имрӯзаро дар бораи радиф нақл намуда, баъзан тағйир ёфтани радифро дар шеър таъкид намудааст: « Хулоса, мувофиқи ақидаи суханшиносони асримиёнагӣ дар шеъри якрадифа то охир нигоҳ доштани як радиф воҷиб будааст, вале аз рӯи зарурат шоир метавонистааст онро тағйир диҳад ва аз он даст ҳам кашад. Аммо чунин рафтор ба шарте равост: шоир бояд хонандаро аз тағйирот огоҳ кунад»38. Вале дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» ин ҳолат ба назар намерасад ва инро муҳақиқ «ҳусни шеър» медонад.

Мутаасифона, муҳаққиқ ба масъалаи матншиносии қасида таваҷҷӯҳ накардааст. Тавре ки А.Сатторзода ишора кардааст, «ҳоло зиёда аз шаш нашр ва ва ё шонздаҳ варианти гуногуни қасидаи «Шикоят аз пирӣ»… вуҷуд дорад». 38 Дар ҳеч яке аз онҳо радифи «шуд» ба назар намерасад. Аз ин рӯ алҳол то пайдо шудани матни ба асл наздики қасида нигоҳ доштани радифи «буд» дар мақтаъи қасида лозим аст. Зеро «буд» дар ин маврид метавонад маънии «бувад»-ро низ ифода намояд,

ки созгори маънии байт аст.

Ба ин тартиб устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бо ин шеъри худ навъи тозаи қасидаи фалсафиро ба вуҷуд овард, ки минбаъд дар осори Кисоии Марвазӣ, Носири Хусрав ва шоирони

дигар рушду тавсиа пайдо кард. Аз ин рӯ месазад, ки ӯ бунёдгузори қасидаи фалсафӣ дар адабиёти тоҷику форс дониста шавад.

## ПАЙНАВИШТ


1. И.С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии, М., 1956, с. 263.
2. С. Наимбоев. Мавқеи такрор дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ». Маҷ. «Мактаби советӣ», 1973, № 1.
3. Р. Мусулмонқулов. Асоси як тасвири шоирона. Дар китоби «Фурӯғи шеъри ҷонпарвар», Душанбе, Ирфон, 1984, саҳ. 9. Ин мақола бори аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ», 1975, № 9 чоп шудааст.
4. А. Сатторзода. Шеъри Рӯдакӣ ва муаммои таҳлили каломи мавзун, маҷ. «Садои Шарқ», 1979, № 9.
5. Р. Мусулмонқулов. Радифи як шоҳасар. Дар китоби «Фурӯғи шеъри ҷонпарвар», Душанбе, Ирфон, 1984, саҳ. 18.
6. Ҳамон асар, саҳ. 17.
7. А.Сатторзода. Тазоди зиндагӣ дар таносуби шеър (Кӯшиши мутолиаи ҳамаҷонибаи як қасидаи ғарро). Дар китоби «Кӯҳна ва нав», Душанбе, Адиб, 2004, саҳ. 20.
8. А. Сатторзода. Шеъри ҳолия дар замони Сомониён. Дар китоби «Кӯҳна ва нав», Душанбе, Адиб, 2004, саҳ. 23 – 29.
9. Вафо Элбойзода. Вижагиҳои луғавии қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 3 июли 2008; Вижагиҳои «Шикоят аз пирӣ», ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 10 ноябри 2011. Х. Муҳаммадзод. Калимасозӣ дар ашъори Рӯдакӣ, Душанбе, 2008.
10. М.Л. Рейснер. Персидская лироэпическая поэзия X – начала X111 века. Генезис и эволюция классической касыды, М., «Наталис», 2006, с. 190-200.
11. А. Сатторзода. Шеъри ҳолия дар замони Сомониён. Дар китоби «Кӯҳна ва нав», Душанбе, Адиб, 2004, саҳ. 22.

12. Дар ин бора ба таври муфассал ниг.: Мирзо Муллоаҳмад. Бори
дигар дар бораи нобиноии Рӯдакӣ. Дар китоби Мирзо Муллоаҳмад. Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон, Душанбе, Адиб, 2012, саҳ. 81 –
89.

13. Субҳони Амир. Рӯдакӣ – падидаи нодир ва ҷаҳонии тамаддуни
аҳди Сомониён. Душанбе,1999, саҳ. 46.

14. Ҳамон ҷо.

15. Сируси Шамиссо. Анвоъи адабӣ, Теҳрон, 1370, саҳ. 303.

16. Ҳамон асар, саҳ 306 – 307.

17. Ҳусейни Размҷӯ. Анвоъи адабӣ ва осори он дар забони форсӣ,
Машҳад, чопи 2, 1372, саҳ. 23 – 26.

18. Р.Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. Фарҳанги истилоҳоти
адабиётшиносӣ, Душанбе, Ирфон, 1966, саҳ. 146.

19. Ю. Бобоев. Назарияи адабиёт, қисми 1, Душанбе, Маориф, 1987,
Саҳ.247 -248.

20. Р. Мусулмониён. Назарияи адабиёт, Душанбе, Маориф, 1990, саҳ.
175 – 176.

21. М.С.Брагинский. Адам поэтов. 12 миниатюр, М., 1966, с. 61.

22. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор, ба эҳтимоми Р.Ҳодизода,
Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, Душанбе, 2008, саҳ. 30 – 31.

23. Ҳамон асар, саҳ. 31.

24. А. Мухторов. Ба номи устод Рӯдакӣ. Дар китоби «Дурдонаҳои
маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон», Душанбе,
1964, саҳ. 87.

25. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор, саҳ. 35.

26. Б. Ғафуров. Илали авҷгирӣ ва суқути Сомониён, тарҷумаи Мирзо
Муллоаҳмад, маҷ. «Эроншинохт», 1386, № 6.

27. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор, саҳ. 36.

28. М.Л. Рейснер. Персидская лироэпическая поэзия Х – начала Х111
века. Генезис и эволюция классической касыды, М., 2006, с. 195.
29. Дар ин бора ниг.: Х. Муҳаммадзод. Калимасозӣ дар ашъори
Рӯдакӣ, Душанбе, 2008.
30. Шафеъии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри Рӯдакӣ.Дар маҷмӯаи
«Ёди ёри меҳрубон», ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ, Теҳрон, 1385, саҳ.
93.
31. М.Ҳоҷиматов.Ҳаким Рӯдакӣ, Душанбе, 2008.
32. Ҷаъфари Шиор, Ҳасан Анварӣ. Дар бораи Рӯдакӣ ва асри ӯ. Дар
китоби «Ёди ёри меҳрубон», ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ, Теҳрон,
1385, саҳ. 54.
33. М.Л. Рейснер. Персидская лироэпическая поэзия Х – начала Х111
века. Генезис и эволюция классической касыды, М., 2006, с. 81.
34. Аббоспур. Қасида. Дар «Фарҳангномаи адаби форсӣ», ба
сарпарастии Ҳасани Анӯша, Теҳрон, ҷ. 2,чопи 2, 1381, саҳ. 1127.
35. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Девони ашъор, саҳ. 87.
36. Ҳамон асар, саҳ 32–35.
37. Мазоҳир Мусаффо. Посдорони сухан, Теҳрон, ҷ. 1, 1335, саҳ.34.
38. А.Сатторзода. Тазоди зиндагӣ дар таносуби шеър (Кӯшиши мутолиаи
ҳамаҷонибаи як қасидаи ғарро). Дар китоби «Кӯҳна ва нав», Душанбе, Адиб, 2004, саҳ. 20.

## «ИШҚ ДАРЁИ КАНОРАНОПАДИД»

Мавзӯи ишқ, ки аз масъалаҳои ҷовидонии адабиёту ҳунар аст, дар осори боқимондаи шоирони аҳди Сомониён низ мавқеи муҳим дорад. Ин мавзӯъ дар ҳар давру замон ва дар осори ҳар шоиру ҳунарвар бо рангу ҷилваи хосе зуҳур мекунад.

Ишқияҳои шоирони асри X форсу тоҷик бештар ҷанбаи табиӣ дошта, тасвири ҳусни маъшуқи заминӣ, ранҷу азобҳои ошиқ, ишқварзиҳои табиии дилдодагон, васлу фироқ, вафову ҷафо, орзуву омол ва дигар ангезаҳои ишқиро дар бар мегирад.

Тавре ки академик Абдулғанӣ Мирзоев таъкид кардааст, аз осори Рӯдакӣ дар «мавзӯи ҳақиқати ишқ ва шарҳи он»[1] шеъре боқӣ намондааст. Вале дар осори шоирони дигари ин давра баъзе ишораҳо ба ин масъала ба назар мерасад. Аз ҷумла Робиаи Қаздорӣ - шоираи хушкаломи ин замон ишқро дарёи калони паҳноваре медонад, ки шино кардани он аз имкон берун аст. Яъне фард наметавонад ҳамаи ҷанбаҳои ишқро фаро гирад. Ба андешаи шоира ошиқи ҳақиқӣ бояд ба ҳамаи сахтиву мушкилоте, ки дар роҳи ишқ пеш меояд, тоқат намуда, барои ба даст овардани ҳадафи худ, яъне васли маъшуқ саъю талош ба харҷ диҳад :

Ишқ дарёи каноранопадид,
Кай тавон кардан шино, эй ҳӯшманд.
Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.[2]

Маъшуқ дар ашъори шоирони ин давра бо ҳусну ҷамоли беҳамто, ки ошиқро мафтуну шайдои худ мекунад, зоҳир мешавад. Дар назари Рӯдакӣ ҳусни худододи маъшуқ ниёзе ба ороишу пероиш надорад ва аз ҳама бартар аст:

Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро,

Шикаста сунбули зулфи ту мушки сороро.[3]

Дар ашъори Кисоии Марвазӣ низ маъшуқ мақоми воло дошта, дар мартабаи шоҳест ва ошиқони бешумораш мисли сипоҳанд. Кулли аъзои бадани ӯ дар камоли латофату малоҳат буда, тимсоли зебоӣ маҳсуб мешавад ва ягон падидаи табиат наметавонад ба зебоиҳои онҳо баробарӣ кунад:

Эй зи акси рухи ту ойина моҳ,
Шоҳи ҳусниву ошиқон-т сипоҳ.
Ҳар куҷо бингарӣ, дамад наргис,
Ҳар куҷо бигзарӣ, барояд моҳ.
Рӯю мӯйи ту номаи хубист,
Чӣ бувад нома ҷуз сапеду сиёҳ.[4]

Маъшуқ дар ашъори боқимондаи Валволиҷии Марвазӣ низ мазҳари зебоиву малоҳат аст:

Симдандонаку басдонаку хандонаку шӯх,
Ки ҷаҳон он-к бари мо лаби ӯ зиндон кард.
Лаби ӯ бинию гӯӣ, ки касе зери ақиқ
Бо миёни ду гул – андар шакаре пинҳон кард.[5]

Дар ашъори Рӯдакиву ҳамасронаш беш аз ҳама тавсифи зулфи маъшуқ ба назар мерасад. Шоиронро печидагиву сиёҳӣ, дарозиву хушбӯии он бештар ҷалб кардааст:

Зулфаш бикашӣ, шаби дароз андозад
В-ар бикшоӣ, чангали боз андозад.
В-ар печу хамаш зи якдигар бикшоянд,
Доман – доман мушки Тароз андозад.[6]

-х-

Зулфат дидам сар аз чамон печида
В-андар гули сурх арғувон печида,
Дар ҳар банде ҳазор дил дар бандаш,
Дар ҳар пече ҳазор ҷон печида.[7]

-х-

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапедрӯз ба покии (он) рухони ту монад.[8]

-х-

Ҳалқаи зулфат ҳама қасидаи айнӣ,

Ҳалқаи ҷаъдат ҳама қасидаи долӣ.[9]

-х-

Зулфайни баршикаставу қадди санавбарӣ,
Зери ду зулфи ҷаъдаш дар хатти анбарӣ.[10]

-х-

Зулфат ҳаме бипечаду бо ман бадӣ кунад,
Нашгифт агар бипечад ҳар к-ӯ кунад бадӣ.[11]

Ба ин узви дилрабои маъшуқ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кардани шоирон бесабаб нест. Зеро он агар аз як тараф зинатбахши ҳусни маъшуқ бошад, аз тарафи дигар баёнгари ҳолати рӯҳиии ошиқ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар асрҳои баъд низ тавсифи зулф дар ашъори шоирон мавқеи калон пайдо кард ва ба як образи маъмули шеъри форсу тоҷик табдил ёфта, маъниҳои гуногунро ифода намуд.

Чунон ки аз мисолҳои нақлшуда ҳам бармеояд, маъшуқ дар ашъори шоирони қарни X зоҳиран хеле зебову дилрабост, вале ботинан сангиндилу номеҳрубон аст ва «дӯзахкеш» буда, ба ошиқ ҷавру ҷафо мекунад. Инро таҳқиқи басомадии ховаршиноси маъруф Муҳаммаднурӣ Усмонов ҳам ба субут мерасонад. Ӯ ба чунин хулоса омадааст, ки «маъшуқ дар шеъри қарнҳои 1X-X зеборухи бераҳм ва бевафову маккор аст, қаҳрамони лирикии(ошиқи) дар муқобили бедодгарии ӯ комилан беҳуқуқро таҳқир мекунад»[12]. Вале бар хилофи ин Зайнулобидини Мӯътаман ба натиҷаи зер расидааст, ки наметавон ба он розӣ шуд: «Маъшуқ дар давраи Сомониён ва Ғазнавиён мамлук ва дар давраи муғул худовандгори ошиқ буд»[13].

Ин ҷо иштибоҳ ба назари мо аз он сар задаст, ки муҳаққиқ маъшуқи шоирони қарнҳои X ва X1-ро яксон донистааст. Дар ҳоле ки адабиёти ин асрҳо дар баробари умумиятҳо тафовут низ доранд ва онҳоро як давра донистан дуруст нест.

Ошиқ дар ашъори шоирони асри X нисбат ба маъшуқ содиқу вафодор буда, ӯро бо тамомӣ ҳастӣ

дӯст медорад ва зиндагиро бе ӯ бемаъниву беҳуда мешуморад:

В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё раб, нестӣ.[14]

Бо он ки маъшуқ бераҳму ҷафокор аст ва ба ҳоли ошиқ раҳме надорад, дилбастагии ӯ кам намешавад ва ҳусни маъшуқро мояи ифтихори худ медонад:

Фахри раҳӣ бидон ду сияҳ чашмакони туст,
К-омад падид зери ниқоб аз бари ду ҳад.[15]

Ошиқ аз васли маъшуқ бархӯрдор аст ва зиндагиро бе ӯ тасаввур намекунад. Аз ин ҷост, ки бо эҳсосу шӯри зиёд ба маъшуқ хитоб менамояд:

Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод.[16]

Вале дар олами ишқ аз ҳиҷрон ҷои гурез нест ва чунон ки Хусравонӣ таъкид мекунад, дарёи ишқ аз наҳанги ҳиҷрон холӣ намебошад:

Наҳангест ҳиҷрони дарёи ишқ,
Ба дарё бувад ҷовидона наҳанг.[17]

Ҳарчанд ошиқ аз ранҷу азоби ишқ ҳоли ногувор дорад ва аз ҷон сер шудааст, вале аз ғами ҳиҷрони ӯ шод аст ва шиквае намекунад:

Бо он ки дилам аз ғами ҳаҷрат хун аст,
Шодӣ ба ғами туам зи ғам афзун аст.
Андеша кунам ҳар шабу гӯям: «Ё раб,
Ҳиҷрон-ш чунин аст, висолаш чун аст?»[18]

Ҳамин тавр ошиқ дар ин давра ҳарчанд ранҷуру ситамкаш аст, вале аз висолу хушиҳои ишқ низ бебаҳра нест ва мисли ошиқи қарнҳои баъд дар заифиву нотавонӣ ва маъюсиву нокомӣ ба ҳадди тафрит намерасад.

Масъалаи дигаре, ки дар робита ба мавзӯи ишқ бояд зикр намуд, он аст, ки дар шеъри асри X баъзан музаккар будани маъшуқро метавон

мушоҳида кард. Дар ашъори шоирони ин давра ба хусус дар тағаззулоти онҳо шоҳид васф гардида, ба мард будани он ошкоро ишора ҳам шудааст. Аз ҷумла Лукарии Чангзан дар матлаи тағаззуле навиштааст :

Нигори ман он курди гавҳарписар,
Ки зайн асту ҳусн аз қадам то ба сар.[19]

Дар худи ҳамин тағаззул ба такрор Лукарӣ писар будани маъшуқро таъйид кардааст :

Ба раҳ кард азм он бути хушхиром,
Гиреҳ кард банди сар он хушпсар.

-х-

Бурида сару пои он бегунаҳ,
Зи молиданаш шодмона писар.[20]

Дар ин бора баъзе муҳаққиқон изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла Насрулло Имомӣ навиштааст : «Сабғаи ғазали музаккар дар ашъори Дақиқӣ боризтар аст, чунонки намудҳое аздари ашъори Рӯдакӣ ҳам қобили инкор нест.»[21] Муҳаққиқ маншаи инро «дар масоили иҷтимоӣ ва бофтҳои ҷомеаи он рӯзгор»[22] дониста аз тавзеҳи он худдорӣ кардааст. Ваде Абдулҳусайни Зарринкӯб ин масъаларо андаке тавзеҳ дода навиштааст: «Дар он чи ба ғазали музаккар марбут аст, ривоҷ ва интишораш махсусан ношӣ аз ин нукта буд, ки дар Бағдод аз аҳди хилофати Муътасим ва дар Хуросон аз даврони ҳукумати Сомониён бардагони хубрӯи турк, ғозиёни суғур ва мутавваони дур аз ёру диёрро васваса мекарданд ва баъдҳо касрату вуфури онҳо дар бозорҳои Бағдоду Самарқанд бардаи туркро рамзи маъшуқ ва зебоии вайро намунаи комили ҷамол сохт ва аз маъшуқи дирамхарид он гуна, ки лозимаи як маъшуқи лашкарӣ ҳам ҳаст, турке ҷафокеш, бераҳм ва ҳатто қотили беамон ба вуҷуд овард. Ин турки хубрӯ, ки дар каломи шоир чашми танги мудаввараш ба наргис ва сурати гирдаш ба моҳи дуҳафта ташбеҳ мешуд, камоли зебоии қобили тасаввурро дар назди шоири

ғазалсарои ин адвор дар ҳамин авсоф нақш мезад ва ишқи ӯро ҳам табдил ба савдое мекард, ки дар бозори бардафурӯшон хариду фурухт мешуд ва пайдост, ки ин гуна ишқе аз ҳадди таманниёти ҷисмонӣ намегузашт.»[23]

Абдулғанӣ Мирзоев дар китоби худ ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор надодааст, вале аз мулоҳизоташ роҷеъ ба Айёр, ки номи ғулом будани онро қабул накарда, тавсифи бут медонад, пай бурдан душвор нест, ки ин масъаларо нодида гирифтааст. Албатта, ин ҳодисаи номатлуб хилофи шариату меъёрҳои ахлоқии замони мост, вале чунонки Абдулҳусайни Зарринкӯб дуруст ишора кардааст, он аз муҳити ахлоқии дарборҳои хилофати араб реша гирифтааст. Ҳадаф аз тавзеҳи ин нукта он аст, ки мутаасифона, ин ҳодисаи нангин дар адабиёти форсизабон ба суннат табдил ёфта, дар асрҳои баъд ривоҷ пайдо кард. Аз ҷумла дар хусуси ривоҷи ин ҳодиса дар адабиёти асри ХУ Эҳсони Ёршотир таваққуф намудааст.[24]

Ин нукта аз тарафи дигар далолат бар он мекунад, ки ишқ дар ашъори шоирони асри Х заминиву табиӣ буда, ҷанбаи воқеии он ба ҳадде қавист, ки ҳатто ҳодисаи номатлубро ҳам инъикос намудааст. Ногуфта намонад, ки ҷанбаи воқеии ашъори ғиноӣ дар садаҳои пасин тадриҷан заиф мегардад ва ҷанбаи зеҳниву тахайюлии он қавӣ мешавад, ки ишқи ирфониву тасаввуфӣ намунаи барҷастаи он аст.

Роҷеъ ба бозтоби ишқи ирфонӣ ва тасаввуфӣ адр ашъори ин давра низ миёни муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. А. Мирзоев ду қитъаи Рӯдакиро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид менамояд, ки ӯ дар онҳо «ишораҳои албатта хеле заиф ба ишқи тасаввуфӣ, ишқи илоҳӣ низ кардааст.»[25] Ин ақидаро адабиётшиноси дигари тоҷик Холиқ Мирзозода тавсиа дода, ба таври қотеъ таъкид кардааст : «Назар

ба таассуроти динии исломӣ дар назм торафт зиёд шудани ақидаи мистикии тасаввуф (бештар дар шеърҳои Рӯдакӣ) мушоҳида мешавад...»[26] Вале барои тақвияти ин андеша далеле намеорад ва дар ҷои дигар боз ишора намудааст : «Асоси таълимоти тасаввуфӣ, ки тарки дунёву нафрат ба моликияти дороён аст, дар адабиёти бадеӣ каму беш акс ёфтааст. Ин маънӣ дар шеъри Рӯдакӣ, ки бо мисраи «Ба сарои сипанҷ меҳмонро» (шурӯъ) шудааст, ифода гардидааст.»[27] Вале дар қитъаи ишора кардаи ӯ ба назари мо андешаи ахлоқии Рӯдакӣ ба таври ошкоро ҳатто бидуни ороишу суханпардозӣ баён шудааст :

Ба сарои сипанҷ меҳмонро
Дил ниҳодан ҳамешагӣ на равост.
Зери хок андарун-т бояд хуфт,
Гарчи акнун-т хоб бар дебост.
Бо касон буданат чи суд кунад ?
Ки ба гӯр андарун шудан танҳост.
Ёри ту зери хок мӯру магас,
Чашм бикшо, бубин: кунун пайдост
Он ки зулфайну гесӯят пирост,
Гарчи динор ё дирам-ш баҳост.
Чун туро дид зардгуна шуда,
Сард гардад дилаш, на нобиност.[28]

Шоир дар қитъаи мазкур ҳирсу тамаъро мазамммат намуда, ба ҷамъ кардани мол машғул нашуданро талқин кардааст. Ин андешаи маъмулии ахлоқӣ, ки имрӯз ҳам миёни мардум роиҷ аст, на ба тасаввуф, балки ба ҳикмати амалӣ мансуб аст. Бинобар ин ҳоло роҷеъ ба робитаи Рӯдакӣ ба тасаввуф ҳукми қатъӣ кардан душвор аст. Зеро аз осори боқимондаи ӯ ҳанӯз далели қотеъ дар ин масъала ба даст наёмадааст.

Дар осори бозмондаи Кисоии Марвазӣ низ, ки Х. Мирзозода ӯро аз «пайравони ақидаи диниву тасаввуфӣ»[29] донистааст, на андешаҳои тасаввуфӣ ба назар мерасад, балки бозтоби равшани масъалаҳои

фалсафиву диниро метавон мушоҳида кард. Дар ин бобат зимни ишора ба муҳимтарин хусусиятҳои ашъори Кисоӣ Забеҳулло Сафо дуруст навиштааст : «Кисоӣ гузашта аз тавсифоту мадоеҳи шевое, ки сохта, дар мавъизаву ҳикмат ҳам нахустин шоирест, ки тавонист ба мароҳил саҳме аз пешрафт ноил шавад.»[30]

Осори боқимондаи адабиёти асри Х гувоҳӣ медиҳад, ки ҳанӯз тасаввуф дар шеъри форсӣ густариши васеъ наёфта буд. Ин раванд аз асри Х1 шурӯъ шуда, минбаъд хеле рушду тавсиа пайдо мекунад ва ба адабиёти тоҷику форс рангу бӯй ва таровати тоза мебахшад. Вале дар осори Рӯдакӣ ва муосиронаш ишқи табииву заминии инсон ба инсон ба таври воқеиву равшан ва содаву равон бозтоб ёфтааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Абдулғанӣ Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 208.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 35.
3. Осори Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 35.
4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 183.
5. Ҳамон асар, саҳ. 148.
6. Осори Рӯдакӣ, саҳ. 149.
7. Ҳамон асар, саҳ. 165.
8. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 286.
9. Ҳамон асар, саҳ. 328.
10. Ҳамон асар, саҳ. 350.
11. Ҳамон асар, саҳ. 378.
12. М. Н. Османов. Стиль персидско-таджикской поэзии, М., 1974, стр.55.

13. Зайнулобидини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ, Теҳрон, 1355, саҳ. 250.

14. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 286.

15. Осори Рӯдакӣ, саҳ. 523.

16. Ҳамон асар, саҳ. 146.

17. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 314.

18. Осори Рӯдакӣ, саҳ. 139.

19. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 133.

20. Ҳамон асар, саҳ. 133, 134.

21. Насрулло Имомӣ. Рӯдакӣ устоди шоирон, Теҳрон, 1373, саҳ. 32.

22. Ҳамон ҷо.

23. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон, Теҳрон, 1375, саҳ. 536. Ховаршинос Адам Метс дар ин бора баҳс кардааст: Адам Мец. Мусулманский Ренессанс, М. 1973, стр. 285 -288.

24. Эҳсони Ёршотир. Адабиёти форсӣ дар аҳди Шоҳрух, Теҳрон.

25. А. Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, саҳ. 210.

26. Х. Мирзозода, Таърихи адабиёти тоҷик, китоби аввал, Душанбе, 1978, саҳ. 200.

27. Ҳамон асар, саҳ. 201.

28. Осори Рӯдакӣ, саҳ. 47.

29. Х. Мирзозода, Таърихи адабиёти тоҷик, китоби аввал, саҳ. 201.

30. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ. аввал, Теҳрон, чопи 12, 1371, саҳ. 444.

## МАРСИЯ ДАР АСРИ X

Марсия дар адабиёт ва фарҳанги мардумони ориёӣ таърихи хеле қадимӣ дорад. Вале аввалин намунаҳои комили шеъри форсиро дар ин мавзӯъ дар осори шоирони асри X метавон пайдо кард.Роҷеъ ба аввалин марсияҳои форсӣ

муҳаққиқон андешаҳои мухталиф баён кардаанд. Насруллоҳ Имомӣ қасидаи Муҳаммад ибни Васифро, ки ба воқеаи гирифтории писарони Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс дар соли 296 ҳ. бахшида шудааст ва бо матлаи зер шурӯъ мешавад, «дар шумори кӯҳантарин маросӣ» медонад[1]:

Мамлакате буд шуда беқиёс,
Амр бар он мулк шуда буд рос.[2]

Албатта, дар ин қасида шоир аз шикасти давлати Яъқуб, аз рафтани шодиву омадани ғаму андӯҳ афсӯс мехӯрад, ки боиси ба марсия монанд шудани шеър гаштааст. Вале дар ёздаҳ байти боқимондаи шеър ба вафоту сӯгвории касе ишора нашудааст. Бинобар ин қасидаи мазкурро дар ҳамон шакле, ки боқӣ мондааст, ба маънии том марсия наметавон номид. Зеро агар афсӯсу дареғ аз гузаштаро марсия донем, бояд қитъаи машҳури Абулянбағиро дар бораи Самарқанд, ки дар он аз харобии шаҳр изҳори таассуф шудааст ва ё қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро ҳам марсия шуморем.

Шиблии Нӯъмонӣ қабл аз ҳама шартҳои асосии марсияро ба тариқи зайл таъйин намудааст : « Асосан дар рисо се асл бояд риоят шавад: Яке он ки маҷду ҷалоли мамдӯҳ комилан зикр шавад, то аз реҳлати ӯ шигифту ибрате дар хонанда ҳосил гардад ва дигар ҳузну малол ва ғаму андӯҳе, ки аз ин фуқдон мардумро фаро гирифта ва азову мотаме, ки пиёда шуда, комилан шарҳ дода шавад. Савум нисбат ба мамдӯҳ, вақте ки вайро мухотаб месозад, як чунин эҳсосоту хотироте иброз шавад, ки аз он маълум гардад, ки росӣ дар ин фоҷиа ба таври мабҳут ва аз худ бехуд шудааст, ки аз фавти ӯ бехабар ва лизо хитоботаш ба вай монанди ҳамон хитоботест, ки ба ӯ дар замони ҳаёташ мекарда.»[3]

Дар асоси меъёрҳои таъйинкардаи худи Шиблии Нӯъмонӣ қасидаи Фаррухии Систонӣ дар вафоти Султон Маҳмудро аввалин марсияи комил дониста, марсияҳои пешинаро «хеле маҳдуд ва ғайри қобили таваҷҷӯҳ» мешуморад.[4]

Зайнулобидини Мӯътаман, ки дар бораи марсия баҳси тӯлонӣ кардааст, таъкид менамояд, ки нахустин шоири марсиягӯй Рӯдакӣ аст.[5] Ӯ шеъри дар вафоти Муродӣ навиштаи шоирро аввалин марсияи форсӣ медонад. Дар асоси маводе, ки аз адабиёи асрҳои 1Х – Х то имрӯз боқӣ мондааст, ба ин андеша метавон розӣ шуд. Дар воқеъ ин шеър хеле самимиву ҷонгудоз гуфта шуда, дорои мазмуни фалсафӣ ҳам ҳаст. Марги шоиру донишманд машҳур Муродиро, ки ба эҳтимоли қавӣ

дар ҷавонӣ ба вуқуъ пайвастаст, ӯ як ҳодисаи фоҷиабори он рӯзгор мешуморад :

Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боздод,
Колбади тира ба модар супурд.
Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд.[6]

Марсияи дигари Рӯдакӣ дар вафоти шоири маъруфи ҳамзамонаш Шаҳиди Балхӣ суруда шудааст ва чунонки аз байти аввали он пайдост, марсия дар овони пирии шоир таълиф ёфта, Шаҳид низ умри зиёд дидааст :

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.[7]

Аксари муҳаққиқон марсияи зери Рӯдакиро дар таслияти шахсе, ки яке аз наздиконро аз даст додааст, аз беҳтарин намунаҳои ашъори рисоӣ дар он даврон донистаанд:

Эй он ки ғамгиниву сазоворӣ
В-андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ,
Аз баҳри он, куҷо набарам номаш,
Тарсам расад-т андӯҳу душворӣ!
Рафт он ки рафту омад он-к омад,
Буд он чи буд, хира чӣ ғам дорӣ?
Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро,
Гетист кай пазирад ҳамворӣ?![8]

Мо аз баҳс дар хусуси сабаби таълифи ин марсия , ки ҳанӯз равшан нашудааст, худдорӣ намуда, фақат ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки марсияи мазкур дар ниҳояти соддагиву равонӣ ва самимияту дилсӯзӣ суруда шуда, намоёнгари сабки маъмули он давра мебошад. Марсияи машҳури дигаре, ки аз шоирони асри X боқӣ мондааст, ба қалами Абулаббос ибни Аббоси Рабанҷании Бухороӣ мансуб мебошад, ки дар вафоти Наср ибни Аҳмади Сомонӣ навишта шудааст. Дар ин марсия шоир таъзия ва андӯҳи худро аз даргузашти Наср ибни Аҳмад иброз намуда, дар айни замон шодмонӣ ва таҳниятро аз ҷулуси амирзода Нӯҳ ибни Наср ба тахти амирӣ баён мекунад:

Подшоҳе гузашт хубнажод,

Подшоҳе нишаст фаррухзод.
З-он гузашта замониён ғамгин,
З-ин нишаста ҷаҳониён дилшод.[9]

Ин тарзи марсиясароиро Зайнулобидини Мӯътаман мавриди баррасӣ карор дода, «ҷамъи таъзияту таҳният» номидааст. Ин шева минбаъд ривоҷ меёбад ва яке аз аввалин шоироне, ки ин суннатро идома дода, дар пайравии Рабанҷанӣ қасида сурудааст, шоири маъруфи асри Х1 Фаррухии Систонӣ аст. Фаррухӣ дар қасидааш андӯҳи зиёди худро аз даргузашти Султон Маҳмуд баён намуда, валиаҳдро таҳният мегӯяд. Чунонки баъдтар дар мавриди баррасиии ин қасида хоҳем дид, Фаррухӣ дар иншои марсия маҳорати баланди шоирӣ ба харҷ додааст.

Марсия дар осори боқимондаи Дақиқӣ низ ба назар мерасад.Ӯ аз вафоти Бунаср ном шахсе, ки умри дароз надида, дар ҷавонӣ оламро тарк гуфтааст, афсӯс хӯрда навиштааст :

Дареғо, мир Бунасро, дареғо !
Ки бас шодӣ надидӣ аз ҷавонӣ.
Валекин родмардони ҷаҳондор
Чунин бошанд кӯтаҳзиндагонӣ.[10]

Дар марсияи нотамоми шоири дигари ин давра Имораи Марвазӣ ба кушта шудани шоҳе ишора шудааст :

Аз хуни ӯ чу рӯи замин лаълфом шуд,
Рӯи вафо сияҳ шуду чеҳри умед зард.
Теғаш биҳост хӯрд ҳаме хуни маргро
Марг аз наҳиби хеш мар он шоҳро бих(в)ард.[11]

Чанд марсияи ҷонгудозро метавон аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ низ пайдо кард. Аз ҷумла яке аз муасссиртарин марсияҳои ин давра бешак порае аз «Шоҳнома» аст, ки дар марги фарзанди сиву ҳафтсолаи шоир навишта шудааст :

Маро буд навбат, бирафт он ҷавон,
Зи дардаш манам чун тане бе равон.

Ҳамчунин тавре Қадамалии Сарромӣ таъкид кардааст, «аз дилкаштарин марсияҳо марсияҳои Рустам дар марги фарзанди нокоми хеш Сӯҳроб ва марсияи Таҳмина дар сӯги ӯст.»[12]

Дар осори боқимондави шоирони асри Х анвои гуногуни марсияро чун рисои расмиву ташрифотӣ(марсияи Рабанҷанӣ), рисои шахсӣ(марсияҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ) метавон ёфт. Роҷеъ ба навъи саввуми марсия – рисои мазҳабӣ ва таърихи пайдоиши он дар адабиёти форсизабон миёни муҳаққиқон ихтилофи назар мавҷуд аст. Зайнулобидини Мӯътаман ва дар пайравии ӯ Абулқосим Родфар пайдоиши рисои мазҳабиро ба қарни 1Х ҳ., ки ташайюъ мазҳаби расмии Эрон гашта буд, марбут медонанд. Зайнулобидин Мӯътаман дар ин бора навиштааст : «Рисои мазҳабӣ тозатарин мавзӯест, ки дар адабиёти классики форсӣ роҳ ёфта ва ҳанӯз беш аз чанд қарн аз зуҳур ва ривоҷи он намегузарад, ин навъи шеър ихтисос ба мазҳаби ташайюъ дорад ва ин мазҳаб беш аз чанд карн нест, ки мазҳаби расмии Эрон шудааст.»[13] Вале Насруллоҳ Имомӣ дар пайравӣ аз Муҳаммадамини Риёҳӣ «қадимтарин марсияи мазҳабӣ дар шеъри форсиро ба асри сомонӣ мерасонад»[14] ва қасидаи Кисоии Марвазиро аввалин марсияи мазҳабӣ мешуморад. Тағаззули қасидаи мазкур, ки аз бист байт иборат аст, ба тавс ифи табиат ихтисос дорад. То вақтҳои охир фақат ҳамин қисмати қасида маълум буд ва аз қисматҳои дигари он иттилое набуд. Вале чунонки Насруллоҳ Имомӣ навиштааст, Муҳамадамини Риёҳӣ дар як нусхаи хаттии татимаи «Хулосатулашъор»-и Тақиуддини Кошӣ сурати комили қасидаи Кисоиро дарёфт кардааст, ки қисмати дуввуми он марсияи мазҳабӣ будааст. Азбаски китоби Муҳаммадамини Риёҳӣ дар дастраси мо нест ва Насруллоҳ Имомӣ ҳам аз он иқтибос наовардааст, аз изҳори назар дар бораи он худдорӣ менамоем ва танҳо ин нуктаро ёдовар мешавем, ки дар воқеъ дар осори боқимондаи Кисоӣ мадҳу ситоиши Алӣ(а) ба назар мерасад ва аз ҷумла дар порае аз як қасидаи ӯ омадааст :

Илми ҳама олам ба Алӣ дод паямбар
Чун абри баҳорӣ, ки занад сел ба гулзор.[15]

Ҳувайдост, ки марсия дар адабиёти асри Х дар қолабҳои гуногун сурат гирифтааст. Барои ибрози эҳсоси ғамангези сӯгворӣ шоирони давр бештар қасидаву қитъаро интихоб кардаанд. Дар қолабҳои дигари шеър аз ҷумла рубоӣ ҳам суруда шудани марсияро метавон мушоҳида кард. Марсияи зайли Рӯдакӣ далели он аст :

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,

Бар ҳусну ҷавони-т дили нарм надошт.
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе
Ҷон бистуду аз ҷамоли ту шарм надошт.[16]

Аз мутолиаи рубоии мазкур ва марсияҳои бозмондаи шоирони асри X касро эҳсоси ғаму андӯҳ фаро мегирад, зеро марсияҳои мазкур дар ниҳояти соддагиву самимият, дилсӯзиву фасоҳат суруда шуда, аз такаллуфоту лафзбозиҳо барӣ мебошанд. Ин ҷанбаи марсиясароӣ дар асрҳои минбаъда идома пайдо мекунад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Насруллоҳ Имомӣ. Рӯдакӣ - устоди шоирон, Теҳрон, 1373, саҳ. 39. Имомӣ дар ин мавзӯъ рисолае ба унвони «Марсиясароӣ дар адабиёти форсӣ»(Теҳрон, 1369) чоп кардааст, ки мутаассифона, дастраси мо нашуд.

2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 16.

3. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеърулаҷам, ҷ. 1, тарҷумаи Доии Гелонӣ, Теҳрон, чопи саввум, 1368, саҳ. 67.

4. Ҳамон ҷо.

5. Зайнулобидини Мӯътаман. Шеъру адаби форсӣ, Теҳрон, 1346, саҳ. 75.

6. Осори Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ.53.

7. Ҳамон асар, саҳ. 92.

8. Ҳамон аср, саҳ. 126.

9. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ 84.

10. Ҳамон асар, саҳ. 288, 289.

11. Ҳамон аср, саҳ. 90.

12. Қадамалии Сарромӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор, Теҳрон, 1368, саҳ. 288.

13. Зайнулобидини Мӯътаман. Шеъру адаби форсӣ, саҳ. 95.

14. Насруллоҳ Имомӣ. Рӯдакӣ – устоди шоирон, саҳ. 41.

15. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ.177.

16.Осори Рӯдакӣ, саҳ. 140.

## Ҳаҷв дар асри X

Ҳаҷву ҳазл аз мавзӯъҳои муҳиманд, ки дар ҳамаи давраҳои таърихи адабиёти тоҷику форс ҷойгоҳи хосе доштаанд. Намунаҳои ашъори ҳаҷвиро дар осори Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва муосиронаш низ метавон мушоҳида кард. Роҷеъ ба мавзӯи ҳаҷв дар осори Рӯдакӣ Саид Нафисӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Насруллоҳ Имомӣ ва муҳаққиқони дигар изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла Саид Нафисӣ ба «шоире бисёр ҳаҷву носазогӯ набудани» Рӯдакӣ ишора карда, инро «аз муҳассаноти бузурги ӯ» донистааст.[1]

Насруллоҳ Имомӣ дар бораи вазъи ҳаҷв дар адабиёти асри X _ таваққуф намуда, андешаҳои мухталифро баён кардааст. Ӯ аввал таъкид кардааст, ки «намунаҳои боқимонда аз ашъори ҳазливу ҳаҷвии давраи сомонӣ менамояд, ки ин қисм аз шеър дар он рӯзгор ривоҷе қобили таваҷҷӯҳ доштааст.»[2] Вале ҷои дигар акси чунин андешаро баён кардааст : «Ҳаҷв аз мазомини роиҷ дар шеъри форсии кӯҳан аст, вале дар давраи сомонӣ ривоҷе чандон надоштааст.»[3] Ба назари мо дар бораи мақоми ҳаҷв дар адабиёти асри X баровардани чунин ҳукми қатъӣ салоҳ нест. Зеро аввалан, чунонки борҳо таъкид шуд, аз осори шоирони ин давра намунаҳои хеле каме боқӣ мондааст. Сониян, он абёти парокандае, ки имрӯз дар дастраси мост, нишон медиҳад, ки ҳаҷву ҳазл дар адабиёти ин давра ривоҷ доштааст, ки дар заминаи он ҳаҷвсарои маъруфе чун Мунҷики Тирмизӣ ба майдон омадааст, ки аз бузургтарин шоирони ҳаҷвнигор дар таърихи адабиёти форсизабон шинохта шудааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар бораи ӯ навиштааст : «марде теззабон, ҳазлоин, нақдтабъ, забоновари балеғу нуктадон буд, ки касе аз теғи таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ, синаи аҳли кинаро ба хаданги ҳиҷо хастӣ ва дасти аҳли замонро ба каманди ҳазл бастӣ."[4] Аз мақоми баланди ҳаҷвнигории Мунҷик он ҳам шаҳодат медиҳад, ки бузургтарин ҳаҷвнависи таърихи адабиёти форсизабон Сӯзании Самарқандӣ, ки

қисмати умдаи девони ӯро ҳаҷвия ташкил медиҳад, худро бо ӯ қиёс мекунад :

Ман он касам, ки чу кардам ба ҳаҷв гуфтан рой
Ҳазор Мунҷик андар барам надорад пой.[5]

Худи Мунҷик ҳам ба фаровонии ҳаҷвияҳояш дар зимни қитъае ишора кардааст :

Аз одам андарун зи таборат касе намонд,
К-ӯро ҳиҷо накардаст Мунҷик ном – ном.[6]

Вале аз ҳаҷвияҳои фаровони шоир асосан абёти пароканда боқӣ мондаанд. Танҳо як қитъа аз лиҳози мазмун комил ба назар мерасад, ки дар он шоир бо услуби аҷибе хоҷаро ба саг монанд карда, мавриди ҳаҷв қарор додааст :

Эй хоҷа, мар - маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту - бар кардам озмун:
Чун теғи неккуш ба саге озмун кунанд
В-он саг бувад ба қимати он теғ раҳнамун.[7]

Абёти парокандаи ҳаҷвии Мунҷик ҳама ҷанбаи шахсӣ доштa, мазаммати ҷиҳатҳои зоҳириву хислатҳои фардии ашхосро дар бар мегиранд. Масалан, дар байти зайл чашму лаби шахсе мавриди ҳаҷв қарор гирифтааст :

Чашм чун хонаи ғук об гирифта ҳама сол,
Лафч чун мӯзаи хоҷа Ҳасани Исо каҷ.[8]

Дар абёти дигар рӯйи пурриш, чашми бешарми шахсе, пушту қафои раиси аҳмақи ғарча ва амсоли инҳо ҳаҷв шудаанд. Баъзан дар абёти шоир ҳаҷви ҳокимон ба назар мерасад, вале ҷанбаи иҷтимоии он хеле заиф буда, бештар хислатҳои шахсии онҳоро дар бар мегирад:

Се ҳокиманд ин ҷо чун ғула ҳама дузд,
Майхораю занбораю малъуну хасисанд.[9]

Дар як такбайт Мунҷик ба таззоди зоҳирии шахсе ишора намудааст :

Чаро-т риш дароз омадасту боло паст,
Маҳол бошад боло чунону риш чунин.[10]

Ин тарзи тасвири таззодӣ дар асрҳои баъд ривоҷ пайдо кардааст ва аз ҷумла дар як байти машҳури Бедил низ ба назар мерасад :

Як нахуд каллаву сад ман дастор,
Ин каму беш чӣ маъно дорад ?

Устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар сурудани ашъори ҳаҷвӣ низ маҳорати баланд доштааст, ки абёти боқимондаи ӯ ба ин шаҳодат медиҳад. Аз Рӯдакӣ фақат 9 байти ҳаҷвӣ боқӣ мондааст, ки онҳоро А. Мирзоев мавриди таҳлил қарор дода, чун Саид Нафисӣ ба хулосаи зер омадааст : «Дар ашъори ҳаҷвии Рӯдакӣ агар аз як тараф суханони зишту носазо роҳ наёфта бошад, аз тарафи дигар шоир кӯшиш кардааст, ки тарафҳои зишту ғайри қабулии одамонро ҳаҷв карда, худро чи навъе ки ҳаст, айнан тасвир намояд».[11]

Шоири дигари ин давра, ки дар сурудани ашъори ҳаҷвӣ машҳур аст, Тайёни Марғазӣ мебошад. Эҳтимол ӯ ашъори зиёди ҳаҷвӣ сурудааст, ки Анварӣ вайро жожхой номидааст :

Табъи Ҳисони Мустафоӣ ку ?
То саноҳои ғамзидой орад.
З-он ки мақбули Мустафо нашавад,
Он чи Тайёни жожхой орад.[12]

Ҳарчанд аз Тайён низ шеърҳои комил боқӣ намондаанд, вале чанд байти парешони ӯ ҳам аз сабки хоси ҳаҷвнигориаш гувоҳӣ медиҳанд. Дар байти зер шоир рақибро ҳам ба саг ва ҳам ба бӯзина монанд кардааст :

Мардум наӣ, эй саг,ба чӣ монад рӯят,
Чун бузинаӣ, к-ӯ ба саге боз ҳамонид.[13]

Дар абёти ҳаҷвии шоири дигари ин давра Маъруфии Балхӣ баъзе нишонаҳои шабеҳ ба накди иҷтимоиро метавон мушоҳида кард. Вале азбаски он байтҳо парешонанд, баровардани хулосаҳои қатъӣ мушкил аст. Масалан, дар байти зер ба зиштиву палидии ҳоким ишора шудааст, вале он зиштӣ аз чӣ иборат аст, аз байт маълум намегардад :

Ҳоким омад яке бағизу шабишт,
Ришаке гандаю палидаку зишт.[14]

Дар як қитъаи Хусравӣ ҳариф ба гӯсфанд монанд шуда, оқибат аз ҷониби сарпарасташ ба ҳалокат расидани ӯ таъкид мешавад. Вале ин ҷо ҳам сабаби ҳаҷв маълум намегардад :

Ман зи худованди ту наяндешам эч,
Илми туро беш нагирам ба ҳор.
З-он ки нуҳоз асту туӣ гӯсфанд,
Он нуҳозат бикушад зинҳор![15]

Китъаи зайли Аҳмади Ушнонӣ низ хеле ҷолиб мебошад. Шоир дар он бухли миреро ба таври муболиғаомез мазаммат намудааст :

Гаштам ҷаҳону дидам миреро
Бар ним нон ду ҷой зада мисмор,
К-аз бими бухли ӯ ба дусад фарсанг
Гунҷишк бар замин назанад минқор.[16]

Абёти парокандаи ҳаҷвӣ дар осори боқимондаи Шаҳиди Балхӣ, Абулаббос, Муродӣ ва амсоли онҳо низ ба назар мерасад. Дар аксари он абёт намуди зоҳирии ашхос ҳаҷв мешавад. Масалан, дар байтҳои Шаҳиди Балхӣ ришу бинӣ, Абулаббос – риш, Тайёни Марғазӣ - чашм, мижгон, мӯй мавриди мазаммат қарор дода шудаанд. Ҳамчунин дар ин абёт дашному фуҳшҳои қабеҳ ё алфози ракик истифода шудаанд. Ин ҳама азривоҷи ҳаҷви шахсӣ гувоҳӣ медиҳад.

Намунаҳои боқимондаи ҳаҷвиёти шоирони ин давра, ки ғолибан аз такбайтҳо иборатанд, имкон намедиҳанд, ки дар бораи навъҳои ҳаҷв, ҳазл, танз[17] дар адабиёти ин давра баҳс шавад. Бо вуҷуди ин аз осори боқимондаи адабиёти ин давра баъзе намунаҳои ҳазлу танзро ҳам метавон дарёфт намуд. Аз ҷумла дар рубоии зайли устод Рӯдакӣ матолиби ишқӣ пайваста бо ҳазлу мутоябаи нозуку ширин баён шудааст :

Дидор ба дил фурухт, нафрухт гарон,
Бӯса ба равон фурӯшаду ҳаст арзон!
Оре, ки чу он моҳ бувад бозаргон,
Дидор ба дил фурӯшаду бӯса ба ҷон![18]

Ҳамаи ин шаҳодат бар он медиҳад, ки ҳаҷвсароӣ дар адабиёти асри Х хелеривоҷ доштааст ва маҳз дар ҳамин давра пояи ин навъи шеъри форсу тоҷик гузошта шудааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ, Теҳрон, чопи дуввум, 1341, саҳ. 441.

2. Насруллоҳ Имомӣ. Рӯдакӣ - устоди шоирон, Теҳрон, 1372, саҳ. 30.

3. Ҳамон асар, саҳ. 88.
4. Зайнулобидини Мӯътаман. Шеъру адаби форсӣ, Теҳрон, 1346, саҳ.325.
5. Ҳамон асар, саҳ.326.
6. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 354.
7. Ҳамон асар, саҳ. 363.
8. Ҳамон асар, саҳ. 363.
9. Ҳамон асар, саҳ. 367.
10. Ҳамон асар, саҳ. 355.
11. А. Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 225.
12. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, саҳ. 163.
13. Ҳамон асар, саҳ. 164.
14. Ҳамон асар, саҳ. 304.
15. Ҳамон асар, саҳ. 334.
16. Ҳамон асар, саҳ. 371.
17. Дар бораи танз ва хусусиятҳои он дар адабиёти ин давра руҷӯъ шавад : Ҳусайн Беҳзодӣ. Танз чист ? Маҷмуаи суханрониҳои дуввумин кунгураи таҳқиқоти эронӣ, ҷилди аввал, ба кӯшиши Ҳамиди Зарринкӯб, Машҳад, 1351, саҳ. 3 – 23.
18. Осори Рӯдакӣ, саҳ. 162.


## ҶАМЪОВАРӢ ВА НАШРИ ОСОРИ УСТОД РӮДАКӢ

Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ, ҳамон тавре ки муҳаққиқони аҳволу осори шоир таъкид кардаанд, аз пуркортарину пурсамартарин шоирони олам будааст. Ба ин илова бар ишораҳои зиёди сарчашмаҳои таърихиву адабӣ шеъри зерини Рашидии Самарқандӣ ҳам гувоҳӣ медиҳад :

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*

*Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,*
*Ҳам фузун ояд агар, чунон ки бояд бишмарӣ.*
*1*

Ҳарчанд дар шарҳу тавзеҳи шеъри мазкур миёни муҳаққиқон ихтилофи назар мавҷуд аст ва гурӯҳе миқдори ашъори Рӯдакиро 1300 ҳазор байт, гурӯҳи дигар 700 ҳазор байт, баъзеҳо 500 ҳазор байт ё 300 ҳазор байт донистаанд, вале мусаллам аст, ки устод Рӯдакӣ осори хеле фаровоне офаридааст. Мутаассифона, ин осори ниҳоят ғанӣ бар асари ҳодисаҳои нохуши рӯзгор ва ба хусус тороҷгариҳои чингизиён нобуд гардида, танҳо миқдори хеле каме аз он то имрӯз боқӣ мондааст, ки ба ҳукми қатрае аз баҳр аст. Ин қатраи баҳри осори Рӯдакӣ ҳам самараи ранҷу заҳматҳои зиёди донишмандони кишварҳои гуногуни олам аст, ки аз фарҳангу тазкираҳо, ҷунгу баёзҳо ва кӯҳнакитобҳои мухталиф зарра-зарра ҷамъ овардаанд.

Яке аз аввалин донишмандоне, ки ба гирдоварии ашъори Рӯдакӣ кӯшиш ба харҷ додаст, Ҳасани Розӣ ибни Лутфуллоҳи Теҳронӣ будааст, ки соли 1616 аз китобхонаҳои гуногун осори парешони шоирро ҷамъ оварда, бо девони Қатрон муқоиса кардааст. Пас аз чанд қарн ин иқдомро донишманди дигари эронӣ Ризоқулихони Ҳидоят идома дода, дар тазкираи маъруфи худ «Маҷмаъулфусаҳо» бори дигар девони Қатрон будани китоби маҷъули «Девони Рӯдакӣ»-ро таъкид менамояд ва ба ҷудо кардани ашъори аслии устоди шоирон мепардозад.

Дар шарқшиносии Ғарб таваҷҷӯҳ ба осори Рӯдакӣ аз қарни XIX шурӯъ шудааст. Аввалин иқдоми ҷиддиро дар ҷамъовариву тасҳеҳи ашъори шоир эроншиноси маъруфи олмонӣ Ҳерман Эте гузоштааст. Ӯ аз сарчашмаҳои зиёд 238 байти Рӯдакиро ҷамъ оварда, бо тарҷумаи олмонӣ соли 1873 ба табъ расонд. Ин иқдомро ховаршиносони дигар идома доданд. Аз ҷумла эроншиноси англис Денисон Росс дар ҷудо кардани ашъори Қатрон аз девони маҷъули Рӯдакӣ саҳми калон гузоштааст. Ӯ нусхаҳои гуногуни девони Рӯдакиро, ки соли 1897 дар Теҳрон чоп ҳам шуда буд, мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки он девони маҷъул буда, аксари ашъораш ба Қатрон тааллуқ дорад. Дар мақолаҳои «Рӯдакӣ ва Рӯдакии маҷъул», «Як қасидаи Рӯдакӣ» сабаб ва омилҳои ба вуҷуд омадани девони мазкурро нишон дода, дар айни замон ба Рӯдакӣ мансуб будани қасидаи «Модари май» ва як зумра шеърҳои дигарро ба субут мерасонад. Донишманди олмонӣ Паул Ҳорн «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсиро мавриди баррасӣ қарор дода, абёти парокандаи Рӯдакиро аз он ҷамъ меорад ва бори аввал ба маснавиҳои «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» мансуб будани онҳоро таъкид менамояд.

Дар хусуси раванди ҷамъоварии осори Рӯдакӣ дар кишварҳои гуногун то соли 1958, ки 1100 - солагии шоир ҷашн гирифта шуд, дар мақолаҳои А.Мирзоев «Мероси адабии Рӯдакӣ ва ашъори тоза ба даст даромадаи ӯ», «Мероси адабии Рӯдакӣ ва чигунагии нашри ҳозираи он» ва фаслҳои ҷудогонаи китоби «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» батафсил сухан рафтааст. Ҳамчунин дар мақолаи Р.Ҳодизода «Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ» дар ин бобат баҳс рафта, ҳусну қубҳи нашрҳои осори шоир то ибтидои солҳои 80 нишон дода шудааст. Бинобар ин мо аз такрору тавзеҳи муфассали масъала худдорӣ намуда, фақат ба тариқи ишора корҳои муҳимро ёдовар шуда, диққатро бештар ба корҳое, ки солҳои охир анҷом ёфтаанд, равона менамоем.

Донишманде, ки беш аз ҳама барои ҷамъоварии осори Рӯдакӣ талошу заҳмат ба харҷ додааст, устод Саид Нафисӣ мебошад, ки дар натиҷаи баррасии 78 манбаъ ба ҷамъ кардани 832 байти Рӯдакӣ муваффақ гардидааст. Ӯ дар ҷилди сеюми асари маъруфи худ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» ҳамаи манобеъи дастраси худро мавриди баррасӣ қарор дода, ашъори ҷамъовардаи худро бо зикри маъхаз чоп намуд, ки ин бешубҳа ҳодисаи муҳимме дар рӯдакишиносӣ буд.

Дар ҷамъоварии осори Рӯдакӣ донишмандони тоҷик низ саҳми шоиста гузоштаанд. Устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1926 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» 12 шеъри Рӯдакиро аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъ оварда, ба табъ расонда буд. С.Айнӣ ҷустуҷӯйҳои худро идома дода, соли 1940 бо ҳамкории А.Деҳотӣ боз чанд шеъри дигари Рӯдакиро дар китоби «Устод Рӯдакӣ» чоп намуд. Иқдоми устод С.Айниро академик А.Мирзоев идома дода, ба хусус дар арафаи ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ ба таври ҷиддӣ ба ҷамъоварии осори шоир ва таҳқиқи он машғул шуд. Таҳти сарварии ӯ як гурӯҳ донишмандони тоҷик ба ҷустуҷӯи манбаъҳои тоза пардохта, аз ганҷинаи дастнависҳои китобхонаҳои кишварҳои гуногун сарчашмаҳои наверо аз қабили «Донишнома»-и Қадархон, «Тӯҳфатулаҳбоб»-и Ҳофизи Убаҳӣ, «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафоӣ, «Мадорулафозил»-и Файзӣ пайдо карданд, ки аз онҳо як миқдор ашъори то он дам номаълуми Рӯдакӣ ба даст омад. Дар арафаи ҷашни шоир донишмандони тоҷик ҷамъан 88 байтро ба маҷмӯаи осори боқимондаи ӯ илова намуданд ва миқдори умумии он аз 920 байт иборат шуд.

Дар нашри дувуми асари маъруфи Саид Нафисӣ, ки пас аз такмилу таҳрир соли 1963 таҳти унвони «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» сурат гирифт, ашъори боқимондаи шоир ба 1047 байт расид.

Ховаршиносони рус низ дар интишори осори Рӯдакӣ саҳм гузошта, соли 1964 дар Маскав «Осори манзум»-и шоирро ба ҳуруфи арабӣ, бо тарҷумаи русӣ чоп намуданд. Мураттиби китоб Д.С.Комиссаров ва муҳарриру тавзеҳгари он И.С.Брагинский саъй намудаанд, ки комёбиҳои рӯдакишиносиро то солҳои 60 ҳам дар ҷамъоварӣ ва ҳам дар тасҳеҳу ташреҳи осори шоир мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳамон тавре ки И.С.Брагинский дар «Тавзеҳоти матншиносӣ»-и охири китоб навиштааст, дар асоси ин нашр матнҳои дар Эрон /бо ташаббуси Саид Нафисӣ/ ва Тоҷикистон /бо сарварии А.Мирзоев/ чоп гардида гузошта шудаанд. Ҳарчанд ин нашр хусусияти оммавӣ дошта, дар матни он тафовути нусхаҳо нишон дода нашудааст, вале дар қисмати тавзеҳот дар бораи тасҳеҳи матни ашъор, вазни шеърҳо, махсусан мансубияти шеърҳои ҷудогона ба шоирони гуногун мулоҳизаҳои ҷолиб баён шудаанд. Бинобар ин онро нашри илмӣ шуморидан мумкин аст. Бесабаб нест, ки матни китоби мазкур ҳамроҳ бо асари «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»-и А.Мирзоев дар Теҳрон таҷдиди чоп шуд.

Зарурати нашри тозаи осори Рӯдакиро ба ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ ба эътибор гирифта, адабиётшиносони тоҷик Усмон Каримов ва Садрӣ Саъдиев соли 1974 маҷмӯаи «Шеърҳо»-и шоирро таҳти назари Расул Ҳодизода ва Муҳаммаднурӣ Усмонов чоп намуданд. Мураттибони маҷмӯа вазифаи асосии худро «тайёр кардани чопи оммавӣ ва дар айни замон нисбатан саҳеҳи осори шоир» донистаанд. Онҳо ба нашри дувуми асари Саид Нафисӣ «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» /Теҳрон, 1341/, «Осори Рӯдакӣ» /Сталинобод, 1958/, маҷмӯаи «Рӯдакӣ» /Теҳрон, 1344/, «Осори манзум»-и Рӯдакӣ /Маскав, 1964/ ва маҷмӯаи «Устод Рӯдакӣ» /Сталинобод, 1940/, нашрҳои гуногуни «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ такя карда, дар натиҷаи муқоисаву татбиқи матнҳои мазкур ба тасҳеҳи як қатор байтҳо муваффақ шудаанд.

Мураттибон дар муқаддимаи маҷмӯа таъкид кардаанд, ки тақсимоти шеърҳоро на бо навъҳо, балки «аз рӯи мавзӯъ ва мундариҷа» анҷом додаанд.[2] Вале агар ба тақсимоти онҳо диққат дода шавад, маълум мегардад, ки ин ду усули тақсимот бо ҳам омезиш ёфтаанд. Бинобар ин ба назари мо ҳамон тарзи тақсимоти пешгирифтаи Саид Нафисӣ ва А.Мирзоев беҳтар аст.

Ҳамчунин мураттибон дар асоси мазмуни «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насрулло ва «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ байтҳои парокандаи маснавиҳои «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома»-и Рӯдакиро паи ҳам ҷо ба ҷо гузоштаанд ва дар тавзеҳот шарҳ додаанд.

Ҳарчанд мураттибон барои аз ашъори машкук пок кардани маҷмӯаи осори Рӯдакӣ,ислоҳи баъзе нуқсонҳои котибон, тасҳеҳи байтҳои ҷудогона кӯшиши зиёде кардаанд, вале чунон ки дар мақолаи Р.Ҳодизода «Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ» бо мисолҳо нишон дода шудааст, «маҷмӯа ҳанӯз комил набуд ва дар навишту шарҳи байт, калимаву иборахо ҷо-ҷо саҳву хатоҳо боздид мешавад»[3].

Ба муносибати 1125-солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ соли 1984 дар Душанбе маҷмӯаи «1000 мисраи Рӯдакӣ» ба забонҳои тоҷикиву русӣ бо муқаддимаҳои Расул Ҳодизода ба табъ расид, ки мунтахаби ашъори шоир буда, ба таври оммавӣ ба нашр омода шудааст. Мураттибон Р.Ҳодизода ва А.Афсаҳов саъй кардаанд, ки дар ин маҷмӯаи ҷашнӣ матни шеърҳоро то ҳадди имкон саҳеҳу беғалат манзури хонандагон намоянд. Чунон ки аз тавзеҳоти маҷмӯа бармеояд, дар бист маврид матни ашъори шоир тасҳеҳ шудааст. Бо ин ҳама дар ин маҷмӯа низ ҳанӯз шеърҳои машкук ва байтҳои носаҳеҳ ба назар мерасанд. Масалан, шеъри зайл, ки порае аз як қасидаи комили Қатрон аст, бе ягон шарҳ дар маҷмӯа ҷой дода шудааст:

*Бихандад лола дар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.*
*Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,*
*Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун*[4]
.

Тавре ки маълум аст, қадамҳои нахустинро дар таҳияи матни илмӣ-интиқодии осори боқимондаи Рӯдакӣ устод Саид Нафисӣ гузоштааст, ҳарчанд матни омода кардаи ӯ ҳанӯз дорои ҳамаи хусусиятҳои нашри илмиву интиқодӣ набуд.

Бори аввал ховаршиноси рус Л.Брагинская ба таҳияи чунин матн шурӯъ намуда, онро соли 1987 ба ҳуруфи форсӣ ва тарҷумаи русӣ ба табъ расонд. Ӯ дар муқаддима дар хусуси таърихи нашри асарҳои шоир ва «усулҳои тартиб додани матни илмии осори Рӯдакӣ» таваққуф намуда, манбаъҳои матни осори шоирро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад :

1. Манобее, ки то асри ХУ1 эҷод шудаанд
2. Манобее, ки баъди асри ХУ1 таълиф шудаанд.

Мураттиб таъкид мекунад, ки азбаски дар нашри Маскав асосан ба манобеи то асри ХУ1 такя шудааст, матни чопи мазкурро асоси кори худ қарор додааст.

Л. Брагинская номгӯи манбаъҳоро феҳриствор сабт намуда, мутаассифона, онҳоро тавзеҳ нadодааст. Албатта, тавзеҳи аксари онҳоро дар китоби Саид Нафисӣ пайдо кардан мумкин аст.

Вале дар ин феҳрист як зумра нусхаҳои хаттӣ зикр шудаанд, ки мушаххасоти онҳо маълум нест. Номгӯй бо зикри «Асроруттавҳид фӣ мақомоти Абусаид» шурӯъ шудааст, вале ҳатто ишорае нест, ки он нусхаи хаттист ё чопист. «Баҳористон»- и Ҷомӣ ҳам, ки даҳҳо нусхаи хаттӣ ва чандин нашр дорад, бидуни мушаххасот аст. Ба ин минвол мушаххасоти нусхаҳои хаттии «Бадоеъуссаноеъ»-и Атоӣ, «Тоҷулмаосир», «Ҳафт иқлим», «Таърихи Систон», «Тӯҳфатулмулук», «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ, «Фарҳангнома»-и Вафоӣ, «Мӯнисулаҳрор»-и Бадри Ҷоҷурмӣ, «Нузҳатномаи Алоӣ»-и Шоҳмардон ибни Абулхайр ва як қатор нусхаҳои дигар нишон дода нашудааст, ки ин арзиши илмии асарро коҳиш медиҳад. Зеро нусхаҳои гуногуни як асар метавонанд аз ҳамдигар тафовути зиёд дошта бошанд. Мисоли равшани он «Луғати фурс» шуда метавонад, ки нусхаҳои хаттиву чопии он дорои миқдор ва тарзи гуногуни сабти ашъор мебошанд.

Қисмати аввали матни китоб унвони «Абёти пароканда» дорад. Вале дар байни он байтҳои парешон шеърҳои комил ҳам ба назар мерасанд. Масалан, шеъре, ки бо матлаи зер оғоз меёбад, аз 8 байт иборат буда, дар байти охир тахаллуси шоир ҳам зикр шудааст ва бешубҳа он аз намунаҳои ғазали комили Рӯдакӣ аст :

*Дило, то кай ҳамеҷӯӣ манеро,*
*Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро*[5].

Қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ», «Модари май», марсияҳо дар вафоти Муродӣ, Шаҳиди Балхӣ ва чандин қитъаи шоир, ки дар ин қисмат ҷой дода шудаанд, шеърҳои мустақил ва томи шоиранд. Бинобар ин қисмати мазкурро, ҳамон тавре ки Саид Нафисӣ, А. Мирзоев ва мураттибони чопи Маскав, ки «Қасоид ва муқаттаот ва абёти пароканда, ки бо ҳам марбут аст» номидаанд, унвон гузоштан беҳтар буд.

Дар матни китоб низ носаҳеҳиҳо ба назар мерасанд. Барои мисол байтҳои зерини маснавии «Калила ва Димна»-ро гирем :

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд*[6]

.

Мураттиб шеъри мазкурро аз рӯи матни нашри Маскав ва Сталинобод накл кардааст. Дар ин матн калимаи «роҳ» дар ҳар ду маврид ҳам маъние намедиҳад. Яъне роҳи донишро ҷамъ овардан

мантиқӣ нест. Дар нашри Саид Нафисӣ ба ҷои «роҳ» калимаи «роз» омадааст, ки дар ҳар ду маврид ҳам баҷост. Вале дар ин матни интиқодӣ ҳатто ба ихтилофи матн ё нусхаи бадал ишорае нашудааст. Аз ишораи Саид Нафисӣ маълум мегардад, ки дар «Тӯҳфатулмулук», «Тарҷумонулбалоға» ҳамин тавр сабт шудааст, ки комилан саҳеҳ аст.

Л. Брагинская дар охири китоб таҳти унвони «Абёте, ки бори нахуст дар фарҳангҳо ба назар расидаанд» 8 байти тозаи мансуб ба Рӯдакиро нақл кардааст, ки аз фарҳангҳои маълум ба даст омадаанд.

Маълум мешавад, ки мураттиб ҷустуҷӯи осори шоирро идома надода, асосан ба ҳамон манобеъе, ки то он вақт машҳур буданд, қаноат кардааст. Бозёфтҳои солҳои охир дар ин замина ба даст овардани донишмандони тоҷик А. Мухторов, С. Имронов ва С. Шаҳобиддинов аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар фарҳангу баёзҳо ашъори Рӯдакӣ фаровон аст ва дар сурати ҷустуҷӯву талошҳо марворидҳои зиёдеро аз ганҷи осори гаронбаҳои ӯ пайдо кардан мумкин аст. Масалан, ховаршиноси рус З.Ворожейкина ҳанӯз соли 1977 дар хусуси баёзи шӯъбаи петербургии Академияи илмҳои Шӯравӣ мақолае чоп карда, аз бозёфти 21 байти тозаи Рӯдакӣ башорат дода буд. Вале мутаассифона, Л.Брагинская аз он истифода накардааст ва ҳатто ба он ишорае ҳам дар китоб ба назар намерасад. Чунин нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳои олам зиёданд ва мунтазири муҳаққиқони осори шоир мебошанд.

Ҷашни 1100-солагии Сомониён марҳилаи тозаеро дар нашри осори Рӯдакӣ боз намуд. Ба ин муносибат соли 1999 ду маҷмӯаи осори шоир дар Душанбе ва Хуҷанд интишор ёфт. Китоби «Насими Мӯлиён», ки бо дебочаи муфассали Асрори Раҳмонфар ба табъ расидааст, нашри хуби оммавӣ буда, вале дар тақсимбандии шеърҳо ба навъҳо, имлои калимаҳои ҷудогона ва амсоли инҳо норасоиҳо дорад.

Китоби профессор Абдуманнон Насриддин дар асл маҷмӯаи осори матншиносии муаллиф аст, ки матни девони Рӯдакӣ ба он илова шудааст. Вале матни ин девон ҳам ҳанӯз илмиву интиқодӣ набуда, дар асоси нашри Саид Нафисиву И. Брагинский бо иловаи ашъори бозёфтаи Алиашрафи Содиқӣ ва Л. Брагинская мураттаб гаштааст.

Маҷмӯаи ашъори Рӯдакӣ, ки бо кӯшиши Масъуди Қосимӣ дар интишороти «Пайванд»-и сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ба табъ расидааст, аз мукаммалтарин нашрҳои оммавии осори шоир маҳсуб мешавад.

Дар Эрон пас аз нашри китоби сеҷилдаи Саид Нафисӣ, мутаассифона, дар ҷамъоварии ашъори тозаи Рӯдакӣ иқдоми

ҷиддие ба вуҷуд наомад. Солҳои охир чандин маҷмӯаи осори шоир бо унвонҳои «Девони Рӯдакӣ», «Девони комили Рӯдакӣ» чоп шуданд, вале бояд иқрор шуд, ки ҳеч кадом ба пояи нашри Саид Нафисӣ намерасанд. Ҳоло мо чанде аз он маҷмӯаҳои осори шоирро, ки дастрас шудаанд, аз назар мегузаронем. Соли 1369 \ 1990 интишороти «Фахри Розӣ»-и Теҳрон «Девони Рӯдакӣ»-ро бо тасҳеҳу муқаддимаи Исмоили Шоҳрӯдӣ ба хатти Аббос Муставфиюлмамоликӣ ба табъ расонд, ки нашри оммавӣ буда, дар он манбаъу маъхазҳо ва нусхаи бадалҳо дода нашудаанд ва танҳо баъзе луғатҳо шарҳ ёфтаанд.

«Девони Рӯдакӣ», ки бо танзим, тасҳеҳ ва назорати Ҷаҳонгири Мансур дар интишороти «Ноҳид»-и Теҳрон соли 1373 \ 1994 чоп шудааст, 1098 байти шоирро фаро гирифта, бо муқаддимаи муфассале оғоз меёбад, ки иқтибос ва талхис аз «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ»-и Саид Нафисӣ мебошад. Дар матни ашъори ин девон низ маъхазу манбаъҳо нишон дода нашудааст. Танҳо дар баъзе маврид дар поварақ тарзи навишти дигари мисолҳо бидуни зикри нусхаҳо нишон дода шудааст. Ҳамчунин танҳо дар як маврид матлаи қасидаи машҳури Рӯдакӣ ба тарзи зер сабт шуда, тавзеҳ ёфтааст :

*Боди ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме*[7].

Дар охири китоби мазкур «Калимоти маҳҷур ва матрук, ки дар шеъри Рӯдакӣ омада» шарҳ дода шудаанд. Чунон ки маълум мешавад, ин нашр ҳам оммавӣ буда, ҷанбаи илмиву интиқодӣ надорад.

Худи ҳамон сол интишороти Донишгоҳи Аҳвоз таҳти унвони «Рӯдакӣ – устоди шоирон» китоби доктор Нуруллоҳи Имомиро чоп кард, ки шарҳи ҳол ва гузидаи ашъори шоирро бо шарҳи мухтасар дар бар мегирад. Ин китоб ба сифати дастури таълимӣ барои донишҷӯён таълиф шуда, ҷиҳати дарки амиқтари ашъори шоир мадад мерасонад. Дар баъзе мавридҳо ба ихтилофи матнҳои гуногун ва навишти саҳеҳи вожаҳо ишора шудааст.

Ниҳоят соли 1374 \ 1995 интишороти «Тӯс» «Девони Рӯдакӣ»-ро бо муқаддима ва шарҳу тавзеҳи Манучеҳри Донишпажӯҳ ба табъ расонд, ки ашъори ба ҷой мондаи шоирро дар бар мегирад. Чунон ки дар муқаддимаи китоб зикр шудааст, мураттиб дар танзими матн асосан ба нашри Саид Нафисӣ такя намудааст.

Манучеҳри Донишпажӯҳ дар тақсимбандии ашъори шоир ҳарчанд асосан ба нашри мазкур пайравӣ кардааст, вале баъзе навиҳо ворид сохта, аз ҷумла бори аввал девонро бо қисмати

«Қитъаҳои Рӯдакӣ» оғоз намудааст ва 28 қитъаи шоирро ба таври ҷудогона овардааст. Сипас дар қисмати «Тағаззулҳо» ғазалҳо ва пораҳои қасидаҳои шоир ҷой дода шудаанд. Қисмати «Қасидаҳо» се қасидаи комили шоирро дар бар мегирад. Дар қисматҳои баъдӣ «Марсияҳо», «Рубоиёт», «Абёти боқимонда аз маснавиҳои Рӯдакӣ» ба тартиб ҷой дода шудаанд. Қисмати «Тавзеҳот»-и китоб муфассал буда, дар баробари иттилооти судманди таърихиву адабӣ ва фарҳангиву забонӣ баъзе ишораҳои матншиносӣ ҳам дорад, ки барои тасҳеҳи матни осори шоир муфиданд. Дар охири китоб манобеъ нишон дода шудааст, вале азбаски ин китоб ҳам ба усули нашри оммавӣ ба табъ расидааст, дар он тафовуту ихтилофи матн дода нашудааст. Бо вуҷуди ин китоби мазкурро метавон аз зумраи беҳтарин нашрҳои оммавии осори шоир шумурд.

Ҳарчанд маҷмӯаи осори боқимондаи Рӯдакӣ борҳо ба таври гуногун ҳам бо усули оммавӣ ва ҳам ба тариқи илмиву интиқодӣ ба табъ расидааст, вале ҳанӯз девони ашъори комилан мӯътамаду тасҳеҳёфтаи шоирро дар даст надорем. Бо саъю кӯшиши донишмандони кишварҳои гуногун абёти парешони шоир аз тазкираву фарҳангҳои зиёд ҷамъоварӣ шудааст, вале ҳанӯз дар баёзу сафинаҳои хаттии китобхонаҳои Ҳиндустону Покистон, Туркияву Озарбойҷон, Гурҷистону Арманистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон ашъору абёти кашфнашудаи ӯ зиёданд. Бесабаб нест, ки солҳои охир дар натиҷаи талошу ҷустуҷӯйҳои донишмандон А.Мухторов, З.Н.Ворожейкина, Алиашраф Содиқӣ, А.Абдуллоев, Аскар Иршодии Саробӣ, С.Шаҳобудинов, С.Имронов чанд абёту пораҳои тозаи ашъори устод Рӯдакӣ ба даст омадаанд, ки ҳанӯз ба маҷмӯаҳои чопии шоир ворид нагаштаанд.

Вақти он расидааст, ки маҷмӯаи ҷомеъи осори боқимондаи Рӯдакӣ чоп карда шавад, зеро танҳо матни саҳеҳу ба замони шоир наздик метавонад асоси устувори таҳқиқоту баррасиҳои судманди илмӣ бошад.

Аввалан аз манобеъи гуногун чун тазкираву фарҳангҳо, рисолаҳо, мақолаҳо, ҷунгу баёзҳо ашъори Рӯдакӣ бояд ҷамъоварӣ гардад, сониян маҷмӯаи осори боқимондаи шоир бо зикри ҳамаи тафовуту нусхаи бадалҳо ва таҳқиқи амиқи матншиносӣ чоп карда шавад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Муҳаммад Авфӣ. Лубобулалбоб, бо тасҳеҳи Э. Браун ва Муҳаммад Қазвинӣ, Лейдин, 1903, саҳ. 7.

2. Рӯдакӣ. Шеърҳо, бо муқаддима, тартиб ва тавзеҳи У. Каримов ва С. Саъдиев, Душанбе, 1974, саҳ. 3.
3. Расул Ҳодизода. Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ. Аз Рӯдакӣ то имрӯз, Душанбе, 1988, саҳ. 58.
4. 1000 мисраи Рӯдакӣ, таҳияи матн аз Р. Ҳодизода, А. Афсаҳов, Душанбе, 1984, саҳ. 46.
5. Абуабдулло Рӯдакӣ. Ашъор, мураттиб, мутарҷим ва муаллифи пешгуфтор Л.И. Брагинская, Душанбе, Ирфон, 1987, саҳ. 5.
6. Ҳамон китоб, саҳ 79.
7. Девони Рӯдакӣ, танзим, тасҳеҳ ва назорати Ҷаҳонгири Мансур, Теҳрон, интишороти Ноҳид, 1973, 1373, саҳ. 157.

# Аз таърихи рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз зумраи он шоирони бузурги олам аст, ки аҳволу осорашон ҳанӯз дар замони зиндагӣ тавaҷҷӯҳи хонандагону муҳаққиқонро ҷалб намудааст ва бо мурури замон он таваҷҷӯҳ ҳар чӣ бештар гаштааст. Ба хусус ин таваҷҷӯҳ дар ватани ӯ Мовароуннаҳр ва Тоҷикистони кунунӣ хеле назаррас будааст.

Муҳаққиқон таърихи омӯзиши аҳволу осори устод Рӯдақиро аз ибтидои асри XIX дар Аврупо дониста, аз ҷумла асари шарқшиноси фаронсавӣ Амеде Журден «Эрон»-ро аввалин асар роҷеъ ба Рӯдакӣ шумoридаанд.[1] Ҳол он ки маълумоти дар ин асар роҷеъ ба Рӯдакӣ сабт гардида аз иттилооти «Хизонаи омира» ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ нақл шудааст. Бинобар ин ба назари мо таърихи омӯзиши аҳволу осори Рӯдакиро бояд аз замони худи ӯ шурӯъ кард. Ҳарчанд аз тазкираву осори адабиётшиносии замони Сомониён чизе боқӣ намондааст, алҳол ишораҳои Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Маъруфии Балхӣ, Дақиқӣ, Абӯзироаи Гургонӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва амсоли инҳоро метавон нахустин иттилоот роҷеъ ба устод Рӯдакӣ донист. Зеро он ишораҳо ҳар кадом ягон ҷанбаи аҳволу осори шоири бузургро равшан менамоянд.

Бо назардошти ин нукта рӯдакишиносиро дар Тоҷикистон метавон ба се давраи калон ҷудо кард:

1. Давраи аввал аз замони Рӯдакӣ то ибтидои қарни XX.
2. Аз солҳои бисти қарни XX то соли 1956.
3. Аз соли 1956 то имрӯз.

Давраи аввал, ки беш аз 900 сол тӯл дорад, асосан манобеи гуногуни адабиву таърихиро дар бар мегирад. Баррасии муқоисавии ин манобеъ таҳқиқи ҷудогонаро тақозо менамояд. Ҳоло бо зикри ин нукта иктифо мешавад, ки ҳарчанд маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Рӯдакӣ хеле мухтасар ва бештар такрорианд, вале онҳо барои равшан кардани ҷанбаҳои гуногуни аҳволу осори шоир хеле судманданд. Бинобар ин ҷустуҷӯйро дар заминаи пайдо кардани сарчашмаҳои нав бояд ҳарҷониба вусъат дод.

Давраи дувуми рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон бо осори устод С.Айнӣ оғоз меёбад. Ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик»-и худро, ки соли 1926 дар Маскав ба табъ расидааст, бо нақли шарҳи ҳол ва намунаи осори Рӯдакӣ бо зикри маъхазҳо шурӯъ намуда, дар поён чанд матлаби муҳимро баён кардааст. Ӯ мақоми баланди

Рӯдакиро дар адабиёти тоҷику форс нишон дода, андешаи Давлатшоҳи Самарқандиро дар бораи сабки ашъори шоир рад мекунад ва дуруст таъкид менамояд, ки «шеъри Рӯдакӣ дар камоли равонӣ ва дорои фасоҳату малоҳат аст».[2]

Устод Айнӣ ҳамчунин дар хусуси ном, куния ва зодгоҳи шоир изҳори назар карда, маълумоти худро бо чунин андешаи ватандӯстона ба поён мерасонад: «Ба ҳар ҳол зуҳури устоде мисли Рӯдакӣ аз Мовароуннаҳр боиси ифтихори мо тоҷикон аст».

Дарвоқеъ ному осори устод Рӯдакӣ дар он солҳо ба як рамзу василаи худогоҳиву худшиносии мардуми тоҷик табдил ёфта буд. Зиёиёни тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва Деҳқон дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» масъалаи таҷлили ҷашни 1000-солагии Рӯдакиро ба миён гузоштанд.[3]

Комиссариати маорифи Тоҷикистон ин пешниҳодро пазируфт ва 23-уми марти соли 1926-ро «Рӯзи Рӯдакӣ» эълон намуд[4]. Дар ҳақиқат, ҷашни 1000-солагии бунёдгузори адабиёти классикии тоҷику форс «ҳисси худшиносии халқи меҳнаткашро боз ҳам баланд бардошт».[5]

Устод Айнӣ на танҳо таваҷҷӯҳи зиёиёни тоҷикро ба аҳволу осори поягузори адабиёти классикии тоҷику форс ҷалб намуд, балки худ талошу ҷустуҷӯйҳои илмиро перомуни шоири бузург идома дод. Ӯ маълумоти асарҳои муаррихон, сайёҳону ҷуғрофиядонон ва тазкиранигорони арабу эронӣ - Самъонӣ, Идрисӣ, Утбӣ, Муҳаммад Авфӣ ва дигаронро мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода, дар масъалаи муайян кардани зодгоҳи шоир ба кашфиёти муҳимми илмӣ ноил гардид. Ӯ маҳалли дақиқи қабри Рӯдакиро таъин намуда, дар номаҳои худ ба Деҳотӣ ва масъулони дигар зарурати фиристодани як ҳайати илмиро ба деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент таъкид намуд. Мақолаи «Қабри устод Рӯдакӣ дар деҳаи Рӯдак» натиҷаи ин ҷустуҷӯйҳои илмӣ буд, ки аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1940, №5), сипас дар маҷмӯаи «Устод Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1940) ба забонҳои тоҷикиву русӣ чоп гардид.

Рисолаи «Устод Рӯдакӣ»-и С. Айнӣ аввалин асар дар адабиётшиносии тоҷик буд, ки шарҳи ҳоли муфассали шоирро дар асоси маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ баён намуда, муҳимтарин асарҳои ӯро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар ин рисола ҳамчунин дар бораи замони шоир, муҳити адабиву фарҳангии ӯ маълумот дода шуда, бори аввал ашъори парокандаи шоир аз сарчашмаҳо ҷамъоварӣ ва дарҷ гардидааст.

Ба хидмати шоистаи устод Айнӣ дар таҳқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ ва ҷамъоварии осори ӯ донишмандон, аз ҷумла Саид

Нафисӣ, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Дар соли 1940 дар Тоҷикистон ҳамчунин мақолаи С.Улуғзода «Устод Абулҳасани Рӯдакӣ» дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» чоп шуд, ки он дар асоси маълумоти «Тазкиратушшуаро», «Оташкада» ва «Хизонаи омира» таълиф шудааст.

Дар ҷилди аввали китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров, ки соли 1947 ба табъ расид, дар зимни баррасии муфассали вазъи фарҳангиву адабии давраи Сомониён шарҳи ҳоли Рӯдакиро низ дарҷ карда, ба осори ӯ баҳои баланд дода шудааст.

Адабиётшинос Ш. Ҳусейнзода дар як силсила мақолаҳои худ хонандагонро бо шарҳи ҳол ва мӯҳтавои осори Рӯдакӣ ошно менамояд. Мақолаҳои «Доно ва сухансарои Панҷруд», «Падар ва мураббии адабиёти тоҷик», «Офаринандаи шеър ва инсондӯсти бузург» аз ҳамин зумраанд.

Масъалаи тарзи таълими аҳволу осори Рӯдакӣ дар мактабҳои миёна дар мақолаи методии Ғ.Мирзоев «Коркарда баромадани мавзӯи «Устод Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» дар синфи VIII» баррасӣ гардидааст.

Дар ин давра дар як зумра асарҳое, ки ба таҳқиқи таърихи адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои миёна бахшида шуданд, зимнан роҷеъ ба Рӯдакӣ низ сухан рафтааст. Аз ҷумла дар асари М.Орифӣ «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик» фасле ба мавзӯи «Баъзе масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» бахшида шудааст. Дар зимни асарҳои А.Деҳотӣ, М.Фозилов, Б.Сирус, Ш.Ҳусейнзода, Х.Мирзозода ва дигарон низ ба Рӯдакӣ ишораҳо шудааст.

Ҳарчанд пас аз асарҳои С. Айнӣ ва Саид Нафисӣ дар давраи дувум роҷеъ ба Рӯдакӣ чизи тозае гуфта нашуд, вале асарҳои мазкур барои бештару беҳтар ошно шудани мардум бо шоири бузург ва андешаҳои баланди иҷтимоиву ахлоқи ӯ мусоидат намуданд.

Давраи сеюми рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон хеле пурбор ва пургунҷоиш буда, дар он таҳқиқу нашри осори Рӯдакӣ хеле вусъат ва густариш пайдо мекунад.

Пас аз интишори қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Дар бораи гузаронидани ҷашни 1100-садсолагии рӯзи таваллуди классики бузурги адабиёти тоҷик Рӯдакӣ» дар соли 1955 таваҷҷӯҳ ба аҳволу осори Рӯдакӣ хеле зиёд гардид.

Корманди илмии Институти забон ва адабиёт М.Занд ба омӯзиши андешаҳои иҷтимоии Рӯдакӣ ва муосиронаш пардохта, дар ин мавзӯъ ба забонҳои тоҷикиву русӣ мақолаҳо чоп мекунад. Рисолаи «Соҳибқирони шоирӣ – устод Рӯдакӣ»-и М.Занд аз

аввалин китобҳое буд, ки дар остонаи ҷашн чоп шуда, оммаи васеи хонандагонро бо осори шоири бузург ва арзишҳои ахлоқиву тарбиявии он ошно намуд.

Адабиётшинос Х.Мирзозода дар як зумра мақолаҳояш масъалаҳои мақоми Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс, андешаҳои гуногуни иҷтимоиву ахлоқии ӯро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар мақолаҳои илмиву оммавии Т. Маҳмуд масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқиву башардӯстӣ дар ашъори Рӯдакӣ ва таъсири ӯ ба осори шоирони дигар матраҳ шудаанд.

Рисолаи дигаре, ки дар ин давра интишор ёфт, асари А.Мирзоев «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV» мебошад, ки ба забонҳои тоҷикӣ (ҳуруфи форсӣ) ва баъдтар русӣ ба чоп расид. Дар ин рисолаи илмӣ донишманди тоҷик пеш аз ҳама масъалаи пайдоиш ва ташаккулу такомули ғазалро дар адабиёти тоҷику форс мавриди баҳс қарор дода, нақши Рӯдакиро дар ташаккули он бо далелҳои фаровон нишон медиҳад ва сипас сайру такомули ғазалро то қарни XV пайгирӣ менамояд.

Дар мақолаҳои А.Деҳотӣ, Ш.Ҳусейнзода, А.Насриддинов, А.Сайфуллоев, А.Ғаффоров, Р.Ҷӯраев ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни осори Рӯдакӣ таҳлил гаштаанд.

Муҳимтарин асаре, ки ба муносибати ҷашн дар Тоҷикистон ба табъ расид, монографияи А.Мирзоев «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» буд. Ин асари барҷастаи илмӣ дар таърихи рӯдакишиносӣ ҷойгоҳи хос дошта, то имрӯз арзиши худро чун асари ҷомеъи илмӣ нигоҳ доштааст. Асар аз шаш боб иборат буда, муҳимтарин масоили замон, рӯзгор, осори шоир ва таҳлилу баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори ӯро дар бар гирифта, мақоми шоирро чун сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик муайян намудааст.

Тавре ки худи муаллиф дар асар таъкид намудааст, барои дар як муддати кӯтоҳ таълиф шудани чунин асари барҷастаи илмӣ таҳқиқоти сеҷилдаи адабиётшиноси маъруфи Эрон Саид Нафисӣ кӯмак расондааст. А.Мирзоев ҳарчанд аз маводи фаровоне, ки Саид Нафисӣ аз сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва осори муҳаққиқони Ғарб ҷамъ овардааст, истифода кардааст, вале мулоҳизаҳову таҳлилҳои амиқи илмии ӯ ва баҳсҳои зиёде, ки пиромуни масоили гуногуни аҳволу осори шоир баён кардааст, арзиши илмии асари ӯро дар рӯдакишиносӣ муайян мекунад. Бесабаб нест, ки ин асар ба ҳуруфи форсӣ дар Душанбе ва Теҳрон ва тарҷумаи русии он дар шаҳри Маскав ба табъ расид ва аз ҷониби донишмандони олам баҳои баланд гирифт.

Китоби дигаре, ки дар рӯзҳои ҷашн ба табъ расид, маҷмӯаи мақолоти «Рӯдакӣ ва замони ӯ» буд, ки 18 мақолаи донишмандони

тоҷик, рус, фаронсавӣ ва гурҷиро дар бар мегирад. Дар мақолаҳои маҷмӯа паҳлӯҳои гуногуни замон, рӯзгор ва осори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба масъалаҳои зиёде равшанӣ андохта шудааст.

Маҷмӯаи мақолоти «Устод Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» низ дастовардҳои илмии рӯдакишиносии тоҷикро дар заминаҳои гуногун дар бар мегирад.

Дар китобҳои Х.Мирзозода «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ-асосгузори адабиёти классикии тоҷик», ки ба забони тоҷикӣ дар Душанбе ва ба забони русӣ дар Маскав ба табъ расид, Ш.Ҳусейнзода «Сухансарои Панҷрӯд» масъалаҳои умумии аҳволу осори шоир ва робитаи осори ӯ бо мусиқӣ, фолклор мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик мақолаҳои фаровони илмиву оммавӣ чоп гардиданд, ки номгӯи онҳо дар ду феҳристи адабиёт роҷеъ ба Рӯдакӣ, ки тавассути Р.О.Телман, А.Юнусов ва Н.Кароматуллоева мураттаб шудаанд, ҷамъоварӣ гаштааст.

Дар солҳои пас аз ҷашн таҳқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ ҳарҷониба густариш пайдо карда, амиқтару дақиқтар гардид. Махсусан дар ин давра нашри осори боқимондаи Рӯдакӣ ва тасҳеҳи онҳо дар Тоҷикистон вусъат пайдо мекунад, ки дар ин хусус мо дар ҷойи дигар баҳс кардаем ва ин ҷо таваққуф намекунем.

Ҷустуҷӯйҳои илмии рӯдакишиносӣ дар давраи сеюм то соли 1967 дар асари устоди Донишгоҳи давлатии Ленинград профессор Абдураҳмон Тоҳирҷонов ҷамъбаст шудааст. Асари мазкур аз чор боб иборат буда, ҳар боб баҳси муфассалро роҷеъ ба ягон паҳлӯи аҳволу осори шоир мисли ному куния, соли таваллуду вафот, кӯрӣ ва муносибати ӯ бо қарматиҳо ва миқдору анвои осори шоир дар бар мегирад. Дар ин асари мубоҳисавӣ муаллиф зимнан бо рӯдакишиносон дар сари ҳар масъала баҳс мекунад ва андешаҳои онҳоро қабул ё рад менамояд.

Қобили қайд аст, ки солҳои охир рӯдакишиносӣ на танҳо торафт вусъат пайдо карда, масъалаҳои гуногуни марбут ба адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърих, антропология, тиб, мусиқӣ, ҳунар ва амсоли онҳоро фаро мегирад, балки аз лиҳози таҳлилу баррасии масъалаҳо аз умумигӯиҳо, ки қаблан ҷой дошт, берун мебарояд ва дар аксари асарҳо амиқрафту дақиқназариҳо ва далелу бурҳонҳои тоза дар таҳлилу баррасӣ мушоҳида мешавад. Дар осори илмии А.Мирзоев, А.Мухторов, Р.Ҳодизода, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, А.Афсаҳзод, А.Сатторов, Х.Шарифов, С.Амирқулов, А.Абдуллоев, У.Каримов, С.Имронов, Ш.Мухторов ва амсоли онҳо ин ҳолат ба назар мерасад.

Дар таҳқиқу баррасии аҳволу осори Рӯдакӣ марказҳои илмии Тоҷикистон - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, кафедраи таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Институти таърихи АИ ҶТ, кафедраи таърихи адабиёти донишгоҳҳои омӯзгорӣ бештар фаъолият зоҳир менамоянд. Боиси хушнудист, ки ахиран маркази нави ғайридавлатии Бунёди Рӯдакӣ, ки бо ташаббси устод Р.Ҳодизода таъсис гардид, дар ин замина ба фаъолият шурӯъ намудааст ва умед аст, ки он дар рӯдакишиносӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

## ПАЙНАВИШТ

[1] А.Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 67.

[2] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, Маскав, 1926, саҳ.17.

[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 17

[4] Т.Зеҳнӣ. Шоири нахустини тоҷикон, Овози тоҷик, 13 августи 1925; Деҳқон. Рӯзи Рӯдакӣ, Дониш ва омӯзгор, 1926, №2.

[5] Бедории тоҷик, 8 январи 1926.

## Хушгузаронии умр

Дар адабиёти китобӣ ва шифоҳии мардумони эронитабор аз замонҳои қадим то имрӯз муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти моддиву маънавӣ ва ба хусус рӯҳияву ормон ва орзуву омоли онон чун дар оина бозтоб ёфтааст. Бевачҳ нест, ки «Авесто»-ро қомуси даврони бостон ва Худойномаву андарзномаҳои паҳлавиро маромномаи ахлоқии онҳо дар он замон маҳсуб медонанд. Осори бунёдгузори адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакиро низ метавон оинаи тамомнамои рӯзгору руҳияи мардуми аҳди Сомониён донист.

Хушгузаронии умр, шодиву тараб, лазатгирӣ аз мавзӯъҳои асосии осори боқимондаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошанд. Бозтоби ин масъалаҳоро метавон дар анвоъи мухталифи ашъори ӯ мушоҳида кард. Бо вуҷуди он ки роҷеъ ба осору афкори Рӯдакӣ таҳқиқоти зиёде анҷом ёфтааст, масъалаҳои мазкур ҳанӯз ба таври ҷудогона ва амиқ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

Аз намунаҳои хеле ками ашъори бозмондаи Рӯдакӣ низ метавон аз рӯҳияи кулливу умумии офаридаҳои ӯ пай бурд, ки шодиву нишот ва хушгузаронии умр аз он ҷумла аст. Тавре ки ховаршиноси англис Чарлз Пикеринг дуруст мушоҳида кардааст, Рӯдакӣ «падари шеъри Эрон ва ташкилдиҳандаи рӯҳи шеъри Эрон шумурда мешавад».1 Ҳарчанд дар ин бора мухаққиқони дигар амсоли Шиблии Нуъмонӣ, А.Кримский, Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, А.Мирзоев, Х. Мирзозода, Абдулҳусайни Зарринкӯб, М.Ёҳаққӣ, Ғуломалии Ғайрат ишораҳо кардаанд, вале ин масъала ҳанӯз мавриди таҳқиқи амиқу ҳарҷониба қарор нагирифтааст.

Дарвоқеъ рӯхияи хушбинонае, ки дар шеъри тоҷикиву форсӣ ғолиб аст, аз шеъри ҳаётдӯстонаи Рӯдакӣ маншаъ мегирад. Ӯ бо чунин ашъори худ рӯҳияи некбинӣ ва шодиву тарабро дар шеър устувор намуд. Бозтоби ин рӯҳия ва ба яке аз мавзӯоти асосии ашъори шоир табдил ёфтани хушгузаронии умр бесабаб нест ва ба омилҳои зиёде бастагӣ дорад. Қабл аз ҳама решаи рӯҳияи мазкурро бояд аз шахсияти худи шоир ҷуст. Тавре ки аз ашъори Рӯдакӣ бармеояд, ӯ ҷавони зебову хушқад, рӯяш зебо ба сони дебо, мӯяш сиёҳ мисли қатрон, ҳамеша шод ва аз ғаму ташвишҳои зиндагӣ дур, сурудгӯёну ҳазордастон будааст. Ӯ на танҳо зоҳиран, балки ботинан низ зебову шодон ва дилаш мисли хазинаи пурганҷ ва саршори меҳру ашъори тарабангез буд. Дар ин бора дар қасидаи фалсафиву шарҳиҳолии худ, ки ба унвони «Шикоят аз пирӣ» маъруф аст, хеле равшан сухан рондааст.

Дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ борҳо ба маншаъи шодиву нишот ишора шудааст. Яке аз манбаъҳои асосӣ бешубҳа шахсияти худи шоир ист, ки аз хилоли сурудаҳои ӯ гоҳ-гоҳ ба ҷилва меояд. Аз ҷумла, тавре ки зикр шуд, дар қасидаи фалсафии худ шоир барои тақвияти андешаи даргузар будани оламу ҳаёт замони ҷавонии хешро ба ёд меорад ва ҷавони шоду масрур буданашро таъйид мекунад.

Шодиву тараб ва хушгузаронии умр дар ашъори Рӯдакӣ маншаъи иҷтимоиву сиёсӣ низ дорад. Давлати пуриқтидори Сомониён тавонист истиқлоли сиёсӣ ба даст оварда, кишварро орому муттаҳид намояд. Ба хусус дар давраи аввали ҳукумати Сомониён Хуросони бузург аз лиҳози иқтисодиву фарҳангӣ яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба шумор мерафт, ки ба ин сайёҳони зиёди хориҷӣ ҳам ишора кардаанд. «Дар замоне, ки Рӯдакӣ дар Мовароуннаҳр мезист, ба шаҳодати саҳоифи таърих ин хиттаи эронӣ аз ҳар ҳайс ободтарин диёр буд: дар тиҷорату саноат ба авҷи камол расида буд»2. Бесабаб нест, ки давраи мазкурро «асри тиллоии фарҳанги Эрон» номидаанд.3 Ин пешрафтҳои азими иқтисодиву фарҳангӣ боиси рӯҳбаландиву фараҳмандии мардум, ба хусус аҳли илму адабу фарҳанг гардида, метавон гуфт ба рӯҳияи замон табдил ёфт. Таҷаллии ин муҳити фараҳбахшро дар ашъори шоирони давр метавон равшан мушоҳида кард. Рӯдакӣ бо он ифтихор мекунад, ки пойтахти давлати Сомониён ба яке аз марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ табдил ёфта, бо маркази хилофат - Бағдод баробарӣ мекунад, Қитъаи зери Рӯдакӣ аз даврони шукуфоии Ҳукумати Сомониён, ки маншаъи шодиву тараби шоир аст, ҳикоят мекунад:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.4

Таваҷҷӯҳи амирону вазирони сомонӣ ба аҳли илму адаб, фароҳам овардани муҳити мусоид, ҳадяву атоҳои фаровон ба шоирон онҳоро рӯҳбаланд намуда, эҳсоси шодиву фараҳ ва рӯҳияи баландагиашонро афзун мегардонад. Сарчашмаҳо ба сарвати фаровони шоир ишора намудаанд. Низомии Арӯзӣ аз 400 шутур бори Рӯдакӣ ҳангоми баргаштанаш аз Ҳирот хабар медиҳад. Абдураҳмони Ҷомӣ низ аз он ёд мекунад ва ҳосили мадҳияҳо будани он сарватро таъкид менамояд:

Рӯдакӣ он ки дурр ҳамесуфтӣ,
Мадҳи Сомониён ҳамегуфтӣ.
Силаи шеърҳои ҳамчу дурраш
Буд дар бори чорсад шутураш. 5

Худи шоир низ борҳо аз сарвату амволи зиёди худ ёд карда, ҳамаи онҳоро аз неъмати давлати Сомониён медонад:

Имрӯз ба иқболи ту, эй мири Хуросон,
Ҳам неъмату ҳам рӯйи наку дорам васнод.6

Рӯзгори Рӯдакӣ дар боргоҳи Сомониён хеле хуш бо шодиву тараб мегузашт. Ӯ баробари вазирону мансабдорони дарбор мақому эътибор дошт:

Басо, ки маст дар ин хона будаму шодон,
Чунон ки ҷоҳи манн афзун буд аз амиру мулук.7

Табиист, ки дар чунин муҳити гуворои иҷтимоиву сиёсӣ Рӯдакӣ бо шодиву тараб ва хушҳолӣ рӯз мегузаронд ва аз ғаму ғусса дур буд, ки ин ба офаридаҳои ӯ низ асар мегузорад:

Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фарох майдон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.8

Аз ин ҷост, ки иддае аз ашъори бозмондаи Рӯдакӣ саршори эҳсоси шодивву тараб буда, дар онҳо гарде аз ғаму ғусса ба назар намерасад. Албатта, ҳоло ба сабаби дастрас набудани девони Р. ва нусхаҳои қадимии осори шоир муайян кардани таърихи суруда шудани аксари шеърҳо ғайриимкон аст. Вале метавон ҳадс зад, ки шеърҳои мазкури дорои эҳсоси шодиву тараб маҳз дар давраи аввали зиндагии шоир эҷод шудаанд. Ҳоло чанд намунаи дигарро аз ҳамин гуна сурудаҳои шоир аз назар мегузаронем, то омилҳои дигари эҳсосоти мазкур дар осори шоир ошкор гардад.

Дар аксари ашъори бозмондаи Рӯдакӣ қаҳрамони ғиноӣ, ки ғолибан бо худи шоир айният дорад, инсони озодаву қавирӯҳ ва шодкому муваффақ аст. Ӯ ба яъсу навмедӣ роҳ намедиҳад, мутеъу сустирода нест, ҳамеша майл ба хушгузаронии умр дорад ва ҳар лаҳзаро ғанимат мешуморад.

Худшиносову худогоҳӣ ба шахсияти ӯ хос аст, мақому манзалати худро дар олами ҳастӣ медонад, тан ба қазову қадар намедиҳад ва инону ихтиёри замонро ба даст мегирад. Ӯ савори аспи замонаст ва онро ба самти дилхоҳи хеш меронад:

Замона аспу ту ройиз, ба ройи хешат тоз,

Замона гӯю ту чавгон, барои хешат боз.9

Шоир барои баёни матлаб бесабаб ба аспу чавгон рӯй наовардааст. Аввалан онҳо падидаҳои моддиву ҷузъи зиндагии инсонанд. Сониян ҳам асп ва ҳам чавгон бо ҳаракату ҷунбиш ва пешрафту фараҳмандӣ иртибот доранд ва худи ба назар овардани лаҳзаи варзиши чавгон касро ба ваҷд меорад, рӯҳбаланд месозад, ба пешрафту ҷӯшу хурӯш ҳидоят менамояд

Барои хушбахтиву хушрӯзии инсон Рӯдакӣ чаҳор шартро зарур мешуморад. Пеш аз ҳама тандурустист, ки пояи ҳаёти хушу хуррами инсон буда, бидуни он наметавон хушбахтиро тасаввур кард.Вале барои хушбахтии инсон танҳо саломатии тан кофӣ нест. Аз ин рӯ барои хушбахтии инсон доштани хислатҳои нек, номи нек ва донишро зарур мешуморад ва василаи шодиву тараб медонад:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки Эзидаш ин чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад.10

Хушгузаронии умр дар ашъори Рӯдакӣ бо ахлоқи ҳамидаи инсонӣ робитами мустақим дорад. Шоир ростиро василаи асосии зиндагии шоду пурнишоти инсон медонад. Касе, ки дар зинданӣ ростраву росткор аст, муваффақу шодком хоҳад буд:

Ҳар к-ӯ биравад рост, нишастаст ба шодӣ
В-он к-ӯ наравад  рост, ҳама мурда ҳамедеш.11

Муомилаву муносибати хуб ва хушгуфторӣ низ боиси хушҳоливу тараб дар одамон мегардад:

Рух, ки пеши ёр бинмоӣ,
Дили ту хуш кунад ба хуш гуфтор.12

Мадорову муросоро Рӯдакӣ яке аз шартҳои осоиши рӯзгор ва мустаҳкамии иртиботи одамон медонад:

Ӯ хашм ҳамегтраду ту узр ҳамехоҳ,
Ҳар рӯз ба нав ёри дигар менатавон кард.13

Тарки ҳама хислатҳои зишт ба инсон хушҳоливу хушбахтӣ меорад. Аз ҷумла дурӣ аз тамаъ на танҳо худи касро, балки дигаронро низ  нисбат ба ӯ карим мегардонад:

Чун ту тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон кариманд.14

Хушгузаронии умр дар ашъори ишқии Рӯдакӣ низ ифода ёфтааст. Олами ишқ пур аз тазоду ихтилофҳост ва шоирон бештар аз ғаму дарди он сухан ронда, аз бевафиву бераҳмии маъшуқ, дарду ранҷи ҳиҷрон шикоят кардаанд. Дар ишқияҳои Рӯдакӣ низ чунин оҳангҳо ба назар мерасанд. Вале ошиқи ӯ ғамзадаву малӯл нест ва бештар дорои рӯҳияи шодиву тараб мебошад. Ӯ ҳатто аз ғами ишқу ҳаҷри маъшуқ шодон аст:

Бо он ки дилам аз ғами ҳиҷрон хун аст,
Шодӣ ба ғами туам зи ғам афзун аст.
Андеша кунам ҳар шабу гӯям: «Ё раб,
Ҳиҷрон-ш чунин аст, висолаш чун аст ?!15

Дар ишқияҳои Рӯдакӣ ҳама чизи зебо шодиовар аст. Рӯю мӯйи зебо, қаду қомати боло, ҳусни офтобосову рафтору гуфтори шевои маъшуқ ба ошиқ нишоту хушҳолӣ ато менамоянд.Ҳатто шунидани номи маъшуқ ба ошиқ шодиву нишот меорад ва ҳама ғаму ғуссаро аз ӯ дур месозад:

Номат шунавам, дил аз фараҳ зинда шаад,
Ҳоли ман аз иқболи ту фархунда шавад.
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад.16

Хушгузаронии умр дар ашъори Рӯдакӣ бо маю майгусорӣ иртиботи қавӣ дорад. Май василаи шодиву тараб буда, ғаму андӯҳро мезудояд, боиси оромиши тану хотир мегардад:

Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ
Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.
Ба покӣ, гӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,
Ба хушшӣ, гӯйӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ.
Саҳоб астӣ қадаҳ, гӯию май қатрай саҳоб астӣ,
Тараб, гӯйӣ, ки андар дил дуъои мустаҷоб астӣ.
Агар май нестӣ, яксар ҳама дилҳо хароб астӣ,
Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шароб астӣ.17

Май аз нигоҳи Рӯдакӣ на танҳо василаи ғамзудоист, балки иксирест, ки моҳияти шахс, олами ботинии ӯро ошкор месозад:

Май орад шарафи одамӣ падид,
Озодамард аз дирамхарид.
Май озода падид орад аз бадасл,
Фаровон ҳунар аст андар ин набид.18

Тавре ки маълум аст, май дар шеъри форсӣ аз сувари хаёлҳои хеле маъмул буда, маъниву тобишҳои гуногунро ифода менамояд. Вале дар ашъори Рӯдакӣ ва муосиронаш он ба маънии аслии худ истифода шуда, ҳанӯз маънии маҷозӣ ва рамзиро, кти дар қарнҳои баъд, ба хусус двр ашъори сӯфиёна пайдо кард, надошт.Ӯ ҳатто дар қасидаи маъруфи «Модари май» тарзи омода кардани онро батафсил тасвир кардааст. Рӯдакӣ дар тасвиру тавсифи май маҳорати баланди суханварӣ ба харҷ дода, тасвирҳои ҷолиб офаридааст. Аз ҷумла дар байти зер тавассути истифодаи моҳиронаи таҷнис андешаи баланди ҳаётдӯстиро баён намудааст:

Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс,
Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод!19

Василаи дигари шодиву тараб дар ашъори Рӯдакӣ суруду мусиқӣ аст, ки ба хушгузаронии вақт мусоидат менамоянд. Рӯдакӣ, ки худ мутриби чирадаст буда, дар навохтани чангу рӯд маҳорати зиёд дошт, базми шодиву тарабро бидуни мусиқӣ тасаввур намекунад:

Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт. 20

Маю мусиқӣ дар ашъори шоир аксаран бо ҳам омада, шодиву нишоти инсонро бештар месозанд ва зебоии маъшуқ ва ҳаётро дар назари ӯ рангинтару равшантар ба ҷилва меоранд:

Майи лаъл пеш ору пеши ман ой,
Ба як даст ҷому ба як даст чанг!
Аз он май маро деҳ, ки аз акси ӯ
Чу ёқут гардад ба фарсанг санг.21

Ба пайванди ногусастании ин се омили шодиву нишот дар ашъори Рӯдакӣ Саид Нафисӣ низ ишора намуда, зарурати онҳоро таъкид кардааст: «Ишқу бода ва мусиқӣ се мулозиманд, ки ҳар як бе ду мулозими дигар зоеъ аст».22 Вале омилҳои шодиву тараб дар ашъори Рӯдакӣ бо инҳо маҳдуд намегардад ва омили муҳими

дигаре, ки дар ин замина нақши муҳим дорад, табиат ва зебоиҳои он аст.

Зебоиву таровати манзараҳои табиат ба хусус дар фасли баҳор ба инсон рӯҳу лаззати тоза мебахшанд. Қасидаи баҳорияи шоир, ки бо тасвири зебоиҳои нотакрори ин фасл шурӯъ мешавад, тавсифи муфассали манзараи табиатро дар бар гирифта, бо талқини хушгузаронии вақт ба поён мерасад. Шоир бо тасвири зебоиҳои табиат таваҷҷӯҳи инсонро ба хушиҳои зиндагӣ ҷалб намуда, ба лаззатбардорӣ аз ин неъматҳо ва шоду хушҳол будан даъват мекунад:

Акнун хӯред бодаву акнун зиед шод,

К-акнун барад насиб ҳабиб аз пайи ҳабиб.23

Дар қасидаи мазкур ҳамоҳангиву ҳамнавоии табиати зебову инсони шоду хуррам ба назар мерасад. Тавре ки Саид Нафисӣ навиштааст, «кадом ғамгин аст, ки бад-ин абёт шод нагардад ва кадом сӯгвор аст, ки бад-ин ашъор мусибати хеш фаромӯш накунад».24 Дарвоқеъ дар ашъори Рӯдакӣ ҷанбаҳои масарратбахши табиат ба ҷилва омадаанд.Унсурҳои табиат низ мисли инсон шодиву тараб мекунанд, гулҳо механданд, мурғакон хушҳолона чаҳ-чаҳ мезананд, об аз дидори дӯст нишот мекунад. Дар табиат низ омезиши шодиву ғам ба назар мерасад, вале шодиии он ҳамеша болотару бештар аз ғами он аст:

Ба навбаҳорон бистой абри гирёнро,

Ки аз гиристани ӯст ин замин хандон.25

Хушгузаронии умр дар ашъори Рӯдакӣ бо андешаҳои фалсафии ӯ низ иртибот дорад, ки дар ин бора баъзе муҳаққиқон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла ҳанӯз Шиблии Нуъмонӣ ба робитаи андешаҳои лаззатҷӯёнаи Рӯдакӣ ва фалсафаи гедонистии ҳакими юнонӣ Эпикур ишора карда навишта буд: «Фалсафаи Эпикур ва Умари Хайёмро занни қавӣ он аст, ки ӯ аввал аз ҳама дар форамӣ ба мо гӯшзад намуда, чунон ки гӯяд:

Шод зӣ, бо сиёҳчашмон, шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод»26.

Муҳаққиқони эронӣ Ҷаъфари Шиор ва Ҳасани Анварӣ низ ба андешаҳои эпикурии Рӯдакӣ ишора кардаанд:«Ҳатто метавон гуфт, ки дар андешаҳои ӯ навъе тафаккури эпикурӣ мушоҳида мешавад»27.

Дар адабиётшиносии тоҷик ин матлабро Х. Мирзозода равшан баён карда, «алоқаи ғоявии Рӯдакӣ бо ҳедонисм»-ро таъкид менамояд ва «илми Юнонро ҷӯйи хушк» номидан ва худро «пайрави пайғамбарон» эълон кардани вай танҳо дар забон аст» мегӯяд28.

Мусаллам аст, ки Рӯдакӣ бо осори файласуфони Юнон аз рӯйи тарҷумаҳои арабии онҳо ошно буд ва пас аз мутолиаи онҳост, ки нисбат ба фалсафаи Шарқ хушк будани онро пай бурдааст. Вале бо вуҷуди ин андешаҳои ҳаётдӯстии шоирро ба фалсафаи эпикурӣ марбут донистан дуруст нест. Зеро тавре баён шуд, андешаҳои ҳаётдӯстиву хушгузаронии умри Рӯдакӣ дорои маншаъҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ буда, ба муҳити зиндагии шоир дар боргоҳи Сомониён иртиботи мустақим дорад. Ҳамчунин ин аз равиши тасвири ҳақиқатнигории Рӯдакӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ин бора муҳақққиқи эронӣ Г. Вакилиён дуруст навиштааст:«Решаҳои тафаккури хушбошӣ, лаззатҷӯӣ ё иттако ба фалсафаи эпикуриро ба заъми бештари муҳаққиқон дар шеъри Рӯдакӣ метавон ҷустуҷӯ карду басомади болои ин тарзи тафаккур дар ашъори ангуштшумори ӯ, ҳокӣ аз навъи воқеънигорӣ дар ҷаҳонбинии ӯст, ки баъдҳо маншаъи ҷаҳоннигарию тафаккури хайёмӣ, яъне «дамро ғанимат шумурдан» шуду агар ин вежагӣ шохиси ашъори Хаёйёму сабаби аслии шӯҳрати ӯ аст, вале дар асл кушояндаи ин боб дар арсаи шоирӣ Рӯдакӣ мебошад».29

Ҳамчунин Х.Мирзозода андешаҳои Рӯдакиро ба ақидаи риндии ӯ марбут медонад. Дарвоқеъ баъзе хислатҳои ринди Ҳофизро метавон дар симои қаҳрамони ғиноии ашъори Рӯдакӣ ва шоирони асрҳои Х-Х11, ба хусус Умари Хайём мушоҳида кард. Вале мусаллам аст, ки образи ринд маҳсули қарни Х1У буда, дар осори Ҳофиз ва ҳамзамони ӯ Убайди Зоконӣ ташаккул ёфтааст.

Баррасии оҳангҳои шодиву тараб ё хушгузаронии умр дар ашъори бозмондаи Рӯдакӣ симои ӯро чун инсону шоири хушбине пеши назар меорад, ки алорағми мушкилоту сахтиҳои рӯзгор бо рӯҳбаландиву болandагӣ мардумро ба дӯст доштани зебоиву лаззатгирӣ аз неъматҳои зиндагӣ даъват намудааст ва ин рӯҳияро дар шеъри тоҷику форс пойдор кардааст.

Пайнавиштҳо

1 Ёди ёри меҳрубон, ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ Теҳрон, с. 353.

2 Саид Нафисӣ.Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ, бокӯшиш ва таҳияи Ҷайфар Ранҷбар, Душанбе, 2008, с. 363

3 Дар ин бора руҷуъ шавад:Бартольд В.В., Ғафуров Б., Семёнов А.А., Фрай Р.,Саид Нафисӣ, Ҷаводи Ҳиравӣ, Ноҷӣ

4 Рӯдакӣ.Девон, с. 21.

5 Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон

6 Рӯдакӣ.Девон, с. 87.

7 Рӯдакӣ.Девон, с. 34.

8 Рӯдакӣ.Девон, с. 123.

9Рӯдакӣ.Девон, с. 275.

10 Рӯдакӣ.Девон, с. 83.

11 Рӯдакӣ.Девон, с. 111.

12 Рӯдакӣ.Девон, с. 84.

13 Рӯдакӣ.Девон, с. 93.

14 Рӯдакӣ.Девон, с. 190.

15 Рӯдакӣ.Девон, с. 199.

16 Рӯдакӣ.Девон, с. 173.

18 Рӯдакӣ.Девон, с. 94. Мисраи аввал ба тарзи «Май орад шарафи мард ме падид» омадааст, ки саҳеҳ нест.

19 Рӯдакӣ.Девон, с. 82.

20 Рӯдакӣ.Девон, с. 70.

21 Рӯдакӣ.Девон, с. 130.

22 Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ, ба кӯшиши Ҷаъфар Ранҷбар, Душанбе, 2008, с. 704.

23 Рӯдакӣ.Девон, с. 62.

24 Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ, с. 700.

25 Рӯдакӣ.Девон, с..206.

26Шиблии Нӯъмонӣ, Соҳибқирони шоирӣ устод Рӯдакист, таҳияи Абдулқодири Раҳим, Ҷумҳурият, 20 сентябри 2012.

27Ёди ёри меҳрубон, с. 55.

28 Х.Мирзозода, Таърихи адабиёти тоҷик, … с.262

29 Г. Вакилиён. … с. 106.

## БОРИ ДИГАР ДАР БОРАИ НОБИНОИИ РӮДАКӢ

Устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз дурахшонтарин ситораҳои осмони адабиёти олам аст, ки рӯзгору осори ӯ ҳанӯз ба таври пурра таҳқиқ нашудаанд.. Ҳарчанд роҷеъ ба ин суханвари бузург муҳаққиқони зиёде аз кишварҳои гуногун осори фаровон офаридаанд, вале ҳанӯз чандин лаҳзаи рӯзгору осори шоир норавшан мондааст. Яке аз он маъалаҳои норавшане, ки дар тӯли ҳазор сол мавриди баҳс аст, нобиноии Рӯдакӣ мебошад. Аз

шоири ҳамзамони ӯ Абӯзироаи Гургонӣ шурӯъ намуда, то имрӯз адибону донишмандони зиёде роҷеъ ба ин масъала андешаҳои мухталиф баён кардаанд.Он андешаҳоро донишманди маъруфи тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев чунин дастабандӣ намудааст : «Ахбороти дар ин бора боқӣ гузоштаи муаллифони сарчашмаҳоро агар ҷамъбаст намоем, мумкин аст онҳоро ба панҷ қисм ҷудо кард. Як қисм муаллифон ӯро «акма» - кӯри модарзод меноманд. Қисми дувум ӯро шоири нобино тасвир карда, дар бораи аз кадом вақт сар карда, кӯр шудани ӯ чизе намегӯянд. Қисми севум ӯро шоири тирачашм гуфтаанд. Қисми чорум чунин ақида доранд, ки Рӯдакӣ дар поёни умр кӯр шуда ва нобино гардонда шудааст. Ниҳоят гурӯҳи панҷум дар ин бора ба куллӣ хомӯш мондаанд»[1].

Гурӯҳи бузурги адибону донишмандон амсоли Муҳаммад Авфӣ, Ҳерман Эте, Ҷ. Дармстетер, Шиблии Нӯъмонӣ, Садриддин Айнӣ, Забеҳулло Сафо, Бадеуззамон Фурӯзонфар, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, А. Семёнов, А. Тоҳирҷонов, Садрӣ Саъдиев Рӯдакиро кӯри модарзод донистаанд. Далели асосии онҳо маълумоти зайли Муҳаммад Авфӣ дар «Лубобулалбоб» мебошад: «Рӯдакӣ аз наводири фалакӣ будааст ва дар зумраи аном аз аҷоиби айём. Акма буд, аммо хотираш ғайрати хуршеду маҳ буд. Басар надошт, аммо басират дошт…Чашми зоҳир баста дошт, аммо чашми ботин кушода»[2]. Ҷои дигар боз таъкид шудааст: «Ва аз модар нобино омада, аммо чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамомат ҳифз кард»[3].

Тавре ки маълум аст, тазкираи «Лубобулалбоб»-ро Муҳаммад Авфӣ пас аз тақрибан 300 соли даргузашти Рӯдакӣ навиштааст. Ҳамчунин тазкираи мазкурро Авфӣ дар Ҳиндустон таълиф кардааст. Аз ин рӯ на ҳамаи иттилооти ӯ боэътимод мебошанд. Донишманди маъруфи англис Э. Браун, ки бори аввал ин тазкираро ба чоп омода намудааст, низ дар муқаддимаи он навиштааст: «Дар баъзе маворид, махсусан дар бораи иттилооту маълумоте, ки аз зиндагонии шоирон ва нависандагон ба даст медиҳад, фавқулода ноқису кӯтоҳ ва ноумедкунанда аст…»[4]

Мо аз баррасии назари ҳамаи муҳаққиқони мазкур худдорӣ намуда, аз рӯи зарурат танҳо дар бораи баъзе аз онҳо таваққуф мекунем. Зеро дар асарҳои Саид Нафисӣ, А. Мирзоев ва ба хусус А. Тоҳирҷонов ва Аълохон Афсаҳзод роҷеъ ба онҳо ба таври муфассал сухан рафтааст.

Чунонки ёд шуд, аввалин касе, ки ба кӯрии Рӯдакӣ ишора кардааст, шоири ҳамзамони ӯ Абӯзироаи Гургонӣ мебошад, ки таънаомез навиштааст :

*Агар ба давлат ба Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*
*Ҳазоряк з-он, к-ӯ ёфт аз атои мулук,*
*Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.*[5]

Ҳамаи муҳаққиқони гурӯҳи аввал, аз ҷумла А. Тоҳирҷонов абёти мазкурро «далели қавитарини» кӯри модарзод будани Рӯдакӣ донистаанд. Вале ба назари мо дар шеъри боло Абӯзироа иддао дорад, ки Рӯдакӣ барои дарёфти сарвату давлат нури чашмони худро аз даст дода кӯр шуд, аммо ман намехоҳам барои сарват кӯр шавам. Яъне Абӯзироа аз рӯи ҳасад ба Рӯдакӣ таъна задаст, ки барои молу сарват тамоми ҳастии худро бахшидааст. Ба кӯри модарзод ҳеч гоҳ чунин таънаро раво намедоранд, зеро он кори Худованд дониста мешуд, ки ба ихтиёри банда нест. Бинобар ин барои ба субут расондани андешаи кӯри модарзод будани Рӯдакӣ ҳанӯз далели қавӣ мавҷуд нест. Аз ин ҷост, ки баъзе муҳаққиқони гурӯҳи аввал ҳам ба ин андеша шак овардаанд. Яке аз аввалин донишмандоне, ки ба кӯри модарзод будани Рӯдакӣ шубҳа намудааст, Ҳерман Эте мебошад. Ӯ дар рисолаи худ аввал дар чанд маврид бо таъсири маълумоти «Лубобулалбоб» ва сарчашмаҳои дигар таъкид кардааст, ки Рӯдакӣ «басар надошт», «аз модар нобино омада», вале дар поёни асар ба нобиноии шоир шубҳа кардааст.[6]

Як гурӯҳ донишмандон аз қабили Саид Нафисӣ, Е.Э. Бертелс, Абдулҳусейни Заринкӯб, Муҷтабо Минувӣ, А. Мирзоев, М. Герасимов, М, Занд, А. Бертелс, Х. Мирзозода андешаи кӯри модарзод будани Рӯдакиро рад намуда, дар охири умр кӯр карда шудани ӯро таъкид кардаанд. Далели асосиии ин гурӯҳ қабл аз ҳама маълумоти Аҳмад ибни Алӣ ибни Умар Алманинӣ дар шарҳи китоби Яминӣ ва Ҳамидиддин Абӯабдуллоҳ Маҳмуд ибни Умар Наҷотии Нишопурӣ дар «Басотинулфузало ва раёҳинулуқало» мебошад, ки дар қарни У111 ҳ. таълиф шудаанд. Ишораи Наҷотӣ «ва қад самала фӣ охири умруҳу», яъне дар охири умр чашмашро мил кашиданро далел қарор дода, Саид Нафисӣ ва пайравони ӯ бо мисолҳои зиёд аз ашъори боқимондаи шоир, ки дар онҳо тасвирҳои басарӣ ҷой доранд, ин андешаро идома доданд.

Дар рӯдакишиносии шӯравӣ андешаи кӯр кардани шоир зуд қабул гардид ва муҳаққиқон саъй менамуданд, ки онро бо далелҳои тоза тақвият диҳанд. Ин пеш аз ҳама ба ҷанбаи иҷтимоигароии адабиётшиносии шӯравӣ бастагӣ дошт. Зеро кӯр кардани шоир аз тарафи ҳокимон барои баланд намудани

мақоми ичтимоии ӯ далели қотеъ маҳсуб мешуд. Аз ин ҷост, ки ҳатто мардумшиноси маъруфи шӯравӣ М. Герасимов маҳз ба ҳамин хотир саъй намудааст, ки фарзияи кӯр кардани шоирро ба ҳар роҳу васила тақвият бахшад. Дар ин роҳ ӯ ҳатто ба сохтакориву бемантиқиҳо роҳ додааст, ки онҳоро А. Тоҳирҷонов бо далелҳои муътамад нишон додааст.

Муҳаққиқон барои таъйиди ин қазия сабаби кӯр кардани Рӯдакиро аз иртиботи ӯ бо қарматиён донистаанд. Ин масъаларо низ А. Тоҳирҷонов хеле амиқ баррасӣ намуда, дар фасли «Афсонаи қарматӣ будани Насри дувум ва наздикони ӯ. Оё Рӯдакӣ қарматӣ буд ?» бо далелҳои фаровон ба чунин натиҷа мерасад, ки «Насри дувум, Балъамӣ ва Рӯдакӣ бо қарматиҳо ҳеч муносибате надоштанд. Ҳикоёти роҷеъ ба азли Насри дувум, қатли Балъамӣ ва кӯр кардани Рӯдакӣ бо ҳақоиқи таърихӣ мувофиқ нест»[7].

Яке аз далелҳои нобино донистани Рӯдакӣ ишораҳои Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва Носири Хусрав ба «шоири тирачашм» будани ӯст, ки аксари муҳаққиқон ба он такя кардаанд. Аз ҷумла Дақиқӣ гуфтааст :

*Устод Шаҳид зинда боястӣ*
*В-он шоири тирачашми равшанбин.*[8]

Ҳамаи муҳаққиқон тавсифи тирачашмро ба маънии кӯр пазируфтаанд. Вале дар забони форсӣ (тоҷикӣ ) «тира» маънии тамоман сиёҳро надорад ва муродифи вожаи хира мебошад, ки тобиши маъноии ниматорикро медиҳад. Масалан Фирдавсӣ борҳо калимаҳои тираранг, тирафомро ба ҳамин маъно истифода кардааст:

*Ҳаво тирафому замин тира гашт,*
*Ду дида дарун андарун хира гашт.*

-х-

*Ҳам андар замон тирагун шуд ҳаво,*
*Ба зер омад он мурғи фармонраво.*

Дар байти зайли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ низ тира ба маънии хилофи равшан истифода шудааст:

*Тирачашмему дар оби равшанем,*
*Мо чу киштиҳо ба ҳам бармезанем.*[10]

Дар асарҳои Саид Нафисӣ, А. Мирзоев, Насруллоҳ Имомӣ, Аълохон Афсаҳзод ва амсоли онҳо мисолҳои фаровоне оварда шудаанд, ки кӯри модарзод будани Рӯдакиро рад менамоянд ва ниёз ба зикри онҳо нест.

Яке аз муҳимтарину мӯътамадтарин сарчашмаҳо дар бораи рӯзгори Рӯдакӣ ашъори худи ӯст, ки мутаассифона, муҳаққиқон ба он камтар таваҷҷӯҳ кардаанд. Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ ба кӯрии ӯ сареҳан ишора нашудааст. Танҳо дар қитъаи зер таъбири «кӯрӣ кардан» ба назар мерасад, ки шоир хитобан ба ровиаш Маҷ гуфтааст:

*Эй Маҷ, кунун ту шеъри ман азбар куну бихон,*
*Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану равон.*
*Кӯрӣ кунему бода хӯрему бувем хуш,*
*Бӯса диҳем бар ду лабони паривашон.*[11]

Аълохон Афсаҳзод таркиби «кӯрӣ кардан»-ро ба маънии «айш рондан ва худро ба ғафлату фароғат задан ва зиндагиро нодида ангоштан» шарҳ додаст[12]. Вале ба назари мо дар шеъри мазкур таркиби «кӯрӣ кардан»-ро ба маънии аслиаш ҳам фаҳмидан мумкин аст. Зеро дар байти аввал шоир ба ровӣ муроҷиат намуда, азбар кардану хондани шеърҳои навашро хостааст. Шеъри мазкур ба эҳтимоли қавӣ дар давраи пирии шоир пас аз нобино гаштанаш навишта шудааст. Шоири хушбину ҳаётдӯст бо вуҷуди нобиноӣ хушгузаронии умрро авло дониста талқин намудааст.

Рӯдакӣ дар қитъаи дигари худ, ки он ҳам дар давраи пирӣ гуфта шудааст, ба шоири ҳамзамонаш Хусравонӣ, ки ӯро барои ранг кардани мӯй таъна задаст, чунин ҷавоб медиҳад:

*Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,*
*То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ.*
*Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,*
*Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ*[13].

Шеъри мазкур низ далели биноии шоир мебошад. Зеро шахси нобино аввалан ба зинати зоҳирӣ ва ранг кардани мӯй машғул намешавад ва ниёз ҳам надорад. Вале шоири ҳаётдӯст аз як тараф барои ҳифзи зебоӣ ва ҳусни худододи худ ва аз сӯйи дигар ҷиҳати мубориза бар пирӣ ба ин кор даст задааст. Сониян шоир дар шеъри мазкур танҳо аз мусибати пирӣ ёд кардааст. Агар ӯ кӯри модарзод мебуд ва ё вайро кӯр мекарданд, ҳатман ба он мусибатҳо ишора менамуд.

Дар ин масъала ба хусус қасидаи ҳасбиҳолии «Шикоят аз пирӣ»- и Рӯдакӣ, ки хушбахтона, то имрӯз комилан боқӣ мондааст, далели мӯътамад мебошад. Худи набудани ишорае ба кӯри модарзод будани шоир дар ин қасида беҳтарин далел аст. Рӯдакӣ дар қасидаи мазкур ҳам асосан аз пирӣ шикоят кардааст, ки сабаби кӯрии ӯ гаштааст. Агар Рӯдакӣ кӯри модарзод мебуд

ва ё ӯро кӯр мекарданд, ҳатман шикоят аз тақдиру душманон мекард. Зеро дар қасида ба муҳимтарин лаҳзаҳову ҷанбаҳои ҳаёту шахсияташ амсоли дар ҷавонӣ зебову хушандом, сияҳмӯю симдандон, ҳамеша хушҳолу шодон будан, ишқварзиҳои зиёдаш, дорои истеъдоди баланди сухандониву сурудхонӣ ва мутрибӣ буданаш, сипас соҳиби зану фарзанд гаштанаш, хидмат дар дарбор, шӯҳрати ашъораш, робита бо сарватмандон, дарёфти атоҳои фаровон ва ғайра ишора шудааст. Зимнан бояд гуфт, ки дарвоқеъ дар қасида тасвири шахсият хеле муҳим мебошад. Агар дар ғазал ва навъҳои дигари шеър тасвири олами ботинии инсон ба таври кулливу умумӣ сурат гирад, дар қасида тасвир бештар ҷанбаи инфиродӣ дошта, шахсияти мамдӯҳ(дар қасидаи мадҳӣ) ва ё шахсияти худи шоир (дар қасидаи ҳасбиҳолӣ) таҷассум меёбад. Аз ин рӯ дар қасидаи мазкур шахсияти шоир ва қаҳрамони ғиноии шеър айният доранд. Байти охирин ё мақтаи қасидаи мазкур ҳам далели қотее мебошад, ки кӯри модарзод будани шоирро рад менамояд :

*Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,*
*Асо биёр, ки вақти асову анбон буд*[14].

Тавре ки маълум аст, ҳеч кӯри модарзод бидуни асо ҳаракат карда наметавонад, яъне олату ёвари асосии кӯрон аз қадимулайём то имрӯз асо мебошад. Агар Рӯдакӣ кӯри модазод мебуд, дар охири умр намегуфт, ки акнун навбати ба даст гирифтани асо расидааст. Шояд баъзе муҳаққиқон ҳамон тавре ки А. Тоҳирҷонов нисбат ба калимаҳои марбут ба дидану шунидан гуфтааст, иддао кунанд, ки дар байти мазкур асо гирифтан ба маънии маҷозӣ истифода шудааст. Албатта, асо гирифтан дар забони тоҷикӣ маънои маҷозии пиру нотавон шудан, хамидақомат гаштан, мӯҳтоҷ шудан ва ҳатто азодор шуданро медихад. Вале дар байти мазкур калимаи асо ду бор такрор шудааст ва асои аввал, ки бо таъкид зикр ёфтааст, маънии асливу воқеиро дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки биноии Рӯдакӣ дар ҳақиқат заиф, яъне тира будааст, ки он ё ба таври модарзодӣ ва ё бар асари беморӣ ба вуҷуд омадааст. Табиист, ки сустиву заифии биноӣ бо мурури замон бештар гардида, дар охирҳои умри шоир боиси нобино гаштани ӯ шудааст.

Аз рӯдакишиносон ба ин натиҷа бори аввал А. Мирзоев наздик шуда буд, Ӯ дуруст ба мушоҳида гирифта буд, ки Рӯдакӣ заъфи биноӣ доштааст . Ӯ эҳтимоли ба бемории оби марворид гирифтор шудани шоирро таъкид карда буд, ки комилан табиист

ва имрӯз ҳам зиёд ба назар мерасад. Вале, мутаассифона, А. Мирзоев ин андешаи худро ба поён нарасонда, бо далелҳо тақвият нанамуд ва баръакс андешаи Саид Нафисиро ҷонибдорӣ намуда, фарзияи кӯр карда шудани Рӯдакиро таъкид кард[15].

Донишманди дигари тоҷик Раззоқ Ғаффоров низ дар мақолаи «Оид ба кӯри модарзод будан ё набудани Рӯдакӣ» дар ин бора таваққуф намуда, бо мисолҳои зиёд аз ашъори худи шоир андешаи кӯри модарзод будани ӯро рад менамояд ва кӯр карда шудани вайро ба шароити таърихиву сиёсии давраш, яъне ҷунбиши қарматия вобаста медонад[16].

Пас аз сӣ сол донишманди тоҷик Т. Отахонов дар мақолаи «Сардафтари мо нобино набуд» аз нав ба ин масъала рӯй оварда, на танҳо кӯри модарзод будани шоирро рад мекунад, балки баъдан кӯр карда нашудани ӯро таъкид месозад[17].

Соли 1373\1994 китоби устоди Донишгоҳи Аҳвози Эрон Насруллоҳ Имомӣ «Рӯдакӣ - устоди шоирон» ба табъ мерасад, ки фасли ҳаштуми он «Биноӣ ё нобиноӣ» ба масъалаи кӯрии Рӯдакӣ бахшида шудааст. Муаллиф мисолҳои фаровонро аз осори шоир ва сарчашмаҳои таърихиву адабӣ мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае меояд, ки «Рӯдакӣ ба эҳтимоли қарин ба яқин кӯр будааст, вале ин кӯрӣ наметавонад модарзодӣ буда бошад. Ва шояд шоир дар бахши аъзаме аз умри худ бо заъфи биноӣ рӯбарӯ буда ва дар авохири умр нобино шуда ва шӯҳрати нобиноии ӯ дар манобеи пас аз вай ва осори мутааххирон ба ҳамин сабаб будааст»[18]. Донишманди дигари эронӣ Музаффари Сарбозӣ низ дар фасли ҳафтуми асари худ «Рӯдакӣ» нобиноии шоирро мавриди баҳс қарор дода, ба хулосае меояд, ки ӯ «дар авохири умр дучори нобиноӣ гаштааст»[19] ва сабаби кӯрии вай бемории оби марворид мебошад, ки мил кашидан ҳам барои дармони ин беморӣ будааст[20].

Ба ин тартиб баҳс дар атрофии масъалаи нобиноии Рӯдакӣ хеле тӯлонӣ ва густурда буда, дар марҳилаи кунунӣ бар асоси далелҳои ба даст омада метавон ба чунин натиҷа расид, ки бунёдгузори адабиёти классики форсу тоҷик кӯри модарзод набуда, бар асари сустиву бемории басират ҳангоми пирӣ нобино шудааст. Аз ин рӯ ҳангоми тасвири симои шоир ва ба хусус эҷоди пайкараи ӯ ин нукта бояд ба назар гирифта шавад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 186.

2. Муҳаммад Авфӣ. Лубобулалбоб, аз рӯи чопи Э. Браун, бо эҳтимоми Муҳаммад Аббосӣ, Теҳрон, 1361, саҳ. 493.
3. Ҳамон ҷо.
4. Ҳамон асар, саҳ. 11.
5. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958, саҳ. 136.
6. Ethe H. Rudagi, der Samanidendichter // Nacrichten von der Koniglichen Gesellschaft der G. A. Universitat zu Gottingen, 1873, p. 667-668.
7. Тоҳирҷонов А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор (таърихи таҳқиқ), тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмад, Теҳрон, Амири Кабир, 1386, саҳ. 149.
8. Дақиқӣ. Девон, гирдоварии Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, Илмӣ, 1347, саҳ, 106.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 2, Москва, 1969, саҳ. 364, 365.
10. Андарзномаи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, мураттиб Мирзо Муллоаҳмад, Душанбе, Маориф, 2007, саҳ. 50.
11. Рӯдакӣ. Насими Мӯлиён, Душанбе, Адиб, 1999, саҳ.81.
12. Афсаҳзод Аълохон, Одамушшуаро Рӯдакӣ, Душанбе, Адиб, 2003, саҳ. 169.
13. Рӯдакӣ. Насими Мӯлиён, саҳ. 83.
14. Ҳамон асар, саҳ. 44.
15. Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, саҳ. 191.
16. Ғаффоров Р. Оид ба кӯри модарзод будан ё набудани Рӯдакӣ, Газетаи муаллимон, 5.08.1958.
17. Отахонов Т. Сардафтари мо нобино набуд. Адабиёт ва санъат, 22.12.1988.
18. Насруллоҳ Имомӣ. Рӯдакӣ - устоди шоирон, Теҳрон,1373, саҳ. 82.
19. Музаффар Сарбозӣ. Рӯдакӣ, Теҳрон, 1376, саҳ.90.
20. Ҳамон асар, саҳ. 91.

## ШЕЪРИ РӮДАКИВОР, ВАЛЕ АЗ РӮДАКӢ НЕСТ

Устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз пурмаҳсултарин шоирони олам буда, ба қавли шоири асри Х11 Рашидии Самарқандӣ як миллиону сесад ҳазор байт ё ҳадди ақалл сад ҳазор байт офаридааст. Вале, мутаассифона, аз ин ганҷинаи бузург

дурдонаҳои хеле каме боқӣ мондаанд. Девон ё девонҳои ашъори шоир бо мурури замон бар асари ҳамлаҳои харобиовари аҷнабиён нобуд гардида, танҳо чанд порае аз онҳо тавассути сарчашмаҳои гуногун то имрӯз расидаанд. Бо талошу ҷустуҷӯ ва кӯшишҳои пайгиронаи донишмандони кишварҳои гуногун тақрибан 1100 байт аз ашъори шоир ҷамъоварӣ ва нашр шудааст. Вале азбаски нусхаҳои қадимии он сарчашмаҳо ҳанӯз ба даст наомадаанд, дар миёни ашъори ҷамъоваришуда шеъру байтҳои машкук кам нестанд. Барои ҷудо кардани он шеърҳо низ муҳаққиқон корҳои зиёде анҷом додаанд. Бо вуҷуди ин ҳанӯз дар маҷмӯаҳои ашъори устод Рӯдакӣ байту шеърҳои шубҳаовар ба назар мерасанд, ки шеъри машҳури «Бихандад лола дар саҳро» аз ҷумлаи онҳост. Ин шеър дар баъзе маҷмӯаҳои ашъори Рӯдакӣ, ки дар Тоҷикистон ва Эрон ба табъ расидаанд, ҷой дода шудааст. Он ҳамчунин дар рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон борҳо ҳамчун шеъри Рӯдакӣ чоп шуда, дар байни мардум паҳн гаштааст. Онро сарояндаи тоҷик Тӯҳфа Фозилова бо оҳанги дилнишин сурудааст. Имрӯзҳо низ суруди мазкурро сарояндагони зиёде бо оҳанги марғуб месароянд. Суруд аз ду байти зер иборат аст:

*Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.*
*Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,*
*Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун.*

Шеъри «Бихандад лола дар саҳро» бори аввал ба номи Рӯдакӣ дар асари «Устод Рӯдакӣ»-и С. Айнӣ ба назар мерасад, ки ҳамчун намунаи барҷастаи тасвири табиат зикр мешавад. Вақте ки С. Айнӣ охири солҳои 30 асри XX ба ҷамъоварии ашъори Рӯдакӣ машғул шуд, ҳолиё сарчашмаҳои зиёде ба ӯ дастрас набуданд. Дар ин бора ӯ дар муқаддимаи китоби мазкур навиштааст: «ёфтани шеърҳои устод Рӯдакӣ аз тафтиши шахсияти ӯ ҳам душвортар буд. Мо дар ин бора маҷбур шудем, ҳар байтеро, ки дар ҳар ҷо бинем, гирем. Бештарини ин байтҳо он гуна байтҳоянд, ки аз ғазалҳо, қасидаҳо, қитъаҳо ва достонҳои устод бесарубун шуда (бе аввалу охир) мондаанд»[1]. «Бихандад лола дар саҳро» низ аз ҷумлаи ҳамин гуна шеърҳо буд. Ин шеър, ки дар ҳақиқат хеле соддаву хушоҳанг аст, дар байни мардуми тоҷик шӯҳрат пайдо кард. Аз ҷумла, Р. Амонов дар зимни мақолае шеъри мазкурро оварда, навиштааст: «Ҳусни табиии Панҷрӯдро тамошо мекардему беихтиёр мисраъҳои ҷонбахши устод Рӯдакӣ ба хотир мерасид».[2] Шеъри мазкур сипас дар

маҷмӯаи «Рӯдакӣ. Шеърҳо» (муратибон У. Каримов, С. Саъдиев), «1000 мисраи Рӯдакӣ» (мураттиб Р. Ҳодизода), «Девони Рӯдакӣ» (мураттиб Манучеҳри Донишпажӯҳ) ва ғ. ба табъ расидааст.

Дар маҷмӯаҳои таҳия кардаи Саъид Нафисӣ, А. Мирзоев ва Д. Комиссаров шеъри «Бихандад лола дар саҳро» ба назар намерасад. Саид Нафисӣ унвони шеърҳои Қатронро, ки ба Рӯдакӣ нисбат медоданд, зикр намуда, таъкид мекунад, ки «ҳеҷ як аз ин 41 қасида, қитъа ва тағаззул, ки аз ашъори Қатрон ба Рӯдакӣ нисбат додаанд, аз сухани Рӯдакӣ нест, қатъан аз Қатрон аст».[3] Зимнан бояд ёдовар шуд, ки масъалаи муносибати Қатрон бо Рӯдакӣ ва тахлиту омехтагии ашъори онҳо ҳарчанд дер боз таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ҷалб менамояд, вале то ҳол ҳал нашудааст ва ниёз ба баррасии амиқтар дорад. Бори авввал дар ин бобат муаллифи «Тазкираи майхона» Ҳасани Розӣ ибни Лутфуллоҳи Теҳронӣ баҳс карда, сабаби омехтагии ашъори онҳоро дар шабоҳати номҳои мамдӯҳонашон донистааст. Сипас роҷеъ ба ин масъала муаллифи тазкираи «Маҷмаъулфусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят, ховаршиноси англис Денисон Росс, устод Саъид Нафисӣ ва А. Мирзоев дахл намуда, изҳори назар кардаанд. Онҳо ба субут расондаанд, ки омезиши ашъори Рӯдакӣ ва Қатрон аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шурӯъ шуда, бештар дар асарҳое ба назар мерасад, ки дар Ҳиндустон навишта шудаанд. Дар натиҷаи талошу ҷустуҷӯйҳои зиёд ба онҳо муяссар гардид, ки ҳатталимкон ашъори ин ду шоирро муаян намоянд. Аз ҷумла Саид Нафисӣ ба 44 шеъре, ки дар маҷмӯаҳои ашъори Рӯдакӣ мавҷуданд, ишора намуда, ба Қатрон тааллуқ доштани онҳоро таъкид кардааст.Яке аз он шеърҳо «Бихандад лола дар саҳро» мебошад, ки ба шумораву саҳфаи он ишора шудааст.

Ҷустуҷӯйҳо нишон доданд, ки дар ҳақиқат «Бихандад лола дар саҳро» порае аз ҳамон шеърҳоянд, ки мутааллиқ ба Қатрон мебошанд. Дар девони Қатрон қасидае мавҷуд аст, ки ба мадҳи Амир Абулфатҳ бахшида шуда, аз 35 байт иборат аст ва бо матлаи зер оғоз меёбад:

*Маҳи найсон шабехун кард чун бар он маҳи конун,*
*Ки гардун гашт аз ӯ пургарду ҳомун гашт аз ӯ пурхун*

.

Байти ҳаштуми ин қасида чунин аст:

*Бихандад лола дар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,*
*Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун*

.

Байти даҳуми қасидаи мазкур ин аст:

*Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,*
*Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун*
.

Тавре ки мебинем, шеъри «Бихандад лола дар саҳро» аз ду байти мазкури қасидаи Қатрон таркиб ёфтааст. Ба эҳтимоли қавӣ байтҳои мазкур бо содагиву таровати худ таваҷҷӯҳӣ хонандаеро ҷалб намудаанд ва ӯ онҳоро шояд дар баёзе ба номи Рӯдакӣ сабт намудааст, ки мавриди истифодаи устод С. Айнӣ қарор гирифтааст.

## ПАЙНАВИШТ


1. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 11, китоби якум, Д., 1963, саҳ. 489.
**2.** Р. Амонов. Қабри Рӯдакӣ ёфт шуд, сурати ҳақиқии ӯ кашида мешавад! маҷ. «Шарқи Сурх», 1956, №12; саҳ. 65.
3. Саъид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ, Теҳрон, Аҳуро, 1382 ҳ.ш, саҳ. 300.


## Фирдавсӣ – шоири асри X

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ шоҳкори адабиест, ки дар муддати хеле тӯлонӣ-беш аз сиву панҷ сол иншо шудааст. Фирдавсӣ замоне ба навиштани ҳамоса шурӯъ кард, ки давлати пуриқтидори Сомониён рушди сареъи худро қатъ намуда, даврони ошуфтагиву таназзулро ба сар мебурд. Аз ҷумла, сипоҳи туркон дар умури давлатдорӣ асари зиёд расонда, бо кӯшиши Алптегин дар Ғазнин пояҳои давлати ояндаи туркони ғазнавӣ гузошта мешуд. Ин вазъи ногувор барои амнияти ватан Фирдавсиро водор намуд, ки ба иншои «Шоҳнома» пардозад, то бо эҳёи гузаштаи пурифтихор эҳсоси худшиносии миллии эрониёнро аз хомӯш шудан боздорад, яъне ӯ саъй мекард, ки машъали афрӯхтаи Исмоили Сомонӣ ва Наср ибни Аҳмад хомӯш нагардад. Вале вақте ки «Шоҳнома» ба анҷом расид, давлати Сомониён таназзул карда, аз тарафи Қарохониён ва Ғазнавиён барканор гардид. Чунон ки аз байти зери Фирдавсӣ бармеояд, ӯ таълифи «Шоҳнома»-ро соли 400 ҳ. ба поён расондааст:

Зи ҳиҷрат шуда панҷ ҳаштод бор,
Ки гуфтам ман ин номаи шоҳвор.

Ба сабаби ноороми замон ва набудани шахси сазовори ин шоҳасар ӯ муддати зиёде онро нигоҳ медорад:

Суханро нигаҳ доштам соли бист
Бад-он то сазовори ин ганҷ кист.

Ниҳоят шояд таваҷҷӯҳи зиёди Султон Маҳмудро ба шоирон ва саховатмандии ӯро нисбат ба онҳо мушоҳида карда Фирдавсӣ ба достон ситоиши султонро илова мекунад ва онро ба ӯ пешкаш месозад.

Аз ин ҷост, ки дар хусуси мансубияти Фирдавсиву «Шоҳнома»-и ӯ ба ин ё он давраи адабӣ миёни муҳаққиқон ихтилофи назар мавҷуд аст. Аксари муҳаққиқон чун Ҳермон Эте, Эдуард Браун, Шиблии Нӯъмонӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Ризо Доии Ҷавод, Ризозода Шафақ, Абулҳусайни Заринкӯб, Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб, Абдулғанӣ Мирзоев, И. С. Брагинский ва амсоли онҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсиро офаридаи аҳди Ғазнавиён донистаанд. Маншаи ин андеша шояд аввалан тазкираи «Лубобулалбоб»-и Муҳаммад Авфӣ бошад, ки дар он роҷеъ ба Фирдавсӣ дар боби «Зикри шуарои Оли Носир» сухан рафтааст. Вале маълум мегардад, ки Муҳаммад Авфӣ бештар поёни умри шоирро дар назар доштааст ва аз ҳамин назар Кисоии Марвазӣ, Баҳромии Сарахсӣ, Робиаи Балхиро низ, ки аз шуарои қарни X ё аҳди Сомониён мебошанд, ба ин давра шомил кардааст[1].

Сониян ба Султон Маҳмуд пешкаш шудани «Шоҳнома» онро зоҳиран чун падидаи замони Ғазнавиён ба ҷилва меорад. Аммо чунон ки зикр шуд, «Шоҳнома» дар аҳди Сомониён дар охири асри X ба поён расида буд ва аз офаридаҳои Фирдавсӣ дар аҳди Ғазнавиён ба ҷуз чанд байти дар мадҳу ҳаҷви Султон Маҳмуд гуфтаи ӯ чизи дигаре боқӣ намондааст.

Забеҳуллоҳ Сафо адабиёти асри X ва нимаи авали асри X1-ро ҳамчун як давраи адабӣ мавриди баррасӣ қарор дода, Фирдавсиро дар радифи Унсуриву Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ гузоштааст. Ба назари мо адабиёти нимаи аввали асри X1 ҳарчанд идомаи адабиёти аҳди сомонист, вале чунон ки баъдтар хоҳем дид, пас аз шикасти давлати Сомониён дар адабиёт ҳам ба хусус дар мавзӯот, ҳадафҳои асосӣ ва рӯҳияи он таҳаввулу тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад, ки боиси аз ҳам ҷудо шудани ин ду давра гаштааст. Бинобар ин «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон падидаи адабиёти аҳди Ғазнавиён донист.

Яке аз аввалин донишмандоне, ки масъалаи мазкурро дуруст дарк кардаанд, устод Садриддин Айнӣ буд. Ӯ дар рисолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навиштааст: «Чунончи устод Абулҳасан Рӯдакии бухороии машҳур, Дақиқӣ, Муродӣ ва дигарҳо маҳсули ҳамин давра (аҳди Сомониён – М.М. ) буданд, инчунин Фирдавсӣ ҳам яке аз симоҳои намоёни ҳамон давра аст»[2].

Донишмандоне чун Ян Рипка, Муҳаммаднурӣ Усмонов, Холиқ Мирзозода ин андешаро тақвият дода, Фирдавсиро намояндаи бузурги адабиёти аҳди сомонӣ донистаанд. Аз ҷумла, Муҳаммаднурӣ Усмонов навиштааст: «Достони Фирдавсӣ ба тақозои шароити таърихие, ки давлати Сомониён дар асри X ба вуҷуд оварда буд, падид омадааст»[3].

Барои он ки ҳақиқати масъала равшан гардад ва дар мансубияти Фирдавсӣ ба аҳди Сомониён шубҳае боқӣ намонад, муносибати шоирони асри X1, яъне замони Ғазнавиёнро ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба таври иҷмолӣ баррасӣ мекунем. Ин ҷо роҷеъ ба ривоятҳои зиёде, ки дар бораи муносибатҳои шахсии Султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ дар тазкираҳо сабт аст ва ғалат будани аксари онҳоро муҳаққиқон, аз ҷумла Садриддин Айнӣ дар рисолаи мазкур нишон додаанд, таваққуф намекунем ва танҳо ин нуктаро ёдовар мешавем, ки мусалламан «Шоҳнома»-и Фидавсӣ ба Султон Маҳмуд писанд наомадааст ва мавриди қадршиносии ӯ қарор нагирифтааст. Чунин муносибатро дар робитаи шоирони қарни XI бо «Шоҳнома» ҳам метавон мушоҳида кард. Шоирони аҳди Ғазнавиён чун Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ҳар гоҳ сухан аз футуҳоту корнамоиҳои мамдӯҳ равад, ба ситоиши муболиғаомез пардохта, ҳамеша ӯро аз қаҳрамонони «Шоҳнома» бартар медонанд. Ҳоло мо чанд намунаро фақат аз осори яке аз намояндагони адабиёти ин давра Фаррухии Систонӣ, ки девони ӯ тақрибан ба таври комил боқӣ мондааст, нақл мекунем. Аз ҷумла Фаррухӣ дар қасидае лашкаркашии Султон Маҳмудро ҳангоми фатҳи Хоразм тавсиф намуда, ӯро аз бузургтарин қаҳрамонони «Шоҳнома» Рустам ва шоҳи машҳур Ҳушанг ба маротиб афзал мешуморад:

Эй ба лашкаршиканӣ бештар аз сад Рустам,
Эй ба ҳушёрдилӣ бештар аз сад Ҳушанг,
Бежан ар бастаи ту будӣ, раста нашудӣ
Ба ҳиял сохтани Рустами нев аз Аржанг.

Дар қасидаи дигари шоир, ки он ҳам ба мадҳи Султон Маҳмуд бахшида шудааст, «Шоҳнома» саросар иборат аз афсонаҳои дурӯғ Дониста шудааст:

Гуфто: «Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеҷ шаҳ бувад?»
Гуфтам: «Зи ман мапурс, ба «Шаҳнома» кун нигоҳ».
Гуфто, ки «Шаҳнома» дурӯғ аст сарбасар,
Гуфтам: «Ту рост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ»[4].

Чунонки ҳувайдост, Фаррухӣ низ ба тақозои майлу хоҳиши мамадӯҳаш Султон Маҳмуд моҳият ва арзиши баланди ватандӯстии «Шоҳнома» ва аҳдофи олии Фирдавсиро нодида гирифтааст. Байтҳои мазкур ривояти зерро, ки дар «Таърихи Систон» дарҷ шудааст, ба хотир меорад: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд.

Маҳмуд гуфт: «Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст».

Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод! Надонам андар сипоҳи ту чанд мард чун Рустам бошад. Аммо ин донам, ки худои хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид». Ин бигуфт ва замин бӯса карду бирафт»[5].

Дар зимни мадҳи бародари Султон Маҳмуд сипаҳсолор Амир Юсуф ва писараш Султон Масъуд низ беэътиноии Фаррухӣ ба қаҳрамони «Шоҳнома» мушоҳида мешавад:

Сафдар чун ту набуд Рустам ё Сом,
Меҳтар аз ту набуд Ҷам ё Нузар.

***

Зи мардум он чи ту кардӣ ҳаме ба андак сол
Ба солҳои фаровон накард Рустами Зар.

***

Махон қиссаи Рустами Зовулиро
Аз ин пас дигар, к-он ҳадисест мункар[6].

Чунин ситоишҳои пурмуболиға ва беэътиноӣ ба «Шоҳнома» ва қаҳрамононаш дар қасоиди Фаррухӣ ва муосиронаш хеле фаровон аст, ки бешубҳа аз сиёсати давлати Ғазнавиён ва муносибати шоҳони ғазнавӣ ба «Шоҳнома» маншаъ мегирад. Тавре ки баррасиҳо нишон медиҳанд, амирони сомонӣ сиёсати диниву ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бо ҳам пайваста баробари тарғиби дини ислом ба барангехтани эҳсоси ватандӯстии мардум низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамуданд. Вале Ғазнавиён сиёсати диниро шиору ниқоби худ қарор дода, ба футӯҳоту ғоратгарии кишварҳои ҳамсоя мепардохтанд. Ҳарчанд онҳо худро зоҳиран пайрави Сомониён вонамуд карда, шоиронро ба дарбор ҷамъ оварданд, вале ҳадафи онҳо дигар буд. Барои шоҳони ғазнавӣ на андешаҳои ватандӯстиву ифтихори миллӣ, балки мадҳу ситоиши корнамоиҳо ва футуҳоташон муҳим буд. Аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ба ҳадафҳои онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ созгор набуд ва сабаби қадр нашудани он ҳам дар ҳамин аст. Ин сиёсати Ғазнавиёнро шоирони дарбор хуб дарк карда буданд, аз ин ҷост, ки «Шоҳнома»

ва қаҳрамонони онро паст мезаданд. Вале баъзе муҳаққиқон омилҳои дигарро сабаби пазируфта нашудани «Шоҳнома» нишон додаанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкӯб дар бораи Султон Маҳмуд сухан ронда, соҳибзавқу шеърдӯст будан ва махсусан тамоили зиёди диниву мазҳабӣ доштани ӯро таъкид намуда, сабаби муносибати нохуши султонро ба шоир дар ҳамин замина документ навиштааст: «Чунонки иллати адами илтифоти ӯ ба «Шоҳнома» зоҳиран иттиҳоми Фирдавсӣ ба рафзу иштимоли китоби ӯ бар корномаи маҷус бояд буда бошад»[7].

Вале ба назари мо ҳам шеърдӯстӣ ва ҳам динпарастии Султон Маҳмуд ҷанбаи тазоҳурӣ дошта, дар зери ниқоби онҳо ғаразҳои сиёсӣ нуҳуфтааст. Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки сусту заиф будани эътиқоди динии ӯро нишон медиҳанд, ки ба ин Абдулҳусайни Заринкӯб ҳам иқрор аст ва «динро василаи ағрози дунявӣ» сохтани ӯро таъйид кардааст.

Тавре ки маълум аст, Султон Маҳмуд барои пойдории давлати худ ва ба даст овардани сарват роҳи футуҳи кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, Ҳиндустонро, ки яке аз ғанитарин кишварҳои Шарқ маҳсуб мешуд, пеш гирифт ва дар ин ҷода мисли гузаштагони худ Алптегину Сабуктегин сиёсати диниву мазҳабии ғазавотро ниқоб қарор дода, ба лақаби ғозӣ ҳам машҳур гашт. Ӯ бо ин баҳона тавонист ҳамчунин гурӯҳи калони одамони бекору хонахаробшударо, ки дар ҳар маврид омодаи исён буданд, ба ғазавот ҷалб намояд ва ё мухолифони зиёди худро аз байн барад. Бинобар ин таваҷҷӯҳи Султон Маҳмуд ба дину мазҳаб натиҷаи «завқи мазҳабӣ»-и ӯ набудааст. Сиёсати пешгирифтаи Султон Маҳмуд ҳарчанд аз тарафи шоирони дарбораш бо ҳар васила рӯйпӯш ва ситоиш мешуд, вале моҳияти ғоратгаронаи он ҳанӯз дар ҳамон аср ошкор шуда буд ва аз ҷумла Носири Хусрав дар хусуси сиёсати риёкоронаи динии Маҳмуд навиштааст:

Он ки ба ҳиндувон буд, яъне ки ғозиям,
Аз баҳри бадрагон, на зи баҳри ғазо шудаст.

Ин ҳама гувоҳ бар он аст, ки ба Султон Маҳмуд на матолиби мазҳабии «Шоҳнома», ки мақоме надорад, балки пеш аз ҳама андешаҳои ватандӯстӣ, ифтихор ба гузаштаи дурахшони тамаддуни Эрон, эҳёи Аҷам («Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ»), ки комилан бо сиёсати давлати Сомониён созгор буданд, писанд наёмадаанд[8] Аз ин ҷост, ки ин шоҳкори бузурги назм, ки маъруфтарин шоирони оламро мафтун кардааст, мавриди қабули шоирони дарбори Султон Маҳмуди туркнажод қарор нагирифт. Бинобар ин «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ҳам аз лиҳози таърихи

таълиф, ҳам аз нигоҳи мавзӯъу мундариҷа ва муҳимтар аз ҳама аз назари рӯҳияву мароми ватандӯстиаш наметавон ба адабиёти аҳди Ғазнавиён ё қарни XI мансуб донист. Ин шоҳасар воқеан аз ҳар лиҳоз ба адабиёти давраи Сомониён қаробату ваҳдат дошта, як ҷузъи таркибии он мебошад ва бояд шоҳкори асри X арзёбӣ шавад.

## ПАЙНАВИШТ

[1] Муҳаммад Авфӣ. Лубобулалбоб, аз рӯи чопи Браун, бо муқаддимаи Муҳаммад Қазвинӣ, таҳқиқи Саид Нафисӣ, Т., 1361, саҳ. 519-526, 542, 548-550; [2] Садриддин Айнӣ. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ //Куллиёт, ҷ. 2, китоби аввал, Д., 1963, саҳ. 15.

[3] М. –Н .О. Османов. Фирдоуси. Жизнь и творчество, М., 1959, стр.

1 [4] Фаррухии Систонӣ. Девон, ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Т., чопи дуввум, 1349, саҳ. 206;

[5] Таърихи Систон, вироиши матн: Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ, Т., 1373, саҳ. 3. [6]Абулҳусайни Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон, Т., 1375, саҳ. 233-234;

2 [7] Дар ин бора дар асарҳои зайл батафсил сухан рафта, далелҳои зиёд оварда аанд· [8]Якубовский. Махмуд Газнави // «Фердоуси». Л., 1934; Н.В.Пигулевская и др. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII в. Л., 1958; Носири Хусрав. Девон, ба кӯшиши Муҷтабо Минавӣ ва Маҳдии Муҳаққиқ, Т., 1353, саҳ. 54

# Ҳикмату тарбият дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ

Абулқосим Фирдавсӣ дар аксари манбаъҳои таърихиву адабӣ ба унвони «ҳаким» ёд шудааст ва имрӯз ҳам муҳаққиқон бидуни шубҳае ин унвонро ба шоири бузург арзандаву шоиста медонанд. Баъзе муҳаққиқон ҳатто саъй кардаанд, ки бо далелҳо мутобиқати унвони мазкурро ба шоири бузург ба субут расонанд. Аз ҷумла донишманди покистонӣ Мумтоз Ғафур унвони ҳакимро нисбат ба Фирдавсӣ ба маънии файласуф ва муаллими ахлоқ ба кор бурдааст.[1]

Донишманди эронӣ Ризо Мустафавӣ дар мақолаи «Чаро ба Фирдавсӣ лақаби «ҳаким» додаанд?» дар ин бобат амиқтар баҳс намуда, аввалан тавсифҳои ситоишомези фаровонеро, ки дар манбаъҳои таърихиву адабӣ ба Фирдавсӣ додаанд, ҷамъ оварда, сипас мисолҳои зиёдеро аз осори гузаштагон ва муосирон меорад, ки аз ӯ ба унвони «ҳаким» ёд карданд.

Ризо Мустафавӣ сипас шарҳи вожаи «ҳаким»-ро дар фарҳангҳо ва худи Шоҳнома ҷустуҷӯ намуда, дар охир ба чунин хулоса меояд: «Бо таваҷҷӯҳ ба шавоҳид ва далоили ёдшуда чунин истинбот мегардад, ки «ҳаким» чи аз назари

корбурди он дар худи Шоҳнома барои дигарон ва чи аз ҷиҳати истеъмоли Фирдавсӣ барои худаш маънои воҳиде дорад ва ба ҳамон маънии ёдшуда барои ду мавриди охир (маънии шумораи 3) аст ва ҳаким бо ин маънии пурмағзу мӯҳтаво ба баъзе дигар аз шоирон ҳам (ба ҳақ ё ноҳақ) дода шуда, дар ҳоле ки онон низ асари мустақиле дар илми ҳикмат надоштанд».[2]

Яъне ба ақидаи муаллифи мақола унвони ҳаким нисбат ба Фирдавсӣ ба маънии «доно, хирадманд, фарзона, хирадпажӯҳ, росту дурустгуфтору кирдор ва кунандаи корҳои сазовор»[3] истифода шудааст, ки дар ин шакке нест. Вале мутаассифона, муаллиф ба таври возеҳу дақиқ ба суоли унвони мақолааш посух надода, дар охир таъкид мекунад, ки ҳарчанд дар Шоҳномае байтҳое мавҷуданд, ки «мафоҳими марбут ба илми ҳикматро дар бар дорад... ӯро дар радифи ҳакимоне ҳамчун Мулло Садро ва Ибни Сино ва Хоҷа Насир ва Форобӣ ва дигарон»[4] маҳсуб намедорад.

Дуруст аст, ки Фирдавсӣ мисли Ибни Синову Форобӣ файласуф набуд ва рисолаҳои илмии фалсафӣ нанавиштааст. Вале ӯ аз илми фалсафа, бахусус ҳикмати амалӣ огоҳии комил дошт ва Шоҳнома ганҷинаи афкори фалсафӣ ва панду мавъиза ҳам ҳаст, ки ба ин донишмандони зиёде ишора кардаанд. Аз ҷумла донишманди Афғонистон Восифи Бохтарӣ дар мақолааш «Фирдавсӣ дар қаламрави фалсафа» чанде аз андешаҳои амиқи фалсафии ӯро мавриди таҳлил қарор додааст.

Тавре ки муҳаққиқон ба субут расондаанд, Фирдавсӣ на танҳо аз фалсафа, балки аз равоншиносӣ, нуҷум, фиқҳи исломӣ ва дигар илмҳои замона ба хубӣ огоҳ будааст. Дар ин бора Ғуломалии Афрӯз фармудааст: «Агарчи Фирдавсӣ равоншинос ба маънои ахасси он набудааст, аммо ба хубӣ ба қавонини ҳоким бар нафсонияти инсон, боварҳои омма ва низоми арзишии ҷомеа огоҳ буда ва ҳамонанди як ҷомеашиноси ҳозиқу равоншиноси огоҳ ва муаллими дилсӯз бо илҳом аз равишҳои тарбиятии Қуръони карим ба меваҳои мустақим ва ғайримустақим, бо андарзҳои ҳакимона ва ишороту тамсилҳои мутафаккирона ба таҳзиби ахлоқ, худсозӣ, хударзишмандӣ ва иззати нафс, тақвияти ирода ва шуҷоати ахлоқии ҷомеа пардохтааст».[5]

Бинобар ин ба натиҷае омадан мумкин аст, ки ҳаким дар унвони Фирдавсӣ пеш аз ҳама, ба маънии васеъи донишманд ба кор рафтааст. Донишманде, ки аз илмҳои гуногуни замон, бахусус фалсафа, фиқҳ ва ҳикмати амалӣ ба хубӣ огаҳ аст.

Тавре ки зикр шуд, роҷеъ ба афкори фалсафии Фирдавсӣ муҳаққиқони зиёде изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла дар рисолаҳои М. Раҷабов, Боқири Парҳом, Саиди Ҳамидиён, Муртазо Соқибфар ва амсоли инҳо андешаҳои фалсафӣ ва махсусан иҷтимоиву сиёсии шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бинобар ин мо ба тақозои мавзӯи мақола асосан перомуни ҳикмати амалӣ дар Шоҳнома таваққуф менамоем.

Дар бораи мафҳуми ҳикмат ва анвоъу ақсоми он дар манобеъ донишманди эронӣ Зиёуддини Саҷҷодӣ дар мақолаи «Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ» баҳс намуда, ба сабабҳои ҳаким унвон гирифтани шоир ишора кардааст: «Ҳол агар ба диққати тамом дар Шоҳнома бингарем, Фирдавсиро соҳиби ҳамаи ин фазоил (яъне ҳикмат, шуҷоат, иффат, адолат ва амсоли инҳо – М.М.) ва ороста ба ҳикмат мебинем, ки асари ҷовидонии ӯ ҳам ҳамин ҳикматҳо ва суханони ҳакимонаро дар бар дорад ва ба хонандаи дақиқу нуктасанҷ ироа медиҳад».[6]

Сипас дар мақола чанд намуна аз абёти ҳакимонаи шоир дар мавзӯъҳои мухталифи ахлоқӣ бидуни таҳлилу таҷзияи муфассал нақл мешавад.

Манучеҳри Муртазавӣ доираи ҳикмати Фирдавсиро дар Шоҳнома маҳдуд намуда, фақат аз тасвири муборизаи неку бад ва чанд мавзӯи дигар иборат

медонад: «Асоси ҳикмати Фирдавсӣ дар муборизаи хайру шарр маротиби хаёлангези саъю кӯшиш ва диловарию паҳлавонии инсон дар зери фишору таъсири муҳити тақдиру сарнавиштӣ ва нопойдории умру давлату бахт ва бесаранҷомии умури ҷаҳон хулоса мешавад».

Саҷҷоди Чӯбина низ Шоҳномаро «маҷмӯан ҳикматномае манзум» дониста, масъалаҳои гуногуни ахлоқиро аксаран дар муқоиса бо оёти Қуръони маҷид ва ҳадисҳои набавӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Масалан, роҷеъ ба пайдоиши моҳияти инсон байтҳои зерини Шоҳнома оварда мешавад:

Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.
Сараш рост баршуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корманд.
Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон бараад.

Муҳаққиқ абёти мазкурро илҳомгирифта «аз китоби худо ва суннат»[7]дониста, аз сураҳои Бақар, Алақ, Инсон, Исуро, Ҷосия ва аз ҳадиси Имом Ҷаъфари Содиқ (а) далелҳо меорад. Аз ҷумла ояи зерини сураи Инсон нақл мегардад: «Мо одамизодагонро гиромӣ доштем ва онҳоро дар хушкиву дарё (бар маркабҳои роҳвор) ҳамл кардем ва аз анвои рӯзиҳои покиза ба онон рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз мавҷудоте, ки халқ кардаем, бартарӣ бахшидем».

Китоби Саҷҷоди Чӯбина дарвоқеъ аз аввалин шарҳҳои муфассал роҷеъ ба ҳикмати Фирдавсӣ мебошад, вале он ҳам комил набуда, дар он ҳикматҳои шоиру мутафаккири бузург фақат аз дидгоҳи ҷаҳонбинии тавҳидӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳол он ки доираи ҳикмати Фирдавсӣ хеле васеъ буда, аз манбаъҳои мухталиф маншаъ мегирад ва ҷанбаҳои гуногун дорад, ки ба онҳо муҳаққиқони дигар ишора кардаанд.

Қабл аз он ки ба баррасии ҳикматҳои Фирдавсӣ пардозем, лозим аст як нуктаро равшан намоем. Баъзе донишмандон баёни андешаҳои ахлоқӣ ва панду ҳикматро барои адабиёт, бахусус шеър комилан ноҷоиз медонанд. Аз ҷумла донишманди маъруфи Эрон Алии Даштӣ дар ин бора навиштааст: «Мегӯянд шоир бояд воиз ва мураббии ахлоқ бошад. Шоир агар панд диҳад ва дарси ахлоқ диҳад, дигар шоир нест, балки воизест, ки мувоазаро дар либоси назм даровардааст.

Иршоди мардум ба макорими ахлоқ ва наҳйи онон аз разоилу зиштиҳо кори писандида ва хубест. Вале ин кор аз вазоифи уламои ахлоқ ва мураббиёни иҷтимоъ аст. Агар шеър василаи нашри фазоил бошад, дигар шеър нест, балки дастурҳоест дар ҳулияи назм ва шояд ба ҳамин восита муассиртар буда, дар азҳон беҳтар нуфуз кунад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки онҳо дигар назманд, на шеър».[8]

Дуруст аст, ки бо манзум кардани дастурҳои ахлоқӣ ҳанӯз асари бадеӣ, яъне шеър ба вуҷуд оварда намешавад ва дар асарҳои пешин рисолаҳои манзуми ахлоқӣ амсоли Пандномаи Бузургмеҳр, Зафарнома, Роҳат-ул-инсон кам набуданд. Вале ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки ахлоқро комилан аз адабиёт ҷудо карда, баёни масоили ахлоқӣ фақат вазифаи уламои ахлоқ дониста шавад.

Тавре ки маълум аст, ҳадафи адабиёт ҳам, пеш аз ҳама, тасвири инсон, эҳсосу андеша, омолу ормон, рӯзгору рафтори ӯст. Адибони бузурги ҳамаи халқҳову ҳама замонҳо саъй кардаанд, ки бо сори худ барои ташаккули инсон, пешрафту рушди маънавии он саҳме гузоранд. Аз ин ҷо пай бурдан душвор нест,

ки ҳадафи адабиёт ва адибон низ бо аҳдофи донишмандону мураббиён тақрибан яксон аст. Фақат тарзу василаи амали онҳо тафовут дорад. Агар файласуфону муаллимони ахлоқ бо рисолаҳои илмӣ тавассути афкору андешаҳои мантиқӣ матлабро баён кунанд, адибон ҳамон ҳадафро бо тасвири бадеӣ, сувари хаёл, эҳсосоти рангину муассир ифода менамоянд. Ба иборати дигар, ҳадафи донишманду адиб тақрибан як буда, тарзи ироаи он фарқ мекунад. Масалан, донишманди соҳаи ахлоқ бо нақли мисолҳо аз зиндагӣ ва нишон додани манфиати дӯстӣ зарурати онро дар ҳаёти инсон таъкид мекунад ва одамонро ба таҳкиму тарвиҷи дӯстӣ даъват менамояд.

Ҳамин матлабро Рӯдакӣ бо тасвири эҳсоси гуворои шодмонӣ аз дидори дӯст хеле таъсирбахш баён кардааст:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

Абӯшакури Балхӣ ҳам зарурати дӯсту дӯстиро барои инсон тавассути монанд кардани дӯст ба сипар, ки эминдорандаи инсон аз хатар аст, таъкид намудааст:

Бувад дӯст мар дӯстро чун сипар,
Беҳ аз дӯст мардум кӣ бошад дигар?

Вале Ҳофиз матлаби фавқро бо истиораи дарахти дӯстӣ ва монанд кардани дӯстӣ ба дарахти пурсамар баён кардааст:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Тавре ки мебинем, дар мисолҳои нақшуда ва абёти ҳамонанди онҳо, ки дар осори ҳар шоир метавон пайдо кард, масъалаи асосӣ панд додан ба одамон аст, ки дӯстиро пос доранд ё ба таъбири донишмандон тарбияи эҳсоси дӯстӣ мебошад. Бинобар ин панду насиҳати инсонро вазифаи адиб надонистани баъзе муҳаққиқон ва аз адабиёти бадеӣ хориҷ кардани панду андарз на танҳо дуруст нест, балки нодида гирифтани ҳадафи аслии адабиёт аст.[9]

Дарвоқеъ агар масъалаҳои ахлоқиву маънавиро аз адабиёти бадеӣ ҷудо созем, дар он сурат арсаи адабиёти ҷаҳониро бояд аз як зумра адибони бузург амсоли Лукретсию Вергилий, Фирдавсию Саъдӣ, Толстою Ламартин холӣ кард. Чунон ки адабиётшиноси рус И. Кузмичев таъкид кардааст, осори нависандаи бузурги рус Лев Толстойро бе масоили ахлоқӣ наметавон тасаввур кард: «Мусаллам аст, ки хеле аҷиб мебуд, агар адабиётшиносони мо мазмунҳои ахлоқиро дар осори Толстой ба эътибор нагиранд. Ин имконнопазир аст, зеро ахлоқ рӯҳи диалектикаи бадеии ӯро ташкил медиҳад».[10]

Нодида гирифтани масъалаҳои ахлоқӣ дар Шоҳномаи Фирдавсӣ, ки қисмати умдаи онро фаро гирифтааст ва абёти пандомез тақрибан дар ҳар саҳифаи он ба назар мерасад, арзиши баланди маънавии асарро коҳиш дода, онро ба як қолаби берӯҳ табдил хоҳад намуд. Зеро чунон ки Муҳаммад Амини Риёҳӣ дуруст фармудааст: «Шоҳнома ганҷинаи хирад ва доноист. Саросари Шоҳнома дарси инсоният ва ахлоқ ва фазилат аст».[11]

Бесабаб нест, ки аз абёти панду насиҳатии Шоҳнома чандин маҷмӯаҳои ҷудогона мураттаб шудаанд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳамаи масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳикмати амалии Шоҳномаи Фирдавсӣ дар як мақола аз имкон берун аст. Аз ин

рӯ мо бо баррасии чанде аз муҳимтарин андешаҳои ахлоқии Фирдавсӣ иктифо менамоем.

Қабл аз он ки ба баррасии масъалаҳои ахлоқиву ҳикмат шурӯъ намоем, зарур аст, назаре ба андешаҳои Фирдавсӣ дар бораи сарчашмаи ахлоқи неку бад ва нақши тарбият дар ташаккули ин хислатҳо андохта шавад.

То ҷое, ки мо хабар дорем, ин масъала ҳанӯз дар илми ҷаҳонӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст ва донишмандон дар ин хусус ба хулосаи муайяне наомадаанд. Муҳаққиқи рус И. Кузмичев дар ин бора навиштааст: «Масъалаи таъсири ирсият ва муҳит ба ташаккули ахлоқ аз ҷумлаи душвортарину аҷибтарин масоил буда, то ин дам мавзӯи баҳсҳои тезутунд аст. Илми муосир на танҳо ирсиятро дар ташаккули хусусиятҳои равониву маънавӣ инкор намекунад, балки онро чун қонуни тағйирнопазиру аслӣ эътироф менамояд».[12]

Донишмандони тоҷику эронӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи хосе зоҳир накардаанд ва онро мавриди таҳқиқи амиқу ҳарҷониба қарор надодаанд. Ҳатто дар рисолаи «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик»-и М. Орифӣ, ки бояд масъалаи мазкур таҳқиқ мешуд, фақат дар зимни шарҳи афкори ахлоқии Ҷомӣ бо ин ишора қаноат шудааст: «Ҷомӣ ин ҷо ба он фикри Фирдавсӣ, ки дарахти талх бо ҳама парвариш ҳам меваи талх хоҳад дод, мегуфт, пайравӣ кардааст. Бо ин фикри худ Ҷомӣ таъсири ирсиятро пурзӯр  ва тарбияро дар назди он оҷиз мешуморад, ки ин аз маҳдудиятҳои ақидаҳои ӯ буда, бо таъсири замон пайдо шудааст».[13]

Тавре ки баъдтар хоҳем дид, на Фирдавсӣ ва на Ҷомӣ тарбиятро дар ташаккулу рушди шахс инкор накардаанд ва фақат онро ба шахси бадасл беасар донистаанд ва ин на аз таъсири замон, балки аз эътиқоди суннатии мардум будааст.

Чунин ишораҳо дар як зумра аз асарҳое, ки ба андешаҳои ахлоқии Саъдӣ бахшида шудаанд, низ ба назар мерасад, ки дар мавридаш ба онҳо ишора хоҳад шуд.

Донишманди шодравон А. Мирзоев ҳам дар зимни тадқиқи осори шоири барҷастаи асри 15-и тоҷик Камолиддин Биноӣ ба масъалаи мазкур, бахусус таърихи он чанд ишораи муҳим кардааст, ки қобили таваҷҷӯҳ ва ёдоварӣ мебошад. Ӯ дар боби ҷудогонаи «Биноӣ ва масъалаи ташаккулёбии шахсияти фардӣ» андешаҳои ахлоқии шоирро дар бораи пайдоиши хислатҳои неку бад бо зикру таҳлили мисолҳо аз маснавии "Беҳрӯзу Бахром" мавриди баррасӣ қарор додааст ва ба натиҷае расидааст, ки Биноӣ низ ирсӣ будани хулқи баду некро таъйид намудааст.

А. Мирзоев зимнан ба таърихи масъала назар андохта, онро ба имтиёзи табақавӣ дар ҷамъияти феодалӣ вобаста медонад. Ҳамчунин бо таъсири ҳадиси «Кулли шайъин ярҷаъу ила аслиҳи» ҷанбаи (характери) динӣ гирифтани он ақидаро таъкид менамояд. Вале ба назари мо, ақидаи ирсияти хислати бад таърихи қадимтар дошта, шояд ба давраҳои ибтидоии таърих мансуб буда, аз тасаввуроти мардум дар хусуси муборизаи оштинопазири некиву бадӣ маншаъ мегирад. Бесабаб нест, ки ин ақида то имрӯз дар тасаввури марумони эронитабор сахт ҷой гирифтааст. Зарбулмасалу мақолҳои зиёде, ки дар ин мавзӯъ ҷой доранд, аз ин гувоҳӣ медиҳанд:

Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.
Зангӣ ба шустан сафед намешавад.
Гургзода гург шавад.

Албатта, дар ташаккули ақидаи мазкур таъсири ислом, бахусус оятҳои ҷудогонаи Қуръони маҷид ҳам ҳаст, ки дар ин бобат дар мавридаш сухан хоҳад рафт.

Дар хусуси ҳадиси мазкури расули акрам (с) бошад ҳаминро бояд гуфт, ки дар он на ирсияти хислатҳои инсонӣ, балки баргашт ба асл пас аз марг таъкид шудааст ва ба масъалаи ирсияти хулқ робитаи мустақим надорад.

А. Мирзоев дар идомаи сухани худ ҳамчунин таъкид мекунад, ки дар андешаи шоирони гузашта дар хусуси ирсияти хулқи неку бад баъзан «роли тарбият инкор карда шудааст».[14]Вале пас аз тааммул дар саргузашти Беҳрӯзу Баҳроми маснавии ҳамноми Биноӣ, ки ҳар ду аз як падару модар зода шудаанду пас аз ба камол расидан бо таъсири муҳит яке манфиатрону дигаре зараррасони мардум мегардад, бар хилофи ақидаи аввал ба хулосае меояд, ки дар назари шоирон, аз ҷумла Биноӣ ихтилоф мавҷуд аст. Яъне, аз як тараф, таъсири тарбиятро нодида мегирад, вале, аз тарафи дигар, бо таъсири муҳит тағйир ёфтани хислати қаҳрамонро нишон медиҳад.

Ба назари мо, ин ҷо ихтилофе нест, балки андешае ниҳон аст, ки хислати аз асли бад реша гирифта ҳеҷ гоҳ ислоҳ, яъне нек намешавад (намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад, гургзода гург мешавад…). Вале хислате, ки аз асли нек сарчашма мегирад, бо таъсири муҳити бад ва тарбияти нодуруст метавонад бад гардад. Масалан, Баҳром аз оилаи хуб аст, вале бо таъсири одамони бад ба шахси зараррасон табдил меёбад. Шоирони форсу тоҷик дар он ақида буданд, ки тарбият ба шахси некасл хеле муҳим аст. Зеро дар сурати суст шудани тарбият ашхоси нек ба бадкор табдил меёбанд. Барои равшантар шудани масъала чанд мисолро аз шоирони гуногун аз назар мегузаронем.

Анварӣ таъкид кардааст, ки тифли бадгуҳар ҳарчанд дорои сурати зебо бошад ва дар муҳити хуб тарбият ёбад, инсони нек намешавад, яъне тарбият ба ӯ асар нахоҳад кард:

Агар тифли бадгавҳари некчеҳр,
Ки ҳуснаш фузун бошад аз моҳу меҳр.
Диҳад шири пистони худ Марямаш,
Масеҳо шавад рӯзу шаб ҳамдамаш.
Нагирад тариқи накӯахтарӣ
Шавад фолаш охир ба бадгавҳарӣ15

Фузулӣ ва Сайидои Даканӣ низ ба тифли бадсиришт таъсир накардани тарбиятро таъкид кардаанд. Вале бисёре аз шоирон ин матлабро бо мисолҳо аз олами ҳайвоноту табиат ироа намудаанд. Аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ барои таъйиди андешаи боло сагбаччаро мисол меорад, ки ҳар қадар соҳибаш онро бо камоли ғамхорӣ парвариш намояд, оқибат ӯро хоҳад газид:

Агар баччаи саг кунӣ парвариш,
Ба ташти заринаш бимонӣ хӯриш.
Ба зар пур кунӣ мӯи аъзои ӯ,
Ба гавҳар бигирӣ саропои ӯ.
Чу дар зӯру қувват шавад беназир,
Газад соҳиби хешро билахир. [16]

Барои тақвияти андешаи мазкур Абдураҳмони Ҷомӣ мори афъиро мисол меоварад, ки ба ҳама парвариши хубу тарбият ром намегардад ва ба одам захр мезанад:

Агар афъиеро бигирӣ зи дашт,
Ба ҷаннатсарояш диҳӣ сайру гашт.
Ба ҳар ҷои марғуб ҷояш диҳӣ,
Миёни гул оромгоҳаш диҳӣ.
Ғизояш гар аз решаи ҷон диҳӣ
В-агар обаш аз оби ҳайвон диҳӣ.
Нагардад бад-ин тарбият роми ту,
Ки охир кунад заҳр дар коми ту.[17]

Ба ин минвол Шоҳпири Кашмирӣ баччаи ҷуғзро, Фидоӣ ва Ноқиси Каттақурғонӣ харро мисол меоранд, ки тарбияту парвариш ба онҳо асаре надорад.

Тавре ки мебинем, дар ҳамаи мисолҳои зикршуда фақат таъсир накардани тарбият ба бадасл таъкид шудааст. Саъдӣ низ ҳамин андешаро хеле барҷаста бо мисолҳои зиёд таъкид кардааст. Вале ӯ ба асли нек ҳам ишора намуда, ёдрас мешавад, ки тарбият ба он асар мекунад:

Чун бувад асл гавҳари қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.

Аммо ба шахси бадасл тарбият таъсир намекунад:

Ҳеҷ сайқал накӯ натонад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Саг ба дарёи ҳафтгона бишӯй,
Ки чу тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд ҳанӯз хар бошад.[18]

Ин мисолҳо бори дигар ин андешаро тақвият медиҳанд, ки хулқи бади аз асли бад реша гирифта тарбиятнопазир аст. Вале асли нек вобаста ба тарбият буда, он бо таъсири муҳит ва тарбият тағйир меёбад.

Ҳамин нуктаи назари ахлоқии дар адабиёту ҳикмати мардумони эронитабор то қарни XX маъмул дар Шоҳномаи Фирдавсӣ ҳам хеле равшану барҷаста бозтоб ёфтааст. Вале муҳаққиқи андешаҳои ахлоқии шоир С. Ҳасанова онро нодида гирифтааст ва ба ихтилофи назари Фирдавсӣ дар ин масъала ишора карда, мисоле наовардааст: «Вале дар айни замон ақидаҳои ӯ (Фиравдсӣ – М.М.) дар хусуси манбаъҳои ахлоқ аз ихтилоф озод нест. Фирдавсӣ ҳам хосиятҳои модарзодиро эътироф мекунад, вале ӯ бовар дорад, ки хосияти модарзодӣ бо таъсири муҳити беруна, тарбият метавонад тағйир ёбад».[19]

Донишманди покистонӣ Ҳофиз Маҳмудхони Шеронӣ назари Фирдавсиро роҷеъ ба решаи хулқи бад дуруст дарк намуда, навиштааст: «Дар асари шарофати нисбӣ ақидаи миллии эрониён бар ин будааст, ки разилу камина ва пастфитрат ҳамеша пасту разил аст ва ҳеҷ таълиму тарбият наметавонад ӯро ба ахлоқи ҳасанаи инсоният ороста кунад».[20]

Дарвоқеъ Фирдавсӣ ҷонибдори ҳамин ақидаи маъмул буда, ҳамеша тарбиятнопазир будани ашхоси бадсириштро бо ҳар васила таъйид намудааст. Ӯ ҳам иддао дорад, ки аз мағзи талх ҳеҷ гоҳ дарахти мевааш ширин намерӯяд, ҳарчанд онро дар боғи биҳишт парвариш диҳанд:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.

В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангубин резиву шаҳди ноб.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Дар осори бозмондаи шоирони асри X форсу тоҷик на танҳо айни ҳамин андешаро метавон мушоҳида кард, балки дар байтҳои зерини Абӯшакури Балхӣ барои тақвияти фикр мисоле оварда шудааст, ки бо далели Фирдавсӣ хеле монанд аст:

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талх орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Албатта, ҳоло аз Абӯшакури Балхӣ гирифта шудани тасвири мазкурро таъйин кардан хеле душвор аст. Зеро дар Шоҳнома ишорае дар ин бора дида намешавад. Вале чуноне ки муҳаққиқон ишора кардаанд, ҳам Абӯшакури Балхӣ ва ҳам Фирдавсӣ ба эҳтимоми қавӣ дар тасвири худ аз ояи зерини сураи Иброҳими Қуръони маҷид илҳом гирифтаанд: «Ва масали сухани нопок чун дарахте нопок аст, ки реша дар замин надорад ва барпо натавонад буд».[21]

Дар Шоҳномаи Фирдавсӣ низ барои ифодаи матлаби мазкур василаҳои гуногун истифода шудаанд. Агар дар мисоли боло тамсил аз олами наботот бошад, дар мисоли зер аз олами ҳайвонот масал зада шудааст:

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез, кайфар барӣ.

Дар байти зер бошад тамсил ба олами инсонӣ мансуб буда, назари шоир хеле возеҳ ва ошкоро баён шудааст:

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сапед.

Аксари муҳаққиқон ҳангоме ки дар бораи андешаҳои Фирдавсӣ роҷеъ ба тарбият сухан меронанд, назари ӯро ба афкори ахлоқии Саъдӣ мавриди муқоиса қарор медиҳанд. Аз ҷумла донишманди покистонӣ Мумтоз Ғафур дар ин хусус навиштааст: «Фирдавсӣ дар бораи тарбият мисли Саъдӣ тарбият[22] намудааст, мегӯяд, ки бо тарбият наметавон зиштиро ба покӣ ва талхиро ба ширинӣ табдил кард».[23]Агар аслу гавҳар нест, тарбият фоидае надорад

Таҳқиқи татбиқиву қиёсии андешаҳои ахлоқии ин ду шоири бузург аз доираи вазифаи ин рисола берун аст. Бинобар ин танҳо бо зикри чанд мисол дар ин замина иктифо мешавад.

Барои андеша ҳар ду шоир зарбулмасали «зангӣ ба шустан сафед намешавад»-ро ба кор бурдаанд:

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сапед.
Фирдавсӣ

Маломат кун маро ҳарчанд хоҳӣ,

Ки натвон шустан аз зангӣ сиёҳӣ.
Саъдӣ

Фирдавсӣ дар чанд маврид барои ифодаи матлаб шербачаро мисол меорад:

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез кайфар барӣ.

Саъдӣ ҳамон матлабро бо истифода аз саг ва хар баён мекунад:

Саг ба дарёи ҳафтгона бишӯй,
Ки чун тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд ҳанӯз хар бошад.

Тавре ки қаблан зикр шуд, Фирдавсӣ барои баёни андешаи ирсӣ будани хулқи бад дарахти аз донаи талх сабзандаро мисол овардааст. Саъдӣ низ ҷиҳати ифодаи ҳамон матлаб дарахтро мисол оварда, онро мушаххас мегардонад ва аз дарахти муқл меваи хурмову шафтолу нарӯиданро таъкид менамояд:

Муқаддар аст, ки аз ҳар касе чу феъл ояд,
Дарахти муқл на хурмо диҳад на шафтолу.

Ба ин минвол Фирдавсию Саъдӣ дар масъалаи ирсияти хислатҳои неку бад ва нақши муҳиту тарбият дар ташаккули шахсият ҳамақида буда, хулқи бадро тарбиятнопазир медонанд. Саъдӣ андешаҳои Фирдавсиро ҳарҷониба ривоҷ дода, бо далел тоза такмил намудааст. Андешаҳои ахлоқие, ки ин ду адибу омӯзгори бузурги хислатҳои ҳамидаи инсонӣ баён кардаанд, то ибтидои қарни XX тақрибан бетағйир идома ёфтааст.

**Соли 1999**

## ПАЙНАВИШТ

1Мумтоз Ғафур. Фирдавсии ҳаким. Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам, маҷмӯаи мақолоти Кунгураи ҷаҳонии бузургдошти Фирдавсӣ, ба кӯшиши Ғуломризо Сутуда, Теҳрон, 1374, саҳ. 527.

[2] Ризо Мустафавӣ. Чаро ба Фирдавсӣ лақаби «ҳаким» додаанд? Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам…, саҳ. 556.

3Ҳамон ҷо, саҳ. 555.

[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 557.

[5]Ғуломалии Афрӯз. Мулоҳизоти равоншинохтӣ дар Шоҳномаи Фирдавсӣ. Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам…, саҳ .1043.

[6] Зиёуддини Саҷҷодӣ. Ҳаким Фирдавсӣ. Армуғон, 1994, №2, саҳ. 20.

7 Саҷҷода Чӯбина. Ҳикмати назарӣ ва амалӣ дар Шоҳнормаи Фирдавсӣ, 1377, саҳ. 109.

8Алии Даштӣ. Даме бо Хайём, чопи саввум, Теҳрон, 1354, саҳ. 373.

9Ин андешаи нодуруст дар матбуоти солҳои 50-60-и асри 20-и тоҷик низ аз ҷониби баъзе адибон баён шуда буд.

10 И. Кузмичев. Литература и нравственное воспитание личности. М., 1980, С. 118.

11Муҳаммад Амини Риёҳӣ. Фирдавсӣ, Теҳрон, 1375, саҳ. 323.

12И. Кузмичев. Литература и нравственное воспитание личности. М., 1980, С. 114.

13М. Орифӣ. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Душанбе, 1962, С. 102.

14 А. Мирзоев. Биноӣ, Сталинобод, 1957, саҳ. 225.

15А. Мирзоев. Биноӣ, саҳ. 445. Ин намуна ва мисолҳои дигар аз шоирони асрҳои 10-19 аз баёзи Ноқиси Каттақӯрғонӣ, ки таҳти рақами 1829 маҳфуз аст, гирифта шудаанд.

16Ҳамон ҷо, саҳ. 445.

17 Ҳамон ҷо, саҳ. 445.

18 Ҳамон ҷо, саҳ. 445.

19С. Ҳасанова. Социально-этические взгляды Абулкасыма Фирдоуси, Автореферат кандидатской диссертации. Душанбе, 1967, С. 15.[1]

20Ҳофиз Маҳмудхони Шеронӣ. Дар шинохти Фирдавсӣ, тарҷумаи Шоҳиди Ҷавҳадарӣ. Теҳрон, 1369, саҳ. 310.

21Қуръони маҷид, с. 14, 26.

22 Ин ҷо тарбият маънии равшан намедиҳад, шояд «ироа» бошад.

23 Мумтоз Ғафур. Фирдавсии ҳаким. Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам…, С. 527.

## Хирад дар «Шоҳнома»

Шоҳномаи Абулқосим Фирдавсӣ ганҷинаи пурбаҳои афкору андешаҳои баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқиву фалсафӣ буда, дар он таҷрибаву озмудаҳои башар ва бахусус мардуми эронинажод ҷамъбаст гардида, дар пирояи каломи фасеҳу ширин ва образу тасвирҳои малеҳу рангин ба зуҳур расидаанд. Яке аз мавзӯҳои муҳимме, ки дар саросари ин шоҳасар чун риштаи заррин андешаҳои гуногуни шоирро пайванд месозад, масъалаи хирад ва хирадмандист. Хирад дар Шоҳнома санги маҳакест, ки моҳияту манзалати шоҳону ҳокимон, қаҳрамонону паҳлавонон, сипоҳиёну ҳунармандон, мӯбадону донишмандон ва доираҳои дигари

инсонҳои асотириву таърихиро зоҳир менамояд ва мақому мартабаи онҳоро дар ҷомеа муайян мекунад.

Ҳарчанд дар зимни асарҳои зиёди ба Шоҳнома бахшидашуда роҷеъ ба ситоиши хирад низ сухан рафтааст, вале то ҳол ин масъала мавриди таҳқиқи ҳарҷонибаву амиқи донишмандон қарор нагирифтааст ва ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву фалсафии он равшан нагардидааст. Ҳоло мо низ аз таҳқиқи ҳарҷонибаи масъалаи мазкур худдорӣ намуда, танҳо баъзе мушоҳидаву мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба ҷанбаҳои ахлоқии ситоиши хирад дар Шоҳномаи Фирдавсӣ ва бозтоби бадеиву зебошинохтии он иброз медорем.

Қабл аз ҳама, бояд гуфт, ки дар хусуси пайдоиши вожаи хирад адабиётшиноси эронӣ Ҷалили Дӯстхоҳ дар зимни ёддоштҳояш бар асари донишманди Ҳиндустон Ҷаҳонгир Куёҷӣ изҳори назар намуда, аз ҷумла фармудааст: "дар Авесто asno xvatu (ash xrad-и паҳлавӣ) ба маънии "хиради пойдор" ё "хиради сириштӣ" аст, ки бинобар эътиқодоти зардуштӣ аз оғоз дар ниҳоди ҳар кас ба вадеъа гузошта шудааст ва дар муқобили он дар Авсето daosh sruta xrati омадааст ба маънии "хиради гӯшшуда" ё "хиради ёфтанӣ", ки аз роҳи омӯзиш ва таҷрибаандӯзӣ дар зиндагӣ ба даст меояд".[1] Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар Эрони бостон хирад ба ду навъ тақсим мешудааст, яке сириштиву худодод ё ғаризӣ ва дигаре иқтисобӣ, ки бо роҳи омӯзиш ба даст оварда мешавад. Чунон ки хоҳем дид, дар Шоҳнома низ мафҳуми хирад ба ҳар ду маънӣ корбаст шудааст.

Дар Шоҳнома ситоишу бузургдошти хирад мавқеи басо муҳимро дорост. Фирдавсӣ ба ин ғариз

муҳимро дорост. Фирдавсӣ ба ин ғаризаи беназири инсонӣ аҳамияти бузургеро қоил буда, дар саросари асар ба он таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамояд. Бесабаб нест, ки дар сарօғози шоҳасар, ки ба тариқи маъмул ба наъти парвардигори олам бахшида шудааст, Фирдавсӣ аз сифату офаридаҳои Худованд, пеш аз ҳама, маҳз хирадро интихоб ва таъкид намуда, ҳатто дар мисраи аввали нахустбайти маснавӣ ҷой медиҳад:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.

Таъкиди Фирдавсӣ ба аҳамияти хирад дар оғози Шоҳнома таваҷҷӯҳи бисёр донишмандонро ба худ кашидааст. Аз ҷумла дабири кулли созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО Федерико Майор дар кунгураи байналмилалии бузургдошти Фирдавсӣ ва "Ҳазораи

тадвини Шоҳнома", ки декабри соли 1990 дар Теҳрон баргузор гардид, аз мисраи аввали ин ҳамосаи бузург хеле муассир шуда, суханронии худро бо чунин каломи пурҳаяҷон шурӯъ карда буд:

"Ба номи Худованди ҷону хирад".

Шоҳнома – ин асари адабии фанонопазир бо чунин шукӯҳе оғоз мешавад. Дар ин асари ҷовидона бедаранг дар пайи ситоиши Парвардигор дар ҳамон нахустин сафҳа ба абёте бармехӯрем, ки лаҳзае моро ҳайрону шигифтзада бар ҷой мегузорад. Зеро ки ба тарзе номунтазир бо мадҳи хирад рӯ ба рӯ мешавем.

Оё чунин чизе дархӯри тасаввур аст? Ҳазор сол пеш, қабл аз Ренессонси Ғарб, садаҳо пеш аз қарни ҳаждаҳум – қарни равшангарӣ, пеш аз таваллуди Декарт ва таваллуди Волтер як шоири эронӣ фаротар аз ҳар чиз андешаву хирадро сутудааст. Шоири эронӣ ин ситоишро бо чунон эътиқоду бо чунон шӯру ваҷҳе баён мекунад, ки хонандаро беихтиёр шефтаи хирад месозад"[2]

Сипас ӯ андешаҳои худро дар бобати мафҳуми хирад дар Шоҳнома баён мекунад, ки хеле ҷолиби диққат буда, барои дарки масъала кӯмак мерасонад: "Хираде, ки Фирдавсӣ ба тавсифи он пардохта, ба маънои қувваи идрок ба танҳоӣ нест, балки қобилияти шинохти некиҳост, ҳикмате жарфу паҳновар аст, оромишу тумонина аст, ки аз дарун бармехезад ва зодаи тасаллут бар нафс аст. Ин мафҳуми зебо дар саросари Шоҳнома чун хуршеди тобон аст. Ин нафҳаест, ки ба Шоҳнома рӯҳ бахшидааст ва хислатест, ки Шоҳнома онро ба аълодараҷа меситояд. Дар ҷаҳон ва дар таърих камтар асаре чун Шоҳнома дида шудааст, ки инчунин мазҳари ҳуввияти миллӣ гардад"[3]

Иштирокчии дигари кунгураи мазкур донишманди урдунӣ доктор Салмон Албудур низ дар суханронии худ "Ҷанбаҳое аз ҳикмату фалсафа дар шеъри Фирдавсӣ" роҷеъ ба ақлу хирад дар Шоҳнома баҳс кушода, ба бузургдошти онҳо дуруст ишора мекунад, вале дар хусуси мафҳуми ақлу хирад дар асар якҷониба изҳори андеша менамояд:

"Аз гуфтаи Фирдавсӣ ин матлаб истинбот мешавад, ки ӯ ба ин амр эътиқод дошта, ки лаззати ҳақиқӣ лаззати ақлӣ аст ва монанди ҳукамои мусулмон лаззати ақлиро аз лаззати ҷасадӣ мутамойиз дониста, чун давоми он бештар ва доманаи он васеътар аст.

Ногуфта намонад, ки Фирдавсӣ ба буъди онтоложикии ақл ҳам ишора мекунад ва ақлро махлуқу содири аввал донистааст ва мегӯяд:

*Нахустофариниш хирадро шинос.*

Фирдавсӣ дар ин ҷо мушаххас намекунад ақл кадом аст, ақл ба маънии логос, ки иборат аст аз назму тартибе, ки дар ин ҷаҳон аст ё ақл ба маънии ахасс, ки дар худи инсон аст ва нишона аз назму тартиби куллии ҷаҳон мебошад. Аммо ба ҳар сурат нишонае аз ин ки Фирдавсӣ ба файз эътиқод дошта дар даст намебошад"[4]

Чунон ки мебинем, муҳаққиқ ба ин масъала таъаммуқ накарда, аз байтҳои аввали достон ҳамчун аз як рисолаи фалсафӣ таърифи саҳеҳи ақлро ҷустааст ва ба назар нагирифтааст, ки Шоҳнома асари бадеист ва дар ин қабил асарҳо андешаҳои адиб тавассути образу тасвирҳои бадеӣ ва каломи шоирона мафҳуму муҳокимаҳои илмиву мантиқӣ ифода меёбанд. Гузашта аз ин тавре ки қаблан зикр шуд, Фирдавсӣ шарҳу ситоиши хирадро на фақат дар фасли аввали Шоҳнома, балки дар саросари асар густариш додааст ва ба василаи байту порчаҳои ҷудогона ва симои қаҳрамонону мӯъбадон, панду андарзҳои ҳакимона, образу тасвирҳои рангин моҳияти онро бозгӯ кардааст. Ахиран байти аввали Шоҳномаи Фирдавсӣ таваҷҷӯҳи Алиқули Маҳмудии Бахтиёриро ҳам ба худ ҷалб намудааст. Ӯ мисраъи аввали он байтро тарҷумаи ҷумлаи аввали навиштаҳои минувии пеш аз ислом медонад, ки ба маънии "ба номи додори Урмузд"-ро дорад. Аз ин рӯ ӯ "Худованди ҷону хирад"-ро тарҷумаи форсии Аҳурамаздо медонад. Ва ба чунин натиҷа мерасад: "Ин ҷавҳари фарҳанги Эрон ва шеваи андешидани эронӣ ва бардошти эронӣ аз "Худо" аст. Ҳеҷ иртиботе ба фалсафаи Юнон, мӯътазила, рофизия, шуъубия, ботиния... надорад. Ҳамаи онҳо аз ин ҷо сарчашма гирифтаанд"[5].

Фирдавсӣ беҳуда шоҳасари худро бо ситоишу бузургдошти хирад оғоз накардааст. Воқеан хирад ҷавҳари ҳастии инсон буда симои маънавии ӯро муайян месозад. Хирад чароғест, ки дар зиндагии рӯзмарра ҳам роҳи инсонро равшан менамояд, ӯро ба роҳи рости ҳаёт раҳнамун месозад. Ба туфайли ақлу хирад аст, ки инсон некро аз бад ҷудо мекунад, ба адлу дод мегарояд. Ҳамаи корҳои неки инсон аз ин мояи аслӣ ғизо мегирад. Аз ин ҷост, ки шоир мақоми хирадро дар зиндагии инсон аз ҳама боло дониста, онро волотарин атои Худованд мешуморад. Шоир инсонеро, ки дорои ин падидаи илоҳӣ буда, бо саъю кӯшиш ва фарогирии дониш онро рушду тавсеа медиҳад, аз ҳама қудратмандтар медонад:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Фирдавсӣ бо ин қаноат накарда, барои равшану возеҳтар баён кардани моҳияту арҷи хирад ва арзишҳои волои он дар ҳаёти инсон фасли хосеро таҳти унвони "Гуфтор андар ситоиши хирад" ҷудо менамояд. Дар ин фасл шоир саъй намудааст, ки таваҷҷӯҳи инсонро ба ин ҳадяи илоҳӣ ҷалб кунад, бузургдошту корбурди онро дар зиндагӣ талқин созад. Бо ин мақсад ӯ аввал арзишҳои баланди хирадро ҳамчун мояи аслии ҳастии инсон, роҳнамоии ӯ дар пешрафту шодкомиҳои зиндагӣ баён менамояд:

Хирад беҳтар аз ҳарчи Эзид бидод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирад роҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Инсоне, ки ба ин мояи зиндагӣ носипосӣ мекунад, ба қадраш намерасад, аз он дурӣ ҷуста, баҳри беҳбудии ҳаёт баҳра намегирад, саранҷом ба хориву зорӣ мубтало хоҳад шуд. Инсон бе раҳнамоиву мадади ақл наметавонад роҳи дурусти зиндагиро пайдо намояд ва мушкилоту душвориҳои рӯзмарраро паси сар кунад. Ҳар фарде, ки аз ин сармояи маънавӣ камтар бархӯрдор аст, дар зиндагӣ ба гумроҳиҳо роҳ медиҳад, инону ихтиёри нафсро идора карда наметавонад ва ба худу ба ёрон ва инсонҳои дигар мушкилоти зиёдеро пеш меорад. Агар ақлу хиради шахс тираву нуқсдор бошад, ҳеҷ гоҳ ӯ ба матлаб нахоҳад расид ва шодмону саодатманд нахоҳад шуд:

Аз ӯ шодмониву з-ӯят ғамист
В-аз ӯят фузуливу з-ӯят камист.
Хирад тираву марди равшанравон
Набошад ҳаме шодмон як замон.

Чунон ки аз нахустмисраи достон ҳам пайдост, шоир хирадро ба ҷон тавъам медонад ва ҳар дуро ҳадяи илоҳӣ мешуморад. Бинобар ин инсон бояд ин ҳадяро ҳамеша пок дорад ва дар пайи таҷлилу тавсиаи он бошад ва аз рӯи фармудаҳояш амал кунад. Ҳар коре, ки бе раҳнамоии хирад аст, ҳатман пушаймонӣ ба бор меорад. Зеро хирад дидаи ҷони инсон аст:

Касе, к-ӯ хирадро надорад ба пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.
Ҳушивор девона хонад варо,
Ҳамон хеш бегона хонад варо.
Аз ӯйӣ ба ҳар ду сарой арҷманд,

Шикастахирад пой дорад ба банд.
Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ
Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ.
Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они се пос.[6]

Фирдавсӣ ҳангоми шарҳи масъалаи пайдоиши оламу одам низ нақши хирадро дар ташаккули инсон ва бартарӣ додан ба ӯ аз тамоми офаридаҳои дигар таъкид мекунад. Инсон маҳз ба туфайли хирад бандҳои табиату ҳаётро мекушояд, роҳи ҳалли мушкилоти зиндагиро пайдо менамояд, ҳайвонотро ром карда мутеъи худ месозад:

Чу фарҷом шуд, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.
Ба боло чу бар шуд сарви баланд
Ба гуфтору хубу хирад корбанд.
Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.
Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки мардум ба маънӣ чӣ бошад яке.

Вале қудрату тавоноӣ, сарфарозиву воломақомии инсон танҳо бо хиради фитрӣ муяссар намегардад. Инсон бояд дар зиндагӣ хиради азалии худро бо омӯзиши дониш такмил диҳад, ки ин ба осонӣ даст намедиҳад ва ранҷу азобҳои зиёдеро тақозо дорад. Аз ин рӯ шоир инсонро ба ранҷ бурдан дар роҳи донишомӯзӣ даъват мекунад ва инро василаи раҳоӣ аз ҳама зиштиву бадиҳо низ медонад:

Туро аз ду гетӣ баровардаанд,
Ба чандин миёнҷӣ бипарвардаанд...
Ба ранҷ андар орӣ танатро равост,
Ки худ ранҷ бурдан зи дониш сазост.

Инсон ва хирад – ин ду офаридаи Парвардигор дар Шоҳнома бо ҳам сахт марбутанд ва яке бе дигарӣ вуҷуд надорад. Аз як сӯ инсон барои ташаккулу такомули худ аз хирад бахра мебардорад. Аз тарафи дигар, ӯ бояд барои рушду тавсиаи хирад низ пайваста кӯшо бошад ва дар ин роҳ аз баҳри беканори дониш мудом бархурдор гардад:

Туӣ кардаӣ кирдигори ҷаҳон,

Набинӣ ҳаме ошкору ниҳон.
Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.
Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Зи омӯхтан як замон нағнавӣ.
Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун.

Дониш аз назари Фирдавсӣ ёвару мададгори хирад аст, ки пайваста онро ғизову нерӯ мебахшад. Аз ин ҷост, ки ӯ ҳам монанди муосири бузургаш Абӯабдулло Рӯдакӣ донишро ҷавшане медонад, ки инсонро аз ҳамаи хатарҳои нерӯҳои зишт эмин медорад. Ин матлабро шоир аз забони шоҳ Ҳурмузд баён мекунад:

Ба дониш бувад мардро эманӣ,
Бубандад зи бад дасти оҳарманӣ.

Фирдавсӣ дар саросари Шоҳнома атои худовандӣ будани хирадро борҳо таъкид намуда, поку беолоиш ва аз ҳама гунаҳу бадиҳо дур доштани онро талқин мекунад. Аз ҷумла дар байти зер барои боз ҳам муассиртар ифода кардани матлаб онро аз забони Бузургмеҳри ҳаким, ки рамзи носеҳони хирадманд аст, бозгӯ менамояд:

Хирад мардро хилъати эзидист,
Зи андеша дур асту дур аз бадист.

Хирад дар Шоҳнома бо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ қарину пайваст аст. Ҳар кори хубу дурусте, ки инсон дар зиндагӣ анҷом медиҳад, бо хиради ӯ марбут аст. Ахлоқи неку ҳамидаи инсон, созандагиву некӯкориаш зуҳуроти хиради волои ӯст.

Некиву некӯкорӣ, ки аз назари Фирдавсӣ аз муҳимтарин хислатҳои инсон мебошад, бо хирад на танҳо робитаи ногусастанӣ дорад, балки онҳо муродифи ҳамдигар низ ҳастанд. Бинобар ин дар зимни сӯҳбати румӣ бо мӯъбадони Баҳром шоир мафҳуми хирадро шарҳ дода, чанд хислати неки инсониро аз қабили меҳру вафо, ростиву зиракӣ, бурдбориву роздорӣ баён намуда, онҳоро таҷаллии хирад дар зиндагӣ ва ҳатто номҳои дигари он медонад ва ба ҳамин васила хирадро волотарин сифат ва сарманшаи ахлоқи неки инсон мешуморад:

Ту чизе мадон, к-аз хирад бартар аст,
Хирад бар ҳама некӯиҳо сар аст.

Аз ин рӯ накӯкориву хубрафтории инсон, пеш аз ҳама, бо хиради ӯ вобаста аст. Ҳар қадар хираду дониши инсон афзунтар бошад, ҳамон қадар хулқу атвори ӯ беҳтар хоҳад шуд:

Касе к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.

Хирад инсонро танҳо ба корҳои нек раҳнамун месозад. Бехирадӣ бошад ба зиштиву бадкориҳо хоҳад бурд:

Ҳар он кас, ки гардад зи роҳи хирад,
Саранҷом печад зи кирдори бад.

Дар зиндагӣ некиву бадӣ ҳамеша бо ҳам вуҷуд доранд. Инсоне, ки соҳиби хирад аст, роҳи некро пеш мегирад ва ба хашму ғазаб, кинаву пархош, ки падидаҳои бадианд, гаравиш пайдо намекунад:

Баду нек бар мо ҳаме бигзарад,
Набошад дижам ҳар ки дорад хирад.

Фирдавсӣ ба замонаву гардиши рӯзгор, ки ҳамеша бар хилофи мардуми нек аст, эътимод надорад ва илоҷи раҳоиро аз фиребу найрангбозиҳои даҳр дар хираду дониши инсон медонад:

Киро дар ҷаҳон ҳушу хирад,
Куҷо ӯ фиреби замон мебарад?

Аз назари шоир сухан низ он гоҳ арзише пайдо мекунад ва ба гӯяндаву шунаванда таъсиру лаззат мебахшад, ки бо хирад омехта бошад:

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад.

Ҳарчанд сухан дар ҳаёти инсон ва ҷомеа нақши бузург дорад, вале бо ин ҳама аз хирад болотар нест. Аз ин ҷост, ки шоир хирадро ба шоҳ ва забонро ба паҳлавоне, ки дар хидмати ӯст, монанд мекунад:

Хирад шоҳ бояд забон паҳлавон,
Чу хоҳӣ, ки беранҷ бошад равон.

Хирад барои ҳар фард мояи асливу ҷавҳари ҳастист, ки бе он ҳаёти ӯ маъние надорад. Дар Шоҳнома ҳамчунин таъкид мешавад, ки хирад бахусус барои шоҳону ҳокимон хеле зарур аст. Ҳокиму роҳбаре, ки дорои хирад набошад, бо ҳама сифатҳои дигари ҳамида аз ӯҳдаи идораи мулку сарварии мардум баромада наметавонад. Аз ин ҷост, ки меъёри асосии Фирдавсӣ дар арзёбии шоҳон, пеш аз ҳама, хиради онҳо мебошад. Шоир хирадро аз шартҳои асосӣ ва зарурии шоҳон медонад ва бидуни фарри шоҳиву хирад ва диндорӣ ба тахти ҳукумат нишастанро нораво мешуморад:

Чу фарру хирад дораду дину бахт
Сазовори тоҷ асту зебои тахт.

Адолату садоқати шоҳон, устувориву пойдории ҳукумати онҳо аз хирадашон вобаста аст. Яке аз аввалин шоҳони асотирӣ, ки дар Шоҳнома батафсил тасвир шудаанд, Ҳушанг аст, ки аз ибтидо Фирдавсӣ ӯро чун шоҳи бохираду бофарҳанг ба қалам медиҳад. Ӯ пас аз кушта шудани Нӯзар барои интихоби шоҳ хеле ҷустуҷӯй мекунанд ва ниҳоят Зави Таҳмоспро, ки аз авлоди Фаридун буда, соҳиби хирад аст, ба тахт даъват менамоянд.

Кайхусрав пас аз муборизаву набардҳои зиёд бар Афросиёбу лашкаркашони тӯронӣ зафар мекунад ва қасоси падараш Сиёвушро ситонда, Тӯронро аз бадӣ пок месозад. Бо ин ҳама ӯро эҳсоси ноумедӣ фаро мегирад, ки мабодо ба бадиву каҷӣ роҳ надиҳад то дар оянда аз бадиҳои ӯ ёд накунанд. Бо ин мақсад ӯ аз худованд талаб менамояд, ки ба ӯ хирад бахшад. Зеро маҳз хирад инсонро аз ҳама гуна бадиҳо эмин медорад:

Нигаҳ дору чанде хирад деҳ маро,
Ҳам андешаи неку бад деҳ маро.

Фирдавсӣ яке аз сабабҳои ба худкомагиву мағрурӣ ва нобароривu пушаймонӣ дучор шудани шоҳони асотирии муқтадире ҳамчун Ҷамшеду Ковусро аз камхирадии онҳо медид. Дар тасвири шоҳони таърихӣ низ Фирдавсӣ пеш аз ҳама, ба хиради онҳо таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд. Ӯ аз забони Баҳром дар зимни номааш ба шоҳи Ҳинд Шангул ба арзиши баланди хирад дар нигаҳдории инсон аз ҳама гуна бадиву балоҳо ишора намуда, зарурати онро барои шоҳон таъкид месозад ва ба тоҷи шоҳон монанд мекунад:

Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,
Фирӯзандаи кеҳтарону меҳон.
Ҳар он кас, ки ӯ шод шуд аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад...
Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад.
Бидонад тани хешро дар ниҳон,
Ба чашми хирад ҷуст бояд ҷаҳон.
Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.

Чунон ки маълум аст, Шоҳнома танҳо аз тасвири қаҳрамонии шоҳону корнамоии паҳлавонон, ҷангу набардҳо ва кишваркушоиҳои онон иборат нест. Ин шоҳкорест, ки аз ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ, масоили умдаи ҳастии инсон, моҳияти оламу одам, ҳикмати рӯзгор ва дигар масъалаҳои муҳимми ҳаёт ҳикоят мекунад. Худи Фирдавсӣ ҳам дар оғози достон таъкид менамояд, ки асари ӯ аз баёни ривоятҳои дурӯғ иборат нест ва аз роҳи хирад метавон аз он баҳраҳои фаровон гирифт:

Мар инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксон равиши замона мадон.
Аз ӯ ҳарчи андар хӯрад бо хирад,
Дигар бар раҳи рамз маънӣ барад.

Шоир ҳарчанд аз ривоёту асотири куҳан сухан меронад, вале онро аз ҳақиқат дур намедонад. Мақсаду мароми ӯ аз баёни ривоятҳои афсонавӣ, пеш аз ҳама, ошкор сохтани ҳақиқати ҳаёт аст. Аз ин ҷост, ки ӯ хонандаро ба дарёфти рамзҳои достонаш, ки аз воқеияти зиндагӣ бозгӯ мекунанд, даъват менамояд. Дарки ҳақиқати зиндагиро низ шоир ба хиради инсон вобаста медонад. Шахсе, ки аз хирад баҳраи кофӣ надорад, зуд аз роҳи нек берун меравад ва ба корҳои ношоиста даст мезанад. Фирдавсӣ дар мисоли Заҳҳок нишон медиҳад, ки чӣ тавр як ҷавони некдил, вале мағзаш аз донишу хиради баланд тиҳӣ зуд ба суханҳои зебои Иблис фирефта шуда, аз роҳи нек ба роҳи бад меравад.

Дар Шоҳнома хирад, ки мояи азалӣ ва худодод аст, бетағйир намемонад ва дар натиҷаи омӯзишу парвариш рушду камол меёбад, яъне он ниёз ба омӯзгору парастор дорад. Бесабаб нест ки Афросиёб хабари зода шудани Кайхусравро шунида, амр медиҳад, ки ӯро ба назди шубонон ба кӯҳ фиристанд, то ки хирадаш тавсиаву такомул наёбад, аз хурдӣ дар муҳити дур аз фарҳангу

дониш ба воя расад ва аз асли худу ҳодисаҳои хунине, ки нисбат ба падараш Сиёвуш раво дидааст, огоҳӣ наёбад:

"...Мадореш андар миёни гурӯҳ,
Фиристед назди шубонон ба кӯҳ.
Бад-он то надонад, ки ман худ киям,
Бад-эшон супурда зи баҳри чиям.
Наёмӯзад аз кас хирад бо нажод,
Зи кори гузашта наёяд-ш ёд".

Фирдавсӣ дар ташаккули инсон ва рушду тавсиаи хиради он нақши тарбияву ҳикматро хеле бузург медонад. Ҳикмати амалӣ, ки дар асоси донишу хирад ва таҷрибаи рӯзгори инсон дар тӯли асрҳо ҳосил мегардад, бо мурури замон сайқал дида, ба як василаи муҳимми тарбиявӣ табдил меёбад. Дар Шоҳнома аз ин василa дар мавридҳои гуногун хеле моҳирона корбаст шудааст. Чунон ки аз мисолҳои зикршуда ҳам пайдост, аксари пандҳои ҳакимонаи Фирдавсӣ аз ситоиши хираду омӯзиши дониш ва амсоли инҳо иборатанд, ки ба ифодаи худи шоир "панди хирад" мебошад ва рӯй тофтану ба кор нагирифтани он инсонро ба ранҷу азобҳо ва пушаймонӣ гирифтор хоҳад кард:

Зи панди хирад гар бигардад сараш,
Пушаймонӣ ояд зи гетӣ бараш.

Фирдавсӣ аксари панду андарзҳои худро аз забони файласуфону мӯбадон, ки дар Шоҳнома тимсоли хирадмандонанд, баён намуда, таъсир ва дарки он пандҳоро бештару афзунтар кардааст. Шоир бахусус аз ганҷи шойгони панду андарзи Эрони бостон Пандномаи Бузургмеҳр истифодаи фаровон намуда, аз ҷумла аз забони Бузургмеҳри хаким дар бораи мақоми донишу хирад дар ҳаёти инсон овардааст:

Зи дониш чу ҷони туро моя нест,
Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест.
Чу бар дониши хеш меҳр оварӣ,
Хирадро зи ту бугсилад доварӣ...
Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари ҷон чу афсар бувад...
Фурӯтан бувад шоҳ, ки доно бувад,
Ба дониш бузургу тавоно бувад.

Вале Фирдавсӣ танҳо бо андарзҳои ҳакимона, ки Шоҳнома саршори онҳост, қаноат намекунад ва бо қаҳрамонони худ низ ба мардум панд медиҳад, роҳу равиши дурусти зиндагиро пешниҳод менамояд ва ба корҳои неку ҳамида роҳнамоӣ мекунад. Ҳамчунин дар Шоҳнома як силсила симоҳои хирадманд офарида шудаанд, ки бо андешаву рафтори неки худ намунаи ибрат ва шоистаи пайравии дигаронанд. Аз ин рӯ, адабиётшиноси тоҷик шодаврон Шодӣ Асрор барҳақ таъкид карда буд, ки муроди Фирдавсӣ аз шахси хирадманд инсони комил аст: "Шоир тахти мафҳуми "хирад" волотарин хислатҳои инсонӣ ва зери мафҳуми "хирадманд" инсони комилро дар назар дорад"[7]

Фирдавсӣ хирадмандиро бо некӯкорӣ баробар медонад, зеро ӯ бовар дорад, ки шахси бохирад ҳамеша аз рӯи ақл амал хоҳад кард. Шахси оқил огоҳ аст, ки сазовори аъмоли худ мукофоти амал хоҳад дид:

Ту чандон ки бошӣ, сухангӯй бош,
Хирадманд бошу накухӯй бош...
Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.

Ҳар қадар инсон хирадмандтар бошад, аз назари Фирдавсӣ ҳамон қадар қадру эътибораш баланд гашта, ба Худованд наздиктар мешавад. Аз ин рӯ инсони хирадманд бояд мақому мартабаи баланд дошта бошад ва махсусан, ҳокимон вазифадоранд, ки эҳтироми онҳоро ба ҷой оранд ва аз дониши онҳо баҳра бардоранд:

Ҳаме подшоҳе, ки дорад хирад,
Зи гуфти хирадманд ромиш барад.
Ба яздон хирадманд наздиктар,
Бадандешро рӯз ториктар.

Фирдавсӣ дар ҳар маврид хирадмандиро чун сифати аз ҳама волои қаҳрамонаш таъкид менамояд. Фаридун дар паёми худ ба шоҳи Яман фарзандони худро муаррифӣ карда, пеш аз ҳама, хирадмандии онро гӯшрас менамояд:

Се фарзанди шоистаи тоҷу гоҳ,
Хирадманду бодонишу дастгоҳ.

Ӯ ҳамчунин хирадро аз молу сарват авлотар дониста, фарзандонашро чун хирадманд ба камол расонидааст:

Забон ростиро биёроста,
Хирад хоста, ганҷ нохоста.

Ҳамаи қаҳрамонони мусбати Шоҳнома, пеш аз ҳама, бо хирдмандии худ мумтозанд. Аз ҷумла чаҳор фарзанди Қайқубод ҳама монанди падар хирадманд мебошанд:

Писар буд мар-ӯро хирадманд чор,
Ки буданд аз ӯ дар ҷаҳон ёдгор.

Фирдавсӣ хирадмандиро аз ҳамидатарин хислатҳои инсонӣ дониста, ҳар касеро, ки аз ин сифат орӣ бошад, нокомил мешуморад. Масалан, сарлашкар Тӯс бо ҳама паҳлавониву ҳунармандӣ аз хирадмандӣ дур аст, аз ин ҷост, ки ҳамеша мавриди сарзаниш қарор мегирад. Паҳлавон Баҳром ӯро ба Фуруд ин тавр шиносо менамояд:

Валекин сипаҳбуд хирадманд нест,
Сару мағзи ӯ аз дари панд нест.
Ҳунар дораду хоста, ҳам нажод,
Наёрад ҳаме бар лаб аз шоҳ ёд.

Шоир ҳатто паҳлавонеро, ки соҳиби хирад нест, мурда медонад:

Валекин хирад нест бо паҳлавон,
Сари бехирад чун тани беравон.

Дурахшонтарин симои инсон дар Шоҳнома Рустам аст, ки беш аз дигар паҳлавонону қаҳрамонон ва ҳатто шоҳон таваҷҷӯҳи Фирдавсиро ба худ ҷалб кардааст. Вале Рустам дар асар на танҳо намунаи барҷастаи инсони тавонову қудратманд, ҷасуру далер, шуҷоъу бебок ва паҳлавону ҷанговари беназир аст, балки тимсоли инсони бохираду донишманд низ ҳаст. Бесабаб нест, ки дар оғози достони Комуси Кашонӣ Фирдавсӣ пас аз ситоиши Худованд аз Рустам ёд мекунад ва сифатҳои ӯро ба ин минвол зикр менамояд:

Шигифтӣ ба гетӣ зи Рустам басест,
К-аз ӯ достон дар дили ҳар касест.
Ба хушкӣ чу пилу ба дарё наҳанг,
Хирадманду бедордил марди ҷанг.
Сари мояи мардиву ҷанг аз ӯст,
Хирадмандиву донишу ҳанг аз ӯст.

Бузургии Рустам фақат дар ҷуссаю қувваи тавоно, шуҷоъату далерии беҳамтои ӯ нест, балки ҳамчунин дар хирадмандиву башардӯстии вай низ ҳаст.

Рустам асосан барои дифои ватан аз душманон ҷангу муҳориба мекунад ва дар ин маврид аз рӯи хирад амал менамояд:

Таҳамтан чу аз хоб бедор шуд,
Сари пурхирад пур зи пайкор шуд.

Вале ҳирси ҷанг гоҳо Рустам барин паҳлавонони хирадмандро низ аз хирад дур месозад ва ин боиси сар задани фоҷиаи бузурге чун куштори фарзанд мегардад. Фирдавсӣ ин лаҳзаи ҷонгудозро тасвир намуда, бо таассуфи амиқ таъкид мекунад, ки ҳар гоҳ хирад аз инсон дур шуд, ӯ ҳатто аз ҳайвон ҳам залилу пасттар мешавад:

Аз ин ду якеро наҷунбид меҳр,
Хирад дур буд, меҳр нанмуд чеҳр.
Ҳаме баччаро боздонад сутур,
Чи моҳӣ ба дарё, чи дар дашт гӯр.
Надонад ҳаме мардум аз ранҷи оз
Яке душманеро зи фарзанд боз.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар масъалаи сабаби кушта шудани Сӯҳроб ба дасти Рустам андешаҳои гуногун баён шудаанд. Аз ҷумла Маҳмуд Мудаббирӣ дар ин хусус изҳори назар намуда, Сӯҳробро "сумбули ҷавонии инсон" медонад: "Сӯҳроб (сурхоб, дорои ранги сурх, башшош, зинда, ҷавон) ҷавонии Рустам аст, ки дар нақши муҷассами як паҳлавон зоҳир шуда ва ҳеҷ омиле наметавонад ба Рустам бигӯяд, ӯро накуш, балки ӯ ба таври хатм Сӯҳробро хоҳад кушт ва ба азояш хоҳад нишаст. Мо, инсонҳо ҳама "Сӯҳробкушем", ҳама даврони ҷавониро мегузаронем ва дар аҳди пирӣ ба азояш менишинем"[8]. Вале муҳаққиқ барои тақвияти тасдиқи андешаи худ далеле наовардааст ва дар худи Достони Рустам ва Сӯҳроб низ дар ин бора ишорае ба назар намерасад. Ҳамчунин дар достон масъалаи ҷавониву пирӣ ба таври барҷаставу муҳим матраҳ нашудааст. Ва кушта шудани Сӯҳроб дар ин масъала мушкилиро ҳал намекунад.

Азбаски ин масъала ҳанӯз таҳқиқ нашудааст, ба таври саҳеҳ таъйин кардани сабаби кушта шудани Сӯҳроб ҳоло душвор аст. Ин

ҷо аз баҳси пурдомана худдорӣ намуда, фақат чанд мулоҳизаи муқаддимотиро баён месозем.

Аввалан, чунон ки муҳаққиқони Шоҳнома ҳам таъкид кардаанд, дар достон сарнавишту тақдир нақши муҳим дошта, кушта шудани Сӯҳроб низ бар асари ногузири он сурат гирифтааст.

Сониян, ба назари мо, ин фоҷиа аз тазодҳои шахсияти Рустам сар задааст. Чунон ки дар мавридаш хоҳем дид, Рустам бо ҳама бузургию хислатҳои ҳамида аз норасоиҳо холӣ набуд. Ӯ дар баробари ҷанги одилона барои ҳифзи ватан, гоҳо хуни ноҳақ ҳам рехтааст ва ба харобкорӣ роҳ додааст. Бинобар ин фоҷиаи мазкурро метавон зуҳури мукофоти амал донист, ки ба он низ Фирдавсӣ эътиқод доштааст.

Дигар ин ки матлаби Фирдавсӣ дар Шоҳнома фақат қиссапардозиву фасонагӯӣ набудааст ва кулли тасвирҳои ӯ бо замонаш пайвастагӣ дорад. Агар аз ин нигоҳ ба фоҷиаи мазкур нигарем, миёни он ва вазъи давлати Сомониён шабоҳатеро дидан мумкин аст. Вақте ки Фирдавсӣ ба таълифи фоҷиаи Рустаму Сӯҳроб машғул буд, давлати пуриқтидори Сомониён рӯ ба завол мениҳод ва яке аз омилҳои он ҷудоиву ихтилофи дохилии ҳокимон ва ҳатто аркони давлат буд. Аз эҳтимол дур нест, ки фоҷеаи Рустам ва Сӯҳроб ҳам яке аз он рамзҳои Фирдавсӣ дар Шоҳнома аст.

Ҳамин тавр дар Шоҳнома хирад дар муқобили ҷанг қарор дода шудаст. Шахси хирадманд ҳамеша на ба ҷангу хунрезӣ, балки ба сулҳу накӯкорӣ майл мекунад. Фирдавсӣ дар мисоли ду бародари тӯронӣ Ағрирасу Афросиёб ин матлабро хеле барҷаста ифода намудааст. Ағрираси хирадманду накӯкор ҳам бо амали хайрхоҳонааш ва ҳам бо тавсиаву роҳнамоиҳо ҳамаро ба некӣ даъват мекунад. Бар хилофи ӯ Афросиёб аз хирад дур аст ва ҳамеша дар андешаи ҷангу хунрезист:

Яке пур зи оташ, яке пурхирад,
Хирад бар сари дев кай дарх(в)арад.

Ағрирас то охири умр саъй мекунад, ки бародари камхиради худро ба роҳи рости ҳаёт раҳнамун созад.

Фирдавсӣ тавассути симои Ағрирас яке аз василаҳои муҳимми пешгирии ҷанг будани хирад ва хирадмандиро нишон додааст. Шоир таъкид мекунад, ки шахси хирадманд ҳеҷ гоҳ ҷангҷӯй нест. Хираду ҷанг бо ҳам созиш надоранд. Ҷое, ки кинаву ҷанг аст, хирад рахт мебандад. Ағрирас ҳам сарлашкар аст, вале бар хилофи аксари лашкаркашони дигар соҳибхираду некхоҳ аст. Ӯ дар ҳар маврид роҳи сулҳу осоишро пеш мегирад. Ҳангоме, ки

Афросиёб бо дили пур аз кину сари пуршитоб ба назди падараш Пашанг омада, ҳар чи зудтар ба Эронзамин лашкар кашиданро талаб мекунад, Ағрирас бо дили пурандеша ба падар ва бародари ҷангҷӯяш чунин тавсия медиҳад:

Агар мо нашӯрем, беҳтар бувад,
К-аз ин шӯриш ошӯби кишвар бувад.

Дар мавриди дигар Ағрираси бохирад дар муҳорибаи Сорӣ бидуни муқобилият лашкарро ба эрониён месупорад ва мардуми зиёдеро аз марг раҳо мекунад. Дар симои Ағрирас шоир лашкаркашеро тасвир кардааст, ки аз рӯи ақлу хирад амал намуда, пеш аз ҳама манфиати мардуму ватанро ба назар мегирад. Ӯ бар муқобили ҳама гуна нерӯҳои зишт мубориза мебарад, вале мухолифи ҷангест, ки баҳри кулоҳу мансаб пеш гирифта шудааст.

Ба ин минвол шарҳу тавзеҳи ахлоқӣ ва бадеии хирад ва хирадмандӣ дар саросари Шоҳнома бо роҳу василаҳои гуногун сурат гирифтааст ва "Фирдавсӣ, чунон ки сазовори марди донишманду донишдӯст аст, дар манзумаи беназири хеш ҳар ҷо ки тавонист аз бузургдошти хираду дониш дареғ накарда ва аз он ба некӣ ном бурда ва онро мояи фалоҳ дониста ва аз ҳарчи эзид дод, беҳтару бартар шумурда аст"[9] Аз ин ҷост, ки яке аз муҳаққиқони маъруфи Шоҳнома Исломии Нудушан Фирдавсиро "шоири хирад" меномад: "Гузашта аз он атри хирад аз саросари Шоҳнома афшонда мешавад бад-он гуна ки метавон Фирдавсиро ҳамроҳ бо Носири Хусрав "шоири хирад" хонд, паҳлавонони некӯкори Шоҳнома, чи эронӣ ва чи бегона, ҳама аз хирад насиб доранд"[10]

Аз тавзеҳоти боло пай бурдан душвор нест, ки андешаҳои Фирдавсии ҳаким аз фалсафаву дониши васеи халқҳои гуногун сарчашма мегирад, ки таъйини ҷиддии он то ҳол, мутаассифона, шурӯъ нашудааст ва тадқиқи хоси донишмандонро тақозо менамояд. Ҳоло фақат ҳаминро бояд гуфт, ки дар андешаҳои Фирдавсӣ дар бораи хирад ва хирадманд таъсир ё ҳамоҳангиро бо ақоиди файласуфони Юнони қадим, бахусус Суқроту Арасту ва мутакаллимони Шарқ, ки ақлро гавҳари ҳаёти инсон медонистанд, мушоҳида кардан мумкин аст. Шабоҳати зиёде миёни порчаҳои Шоҳнома ва "Меноҷи хирад" мавҷуд аст, ки аз огоҳии комили Фирдавсӣ аз осори оини зардуштӣ гувоҳӣ медиҳад.[11] Ҳамин гуна шабоҳатро миёни андешаҳои Фирдавсӣ бо ақидаҳои зарвония ва машоияву мӯътазила барин фирқаву ҷараёнҳои мазҳабиву фалсафии Эрони бостон ва ислом мушоҳида кардан мумкин аст.

Андешаҳои Фирдавсӣ дар бораи хирад ҳамчунин аз як қатор оятҳои Қуръон ва аҳодиси пайғамбару пандҳои Алӣ ва дигар аимаи динӣ ғизо гирифтаанд.[12]

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ аз истифода бо афкору андешаҳои ахлоқиву фалсафии мардумони гуногун ва ҳикмати рӯзгор хирадро чун сармояи аслии ҳаёти инсон ситоиш намуда, ҳамчун ҳакими бузург панд медиҳад, ки инсон бояд ҳамаи кирдору рафтори худро дар пояи хирад анҷом диҳад ва бемашварат бо ин ҳадяи илоҳӣ кореро ба сомон нарасонад. Ин нукта дар ҳамаи замонҳо муҳим ва зарур аст, бахусус имрӯз, ки ҷомеаи мо ниёзманди инсонҳои оқилу хирадманд аст, ниёзманди он аст, ки ҳамаи корҳо аз рӯи ақлу хирад анҷом ёбанд.

## ПАЙНАВИШТ


1Ҷаҳонгир Куёчӣ. Пажӯҳишҳое дар Шоҳнома, гузориш ва пероиши Ҷалили Дӯстхоҳ, Исфаҳон, 1371, саҳ. 26-27.

[2]Матни суханронии мудири кулли созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО ба муносибати баргузории кунгураи ҷаҳонии бузургдошти Фирдавсӣ, Донишгоҳи Теҳрон, даймоҳи 1369, С. 1.

[3]Ҳамон ҷо, С. 1-2.

[4] Салмон Албудур. Ҷанбаҳое аз ҳикмату фалсафа дар Шоҳномаи Фирдавсӣ. Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон, 1371, шумораи 2, С. 77.

[5] Алиқули Маҳмудии Бахтиёрӣ. Шоҳнома обишхӯри орифон, Теҳрон,1377, С. 24.

[6] Дар "Шоҳнома"-и чопи Душанбе калимаи охирин дар шакли "сипос" зикр шудааст, ки ғалати маҳз аст, зеро шоир хирадро нигаҳбони се пос, яъне гӯш, чашм, забон дониста, ба онҳо дар байтҳои баъдина ишора кардааст.

[7]Шодӣ Асрор. Дарёи андарзу ҳикмат, дар китоби "Шоҳбайтҳои "Шоҳнома", Душанбе, "Адиб", 1990, С. 11.

[8] Маҳмуди Мудаббирӣ. Сӯҳробро бояд кушт, ҳафтаномаи "Хабар", Шероз, 2 хурдоди 1372, С. 9.

[9] Забеҳулло Сафо. Ҳамосасароӣ дар Эрон, Теҳрон, 19, С. 258.

[1]0 Муҳаммад Алии Исломии Нудушан. Эрон низ ҳарфе барои гуфтан дорад... Ки аз боду борон наёбад газанд... Маҷмӯаи мақолот, ба кӯшиши Маҳмуди Имомӣ, Теҳрон, 1368, С. 25.

[1]1 Е.Э. Бертельс. История персидско-таджикской литературы, т.1, М., 1960, С. 198.

[1]2 Дар ин бобат руҷӯъ шавад ба: Ҳошимифард. Ақл дар аввали "Шоҳнома", Фирдавсӣ (вежаномаи Кунгураи ҷаҳонии ҳазораи тадвини "Шоҳнома"), 1369, №4, С. 4-7, Маҳмуди Шоҳрухӣ. Хирад роҳнамою хирад дилкушой, Кайҳони ҳавоӣ, 16 январи 1991, С.16.

## Ибни Сино-адиби инсонпарвар

Абӯалӣ ибни Сино аз зумраи он донишмандони бузурги олам аст, ки бо осори пурбаҳои фаровони худ дар пешрафти илму тамаддун саҳми арзанда гузоштаанд. Чашмандози илмии ӯ хеле васеъ буда, соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносиву башариро фаро мегирад. Ин нобиғаи беназир ҳамчунин соҳиби истеъдоду ҳунари шоириву нависандагӣ буда, осори гаронбаҳои бадеӣ офаридааст. Осори адабии Ибни Сино низ чун осори илмии ӯ пурра ҷамъоварӣ ва нашр нашудааст. Аввалин донишманде, ки ба ҷамъоварии ашъори ӯ аз сарчашмаҳои гуногун машғул шудааст, ховаршиносӣ олмонӣ Ҳ. Эте мебошад, ки аз 6 тазкираву 3 баёз 13 рубоӣ ва як ғазалро ҷамъ намуда, ҳанӯз дар соли 1875 дар асари худ «Абӯалӣ ибни Сино (шоири) лирики форс»[1] ашъори форсии ӯро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори адабии Ибни Сино Ш.Ялткайя, Е.Э.Бертелс, С.Айнӣ, А.Мирзоев, М.Занд, Қосим Ғанӣ, М.Шариф, Забеҳулло Сафо, Акбари Ризвонӣ, И.С.Брагинский, Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов, А.Абибов, М.Умаров ва донишмандони дигар саҳм гузоштаанд[2]. Ҳамаи онҳо мақоми баланди Абӯалӣ ибни Синоро дар адабиёти форсу тоҷик таъкид намуда, ӯро ба «қатори классикони адабиёти тоҷик дохил» кардаанд.[3] Е.Э.Бертелс ба таъсири осори адабии Ибни Сино ба тасаввуф тавадҷӯҳи хос зоҳир намуда, таъкид мекунад, ки «таъсири Ибни Сино ба адабиёти форсӣ ба қисмати тасаввуфи он аз ҳама қавитар аст». Вале мусаллам аст, ки Абӯалӣ ибни Сино шоири касбӣ набуд. Тавре ки И.С.Брагинский дуруст таъкид менамояд, «Ибни Сино шоир набуд, ҳарчанд дар осори пурҷабҳаи ӯ шеърҳо ва рисолаҳои манзуми фалсафӣ мақоме доранд. Аммо худи назми классикии форсӣ он қадар фалсафист, ки бе Ибни Сино, бидуни фалсафаи ӯ осори бузургони назм чун Хайём, Носири Хусрав, Ҳофиз ва Ҷомиро дарк кардан имконнопазир аст»[5].

Аз ин рӯ саҳми Ибни Сино дар пешрафти адабиёти форсӣ, ба хусус баёни маъниву нуктаҳои фалсафиву ахлоқӣ дар шеър ва рушду такомули навъи шевои рубоӣ чун ҳампешаи ӯ ҳаким Умари Хайём хеле калон аст.

Аз осори манзуми ӯ то имрӯз тақрибан 120 байт шеъри форсӣ ва 180 байт қасоид ва қитъаоти арабӣ боқӣ мондаанд. Ҳамчунин ӯ як зумра қиссаҳои марғуби фалсафиро амсоли «Ҳай бинни Яқзон», «Саломон ва Ибсол», «Рисолатуттайр» офаридааст, ки намунаҳои барҷастаи насри бадеии фалсафӣ дар адабиёти Шарқ ба шумор рафта, ба осори як қатор адибони маъруфи олам таъсир расондааст, ки «Мантиқуттайр»-и Фаридаддини Аттор, «Саломон ва Ибсол»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва ғайра аз он ҷумлаанд. Қиссаҳои фалсафии Ибни Сино ба забони арабӣ таълиф шуда, ба рушду такомули адабиёти араб низ таъсири калон расондаанд. Ин ҷо мо аз баррасии осори мансури Ибни Сино худдорӣ намуда, асосан ашъори ӯро мавриди баҳс қарор медиҳем.

Қабл аз ҳама бояд тазаккур дод, ки барои ташаккули Ибни Сино ҳамчун донишманду адиби бузург таъсири муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии замони Сомониён, ки барҳақ давраи тиллоии тамаддуни мардумони эронитабор аст, хеле калон мебошад, ки дар ин бора дар сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ва осори тадқиқотии донишмандони зиёд маълумоти фаровон дода шудааст.

Ҳамчунин дар парваришу камолоти Ибни Сино муҳити хонаводагии ӯ таъсири зиёд расондааст. Ҳамон таре ки дар рисолаи «Саргузашт» худи Ибни Сино таъкид кардааст, ӯ дар тифлӣ қабл аз ҳама ба омӯзиши «Қуръон» ва адабиёт пардохтааст. «Сипас аз он ҷо (Афшана-М.М.) ба Бухоро кӯчидем, падарам маро ба омӯзгори «Қуръон» ва омӯзгори адабиёт супурд. Вақте ки ба даҳсолагӣ расидам, «Қуръон» ва миқдори зиёде аз илми адабиётро ёд гирифта будам»[6].

Минбаъд Ибни Сино омӯзиши адабиёти форсӣ ва арабиро идома дода, роҷеъ ба назарияи адабиёт, арӯз, қофия, бадеъ рисолаҳо таълиф менамояд, ки унвони чанде аз онҳо амсоли «Муътасимушшуаро», «Китобушшуаро», «Ҳикматул- арӯзия» дар сарчашмаҳо ёд шудааст.

Ибни Сино баъзан ду ҷабҳаи фаъолияти худ-эҷоди илмӣ ва адабиро ба ҳам пайваста, як зумра рисолаҳои манзум офаридааст, ки бо унвони урҷуза маъруфанд. «Урҷуза фиттиб», Урҷуза фӣ мантиқ», «Урҷуза фитташреҳ», «Урҷуза фил фусулаларбаату», «Урҷуза фил васоёуссабият» аз ҷумлаи онҳост.

Пайвастагии илму адаб на танҳо дар урҷузаҳову қасидаҳо ва қитъаҳои арабии Ибни Сино, балки дар манзумаҳову ашъори форсии ӯ низ ба назар мерасад. Мутаассифона, ин ҷанбаи осори Ибни Сино ҳанӯз таҳқиқ нашудааст ва дар ин замина масоили ҳалношуда зиёданд. Аз ҷумла масъалаи таъйини ҳадди шеър ва назм дар осори Ибни Сино, анвоъ ва қолабҳои назми ӯ таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ҷалб накардааст. Барои мисол шеъри «Ба лаҳни борбадӣ хуштар ояд он бақ-бақ»-и Ибни Синоро гирем, ки ба васфи шароб бахшида шудааст. Ба мансубияти ин шеър ба ӯ касе шубҳа накардааст. Аз Ҳ.Эте шурӯъ намуда аксари муҳаққиқон онро ғазал номидаад. Аз ҷумла Е.Э.Бертелс онро чун ғазал мавриди таҳлили матншиносиву услубӣ қарор дода, мансубияти онро ба Ибни Сино таъйид мекунад ва онро «ғазали исмоилия»-и ӯ мешуморад[7].

Мураттибони охирин маҷмӯаи ашъори Ибни Сино «Авҷи Зуҳал» низ ба ғазал будани шеъри мазкур шубҳае накарда, дар «Тавзеҳот» навиштаанд: «Ин ғазал бо вариантҳои гуногун дар нашри Ҳерман Эте, мақолаи Е.Э.Бертелс, Саид Нафисӣ, Забеҳулло Сафо, «Маҷмӯаи шеърҳо» ва ғайра бо таҳриру тартиби гуногун оварда шудааст»[8].

Ин шеър дар нашри Ҳ.Эте 8 байт, Е.Э.Бертелс – 9 байт ва дар маҷмӯаи «Авҷи Зуҳал» 10 байти зерро дорад:

Ғизои рӯҳ бувад бодаи раҳиқ, алҳақ,
Ки ранги ӯ кунад аз дур ранги гулро дақ.
Ба ранг занг зудояд зи ҷони андӯҳгин,
Ҳумой гардад, агар ҷуръае бинӯшад бақ.
Чу дарчакад ба миёни қадаҳ зи ҳалқи сабӯҳ,
Ба лаҳни борбадӣ хуштар ояд он бақ-бақ.
Ба таъм талху чу панди падар, валек муфид,
Ба пеши мубтил ботил, ба назди доно ҳақ
Май аз ҷаҳолати ҷуҳҳол шуд ба шаръ ҳаром,
Чу маҳ, ки аз сабаби мункирони дин шуд шақ.
Ҳалол гашта ба фатвои ақл бар доно,
Ҳаром гашта ба аҳкоми шаръ бар аҳмақ.
Шаробро чӣ гунаҳ з-он ки аблаҳе нӯшад,
Забон ба ҳарза кушояд, диҳад зи даст варақ?!
Ҳалол бар уқалову ҳаром бар ҷуҳҳол,
Ки май маҳак буваду хайру шарр аз ӯ муштақ.
Ғуломи он маи софам, к-аз ӯ рухи хубон,
Ба як ду ҷуръа барорад ҳазор гуна арақ.
Чу Бӯалӣ, маи ноб ар хӯрӣ ҳакимона,

Ба ҳаққи ҳақ, ки вуҷудат ба ҳақ шавад мулҳақ.[9]

Шеъри мазкур аз лиҳози шакли зоҳирӣ воқеан ба ғазал монанд буда, дорои матлаъ, мақтаъ ва ҳатто тахаллус аст. Аммо мазмуну муҳтаво ва услуби баёну забони шеър ба ғазал мувофиқ нестанд. Зеро «мавзӯоти асли ғазал баёни эҳсосоту авотиф ва зикри ҷамолу камоли маъшуқ ва шикоят аз бахшу рӯзгор аст».[10] Ҳамчунин забон ва сабки баёни ғазал хеле латифу равон буда, истифодаи калимаву ибораҳои дурушту муғлақ дар он раво нест.

Шеъри мазкури Ибни Сино аввалан мавзӯи арзиши бодаро дар бар мегирад, ки хоси ғазал нест. Сониян калимаву ибораҳои дурушти дақ, бақ-бақ, ҷаҳолати ҷуҳҳол, фатвои ақл, уқало, мулҳақ на танҳо фасоҳату малоҳати шеърро костаанд, балки гӯшхарош буда, хушоҳангии шеърро, ки хоси ғазал аст, аз байн бурдаанд.

Ин бесабаб нест, зеро ҳадафи шоир васфи шароб набуда, бештар таъкиди арзиши он аст. Аз ин рӯ муаллиф бештар ба баёни матлаб таваҷҷӯҳ намуда, ба латофату фасоҳати баён эътибор надодааст. Аксари байтҳо аз санъатҳои бадеӣ холӣ буда, андеша урён баён шудааст.

Бо ин хусусиятҳо шеъри мазкури Ибни Сино бештар ба урҷузаҳои арабии ӯ, ки манзумаҳои илмианд, монанд шудааст. Зеро «урҷуза, чӣ хеле ки аз худи калима бармеояд (муштақ аз калимаи раҷаз) дар баҳри раҷаз гуфта мешуд ва мазмунан баёни мӯҷаз ва содаи манзуми ин ё он соҳаи илм аст».[11]

Дар илми бадеи форсу тоҷик хусусиятҳои мазкур ба навъи қитъа хос мебошанд. дарвоқеъ шеъри мазкур комилан ҷавобгӯи талаботи қитъа аст.[12]

Дар сарчашмаҳо низ шеъри ба бода бахшидаи Ибни Сино ғазал номида нашудааст. Аз ҷумла Восифӣ дар «Бадоеъулвақоеъ» он шеърро «назм» унвон кардааст. Тавре ки А.Абибов навиштааст, «дар охири байти ғазал, ки дар нусхаи хаттии баёзи рақами 233 захираи дастхатҳои АФ Ӯзбекистон, вароқи 15[а]» «номи Бӯалӣ зикр наёфтааст»,[13] ки ин ҳам андешаи ғазал набудани шеъри мазкури Ибни Сино тақвият мебахшад, ҳарчанд дар қитъа ҳам баъзан тахаллус зикр мегардад.

Тавре ки аз ашъори боқимондаи Ибни Сино бармеояд, ӯ бо вуҷуди хеле хуб донистани назарияву амалияи шеър шоири ҳирфаӣ (касбӣ) набуда, ҳунари шоириро пеш аз ҳама барои ифодаи андешаҳои илмиву фалсафии худ истифода будааст. Аз ин рӯ дар ашъори Ибни Сино низ чун дар рубоиёти Умари Хайём мо бояд бештар на ба фасоҳату балоғат, тасвирофариву ширинбаёнӣ, балки ба ҳадафи асли ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир намоем.

Донишманди бузург Ибни Сино тамоми нерӯву ҳастии худро сарфи хидмат ба инсон кардааст. Инсон ҳамеша дар мадди назари ӯ будааст. Ӯ ба таҳқиқи ҳар илме ё мавзӯе напардозад, инсонро

пеши назар дорад. масалан, вақте ки ӯ ба илми тиб рӯй меорад ва муҳимтарину маъруфтарин асари ин илм «Қонун дар тиб»-ро таълиф менамояд, онро бо чунин ҷумла оғоз карда, рисолати илми тибро дар хидмат ба инсон медонад: «Ба дурустӣ илми тиб илмест, ки аз он ҳолатҳои тани инсонро аз ҷиҳати солим ва носолим будани он бишиносад, то ки тандурустӣ андар ҳоли бадан нигоҳ дошта шавад»[14].

Дар осори фалсафиву ахлоқии худ Ибни Сино ба тарбияи маънавии инсон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, аз ҷумла худшиносиро аз василаҳои муҳими ташаккулу пешрафти инсон медонад.

Ибни Сино кулли хулқу хислатҳои инсонро ба ду даста фазоил, яъне хислатҳои нек ва разоил-хислатҳои зишт ҷудо менамояд ва қабули онҳоро дар инсон ба муҳит ва тарбия марбут медонад. Ӯ бар хилофи адибону ҳокимони дигар амсоли Фирдавсиву Саъдӣ, ки хислатҳои мазкурро азаливу ирсӣ медонистанд, ба нақши инсон дар қабул ё радди хислатҳои неку бад эътимоду эътиқоди бештар дорад. инсон аз нигоҳи Ибни Сино метавонад дар ҳар маврид хислатҳои некро пазирад ва хислатҳои бад-разоилро то замоне ки одат нашудааст, тарк намояд. Дар ҳоле ки аз нигоҳи аксари адибону ҳакимони форсу тоҷик тарбияи бадасл имконнопазир аст, яъне зангӣ ё намад ба шустан сапед намешавад.[15]

Инсон тавассути худшиносӣ метавонад фазоилашро рушд дода, разоилро аз худ дур созад.[16]

Дар рисолаи «Тадбири манозил», ки ба ҳикмати амалӣ ихтисос дорад, Ибни Сино таъкид менамояд, ки тарбияи тифлро бояд ҳангоми аз синаи модар ҷудо кардани тифл шурӯъ намуд, аз замоне, ки тифл ба хислатҳои зишт ошно нашудааст, яъне ӯ тарбияи некиву накӯкориро аз ибтидо зарур мешуморад.

Ин андешаҳо, ки ҷавҳари назари ахлоқии Ибни Синоро ташкил медиҳад, дар осори манзуми ӯ низ асар гузошта, бозтоби васеъ ёфтаанд.

Қабл аз он ки ба баррасии ашъори боқимондаи Абӯалӣ Ибни Сино пардохта шавад, зарур аст ба масъалаи мансубияти ашъор ба ӯ низ руҷуе ба амал ояд. Зеро чанд шеъре , ки ба Ибни Сино нисбат дода мешавад, дар маҷмӯаи ашъори шоирони дигар низ ба назар мерасад.

Тавре ки маълум аст, аз асори манзуми Ибни Сино нусхаи хаттие, ки дар замони ӯ ё наздик ба замонаш китобат шуда бошад, то имрӯз нарасидааст. Дар манобеи то қарни XV низ ашъори Ибни Сино хеле кам ба назар мерасад. Бинобар ин ба таври қатъӣ ба ӯ нисбат додани баъзе шеърҳо дуруст нест. Ҳарчанд ин масъала

таваҷҷӯҳи донишмандонеро амсоли Саидсодиқи Гавҳарин, М.Шариф, Е.Э.Бертелс ҷалб намудааст, вале то ҳол он амиқу ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст.

Муҳаққидони мазкур дар тардиди баъзе рубоиҳои мансуб ба Ибни Сино мазмуну мундариҷа ва арзиши ҳунарӣ ё худ фасоҳату балоғати баёнро меъёр қарор додаанд. Аз ҷумла Ё.Э.Бертелс таъкид менамояд, ки «мавзӯи асосии ҳамон ин рубоиҳо эътирофи нотавонии хиради инсон дар муқобили асрори табиат мебошад. Чунин мавзӯъ ба рубоиҳои Умари Хайём хос аст, вале ба ақидаи дар осори илмиаш баён кардаи Ибни Сино комилан мухолиф аст. Барои Ибни Сино хиради инсон ҳадде надорад, аз тариқи тафаккури мантиқӣ ҳама чизро, ҳатто моҳияти Худовандро метавон дарк кард».[17]

Аввалан дуруст аст, ки дар осори ҳар шоир мавзӯи хосе мақоми асосӣ дорад, вале шеър зодаи ҳолатҳои гуногуни равониии шоир аст ва дар ашъори шоирон мавзӯъ ва матолиби мутаззодро метавон мушоҳида кард. Сониян дар рубоии машҳури «Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зӯҳал» ки мансубияти онро ба Ибни Сино касе рад накардааст ва баъдтар мавриди таҳлил қарор хоҳем дод, нотавонии хиради инсон дар муқобили марг баён шудааст.

М.Шариф ва Саидсидиқи Гавҳарин сустии баъзе шеърҳоро аз лиҳози бадеӣ далели осори Ибни Сино набудани онҳо донистаанд. Ба назари мо ба осори бадеии Ибни Сино ва ҳамчунин ба рубоиёти Умари Хайём набояд аз меъёрҳои фасоҳату балоғат арзёбӣ кард. Зеро онҳо амсоли Рӯдакиву Фирдавсӣ ё Унсуриву Фаррухӣ шоирони ҳирфаӣ набуданд ва тавре ки гуфтем, ҳадафашон аз таълифи чанд шеър асосан баёни андеша ё нуктаи фалсафӣ ва ҳатто илмӣ будааст, ки ироаи онҳо дар осори илмиашон нораво, ноҷо ва ё ғайриимкон будааст. Бинобар ин ба ҷои фасоҳату малоҳат бояд ба муҳтавои ашъори онон таваҷҷӯҳ кард. Барои мисол рубоии зерин, ки дар «Равзатулҷинон» ба Ибни Сино нисбат дода шудааст, дар воқеъ аз ӯст. Зеро муҳтавои он аз матлаби илмӣ иборат аст, ҳарчанд аз лиҳози сабку забон хеле сусту дурушт буда, малоҳату фасоҳате надорад ва равшан аст, ки онро на шоири ҳирфаӣ, балки олим гуфтааст:

Самъу басар асту шамму завқ асту масос,
Маҷмӯи ҳавоси зоҳир, эй мӯъҷази нос.
Пас муштарака, мухайяла, фикрату ваҳм,
Бо ҳофиза дон ту панҷ ботин зи ҳавос.[18]
Ҳумой гардад, агар ҷуръае бинӯшад бақ.
Чу дарчакад ба миёни қадаҳ зи ҳалқи сабӯҳ,

Инсоне, ки Ибни Сино дар ашъораш сутудааст, инсони мушаххаси замон аст, ҳарчанд ба ному амсоли онҳо чун дар мадҳияҳои қасидасароёни давр ишора нашудааст. Дар қитъае ӯ бо таассуф ёдовар мешавад, ки дар замона одамони нек, ба хусус шахсони саховатманд кам мешаванду одамони бад зиёданд:

Ҳазор шахси карим аз вуҷуд шуд ба адам,

Ки як карим намеояд аз адам ба вуҷуд.[19]

Инсоне, ки дар ашъори Ибни Сино тасвир шудааст, аксаран ба худи ӯ айният дорад ва андешаву эҳсосоти ӯро ифода менамояд. Рубоии машҳури Ибни Сино, ки дарвоқеъ маромномаи ӯст, бозгӯи фидокориҳои илмии ӯ дар роҳи хидмат ба мардум мебошад:

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.[20]

Дар роҳи хидмат ба мардум инсон бояд нерӯи худро дареғ надорад, пойбанди манфиатҳои маҳдуди худ набошад. Танҳо дар ин сурат метавонад комёбу муваффақ бошад:

Ва гар зи ҳастии худ бигзарӣ, яқин медон,
Ки аршу фарши фалак зери по тавонӣ кард.[21]

Худшиносӣ аз рукнҳои асосии ташаккулу такомули инсон аст. Инсон бо худшиносиву худогоҳӣ ва таъйини мақсаду маром дар зиндагӣ метавонад хушбахту осуда бошад:

Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме,
Саргашта ба олам аз пайи чистаме?
В-арна ба ҳазор дида бигристаме,
Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме.

Ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манозил» низ худшиносӣ ва идораи нафсро аз шартҳои аввалини пешрафти инсон дониста таъкид мекунад: «Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон бо он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худ аст. Яъне аввал бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу некӯ бинамояд».[23]

Муҳимтарин хислати ҳамидаи инсон аз нигоҳи Ибни Сино некиву накӯкорист. Инсон дар зиндагӣ бояд аз худ осори нек гузорад. Аз омадану рафтани бесуд, беҳадаф гузаронидани вақт, машғул шудан ба корҳои ношоиста ҳосиле ҷуз надомату пушаймонӣ нест. Ибни Сино аз номи чунин ашхос хитоб мекунад:

Рӯзаке чанд дар ҷаҳон будам,
Бар сари хоку бод паймудам.
Соате лутфу лаҳзае дар қаҳр,
Ҷони покизаро биёлудам…
Бо ҳавоҳои ҳирси шайтонӣ,

Соате шодмона биғнудам…
Кас надонад, ки ман куҷо рафтам,
Худ надонам, ки ман куҷо будам.[24]

Ибни Сино ба масъалаи дӯстӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, зарурати онро дар ҳаёти инсон таъкид кардааст. Дар ин мавзӯъ ӯ ба забони арабӣ қасидае навишта, асари фалсафии худ «Рисолатуттайр»-ро бо васфу шарҳи дӯстӣ оғоз намудааст. Зиндагии инсонро ӯ бе дӯсту дӯстӣ тасаввур намекунад. Пешрафти шахс, соҳиби обрӯю иззат гаштани ӯ ба дӯсти нек низ марбут аст. Аз ин рӯ инсон бояд ҳамеша саъй кунад, ки бо одамони нек риштаи дӯстӣ бипайвандад. Зеро на ҳар кас шоистаи дӯстист, ба хусус бо одамони бадаслу бадгуҳар дӯстӣ кардан боиси рехтани обрӯйи кас хоҳад шуд:

Бо ҳар касе зи рӯи ҳаво дӯстӣ мадор,
Бо ҳар касе зи содадилӣ рози дил магӯй.
Бо мардуми музаввари бадасли баргуҳар,
Дар кӯйи мардумӣ зи пайи дӯстӣ мапӯй[25]…

Ибни Сино ба нақши муҳиту ҷомеа дар тарбияи инсон эътимод дошта, таъсири ҳамнишини бадро ба инсони нек таъкид менамояд:

Бигзар аз банди маҷозу дур гард аз доми ҳис,
Ҳар ки бо дунон нашинад, ҳиммати ӯ дун шавад.[26]

Ибни Сино дар оини дӯстӣ хеле эҳтиёткор буданро зарур медонад. Ӯ ҳатто ҳамнишинӣ бо дӯстонеро, ки бо душманон робитаи хуб доранд, нораво медонад:

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст нашоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст.[27]

Дар қитъаҳои худ Ибни Сино як идда аз хислатҳои зиштро аз қабили ҳасаду дурӯғ, ниёзу хасисӣ, сифлагиву заифӣ, ки дар осори фалсафиаш онҳоро разоил номидааст, барои ташаккули инсон музир дониста, дар ин дунёи фонӣ ҳар чи зудтар аз онҳо раҳо шуданро зарур мешуморад:

Ҳаром аст даҳ чиз бар родмард,
К-аз он шаш бувад марди озода фард.
Ҳасад бурдану сифлагию дурӯғ,
Намудан ниёзу заифию дард[28]…

Дар ғазали зайл Ибни Сино дил набастан ба моли дунё, дур шудан аз ҳирсу ҳавасро талқин намуда, инсонро ба раҳоӣ аз олами маҳдуди ҳавову ҳавасҳои худ даъват мекунад:

Агар дил аз ғами дунё ҷудо тавонӣ кард,
Нишоту айш ба дори бақо тавонӣ кард…
Зи манзилоти ҳавас гар бурун ниҳӣ гоме,
Нузул дар ҳарами кибриё тавонӣ кард.[29]…

Дар шеъри мазкур мисли ашъори дигари Ибни Сино бовар ба инсон, қудрату тавоноии он, ки қодир аст арши фалакҳоро зери по карда, қуллаҳои дастнорасро фатҳ намояд, баён шудааст.

Ибни Сино дар ашъори арабии худ низ инсони накукору хирадмандро арҷ гузошта, ӯро аз одами сарватманду бехирад авлотар медонад. Ӯ саховатмандиву ҳимматбаландӣ, доноиву хирадмандӣ, шуҷоату ҳунармандиро ситоиш карда, хасисиву бахилӣ, нодониву ҷоҳилӣ барин хислатҳои бадро мазаммат менамояд.

Андешаҳои башардӯстии Ибни Сино на танҳо ба адибону донишмандони Шарқ таъсири амиқ расондааст, балки мавриди қабул ва идомаи мутафаккирони маъруфи Ғарб чун Фомаи Аквинӣ, Роҷер Бэкон, Сигери Брабантӣ, Гундисалвӣ, Петри Испанӣ, Оверий, Данте қарор гирифтааст. Бесабаб нест, ки Данте дар асари маъруфи худ «Мазҳакаи илоҳӣ» Ибни Синоро дар радифи Арастиву Суқрот, Афлотуну Диоген, Эвклиду Птолемей, Буқроту Гален гузоштааст.

Осори илмиву адабии Ибни Сино, ки ҳадафи асосии онҳо хидмат ба инсон аст, имрӯз ҳам дардҳои ҷисмониву маънавии башарро шифо мебахшад.

## Пайнавишт

1.H.Ethe. Avicena als pensischen Lyriker. Nach richten von der K.Geseteschaft der wissenschaften und der G.B.Univensitet, 1875, Gottingen, 1875

2. S. Yaltkaya. Ibni sina basilmamis siirleri. Buyuk turk filosof we tib ustadi Ibni Sina sasieti we eserleri hakkinda tetkikkler, istanbul, 1937; Е.Э.Бертельс. Авиценна и персидская литература. Известия АН СССР. Серия общественных наук, 1938, №1-2; С.Айнӣ.Шайхурраис Абӯалӣ Сино, Сталинобод, 1939; М.Занд. Ибни Сино-шоир, маҷ. «Шарқи Сурх», 1952, №8; Қосим Ғанӣ. Ибни Сино, Теҳрон, 1315; Забеҳулло Сафо. Ҷашнномаи Ибни

Сино, ч.1, Теҳрон, 1331; Акбари Ризвонӣ. Абӯалӣ Сино, Теҳрон, 1344; Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Абӯалии Сино дар адабиёти форсу тоҷик. Мушкилоти Ибни Сино, Душанбе, 1980; А.Абибов. Сино дар баёзҳо, маҷ. «Садои Шарқ», 1980, №7; М.Умаров. Рисолаи шеър ва ашъори арабии Сино, маҷ. «Садои Шарқ», 1980, №7 Абӯалӣ ибни Сино. Авҷи Зуҳал, Душанбе, 1980.

3.М.Занд. Ибни Сино-шоир, Шарқи сурх, 1952, №8, саҳ.13.

4. Е.Э.Бертельс. Авиценна и персидская литература. Е.Э.Бертельс. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана, М., 1988, с.246.

5. И.С.Брагинский, 12 миниатюр, М., 1966, с.92.

6. Абӯалӣ ибни Сино. Саргузашт. Пирӯзинома, Душанбе, 1980, саҳ.13.

7. Е.Э.Бертельс. Авиценна и персидская литература,.., с. 252-254

8. Абӯалӣ ибни Сино. Авҷи Зуҳал, ба чоп тайёркунандагон: Ш.Ҳусейнзода, К.Айнӣ, Х.Шарифов, Душанбе, «Ирфон», 1980, саҳ.45.

9. Ҳамон асар, саҳ.14.

10. Сируси Шамисо. Анвои адабӣ, Теҳрон, 1370, саҳ.321.

11. М.Умаров. Рисолаи шеър ва ашъори арабии Сино, маҷ. «Садои Шарқ», 1980, №7, саҳ.108.

12. Дар бораи қитъа ва хусусиятҳои он ниг.: М.Бақоев. Рӯдакӣ ва қитъасароӣ. «Рӯдакӣ ва замони ӯ, Сталинобод, 1958, саҳ.147-151; Мирзо Муллоаҳмад. Пайдоиши як навъи марғуби шеър. Инсон, адабиёт, фарҳанг, Душанбе, 1998, саҳ.126-138.

13. А. Абибов. Сино дар баёзҳо, Садои Шарқ, 1980, №7, саҳ.112.

14. Абӯалӣ ибни Сино. Қонуни тиб, аз араби тарҷумаи С.Шаҳобиддинов, китоби аввал, Душанбе, 1989, саҳ.34.

15. Дар ин бора ниг.: Мирзо Муллоаҳмад. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ, Душанбе, «Деваштич», 2003, саҳ.26-39.

16. Ибни Сино. Рисолаи ахлоқ, тарҷума ва тавзеҳоти С.Сулаймонӣ, таҳти назари Ғуломҳусайнзода, Ашгабат, 2003, саҳ.171.

17. Е.Э.Бертельс. История персидско-таджикской литературы, М., 1960, с.118.

18. Абӯалӣ ибни Сино. Авҷи Зуҳал…, саҳ.70.

19. Ҳамон асар, саҳ.28.

20. Ҳамон асар, саҳ. 37.

21. Ҳамон асар, саҳ. 19.

22. Ҳамон асар, саҳ. 36.

23. Абӯалӣ ибни Сино.Осори мунтахаб, ҷ.2.,Душанбе, 1980, саҳ. 16.

24. Абӯалӣ ибни Сино. Авҷи Зуҳал…, саҳ. 16

25. Ҳамон асар, саҳ. 27.

26. Ҳамон асар, саҳ. 30.

27. Ҳамон асар, саҳ. 27.

28. Ҳамон асар, саҳ. 15. Ин шеър дар бахши «Ғазалиёт» ҷой дода шудааст, ки ба назари мо дуруст нест. Зеро он ҳам аз лиҳози мавзӯъу муҳтаво, сабку баён посухгӯи талаботи навъи қитъа аст).

29. Ҳамон асар, саҳ. 13.

## НАЗМИ СИТОИШ ВА ТАСВИР

Адабиёти асри X аз пурбортарин ва дурахшонтарин давраҳои адабиёту фарҳанги мардуми тоҷик ва кулли форсизабонони дунё ба шумор меравад. Бесабаб нест, ки онро даврони заррини адабиёт ҳам меноманд. Дарвоқеъ машъали назме, ки устодони бузурги ин давра Рӯдакиву Фирдавсӣ ва муосиронашон афрухтанд, роҳи минбаъдаи адабиёти моро мунаввар кардааст. Дар тӯли беш аз ҳазор сол суннатҳои устуворе ки онҳо пайрезӣ намуданд, ҳам дар мазмуну мавзӯот, ҳам дар қолабу анвоъи шеър ва ҳам дар калому ороишоти он пайваста идомаву такмил ёфта, боиси мондагории фарҳангу тамаддуни мардуми мо шудаанд.

Дар рушди сареъи адабиёту фарҳанги тоҷик дар он даврон саҳми давлати Сомониён, ки ба аҳли илму адаб таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, барои онҳо шароити мусоид фароҳам оварда буд, хеле бузург аст. Вале, мутаассифона, дар охири асри X дар натиҷаи кашмакашҳои дохилии ҳокимон, қувват гирифтани майли марказгурезии онҳо, хеле зиёд шудани унсурҳои аҷнабӣ дар ҳукумат, ба хусус лашкар, пурзӯр шудани ихтилофоти табақавӣ, бад шудани вазъи заҳматкашон ва дар мубориза бо аҷнабиён ҳукуматдоронро дастгирӣ накардани омма ва омилҳои дигар давлати мутамаркази Сомониён барҳам хӯрда, дар Мовароуннаҳр

сулолаи Қарохониён ва дар Хуросон Ғазнавиён дар шаҳри Ғазнин ба тахти ҳукумат нишастанд.[1] Бо он ки сулолаҳои мазкур туркнасаб буданд, на танҳо аксари суннатҳои давлатдории Сомониёнро идома доданд, балки забони форсии дарӣ(тоҷикӣ)-ро забони расмӣ қарор дода, ба рушди адабиёти форсӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Аз ин ҷост, ки дарбори онҳо ба хусус боргоҳи Ғазнавиён дар нимаи авали асри XI маркази асосии адабӣ ба шумор мерафт.

Давлати Ғазнавиён, ки рӯзгори шоирони маъруфи давр Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Ғазоириии Розӣ ва амсоли онҳо ба он марбут аст, дар давраи ҳукмронии Султон Маҳмуд(998 -– 1030) аз лиҳози пешрафти иқтисодиёт ва иқтидори сиёсиву ҳарбӣ ба яке аз лавлатҳои қудратманди Шарқ табдил ёфт.

---

Хазинаи давлат бештар ба василаи ҷангҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва махсусан, футуҳоти Ҳиндустон ғанӣ карда мешуд. Ин роҳи пешгирифтаи Султон Маҳмуд ва дигар шоҳони ғазнавӣ ба рушди якҷонибаи давлат мусоидат карда, боиси таназзули неруҳои тавлидиии кишвар ва бадтар шудани вазъи мардум мегардад. Бинобар ин шоҳони ғазнавӣ саъй менамуданд, ки бо ҳар восита муборизаҳои дохилии кишварро хомӯш карда, мамлакатро дар оромиву осоиш нигоҳ доранд.[2] Яке аз чунин воситаҳо, ки аз як тараф ниятҳои ғоратгаронаи онҳоро рӯйпӯш намуда, аз тарафи дигар мардуми қашшоқу бенавои исёнхоҳро ба ҷанг ҷалб мекард, сиёсати диниву мазҳабӣ буд, ки асоси онро шиори ғазавот ё интишори дини Ислом ташкил медод. Маҳз бо ҳамин баҳона онҳо ба Ҳиндустон лашкар кашида, сарват ба даст меоварданд.

---

[1] Б. Гафуров. О причинах возвышения и падения Саманидов. Советское востоковедание, 1958, № 1, с. 54- 55

[2] А.Ю. Якубовский. Махмуд Газневи. К вопросу о происхождении и характаре газневидского государства, сб. Фердавси 934м -1934, Ленинград, 1934, с. 83-89.

Ҳарчанд бо баҳонаву роҳҳои гуногун Ғазнавиён баъзе зиддиятҳои

дохилии мамлакатро то андозае ором намуданд, вале онҳо натавонистанд аз ӯҳдаи бартараф кардани ҳамаи ихтилофҳо бароянд ва аз ҳамин сабаб давлати пуриқтидори онҳо низ дар муддати кӯтоҳ барҳам хӯрд.[3]

Чунин муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳаёти адабии давр таъсири амиқ гузошта, ба он вежагиҳои хос бахшид.

Тавре ки зикр шуд, Ғазнавиён низ монанди Сомониён ба адабиёт таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, шоирони зиёдро ба дарбор ҷамъ меоварданд ва ба шоирони мадеҳасаро атоҳои

медоданд. Вале азбаски ҳадафҳои сиёсии ин ду сулола аз ҳам тафовут доштанд, бинобар ин чунон ки А. Н. Болдирев дуруст таъкид менамояд, «дар Ғазнин дар назди адибони дарбор нисбат ба шоирони Бухоро вазифаҳои дигар меистод».[4] Аммо ин ҳолат на танҳо муаллифони сарчашмаҳои зиёд, балки баъзе муҳаққиқони имрӯзаро низ ба иштибоҳ овардааст ва онҳо Султон Маҳмудро «ҳавохоҳи

ҳунару дониш»5, «илмдӯсту адабпарвар»6 шуморида, ҳадафи ӯро

«тарвиҷи шеъру адаб»[7] донистаанд.

Вале агар ба сиёсату тадбирҳои Ғазнавиён нисбат ба шеъру шоирӣ амиқтар назар карда шавад, маълум мегардад, ки тадбирҳои онҳо на барои рушди адабиёт, балки барои амалӣ намудани ғаразҳои сиёсиву шахсиашон ва маҳдуд кардани имкониятҳои озодандешии шоирон равона шудааст. Инро сарнавишти яке аз шоирони давр Масъуди Розӣ, ки барои ду байти насиҳатомез ба хашми Султон Масъуд гирифтоор шуда, ба Ҳиндустон бадарға шуда буд, тасдиқ менамояд.

Ташкили девони шоирон, таъйин кардани унвони маликушшуаро, ба шоирон додани маош ва ҷорӣ кардани тадбирҳои дигар, ки имкониятҳои озодбаёнии шоиронро маҳдуд мекард, адабиёти доираи Ғазнинро ба дастгоҳи сиёсии давлат табдил дод.

Аз ин ҷост, ки қасида навъи асосиву ҳукмрони шеър гардида, мадҳ мавзӯи марказии он қарор гирифт. Қасида ҳарчанд дар ин давра аз лиҳози миқдор хеле ривоҷ пайдо кард, вале аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундариҷаву муҳтаво хеле

маҳдуд гардид. Агар дар абёти боқимондаи қасоиди Рӯдакӣ ва муосиронаш, бо вуҷуди он ки хеле кам боқӣ мондааст, гуногунии мавзӯъ, фикру андешаҳои баланди иҷтимоъӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ мушоҳида шавад, дар назми давраи Ғазнавиён асосан ривоҷи мавзӯи мадҳ ва масъалаҳои ишқу тасвири табиат ва маю майгусорӣ дар тағаззулот ва мусаммату тарҷеъбандҳо ба назар мерасад. Масалан, мавзӯи ватандӯстӣ дар осори шоирони асри Х, ба хусус дар осори боқимондаи Рӯдакӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҷойгоҳи

---

[3]Ҳамон ҷо, саҳ. 96

[4]Краткая история литератур Ирана, Афганистана, Турции, ЛГУ, 1971, с. 28.

[5]Ҳ. Эте.Таърихи адабиёти форсӣ, тарҷумаи Шафақ,Теҳрон,1958,саҳ.98.

[6]Аббоси Парвиз.Таърихи Дайлима ва Ғазнавиён, Теҳрон, 1336, саҳ.303.

[7]Шиблии Нуъмонӣ.Шеърулаҷам, ҷ.1, Теҳрон, 1335, саҳ. 46.

баланд дорад ва бешубҳа ба сиёсати Сомониён созгор буд. Вале дар ашъори шоирони нимаи аввали асри Х1 на танҳо мавзӯи ватандӯстӣ мушоҳида намешавад, балки баръакс таънаву таҳқири қаҳрамонони «Шоҳнома» хеле зиёд ба назар мерасад. Шоирони аҳди Ғазнавиён Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ҳар гоҳ сухан аз футуҳоту корнамоиҳои мамдӯҳ равад, ба ситоиши муболиғаомез пардохта, ҳамеша ӯро аз қаҳрамонони «Шоҳнома» бартар медонанд. Ҳоло чанд намунаро фақат аз осори яке аз намояндагони адабиёти ин давра Фаррухии Систонӣ, ки девони ӯ тақрибан ба таври комил боқӣ мондааст, нақл мекунем. Аз ҷумла Фаррухӣ дар қасидае лашкаркашии

---

Султон Маҳмудро ҳангоми фатҳи Хоразм тавсиф намуда, ӯро аз бузургтарин қаҳрамонони «Шоҳнома» Рустам ва шоҳи машҳур Ҳушанг ба маротиб афзал мешуморад:

Эй ба лашкаршиканӣ бештар аз сад Рустам,

Эй ба ҳушёрдилӣ бештар аз сад Ҳушанг,
Бежан ар бастаи ту будӣ, раста нашудӣ
Ба ҳиял сохтани Рустами нев аз Аржанг.

Дар қасидаи дигари шоир, ки он ҳам ба мадҳи Султон Маҳмуд бахшида шудааст, «Шоҳнома» саросар иборат аз афсонаҳои дурӯғ дониста шудааст:

Гуфто: «Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеҷ шаҳ бувад?»
Гуфтам: «Зи ман мапурс, ба «Шаҳнома» кун нигоҳ».
Гуфто, ки «Шаҳнома» дурӯғ аст сарбасар,
Гуфтам: «Ту рост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ».

Чунон ки ҳувайдост, Фаррухӣ низ ба тақозои майлу хоҳиши мамдӯҳаш Султон Маҳмуд моҳият ва арзиши баланди ватандӯстии «Шоҳнома» ва аҳдофи олии Фирдавсиро нодида гирифтааст. Байтҳои мазкур ривояти зерро, ки дар «Таърихи Систон» дарҷ шудааст, ба хотир меорад: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи Султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд.

Маҳмуд гуфт: «Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст».

Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод! Надонам андар сипоҳи ту чанд мард чун Рустам бошад. Аммо ин донам, ки Худои хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид». Ин бигуфт ва замин бӯса карду бирафт».[8]

Дар зимни мадҳи бародари Султон Маҳмуд сипаҳсолор Амир Юсуф ва писараш Султон Масъуд низ беэътиноии Фаррухӣ ба қаҳрамони «Шоҳнома» мушоҳида мешавад:

Сафдар чун ту набуд Рустам ё Сом,
Меҳтар аз ту набуд Ҷам ё Нузар.
***
Зи мардум он чи ту кардӣ ҳаме ба андак сол
Ба солҳои фаровон накард Рустами Зар.
***

---

[8]Таърихи Систон,вироиши матн: Ҷаъфар Мударриси Содиқӣ, Теҳрон, 1373, саҳ. 3-4

Махон қиссаи Рустами Зовулиро
Аз ин пас дигар, к-он ҳадисест мункар.

Чунин ситоишҳои пурмуболиға ва беэътиноӣ ба «Шоҳнома» ва қаҳрамононаш дар қасоиди Фаррухӣ ва муосиронаш хеле фаровон аст, ки бешубҳа аз сиёсати давлати Ғазнавиён ва муносибати шоҳони ғазнавӣ ба «Шоҳнома» маншаъ мегирад. Тавре ки баррасиҳо нишон медиҳанд, амирони сомонӣ сиёсати диниву ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бо ҳам пайваста, баробари тарғиби дини ислом ба барангехтани эҳсоси ватандӯстии мардум низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамуданд. Вале Ғазнавиён сиёсати диниро шиору ниқоби худ қарор дода, ба футӯҳоту ғоратгарии кишварҳои ҳамсоя мепардохтанд. Ҳарчанд онҳо худро зоҳиран пайрави Сомониён вонамуд карда, шоиронро ба дарбор ҷамъ оварданд, вале ҳадафи онҳо дигар буд. Барои шоҳони ғазнавӣ на андешаҳои ватандӯстиву ифтихори миллӣ, балки мадҳу ситоиши корнамоиҳо ва футуҳоташон муҳим буд. Аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ба ҳадафҳои онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ созгор набуд ва сабаби қадр нашудани он ҳам дар ҳамин аст. Ин сиёсати Ғазнавиёнро шоирони дарбор хуб дарк карда буданд, аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ва қаҳрамонони онро паст мезаданд. Вале баъзе муҳаққиқон омилҳои дигарро сабаби пазируфта нашудани «Шоҳнома» нишон додаанд. Аз ҷумла, Абдулҳусайни Зарринкӯб дар бораи Султон Маҳмуд сухан ронда, соҳибзавқу шеърдӯст будан ва махсусан тамоили зиёди диниву мазҳабӣ доштани ӯро таъкид намуда, сабаби муносибати нохуши султонро ба шоир дар ҳамин замина дониста навиштааст: «Чунонки иллати адами илтифоти ӯ ба «Шоҳнома» зоҳиран иттиҳоми Фирдавсӣ ба рафзу иштимоли китоби ӯ бар корномаи маҷус бояд буда бошад»[9]

Вале ба назари мо ҳам шеърдӯстӣ ва ҳам динпарастии Султон Маҳмуд ҷанбаи тазоҳурӣ дошта, дар зери ниқоби онҳо ғаразҳои сиёсӣ нуҳуфтааст. Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки сусту заиф будани эътиқоди динии ӯро нишон медиҳанд, ки ба ин Абдулҳусайни Заринкӯб ҳам

---

иқрор аст ва «динро василаи ағрози дунявӣ» сохтани ӯро таъйид кардааст.

Бинобар ин таваҷҷӯҳи Султон Маҳмуд ба дину мазҳаб натиҷаи «завқи мазҳабӣ»-и ӯ набудааст. Сиёсати пешгирифтаи Султон Маҳмуд ҳарчанд аз тарафи шоирони дарбораш бо ҳар васила рӯйпӯш ва ситоиш мешуд, вале моҳияти ғоратгаронаи он ҳанӯз дар ҳамон аср ошкор шуда

буд ва аз ҷумла Носири Хусрав дар хусуси сиёсати риёкоронаи динии Маҳмуд навиштааст:

Он ки ба ҳиндувон буд, яъне ки ғозиям,
Аз бахри бадрагон, на зи баҳри ғазо шудаст.

Ин ҳама гувоҳ бар он аст, ки ба Султон Маҳмуд на матолиби мазҳабии «Шоҳнома», ки мақоме надорад, балки пеш аз ҳама андешаҳои ватандӯстӣ, ифтихор ба гузаштаи дурахшони тамаддуни Эрон, эҳёи Аҷам / «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ»/, ки комилан бо сиёсати давлати Сомониён созгор буданд, писанд наёмадаанд. Аз ин ҷост, ки ин шоҳкори бузурги назм, ки маъруфтарин шоирони оламро мафтун кардааст, мавриди қабули шоирони дарбори Султон Маҳмуди туркнажод қарор нагирифт.

---

[9] Абулҳусайни Зарринкӯб. Аз гузаштаи адабии Эрон,Теҳрон, саҳ. 233-234.

Таъсири сиёсати Ғазнавиёнро на танҳо дар қисмати мадҳи қасоиди шоирони давр, ки саросар аз ситоиши иғроқомези мамдӯҳон иборат аст, балки ҳатто дар тағаззулот ва қитъаву ғазалҳои онҳо низ метавон мушоҳида кард. Масалан, дар аксари тағаззулҳои Фаррухӣ мавзӯи ишқ матраҳ шудааст ва тавре ки Зайнулобидини Мӯътаман таъкид кардааст, «Шояд ҳеч шоире маънии ишқи моддиро беҳтар аз ӯ(Фаррухӣ –- М.М.)шарҳ надодааст».[10] Дар тағаззуле ба саволи ошиқ дар бораи маънии шоир ишқи заминиву табииро хеле хуб шарҳ медиҳад :

Бари ман ишқро ғоят ба ҷоест,
Ки кас кардан-ш натвонад муқаррар.
Чунон бояд, ки накнад ҳеҷ ошиқ
Ҳадиси ҳосиди маъшуқ бовар.
Ба вақти хилват андар пеши маъшуқ
Чи кеҳтар бошад андар пеши меҳтар,

---

Мусаххаргаштаи маъшуқ бошад
В-агарчи оламаш бошад мусаххар.

Ин шеър, ки воқеан мафҳуми ишқро дуруст шарҳ медиҳад, ба назари аз ҷумлаи он ашъорест, ки то ба дарбор омадани ӯ суруда шудааст. Зеро дар аксари тағаззулҳот шоир ошиқ шахси мағруру бовиқор буда, маъшуқ қадру эътиборе надорад:

Ту чу ман ёр наёбӣ ба ҷаҳон,
Ман чу ту ёбам ҳар рӯз ҳазор…

- х –

Оштӣ кардам бо дӯст пас аз ҷанги дароз,
Ҳам бад-он шарт, ки бо ман накунад дигар ноз…

Тавре ки аён аст, ҳатто дар ишқияҳои шоир таъсири муҳити дарбор, ахлоқи ашрофонаи дарбориён равшан эҳсос мешавад. Бо вуҷуди ин шоирони нимаи авали асри Х1 суннатҳои шоирони пешинро махсусан дар сабку забон идома дода соддагиву таровати сабки хуросониро ҳифз намуданд. Онҳо маҳорати суханварии худро бештар дар бахши тағаззулоти қасидаҳо ба харҷ дода, тасвирҳои ҷолиберо офариданд, ки арзиши баланди бадеиву зебошинохтӣ доранд. Ба хусус тасвири табиат дар тагаззулоти Фаррухиву Унсурӣ ва мусамматоти Манучеҳрӣ хеле барҷаста ва ҷаззоб сурат гирифта, офаридаҳои онҳо, чунонки донишманди фаронсавӣ С. Фушекур таъкид кардааст, беназир буда, беҳтарин намунаҳои тасвири табиат дар адабиёти форсизабон маҳсуб мешавад.[11] Аз ин рӯ дар ин маҷмуа бештар тағаззулоти қасидаҳои шоирони маъруфи ин давра интихоб гардида, аз қисмати мадҳи онҳо, ки барои хонандаи имрӯз арзиши зиёд надоранд, сарфи назар карда шуд. Албатта, дар қисмати мадҳи қасидаҳо низ баъзе тасвирҳои ҷолиб ва зикри воқеаҳои таърихӣ ба назар мерасанд, ки барои муҳаққиқон заруранд. Инро дар ду қасидаи комили Фаррухӣ, ки барои намуна овардем, метавон мушоҳида кард. Ҳамчунин намунаҳо аз навъҳо дигари ашъори шоирон оварда шуд, то ки хонанда тасаввури пуррае дар бораи адабиёти ин давра пайдо намояд.

---

[10] Зайнулобидини Мӯътаман. Таҳаввули шеъри форсӣ, Теҳрон, 1339, саҳ. 215.

[11]C.H. Fouchecour. La lescription de la nature dans la poesia lyrique persane du X1 siecle. Paris, 1969, p.2

## Ҷилваи маҳорат

Эҷодиёти суханварони соҳибистеъдод баробари умумияту ҷиҳатҳои муштарак дорои хусусиятҳои хосе низ мебошанд, ки ин хусусиятҳо барои сурат гирифтани фардияти эҷодии адибон ва мақоми сазоворе пайдо кардани онҳо дар таърихи адабиёт мадад мерасонанд.

Ҳар гоҳ ки сухан аз шоири нимаи аввали асри XI тоҷику форс Фаррухии Систонӣ равад, чун соҳибони тазкираву рисолаҳои улуми адабии гузашта ва чӣ ховаршиносону адабиётшиносони кунунӣ пеш аз ҳама маҳорати баланди шоирӣ ва фасеҳиву соддагии услуби эҷодии ӯро таъкид намудаанд. Аз шоир ва адабиётшиноси асри XII Рашиди Ватвот шурӯъ намуда қариб ҳамаи тазкиранигорону муҳаққиқони эҷодиёти шоир ба услуби шоирии Фаррухӣ сифати «саҳли мумтанеъ»-ро мансуб донистаанд.

Ҳарчанд дар бобати тарафҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Фаррухӣ мақолаву рисолаҳои ҷудогона ба вуҷуд омадааст, вале таассуфовар аст, ки то ҳол маҳорати эҷодии шоир умуман ва ҷиҳатҳои услубии ашъори ӯ хусусан аниқу ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст. Адабиётшиноси эронӣ Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар тадқиқоти муфассали худ бар хилофи муҳаққиқони дигар ба масъалаи услуби «саҳли мумтанеъ»-и шоир баҳси васеътаре кушода бошад ҳам, танҳо ба шарҳи як ҷиҳати масъалаи мазкур – соддагии забон маҳдуд шудааст. Худи муҳаққиқ ҳам ба номукаммалии шарҳаш иқрор шуда навиштааст: «Нигоранда ҳанӯз умедвор нест, ки бо ин тавзеҳот тавонистааст он чи аз каломи саҳлу мумтанеъи Фаррухӣ ҳис мекунад, комилан ба қалам оварда ва ин нуктаро ба равшанӣ баён карда бошад».[1]

Чунон ки маълум мегардад, камбудии асосии Юсуфӣ ва дигар муҳаққиқон пеш аз ҳама дар он аст, ки онҳо «саҳли мумтанеъ»-ро ба мафҳуми танги «услуби забонӣ» мансуб донистаанд. Ба назари мо танҳо дар сурате ба асрори услуби «саҳли мумтанеъ»-и Фаррухӣ ва умуман маҳорати эҷодии ӯ шинос шудан мумкин аст, ки мафҳуми услуби эҷодии шоир ба маънии васеъаш гирифта шуда, баробари соддагиву хушоҳангии калом таносуби алфозу маънӣ, тарзи офариниши тасвиру образҳои шоирона, ягонагии шаклу мундариҷаи ашъори ӯ ва дигар масъалаҳои марбут ба ҷаҳони шоиронааш равшан гардад. Бинобар ин ҳоло кӯшиш менамоем, ки аз ҳамин дидгоҳ назар намуда, баъзе усулҳои тасвири шоирро дар асоси таҳлили тағаззулҳои ҷудогонаи ӯ то ҳадди имкон аз назар гузаронем. Чунин тарзи таҳлил агар аз як тараф барои яклухт ва дар ҳамбастагӣ омӯхтани воситаҳои гуногуни тасвир (аз қабили санъатҳои бадеӣ, оҳанг, вазн, хусусиятҳои овозӣ…) муносиб бошад, аз тарафи дигар то чӣ андоза созвор омадани мавзӯъ ва мундариҷаи шеърро бо тарзи баён ва дараҷаи риояти ягонагии шаклу мундариҷаи онро ба зуҳур мерасонад. Ногуфта намонад, ки ин тарзи таҳлил ба ҳеҷ ваҷҳ тарзҳои дигари таҳқиқи бадеияти шеърро (монанди шарҳу тавсифи санъатҳои ҷудогонаи бадеӣ, ки дар илми бадеи тоҷику форс маъмул аст, ё таҳқиқи структуралию семиотикӣ ва статистикии шеър, ки дар шеършиносии имрӯза ривоҷ дорад, инкор накарда, беҳтарин унсурҳои

[1] Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Фаррухии Сиистонӣ…, Машҳад: 1341, саҳ. 551.

онҳоро дар бар мегирад ва дар айни ҳол барои муайян кардани маҳорати эҷодии шоирон хеле судманд аст.[2]

Азбаски тасвири табиат на танҳо аз мавзӯъҳои асосии тағаззулоти шоир, балки аз мавзӯъҳои маркази ашъори лирикии шоирони нимаи аввали асри XI ба шумор рафта, шевотарин намунаҳои шеърҳои пейзажии адабиёти гузаштаамон дар ин давра эҷод шудаанд, мо ҳам барои таҳлил маҳз ҳамин гуна шеърҳоро интихоб намудем.

Инак, тағаззули қасидаи аввали девони Фаррухиро, ки тасвири як манзараи воқеии табиати баҳоронро дар бар мегирад, аз назар гузаронем:

Баромад нилгун[3] абре зи рӯи нилгун дарё,
Чу ройи ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо.

Чу гардон гашта селобе миёни оби осуда,
Чу гардон гирдбоди тундгарде тира андар во.

Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун,
Чу пилони пароканда миёни обгун саҳро.

Ту гуфтӣ гарди зангор аст бар ойинаи чинӣ,
Ту гуфтӣ, мӯйи санҷоб аст бар пирӯзагун дебо.

Ба сони марғзори сабзранг андар шуда гирдаш,
Ба як соат мулавван карда рӯйи гунбади хазро.

Ту гуфтӣ, осмон дарёст аз сабзиву бар рӯяш
Ба парвоз андар овардаст ногоҳ баччагон анқо.

Ҳамерафт аз бари гардун гаҳе торӣ, гаҳе равшан
В-аз ӯ гоҳ осмон пайдову гаҳ хуршед нопайдо.

Ба сони чандани сӯҳонзада бар лавҳи пирӯза,
Ба кирдори абири бехта бар сафҳаи мино.

Чу дудин оташе, к-обаш ба рӯй андар занӣ ногаҳ,
Чу чашми бедиле, к-аз дидани дилбар шавад бино…[4]

---

[2] Дар бобати зарурат ва аҳамияти чунин тарзи таҳқиқ ба пешгуфори Г.М. Фридлендер дар китоби «Поэтический строй русской лирики», Л., 1973, с. 3-8 муроҷиат шавад.
[3] Дар «Девони Фаррухӣ», ба кӯшиши Дабири Сиёҳӣ, чопи 2, Теҳрон, 1349»ҳ. калимаи «пилгун» омадааст. Ин ҷо матн аз рӯи нусхаҳои хаттӣ ислоҳ гардид.
[4] Фаррухӣ. Девон, чопи 2, саҳ. 1.

Шоир дар ин тағаззул тавассути тасвири ҳаракату ҳолати абрпораҳо аз як тараф зебоиҳои нотакрори он фаслро ба қалам дода, аз тарафи дигар ҳаяҷону эҳсосоти сурурангези ботиниашро ифода намудааст. Ҳарчанд дар шеър калимаи «баҳор» тамоман истифода нашудааст, вале хонанда аз тасвирҳои рангину воқеии шоир зебоиву таровати ин фасли солро равшан тасаввур менамояд. Зеро шоир зебоиҳои баҳорро ба таври умумӣ тасвир накарда, аз олами беинтиҳои табиат танҳо ба як ҷузъи он- абр диққат додааст ва дар тасвири ҷиҳатҳои гуногуни он эъҷозкориҳо намудааст.

Ин тағаззул бо яклухтии тасвир, ки тадриҷан ба осмон баромадану паҳн шудани абрро дар бар мегирад, чанд лавҳаи моҳирона нигоштаро мемонад. Шоир бошад ба рассоме монанд аст, ки барои воқеиву гиро ба қалам додани манзара аз тамоми имкониятҳо ва махсусан аз рангҳои сабз, хазро, зангор, пирӯзагун, нилгун, торику равшан ва амсоли инҳо хеле моҳирона истифода мебарад.

Муҳимтарин воситае, ки барои офаридани тасвир дар ин тағаззул ба кор рафтааст, санъати ташбеҳ мебошад. Қариб дар ҳар байт бо як ё ду ташбеҳ, ки аксар тозаву бикр ба назар мерасанд, дучор омадан мумкин аст. Азбаски шоир тасвири манзараи воқеии табиатро ба ӯҳда гирифтааст, бинобар ин ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунандаҳои шеър низ асосан моддиву маҳсус (ҳисшаванда) мебошанд. Вале агар ташбеҳҳо дар алоҳидагӣ санҷида шаванд, маълум мегардад, ки дар ду маврид (байтҳои 1,6) ташбеҳкунандаҳо (раъйу табъ, анқо) хаёлӣ ва ғайримоддианд. Дар байти аввал ҳаракати абр ба раъйу табъи ошиқону бедилон монанд шудааст, ки дар ҳақиқат ташбеҳкунандаҳо унсурҳои номавҷуд (абстрактӣ) мебошанд. Ин ҷо ба назари мо бояд ду чизро ба назар гирифт. Аввал ин ки дар байт на худи ашёи ташбеҳшаванда, балки ҳаракати он мавриди тасвир аст. Сониян дар матн чи ташбеҳшаванда ва чи ташбеҳкунанда якҷоя бо ашёву ашхос (абр, ошиқону бедилон) омада хусусияти воқеӣ касб кардаанд ва аз мутолиаи байт чунин тасаввуре ҳосил мешавад, ки гӯё худи абр бевосита ба ошиқону бедилон монанд шудааст. Ҳамин ҳолат дар байти 6 низ мушоҳида мешавад. Ташбеҳкунандаи «анқо» (мурғи афсонавӣ, ки дар асл вуҷуд надорад) аз як тараф ба маънии мурғи муқаррарӣ омада, аз тарафи дигар барои ифодаи эҳсосу ҳаяҷони баланди романтиконаи шоир хидмат намудааст.

Дар байти дуюм низ ҳамоно ҳаракати абр дар мадди назари шоир аст ва абр ба селоби пурталотуму гирдоби тундгард монанд мегардад. Ҳаракату амалиёти абр торафт мураккаб шудан мегирад ва абр акнун ба пилони пароканда шабоҳат пайдо мекунад. Ин ҷо на танҳо ҳаракати абр, балки ҳолату шаҳомати он низ пеши назар ҷилвагар мешавад. Байти саввумро метавон авҷи баланд ё худ нуқтаи кулминатсионии тасвири ҳаракати абр шумурд. Махсусан, дар мисраи аввали байт (Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун), ки дорои се феъли ифодакунандаи ҳаракат аст, шиддати амалиёт ба нуқтаи баланд расидааст. Дар ягон байти дигари ин тағаззул зиёда аз як феъл дида намешавад. Ин ҷо бошад, чида шудани феълҳо шиддати ҳаракатро муассиртар ифода намудааст. Дар мисраи дуюм ҳатто тавсифи ташбеҳкунанда аз сифати феълӣ иборат

буда, ба ҳаракат вобаста карда шудааст. Аз охири ин мисраъ бо зикри ташбеҳи «обгун саҳро» шиддати тасвир паст шудан мегирад ва шоир таваҷҷӯҳашро ба ҳолату ранги абр ҷалб менамояд. Байтҳои чаҳорум, панҷум ва шашум саршори рангҳои сабз, зангор, хокистарӣ гардида илова бар абр тасвири осмонро низ дар бар мегиранд. Аз байти ҳафтум шоир боз ба тасвири амалиёти абр мепардозад. Дар ин байт ташбеҳи нав оварда намешавад, вале дар ҳар мисраъ дуборӣ такрор ёфтани калимаҳои «гаҳе», «гаҳ» ва зикри тазодҳои «ториву равшан», «пайдову нопайдо» аз шиддату хурӯши наве дарак медиҳанд. Шоир боз аз ташбеҳҳо мадад меҷӯяд. Лекин ташбеҳҳои байтҳои 8,9 тафсилӣ буда, бештар ҳолати ашёҳоро равшан менамоянд. Бо вуҷуди ин ҷӯшу хурӯш ва шиддати тасвир то охир нигоҳ дошта мешавад, ки барои ифодаи онҳо мақоми ташбеҳҳои махсусу назаррабои воқеии байти нуҳум хеле калон аст.

Чунон ки аз таҳлил бармеояд, дар тағаззули мазкур шоир манзараи табиатро нусхабардорӣ накарда, балки онро зиндаву табиӣ ва пайваста ба ҳаракат қаламдод намудааст. Тасвири шоир якнавохт набуда, чун рӯзҳои баҳор зуд-зуд тағйир меёбад, гоҳе шиддат мегираду гоҳе суст мешавад, гоҳе медурахшаду гоҳо садо медиҳад. Ҳатто дар мавридҳое, ки танҳо ҳолати манзара тасвир мешавад, якнавохтиву карахтӣ ба назар намерасад. Дар ин гуна мавридҳо бештар рангҳо ба ҷилва омада, тасвирро зиндаву барҷаста мегардонанд.

Ҳамон навъе ки қайд шуд, бунёди тасвирҳои шоир дар тағаззул асосан бар ташбеҳ аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки дигар воситаву санъатҳои бадеӣ мавриди истифода қарор нагирифта бошад. Баръакс дар ин тағаззул санъатҳои зиёди бадеӣ ба кор рафтаанд, вале бояд таъкид кард, ки ҳамаи он санъату воситаҳо пайваста бо ташбеҳ омада, аксаран ба он тобеанд. Чунон ки дидем, дар мисраи аввали байти сеюм ва байти ҳафтум барои ифодаи авҷи ҳаракату шиддати тасвир феълҳои чида ва санъати такрор то андозае мустақилият пайдо карда, баробари ташбеҳ истифода шудаанд. Ба ин минвол шоир дар баъзе мавридҳо барои ҷолибтар ва муассиртар баромадани тасвир танҳо ташбеҳро кофӣ надониста, воситаҳои дигарро низ корбаст намудааст.

Хусусияти дигари истифодаи ташбеҳ дар ин тағаззул он аст, ки шоир барои ифодаи ҳаракати ашё ташбеҳҳои кӯтоҳеро, ки зотан хосияти пӯёӣ (ҷунбандагӣ) доранд, истифода карда, ҳангоми ба қалам додани ҳолати ашёву манзара ташбеҳҳои ифодакунандаи рангро ба кор мебарад. Бояд гуфт, ки ин тарзи тасвирсозӣ ба объект тасвир ва мундариҷаи тағаззул хеле мувофиқ омада, ҳусни эмотсионалии шеърро ҳам афзудааст.

Дигар ин ки аксари ташбеҳҳои тағаззул илова бар моддиву маҳсус будан манзур (дидашаванда) ва ба чашм аён низ ҳастанд. Дар натиҷа хонанда ҳангоми мутолиаи шеър барои идроки тасвир ба фикр фурӯ нарафта лаҳзае худро дар нишемангоҳи манзараи табиати баҳорон тасаввур мекунад ва аз дарё боло шудани абрпораҳову бо хурӯшу тундӣ ба ҳам бархӯрда рӯи осмони нилгунро фаро гирифтани онҳо ва дар як

муддати кӯтоҳ рангҳои гуногун пазируфтани осмонро гӯё бо чашмони худ мебинад.

Аз санъатҳои дигаре, ки дар тағаззул беш аз ҳама пайваста бо ташбеҳ истифода шудаанд, тавсиф мебошад. Дар мисраи аввали шеър тавсифи «нилгун» такроран омада аст, ки бесабаб нест. Бо ин роҳ шоир пеш аз ҳама объекти тасвирро таъкид намуда, сониян таваҷҷӯҳи хонандаро ба зебоии табиат, ки дар айни ҳол натиҷаи ҳамоҳангиву мувозинати ашёҳои он буда, ҳамрангии абру дарё нишонаи равшани он аст, ҷалб месозад.

Ҷолиби диққат аст, ки тавсифҳои байтҳои 2,3, ки аксаран аз сифатҳои феълӣ иборатанд, бо ташбеҳкунандаҳо омада барои ифода ва таъкиди маънои ҳаракат хидмат менамоянд. Дар байтҳои 4,5 бошад тавсифҳо ба тақозои тасвири ҳолат маънои рангро ифода мекунанд. Дар байти 8 ду тавсифи тафсилӣ зикр шудааст, ки барои ифодаи ранги ташбеҳкунандаҳо хизмат менамоянд. Аҷибаш ин аст, ки ба туфайли тавсифҳои «сӯҳонзада бар лавҳи пирӯза» ва «бехта бар сафҳаи мино» ташбеҳҳои чандану абир, ки дар системаи образҳои назми классикии тоҷику форс асосан барои ифодаи хушбӯӣ ба кор мерафтанд, ин ҷо рангро намоиш додаанд.

Нақши муҳимми тавсиф дар байти 9 низ равшан зоҳир мегардад. Дар ин байт шоир ташбеҳи воқеии « ба оташ задани абре», ки тозаву хаёлист, ба кор бурдааст. Вале барои ба тасвири умумии шеър пайвастани ин ташбеҳ мавқеи тавсифи «дудин» калон аст. Зеро ин ҷо маҳз ба туфайли тавсифи мазкур образ ягонагиву яклухтӣ касб кардааст. Ҳамин тавр тавсиф низ дар саросари тағаззул пайваста бо ташбеҳ омада, тасвирро мукаммалу барҷаста намудааст.

Аз зикри санъатҳои дигари бадеӣ, ки дар бунёди тасвир нақши зиёд надоранд, худдорӣ намуда ҳаминро бояд қайд кард, ки оҳанги ин шеър низ ба мазмунаш зич вобаста буда, ба тақозои он тағйир меёбад. Чунон ки маълум аст, рӯзҳои баҳорон, ки нигориши як манзараи онро шоир ба ӯҳда гирифтааст, бо тағйирёбии ҳарлаҳзагӣ фарқ мекунад. Барои равшантар ифода намудани ин маънӣ оҳанги шеър низ таъсире расонидааст. Чунончи, матлаи тағаззул ба чор қисмати баробар ҷудо шуда, оҳанги мавзуне дорад. Ин ҳолат дар мисраи аввали байти дуюм низ мушоҳида мешавад. Вале дар мисраи чаҳорум ин баробарӣ барҳам хӯрда, шиддати оҳанг торафт баланд мешавад ва дар мисраи аввали байти сеюм ба авҷаш мерасад. Мисраи дуюми байти мазкур бошад боз ба ду қисмат ҷудо мешавад. Ҳамин тавр оҳанги шеър аз аввал то охирякнавохт набуда, зуд-зуд тағйир меёбад. Агар ин тағйирёбӣ бо мазмуни шеър муқоиса шавад, маълум мегардад, ки оҳанги шеър алоқамандона бо тасвири ҳаракату ҳолати абр ва шиддати он тағйир наёфтааст. Масалан, чунон ки дидем, мисраи аввали байти сеюм, ки авҷи тасвир аст, якбора ба чаҳор қисмати ҳамоҳанг ҷудо мешавад, ки ин оҳанги мисраъро босуръаттару шиддатноктар мегардонад.

Дар ин тағаззул ҳамчунин нишонаҳои такрору таъкиди овозҳои ҷудогонаро (аллитератсия), ки фасоҳати баёнро бештар намудаанд, метавон мушоҳида кард. Барои мисол боз ҳамон байти сеюмро гирем, ки

мисраъҳои он аз лиҳози маъниву оҳанг то андозае тазоди ҳамдигаранд. Дар мисраи аввал ҳамсадоҳои ҷарангдори б,р,г ҳар кадом чор маротибагӣ такрор шуда, дар гӯшу шунаванда хурӯшу шиддати тасвирро боз ҳам афзунтар мегардонанд. Мисраи дуюм бошад аксаран аз такрори ҳамсадоҳои беҷаранги п,к иборат буда, овози садоноки кашишдори о, ки панҷ бор такрор ёфтааст, суст шудани шиддати тасвирро дар он нишон медиҳад.

Ба ин минвол метавон ҷиҳатҳои дигари тасвирро дар ин тағаззул, ки дар маркази он ташбеҳ меистад, тавҷеҳ дод. Вале аз ҳамин мушоҳидаҳо низ то чӣ андоза бо маҳорати тому устодии тамом офарида шудани тасвир ё образҳои шеъриро дар тағаззули мазкур дарк намудан душвор нест. Ин устодиву маҳорат пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як ташбеҳу тавсиф ва дигар воситаҳои тасвир на барои зиннату ороиш, балки ба тақозои мундариҷаи шеър истифода шуда, амалиёту ҳолати абрпораҳоро пеши назари хонанда равшан ҷилвагар менамоянд ва дар олами ботинии ӯ ангезишҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд.

Инро таҳлили тағаззули дигари Фаррухӣ, ки дар он ҳам мисли тағаззули боло зебоиҳои табиати фасли баҳор нигориш ёфта, вале тасвир бо усули дигар сурат гирифтааст, ба субут мерасонад:

Бад-ин хуррамӣ ҷаҳон, бад-ин тозагӣ баҳор,
Бад-ин равшанӣ шароб, бад-ин некӯӣ нигор.
Яке чун биҳишти адн, яке чун ҳавои дӯст,
Яке чун гулоби Балх, яке чун бути баҳор.
Замин аз сиришки абр, ҳаво аз насими гул,
Дарахт аз ҷамоли барг, сари кӯҳ зи лолазор.
Яке чун паранда сабз, яке чун абири хуш,
Яке чун арӯси хуб, яке чун рухони ёр.
Тазарви ақиқрӯй, куланги сапедрух,
Гавазни сиёҳчашм, паланги ситезакор.
Яке хуфта бар паранд, яке хуфта бар ҳарир,
Яке раста аз нуҳуфт, яке ҷаста аз ҳисор.
Зи булбул суруди хуш, зи сулсул навои нағз,
Зи сорӣ ҳадиси хуб, зи қумрӣ хурӯши зор.
Яке бар канори гул, яке дар миёни бед,
Яке зери шохи сарв, яке бар сари чинор.
Ҳаво хуррам аз насим, замин хуррам аз либос,
Ҷаҳон хуррам аз ҷамол, малик хуррам аз шикор.
Яке мушк дар даҳон, яке ҳулла бар катиф,
Яке орзу ба даст, яке дӯст дар канор...[5]

Фаррухӣ дар ин тағаззул бо тасвири зебоиҳои фасли баҳор эҳсосу ҳаяҷони тарабангези худро аз фаро расидани ин фасл, ки ҳангоми фароҳам омадани хушиҳои зиндагӣ мебошад, ифода намудааст. Дар ин шеър пеш аз ҳама тасвири ҳолати умумии манзараҳои табиат дар мадди

[5] Фаррухӣ. Девон, саҳ. 145.

назари шоир буда, мавҷудияти ҳамоҳангии унсуру ҷузъҳои табиат таъкид мешавад. Аз ин ҷост, ки тағаззул чи аз лиҳози мундариҷа ва чи аз ҷиҳати шаклу усулҳои тасвир бар ҳамоҳангиву симметрия бунёд ёфтааст. Инро якнавохтии оҳангу тасвир, истифодаи бомаром ва баробари санъатҳои тақсиму тарсеъ дар саросари шеър мувозинати томи қисматҳои дохилии шеър ва амсоли инҳо низ тақвият медиҳад.

Бояд гуфт, ки барои офаридани тасвир дар ин тағаззул мавқеи санъатҳои бадеии тақсиму тарсеъ хеле калон аст. Шоир аввал дар як байт ашёҳои табиатро ба таври баробар гӯшзад намуда, сипас дар байти дигар онҳоро бо як тартиби муайян шарҳ медиҳад ё васф менамояд. Ин усул аз як тараф барои равшан тасаввур намудани лавҳаи ба қалам додаи шоир мадад расонда, аз тарафи дигар ба мураккаб шудани тасвир роҳ намедиҳад.

Ногуфта намонад, ки чунин тарзи истифодаи санъатҳои мазкур на танҳо дар тағаззул, балки дар тамоми қасида пурра риоя шудааст ва ин боиси халал пазируфтани мантиқи байтҳои ҷудогонаи қисмати мадҳ ва мураккаб шудани усули тасвир дар он байтҳо гардидааст. Масалан, дар байтҳои зер таносубу тартиб ва соддагиву фасеҳие, ки дар тағаззул ҳаст, мушоҳида намешавад:

Ба моҳе чаҳор мир, ба моҳе чаҳор шоҳ,
Ба моҳе чаҳор шаҳр биканд аз буну зи бор.
Якеро ба кӯҳ сар, якеро ба кӯҳ шер
Якеро ба дашт ғанҷ, якеро ба рӯд бор…[6]

Аввал ин ки дар байти якум ҳамоҳангӣ хароб гардида, танҳо бе субъекти амал номбар шудааст, вале дар байти сонӣ чаҳор чиз зикр гаштааст. Дигар ин ки феъли «кандан» ба мантиқи байт мувофиқ намеояд. Ҳамчунин миёни худи байтҳо робитаи зичи маънавӣ мушоҳида намешавад. Сабаби асосии ба вуҷуд омадани чунин норасоиҳо эҳтимол дар он бошад, ки усули нигориши шоир асосан барои тасвири ҳолати манзара созгор аст. Аз ин ҷост, ки тағаззул хеле дилчаспу табиӣ ба назар мерасад. Вале азбаски шоир дар байтҳои ҷудогонаи қисмати мадҳ бар хилофи усули пешгирифтааш ба тасвири амалиёт гузаштааст, тасвири ӯ халалдор гаштааст.

Акнун бубинем, ки шоир барои офаридани тасвир дар тағаззул боз аз кадом воситаҳо истифода намудааст ва ҳамоҳангиву симметрия дар онҳо чӣ навъ зуҳур кардааст. Оҳангу тартиби чидани калимаву ибораҳо низ ба маънии байтҳо ва эҳсосу ҳаяҷони тарабангези шоир мувофиқат менамояд. Барои мисол ба матлаи қасида диққат диҳем. Равшан аст, ки на танҳо ҳар мисраъ, балки ҳар порчаи дохилии ҳамоҳанги байт бо таркиби «бад-ин» оғоз меёбад, ки аз як тараф объекти тасвирро нишон диҳад, аз тарафи дигар ҳаяҷони ботинии шоирро ифода менамояд. Ҳамчунин шоир беҳуда маҳз шакли «бад-ин»-ро интихоб накардааст. Ин барои риояти вазни шеър ё дигар ҷиҳатҳои шаклии он нест, балки пеш аз

---

[6] Фаррухӣ, Девон…, саҳ. 146.

ҳама бо мақсади ифодаи шиддати эҳсосу хаяҷон истифода шудааст. Зеро ҳангоми талаффузи «бад-ин» ҳамсадои ҷарангдори «д» ҷараёни ҳаворо такон дода, шиддати овозро бештар мегардонад. Таркиби «ба ин» ҳарчанд соддатару равонтар аст, вале ин хусусиятро надорад.

Пас аз таркиби мазкур дар чаҳор қисмати байт тавсифи объектҳои асосӣ меояд (хуррамӣ, тозагӣ, равшанӣ, некӯӣ). Чунон ки мебинем, ҳар чаҳор калима аз лиҳози ифодаи маъно ва сохти морфологӣ ба як гурӯҳ дохил мешаванд. Яъне ҳамаи онҳо бо роҳи ба сифатҳои аслӣ ҳамроҳ кардани суффиксҳои исмсози –ӣ(-гӣ) сохта шуда, исмҳои абстракти ифодакунандаи аломат мебошанд. Дар охири қисматҳои байт бошад объектҳо омадаанд (ҷаҳон, баҳор, шароб, нигор). Бояд гуфт, ки ин объектҳо тахминӣ оварда нашуда, ба тақозои нияти эҷодии шоир ва ғояи шеър интихоб гардидаанд. Чунон ки гуфтем, матлаби асосӣ дар шеър танҳо тасвири зебоиҳои баҳор набуда, балки шоир кӯшидааст ҳаяҷони тарабангез ва андешаҳои ҳаётдӯстиро низ ифода намояд. Бо ин мақсад шоир маҳз ҷаҳони хурраму баҳори тоза, шароби софу дурахшон ва нигори зебо барин объектҳоро интихоб намудааст, ки сабабгори ба вуҷуд омадани эҳсосу андешаҳои сурурангезу ҳаётдӯстонаи ӯ мебошанд. Ин ҷо зоҳиран «баҳор» бар хилофи объектҳои дигар абстракт менамояд. Вале мантиқи байт нишон медиҳад, ки баҳор на ба маънои умуман фасли сол омадааст, балки то андозае тобиши маънии маконро ҳам касб намуда, баҳори мавзеи мушаххасе мебошад, ки сифатҳои он дар байтҳои минбаъдаи тағаззул зикр шудааст.

Ҳамин тавр, тамоми ҷузъҳои матлаъ дар асоси симметрия бунёд ёфтааст. Агар ба сохти байти мазкур амиқтар назар андохта, аз рӯи усули таҳқиқи структуралӣ ба миқдору навъҳои овозҳо диққат диҳем, ин хусусияти шеър боз ҳам возеҳтар муайян мегардад. Аз ҷумла қисматҳои аввали ҳар мисраъ на танҳо аз теъдоди баробари калимаҳои ҳамвазн, ки хусусияти тарсеъ аст, иборатанд, балки дорои миқдори баробари овозҳои ҳамсадо (10-тоӣ) ва садонок (7-тоӣ) мебошанд. Ҳамин ҳолат дар қисматҳои охири ҳар мисраъ, ки дорои 9-тоӣ овози ҳамсадо ва 7-тоӣ овози садонок мебошанд, низ мушоҳида мешавад…

Чунин таҳлилро боз ҳам давом додан мумкин аст, вале он ба шаклбозии маҳз хоҳад бурд, ки муҳаққиқон барҳақ аз нуқсонҳои методҳои структураливу семиотикӣ донистаанд. Мақсад аз зикри масъалаи мазкур ин аст, ки хусусияти симметрӣ, ки дар мундариҷаи тағаззул аз ҳамоҳангии зебоиҳои олами моддӣ дар фасли баҳор ба амал омадааст, айни ҳамин хусусиятро дар системаи образҳо ва ҷиҳатҳои шаклии шеър тақозо намудааст. Ба иборати дигар, дар ин тағаззул ягонагии шаклу мундариҷа хеле равшан зоҳир гаштааст, ки аз ҳам ҷудо кардани онҳо имконнопазир аст. Зеро чунон ки В.Г. Белинский навиштааст: «Вақте ки шакл ибрози мундариҷа аст, вай ба он чунон зич алоқадор мебошад, ки ҷудо карданаш аз мундариҷа маънои нобуд сохтани худи мундариҷаро дорад ва баръакс, ҷудо намудани мундариҷа аз шакл нобуд кардани шаклро мефаҳмонад».[7]

---

[7] В.Г. Белинский. Полное собрание сочинений, т. IX, М., 1955, стр. 535.

Барои он ки боз як ҷиҳати услуби саҳли мумтанеъи Фаррухӣ равшан гардад, бояд ба таркиби калимаҳои байти мазкур диққат дод. Дар ин масъала низ дар байт симметрия ҳукмрон буда, дар ҳар чаҳор қисмати байт аввал пуркунанда сипас мубтадо омадааст. Аз рӯи қоидаи грамматикаи забони тоҷикӣ асосан мубтадо дар ҷои аввал, хабар дар охир ва пуркунанда пеш аз хабар меояд. Дар шеър бошад ин тартиб қатъӣ набуда, ба тақозои қоидаҳои дохилии худи шеър тағйиру табдил ёфта метавонад. Дар байти мазкур низ тартиби ғайримуқаррарӣ безарурат набуда, бори эмотсионалиеро мекашад. Шоир пеш аз ҳама бо ин роҳ тавонистааст, шиддати эҳсосу ҳаяҷони тарабангезашро ифода намояд. Аз тарафи дигар шоир он калимаҳоеро дар аввал зикр кардааст, ки бори мундариҷаи шеър бар дӯши онҳост. Зеро чунон ки маълум аст, мазмуни шеъри лирикиро пеш аз ҳама на тасвири зоҳирии объектҳо, балки андешаву эҳсосоте дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо ба вуҷуд меояд. Бинобар ин агар аъзоҳои ҷумлаи он байтро аз рӯи қоидаи грамматикаи забон ҷойгузорӣ кунем, байт таъсири эмотсионалӣ ва умуман шеърияти худро гум мекунад:

Ҷаҳон ба ин хуррамӣ, баҳор ба ин тозагӣ,  
Шароб ба ин равшанӣ, нигор ба ин некӯӣ…

Ниҳоят бояд дид, ки шоир аз имкониятҳои вазни арӯз чӣ истифодае кардааст. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки баҳри тағаззули мазкур аз ҷумлаи баҳрҳои нодири вазни шеъри тоҷикиву форсӣ мебошад. Вазни тағаззул, ки ба баҳри тавили мусаммани мақбуз мувофиқ меояд (V - - / V – V - / V - - / V – V -), аз баҳрҳои хоси назми араб буда, дар он хеле серистеъмол аст. Пас саволе ба миён меояд, ки Фаррухӣ бо чӣ мақсад аз ин баҳри хеле камистеъмоли назми форсу тоҷик истифода бурдааст ва мабодо ин як таҷриба ва ё санҷиши маҳорат дар истеъмоли баҳрҳои хоси шеъри арабӣ набошад?

Аз мулоҳизоти болоӣ маълум гардид, ки қариб ҳамаи унсурҳои сохту шакли тағаззул бо мундариҷаи он сахт вобастаанд. Ба назари мо барои ҷавоб пайдо кардан ба саволи мазкур низ вобастагии мазмуну мундариҷаи шеърро бо вазн бояд ба эътибор гирифт. Ҳамон навъе ки маълум аст, дар қасидаву ғазал байт одатан дорои як маъниву фикри томе мебошад, ки дар алоҳидагӣ ҳам аз он матлабе ҳосил мешавад. Ин хусусият бошад дар байтҳои ин тағаззул ба назар намерасад ва маънии ҳар байтро на танҳо дар якҷоягӣ бо байти дигар фаҳмидан мумкин аст, балки ҳар байти тоқ дар алоҳидагӣ ҷузъи аввали ҷумлаи мураккабро мемонад, ки ҷузъҳои дуюми он дар байтҳои ҷуфт ҷойгир шудаанд. Ба ин минвол ифодаи ин фикру маънӣ дар шеъри мазкур асосан дар ду байт сурат мегирад. Ин ҳолат ба оҳангу интонатсияи шеър низ таъсир мерасонад ва бо як оҳанги бефосила хондани ду байтро талаб менамояд. Барои адои ин вазифа баҳри тавил, ки илова бар наздик будани таносуби ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози он миқдори рукнҳоро ҳам дар мисраъ аз ҳадди муқаррарӣ бештар овардан мумкин аст, хеле муносиб мебошад.

Дарвоқеъ шоир аз ин баҳр чунон табииву моҳирона истифода бурдааст, ки ҳатто ғайриоддӣ будани онро ба душворӣ пай бурдан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки то ҳол касе аз муҳаққиқони ҳаёту осори Фаррухӣ ба ин масъала ишорае накардааст ва ҳатто Мазоҳир Мусаффо, ки ҷадвали вазни қасидаҳои шоирро дар асараш овардааст, аз нишон додани вазни қасидаи мавриди назари мо худдорӣ намудааст.[8]

Муқоясаи ин ду тағаззул, ки дар яке бештар амалиёту ҳаракат ва дар дигар ҳолату ҳамоҳангии ашёву ҳодисаҳои табиат мавриди тасвир қарор гирифтааст, маҳорати баланди шоирро дар офаридани тасвирҳои рангину мухталиф ва гуногунии усулҳои тасвири ӯро, ки ба тақозои мазмуни шеърҳо сурат гирифтааст, зоҳир менамояд.

Аз ҷумла, чунон ки дидем, агар дар тағаззули аввал бунёди тасвир асосан бар ташбеҳ қарор гирифта, санъату воситаҳои дигар ба он тобеъ бошад, дар тағаззули дуюм санъатҳои тарсеъу тақсим ва усули симметрия мавқеи асосиро ишғол намуда, санъатҳои ташбеҳу тавсиф ва дигар воситаҳои баён онҳоро тақвият медиҳанд.

Ҳамин тавр, дар тағаззули аввал, ки ба ҳаракату ҳолати зуд-зуд ивазшавандаи ашёҳои табиат алоқаманд аст, усули тағйирёбандаву динамикии тасвирро тақозо намуда, тағаззули сонӣ бошад бо усули симметрияву статикии тасвир, ки мазмуни он дархост мекунад, эҷод шудааст. Аз ин ҷост, ки агар дар тағаззули аввал умуман феълҳо ва махсусан феълҳои ифодакунандаи ҳаракат фаровон бошанд ва ҳатто баъзе мисраъҳо саросар аз феълҳо таркиб ёфта бошад, дар тағаззули дуюм, ки миқдори байтҳояш аз тағаззули аввал бештар аст, ягон феъл ба назар намерасад. Вале дар ҳар ду маврид ҳам тасвирҳо мукаммалу яклухт буда, басо шевою табиӣ қаламдод шудаанд.

Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки тасвирҳои офаридаи Фаррухӣ ва дигар шоирони номии гузашта ҳама якрангу якнавохт набуда, дар онҳо эҳсосу андешаҳои мухталиф бо тарзу усулҳои гуногуни эҷодӣ нигориш ёфтаанд. Бинобар ин наметавон ба чунин ақидаи адабиётшиноси маъруфи Эрон Абулҳусайни Зарринкӯб розӣ шуд:

«Дар ин девони куҳан (девони Фаррухӣ – М.М.) он чи имрӯз хотири ин шеърдӯсти ҷавони рӯзгори моро битавонад розӣ кунад, бисёр нест. Тавсифҳои табиату боғу баҳор ва гулу сабза, албатта, дар ин ашъор бисёр аст. Аммо табиат ва баҳоре беному бетаъйин, ки саросари он дар гулу сабза ғарқ аст ва ҷуз нағмаи мурғону хандаи ошиқон чизе дар он нест ва ҳеҷ наметавон донист, ки он баҳорро шоир кай ва куҷо дарёфтааст ва дар ҳар баҳоре дар дилу ҷони ӯ чӣ дарде ва ғавғое будааст…»[9]

Бар хилофи ақидаи Зарринкӯб тағаззулҳои мавриди назари мо нишон медиҳанд, ки шоир ашёву манзараҳои табиатро чунон табииву воқеъӣ ва бориксанҷона ба қалам додааст, ки хонанда аз мутолиаи

[8] Мазоҳир Мусаффо дар «Посдорони сухан» (саҳ. 309-311) аз 214 қасидаи девони Фаррухӣ танҳо вазни 209 қасидаро нишон дода, аз чӣ сабаб бошад, ки вазни қасидаи мазкур ва 4 қасидаи дигарро муайян накардааст.

[9] Абулҳасани Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла, Теҳрон, 1343, саҳ. 27.

шеърҳо он манзараҳоро равшан тасаввур мекунад ва аз дарки зебоии онҳо дили ӯ аз фараҳ лабрез мегардад. Илова бар ин дар девони Фаррухӣ тасвирҳои умумии табиат ниҳоят кам буда, дар баъзе тағаззулҳо ҳатто тасвири манзараҳои мавзеоти мушаххаси таърихиро мушоҳида кардан мумкин аст (монани боғҳои мамдӯҳон, васфи баҳори Балху Ҷузҷонон, тавсифи доғгоҳи Абулмузаффар дар Чағониён ва ҳоказо).

Албатта, бо ин мо мавҷудияти шеърҳои якранги шоирони тақлидкорро, ки, мутаассифона, дар гузашта хеле зиёд буданд ва баъзан ба ашъори шоирони номӣ ҳам таъсире мегузоштанд, инкор карданӣ нестем. Вале ин хусусиятро хоси эҷодҳои ҳамаи шоирони гузашта донистан ба ҳеҷ ваҷҳ дуруст нест. Бинобар ин таҳқиқи амиқ ва ҳарҷонибаи маҳорати эҷодии шоирони номии пешин аз вазифаҳои муҳим ва ҳалталаби адабиётшиносӣ буда, барои равшан намудани бисёр масъалаҳои адабиёти гузашта ва пешбурди назми кунунии мо дорои аҳамияти калоне мебошад.

**Соли 1974**

## Мизони шинохти рубоиёти асили Умари Хайём

Ҳаким Умари Хайём аз донишмандону суханварони маъруфест, ки бо осори гаронбаҳои илмиву адабӣ дар пешрафти тамаддуни олам саҳми босазо гузоштаанд. Осори илмии ин донишманди бузург, ки дар риёзиву нуҷум, фалсафаву ҳандаса офаридааст, ҳанӯз арзиши худро гум накардаанд, ҳарчанд ӯ имрӯз бештар бо рубоиҳои худ машҳури олам гаштааст. Вале дар замони зиндагӣ Хайём пеш аз ҳама чун ҳакиму донишманди риёзидону мунаҷҷим маъруф буда, худ ва ҳамзамононаш ба шеъру шоирии ӯ таваҷҷӯхе зоҳир накардаанд. Ҳатто муаллифи "Чаҳор мақола" Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки "ба хидматаш расидааст"[10], ӯро чун мунаҷҷими бузург муаррифӣ карда, аз ашъораш ҳатто ёде нанамудааст. Ҳамзамони дигари ӯ Абулҳасан Алӣ бинни Зайди Байҳақӣ ҳам, ки бо Хайём мулоқот намудааст, ӯро дар фалсафаву ҳикмат, таърих, фиқҳ, луғат низ устод медонад, вале ба шоирии ӯ ишорае намекунад.

Дарвоқеъ чунон ки Забеҳулло Сафо дуруст таъкид кардааст, "ин рубоиҳоро Хайём ғолибан дар дунболи тафаккуроти фалсафии худ суруда ва қасди ӯ аз сохтани онҳо шоирӣ ва даромадан дар зии шуаро набуда ва ба ҳамин сабаб вай дар аҳди худ шӯҳрате дар шоирӣ надошта ва ба номи ҳакиму файласуф шинохта мешудаасту бас"[11].

Бо мурури асрҳо рубоиҳои Умари Хайём дурахши тоза пайдо карда, беш аз пеш таваҷҷӯҳи адибону хонандагонро ба худ ҷалб менамоянд ва дар қарни XIX дар олами шеъри Шарқу Ғарб шӯру ангезиши беназире ба вуҷуд меоранд. Тарҷумаи озоди рубоиёти Хайём,

---

[10] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола, бо таълиқоти Муҳамад Қазвинӣ, Лейдин, 1909, саҳ. 62.

[11] Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷилди 2, Теҳрон, чопи сездаҳум, 1373, саҳ. 529.

ки аз ҷониби Эдвард Фитсҷералд ба забони англисӣ сурат гирифт, ба ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ овард ва боиси интишори васеи рубоиҳои ӯ дар кишварҳои гуногуни олам гардид ва кор ба ҷое расид, ки имрӯз ба ӯ то панҷ ҳазор рубоиро нисбат медиҳанд.

Мутаассифона, ин раванди номатлуб имрӯз ҳам идома дорад. Ахиран, аниқтараш 18 феврали 2000 нигорандаи ин сатрҳо шоҳиди ба Умари Хайём нисбат додани рубоиёти тоза шуд, ки зикри он аз манфиат холӣ нест. Китоби донишманди шинохта Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ "Таҳлили шахсияти Хайём"-ро мутолиа мекардам ва сари ин нукта андеша доштам: "Ба ҳар ҳол иттифоқи калимае бар теъдоди ҳақиқии рубоиёти хайёмӣ вуҷуд надорад ва бо таваҷҷӯҳ ба авомили мутааддид, ки муҳаққиқон дар ин мавзӯъ мегӯянд, иттифоқи назари мазбур ғайримумкин ба назар мерасад". Ҳамин вақт аз барномаи аввали радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтори илмиву адабии "Ситораҳои беғуруб" садо дод. Таҳиягар ва барандаи он рӯзноманигор Ҳафизабону Ҳомидова дар бораи бузургии Хайём чун шоир ва донишманд чанд ҷумларо зикр намуда, эълон кард, ки "аз бӯи муаттари рубоиёти Умари Хайём хотири шунавандагонро муаттар месозанд". Сипас ровӣ Фозилҷон Бозоров ба қироат шуруъ карда, 21 рубоиро бо садои хуб хонд. Ҳарчанд рубоиҳо "хайёмона" буданд, дар назарам шубҳаовар намуданд. Бинобар ин барои равшан кардани масъала чанд маҷмӯаи рубоиҳои Хайёмро аз назар гузаронда, нишоне аз онҳо пайдо накардам. Сипас ба силсилаи рубоиёти "Ҷоми Хайём"-и Лоиқ рӯй овардам ва он 21 рубоиро дар он ҷо пайдо намудам, ки чанде аз онҳоро нақл мекунам:

Аз хок шудему хоксорӣ кардем,
Аз санг шудему бурдборӣ кардем.
Аз шеъри Аҷам шудем номӣ ба ҷаҳон,
Бо пири Аҷам бодагусорӣ кардем.
***

Дунё ба мисоли бори ноҳинҷор аст,
Вазнаш ҳама бар дӯши каси пурбор аст.
Аз калла манорасозӣ осон дар он,
Аз ақл манора сохтан душвор аст.
***

Ин хок мисоли модарон мегиряд,
Дар мотами хоки хуфтагон мегиряд.
Ҳар роҳ, ки нақши бад гузоранд бар ӯ,
Дар зери қудуми нокасон мегиряд.

Аз ин ҷост, ки ҷудо кардани рубоиёти асили Умари Хайём аз муҳимтарин ва мушкилтарин масъалаҳои осори ӯ ба шумор меравад. Зеро ба иллати бетаваҷҷӯҳии худи Хайём ва ҳамзамононаш маҷмӯаи осори адабии ӯ дар замонаш мураттаб нашудааст ва агар шуда бошад ҳам, то имрӯз нарасидааст. Аз тарафи дигар бидуни матни саҳеҳи

рубоиёти Хайём дар бораи афкору андеша ва сабку нигориши ӯ сухани дақиқ гуфтан имконнопазир аст. Ҳамон тавре ки Р. Алиев ва М.Н. Усмонов таъкид мекунанд, масъалаи ҷудо кардани рубоиёти аслии Умари Хайёмро "дар сурате пурра ҳал кардан мумкин аст, ки агар дастнависи рубоиёт ба қалами худи Хайём ва ё ба замони зиндагиаш наздик пайдо шавад"[12].

Хушбахтона, аз охири қарни 19 шурӯъ намуда, муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам ба ин кори душвор даст заданд ва дар ин замина кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд. Аз ҷумла ховаршиноси рус В.А. Жуковский матни 464 рубоиро, ки ба Умари Хайём нисбат дода мешуд, мавриди баррасӣ қарор дода, 82 рубоии сайёри шоирони дигарро ҷудо намуд ва танҳо 6 рубоиро аз осори асили ӯ донист[13]. Донишмандони дигар ин корро идома дода, барои ҷудо кардани рубоиёти асили Хайём роҳу василаҳои гуногунро корбаст намуданд. Масалан, эроншиноси донмаргӣ (данияги) Артур Кристенсен теъдоди рубоиёти сайёрро ба 100 расонда, барои таъйини рубоиҳои асили Хайём зикри тахаллуси ӯро меъёри асосӣ қарор дод ва 12 рубоиро, ки дар онҳо номи Хайём зикр шудааст, бечунучаро аз осори ӯ шуморид[14]. Вале баъдтар ӯ аз ин равиш даст кашида, усули муқоясаи нусхаҳои хаттиро пеш гирифт ва 121 рубоиро, ки дар чандин дастнавис дучор мешаванд, ба силки рубоиёти асили Хайём дохил намуд[15].

Эроншиносони англис Денисон Росс, Артур Арберрӣ, олмонӣ Ф. Розен, Г. Ремпис, маҷорӣ Б. Силлик, ҳиндӣ Свами Говинда Тиртҳа, шӯравӣ М. Занд, М.Н. Усмонов, Р. Алиев, Н.В. Косачкова ва амсоли инҳо роҳу усулҳои гуногунро пеш гирифта, барои ҷудо кардани рубоиҳои ба назарашон асили Хайём кӯшишҳо ба харҷ доданд ва нусхаҳои хаттии нодиру куҳантарини рубоиёти ӯро пайдо намуда, бо тавзеҳу ташреҳ ба табъ расонданд.

Дар ин росто донишмандони эронӣ низ саъю кӯшиши зиёд зоҳир намудаанд, ки ба хусус хидматҳои Муҳаммад Қазвинӣ, Муҳаммад Алии Фурӯғӣ, Қосим Ғанӣ, Аббос Иқбол, Саид Нафисӣ, Ҷалолиддин Ҳумоӣ, Фулодванд, Ягонӣ, Алии Даштӣ, Мӯҳсини Фарзона, Раҳим Ризозода Малик ва дигарон хеле бузург аст. Онҳо махсусан дар тасҳеҳу интишори рубоиёти Хайём корҳои зиёдеро анҷом додаанд.

Агар ховаршиносони аврупоӣ дар интихоби рубоиҳои асили Умари Хайём бештар ба нусхаҳои хаттӣ ва қадимаи онҳо такя карда бошанд, донишмандони эронӣ мазмун ва сабку шеваи баёнро асосан милоку меъёри худ қарор додаанд. Аз ҳамин дидгоҳ Муҳаммад Алии Фурӯғӣ ва

---

[12] Омар Хайййам. Рубаййат, подготовка текста, перевод и предисловие Р.М.Алиева и М.Н. Османова, М., часть 2, 1959, стр. 2.

[13] В.А. Жуковский. Омар Хайям и странствующие четверостишия. Сб. "Музаффария", СПб., 1897, стр. 362.

[14] A. Christensen, Recherches sur les Rubaiat de Omar Hayyam, Haidelberg, 1905.

[15] A. Christensen, Critical studies in the Rubaiat of Umar-I Khayyam, Kebenhavn, 1927.

Қосим Ғанӣ 178 рубоиро чун осори асили Хайём интихоб ва чоп кардаанд.[16]

Зимнан ногуфта намонад, ки дар тадвину интишори рубоиёти Умари Хайём ҷаълу сохтакориҳои зиёде ҳам ба вуқӯъ омадаанд. Борҳо нусхаҳои хаттӣ бо санаҳои ҷаълӣ чун қадимтарин дастнависҳои рубоиёти Хайём муаррифӣ ва чоп шудаанд. Аз ҷумла ҷаълӣ (қалбакӣ) будани дастнависҳои маҳфуз дар Донишгоҳи Кембриҷ, ки гӯё соли 1207 китобат шудааст ва матни онро соли 1955 дар Душанбе ва соли 1959 дар Маскав ба табъ расонидаанд, дар китобхонаҳои Дублин ва Ню-Йорк, ки низ гӯё дар ибтидои қарни 13 мураттаб гаштаанд, ба субут расидааст.

Таҳқиқу таъйини рубоиёти асили Умари Хайём ҳоло идома дорад ва дар ин росто баъзе комёбиҳои назаррас ба даст меоянд. Ахиран ховаршиноси ҷавони рус Н.Е. Косачкова кори устоди худ М.Н. Усмоновро давом дода, таҳти роҳнамоии ӯ усули "таърихияти матн"-ро, ки донишманди бузурги рус Д.С. Лихачев пешниҳод кардааст, пайгирона нисбат ба рубоиёти Умари Хайём корбаст намуда, бо истифода аз дастовардҳои хайёмшиносон аз 18 сарчашмаву нусхаи хаттӣ, ки дар тӯли 250 соли баъди вафоти ӯ офарида шудаанд, рубоиҳои шоирро ҷамъ овардааст, ки теъдоди онҳо ба 515 мерасад.[17]

Ҳарчанд ин равиши баррасиву интихоб нисбат ба равишҳои дигар воқеитар аст, вале ба назари мо пурра ва мукаммал нест. Аввалан такя ба нусхаҳои хаттии бозмонда масъаларо комилан ҳал намекунад, зеро манбаъҳову нусхаҳои боқимонда дар асрҳои баъд мураттаб шуда, ҳанӯз нусхае, ки дар замони худи Хайём мураттаб шуда бошад, пайдо нагаштааст. Сониян далелҳои манбаъҳову нусхаҳои хаттӣ низ қотеъ нестанд. Барои мисол далелҳои ду сарчашмаи аввалро, ки шомили рубоиҳои Хайём мебошанд, аз назар гузаронем. Ба ақидаи Н.Е. Косачкова қадимтарин манбае, ки дар он рубоиҳои Хайём сабт шудаанд, "Синдбоднома"-и Заҳирии Самарқандӣ мебошад, ки соли 1159, яъне пас аз 36 соли вафоти шоир таълиф ёфтааст. Зимнан бояд гуфт, ки аз чи бошад муҳаққиқ мулоҳизаҳои Мӯҳсини Фарзонаро дар хусуси куҳантарин манбаъҳои рубоиёти Хайём будани рисолаи "Мавъиза"-и шайх Аҳмади Ғаззолӣ, "ки бегумон ба фосилаи як то ду сол пас аз марги ҳакими Нишобур таҳрир шуда"[18], ба эътибор нагирифтааст, ҳарчанд аз асари ӯ истифода намуда, ба он ишораҳо кардааст. Мӯҳсини Фарзона дар бобати рубоии зер баҳси тӯлонӣ намуда, рубоии асили Хайём будани онро собит кардааст, ки ҷои тардид нест:

---

[16] Рубоиёти ҳаким Хайёми Нишобурӣ, бо муқаддима ва ҳавошӣ, ба эҳтимоми Муҳаммад Алии Фурӯғӣ ва дуктур Ғанӣ, Теҳрон, 1321.
Умари Хайём, Рубоиёт, тартибдиҳанда М. Занд, Сталинобод, 1955.
Омар Хайям. Рубаййат, подготовка текста, перевод и предисловие Р.М. Алиева и М.Н. Османова, под редакцией Е. Бертельса, М., ч. 1-2, 1959.
[17] Н.Е. Косачкова. Четверостишия Омара Хайяма в наиболее древних источниках. Известия АН Тадж. ССР, Отд. Общ. Наук, 1983, №4; Её же. Омар Хайям. Проблема атрибуции рубаи, АКД, Москва, 1985.
[18] Мӯҳсини Фарзона. Накд ва баррасии рубоиҳои Умари Хайём, Теҳрон, 1356, саҳ. 78-79.

Оранд якеву дигаре бирбоянд,
Бар ҳеҷ кас ин роз ҳаменакшоянд.
Моро зи қазо чуз ин қадар нанмоянд,
Паймона туӣ, умр ба ту паймоянд.[19]

Дар "Синдбоднома"-и Заҳирии Самарқандӣ дар ибтидову интиҳо ва дар зимни ҳикоятҳои он 5 рубоии мансуб ба Хайём бидуни зикри номи муаллиф нақл шудаанд. Рубоии аввал пас аз як шеъри арабӣ сабт шудааст:

Аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз,
Бозомадае ку, ки ба мо гӯяд роз?
Пас бар сари ин дуроҳаи озу ниёз
То ҳеҷ намонӣ, ки намеоӣ боз.[20]

Рубоиҳои дигар низ бидуни шарҳу тавзеҳе нақл шудаанд.

Дар "Марзбоннома"-и Саъдиддини Варовинӣ дар зимни "Достони моҳихор ва моҳӣ" нависанда аз забони мурғаки солхӯрдаву заиф аз сустиву беҳолии пирӣ шикоят намуда, мегӯяд: "Чунон ки он зиндадил гуфта:

Дар пушти ман аз замона ту меояд
В-аз ман ҳама кори нонакӯ меояд.
Ҷон азми раҳил карду гуфтам, ки марав,
Гуфто: "Чӣ кунам, хона фурӯ меояд".[21]

Дар қисмати "Таълиқот ва тавзеҳот"-и асар Муҳаммад Равшан менависад: "Зоҳиран аз Хайём аст ва бо ихтилофи андак дар "Луғатнома"-и Деҳхудо зайли вожаи ту омадааст.

Дар "Таронаҳои Хайём"-и Содиқ Ҳидоят ва дар "Тарабхона"-и Ёраҳмади Рашидии Табрезӣ мусаҳҳаҳи устод Ҳумоӣ бо ихтилоф омадааст".[22]

Бисёр муҳаққиқон ба ин минвол рубоиҳои дар манобеъи асрҳои XII-XV ҷойдоштаро бидуни шубҳа рубоиёти асили Хайём донистаанд. Аз ҷумла Мӯҳсини Фарзона ҳам навиштааст: "Хушбахтона, он андоза рубоии асил, ки ба ҷо монда, ба тавассути нависандагону дабирони машҳур нақл шудааст, ки дар асолату сиҳҳати онҳо тардид нест. Чун шайх Аҳмади Ғаззолӣ дар рисолаи "Мавъиза", Заҳирии Самарқандӣ дар

---

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 91.

[20] Муҳаммад Заҳирии Самарқандӣ. Синдбоднома, ба эҳтимом ва тасҳеҳ ва ҳавошии Аҳмади Оташ, Истанбул, 1948, саҳ. 33.

[21] Саъдиддин Варовинӣ. Марзбоннома, ба тасҳеҳи Муҳаммад Равшан, Теҳрон, 1355, саҳ, 51.

[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 191. Мӯҳсини Фарзона. Нақд ва баррасии рубоиҳои Умари Хайём, саҳ. 39.

"Синдбоднома", Ровандӣ дар "Роҳатуссудур", Имом Фахри Розӣ дар рисолаи "Аттанбеҳ" Саъдиддини Варовинӣ дар "Марзбоннома"...

Вале ба назари мо фақат дар манбаъҳо сабт шудани рубоиҳо, он ҳам аксаран бидуни зикри номи муаллиф барои баровардани ҳукми қатъӣ ба рубоиҳои асили Хайём будани онҳо кофӣ нест. Бинобар ин усули мазкур эҳтиёҷ ба тақвияти равишҳои дигари таҳқиқ дорад. Дар ҳоле ки нусхаҳои хаттии маҷмӯаи рубоиёти Умари Хайём ба қалами худаш ва ё наздиктар ба замонаш ба даст наомадааст, дар таъйини рубоиҳои асили ӯ усули ҷомеъеро пеш гирифтан беҳтар мебошад. Усули ҷомеъ метавонад пеш аз ҳама равишҳои зерини таҳқиқро дар бар бигирад:

1. Таҳқиқи матншиносӣ

а) Рубоиҳои Хайём дар манобеъи таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофиёӣ...

б) Рубоиҳо дар нусхаҳои гуногуни хаттӣ (биёз, ҷунг, маҷмӯаҳо).

в) Муқоясаи матни нусхаҳо.

2. Таҳқиқи сабкшиносӣ

а) Мазмун ва маъниҳои хоси рубоиёти Хайём.

б) Сувари хаёл ва тасвирҳои рубоиёти ӯ.

в) Луғату таъбирҳои рубоиёти Хайём.

3. Таҳқиқии татбиқии рубоиёти сайёри Хайём бо рубоиҳои шоирони дигар.

4. Истифодаи равишҳои оморӣ ва компютерии таҳқиқ.

5. Шинохти шахсияти Умари Хайём, муҳит ва афкору андешаҳои ӯ ва бозтоби онҳо дар рубоиёти асили вай.

Дар мавридҳои зарурӣ ба тақозои ҳол аз усулу равишҳои дигари таҳқиқ истифода кардан мумкин аст. Бо истифода аз усулу равишҳои гуногун ба таври аниқу дақиқ муайян кардани рубоиҳои асили Умари Хайём бешубҳа заминаҳои илмии хайёмшиносиро устувор хоҳад намуд.

*2000*

## Боз як равиши тоза дар шинохти рубоиёти асили Хайём

Дар бораи аҳволу осор ва андешаву афкори Умари Хайём дар кишварҳои гуногуни олам баррасиҳо сурат гирифтааст. Вале, мутаассифона, дар таъйини шахсият ва ҷаҳонбинии ӯ ҳамчун донишманд ва шоир андешаҳои мухталиф баён гардида, симои вай пуртазод ба қалам дода шудааст. Хайёмро баъзе муҳаққиқон чун шоиру донишманди моддигаро, гурӯҳе шоири мутасаввифу ориф, "яке ӯро майпараст, дигаре кофир, сеюмӣ даҳрӣ"[23] қаламдод кардаанд. Яке аз сабабҳои асосии чунин арзёбии пурихтилофи шахсияту ҷаҳонбинии Хайём ба ӯ нисбат дода шудани рубоиҳои шоирони дигар аст.

Тавре ки қаблан зикр карда будем, бобати шинохти рубоиёти асили Хайём низ донишмандони зиёде саъю кӯшиш ба харҷ додаанд. Нигорандаи ин сатрҳо барои ҳалли ин масъала равиши ҷомееро пешниҳод карда буд, ки аз чор шеваи зайл иборат аст:

"1. Таҳқиқи матншиносӣ /рубоиёти Хайём дар манобеи таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофиёӣ, дар нусхаҳои гуногуни хаттӣ/;

2. Таҳқиқи сабкшиносӣ / мазмуну маъниҳои хоси рубоиҳои Хайём, сувари хаёл, тасвирҳои вожа ва таъбирҳои маъмули онҳо/;

3. Таҳқиқи татбиқии рубоиҳои Хаём бо рубоиҳои шоирони дигар;

4. Истифодаи равишҳои оморӣ ва компютерии таҳқиқ"[24].

Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки доираи ин равиши ҷомеъро боз ҳам вусъат додан мумкин аст. Аз ҷумла ба равишҳои мазкур шинохти шахсият, муҳит ва афкору андешаҳои илмии Хаёмро дар рисолаҳояш ва бозтоби онҳоро дар рубоиҳои асили ӯ метавон илова кард, ки истифодаи якҷояи онҳо натиҷаи хубе хоҳад дод. Вале чунон ки зикр шуд, шахсият ва афкори илмӣ, ба хусус фалсафаи Хайём ҳанӯз ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст. Яке аз донишмандоне, ки ба ин масъала бештар таваҷҷӯҳ кардааст, Алии Даштӣ мебошад. Ӯ пеш аз ҳама Хайёмро чун донишманди маъруфи соҳаҳои риёзӣ, нуҷум, фалсафа, адабиёт, тафсир, ҳадис ба қалам дода, сипас ба баъзе ҷанбаҳои шахсияти вай ишора мекунад. Аз ҷумла ӯ Хайёмро шахси камҳарфу фурӯтан меномад: "Ин марди камҳарфи муваққар ба фазоиле ороста аст, ки хоҳ нохоҳ боиси ҷалби эҳтиром аст, афзунталаб нест, ба мақому ҷоҳ валаъе надорад, ба зиндагии сода ва ҳадди аққали маишат сохта аст ва аз ҳар чизе, ки ӯро аз доираи эътидол берун кунад, мепарҳезад..."[25]

Хеле кам рубоӣ навиштани Хайём ва сурудаҳои худро пинҳон доштани ӯ бешубҳа аз хислатҳои мазкур маншаъ мегиранд. Ҳамчунин, тавре ки худи Хайём дар рисолаҳои мухтасараш ишора кардааст, муҳити номусоид имкон намедод, ки ӯ андешаҳои амиқи худро дар рисолаҳо ва

---

[23] Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик, китоби I/ II/, Душанбе, 1989, саҳ. 194.
[24] Мирзо Муллоаҳмад. Мизони шинохти рубоиёти асили Умари Хайём. Хулосаи мақолоти Кунгураи байналмилалии бузургдошти нӯҳсадумин солгарди вафоти Ҳаким Умари Хайём, Теҳрон, 1379, саҳ. 59-60.
[25] Алии Даштӣ. Даме бо Хайём, чопи саввум, 1354, саҳ. 144.

сӯҳбатҳои илмӣ ошкоро баён намояд. Бинобар ин бештар хомӯширо авло медонист ва аз интишори рубоиёташ ҳам худдорӣ менамуд:

Асрори ҷаҳон, чунон ки дар дафтари мост,
Гуфтан натавон, ки он вуболи сари мост.
Чун нест дар ин мардуми доно аҳлӣ
Гуфтан натавон ҳар он чи дар хотири мост.

Робитаҳои мустақимро миёни андешаҳои илмии Хайём дар рисолаҳояш бо рубоиёти ӯ метавон мушоҳида кард, ки ин ҳам барои шинохти рубоиҳои аслии ӯ мадад мерасонад. Хайём дар муқаддимаи "Рисолат филбароҳини ало масоилилҷабри валмуқобала" дар бораи гурӯҳе аз олимтарошони замонаш, ки бо қаллобиву фиребгарӣ машғул буда, ҳақро ботил медонанд, бо таассуф сухан мегӯяд. Чунин андешаро Хайём дар чанд рубоӣ аз ҷумла дар рубоии зайл возеҳу барҷаста баён кардааст:

Онон ки муҳити фазлу одоб шуданд,
Дар кашфи улум шамъи асҳоб шуданд,
Раҳ з-ин шаби торик набурданд бурун,
Гуфтанд фасонаеву дар хоб шуданд.

Ба назари мо суолҳои шогирди Ибни Сино Қозӣ Абӯнаср Муҳаммад Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдураҳими Насавӣ ба Умари Хаём омили пайдоиши як зумра рубоиҳои ӯ шудаанд. Суоли аввал он аст, ки "шуруру музодоте, ки дар ин олам воқеъ шуда ва мешавад оё мумкинулвуҷуданд ва ё воҷибулвуҷуд?"[26]

Хайём ба ин савол ва саволҳои дигар бо зикри далелҳои гуногун посух медиҳад, вале он қонеъкунанда ва самимӣ ба назар намерасад. Зеро воқеан "рисолати Хайём аз мавзеъи расмӣ навишта шудааст. Яъне аз Хайём ба унвони як мударриси дараҷаи аввал ва саршиноси ҳикмати машшоъ суолоте кардаанд ва ӯ аксаран ончунон ки мебояд ва интизор меравад, посухҳое додааст, бе он ки лузуман он посухҳо дар ботин барои худаш ҳам қонеъкунанда бошад."[27]

Хайём дар посухҳои худ саъй кардааст, ки дар доираи аҳкоми шариат сухан ронда, аз баёни ҳайрату шубҳа дар ростои шинохти ҳақиқат худдорӣ намояд. Вале дар як зумра рубоиҳо, ки онҳоро фақат барои худ сурудааст, андешаҳои шубҳаомези худро, ки аз суолҳои дандоншикани Насавӣ бармеоянд, баён кардааст, ки яке аз онҳо рубоии зер аст:

Доранда чу таркиби табоеъ орост,
Боз аз чӣ сабаб фикандаш андар каму кост?

---

[26] Донишномаи Хайёмӣ, бо эҳтимоми Раҳим Ризозода Малик, Теҳрон, 1377, саҳ. 362.
[27] Хулосаи мақолоти ..., саҳ 22.

Гар нек наёмад ин бино, айб кирост?
В-ар нек омад, харобӣ аз баҳри чирост?

Дар поёни посухҳои худ Хайём ба душвор будани саволҳо ишора намуда, зарурати ҷустуҷӯҳоро дар ин замина таъкид месозад: "Бидон, ки дар ин ҷо боз матолибе ҳаст, ки ба таҳрир намегунҷад ва баён ҳам аз адои ҳаққи ӯ қосир аст ва мӯҳтоҷ аст ба ҳадси соиб ва қареҳаи нуронӣ ва нафси комили тамомиёр то мутаваҷҷеҳ ба уқул шавад ва аз ақли фаъол мадад талабад, то ҳақиқати ҳол бар ӯ мункашиф шавад ва аз зулмати ҷаҳл раҳоӣ ёбад.[28]"

Дарвоқеъ Хайём ин ҷустуҷӯйҳои фикриро идома дода, андешаҳояшро дар як силсила рубоиҳои фалсафиаш бозгӯ намудааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи шахсият ва андешаҳои илмии Умари Хайём ҳамроҳ бо равишҳои дигар барои шинохти рубоиёти асили ӯ мадад мерасонад.

......

5. Шинохти шахсияти Умари Хайём, муҳит ва афкору андешаҳои ӯ ва бозтоби онҳо дар рубоиёти асили вай.

Ҳоло мехоҳам роҷеъ ба авиши охирин, ки мутаассифона, аксари муҳаққиқони рубоиёти Хайём, ба хусус донишманди аврупоӣ ба он камтар таваҷҷӯҳ кардаанд ва ниёз ба тавҷеҳ дорад, чанд мулоҳиза баён намоям. Алии Даштӣ аз зумраи он донишмандони камшуморе аст, ки дар ин замина ҷустуҷӯйҳо намуда, шахсияти Хайёмро қабл аз ҳама чун донишманди бузурги риштаҳои риёзӣ, нуҷум, фалсафа, адабёт, тафсир, ҳадис ва амсоли инҳо қаламдод мекунад. Сонияи ӯро фарзонае медонам, ки ба навиштану тадрис ва пургӯиву баҳс майле надоштааст: "Ин марди камҳарфи муваққар ба фазоиле оростааст, ки хоҳ нохоҳ боиси ҷалби эҳтиром аст, афзунталаб нест, ба мақому ҷоҳ валаъе надорад, ба зиндагии содда ва ҳадди аққали маишат сохта аст ва аз ҳар чизе, ки ӯрог аз доираи эътидол берун кунад, мепарҳезад...

Хайём аз он табақаи мардумонест, ки даррокаи қавӣ ва фикри нофизи онҳо наметавонад дар сатҳи мӯътақидоти умумӣ боқӣ бимонад, ночор ба ковишу ҷустуҷӯ бармехезад ва хоҳ нохоҳ дучори шак шуда ва дар ҳеҷ бобе ақидаи ҷозим ва қотеъ надоранд ва аз ҳамин рӯй дигар ҳеҷ гуна боису мӯҷиби маъқуле намеёбанд, ки шукуки худро дар ҷони дигарон бирезанд, махсусан, ки хатари табоҳ кардани зиндагии хешро дар он мебинанд".[29]

Бар мабнои ин тасвири шахсияти Хайём, сабабҳои кам рубоӣ навиштани ӯ, паҳн накардани онҳо ва дар натиҷа дар замонаш ба шоирӣ машҳур нашудани ӯ равшан мегардад.

Таҳқиқи афкори илмиву фалсафии Хайём ва татбиқи рубоиёт ба онҳо низ барои таъйини рубоиёти асили шоиру донишманд хеле судманд аст. Масалан, дар як рисолааш (Заруратуттазод фил олами валҷабри

[28] Донишномаи Хайёмӣ, саҳ. 367-368.

[29] Алии Даштӣ. Даме боХайём, Теҳрон, чопи саввум, 1354, саҳ. 144.

валбақоъи Хайём) ба суолҳои Қозӣ Абунаср Муҳаммад ибни Абдураҳмони Насавӣ, ки аз шогирдони Ибни Сино будааст, ҷавоб гуфта аз ҷумла навиштааст: "Ва шояд касе боз бигӯяд: "Чаро Худованди таъоло эҷод карда чизеро, ки медонист лозимаи он адам ва шарр аст?" Дар ҷавоби ӯ мегӯем дар савод масалан ҳазор хайр аст ва як шарр. Эҷод накардани чизе, ки ҳазор хайр дар ӯст, ба воситаи вуҷуди як шарр, ин шарр худ азим аст. Илова бар ин нисбат миёни хайри савод ва шарраш бештар аст аз нисбат миёни як миллюн ба як адад.

Пас маълум шуд шутуре, ки дар мавҷудот мебошанд, билараз аст, на бо лаззот ва боз маълум шуд, ки шурур дар ҳикмати эҷоди мавҷудот аз ҳақ таъоло бисёр қалил аст нисбат ба хайрот ҳам аз ҷиҳати камийат ва ҳам аз ҷиҳати кайфият.

Бидон ки дар ин ҷо боз матолибе ҳаст, ки ба таҳрир намегунҷад ва баён ҳам аз адои ҳаққи ӯ қосир аст ва мӯҳтоҷ аст ба ҳадси соиб ва қареҳаи нуронӣ ва нафси комили тамомиёр то мутаваҷҷеҳ ба уқул шавад ва аз ақли фаъол мадад талабад, то ҳақиқати ҳол бар ӯ мункашиф шавад ва аз зулмати ҷаҳл раҳоӣ ёбад."[30]

Чунон ки мебинем, Хайём аз додани ҷавоби комил худдорӣ намуда, ба душвор будани савол ишора кардааст ва рисолаи худро ҳам бо ҳамин ба поён расонда, зарурати идомаи ҷустуҷӯҳои фикриро дар ин замина таъкид намудааст. Ба назари мо дарвоқеъ Хайём ин ҷустуҷӯйҳои фикриро идома дода, матлабу андешаҳояшро дар ин мавзӯъ на дар рисолаҳои илмӣ, балки дар ин ришта рубоиҳои фалсафии худ баён кардааст. Аз ин рӯ чанд рубоие, ки дар онҳо аз муаммои ҳастӣ сухан меравад ва дар нусхаҳои қадимӣ сабт шудаанд, аз рубоиёти асили Хайём буда, бо рисолаҳои илмии ӯ робитаи мустақим доранд: Аз ҷумла рубоии зайл, ки дар қадимтарин маъхазҳо чун Китобуттанбеҳи Имом Фахрии Розӣ ва Мирсодулибоди Шайх Наҷмиддини Розӣ ба номи Хайём сабт шудааст, аз ҳамин муаммои ҳайратангез ҳикоят мекунад:

Доранда чу таркиби табоеъ орост,
Боз аз чӣ сабаб фикандаш андар каму кост?
Гар нек наёмад ин бино, айб кирост?
В-ар нек омад, харобӣ аз баҳри чирост?

Рубоиҳои зер низ аз ҳамин зумраанд:

Ҷомест, ки ақл офарин мезанадаш,
Сад бӯса зи меҳр бар ҷабин мезанадаш.
Ин кӯзагари даҳр чунин ҷоми латиф
Месозаду боз бар замин мезанадаш.
*

Аз омаданам набуд гардунро суд

---

[30] Донишномаи хайёмӣ. Маҷмӯаи рисолаи илмӣ ва фалсафӣ ва адабӣ, бо эҳтимоми Раҳим Ризозодаи Малик, Теҳрон, 1377, саҳ. 167-168.

В-аз рафтани ман ҷоҳу ҷалолаш нафузуд.
В-аз ҳеҷ касе низ ду гӯшам нашунуд,
К-ин омадану рафтанам аз баҳри чӣ буд.

Ба иллати маҳдудии фурсат аз тавзеҳи равишҳои дигар худдорӣ намуда ҷиҳати намуна аз дидгоҳи равишҳои мазкур ба як рубоии Хайём назаре меандозем, Рубоии зер яке аз қадимтарин рубоиҳоест, ки ба номи Умари Хайём дар маъхазҳо ва нусхаҳои хаттӣ омадааст:

Дар доирае, к-омадану рафтани мост,
Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.
Кас меназанад даме дар ин олам рост,
К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост.

Ин рубоӣ нахустин бор дар Мирсодулибоди Шайх Наҷмиддини Розӣ, ки соли 620 ҳ. таълиф шудааст, ба назар мерасад. Бори дуввум он ба номи Хайём дар Мӯнисулаҳрор фӣ дақоиқулашъори Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ (соли таълифаш 740 ҳ.) дучор меояд. Рубоӣ аз лиҳози қидмати маъхаз ва нусха қобили эътимод аст.

Рубоӣ мазмуни фалсафӣ дошта, андешаи Хайёми донишмандро дар хусуси муаммои ҳастӣ, зиндагиву марг ва, муҳимтар аз ҳама, беинтиҳоии олам, ки дар рисолаҳои илмиаш пиромуни онҳо тааммулу тааммуқ кардааст, фаро мегирад.

Рубоӣ аз лиҳози сабки нигоришу истифодаи санъатҳои шеърӣ ва сувари хаёлҳои шоирона ҷолиб нест. Ба истиснои ба доира монанд кардани ҳастӣ, ки он ҳам бештар ҷанбаи илмиву фалсафӣ дорад, корбурди санъатҳои бадеӣ ба назар намерасад. Луғату таъбирҳое, ки дар рубоӣ истифода шудаанд, амсоли доира, бидоят, ниҳоят, омадану рафтан низ бештар мафҳумҳои илмиву фалсафиро ифода менамоянд. Вожаҳои рубоии мазкур дар 36 рубоии дар маъхазҳои то қарни 8 ҳ. сабтшуда ба тариқи зайл такрор ёфтаанд: омадан-6; рафтан-4; кас-4; ки- 26; аз(зи)- 15; ин-19; дар (андар)-12.

Рубоии мазкур, то чое ки мо иттилоъ дорем, ба шоири дигар нисбат дода нашудааст. Танҳо Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ шояд бо такя ба мафҳумҳои фалсафиаш ба ин рубоӣ сирф аз назари илмии мантиқӣ нигариста, мансубияти онро ба Хайём зери шубҳа гузоштааст. Вале набояд фаромӯш кард, ки рубоии мазкур ҳарчанд ҷанбаи фалсафӣ дорад, он асари бадеист, ки андешаи фалсафӣ омехта бо эҳсосу тахайюли шоирона баён шудааст.

Мисраи аввали рубоӣ дар Мӯнисулаҳрор ба тарзи "Давре, ки дар ӯ омадану рафтани мост" сабт шудааст, ки онро донишмандоне чун Алии Даштӣ ва Мӯҳсини Фарзона пазируфтаанд. Яъне калимаи доира ба давр иваз шудааст. Ба назари мо ин ҷо вожаи доира, ки дар маъхази қадимтар омадааaст, ба мазмуни рубоӣ ҳам бештар созгор аст. Зеро доира пеш аз ҳама мафҳуми илмӣ дошта, аввалу охир надорад ва барои равшан баён кардани матлаби муаллиф мадад мерасонад.

Ҳамин тавр бо истифода аз равишҳои гуногуни таҳқиқ ҳатталимкон метавон рубоиҳои асили Умари Хайёмро таъйин кард, ки ин бешубҳа заминаҳои илмии хайёмшиносиро устувор хоҳад намуд.

## Маромномаи ахлоқии ҳакими ҳақиқатҷӯй

Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз зумраи адибону донишмандони барҷастаест, ки дар соҳаҳои гуногуни илму адаб мероси ғаниву пурарзише боқӣ гузоштаанд. Дар осори фаровону рангини илмиву фалсафӣ ва бадеии ин шоиру нависанда ва ҳакиму файласуфи маъруф тасвиру тавсиф ва бузургдошти инсон ҷойгоҳи хос дорад.

Агар дар осори илмиву фалсафии Носири Хусрав, ба хусус дар рисолаҳои «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш», «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Далел-ул-мутаҳирин» моҳияти инсон чун ҳадафи аслии Парвидигор аз офариниши олам ва мақоми волои ӯ дар силсилаи маротиби ҳастӣ ва кулли махлуқоту мавҷудот таъйид шуда бошад, пас дар қасидаву қитъаҳо ва сафарномаву маснавиҳояш бештар ситоиши бузургиву тавоноӣ, ақлу заковат, орзуву амол, андешаву пиндор ва ахлоқи ҳамидаи инсон ба қалам омадааст.

Дар рисолаҳои фалсафии Носири Хусрав инсон дар арши коинот қарор дошта, олами сағирест, ки дар худ олами кабир ва мавҷудоти азиме чун Офтобу Моҳ, Зуҳалу Миррих, Зӯҳрову Муштариро дар худ таҷассум менамояд. Вале дар ашъори шоир инсон дар замин қарор дорад ва бо ранҷу меҳнат ва зӯри бозувони худ қуту мояи зиндагӣ ба даст меорад ва пойбанди замину табиат аст.

Инсон дар осори фалсафии Носири Хусрав шарифтарин офаридаи Парвардигор буда, ҳамтову ҳампои ӯст ва сифатҳои ӯро дар худ дорад. Дар асарҳои бадеии шоир инсон аз зулму ситам азобу азият мекашад, бо донишу хиради баланд дар фақру тангдастӣ ба сар мебарад, ҳақиру бенаво ва мазлуму нотавон аст.

Ҳарчанд дар назари аввал дар арзёбии моҳияти инсон дар осори фалсафӣ ва бадеии Носири Хусрав баъзан ихтилофҳо ба назар мерасад, вале ба таври куллӣ дар ҳамаи навиштаҳои шоир ва мутафаккири бузург ҳамеша инсон дар мадди назар буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳастии ӯ, ки хеле мураккаб ва пуртазод аст, ба қалам омадааст. Носири Хусрав бо неруи ақлу заковати борикбин ва каломи тасвирҳои рангин тавонистааст ҳам дар рисолаҳои илмиву фалсафӣ ва ҳам дар қасидаву қитъа ва сафарномаву маснавиҳои худ асрори ҳастӣ ва моҳияти инсонро ба таври амиқу барҷаста дарк ва таҷассум намояд ва барои ташаккулу такомули ҳарҷонибаи ӯ панду андарзҳои ҳакимона гӯяд.

Тавре ки яке аз муҳаққиқони осори фалсафии Носири Хисрав Нозир Арабзода дуруст таъкид кардааст, «таълимоти ӯ (Носири Хусрав-М.М) дар бораи офариниш ва мақоми инсон дар маротиби мавҷудот бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст»[1]

Бояд гуфт, ки ситоишу бузургдошти инсон дар осори манзуму мансури бадеии Носири Хусрав низ то ҳол ҳарҷониба таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Бузургдошти инсон, махсусан, дар маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» хеле равшану барҷаста ба назар мерасад. Аз ин ду маснавӣ метавон назари шоир ва мутаффакири бузургро доир ба инсон, моҳияти ва роҳу василаҳои такомули он муайян намуд.

Носири Хусрав инсонро офаридаи Ақли кулл медонад:

Зи аввал Ақли кулл чун шуд мушаҳҳар,
Зи якдигар бизоданд он ду гавҳар…
Ҳам ӯ лавҳу ҳам ӯ курсии Яздон,
Ҳам ӯ инсон, ҳам ӯ ҳам рӯҳи инсон[2]

Шоир тамоми мавҷудоту махлуқоти оламро барои инсон мешуморад:

Бо дарё дурру дар кон зарру гавҳар,
Кунад дарвеш мардумро тавонгар.
Ғизову меваю нон аст, к-аз вай
Падид ояд ҳаме хун дар рагу пай.
Яке гардад ғизо, дигар бикоҳад,
Ки то инсон аз ин ҷо баҳра ёбад.
Ҳама аз баҳри инсонанд дар кор,
Кашад з-эшон яке з-он дигаре бор.[3]

Дар рисолаи фалсафии Носири Хусрав «Хон-ул-ихвон» низ ҳадафи Парвадигор аз офариниши олам маҳз инсон дониста шудааст: «ғарази Офаридгори олам аз офариниши ин олам мардум аст»[4]

Носири Хусрав барои ба таври мушаххас нишон додани шарафи инсонӣ ба олами табиат рӯй оварда Парвардигорро ба боғбону ҷаҳонро ба дарахт ва инсонро ба меваи он монанд мекунад ва таъкид менамояд, ки шарафи дарахт дар меваҳои лаззизу ширини он аст. Меваҳои хуштаъму хушбӯй ҳакимону донишмандонанд. Бинобар ин ӯ инсонро ба омӯзиши илм, ки лаззати он мева аст, даъват менамояд.

Дар гуфтори «Андар қобилияти инсон ба сӯи камол»-и «Рӯшноинома» Носири Хусрав ба тазоду ихтилофҳои ботинии инсон ва гурӯҳҳои гуногуни одамон ишора намуда, хубиву зиштиҳои ононро ба қалам додаст:

Банӣ - одам гурӯҳе бас латифанд,
Ҳақиқат бас шарифу ҳам касифанд.
Тан аз хоканд, ҷон аз олами пок,
Шараф доранд бар хосони афлок…

Ҳама дар зоти инсонанд ҳосил,
Гилаш зулмонию нуронияш дил.
Ҳама ҳам муҳдасанду ҳам қадиманд,
Ҳама ҳам ҷоҳиланду ҳам ҳакиманд…[5]

Ӯ дар миёни анбиёву авлиё ва хосону бузургон ҳам вуҷуд доштани одамони нопоку зиштро таъкид менамояд:

Чунинанд анбиёву авлиёшон,
Наярзад мулки олам хоки пошон.
Дар эшон ҳаст мушти нокасе хом,
Ки оқил деви мардум хонадаш хом.
Ба ақл иблису сурат ҳамчу одам,
Ба сад поя зи аспу гову хар кам,
Ба сурат зинда, аммо ҷон надоранд,
Агар доранд ҷон, ҷонон надоранд.[6]

Ин тоифа одамонро шоир ба ҳайвон монанд мекунад ва ҳатто аз ҳайвон пасттар мешуморад:

Бале, ҳастанд аз ин муште парешон,
Мадори ин ҷаҳон бошад аз эшон…
Валекин ҳеҷ натвон фарқ кардан,
Зи гову хар ба гоҳи хобу хӯрдан
Тан асту ҷон мумаййиз одамиро,
К-аз ӯ дарёфт бешию камиро…
Агар бо рӯҳ гирад ошноӣ,
Расад дар дори мулки подшоӣ.
Агар шуд дар ҳавои тан гирифтор,
Ту он касро ба ҷуз шайтон мапиндор.
Чу гову хар ба хобу хӯр хурсанд.
Табиат пои ҷонашро кунад банд[7]…

Носири Хусрав барои инсон пеш аз ҳама худшиносиро зарур мешуморад. Зеро инсон танҳо дар сурате метавонад дар ҳаёт мақоми шоистаро пайдо намояд, ки худро шинохта бошад. Аз назари шоири мутафаккир моҳияти инсон дар сурату тани ӯ нест:

Ту худро менадонӣ кистӣ ту?,
Бигӯ, то дар ҷаҳон бар чистӣ ту?
Туӣ ё ӯ, бигӯ охир, чӣ номӣ,
Танӣ ё ҷон, бигӯ охир, кадомӣ?
Ту ин ришу сару сиблат, ки бинӣ,

Ту пиндорӣ туӣ, не, не, на инӣ![8]

Барои инсон муҳимтар аз ҳама сирату ҷони ӯст ва моҳияти ӯ низ дар ҳамин таҷассум мегардад:

Ту сурат нестӣ. Маънӣ талаб кун,
Назар дар ҷисму ҷони булаҷаб кун.
Зиҳӣ нодон, ки худро ҷисм хонӣ,
Раҳо кун ин сухан, зеро ки ҷонӣ!...[9]

Аз нигоҳи шоир инсон аз бузургтарину шарифтарин мавҷудоти олам аст. Ҷавҳари одамист, ки мақоми ӯро аз ҳама бартар месозад. Бинобар ин инсонро зарур аст, ки қабл аз ҳама ҳамин ҷавҳари худро бишиносад:

Тӯӣ фаръу араз, асл аст ҷавҳар,
Ҳама олам ту ҳастӣ, эй бародар!
Хирадмандони олам, он ки гӯянд,
Дар ин маънӣ ҷуз ин ҳарду нагӯянд.
Араз ҷисм аст, аз ҷон ҷавҳарӣ ту,
Аз он аз ҳар ду олам бартарӣ ту.
Туро аз ҳар ду олам офариданд,
Аз онат бар ду гетӣ баргузиданд…
Бидон онрову инро нек бишнос
Бубин ту ҷисму ҷонро нек бишнос[10]

Гуфтори ҷудогонаи «Рӯшноинома» ба худшиносии инсон бахшида шудааст. Шоир худшиносиро барои инсон хеле муҳим ва зарур дониста, онро василае барои худошиносӣ мешуморад:

Бидон худро, агар худро бидонӣ,
Зи худ ҳам неку ҳам бадро бидонӣ.
Шиносои вуҷуди хештан шав,
Пас он гоҳ сарфарози анҷуман шав.
Бидонӣ қадри худ, зеро чунинӣ,
Худо бинӣ, агар худро набинӣ.
Ту худро маҳв кун дар зоти Яздон,
Худо бину худо хону худо дон.
Чу худ донӣ ҳама диниста бошӣ,
Чу донистӣ, зи ҳар бад раста бошӣ[11].

Вале худшиносӣ худ аз худ ба даст намеояд. Барои дарёфти он инсон бояд заҳмат кашад, аз хобу оромиши зиёд даст кашида,

рӯ ба тафаккуру тааммуқ ниҳад ва ба олами ботинии худ сайр кунад:

Чу мардон бош, тарки хобу х(в)ар кун,
Чу сайёҳон яке дар худ сафар кун.
Чу бошад хобу хӯр кори баҳоим,
Ба маъкулот шуд кори ту қоим.
Вале бедор шав, то чанд хуфтӣ,
Бубин худро-ҷаҳони пуршигифтӣ!
Тафаккур кун, бубин, ту аз куҷоӣ,
Дар ин зиндон ту аз баҳри чароӣ?
Қафас бишкан, ба ҷои хештан шав,
Чу Иброҳими Озар бутшикан шав[12]

Хобу ғафлатро шоир аждаҳое медонад, ки бар сари ганҷи худшиносии инсон хуфтааст. Инсонро зарур аст, ки ин аждаҳоро дар ниҳоди худ бикушад ва озодии ботиниву шахсӣ ба даст орад:

Ту дорӣ аждаҳое бар сари ганҷ,
Бикуш ин аждаҳо, фориғ шав аз ранҷ!
Агар қуташ диҳӣ, бечора бошӣ,
Зи ганҷи бекарон бебаҳра бошӣ.
Туро дар хона ганҷ асту ту дарвеш,
Туро марҳам ба даст асту ту дилреш.
Ту дар хобӣ, куҷо ой ба манзил,
Тилисм оройву аз ганҷ ғофил.
Сабук бишкан тилисму ганҷ бардор,
Бикаш ранҷеву аз худ ганҷ бардор.[13]

Дар роҳи худшиносӣ ва такомули инсон нақши поксозии ахлоқ хеле бузург аст. Инсонро зарур аст, ки қабл аз ҳама хислатҳои бади худро пай бурда, онҳоро аз худ дур созад. Он хислатҳои бад аз назари шоир пеш аз ҳама бухл, хашм ва оз, яъне ҳарисӣ мебошанд. Сипас макру шаҳват, кибру ҳасад чун хислатҳои бад зикр мегарданд:

Дар ин зиндон ҳарифе чанд бо туст,
К-аз ин ёрон ҷудоӣ боядат ҷуст.
Яке бухлу дуввум хашму савум оз,
Чаҳорум макру панҷум шаҳвату ноз.
Шашум кибру ҳасад ҳар ҳафт ёрат,
К-аз ин ёрон халал бигрифт корат.[14]

Мазаммати хислатҳои мазкурро дар осори шоирони пешин, аз ҷумла дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам тақрибан ба ҳамин тартиб метавон мушоҳида кард. Тавре ки дар китоби «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» нишон дода шудааст, мазаммати хислатҳои бад дар «Шоҳнома» асосан аз пандномаҳои давраи сосонӣ, ба хусус аз «Панднома»-и Бузургмеҳр иқтибос гардидааст.[15]

Тавре ки маълум аст, ситоиши хислатҳои нек ва мазаммати хислатҳои бад дар ҳикмати амалӣ матраҳ мегарданд. Носири Хусрав низ ба ин масъалаҳо дар «Рӯшноинома» фақат ишора намуда, ба таври муфассал дар манзумаи «Саодатнома», ки онро метавон идомаи маснавии мазкур шуморид, ҳаллу фасл кардааст. Бинобар ин бар мабнии мазмуну муҳтаво «Рӯшноинома»-ро ба ҳикмати назарӣ ва «Саодатнома»-ро ба ҳикмати амалӣ мансуб донистан мумкин аст. Зеро чунон ки дидем, дар маснавии аввал шоир бештар ба масъалаҳои куллии фалсафӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, вале дар маснавии дуввум бидуни муқаддима ба насиҳат пардохтааст. Дарвоқеъ «Саодатнома» аз ибтидо то интиҳо аз панду андарзҳои ҳакимона иборат буда, мавзӯъҳои некиву накӯкорӣ, ростиву росткорӣ, ризо, тамаъ, ҳасад, хомӯшӣ, дӯстӣ, сахо, омӯзиш, ғанимати умр, хушхулқӣ, дастгирии пирон, нигаҳдории забон, факр, даъво, касбу ҳунар, деҳқонӣ, ҳаё ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Андешаҳои ахлоқӣ ва панду андарзҳои шоир, ки бо роҳу василаҳои гуногун хеле муҷазу нишонрас баён шудаанд, бо мурури замон арзиши маънавию бадеии худро гум накардаанд ва имрӯз ҳам дар пешгириву ислоҳи хислатҳои зишт ва тарбияту ҳидояти мардум ба роҳи росту созандагӣ нақши калон мебозанд.

Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки Носири Хусрав ба маснавиҳои худ унвонҳои мувофиқи рамзӣ гузоштааст. Агар «Рушноинома» бештар ҷанбаи умумиву роҳнамоӣ дошта бошад, пас «Саодатнома» ишора ба он аст, ки ҳар кас соҳиби он хислатҳои ҳамида гардад, хушбахт хоҳад шуд,

Маснавии «Саодатнома» бидуни муқаддимаи тӯлонӣ бо хитоб ба хонанда шурӯъ мешавад, ки дар он ӯ ба худшиносӣ даъват мегардад. Аз байтҳои аввали маснавӣ шоир ба мақоми инсон ишора намуда, ӯро ба кору меҳнат даъват мекунад:

Дило, ҳамвора таслими ризо бош,
Ба ҳар ҳоле, ки бошӣ, бо Худо бош.
Худоро бош, агар марди Худоӣ,
Макун бегонагӣ, гар ошноӣ….
Туро бар ҳар ду гетӣ баргузиданд,
Ҳам охир баҳри корат офариданд.[16]

Шоир дар фасли аввали маснавӣ ба шарҳу тавзеҳи он кор пардохта, маҳз кори некро ба инсон тавсия менамояд. Зеро кори инсон метавонад бар зидди дигарон ё ба табоҳиву харобкорӣ равона шуда бошад. Носири Хусрав кореро, ки ба манфиати инсон набошад, намеписандад ва сахт мазаммат намуда, зарари онро нишон медиҳад:

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ.
Макун коре, ки аз нангу надомат,
Сияҳрӯӣ шавад андар қиёмат.[17]

Носири Хусрав дар ибтидои маснавӣ маҳз кори некро талқин намуда, онро беҳтарин фаъолияти инсон медонад, ки писандидаи ҳам Худованд ва ҳам бандагонаш аст:

Чу дар некӣ ризои Кирдигор аст,
Беҳ аз некӣ, назар кун, то чӣ кор аст?[18]
Муҳимтарин хислати инсон аз нигоҳи

шоир некиву некӯкорист. Шоир ба тавсифу ситоиши некӣ напардохта, онро бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳад ва зуҳури некиро дар роҳатрасонӣ ба одамон, меҳрубониву хушзабонӣ, ёриву мадад ба корафтодагону мухтоҷон, дилсӯзиву ғамхорӣ ба бечорагон ва амсоли инҳо медонад:

Бикун коре, ки андар зиндагонӣ,
Накӯ хоҳӣ ба кас, роҳат расонӣ.
Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Чу корат карда ояд, дар амон бош.
Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор!
Ба корафтода коромӯз мебош,
Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош.
Илоҷи дардмандон кун ба ҳар дард,
Ки ҳар кас, к-ӯ ҷароҳат кард, бад кард.
Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош.[19]

Тавре ки Н.Арабзода дуруст таъкид кардааст, «мафҳуми некӣ дар таълимоти Носири Хусрав дар марзи шуури ахлоқӣ маҳдуд намонда, тадриҷан мазмуни иҷтимоӣ касб мекунад».[20]

Носири Хусрав ҳамчунин ба падару модарони худ хидмат кардани фарзандонро аз зуҳуроти некиву накӯкорӣ медонад:

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун,
Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар ҳам солҳо тимордорат…[21]

Дастгириву пуштибонии пирон бояд вазифаи ҳар ҷавон бошад, зеро пирӣ барои ҳар кас ногузир аст:

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.[22]

Аз нигоҳи шоир инсон бояд дар иҷрои ҳар кори нек дилу нияти рост дошта бошад ва ҳамеша росткор бошад, ки ин боиси растагорӣ аз ҳама мушкилот хоҳад шуд:

Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ.[23]

Ситоиши касбу ҳунар дар «Саодатнома» ҷойи хосе дорад. Шоир косибу ҳунармандро шахси хушбахт мешуморад, зеро ӯ бо ҳосили меҳнати худ зиндагӣ мекунад ва мӯҳтоҷи дигарон нест:

Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,
Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.
Ба рӯз андар паи сомони хеш аст,
Чу шаб дар хона шуд, султони хеш аст.[24]

Деҳқон низ аз нигоҳи Носири Хусрав дорои иззату эҳтироми зиёд аст. Зеро ӯ ба дигарон фақат мадад мерасонад. Деҳқон на танҳо рӯзирасони одамон аст, балки ба ҳайвоноту паррандагон ҳам ёрирасон буда, онҳоро парвариш мекунад. Деҳқон низ мисли косиб бо меҳнати ҳалол ризқу рӯзии худро ба даст меорад. Аз ин рӯ мақоми деҳқон дар ҷомеа хеле баланд аст:

Беҳ аз саннои олам, деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро рӯзирасон аст…
Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Ки користон аз ӯ чун бӯстон аст…
Ба роҳат аз даҳоқин мурғу мӯранд,
Ҳама гар одамию гар сутуранд.
Ба коранду ҳама мардони коранд,

Арақ резанду қути халқ оранд.
Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ ангушт.[25]

Носири Хусрав дар «Саодатнома» як зумра хислатҳои ҳамидаро, ки ба ҳар инсон зарур буда, боиси такомулу сарбаландии ӯ мегарданд, мавриди тавсиф қарор медиҳад. Аз ҷумла ӯ ҳаёву имонро аз фазилатҳои инсон медонад:

Ҳаё асл аст андар зоти инсон,
Ки дорад адамиро одамисон…
Ҳаё пеш ор, агар имон-т бояд,
Ки имон бе ҳаё кай рух намояд…
Ҳаё бояд, ки дорад одамизод,
Ки лаънат бар вуҷуди беҳаё бод.[26]

Қаноатро низ Носири Хусрав аз ганҷҳои ахлоқии инсон дониста, онро василаи хушҳоливу тавфиқ меҳисобад ва бо ин фазилат доро будани худро ҳам таъкид менамояд:

Мадон ганҷе беҳ аз ганҷи қаноат,
Ғаниҳол аст марди боқаноат…
Дареғ аст он ки баҳри як дирам зар,
Гуҳар бо хок бояд кард ҳамсар.
Агар дарвеш, агар шоҳу амир аст,
Ба гетӣ аз кафофӣ ногузир аст.
Маро камтар хӯриш будиву пӯшиш,
Ба мадҳи кас накардам ҷаҳду кӯшиш…[27]

Яке аз хислатҳои ҳамида, ки Носири Хусрав ба он таваҷҷӯҳи зиёд дода, фасли ҷудогонае бахшидааст, сахову саховатмандӣ аст. Шоир махсусан саховатро нисбат ба дарвешону муҳтоҷон зарур шуморида, таъкид менамояд, ки ҳар ки бахшиш кунад, саранҷом онро боз хоҳад ёфт:

Ба бахшиш кӯш, то дастат шавад пур,
Макун бо кас ба симу зар тафохур…
Ба яздон деҳ, чи дар бахшиш шитобӣ,
Ба яздон ҳар чӣ бидҳӣ, бозёбӣ.

Носири Хусрав дар осори фалсафиаш ва маснавии «Рушноинома» дар бораи моҳияти сухан дар ҳаёти инсон изҳори андеша намудааст. Вале дар «Саодатнома» ба таври амалӣ ба

сухангӯӣ таваҷҷӯҳи зиёд додан, дониста сухан гуфтан, тоқати шунидани сухан доштан ва амсоли инҳоро таъкид менамояд:

Сухан дониста гӯ, чизе, ки гӯӣ,
Ки нодониста беҳтар, гар нагӯӣ.
Ба майдони фасоҳат гар дороӣ,
Маронаш гарм, то бар сар наёӣ.
Магӯ чизе ба аҳли рӯзгорат,
Ки чун пурсанд, созанд шармсорат.
Сухан бишнав зи лафзи ҳар сухангӯй,
Аз он соне, ки хуш ояд, аз он гӯй…
Ба ҳар гуфтор манмо пешдастӣ,
Магӯ ногуфтаниҳо, рав, ки растӣ.[28]

Масъалаи дигаре, ки дар андешаҳои ахлоқии Носири Хусрав ҷойгоҳи хос дорад, дӯстӣ мебошад. ӯ дар дӯстӣ содиқу вафодор буданро муҳим медонад. Барои шоир инсон будан дар ҳама ҳолат аз ҳама авлотар аст. Аз ин ҷост, ки фасли ба дӯстӣ бахшидаи «Саодатнома» бо ин хитоби баланди башардӯстӣ ба поён мерасад:

Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош,
Набояд дев будан, одамӣ бош![29]

Ҷои дигар шоир аз даст надодани дӯстони ҳақиқиву ҷониро таъкид менамояд. Зеро пайдо кардани чунин дӯстон кори осон нест:

Дило, ёре талаб, гар метавонӣ,
Чунон ёре, ки бар вай ҷон фишонӣ.
Кадомин дӯст, к-ӯ бо дӯст нозад,
Чу кор афтад, ба ҷон ҷонро бибозад.

Яке аз шартҳои дигари дӯстӣ шинохтани дӯст ва фарқ кардани ӯ аз душман аст. Шоир дӯсти ноустувору бевафоро сахт мазаммат намуда, ҳатто бадтар аз саг медонад:

Бибояд фарқ кардан душман аз дӯст,
Ки донистан зи душман дӯст некӯст.
Куҷо душман сиришти дӯст бошад,
Ки мағзи дӯстӣ бепӯст бошад.
Саге, к-аш бо ту пайванд аст ҷонӣ,
Беҳ аз ёре, ки бо ту саргаронӣ..[30]

Тавре ки зикр шуд, дар ҳикмати амалии Носири Хусрав масъалаи некиву накӯкорӣ мақоми хосе дорад. Шоир арзишу аҳамияти некиро дар ҳаёти инсон таъкид намуда, инсони накӯкорро ситоиш мекунад. Вале ӯ некиро на ба ҳама, балки ба шахсони сазовор зарур мешуморад:

Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кӯш, он гаҳ дар амон бош…
Дилатро бо мурувват муттафиқ кун,
Агар хайре кунӣ, бо мустаҳиқ кун.[31]

Чунин андешаро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ва Саъдӣ дар осори ахлоқии худ борҳо таъкид кардаанд.[32] Вале дар осори шоирони мутасаввиф некӣ кардан ба ҳама, ҳатто ба одамони бадсиришту бадкор талқин мешавад. Аз ҷумла дар қитъаи маъруфи Сайид Алии Ҳамадон инро равшан метавон мушоҳида кард:

Ҳар кӣ моро ёд кард, эзид мар ӯро ёр бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархӯрдор бод.
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,
Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бекор бод.
Дар ду олам нест моро бо касе гарди ғубор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.

Қабл аз он ки роҷеъ ба мазаммати хислатҳои бад сухан ба миён оварда шавад, ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд «Саодатнома» аз фаслҳои ҷудогона иборат аст, вале дар он ситоиши фазилатҳои неку мазаммати хислатҳои бад ҷудо карда нашудаанд. Шоир дар зимни тавсифи хислатҳои ҳамида аксаран ба хислатҳои бад ишора менамояд ва зарари онҳоро нишон медиҳад. Масалан, дар пораи зайл хислатҳои неку бад дар ихтилот бо ҳам зикр шудаанд:

Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,
Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.
Гузар аз тундию аз тундхӯӣ,
Тавозӯъ пеша кун, гар тозарӯӣ
Гиреҳ бо ҳар касе мафкан дар абрӯ,
Чӣ бадтар бошад аз марди турушрӯ?
Мапиндор аз лаби ширин зиён аст,
Ки хандонрӯй доим дар амон аст.
Фурӯ хӯр хашм андар вақти гармӣ,
Зи мӯъмин хуш бувад чарбию нармӣ.
Машав ғарра ба зӯру бозуи хеш,

Ки дорад зӯри бозу беш аз пеш?
Ҳалимӣ кун чу дона дар таҳи санг,
Гарат бар сар бигардад осиёсанг.[33]

Носири Хусрав дар «Саодатнома» ба мазамматри хислатҳои бад низ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намудааст. Зеро барои ташаккулу такомули инсон ӯ дур сохтани хислатҳои бадро зарур мешуморад. Яке аз чунин хислатҳои бад озу тамаъ аст, ки пешиниён низ ба он эътибори зиёд додаанд. Ин хислатро, ки боиси хориву залили инсон мегардад, ҳамаи шоирон мазаммат кардаанд. Носири Хусрав низ мардумро ба дурӣ ҷустан аз ин хислат зишт даъват менамояд:

Тамаъ бисёр кардан хорӣ орад,
Натиҷа хорӣ аз ғамхорӣ орад.
Мадор аз кас тамаъ ҳар дам ба чизе,
Шавад хор аз тавақкӯъ ҳар азизе…
Тамаъ дорӣ, саги ҳар тиракешӣ,
Чу бубридӣ тамаъ, султони хешӣ! [34]

Тамаъ аз назари шоир инсонро пойбанду асир месозад ва барои халосӣ аз ин асорат бояд аз молу чизпарастӣ дур шуд:

Тамаъ бар ҳар чӣ бастӣ, пой бастӣ,
Чу даст аз ҷумла шустӣ, рав, ки растӣ.[35]

Кибру ғурур низ аз хислатҳои ношоямест, ки инсонро аз худшиносӣ дур месозад. Барои он ки шахс ба худшиносӣ шурӯъ намуда, аз он ба худошиносӣ бирасад, бояд роҳи фақру баномусиро пеш гирад:

Раҳи фақр аст роҳи босаломат,
Барӣ аз шарру эмин аз маломат…
Агар боному бономӯс бошӣ,
Набошӣ марди раҳ, солус бошӣ
Зи худбинӣ ҳазар кун, то чӣ бинӣ,
Худо бинӣ, агар худро набинӣ.[36]

Носири Хусрав дар маснавии «Саодатнома» фаслеро ба гӯшанишинӣ ихтисос додааст. Вале дар ин фасл сухан на аз узлати оини тасаввуф, балки роҷеъ ба дурӣ ҷустан аз ҷоҳилону нокасон, машғул нашудан ба кори носозгори тавону иқтидор меравад:

Бибур аз ҷоҳил, арчи хеш бошад,

Ки ранҷи ӯ зи роҳат беш бошад.
Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас,
Ба шаб бигрез, мангар ҳеҷ дар пас…
Макун коре, ки на кори ту бошад
В-аз он дар ҳар дил озори ту бошад.
Ҳазар аз молдори пуртакаббур,
Ки мабраз гандатар гардад, чу шуд пур.
Табарро кун зи ҳар бадфеълу бадном,
Ки бадномат кунад охир саранҷом…[37]

Ба ин тартиб шоир бо шахсони бадкору бадсиришт, сарватманду мағрур ва тасодуфӣ наздикиву қаробат накарданро дархост менамояд.

Чунин андешаҳои баланду судманди ахлоқӣ дар қасоид ва қитъаҳои шоир низ хеле фаровон буда, таҳлилу баррасии онҳо рисолаи ҷудогонаро дархост менамояд ва аз гунҷоиши ин гуфтор берун аст. Фақат бояд ҳамин нуктаро таъкид кард, ки рукнҳои асосии маромномаи ахлоқии Носири Хусрав маҳз дар ҳамин ду маснавии ӯ баён шудаанд. Аз ин рӯ мо бештар оид ба онҳо таваққуф намудем, то роҳнамое барои хонандагон бошад.

Со

**ПАЙНАВИШТ**

[1] Нозир Арабзода. Носири Хусрав (таҳқиқи назариёти фалсафӣ),Душанбе, «Маориф», 1994, саҳ.8.

[2] Носири Хусрав. Куллиёт, ҷилди 1, Душанбе. «Ирфон», 1991, саҳ.529.

[3] Нозир Арабзода. Носири Хусрав…, саҳ.98.

[4]Носири Хусрав. Куллиёт…, саҳ.537

[5]Ҳамон, саҳ. 537.

[6]Ҳамон, саҳ. 538.

[7] Ҳамон, саҳ. 533-534.

[8] Ҳамон, саҳ. 534.

[9]Ҳамон, саҳ. 535.

[10] Ҳамон, саҳ. 538.

[11] Ҳамон, саҳ. 538.

[12] Ҳамон, саҳ. 538.

[13] Ҳамон, саҳ. 540.

[14]Ҳамон, саҳ. 538.

[15]Ҳамон, саҳ. 538.

[16] Ҳамон, саҳ. 540.

[17] Носири Хусрав. Куллиёт, саҳ. 558.

[18] Ҳамон, саҳ. 560.

[19] Ҳамон, саҳ. 554

[20] Ҳамон, саҳ. 564.

[21] Ҳамон, саҳ. 564-565.

[22] Ҳамон, саҳ. 566.

[23] Ҳамон, саҳ. 567-568.

[24]Ҳамон, саҳ. 564-565.

[25] Ҳамон, саҳ. 566.

[26] Ҳамон, саҳ. 567-568.

[27]Ҳамон, саҳ. 555.

[28]Ҳамон, саҳ. 556.

[29] Ҳамон, саҳ. 563.

[30] Ҳамон, саҳ. 554.

[31]Дар ин бобат руҷӯъ шавад: Мирзо Муллоаҳмад, Паёми ахлоқии Фирдавсӣ, Душанбе, 2003, саҳ.65-66.; Нозир Арабзода. Ҳикмати амалии Саъдӣ, Душанбе, 2002, саҳ.66.

[32]Ҳамон, саҳ.554-555.

[33] Ҳамон, саҳ. 556.

[34] Ҳамон, саҳ. 554.

[35] Ҳамон, саҳ. 560.

[36] Ҳамон, саҳ. 554.

[37] Ҳамон, саҳ. 555.

## Ганҷинаи ахлоқи ҳамида

Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Румӣ аз зумраи адибону орифони бузургест, ки на танҳо дар адабиёту фарҳанги форсизабонону Шарқ, балки кули ҷаҳон мақому ҷойгоҳи баланд доранд. Осори гаронбаҳои ӯ, ба хусус «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир», ки бо унвони «Девони Шамси Табрезӣ» машҳур аст, дар ганҷинаи тамаддуни олам ҷои сазовор гирифтаанд. Зеро дар онҳо масъалаҳои мубраму ҳассоси ҳаёту маънавиёти ҷомеа, асрори ҳастии оламу одам бо хаёлбандиҳои шигифтангез ба қалам дода шудаанд. Ҳамчунин дар маркази ин офаридаҳои пурбаҳо ва рисолаи фалсафии «Фиҳӣ мо фиҳӣ» инсон қарор дорад. Инсоне, ки бо Офаридгор робитаи қавӣ дошта, худ офаридгори неъматҳои моддиву маънавист ва аз ҳамаи офаридаҳои Парвардигор бартару волотар аст.

Мавлоно ва аҳли тасаввуф ӯро Инсони комил номида ,саъй кардаанд, ки дар осори худ олами ботиниву маънавиашро ба қалам диҳанд.

Инсони комили Ҷалолиддини Балхӣ аз шоирони дигар фарқ мекунад. Тафовути асосӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки инсони Мавлоно ҷанбаи воқеӣ дорад. Дар осори ӯ Шамсиддин Муҳаммади Табрезӣ, Салоҳиддини Заркӯб, Ҳисомуддини Чалабӣ чун инсони комил ба қалам омадаанд. Вале беш аз ҳама инсони комил дар симои Паёмбари ислом Муҳаммад (С) таҷассум ёфтааст.

«Аз нигоҳи Мавлавӣ инсон ҳарчанд ба зоҳир олами хурд аст, вале дар маъниву моҳият олами бузург буда, шарифтарину бузургтарин офаридаи Парвардигор ба ҳисоб меравад :

Пас ба сурат олами асғар туӣ,
Пас ба маънӣ олами акбар туӣ.

Сабаби асосии бузургиву тавоноии инсон дар он аст, ки ӯ аз Худованд нерӯ мегирад. Аз ин ҷост, ки кулли махлуқоти олам эҳтироми вайро ба ҷо меоранд :

Одамӣ чун нур гирад аз Худо,
Ҳаст масҷуди малоик з-иҷтибо.

Оид ба мақоми инсон дар осори Ҷалолиддини Бахӣ баъзе донишмандон аз қабили Р. Николсон, Бадеуззамон Фурӯзонфар, Анамерӣ Шемел, Абдулҳусайни Зарринкӯб ишораҳо кардаанд, вале таҳқиқи ҷиддӣ ва ҷудогонаи ин мавзӯъ ҳанӯз сурат нагирифтааст. Аз ҷумла донишманди олмонӣ А. Шемел дар ин бора фармудааст : «Аммо беш аз олами ҷамодоту гиёҳон ва ҳайвонот дунёи одамӣ Мавлавиро ба сӯи худ мекашад ва камтар ҷанбае аз зиндагии инсон, ки бад-он напардохта бошад…»

Тавре ки маълум аст, робитаи инсон ва Худо аз мавзӯъҳои асосии «Маснавии маънавӣ» буда, дар шаш дафтари маснавӣ бо шевотарин тасвирҳо ва хаёлбандиҳо матраҳ гардидааст. Мавлоно Паёмбари акрам(с)-ро ноиби Худованд дар замин медонад, ки мардум дар сурати ӯ таҷаллии илоҳиро аён мебинанд :

Чун Худо андар наёяд дар аён,
Ноиби Ҳакканд ин пайғамбарон.

Ҳазрати Муҳаммад (с), ки инсони баргузида ва комил аст, дар тасвири Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар миёни кулли паёмбарон имтиёз дорад. Ӯ беш аз дигарон ба Худованд наздиктар аст :

Бо Муҳаммад буд ишқи пок ҷуфт,
Баҳри ишқ ӯро Худо лавлок гуфт.
Мунтаҳо дар ишқ чун ӯ буд фард,
Пас мар ӯро з-анбиё тахсис кард.

Аз ин ҷост, ки ӯ на танҳо барои ҳамаи мусулмонон азизу муътабар аст, балки аҳли адёни дигар низ эҳтиромашро ба ҷой меоваранд. Аз ҷумла насрониён нисбат ба ӯ дилбастагии зиёд доранд.

Ба ҳазрати Муҳаммад на танҳо мардум муҳаббату самимият доранд, балки паррандагону наботот низ меҳр меварзанд. Дар маснавӣ омадааст, ки Паёмбар ҳангоми ваъз гуфтан ба нахле таъкид мекард. Пас аз он ки барояш минбар сохтанд ва ӯ аз нахл дур шуд, тани нахл гирён гардид :

Устуни ҳаннона аз ҳаҷри Расул
Нола мезад ҳамчун арбоби уқул.

Мавлавӣ бузургии Муҳаммадро ҳанӯз аз замони тифлиаш таъкид менамояд. Дар қиссаи «Донаву ҳаким ва гум шудани тифл» аз забони пирамарде дар ҳаққи ӯ мегӯяд :

Ғам махӯр ёва нагардад ӯ зи ту,
Балки олам ёва гардад андар ӯ.

Ҳар амале, ки аз паёмбар ба вуқуъ мепайвандад, дурусту савоб аст, зеро он аз фармудаву ваҳйи Худованд аст :

Он ки аз Ҳақ ёбад ӯ ваҳю ҷавоб,
Ҳар чи фармояд, бувад айни савоб

.

Аз нигоҳи Мавлавӣ Паёмбари ислом аз ҳар лиҳоз беназиру нотакрор аст. Аз ин ҷост, ки ӯро хотами пайғамба- рон донистаанд :

Баҳри ин хотам шудаст ӯ бар вуҷуд,
Мисли ӯ на буду на хоҳад буд.

Бо ин ҳама бузургӣ Муҳаммад мисли ҳамаи инсонҳои заминӣ аст. Таркиби ҷисми ӯ низ аз дигарон тафовуте надорад :

Ҳаст таркиби Муҳаммад лаҳму пӯст,
Гарчи дар таркиби ҳар тан ҷинси ӯст.
Гӯшт дорад, пӯст дорад устухон,
Ҳеч ин таркибро бошад ҳамон ?

К-андар он таркиб омад муъҷизот,
Ки ҳама таркибҳо гаштанд мот.

Ӯ низ мисли ҳамаи одамони заминӣ ранҷу сахтӣ мебинад, дарди ҳиҷрон мекашад, гоҳ аз ғаму андӯҳ мехоҳад худро аз кӯҳ ба зер афканад :

Мустафо сокин шудӣ з-андохтан,
Боз ҳиҷрон оваридӣ тохтан.
Боз худро сарнагун аз кӯҳ ӯ
Мефигандӣ аз ғаму андӯҳ ӯ.

Симои Муҳаммад дар маснавӣ аксаран чун пири хирадманд таҷассум ёфтааст. Ӯ Алиро ба роҳи неки зиндагӣ ҳидоят намуда, баргузидани тоати илоҳиро василаи асосии раҳоӣ аз аз ҳама офот медонад :

Ё Алӣ, аз ҷумлаи тооти раҳ
Баргузин ту сояи хоси илаҳ.

Дар зимни насиҳати котиби ваҳй низ паёмбар ӯро ба дурӣ ҷустан аз кибру ғурур ва пеша кардани фурӯтаниву хоксорӣ даъват менамояд :

Эй бародар, бар ту ҳикмат ҷорӣ аст,
Он зи абдол асту бар ту орӣ аст.
Шукр кун, ғарра машав, бинӣ макун,
Гӯш дору ҳеч худбинӣ макун.

шудааст. Ба аёдати яке аз саҳобагони бемор рафтани ӯро ба қалам дода, манфиатҳои он аёдатро шоир таъкид менамояд :

Аз саҳоба хоҷае бемор шуд
В-андар он бемориаш чун тор шуд.
Мустафо омад аёдат сӯи ӯ,
Чун ҳама лутфу карам буд хӯи ӯ.
Дар аёдат рафтани ту фоидаст,
Фоида он боз бо ту омадаст.

Аёдати Паёмбар ба бемор рӯҳи тоза бахшида, умри дубора ато мекунад. Паёмбар меҳрубониро ҳатто дар мавридҳое, ки мунофиқон нисбат ба ӯ бадкорӣ мекунанд, аз даст намедиҳад :

Бар расули Ҳақ фусунҳо хонданд,
Рахши дастону ҳиял меронданд.

Он расули меҳрубону раҳмкеш
Ҷуз табассум бар бале н-овард пеш.

Дар маснавӣ ширкати Паёмбар дар ҷангу муборизаҳо низ ба қалам омада, ҳадафи он ҷангҳоро Мавлавӣ дар истиқрори сулҳу осоиш дар кишвар медонад :

Ҷанги Пайғамбар мадори сулҳ шуд,
Сулҳи ин охирзамон з-он ҷанг буд.

Муборизаи Паёмбар баҳри раҳоии мардум аз ҳалокат аст. Инро Мавлавӣ аз забони худи Паёмбари ислом баён мекунад :

З-он ҳамекардам суфуфи ҷанг чок,
То раҳонам мар шуморо аз ҳалок.

Дар маснавӣ аз ёриву мададҳои Паёмбари ислом ба мӯҳтоҷону ниёзмандон ёд шудааст. Аз ҷумла боре гурӯҳи арабҳо дар биёбон аз беобӣ ранҷ мекашиданд ва хатари марг ба онҳо таҳдид мекард. Вақте ки Муҳамад аз ин ҳодиса иттилоъ пайдо мекунад, зуд ба ёрӣ мешитобад ва онҳоро аз марг наҷот медиҳанд. Ҷои дигар кофиронро меҳмондорӣ
кардани расули акрам тасвир шудааст, ки он ба саховатмандиву олиҳимматӣ ва раҳмдиливу меҳрубонии ӯ шаҳодат медиҳад.

Донишманди маъруфи англис Р. Николсон оид ба тасвири Муҳаммад дар Қуръон сухан ронда, зимнан муъҷизоти паёмбари исломро инкор менамояд.Вале дар маснавӣ Мавлавӣ борҳо аз муъҷизоти Пайғамбар ёд кардааст, ки бештари онҳо аз Қуръони маҷид маншаъ мегиранд. Аз ҷумла дар баҳсе, ки миёни Пайғамбар ва Буҷаҳл сурат мегирад, сангрезаҳои кафи Буҷаҳл ба сухан омада, ӯро расулуллоҳ мехонанд. Яке аз муъҷизоти дигаре, ки ба Паёмбар нисбат дода мешавад, шикофтани моҳ аст :

Мустафо маҳ мешикофад нимшаб,
Жож мехояд зи кина Булаҳаб.

Тавре ки зикр шуд, Муҳаммад бо ҳама бузургӣ дар зиндагӣ хеле фурӯтан аст. Ҷалолиддини Балхӣ дар маснавӣ тасвир мекунад, ки чи тавр Паёмбар боре пас аз рафтани «меҳмони пурхӯре», ки «ҷомаи хоб»-ро олуда карда буд, бо дастони худ он бистарро мешӯяд.

Ҳамин тавр дар маснавӣ лаҳзаҳои зиёди рӯзгори Муҳамад нақл шудааст, ки ҳар кадом хислатҳои наҷиби ӯро равшан менамоянд.

Паёмбари ислом дар тасвири Мавлавӣ рамзи покиву озодагист :

Чун Муҳаммад пок шуд з-он нору дуд,
Ҳар куҷо рӯ кард, ваҷҳуллоҳ буд.

Аз ин ҷост, ки ӯ ба офтоб монанд мешавад, ки ҳам поки беолоиш асту ҳам ба ҳамагон яксон роҳнамоӣ мекунад :

Дид сиддиқаш бигуфт: Эй офтоб ,
Не зи шарқӣ, не зи ғарбӣ, хуш битоб.

Мавлавӣ ҳамчунин расули акрамро ба моҳ монанд мекунад, ки он ҳам роҳи мардумонро мунаввар месозад, Аз ин ҷост, ки нури муҳаммадӣ дар саросари маснавӣ ва «Девони Шамс» хеле фаровон ба чашм мерасад. Нури муҳаммадӣ, ки равшангари роҳи мардум дар зулмот аст, аз хуршеди илоҳӣ сарчашма мегирад.

Дар маснавӣ ба ҳадисҳои расули акрам низ хеле фаровон истинод шудааст. Ҷалолиддини Балхӣ аксаран андешаҳои худро бо ҳадисҳои Пайғамбар ҷамъбандӣ менамояд. Ӯ ҳадисҳоро гоҳ айнан ва гоҳе мазмунан зикр намуда, матлаби худро тақвият медиҳад. Масалан, роҷеъ ба зулми золимон ва вафои ҷоҳилон сухан ронда менависад :

Гуфт Пайғамбар : адоват аз хирад
Беҳтар аз меҳре, ки аз ҷоҳил расад.

Дар маснавӣ баъзан ҳадисҳои Пайғамбар тавзеҳ меёбанд. Вале Мавлавӣ ба тавзеҳи зоҳирии ҳадисҳо маҳдуд нашуда, маъниии ботиниву рамзии онҳоро бозгӯ менамояд. Дар ин бора худи Мавлоно навиштааст :

Гуфт Пайғамбар : Зи сармои баҳор
Тан мапӯшонед ёрон зинҳор…
Ровиён онро ба зоҳир бурдаанд,
Ҳам бар он сурат қаноат кардаанд.

Илова бар тасвиру тавсиф ва ситоишу бузургдошти инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ роҳу василаҳои ташаккули инсон, таълиму тарбияи ӯ ҳам ба қалам омадааст. Яке аз чунин

василаҳо  панду андарз аст, ки дар фарҳанги мардуми ориёӣ суннати бостонӣ дорад.

Панду андарзҳои  ҳакимонаву орифонаи  Мавлоно, ки бештар аз  Қуръони маҷиду ҳадисҳои набавӣ сарчашма мегиранд, дарвоқеъ дурдонаҳои маънавӣ буда, барои ҳар фарди ҷомеа новобаста аз  дину мазҳаб, ирқу нажод, забону миллат муассиру судманд мебошанд.

Дар ин маҷмуа саъй шудааст, ки муште аз хирвори панду андарзҳои  Мавлавӣ ҷамъоварӣ ва манзури хонандагони гиромӣ гардад. Дар таҳияи

маҷмуа бештар аз нашри осори Мавлоно, ки бо кӯшиши Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддини Алавӣ ва Абдулло сурат гирифтааст,  истифода шудааст. Ба онҳо барои кумаку мусоидат изҳори сипоси фаровон менамоем.

Дар замоне, ки раванди  ҷаҳонӣ шудан  босуръат идома дорад ва таҳоҷуми  фарҳангҳои мухталиф  боиси касодии ахлоқи ҷомеа мегардад, умед аст, ки  пандҳои  ҳакимонаву  орифонаи Мавлоно чун  сипар ахлоқи ҳамидаи инсониро ҳифз менамоянд ва дар ҷомеа пояҳои одамиятро  устувор  месозанд.

## Бузургдошти орифи бузург
## Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Таҷлилу бузургдошти адибону донишмандон ва фарҳехтагоне, ки дар пешрафти илму адабу фарҳанг ва ҷомеа хидмати шоиста кардаанд, аз суннатҳои ҳамидаи мардум дар ҳамаи даврону маконҳост. Вале дар Тоҷикистон дар даврони Истиқлол доираи таҷлили бузургони гузашта вусъат пайдо карда, маъниву ҳадафҳои тоза касб намуд. Масалан, дар замони шӯравӣ ба орифоне, ки дар пешбурди тамаддун саҳм гузоштаанд, камтар таваҷҷӯҳ мешуд. Ҳарчанд аз ному осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саноӣ, Аттор барин орифони бузург ёд мекарданд, вале таҳқиқу тарғиби осору афкори онҳо камтар сурат мегирифт. Маҳз дар даврони Истиқлол мардуми тоҷик бо аҳволу осори Имоми Аъзам, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва амсоли онҳо низ ошноии бештару амиқтар пайдо карданд.  Аз ҳамин зумраи бузургон метавон аз шоир, нависанда ва орифи барҷастаи асри Х 1 У Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ёд кард, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30юми марти соли 2013 таҳти № 143 соли 2015 ҷашни 700- солагии ӯ таҷлил мешавад.

Ҳарчанд Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳанӯз дар замони зиндагиаш шӯҳрат пайдо карда,  осораш мавриди таваҷҷӯҳи

адибону донишмандон ва орифон қарор гирифта буд ва дар кишварҳои гуногун пайравону муридони зиёде дошт, вале баррасии ҳамаҷонибаи аҳволу афкори ин ор ифи бузург танҳо дар қарни 20 сурат гирифт.

Таҳқиқи рӯзгору осори ин адибу донишманд ва орифи барҷаста дар Тоҷикистон низ дар нимаи дувуми асри гузашта оғоз ёфт. Донишманди ҷавон Моҳирхӯҷа Султонзода аввалин муҳаққиқи тоҷик буд, ки ба баррасии аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пардохт ва дар ин мавзӯъ рисолаи илмӣ омода намуд. Китоби ӯ «Ҳақиқат дар бораи Ҳазрати Амирҷон», ки соли 1975 ба табъ расид, бори аввал хонандагони тоҷикро бо аҳволу осори адиб ва орифи бузург ошно намуд. Бо он ки дар солҳо дар бораи ирфону тасаввуф сухан рондан дар Тоҷикистон он қадар гуворо набуд, олими ҷавон саъй менамояд, ки баробари баёни шарҳи ҳоли адибу донишианд андешаҳои пешкадами иҷтимоиву ахлоқии ӯро ба қалам диҳад. Ӯ ҳамчунин аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба баргардон ва таҳияи осори вай шурӯъ намуда, барои ба мардум ошно намудани асарҳои ахлоқии орифи бузург саҳми арзанда гузоштааст. Дере нагузашта дар пайравии ӯ як гурӯҳ муҳаққиқон ба аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба тартибу таҳия ва баррасиву таҳқиқи онҳо пардохтанд. Дар ин замина ба хусус кормандони Осорхонаи вилоятии таъриху кишваршиносии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб Иброҳим Ҷалилзода, Раҷаб Асозода, Музаффар Азизов ва амсоли онҳо кӯшиши бештар ба харҷ дода, рисолаву мақолаҳо ба табъ расонданд. Муҳаққиқи ҷавон Ҳотам Асозода таҳқиқи амиқи аҳволу осори адибро ҳадафи худ қарор дода, дар мавзӯи «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва хусусиятҳои адабиву бадеии осори ӯ» рисолаи илмӣ таълиф кард ва соли 2006 онро дифоъ намуд. Ҷустуҷӯйҳои илмии ӯ дар китоби «Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ», ки соли 2006 дар нашриёти «Ирфон» нашр шуд, ҷамъбаст гардиданд. Ҳотам Асозода, ки сарварии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»-ро ба ӯҳда дорад, дар радифи корҳои зиёди ташкиливу созмондиҳӣ ба баррасии масоили мухталифи аҳволу осори адибу орифи бузург машғул аст.

Дар бораи рӯзгор ва осору афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Эрон, Ҳиндустон, Покистон дар солҳои 70—90 асри 20 як силсила тадқиқот ба вуҷуд омаданд, ки «Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ»-и Сайида Ашраф Зафар, «Шоҳи Ҳамадон»-и Сайид Ҳусейншоҳи Ҳамадонӣ, «Аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»-и Муҳаммад Риёз, «Мураввиҷи ислом»-и Парвизи

Азкойӣ, «Солори Ачам»-и Сайид Абдурраҳмони Ҳамадонӣ, «Шоҳи Ҳамадон»-и Шамсиддин Аҳмад аз ҷумлаи онҳо буданд.

Омӯзиши ҷиддиву ҳарҷонибаи аҳволу осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Тоҷикистон, тавре ишора шуд, дар даврони Истиқлол вусъат пайдо кард. Ба хусус пас аз нашри қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҷлили 680-солагии зодрӯзи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таваҷҷӯҳи муҳақиққони соҳаҳои мухталифи илм амсоли фалсафа, адабиётшиносӣ, таърих, забоншиносӣ, ахлоқ, педагогика ба он бештар ҷалб гардид. Ба муносибати ҷашни мазкур дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб рисолаҳои ҷудогонаи адибу ориф чун «Рисолаи қудсия», «Маърифати нафс», «Авроди фатҳия», осори манзуми Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба табъ расиданд, ки дар таҳияи онҳо Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, А. Кӯчаров, И. Сайидиброҳимов, Р. Асозода, И.Ҷалилзода, М.Азизов, С. Ҳасанзода ширкат варзиданд.

Ду ҷилди «Осори мунтахаб»-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таҳияи М.Султонзода, маҷмӯаи мақолаҳои кормандони илмии АИ Тоҷикистон ва устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб таҳти унвони «Аз Авесто то Ҳамадонӣ», ки соли 1995 ба табъ расиданд, тӯҳфаи хубе ба ҷашни мазкур буданд. Ҳамчунин рисолаҳои донишмандони тоҷик Қ. Абдураҳимов, А Маҳмадов, К. Қодиров, ки ба масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшида шуданд, саҳми назаррасе дар ҳамадонишиносӣ ба шумор меравaнд.

Дар китоби Р. Асозода ва Ҳ. Асозода «Пирони кӯҳистони Хатлон», ки соли 2006 ба табъ расид, шарҳи аҳволу осори як зумра орифони пайрави Мир Сайид Алиии Ҳамадонӣ ба қалам дода шуд.

Дарвоқеъ Тоҷикисон тадриҷан ба яке аз марказҳои муҳимми ҳамадонишиносӣ табдил меёбад. Дар муассисаҳои илмии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон, Осорхонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кулоб, Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва итилооти Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ва муассисаҳои дигари илмиву таълимӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба таҳияву нашри осор ва таҳқиқу баррасии аҳволу афкори адибу орифи бузург машғуланд.

Фаслномаи Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон «Рӯдакӣ» соли 1911 шумораи вежаеро ба ҳаёту осори Алии Ҳамадонӣ ихтисос дода буд, ки 13 мақолаи донишмандони тоҷикро фаро гирифта, аз дастовардҳои илмии онҳо гувоҳӣ медод.

Ба муносибати ҷашни 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ осори мунтахаби адиб ва орифи бузург дар ду ҷилд

таҳти унвони «Ганҷи ирфон» нашр шуд. Дар ҷилди аввал, ки дар асоси нусхаи таҳти № 456 Ганҷинаи дастхатҳои АИ ҶТ омода шудааст, ашъори шоир, рисолаҳои «Муродоти девони Ҳофиз», «Рисолаи қуддусия», «Макоримулахлоқ», «Минҳоҷулорифин», «Маърифати нафс», «Рисолаи маномия», «Рисолаи ҳамадония» ва асари бузурги «Захиратулмулук» ҷой дода шудаанд. Ҷилди дувум 27 рисолаи дигари мутафаккирро дар бар мегирад, ки бештар ба масолили фалсафиву ирфонӣ бахшида шудаанд. Дар ин ҷилд ҳамчунин бори аввал тарҷумаи тоҷикии баъзе рисолаҳое, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд, манзури хонандагон мегардад. Дар ҳар ҷилд тавзеҳоту луғатномаи муфассал ҷой дода шудаанд, ки арзиши баланди роҳнамоӣ доранд.Вале бояд тазаккур дод, ки осори шоиру орифи бузург бо ин ҳо маҳдуд намегардад. Тавре муҳаққиқон ишора кардаанд, танҳо дар Китобхонаи Ризо Ромпури Ҳиндустон 63 нусхаи хаттии осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маҳфуз аст. Дар китобхонаи Донишгоҳи Кашмир воқеъ дар шаҳри Сринагар 33 нусхаи хаттии рисолаҳои гуногуни ӯ нигаҳдорӣ мешаванд. Дар китобхонаҳои дигари кишварҳои гуногуни Шарқу Ғарб низ метавон нусхаҳои хаттии осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро дучор омад. Муҳаққиқон мувазафанд, ки ин осори фаровони ориф ва шоири мумтозро ҷамъоварӣ намуда, мавриди баррасӣ қарор диҳанд ыва матни илмиву интиқодӣ ва оммафаҳми онҳоро омода намуда, ба табъ расонанд ва дар асоси онҳо таҳқиқоти пурарзиш анҷом диҳанд.

Ба муносибати ҷашн ҳамчунин китоби нави Ҳ. Асозода «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ: таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адабӣ» ба табъ расид, ки таҳқиқоти муфассалу ҷамъбасткунандаест роҷеъ ба рӯзгору осор, авкору андеша ва сабку шеваи баёни адибу орифи бузург. Дар китоби «Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ»-и Каримҷон Қодиров ва Мирзо Муллоаҳмад ашъори боқимондаи шоир ва мутафаккири барҷаста мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба истиқболи ҷашн китобу мақолаҳои зиёди дигар низ дар интишоротҳои гуногуни ҷумҳурӣ чоп хоҳанд шуд.

Дар рӯзҳои ҷашн баргузории Симпозиуми байналмилалии илмии «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар тамаддуни Осиёи Марказӣ» дар назар аст, ки дар он дар радифи муҳаққиқони тоҷик беш аз 30 нафар донишмандони шинохтаи кишварҳои Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Россия, Амрико, Афғонистон, Ӯзбекистон, Фаронса ва ғайра ширкат ва суханронӣ хоҳанд кард.

Ҷашни 700-солоагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бешубҳа марҳилаи тозаеро дар баррасиву шинохти орифу донишмсанд ва суханвари мумтоз боз мекунад.

# Накудошти инсон дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз зумраи он орифону мутафаккирон ва адибон аст, ки неруи зеҳнӣ ва фаъолияти худро ба шинохти Зоти илоҳӣ ва кашфи асрори робитаи Инсон бо Худо бахшидаанд. Ин мавзуъ дар осори ӯ асосан аз дидгоҳи тасаввуф ва андешаи ваҳдати вуҷуд баррасӣ ва матраҳ шудааст. Инсон аз нигоҳи орифи бузург «мазҳари Ҳақ» ва «нусхаи офариниш»буда, олами сағирро мемонад. Ӯ дар ин бора дар асари маъруфи худ «Захиратулмулук» навиштааст: «Эй азиз, бидон, ки вуҷуди одамӣ нусхаи офариниш аст ва аз ин ҷиҳат ҳукамо онро олами сағир мехонанд».[1] Аз ин ҷост, ки инсон хеле мураккаб буда, дар ниҳоди ӯ неруҳои мухталиф мавҷуданд. Дар симои ӯ муҳимтарин ҷанбаҳои ҳастӣ арзи вуҷуд мекунанд ва ниҳоди ӯ аз сифатҳои неку хислатҳои зишт таркиб ёфтааст. Вале орифи бузург инсонро қабл аз ҳама таҷассумгари сифатҳои илоҳӣ медонад ва ҷавҳари илоҳиро боиси пешрафту такомули ӯ мешуморад:

Ту ҳам рӯҳию ҳам зулмат, ту ҳам феъливу ҳам иллат,
Ту ҳам ақлию ҳам сурат, ту ҳам ҷонию ҳам ҷонон.
Ту ҳам мақбулу ҳам қобил, ту ҳам мафъулу ҳам фоил,
Туӣ масъулу ҳам соил, туӣ ҳам ҷавҳару ҷавлон.
Туӣ ҳам баҳру ҳам гавҳар, туӣ ҳам ҷисму ҳам ҷавҳар,
Туӣ ҳам шаҳду ҳам шаккар, туӣ ҳам маъдану ҳам кон…[2]

Аз нигоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ инсон офаридаи мумтоз буда, ҳамаи мавҷудоти олам тобеи ӯянд ва бояд хидмати ӯро ба ҷо оранд. Инсонро зарур аст, ки қадру эътибори худро донад ва аз табиату олами ҳастӣ барои рушду такомули моддиву маънавии худ истифода намояд :

Абру боду маҳу хуршеду фалак дар коранд,
То ту ноне ба каф ориву ба ғафлат нах(в)арӣ.
Ҳама аз баҳри ту саргаштаву фармонбардор,
Шарти инсоф набошад, ки ту фармон набарӣ.

Иртиботи инсон бо Худо дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам дар ашъор ва ҳам дар рисолаҳои ӯ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Дар маснавии «Ҳафт водӣ», ки дар пайравии «Мантиқуттайр»-и Фаридуддини Аттор навишта шудааст,

андешаҳои ориф дар бораи марҳилаҳои тариқати тасаввуф баён гардида, вазифаву рисолати солик дар ҳар марҳила нишон дода шудааст. Ӯ ҳам мисли Аттор ба масъалаи худшиносии инсон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, онро василаи асосии Худошиносӣ мешуморад:

Ман кӣ бошам, то занам лофи шинохт,
Ӯ шинохт ӯро, ки ӯ худро шинохт.[4]

Дар рисолаи «Даҳ қоидаи сӯфия» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шартҳои асосии иртиботи соликро бо Худованд баён намуда, аз ҷумла тоату ибодат, тазкияву поксозии нафс, тафсияву софии дилу рӯҳ, тавбаву зуҳд, таваккулу қаноат, зикру узлат, сабру тоқат ва муроқибаву ризоро муҳим медонад.

Дар «Рисолаи зикрия» низ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои Худошиносӣ, ки ҳадафи аслии солики роҳи тариқат аст, пеш аз ҳама тарки худпарастиро зарур мешуморад: «То аз худпарастӣ фориғ нашавӣ, Худопараст наметавонӣ буд ва то банда нашавӣ, озодӣ наёбӣ, то пушт ба ҳар ду олам накунӣ, ба одаму одамият нарасӣ ва то аз худ нагурезӣ, ба Худо нарасӣ ва то худро фидо накунӣ, мақбули он Ҳазрат нашавӣ.»[5]

Дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ишқ василаи муҳимми иртиботи инсон бо Худо мебошад. Орифи шоир мухотаби хешро ба роҳи ишқ ҳидоят менамояд:

Биё, дар ишқ маҳрам бош, зеро
Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.
Ту ҳамчун қатра аз дарё ҷудоӣ,
Аз онат дурри ирфон дар шикам нест…[6]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ монанди орифони дигар мақому манзалати ишқро нисбат ба ақл боло медонад. Зеро барои васл на ақлу мантиқ, балки ишқу эҳсос раҳнамову роҳбаладии солик мебошад:

Ишқи ҷонон оташ асту ақл дуд,
Ишқ омад дар гурезу ақл зуд.
Ақл дар савдои ишқ устод нест,
Ишқ кори ақли модарзод нест.[7]

Дар рисолаи «Машориб –ул-азвоқ» низ бартарии ишқ бар ақл таъкид шудааст:

Ба нури ишқ тавон тариқи ҷон рафтан,
Ба пойи ақл дар ин раҳ кай тавон рафтан?[8]

Дар маснавии «Ҳафт водӣ» роҳе, ки солик ба васли Парвардигор мерасад, тасвир шудааст. Шоир таъкид менамояд, ки ин роҳ осону ҳамвор нест ва машаққатҳои зиёд дорад, аз солик саъю кӯшиш, бурдбориву таҳаммул, ранҷу азоб, тамкину устуворӣ, матонату покӣ ва амсоли инҳоро тақозо мекунад:

Ҷидду ҷаҳд ин ҷо бибояд солҳо,
З-он ки ин ҷо қалб гардад ҳолҳо.
Мулк ин ҷо боядат пардохтан,
Ҳол ин ҷо боядат пардохтан.
Дар миёни хун бояд омадан
В-аз ҳама берун бояд омадан.
Чун намонад ҳеч маълумат ба даст,
Дил бибояд пок кард аз ҳар чӣ ҳаст.[9]

Андешаву эҳсосоти зебошинохтии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мафҳуми «ҳусни хулқ» ифода ёфтааст. Ҳусни хулқ маҷмӯи хислатҳои ҳамидаи инсонро дар бар гирифта меъёри таъйини мақому моҳияти ӯст. Дар рисолаи «Захиратулмулук» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз забони Паямбари ислом менависад: «Аввалин чизе, ки дар тарозуи аъмоли бандагон ниҳода шавад рӯзи қиёмат, ҳусни хулқ ва саховат бошад.»[10]

Рукни асосии ҳусни хулқ аз нигоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ некиву накукорӣ мебошад. Ориф ҳамеша некӣ карданро талқин намуда, аз бадиву бадкорӣ дурӣ ҷустанро авло медонад, Дар «Рисолаи қуддусия» ӯ таъкид менамояд: «Эй азиз, бидон, ки то ба касе шафқату некӣ кунӣ, бо дигаре бадиёнатӣ ва бадӣ макун...»[11] Дар «Минҳоҷулори- фин», ки каломи аҳли ҳикмат ва маърифатро ҷамъ овардааст, дар чанд маврид некӣ кардану нек андешиданро таъкид менамояд: «Некӣ андеш, то нимаи некӣ пайдо ояд».[12]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ мисли дигар пайравони тасаввуф ҳатто ба бадӣ некӣ карданро талқин менамояд: «Он кӣ бо ту бадӣ кунад, бо ӯ некӣ кун, то қадри ту биафзояд.»[13] Ӯ дар пайравии шайх Абулқосими Ҷунайдӣ ин сифатро аз хислатҳои ҳамидаи аҳли футувват медонад.

Хислати дигаре, ки аз нигоҳи ориф барои аҳли футувват хеле зарур аст, эҳсону саховатмандист: «Футувват додани ато ва боздоштани бадӣ аст...Яъне ҳақиқати футувват он аст, ки чандон ки тоқат дорӣ, вуҷуди худро сабаби хайру эҳсон ва воситаи роҳати бандагони Ҳақ созӣ ва бар бисоти эҳсон дар муқобили бадон шатранҷи бадӣ набозӣ».[14]

Инсон аз офаридаҳои дигар пеш аз ҳама бо соҳиби илм будани худ имтиёз дорад. Ин нуктаро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам дар ашъор ва ҳам дар рисолаҳояш таъкид кардааст. Дар «Рисолаи ақлия» таъкид шудааст: «Чун назди арбоби уқул муқаррар аст, ки сабаби шарафи рутбату имтиёзи навъи инсон бар дигар ҳайвонот илм аст…»[15]

Дар маснавии «Ҳафт водӣ» мақоми аҳли илм хеле баланд дониста шудааст:

Ҳар ки шуд дар илм соҳибдавлате,
Набвадаш дар роҳ ҳаргиз хиҷлате.[16]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаҳои худ хислатҳои ҳамидаи инсониро амсоли сабру қаноат, покиву ростӣ, ғами дунё нахӯрдану қадри неъмат шинохтан, ҳимматбаландиву фурӯтанӣ, хушхӯиву камозорӣ талқин намуда, хислатҳои зишти кибру ғурур, бухлу ҳасад, худписандиву ҳарисӣ, тамаъкориву кинаварзӣ, ғайбату бадгӯӣ ва амсоли инҳоро мазаммат мекунад. Дар ашъори шоир, ба хусус дар маснавии «Ҳафт водӣ» низ ситоиши хислатҳои нек ва мазаммати хислат -ҳои бад ба назар мерасад. Аз ҷумла дар рубоии мансуб ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ худписандаву худхоҳӣ, кибру ғурури бархе афродро, ки бешак сарватмандону мансабдорон буданд, маҳкум гардида, фурутаниву тавозуъ бо ташбеҳу тамсили содаву муассир тарғиб мешавад:

Айб аст баланд баркашидан худро
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро.
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт
Дидан ҳама касрову надидан худро.[17]

Дар рисолаи «Макоримулахлоқ» ориф ба хислатҳои зишт ишора намуда, бухлу хашм, ҳирсу кина, шаҳвату кибру ҳасадро зикр мекунад ва монеъи иҷрои корҳои нек будани онҳоро таъкид месозад : «Эй азиз, бидон, ки рууси замоим ҳафт аст :

Яке бухлу дувум хашму севум оз,
Чаҳорум ҳиқду панҷум шаҳвату боз,
Шашум кибру ҳасад, ҳар ҳафт ёрат,
Аз ин ёрон халал бигрифт корат.[18]

Сипас дурӣ ҷустан аз онҳо талқин гардида, пазируфтани хислатҳои нек амсоли тавозӯъу карам, қаноат, камозорӣ, парҳез, тоат, ҳикмат таъкид мешавад :

Тавозӯъ, пас карам, он гаҳ қаноат,
Камозорию пас парҳезу тоат.
Дигар ҳикмат, агар ҳастӣ хирадманд,
Гусил з-онҳову бо инҳо ту пайванд.[19]

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ решаи хислатҳои зиштро дар нафси бад дониста, душмани инсон мешуморад ва ба саг монанд мекунад. Ӯ инсонеро, ки бо душмани худ - саги нафс мубориза бурда, ғалаба мекунад, хушбахт медонад:

Гар саги нафси ту ба фармони туст,
Пас, ту яқин дон, ки биҳишт они туст.
Душмани туст ин сагу аз саг батар,
Ишваи душман ту аз ин пас махар…
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қуввати пайғамбарист.[20]

Шоир бо таассуф таъкид мекунад, ки аксари одамон тобеи нафс шуда, умрро беҳуда мегузаронанд. Ӯ идораи нафсро махсусан, барои шоҳон хеле заруp мешуморад: «Эй азиз, подшоҳ вакилу амини хазонаи Ҳақанд. Бар ту бод, ки дар хазонаи Ҳақ ба ҳавои нафс ва тасвили шайтон тасарруф накунӣ. Ва он чӣ гирӣ, ба ҳақ гирӣ ва ҳақ ба мустаҳақ расонӣ, то дар азобу фазиҳат ва фазаъи акбар дар намонӣ».[21]

Андешаҳои ахлоқиву тарбиявӣ ва роҳнамоиву ҳидоятҳои ӯ танҳо ба соликони тариқат маҳдуд намешаванд ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро фаро мегиранд. Дар рисолаи «Захиратулмулук» боби ҷудогонае ба «шарҳи силтанат ва вилоят ва аморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат» ихтисос дода, муаллиф пеш аз ҳама барои ҳокимон адлу эҳсонро зарур мешуморад: «Эй азиз, чун аз ин ҷумла, ки гузашт, маълум кардӣ, ки анбиё ва хулафои рошидин, разияллоҳу анҳум, дар салтанат ва подшоҳӣ чӣ гуна будаанд ва чӣ гуна зиндагонӣ кардаанд, бо вуҷуди қудрат ва подшоҳӣ ва хазоин чӣ гуна бар нафси худ танг мегирифтаанд ва дар нашри осори маъдалат ва шафқат ва эҳсон бар халқ мекӯшидаанд…»[22]

Дар «Рисолаи қуддусия» Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин маврид андешае баён кардааст, ки хеле ҷолиб буда, онро баъдтар Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳам идома додааст: «Дар ҷузъ аст, ки аввал чизе, ки дар рӯзи қиёмат савол кунанд, намоз аст, аммо подшоҳонро аввал чизе, ки савол кунанд, аз адлу эҳсон бувад.»[23] Абдурраҳмони Ҷомӣ ин андешаро такмил дода, дар дар маснавии «Саломон ва Абсол» таъкид мекунад, ки барои осоишу ободии мулк на диндории шоҳ, балки адолати ӯ зарур аст:

Нуктаи хуш гуфтааст он дурбин:
Адл дорад мулкро қоим на дин!
Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фаре
Мулкро аз золими диндор беҳ

Дар «Баҳористон» низ ин матлаб таъкид шудааст:

Адлу инсоф дон, на куфру на дин
Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро

Беҳтар аз зулми шаҳи диндор аст

Қобили тазаккур аст, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ ҳамеша зулму ситамро маҳкум намуда, шоҳонро ба адлу инсоф даъват мекунад:

Подшоҳӣ завқи маънӣ бурдан аст,
Не ба зӯру зулм дунё хӯрдан аст.[25]

Тавре ки зикр шуд, дар таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ меҳвари асосӣ «ҳусни хулқ» аст, ки ҳамаи сифатҳои некро дар бар мегирад. Ӯ ҳусни хулқро барои ҳамаи афроди ҷомеа, ба хусус, ҳокимон зарур мешуморад. Бесабаб нест, ки ӯ боби савуми дастури ахлоқии худ «Захиратулмулук»-ро «Дар макорими ахлоқ ва ҳусни хулқ ва вуҷуби тамассуки ҳоким ва подшоҳ» номгузорӣ кардааст. Барои ташаккули ҳусни хулқ орифи шоир тарбиятро хеле муҳим ва муассир медонад. Аз ин ҷост, ки дар осори ӯ ба тарбияи фарзанд таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир шудааст, ки ин мавзӯи баҳси дигар аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ташаккули ахлоқии инсон таъсири муҳитро таъкид менамояд. Сӯҳбат бо одамини нек ва ҳамнишинӣ бо онон ба инсон камол мебахшанд :

Камол аз сӯҳбати мардон тавон ёфт,
Дур (р) аз дарёву лаъл аз кон тавон
Дило, дар сӯҳбати аҳли сафо бош,
Чу сӯҳбат ёфтӣ, аҳли вафо бош.[26]

Ба ин минвол Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаҳои хурду бузург ва ашъори камшумори худ ба ҳар масъалае ворид шавад, ҳамеша инсонро дар мадди назар дорад ва бузургиву накӯдошти ӯро таъкид менамояд.

**Пайнавишт**

[1]Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 220.

[2] Каримҷон Қодиров, Мирзо Муллоаҳмад. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Душанбе, «Ирфон», 2015, с. 114.

[3] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 281.

[4] Ҳамон ҷо, с. 57.

[5] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 2, Душанбе, 2015, с. 230.

[6] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 50.

[7] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 2, Душанбе, 2015, с.85

[8] Ҳамон ҷо, с. 180.

[9] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 72.

[10] Ҳамон ҷо, с. 169.

[11] Ҳамон ҷо, с. 96.

[12] Ҳамон ҷо, с. 103.

[13] Ҳамон ҷо, с. 108.

[14] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи футувват, таҳияи А. Раҳмонов, Душанбе, 1995, с. 146.

[15] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 2, Душанбе, 2015, с. 146.

[16] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 63.

[17] Ҳамон ҷо, с. 54.

[18] Ҳамон ҷо, с. 97.

[19] Ҳамон ҷо, с. 99.

[20] Ҳамон ҷо, с.302.

[21] Ҳамон ҷо, с. 95.

[22] Ҳамон ҷо, с. 206.

[23] Ҳамон ҷо, с. 94.

[24]Андарзномаи Ҷомӣ,мураттибон М.Муллоаҳмад, М.Хуҷова, Душанбе, 2014, с.7.

[25] Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон, ҷилди 1, Душанбе, 2015, с. 149.

[26] Ҳамон ҷо, с. 100.

## Ҳасани Деҳлавӣ-устоди ғазал

Амир Наҷмиддин Ҳасан ибни Алои Сиҷзии Деҳлавӣ аз суханварони маъруфи форсизабони Ҳиндустон аст, ки дар рушди адабиёти Эрон саҳми бузург гузоштаанд. Ва шоир ва нависандаи хеле пуркор буда, назар ба қавли муаррихи муосираш Зиёуддини Баранӣ дар «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» ӯро таълифоти назму наср бисёр аст… ва Амир Ҳасанро низ чанд девон аст ва саҳоиф ба нас рва маснавиёт бисёр аст.[1]

Вале то имрӯз на ҳамаи осори ӯ боқӣ мондааст. Аз осори Ҳасани Деҳлавӣ беш аз 1500 ғазал боқӣ мондааст, ки ба маҳорати баланди ӯ дар сурудани ин навъи шеър гувоҳӣ медиҳад. Дарвоқеъ Ҳасани Деҳлавӣ дар таърихи адабиёти форсизабон беш аз ҳама бо ғазалиёти худ маъруф аст. Устодии ӯро дар ғазалсароӣ ҳамаи муҳаққиқони осораш таъйид кардаанд. Аз ҷумла Забеҳулло Сафо навиштааст: «Вай (Ҳасани Деҳлавӣ – М.М.) агарчи қасоиди мутааддид ба истиқболи сухангӯёни пеш аз худ дорад, вале аҳамияту шӯҳраташ дар ғазалсароист».[2]

Ҳарчанд роҷеъ ба аҳволу осори Ҳасани Деҳлавӣ дар Ҳиндустон, Эрон, Тоҷикистон, Русия ва кишварҳои Аврупо як силсила рисолаву мақолот ба табъ расидаанд, вале ғазалиёти ӯ ҳанӯз мавриди тадқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст ва маҳорату хидмати ӯ дар рушди ин навъи шеър нишон дода нашудааст. Зимнан ин ҷо бояд аз ду муҳаққиқи аҳволу осори Ҳасани Деҳлавӣ дар Шӯравии собиқ ёдовар шуд. Донишмандони тоҷик Муҳаммадвафо Бақоев ва Лола Саломатшоева бори аввал хонандагони тоҷикро соли 1965 бо мунтахаби осори шоир шинос намуданд. Л.Саломатшоева таҳқиқи осори шоирро идома дода, нусхаи девони ӯро, ки дар Китобхонаи ба номи Салтиков-Шедрини Петербург маҳфуз буда, соли 1022 ҳ. китобат шудааст, ба

тариқи аксӣ чоп намуд. Ӯ ҳамчунин ду рисола дар бораи афкори фалсафии шоир ба табъ расонда, дар мавзӯъи андешаҳои фалсафии Ҳасани Деҳлавӣ рисолаи докторӣ дифоъ намуд.

Дар ин мақола роҷеъ ба баъзе вежагиҳои ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ мулоҳизаҳо баён мегардад.

Тавре ки ҳамаи муҳаққиқони осори шоир таъйид кардаанд, мавзӯи асосии ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ ишқ аст. Дар ғазалҳои шоир васфи зебоиву ҳусни зоҳирии маъшуқ, тасвири дарду ранҷҳои ошиқ, бевафоиву бадаҳдии маъшуқу аҷзу нотавонии ошиқ, шодии висолу ғами фироқ ва амсоли инҳо хеле барҷаставу шево сурат гирифтааст.

Маъшуқи ғазалҳои Ҳасани Деҳлавӣ қабл аз ҳама зеборухи заминист, ки дар ҳусну малоҳат беҳамтост:

Эй, ки то даври олам аст, наҷод,
Аз ту зеботар одамизоде.[3]

Ошиқ дар ғазалҳои шоир аксаран ранҷуру дардманд аст, насиби ӯ азобу дарди ишқ аст:

Эй Ҳасан, ошиқ шудӣ роҳат маҷӯ,
Гандумат надҳанд, чун ҷав коштӣ.[4]

Аз ин ҷост, ки ошиқ дар ғазалҳои Ҳасан бештар ба саг монанд карда мешавад, ки рамзи беқадриву хорӣ, ситамкашиву ранҷурӣ ва ҳамчунин садоқату вафодорист:

Гар саги кӯи худам хонӣ шабе,
Бошад он шаб рӯзи бозори ман аст.
***
Саги он остон Ҳасан будаст,
Гарчи саг буд, одамиваш буд.
***
Ба садри шиста, қадаҳ хӯрда шергир шуда,
Аз ин камина – саги остон намепурсад.
***
Бад-ӯ гуфтам, ки худро менамоям чун саге пешат,
Ҷавобам доду гуфто худнамоёнро кӣ мепурсад?
***
Эй, ман саги кӯи ту мазан санги ҷафоям,
Донӣ, ки маро ҷу дари ту ҳеҷ даре нест.[5]

Байти охир ғазали машҳури Камоли Хуҷндиро ба ёд меорад,

ки намунаи барҷастаи ин қабил тасвирҳо ба шумор меравад:

Эй ман саги кӯи ту, афв кун ин худписандиам.[6]

Зимнан бояд гуфт, ки муҳаққиқон Камоли Хуҷандиро бунёдгузори чунин тасвирҳо донистаанд. Вале мисолҳои фаровне, ки дар ғазалҳои боқимондаи Ҳасани Деҳлавӣ ба назар мерасанд, далолат бар он мекунанд, ки дар чунин тасвирҳо ӯ бар Камоли Хуҷандӣ тақаддум дошта, асар гузоштааст.

Ҳасани Деҳлавӣ дар ғазал бештар дарди ишқро ба тасвир гирифтааст ва инро худи шоир аз вежигиҳои ашъораш медонад:

Дӣ як ғазали дардфизо дар назараш буд,
Мегуфт ба ёрон, ки тариқи Ҳасан аст ин.[7]

Дар иддае аз ғазалҳои шоир тасвири ишқи илоҳӣ, ки бо ишқи заминӣ пайваста аст, ба назар мерасад. Вале оҳангҳои тасаввуфӣ дар ғазалҳои ӯ мавқеи асосӣ надорад. Ва ӯро «шоири сӯфӣ» номидани баъзе муҳаққиқони осори шоир амсоли Лола Саломатшоева ва аз ғазалҳои у ҷустани фақат «рамзҳои тасаввуфӣ» ба назари мо дуруст нест. Ҳамчунин кӯшишҳои ӯ бобати нишон додани  таъсири фалсафаи Ибни Сино дар андешаи Ҳасани Деҳлавӣ роҷеъ ба ишқ бунёд далеле надорад. Аз ин рӯ таъкиди зерини М.Бақоев дар ин бобат дуруст мебошад: «Ғазалиёти шоир равон, зебо, дилкаш ва латиф буда, масъалаҳои ишқу ошиқӣ дар онҳо аз таҳти дил суруда шудааст ва тарзи сӯфиёна дар каломи ӯ камтар дида мешавад».[8] Дар воқеъ ҳарчанд Ҳасани Деҳлавӣ ба тасаввуф гаравида, тариқи чиштияро пайравӣ мекард ва ба пири ин маслак Низомиддин Авлиё қаробату иродати зиёд дошт, вале дар ғазалиёти худ ӯ пойбанди ишқи заминӣ буда, андешаҳои фалсафиву тасаввуфиро дар асари дигараш «Фавоидулфуод» баён кардааст.

Дар ғазалҳои Ҳасани Деҳлавӣ баёни масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ низ камтар ба назар мерасанд. Шоир танҳо чанд ғазали худро ба шикоят аз замонаву беадолатиҳои давр ихтисос додааст. Аз ҷумла дар ғазалҳое, ки бо матлаъҳои зер шурӯъ мешаванд, шикояту эътирофи шоир баён шудаанд:

Бӯи роҳат дар ҳама олам намонд,
Одамият дар бани одам намонд…

Фалак бо кас дили якто надорад.
Зи сад дида яке бино надорад.[8]

Ғазалҳои ҷудогонаи Ҳасани Деҳлавӣ ба масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқӣ истисос дода шудаанд. Масалан, дар ғазали зер шоир хитоб ба хоҷае намуда, ӯро ба адлу инсоф, тарки ҳавову ҳавас, ёрӣ ба заифон, некиву накӯкорӣ даъват мекунад:

Машав, эй хоҷа, аз ин беш гирифторис,
Ки бақое надиҳад мӯҳлати даҳрӯза ба кас…
Гар ту имрӯз ба фарёди заифе нарасӣ,
Нарасад рӯзи пасин низ ба фарёди ту кас.[80]

Дар зимни ғазалҳои Ҳасани Деҳлавӣ абёти пандомезе ба назар мерасанд, ки андарзҳои ҳакимонаи устод Абӯабдуллоҳ рӯдакиро ба хотир меорад:

Ҳар к ин-омад зи хештан берун,
Ӯ ба мақсуди хештан нарасид.[11]

Васфи баҳор низ дар ғазали зайли Ҳасани Деҳлавӣ рӯдакивор хеле соддаву равон сурат гирифтааст:

Боз фасли баҳор меояд,
Ҳама асоби кор меояд.[12]

Тавре ки аз ишораҳои худи шоир бармеояд, ӯ дар ғазалсароӣ беш аз ҳама ба Саъдии Шерозӣ пайравӣ доштааст:

Ҳасан гуле зи гулистони Саъдӣ овардааст,
Ки аҳли маънӣ гулчини он гулистонанд.
***
Гар бинӯшӣ дурдии хумхонаи дард, эй Ҳасан,
Доди маънӣ шеваи Саъдии Шерозӣ диҳӣ.
***
Дар хуми маънӣ Ҳасанро шираи нав рехт ишқ,
Шира аз хумхонаи масте, ки дар Шероз буд.
***
Дар назми Ҳасан нав шуд дебочаи ҳусн, оре,
Чилди суханаш дорад шерозаи Шерозӣ.[13]

Ба пайравии Ҳасани Деҳлавӣ ба Саъдии Шерозӣ яке аз муосирони Ҳасан муаллифи китоби «Сайрулавлиё» Мавлоно Сайид Муҳаммад Муборак Алавии Кирмонӣ ҳам чунин ишора

кардааст: «Ва сухани ин бузург (Ҳасани Деҳлавӣ-М.М.) чошнии Шайх Саъдиро дорад».[14]

Аз ин ҷост, ки Ҳасани Деҳлавӣ бо лақаби «Саъдии Ҳиндустон» маъруф гаштааст. Забеҳулло Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» сухани худро роҷеъ ба Ҳасани Деҳлавӣ бо ибораи «Саъдии Ҳиндустон» шурӯъ намудааст.[15] Масъалаи пайравии Ҳасан ба Саъдӣ мавзӯи баҳси ҷудогона буда, ин ҷо бо таъкиди ин нукта иктифо мешавад, ки ин пайравӣ на танҳо дар тазмини миссраъу абёти Саъдӣ дар ғазалҳои шоир, ки зиёд нест, балки дар маъниву матлаб, сувари хаёлу тасвирҳо ва оҳангу шеваи баёни ӯ бармало мегардад.

Ҳасани Деҳлавӣ дар зимни ғазалиёташ борҳо ба тарзи хоси суханаш, яъне сабки тозаи худ ишора кардааст:

Дигар карданд хубон шеваи ҳусн,
Ҳасанро ҳам сухан тарзи дигар шуд.
***
Ин тарз шеваи Ҳасан аст варна пеш аз ин
Чандин шакар ба арсаи Ҳиндустон набуд.[16]

Дар қитъае ӯ тафовут доштани тарзи суханашро аз шеваи баёни шоири бузурги муосираш Амир Хусрави Деҳлавӣ таъкид намудааст:

Хусрав аз роҳи карам бипзирад,
Он чи ман-банда Ҳасан мегӯям.
Суханам чун сухани Хусрав нест,
Сухан он аст, ки ман мегӯям.[17]

Ба тарзи хоси сухани Ҳасани Деҳлавӣ адибону донишмандони дигар, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ ишора кардаанд, вале вежагиҳои ин тарзи баён ҳанӯз мавриди баҳс қарор нагирифтааст ва ба таври мушаххас нишон дода нашудааст. Ҳоло бо зикри чанд нукта дар ин маврид иктифо мешавад.

Тавре ки маълум аст, яке аз аносири ташкилкунандаи сабки осори ҳар шоир санъатҳои бадеист, ки тавассути онҳо маъниву матлаб ба таври барҷаставу муассир баён мегардад. Санъати таҷние аз ҷумлаи санъатҳои дӯстдоштаи Ҳасани Деҳлавист, дар ғазалҳои ӯ ки хеле соддаву равон корбаст шудааст:

Пас аз дере ту пешам омадастӣ,
Бидеҳ бода, ки бе он умр бод аст.
***

Турки ман дӣ каманд меандохт,
Банд бандам ба банд меандохт.
***
Эй кашида чу яке сарви саҳӣ боло рост,
Рост бар шакли най, лек най бо мо рост.[18]

Дар ғазали зер санъати таҷние дар саросари шеър пайваста бо саноеъи дигар чун такрор ва ташхис омада, соддагӣ ва лутфи суханро афзудааст:

Зи чашмат чашми он дорам, ки аз чашмам наяндозад,
Ба чашмонат, ки чашмонам ба чашмони ту менозад.
Закоти чашм чашме кун ба сӯи чашмам аз чашмат,
Ки чашмамро ба ҷуз чашмат дигар чашме намесозад.
Равон гардад паи чашмат зи чашмам чашмаҳои хун,
Агар чашми ту чашмамро зи чашми худ бияндозад.
Зи чашмат чашм баргирам чу чашмат гӯшае гирам,
Ки бо чашми ту чашми ман ту гӯӣ чашм мебозад.
Ҳасан то дид чашматро ба чашмат ҳар замон чашме,
Ба чашмак мезанад чашме, агар чашми ту бинвозад.[19]

Киноя ву рамз аз воситаҳои нисбатан мураккабу душвор фаҳм буда, дарки онҳо таамму қу тааммул мехоҳад. Вале рамзҳои ғазалиёти Ҳасан хеле сода ва осонфаҳманд. Масалан, дар ғазали хер ситамгариву ҳолимӣ, бадаҳдиву тороҷгарии ҳокимони турку муғул ба тариқи рамз хеле нишонрас баён шудааст:

Хубиву туро вафо набошад,
Дар тира дилат сафо набошад.
Султони бутони аҳдӣ имрӯз,
Дар аҳди бутон вафо набошад.
Чашмат ҷигарам будухт оре,
Турк аз таракӣ ҷудо набошад.

Дар назари аввал ин ғазали ошиқона аст ва ба маъшуқи бевафову бераҳм ихтисос дорад. Вале агар андаке тааммул кунем, пай бурдан душвор нест, ки ҳалафи шоир пеш аз ҳама ҳокимони давр аст. Зеро дар байти дуввум ҳато вожаҳои султон ва бутро истифода кардааст, ки бешак ишораест ба ҳокимони бутпарасти муғул, ки дар зулму ситам беназир буданд. Дар байти дигар ба бегона будани онҳо низ ишора шудааст:

Ақлам шуду ишқ монд, оре,

Бегона чу ошно набошад.[20]

Ҳамчунин дар ин ғазал ишора ба тороҷгирӣ, тирзанӣ, нокасӣ, бадаҳдӣ ва ғайра ҳаст, ки хоси чингизиёни истилогар буд.

Унсури дигари хеле муҳимми сабк ин забон ва алфоз аст. Тавре ки ҳамаи муҳаққиқони осори шоир таъйид кардаанд, забони ғазалҳои Ҳасани Деҳлавӣ бо соддагиаш мумтоз аст. Истифодаи калимаву ибора ва таъбирҳои гуфтугӯии мардумӣ ё алфози омиёна ба соддагиву таровати ғазалҳои шоир ҳусни тоза афзудаанд:

Ман надонам, худ чӣ созам ҳила то бинам туро,
Ҷон ба лаб омад дар ин, охир биё, бинам туро.
***
Нест имрӯз ҳеҷ хуш маро,
Пуртарак додаанд дӯш маро.
***
Чашми ҳама пайваста ба абрӯи ту бинам,
Нози маҳи нав якшабаке беш набошад.[21]

Феъли «кушодан» дар гуфтугӯи мардум маъниҳои гуногун дорад, ки Ҳасан дар ғазали зер онҳоро моҳирона истифода кардааст:

Сари зулфаш агар кушода шавад,
Корҳо сар ба сар кушода шавад.
Зулфаш аз мушк мушк аз хун аст,
Ҳам ба хуни ҷигар кушода шавад.
Рӯи ман диду ханда кард, оре,
Ҳама тангӣ ба зар кушода шавад…
Дари давлат гирифта бош, Ҳасан,
Ту чӣ донӣ, магар кушода шавад.[22]

Худи Ҳасан ба маншаи мардумӣ доштани ибораву таъбирҳо, зарбулмасалу мақолҳои ашъораш ишора кардааст:

Биҳил, мастона дар поят шавам паст,
Масал нашнидаӣ мастиву пастӣ.[23]

Тавре ки мебинем, ҳам дар карбурди санъатҳои бадеӣ ва ҳам дар истифодаи алфоз вежагии асосии ғазалҳои Ҳасани Саҷзии Деҳлавӣ соддагист. Ба ин вежагии ғазалиёти шоир ҳанӯз донишманди муосир ва дӯсти ӯ Мавлоно Зиёиддини Баранӣ дар китоби «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» ишора карда буд. Баъдтар шоир ва

донишманди бузург Абдуррахмони Ҷомӣ тарзи хоси ғазалҳои Ҳасани Деҳлавиро саҳми мумтанеъ номид: «Хоҷа Ҳасанро дар ғазал тарзи хос аст. Аксар қофияҳои тангу радифҳои ғариб ихтиёр намуда, лоҷарам аз иҷтимои онҳо шеъри вай агарчи дар бодҷурраъй осон менамояд, аммо дар гуфтан душвор аст. Бинобар ин ашъори вайро «саҳм мумтанеъ» гуфтаанд».[24]

Дарвоқеъ соддагӣ на танҳо дар шеваи баён, балки дар маъниву мӯҳтаво ва тору пуди ғазалҳои шоир ба назар мерасад.

Ҳамчунин соддагӣ ё худ саҳли мумтанеъ ваҷҳи муштарак миёни ғазалҳои Ҳасани Деҳлавӣ ва Саъдии Шерозӣ буда, лақаби «Саъдии Ҳиндустон» низ бешак ба ҳамин далел аст.

Ба ин тартиб саҳли мумтанеъ аз вежагиҳои тарзи хоси ғазалҳои Саъдии Шерозиву Амир Ҳасани Деҳлавӣ аст, ки аз шеваи ғазалсароии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маншаъ мегирад ва яке аз омилҳои мондагароии забону адаби форсӣ дар дарозои асрҳо то имрӯз аст.

**Пайнавишт**


1.Ҳасани Деҳлавӣ. Мунтахабот, мураттибон М.Бақоев, Л.Саломатшоева, Душанбе, Ирфон, 1965, саҳ.7.

2. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ.3, бахаш 2, Теҳрон, чопи ёздаҳум, 1378, саҳ.526.

3. Ҳасани Деҳлавӣ. Мунтахабот, саҳ.285.

4. Ҳамон ҷо, саҳ.290.

5. Ҳамон ҷо, саҳ. 73, 123, 154, 173, 52.

6. Ҳамчунин ниг., саҳ. 22, 31, 95, 134, 217, 252, 265.

7. Ҳамон ҷо, саҳ. 269.

8. Ҳасани Деҳлавӣ. Мунтахабот, саҳ.166, 171.

9. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV, Душанбе, Дониш, 1983, саҳ.186.

10. Ҳамон ҷо, саҳ. 202.

11. Ҳамон ҷо, саҳ. 160.

12. Ҳамон ҷо, саҳ. 103.

13. Ҳамон ҷо, саҳ. 9.

14.Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, чопи мазкур, саҳ.825.

15. Ҳамон ҷо, саҳ. 817.

16. Ҳамон ҷо, саҳ. 157, 165.

17. Ҳамон ҷо, саҳ. 293.

18. Ҳамон ҷо, саҳ. 37, 38, 54.

19. Ҳамон ҷо, саҳ. 85.

20. Ҳамон ҷо, саҳ. 104.

21. Ҳамон ҷо, саҳ. 27, 30, 139.

22. Ҳамон ҷо, саҳ. 100.
23. Ҳамон ҷо, саҳ. 281.
24. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, саҳ.527.

## Вассофи зебоии инсон

Дар ашъори латифу рангин ва фасеҳу дилнишини ғазалсарои мумтозу орифи шӯҳратманд Шайх Камолиддини Хуҷандӣ низ бузургдошти инсон ва тасвири ситоиши он мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ин шоири хушилҳону орифи ҳақбин дар ғазалиёти дилнишини худ, ки дар латофату малоҳат беназир аст, ҳусну ҷамоли дилкаш, нозу ишваи беғаши маъшуқ, ишқи пуршӯру дилбастагии пурсурури ошиқро ба маъшуқи заминиву зоти поки илоҳӣ бо шевотарин суханҳои рангин ба ҷилва овардааст.

Ба мақоми баланди инсон дар ашъори Камоли Хуҷандӣ дар асарҳои С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, И.С.Брагинский, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, Эраҷи Гулисурхӣ, Б. Мақсудов ишораҳо шудааст. Ш. Ҳусейнзода нақши зебоиро дар тасвири инсон дар ашъори Камол таъкид карда наиштааст: «Дар ғазалҳои ӯ (Камол – М.М.) ба назар чунин мерасад, ки зебоии ҳақиқӣ баландтарин ва пурбаҳотарин неъматҳо дар олам аст. Маҳз аз рӯи ҳамин ҳам, бисёр ғазалҳои Камол аз таърифи ҳусни зебои маъшуқа иборат шудаанд».[1]

Вале ин масъала мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст ва моҳияти он дар ашъори шоир ҳарҷониба ошкор нагаштааст.

Худи Камоли Хуҷандӣ яке аз ҳадафҳои асосиашро дар ғазал васфи зебоии инсон донистааст:

Чун қасди Камол аз ғазал он сурати зебост,
Шеъри тари чун об нагӯем, чӣ гӯем.[2]

Зебоии инсон дар ашъори Камол беш аз ҳама дар симои маъшуқ таҷассум ёфтааст. Маъшуқ ганҷинаи ҳусну малоҳат ва зебоиҳои олам буда, дилҳои ошиқонро шефтаву мафтун кардааст:

Ту ганҷи ҳусниву бас хонаи дил,
Ки аз шавқи чунин ганҷе хароб аст.[3]

Маъшуқ олиҳаи ҳусну зебоӣ буда, дорои беҳтарин сифатҳои зоҳирии инсонист:

Симинбаданӣ, сарвқадӣ, пистадаҳонӣ,
Ҳар васф, ки ояд ба забонам, беҳ аз онӣ.
Ороми дилӣ, дафъи ғамӣ, марҳами дардӣ,
Ёри куҳанӣ, умри навӣ, мӯниси ҷонӣ.[4]

Зебоии маъшуқ беҳамтост ва ҳеҷ падидаи табиату ҳастӣ ва ҳатто париёни афсонавӣ ҳам ба он баробарӣ карда нмаетавонанд:

Парӣ ба ҳусну латофат надошт бо ҳама ҳол,
Ҳар он чи дар рухи туст, эй маҳи ҳуҷаста ҷамол5

Ҳусну ҷамоли маъшуқ аз зебоиву латофати узвҳои ӯ ба вуҷуд омадааст. Ҳар узв латофату малоҳати ба худ хос дорад ва ба ҳусни маъшуқ зебоиву таровати тоза мебахшанд:

Зиҳӣ бадояти ҳусни рухат ниҳояти лутф,
Хати ту ҳуҷҷати ҳусну лаби ту ояти лутф.
Беҳ аз ниҳояти ҳусни гул асту хандаи ӯ,
Даҳони танги ту чун ғунча дар бадояти лутф6

Аз узвҳои маъшуқ беш аз ҳама рӯй, зулф ва қад таваҷҷӯҳи ошиқро ба худ кашидаанд. Бахусус рӯи маъшуқ маҷмаъу маркази ҳусн буда, зебоиву латофати узвҳои дигарро ҳамоҳанг месозад:

Нуктаи холу хатат оёти ҳуснанду ҷамол,
Як-як он оётро он рӯи зебо ҷомеъ аст.[7]

Аз ин ҷост, ки рӯи маъшуқ рамзу мазҳари зебоӣ дониста мешавад:

Рӯй нанмуда гирифтам, ки равӣ аз бари мо,
Ба куҷо мебарӣ ин хубиву зебоиро?[8]
Камоли борҳо дилбастагии худро маҳз ба рӯи маъшуқ таъкид намуда, аз ҷумла дар мақтаи ғазале навиштааст:

Рӯй ороста бинмой хусусан ба Камол,
Ки ту хос аз паи аҳли назар оростаӣ.[9]

Дар ғазалиёти шоир рӯи зебои маъшуқ чун чароғи хонаи дили ошиқ, Каъбаи ҳусну матлаъи ҷамол, тимсоли зебоиву тафсири оёти кашшофи ҳусн ба қалам омадааст. Бинобар ин чунин рӯи зебо эҳтиёҷ ба ҳеҷ ороишу пероише надорад:

Васфи рӯи ту Камол ар накунад нуқсон нест,
Набувад хоҷати машшота рухи зеборо.[10]

Зебоии рухи маъшуқ мусаллам аст ва онро касе наметавонад инкор кунад:

Камол он чи гӯӣ аз он рӯи зебо
Ба рӯяш, ки ҷуз хубу зебо нагӯӣ.[11]

Маъшуқ ҳар қадар зебову дилрабост, ба ҳамон андоза бераҳму пурҷафост:
Ҳусн бас ёри маро, меҳру вафо гар нест, нест,
Ошиқонро тоқати ҷавру ҷафо гар нест, нест.[12]

Маъшуқ фитнагару сангдил, аҳдшикану бевафо буда, ба ҳоли ошиқ раҳме надорад. Аз ин рӯ ошиқ орзуманди он аст, ки хислатҳои ботинии маъшуқ ба зоҳири зебои ӯ созгор гардад:

Соҳиби рӯи накӯро ба ҳама ҳол, ки ҳаст,
Расми дилҷӯиву оини вафодорӣ беҳ.[13]

Зеро аз назари шоир ҳусни ахлоқ, яъне хислатҳои неку ҳамидаи ботинии инсон аз ҳусну ҷамоли зоҳирӣ авлотару бартар аст:

Ба ҳусни хулқ бистон дил зи ушшоқ,
Ки ваҷҳи аҳсан омад ҳусни ахлоқ.[14]

Ошиқ на танҳо ба ҷавру ҷафои маъшуқ бурдбор аст, балки даст аз домани ӯ барнамегирад ва бо тамоми ҳастӣ хоҳони ранҷу ситами ӯст:

Гуфтаӣ: «Хун резамат то душманам дорӣ, Камол»,
Ман худ аз баҳри чунинҳо дӯст медорам туро.

Дӯст медорад дилам ҷавру ҷафои дӯстро,
Дӯсттар аз ҷону сар дорад балои дӯстро.[15]

Ба хусус ошиқ аз рӯи зебоимаъшуқ ҳеҷ дил канда наметавонад ва ҳамеша майли дидори онро дорад. Вале зулфи маъшуқ монеи васл аст ва ба ошиқ мушкилоту гирифториҳо пеш меорад:

Эй аз ҳадиси зулфи туам бар забони гиреҳ,
Бикшой бурқа аз руху аз зулф он гиреҳ.
Чашмам гуле начид зи боғи рухат ҳанӯз
То кай занад ду зулфи ту бар абрувон гиреҳ.

Дар айёми бадҳолӣ аз ҷаври зулф
Рухат кард ба мо басе некӯӣ.[16]

Камол борҳо таъкид кардааст, ки маъшуқи ӯ шоҳи хубон буда, аз ҳама зебост. Ӯ пеш аз ҳама дорои ҳусну ҷамоли табиии худодод аст. Маъшуқ инсони заминиест, ки монанди маъшуқи Ҳофиз рӯи гандумгун ё худ чеҳраи сиёҳҷурда дорад:

Ёри хирмансӯзи мо гӯ, рӯи гандумгун бипӯш,
В-арна хоҳад сӯхт хирман ҳар киро ақл ҳасту ҳуш.
Рӯи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чи шуд ёр инчунин гандумнамои ҷавфурӯш.[17]

Маъшуқ миёни борик, лабони шаккарин, абрӯи чун камон, мижгони тирмонанд, қади чу сарву рӯи ба сони моҳу офтоб дорад. Дар баробари ин дар аксари ғазалҳои шоир маъшуқ ё дӯст бештар симои таҷридӣ дошта, соҳиби сифатҳои илоҳист.

Мо ба савдои ту доман зи ҷаҳон барчидем,
Меҳнати ишқи ту бар роҳати ҷон бигзидем.

Камол дар ин зумра ғазалҳо шефтаи ҳусни беамсоли илоҳист, ҳусне, ки таҷаллигоҳи ҳама зебоиҳои оламу одам аст. Васфу ситоиши ҳусн аз иқтидори ҳар суханвар берун аст:

Натавонад, ки кунад васфи ҷамоли ту Камол,
З-он ки ҳаст оинаи ҳусни ту берун зи сифот.

Зимнан бояд гуфт, ки дар ин бобат муҳаққиқони осори шоир андешаҳои гуногун ва зидду нақиз баён кардаанд. Аз ҷумла донишманди эронӣ Эраҷи Гулисурхӣ дар муқаддимаи девони шоир дар ин бора баҳс кушода, дуруст таъкид мекунад: «Гурӯҳе бо такя ба андешаҳои сӯфиёнаи он даврон эътиқод доранд. Дар ашъори Камол ишқ баёнкунандаи андешаҳои орифона аст... Ва гурӯҳи дигар ба хусус пажӯҳишгарону донишмандони ҳафтод соли охир ҳама он ишқро ба ғамзаи чашму абрӯе вобаста медонанд...»[18]Вале, мутаассифона, таҳқиқи назари худи шоирро идома надода, Эраҷи Гулисурхӣ ҳам ба гурӯҳи аввал ҳамроҳ мешавад ва ифодаи ишқи заминиро дар ғазалиёти Камол нодида гирифта, ишқияҳои шоирро комилан орифона медонад. Донишманди тоҷик Х. Мирзозода ҳарчанд бо мисолҳои фаровон маъшуқи заминӣ будани образи лирикии аксари ғазалҳои Камолро нишон медиҳад, вале ӯ дугонагии симои маъшуқро дар куллияи ғазалиёти шоир таъйид намуда менависад: "Пас дар ғазалҳои Камол маъшуқа ботинан Худо, зоҳиран одамонро ифода менамояд, ки онҳо зуҳуроти рӯҳи илоҳӣ мебошанд."[19]

Албатта, дуруст аст, ки дар як зумра ғазалҳои Камол ишқи ҳақиқиву маҷозӣ ё худ ишқи илоҳиву заминӣ бо ҳам омезиш ёфта, пайваста зуҳур кардаанд. Вале дар девони Камол ғазалҳое кам нестанд, ки дар онҳо ишқи заминӣ ифода ёфта, ҳусну зебоии маъшуқони воқеӣ ба қалам омадааст. Ҳатто баъзан, чунон ки дар ғазали зер мебинем, ба маҳаллу миллати маъшуқ низ шоир сареҳан ишора кардааст ва дар ин шеър бӯе аз ирфон нест:

Турки ман маҳ бувад ба туркӣ ой,
Хуш бувад як шабе ба пеши ман ой...
Кард вайрон сарою кохи Камол
Тоқи абрӯи маҳвашони Сарой[20]

Аз ин рӯ ба натиҷае расидан мумкин аст, ки маъшуқ, дӯст, ёр дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ образи воҳиде набуда, гоҳ ҷавҳари зоти илоҳист, гоҳ таҷаллии он дар симои инсон ва гоҳ худи инсони заминист.

Ҷилваҳои гуногуну рангини ҳусну зебоии маъшуқ дар ғазалиёти Камол тарзу усулҳои мухталифи тасвиру нигоришро тақозо намудаанд. Ҳамон тавре ки маъшуқ якрангу якмаром нест, тасвири ӯ низякҷонибаву яксон нест. Камоли Хуҷандӣ чун мусаввири бузург Камолиддин Беҳзод, ки дар минётурҳои нотакрори худ симои одамони гуногунро ба қалам додааст, ҳусни маъшуқҳои мухталифро бо каломи рангин ба ҷилва овардааст.

Камол низ дар тасвири маъшуқ пеш аз ҳама аз воситаҳои анъанавии тасвир истифода бурдааст. Вале дар он тасвирҳои анъанавӣ низ шоир тобишҳои тоза ва лутфи малеҳе афзудааст. Аз ҷумла дар байти зер ташбеҳҳои такрориву обшустаро ба ҳам оварда як тасвири тозаи латифро офаридааст:

Ёри мо рӯи чу маҳ дораду болои чу сарв,
Кас надидаст чунин маҳ, ки баболо бошад.[21]

Камол дар тасвири зебоии маъшуқ, махсусан аз ташбеҳҳои акс хеле фаровон ба кор гирифтааст, ки муҳаққиқон ин тарзи тасвирро хилофи одат ё худ каҷоварӣ номидаанд. Дар ин бобат камолшиноси тоҷик Б. Мақсудов таҳқиқи ҷолибе анҷом дода, мушоҳидаҳои тоза баён намудааст. «Ҳосили ташбеҳҳои акси фаровоне, ки Камол дар шеъраш сохтааст ё он каҷоварихое, ки дар нутқи бадеиаш овардааст, - менависад ӯ,- тасвирҳои нав ва мазмунҳои нави завқангез мебошад».[22]

Ҳоло бо зикри як байт, ки дар он хилофи одати маъмул падидаҳои зебои табиат ба узвҳои зебои маъшуқ монанд мешаванд, иктифо менамоем:

Моҳро равшанӣ аз рӯи ту мебояд ҷуст,
Сарвро ростӣ аз қадди ту мебояд хост[23]

Дар тасвири зебоии маъшуқ Камол тарзи дигари ташбеҳсозиро корбаст намудааст, ки ба он муҳаққиқон ҳанӯз таваҷҷӯҳе зоҳир накардаанд. Ин тарзи ташбеҳсозӣ, ки дар ғазалиёти шоир хеле зиёд ба назар мерасад, тасвирҳои муфассали манзаравӣ мебошад. Шоир барои барҷаста нишон додани зебоии маъшуқ ва узвҳои ӯ манзараҳои гуногунеро пеши назари хонанда ҷилвагар менамояд:

Боз худро чу гули тоза барорostaӣ,
Боғи рухсора ба гулҳои тар оростаӣ.

Рухи ту оташу зулфат хирман,
Ба хирман оташам з-инҳо расида.

Боғи рухсори бутон баҳри тамошост Камол,
Набарӣ даст бад-он себи занахдон густох.[24]

Камол дар тасвири ҳусни маъшуқ аз тавсиф низ хеле моҳирона истифода карда, як силсила тасвирҳои рангину ҷаззоб офаридааст, ки ҳоло бо зикри як байт қаноат мешавад:

Чашми шӯху дили сангин, бари симин дорӣ,
Холи мушкин, рухи рангин, лаби ширин дорӣ [25]

Дар байти мазкур тавсифҳо на танҳо зебоиву малоҳати узвҳои ҷудогонаи маъшуқро ба таври барҷаста нишон медиҳанд, балки бо ҳамоҳангии худ ҷаззобияти шеърро меафзоянд. Ҳамин тавр Камол дар тасвири зебоии инсон камоли маҳорати суханвариро ба харҷ дода, бо тасвирҳои рангин, суханбозиҳои ширин, лутфҳои шоиронаву суханҳои дилнишин назми оламшумули форсу тоҷикро ғанӣ гард

## ПАЙНАВИШТ


[1] Ш. Ҳусейнзода. Камоли Хуҷандӣ. Ғазалҳои мунтахаб. Сталинобод, 1955.-С. 34.

[2] Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ, ба эҳтимоми К. Шедфар: М., Ч. 1-1, 1975-С. 714.

[3]Ҳамон ҷо, -С. 1194.

[4] Ҳамон ҷо, -С. 1142.

[5]Ҳамон ҷо, -С. 1140.

[6] Ҳамон ҷо, -С. 291.

[7] Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. –Маскав, ч.1-1-С. 923.

[8] Ҳамон ҷо, ч.1-1-С. 64.

[9] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, ч.1-С. 938.

[10]Ҳамон ҷо, -С. 255.

[11]Ҳамон ҷо, -С. 879.

1[2] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, ҷ.1,-С. 173, 189.

[13] Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. –Маскав, ч.2-2,-С. 876, 1000.

[14]Ҳамон ҷо, ҷ. 2-1, С.609.

[15]Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, ҷ.1,-С. 173, 189.

1[6] Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ. –Маскав, ч.2-2,-С. 876, 1000.

[17] Ҳамон ҷо, ҷ. 2-1, С.609.

[18]Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, -С. 56.

[19] Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик, китоби 2, Душанбе, 1977, С. 274.

[20] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, -С. 927.

[21] Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ, -Маскав, ҷ.2-1, -С. 551.

[22] Б. Мақсудов. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ. –Душанбе, 1994, -С. 145.

[23] Ҳамон ҷо, ҷ. 1-1, С. 115.

[24] Ҳамон ҷо, ҷ. 2-2, С. 875, 893, 892.

[25] Ҳамон ҷо.С. 925.

## "Одамӣ аст аз паи кори бузург"

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1233-1325) аз суханварони барҷастаест, ки бо ашъори обдору рангин, маснавиҳои шӯрангезу дилнишин, достонҳои таърихиву қаҳрамонӣ ва рисолаву асарҳои пурмазмунаш дар таърихи адабиёти тоҷику форс мақому мартабаи баландеро ишғол менамояд. Дар маркази офаридаҳои ин адиби мумтоз ҳам монанди дигар бузургони адабиёти тоҷику форс тасвири инсон, ситоиши бузургиву хирад, тараннуми орзуву омол, тавсифи хислатҳои неку ҳамидаи ӯ меистад.

Агар дар шеърҳои лирикии Амир Хусрав симои инсон бештар тавассути ифодаи эҳсосу андешаҳои латиф, орзуву уммедҳо ва дигар ангезишҳои олами ботинии ӯ, дар маснавиҳои ишқӣ бо тасвири саргузаштҳои ошиқонаву офаридани образу характерҳои фардӣ, дар достонҳои таърихӣ ба воситаи тавсифи корнамоиву қаҳрамониҳои вай таҷассум ёфта бошад, пас дар маснавии "Матлаъунанвор" моҳияти инсон ба василаи баёни пуробуранги

фикру андешаҳои ахлоқиву иҷтимоӣ ва фалсафиву динии шоир ифода гардидааст.

То солҳои охир маснавии "Матлаъуланвор" диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб накарда буд ва танҳо дар асарҳои донишмандони маъруф Шиблии Нӯъмонӣ, Э.Е. Бертелс, Б. Ғафуров, А.Н. Болдирев, А. Мирзоев ва А. Стариков дар хусуси он ишораҳои ҷудогона мавҷуд буд. Баъдтар дар тадқиқотҳои охирини хусравшиносон Ғ. Алиев ва марҳум М. Бақоев ба моҳияти достони мазкур дар эҷодиёти шоир бештар диққат дода шуд ва ниҳоят шарқшиноси озарбойҷонӣ Т. Муҳаррамов рисолаи доктории худро ба таҳқиқ ва таҳияи матни илмӣ-интиқодии "Матлаъуланвор" бахшид. Т. Муҳаррамов дар таҳлили бобҳои достон ҳамчунин ба афкори гуманистии шоир диққат дода, яке аз масъаҳои асосии асарро аз ғояи инсондӯстӣ иборат медонад.

"Матлаъуланвор" достони аввали "Хамса"-и Амир Хусрав буда, соли 1297 дар пайравии "Махзануласрор"-и Низомӣ навишта шудааст ва монанди маснавии Низомӣ аз 20 боб иборат аст.

Аз байтҳои хотимавии достон ҳам бармеояд, ки он дар як муддати кӯтоҳе навишта шуда, аз 3310 байт иборат будааст:

Боре аз андешаи ганҷинасанҷ
Гашт яке чанд фароҳам зи ганҷ...
Бист хазинаст дар ӯ пур зи ганҷ,
Бист хазинасту саду бисту панҷ.
В-ар ҳама бист оварӣ андар шумор,
Сесаду даҳ баршумару даҳ ҳазор.
Аз асари ахтари гардунхиром
Шуд ба ду ҳафт(а) ин маҳи комил тамом.
Сол, ки аз чархи куҳан гашта буд,
Аз паси шашсад наваду ҳашт буд.

Ҳарчанд бобҳои "Матлаъуланвор" ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва динӣ бахшида шудаанд, вале онҳо парешону берабт набуда, ғояи инсони комил ва роҳҳои ташаккули он ҳамаи ин бобҳоро ба ҳам алоқаманд мегардонад ва ягонагиву яклухтии достонро таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки пас аз фаслҳои анъанавии тавҳиду наът ва тасвири манзараҳои зебои табиат, ки таваҷҷӯҳи хонандаро ба масъалаҳои асосӣ ҷалб менамоянд, боби "Гуфтор дар улуми мартабаи бани одам" меояд. Дар ин боби асосии маснавӣ муҳимтарин андешаҳои ахлоқиву гуманистии шоир, ки дар бобҳои минбаъда тавсиа ва шарҳу тафсир меёбанд, ба таври мухтасар баён карда шудаанд.

Амир Хусрав дар ин ҷо пеш ҳама бузургӣ ва мақоми баланди инсонро дар байни тамоми мавҷудоти олам таъкид намуда, ӯро "дурру ҷавҳари пок ва зевари хок" меномад. Шоир покизагии ахлоқ, ҳимматбаландӣ, накӯкориву шарафмандиро аз фазилатҳои аслии инсон мешуморад. "Чарх туро баҳри шараф сохта!" хитоб мекунад шоир ба инсон, бинобар ин ӯ бояд қадру эътибори худро донад ва қудрату тавоноияшро ба корҳои шоиставу некӯ сарф намояд. Зеро:

Одамӣ аст аз паи кори бузург
В-ар накунад, ҳаст ҳимори бузург.

Амир Хусрав, ки монанди Саъдӣ дар замони пурошӯби ғоратгариҳои истилогарони муғул умр ба сар мебурд, шоҳиди хонахаробиву бенавоии мардум, бениҳоят паст гаштани қадру эътибори инсон буд. Аз ин ҷиҳат ӯ ҳам ба мисли ҳамзамони инсонпарвари худ тасвиру ситоиши инсонро дар маркази эҷодиёти худ ва аз ҷумла маснавии "Матлаъуланвор" гузошта, бо тамоми қудрати суханварӣ моҳияти инсону инсонгариро таъкид менамояд. Барои ҳар ду шоир ҳам мардумӣ (ба иборати Саъдӣ "Одамият") меъёри асосии санҷиши моҳияти инсон мебошад. Саъдӣ менависад:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият...
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.

Амир Хусрав низ одамеро, ки аз мардумиву одамигарӣ дур аст, инсон намешуморад:

Н-аз сару гӯш одамӣ аст одамӣ
Дев бувад мардуми бемардумӣ...
Мардумӣ аз мардумият лозим аст,
Уд, ки бӯяш набувад, ҳезум аст.

Дар маснавии "Матлаъуланвор" ҳарчанд ғояи шоҳи одил дар баъзе мавридҳо ифода шудааст, вале идеали инсони комил дар он шоҳи одил набуда, инсони меҳнаткашест, ки дорои накӯтарин хислатҳо буда, бо меҳнати ҳалол рӯз мегузаронад. Ӯ муштоқи зару зевар, ганҷу моли фаровон нест ва ризқу рӯзии худро бо ранҷу меҳнат ба даст меорад. Шоир маҳз бузургии ҳамин гуна инсон ситоиш мекунад:

Тиратар он хона, ки ганҷаш фузун,
Поктар он луқма, ки ранҷаш фузун.
Сӯзани дарзӣ ба ду донги сиёҳ,
Ҳаст беҳ аз теғи ҷаҳонгири шоҳ.

Инсони меҳнаткаш бо арақи ҷабин ҳосил мепарварад, вале аз самараи меҳнати вай асосан шоҳону ҳукмронони давр баҳраманд гардида, ба худи ӯ бошад танҳо қурси ҷавин мерасаду халос:

Мир ҳама гандуми деҳқон хӯрад,
Барзгар он курси ҷавин нон хӯрад.

Шоир ҳамеша манфиати аҳли меҳнату ҳунарро ҳимоя мекунад ва давлатмандонро ба эҳтиром кардану азиз доштани онҳо даъват менамояд:

Эй, ки ниҳӣ ганҷ ба ҳар гӯшае,
Ёд кун аз фоқаи бе тӯшае.

Диққати шоирро дар маснавӣ зебоии инсон низ ба худ ҷалб намудааст:

Дил чу рухи хуб таманно кунад,
Дида ба ночор тамошо кунад.

Вале ба ақидаи шоир ҳусни ҳақиқии инсон дар зебоии зоҳирӣ набуда:

Ҳусн на накӯии ранг асту пӯст,
Хуни фусурда натавон дошт дӯст.

Аз зебоии олами ботинӣ ва рафтору хислатҳои шоистаи ӯ иборат аст:

Одамӣ аз хӯи накӯ х(в)аш бувад,
Хас ҳама ҷо дархӯри оташ бувад.

Некиву накӯкорӣ фазилати асосии инсон буда, моҳият ва симои ҳақиқии ӯро нишон медиҳад. Шоир дар байни накӯрӯиву накӯхӯӣ, яъне зебоии зоҳириву ботинии инсон фарқе мегузорад ва рафтору хислатҳои неку ҳамидаро аз ҳама афзал шуморида, зӯрдастону ситамкоронро аз қатори одамиён дур медонад:

Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад,

Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Он ки мизоҷаш ҳама зӯр асту зӯр,
Дур зи мо одамиён аст, дур.
Некии мардум на накӯрӯӣ аст,
Хӯи накӯ мояи некӯи аст.

Нуқтаи назари Амир Хусравро дар хусуси бартарии зебоии олами ботинӣ аз ҳусну ҷамоли зоҳирии инсон дар зимни тамоми офаридаҳои бадеии ӯ равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла шоир дар яке аз қитъаҳояш менависад:

Аз ҳусн нафис нест мардум,
Аз ҷавҳари мардумӣ нафис аст.
Зеборӯе, ки ҳаст бадхӯй,
Чун хубхати хатонавис аст.

Бояд гуфт, ки некиву накӯкорӣ ва мардумӣ барин мафҳумҳо, ки дар маснавии "Матлаъуланвор" хеле зиёд дучор меоянд, мафҳумҳои таҷридиву хаёлӣ набуда, ҷиҳатҳои гуногуни ахлоқ ва олами маънавии инсонро ифода менамоянд. Ба ақидаи шоир дӯстӣ шарти нахустини некиву накӯкорист. Зеро бе дӯсту дӯстӣ зиндагӣ кардани чи барнову чи пир аз имкон берун аст. Шоир тарафдори он дӯстиест, ки мудом пойдору устувор бошад:

Дӯстие бояд аз он гуна ҷуст,
К-он абадуддаҳр бимонад дуруст.

Шоир таъкид мекунад, ки на ҳама шарту одоби дӯстиро ба ҷой оварда метавонанд ва на ҳар кас шоистаи дӯстист. Бинобар ин бояд ҳамеша дӯсти оқил ва ҳақиқиву ҷониро ҷустуҷӯ намуд ва бояд дӯстеро пайдо кард, ки дар шодиву ғам мӯнису ҳамдам бошад. Вагарна "ёри ғаразҷӯй фаровон бувад".

Дар назари шоир илм чароғест, ки роҳи инсонро мунаввар карда, ӯро аз душвориву хавфу хатарҳо эмин медорад ва ба некӯкориву иҷрои корҳои шоиста ҳидоят менамояд:

Аз мадади илм фароғет не,
Дар шаби торик чароғет не...

Илм воситаи муҳимми ташаккули инсон буда, ӯро аз чоҳиливу нодонӣ, зарпарастиву такаббур ва дигар хислатҳои баду манфур дур медорад. Бинобар ин шоир поку азиз доштани илму донишро талқин намуда, "илми ту нур аст, сиёҳаш макун", хитоб

мекунад ба хонанда. Амир Хусрав низ дар қатори дигар классикони адабиёти тоҷику форс арзиши илмро дар пайвастагӣ ба амал медонад ва олими беамалро ба дарахти бебару сӯзани беришта монанд карда, илми аз амал дурро тани беҷон мешуморад:

Илм, к-аз аъмол нишонеш нест,
Колбуде дораду ҷонеш нест.

Яке аз василаҳои асосии камолоти инсон аз назари Амир Хусрав меҳнат аст. Вале шоир танҳо ҳамон меҳнатро ситоиш мекунад, ки поку ҳалол буда, ба манфиати мардум равона шудааст ва мақсади он некиву накӯкорист:

Мурда наӣ, даст ба коре бизан,
Даст манигар баста ту боре бизан...
Дар амале кӯш, ки покӣ бувад,
Кӯшиши нопок ҳалокӣ бувад.

Ҳиммату кӯшиши василаи муҳимии оғозу анҷом ҳар кори душвор мебошанд. Зеро онҳо инсонро аз мӯҳтоҷиву нотавонӣ раҳоӣ бахшида ба иҷрои корҳои бузург раҳнамун месозанд:

Ҳиммат агар ваҳми туро бишканад,
Ин ҳама душвори ту осон шавад.

Мардумӣ дар назари шоир пеш аз ҳама аз ҷавонмардию саховатмандӣ, дастгирии афтодагон, мададгору парастори бечорагон будан ва амсоли инҳо иборат аст:

Кори ҷавонмард на рухзардӣ аст,
Мардумӣ дар зери ҷавонмардӣ аст...

Ростиву садоқат, фурӯтаниву вафодорӣ, сабру тоқат, хушсуханиву қаноат ва амсоли инҳо низ аз фазилатҳоеанд, ки Амир Хусрав барои ҳар инсони комил хос ва зарур мешуморад. Шоир вазифаи инсонро на танҳо дар беадолатӣ, балки ҳамчунин дар мураббиву тарбиятгари беадабон будан медонад:

Ту адаби нафси бадандеш кун,
Беадабонро ба адаб хеш кун.

Инсоне, ки дар "Матлаъуланвор" мавриди тавсиф ва ситоиши шоир қарор гирифтааст, ҳарчанд бештар дорои хислатҳои умумиинсонист, вале бо вуҷуди ин ӯ фарзанди замони худ аст. Бинобар ин фикру андешаҳои шоир ба шароити таърихиву муҳити иҷтимоии он замон алоқаманданд. Беҳуда нест, ки шоир ҳангоми тавсифи дӯстӣ аз кам будани ҳамсӯҳбатони покдилу дӯстони ҷонӣ дар он даврон шикоят мекунад:

Ҳамнафасоне, ки дар ин оламанд,
Бештарин маҳрами сӯҳбат каманд...
Дӯстӣ аз ҳар кӣ гумонат бувад,
Чун нигарӣ, душмани ҷонат бувад.

Ё худ дар ҷои дигари маснавӣ шоир эътирози худро ба ахлоқи ношоистаи синфи ҳукмрони давр ошкоро баён намуда, менависад:

Ин чӣ замон аст, ки дар ҳар тараф
Ҳаст ба фисқ аҳли замонро шараф.

Андешаҳои гуманистии Амир Хусрав дар маснавӣ бо ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроту эътиқодоти динии ӯ сахт алоқаманд мебошад. Чунон ки маълум аст, шоир аз пайравони тариқаи чиштияи тасаввуф буд. Ҳанӯз ин тариқа монанди дигар масъалаҳои тасаввуф тадқиқ нашудааст ва моҳияти таълимоти он пурра муайян нагардидааст. Аз маълумоти сарчашмаҳо ва асарҳои тадқиқотӣ бармеояд, ки тариқаи чиштия дар асрҳои XII-XIV дар байни оммаи васеи мардуми меҳнаткаши Ҳиндустон паҳн шуда, дорои баъзе анъанаҳои нисбатан демократӣ будааст. "Роҳбароин ин силсила,- менависад муаллифи "Таърихи Ҳиндустон дар асрҳои миёна",- ягон вазифаро ишғол намекарданд ва ба дарбори султонҳо равуо надоштанд"[1] - Онҳо баробарии ҳамаи одамонро дар назди Худованд ва муҳаббат ба инсони бенаворо талқин менамуданд.

Мутолиаи "Матлаъуланвор" нишон медиҳад, ки Амир Хусрав ба ҷиҳатҳои нисбатан пешқадами ин тариқа таваҷҷӯҳ дошта, пеш аз ҳама эҳтирому бузургдошти инсони оддии меҳнаткаш, покизагии ахлоқ, ташаккули инсони комил барин нуктаҳои онро мароми эҷодии худ қарор додааст. Ба иборати дигар дар тафаккури бадеии шоир пайвастагии ду ҷиҳати ҷаҳонбинии ӯ мушоҳида мешавад. Яъне, агар аз як тараф шоир андешаҳои инсондӯстиашро барои талқини ақоиди тариқаи мазкур ва мазамматӣ нуқсонҳои аҳли тасаввуф истифода бурда бошад, аз тарафи дигар тавассути нуктаҳои тасаввуфӣ ғояҳои баланди

инсондӯстиро ифода кардааст. Зеро чунон ки Ф. Энгелс ҳам қайд карда буд, дар ҷамъияти феодалӣ ҳамаи навъҳои идеология ба шакли динӣ зоҳир мегардиданд.

Таъсири муҳит, махсусан, дар он фаслҳои маснавӣ, ки шарҳи баъзе масъалаҳои дину тасаввуфро дар бар мегирад, бештар мушоҳида мешавад. Вале мақсади асосии шоирро дар маснавӣ танҳо тарғиби ғояҳои динӣ шуморидан дуруст нест. Зеро шарҳи он масъалаҳо аз як тараф ба тақозои мавқеи ҳукмрони дин дар ҷамъияти онрӯза сурат гирифта бошад, аз тарафи дигар шоир тавассути онҳо андешаҳои баланди инсондӯстиро баён намудааст. Масалан, фасли "Дар таҳсини диёнат" асосан ба тарғиби покдиливу додгустарӣ, ростиву росткорӣ ва мазаммати ҳарисиву тамаъкорӣ, фиребгариву дуздӣ, баддиливу сиёҳкорӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин дар фасли мазкур ва дигар бобҳои маснавӣ хислатҳои манфур ва одатҳои зарарноки аҳли дину тасаввуф сахт мазаммат карда мешаванд. Аз ҷумла шоир дар хусуси сӯфиёни тамаъкор менависад:

Оҳ, аз ин тоифаи зарқсоз,
Остини кӯтаҳу дасти дароз...
Пашми сияҳшон на зи огоҳӣ аст,
Доми сияҳ аз паи сагмоҳӣ аст.
Зишт бувад сӯфию майли зараш,
Мӯй нею кӯҳи гарон бар сараш.

Бинобар ин Амир Хусрав, ки дар муҳити дарбори феодалӣ мезист, аз таъсири идеологияи ҳукмрони давр дар канор набуд. Аз ин ҷост, ки инсони офаридаи ӯ баъзан зудбовару мутеъ, беиродаву рӯҳафтода аст ва худи шоир ҳам гоҳо ба бадӣ созиш карданро талқин менамояд:

Каҷсифатонро зи гардун мудом
Бартар аз арбоби басират мақом...
Он ки диҳад захр, наботаш расон
В-он ки кушад, оби ҳаёташ расон...

Ё ки:

Кори ҷаҳон чун ба каҷон гашт рост,
Кӯш ба нармӣ, ки дуруштӣ хатост.

Дар ҳақиқат, чунон ки Е.Э. Бертелс қайд мекунад, Амир Хусрав аз сабаби дар муҳити дарбор буданаш ба дараҷаи Низомӣ

масъалаҳои иҷтимоии даврро тезу тунд ба миён нагузоштааст. Вале ба фикри ӯ, ки Амир Хусрав "ҷуръат намекунад ба мамдӯҳони худ панд диҳад, вай мехоҳад онҳоро танҳо саргарм намояд ва барои аз доираи ғояҳои қобили қабули ашрофони феодалии он замон баромадан кӯшише намекунад"[2] розӣ шудан мумкин нест. Зеро танҳо дар "Матлаъуланвор" шоир ба муҳити нобоби зиндагиаш дар дарбор нигоҳ накарда, бисёр фикру андешаҳои баланди ахлоқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, фалсафӣ баён намудааст, ки ба ғояҳои ҳукмрони давр муқобил меистанд. Худи бузургдошту ситоиши инсони оддии меҳнаткаш, ки дар ҷамъияти феодалӣ қадру қимате надошт, аз ҷуръату рӯҳияи баланди инсондӯстии шоир гувоҳӣ медиҳад.

Амир Хусрав дар маснавӣ золимиву бераҳмӣ, беадолативу фосиқии шоҳону ҳокимони даврро маҳкум намуда, онҳоро ба адлу инсон, ростиву накӯкорӣ, мардумпарвариву саховатмандӣ даъват мекунад:

Чун талаби дахли вилоят кунӣ,
Кӯш, ки ҳукме ба риоят кунӣ....
Теғи баадл оинаи подшост,
Чун ба ситам рафт, калиди балост...
Шаҳ, ки на бар тахт ба тамкин бувад,
Шери намад, рӯбаҳи пашмин бувад.

Ҳамин тавр, Амир Хусрав ба ҳар васила бузургӣ ва қадру қимати баланди инсонро таъкид намуда, бештар ба ташаккули ахлоқиву маънавии ӯ диққат медиҳад. Шоир барои тасдиқу тақвияти ин навъ андешаҳо усулҳои гуногуни бадеиро истифода бурда, панду ҳикматҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва тамсилҳоро хеле фаровон ба кор мебарад ва дар охири ҳар боб ҳикоятҳои ҳикматомезе меорад, ки ба воқеаҳои сиёсӣ асос ёфтаанд. Бояд гуфт, ки баррасии ин ҷиҳати маснавӣ, ки ба маҳорати суханварии шоир алоқаманд аст, тадқиқи ҷудогонаро тақозо менамояд.

Андешаҳои гуманистии инсонпарвари бузург Амир Хусрави Деҳлавӣ ба гузашти асрҳо нигоҳ накарда, арзиши баланди худро нигоҳ дошта меоянд. Бинобар ин омӯзиши андешаҳои инсондӯстии Амир Хусрав ва ҳамаҷониба муайян кардани консепсияи бадеии инсон дар маснавии "Матлаъуланвор" ва умуман эҷодиёти шоир дар тарбияи насои наврас ва ҳалли бисёр масъалаҳои таърихи адабиёт хеле судманд аст.

**Соли 1975**

ПАЙНАВИШТ

[1] История Индии в средние века, М., 1968, с. 366.
[2] Е.Э. Бертелс. Низами, М., 1948, с. 236.

## Бозтоби замон ва рӯзгори шоир

Осори пурҷилои яке аз ситорагони дурахшони осмони шеъри форсу тоҷик «подшоҳи мулки сухан» Ҷамолиддин Салмони Совҷӣ ойинаи мусаффоест, ки муҳимтарин ҳаводису ваҳоеи замонро равшану барҷаста инъикос менамояд. Дар ашъори ӯ беш аз шоирони дигари муосираш вазъи замон ва рӯзгор таҷассум ёфтааст. Илова бар қасидаҳои шоир, ки саросар аз зикри воқеъаҳои гуногуни таърихӣ иборатанд ва маснавиҳои ӯ, ки бештар ҷанбаи воқеӣ доранд, ҳатто дар ғазалиёту рубоиёташ ин ҳолат ба назар мерасад.

Бозтоби ваҳоъеи замон ва рӯзгори худи шоир дар навиштаҳои ӯ бо роҳу василаҳои гуногун сурат гирифтааст. Агар дар қасоиду маснавиҳои Салмони Совҷӣ воқеият тавассути тасвирҳои рангину пуршукӯҳ ва муболиғаомез ба қалам омада бошад, дар ғазалиёти ӯ эҳсосу ҳаяҷон ва таассурот аз он воқеият бо каломи ширину гуворо баён шудааст. Вале дар қитъаоти шоир бозтоби масъалаи мазкур ба таври хос сурат гирифтааст. Ин қабл аз ҳама ба хусусиятҳои худи навъи шеърии қитъа марбут аст, ки мутаассифона, ҳанӯз ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст. Дар китобе, ки таҳти унвони «Ҳазор қитъа» ахиран ба кӯшиши Сайид Аҳмади Биҳиштӣ чоп шудааст, ба чанд ҷиҳати навъи шеъри мазкур ишора шудааст, вале хусусиятҳои умдаву ҷанбаҳои сабки он равшан нагаштааст. Дар ин китоб 9 қитъаи Салмон низ бидуни тавзеҳот нақл шудааст. Роҷеъ ба қитъаоти шоир дар рисолаи Рашид Ёсимӣ «Татабӯъ ва интиқоди аҳволу осори Салмони Совҷӣ», муқаддимаҳои Авасто ва Абулқосими Ҳолат ба девони Салмон, таҳқиқоти Расул Ҳодизода ва У. Казакова ишораҳо мавҷуданд. Вале аксари донишмандон арзиши баланди қитъаоти шоирро нодида гирифтаанд. Аз ҷумла Авасто қитъаоти Салмонро дар муқоиса бо муқаттаъоти Ибни Ямин чандон «қобили мулоҳиза» намедонад. Дарвоқеъ Ибни Ямин яке аз устодони маъруфи қитъаҳои ахлоқӣ ва фалсафӣ буда, маҳз бо қитъаҳои худ дар таърихи адабиёт мақоми хос дорад. Вале қитъаъоти Салмони Совҷӣ низ дорои арзишҳои хос мебошад, ки дар ин мақола саъй мешавад чанде аз онҳо дар робита бо бозтоби воқеаҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Ба арзиши баланди қитъаъоти Салмон пеш аз ҳама худи шоир ишора кардааст:

Ба сони қитъаи ёқут қитъае манзум,
Ки буд бар гуҳари наҷми соқибаш тафзил.
Ба ҳазрати ту фиристодаму атои ҷавоб
Наёфтам, ки ба пеши ман он атост ҷазил.

Аз қитъаи зерини Салмони Соваҷӣ вазъи ноорому ногувори давр, ба зулму ситам мубтало гаштани мардумро метавон дарк кард:

Зи ҳад гузашт ба якборагӣ ҷафои фалак,
Намешавад нафасе мунқатеъ балои фалак.
Қабои атласи чарх аз чӣ бофтаанд, ки ҳеҷ
Намедарад, на кухан мешавад қабои фалак?
Ба ҳар ғаме, ки аз ӯ мерасад ба рӯи замин,
Намерасад ба замин аз нишот пои фалак.
Зибаски бар сари ман гашт осиёи сипеҳр,
Сапед шуд сарам аз гарди осиёи фалак…

Вале чунин қитъаҳое, ки тасвири вазъи умумии замонро дар бар мегиранд, дар девони Салмон хеле каманд. Аксари қитъаҳои шоир ба шахсону воқеаҳои мушаххас марбутанд. Аз ҷумла дар қитъае шоир воқеаи таърихии аз тарафи занаш кушта шудани Шайх Ҳасани кӯчакро бо зикри санаи дақиқ ҳикоят кардааст:

Зи ҳиҷрати набавӣ рафта ҳафсаду чилу чор
Дар охири раҷаб афтод иттифоқи Ҳасан.
Зане, чӣ гуна зане? Хайри хайййироти ҳисон
Ба зӯри бозуи худ хасиятайни Шайхи Ҳасан
Гирифт маҳкаму медошт то бимурду бирафт,
Зиҳӣ хуҷаста зани хоягири мардафкан.

Бесабаб нест, ки қитъаи мазкур ҳамчун далели таърихӣ мавриди истифодаи таърихнигорон қарор гирифтааст. Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» роҷеъ ба воқеаи мазкур навиштааст: «Иззатмалик… ду-се занро бо худ муттафиқ сохт ва дар шаби сешанбе бисту ҳафтуми раҷаби санаи мазкура (744) шавҳарро ба фишурдани хасиия ба олами охират фиристод ва Хоҷа Салмони Соваҷӣ дар он боб ин қитъа дар силки иншо интизом дод…»

Маълумоти дақиқро роҷеъ ба як ҳодисаи дигари он даврон – бар асари сел хароб шудани шаҳри Бағдод, бахусус боғе, ки ба унвони «Биҳиштобод» маъруф будааст, аз қитъаи зерини Салмон ба даст овардан мумкин аст:

Ба соли ҳафсаду ҳафтоду панҷ гашт хароб,
Ба об шаҳри муаззам, ки хок бар сари об.
Дареғи равзаи Бағдод – он «Биҳиштобод»,
Ки кардааст харобаш сипеҳри хонахароб.

Чунон ки мебинем, дар қитъаи мазкур санаи рух додани ҳодиса (соли 785) ва сабаби он (сел) зикр шудааст.

Аз қитъаоти Салмони Соваҷӣ бармеояд, ки ӯ бештар ба шоҳони силсилаи Ҷалоирӣ Шайх Ҳасани бузург, ҳамсараш – Дилшод хотун ва фарзандаш Султон Увайс робитаи хеле наздик доштааст ва иртиботи

шахсии худро бо онҳо ошкоро ба қалам додааст. Аз ҷумла дар қитъаи тӯлоние, ки ба Шайх Ҳасани бузург бахшида шудааст, шоир хидмати беш аз даҳсолааш, навиштани панҷоҳ қасида дар ситоиши вай, вале дар муддати се соли охир нагирифтани марсум ва ба қарзи зиёд гирифтор шудани худро баён намуда, аз шоҳ барои адои қарз мадад мехоҳад:

Худойгон, салотини аҳд Шайх Ҳасан,
Ки бод кому муродаш ҳама равону раво…
Яке, ки муддати даҳ сол меравад, то ман
Дар ин ҷаноб забон баркушодаам ба дуо…
Қуруз шуд мутарокум аз ин сабаб бар ман,
Замона шуд мутатовил аз ин ҷиҳат бар мо…
Агар чунон ки маро кораке бифармоянд,
Ки ваҷҳи қарз кунам ман аз он қазия адо.

Аз ин қитъаи кӯтоҳи Салмон равшан мегардад, ки Дилшод-хотун дар давлати Ҷалоирӣ мақому манзалати хеле баланд доштааст, зеро шоир ӯро шоҳ хондааст:

Аё, корубори эътиборе надорӣ,
Бари шоҳ Дилшод коре надорӣ.

Салмони Соваҷӣ бо Султон Увайс аз замонаш таваллудаш ошноӣ дошта, то охири умр мураббиву надими вай будааст. Аз ин ҷост, ки аксари қасидаву қитъаҳои шоир дар ҳаққи ӯянд. Дар қитъае Салмон аз хидмати чандсолааш дар боргоҳи ӯ ёд мекунад:

Подшоҳо, банда дар хидмат ба расми арзадошт,
Инбисоте менамояд бар умеди раҳматат.
Қурби чил сол аст то суккони Шарқу Ғарбро
Табъи Салмон мекунад дар гӯш дурри мидҳатат.

Шоир ба кишваркушоиҳои Султон Увайс ва васеъ шудани қаламрави ӯ ишораҳо дорад:

Ҳумои чатри ҳумоюн подшоҳ Увайс
Басити рӯи заминро ба зери соя гирифт.
Ҳудуди мамлакати Форс то дари Ҳурмуз
Ба соли хамсаву ситтину сабъамиа гирифт.

Салмон аз иртиботи наздик бо шоҳон истифода карда, онҳоро баъзан насиҳат ҳам кардааст. Тавре ки маълум аст, насиҳати подшоҳон кори ниҳоят хатарнок буда, аз шоир ҷасорати зиёдеро тақозо мекунад. Бо ин ҳама Салмон дар қитъае аз амали зишти дарбориён, ки ҳар сол худсарона андозаи боҷу хироҷро мефизоянд, шикоят намуда, ба шоҳ ҳушдор медиҳад, ба тариқи насиҳат таъкид мекунад, ки ҷилави ситамкоронро бигирад, вагарна ин боиси хонахаробии мардум ва аз шоҳ

дур шудани онҳо мегардад. Ӯ ҳатто номи яке аз он ситамкоронро зикр мекунад:

Подшоҳо, ҳеч бо асҳоби девон гуфтаӣ,
Инак ҳар соле зи нав мулки туро ворун кунанд.
Соли порин чун зиёдат гашт бар перор сол,
Соли имсолинаро бар пор ҳам афзун кунанд.
Мамлакат зеру забар хоҳад шудан з-ин мустазод,
Мулку асбобу зану фарзандро ҳуван кунанд.
Сахт метарсам аз ин маънӣ, ки хосу оми мулк
Аз ту баргарданду рӯ бар ҳазрати бечун кунанд.
Аз авонини мамолик гардани Фахрак бизан,
То халоиқ хуррамӣ аз хуни он малъун кунанд.
Подшоҳо, аз паи сад маслиҳат як чун бикун,
Подшоҳон аз паи як маслиҳат сад чун кунанд.

Аз робитаи танготанги Салмон бо шоҳони давр ва ба хусус бо Султон Увайс мукотибаи онҳо низ шаҳодат медиҳад, ки он ҳам тавассути қитъа сурат гирифтааст. Шоир ба хидмати чиҳилсолааш ишора карда, аз шоҳ иҷозаи гӯшанишинӣ ва чанд дархости дигар кардааст:

Қурби чил сол аст то суккони Шарқу Ғарбро
Табъи Салмон мекунад дар гӯш дурри мидҳатат…
Гӯшае хоҳам гирифтан то агар умре бувад,
Чанд рӯзе бигзаронам дар дуои давлатат…

Султон Увайс, ки шахси донишманду шоиртабиат буд, ба қитъаи шоир ҷавоб гуфта, ба ӯ иҷозаи гӯшанишинӣ намедиҳад, вале хоҳишҳои дигари ӯро иҷро менамояд:

Ҳар чи то ғоят ба номи ӯ муқаррар будааст,
Ҳамчунон бошад ба номи ӯ муқаррар ҳамчунин.

Ҳамин тавр шоҳ ба чанд қитъаи шоир ҷавоб гуфтааст. Зимнан бояд гуфт, ки қитъа дар ин маврид вазифаи мукотабаву муросаларо адо кардааст. Чизи дигаре, ки ин ҷо мушоҳида мешавад, он аст, ки қитъаҳои ҷавобӣ бар хилофи он чи дар ғазалу қасида маъмул аст, бо қитъаҳои шоир ҳамвазну ҳамқофия нестанд.

Қитъаҳои Салмони Совачӣ манбаи муҳимму мӯътамад роҷеъ ба аҳволи худи шоир низ маҳсуб мешаванд. Аз баъзе қитъаҳои шоир бармеояд, ки ӯ соҳиби зану фарзанди зиёд будааст:

Қиллати молу манолу касрати аҳлу аёл
Қарзхоҳу бенаво карданд ногоҳон маро.

Хонаводаи шоир хеле бузург буда, аз бист нафар иборат будааст:

Дар чунин шаҳреву вақте бо чунин бебаргие
Бист кас нонхор дорад бандаву нонхор нест.

Яке аз фарзандонаш дар хурдсолӣ вафот кардааст:

Чашми ман ҷои ту буд, эй нури чашм,
Рафтиву монд аз ту холӣ ҷои ту.

Маълум мешавад, ки Салмон дар миёнсолӣ вазъи беҳтар пайдо карда, соҳиби навкарон ҳам гаштааст:

Навкароне низ некӯ дорам, аммо ҳеҷ як
Бар сараш дастору дар тан ҷубба, дар по ҳеҷ нест.

Салмон дар пирӣ ба дарди чашму по гирифтор шуда, ранҷи зиёде кашидааст:

Дарди чашмам агар амон додӣ,
Омадӣ, пои хоҷа бӯсидӣ.
* * *

Ҳаст дар по дарду дар сар нест сомоне маро,
Гар сарам кардӣ мадад, кай дарди по фарсудамӣ.

Салмон солҳои дароз дур аз хонавода дар Бағдод дар хидмати шоҳони ҷалоирӣ буд ва иҷозаву имкони рафтан ба зодгоҳашро надошт. Ранҷи ғарибиро шоир дар қитъаи зер баён кардааст:

Маро чу ёд зи ёру диёри хеш ояд,
Ҳазор нолаи зор аз даруни реш ояд.
Нишаста дар паси зонуи ғурбатам шабу рӯз,
Худой донад аз пас маро чӣ пеш ояд.

Аз қитъаҳои Салмон бармеояд, ки манбаи асосии маъишати шоир идрор ё марсуме будааст, ки шоҳ барои ӯ муқаррар кардааст. Шоир аксар вақт аз кам будани миқдори он шикоят намудааст. Аз ҷумла дар қитъае ӯ таъкид мекунад, ки марсумаш аз хидматгорони бесаводи дарбор камтар аст:

Маро зи ҷинси дигар навкарони сода шумор,
Аз он ки бознадонанд шеърро зи шаъир.

Маълум мешавад, ки марсуми шоҳ ба ӯ на ҳамеша дар вақташ мерасидааст ва ин боиси қарздор шудани шоир гаштааст. Илова бар марсум, ки бо зар пардохта мешуд, шоир гоҳ-гоҳ аз мамдӯҳон инъом мегирифтааст, ки асосан аз либос, гандум, ҷав, асп, шутур ва амсоли инҳо иборат будааст. Шоир аз нарасидани онҳо низ шикоят кардааст:

Бигзашт чор моҳ, ки аз девон рӯзиам,
Яу ҷав ба ваҷҳи ротибу иҷро намерасад.

Дар чанд қитъа шоир аз аспе, ки мамдӯҳ фиристодааст, шикоят карда, иваз намудани онро дархост кардааст:

Аспе сиёҳу пирам доданду ман бар онам,
К-андар ҷаҳон сиёҳӣ з-он пиртар набошад.

Шутури фиристодаи мамдӯҳ низ лоғар буда, ба гурбаву анкабут монанд шудааст:

Дидам заиф ҷонваре мисли анкабут,
Гуфтам, к-аз ин матоъ маро дар саро басест.

Шоир вазъи ногувори худро ба қалам дода, аз мамдӯҳ ошкоро додани ғаллаву чорво ва ё чизҳои дигари барои зиндагӣ ногузирро талаб намудааст:

Ғалла мехоҳӣ зи даргоҳе, ки дар кори карам
Ҳар ду оламро ба коҳе пеши ӯ микдор нест.
Ғаллае бе гову бе зар худ зироат чун кунам?
К-аз зироат ҳар киро зар нест, бархӯрдор нест.

Ҳамин гуна матлабҳои марбут ба рӯзгори шоир дар аксари қитъаҳои ӯ ба назар мерасад. Зимнан бояд гуфт, ки замони Салмон давраи ривоҷи қитъасароӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад. Салмон ҳарчанд дар сурудани қитъаҳои ҳаҷвӣ табъозмоӣ накардааст, вале дар баъзе қитъаҳои ӯ тасвири танзомези хоси қитъаоти Убайди Зоконӣ мушоҳида мешавад. Қитъаҳои ахлоқиву фалсафӣ, ки дар осори Саъдиву Ибни Ямин ба дараҷаи баланд расида буд, дар осори Салмон мавқеи баланд надоранд.

Вале дар чанд қитъаи Салмон аз мазаммати ҳирсу тамаъ, хасисиву мағрурӣ ва тарғиби қаноату ҳимматбаландӣ сухан рафтааст. Ҳамчунин дар иддае аз қитъаҳои Салмон монанди қитъаҳои Саъдиву Ибни Ямин матлаб бо нукоти шоирона ва ё тасвирҳои рангину дилнишин баён шудааст. Масалан, дар қитъаи зер тақозои либос ба ин тариқ сурат гирфтааст:

Эй, зи мо мустағниву амсоли мо,
Бар шумо аҳволи мо пӯшида нест.
Бар танам пӯшиданӣ ин асту бас,
Бандаро ҳеҷ аз шумо пӯшида нест.

Вале дар аксари қитъаҳои Салмони Соваҷӣ хоҳ ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ ва хоҳ воқеаҳои рӯзгори шоир хеле соддаву табиӣ бе

суханпардозиву зикри саноеи зиёди лафзиву маънавӣ ба қалам дода шудаанд. Чунин қитъаҳои шоир ба ҳадде соддаву бепироянд, ки хабари рӯзномаро мемонанд. Ин хусусияти асосии қитъаҳои Салмон ва умуман навъи шеърии қитъа аст. Яъне шоир сайъ мекунад, ки ҳодисаву воқеаро ҳар чи дақиқтару саҳеҳтар сабт намояд ва ё матлабро ошкоро баён кунад. Аз ин ҷост, ки аксари қитъаҳои шоир ҳатто аз номаҳои маъмулӣ соддатаранд. Вале ин бунёди ҳунарии қитъаро аз байн набурдааст ва худи соддагиву самимияти эҳсосу андешаи шоир зебоиву таъсири шеърро афзудааст. Бинобар ин қитъаоти Салмон дар баробари падидаи ҳунарӣ будан арзиши баланди таърихӣ дошта, ҷиҳати ба таври амиқ дарк кардани аҳволу осори шоир ва вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони ӯ хеле судманд аст.

**Соли 1997**

## Абдурраҳмони Ҷомӣ – суханвари башардӯст

Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ситорагони тобноки осмони шеър аст, ки тӯли асрҳо бо нури хираду маърифат роҳи ҳаёти мардумони зиёдеро мунаввар месозанд. Осори фаровону рангини адабиву илмии ӯ  соҳаҳои гуногунро фаро гирифта, аз вусъати дониш ва паҳнои назари шоир ва мутафаккири бузург гувоҳӣ медиҳад. Шоир тақрибан дар ҳамаи анвоъ ва мавзӯоти маъмули адабӣ асар офаридааст. Дар асарҳои  ӯ масъалаҳои гуногуни  ҳаёт  пайвасти бо эҳсосу андешаҳои баланд бозтоб ёфтаанд. Бесабаб нест, ки дар баъзе сарчашмаҳои адабӣ Ҷомиро хотиматушшуаро, яъне охирин шоири бузурги форсизабон номидаанд.

Албатта, тавре  муҳаққиқон ба субут расондаанд, пас аз Ҷомӣ низ шоирони бузург зиндагӣ кардаанд. Вале ӯ суннатҳои пешини адабиётро идома дода,  ҳакимона ҷамъбаст намудааст.

Яке аз он суннатҳо, ки дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ чун хатти зарин ба назар мерасад, андешаву эҳсосоти башардӯстӣ мебошад. Таҷаллии ин андешаву эҳсосотро ҳам дар ашъори ғиноии шоир, амсоли ғазалу қасида, таркиббанду тарҷеъбанд, рубоиву қитъаҳо ва ҳам дар маснавиҳои бузурги «Ҳафт авранг» ва асари мансури «Баҳористон» метавон мушоҳида кард.

Дар маркази ҳамаи офаридаҳои Ҷомӣ низ инсон қарор дорад. Ӯ ҳам мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Носири Хусраву Умари Хайём, Саноиву Аттор,Саъдиву Ҳофиз ва дигар суханварони маъруф бузургии инсонро ситоиш карда, орзуву омол, андешаву эҳсос,  мақсаду маром ва ормонҳои ӯро ба  қалам додааст. Ӯ низ мисли гузаштагон ҳадафи асосии инсонро дар зиндагӣ  анҷоми кори нек, гузоштани осори хуб медонад:

Сафҳаи даҳр бувад дафтари умри ҳама халқ
Инчунин гуфт хирадманд, ки андеша гумошт.
Хуррам он кас, ки бар ин дафтари пок аз ҳама ҳарф
Рақами хайр кашиду асари хайр гузошт.

Аз нигоҳи Ҷомӣ чунин инсон худ аз худ ва ногаҳон падид намеояд.

Барои ташаккули инсон қабл аз ҳама омӯхтани илму дониш зарур аст:

Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав!

Барои ба даст овардани илму дониш кӯшишу талош ва заҳмати пайваста лозим аст. Аз ин рӯ инсон вақтро бояд ғанимат донад ва онро барои омӯзиши илму дониш сарф намояд:

Мазан пушти по бахти фирӯзро,
Ба қисмат се кун ҳар шабонрӯзро.
Якеро ба таҳсили дониш гузор,
Ки бедонишӣ нест ҷуз айбу ор.
Ба дониш шав андар дувóм коргар,
Савóмро ба бедонишон бар ба сар!

Вале илму дониши андухтаи инсон вақте арзиш пайдо мекунад, ки дар амал татбиқ шавад, мушкилеро дар зиндагӣ ҳал созад ва барои пешрафти ҷомеа хидмат намояд:

Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ

* * *

Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наярзад ба ҳеч.

Ҷомӣ, махсусан, ба омӯзиши пешаву ҳунар таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намудааст, ки бесаба нест. Аввалан ӯ низ касбу ҳунарро василаи зиндагӣ ва маишати рӯзгор медонад. Пешавар тавассути меҳнати пурмашаққат на танҳо рӯзгори худро сомон мебахшад, балки роҳатрасони дигарон ва ободгари мулк мегардад:

Марди косиб, к-аз машаққат мекунад кафро дурушт,
Бахри ноҳамвории нафси дағал сӯҳонгар аст.
Соғари роҳат бувад аз касб бар каф обила,
Вақти он кас хуш, ки роҳатёфта з-ин соғар аст.

Сониян аз ашъои шоир ба аҳли ҳунар робитаву пайвастагии қавӣ доштани ӯро метавон пай бурд. Тавре ки аз шарҳи ҳоли шоир маълум мегардад, ӯ ҳангоми зиндагӣ дар Самарқанд бо ҷараёни нақшбандияи тасаввуф ошноӣ ва гаравиш пайдо мекунад. Ин маслак аз ҷараёнҳои дигари тасаввуф пеш аз ҳама бо он тафовут дошт, ки бештар ба кору меҳнат ва аҳли пешаву ҳунар такя мекард. Шиори асосии ин маслак «Дил ба ёру даст ба кор» низ аз марому ҳадафи маслаки мазкур далолат менамояд. Дарвоқеъ ҳамин мароми меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми аҳли ҳунар боис гардиданд, ки Ҷомӣ пас аз баргаштан ба Ҳирот ба таври ҷиддӣ ба тарғибу ташвиқи маслаки мазкур машғул шуда, муддатҳо сарварии ин маслакро дар Хуросон ба уҳда гирифт. Ӯ ҳамчунин ба баррасии назариву амалии ин маслак пардохта, дар ин замина низ чандин асар офаридааст, ки «Нафаҳотулунс» намунаи барҷастаи онҳо мебошад.Дар ин тазкира ӯ роҷеъ ба ахволу осори беш аз 600 тан аз аҳли тасаввуф иттилоъ додааст. Дар зимни баёни аҳволи шайхону сӯфиёни маъруф низ ӯ ба иштиғоли онҳо ба пешаҳои гуногун ишораҳо кардааст.

Мароми башардӯстиву меҳнатдӯстии маслаки мазкур ба осори дигари шоир низ асар гузоштааст. Масалан, ӯ дар маснавии ирфонии «Саломон ва Абсол» тавассути симоҳои тасаввуфӣ андешаҳои баланди инсондӯстиро баён намудааст. Дар маснавии «Хираднномаи Искандарӣ» шоир ҷамъияти хаёлиеро тасвир мекунад, ки дар он ҳама озоду мусовӣ мебошанд. Ӯ дар ин маснавӣ орзува омоли мардумро бо тасвири шаҳри афсонавие ба қалам додааст.

Ҷомӣ ҳатто дар осори диниву тасаввуфии худ бештар ба масоили башардӯстиву инсонпарварӣ таваҷҷӯҳ доштааст. Бинобар ин наметавон ба баҳои зидду нақизе , ки донмшманди маъруфи рус И.С.Брагинский ба ӯ додааст, розӣ шуд: «Ҷомӣ инсони некхоҳтарин буд. Дар айни замон, ки ӯ мубаллиғи ғояҳои башардӯстӣ буд, дар осори худ тухми тарёки диниро мекошт». Мутассифона, барои исботи ин иддао далеле оварда нашудааст. Ошноӣ бо осори Ҷомӣ на танҳо иддаои мазкурро таъйид намекунад, балки баръакс мухолифи хурофоту риёкории шайхону зоҳидон будани шоирро нишон медиҳад.

Дар осори Ҷомӣ – ҳам дар ғазалу қитъаҳо ва ҳам дар маснавиҳову осори мансураш танқиду мазаммати сӯфиёну шайхони риёкор хеле зиёд ба назар мерасад, ки ин ҷо бо зикри чанд намуна иктифо мешавад. Аз ҷумла ғазале, ки бо матлаъи зер оғоз меёбад, саросар ба мазаммати сахти шайхоне, ки бо ҳар васила мардумро фиреб медиҳанд, ихтисос дода шудааст:

Фиғон зи аблаҳии ин харони бедуму гӯш,
Ки ҷумла шайхтарош омаданду шайхфурӯш.

Дар ғазали мазкур аз дину хирад дур будани ин тоифа, риёкориву мардумфиребии онҳо ошкор шудаст. Дар ғазали дигар шоир ба таври мушаххас як нафар аз чунин шайхони риёкорро мавриди тасвир қарор дода, хислатҳои манфури ӯро ба қалам додааст:

Шайхи худбин, ки ба ислом баромад номаш,
Нест ҷуз зарқу риё қоидаи исломаш
Хешро воқифи асрор шиносад, лекин
На зи оғоз вуқуф аст, на аз анҷомаш.

Ҷомӣ ҳам мисли Ҳофиз дурӯягиву риёкории шайхи гумроҳро бо истифодаи таъбири ӯ(«доми тазвир») хеле равшан нишон додааст:

Доми тазвир ниҳодаст,Худоё, メписанд,
Ки фитад тоири фархундаи мо дар домаш.

Танқиди сӯфиёну зоҳидони табаҳкор, ки дар замони шоир зиёд будаанд, дар осори дигари шоир низ фаровон аст. Дар маснавии «Силсилатуззаҳаб» шоир ҳатто фасли алоҳидае «Дар мазаммати сӯфинамоёни зоҳиророй ва маънигузорони суратпирой» ҷудо намуда, риёкориву мардумфиребии онҳоро ошкор намудааст:

Ҳазар аз сӯфиёни шаҳру диёр,
Ҳама номардуманду мардумхор…

Ҷои дигар шоир нафратуи худро нисбат ба чунин шайхони риёкор хеле сахт баён кардааст:

Туф бар ин сурату сират, ки туrост,
Туф бар ин ақлу басират, ки турост
Ин на суфигарию дарвешист,

Номусулмонию кофиркешист!
Нафсро ҳалқаи халқум бурӣ,
Беҳ ки аз ин зиккаи заққум хӯрӣ.
Дуздию роҳзанӣ беҳтар аз ин ,
Кафан аз мурда канӣ беҳтар аз ин!

Илова бар ин Ҷомӣ борҳо барои ҳокимон адлу додро нисбат ба диндориашон авлотар донистааст. Ӯ дар маснавии «Саломон ва Абсол» ошкоро таъкид мекунад, ки барои осоишу ободии мулк на диндории шоҳ, балки адолати ӯ зарур аст:

Нуктаи хуш гуфтааст он дурбин:
Адл дорад мулкро қоим на дин!
Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фареҳ,
Мулкро аз золими диндор беҳ!

Дар «Баҳористон» низ зимни ҳикояте ҳамин матлабро боз такрор ва таъкид намудаст:

Адлу инсоф дон, на куфру на дин
Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро
Беҳтар аз зулми шаҳи диндор аст

Баёни ошкорои чунин андешаҳо дар он даврон аз ҷуръати беназири Ҷомӣ дарак дода, бешубҳа аз мароми инсондӯстии ӯ маншаъ мегирад

Шоири башардӯст ҳамеша шоҳонро ба нарехтани хуни мардуми бегуноҳ, ба сулҳу амонӣ даъват менамояд., онҳоро ба адлу инсоф мехонад:

Нест лоиқтар аз ин ҳеҷ карам,
К-аз касон боз кашӣ дасти ситам.

Боз каш пой зи озори ҳама,
Даст бикшой ба исори ҳама!

Пайи мулк то чанд хун рехтан,
Ба ҳар кишваре лашкаре ангехтан?

* * *

Ҷаҳонподшоҳо, дар инсоф кӯш,
Зи ҷоми адолат маи соф нӯш!

Ҷомӣ, ки бо шоҳону вазирон, надимону дарбориён қаробату ҳамнишинӣ дошт, аз зулму бедодгарии онон, амали зишташон огоҳ буд. Шояд барои ба роҳи росту дуруст ҳидоят кардани онҳо ӯ насиҳатро пеша карда бошад. Зеро ӯ василаи беҳтар из инро дар тарбияти инсон намедид. Шоир ба неруи сухан ва асари насиҳат бовар дошт:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
Аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.

Бесабаб нест, ки дар «Хираднномаи Искандарӣ» барои ташаккули Искандар ҳамчун шоҳи одилу хирадманд маҳз насиҳат нақши калидӣ ва ҳалкунанда дорад. Дарвоқеъ насиҳат дар достони мазкур василаи шахсиятсоз буда, омили асосии ташаккулву такомули шоҳ ба шумор меравад. Тавассути насиҳат шоир аз Искандари таърихӣ, ки сарлашкари шуҷоъ, вале ғосибу таҷавузкор буд, як шахсияти мухолифи он шоҳи одилу хирадмандро ба вуҷуд овардааст.

Панду андарз дар адабиёти тоҷику форс дорои суннати хеле ғанӣ ва қадимӣ буда, ба хусус дар давраи тоисломӣ ривоҷи зиёд доштааст Идома ва ҷамъбасти он суннатро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ метавон мушоҳида кард. Пандномаи Бузургмеҳр, ки Фирдавсӣ хеле батафсил овардааст, далели барҷастаи он аст. Ҷомӣ низ ин суннати бостонии фарҳангиро идома дода ба ҳадди камол расондааст. Панду андарзҳои шоир хеле рангин буда, ҷанбаҳои гуногуни ҳаётро фаро мегиранд. Масалан, омӯзиши ҳунарро тарғиб намуда, онро аз зар авлотар медонад:

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷи зар пеши ҳунар чизе нест.

***

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

Ростиву росткориро Ҷомӣ из беҳтарин рафтору амалҳои инсон мешуморад ва ҳамеша онро талқин менамояд:

Рост рав, рост, ки сарвар бошӣ,
Дар ҳисоб аз ҳама бартар бошӣ!

* * *

Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин!

Аз каҷиву каҷравӣ андеша кун,
Ростииростравон пеша кун!

Ҷомӣ низ некиву накӯкориро аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ медонад:

Нек кун, то нек пеш ояд туро,
Бад макун, то бад нафарсояд туро.

Бӯ, ки аз чун ту накӯкирдоре,
Ба дили кас нарасад озоре.

* * *

Ба гетӣ мазан ҷуз ба некӣ нафас,
Ки ин аст оини некону бас!

Ба ин тартиб панду андарзҳои шоир тамоми паҳлуҳои асосии зиндагии инсонро дар бар мегиранд. Риштае, ки он ҳамаи дурру марворидҳои панду насиҳатии шоирро ба ҳам мепайвандад, ҳамон андешаву мароми башардӯстӣ аст. Зеро шоир ба ҳар мавзӯъе мурур кунад, инсон ва халқро дар мадди назар дорад. Наҷибтирин вазифаи ҳар фардро ӯ дар хидмат ба халқ медонад:

Эй ки пурсӣ, ки «беҳтарин кас кист?»
Гӯям аз қавли беҳтарин касон:
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ,
Беш бошад ба халқ нафърасон!

* * *

Ҷомӣ дар роҳи хидмат ба халқ фидокориву ҷоннисориро талқин намудааст:

Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,
То ба он базми касон афрӯзӣ.

Чунин панду андарзҳои ҳакимонаи шоир на танҳо арзиши волои умумибашарӣ доранд , балки аҳамияти бузурги ҷовидонӣ дошта, дар ҳамаи давру замонҳо ба дардҳои маънавии инсоният шифо мебахшанд.

## Алишер Навоӣ ва «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ

Дар ташаккул ва рушди Алишер Навоӣ ҳамчун адибу донишманд ва фарҳехтаи замон нақши фарҳанг ва ба хусус адабиёти форсизабон хеле бузург аст. Ӯ аз овони тифлӣ дар муҳити фарҳангии мардумони эронӣ парвариш ёфта, аз сарчашмаи ғании ин адабиёт баҳраи зиёд бардоштааст. Худи Навоӣ борҳо таъкид кардааст, ки аз осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Унсуриву Саноӣ, Анвариву Хоқонӣ ва адибони дигари форсизабон сабақ гирифтааст.

Яке аз сарчашмаҳои муҳиме, ки ба Навоӣ ғизои маънавӣ ва илҳом бахшидааст, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад. Роҷеъ ба робитаи ин ду шоири бузург муҳаққиқон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла дар осори донишмандони узбак В. Зоҳидов, А. Ҳайитметов, Э. Шодиев дар ин бора иттилоот дода шудааст. Аз ҷумла академик Воҳид Зоҳидов ба суннатҳои адабие, ки Алишер Навоӣ аз онҳо сабақ гирифтааст, ишора намуда, ба осори шоирони тоҷику форс, ба хусус «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ рӯй овардани ӯро таъкид мекунад: «Ин мероси бузург ва гаронбаҳои назм ба ташаккулу рушди истеъдоди хоси шоирии Алишер Навоӣ мусоидат намуд».1 А. Ҳайитметов таъкид менамояд, ки «Навоӣ як умр «Шоҳнома»-ро хондааст, омӯхтааст, аз он асрори маҳоратро гирифтааст».2 Э. Шодиев ба ин масъала бештар мавaққуф намуда, сабақҳои аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бардоштаи Навоиро бо чанд далел бозгӯ намудааст.3 Бо ин ҳама мавзӯъи мазкур ҳанӯз ба таври амиқу ҳарҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифта аст ва ниёз ба баррасии бештару густурдатар дорад.

Дар воқеъ шиносоии Амир Алишер Навоӣ бо адабиёти форсу тоҷик аз овони тифлии ӯ шурӯъ шудааст. Тавре ки худи шоир дар поёни умр навиштааст, «аввалин шеъре, ки аз ёд кардааст», як байти шоири форсу тоҷик Мир Қосими Анвор будааст.4 Ӯ таъкид мекунад, ки «дар он замон ман се ё чаҳорсола

будам. Вақте ки ашхоси муътабар  аз ман хоҳиш мекарданд, ки онро бихонам, аксаран  аз қироати ман тааҷҷуб мекарданд»5. Сипас Алишери наврас бо «Мантиқуттайр»-и шоири дигари тоҷику форс Фаридаддини Аттор ошно шуда, ба он чунон дил мебандад, ки гӯшанишинӣ ихтиёр карда ҳамеша ба зикри абёти маснавӣ машғул мешавад, ки ин ҳатто боиси нигаронии волидайнаш мегардад. Бад-ин минвол Алишер дар муҳити адабиву фарҳангии форсу тоҷик ба камол расида, таҳсили мадрасаро дар Машҳад шурӯъ мекунад ва дар Самарқанд идома медиҳад.

Алишер Навоӣ борҳо дар осори худ ба пайрави шоирони форсу тоҷик, ба хусус Абулқосими Фирдасӣ буданашро ҳатто дар осори туркиаш таъкид карда аз он илҳом бардоштанашро таъйид намудааст.  А. Ҳайитметов пас аз таҳқиқи «Хамса»-и Навоӣ ба чунин натиҷа мерасад: «Ман, хусусан, достони «Садди Искандарӣ»-ро ба дараҷаи маълум ҷавоб ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ медонам».6

Навоӣ борҳо дар осори маъруфи  худ амсоли девонҳои «Хазонулмаъонӣ», «Таърихи мулуки Аҷам», «Маҷолисуннафоис», «Муҳокиматуллуғатайн», «Маҳбубалқулуб», достонҳои «Хамса» ва  ғайра ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ишораҳо намудааст, ки аз бархӯрдориаш аз ин шоҳасар гувоҳӣ  медиҳад. Масалан, агар дар «Муҳокиматуллуғатайн» Фирдавсиро «устоди фанни  маснавӣ» номад, дар «Маҷолисуннафоис»  вайро «маликулкалом» мехонад. Дар поёни «Хамса» -аш ӯ  дар радифи Саъдиву Саноӣ, Хоқониву Анварӣ ва Унсурӣ  аз Фирдавсӣ низ сабақ гирифтанашро таъйид намудаст.

Дар таълифи асари маъруфи худ «Таърихи мулуки Аҷам низ Навоӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хеле босамар истифода кардааст.Тавре ки Э.Шодиев ҳам дуруст таъкид кардааст,  дар асари мазкур Навоӣ нисбат ба осори дигари таърихӣ  ба «Шоҳнома» бештар  такя насуда, таърихи салтанати шоҳони эрониро ба ҳамон тартибе, ки Фирдавсӣ зикр кардааст, баён намудааст.7

Алишер Навоӣ дар осори худ аз симоҳои барҷастае, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» офаридааст ба таври фаровон истифода кардааст. Ин симоҳо барои равшантару муассиртар  баён шудани матлаби шоир мусоидат кардаанд. Масалан, дар қасидае шоир мамдуҳаш шоҳро зимни ситоиши караму саховат ба Ҷамшеду Фаридун монанд мекунад. Дар маснавии «Сабъаи сайёр» ҷиҳати таъкиди гузашти айём ва бебозгашт будани вақт аз чеҳраҳои асотириву таърихии «Шоҳнома» ёд  мекунад:

Элгаким берди чарх уза авранг,

Не Каюмарс қолди, не Ҳушанг.
Канӣ Таҳмурасу канӣ Ҷамшед?
Бордилар барча жаҳондин навмед.
Канӣ Заххоку канӣ Афредун?
Ки борин қилди сарнагун гардун ?
Канӣ аждарни улдурур Гуштасп ?
Канӣ ганж элга базл этар  Куршасп?
Канӣ Кайқубоду Канӣ Кайковус?
Канӣ Кайхусраву Таҳамтану Тӯс?...

Ба ин минвол дар  маснавиҳои Навоӣ аз Каюмарсу Ҳушанг, Искандар, Рустам, Сом, Яздигурд, Баҳром, Хусрави Парвиз, Ширин, Шерӯя, Фарҳод ва асмоли онҳо ёд мешавад. Вале таваҷҷӯҳи Навоиро беш аз ҳама симои Рустам ҷалб намудааст. Бесабаб нест, ки дар як ғазали туркии ӯ се маротиба аз Рустам ёд шудааст.

Навоӣ на танҳо  аз симоҳои барҷастаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, балки аз андешаҳои баланди башардӯстиву меҳанпарастии ӯ низ бархӯрдор гашта,  илҳои гирифтааст. Дар «Таърихи мулуки Аҷам»  дар бораи Баҳром сухан ронда, Озарбойҷону Гурҷистон ва Дашти Қипчоқу Хоразмро аз ҷабру зулм озод кардани ӯро тасвир менамояд ва ҳокими замонаш Ҳусайн Баҳодурхонро  ба ӯ монанд мекунад ва ӯро чун «халоскунандаи  мардум аз  бадиҳо» ситоиш менамояд.

Таъсири «Шоҳноса»-и Фирдавсиро бар осори Навоӣ дар забону тарзи баёни ӯ ҳам метавон мушоҳида кард. Ҳатто дар ашъори туркии шоир  ифодаву тасвирҳои фирдавсиёна ба назар мерасад:

Алар пешвоси Каюмарси род,
Ким ул  қуйди  тахт узра ойини дод.
Яна бир жаҳонгир Ҳушанг эди,
Ки зебандаи  тожу авранг эди…

Навоӣ  на танҳо аз иттилооту додаҳои таърихиву асотирӣ, асомии шоҳону паҳлавонон ва асноди дигари «Шоҳнома» истифода кардааст, балки  ҳамчунин аз андешаҳои баланди башардӯстиву ахлоқии ӯ бархӯрдор шудааст. Навоӣ низ мисли Фирдавсӣ аз ҳаводиси таърихиву асотирӣ сабақ бардоштанро таъкид намуда, ҳокимони даврро  ба  сулҳу осоиш ва накукориву инсондӯстӣ даъват намудааст.

Дар таълифи «Хамса»-и худ ба хусус маснавиҳои «Сабъаи сайёра», «Фарҳод ва Ширин», «Садди Искандарӣ»  Навоӣ дар

радифи Низомиву Амир Хусрав ба Фирдавсӣ низ пайравӣ карда, аз «Шоҳнома»-и ӯ илҳом бардоштааст.

Навоӣ дар баъзе маворид ҳатто дар ашъори туркии худ мисраъҳои «Шоҳнома»-ро айнан бидуни тарҷума овардааст, ки хеле ҷолиб буда, шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ бо нусхаи хеле қадимаи шоҳасари Фирдавсӣ ошно будааст. Ӯ дар яке аз шеърҳои худ мисраеро аз «Шоҳнома» тазмин кардааст, ки на танҳо аз эҳтирому шинохти ин шоҳасар гувоҳӣ медиҳад, балки барои тасҳеҳи матни «Шоҳнома» ва ҳалли баъзе мушкилоти он низ мадад мерасонад:

Бу майдонда Фирдавсий ул гурд эрур,
Ки гар келса Рустам, жавобни берур…
Деди уз тили бирла ул кони ганж,
«Ки сӣ сол бурдам ба «Шоҳнома» ранҷ».

Мисраъи охири пораи фавқ тазмин аз байти машҳури Фирдавсӣ аст, ки бозгӯи ранҷу заҳматҳои шоир дар офаридани «Шоҳнома» аст ва ба ин шакл маъруф аст:

Басе ранҷ дбурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Дар мисраъи аввал ибораи «сол сӣ» хилофи қоидаи иборасозии форсӣ буда, шакли дурусташ «сӣ сол» аст. Вале хонанда ва ҳатто муҳаққиқон чунин мепиндоштанд, ки шоир шояд барои вазну қофия ин ибораро амдан дар шакли нодуруст истифода кардааст. Дар воқеъ Фирдавсӣ, ки дар баён устоди беназир буд, метавонист он ибораро ба тарзи дигар ва дуруст ба кор барад. Аз ин рӯ ба назари мо тарзи сабткардаи Навоӣ, яъне «сӣ сол» дуруст буда, аз нусхаҳои қадимии «Шоҳнома», ки мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст, маншаъ меёбад.

Ба ин тартиб истифода аз маводи «Шоҳнома»-ро дар кулли осори бадеиву илмиии туркиву форсии Навоӣ метавон мушоҳида кард. Ӯ ҳатто талоши Фирдавсиро дар пойдориву истиқлол пайдо кардани забони форсӣ мавриди ситоиш ва пайравӣ қарор додааст.

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки Алишер Навоӣ дар осори худ андешаҳои баланди ахлоқиву башардӯстии Фирдавсӣ ва суннатҳои волои «Шоҳнома»-и ӯро идома дода, дар рушди адабиёти Шарқ ба хусус адабиёти туркизабон саҳми бузург гузоштааст.

## Пайнавишт

1. В.Ю.Захидов. Огни истории. Классики и современники, Миосква, 1977. Воҳид Зоҳидов. Оташҳои таърих, Маскав, 1977, саҳ. 14.(ба забони русӣ).

2. А.Ҳайитметов. Темурийлар даври ўзбек адабиёти, Тошкент, 1996 А.Ҳайитметов. Адабиёти ўзбек дар давраи Темуриён,Тошкент, 1996, саҳ. 75.(ба забони узбакӣ).

3. Э.Шодиев. Алишер Навоий ва унинг салафлари, Ленинобод, 1967; Э.Шодиев. Алишер Навоий ва форс-тожик адиблари, Тошкент, 1989. Эргашалӣ Шодиев. Алишер Навоӣ ва аслофи ӯ, Ленинобод, 1967; Алишер Навоӣ ва адибони форсу тоҷик, Тошкент, 1989.(ба забони узбакӣ).

4. В.Ю.Захидов. Огни истории. Классики и современники, Миосква, 1977.Воҳид Зоҳидов. Оташҳои таърих, Маскав, 1977, саҳ. 7.

5. Ҳамон асар, саҳ.8.

6. А.Ҳайитметов. Темурийлар даври ўзбек адабиёти, Тошкент, 1996 А.Ҳайитметов. Адабиёти ўзбек дар давраи Темуриён,Тошкент, 1996, саҳ. 77.

7. Э.Шодиев. Алишер Навоий ва форс-тожик адиблари, Тошкент, саҳ 47.

## Рисолаи судманде дар илми бадеъ

Илми адабиётшиносии тоҷику форс, ки бо адабиёти оламшумули он зич алоқаманд аст, дорои таърихи басе бой ва бостонӣ буда, дар тӯли зиёда аз даҳ қарн барои инкишофи он адабиёт хидмати шоиста ба ҷой овардааст.

Пӯшида нест, ки осори адибони классики тоҷику форс на танҳо бо маънову мундариҷаи баланду рангин, балки инчунин бо нафосату латофат, балоғату малоҳат, шевоию дилрабоияш шӯҳрат дорад. Аз ин рӯ дар асрҳои миёна илми бадеъ, ки аз ҷузвҳои таркибии адабиётшиносӣ ба ҳисоб рафта, воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, тарзҳои ороишу зиннати калом, роҳҳои зебову муассир ва барҷаставу дилпазир ифода намудани мазмунро дар асар мавриди баҳс қарор медиҳад, дар қатори илмҳои дигари сегона – қофия ва арӯз хеле тавсиъа ва нумӯъ ёфта буд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳои адабиётшиносӣ, ки пурра ва ё қисман ба илми бадеъ бахшида шудаанд ва хушбахтона имрӯз дар

дастраси муҳаққиқонанд, метавон "Тарҷумон-ул-балоғат"-и Муҳаммад бинни Умари Родуёнӣ (асри 11), "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашидиддини Ватвот (асри 12), "Ал-мӯъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-Аҷам"-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Қайси Розӣ (асри 13), "Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ"-и Шарафиддин Ҳусейн бинни Муҳаммад Ромии Табрезӣ (асри 14), "Дақоиқ-уш-шеър"-и Тоҷулҳаловӣ" (асрҳои 14-15), "Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ"-и Шамсиддин Муҳаммад бинни Фахрии Исфаҳонӣ (асрҳои 14-15), "Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ –ул-ашъор"-и Ҳусейн Воизи Кошифӣ (асри 15), "Ҷамъи мухтасар"-и Ваҳиди Табрезӣ (асри 15), Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (асри 15), "Маҷмаъ-ус-саноеъ"-и Низомиддин Аҳмад бинни Муҳаммад Солеҳи Сиддиқӣ (асри 17), "Дурраи Наҷафӣ"-и Наҷафқулихони Мирзо (асрҳои 19-20) ва амсоли инҳоро ном бурд.

Бояд гуфт, ки аксари асарҳои мазкур ҳанӯз ба чоп нарасидаанд ва мавриди таҳлилу тадқиқи хосаи адабиётшиносон қарор нагирифтаанд.

Ҳол он ки омӯхтан ва дастраси умум гардондани чунин асарҳо , ҳамон навъе, ки маълум аст, аз як тараф барои омӯзиши афкори эстетикии халқҳои тоҷику форс, аз тарафи дигар барои равшан намудани бисёр марҳалаҳои таърихи адабиёт ва илми адабиётшиносӣ ва инчунин барои инкишофу такомули хусусиятҳои ғоявию бадеии адабиёти муосири тоҷику форс манфиатбахш мебошад.

Яке аз он асарҳои муҳимме, ки то ҳол на танҳо бо тасҳеҳу таълиқа ба чоп нарасидааст, балки комилан таҳлилу тадқиқ нашудааст, рисолаи "Маҷмаъ-ус-саноеъ" мебошад, ки ба адабиётшиноси форсизабони асри 17 Ҳиндустон Низомиддин Аҳмад бинни Муҳамад Солеҳ Ҳусайнии Сиддиқӣ тааллуқ дорад.

Доир ба рисолаи мазкур дар баъзе асарҳои адабиётшиносони тоҷик ва Эрон танҳо ишораҳои ҷудогонаро пайдо кардан мумкин аст.

Дар адабиётшиносии шӯравии тоҷик ном ва рисолаи муаллиф нахустин бор дар мақолаи Р. Ҳодизода "Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ"[31], ки дар он зимнан мисолҳои аз ашъори Рӯдакӣ овардаи Низомиддин Аҳмад низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, гӯшзад мешавад. Дар мақолаи мазкур инчунин оид ба бартарияти он рисола аз лиҳози тақсимоти санъатҳои бадеӣ ба ду гурӯҳ ва ғалатҳои зиёди котиб дар як нусхаи рисола ишораҳои муфид ба назар мерасад.

Муаллифи "Санъати сухан" Т. Зеҳнӣ, ки дар тартибу танзими асараш дар қатори асарҳои дигар рисолаи "Маҷмаъ-ус-саноеъ"-ро ҳам истифода кардааст, дар дебочаи китоб ба соли таълифи рисола, миқдори санъатҳои бадеии дар он зикршуда ва аҳамияти он ишора намуда, аз ҷумла менависад: "Дар аксарияти мавридҳо муаллиф (Низомиддин Аҳмад – М.М.) аз "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" ва "Ал мӯъҷам" нусхабардорӣ кардааст"[32].

---

[31] Р. Ҳодизода. Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ. Дар маҷмӯаи: "Рӯдакӣ ва замони ӯ", Сталинобод, 1958, саҳ. 116-118.
[32] Т. Зеҳнӣ. Санъати сухан, Душанбе, "Ирфон", 1967, саҳ. 21.

Дуруст аст, ки Низомиддин Аҳмад дар таълифи рисолааш асосан ба "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот ва дар баъзе мавридҳо ба "Эъҷози хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки аз маъруфтарин асарҳои илми бадеъ буданд, истинод ва пайравӣ намудааст. Инро ишораҳои зиёди худи муаллиф ба Рашиди Ватвот ва рисолаи ӯ, муқоисаи тарзи шарҳу тавзеҳи санъатҳои бадеӣ дар ду рисола, ки сонитар дар ин хусус батафсил таваққуф хоҳем кард, тасдиқ менамоянд.

Вале ба ақидаи болоии Т. Зеҳнӣ дар бобати аз асарҳои Рашиди Ватвот ва Шамс Қайси Розӣ "нусхабардорӣ кардани" Низомиддин Аҳмад розӣ шудан мумкин нест. Зеро аввалан, Низомиддин Аҳмад дар шарҳи санъатҳои бадеӣ ва зикри мисолҳо мустақилона амал карда, гуфтаҳо ва мисолҳои аз дигарон гирифтаашро гӯшрас намудааст. Миқдори чунин ишораҳои муаллиф зиёд аст, ки ҳоло бо овардани ин ду мисол иктифо менамоем:

"Ва Рашиди Ватвот ҷиҳати мисоли абдоъ ин ду байти Унсурӣ навишта..."

"Ва Рашиди Ватвот гуфта, ки ман ҳеҷ шеъре надидам, ки он ҳар се ҳолро (ҷамъу тафриқу тақсим-М.М.) ҷомеъ бувад..."[33]

Ҳатто дар баъзе мавридҳо ӯ ақидаи Рашиди Ватвотро оид ба санъатҳои ҷудогона (монанди луғз) рад менамояд.

Сонияи Низомиддин Аҳмад дар ягон ҷои рисолааш ба Шамс Қайси Розӣ ва асари ӯ ишорае накардааст. Умумияте, ки "Ал-мӯъҷам" ва "Маҷмаъ-ус-саноеъ" доранд, танҳо иборат аз он аст, ки дар ҳар ду рисола қисмати сирқоти шеърӣ вуҷуд дорад. Вале миёни рисолаҳои мазкур дар ҳайси тақсимот ва шарҳи сирқоти шеърӣ тафовути калоне мушоҳида мешавад.

Ба назари мо Низомиддин Аҳмад, ки дар сарзамини Ҳиндустон зистааст, аз "Ал-мӯъҷам"-и Шамс Қайси Розӣ хабар надоштааст, ё воқиф бошад ҳам онро истифода набурдааст.

Инчунин набояд фаромӯш кард, ки дар гузашта таърифи санъатҳои бадеӣ низ монанди масоили мухталифи арӯзу қофия ва дигар илмҳо то андозае қолаби муайян ва қатъиро (чавкоти муайян) касб карда буд, ки ин бешубҳа боиси як дараҷа ҳамрангу якнавохт шудани таърифу нишондодҳои рисолаҳои гуногуни оид ба ин ё он илм мегардид. Чунин ҳолатро ҳатто дар адабиёти бадеӣ метавон возеҳан мушоҳида кард. Масалан ба хотир овардани ҳамрангии сюжет ва образҳо дар достонҳои лирикӣ ва эпикӣ монанди "Лайлӣ ва Маҷнун"-ҳо, "Фарҳод ва Ширин"-ҳо, "Зафарнома"-ҳо кифоя аст.

Ҳамин тавр ба назари мо Низомиддин Аҳмад чи дар шарҳу тавзеҳи санъатҳои бадеӣ ва чи дар тавсифи навъҳои шеър ва сирқоти шеърӣ на ин ки аз асарҳои Рашиди Ватвот ва дигарон "нусхабардорӣ кардааст", балки ба он асарҳо эҷодкорона муносибат карда, дар баъзе мавридҳо таърифу нишондодҳои онҳоро вобаста ба ба замони худ такмилу тавсеъа

---

[33] Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ. Маҷмаъ-ус-саноеъ, нусхаи хаттии захираи дастхатҳои Шарқии АФ Тоҷикистон, рақами 358, варақҳои 102б, 108а.

додааст, ки онҳоро дар саҳифаҳои баъдина муфассалтар аз назар хоҳем гузаронд.

Доир ба ҳаёт ва фаъолияти Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ, мутаассифона, аз сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ маълумоте ба назар намерасад. Дар ин бобат танҳо дар иловае ба "Каромот-ул-авлиё" ном асари муаллиф баъзе ишоратҳоро пайдо кардан мумкин аст.

Чунон ки Низомиддин Аҳмад қайд мекунад, нисбати ӯ аз ҷониби модараш ба содоти Ҳусайнӣ мепайвастааст. Бобои модарии ӯ Мир Абдулқосимхони Тамкини Ҳусайнӣ ном дошта, дар замони салтанати Ҷалолиддини Муҳаммад Акбар (1556-1605) аз шаҳри Ҳирот ба Ҳиндустон омадааст ва ба хизмати дарбори подшоҳи мазкур дохил шудааст.

Аз ҷониби падар насаби Низомиддин Аҳмад ба қабилаи Сиддиқиён мерасад. Ин қабила аслан аз Санъони Араб буда, замоне бо Шибурғон омадааст ва он ҷо сокин гаштааст. Гурӯҳе аз ин қабила ба зиёрати Макка меравад, ки фарҷадди (бобокалони) Низомиддин Аҳмад – Шайх Низомиддин низ ҳамроҳи онҳо буд. Пас аз зиёрат онҳо ба сӯи Ҳиндустон роҳ мегиранд ва дар қасабаи Баҳлури тобеи Лакҳнав сокин мегарданд. Шайх Низомиддин дар андак муддат ба дарбори Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар роҳ ёфта, соҳиби давлату ҷоҳ мешавад. Вале писари Шайх Низомиддин бо роҳи падар нарафта, навкариро тарк мекунад ва умри худро ба омӯхтани илмҳои динӣ сарф менамояд. Пас аз вафоти ӯ писараш Шайх Муҳаммад Солеҳ (падари Низомиддин Аҳмад) аз нав ба хидмати дарбор даромада, мулозамати Шоҳиҷаҳонро ба ӯҳда мегирад ва дар дарбори ӯ ба мансаби олие сарфароз мешавад. Аз рӯи нишондоди Низомиддин Аҳмад падари ӯ зиёда аз 30 сол хидмати дарборро кардааст. Ӯ дар дарбор вазифаҳои гуногунеро аз қабили сардории ин ё он мулк, бахшигарӣ, воқеанависӣ, фавҷдорӣ иҷро мекардааст. Чанд муддат дар Шибурғон, Форёб, Сари Пул, Маймана ва навоҳии атрофи онҳо аминӣ карда, се сол дар Лакҳнав низ мансабдори калоне будааст.

Ҳамон навъе ки Низомиддин Аҳмад қайд мекунад, падараш Муҳаммад Солеҳ илова ба омӯхтани илмҳои динӣ ба шоирӣ низ шуғл варзидааст. Ба ин аз як тараф намунаҳои зиёде, ки аз ашъори ӯ барои санъатҳои бадеӣ дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" оварда шудааст ва аз тарафи дигар ишораи зерини Низомиддин Аҳмад дар "Каромот-ул-авлиё" шаҳодат медиҳад: "Он ҳазратро (Муҳамад Солеҳ – М.М.) ашъори писандида ба забони ҳол бисёр аст. Аз он ҷумла маснавии "Ороми ҷон", ки зиёда бар ду ҳазору понсад байт аст"[34].

Вале аз эҷодҳои ӯ ҳоло ба мо танҳо абёти пароканда ва порчаҳо аз маснавии "Ороми ҷон" боқӣ монда, шеърҳои мукаммал дастрас нестанд.

Дар бобати соли таваллуд, ҷараёни зиндагӣ ва аҳволи Низомиддин Аҳмад маълумоте аз сарчашмаҳо ба назар намерасад. Муаллифони феҳристҳо низ дар ин хусус хомӯш мондаанд. Танҳо дар феҳристҳои Рё (ҷ. 3) ва Муқтадир (ҷ. 9) дар аҳди Шоҳиҷаҳон зиндагӣ ва эҷод намудани ӯ зикр ёфтааст. Зодгоҳи ӯ деҳаи Баҳлури тобеи Лакҳнави Ҳиндустон

[34] Низомиддин Аҳмад, Каромот-ул-авлиё, вар. 472б.

будааст. Аввалан инро ишораи худи Низомиддин Аҳмад, ки бобоёнаш ба ин деҳа кӯчида омадаанд, тасдиқ мекунад. Сонияи чӣ навъе ки дар феҳристи Муқтадир зикр гаштааст, дар яке аз нусхаҳои хаттии "Маҷмаъ-ус-саноеъ", ки дар китобхонаи Банкипур маҳфуз аст, ному нисбаи муаллиф Низомиддин Аҳмад бинни Муҳаммад Солеҳ Баҳлурии Сиддиқии Ҳасанӣ сабт ёфтааст.

Санаи таваллуди Низомиддин Аҳмадро миёни солҳои 1020-1030ҳ. тахмин кардан мумкин аст. Зеро соли 1068 ҳангоми фавти падараш ӯ бояд шахси баркамоле бошад, ки ба ӯҳдааш иҷрои чанд вазифаи масъулиятдорро гузоштаанд. Илова бар ин ӯ маҳз дар ҳамин давра (то соли 1068) ду асари маъруфашро эҷод намудааст. Далели зайл низ дар ҳамон солҳо ба дунё омадани ӯро тақвият медиҳад. Дар оғози рисолаи "Маҷмаъ-ус-саноеъ", ки соли таълифаш 1060 аст, муаллиф овони ҷавониашро ёдовар шуда, "дар ҷавонӣ ва оғози шубоб рағбате дар шеърхонӣ" доштанашро қайд месозад.

Низомиддин Аҳмад низ тарбия ва таълими падарашро гирифта бо роҳи ӯ рафтааст. Аз як тараф ба корҳои идорӣ шуғл варзида бошад, аз тарафи дигар мисли падараш илмҳои диниро хуб аз худ намудааст, ки таълифи "Кароматуул-авлиё" барин асари бузург гувоҳи он шуда метавонад.

Аз таълифоти Низомиддин Аҳмад танҳо ду асар ("Маҷмаъ-ус-саноеъ" ва "Каромот-ул-авлиё") маълум ва дар дастраси мост. Доир ба вуҷуд доштан ё надоштани асарҳои дигари ӯ дар ягон ҷой ишорае ба назар намерасад. Вале аз чанд порчаи шеър, ки дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" зикр ёфтааст, пай бурдан душвор нест, ки ӯ қобилияти шоирӣ ҳам дошта, шояд ба миқдори муайян шеърҳо низ суруда бошад. Эҳтимоли қавӣ меравад, ки иддае порчаҳои шеърии дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" бидуни муаллиф сабт ёфта, ба қалами Низомиддин Аҳмад тааллуқ доранд.

Асаре, ки ба туфайли он номи Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ дар илми адабиётшиносии форсизабонон маъруф гаштааст, "Маҷмаъ-ус-саноеъ" мебошад. Рисолаи мазкур аз ҷумлаи асарҳои пурбаҳоест, ки доир ба илми бадеъ таълиф ёфта, дар замони муаллифи он ва минбаъд ҳамчун дастури муҳимме дар лиҳози истеъмоли саноеи бадеӣ хидмати шоистае ба ҷой овардааст.

Нусхаҳои зиёди ин асар, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нигоҳ дошта мешавад, аз васеъ интишор ёфтани он гувоҳӣ медиҳанд.

"Маҷмаъ-ус-саноеъ" аз муқаддимаи мухтасар, чаҳор фасл, хотима таркиб ёфта, шарҳу тавзеҳи 73 санъати бадеӣ ва 10 навъи шеърро дар бар мегирад.

Аз фасли аввали рисола, ки "Дар тақсими калом" ном дорад, Низомиддин Аҳмад пеш аз ҳама каломро ба ду қисм (каломи манзум ва каломи мансур) ҷудо мекунад. Каломи мансур ё худ насрро муаллиф иборат аз се қисм медонад:

1. *Мураҷҷаз –насре, ки вазни шеър дорад, аммо қофия надорад.*
2. *Мусаҷҷаъ – насре, ки қофия дорад, вале вазн надорад.*

3. *Орӣ – каломи мансуре, ки на қофия дораду на вазн.*

Муаллиф доир ба навъҳои каломи мансур бо овардани таърифи мухтасари онҳо қаноат намуда, дар бобати каломи манзум ва ақсоми он ба таври муфассал таваққуф менамояд.

Каломи манзум дар асар ба 10 навъи зайл тақсим карда шудааст: ғазал, қасида, ташбиб, қитъа, рубоӣ, фард, маснавӣ, тарҷеъ, мусаммат, мустазод. Доир ба ҳар як навъи шеър ба таври алоҳида таваққуф намуда, муаллиф барои онҳо мисол ва намунаҳо меорад. Аз чӣ сабаб бошад, ки ӯ шарҳи тарҷеҳ, мусаммат ва мустазодро на дар фасли аввал, балки дар фасли дуввуми асар, ки оид ба санъатҳои лафзист, меорад. Ҳарчанд ба ин худи муаллиф ишора менамояд, вале сабаб ва мақсади ӯ маълум намегардад. Ҳаминро низ бояд хотирнишон сохт, ки ташбиб яке аз ҷузъҳои таркибии қасида аст ва ба тарзи алоҳида суруда намешавад, вале Низомиддин Аҳмад ташбибро дар баробари қасидаву ғазал ва ҳоказо ба силки навъҳои мустақили шеър дохил мекунад.

Азбаски навъҳо ва жанрҳои шеърии адабиёти тоинқилобии тоҷик ҳанӯз ба таври амиқ ва ҳамаҷиҳата мавриди таҳлилу тадқиқи хосае қарор нагирифтааст, ин ҷо аз назар гузаронидани мулоҳизаҳои Низомиддин Аҳмад доир ба баъзе навъҳои шеър аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Низомиддин Аҳмад зикри ақсоми шеърро аз ғазал оғоз мекунад, ки бесабаб нест. Ба назари мо яке аз сабабҳои ба ғазал бештар таваҷӯҳ зоҳир намудан ва онро пеш аз ҳама шарҳ додани муаллиф ба мақоми дараҷаи аввал доштани ғазал дар давраи муаллиф вобаста аст.

Муаллиф ба таври мӯҷаз дар бобати маънои луғавӣ ва истилоҳии ғазал, адади абёт ва баъзе ҷиҳатҳои мундариҷавии он маълумот медиҳад: "Ғазал дар луғат дӯст доштан аст ҳадис ба занон ва дар истилоҳ абёти чандест муттаҳид дар вазн ва қофия, ки байти аввали он абёт мусарраъ аст ва мусарраъ байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраъи ӯ қофиядор бошад ва алон инро матлаъ номанд ва машрут он аст, ки мутаҷовуз аз дувоздаҳ байт набошад. Агарчи баъзе аз шуарои салаф зиёда аз дувоздаҳ байт ҳам гуфтаанд. Аммо алҳол он тариқ ғайримаслук аст ва аксар абёти ғазалро ёздаҳ байт муқаррар кардаанд ва ҳар шеъре, ки зиёда бар он бошад, онро қасида мегӯянд. Дар ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли муҳиб ва васфи аҳволи ишқу муҳаббат аст".

Барои мисоли ғазалҳои ишқӣ Низомиддин Аҳмад се ғазали пурраи Амир Хусрави Деҳлавиро ва 1 ғазали Ҳофизи Шерозиро оварда, сипас дар хусуси мавзӯъҳои дигарро низ аз қабили мавзӯъҳои ирфонӣ, хамрӣ дар бар гирифтани ғазал изҳори ақида мекунад ва боз як ғазали Амир Хусрави Деҳлавиро мисол меорад.

Дар охири маълумоти худ муаллиф дар хусуси овардани тахаллус дар мақтаъи ғазал сухан ронда, инро ҷиҳати хуби он медонад: "Мустаҳсан он аст, ки исми шоир дар мақтаи ғазал биёяд, агарчи муқаддимин инро кам риоят намудаанд. Аммо баъд аз Муслиҳиддин Шайх Саъдии Шерозӣ раҳматуллоҳи илайҳа маъруфи дигар аст".

Аз иқтибосҳои боло пай бурдан душвор нест, ки Низомиддин Аҳмад танҳо бо такрори таърифи нисбат ба ғазал додаи донишмандони

пешина қаноат накарда, ба вазъи ғазал ва ғазалсароии замонаш низ диққат додааст ва баъзе хусусиятҳои онро баён намудааст. Аз ҷумла ишораҳои муаллиф доир ба миқдори абёти ғазали он давра ва зикри тахаллуси шоир дар мақтаъи он ҳарчанд ҷузъианд, вале барои санҷидани таҳаввулу такомули навъи ғазал дар давраҳои мухталифи адабиёти тоҷику форс дорои манфиате мебошанд. Дар ҳақиқат тахаллуси шоирон дар мақтаи ғазал то давраи Саъдии Шерозӣ хеле кам оварда мешуд ва дар асрҳои минбаъда бошад, ин ба ҳукми одат ва анъана медароят.

Аз рӯи тақсимоти Низомиддин Аҳмад қасида навъи дуюми шеър буда, "дар истилоҳ монанди ғазал аст. Магар он ки дар ин шарт он аст, ки зиёда бар дувоздаҳ байт бошад ва ин гоҳ дар мадҳ ва зам мебошад ва гоҳ дар насоеҳ ва умури дигар".

Муаллиф бо овардани ҳамин таърифи хеле мухтасар ва номукаммал қонеъ шуда, унсурҳои дигари қасидаро зикр менамояд. Ӯ доир ба истифодаи матлаъ дар қасида сухан ронда, ақидаи онҳоеро, ки овардани танҳо як матлаъро зарур медонанд, рад мекунад ва дар қасида роиҷ будани чанд матлаъро таъкид намуда, барои тақвияти фикр аз қасидаи Котибӣ мисол меорад: "Раво бувад, ки дар қасида ду байт ё се байт мусарраъ биёяд, ки мурод аз матлаъ аст ва баъзе бар онанд, ки матлаъ ҳамин байти аввал асту бас. Аммо мустаҳсан он аст, ки чун шоир хоҳад, ки дар қасида матлаъи дигар андозад, ишорате бад-он намояд".

Муаллиф ба ҷиҳатҳои фарққунандаи қасидаҳои шоирони Аҷам ва Араб ишора намуда, тафовути асосиро танҳо дар миқдори абёти онҳо медонад: "Назди Араб қасида ҳадди муайян надорад, чунончи ки аз понсад байт зиёда мегӯянд ва фусаҳои Аҷам ниҳояти мустаҳсани қасидаро саду бист байт муқаррар намудаанд.

Ҳамон навъе ки дар боло қайд шуд, Низомиддин Аҳмад ташбибро як навъи мустақили шеър меҳисобад. Вале аз мулоҳизаҳои доир ба ташбиб ва хусусиятҳои он баёнкардаи ӯ бар хилофи ақидаи аввалаш равшан мегардад, ки ташбиб на ин ки навъи ҷудогонаи шеър, балки як қисми таркибии қасида будааст: "Ат-ташбиб дар луғат зикри айёми шубоб ва сифати маъшуқ ва шарҳи ҳоли хеш аст дар ишқ. Ва дар истеъмол он аст, ки шарҳ диҳанд: хоҳ аҳвол ва авсофи ишқ, хоҳ чизи дигар монанди лайлу наҳор ва гулу гулзор ва мунозироте, ки шуаро миёни гулу мул ва шабу рӯз ва амсоли он банданд то мадҳи мамдӯҳ онро ташбиб хонанд. Билҷумла абёте, ки авоили қасида бошад то мадҳ муштамил бар он чи хотири шоир хоҳад, онро ташбиб номанд. Ва ин аз қисми ғазал аст ва ҳар қасида, ки муштамил бошад бар абёти ташбиб, лозим аст, ки онро тахаллус биёранд, яъне гурез ва он интиқол аст аз услуби ташбиб ба мадҳи мамдӯҳ ба ваҷҳе муносиб, чунончи дар тамсил маълум шавад ва ҳар қасида, ки дар ӯ тахаллус набувад, онро муқтазаб гӯянд ва ҳар қасида, ки аз ташбиб орӣ бошад, чунончи аз ибтидо ба мадҳ шурӯъ кунанд, онро муҷаддад номанд".[35]

Ногуфта намонад, ки Низомиддин Аҳмад низ монанди дигар донишмандон ва адабиётшиносони пешина барои муайян кардани

[35] Ҳамон ҷо, вар. 8б-9а.

навъҳои шеър ва нишон додани тафовутҳои миёни онҳо ҷиҳатҳои шаклӣ ё худ қолаби зоҳирии ононро меъёри асосӣ ва маҳаки санҷиш қарор додааст. Барои мисол дар намунаҳои нақлшуда ӯ тафовути қасидаро аз ғазал асосан дар зиёд будани миқдори абёти он донистааст. Ҳол он ки аз муқоисаи умумии намунаҳои ин ду навъи шеър фарқиятҳои зиёдеро аз қабили таркиби алфоз, мавзӯот, системаи образҳо, усули нигориш ва ҳоказо миёни онҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ҷиҳатҳои шаклӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудани муаллифони асарҳои адабиётшиносии гузашта махсусан дар таърифи қитъа баралоина хувайдост. "Ал-қитъа, -менависад ӯ,- дар лафз пораест аз чизе... ва дар истилоҳ абёти чандест, ки муттаҳиданд дар қофия ва вазн ва матлаъ надорад. Зеро ин агар матлаъ бошад, холӣ аз ду ҳол нест: Агар мутаҷовуз аст аз дувоздаҳ байт қасида аст ва агар кам аз он аст, ғазал аст".[36]

Ҳамаи гуфтаҳои боло далели онанд, ки аксари донишмандони пешинаи назарияи адабиёт ва аз он ҷумла Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ низ ҳангоми муайян кардани навъҳои шеър то андозае яктарафа муносибат намудаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳатто гуфтаҳои онҳо ба амалияаш созгор намеояд.

Ҳол он ки таърифи пурра ва комилан дурусти навъҳои шеърро танҳо дар сурати ба эътибор гирифтани хусусиятҳои лафзиву маънавӣ ва ошкор намудани моҳияту вазифаи онҳо муайян кардан имконпазир хоҳад буд.

Низомиддин Аҳмад дар фасли аввал инчунин роҷеъ ба дигар навъҳои шеър амсоли рубоӣ, фард ва маснавӣ маълумот медиҳад. Ӯ доир ба рубоӣ сухан ронда, дорои вазни махсус будани ин навъи шеърро қайд мекунад.

"Ар-рубоӣ иборат аз ду байтест, ки (муттафиқ) дар вазн ва қофия ва вазни махсус ба вазни "ло ҳавла вало қуввата ило биллоҳ" бошад ва мисраи саввуми ӯро қофия шарт нест ва инро... дубайтӣ ва чаҳормисраъӣ низ номанд. Рубоӣ:

Дӣ зулфи абирбези анбарсоят
Аз тарфи баногӯши сумансимоят.
Афтода ба пои ту ба зорӣ мегуфт:
Сар то поям фидои сар то поят.

Фард аз ҷумлаи навъҳои шеъриест, ки асоси фолклорӣ доранд ва ба адабиёти хаттӣ аз эҷодиёти лафзии халқ гузаштаанд. Оид ба ин навъи шеър, ки дар адабиёти классикии тоҷику форс ба нудрат дучор меояд, дар сарчашмаҳои адабӣ ва асарҳои адабиётшиносӣ маълумот хеле кам ба назар мерасад. Ҳарчанд Низомиддин Аҳмад зикри фардро дар асараш меорад, вале мутаассифона, маълумоти ӯ низ хеле мухтасар буда, намунаҳои нақлкардааш ҳам зиёд нест. Ӯ фард гуфта яккабайтеро меномад, ки ҳар ду мисраъ ва ё як мисраи он дорои қофия бошад. Чанд

[36] Ҳамон ҷо, вар. 10б.

мисоли овардааш низ ба гуфтаҳои ӯ мувофиқ меоянд. Фарде, ки ҳар ду мисрааш қофиядор аст:

Ба парирӯе агар ҳамхона бошад касе,
Майли берун ар кунад девона бошад касе.

Фарде, ки танҳо мисраи охир қофия дорад:

Гар бад-ин шаклу шамоил сӯи маҳшар бигзарӣ,
Қозии ҳашр ба таъзими ту аз ҷо хезад.

Маълумоти доир ба маснавӣ додаи Низомиддин Аҳмад низ қобили таваҷҷӯҳ аст. Ӯ пеш аз ҳама таърифи ин навъи шеърро дода, номи дигари онро, ки муздаваҷ аст, зикр мекунад ва сипас доир ба ҳафт баҳри маъмули маснавӣ аз достонҳои маъруф таҳти унвони "ҳикоят" мисолҳо меорад. Дар ин бобат худи муаллиф чунин менависад: "Ал-маснавӣ абётест муттафиқ дар вазн, ки (ҳар) яке аз он ду қофия дорад ва ҳар байте (ро) қофияи хоси алоҳидае аст ва инро муздаваҷ низ номанд".

Низомиддин Аҳмад таърифи мусамматро зикр намуда аз чӣ сабаб бошад, ки онро ба силки санъатҳо дохил мекунад: "Ал-мусаммат. Тасмит дар луғат марворид дар ришта кашидан аст ва дар саноеъ чунон аст, ки шоир мисрае чанд гӯяд, ки мутаффиқ бошад дар вазн ва қофия ва дар охири мисраи охир, ки мутаффиқ аст дар вазну қофияи аслӣ биёрад, ки бинои шеър бар он аст".

Аз рӯи гуфтаи муаллиф адади мисраъи бандҳои мусаммат аз 4 то 10 мебошад, ки дар асоси он мусаммат ба 7 қисм ҷудо карда мешавад: "Ақалли мисраъи мусаммат чаҳор аст ва аксараш даҳ. Бар ин тақдир ҳафт қисм мешавад: мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусаббаъ, мусамман, мутассаъ, муъашшар".

Сипас доир ба ҳар як навъи мусаммат аз ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Ҳоҷа Имод, Анварӣ, Манучеҳрӣ, Ҷавҳарии Заргар намунаҳо дарҷ мегардад.

Пас аз мусаммат дар рисола шарҳи мустазод зикр ёфтааст. Низомиддин Аҳмад бар хилофи мусаммат мустазодро навъе аз каломи манзум медонад ва таърифи онро баён мекунад.

Охирин навъи шеъре, ки Низомиддин Аҳмад доир ба он маълумот додааст, тарҷеъ мебошад. Ва ӯ бо истилоҳи тарҷеъ мафҳумҳои тарҷеъбанд ва таркиббандро дар назар доштааст.

Фаслҳои дуввум ва сеюми рисола, ки аз қисматҳои асосии асар ба шумор меравананд, ба тафсиру ташреҳи санъатҳои бадеӣ бахшида шудаанд. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки Низомиддин Аҳмад тамоми санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳи асосӣ – санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ тақсим намуда, ба ҳар гурӯҳ боби алоҳидаеро махсус мегардонад.

Сонияи санъатҳои бадеиро ба эътибори ҷои истеъмолашон ба санъатҳои бадеии хоси назм, наср ва муштарак ҷудо кардан мумкин аст. Ҳарчанд Низомиддин Аҳмад чунин тақсимотро таъйид накардааст, вале ишораҳои ӯ дар ин бобат ҷолиби диққат аст. Муаллиф дар таърифи

санъатҳое, ки ба назм хосанд, калимаи "шоир", дар таърифи санъатҳои муштарак калимаю ибораҳои "мутакаллим", "шоир ё муншӣ"-ро зикр менамояд.

Азбакси ба таври алоҳида дида баромадани санъати бадеии дар рисола зикршуда ва муқоисаи ақидаҳои Низомиддин Аҳмад бо андешаҳои муаллифони асарҳои дигари илми бадеъ кори басо доманадорест, мо ин ҷо танҳо чанде санъатҳои бадеии "Маҷмаъ-ус-саноеъ"-ро дар муқоиса бо рисолаи "Ҳадоиқ-ус-сеҳр", ки муаллиф асосан ба он такя намудааст, аз назар гузаронида, дар охир хусусиятҳои умдаи асарро иҷмолан зикр менамоем.

Дар фасли дуввуми рисола Низомиддин Аҳмад доир ба 36 санъати бадеии лафзӣ маълумот дода, дар оғози он қайд мекунад, ки миқдори санъатҳои бадеӣ хеле зиёд аст ва дар рисола қисмате аз он "санъатҳои мӯътабар ва мӯътамад" оварда мешавад.

Аввалин санъате, ки дар ин фасл зикр мегардад, тарсеъ мебошад. Муаллиф сабаби бо ин санъат оғоз кардани фаслро дар хубу шоиста омадани он санъат дар матлаъи шеър нишон медиҳад.

Низомиддин Аҳмад ҳангоми зикри санъати тарсеъ аввал маънои луғавии онро шарҳ дода, сипас таърифашро меорад ва мисолҳо нақл менамояд. Дар таърифи тарсеъ муаллиф ба хусусияти асосии ин санъат, ки ҳамоҳанг омадани калимаҳои муқобили якдигар қароргирифтаи байт аст, ишора намуда менависад: "Ат-тарсеъ. Посрӣ(аш)- нишондоди ҷавоҳир аст дар чизе ва дар истилоҳи булағо иборат аз он аст, ки муншӣ ё шоир бахшҳои суханро хона-хона намояд ва дар баробари ҳар калима калимае биёрад, ки мутасовиюлвазн ва мувофиқулқавофӣ бошад".

Таърифи мазкур ба таърифи доир ба тарсеъ додаи Рашиди Ватвот аз ҷиҳати маънӣ монанд бошад ҳам, вале аз лиҳози таркибу иборат тафовут дорад. Ин тафовут махсусан дар овардани мисолҳо равшантар мушоҳида мешавад. Низомиддин Аҳмад як мисол аз "Қуръон" ва як намуна аз абёти худи Рашиди Ватвотро бо ишораи махсус зикр мекунад, ки дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" мавҷуданд. Намунаҳои дигар, ки аз ашъори Абдулвосеъи Ҷабалӣ, Салмони Соваҷӣ мебошанд, дар асари Рашиди Ватвот ба назар намерасанд.

Фарқи асосӣ дар овардани мисолҳо миёни ин рисолаҳо иборат аз он аст, ки Рашиди Ватвот абёти арабиро хеле зиёд меорад, Низомиддин Аҳмад бошад бо зикри як ё ду мисоли арабӣ, ки бештар аз "Қуръон" аст, қаноат мекунад. Масалан, агар дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" барои тарсеъ 7 мисоли арабӣ иқтибос шуда бошад, Низомиддин Аҳмад ҳамагӣ 2 мисоли арабиро зикр мекунад. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки ӯ дар охири маълумоташ дар ашъори Абулфараҷи Қазвинӣ хеле серистеъмол будани ин санъатро қайд менамояд, ки дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" чунин ишора дида намешавад.

Яке аз санъатҳои лафзие, ки дар ороиши сухан мақоми шоистае дорад, таҷнис мебошад.

Низомиддин Аҳмад доир ба таҷнис ҳам бо ҳамон тартиби дар шарҳи тарсеъ пешгирифта сухан ронда, онро ба 7 қисм ҷудо мекунад.

"Таҷнис, - мегӯяд ӯ,- дар луғат монанд будан аст ва дар истилоҳ он аст, ки дабир ё шоир ду лафз ё зиёда аз як ҷинс наздики якдигар биёрад,

ки дар гуфтан ва ё навиштан монанди ҳам бошанд ва дар маънӣ мухталиф ва ин ҳафт қисм аст: таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мураккаб, таҷниси мукаррар, таҷниси мутарраф, таҷниси хат".

Бояд гуфт, ки таърифи ба таҷнис додаи Низомиддин Аҳмад назар ба таърифи Рашиди Ватвот пурратар буда, илова бар ин дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" маънои луғавии таҷнис ва дигар санъатҳо шарҳ дода мешаванд. Вале дар бобати ба навъҳо тақсим кардани санъати таҷнис ва унвони онҳо ҳар ду муаллиф ҳамфикранд.

Рашиди Ватвот менависад: "Ин санъат (таҷнисот – М.М.) чунон бошад, ки калимоте бошад монанди якдигар ба гуфтан ё набиштан дар наср ё дар назм ва ин ҳафт қисм аст: таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси шойид, таҷниси мураккаб, таҷниси мукаррар, таҷниси мутарраф, таҷниси хат".[37]

Аз муқоясаи шарҳи навъҳои таҷнис дар ду асар бармеояд, ки Низомиддин Аҳмад дар ин бобат мустақилона амал кардааст. Ҳарчанд таърифи он навъҳо ба ҳам монандӣ доранд, вале мисолҳо асосан фарқ мекунанд, Рашиди Ватвот номи дигари таҷниси зойидро музайял меномад. Аммо Низомиддин Аҳмад таҷниси зоидро ба се қисм ҷудо намуда, ба қисми сеюми он музайял ном мениҳад.

Агар дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" номи дигари таҷниси ноқис – маҳзуф зикр шуда бошад, дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" қайд шудааст, ки таҷниси хатро музоразъа ва мушокала низ гӯянд.

Ҳангоми муқоясаи навъҳои мазкур бо мисолҳояшон маълум мегардад, ки ҳам маҳзуф номидани таҷниси ноқис ва ҳам музораъа ва муокала ном гирифтани таҷниси хат чандон саҳеҳ нест. Зеро аввал ин ки дар таҷниси ноқис ҳарф ва ё овозе ҳазаф ё худ партофта нашуда, танҳо ҷои як овози садонокро овози садоноки дигар мегирад ва дар навишт тағйироте ба вуҷуд намеояд. Вале "маҳзуф" маънои бурида партофтани чизе ва дар айни ҳол партофтани овоз ё ҳарфро дорад. (Аз ҳамин қабил аст дар баҳри арӯз зиҳофи маҳзуф, ки аз буридани се овози охири рукни асосии баҳри ҳазаҷ "мафоъилун" ҳосил мешавад).

Инчунин дар худи "Маҷмаъ-ус-саноеъ" санъати дигаре ҳаст, ки ҳазаф ном дорад.

Сониян, таҷниси хатро музораъа ва мушокала номидани Рашиди Ватвот аз он сабаб саҳеҳ нест, ки бо номи мушокала дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" санъати алоҳидае зикр шудааст ва он аз таҷниси хат комилан фарқ мекунад.

Ҳар ду муаллиф ҳам ба таркиббанди Қатрон, ки дар он аз аввал то охир таҷниси мукаррар риоя шудааст, ишора менамоянд. Вале агар Рашиди Ватвот бо овардани танҳо як таркиббанди Қатрон қаноат карда бошад, Низомиддин Аҳмад ду банди онро пурра зикр мекунад, ки ин боиси ба хонанда равшан шудани моҳияти санъати мазкур ва қудрату маҳорати шоир мегардад.

---

[37] Рашиди Ватвот, Девон, бо муқаддима, муқобала ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ, Теҳрон, 1388, саҳ. 625-626.

Санъати дигари лафзие, ки шарҳи онро ҳар ду муаллиф қаламдод кардаанд, мақлуб аст.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки тавассути ин санъат ба андозаи кам бошад ҳам аз нуқтаи назари муаллифон доир ба шеър пай бардан мумкин аст. Зеро санъати мақлуб, ки бунёди он бар пасопеш гузоштани ҳарфу калимаҳо дар байт аст, аз ҷумлаи он санъатҳои лафзиест, ки на барои ифодаи мазмуну афкори баланд ва ороишу тазйини сухан, балки барои шаклпарастии маҳз ва суханбозӣ истифода мешуд. Рашиди Ватвот таърифи мақлубро ба ин тариқа зикр мекунад: "Ва аз ҷумлаи санъатҳое, ки дар назму насри бадеъ ва ғариб доранд ва бар қуввати табъу хотираи шоиру дабир далолат кунад, мақлуб аст ва мақлуб бошгуна (яъне вожгуна – М.М.) бошад ва анвоъи ӯ басест. Аммо чаҳор навъи маъруфтарро ин ҷо ёд мекунем: мақлуби баъз, мақлуби кул, мақлуби муҷаннаъ, мақлуби муставӣ".

Аз ин таъриф бармеояд, ки Рашиди Ватвот аз ҷумлаи тарафдорони равияи шаклпарастист ва дар шеър зиёд кор фармудани ҳар гуна санъатҳои лафзиро аз қуввати табъу хотири шоиру нависандагон медонад. Ба ин ашъори худи шоир низ гувоҳӣ медиҳанд. Дар девони ӯ шеърҳое, ки саропо дар онҳо истифодаи ин ё он санъати лафзӣ риоя шудааст, ё худ шеърҳои маснӯъ хеле зиёд ба назар мерасад.

Низомиддин Аҳмад, ки доир ба нуқтаи назари ӯ ба шеър сонитар сухан хоҳем ронд, бар хилофи Рашиди Ватвот бевосита таърифи мухтасари санъати мақлубро оварда, намудҳои онро зикр мекунад ва ба ҳар яке аз он бо овардани танҳо як-дутой мисол қаноат мекунад. Ҳол он ки Рашиди Ватвот барои ҳар намуди мақлуб бо ду забон 7-8 мисол меорад. Таърифи ба мақлуб додаи Низомиддин Аҳмад чунин аст:

"Ал-мақлуб дар луғат бозгуна карда шуда ва дар истилоҳ каломест, ки баъзе ҳуруф ё тамоми ҳуруфи онро баргардонида бошанд ва ақсоми машҳури он чаҳор аст..."

Аз ин тарзи тавзеҳи санъати мақлуб таваҷҷӯҳи зиёд надоштани Низомиддин Аҳмад ба ин санъат ҳувайдо мегардад.

Ба ҳамин тариқа миёни шарҳу тафсирҳои саноеъи лафзии ду рисолаи номбурда тафовут ва умумиятҳои хеле зиёде мавҷуданд, ки таҳқиқи ҳаматарафаи онҳо тадқиқоти махсусро тақозо мекунад.

Бояд гуфт, ки агар Низомиддин Аҳмад тамоми санъатҳои бадеиро ба ду гурӯҳ ҷудо карда бошад, Рашиди Ватвот бидуни тақсимот санъатҳои лафзиву маънавиро якҷоя шарҳ медиҳад. Миқдори санъатҳо низ дар рисолаҳо мухталиф аст. Дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" 36 санъати лафзӣ тафсир ёфтааст, дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" бошад адади санаи лафзӣ 22 буда, 14 санъати боқимонда тамоман зикр нашудааст.

Чунонки қайд шуд, фасли саввуми "Маҷмаъ-ус-саноеъ" зикри санъатҳои бадеии маънавиро дар бар мегирад.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки дар байни санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ гузоштани ҳадди устувор имконнопазир аст, зеро ин ё он санъати бадеии маънавӣ дар баробари ифодаи маъние то андозае ороиши зоҳирии суханро низ таъмин менамояд ва баръакс санъатҳои лафзӣ ҳам комилан аз маънӣ холӣ нестанд.

Илова бар ин иддае санъатҳои бедӣ ҳастанд, ки онҳоро ҳам ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ ва ҳам ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил кардан мумкин аст. Чунин санъатҳои бадеиро адабиётшиноси муосири Эрон Маҳмуди Нишот санъатҳои муштарак меномад ва ибдоъ, бароати истеҳлол, тарҷима, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, ҳусни таълил, каломи ҷомеъ барин санъатҳоро ба ин гурӯҳ дохил мекунад.

Ҳарчанд Низомиддин Аҳмад санъатҳоро ба чунин гурӯҳи алоҳидае ҷудо накардааст, вале барои ороишии зоҳирии калом низ хизмат кардани санъатҳои маънавиро пай бурда дар ин бобат дар ибтидои фасли сеюм ишора мекунад ва иҳомро барои мисол зикр менамояд:

"Фасли сеюм дар зикри саноеъи маънавӣ, ки муҳассаноти ӯ ба ҳасби мурод дар маънист, агарчи ба табъият дар лафз ҳам ёфта шавад. Аз он ҷумла иҳом..."

Маълумотҳои доир ба санъатҳои бадеии маънавӣ дарҷкардаи Низомиддин Аҳмад низ мустақил ва дорои хусусиятҳои хос буда, аз маълумотҳои Рашиди Ватвот тафовутҳо доранд.

Иҳом аз ҷумлаи он санъатҳое ба шумор меравад, ки ба шеър обу ранги тозае бахшида, хонанда ва шунавандаро барои дарки матлаби аслии муаллиф ба андешаву тааммуқ водор месозад ва истифодаи он аз адиб меҳнати зиёдеро талаб мекунад.

Аз ин ҷост, ки ҳам Рашиди Ватвот ва ҳам Низомиддин Аҳмад доир ба ин санъат бештар таваққуф намуда, онро ба таври муфассал шарҳ додаанд.

Низомиддин Аҳмад аввалан ду номи дигари иҳомро зикр намуда, сониян ақидаи фусаҳои арабро доир ба ин санъат баён мекунад:

"Ал-иҳом. Ин санъатро тахйил ва тавзана низ номанд. Назди фусаҳои тозӣ он аст, ки дар калом истеъмоли лафзе кунанд, ки ду маънӣ дошта бошад: қариб ва баъид. Зеҳни сомеъ ба маънии қариб равад ва муроди қоил маънии баъид бошад". Ҳарчанд муаллиф танҳо нуқтаи назари фусаҳои арабро хотирнишон мекунад, вале ягон мисоли арабиро ҳам наоварда, ду мисоли тоҷикиро зикр мекунад ва онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Барои мисол намунаи аввалро аз назар гузаронем, ки ба Салмони Совачӣ тааллуқ дорад:

"Сабо чун шасти зулфат баркушояд,
Зи тири чарх бонги зеҳ барояд.

Чун зеҳ қаринаи шаст ва тир аст, зеҳни сомеъ аз зеҳ ба зеҳи камон меравад ва мақсуди қоил таҳсин аст. Ва тир чун қаринаи шаст ва зеҳ аст, зеҳн ба тир меравад, ки меандозанд ва муроди шоир Аторуд аст..."

Ин мисол дар ҳақиқат ақидаи баёншудаи фусаҳои арабро ба субут мерасонад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки санъати иҳом дар маънии боло, ки дар адабиёти араб ва чи дар адабиёти тоҷику форс маъмул будааст. Вале аз идомаи баёноти Низомиддин Аҳмад равшан мешавад, ки иҳом дар ашъори шоирони тоҷику форс танҳо бо як маънӣ маҳдуд нагардида, маънӣ ва вазифаҳои тозаеро касб кардааст:

"Фа аммо назди шуарои Ачам иҳом лафзест, ки дар калом аз ӯ зиёда бар як маънӣ қасд тавон кард. Хоҳ он маънӣ дар ҳасби фаҳм дар қурб ва баъд мутафовут бошад, хоҳ мутасовӣ".

Мисолҳо ва шарҳҳои ба онҳо овардаи муаллиф гуфтаи ӯро тасдиқ мекунанд. Аз чумла дар байти зерини Имоди Фақеҳ калимаи "шоҳӣ" дорои чаҳор маънӣ буда, дар ҳамаи мавридҳо ба таносуб ва мазмуни байт халале намерасад:

Дил акси рухи хуби ту бар оби равон дид,
Вола шуду фарёд баровард, ки шоҳӣ!

Акнун бубинем, ки санъати иҳом дар замони Рашиди Ватвот ин гуна вазифаҳоро доштааст, ё не.

Дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" Рашиди Ватвот таърифи иҳомро мухтасаран зикр намуда, ба чои калимаи баъид (дур) калимаи ғарибро истифода мекунад:

"Порсии иҳом ба гумон афкандан бошад ва ин санъатро тахйил низ хонанд ва чунон бувад, ки дабир ё шоир дар наср ё дар назм алфозе ба кор барад, ки он лафзро ду маънӣ бошад, яке қариб ва дигаре ғариб. Ва чун сомеъ он алфоз бишнавад ҳоле хотираш ба маънии қариб равад ва мурод аз он лафз худ маънии ғариб бошад..."

Мисолҳои зиёди овардаи муаллиф, ки аксар арабианд, асосан дорои ҳамон хусусият мебошанд.

Аз муқоисаи таърифи мазкури Рашиди Ватвот бо гуфтаҳои Низомиддин Аҳмад аён мегардад, ки то асрҳои 11-12 доманаи санъати иҳом ҳанӯз танг буда, танҳо ин вазифаро адо мекардааст.

Шарҳи ба санъати иҳом зикрнамудаи Низомиддин Аҳмад низ аз мустақилияти шеваи нигориши ӯ дарак медиҳад. Аввалан аз мисолҳои дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" сабтшуда Низомиддин Аҳмад тамоман истифода накардааст. Сониян агар дар асари Рашиди Ватвот ривояте доир ба Абӯалӣ Ибни Сино дарч шуда бошад, ба чои он Низомиддин Аҳмад ривояти тозае меорад, ки дар хусуси муносибати Алишер Навоӣ бо Абулбар ном шоир баҳс мекунад.

Санъати ташбеҳ ва навъҳои он аз зумраи санъатҳоест, ки ба шеър ороишу чозибаи тозае мебахшад ва аз мустаъмалтарин санъатҳои бадеӣ дар адабиёти точику форс ба ҳисоб меравад. Бинобар ин чи Рашиди Ватвот ва чи Низомиддин Аҳмад ба ин санъат таваччӯҳи зиёде зоҳир намудаанд. Дар шарҳи ин санъат низ таърифи муаллифон аз чиҳати маъно ба ҳам мувофиқ буда, вале аз лиҳози тарзи баёну овардани намунаҳо аз ҳамдигар тавофутҳо доранд.

Дар ҳарду рисола ҳам санъати ташбеҳ ба 7 қисм чудо карда мешавад ва номи онҳо ба қарори зайл аст: ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи машрут, ташбеҳи киноят, ташбеҳи тасвият, ташбеҳи акс, ташбеҳи измор, ташбеҳи тафзил.

Тафовути чиддие, ки байни шарҳҳои санъати мазкур мушоҳида мешавад,иборат аз он аст, ки агар Рашиди Ватвот пас аз зикри таърифи ташбеҳ мулоҳизаҳову андешаҳояшро доир ба тарзи истеъмоли ин санъат

баён карда бошад, Низомиддин Аҳмад аз ин кор худдорӣ намуда, танҳо бо зикри таърифи ташбеҳ ва ақсоми он қаноат меварзад. Албатта, ин фақат барои мухтасарбаёнӣ набуда, сабабҳоеро дорост. Ба назари мо яке аз сабабҳои асосии он дар тарзи истеъмол ва истифодаи санъати ташбеҳ аз тарафи адибони давраҳои муаллифон буда, ба хусусиятҳои услубӣ ва эстетикии назми тоҷику форс дар марҳалаҳои гуногуни тараққиёташ алоқадор аст. Чунончи, Рашиди Ватвот таъкид мекунад, ки ташбеҳкунанда (мушаббаҳ биҳи) ва ташбеҳшаванда (мушаббаҳ) бояд чизҳои мавҷуд, яъне предметҳои конкретӣ бошанд аз қабили ҳилол ва наъли асп, ки дар ҳолати акс кунонидан ё худ иваз намудани ҷойҳои онҳо ба шеър халале нарасад. Бар хилофи ин ӯ ташбеҳи чизҳои хаёлӣ ва мавҳумро дар шеър наммеписандад ва чунин менависад:

"Бояд ки чунонки мушаббах мавҷуде бувад ҳосил дар аъён мушаббаҳ биҳи низ мавҷуде бувад ҳосил дар аъён ва албатта, некӯ ва писандида нест ин ки ҷамоъате аз шуаро кардаанд ва мекунанд. Чизеро ташбеҳ кардан ба чизе, ки дар хаёл ва ваҳм мавҷуд набошад ва на дар аъён. Чунонки ангишти афрӯхтаро ба дарёи мушкин, ки мавҷи ӯ заррин бошад, ташбеҳ кунанд ва ҳаргиз дар аъён на дарёи мушкин мавҷуд асту на мавҷи заррин ва аҳли рӯзгор аз ҳиллати маърифати эшон ба ташбеҳоти Азрақӣ мафтун ва мӯҷиб шудаанд ва дар шеъри ӯ ҳамаи ташбеҳот аз ин ҷинс аст ва ба кор наёяд".

Дар ҳақиқат дар ашъори шоирони давраҳои пешин, махсусан шоирони асрҳои 10 ва нимаи аввали асри 11, истифодаи ташбеҳу истиораҳои мавҷуду конкретӣ ва дар ҳаёту табиат вуҷуддошта маъмул гардида буд, ки мисоли равшани он осори Рӯдакӣ ва муосирони ӯ шуда метавонад. Чунон ки маълум аст, дар асрҳои минбаъда истеъмоли ташбеҳу образҳои муҷарраду абстракт ва мавҳум дар назми тоҷику форс авҷ мегирад ва дар ашъори ҳамзамонони Низомиддин Аҳмад махсусан шоирони бо сабки ҳиндӣ эҷодкунанда ба ҳукми одат ва анъана медарояд. Аз ин ҷост ки Низомиддин Аҳмад зикри масоилеро, ки дар ҳаёти адабии давр ҷорӣ ва устувор шудааст, зарур намешуморад.

Ба ҳамин минвол дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" 37 санъати бадеии маънавӣ шарҳу тафсир ёфтаанд, ки аз он ҷумла зикри 12 санъат дар "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" тамоман ба назар намерасад.

Дар фасли чаҳоруми "Маҷмаъ-ус-саноеъ" доир ба сирқоти шеърӣ ва навъҳои он маълумот дода шудааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ин масъала дар як қатор асарҳои оид ба илми бадеъ аз қабили "Тарҷумон-ул-балоғат"-и Родуёнӣ, "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот, "Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ"-и Шарафиддини Ромӣ ва амсоли инҳо мавриди таҳлилу тавзеҳ қарор нагирифтааст. Дар ин бобат маълумоти нисбатан муфассалтареро Шамс Қайси Розӣ дар "Ал-Мӯъҷам" дарҷ намудааст.

Агар дар таълифи бобҳои аввали асар Низомиддин Аҳмад асосан ба Рашиди Ватвот пайравӣ намуда бошад, ҳангоми навиштани фасли чаҳорум ба кадом асар такя намудани ӯ маълум намегардад. Зеро дар ин хусус аз як тараф худи муаллиф ишорае намекунад, аз тарафи дигар маълумотҳои ӯ аз маълумотҳои Шамс Қайс комилан фарқ доранд.

Низомиддин Аҳмад пас аз шарҳи сирқот онро ба ду қисми асосӣ ҷудо намуда, ҳар яки онро бо овардани мисолҳо шарҳ медиҳад. Ӯ маънои луғавӣ ва истилоҳии сирқаро ба тариқи зайл тавзеҳ менамояд: "Сирқа дуздӣ аст ва сирқаи шеър он аст, ки шоир шеър ё мазмуни дигареро ба номи худ кунад. Агар чунончи иттифоқи ду кас дар маънии умум воқеъ шавад, монанди ташбеҳи хаз ба гул ва қад ба сарв сирқа нест ва он чи онро сирқа эътибор кунанд, ду қисм аст: қисме зоҳир ва қисме ғайризоҳир".

Сипас муаллиф ҳар яки ин қисмҳоро ба се тариқ ҷудо намуда, ба таври ҷудогона шарҳ медиҳад. Низомиддин Аҳмад сирқаро, махсусан қисми аввали онро дуздии холис номад ҳам, дар сурати аз ҷиҳати ҳусни таркиб, узубату тарзи баён беҳтар будани шеъри дуввум онро мақбулу писандида мешуморад. Вале боз қайд мекунад, ки агар шеъри сонӣ аз лиҳози узубату нафосат ба шеъри аввал баробар набошад, қабеҳ ва мазмум аст.

Аз ин ҷо то андозае тарафдори сирқаи моҳирона анҷомгирифта будани Низомиддин Аҳмад равшан мегардад.

Пӯшида нест, ки баъзан дар ашъори шоирон байтҳои ҷудогона бо байтҳои шоирони пешин тасодуфан монанд ва ҳаммазмун мешаванд, ки ин ҳодисаро таворуди хотир меноманд. Шоёни диққат аст, ки Низомиддин Аҳмад бо унвони нукта ба ин масъала ишора менамояд ва барои тақвияти иддао қитъаи Камолиддин Исмоили Исфаҳониро мисол меорад: "Ҳукм ба ахаз ва сирқа набояд намуд то маълум набувад, ки шоири дуввум аз шоири аввал бурда ва дар ҳангоми <u>иншо</u> шеъри ӯро дар хотир дошта бошад ва илло метавонад буд, ки аз қабили таворуди хотирҳо бошад, яъне он чи ба зеҳни шоир хутур кунад, ёд карда бошад. Камоли Исмоил гӯяд:

Магар таворуди хотир, ки дар маҷории он
На мумкин аст, ки кас мӯътариз шавад бар вай.
Ду роҳрав, ки ба роҳе раванд бар як самт,
Аҷаб набошад агар уфтанд пай дар пай".

Дар охири фасл барои таворуд чанд ҳикоят оварда мешавад.

Ниҳоят хотимаи асар, ки "Дар зикри баъзе алфоз, ки баёни он муносибат дорад бад-ин илм" ном гирифтааст, шарҳи 9 истилоҳи ба илми бадеъ оидбударо дар бар мегирад. Истилоҳоти мазкур бештар ба истисноҳо ва нозукиҳои тарзи баён ва услуби шеър алоқадор буда, шарҳи онҳо барои дуруст ва ҳаматарафа дарк намудани асарҳои манзум мадад мерасонанд. Масалан истилоҳи "тағйир" ба тарики зайл тавзеҳ меёбад: "Тағйир он аст, ки лафз аз сурате, ки дорад ба сурати дигар гардонад то вазни байт ё қофия дуруст гардад. Чунонки Абушукур ҷиҳати қофия дар ин байт "нилуфар"-ро "нилуфал" бастааст:

Оби ангуру оби нилуфал
Мар маро аз абиру мушк бадал".

Ба ҳамин минвол Низомиддин Аҳмад истилоҳҳои танофур, мухолифи қиёс, ғаробат, таъқиди лафзӣ, ийто, икфо, бадеҳаву иртиҳолро эзоҳ дода, дар поёни асар таърихи таълифи рисоларо қайд менамояд.

Пеш аз он ки хусусиятҳои асосии "Маҷмаъ-ус-саноеъ" қаламӣ гардад, лозим аст, ки нуқтаи назари Низомиддин Аҳмадро оид ба шеър ва хосиятҳои он то ҳадди имкон муайян шавад.

Мутаассифона, Низомиддин Аҳмад дар рисолааш таърифи нисбатан мукаммали шеърро, ки дар баъзе асарҳои мутафаккирони пешгузаштааш вуҷуд дорад, зикр накардааст. Аз ин ҷост, ки ҳаматарафа муайян кардани диди эстетикӣ ва назари муаллиф ба шеъру шоирӣ аз имкон берун аст. Бо вуҷуди ин дар асоси ишораҳои ҷудогонаи муаллиф дар ин хусус баъзе маълумотҳо ба даст меояд.

Низомиддин Аҳмад пеш аз ҳама вазну қофияро ҷузъҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи шеър дониста, таъкид менамояд, ки "қофияи бевазн шеър нест, чунончи вазни беқофия шеър нест". Ӯ шеърро маҳз дар якҷояги вазну қофия дида, каломеро, ки дорои яке аз онҳост ва ё ҳеҷ якеро надорад, ба гурӯҳи наср ва анвоъи он дохил мекунад.

Чунон ки маълум аст, санъатҳои бадеӣ барои ба таври образноку муассир бо пирояи латифу гуворо рангину ҷозибанок ифода намудани афкору эҳсос истифода мешаванд. Муроди Низомиддин Аҳмад низ аз истеъсоли санъатҳои бедӣ хоҳ лафзӣ ва хоҳ маънавӣ асосан дар баёни пуробуранги маъниҳо, тасвири бадеъ ва дилнишин аст. Вале чи навъе ки дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" ҳам зикр шудааст, аз қабили мувассал, муқаттаъ, манкут, рақто ва амсоли инҳо иддае санъатҳои лафзӣ ҳастанд, ки маҳз барои шаклбозӣ истифода мешуданд.

Аз ин рӯ Низомиддин Аҳмад вуҷуд доштани ду тариқро дар кор фармудани санъатҳои бадеӣ қайд мекунад:

"Бар донишписандони суханвар ва хозинони ақлу ҳунар мӯҳтаҷаб ва мастур намонад, ки дар ҷомеъи ин саноеъе, ки мазкур шуд, қойилро бояд, ки лафзро тобеи маънӣ созад, маъниро пайрави лафз гардонад ва миёни ин ду тариқ фарқ бисёр аст".

Аз нақле ки пас аз ин меояд, маълум мегардад, ки Низомиддин Аҳмад тарафдори созгор омадани лафзу маънӣ ё ба ибораи дигар ягонагии шаклу мундариҷаи каломи бадеъ буда, бартарияти мундариҷаро дар ин ягонагӣ ба эътибор мегирифтааст. Аз ҷумла ӯ менависад: "Дар мақомот ҳикояти худ (Абулқосим Ҳарир- М.М.) сохта навишта маъниро мувофиқи лафз оварда буд. Дар ин мақом ба хилофи он лафзро мутобиқи маънӣ боистӣ овард".

Ақидаи Низомиддин Аҳмад доир ба мутобиқати лафзу маънӣ на танҳо дар мисраъву байтҳои ҷудогона, балки дар як ҳикоят ё худ асари том қобили қайд буда, аз дурустии мавқеи ӯ дар ҳалли ин масъала ва дур буданаш аз равияи шаклпарастии маҳз гувоҳӣ медиҳад.

Аз ишораҳо ва намунаҳои овардаи муаллиф равшан мегардад, ки ӯ ба ҷиҳатҳои мундариҷавии асарҳо ва ақоиду афкори пешқадами иҷтимоии адибон таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир менамояд. Инро дар тафсири санъати калом-ул-ҷомеъ ва мисоли барои он овардааш возеҳан метавон мушоҳида кард:

"Ал-калом-ул-ҷомеъ иборат аз он аст, ки шоир дар абёти хуш аз мавъизат ва ҳикмат ва шикояти рӯзгор дарҷ кунад. Заҳири Фарёбӣ гуфта:

Маро аз дасти ҳунарҳои хештан фарёд,
Ки ҳар яке ба дигаргуна дорадам ношод.
Бузургтар зи ҳунар дар Ироқ айбе нест
Маро бигӯй, ки он айб бар ту аз чӣ фитод...
Камина пояи ман шоирист худ бингар,
Ки чанд гуна кашидам зи дасти ӯ бедод.
Зи шеър ҷинси ғазал беҳтар асту в-он ҳам нест
Бизоате, ки тавон сохтан бар он бунёд...
Дар ин замона чу фарёдрас намебинам
Маро расад, ки расонам бар осмон фарёд".

Низомиддин Аҳмад таъйид мекунад, ки шоир ё нависанда дар баробари ифодаи маъниҳои баланд бояд ба салосату малоҳат, равониву фасоҳати асар диққати махсус диҳад. Ӯ ҳамаи ин хусусиятҳоро, ки боиси афзоиши таъсири эмотсионалии калом мегарданд ва он ба дарки муроди аслии адиб мадад мерасонанд, ҳусни калом меномад ва дар ҳар маврид рияоти онро дар асар шарти зарурӣ мешуморад.

Қобили қайд аст, ки Низомиддин Аҳмад чи дар ифодаи маънӣ ва чи дар ороишу тазйини сухан риоя намудани ҳадди эътидол ё худ меъёри муайянеро таъкид менамояд. Агар дар чанд маврид омилҳои ба ҳусни калом халалрасонандаро нишон дода бошад, дар ҷои дигар дар мадҳу ситоиши мамдӯҳон ба муболиғаи зиёд роҳ доданро аз нуқсонҳои ашъори мадҳӣ шумурда менависад: "Аз уюби мадҳ ва муболиға аст, он чи аз ҳадди ҷинси мамдӯҳ ифрот кунанд ва ё тафрит намоянд". Ин ақидаи муаллиф то андозае зуҳури эътирози ӯ ба назми шуарои дарбор мебошад. Зеро маҳз мадеҳасароёни дарбор дар қасоиди мадҳии худ шоҳону дарбориёнро бо тавсифҳои мутантану тумтароқ ва муболиғаҳои номавҷуд ситоиш намуда, ба ин васила аз онҳо силаву инъомҳо мегирифтанд.

Гуфтаҳои боло, ҳарчанд хеле мухтасаранд, аз муносибати дурусти Низомиддин Аҳмад бо баъзе масъалаҳои адабӣ ва назари пешқадами эстетикии ӯ шаҳодат медиҳанд.

Ба назари мо ҳоло пурра ва ҳартарафа муайян намудани хусусиятҳои умда ва хоси "Маҷмаъ-ус-саноеъ" барин асаре, ки дар асри 17 эҷод шудааст, дар ҳаҷми ин тадқиқот бо баъзе сабабҳо имконнопазир аст. Аввалан аз асарҳои бешуморе, ки дар илми бадеъ таълиф шудаанд, ҳоло миқдори хеле каме боқӣ мондааст.

Дигар ин ки он осари боқимонда низ ҳанӯз мавриди таҳлилу тадқиқи амиқ қарор нагирифтааст ва ин имкон намедиҳад, ки рисолаи мазкур бо дигар асарҳо аз ҳар ҷиҳат муқояса карда шавад. Аз ин рӯ чанде хусусиятҳоеро, ки зикр хоҳем кард, маънои танҳо ба "Маҷмаъ-ус-саноеъ" хос будани онҳоро надошта, шояд дар рисолаҳои дигари оид ба илми бадеъ низ дучор оянд.

"Маҷмаъ-ус-саноеъ"-и Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ дар замоне таълиф шуда буд, ки адабиёти тоҷику форс дар сарзамини Ҳинд тавсиъа ва нумӯъи тоза пайдо мекард. Дар он даврон ба қавли Шиблии Нӯъмонӣ ба ашъори шоирони Ҳинд латофату назокати баён, борикии хаёл, рангинии адо бештар роҳ меёфт, истифодаи ташбеҳу истиораҳои мураккабу мавҳум, маҷозу тамсилҳои печ дар печ ва амсоли инҳо воситаҳои тасвири бадеъ авҷ мегирифт. Ҳамаи инҳо аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки таълифи асари мукаммалеро дар боби илми бадеъ тақозо менамуданд.

Низомиддин Аҳмад ба эътибори дархости ҳаёти адабии давр рисолаи худро ба сифати дастуре роҷеъ ба масоили мухталифи илми бадеъ аз қабили намудҳои каломи бадеъ, навъҳои назму наср, хелҳои зиёди санъатҳои бадеӣ ва истилоҳоти гуногуни адабиётшиносӣ иншо намуда, манзури аҳли илму адаб ва ҳавохоҳони шеъру шоирӣ гардонд.

Ҳамчун дастур ва барои доираи васеи хонандагон таълиф шудани рисола аз он ҳам ҳувайдост, ки муаллиф дар аксар мавридҳо маънои луғавии санъатҳо, моҳияту вазифаи онҳо ва мисолҳои мураккабу печ дар печро муфассалан шарҳу эзоҳ медиҳад. Ин ҳолат дар зикри санъатҳои ташбеҳ, мувассал, ҳайфо, маҳорулмузмар, рикто, лафуннашр, ирсод, муқаттаъ ва ҳоказо равшантар ба назар мерасад.

Дар рисола номҳои мухталифи санъатҳои ҷудогона зикр мешавад. Масалан номҳои дигари мӯхтамил-уз-зиддайн (зулҷиҳатайн), суолу ҷавоб (муроҷаа), тадорук (истидрок), мадҳ-ул-муваҷҷаҳ (истатил), эътироз-ул-калом қабл-ат-тамом (ҳашв), ҳусн-ут-талхис (иқтизоб) барин санъатҳо қайд шудааст.

Низомиддин Аҳмад бо мақсади равшану возеҳ нишон додани маъниву моҳияти санъатҳо мисолҳои фаровонро аз шоирони давраҳои гуногун зикр менамояд. Аз ҷумла барои санъати ҳусн-ут-талаб аз Қавомӣ якчанд порчаи шеър ва аз Анварӣ қитъаи комил, барои ташбеҳу навъҳои он ғазалу қитъаҳои пурра ва барои ҳар як навъи шеър чандин намунаҳои комил оварда шудаанд.

Илова бар ин баъзан дар зимни шарҳи санъатҳои бадеӣ вобаста ба онҳо нақл, ривоят, ҳикоят ва латифаҳои ғароибе оварда мешавад. Чунончи Низомиддин Аҳмад ҳангоми шарҳи ташбеҳи мутлақ барои тақвияи фикр нақлеро меорад, ки дар он роҷеъ ба маҳорати бадеҳагӯии Муиззӣ ва бо гуфтани шеъре, ки дар он санъати мазкур устодона истифода шудааст, ба мартабаи баланд соҳиб шудани ӯ дар дарбори Маликшоҳ сухан меравад. Ҳамчунин дар бораи Хоқонӣ, Салмони Соваҷӣ, Алишери Навоӣ барин шоирони маъруф нақлу ҳикоятҳо оварда шудаанд. Ҳарчанд он нақлу ҳикоятҳо бештар ҷанбаи ривоятӣ доранд, бо вуҷуди ин барои муайян намудани лаҳзаҳои ҳаёт ва хусусиятҳои эҷодиёти шоирони гузашта аз манфиат барӣ нест.

Дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" инчунин алоқамандона бо ин ё он масъала ба асарҳои ҷудогонаи шоирон ишораҳо шудааст, ки онҳо ба аҳамияте моликанд. Агар асарҳои Аҳлии Шерозӣ "Баҳри Ҷалол" ва Фаттоҳӣ "Шабистони хаёл", ки ба онҳо ишора рафтааст, маъруф бошанд, "Қиссаи Юсуф:..."-и Амъақи Бухороӣ ва "Ороми ҷон"-и падари муаллифи рисола

Шайх Муҳаммад Солеҳ, ки Низомиддин Аҳмад гӯшзад намудааст, ба аҳли илму адаб маълум ва дастрас нест. Махсусан, ишораҳои ба маснавии "Ороми ҷон" кардаи муаллиф ва иқтибосҳои аз он овардааш, ки хеле зиёданд, қобили таваҷҷӯҳ аст.

Ғайр аз ин Низомиддин Аҳмад ба сифати мисол аз ашъори шоирони муосири худ низ намунаҳо меорад, ки онҳо барои муайян кардани масъалаҳои мухталифи ҳаёти адабии давр мадад мерасонанд. Дар ин бобат хусусан намунаҳои барои санъати таърих овардаи муаллиф ҷолиби диққат буда, аз чанд ҷиҳат муфиданд. Аввал ин ки ҳамаи он намунаҳо ба қалами ҳамзамонони муаллиф аз қабили Хоҷа Ҳусайни Марвӣ, Мирзо Абдураззоқ, Таҳмосбқулии турк ва падари ӯ Муҳаммад Солеҳ барин шоирони номашҳур тааллуқ дошта, аз маъхазҳои дигар ёфтани онҳо душвор аст. Дигар ин ки намунаҳо дорои аҳамияти калони таърихӣ буда, аз онҳо доир ба ҳодисаҳои гуногуни таърихии замони муаллиф монанди таърихи салтанати Акбарподшоҳ ва аз тарафи Нодир Муҳаммадхон забт гардидани Балх ва Бадахшон, соли таваллуди Муҳаммад Ҷаҳонгир, санаи вафоти ҳокимон Султон Маҳмуд, Низомулмулк, Ҳотам Аҳмад маълумотҳо ба даст меояд.

Аз тартибу танзими рисола маълум мегардад, ки Низомиддин Аҳмад аз забон ва адабиёти араб хуб огоҳ будааст. Инро иқтибосҳои зиёде, ки ба аксари санъатҳо ва ашъори шоирони араб ва беш аз ҳама аз "Қуръон" оварда шудааст, муқоисаи моҳияту вазифаи санъатҳо дар адабиёти тоҷику форс ва араб (монанди "Иҳом"), мулоҳизаҳои муаллиф дар бобати баъзе хусусиятҳои адабиёти араб тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла муаллиф ҳангоми тавҷеҳи ҳусни тахлис ба як хусусияти қасидасароии давраи ҷоҳилияи адабиёти араб ишора менамояд "...ашъори араб дар айёми ҷоҳилият бар он ватира (яъне овардани иқтизоб ё худ ба ваҷҳи муносибе аз ташбиб ба мадҳ гузаштан – М.М.) буд. Аммо алҳол ин тарз маълум ва матруҳ аст".

Бояд гуфт, ки "Маҷмаъ-ус-саноеъ" ҳарчанд бо мақсади шарҳу тавҷеҳи навъҳои шеър, санъатҳои бадеӣ, сирқоти шеърӣ ва дигар истилоҳоти адабӣ таълиф шудааст, бо вуҷуди ин дар он то андозае ҷанбаҳои тадқиқотиву таҳқиқотӣ ва назари амиқу муносибати дақиқи муаллиф ба масъалаҳои мухталифи адабӣ ба назар мерасад, ки чанде аз онҳоро қайд кардан ҷоиз аст.

Дар баъзе мавридҳо муаллиф ба ин ё он хусусият ва характери умумии ашъори шоирон баҳо медиҳад ва барои исбот мисолҳои зиёде меорад. Аз ҷумла "шомили ташбеҳи киноят" будани "аксари ашъори Бадри Чочӣ", "дар ашъори Абулфараҷи Қазвинӣ аксар риоя шудани санъати тарсеъ", "дар ашъори Абулвосеи Ҷабалӣ бисёр омадани санъати тафсири хафӣ" қайд карда мешавад.

Муносибати Низомиддин Аҳмад махсусан ба эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ ва мулоҳизаҳояш доир ба ашъори ӯ шоёни диққат аст. Зимнан бояд гуфт, ки қариб чаҳоряки мисолҳои дар рисола нақлшуда ба Амир Хусрав тааллуқ доранд. Аз гуфтаи зерини Низомиддин Аҳмад низ то чи андоза шиносоии комил ва эҳтирому дилбастагӣ доштани ӯ ба ин шоир аён аст: "Ва ҳазрати Амир Хусрави Деҳлавиро дар мавоъизат

чандин қасоиди ғаррост. Байте чанд аз қасидаи "Бахр-ул-аброр", ки муштамил бар як саду бист байт аст, дар ин ҷо қаламӣ мегардад". Низомиддин Аҳмад ҳатто ба ихтироот ва навпардозиҳои шоир дар навъҳои шеър (мустазод) ва дар истифодаи санъатҳои бадеӣ (ташбеҳ) ишора менамояд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини истеъмоли санъатҳои бадеӣ, ки барои равшан кардани баъзе хусусиятҳои сабку равия ва маҳорати адибон кӯмак мерасонад, тарзи истифодаи санъатҳо дар асар мебошад. Мутаассифона, муаллифони асарҳои адабиётшиносии тоҷику форс дар асрҳои миёна ба ин масъала диққати ҷиддӣ намедоданд ва ин ба назари мо боиси то андозае якрангу якнавохт гардидани асарҳои онҳо шудааст. Масалан, дар "Маҷмаъ-ус-саноеъ" дар ин бобат танҳо баъзе ишораҳо мушоҳида мешавад. Низомиддин Аҳмад, чунон ки дар боло қайд шуд, гоҳо ба серистеъмол будани ин ё он санъати бадеӣ дар ашъори шоирони гуногун ишора карда бошад, ҳангоми шарҳи санъати сиёқ-ул-аъдод доир ба тарзи истифодаи он чунин мулоҳиза меронад: "Ва агар ба ин санъат (сиёқ-ул-аъдод-М.М.) санъате дигар аз қисми саҷъ ва ғайра ҳамроҳ гардад, пурмоя ва баландпоя гардад".

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки Низомиддин Аҳмад нуқтаи назар ва мулоҳизаҳояшро доир ба ин ё он масъала иброз медорад. Чунончи дар зимни шарҳи санъатҳои радд-ул-аҷуз ило–ас-садр, ташбеҳот, муболаға, луғз таҳти унвони "нукта" ақидаҳояшро доир ба ном, тарзи истеъмол ва тафовути онҳо аз дигар санъатҳо баён мекунад. Мулоҳизаҳои муаллиф инчунин дар бобати аз ҳайси моҳияту мазмун ба истиора монанд будани ташбеҳи киноят ва ба лафуннашр шабоҳат доштани тақсим ҷолиби диққат аст. Масалан, муаллиф наздикии санъати тақсимро ба лафуннашр қайд карда, фарқи асосии онҳоро ҳам нишон медиҳад: "...ва ин санъат (тақсим – М.М.) монанди лафуннашр аст. Магар он ки дар ин ҷо изофат ба таъйин аст ва дар он ҷо не".

Ниҳоят бояд қайд кард, ки мисолҳои овардаи муаллиф аз ҳар ҷиҳат мувофиқи матлаб буда, асосан бо таъриф ва гуфтаҳои ӯ созгоранд.

Забон ва тарзи баёни муаллиф низ, чунон ки аз мисолҳои нақлшуда ҳувайдост, фасеҳу равон ва аз ҳар гуна олоишҳо пок буда, муроди муаллифро асосан равшан ифода менамоянд.

Вале дар рисола ба нудрат бошад ҳам, баъзан ба ҳам омехтани санъатҳои гуногун ва муғлақ ифода шудани матлаб мушоҳида мешавад. Ба ин омехтагии санъатҳои талмеҳ ва тамлеҳ, мунозираву истиора ва баёни санъати мутаззод далел шуда метавонанд.

Умуман "Маҷмаъ-ус-саноеъ"-и Низомиддин Аҳмади Сиддиқӣ аз ҷумлаи асарҳои гаронмояи илми бадеъ буда, минбаъд дар муқоиса бо асарҳои дигари адабиётшиносӣ мавриди таҳлилу тадқиқ қарор додани он ба илми адабиётшиносии тоҷик манфиатҳои зиёде хоҳад бахшид.

# "Парешон"-и Қоонӣ

Қоонии Шерозӣ (1807-1873) дар баробари ашъори фаровон як қатор асарҳои насрӣ ҳам аз қабили номаҳо, тарҷумаи ҳол ва "Парешон" офаридааст, ки маҳорати баланди ӯро дар насрнависӣ нишон медиҳанд. Агар тарҷумаи ҳол ва номаҳои ӯ, ки намунаи хеле каме аз онҳо боқӣ мондааст, ба жанри иншонависӣ мансуб буда, танҳо дорои унсурҳои ҷудогонаи бадеӣ бошанд, "Парешон" асари мукаммали бадеист, ки дар пайравии "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ навишта шудааст.

"Парешон"-и Қоонӣ нисбат ба осори манзуми ӯ бештар диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Ҳанӯз ҳамзамону дӯсти Қоонӣ муаллифи тазкираи "Ганҷи шойгон" Мирзо Тоҳири Исфаҳонӣ ба "Парешон" баҳои баланд дода, аз ҷумла менависад: "...алҳақ, дар фиқраи насраш гулистонест ғамзудою нишотафзой ва ҳар фиқраи назмаш бӯстонест дилфиребу ҳушрабой".[1]

Аксари муҳаққиқоне, ки дар бораи Қоонӣ сухан рондаанд, зимнан ба "Парешон"-и ӯ низ ишора намуда, бо як-ду ҷумла дар пайравии "Гулистон" навишта шудан ва соддаву латиф будани услуби онро таъкид кардаанд. Аввалин муҳаққиқе, ки омӯзиши нисбатан мукаммали "Парешон"-ро ҳадафи асосӣ қарор додааст, эроншиноси чехӣ В. Кубичкова мебошад. Ӯ дар рисолаи худ "Қоонӣ – шоири асри XIX форс" боби асосиро ба тадқиқи "Парешон" бахшидааст. В, Кубичкова мазмуну мундариҷа ва сохти асарро баррасӣ намуда, сипас мазмуни мухтасари 123 ҳикояти асарро ба забони франсавӣ нақл мекунад. Рисолаи В. Кубичкова то ҳол муфассалтарин асари тадқиқотӣ роҷеъ ба "Парешон" мебошад.

Дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал Р. Мусулмонқулов дар мақолаи мухтасаре хонандагони рӯзномаи ҷавононро бо "Парешон" шиносо кард.[2] Сипас муҳаққиқи ҷавон С. Нилобеков дар мақолаи "Қоонии Шерозӣ" пас аз зикри тарҷумаи ҳоли шоир "Парешон"-и ӯро мавриди таҳлили қарор додааст. Муаллифи мақола "Парешон"-ро асосан дар муқоиса бо "Гулистон"-и Саъдӣ баррасӣ намуда, доир ба мавзӯот, мазмуну мундариҷа ва услуби асар мулоҳизаҳо баён кардааст.[3]

Ҳарчанд "Парешон" беш аз дигар қисматҳои осори бадеии Қоонӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст, вале бояд гуфт, ки ҳанӯз бисёр масъалаҳои мазмуну мундариҷа ва поэтикаи асар ба таври амиқу ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ ҳоло диққати асосӣ бештар ба тарафҳои кам тадқиқшудаи он равона мешавад.

Қоонӣ "Парешон"-ро соли 1836 дар синни 29-солагӣ дар як муддати кӯтоҳ таълиф кардааст. Чунон ки аз фасли "Сабаби таълифи китоб" бармеояд, ӯ ба эҷоди ин асар бо хоҳиши яке аз

дӯстонаш шурӯъ намудааст. Нависанда номи дӯсташро зикр накардааст, вале аз ишораи "яке аз бузургон, ки теғи шаҳоматро ҷавҳар аст ва кони кароматро гавҳар"[4]тахмин меравад, ки он шахс эҳтимол аз ҳокимон ва ё шоҳону шоҳзодагон бошад. Дар охири фасли мазкур ба Муҳаммадшоҳ (солҳои ҳукмрониаш 1834-1848) бахшида шудани "Парешон" таъкид гардида, 16 байт манзума дар мадҳи ӯ оварда шудааст. Бо хоҳиши ҳамин Муҳаммадшоҳ навишта шудани асар низ аз эҳтимол дур нест.

Қоонӣ дар хусуси номгузории асар таваққуф намуда, "Парешон" номи гирифтани онро ба вазъи ноороми худ дар он давра вобаста медонад: "...ҷидду ҳазле чанд дар ҳам рехтам ва бархе назму наср бо ҳам омехтам ва он ҷамъро ба муносибати ҳоли худ "Парешон" ном ниҳодам, чи ҳар киро ҳол парешон аст, мақол парешон аст".

"Парешон" аз муқаддима, фасли "Сабаби таълифи китоб", қисмати асосӣ ва хотима таркиб ёфтааст. Қисмати асосии асар зиёда аз 120 ҳикояи хурду калонро дар бар гирифтааст, ки ба мавзӯъ ва масъалаҳои гуногуни ахлоқиву иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Дар як қатор ҳикоятҳо тарғиби адолатпарвариву инсондӯстӣ, некиву накӯкорӣ, саховатмандиву ҳимматбаландӣ, дӯстиву рафоқат, сабру қаноатмандӣ барин хислатҳои ҳамида мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ҳарчанд ҳикоятҳои "Парешон", чунон ки худи Қоонӣ таъкид кардааст, номураттабу парешон ҷой гирифтаанд, вале тасодуфӣ нест, ки ҳикояти аввали асар монанди "Гулистон"-и Саъдӣ ба мавзӯи адлу некии шоҳон бахшида шудааст. Қоонӣ адлу некиро ёдгори беҳтарини умри инсонӣ дониста, махсусан, ин сифатҳоро барои шоҳон амри зарурӣ мешуморад ва онҳоро ба некиву накӯкорӣ даъват менамояд:

"Подшоҳе аз соҳибдиле суол кард, ки аз подшоҳон чӣ монад. Гуфт: "Як чиз валекин ба ду сифат". Пурсид, ки он кадом аст. Гуфт: "Ном, ки чун адлу эҳсон кунанд, ба некӣ ва илло ба зиштӣ..."

Умуман дар ҳамаи ҳикоятҳое, ки сухан аз аъмоли шоҳону ҳокимон меравад, нависанда дар навбати аввал некиву накӯкориро талқин менамояд.

Бештари ҳикоятҳои асар танқиду мазаммати зулму ситам, ҳарисиву тамаъкорӣ, танбаливу танпарварӣ, бухлу ҳасад, туздиву бадмастӣ, бадрафториву бадкирдорӣ, ғайбатгӯиву ғаммозӣ, риёкориву фиребгарӣ ва дигар хислатҳои зишту манфурро дар бар мегирад.

Қоонӣ бар зидди ҷаврпешагии золимон баромада, зулмро дар ҳар шаклу намудаш сахт танқид мекунад. Ӯ зулмро оташи харобиовар дониста, золимонро аз хатари марговари он огоҳӣ медиҳад. "Ва ғолибан таҷрибат кардаем,- менависад ӯ,- ки аҳли

зумл ба масобаи уммати Нӯҳанд, ки чун нофармонӣ аз ҳад баранд, латмаи тӯфон хӯранд..."

Дар "Парешон" танқиди майпарастӣ ҳам ҷои муҳимро ишғол мекунад. Нависанда бо ҳар роҳ саъй менамояд, ки зарари бадмастиро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа нишон диҳад. Аз ҷумла дар ҳикояти "Бодапаймои тавбакор" тарзи баёни ҳазломез ё худ юмори нозук бо ҳаҷви сахт омезиш ёфта, симои манфури бадмастеро, ки "бодаи дусола", на танҳо "обрӯи сисолаашро" бурдааст, балки оқибат ӯро ба ҳалокат расондааст, ба ҷилва овардааст. Зимнан дар ин ҳикоят зимомдорони риёкори дину шариат низ ба зери тозиёнаи танқид гирифта мешаванд. Муаллиф таъкид мекунад, ки ашхоси бадмасту бадахлоқ барои рӯпӯш намудани айбу гуноҳояшон ба худ ниқоби диндориву зоҳидиро мекашанд.

Дар ду ҳикояти дигар низ Қоонӣ бадмастиро пайваста бо юмори нозук мавриди тамасхур қарор медиҳад. Он ҳикоятҳо ниҳоят кӯтоҳ буда, дорои кинояву таъризи сахт низ мебошанд. Махсусан, дар ҳикояти зер, ки аз кӯтоҳтарин ҳикоятҳои маҷмӯа аст, нависанда ҳолати аз ақл дур гаштани бадмастро мавриди тамасхур қарор медиҳад:

"Масте бо бавли худ вузӯъ мегирифт ва мегуфт: "Инна оллоҳ яҳуббу ал-мутаҳаррин".

Маст, к-аз бавли худ вузӯъ кунад,
Аз чӣ онро таҳорат ангорад?
Ҳоли аҳмақ ба дӯстист чунон
Бад кунад бо ту, нек пиндорад".

Дар "Парешон" 8 ҳикоят ба тасвири одобу ахлоқ ва рафтори занҳо бахшида шудааст. Мутаассифона, дар ҳамаи он ҳикоёт танҳо бадкориву бадрафторӣ, шаҳватпарастиву маккории занҳои сабукпо тасвир ёфтаанд. Масалан, дар ҳикояти "Зани ҷавону марди пир" на танҳо ишраторoии зани қабеҳсират дар ғоиби шавҳараш бо марди бегона ба қалам омадааст, балки фиребгарии зан ва бо макру найранги ӯ ба занозаниву шаллоқи ҳамсоягон гирифтор гаштани мард тасвир шудааст. В. Кубичкова ҳам назари Қоониро нисбат ба зан бо образҳои занон дар достонҳои Фирдавсӣ ва Низомӣ муқоиса карда таъкид менамояд, ки "хусусиятҳои мусбат дар тасвири занҳо дар "Парешон" хеле кам буда", Қоонӣ асосан нақши пассивонаи занонро дар ҷамъияти мусулмонӣ ба қалам додааст.

Сабаби ин ҳолатро пеш аз ҳама бояд аз муҳити дарбори феодалӣ ҷуст, ки Қоонӣ бо он робита дошт. Муносибати таҳқиромез нисбат ба зан дар дарбори Қоҷориҳо ҷой доштааст.

Танҳо овардани ҳамин як далел кофист, ки Фатҳалишоҳ (1797-1834) дорои 158 зан ва зиёда аз 900 сиға будааст. Ин вазъият ба тарзи андешаи Қоонӣ ҳам таъсир гузоштааст.

Масъалаи дигаре, ки дар "Парешон" ба назар мерасад, тасвиру ёдоварии ҳодисаву воқеаҳои гуногуни таърихӣ дар зимни ҳикоятҳо мебошад. Аз ҷумла дар ҳикояти "Зилзилаи Шероз" заминҷунбии сахте, ки дар Шероз рӯй дода, боиси харобии зиёде гаштааст, тасвир шудааст. Дар ҳикояти "Сафари Исфаҳон ва ҳикояти марди чормаҳолӣ" бошад аз қаҳтии азиме дар Исфаҳон ёд мешавад. Ҳикояти "Аббос Мирзо ва фатҳи қалъаи Сарахс" тасвири ҳуҷуми лашкари Эронро ба Хуросон дар соли 1248/1832 дар бар мегирад. Дар он забти қалъаи Сарахс, хеле сербарфу сард омадани зимистон, қаҳтиву гуруснагӣ дар Хуросон барин воқеаҳое, ки барои тадқиқи таърихи он давра хеле судманданд, зикр ёфтаанд.

Дар як қатор ҳикоятҳои "Парешон" тарғиби андешаҳои тасаввуфӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла дар ҳикояти ишқии ҳаҷман калони "Диллороме, ки Рабеъ ном дошт" нависанда саргузашти ошиқонаи худро баён мекунад. Ҳарчанд дар ҳикоят сухан пеш аз ҳама аз ишқи заминӣ меравад ва ҳатто номи маъшуқ зикр мешавад, вале аз руҷӯъҳои зимни ҳикоят доир ба ишқи илоҳӣ ва пораи манзуми охири ҳикоят маълум мешавад, ки матлаби асосии нависанда ишқи илоҳӣ будааст ва ишқи заминӣ чун василае барои ифодаи он хидмат кардааст. Агар дар ҳикояти "Маликушшуаро Андалеб" шартҳои ба тариқат ворид шудани ҷавонон баён шуда бошад, дар ҳикояти "Амири дарвешдӯст" ба гаравиш доштани худи Қоонӣ ба тасаввуф ишора шудааст. Дар зимни ҳикояти "Амири дарвешдӯст" бошад Қоонӣ сабаби ба тасаввуф гаравиш пайдо карданашро ошкоро баён намудааст. Аз пораи зер маълум мегардад, ки пеш аз ҳама ҷиҳатҳои инсондӯстии он маслаки тасаввуфӣ диққати адаби инсонпарварро ба худ ҷалб кардааст: "Амир... пурсид: "Ҳабибо, аз пири шерозӣ, ки сарҳалқаи хомӯшонаш донанд ва мақсади хирқапӯшонаш хонанд, чӣ каромот дидӣ ва чӣ харқи одат шунидӣ?" Гуфтам: "Эй рафиқ, ҷуз инсоният каромате надидам ва ҷуз одамият хориқ одате нашунидам ва ғолибан дар ин замон, балки дар ҳар асре аз асъор каромате аз вуҷуди инсони комил дидан аз ин бартар набошад..."

Қисмати "Хотимаи китоб дар насиҳати абнои мулук" зиёда аз 90 панди нависандаро, ки асосан ба шоҳон нигаронида шудаанд, фаро мегирад. Дар ин қисмат андешаҳои Қоонӣ дар хусуси шоҳи одил, ки яке аз масъалаҳои умдаи афкори ахлоқиву иҷтимоӣ ва сиёсии халқҳои Шарқ аз замонҳои қадим то охири асри XIX ба шумор мерафт, ифода ёфтаанд.

Қоонӣ аз панди дуюм масъалаи шоҳи одилро ба миён гузошта, ӯро дидабони ҳар амал ва ба низом орандаи умури мамлакат мешуморад. Яке аз вазифаҳои асосии шоҳро Қоонӣ дар он медонад, ки ӯ ҳамеша аз ҳоли мамлакат огоҳ буда, ҳар касро дар ҷои худ гузорад, яъне вазифаву мансабҳои масъулро ба шахсони нолоиқ насупорад ва агар сӯйистифодаро дар кори мансабдорӣ мушоҳида кунад, зуд бартараф намояд. Масалан, ба назари Қоонӣ "касоне, ки зарофату шӯхӣ бисёр кунанд, ё бағоят рафиқ-ул-қалбу васеъ-ул-хулқ бошанд, сардориву солории лашкарро нашоянд" ва баръакс "вазирону судур, ки хар чи тавозӯъи вусъати хулқашон бештар бошад... накӯтар фармоянд". Дар афкори ахлоқии Қоонӣ андешаи шоҳи одил бо масъалаи инсони комил алоқаманд аст ва бесабаб нест, ки ӯ шоҳи одилро ба инсони комил монанд мекунад: "Султони одил манзалати инсони комил дорад, ки бояд аз ҳоли ҳар кас огоҳ бошад ва илло комил нест".

Қоонӣ дар пандҳои ҷудогона хислатҳоеро, ки барои шоҳи одил зарур аст, паи ҳам зикр менамояд.

Қисмати хулосаи "Парешон" то андозае "Рисола дар назми тамаддун ва таовун"-и маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Донишро ба хотир меорад. Вале бояд иқрор шуд, ки рисолаи Аҳмади Дониш комилан дар рӯҳияи ислоҳотхоҳӣ навишта шуда, як қатор масъалаҳои муҳими иҷтимоиву сиёсиро дар бар мегирад ва дар пайдоиши онҳо бешубҳа сафарҳои ӯ ба Россия ва шиносоӣ бо вазъи он кишвар таъсири амиқе бахшидааст. Панду насиҳатҳои Қоонӣ бошанд асосан аз такрори андарзҳои ҳакимону донишмандони асрҳои пешин иборат аст. Рӯҳияи ислоҳотталабӣ дар пандҳои Қоонӣ хеле кам буда, ниҳоят заиф садо медиҳанд. Масалан, яке аз пандҳои нисбатан тозаи ӯ таин кардани ду вазир аст: "Подшоҳро ду вазир бояд: яке дохилро ва яке хориҷро ва бар подшоҳ лозим аст, ки миёни ин ду ислоҳ диҳад..." Аз эҳтимол дур нест, ки ин панди Қоонӣ натиҷаи мушоҳидаи ӯ аз сохти давлатии кишварҳои Аврупои Ғарбист, вале бояд гуфт, ки чунин мушоҳидаҳо дар "Парешон" хеле каманд.

Аҳмади Дониш низ масъалаи шоҳи одилро ба миён гузоштааст, вале ӯ ақлу адлро аз шартҳои аввалин он дониста, таъсиси машваратхона ва ҷорӣ кардани тарзу усулҳои гуногуни демократии идораи мамлакатро пешниҳод намудааст. Агар ба тариқи типологӣ нуқтаи назари шоҳи одили Қоониро бо андешаҳои Аҳмади Дониш ва ҳатто Саъдӣ доир ба шоҳи одил аз назар гузаронем, маҳдудияти андешаҳои Қоонӣ нисбат ба замонааш аён мегардад. Андешаҳои Қоонӣ аз консепсияи шоҳи одили Саъдӣ ва дигар гузаштагон тақрибан тафовут надорад. Қоонӣ ҳарчанд забонҳои хориҷиро хеле хуб медонист,

мутаассифона, аз таҳаввулоти назарраси иҷтимоиву сиёсии Аврупои Ғарбӣ огоҳӣ наёфтааст ва аз ин ҷост, ки дар масъалаи шоҳи одил қадами ҷиддие ба пеш гузошта натавонистааст.

Ҳамон тавре ки мушоҳида шуд, пандҳои "Парешон"-ро андешаи шоҳи одил бо ҳам алоқаманд кардааст. Ҳикоятҳои асар бошанд аз лиҳози мазмуну мундариҷа бо ҳамдигар робитаи сахте надошта, ҳар кадом ба сари худ мустақил мебошанд. Танҳо дар мавридҳои ҷудогона миёни баъзе ҳикоятҳо робитаи сустеро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ҳикояти тӯлонии "Марди рустоие, ки ба шаҳр рафт" сафари марди деҳотие ба шаҳр тасвир мешавад. Дар ҳикояти баъдӣ "Ӯрдугоҳи маликзода ва амири шикорчӣ" бошад сухан аз муфохирати маликзодае меравад. Вале дар зимни ин ҳикоят нависанда аз нав ба ҳикояти пешина руҷӯъ мекунад: "Ҳабибо, қиссаи рустоӣ тамом кун, ки бечора доман дар зери сақф боздошта..." Аммо ин руҷӯъ тасодуфӣ буда, ба мазмуну мундариҷаи ҳикоятҳо иртиботе надорад.

Пораҳои шеърӣ, ки дар "Парешон" хеле фаровонанд, асосан ба қалами худи Қоонӣ мансубанд. Аз ашъори шоирони дигар пораҳо хеле каманд. Аз ҷумла дар ҳикояти "Файласуф ва собиқаи хусумат" аз шеъри Ҷалолиддини Румӣ ду байт нақл шудааст.

Дар пораҳои манзум одатан мазмуну мундариҷаи ҳикоятҳо тақвият ва ҷамъбаст гардида, маъниҳои ниҳониву рамзии онҳо шарҳ дода мешавад. Вале дар баъзе пораҳо боз воқеае нақл мегардад, ки инро дар ҳикоятҳои "Зилзилаи Шероз", "Аблаҳе, ки оина ёфт" мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар бобати сохт ва бандубасти созмони дохилии "Парешон" сухан ронда, як ҳодисаи аҷиберо қайд кардан зарур аст, ки мутаассифона, чунон ки дар мавқеаш хоҳем дид, бисёр муҳаққиқон ба он эътибор надода дар натиҷа ба арзиши асар баҳои нодуруст додаанд. Дар назари аввал миёни баъзе ҳикоятҳо ва порчаҳои манзуме, ки дар охири онҳо оварда шудаанд, робитае ба мушоҳида намерасад. Масалан, дар ҳикояти "Зане, ки аз дарича сар бароварда буд" бадахлоқиву дурӯягии зане тасвир мешавад, вале дар пораи манзуми охири ҳикоят фиребгариву риёкорӣ ва дурӯягиву зоҳирнамоии баъзе диндорон сахт танқид карда мешавад:

Эй басо кас, к-аз бурун бошад чу симе хушиёр
В-аз дарун монанди сими қалб сар то по ғаш аст.
Ҳар замон аз рӯи солусу риё дар назди халқ
Сабҳа дар дасту забон дар коми ӯ дар гардиш аст.
Чун касе гӯяд бад-ӯ, к-охир чӣ гӯӣ зери лаб?
Ин чӣ зикри ҷонфизову в-ин чӣ вирди дилкаш аст?

Чашмакон махмур созад, пас ба сад ғунчу далол
Сар биҷунбонад, ки яъне дам мазан вирде х(в)аш аст.

Агар ба ҳикояти мазкур бо тааммуқ нигарем, маълум мешавад, ки байни ҳикоят ва пораи манзум як робитаи ниҳонии қиёсӣ мавҷуд аст. Муаллиф монандии ҳолат ва сирати зани бадахлоқ ва диндори риёкорро бидуни ишораи возеҳе нишон дода, дарки робитаро ба хонанда вогузор намудааст. Ҳоло бо ҳамин иктифо намуда, шарҳи муфассали ин масъаларо баъдтар идома медиҳем.

Забони "Парешон" ва тарзи ифода дар он ниҳоят соддаву равон буда, аз осори мансури асрҳои пешин ва замонаш аз ин ҷиҳат тафовут дорад. Калимаву ибораҳои душворфаҳми арабӣ дар ҳикоятҳои "Парешон" хеле каманд. Дар ҳикоятҳои "Парешон" ҳарчанд зарбулмасалу мақолҳои халқӣ аз қабили "Чун аён аст, чӣ ҳоҷат ба баён аст", "То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст" зиёд нест, вале сохту таркиби ҷумлаҳо дар равияи латифаҳои халқӣ соддаву мӯҷаз тартиб ёфтаанд. Бесабаб нест, ки дар зимни ҳикоятҳо баъзан латифаҳои машҳури халқӣ монанди "Дузде дар боғ", "Аҳмақ ва оина" оварда шудаанд.

Бо вуҷуди он ки "Парешон"-и Қоонӣ ба дараҷаи "Гулистон"-и Саъдӣ намерасад, дар байни ин ду асар дар баробари тафовуту умумиятҳо, ки чанде аз онҳо зикр шуд, як умумияти дигаре ҳаст, ки онҳоро ба ҳам наздик менамояд. Ин умумият дар услубу тарзи тасвири асарҳои мазкур зоҳир мешавад. Устод С. Айнӣ аввалин муҳаққиқи осори Саъдист, ки услуби ӯро реалистӣ номида буд. Муҳаққиқони эҷодиёти Қоонӣ низ тасвирҳои ҷудогонаи ӯро дар осори манзуму мансураш реалистӣ қаламдод кардаанд. Аз ҷумла В. Кубичкова дар як гурӯҳ ҳикоятҳои "Парешон" ҷой доштани тасвирҳои реалистиро таъкид мекунад. Тарзи нигориши реалистиро дар "Парешон" пеш аз ҳама дар тасвири ҳаёти воқеии мардум, қашшоқиву бенавоии онҳо дидан мумкин аст. Масалан, дар чанд ҳикояте, ки сухан аз duздон меравад, пай бурдан душвор нест, ки ҳадафи асосии нависанда бештар нишон додани қашшоқиву нодории мардуми бечора аст. Аз ҷумла дар ҳикоятҳои "Дузд ва кулбаи бенаво", "Дузд ва хонаи дарвеши покбоз", "Дузди нобалад" ҳамин як ҳолат такрор мешавад, ки дузд дар хонаи одамони қашшоқ чизеро пайдо карда наметавонад. Ин як ҷузъиёти ҳаёти мардуми заҳматкаш аст, ки аз тарзи зиндагии ногувори онҳо шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд тасвирҳои воқеии ба истилоҳ реалистӣ дар ҳикоятҳои "Парешон" мавҷуданд, вале ин маънои онро надорад, ки методи эҷодии Қоонӣ комилан реалистӣ қаламдод шавад. Дар ин бобат ҳақ ба ҷониби В. Кубичкова аст, ки

навиштааст: "Дар муҳити замони худ ва ҳаёти шахсиаш Қоонӣ моҳияти реализмро намедид ва равшан дида ҳам наметавонист, аз ин рӯ реализми ӯ ҳанӯз реализми ҳақиқии бадеӣ нест..."[5]

Дар бораи арзиши "Парешон" муаллифони тазкираҳо ва асарҳои тадқиқотӣ андешаҳои мухталиф баён кардаанд. Мирзо Тоҳири Исфаҳонӣ дар "Ганҷи шойгон" асари "Парешон"-ро аз "қабоеҳу... фазоеҳ"[6] тамоман холӣ шуморидааст. Ин ақидаро Исмоили Ашраф низ тасдиқ кардааст. Адабиётшиноси эронӣ Яҳёи Ориянпур бошад "Парешон"-ро асари беарзиш дониста навиштааст: "Ракокату пардадарӣ дар баёни матолиб асари насрии ӯ китоби "Парешон"-ро низ, ки тақлиди ношиёнаест аз "Гулистон"-и Саъдӣ, зоеъ карда ва аз қадру эътибори он ба миқдори зиёд костааст..."[7]

Ба ин минвол муҳаққиқон ҳангоми баҳо додан ба "Парешон" яктарафа муносибат карда, ба ифроту тафрит роҳ додаанд. Онҳо ҳатто ба гуфтаҳои худи Қоонӣ дар муқаддимаи асараш эътибор надодаанд. Албатта, Қоонии ҷавон, ки ба Саъдии бузургвр эҳтироми зиёд дошт, то андозае хоксорӣ карда, иқрор мешавад, ки "... мояи ман ба ҳадде нест, ки бо чунин кас (Саъдӣ – М.М.) таҳаддӣ ҷӯям ва бар намати ӯ сухан гӯям..." Аз тарафи дигар баъзе муҳаққиқон аз қабили Яҳёи Ориянпур дар асоси ҳикоятҳои зоҳиран беодобонаи "Парешон" ин асарро комилан беарзиш донистаанд. Вале, мутаассифона, из зумра муҳаққиқон мақсаду ҳадафи аслии нависандаро аз чунин ҳикоятҳо пай набурдаанд. Ҳол он ки худи Қоонӣ дар зимни яке аз ҳикоятҳояш ба матлабу маънии ниҳонии онҳо ишора намуда, дарки онро ба хонандаи соҳибдил ҳавола мекунад:

Эй дил, эй дил, халқи олам бештар тифланд, тифл,
К-аз барои ханда мехоҳанд ширин қиссае.
З-ин ҳама дар қисса бояд розҳо гуфтан ниҳон
То набошад кӯдаконро дар шунидан ғуссае.
Ҳам магар, Қоониё, соҳибдиле пайдо шавад,
То ки дар ҳар қисса ёбад аз насиҳат ҳиссае.

Дар порчаи мазкур Қоонӣ ба ҷанбаи психологии он ҳикоятҳояш ишора намуда, ҳадафи онҳоро аз як тараф ҷалби таваҷҷӯҳи хонанда ва аз тарафи дигар баёни пардапӯшонаи панду насиҳат медонад. Барои мисол ҳикояти "Кӯдакони фалохандоз"-ро гирем, ки байни мазмуни ҳикоят ва порчаи манзуми охири он зоҳиран рабте ба назар намерасад. Агар дар ҳикоят дар хусуси шӯхии қабеҳи баччаҳо ва рафтори беақлонаи писарбаччае бо модараш равад, пас дар порчаи манзум ҳаромхӯрии муфтии шаҳр

сахт танқид мешавад. Нависанда тавассути тасвири фаҳшомез диққати хонандаро ба мутолиаи ҳикоят ҷалб намуда, дар порчаи манзум матлаби асосии худро баён кардааст:

Муфтии шаҳри мо, ки огаҳ нест
Аз ҳалолу ҳароми пайғамбар,
Моли мӯҳтоҷро намуда ҳабо,
Хуни мазлумро гирифта ҳадар...

Дар ҳикояти боло миёни тасвири ҳикоят ва пораи манзуми он танҳо робитаи психологӣ (агар ҳамин тавр номидан ҷоиз бошад) мушоҳида мешавад. Дар чанде аз ҳикоятҳои дорои тасвирҳои қабеҳ бошад, чунон ки қаблан дидем, миёни ҳикоят ва пораи манзум робитаи маънавиро пай бурдан мумкин аст. Масалан, дар ҳикояти "Сафари Ироқ ва тавсани раманда" Қоонӣ воқеаеро, ки ҳангоми сафараш рӯй додааст, ба тариқи ҳаҷв нақл мекунад. Аспе, ки нависанда савори он будааст, ҳар замон аз тизи додааш рамида саворро ба зер меафканад, ки ин боиси хашми ӯ мегардад. Дар охири ҳикоят ду пора шеър оварда мешавад, ки дар байти аввали онҳо ҳодисаи дар ҳикоят нақлшуда ҷамъбаст гардида, дар байти дуюм бошад риштаи сухан ба зоҳид пайваст мегардад ва зоҳид ба аспи мазкур монанд мешавад. Маълум мегардад, ки матлаби асосии нависанда аз нақли ҳаҷвия маҳз танқиди зоҳидони худбину риёкор будааст. Ин ҳикоят барои амиқ дарк кардани робитаи ғояву сохтмони дохилии ҳикоятҳои асар чун мифтоҳ мадад мерасонад. Зеро дар ҳикоятҳои дигар пораҳои шеърӣ тарзе оварда шудаанд, ки гӯё миёни онҳо ва мазмуни ҳикоят робитае набошад. Ташбеҳи ҳикояти мазкур моро ба он ҳидоят мекунад, ки дар байни онҳо робитаи ноаёни маънавиро ҷустуҷӯ намоем. Агар аз ин дидгоҳ назар андозем, робитаи маънавиро қариб дар ҳамаи ҳикоятҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, ҳикоятҳои зоҳиран қабеҳи "Парешон" ҳарчанд дар алоҳидагӣ  ба сари худ аҳамияти ахлоқӣ надоранд, вале чун василае барои баёни андешаҳои баланди иҷтимоиву ахлоқӣ хидмат кардаанд. Бинобар ин ҳангоми баҳо додан ба асар бояд ин ҷиҳати ҳикоятҳои он низ ба эътибор гирифта шавад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки "Парешон" на танҳо дар эҷодиёти Қоонӣ мавқеи муҳим дорад, балки намунаи барҷастаи насри соддаи бадеии нимаи аввали асри 19 буда, ҳарчанд ба пояи "Гулистон"-и Саъдӣ намерасад, вале аз беҳтарин асарҳои дар пайравии он навишта шуда ба шумор меравад. Қоонӣ дар "Парешон" беҳтарин анъанаҳои насри Саъдиро идома дода, барои ташаккул ва

инкишофи насри реалистиву маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX форс замина гузоштааст.

**Соли 1987**

## ПАЙНАВИШТ

[1] Мирзо Тоҳири Исфаҳонӣ. Ганҷи шойгон.- Теҳрон, 1272, с. 367.

[2] Мусулмонқулов Р. Қоонӣ ва "Парешон"-и ӯ. " Комсомоли Тоҷикистон, 1967, 20 август.

[3] Нилобеков С. Қоонии Шерозӣ. – Чанд мулоҳизаи адабӣ. Маҷмӯаи илмӣ, серияи филологӣ, ҷ. 86.- Душанбе, 1973, саҳ. 119-129.

[4] Қоонии Шерозӣ. Парешон, ба тасҳеҳи Исмоили Ашраф,- Шероз, 1338

[5] Кубичкова В. Асари мазкур, с. 76.

[6] Мирзо Тоҳири Исфаҳонӣ. Ганҷи шойгон, чопи мазкур, с. 367.

[7] Яҳёи Ориянпур. Аз Сабо То Нимо. – Теҳрон, ҷ. 1, 1351, с. 101.

## Васфи бузургии мақоми инсон

Тасвири инсон, тараннуми орзуву омол, эҳсосу андеша, васфи муборизаву ҷидолҳои ӯ бо қувваҳои табиату ҷамъият, ситоиши бузургиву хирад, иқтидору тавоноии вай, мадҳи ахлоқу одоби ҳамида ва як қатор масъалаҳои марбут ба ҳаёту мамоти инсон аз мавзӯъҳои ҷовидонии адабиёт ва санъат аст, ки аз замонҳои хеле қадим то имрӯз бо рангу василаҳои гуногун зуҳур меёбад.

Таҷассуми бадеии инсон ва мақому бузургдошти он дар осори адабиву фалсафии шоир ва донишманди барҷастаи Шарқ Муҳаммад Иқбол (1877-1938), ки ворису давомдиҳандаи анъанаҳои наҷиби адабиёту фалсафаи Машриқу Мағриб аст, басо рангину муассир сурат гирифтааст.

Ҳаёт ва эҷодиёти ин суханвари номӣ бо муборизаи истиқлолхоҳии халқҳои Ҳинду Покистон, ки дар ибтидои асри Х ривоҷ пайдо карда буд, зич алоқаманд аст. Иқбол бо ашъори пурсӯзу гудоз ва рисолаву хитобаҳои шӯълавараш халқҳои гуногунзабону мухталифмазҳаби ватанашро ба муборизаи зидди

аҷнабиёни истилогар рӯҳбаланд намуда, эҳсоси худшиносии онҳоро бедор мекард.

Дар замони пурошӯбе, ки кишварҳои гуногуни олам ва аз ҷумла Ҳиндустонро парешониву бесарусомонӣ, рӯҳияи маҳзуниву дилшикастагӣ ва беқадрии мардум фаро гирифта буд, Иқбол дар қатори як гурӯҳ шоирону донишмандони пешқадами давр ба ҳимояи ҳуқуқи инсони оддӣ бархоста, мақому мартабаи баланди ӯро дар ҷамъият таъкид месозад. Аз нахустин навиштаҳои шоир ин оҳанг баланд садо медиҳад.

Дар ашъори давраи аввали эҷодиёти Иқбол, ки ба солҳои бистуми асри XX рост меояд, мавзӯи ватандӯстӣ ва иттиҳоду иттифоқи аҳли мазҳабҳои гуногуни Ҳинду Покистон мавқеи асосӣ дорад. Идеали иҷтимоиву эстетикии шоир дар он сурудаҳо инсонест, ки ба ватани худ меҳру муҳаббати беандоза дорад ва баҳри озодиву истиқлоли он мубориза мебарад. Ӯ барои барҳам задани мухолифату низоъҳои диниву мазҳабии халқҳои ҳиндуву мусулмон, ки боиси харобии ватан ва қашшоқии мардум гардида буд, кӯшиш намуда, мардумро ба дӯстиву иттиҳод даъват мекунад.

Иқбол аз навиштаҳои аввалини худ шурӯъ карда ба тамоми мавҷудоту ҳодисоти олам аз нуқтаи назари инсони муборизу пешрав менигарад ва арзиши ҳама чизро аз ҳамин дидгоҳ муайян мекунад. Бояд ҳамаи ашёву мавҷудоти олам ба инсон, баҳри ташаккулу такомули он хидмат намояд. Ӯ ҳар он чиро, ки шахсияти инсонро тақвият медиҳад, нек ва ҳар чиро, ки ба шахсияти инсон осеб расонида онро суст мекунад, зишт мешуморад. Ин меъёр ҳам дар ашъори рангину пурхурӯши шоир ва ҳам дар рисолаву асарҳои фалсафии ӯ мавқеи асосӣ дорад.

Мақому моҳияти инсон дар эҷодиёти Иқбол аз хама мӯътабару болотар аст. Тамоми олами ҳастӣ ба вуҷуди инсон вобастагӣ дорад. Ҳамин инсон аст, ки оламу афлокро дар худ гунҷоиш медиҳад ва дар табиат ба худ ҳамтое надорад:

Он чӣ дар одам бигунҷад, олам аст,
Он чи дар олам нагунҷад, одам аст.
Бартар аз гардун мақоми одам аст,
Асли таҳзиб эҳтироми одам аст.

Иқбол пайдоиши инсонро инқилоби бузурги табиату олами ҳастӣ мешуморад. Ба шарофати ҳамин одами хокиниҳоди "худгару худшикану худнигар" аст, ки ишқу ҳусн, орзуву омол ва умуман зиндагӣ маъниву таровате пайдо мекунанд. Ӯ сабабгор ва ҷавҳари мавҷудияту пешрафти зиндагист. Вале шоир афсӯс мехӯрад, ки ҳамин гуна мавҷуди олии табиат дар замони ӯ ҳанӯз бандаву

ғулом аст ва аз иқтидору имконоти худ наметавонад истифода барад:

Ҳанӯз андар ҷаҳон одам ғулом аст,
Низомаш хому кораш нотамом аст.
Ғуломи фақри он гетипаноҳам,
Ки дар динаш мулукият ҳаром аст.

Иқбол аз вазъияти мардуми бенавои ватанаш, ки аз зулми чандтарафаи ҳокимону сарватмандон ва истилогарони аҷнабӣ хеле ба танг омада буданд, муассир гашта озодии инсонро таманно дорад. Шоир дар маснавии "Бандагинома" ғуломиву бандагиро, ки мардуми ҷафокаши кишвараш гирифтори он буданд, сахт маҳкум мекунад ва мардумро ба шикастану пора кардани занҷири ғуломӣ, ки на танҳо пову даст, балки ҷону дил, рӯҳ ва тамоми ҳастии инсонро ба банд меорад, даъват менамояд:

Аз ғуломӣ завқи дидоре маҷӯй,
Аз ғуломӣ ҷони бедоре маҷӯй...
Банд бар по нест бар ҷону дил аст,
Мушкил андар мушкил андар мушкил аст.

Шоир барои раҳоӣ ёфтан аз вартаи ғуломӣ ва аз ҳоле, ки "зи сагон хортар аст", инсонро ба шинохтани қадру эътибори худ, мақому пояаш дар олами мавҷуд даъват карда, ӯро аз иқтидору тавоноии беҳамтои созандагиаш огоҳ менамояд:

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.

Худшиносиву худафрӯзӣ, такя бар қувваю иқтидори худ, тааммулу тааммуқ ба олами ботинӣ ташаккулу такомули шахс ва майлу азми ӯ ба озодии мутлақ ва амсоли инҳо аз ҷиҳатҳои муҳимми афкори фалсафиву консепсияи ғоявию эстетикии Иқбол – "худӣ", ки натиҷаи такмилу омезиши ғояи инсони комили фалсафаи асримиёнагии Шарқ ва ғояи шахсияти фалсафаи Ғарб аст, ба шумор мераванд.

Иқбол инсонро пеш аз ҳама ба шинохтани мақому моҳияти худ ва ташаккули шахсияташ даъват менамояд:

Бинӣ ҷаҳонро, худро набинӣ,
То чанд нодон ғофил нишинӣ...
Берун қадам неҳ аз даври офоқ

Ту пеш аз инӣ, ту беш аз инӣ!

Инсон набояд аз чизе ва ё мавҳумоте дар ҳарос бошад, зеро ӯ аз ҳама бузург аст ва тамоми мавҷудоти олам мутеъи ваянд:

Аз худ андешу аз ин бодия тарсон магузар,
Ки ту ҳастию вуҷуди ду ҷаҳон чизе нест.

Шоир инсони оддӣ, аз ҷумла инсони ҷафокаши Шарқро, ки таъмиргари ҷаҳону офарандаи ҳама гуна нозу неъматҳост, мӯътабартарин мавҷудоти олам медонад ва аз ғарқи хоби ғафлат будани ӯ таассуф хӯрда, вайро ба бедориву мубориза баҳри истиқлолу ба даст овардани ҳуқуқҳои худ талқин менамояд:

Номуси азалро ту аминӣ, ту аминӣ!
Дорои ҷаҳонро ту ясорӣ, ту яминӣ!
Эй бандаи хокӣ, ту замонӣ, ту заминӣ,
Саҳбои яқин даркашу аз дайри гумон хез,
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Танҳо аз нақароти ин шеър ҳам, ки аз такрору таъкидҳо иборат аст, шӯру эҳсосоти баланди қалби шоир, ки аз ҳоли ногувори мардум моломоли дарду алам аст ва дилсӯзиву тараҳҳуми самимии ӯ эҳсос мешавад:

Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон хез!

Иқбол аз мушоҳидаи аҳволи тоқатфарсои мардуми бечораву номуроди ватанаш ба танг меояд ва дар дил орзуи инқилобу табаддулоти ҳаётро парварида амалӣ шудани он орзуро таманно дорад:

Ё бикуш дар синаи ман орзуи инқилоб,
Ё дигаргун кун ниҳоди ин замону ин замин
Ё чунон кун, ё чунин.

хитоб мекунад шоир ба ҳамватанаш.

Барои инқилобу дигаргунсозии ҳаёт танҳо орзу кофӣ нест, бояд осоишу оромиро тарк намуду саъю кӯшиш, талошу муборизаро мароми худ қарор дод. Шоир ҳамватанонашро даъват мекунад, ки мисли мӯрон дар талоши донае мудом зери хасу хошок

умр нагузаронанд, балки ба монанди шоҳин баландпарвозӣ омӯзанду баҳри озодии ватан мубориза баранд. Иқбол ҳарчанд роҳи дуруси муборизаро ба равшанӣ тасаввур намекард, бо вуҷуди ин баҳри озодии кишвар аз мустамликадорони аҷнабӣ бо силоҳ мубориза бурданро таъкид месозад:

Лолаи ин чаман олудаи ранг аст ҳанӯз
Сипар аз даст маяндоз, ки ҷанг аст ҳанӯз.
Фитнаеро, ки дусад фитна дар оғӯшаш буд,
Духтаре ҳаст, ки дар маҳди Фаранг аст ҳанӯз.
Эй, ки осуда нишинӣ лаби соҳил, бархез,
Ки туро кор ба гирдоби наҳанг аст ҳанӯз.

Иқбол моҳияти ҳаёти инсон, омили асосии ҳастиву пешрафти ӯро дар ҳаракату такопӯй, талошу мубориза медонад:

Дар ин дарё чу мавҷи беқарорам,
Агар бар худ напечам, нестам ман.

Инсоне, ки Иқбол ситоиш мекунад, маъюсу ноумед ва оҷизу нотавон нест, ӯ шахси боазму далер аст, ки бо мушкилоти рӯзгору табиат мубоиза мебарад. Ӯ қодир аст, ки ҳама гуна монеаву душвориҳоро барҳам занад ва рӯзгори наву созгорро барпо намояд:

Марди худдоре, ки бошад пухтакор,
Бо мизоҷи ӯ бисозад рӯзгор.
Гар насозад бо мизоҷи ӯ ҷаҳон,
Мешавад ҷангозмо бо осмон.
Барканад бунёди мавҷудотро,
Медиҳад таркиби нав зарротро.
Гардиши айёмро барҳам занад,
Чархи нилифомро барҳам занад.
Мекунад аз қуввати худ ошкор
Рӯзгори нав, ки бошад созгор.
Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,
Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист.

Идеали Иқбол низ монанди идеали ашъори Ҳофиз ва дигар шоирони озодандеши гузаштаи Шарқ, ки бештар бо образи ринд зуҳур мекард, мубориза аст. Вале тафовути идеали Иқбол аз он образҳо дар он аст, ки вай ба зиндагӣ наздиктару амалиёти муборизаи ӯ фаъолтар аст. Ин бешак ба вазъи замони онҳо

алоқаманд аст. Ҳофиз низ талабгори олами наву одами нав буд. Вале дар замони ӯ сохти ҷамъиятӣ ва муҳити тираи феодалӣ барои равшан тасаввур кардани онҳо имкон намедод. Иқбол бошад дар тимсоли мамлакати советҳо ва одамони советӣ сохти нави ҷамъиятиву одами нави мубориз фаъолро медид. Аз ин ҷост, ки образҳои офаридаи ӯ гоҳо ҷиҳату хислатҳои ҷудогонаи онҳоро таҷассум менамоянд.

Инсони тавсифкардаи Иқбол созандаву ихтироъкор буда, бо қувваи хираду ақли расо ба табиату коинот ҳам метавон ҳукмравоӣ кунад ва аз қувваҳои азими табиат ба манфиати худ истифода кунад:

Бархез, ки одамро ҳангоми намуд омад,
Ин мушти ғубореро анҷум ба суҷуд омад,
Он роз, ки пӯшида дар синаи ҳастӣ буд,
Аз шӯхии обу гил дар гуфтушунуд омад.

Инсони асри XX бо донишу заковат, азму субот, талошу мубориза ва меҳнати эҷодкоронааш аз гаҳвораи худ – замин ба сӯи сайёраву ситораҳои дур парвоз намуда, онҳоро мутеи худ мегардонад. Дар айёме, ки танҳо намунаҳои аввалину соддаи мушаку ҳавопаймоҳо сохта мешуданд, шоир фирӯзиҳои ояндаи инсонро дар фатҳи коинот тасаввур мекард:

Бо нуриён бигӯ, ки зи ақли баланди даст
Мо хокиён ба дӯши сурайё савораем.

Муносибати инсон ва ҷамъият аз масъалаҳои муҳимии консепсияи гуманистии шахсият дар эҷодиёти Иқбол мебошад. Аз назари Иқбол фард бе ҷамоат нотавону оҷиз буда, наметавонад арзи ҳастӣ кунад, Маҳз дар ҷамъият истеъдоду заковати шахс зуҳур намуда ба рушду камол мерасад. Шахс, ки худ ҷузве аз ҷамъият аст, бо ҷамоат мӯнису пайванд гардида, аз ғаму шодӣ, орзуву ниятҳои мардум бохабар мешавад ва қуввату ғайрати худро барои беҳбудии зиндагии мардум ва пешрафти ҷамъият сарф менамояд. Ҷамъият низ маҳз ба туфайли меҳнату муборизаи фидокоронаву дастҷамъии одамон низоме пайдо карда пеш меравад.

Иқбол дар маснавии "Румузи бехудӣ" ҳамин гуна ҳамбастагии зичи фарду ҷамъият ва ягонагиву иттиҳоди ин ду қувваи пешбарандаи таърихро таъкид намуда менависад:

Фардро рабти ҷамоат раҳмат аст,

Ҷавҳари ӯро камол аз миллат аст.
То тавонӣ бо ҷамоат ёр бош,
Равнақи ҳангомаи аҳрор бош.
Фарду қавм оинаи якдигаранд,
Силку гавҳар Каҳкашону ахтаранд.
Фард мегирад зи миллат эҳтиром,
Миллат аз афрод мегирад низом.

Муҳаммад Иқбол барои тарбияи фарде, ки дар пешрафти ҷамъияту таърих саҳми босазое гузошта тавонад, саъю кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Тарбияву ташаккули инсони комил дар маркази ашъори рангин ва умуман тамоми фалсафаву осори адабӣ ва илмии ӯ қарор гирифтааст. Шоир кӯшиш менамояд, ки пеш аз ҳама бо ашъораш ин вазифаи муҳимро ба инҷо расонад. Зеро чунон ки нависандаи пролетарии рус Максим Горкий таъкид карда буд, "ҳадафи адабиёт мадад расонидан ба инсон барои худшиносӣ, афзудани боварии ӯ ба худ ва кӯшиш ба сӯи ҳақиқат, мубoризаи ӯ бо зиштиҳо дар вуҷуди одамон ва пайдо кардани некӣ дар сириштии онҳо, бедор намудани шарму ғазабу мардонагӣ дар дилу ҷони онон ва барои он ки одамон некӯкору пуриқтидор бошанд, ҳар кореро анҷом додан аст".

Иқбол пеш аз ҳама инсонро ба он даъват менамояд, ки яъсу навмедиро аз худ дур намояд, зеро ноумедиву номуродӣ ба рӯзгори инсон, ташаккули пешрафти ӯ халал мерасонад, рӯҳи ӯро шикаст дода, вуҷудашро заиф мегардонад, чашмаи файзбори зиндагиро хушку рӯзи равшанро торик месозад:

Ноумедӣ ҳамчу гӯр афшорадат,
Гарчи Алвандӣ, зи по афтонадат...
Чашми ҷонро сурмааш аъмо кунад,
Рӯзи равшанро шаби ялдо кунад.
Аз дамаш мирад қувои зиндагӣ,
Хушк гардад чашмаҳои зиндагӣ...

Инсон бояд дар арсаи зиндагӣ ҳамеша дар талошу ҷустуҷӯ бошад ва орзуҳои наҷибро, ки ба дилҳо қувват мебахшанду шахсро ба корҳои бузург ҳидоят месозанд, раҳнамои худ қарор диҳад:

Зиндагӣ дар ҷустуҷӯ пӯшидааст,
Асли ӯ дар орзу пӯшидааст.
Орзуро дар дили худ зинда дор
То нагардад мушти хоки ту мазор...

Дар зиндагӣ мудом бояд ба пеш ба сӯи ояндаи фирӯз раҳсипор шуд. Ҳар рӯзи нави ҳаёти инсон бояд рангинтару пурмаънитар бошад. Вагарна аз такрори якнавохти рӯзҳои пешин шарори зиндагӣ хомӯш хоҳад шуд:

Дамодам нақшҳои тоза резад,
Ба як сурат қарори зиндагӣ нест.
Агар имрӯзи ту тасвири дӯш аст,
Ба хоки ту шарори зиндагӣ нест.

Орзу василаи муҳимми ташаккулу пешрафти инсон буда, хаёлоти ӯро ба парвоз меорад, меҳру муҳаббат вайро ба зиндагӣ ва ояндаи дурахшон афзун мегардонад. Махсусан, барои ҷафокашони Шарқ орзуро шоир як воситаи раҳоӣ аз бандагӣ медонад:

Зиндагӣ бар орзу дорад асос,
Хешро аз орзуи худ шинос,
Чашму гӯши ҳуш тез аз орзу,
Мушти хоке лоларез аз орзу.
Ҳар ки тухми орзу дар дил накишт,
Поймоли дигарон чун сангу хишт...
Обу гилро орзу одам кунад,
Орзу моро зи худ маҳрам кунад.

Орзумандиву бурдборӣ, азму субот, бебокиву далерӣ, навҷӯиву тозакорӣ аз фазилатҳоеанд, ки инсони муборизро ба мақсуд мерасонанд. Барои аз нишебу фарозҳои зиндагӣ гузаштан шоир таъкид мекунад, ки на мисоли хас сабуксайру ларзон, балки чун кӯҳ маҳкаму устувор бояд буд:

Агар зи рамзи ҳаёт огаҳӣ, маҷӯю магир
Диле, ки аз халиши хори орзу пок аст.
Ба худ хазидаву маҳкам чу кӯҳсорон зӣ,
Чу хас мазӣ, ки ҳаво тезу шӯъла бебок аст.

Дар зиндагӣ пайдо кардани мақоми худ, кӯр-кӯрона ба дигарон тақлид накардан, ба роҳи осоне, ки кайҳо кушодаанду тай намудаанд, беҳуда қадам нафарсудан ва мустақилона амал карданро низ шоир аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мешуморад:

Тарош аз тешаи худ ҷодаи хеш
Ба роҳи дигарон рафтан азоб аст.
Гар аз дасти ту кори нодирояд,

Гуноҳе ҳам агар бошад, савоб аст.

Омӯзиши илму дониш аз назари Иқбол яке аз шартҳои муҳимми ташаккули инсон ба шумор меравад. Иқбол аз бесаводии ҳамватанонаш, ки он боиси яъсу навмедӣ, фирефтаи иғвою ваъдаҳои диндорони мутаассиб ва аз мубoризаи фаъолонаи дур шудани онон мегардид, афсӯс мехӯрад. Шоир омили асосии пешрафти мамолики Аврупоро дар ибтидои асри XX пеш аз ҳама дар ривоҷи илму фарҳанги ин сарзамин медонад, на дар дигаргунии зоҳирии мардум:

Қуввати Мағриб на аз чангу рубоб,
На зи рақси духтарони беҳиҷоб,
Не зи сеҳри соҳирони лоларӯст,
Не зи урён соқу не аз қатъи мӯст.
Маҳкамӣ ӯро на аз лодинӣ аст,
Не фурӯғаш аз хати лотинӣ аст.
Қуввати афранг дар илму фан аст,
Аз ҳамин оташ чароғаш равшан аст.
Ҳикмат аз қатъу буриди ҷома нест,
Монеи илму ҳунар аммома нест.
Илму фанро, эй ҷавони шӯху шанг
Мағз мебояд, на малбуси фаранг...
Гар касе шабҳо хӯрад дуди чароғ,
Гирад аз илму фану ҳикмат суроғ...

Дар маснавии "Румузи бехудӣ" Иқбол инсони муосири худро ба он даъват менамояд, ки мутеи вақту замон нагашта, фармонравои он бошад, қонуну равиши зиндагиро дарк намуда, офаридгори таърих гардад ва ҷилави замонро ба даст гирифта ба сӯи матлаби инсоният ҳидоят намояд:

Забт кун таърихро поянда шав,
Аз нафасҳои рамида зинда шав.
Дӯшро пайванд бо имрӯз кун,
Зиндагиро мурғи дастомӯз кун.
Риштаи айёмро овар ба даст
Варна гардӣ рӯзкӯру шабпараст.

Некиву накӯкорӣ, ки аз замонҳои қадим то имрӯз дар эҷодиёти адибони барҷастаи олам аз хислатҳои муҳимми инсони комил мебошад, аз нуктаҳои асосии консепсияи гуманистии Иқбол низ ба ҳисоб меравад. Иқбол низ дар зиндагӣ ҳамеша накӯкор

будан, мушкилкушои дармондагону роҳатрасони мардум шуданро талқин менамояд. Инсон бояд аз фурсати ғанимат истифода бурда ҳар нафасро барои беҳбуди одаму олам ба кор барад. Зеро умри инсон дар назди Вақту Таърих хеле кӯтоҳ аст:

Зи хоки хеш ба таъмири одамӣ бархез,
Ки фурсати ту ба қадри табассуми шарар аст.

Тафриқаву ихтилофи милливу мазҳабӣ ба консепсияи гуманистии Муҳаммад Иқбол тамоман бегона аст. Ӯ на танҳо миёни халқу миллатҳои гуногуннажоду мухталифмазҳаб фарқе намебинад, балки ҳамаи одамонро аз як чаману як шохсор медонад. Ӯ ҳам монанди Саъдии бузургвор, ки "Бани одам аъзои якдигаранд, ки дар офариниш зи як гавҳаранд" гуфта буд, бо як ҳисси баланди инсонпарварона хитоб мекунад:

На афғонему не турку тоторем,
Чаманзорему аз як шохсорем.
Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,
Ки мо парвардаи як навбаҳорем.

Инсонпарвари бузург моҳияти инсонро на дар миллату ирқу нажод, балки пеш аз ҳама дар одамият медонад ва инро аз ҳама муқаддам мегузорад. Дар замоне, ки таассуби нажодпарастон ва талошҳои мазҳабӣ дар Ҳинду Покистон ба авҷ расида буд, чунин хитобҳои шоири гуманист ҳукми барқи дурахшонеро дар зулмот доштанд:

Ҳанӯз аз банди обу гил нарастӣ,
Ту гӯӣ румию афғониям ман.
Ман аввал одами берангу бӯям,
Аз он пас ҳиндию тӯрониям ман.

Иқбол ба ин восита дар байни мардумони гуногунмазҳаби ватанаш иттиҳоду ягонагӣ, дӯстиву рафоқатро новобаста аз дину мазҳаб тарғиб менамояд ва эҳтироми инсонро аз шартҳои асосии одамият медонад:

Одамият эҳтироми одамӣ,
Бохабар шав аз мақоми одамӣ.
Одамӣ аз рабту забти тан ба тан
Бар тариқи дӯстӣ гоме бизан.

Афкору эҳсоси Муҳаммад Иқбол низ монанди ақоиду андешаҳои Лев Толстою Рабиндранат Такур барин адибони барҷастаи олам, ки дар муҳити пуртазоде зиндагӣ ва эҷод мекарданд, мураккаб ва пурихтилоф аст. Ӯ аз як тараф нобаробариҳои иҷтимоӣ, зулму тааддии ҳокимону мустамликадорон ва дигар иллатҳои сохти буржуазиро фош намуда, ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон мебарояд ва андешаҳои баланди гуманистӣ баён мекунад. Аз тарафи дигар гоҳо дар идроки рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии давр оҷиз мемонад ва роҳи асосии дигаргунсозии оламу одамро танҳо аз покии ахлоқу покизагии дин иборат медонад. Ӯ ғалабаи Инқилоби Октябр ва сохти сотсиалистиро бо хушнудӣ табрику таҳният мегуфт, вале мехост, ки сотсиализм бо дини ислом тавъам бошад.

Муҳаббати беандоза ба инсон, бузургдошти мақому мартабаи он нисбат ба тамоми мавҷудоти олам аз нуктаҳои асосии гуманизми Иқбол буд. Вале ӯ моҳияти синфиву сотсиалии шахсро ба эътибор намегирифт ва тарбияи инсонро танҳо аз ташаккули ахлоқӣ иборат медонист. Идеали Иқбол ҳанӯз ба ҳаёти воқеӣ решаҳои амиқ надавонда буд ва гуманизми ӯ бештар ҷанбаи идеалистӣ дошт.

Ҳамчунин консепсияи фалсафиву гуманистии Иқбол "худӣ" давоми мантиқии консепсияи инсони комили Ҷалолиддин Румӣ, Ибни Арабӣ, Аттор ва дигар адибону орифони Шарқ буда, ҷанбаи ирфониву тасаввуфӣ ҳам дошт.

Бо вуҷуди ин ҳама маҳдудиятҳои ғоявию таърихӣ хидмати Муҳаммад Иқбол дар ривоҷи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Ҳинду Покистон, дар ифодаи орзуву омол ва ҳимояи манфиату ҳуқуқҳои мардум хеле бузург аст. Иқбол муҳимтарин нуктаҳои гуманистии фалсафаи Шарқу Ғарбро бо ҳам омезиш дода, консепсияи нави гуманистии худро эҷод намуд, ки дар он мақоми инсони оддӣ ба дараҷаи шахсияти идеалӣ баланд бардошта мешавад. Аз ин рӯ чунон ки иқболшиноси покистонӣ Саид Абдул Ваҳид таъкид мекунад, "бузургии шахсияти Иқбол ҳамчун донишманду шоир эътироф шудааст ва сабаби ин на танҳо аз навоварии ӯст, балки дар он аст, ки асоси андешаҳои фалсафии Иқболро инсон ва мақоми ӯ дар олам ташкил медиҳад".

Иқбол дар осори гаронбаҳои адабиву фалсафии худ идеали инсонеро ба миён овард, ки тамоми ҳастиашро баҳри озодиву беҳбудии мардум сарф менамояд, мубориза ва некиву накӯкориро мароми зиндагӣ қарор медиҳад. Ҳамчунин Иқбол вазифаи асосии шеъру шоирӣ ва умуман адабиётро низ маҳз дар тарбияву тарғиби инсону одамият медонад ва борҳо ин иддаоро дар ашъораш таъкид

намудааст. Ӯ шоиронеро, ки аз сӯзу гудози маҳрамонаи онҳо ба мардум суде нест, мазаммат мекунад:

Зи ман бо шоири ширинбаён гӯй:
"Чӣ суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?
На худро мегудозӣ з-оташи хеш,
На шоми дардмандеро фурӯзӣ".

Шоири бузурги гуманист, ки худи ӯ "баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист" мегӯяд, ба шеъру шоирӣ ва иқтидори онҳо дар тарбияву ташаккули инсон итминони комил дошта, дар байтҳои зерини достони "Ҷовиднома", ки маромномаи эҷодии ӯст, хитоб мекунад:

Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,
Холиқу парвардигори орзуст.
Шоир андар синаи миллат чу дил
Миллате бешоире анбори гил...
Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам ворисӣ пайғамбарист...

Ҳарчанд роҷеъ ба афкору андешаҳои гуманистии Муҳаммад Иқбол як гурӯҳ донишмандон амсоли Александр Баузани, Р.Н. Николсон, Саид Нафисӣ, Муҷтабо Минавӣ, Саид Абдул Ваҳид, С. Синҳа, Н.П. Аникеев, Ғ. Алиев, Н.П. Пригарина, М. Миршакар, А. Ғаффоров, С.И. Кедрова дар зимни асарҳояшон мулоҳизаҳои ҷолибе баён кардаанд, вале ҳанӯз бисёр паҳлӯҳои гуманизми эҷодиёти ин инсонпарвари бузург амиқ таҳлилу таҳқиқ нашудааст ва ниёзманди тадқиқотҳои ҷиддии муҳаққиқон аст.

**Соли 1977**

## Бозгашти адабӣ

Адабиёти асрҳои XVIII-XIX форс, ки бо адабиёти аҳди қочор ва адабиёти давраи бозгашт маъруф аст, аз давраҳои хеле кам тадқиқшудаи адабиёти Эрон ба шумор меравад. Дар ин давра адибони зиёде зиндагӣ ва эҷод намуда, аз худ мероси фаровон адабӣ боқӣ гузошта бошанд ҳам, мутаассифона, осори адабии онҳо то солҳои охир на танҳо мавриди тадқиқи муфассал қарор нагирифта буд, балки девонҳои ашъор ва асарҳои ҷудогонаи онҳо низ ба табъ нарасида буданд.

Хушбахтона, солҳои охир девонҳои як зумра шоирони номии ин давра ва баъзе сарчашмаҳо ба чоп расиданд, ки ин барои омӯзиши адабиёти давраи мазкур имконият фароҳам овард.

Доир ба адабиёти ин давра ва намояндагони ҷудогонаи он дар Эрон ба ғайр аз муқаддимаи девонҳои ашъори шоирон ва китобҳои умумии таърихи адабиёт чанд рисолаву мақола низ ба табъ расидаанд, ки асарҳои Маликушшуаро Баҳор "Бозгашти адабӣ", Иброҳим Сафоӣ "Наҳзати адабии Эрон дар асри қоҷор", Нусрати Таҷрибакор "Адабиёти Эрон дар асри қоҷор", Яҳёи Ориянпур "Аз Сабо то Нимо" аз ҳамин қабиланд.

Дар эроншиносии шӯравӣ ба ҷуз бобҳои ҷудогонаи асарҳои К. Чайкин, Е. Бертелс, Р.Г. Левковская, В.Б. Никитина ва баъзе мақолаҳои дигар дар ин бобат тадқиқотҳои ҷиддии чопӣ ҳанӯз ба назар намерасад.

Дар асарҳои мазкур ҳарчанд роҷеъ ба баъзе ҷиҳатҳои ҳаёти адабии давр мулоҳизаҳо баён шудааст, вале хусусиятҳои умдаи адабиёти ин давра ва махсусан равияи бозгашти адабӣ ҳанӯз ба таври кофӣ тадқиқ нагардидааст.

Илова бар ин муаллифони он асарҳо доир ба вазъият ва хусусиятҳои адабиёти ин давра ақидаҳои мухталиф баён кардаанд. Аз ҷумла Иброҳим Сафоӣ адабиёти ин давраро аз давраҳои дурахшони адабиёти форсӣ ба қалам дода менависад: "Дар бадви ҳукумати қоҷория як наҳзати бузурги адабӣ дар Эрон оғоз шуд, ки забони форсӣ ва шеваи назму насрро ба сӯи таҳаввуле мутараққиёна ва такомуле воқеӣ пеш бурд".[38]

Муҳаққиқ ба адабиёти давраи мазкур баҳои иғроқомез дода, мақоми шоирони ин аҳдро беасос аз шоирони бузурги асрҳои гузашта болотар мегузорад. Сафоӣ аз ҷумла дар зимни таҳлили осори Сабо қайд мекунад, ки "Шоҳаншоҳнома"-аш, ки ба татаббӯи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар баҳри тақоруб суруда шуда, аз шеърҳои Фирдавсӣ фосила надорад ва дар ҳоле, ки бисёре аз абёти он латофат ва инсиҷоми шеърҳои нухбаи "Шоҳнома"-и Фирдавсиро дорад, гоҳе ҳам бар "Шоҳнома" ғалаба мекунад".[39]

Яҳёи Ориянпур ин қабил баҳоҳои муҳаққиқонро "на танҳо бисёр иғроқомез, балки аблаҳона"[40] шуморида, қайд мекунад, ки назар ба маълумоти "Ҳадиқатушшуаро" худи Фатҳалихони Сабо бо вуҷуди тафохурҳои зиёдаш дар охирҳои умр ба баландии мақоми Фирдавсӣ ва шоҳасари ӯ иқрор шудааст.

Аз мулоҳизаҳои Иброҳими Сафоӣ бармеояд, ки ӯ хеле зиёд шудани шоирону нависандагон, ривоҷи шеъру шоирӣ дар

дарборҳо, дар симои шоҳону вазирон харидорону муштариёни ашъори мадеҳавӣ пайдо кардани шоирон, ба соддагӯиву содданависӣ рӯй овардани адибонро нишонаҳои пешрафти бузурги адабиёти ин давра шуморидааст.

Дарвоқеъ, чунон ки хоҳем дид, адабиёти давраи мазкур дорои баъзе хусусиятҳои ҷолиби диққат мебошад. Бо вуҷуди ин ҷараёни адабиёти ин давраро наметавон "наҳзати бузурги адабӣ" дар таърихи адабиёти Эрон шуморид.

Ҳодисаи муҳиме, ки дар адабиёти асрҳои XVIII-XIX Эрон ба амал омад, пайдоиш ва ташаккули ҷараён ва равияи бозгашти адабӣ мебошад.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аксари муҳаққиқоне, ки дар хусуси бозгашти адабӣ сухан рондаанд, онро чун сабки тозаи адабӣ ба қалам овардаанд. Вале бозгашти адабиро на сабк, балки равияи адабӣ номидан беҳтар аст. Зеро аз лиҳози сабку услуб осори бадеии ин давра аз офаридаҳои сабкҳои хуросониву ироқӣ тафовути ҷиддие надорад.

Чунон ки маълум аст, дар асрҳои XVI-XVIII ривоҷи мавзӯъоту мазмунҳои диниву мазҳабӣ, мураккабиву печдарпечӣ, хаёлбофиву суханбозиҳои сабки ҳиндӣ пайваста ба дигар омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маданӣ боиси таназзули ҳаёти адабӣ гардиданд. Дар назди адибони асри XVIII вазифае меистод, ки адабиётро аз таназзулу пастравӣ раҳо намуда, роҳҳои инкишофи онро пайдо кунанд. Вале барои инкишофи ҳақиқии адабиёт дар ин давра ҳанӯз шароит ва омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ муҳайё набуданд. Аз ин ҷост, ки адибони ин давра роҳи халосиро дар пайравӣ ба суханварони бузурги асрҳои X-XIV дида, ба тақлиду пайравии сабку услуби эҷодии онҳо пардохтаанд ва равияи бозгашти адабиро оғоз намуданд. Дар ҳақиқат, ин равия, ба қавли шоири навпардози Эрон Нимо Юшич, "бозгаште аз рӯи аҷз ба тарафи сабкҳои мухталифи қадим буд".

Дар бобати аввалин шоире, ки асоси ин равияро гузоштааст ва ё дар ташаккули он бештар хидмат кардаст, дар асарҳои тадқиқотӣ фикру андешаҳои мухталиф баён шудаанд. Аз ҷумла Нусрати Таҷрибакор аз роҳнамоёни бозгашт "Ҳотифи Исфаҳониро муқаддам бар дигарон" мешуморад. Иброҳими Сафоӣ, Наҷотӣ ва Лутфалии Суратгар Фатҳалихони Саборо поягузор ва оғозкунандаи ин равия медонанд. Чанде аз донишмандон монанди Маликушшуаро Баҳор, Аббос Иқбол, Яҳё Ориянпур шоири намоёни нимаи аввали асри XVI11 Сайид Алии Муштоқро асосгузори бозгашти адабӣ шуморидаанд. Дар ҳақиқат, Муштоқ на танҳо яке аз аввалин шоиронест, ки аз сабки ҳиндӣ рӯй гардонда, ба пайравии сабкҳои қадим пардохтанд, балки ӯ дар

шаҳри Исфаҳон анҷумани адабие ташкил намуда, шоиронро дар ин равия раҳнамоӣ ва ташвиқ мекард.

Маълумоти зерини тазкираи "Ҳадоиқулҷинон" Абдурраззоқи Дунбалӣ, ки Баҳор низ ба он такя намудааст, дурустии фикри охиринро тасдиқ мекунанд: "Чун бисоти чамани назм аз хаёлоти хоми Шавкат ва Соиб ва Ваҳид ва моюшобуҳу биҳим ва аз истиороти борида ва тамсилоти хунук лагадкӯб шуд ва якборагӣ аз таровату равнақ афтод, Муштоқ ба тамошои гулзори назм омада ва тӯмори сухансароии он ҷамъро чун ғунча ба ҳам печида ва бистоти назме, ки худ дар он соҳибсалиқа буд ва он равияи Замирӣ ва Назирӣ аст, бигустурданд. Ба сари шохсори сухан навоҳо сохт ва нағмаҳо пардохт. Андалебони хушнавои аср ӯро муқтафо омаданд..."

Дар ташаккул ва ривоҷи равияи "Бозгашт" хидмати анҷуманҳои адабӣ, махсусан, анҷуманҳои "Муштоқ", "Нишот" ва "Хоқон" хеле калон аст. Зимнан бояд гуфт, ки мақому моҳияти ин анҷуманҳо на танҳо ҳанӯз тадқиқ нашудааст, балки дар зикри унвону асосгузорону он анҷуманҳо дар баъзе асарҳо ба иштибоҳҳо роҳ дода шудааст. Аз ҷумла, муаллифони китоби"Адабиёти Шарқ дар замони нав" дар хусуси вазъияти адабиёти маорифпарварӣ дар нимаи аввали асри XIX таваққуф намуда, қайд мекунад, ки дар ин давра "анҷумани илмиву адабии Муштоқ" – "Ташна" (ташнаи табаддулот дар назар дошта шудааст) таъсис ёфт. Асосгузори он Нишот буд".

Аввалан асосгузори "Анҷумани Муштоқ" шоир Муштоқи Исфаҳонӣ буда, ин анҷуман пеш аз "Анҷумани Нишот" (поягузораш шоир Нишоти Исфаҳонӣ) ташкил шудааст ва бо вафоти Муштоқ дар соли 1757 пароканда гаштааст. "Анҷумани Муштоқ" бошад дар охирҳои асри XVIII таъсис ёфта, соли 1804 бо азимати Нишот ба Теҳрон пароканда шуд.

Сониян калимаи "Муштоқ" дар ибораи "Анҷумани Муштоқ" пеш аз ҳама ба номи асосгузори ин анҷуман вобаста аст, на ба он маъние, ки дар асари мазкур шарҳ ёфтааст. Зеро анҷуманҳои адабиву илмӣ дар ин давра одатан номи асосгузорони онҳоро мегирифтанд. Аз ин ҷост, ки илова бар анҷуманҳои зикршуда дар Теҳрон анҷумани дигаре амал мекард, ки он "Анҷумани Хоқон" номида мешуд ва асосгузори он Фатҳалишоҳ буд, ки бо тахаллуси Хоқон шеър менавишт. Ин анҷуман беш аз ҳама ба ривоҷи назиранависӣ ва тақлидкорӣ ба шоирони гузашта мусоидат намудааст.

Равияе, ки Муштоқ ва дигар шоирони доираи адабии Исфаҳон ("Анҷумани Муштоқ") аз қабили Сайид Муҳаммади Шӯъла, Насири Исфаҳонӣ, Озари Бегдилӣ шурӯъ намуданд, дере

нагузашта дар тамоми Эрон паҳн гардид. Аксари адибони давр аз сабки душворписанди ҳиндӣ даст кашида, дар пайравии шоирону нависандагони маъруфи асрҳои пешин Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ, Хоқонӣ, Анварӣ, Муиззӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва амсоли инҳо асарҳо менавиштанд. Ба иборати дигар, нуқтаи асосии равияи мазкурро тақлиду пайравӣ ба сабкҳои пешин ташкил медод.

Вале Нусрати Таҷрибакор барин муҳаққиқон моҳияти ин равияро яктарафа шарҳ дода, мафҳуми "бозгашти адабӣ"-ро танҳо чун дурӣ ҷустан ё баргаштан аз сабки маъмули давр маънидод кардаанд. "Медонем, ки ин асарро, - менависад Нусрати Таҷрибакор,- бозгашти адабӣ номидаанд, ба ин маънӣ, ки баъд аз зуҳури шоироне чун Калиму Соиб, ки нозукӣ ва печидагии мазомини шеърӣ ба ҳадди тамомиву камол расида, шоирон ба бунбасте дар шуданд, ки мутаваққиф монданд ва бинобар ин мебояд аз ин бунбаст бозгарданд".[41]

Дуруст аст, ки дурӣ ҷустан аз сабки ҳиндӣ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши ин равия буд. Вале онро ҳадафи ягонаву аслии бозгашти адабӣ қаламдод кардан дуруст нест. Зеро мафҳуми "бозгашт" ҳам на дурӣ ҷустанро мефаҳмонад, балки маънии аз нав муроҷиат кардан ба гузаштаро дорад. Ҳадафи асосии ин равияи адабиро Сабоҳии Кошонӣ дар яке аз қитъаҳояш ошкоро ва хеле равшан баён намудааст:

Бувад тариқати мо иқтифои устодон,
Пиёдаро нарасад таъна бар ҳудоти тариқ.

Татаббӯъ ва назирависӣ дар тамоми давраҳои таърихи адабиёти Эрон вуҷуд дошт. Вале дар давраи бозгашт он хеле маъмул гардида, ба рукни асосии равияи адабӣ табдил ёфт ва хусусиятҳои гуногунро касб намуд. Ҳоло бо зикри чанд хусусияти назиранависӣ дар назми ин давра иктифо менамоем.

Пеш аз ҳама дар эҷодиёти шоирони ин давра тарзи маъмулусуннатии назиранависӣ, ки шеъри шоири пешинро аз ҳар ҷиҳат – ҳам аз лиҳози мавзӯъ, ғоя, мундариҷа, системаи образҳо ва ҳам аз ҳайси вазну қофия, ҳаҷм ва дигар нишонаҳои мундариҷаву шакл пайравӣ намуда, аксаран як мисраи он шеърро иқтибос ҳам меоварданд, мушоҳида мешавад. Тазмину назираҳои устодона ба шеърҳои Фаррухӣ, Анварӣ, Муиззӣ, Хоқонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз барин суханварони маъруфи гузашта дар девонҳои ашъори Сабо, Сурӯши Исфаҳонӣ, Қоонӣ ва амсоли инҳо бештар ба назар мерасад. Масалан, Сурӯш дар пайравии яке аз қасидаҳои Фаррухӣ қасидае

навишта, дар поёни он мисраъе аз қасидаи Фаррухиро айнан зикр менамояд:

Ин қасида дар ҷавоби Фаррухӣ гуфтам, ки гуфт:
"Дӯст дорам кӯдаки симинбари беҷодалаб".

Вале як гурӯҳ шоирони давр аз қабили Нишот, Миҷмар, Висол, Фурӯғӣ усули дигари пайравиро пеш гирифтанд, ки онро пайравии куллӣ ё умумӣ номидан мумкин аст. Дар эҷодиёти шоирони мазкур махсусан, дар ғазалиёти онҳо беш аз ҳама таъсири амиқи эҷодиёти Саъдиву Ҳофиз мушоҳида мешавад. Ин таъсир дар бисёр ҷиҳатҳои мундариҷаву шакли ғазалиёти онҳо ҳувайдост. Вале, бо вуҷуди ин, аксари ғазалҳои шоирони мазкурро ба маънии томаш ашъори ҷавобӣ ё назира номидан имконнопазир аст. Зеро мувофиқи талаботи назиранависӣ, чунон ки зикр шуд, шеърҳои дар татаббӯи ҳамдигар навишташуда бояд аз ҳар ҷиҳат мувофиқат дошта бошанд. Дар ғазалҳои онҳо бошад танҳо баъзе умумияту монандиҳои ҷудогона ба назар мерасанд. Барои мисол ғазали Миҷмар, ки бо матлаи:

Ошиқи шӯридаро ором нест,
Ишқ худ ком асту ӯро ком нест.

оғоз меёбад, ба ғазали маъруфи Саъдӣ, ки бо байти зер шурӯъ мешавад, аз лиҳози вазн, қофияву радиф, ибораву таъбир ва образҳои ҷудогона умумияту шабоҳате дорад:

Хуштар аз даврони ишқ айём нест,
Бомдоди ошиқонро шом нест.

Вале ин ғазалҳо бо мазмуну мундариҷа ва ҳаҷми худ аз ҳамдигар фарқ доранд.

Аксари ғазалҳои Нишот ҳарчанд бевосита дар пайравии ғазалҳои ҷудогонаи Ҳофиз навишта шудаанд, вале дар онҳо ба таъбиру таркибҳо, образу тасвирҳои хоси ғазалиёти Ҳофиз дучор омада, оҳангу рӯҳияи онҳоро эҳсос кардан мумкин аст. Инро на танҳо дар ғазалҳои томи шоир, балки дар байтҳои ҷудогонаи онҳо низ метавон мушоҳида кард. Масалан, байти зерини Нишот:

Ҳаргиз аз мазраи сабзи фалаку чашмаи меҳр
Тухми ғафлат ба ҷуз андӯҳ наёрад ҳосил.

байти машҳури яке аз газалҳои Ҳофизро ба хотир меорад:

Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав
Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.

Аз байти зерини яке аз ғазалҳои Фурӯғии Бастомӣ як хусусияти аҷиби пайравии куллӣ ба мушоҳида мерасад:

То домани қиёмат аз сарв нола хезад
Гардад чаман чамоне он қомати расоро.

Агар мутолиаи мисраи аввали байти мазкур тарзи нигориш ва образу тасвирҳои яке аз ғазалҳои машҳури Саъдӣ "Бигзор то бигирям чун абр дар баҳорон, к-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон"-ро ба хотир орад, пас дар мисраи дуюм рӯҳияву тарзи ифодаи Ҳофиз эҳсос мешавад.

Албатта ҳамаи ин ҳолатҳо бесабаб набуда, аз як тараф таваҷҷӯҳ ва диққати хеле зиёду ҷидди шоирони равияи "бозгашт"-ро ба эҷодиёти суханварони асрҳои X-XIV нишон диҳад, аз тарафи дигар дар байни онҳо мавҷуд будани "умумияти андешаҳои эҷодӣ, ягонагӣ ва қаробати принсипҳои ғоявию эстетикиро", ки аз шартҳои муҳимми ворисияти таърихиву адабист, ба зуҳур мерасонад.

Умумияту шабоҳати қаҳрамони лирикии ашъори ин шоирони давраҳои гуногун ҳам далели гуфтаҳои боло шуда метавонанд. Аз ҷумла қаҳрамони лирикӣ дар ашъори Ҳофиз ва Нишот дар симои ринди лоуболи сармаст зоҳир мегардад. Ҳофиз:

Ман агар ринди хароботаму гар Ҳофизи шаҳр,
Ин матоам, ки ту мебиниву камтар з-инам.

Нишот:

Заҳмати хирқаву саҷҷода барам чанд, Нишот,
Ҳама донанд, ки ман риндаму девонаву маст.

Тарзи дигари татаббӯъ, ки маҳз дар ин давра ривоҷ пайдо кард, аз он иборат буд, ки мамдӯҳони шоиртабъ матлаеро навишта ба шоирон медоданд ва шоирон онро идома дода қасида ё ғазале месохтанд.

Барои мисол ғазали зерини Фурӯғии Бастомиро зикр кардан мумкин аст, ки се байти аввали он ба Носириддиншоҳ тааллуқ дошта, байтҳои баъдинаро Фурӯғӣ илова намудааст ва дар охири ғазал ба ин кори худ ишора кардааст:

"Дӯст набояд зи дӯст дар гила бошад,
Мард набояд, ки тангҳавсала бошад.
Даҳдила аз баҳри чист ошиқи маъшуқ?
Ошиқи маъшуқ беҳ, ки якдила бошад.
Бе гила хуш нест рӯи хуби ту дидан
Дидани рӯят хуш аст бегила бошад".
Дӯш ба ҳеҷам харид хоҷаву тарсам
Боз пушаймон дар ин муомила бошад.
Роҳрави ишқ бояд аз паи мақсуд
Дар қадамаш сад ҳазор обила бошад.
Он ки мусалсал нашуд турраи Лайлӣ,
Хост, ки Маҷнун асири силсила бошад.
Тунд марон, эй далел, раҳ, ки мабодо
Хастадиле дар миёни қофила бошад.
Зеби ғазал кардам ин се байти маликро
То ғазалаш садри ҳар муросила бошад.
Бо ғазали шоҳи нуктасанҷ Фурӯғӣ
Ман чӣ бигӯям, ки қобили сила бошад.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои адабиёти давраи бозгашт, ки муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, соддагии шаклу услуб аст. "Муваффақиятҳои услубиву шаклии давраи қоҷор,- менависад К. Чайкин,- дастоварди муҳими адабиёти нави форсӣ буда, ба эҷоди бадеии солҳои минбаъда таъсири амиқе мерасонанд".[42]

Дар ҳақиқат ба соддагӯиву содданависӣ рӯй овардани шоирони ин давра нисбат ба душворписандиҳои сабки ҳиндӣ қадаме ба пеш буд, вале чунон ки дар боло ҳам қайд кардем, ин ҳанӯз далели рушди ҳақиқии адабиёт, пешрафту наҳзати бузурги адабӣ, ки Иброҳими Сафоӣ барин муҳаққиқон иддао доранд, шуда наметавонад.

Тақлиду пайравӣ ба суханварони гузашта доираи назар, чашмандози адибони даврро маҳдуд гардонид. Бештари кӯшиши шоирон ба он равона шуда буд, ки сабку тарзи андешаву баёни шоирони пешинро аз нав барқарор намоянд. Аз ин ҷост, ки дар осори онҳо рӯҳи замон, муҳимтарин хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоии давр хеле кам эҳсос мешавад.

Бо вуҷуди ин, равияи бозгашти адабӣ дар соддатару ба мардум наздиктар кардани адабиёт таъсири калоне расонида, барои ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва демократии Эрон дар ибтидои асри XX заминаи мусоиде муҳайё намуд.

## Пайнавишт

[1] Иброҳим Сафоӣ. Наҳзати адабии Эрон, дар асри Қоҷор, Теҳрон, с. 2
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 14.
[3]Яҳёи Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, Теҳрон, ч. 1, 1350, саҳ. 23.
[4] Нусрати Таҷрибакор. Адабиёти Эрон дар асри қоҷор... саҳ. 271.
[5] К. Чайкин. Краткий очерк новейшей персидской литературы. Л., 1928, стр. 5.

## САБКИ ҲИНДӢ - «КИШВАРЕ КАШФНОШУДА»*

Сабки ҳиндӣ гарчи сабки тоза буд,
Лек ӯро заъфи беандоза буд…

## Маликушшуаро Баҳор

Сабки ҳиндӣ яке аз сабкҳои пурбор, аммо камомӯхташудаи шеъру адаби форсу тоҷик ба шумор меравад. Албатта, дар ин замина баъзе корҳо сурат гирифтаанд, аммо ҳанӯз нокифояанд. Дар ин росто ба табъ расидани китоби донишманди шинохта Н.И.Пригарина «Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри порсӣ» (Москва. Адабиёти Шарқ, 1999,326 саҳ., ба забони русӣ) қадами ҷиддӣ ва фоли нек дар боби омӯхтани ин сабки пурмуҳтаво маҳсуб мешавад. Китоб аз муқаддима, ҳашт боб, хулоса, тавзеҳот ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

Муаллиф дар пешсухани китоб дар бораи сабки ҳиндӣ, мавҷудияти сабкҳои адабӣ (хуросонӣ, ҳиндӣ, бозгашт), китоби «Сабкшиносӣ»-и Баҳор ва умуман сабкшиносӣ дар шеъри порсӣ ва дараҷаи омӯхта шудани ин сабк маълумот медиҳад. Ӯ ибтидо аз «Шеър-улаҷам»-и Шиблии Нӯъмонӣ ва мақолаҳои Е.Э.Бертелс, донишманди итолиёвӣ А.Баузанӣ, муҳаққиқи Ӯзбакистон З.Ризоев, олими немис В.Ҳайнс ва дигарон, ки ба таҳқиқу гузориши муҳимтарин масъалаҳои сабки ҳиндӣ бахшида шудаанд, ёдовар шуда, ҳидмати онҳоро дар роҳи омӯзишу тадқиқи ин сабк гӯшрас менамояд. Аммо бо ин ҳама, ӯ дуруст тазаккур медиҳад, ки ҳанӯз ин сабк ҳамчун системаи махсуси шеърӣ ба таври бояду шояд мавриди баррасии ҷиддию ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Зеро донишмандони аврупоӣ асосан ба зикри нишонаҳои ин сабк иктифо мекунанд ва бештар тадқиқоти Шиблии Нӯъмониро дунбол менамоянд. Муҳақиқони шарқӣ низ асосан дар ҳамин заминаҳо ба мавзӯъ наздик мешаванд. Аз ин рӯ, тадқиқ ва таҳлили сабки ҳиндӣ ва муқоисаи он бо сабкҳои пешин, аз ҷумла хуросонӣ ва ироқӣ як кори муҳим ва таъхирнопазир мебошад.

Гузашта аз ин муҳаққиқ роҷеъ ба вазифа, шеваи тадқиқ, хусусият, анъана, нуқтаи назар ва авомили дохилию хориҷӣ, нигоҳи адибон ба шеър, баҳои тазкираҳо, тафсиру таъбири шеър, нуқтаи назари аҳли тасаввуф дар ин замина, дарки падидаҳои адабӣ, ягонагии забону адабиёти порсӣ, ивазшавии сабкҳо, таълимоти исломӣ ва ҷараёни ирфонию фалсафии сӯфия ва нуфузи он дар сабки ҳиндӣ ва умуман ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, истилоҳи сабки ҳиндӣ, ҷои сабки ҳиндӣ дар таърихи адабиёти порсизабони Ҳинд, сабкҳои фаръӣ, фардӣ ва даврӣ, омӯзиши хусусиятҳои умумии байт, мафҳуми меъёри шеър, тағйири меёрҳо дар шеъри сӯфиёна, хусусиёти афкори сӯфиёна дар шеъри сабки ҳиндӣ, тадқиқи шаклу мазмуни шеър ва ғайра низ ба таври кӯтоҳ мулоҳизаронӣ кардааст.

Ба андешаи соҳиби рисола сабки ҳиндӣ ҳамчун истилоҳ асосан дар асри XIX пайдо шудааст. Муҳаққиқ дар заминаи ном ва пайдоиши сабки ҳиндӣ менависад: «Пайдоиши ин сабк ҳеҷ гоҳ мустақиман ба Ҳиндустон алоқа надорад, аммо замони шаклгирӣ ва паҳншавии он ба муҳоҷирати шоирони давраи Сафавияи Эрон дар дарбори Муғулони Бузурги Ҳинд ва ҳомиёни он рост омад».[1] Дар ҳақиқат, аксари шоирони дараҷаи аввали сабки ҳиндӣ асосан шоиронеанд, ки аз Эрону Хуросону Мовароуннаҳр баромада буданд монанди Назирӣ, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Зуҳурӣ, Калим, Шавкат ва дигарон. Бино бар ҳамин аст, ки муҳаққиқ дар рисолаи худ асосан дар атрофи осори эшон сухан рондааст. Албатта, дар бораи шоироне чун Файзии Даканӣ, Фонӣ ва Ғании Кашмирӣ, Носиралӣ, Зебуннисо, Бедил, ки зодагони Ҳинд мебошанд, низ дар асар мулоҳизаронӣ шудааст. Муаллиф бо далелу бароҳини зиёд ақидаи бисёр паҳншударо дар бораи адабиёти давраи баъдиклассикӣ (баъди асри XV) ҳамчун давраи поёнравию таназзул рад карда, барҳақ сабки ҳиндиро идомаи мантиқию табиии инкишофи сабкҳои шаклии давраҳои пешин, аз ҷумла сабки ироқӣ таъбир ва тафсир менамояд.

Мусаллам аст, ки сабки ҳиндӣ бо назокати хаёл, мазмунофаринӣ, борикандешӣ, фишурдагӣ, рӯҳ ва мазмуни ахлоқиву иҷтимоӣ, тамсилгароӣ ва забони соддаю тарзи баёни мушкил ва шигифтангезаш аз сабкҳои пешин тафовут дорад. Албатта, ин сабк мазомини кӯҳна ва рамзу рози пешинаи шеърро низ дар худ то ҳадде маҳфуз медорад, аммо тарзи баён асосан тоза, ғайриурфӣ ва нав аст ва ҳамаи ин дар қалаби байт ба намоиш гузошта шудааст. Аз ин рӯ шеъри сабки хиндиро шеъри такбайтҳо унвон додаанд. Бунёди ин сабк асосан бар ёфтани маънии тоза, хаёлоти шоирона, дарёфтани мазмуни нав, иҳому ибҳом ва тарзи ғайриодатии сухан қарор дорад ва ҳамаи ин боиси мураккабшавии шеъри ин сабк гардидааст. Ин мураккабшавӣ дар осори шоироне чун Хоҷа Ҳусайни Саноӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Шавкати Бухороӣ, Қосими Девонаи Машҳадӣ, Носиралии Сарҳиндӣ, Ғанимати Панҷобӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон ба дараҷаи ифрот мерасад ва мӯҷиби рӯгардон шудани мардум аз шеъри ин сабк мегардад. Бояд гуфт, ки ташбеҳоти мураккабу печида, истиъораву киноёту маҷоз ва корбурди иҳому ибҳом, бозӣ бо калимот ва ғайра, ин шеърро баъзан ба ҳадди чистону муаммо расонидааст. Ҳамаи ин хусусиятҳои сабки ҳиндӣ бештар дар ғазал зоҳир шудаанд. Аммо ғазали сабки ҳиндӣ ба ғазали урфӣ ва истилоҳӣ кам монандӣ дорад ва аз он хеле зиёд фосила мегирад ва гоҳе ба масобаи як қасидаи ахлоқию иҷтимоӣ ва ирфонию таълимӣ (чун қасидаҳои Носири Хусрав) ба ҷилва меояд ва ҳудуди худро аз абёти муқаррарии ғазал (5-7 байт) то 30-40 ва аз ин ҳам зиёдтар васеъ менамояд. Ин тағйирот ва таҳаввулотро дар ғазал аввалтар аз ҳама худи шоирони ин сабк ҳис кардаанд, Соиб гӯяд:

Суханшинос агар дар ҷаҳон ҳаст, Соиб,
Маро кадом ғазал аз қасида мемонад?[2]

Муаллиф дар боби якум, ки «Мадхали омӯзиши сабки ҳиндӣ» ном дорад, дар бораи сабки бозгашт, давраи классикии адабиёти порсӣ (асрҳои X-XV) ва охирин намояндаи бузурги он Ҷомӣ, ҷидолҳои мазҳабӣ ва нақши манфии онҳо дар барҳам хӯрдани ягонагии фарҳангию адабӣ ва муборизаи шадиди шиаву суннӣ, ташкили давлатҳои алоҳида ва мухталиф, фосилагирӣ аз бисёре аз суннатҳои адабию маданӣ, канда шудани алоқаҳо, пайдо шудани дузабонӣ ва бисёрзабонӣ дар адабиёт, тағйири сабк, тағйири ҷуғрофиёӣ, равнақи адабиёти порсӣ дар Ҳинд, муҳоҷирати шоирони бузурги форсу тоҷик ба ин сарзамин, зуҳури сабки ҳиндӣ дар Эрону Хуросон ва паҳншавии он ба Ҳинд, нигоҳи Баҳор ба ин тағйироти услубӣ, аз ҷумла сабки ҳиндӣ, беасосии истилоҳи сабки ҳиндӣ, хусусияти тасодуфӣ доштан ва ғайриилмӣ будан ва барғалат ин номро

гирифтани он, назари донишмандон, аз ҷумла Маликушшуаро Баҳор, Амирии Фирӯзкӯҳӣ, Е.Э.Бертелс ва дигарон дар ин боб ва пешниҳоди истилоҳоти дигар ба ҷои сабки ҳиндӣ аз ҷумла сабки исфаҳонӣ, сафавӣ ва ғайра, заминаи шартии ин сабк, саҳми Ҳинд ва ҳиндиён дар сабки ҳиндӣ, тараққӣ ва такомули забону адабиёти порсӣ дар ин сарзамин, сармашқи шоирони Ҳинд қарор гирифтани осори шоирони ин сабк аз ҷумла Фиғонӣ, Шифоӣ, Саноии Машҳадӣ, Ваҳшии Яздӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Қудсӣ ва Ғизолии Машҳадӣ, Малики Қумӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Исфаҳонӣ, Ҷалоли Асири Шаҳристонӣ, Нозими Ҳиротӣ, Шавкати Бухороӣ, Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Ашрафи Мозандаронӣ ва дигарон, давоми мантиқии сабки ироқӣ будани сабки ҳиндӣ, бунёдгузорону ба авҷрасонандагони ин сабк будани шоирони форсу тоҷик (Фиғонӣ, Урфӣ, Назирӣ, Калим, Соиб, Нозим, Шавқат...), хусусиёти ашъори Фиғонӣ, хидмати Шиблии Нӯъмонӣ дар баррасии осори поягузорон ва намояндагони бузурги сабки ҳиндӣ, ба шумули Фиғонӣ, Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиб ва дигарон, сарчашмаҳои зуҳури сабки ҳиндӣ, баъзе андешаву фарзияҳои ғалат роҷеъ ба нишонаҳои аввалини сабки ҳиндӣ дар осори Хусрави Деҳлавӣ, Алишери Навоӣ ва хусусияти ғайриилмӣ ва субеъктивӣ (зеҳнӣ) доштани ин андешаҳо ва назири ин сухан ронда, ба истинод ба андешаҳои донишмандон ва хулосаҳои худ нишон медиҳад, ки пайдоиши сабки ҳиндӣ ба Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки дар замони ҳокимият доштани сабки ироқӣ зиндагию эҷод кардааст ва Алишери Навоӣ, ки шогирд ва пайрави Ҷомӣ ва дигар классикони адабиёт форсу тоҷик будааст, тааллуқ надошта, балки дар заминаи қонуният ва инкишофи дохилии адабиёти форсии тоҷикӣ, забону услуби он пайдо шудааст ва заминаи форсии тоҷикӣ дошта, аввалин гӯяндагону бунёдгузорони он шоирони эрониву хуросониву мовароуннаҳрӣ (Фиғонӣ, Урфӣ, Зуҳурӣ, Толиб, Назирӣ) будаанд. Онҳое ҳам, ки дар Ҳинд эҷод кардаанд ва аз пештозону ба камолрасонандагони он будаанд, ҳамагӣ мардумону шоирони Эрону Хуросону Мовароуннаҳр будаанд. Лиҳозо, соҳиби рисола барҳақ менигорад: «Ҳоло пиромуни масъалаи аҳамияту бузургии адабиёт , масалан, аҳамияти маҳаллӣ дошта чизе намегӯем. Аммо сухан дар мавриди сабки ҳиндӣ бошад, дар ҳақиқат мумкин нест, ки дар боби чеҳраҳои олирутба, шоироне, ки аз Эрону Осиёи Миёна бархостаанд, хомӯшӣ гузид».[3] Шоирони порсигӯи Ҳинд дар пайравӣ аз сабку шеваи онон ашъори худро сурудаанд ва эшонро ҳамчун устоду сармашқ сутудаанд. Аз Фонӣ, Сарфӣ, Ғанӣ, Носиралию Бедил сар карда, то Ғолиб, Шиблӣ, Гиромӣ, Ҳоливу Иқбол ва дигарон ҳамаи онҳо худро аз пайравони шоирони форсу тоҷик, аз ҷумла шоирони зикршуда ва сабки онҳо донистаанд.

Ногуфта намонад, ки нишонаҳои сабки ҳиндӣ пеш аз Амир Хусрав, аз ҳамон оғози зуҳури шеъри нави порсӣ, аз осори Рӯдакӣ (Бар киштии умр такя кам кун, К-ин Нил нишемани наҳанг аст) ва ҳаммактабони ӯ шурӯъ шуда буд. Муҳаққиқон нишонаҳои ин сабкро асосан аз сабки ироқӣ - аз осори Хоқонӣ, Камолу Ҷамоли Исфаҳониву Низомӣ, Амир Хусраву Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ медонанд, аммо мо нишонаҳои ин сабкро пеш аз ҳама, дар осори шоирони сабки хуросонӣ, ба вижа Носири Хусрав, ки дорои сабки хос буда, осораш саршор аз зарбумасалу мақол ва хусусан тамсил мебошад, дида метавонем. Хусусан, қасидаҳои ӯ, ки ахлоқиву фалсафианд, бо ғазалҳои сабки ҳиндӣ, ки асосан иҷтимоиву ахлоқӣ мебошанд, ҳамсониҳои зиёд доранд. Ба сухани дигар, шеъри Носири Хусрав низ мисли шеъри шоирони сабки ҳиндӣ дур аз дарбор эҷод шудааст. Ӯ низ чун шоирони сабки ҳиндӣ дорои сабки хос мебошад. Шеъри вай низ назири шоирони сабки ҳиндӣ ҷанбаи қавии иҷтимоиву ахлоқӣ ва фалсафӣ дорад. Дар осори ӯ низ каломи омиёна, ба вижа зарбулмасалу мақол мавқеи муҳим дорад. Каломи ҳикматдор, хусусан тамсил

низ дар шеъри Носири Хусрав мисли шеъри шоирони сабки ҳиндӣ ҷӯш мезанад. Сухан кӯтоҳ, бисёре аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ, хусусан тамсилгароӣ, ки аз хусусиятҳои асосиии сабки ҳиндист, дар шеъри Носири Хусрав ба мушоҳида мерасад. Гузашта аз ин, то зуҳури сабки ҳиндӣ, мо дар осори ҳеҷ шоире тамсилро ба дараҷаи осори Носири Хусрав дида наметавонем.

Воқеан, ин қасидаи тамсилии Амир Хусрав, ки аксари муҳақиқиқон онро ба масобаи далели бунёнгузори сабки ҳиндӣ будани ӯ ҳамвора дар нигоришоти хеш меоранд ва нақл мекунанд:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулааш дарди сар аст,
Ҳар кӣ шуд қонеъ ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст,[4]

дар пайравии қасидаи зерини Носири Хусрав эҷод шудааст:

Ҳар кӣ чун хар фитнаи хобу х (в) ар аст,
Гарчи мардумсурат аст, он ҳам хар аст,5

Аз ин рӯ ин сабк иртиботе ба Ҳинд, фалсафаи ҳинд, шеъри он, санскрит ва амсоли ин, ки баъзеҳо гумон кардаанд ва мекунанд, надорад, балки ин сабк як зинаи инкишофи шеъри порсӣ ва идомаи сабкҳои пешин - сабки хуросониву ироқӣ, ки заминагузори аслии ин сабк мебошанд, ба шумор меравад. Ин андешаро гуфтори муҳаққиқи олмонӣ, ки соҳиби рисола ба вай истинод кардааст, низ тасдиқ менамояд: «Бо ин ҳама, - менависад Ҳайнс, - дар он (сабки ҳиндӣ-,М.М.,Ҷ.С.) ба дараҷаи куллӣ меросият дар баробари сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ маҳфуз аст. Ҳамаи кӯшишҳои муаллиф дарёфтани ягон чизи нав дар сабки ҳиндӣ, ногузир ва аз сидқи дил иқрор шудан ба он далел тамом мешавад, ки падидаи мазкур аллакай дар сабкҳои пешин ба мушоҳида мерасад ва дар қӯрхонаи муҳаққиқ дараҷаи муқоиса боқӣ мемонад, ки аз он истифода менамояд, то нишон бидиҳад, ки дар сабки ин ё он зуҳурот бештар ба мушоҳида мерасад, васеътар мешавад, амиқтар меравад ва ё ки нисбатан мураккаб мегардад».[6]

Муаллиф хусусияти истилоҳии сабки ҳиндиро дар адабиёти илмӣ, ки ба поёни асри XIX ва аввали асри XX рост меояд, низ дар рисола фурӯгузор намекунад, балки дарки интиқодии онро, ки ҳоло шӯрӯъ шудааст, ёдовар мешавад ва ба маърази андешаву баррасӣ мегузорад, зеро то замони номи сабки ҳиндиро гирифтан он бо номҳои «тарзи тоза», «тарзи нав», «шеваи хос» ном бурда мешуд. Сипас, ӯ таърифи Маликушшуаро Баҳорро дар бораи сабки шеър меорад ва онро ноқису тавзеҳталаб мешуморад. Дар ин замина ӯ гуфтор ва нуқтаи назари З.Н.Ворожейкина, М.Муҳаммадӣ, М.Н.Усмонов, Ян Рипка, А.М.Мирзоев, З.Ризоев, И.С.Брагинский, А.Н.Болдирев, Баузаниро доир ба сабки ҳиндӣ ва умуман се сабки шеъри форсӣ ва мушкилоти баррасии онҳо тавзеҳу ташреҳ менамояд ва бахусус аз аҳамияти муҳими тадқиқоти бунёдии аллома Шиблии Нӯъмонӣ ёдовар мешавад. Гузашта аз ин, муҳаққиқ хидмати донишмандони дигари Ҳинду Покистон, аз ҷумла профессор Обидӣ ва донишмандону муҳаққиқони Афғонистон ва ба вижа Эрон, ки аз нимаи дуввуми асри XX таваҷҷӯҳашон ба сабки ҳиндӣ меафзояд, махсус таъкид менамояд. Бинобар ин вай дар хулосаи ин боб менависад: «Кӯшиш додани ахбор доир ба масоили сабки ҳиндӣ имконият медиҳад бигӯем, ки ҳанӯз мушкилот ва саволҳои зиёде дар шакли мубоҳисавӣ ва комилан ҳалношуда (дар ин сабк ва номи ӯ) мавҷуданд. Дар навбати аввал ин ба нақши Ҳинд ва ҳиндиён дар ташаккулу шаклгирӣ ва барқароршавии сабки ҳиндӣ алоқаманд аст…»[7]

Боби дуввуми рисола «Рӯҷӯъ ба таърихи адабиёти форсизабони Ҳинд» ном дошта, муаллиф дар ин фасл роҷеъ ба истилоҳи адабиёти форсизабони Ҳинд ва корбурди он, аз тарафи Маҳмуди Ғазнавӣ дар асри XI истило шудани Ҳиндустон ва зуҳуру равнақи адабиёт дар ин сарзамин ба забони форсӣ, ба маркази маъмурию маданию адабӣ табдил ёфтани шаҳри Лоҳур, густариши забони форсӣ ҳамчун забони шеър, коргузорӣ бо ин забон дар дарбор, лашкар, салтанати Деҳлӣ ҳамчун маркази мустақили ҳокимияти мусулмони дар Ҳинд, иштироки ҳиндиён дар корҳои дарборӣ, пайдоиши доираҳои нави адабӣ, паҳншавии сӯфия, пайдоиши фирқаҳо, зуҳури шоирони машҳур-Нукатӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъд, Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ, фаъолияти тазкиранигории Авфии Бухороӣ дар Ҳинд, Зиёуддини Нахшабӣ ва «Тӯтинома»-и ӯ, лашкаркашии Бобур ба Ҳинд, рӯи кор омадани сулолаи Темуриёни Ҳинд ва давраи нави инкишофи адабиёти форсизабон дар ин сарзамин ва амсоли инҳо иҷмолан таваққуф менамояд. Дар воқеъ, дар замони ҳукмронии темуриён дар Ҳинд ва Сафавиён дар Эрон адабиёти форсӣ тараққӣ мекунад. Хусусан дар Ҳинд, ки фазои мувофиқ барои кори эҷодӣ муҳайё шуда буд, адабиёти форсӣ хеле равнақу ривоҷ меёбад. Бечиз нест, ки Кашмирро дар ин давра «Эрони Сағир» ном мебурданд, зеро ҳокимону салотини ин сарзамин барои рушду нумӯи адабиёт саъи зиёд мекарданд, аз адибон ғамхорию пуштибонӣ ба амал меоварданд, барои инкишофи маориф, забон, шеър, фарҳанг ва адабиёт аз ҳеҷ гуна заҳмату ҳиммат дареғ намеварзиданд. Онҳо, бешак, илҳомбахши шоирон ва аҳли илм буданд. Бисёре аз онон худ шеър мегуфтанд ва ҳам чун суханшиноси моҳир чеҳранамоӣ мекарданд (мисли Акбар, Зуфархон ва …).

Дар ҳақиқат, адабиёти форсизабони Ҳинд дар ин давра, хусусан дар давраи ҳукмронии Акбару Ҷаҳонгир ва Шоҳиҷахон бисёр тараққӣ мекунад ва пеш меравад. Шоирон мавриди иззату икром ва эҳтироми фаровон қарор мегиранд. Лиҳозо, шоирони маъруфу муҳоҷири эронӣ чун Урфӣ, Назирӣ, Ҳаёти, Ғизоли, Зуҳурӣ, Толиби Омулӣ, Калим, Соиб ва … дар рушд ва такомули шеър ва парваришу тарбияи адибони ин сарзамин нақши бузург мебозанд.

Муаллиф дар боби сеюми китоб «Масъалаҳои типологӣ ва шеърияти сабки ҳиндӣ» аз мақолаи Е.Э.Бертелс «Роҷеъ ба масъалаи сабки ҳиндӣ», ки соли 1956 иншо шудааст, сухан дар миён оварда, дар бораи дастовардҳои илми шарқшиносӣ, ба вижа шарқшиносии урупоӣ ва тадқиқотҳои дар Русия, Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон анҷомёфта, мавҷудияти воқеъии сабки ҳиндӣ, ки онро сабки сафавӣ, исфаҳонӣ низ мегӯянд, даъвоҳои мухталифу беасоси ба сабки озарбойҷонӣ номзад кардан ва баромади онро барғалат ба Амир Хусрав ва Алишери Навоӣ нисбат додан ва соири мушкилоти дар заминаи ин сабк вуҷуддоштаро ба риштаи дадқиқ мекашад. Хусусан нуқтаи назари донишмандоне чун В.Ҳайнс, А.Баузанӣ, Р.Зиполӣ, Е.Э.Бертелс, Э.Браун, Амирии Фирӯзкӯҳӣ, Эҳсони Ёршотир, Ҳусайн Муҳаммадзодаи Сиддиқ, З.Ризоев, Абулҳай Ҳабибӣ ва дигарон, ки дорои назароти зидду нақиз ва гоҳе ғайрилимиву субъективӣ (зеҳнӣ) мебошанд, меорад ва барои тадқиқу таҳлили дурусти ин сабк кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар ин замина ӯ бештар ба андешаҳои солими муҳаққиқон аз ҷумла Шиблии Нӯъмонӣ, Е.Э.Бертелс, В.Ҳайнс, А.Баузанӣ ва дигарон, ки пешниҳодот ва назароти ҷолиб дар заминаи сабки ҳиндӣ баён кардаанд, такя менамояд. Вай бо истинод ба андешаҳои солими ин андешамандон дурнамои омӯзиши ин сабкро низ ба миён мегузорад ва аз муҳаққиқон даъват ба амал меорад, ки ин сабкро дар заминаи таърихи адабиёти порсӣ ва алоқамандона бо сабкҳои пешин, ки мӯҷиби пайдоиши сабки ба истилоҳ «ҳиндӣ» гардидаанд, қиёсу муқобила, намоянд, бо нишон додани вижагиҳои осори шоирони маъруфи ин сабк, хусусияти умумӣ ва фардии шоирони он, тафовути кулливу ҷузъӣ, нуқтаи назари сабкшиносон ва алалхусус

масъалаи сабки Соиб, ки муҳаққиқони осори ӯ ба миён мегузоранд, сабки Зуҳурӣ, ки Мирзо Ғолиб онро аз сабкҳои дигарон болотар мегузорад ва амсоли ин, мавриди пажӯҳишу баррасӣ қарор диҳанд. Зиёда аз ин, вай доир ба тафовути нуқтаи назари донишмандони Шарқу Ғарб, аз ҷумла Эрон, Тоҷикистон, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Русия ва Урупо, соддагии забон, печидагии шеър, ғазали сабки ҳиндӣ, фарқи он аз ғазали пешиниён, роҳҳои баррасии саҳеҳ ва илмии ин сабк, омӯзиши тазкираҳо, ҷунгу баёзҳо, девони ашъори шоирони бузурги ин сабк, ки хеле зиёданд, аммо бисёр кам чоп шудаанд, нуфузи афкори сӯфиёна, омӯзиши мавзӯъу мундариҷа, ғоя, қазияи сулҳи кулл, муносибати сабки ҳиндӣ бо шеъри Аврупо, аз ҷумла шеъри бароккои итолиёвӣ, ҳамоҳангӣ ва тафовути онҳо аз ҷумла нуқтаи назари Р.Зиполӣ ва ғайра мулоҳизаҳои судманд меронад. Ҳамзамон, муаллиф дар бораи ном, равияҳои соддаву печидаи ин сабк ва ягонагии лафзу маънӣ, ки бо истинод бо ин байтҳои Соиб сурат гирифтааст, низ сухан мегӯяд:

Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид,
Кист, Соиб, то кунад ҷонону ҷон аз ҳам ҷудо?

Ва:

Гарчи бе бол кунад маънии нозук парвоз,
Лафзи покиза пару бол кунад маъниро.[8]

Аммо, ба назари мо, тафсири ин қазия яктарафа сурат гирифтааст, зеро дар сабки ҳиндӣ офаридани маънӣ, он ҳам маънии нав, ҳадафи аслии шоир аст. Лиҳозо, дар шеъри шоирони ин сабк ба лафз кам ва ба маънӣ бештар аҳамият дода мешавад. Худи Соиб, ки дар авҷи сабки ҳиндӣ қарор дорад, ба ин маънӣ бо сароҳат ишора менамояд ва мегӯяд:

Рӯи хуш лафзу бӯи хуш маъност,
Маънӣ аз лафз дилпазиртар аст.[9]

Муҳаққиқ дар бораи сарчашмаҳои сабки ҳиндӣ сухан ронда, дар ин замина барҳақ хидмати Шиблии Нӯъмониро, ки аввалин бор ба ин масъала равшанӣ андохта ва муҳаққиқони баъдина асосан ба гуфтаи ӯ такя намудаанд, таъкид ва таъйид менамояд ва дар ин бора чунин менависад: «Сухан ин ҷост, ки Шиблии Нӯъмонӣ на танҳо хусусияти сабки ҳиндиро муайян мекунад, на фақат шоирони асосии ин ҷараёнро нишон медиҳад ва осори шаш нафари онҳоро таҳқиқ мекунад, хусусияти хоси шеваи онҳоро нишон медиҳад, балки маълумоти равшан ва саҳеҳ дар бораи инкишофи ин сабк низ медиҳад...»[10] Дар ҳақиқат, муаллиф ба тадқиқоти Шиблии Нӯъмонӣ дар «Шеър-ул-аҷам», хусусан дар заминаи сабки ҳиндӣ, натанҳо баҳои баланд медиҳад, балки ба таҳлилу тавзеҳ ва шарҳи мӯҳтавою мазмуни гуфтаҳои ӯ низ мепардозад. Аз ҷумла гуфтору маълумоти ӯро дар бораи Сафавиҳо, алоқаи онҳо бо шеър, сулолаи Темуриёни Ҳинд шеърфаҳмию шеършиносӣ ва шоирпарварии онҳо, мисли Абдураҳими Хони Хонон ва Абӯлфатҳи Гелонӣ, ғазалҳои тарҳӣ сурудани шуаро, мушоира дар дарборҳо, шеърдӯстии ҳокимон, назири Зуфархон, инкишофи ғазал, дар ин асрҳо, воқеагӯӣ, муомилабандӣ, шеъри восӯхт, шеъри фалсафӣ, мисолия, тағаззул, хаёлбофӣ, мазмунсозӣ, қасида, маснавӣ, рубоӣ печидагии шеъри шоирони ин сабк ва сабабҳои он, нақши сувари хаёл дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ, бунёдгузорони ин сабк ва нишонаҳои он таҳлилу баррасӣ менамояд. Дар ин замина ӯ аз танқузи афкори Шиблии Нӯъмонӣ ва Е.Э.Бертелс дар боби Фиғонӣ, ҳамчун бунёдгузори сабки ҳиндӣ низ фурӯгузор наменамояд, балки ба хулосае меояд, ки бояд масъалаи ҷойгоҳи сабки ҳиндӣ

ҳамчун системаи шеърӣ дар таърихи адабиёти порсизабонон ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор бигирад ва муайяну мушаххас карда шавад.

«Аз хуросонӣ ба сабки ҳиндӣ»- унвони боби чоруми рисола аст, ки муаллиф дар он дар бораи шаклгирии байт, хусусият ва шаклу вазифаи он дар шеър баҳс мекунад.

Сипас муҳаққиқ хусусияти рамзии ҳунару фарҳангӣ халқҳои мусулмонро ёдовар шуда, масъалаи эътибори муҳим додан ба тавҳидро махсус таъкид менамояд. Ӯ масъалаи байт, матлаъу мақтаъ дар ғазалро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вай ин қазияро дар мисоли яке аз қасидаҳои Унсурӣ таҳлил менамояд. Ӯ асоси таълимоти сӯфияро, аз забони Бертелс, ба асри X марбут медонад, ки пасон густариш ёфтааст. Масъалаи соддагии шеър, аз ҷумла шеъри Фаррухӣ ва тадриҷан печида шудани он дар асрхои минбаъда, мисли шеъри Анварӣ ва шеъри динию фалсафӣ, ки хусусияти рамзӣ доранд, тавҳид, густариши мавзӯи ишқ дар шеър, шеъри сӯфиёнаи Шабустарӣ, масъалаи таносуби лафзу маънӣ аз дидгоҳи шоирони сӯфӣ, нуқтаи назари Шамс Қайси Розӣ (асри XIII) Атоуллоҳ Ҳусайнӣ (асри XV) таҳаввули образҳо, сермаъноии калимҳо, маҷоя.киноя, истиъора, шеър дар сабки хуросонӣ (содда), дар сабки ироқӣ (мураккабшавӣ), корбурди истилоҳоти илмӣ, фалсафӣ, ирфонӣ, ғазалиёти Ҳофиз, душвории дарки ғазалҳои Ҳофиз, муқосиаи ғазали сабки ироқӣ (Ҳофиз) бо хуросонӣ (Рӯдакӣ) ва тафовути сабки байни ин ғазалҳо, назари донишмандон дар ин заминаҳо, аз ҷумла мулоҳизаи олими олмонӣ В. Ҳайнс, шеъри ҳис ва андеша, шароб дар сабки хуросонӣ (Рудакӣ) ва сабки ироқӣ (Ҳофиз), муқоисаи ғазали Фиғонӣ ва Ҷомӣ, фишурдагӣ ва эҷоз яке аз хусусиятҳои сабки ҳиндӣ ё маънии бисёр дар лафзи андак, луғоти омиёна ва сӯфиёна, тозагӣ, навоварӣ дар заминаи анъана дар шеъри сабки ҳиндӣ, мушкилоти шеъри сабки ҳиндӣ, шеъри печида, аз ҷумла шеъри Бедил, ғояи инзиво ва таслиму ризо, бадбинӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Бедил ва ғайра маҳз дар ҳамин бахш таҳлилу баррасӣ мешаванд.

«Меъёри шеър» -боби панҷуми асар буда, дар он дар бораи илми бадеъ ва хусусияти омӯзиши меъёрӣ доштани он баҳс мекунад. Дар ин замина муаллифи рисола ба таҳлилу тавсифи нуқтаи назари Рашидаддини Ватвот (асри XIII) ва масъалаи лафзу маъниро дар заминаи назарияи шеъри араб ва муқоисаи он бо шеъри форсу тоҷик баён менамояд. Ӯ нуқтаи назари Ибни Қутайбаро низ дар заминаи лафзу маънӣ меорад, ки иборат аз чор намуди матни шоирона аст: 1 «Бо лафзи хушу маънии хуш. 2 Бо лафзи хушу маънии бад. 3 Бо лафзи баду маънии хуш. 4 Бо лафзи бад ва маънии бад».[11]

Муаллиф дар боби шашум- «Таъсири сӯфия дар шаклгирии забони шеъри форсӣ» мавзӯъ ва қазияро дар мисоли шеъри Ҳофиз, ки зоҳиран хасосиси сӯфиёна дорад, аммо дар ботин чизи дигар баррасӣ менамояд, ёдовар мешавад. Ӯ мегӯяд: «Ақидае вуҷуд дорад, ки шеъри Ҳофизро набояд тавзеҳи сӯфиёна кард. Ин ақида он қадар дар байни олимон (ҳам Аврупо, ҳам Росия ва ҳам ворисони асосии анъанаи ҳофизона) ривоҷ дорад, ки наметавон бо онҳо ҳамфикр набуд. Дигар нуқтаи назари бисёр боисрору устувор дар бораи Ҳофизи орифу сӯфӣ мебошад, ки масалан, файласуф ва муҳаққиқи намоёни таърихи таасаввуф Саид Ҳусайни Наср пурра ва бо як овоз Ҳофизро ҳамроҳ бо Ҷомӣ ба шоирони машҳури сӯфии асрҳои охир дохил мекунад»[12]

Бо ин ҳама муҳаққиқ таъсири тасаввуфро мехоҳад дар шеъри Ҳофиз равшан намояд. Аз ин рӯ, вай хусусият ва вижагиҳои ашъори Ҳофиз ва мазмуни олию забони осмонии ғазалиёти ӯро таъкид менамояд. Аз ҷумла ӯ дар бораи афкору маданияти сӯфиёнаи замони шоир, истилоҳоти сӯфиёна дар шеъри Ҳофиз, забони шеъри ӯ, сабки фардии Ҳофиз, сайри ғазал дар шеъри форсӣ, ғазали мусалсал ва ғазали Ҳофизу сабки ҳиндӣ, ки ҳар байт мавзӯи хосеро

дунбол мекунад, масъалаи матлаъ ва мақтаъ ва алоқаи онҳо дар ғазал ва амсоли ин мулоҳиза ронда, барои исботи ин гуфтаҳояш ғазали зерини Ҳофизро, ки дорои истилоҳоти сӯфиёна мебошад, меорад:

Булбул зи шохи сарв ба гулбоғи паҳлавӣ,
Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ …[13]

Баъд аз овардани ин ғазал ба таҳлилу тафсири муфассали он мепардозад. Ибтидо онро аз нуқтаи назари муҳаққиқоне, ки алоқаи ӯро ба сӯфия рад мекунанд, баррасию тафсир мекунад, баъдан аз дидгоҳи ирфон ва шарҳҳои сӯфиёна, аз ҷумла «Бадрушшурӯҳ» мавриди таҳлилу тадбир қарор медиҳад ва хусусияти сӯфиёна ва ирфонии онро бо далелҳо нишон медиҳад ва ҳамзамон забону баёни пуррамзу роз ва сермаънои шеъри Ҳофизро, ки дар саросари ғазал ҳокимият мекунад, таъкид ва таъйид менамояд. Хусусан истилоҳоти сӯфиёнаи «мақомоти маънавӣ» ва «нуқтаи тавҳид»-ро дар ин замина махсус ёдовар мешавад.

«Масъалаи содда ва мураккаб дар сабки ҳиндӣ», ки боби ҳафтумро ташкил медиҳад, фарогири қазияи назирагӯӣ мебошад. Муаллиф ин масъаларо аз пайравии шоирон, аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ ва дигарон ба «Хамса»-и Низомӣ ва соқиномаи Низомию Ҳофиз ва қасидаи машҳури фалсафии Хоқонӣ, ки аввалин шуда Амир Хусрав ҷавоб гуфтааст, авҷ гирифтани назирасарой дар асри XV, хусусан дар осори Ҷомӣ ва ҳамзамононаш шурӯъ карда, дар ин замина анъанаи назирасроиро аз асри XIII (назираҳои Сайфи Фарғонӣ ва қасидаву ғазалиёти Саъдӣ) нишон медиҳад. Дар ин росто муҳаққиқ ба баррасии ин падидаи адабӣ, ки бо номҳои ҷавоб, татаббӯъ, назира, пайравӣ ёд мешавад, пардохта, барои намуна ғазали истиқболии Фиғониро, ки дар пайравии Ҷомӣ навиштааст, меорад ва мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва бештар ба андешаҳои муҳаққиқи барҷастаи осори Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод истинод ва такя менамояд. Баъди қиёсу муқобилаву баррасии ғазалҳо аз паҳлӯҳои мухталиф муҳаққиқ дар ғазали ҷавобияи Фиғонӣ хусусиятҳои сабки ҳиндиро мебинад ва кашф мекунад, хусусан санъати иҳомро, ки дар ин сабк мавқеи муҳим дорад. Баъдан, вай нуқтаи назари Ғолибро оварда, аз мубдеи тарзи тоза будани Фиғонӣ, ки аҳли тазкира ва муҳаққиқони дигар низ изҳори назар кардаанд, сухан мегӯяд. Ӯ дар ин замина шабоҳати афкори Ғолибро бо Шиблӣ, ки Фиғониро оғозгари сабки ҳиндӣ муаррифӣ менамояд, низ ёдовар мешавад. Ҳамзамон, пажӯҳишгар инкишофи ин сабкро дар ашъори Урфӣ, Назирӣ, Шарафи Қазвинӣ тасдиқ менамояд ва тафовути сабки Зуҳуриро бо Урфию Соиб, ки Ғолиб мебинад, зикр карда, аз фардияти сабки Зуҳурӣ сухан мегӯяд ва дар ин замина аз суханони Ворити Кирмонӣ (дар осори шоирони сабки ҳиндӣ тамоюлоти мухталиф ба дида мерасад) суд меҷӯяд. Ӯ баъди ин суханони муқаддимавӣ ба асли матлаб-масъалаи соддагию мураккабӣ дар шеъри порсӣ мепардозад. Ӯ таъбири соддагиро дар саҳли мумтанеъ ва тафовути онро дар сабки ҳиндӣ, ки дорои вижагиҳои зиёд мебошад, бо далелу мисолҳо нишон медиҳад. Вай дар ин замина ба гуфтаи донишмандон, аз ҷумла М.Муҳаммадӣ, Э.Бертелс, Аҳмади Хотамӣ такя карда, ба тавзеҳи эҷоз, ки яке аз сифатҳои муҳими сабки ҳиндӣ ба шумор меравад, мепардозад ва зимнан аз борикандешӣ, хаёлпардозӣ, ки дар як байт сурат мегиранд, сухан дар миён меоварад. Барои тасдиқи афкораш аз Соибу Калим, ки дар авҷи ин сабк қарор доранд, мисол меорад. Гузашта аз ин, муаллиф ду навъи шеърро дар шеъри шоирони ин сабк ба мушоҳида мегирад. Якум, шоироне ки дар айни фишурдагӣ ва мӯҷазӣ фикрашон равшану фаҳмост. Гурӯҳи дуюм, шоиронест, ки имкони гунҷоиши мазмуни васеъро дар шакли фишурда надоранд, ҳузури калимоти

зарурӣ монеи равшании фикр ва нофаҳмию мушкилии шеър ва фаҳмидану ворид шудан ба он мегардад. Муаллиф боистинод ба андешаи муҳаққиқон, дар бораи аз дарбор фосила гирифтани шеър ва ба кӯчаву бозор рӯ овардани он низ фурӯгузор наменамояд. Муаллиф барои намунаи нисбатан содда аз Калим ва мураккаб аз Бедил мисол меорад. Шоирони вуқӯъгӯйро низ ёдовар мешавад ва аз иҳомгарой, эъҷозу фишурдагӣ, тааҷҷубангезӣ, корбурди муҳовара ва амсоли ин дар сабки ҳиндӣ сухан дар миён оварда, матлабро ба ин байти Соиб ба поён мебарад ва ҷамъбаст менамояд:

Даъвии ишқ зи ҳар булҳавсе меояд.
Даст бар сар задан аз ҳар магасе меояд. [14]

Зимнан бояд гуфт, ки дар мисраи дуюм ба ҷои «аз», «зи» сабт шудааст, ки боиси халалдор шудани вазн гаштааст.

Боби охирини рисола, ки унвони «Категорияҳои асосии мазмуну шакли байти ғазали сабки ҳиндӣ»-ро гирифтааст, як навъ бозгашт ба фазои байт аст, ки дар фасли пешин баррасӣ шуда буд. Муаллиф имконияти дохилии байтро дар сабки ҳиндӣ, ки ҳамеша барои дарёфти мазмуни нав саъй менамояд, таъкид ва таъйид намуда, аз сифати мумтози он медонад. Албатта, дар шеъри сабки ҳиндӣ, ки бар мазмунофаринӣ асос ёфтааст,маънӣ ва мазмун дар байт мавқеи ҳалкунанда дорад. Дигар, бояд маънӣ ва мазмун нав, нодир шигифтангез бошад. Муҳаққиқ бо такя ба андешаҳои Амирии Фирӯзкӯҳӣ, ба тавзеҳу ташреҳи ашъори Соиб дар ин замина мепардозад. Ба қавли ӯ, Соиб дар офаридани мазмуни наву тоза, ки дар абёти алоҳида сурат мегиранд, аз камназирони ин сабк аст. Аммо инро ҳам бояд гуфт, ки дар ашъори Соиб дар баробари муваффақият дар заминаҳои мухталиф ба бебарориҳо низ рӯ ба рӯ мешавем. Абёти номавзуну истиоъраҳои нохушоянд, мусомеҳоти лафзӣ ва амсоли ин дар девони ӯ, мутаассифона, мавҷуданд, ки ҳусни сухани ӯро костаанд, аммо бо ин ҳама, ба андешаи Фирӯзкӯҳӣ, дар девони ӯ ҳадди ақал даҳ ҳазор байти шоиставу зебо метавон пайдо кард, ки ин барои мақому мавқеи волои ӯ дар шеъри сабки ҳиндӣ имконият фароҳам меорад. Воқеан, ин сабк бо такбайтҳояш машҳур аст ва такбайтҳои зебои сабки ҳиндӣ дар осори Соиб, Калим, Урфӣ, Толиб, Назирӣ ва дигарон худро намоён сохтаанд.

Дар бораи хусусияти муҳимми сабки ҳиндӣ сухан ронда, муҳаққиқ нуқтаи назари Туробӣ, Забеҳуллои Сафо, Шиблӣ ва дигаронро, ки шеъри шоирони ин сабкро дар маъниофаринӣ ва хаёлбандӣ мумтоз медонанд, меорад ва шарҳ медиҳад. Ӯ мафҳуми маъниро дар байт маънидод карда, нуқтаи назари Мирзо Ғолиб, А.Б.Куделин, Н.Ю.Чалисова ва дигаронро меорад. Равшан аст, ки шоирони сабки ҳиндӣ, ки ҳадафи аслиашон маъниофаринӣ аст, на танҳо худ маъниофаринӣ мекунанд, балки ба шеваи нав ва тарзи адои тозаву бикр аз маънии шоирони пешин низ суд меҷӯянд ва ашъори эшонро бозсозӣ ва бозофаринӣ мекунанд. Дар ҳақиқат шоирони сабки ҳиндӣ ҳамеша дар талаби мазмуни нав, маънии ғарибу ноошно буданд. Бинобар ин онҳо аз ҳамин ҳадафи худ дар ашъорашон ҳамвора сухан мегӯянд. Метавон дар ин замина аз ҳар шоири ин сабк мисол овард, аммо ин байти Соиб баёнгари воқеии ҳадафи шоирони ин сабк мебошад:

Домани ҳар гул магиру гирди ҳар хоре магард,
Толиби ҳусни ғарибу маънии бегона бош.[15]

Воқеан, дар тазкираҳо шоирони ин сабкро ба унвони халлоқулмазомин (Соибро) халлоқулмазонӣ (Калимро) ёд мекунанд, ки ин далел бар бунёди ин

сабк аст, ки бар мазмун ва маънӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ шоири ин сабк бояд бар он кӯшад, ки мазмуни шеъраш бикр ва нав бошад.

Чизи дигаре, ки дар сабки ҳиндӣ намоён ва чашмрас аст, як навъ гурез аз анъана ва шикастани қолабу меъёрҳои вазъшуда ва як навъ озодӣ мебошад, ки дар баробари риояи суннатҳои шеърӣ арзи вуҷуд менамояд. Ин суннатгурезӣ ва озодӣ дар корбурди калимот, ба вижа калимоти вазъшудаи ғазал, ки бозтобдиҳандаи аосии сабки ҳиндӣ аст, афзудани ҳаҷми ғазал, такрори қофия, такрори мазмун (ба навъи мухталиф) худро намоён сохтаанд. Тасвирҳои олӣ, фавқуллода, хаёлоти борик, мазомини ноошнову ғариб, ба доираи шеър кашидани ҳама чиз, ҳама ашёи табиат, шикори маънии тоза, ғайримуқаррарӣ дар саросари осори шоирони маъруфи ин сабк мавҷ мезанад. Аммо бархе аз шоирони ин сабк дар мазмунофаринӣ, хаёлбандӣ ба ифроту тафрит, ба вижа ба печидагӣ низ роҳ медоданд. Ҳусайни Саноӣ ва Қосими Машҳадӣ, Ҷалоли Асир, Шавкати Бухороӣ, Соиб (қисман), Зулолии Хонсорӣ, Носиралӣ, Бедил ва дигарон, ки шеърро ба чистон табдил дода буданд ва муҷиби дилзадагии мардум аз шеър ва зуҳури равияи бозгашт гардиданд аз ҳамин қабиланд. Албатта, шоирони сабки ҳиндӣ, бо мазмунофаринӣ, хаёлбофӣ, истифода аз муҳовара ва шоирона баён кардани мавзӯъу матлаб, ҳатто мавзӯъ ва матолиби кул низ имтиёз доранд, аммо чизе, ки дар шеъри сабки ҳиндӣ беш аз ҳама ба чашм мерасад ва ҷалби таваҷҷӯҳ менамояд, ин тамсил аст, ки барои тасдиқи матлаб (асосан дар мисраи дуввум) оварда мешавад ва байни номаҳсусу маҳсус ба масобаи пул хидмат менамояд. Дар заминаи тамсилгароӣ номи шоирони маъруфи ин сабк Соиб, Калим, Салим, Ғанӣ ва ғайра забонзади аҳли тадқиқ аст.

Хаёлбофӣ низ дар шеъри форсии тоҷикӣ анъанаи пешинаи худро дорад, аммо дар сабки ҳиндӣ хаёлбофӣ авҷ мегирад ва ба яке аз хусусиятҳои умдаи он табдил меёбад. Хаёлбандӣ дар тамоми осори шоирони маъруфи ин сабк дида мешавад, аммо Шиблии Нӯъмонӣ онро ба Мирзо Ҷалоли Асир, Шавқат ва Қосими Девона хос медонад ва эшонро «шиноварони ин гирдоб» медонад.

Офаридани мазмуни тоза дар шеъри сабки ҳиндӣ як амали соддаву маъмулӣ аст. Барои шоирони ин сабк ҳама ҷо мазмун ҷӯш мезанад ва он худ ба шоир сало мезанад. Ба қавли Соиб:

Як умр метавон сухан зи зулфи ёр гуфт,
Дар банди ин мабош, ки мазмун намондааст.[16]

Хулосаи муҳаққиқ аз боби ҳаштуми рисола ба тариқи зайл аст: «Дар ҷамъбасти мавзӯъ мумкин аст гуфт, ки шеъри сабки ҳиндӣ дар тӯли таърихи дуру дарози мавҷудияти хеш бархе аз сохту шакли худро ба майдон меорад, ки онҳо мақсади ғоявӣ ва услубии онро муқаррар ва муайян месозанд. Ҳақ бар ҷониби он муҳаққиқони таърихи адабиёт аст, ки онҳо дар сабки ҳиндӣ давом ва инкишофи тамоюлеро мебинанд, ки бунёдаш дар ин адабиёт аз қадамҳои аввалини он оғоз шудааст. Фаҳмиши пайванди паёпаю ҳамешагӣ ва бетанаффус ба анъанву суннатҳо тарафҳои суст ва пурқуввати сабки ҳиндиро нишон медиҳад. Системае, ки дар он хусусиятҳои хоси сабки ҳиндӣ зуҳур кардаанд, моро маҷбур мекунад, ки ин майлонро ба унвони як давраи муҳими инкишофи адабиёти баъд аз классикии форсу тоҷик дар Эрону Ҳинд эътироф намоем ва бипазирем».[17]

Дар асар барои таҳқиқи масъалаҳои асосии сабки ҳиндӣ аз дастовардҳои тозаи илмҳои шарқшиносӣ, фалсафа, адабиётшиносӣ, диншиносӣ ва амсоли инҳо истифода шудааст.

Муаллиф равиши таҳқиқи ҷомеъро пеш гирифта, сабкро дар ҳамбастагӣ бо масоили гуногуни раванди адабӣ баррасӣ менамояд. Ӯ дар баробари корбурди равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносиву фарҳангшиносӣ ба таври фаровон ва муносиб аз шарҳу тавзеҳоти сарчашмаҳои адабии шарқӣ амсоли рисолаҳои илми бадеъ, тазкираҳо истифода кардааст. Ба ин васила ӯ як қатор мафҳумҳои барои адабиётшиносии ғарбӣ тозаро монанди маъниофаринӣ, мазмунофаринӣ, назира, татаббуъ, тақлид ба арсаи илм ворид намудааст.

Н.И.Пригарина аз равиши суннатии адабиётшиносиву шарқшиносии шӯравӣ, ки бештар гироиши иҷтимоӣ дошт, дурӣ ҷуста, ба ҷои таҳлилт ғоявию мундариҷавии осори шоирон дар замимаи асар шарҳи ғазалҳои шоирони маъруфи сабки ҳиндиро додааст. Дар ин шарҳҳои мухтасар пеш аз ҳама аз суннатҳои шарҳнависии шарқӣ, ки бештар ба сухан такя мешуд, истифода гардида, таҳлили системавии байт анҷом пазируфтааст, ки ин барои дарки моҳияти сабки ҳиндӣ хеле мувофиқ аст.

Бояд гуфт, ки ин асари пурарзиш дорои бархе аз нуқсу камбудиҳо низ мебошад. Аз ҷумла, муҳаққиқ мавзӯъро асосан дар заминаи ирфон ва тасаввуф баррасӣ кардааст, ки ин, ба фикри мо, ба мавзӯи сабки ҳиндӣ муғойират мекунад ва ноҳамгун аст, зеро бо рӯи кор омадани сабки ҳиндӣ шеъри ирфонӣ ва сӯфиёна рӯ ба таназзул мениҳад. Албатта, истилоҳоту рамзҳои сӯфиёна дар ашъори шоирони ин сабк таъсири зиёд доранд, вале пайдоишу ташаккули сабки мазкурро ба тасаввуф вобаста кардан дуруст нест. Агар маснавию ғазалҳои Носиралию Бедил ва чанд тани дигарро, ки дар равияи тираю ифротии ин сабк шеър мегӯянд ва намоёнгари аслии ин сабк ва вижагиҳою зебоиҳои он нестанд ва ҳам сабаби таназзули он гардидаанд, истисно кунем, дигар дар тамоми осори шоирони сутурги ин сабк нақши ишқу ирфону тасаввуф чандон чашмгир нест. Гузашта аз ин, ашъоре, ки эшон дар ин боб сурудаанд, бо ашъори шоирони маъруфи сӯфия, мисли Саноиву Аттор, Мавлавию Ироқӣ ва Ҳофиз қобили қиёс нестанд. Шеъри ин сабк шеъри мазмун аст ва он ҳам асосан мазомини ахлоқию иҷтимоӣ. Шеъри Калим, Нозим, Соиб саршор аз мазомини иҷтимоию ахлоқӣ мебошад. Дигар, муҳаққиқ аксар авқот дар инҳисори гуфтори донишмандони Эрону Аврупо ва ба вижа Шиблии Нӯъмонӣ монда, бештар саргарми шарҳу тавзеҳи назариёту гуфтори эшон гардидааст ва худ бевосита ба матни осори адибони ин сабк хеле кам руҷӯъ кардааст. Гузашта аз ин, ба бисёре аз тадқиқотҳои тозаву муҳим, ки бо шеъри сабки ҳиндӣ марбутанд, дастрасӣ пайдо накардааст. Аз ҷумла китобу рисолаҳои «Таърихи адабиёти тоҷик дар асри XVII» -и С.Саъдиев, «Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ»-и Хусрави Фаршедвард, «Корвони Ҳинд»-и Гулчини Маъонӣ, «Аз гузаштаи адаби Эрон»-и Зарринкӯб, «Бедил», «Сухроби Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ»-и Ҳасани Ҳусайнӣ, «Сабки ҳиндӣ»-и Марзияи Ноҷӣ, «Шоири оинаҳо»-и Шафеъии Кадканӣ, «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо ва амсоли инҳо истифода нашудаанд. Ҳамчунин ба тазкираҳо, кутуби таърихи адабиёт ва хусусан девони шоирони маъруфи ин сабк, камтар истинод шудааст. Аз ин рӯ дар матни асар баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Дар саҳ. 46 муҳаққиқ Фонӣ ва Ғании Кашмирӣ ва Носиралии Сирҳиндӣ ва Зебуниссоро, ки аз шоирони порсизабони ҳиндanд, саҳван дар қатори шоирони эронӣ Соиби Табрезӣ ва Шавкати Бухороӣ ном мебарад, ки саҳеҳ нест. Дар саҳ. 70 ин байти Рафеи Машҳадиро:

Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст
В-ар ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.[18]

бо истинод аз Туробӣ (с.70), бидуни муроҷиат ба асли матн ба номи Рафеи Қазвинӣ меорад, ки савоб нест ва хонандаро ба иштибоҳ меандозад. Зиёда аз

ин, дар бораи тазкираҳои муҳим, ки ба шоирони ин сабк бахшида шудаанд, аз ҷумла тазкираи Малеҳо ва Мирзо Тоҳири Насрободӣ хомӯшӣ ихтиёр мекунад. Ҳол он ки бидуни ин ду тазкира наметавон манзараи аслии шеъри шоирони ин сабкро ба мулоҳиза ва мушоҳида гирифт. Муҳаққиқ аз чӣ бошад, ки дар бораи осори Камоли Хуҷандӣ, ки нишонаҳои сабки ҳиндиро хеле равшан дар худ муҷассам кардааст, чизе намегӯяд. Мо медонем, ки таъсири осори ӯ дар шоирони ин сабк хеле бузург аст. Воқиан, Соиб, ки дар авҷи ин сабк қарор дорад, ба ӯ иродат меварзад, шеърашро пайравию тазмин менамояд ва хусусан аз калимоту таркибот ва киноявु маҷози ӯ, ки дар корбурди онҳо Камол устоду беназир аст, истифода менамояд:

Соиб, ин он ғазали Хоҷа Камол аст, ки гуфт:
«Сарв девона шуда аз ҳаваси болояш».[19]

Дар муқадима ва бобҳои ҷудогонаи асар, ҳангоме ки сухан аз сабкҳои адабӣ меравад, муаллиф аз сабки бозгашти адабӣ ҳам ёд мекунад. Вале ӯ роҷеъ ба хусусиятҳои ин сабк таваққуф намекунад ва ба назари донишманди маъруф Маликушшуаро Баҳор такя менамояд. Дар бораи ин падидаи адабӣ дар эроншиносӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд, ки онҳо дар мақолаи яке аз муаллифони ин тақриз мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Дар он мақола бо далелҳо сабки ҷудогона набудани «Бозгашти адабӣ» ва ба талаботи равияи адабӣ ҷавобгӯ будани он ба субут расидааст.[20] Ин матлаб дар асари дастҷамъии «Таърихи адабиёти Эрон дар асрҳои XIX-XX» низ баён шудааст.[21] Вале аз чӣ сабаб бошад, ки Н.И.Пригарина, ки худ муҳаррири масъули китоби мазкур буда, хеле пештар аз чопи китоб аз он матлаб огоҳӣ дошт, онро нодида гирифтааст.

Дар боби 8 асар ба истилоҳоти асосии сабки ҳиндӣ ва тарҷумаи русии онҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир шудааст. Вале тарҷумаи баъзе истилоҳҳо монанди маънӣ (идея), мазмун (тема) баҳснок мебошанд.

Тавре ки гуфтем, муҳаққиқ бештар андешаву назароти дигаронро меорад ва тавзеҳу ташреҳ менамояд. Аз ин рӯ назари мустақили ӯ гоҳе хира ва таҳтушшӯои назароти дигарон мемонад. Такрори афкор низ дар рисола ба мушоҳида мерасад. Дар саҳифаи 255 ҳангоми муаррифии Урфи ӯро ба таври Урфии Шерозии Лоҳурӣ ёд кардааст, ки саҳеҳ нест. Урфи Шерозист, на Лоҳурӣ. Дар саҳ. 277 ба ҷои Мир Маъсум Малики Қумӣ омадааст, ки номатлуб аст. Худи Соиб дар ин бора бо сароҳат гуфтааст:

Ба ғайри Соибу Маъсуми нуктасанҷу Калим,
Дигар, кӣ з-аҳли сухан меҳрубони якдигаранд?[22]

Аз чӣ сабаб бошад, ки Н.И. Пригарина ҳам дар унвони асар ва ҳам дар зимни он аз истифодаи мафҳуми адабиёти форсу тоҷик худдорӣ намуда, ҳама ҷо танҳо истилоҳоти «шеъри форсӣ», «адабиёти форсӣ»-ро ба кор бурдааст. Дар сурате ки истилоҳи адабиёти форсу тоҷик, ки бо пешниҳоди устод С.Айнӣ солҳои 40 асри XX мавриди қабули шарқшиносони шӯравӣ гардид, имрӯз дар эронштносии ғарб низ пазируфта шудааст, ки унвони асарҳои бунёдии Е.Э.Бертелс, шарқшиносони чех бо сарварии Я.Риика ва амсоли онҳо низ ба он далолат менамояд. Агар муаллифи асар назари дигар дошта бошад, бояд онро зикр мекард.

Ҳамчунин мафҳуми «Муғулҳои бузург», ки муаллифи асар дар чанд маврид истифода бурдааст, тавзеҳталаб аст. Зеро Темуриёни Ҳинд ҳарчанд ба муғулҳо андаке иртиботи насабӣ доранд, вале онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ муғул номидан

дуруст нест. Ба ғалат будани мафҳуми мазкур борҳо муҳаққиқон ишора карданд. Вале муаллиф на танҳо онҳоро ба эътибор нагирифтааст, балки зиёда аз он мафҳуми комилан ғалати «шоирони муғул»-ро нисбат ба шоирони сабки ҳиндӣ истифода бурдааст (саҳ.48. «могольские поэты»).

Аммо бо ин ҳама, ин асар дар ҳоли ҳозир, дар заминаи сабкшиносӣ, ба хусус сабки ҳиндӣ, яке аз асарҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва он барои анҷом додани тадқиқоти ҷиддӣ ва мукаммал доир ба ин сабки камомӯхта барои муҳаққиқони имрӯз ва оянда, бешубҳа, хидмати пурарзиш хоҳад кард, зеро ба қавли ростини худи муаллиф, «шеъри сабки ҳиндӣ-кишвари кашфношуда аст ва муҳаққиқони онро бозёфтҳои боз ҳам тозаю шигифтангез интизор аст». [23]

## ПАЙНАВИШТ

*Ин мақола бо ҳамқаламии Ҷамолиддин Саидзода таълиф шудааст.

1.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ. Москва, 1999, с.9.

2.Соиб. Мунтахабот. Душанбе, Ирфон, 1980, с.499.

3.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, с. 22.

4.Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. Душанбе, Ирфон, 1975, с. 811.

5.Носири Хусрав. Куллиёт. Девони ашъор, ч.1,Душанбе, «Эр-граф» 2003,с. 93.

6.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, с.25.

7.Ҳамон ҷо, с.31.

8.Ҳамон ҷо, ҳамон с.

9.Соиб. Мунтахабот, с. 253.

10.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, с. 72.

11.Ҳамон ҷо с. 119.

12.Ҳамон ҷо с. 136.

13.Ҳамон ҷо с. 142.

14.Ҳамон ҷо с. 185.

15.Соиб. Мунтахобот, с. 549.

16.Соиб. Мунтахабот, с. 237.

17.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, с. 212.

18.Ҳамон ҷо с. 70.

19.Соиб. Мунтахабот, с. 553.

20. Мирзо Муллоаҳмад. Равияи «Бозгашти адабӣ» ва баъзе хусусиятҳои он. Дар китоби «Инсон. Адабиёт. Фарҳанг», Душанбе, 1998, с.275.

21. История персидской литературы XIX-XX веков, М., 1999, с.19-21.

22. Соиб. Мунтахабот, с.417.

23.Н.И.Пригарина. Сабки ҳиндӣ ва ҷойгоҳи он дар шеъри форсӣ, с. 221..

# САБОҲИИ БЕДГУЛӢ ВА «БОЗГАШТИ АДАБӢ»

Ҳоҷӣ Сулаймон Сабоҳии Бедгулӣ аз шоирони маъруфи қарни 12 Эрон буда, бо осори рангини худ, амсоли ғазалиёт ва қасоид, таркиббандҳову муқаттаъот, маснавиҳову рубоъиёт дар таърихи адабиёти форси қуруни охир ҷойгоҳи хосе дорад. Хидмати ӯ ба хусус дар ташаккулу такомули мактаб ё равияи «Бозгашти адабӣ» ва ҷилавгирӣ аз густариши сабки ҳиндӣ дар Эрон хеле назаррас аст.

«Бозгащти адабӣ», ки бо кӯшишу ибтикори гурӯҳе аз шоирони «Анҷумани Муштоқ» бо сарварии Муштоқи Исфаҳонӣ ба вуҷуд омад, падидаи муҳиме дар раванди таърихи адабиёти Эрон ва форсизабон гардид. Дар бораи ин падида, хасоис ва намояндагони он муҳаққиқони эрониву хориҷӣ амсоли Маликукшшуъаро Баҳор, Яҳёи Ориянпур, Иброҳими Сафоӣ, Аҳмади Хотамӣ, Нусрати Таҷрубакор, Р.Г. Левковская, Шамси Лангрудӣ мақолаву рисолаҳо таълиф кардаанд. Зимнан ҳамаи онҳо ба Сабоҳӣ ва нақши ӯ дар «Бозгашти адабӣ» ишора намудаанд. Вале ҳанӯз ҷанбаҳои зиёди «Бозгашти адабӣ» ва нақши намояндагони он, аз ҷумла Сабоҳии Бедгулӣ мавриди таҳқиқи густурдаву амиқ карор нагирифтаанд. Ҳанӯз худи мафҳуми «Бозгашти адабӣ» дуруст муайян нашудааст. Онро мактаб(Шамси Лангрудӣ), анҷуман(Ю.Алексеева), давра(Аҳмади Хотамӣ),наҳзат(Иброҳими Сафоӣ, Аҳмади Хотамӣ), равия,ҷараён ва сабк(Маликукшшуъаро Баҳор) номидаанд. Вале ба назари мо бозгашти адабиро сабк номидан дуруст нест. Зеро тавре ки баъдтар хоҳем дид, аз лиҳози сабку услуб осори бадеии ин давра аз офаридаҳои сабкҳои хуросониву ироқӣ тафовути ҷиддие надорад.

Мароми асосии шоирони «Бозгашти адабӣ»-ро Сабоҳӣ дар яке аз қитъаҳои худ равшан баён намудааст :

Бувад тариқати мо иқтифои устодон,
Ба ёвагӣ нарасад таъна бар ҳудоти тариқ

Дар бобати аввалин шоире, ки асоси ин равияро гузоштааст ва ё дар ташаккули он бештар хидмат кардаст, дар асарҳои тадқиқотӣ фикру андешаҳои мухталиф баён шудаанд. Аз ҷумла Нусрати Тачрибакор аз роҳнамоёни бозгашт "Ҳотифи Исфаҳониро муқаддам бар дигарон" мешуморад.[1] Иброҳими Сафоӣ, Наҷотӣ ва Лутфалии Суратгар Фатҳалихони Сaборо поягузор ва оғозкунандаи ин равия медонанд.[2] Чанде аз донишмандон монанди Маликушшуаро Баҳор, Аббос Иқбол, Яҳё Ориянпур шоири намоёни нимаи аввали асри XVI11 Сайид Алии

Муштоқро асосгузори бозгашти адабӣ шуморидаанд. Дар ҳақиқат, Муштоқ на танҳо яке аз аввалин шоиронест, ки аз сабки ҳиндӣ рӯй гардонда, ба пайравии сабкҳои қадим пардохтанд, балки ӯ дар шаҳри Исфаҳон анҷумани адабие ташкил намуда, шоиронро дар ин равия раҳнамоӣ ва ташвиқ мекард.

Маълумоти зерини тазкираи "Ҳадоиқулчинон" Абдурраззоқи Дунбалӣ, ки Баҳор низ ба он такя намудааст, дурустии фикри охиринро тасдиқ мекунанд: "Чун бисоти чамани назм аз хаёлоти хоми Шавкат ва Соиб ва Ваҳид ва моюшобуҳу биҳим ва аз истиороти борида ва тамсилоти хунук лагадкӯб шуд ва якборагӣ аз таровату равнақ афтод, Муштоқ ба тамошои гулзори назм омада ва тӯмори сухансароии он ҷамъро чун ғунча ба ҳам печида ва бистоти назме, ки худ дар он соҳибсалиқа буд ва он равияи Замирӣ ва Назирӣ аст, бигустурданд. Ба сари шохсори сухан навоҳо сохт ва нағмаҳо пардохт. Андалебони хушнавои аср ӯро муқтафо омаданд..."[3]

Озар низ дар «Оташкада» Муштоқро бунёдгузори Бозгашти адабӣ шуморида, таъкид мекунд, ки ӯ «асоси шоирии мутааххирро аз ҳам фурӯ рехта, бинои назми фусаҳои балоғатшиори мутақаддиминро таҷдид кард.»[4]

Бад ин минвол аксари муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқон бунёдгузори ин падидаро Муштоқи Исфаҳонӣ мешуморанд. Вале баъзе андешамандон амсоли Фатҳалихони Шайбонӣ Сабоҳиро бунёдгузори «Бозгашти адабӣ» шуморидаанд, ки «субҳи содиқи суханро боло кашид ва ба тариқи шуарои бостон қасоиде чанд ба назм овард.»[5]

Дарвоқеъ ҳарчанд Сабоҳии Бедгулӣ бунёдгузори «Бозгашти адабӣ» набуд, вале саҳми ӯ дар ташаккулу рушди он хеле бузург аст.Бесабаб нест, ки ҳамаи хусусиятҳои «Бозгашти адабӣ»-ро дар осори ӯ метавон мушоҳида кард.

Дар осори Сабоҳӣ ғазал ҷойгоҳи хос дорад. Ба маҳорати баланди ғазалсароиаш худи шоир ҳам ишора кардааст :

Сабоҳӣ аз ғазал имрӯз дури ноб фишонам,
Ба хоб дӯш ҳамоно ки лаъли ёр макидам.[6]

Ҳарчанд Сабоҳӣ дар ғазалҳояш аз шоирони пешин ёд накардааст ва ё мисраъу абёти онҳоро тазмин нанамудааст, вале дар аксари ғазалҳои ӯ маъниву нуктаҳо, таъбиру ифодаҳо, тасвиру оҳангҳои ғазалҳои онҳоро метавон мушоҳада кард.Дар ғазалҳои Сабоҳӣ бештар таъсири ғазалҳои Саъдӣ, Ҳофиз ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба назар мерасад. Ин таъсир на танҳо дар соддагии баёну тасвирҳои бадеъи ҳамонанд, балки дар симои

қаҳрамони ғазалҳои онҳо, ки ринди лоубол аст, зуҳур мекунад. Ринди Сабоҳӣ низ ба шайхону зоҳидони риёкор ситеза дорад :

Эй шайх, риёист туро нангу аз ин ном
Ман риндаму аз нисбати худ ор надорам.[7]

Дар байти мазкур ба иловаи матлабу муҳтавои хоси ғазалҳои Саъдиву Ҳофиз таркибу ибораҳои маъмули ғазалҳои машҳури Мавлоно низ ба чашм мерасад .

Пайравии куллӣ ба шоирони пешин дар ғазалҳои шоирони дигари равияи Бозгашти адабӣ низ ба назар мерасад.[8]

Қисмати умдаи девони Сабоҳиро қасида ташкил медиҳад. Аксари қасидаҳои шоир дар пайравӣ ба шоирони пешин навишта шудаанд. Дар зимни қасидаҳои шоир бар хилофи ғазалҳои ӯ ба шоироне, ки аз онҳо таъсир гирифтааст, ишора шудааст. Аз абёти зери қасоиди Сабоҳӣ бармеояд, ки ӯ ба қасидасароёни маъруф Унсурӣ, Фаррухӣ, Анварӣ, Азрақӣ, Ломеъӣ, Саноӣ, Мухторӣ, Муиззӣ, Хоқонӣ таваҷҷӯҳ доштааст:

Водие чун Унсуриву Азрақӣ дар вай равон,
Гулшане чун Анвариву Фаррухӣ дар вай ҳазор
***
Манзиле он ҷо Саноӣ Ломеъиро ҳамзабон,
Маҳфиле Мухторӣ он ҷо бо Муиззӣ майгусор.

***
На нишотам ба назми Хоқонӣ,
На нигоҳам ба шеъри Мухторӣ.[9]

Дар қасоиди Сабоҳӣ ҳамчунин иқтибоси мисраъу байтҳои шоирони пешин ба назар мерасад. Аз ҷумла дар зимни қасидае як байти Саъдӣ ба тариқи зайл нақл шудааст:

Шоҳиде аз Саъдӣ оварам, ки мазораш
Маҳбити анвори файз бод, ки фармуд :
«Дӯст ба дунёву охират натвон дод,
Сӯҳбати Юсуф беҳ аз дироҳими маъдуд».

Дар девони Сабоҳӣ шеъре таҳти унвони «Посухе манзум ба ду тан аз ёрони хеш» мавҷуд аст, ки зоҳиран ба қасида монанд аст, Шеъри мазкур аз 60 байт иборат буда, дорои тарзи қофиябандии **аа ба ва…** аст. Вале мазмуну мӯҳтаво ва сабки он ба талаботи

навъи қасида ҷавобгӯ нестанд. Зеро шеър дорои сужа буда, бо тасвири саҳаргохе нома овардани қосид шурӯъ мешавад

Дӣ ба саҳаргоҳ, к-офтобу шафақ буд,
Рашки узори Аёзу дидаи Маҳмуд…
Нома ба каф қосиде даромад аз дар,
Зеби узораш ғубори Каъбаи мақсуд…[11]

Сипас роҷеъ ба номаи дӯстон, тавсифи онҳо, мутаассир шудани шоир аз мутолиаи нома, бадкориҳои ду нафар аблахе, ки боиси харобии Қуму Кошон гаштааст, сухан меравад. Дар поёни шеър бо ишора ғазале дар ҳамон вазну қофияи шеър дар навои Ироқ накл мешавад:

Хатми суханро аз ин ғазал, ки сурудам,

Лаб ба навои Ироқ соз кунад рӯд.[12]

Тавре ки мебинем, шеъри мазкур аз ҳар лиҳоз ба навъи қитъа мансуб аст.Вале зиёдии теъдоди абёт ва дорои матлаъ будани шеър шояд сабаби ба қисмати Қасоид ҷой додани он гашта бошад.

Дар шеъри мазкур низ пайравӣ ба шоирони пешинро метавон мушоҳида кард. Сабоҳӣ суннати шоирони қарнҳои 5-7 ҳ. Айюқӣ ва Ироқиро, ки дар зимни маснавиҳои худ ғазалҳо овардаанд, идома додааст.

Сабоҳӣ дар қасоидаш на танҳо ба сабки шоирони пешин пайравӣ кардааст, балки зимнан таваҷҷӯҳи мамдуҳонашро ба даврони қадим ҷалб намудааст :

Эҳсони ту бо кӣ, з-оли Бармак ?
Сомони ту бо кӣ, з-оли Сомон ?[13]

Дар ашъори Сабоҳӣ ишора ба шоирони муосираш Озар, Ҳотиф, Шаҳоби Туршезӣ, Асирӣ, Байрамалихон, Ошиқ ва ғайра низ ба назар мерасад, ки ин аз таваҷҷӯҳи вай ба осори онҳо гувоҳӣ медиҳад. Сабоҳӣ махсусан ба Озар таваҷҷӯҳи зиёд дошта, ӯро Саъдии давр, Анварии даҳр, Фирдавсии аҳд дониста, устоду тарбиятгари худ мешуморад. Аз эҳтимол дур нест, ки Сабоҳӣ маҳз бо раҳнамоиву ҳидояти устодаш ба сабки пешиниён рӯй овардааст. Зеро дар ашъори Сабоҳӣ хусусиятҳои сабки ҳиндиро ба таври равшан метавон мушоҳада кард. Дар ин бора Аҳмади Хотамӣ баҳс намуда, бо мисолҳои фаровон ҷой доштани унсурҳои сабки ҳиндиро амсоли таъқиду печидагӯиҳо, истилоҳоти омиёна, ирсолулмасал, хаёлпардозиҳои латиф ва таркиботе монанди ашки ятим, боғи ҳусн, боли ҳавас, барқи ҳаваси хом, пои ҳаводис, хандаи

барқ, рухсораи мурод, риштаи ҳастӣ, шамъи оҳ, кулоҳи фақр, гарди кина ва ҳоказо таъкид намудааст.[14]

Роҷеъ ба арзиши Бозгашти адабӣ муҳаққиқон андешаҳои мухталиф баён кардаанд. Агар Иброҳими Сафоӣ онро «наҳзати бузурги адабӣ»[15] номида бошад, Яҳёи Ориянпур чунин баҳоро иғроқомез ва аблаҳона мешуморад.[16]

Шамси Лангрудӣ низ ба нақди шоирони мактаби Бозгашт пардохта, тақлиду пайравии онҳоро ба гузаштагон фоҷеа мехонад ва эҳсосашонро ориятӣ медонад. Аз мулоҳизоти муҳаққиқ бармеояд, ки ӯ дар ин маврид ду нуктаро ба назар нагирифтааст. Аввалан ӯ миёни тақлид ва пайравӣ тафовуте нагузоштааст. Соniян масъалаи суннат ва суннатгароиро,ки дар адабиёти Шарқ, ба хусус назми форсӣ хеле қавист, нодида гирифтааст. Тавре ки маълум аст, дар адабиёти форсӣ истифодаи моҳиронаи тасвирҳо ё сувари хаёли маъмулӣ бо тобишҳои тозаи ҳунари шоирӣ маҳсуб мешуд. Масалан, Рӯдакӣ қомати маъшуқро ба сарв монанд карда буд:

Ба сарв монад, гар сарв лоладор бувад
Ба мурд монад, гар мурд рӯяд аз насрин.[17]

Пӯшида нест, ки то имрӯз шоирон ин ташбеҳро бо тобишҳои гуногун ба кор мебаранд. Аз ҷумла Сабоҳӣ низ борҳо аз аз ин ташбеҳ истифода кардааст:

Дар чаман ою хати бандагӣ аз вай биситон,
То ба кай сарв занад лоф, ки ман озодам.[18]

Дар воқеъ Бозгашт падидаи мураккаб буда, навоқис дошт, вале дорои арзишҳои адабӣ низ буд, ки ба онҳо Аҳмади Хотамӣ,Қайсари Аминпур ва муҳаққиқони дигар дар осори худ ишора кардаанд. Аз ҷумла Аҳмади Хотамӣ хидмати бузурги адибони давраи Бозгаштро дар ҳифзи забони форсӣ медонад·

Хидмати дигари шоирони мазкур б а назари мо дар тақвияти соддагӣ дар сабки баён аст. Онҳо бештар ба осори соддаи шоирони пешин пайравӣ намуда, аз таъбиру ибороти мардумӣ истифода мекарданд. Рӯ овардан ба соддагӣ аз дастовардҳои муҳимми Бозгашти адабӣ буда, барои ба мардум наздиктар шудани шеър ва ташаккули адабиёти ҷадиди форсӣ замина фароҳам овардааст. Ин соддагиро ҳам дар мазмуну мӯҳтаво ва ҳам дар сабку забони осори Сабоҳии Бедгулӣ метавон мушоҳада кард.

## Пайнавишт

[1] Нусрати Таҷрубакор. Адабиёти Эрон дар асри Қоҷор. Маҷмуъаи суханрониҳои дувумин кунгураи таҳқиқоти эронӣ, ҷилди аввал, ба кӯшиши Ҳамиди Зарринкӯб, Машҳад, 1351, с. 273.

[2] Иброҳими Сафоӣ. Наҳзати адабии Эрон дар асри Қоҷор, Теҳрон, чопи дувум, бидуни зикри соли табъ, с. 2; Фатҳалихони Сабо. Девон, Теҳрон, 1341, муқаддимаи Муҳаммад Алии Нақотӣ, с. шаш; Лутфалии Суратгар. Адабиёти тавсифии Эрон, Теҳрон, 1347, с. 100.

[3] Баҳор. Бозгашти адабӣ. Баҳор ва адаби форсӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Гулбун, Теҳрон, 1351, с. 54.

[4] Аҳмади Хотамӣ. Таърихи адабиёти Эрон дар давраи Бозгашти адабӣ, ҷилди дувум, Теҳрон, 1373, с. 304.

[5] Сабоҳии Бедгулӣ. Девон, ба кӯшиши Аҳмади Карамӣ, Теҳрон, 1365, с.5

[6] Ҳамон асар, с. 31

[7] Ҳамон асар, с. 36

[8] Дар ин бора ба таври муфассал ниг.: Мирзо Муллоаҳмад. Нишот ва Миҷмар, Душанбе, 1983, с.19.

[9] Сабоҳии Бедгулӣ. Девон, с. 81, 82, 147.

[10] Ҳамон асар, с. 60.

[11] Ҳамон асар, с. 58.

[12] Ҳамон асар, с. 62.

[13] Ҳамон асар, с. 141.

[14] Аҳмади Хотамӣ. Таърихи адабиёти Эрон дар давраи Бозгашти адабӣ, ҷилди дувум, с. 316-317; Давраи Бозгашт ва сабки ҳиндӣ, Теҳрон, 1385, с. 70-71.

[15] Иброҳими Сафоӣ. Наҳзати адабии Эрон дар асри Қоҷор, с.2.

[16] Яҳё Ориянпур. Аз Сабо то Нимо, ҷилди аввал, чопи дувум, Теҳрон, 1351, с. 23.

[17] Рӯдакӣ. Девони ашъор, ба эҳтимоми Расул Ҳодизода, Алии Муҳаммадӣ, Душанбе, 2008, с.19.

[18] Сабоҳии Бедгулӣ. Девон, с. 33.

## ТАЗКИРАИ МАНЗУМИ ФАЗЛИИ НАМАНГОНӢ ВА АРЗИШҲОИ АДАБИВУ ТАЪРИХИИ ОН

Дар қарнҳои ХУ111 – Х1Х дар Моварауннаҳр давлатҳои Бухоро, Хева ва Хуқанд вуҷуд доштанд, ки ҳар кадом дорои марказҳои фарҳангиву адабӣ буданд. Яке аз чунин марказҳои бузурги адабӣ дар шаҳри Ҳуқанд амал карда, адибону ҳунармандони зиёдеро фаро мегирифт. Муҳимтарин манбаъе, ки

роҷеъ ба адабиёти давраи мазкур то имрӯз боқӣ мондааст, тазкираи манзуми шоири маъруф Фазлии Намангонӣ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд нусхаҳои зиёди ин тазкира дар китобхонаҳои гуногун маҳфуз аст ва он борҳо чопи сангӣ шудааст, вале он то ҳол мавриди таҳкиқ қарор нагирифтааст ва арзишҳои адабиву таърихии он муайян нагардидааст. Аз тазкираи мазкур муҳаққиқони тоҷику ӯзбак Садриддин Айнӣ, Азиз Қаюмов, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Усмон Каримов, Субҳон Амирқулов, АбдуманнонНасриддинов ва дигарон дар осори илмии худ истифода кардаанд

Муаллифи тазкира Абдулкарим Фазлии Намангонӣ дар авохири қарни ХУ111 дар шаҳри Намангон ба дунё омада, айёми тифливу ҷавонии худро дар ҳамон ҷо гузарондааст. Баъди ба поён расонидани мадраса ба шаҳри Тӯрақурғон рафта, дар вазифаҳои расмӣ кор кардааст. Дар ҷавонӣ рӯзгори фақирона дошта, азобу ранҷҳо кашидааст. Дар соли 1811 Амир Умархон соҳиби тахти ҳукумати Қуқанд (Хуқанд) мегардад ва Фазлиро ба пойтахт даъват менамояд. Дар дарбори Амир Умархон ӯ на танҳо соҳиби вазифаву сарват мешавад, балки ба унвони «Маликушшуаройӣ» низ сарфароз мегардад. Пас аз вафоти Умархон дар соли 1822 Фазлӣ ба Намангон бармегардад ва дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Санаи таваллуд ва вафоти Фазлӣ дар манобеъ зикр нашудааст.

Фазлӣ дар ҷавонӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намуда, девони ашъор доштааст, ки боқӣ намондааст. Ӯ ба унвони «Зафарнома» асаре таълиф кардааст, ки онро муҳаққиқи ӯзбак Азиз Қаюмов китоби таърихӣ ва Ҳомидҷон Ҳомидӣ ва Маҳмудҷон Маъмуров манзума донистаанд.1 Дар бораи ин асар худи Фазлӣ навиштааст :

Ҳамин бас бувад қадрам, эй номҷӯй,
Ба номи амирам «Зафарнома»-гӯй. 2

Аз эҳтимол дурр нест, ки асари мазкур манзумае бошад дар тавсифи корнамоиву сафарҳои ҳарбии амир.

Асари дигари Фазлии Намангонӣ, ки боқӣ мондааст, тазкираи манзуми «Маҷмуъатушшуъаро» мебошад, ки бо супориши Амир Умархон дар соли 1821 таълиф шудааст. Унвони асар дар манобеъ ба таври гуногун сабт шудааст. Аз ҷумла Салриддин Айнӣ онро «Тазкиратушшуъаро», Носирҷон Маъсумӣ, Субҳон Амирқулов Абдулманнон Насриддин «Маҷмуъатушшуъаро», Азиз Қаюмов, Усмон Каримов «Маҷмуъаи шоирон» номидаанд. Дар чопи сангии китоб низ гуногуннависӣ ба назар мерасад. Агар дар сарсафҳа «Маҷмуъатушшуъаро» навишта шуда бошад, дар сафҳаи охир «Маҷмуъатулашъор» сабт

гардидааст. Худи Фазлӣ бошад дар муқаддимаи асар онро «Маҷмуъаи шоъирон» унвон кардааст :

Ба ин нусхаи дилфиреби ҷаҳон
Бувад ном «Маҷмуъаи шоъирон»3

Баъзе муҳаққиқон амсоли Б. Валихоҷаев, Ҳомидҷон Ҳомидӣ ва Маҳмудҷон Маъмуров «Маҷмуъаи шоъирон»-ро асари дастаҷамъӣ шуморида, Фазлиро яке аз муаллифону мураттибони он донистаанд, ки чандон дуруст нест, зеро кулли шарҳу тавзеҳот ба қалами Фазлӣ сурат гирифтааст.

Дар бораи теъдоди шоироне, ки дар тазкира ҷой дода шудаанд, низ назари муҳаққиқон гуногун аст. Азиз Қаюмов таъйид мекунад, ки дар он ошъори 63 шоири давр ворид гардидааст. Б. Валихоҷаев, Ҳ, Ҳомидӣ ва М.Маъмуров теъдоди шоъиронро 80 нафар донистаанд. Вале худи Фазлӣ дар муқаддимаи тазкира номи 79 шоъирро ёд кардааст.

Тазкираи «Маҷмӯъаи шоирон» бо пешгуфтори манзуми Фазлӣ шурӯъ мепшавад, ки онро феҳрасти матолиб ҳам метавон номид. Дар он ному насаб ва муҳимтарин хусусиятҳои осори шоироне, ки дар дарбори Умархон ё берун аз он буда, дар ситоиши амир шеър гуфтаанд ва намунаи ашъорашон дар тазкира сабт шудааст, зикр ёфтаааанд. Сипас муқаддимаи мансур меояд, ки аз наъти Худову Расул ва чаҳор ёр иборат аст. Дар охири муқаддима ду мадҳияи дар баҳри тавил навиштаи Фазлӣ ва Мирзо Мушриф дар ситоиши Амир Умархон ҷой дода шудааст. Дар муқаддима Фазлӣ беш аз ҳама ба мадҳи шоҳ пардохта, хислатҳои ҳамидаи ӯро амсоли фозиливу суханварӣ ва таваҷҷӯҳи зиёдаш ба шоирон ситоиш менамояд :

Бувад бар сухан рағбаташ бештар,
Ки дорад ба маънишиносон наза
Матоъи сухан қимату қадр ёфт,
Хирадманд ҳам ҷой бар садр ёфт…

Аз ин ҷост, ки шоирон бештар ба даргоҳи ӯ ҷамъ омада дар ситоишаш шеърҳо сурудаанд :

Ба авсофи ӯ шоирон аз ниёз
Мадоеҳгузору қасоидтироз.
Кунад аҳли дониш ба сидқу яқин
Ба девони ашъори ӯ офарин.
Ба даргоҳи ӯ ҷумлаи шоъирон
Ба сеҳри сухан зуфунун соҳирон.

Зиҳӣ андалебони боғи сухан,
Ки ҳастанд ҳар як гули анҷуман.

Сипас Фазлӣ ба мартабаи баланди шоъирон ва қадри сухан ишора менамояд ва суханвариро аз муҳимтарин фазилатҳои инсон мешуморад:

Пас аз анбиё шоъирон омаданд,
Ба мулки сухан комрон омаданд.
Дили шоъир албатта, бе шакку р
Бувад махзани ганҷи асрори ғай
Сухан ҷавҳари аҳли ирфон був
Ки файзи сухан фазли инсон бувад.4

Дар воқеъ Амир Умархон, ки худ шоъири соҳибдевон буд ва бо тахаллуси Амир шеър мегуфт, ба шеъру шоъирӣ таваҷҷӯҳи хеле зиёд дошт ва пайваста дар дарбор маҳфилҳои адабӣ баргузор менамуд,Ин ҳатто ба умури давлатдории ӯ халал ворид кардааст, ки дар ин бора Мирзо Муҳаммадҳусайн дар «Таърихи Насруллохон» навиштааст : «Умархон шабурӯз масти бодаи ғафлат ва дар айшу ишрат буд ва аз олам хабар надошт, ки чӣ мегузарад.»5

Фазлӣ борҳо ба маҳорати баланди шоъирии Амир ишора намуда, ба забонҳои форсӣ ва туркӣ шеър навиштани ӯро таъкид менамояд ва намунаҳо меорад :

Амир, он ки аз гавҳари назми он
Мурассаъ бувад гӯши донишварон…
Гаҳе шеър гӯяд ба лафзи Аҷам,
Даме назми туркӣ намояд рақам.6

Аз ишораҳои Фазлӣ маълум мегардад, ки Умархон ҷашну маҳфилҳоро на танҳо дар пойтахти хонии худ Хӯқанд, балки дар шаҳру мавзеъҳои дигар низ баргузор менамудааст, Аз ҷумла аз байти зер бармеояд, ки дар шаҳри Тошканд низ ҷашне созмон додааст :

Ба ҷашне, ки ором дар Тошканд,
Зи ҷуди фаровон шаҳи арҷманд…7

Ба хусус дар фасли баҳор амир шоиронро дар боғу чаманзорҳо ҷамъ намуда, маҳфилҳо меорост ва шоъирон дар пайравии ашъори ӯ ё мадҳу ситоишаш назираву тазминҳо ва

мадҳияҳо месуруданд. Дар тазкираи Фазлӣ бештар ҳамин гуна шеърҳои шоъирони давр ҷамъоварӣ шудаанд.

Қисмати асосии тазкира бо зикри Шайхулислом шурӯъ мешавад. Ӯ ҳамчун шукӯҳи илму адаб, устоди улуми динӣ муаррифӣ шуда, ҳам чунин аз илмҳои нуҷум, усул воқиф буданаш таъкид мешавад :

Бувад ғавси даврон, қутби замон,
Чароғи Намангону шамъи ҷаҳон…8

Пас аз тавзеҳи мухтасари аҳволу осори шоъирон ашъори онҳо нақл мешавад. Дар бахши аввал асосан қасидаҳое, ки шоъирон дар мадҳи Амир Умархон навиштаанд ё дар пайравии қасоиду ӯ офаридаанд, оварда шудаанд.

Дар бахши дувуми тазкира қабл аз ҳама ду ғазали Амир ба забонҳои форсӣ ва туркӣ дарҷ гардида, сипас ғазалҳои ҷавобии шоъирони давр ба онҳо ба ду забон нақл мешаванд. Дар ин бахш ҳамчунин мухаммасҳои бар ғазалҳои форсиву туркии Бедил, Алишери Навоӣ, Лутфӣ, Соиб навиштаи Амир оварда мешаванд. Сипас мухаммасҳои бар ғазали Амир навиштаи шоъирони давр амсоли Нола, Адо, Фазлӣ, Маъюс, Мир Асад, Нусрат, Хиҷлат, Беҳҷат Мушриф Хиҷлат Хотиф нақл мегарданд. Дар ин бахш ҳамчунин мусаддаси турки Мир Ҳусайнбек, мутассаъи форсии Фазлӣ, мустазодҳои Мир Асад, Нола, қитъаҳои таърихии Фазлӣ, Хиҷлат, Беҳҷат, 6-тоӣ рубоӣ аз Ҳозиқ, Хиҷлат, Хотиф, чанд муъаммои Адо, муфрадоти Султон Умар, Фазлӣ, Хиҷлат, Рифъат нақл гардидаанд. Дар қисмати мазкур Фазлӣ мушоъираи худро бо шоъира Маҳзуна низ ҷой додааст. Дар поёни тазкира таърихи итмоми асар, ки ба қалами Беҳчат мансуб аст, нақл гардидааст.

Аз тавзеҳи охири китоб бармеояд, ки нашри сангии он аз рӯйи нусхае, ки Абдуманноф қорӣ ибни Абдулваҳҳоб соли 1322 китобат намудааст, сурат гирифтааст.

Тавре ки зикр шуд, тазкираи «Маҷмуъаи шоъирон»-и Фазлии Намангонӣ ягона манбаъест, ки дар бораи адабиёти ҳавзаи Хӯқанд дар охири қарни ХУ111 ва ибтидои қарни Х1Х иттилоъ медиҳад. Аз ин тазкира метавон роҷеъ ба вазъи адабиёт ба хусус дар дарбор, баъзе ҷанбаҳои аҳволу осори шоъирони давр, анвоъи маъмули шеъри он давра, хусусиятҳои сабки шоъирон ва амсоли инҳо иттилоъот ба даст овард. Фазлӣ дар аксари маворид дар бораи зодгоҳи шоъирон, пешаи онҳо, вазифаву симат, мартабаи шоъириву донишмандӣ, хислатҳои шахсӣ, тарзи зиндагӣ, хусусиятҳои ашъор, таърихи иншои баъзе шеърҳо, ҳусну қубҳи навиштаҳои онон маълумот медиҳад.

Тазкира  дорои арзиши таърихӣ низ мебошад. Дар он шеърҳое мавҷуданд, ки ба ҳодисаву вақоеъи таърихии давр, сохтмони иншооти гуногун амсоли қасрҳо, мадрасаву масоҷид, пулу боғҳо ихтисос дода шудаанд. Масалан, Фазлӣ  дар робита ба як ғазали Амир  аз шӯрише, ки даймоҳи соли 1237 дар Хӯқанд ба вуқӯъ пайвастааст, иттиллоъ додааст :

Ба таърихи ҳиҷрӣ тахайюл чу рафт,
Ҳазору дусад буд бо сӣ ҳафт,
Ба ҳангоми даймоҳ дар соли мор,
Ки аз гардиши даври лайлу наҳор…
Шаби чоршанбе ба ҳангоми шом
Зи ҳар кӯча бархост ғавғои ъом…

Тавре ки зикр шуд, Фазлӣ намояндаи дарбор буда, асари худро низ бо майлу хоҳиши амир таълиф кардааст ва табиист, ки қабл аз ҳама манфиъатҳои ӯро таъйид намудааст. Ситоиши муболиғаомези Амир ва шоъирони дарбор, амсоли Вазир, Акмал, Адо, Хиҷлат, Ҳотиф, Нола, Холис, Дабир, Беҳҷат, Нусрат  ва беэътиноиаш  нисбат ба шоъирони берун аз дарбор чун Гулханӣ, Махмур, Маъдан, Кошиф гувоҳи он мебошад. Аз мн ҷост, ки аксари муҳаққиқон  Фазлиро чун намоянда ва ҷонибдори дарбори Амир Умархон муъаррифӣ кардаанд, ки комилан дуруст аст. Вале баъзе муҳаққиқон, амсоли Азиз Қаюмов  Фазлӣ ва сойири шоъирони дарборро ба «адабиёти феодаливу динӣ(клерикалӣ), ки ба манфиъати табақаи  истисморгар хидмат мекард» дохил намуда, онро ба «адабиёти равияи демокротӣ, ки ба манфиъати  оммаи халқи истисморшаванда ва зидди зулм, ҷаҳорлат ва таъассуб қарор дошта» 10 муқобил мегузорад ва ҷудоиву  зиддияти шадиди онҳоро таъкид менамояд.  Вале аксари шоъироне, ки ӯ ба гурӯҳи дувум дохил кардааст, амсоли Гулханӣ, Ҳозиқ, Маъдан, Ғозӣ, Нодира ба дарбор мустақиман ва ё ба воситае иртибот доштанд ва дар ситоиши Амир  мадҳияҳо навиштаанд . Ҳамчунин дар осори шоъирони дарбор танқиди чоплусиву хушомадгӯӣ ва дигар  хислатҳои бадро метавон мушоҳида кард. Аз ин рӯ ба назари мо  комилан ба ду гурӯҳи мутаззод ҷудо кардани  адибони ҳавзаи адабии Хӯқанд дуруст нест. Зеро андешаҳои башардӯстиро метавон дар осори шоъирони дарбор ва ҳатто худи Амир низ пайдо кард ва андешаҳои дунёбезориву мадҳи чоплусона дар осори шоъирони берун аз дарбор низ ба назар мерасанд. Шояд ҳамин гуна арзёбиҳои якҷониба  боиси он гаштаанд, ки то имрӯз аҳволу осори Фазлӣ ва махсусан, «Маҷмуъаи шоъирон»-и ӯ мавриди таҳқиқ қарор

нагирифтааст ва худи тазкира ҳам дар тӯли беш аз як қарн дигар ба табъ нарасидааст. Дар ҳоле ки чопу баррасии тазкираи «Маҷмуъаи шоъирон» барои таҳқиқи адабиёти қарнҳои ХУ111 – Х1Х манбаъи пурқимате маҳсуб мешавад


1. Азиз Қаюмов. Қӯқон адабий муҳити,(ХУ111 – Х1Х асрлар), Тошкент, 1961, с. 66; Ҳомидҷон Ҳомидий, Маҳмуджон Маъмуров. Наманган адиблари, Ташкент, 2007, с. 20.
2. Фазлии Намангонӣ. Маҷмуатушшуаро, Тошкент, 1902, с. 6.
3. Ҳамон асар, с. 12.
4. Ҳамон асар, с. 3.
5. Азиз Қаюмов. Қӯқон адабий муҳити, с. 22.
6. Фазлии Намангонӣ. Маҷмуатушшуаро, с. 380.
7. Ҳамон асар, с. 97.
8. Ҳамон асар, с. 20.
9. Ҳамон асар, с. 414.
10. Азиз Қаюмов. Қӯқон адабий муҳити, с. 343.


## ҲАВЗАИ АДАБИИ ҲИСОР ВА БАЪЗЕ ВЕЖАГИҲОИ ОН

Адабиёти форсу тоҷик, ки бо унвонҳои “адабиёти Эрон”,”адабиёти форсӣ” ё “порсии дарӣ” маъруф аст, аз қадимтарин ва ғанитарин адабиётҳои олам аст, ки дар сарзамини паҳноваре густариш пайдо карда, ба забонҳои гуногуни эронӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо арзи вуҷуд намудааст. Ин адабиёт то ибтидои қарни Х ҳ./ХУ1 м. умумияту якпорчагии худро барои кулли мардумони форсизабон нигоҳ доштааст. Вале пас аз фурӯпошии давлати Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ва таъсиси давлати Сафавиҳо дар Эрон ва давлати Шайбониҳо дар Мовароуннаҳр ва ихтилофи шадиди сиёсиву мазҳабии онҳо ин адабиёти ягонаву якпорча ба шохаҳо тақсим шуд.1 Дар радифи марказҳои қадимии адабӣ амсоли Бухорову Самарқанд дар шаҳрҳои хурду вилоятҳо низ доираву ҳавзаҳои адабӣ ба вуҷуд омаданд.

Яке аз муҳимтарин ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр, ки дар рушди раванди адабиёти тоҷик таъсир гузоштааст, доираи адабии Ҳисор мебошад. Ҳарчанд таҳқиқи доираи адабии Ҳисор низ мисли таърихи адабиёти асрҳои ХУ1 - Х1Х тоҷик дар қарни ХХ бо “Намунаи адабиёти тоҷик”- и устод Садриддин Айнӣ шурӯъ шудааст, вале он ҳанӯз ба қадри кофӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори шоирони доираи адабии мазкур хидмати шоир Абдусалом Деҳотӣ, ки дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” дар бораи аҳволу осори Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ ва Бобо Ирсии Ҳисорӣ сухан рондааст ва ба хусус ду донишманди маъруфи тоҷик А. Мухторов ва А. Ҳабибов хеле назарррас мебошад. Агар А. Мухторов бештар ба баррасии масъалаҳои таъриху фарҳанг машғул гардида, зимнан ба осори шоирони ин маҳал таваҷҷӯҳ зоҳир карда бошад, пас А. Ҳабибов дар тӯли солиёни зиёд осори парешони шоирони ин доираро аз баёзу тазкираҳо ва дигар манобеи адабиву таърихии маҳфуз дар китобхонаҳои мухталифи олам ҷамъ оварда, бо шарҳи ҳолашон дар маҷмӯаҳои “Мероси адабии шоирони Ҳисор”, “Аз ганҷинаи адабии Ҳисор” ба табъ расондааст ва дар рисолаи “Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ” ва мақолаҳои зиёд мавриди баррасӣ қарор додааст.2 Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ӯ ба намояндаи барҷастаи доираи адабии Ҳисор дар қарни Х1Х Карим- Девона, ки Ҳабибулло Назаров бо талошу заҳматҳои зиёд осори парешони ӯро ҷамъ оварда, нашр намудааст, таваҷҷӯҳе зоҳир накардааст. Ҳамчунин ҳанӯз ному осори шоирони зиёди ин водӣ ба хусус намояндагони қарнҳои ХУ1 - ХУ11 кашф нашудаанд. Аз ин рӯ ҷамъоварии осори онон аз тазкираҳову таърихномаҳо ва таҳлилу таҳқиқи муҳтаво ва зебошинохтии онҳо зарур мебошад. Зеро тавре ки А. Ҳабибов дуруст таъкид кардааст, “адабиёти тоҷикро бе тадқиқи доираҳои гуногуни адабӣ, махсусан бе тадқиқи доираи адабии Ҳисор тасаввур намудан маҳол аст”.3 Дар ин мақола саъй

мешавад бар мабнои маводи ҷамъоварӣ шуда, баъзе ҷанбаҳо ва вежагиҳои доираи адабии мазкур мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ҳисор сарзамини бостониест, ки дар чаҳорроҳи Ҷодаи Абрешим қарор гирифта, аз замонҳои қадим яке аз марокизи муҳими иқтисодиву тиҷоратӣ, ҳунармандиву фарҳангии Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд.4 Шаҳри Ҳисор ва навоҳии атрофи он дар қарнҳои ХУ1 - Х1Х ҳарчанд дар тобеъияти аморати Бухоро буд, вале дарвоқеъ кишвари мустақил ба шумор мерафт.“Барои Бухоро мулки Ҳисор мақоми хоса дошт. Бинобар он амир Музаффар(1860 - 1885) писараш Абдулмӯъминро ҳокими Ҳисор таъин кард…Абдулаҳадхон(1885 - 1910) бародарашро аз ҳукумати Ҳисор азл намуда, ба ҷои ӯ Остонақул қушбегиро ҳоким таъин намуд.”5 Ҳамчунин А.Мухторов таъкид мекунад, ки “дар ҳамаи асрҳо мулки Ҳисор дар мадди назари подшоҳони Ҳироту Балх, Бухорову Самарқанд ва дигар ҳамсоягонаш буд.”6 Ҳисор бо муассисоти фарҳангӣ ва аҳли илму адаби худ низ шӯҳрат дошт. Тавре ки дар “Таърихи Ҳумоюн”-и Муҳаммадсиддиқи Гулшанӣ омадааст, “аҳли илм ва талабаи ин вилоят бисёр фаровон аст, мутаҷовиз аз 10 ҳазор нафар талаба мавҷуд аст.”7 На танҳо дар шаҳри Ҳисор, балки дар Қаратоғу Деҳнав ва шаҳраку навоҳии дигар низ мактабу мадрасаҳо вуҷуд доштаанд. Тавре ки А.Мухторов ба субут расондааст, дар миёни ҳокимони Ҳисор ашхоси илму адабдӯст низ буданд, ки дар рушди фарҳанги кишвар саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла Мутрибӣ дар бораи ҳокими Ҳисор Ҳошим Султон навиштааст: ”Чунин гӯянд, ки шоҳзодаи мазкур бағоят муҳибби фузало ва шуаро буда…умарои соҳибфазлро бағоят дӯст медошта ва риоятҳои хуб менамуда.”8 Ҳокими дигаре, ки дар ободонии кишвар ва пешрафти илму адаб талоши зиёд ба харҷ додааст, Остонақул қушбегӣ аст. Ӯ дар тӯли беш аз 20 соли ҳукмрониаш 7 маротиба ба Русия сафар карда, бо Аҳмади Дониш дар аксар маворид ҳамандеша будааст. Роҷеъ ба илму адабдӯстӣ ва хислатҳои ҳамидаи ӯ дар манобеъ сухан рафтааст. Аз ҷумла

Мирзо Азими Сомӣ дар тавсифи ӯ дар “Таърихи амирони манғития” навиштааст: “Марди карулуннафс, соҳиби хайроту мубаррот буда, мардуми бисёр аз ин диёр ва дигар амсор аз осори эҳсон ва карами ӯ баҳраманд мебуданд.”9 Сомӣ дар асари дигари худ “Миръотулхаёл” дар бораи ҳокими Ҳисор Мир Яъқуби Кибор сухан ронда, ба шоирон таваҷҷӯҳи зиёд доштани ӯ ва барпо кардани маросимеро таҳти унвони “сайри китоб” ёдовар шудааст. Ҳокими маъруфи Ҳисор Абдулкаримхон низ ба шоирон таваҷҷӯҳи зиёд доштааст ва беваҷҳ нест, ки Парии Ҳисорӣ “Зафарнома” ва Мавзун “Маснавӣ”-и худро ба ӯ эҳдо намудаанд. Аз ҷумла Мавзун дар зимни мадҳи ӯ маҳз ба таваҷҷӯҳаш ба аҳли илму адаб ишора кардааст:

Ба аҳди ин амири соҳибэҳсон,
Ки ҳаст номи хушаш Абдулкаримхон...
Ба аҳли фазл эҳсонаш касир аст,
Ба ҳар бечора доим дастгир аст.10

Чанде аз ҳокимони Ҳисор амсоли Ҳошим Султон, Абдол Султон, Султоншоҳ Мирзо дорои табъи шоирӣ буда, намунаҳои ашъорашон дар манобеъ мавҷуд аст. Ин омилҳо бешак барои ташаккулу пешрафти ҳавзаи адабии Ҳисор мусоидат намудаанд. А. Мухторов дар мақолаи “Аҳли илму маърифати Ҳисор” дар бораи як гурӯҳ донишмандону хаттотон ва аҳли маърифати он маълумот дода, таъкид менамояд, ки мутаасифона, аксари осори онҳо боқӣ намондааст. Аз адибони асрҳои ХУ1 - ХУ11 низ ному осори хеле кам то ба мо расидааст. А. Ҳабибов аз рӯи маълумоти тазкираҳо шарҳи ҳоли мухтасари чанде аз шоирони ин давраро оварда, вазъи ҳаёти адабиро чунин ба қалам додааст: “…Дар асрҳои ХУ1 ва ХУ11 дар Ҳисор доираи адабии хеле бақуввате вуҷуд доштааст. Вале пас аз забт шудани Мовароуннаҳр аз тарафи Абдуллохони Шайбонӣ зулму кушокушӣ дар тамоми Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Ҳисор хеле авҷ гирифта буд, ки шоирон шароити мусоид ба кори эҷодӣ ёфта наметавонистанд, бештари онҳо роҳи ҳиҷрат ба

Ҳиндустонро пеш гирифтанд”.11 Дар ҳақиқат, чунонки баъдтар дар мавридаш низ хоҳем дид, Ҳисор бо Бухоро, Ҳирот, Ҳиндустон ва шаҳру кишварҳои дигар робитаи қавии адабӣ доштааст. А Мухторов аз асарҳои Мутрибӣ роҷеъ ба 5 шоири ҳисорӣ дар қарни ХУ1 маълумот ба даст овардааст, ки 2 нафарашон (Мулло Ҳисорӣ ва Ғаюрии Ҳисорӣ) ба Ҳинд, як нафар(Ҳуҷумии Ҳисорӣ) ба Бухоро ва як нафар(Муштоқи Ҳисорӣ) ба Балх рафта зиндагӣ кардаанд. Шояд аксари шоирони мазкур барои беҳтар намудани вазъи моддии зиндагӣ сафар карда бошанд. Вале омили дигари сафари онҳо пайдо кардани муштарии шеър ва нишон додани маҳорати шоирӣ ва ба даст овардани мақому шӯҳрат ҳам будааст. Дар ин бора худи Мулло Ҳисорӣ навиштааст:

Муфлис ба мулки Ҳинд пайи иззу ҷоҳ рафт,
Охир зи мулки Ҳинд ба рӯзи сиёҳ рафт.12

Дар қарнҳои ХУ11 - Х1Х низ шоирони зиёде бо сабабҳои гуногун ватани худ Ҳисорро тарк намуда, ба шаҳру кишварҳои дигар, ба хусус Ҳиндустон сафар кардаанд. Аз ҷумла шоири асри ХУ11 Хиргоҳии Ҳисорӣ пас аз пайдо кардани шӯҳрати шоирӣ ба Балх рафта, сипас ба Марғелону Кеш сафар кардааст. Ниҳоят ӯ ба Ҳиндустон рафта, дар дарбори Акбар соҳиби мансабу эътибор гардидааст. Тавре ки дар “Тазкираи Мутрибӣ” омадааст, Хиргоҳӣ ҳанӯз ҳангоми дар Мовароуннаҳр буданаш бо шоирони Эрон Валии Даштибаёзӣ ва Мӯҳташами Кошонӣ мукотиба дошта, рубоии онҳоро ҷавоб гуфтааст. Музмар ба иллати ранҷише зодгоҳашро тарк намуда, ба Хуқанд рафта дар дарбори Умархон хидмат кардааст. Дар ин бора Фазлии Намангонӣ дар тазкираи манзуми худ навиштаст :

Бувад Музмар аз хоки мулки Ҳисор,
Рамида дили ӯ зи ёру диёр.13

Шоири ҳисорӣ Банда барои таҳсил ба Бухоро рафта, сипас соҳиби мансабҳои баланди мударрис, муфтӣ, қозӣ шуда, то поёни умр дар ҳамон ҷо зиндагӣ кардааст. Розии Ҳисорӣ низ бо ҳадафи идомаи таҳсил ба Бухоро сафар намуда, аз он ҷо ба Ургут рафта сукунат ихтиёр кардааст.Ин ҳолат дар асрҳои баъд низ то ибтидои қарни XX идома доштааст.

А. Ҳабибов дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои зиёд дар китобхонаҳои гуногун аз баёзу тазкираҳо ва манобеи дигари хаттӣ ба дарёфти иттиллот роҷеъ ба аҳволи 30 тан аз шоирони қуруни ХУ11 - Х1Х муваффақ шуда, намунаҳои осори онҳоро ҷамъ овардааст, ки дар маҷмӯаҳои “Мероси адабии шоирони Ҳисор” ва “Аз ганҷинаи адабии Ҳисор” ба табъ расидаанд. Агар аз баъзе шоирон амсоли Хатиб, Ғамгин, Холӣ, Бисмил, Ушшоқ, Ғарибӣ, Туфайлӣ, Хуррамӣ, Ғайюрӣ, Хоксорӣ фақат чанд пораи пароканда боқӣ монда бошад, хушбахтона, аз Фориғи Ҳисорӣ Девоне, ки бо қалами худаш китобат шудааст, аз Мавзун маснавии ӯ ба таври мукаммал, аз Ҳасрат, Ирсӣ, Мирзо Бобо, Ҷазбӣ намунаҳои бештари назму насрашон дар дастрас аст. Дар асоси маводи мазкур метавон масоили гуногуни адабиёти ҳавзаи Ҳисорро ба хусус дар қарнҳои ХУ11 - Х1Х мавриди баррасӣ қарор дод.

Тавре ки зикр шуд, тарки ватан кардани шоирон, ки пеш аз ҳама ба вазъи ногувори рӯзгори онҳо марбут аст, дар Мовароуннаҳр дар ин давра хеле маъмул буд. Аз ин ҷост, ки дар осори боқимондаи шоирони доираи адабии Ҳисор тасвири вазъи бади зиндагии мардум, нодориву қашшоқии онҳо бештар ба назар мерасад. Ин мавзӯъ, ба хусус дар осори Ҳасрати Ҳисорӣ, ки нисбат ба ашъори шоирони дигар бештар то ба мо расидааст ва беш аз 1100 байтро дар бар мегирад, ҷойгоҳи хос дорад. Ҳатто тахаллуси шоир Ҳасрат ҳам бозгӯи вазъи моддиву равонии ӯ мебошад. Дар

ғазали зери ӯ ғаму андӯҳ аз вазъи ногувори зиндагии мардум хеле муассир ба қалам омадааст :

Ба шоми бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад ?
Ба ғайр аз дард ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад ?
Ба ҷуз ашк аз ҷабинам гарди мазлумӣ кӣ мешӯяд ?
Ба ҷуз хуноби ҳасрат чашми гирёнро кӣ мепурсад ?
Сипоҳи лашкари андӯҳ бар ҷонам шабохун зад,
Дар ин ғорат парешонрӯзгоронро кӣ мепурсад ?
Фитода дар таҳи девори Ҳасрат мо ғарибонем,
Ғарибу хоксору хонавайронро кӣ мепурсад ? 14

Ирсӣ низ аз вазъи бади зиндагӣ, бенавоиву қашшоқӣ шикоят мекунад ва ба хусус дучори ранҷу азоб гардидани одамони хубро таъкид менамояд :

Намедонам чӣ созам дар ҷаҳон бо доғи нобудӣ,
Илоҳӣ, гум шавад дар ҳар ду олам номи нобудӣ…
Чу хубони ҷаҳонро бин дар ин (дунёи) дунпарвар,
Лагадкӯби ҷаҳону хору зор аз номи нобудӣ.15

Дар ғазали зер Фориғ хориву зорӣ, мусибату бадбахтӣ, ғарибиву дарбадарии худро ба қалам додааст, ки ин, албатта, на танҳо вазъи ӯ, балки ҳоли соири мардуми бенаворо дар он даврон нишон медиҳад :

Ба хокафтодаи хору заифу зор ман бошам,
Ҳақиру бенавову хаставу афгор ман бошам.
Мусибатдидаву мотамкашида, хунидилхӯрда,
Наҳифу кулфатандуду ба меҳнат ёр ман бошам.
Ғарибу дарбадар чун абр орам рӯ ба пастиҳо,
Ба табъи соф чун оина дар зангор ман бошам.

Ба асри тирабахтӣ сояи парвардаи шомам,

Ба ранги чашми анҷум то саҳар бедор ман бошам.
Чу гандум синачокам з-осиёи чархи дунпарвар,

Зи аҳди Одам аз ҷаннат бурун ночор ман бошам…16

Шоирони мазкур сабаби бадбахтиву мусибати рӯзгорашонро асосан аз ҷабри гардун медонистанд. Аз ҷумла Ҳасрат мегӯяд :

Аз ҷабри гардун в-аз зулми даврон

Афтода бар сар рӯзи сиёҳе.17

Рӯзи сиёҳи мардуми қашшоқу бенаво дар ашъори боқимондаи шоири поёни қарни Х1Х ва ибтидои қарни ХХ Карим-Девона, ки бо кӯшишу заҳматҳои Ҳ. Назаров ҷамъоварӣ шудааст, ба таври хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Ӯ вазъи воқеии рӯзгори худро ба қалам дода, бехонаву дар, бекасу танҳо буданашро таъкид менамояд :

Рӯзи сиёҳе бар сарам,

Умре гадои ҳар дарам.
Сад арза дорам дар бағал,

Бо кӣ диҳам, бо кӣ барам ?…
Номам Карим-Девона шуд,
Бахти бадам ҳамхона шуд,

Ҷову макон монанди чуғз

Дар ҳар ҷару вайрона шуд…18

Дар шеъри дигар бар асари қаҳтиву гуруснагӣ хонаҳоро тарк карда, ба ҷустуҷӯи гиёҳи тактак рафтани мардум ва аз хӯрдани он бемор шуданашон тасвир шудааст, ки хеле риққатовар аст. Карим-Девона низ дар аввал ин ҳама вазъи ногувору зулму ситамро мисли шоирони дигар аз фалаку тақдир медонист :

Надонам, эй фалак, аз чӣ сабаб дорӣ ба мо кина,
Задӣ ту беҳаё моро ҳазорон хор дар сина.
Зи ту ҷабру зи ту зулму зи ту макру зи ту тазвир,
Ба сад найранг андохтӣ ба дасту пои мо занҷир.

- х -

Ҳар куҷо бечора мазлум нолаҳои зор кард,
Ҳолати дигар набудаш, такя бар девор кард.
Дар ҷаҳон зулму ситамро Ҳақ ба моён ёр кард,
Ман зи дасти ин фалак дорам шикоятҳо ҳазор. 19

Аз мутолиаи шеърҳои дар ибтидои қарни XX офаридаи Карим Девона пайдост, ки дар ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии ӯ таҳаввулоту тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст. Ӯ акнун дарк менамояд, ки сабабгори бадбахтии мардум пеш аз ҳама золимони давр мебошанд. Дар марсияи Абдулмаҷид аз забони ӯ сабабгори зулму ситамро чунин ба қалам додааст:

Дареғо, вой бар умрам, ки бо дарду алам бигзашт,
Шабу рӯзи сиёҳи ман ба сад коҳишу ғам бигзашт.
Зи дасти золимони давр ба ман ҷабру ситам бигзашт,
Бизад бар синаам ханҷар, зи дилу ҷигарам бигзашт,
Ки ман кардам аз ин олам ба онаш ихтиёр имрӯз.20

Дар шеъри ба зилзилаи Қаратоғ ихтисос додаи шоир, ки соли 1907 гуфта шудааст, ба баҳонаи ин зилзилаи мудҳиш фисқу фасод, зулму ситам ва кирдори ношоистаи сарватмандону ҳокимон фош гардида, вуқуи ин ҳодисаи мудҳиш ҳам ба фасодии ахлоқии онҳо марбут дониста мешавад :

Аҳли фақр доим ба меҳнат кард иморатҳо бино,
Ҳокимони мулк ҳастанд фосиқу аҳли зино,
Нест адл бар ҳокиму бо қозиаш шарму ҳаё,
Эй Худоё, золимон гарданд гирифтори бало.

Баъзе онҳо хӯрд арақ, бар даст гирифт ҷоми шароб,

Банд гардид кӯчаҳо аз касрати бангу шароб.
Шайху муллою сипоҳ ин мулкро карданд хароб,
Во дареғ, шаҳри Қаратоғ сарбасар гардид хароб…

Золимон аз ранҷи мазлум молу сим оранд ба каф,
Монда зор амбори гандум, бедаву коҳу алаф.
Раҳм аз доро бирафту ҷумла дилозор шуд,
З-ин сабаб ҳам аз раиси мо Худо безор шуд. 21

Дар силсилаи ашъори мазкур шоир шӯриши Ҳисорро ба қалам дода, амалдорони мулкро бо зикри ному мансабашон бо алфози қабеҳу дурушт танқиду мазаммат менамояд ва онҳоро ҳатто ба ҳайвонот монанд мекунад:

Баҳри қатли камбағалҳо рӯй оварданд ба ҷанг,
Бузи кӯтур муфтию қозикалон рӯбоҳи ланг.
- х -
Он Расул Чақир ба қушуни Язид сардор шуд,
Мӯъмину бохайр буд, акнун саги мурдор шуд…

Ниҳоят Карим-Девона ба натиҷае мерасад, ки сабабгори асосии ҳамаи бадбахтиҳои мардум ва харобии кишвар худи шоҳ аст. Дар зимни шеъре, ки харобии дашти Боботонро тасвир мекунад, шоир ошкоро алайҳи шоҳ ситез намуда, ӯро ба айшпарастӣ ва бехабарӣ аз ҳоли мардуму кишвар айбдор мекунад ва фитнагар меномад :

Бо ту мегӯям, шунав, эй подшоҳи фитнагар,
То ба кай сармасти айшастӣ зи дунё бехабар !23

Ӯ дар ғазали дигар шоҳро мухотаб қарор дода, ногузир будани вожгунии ҳукумати вай ва соҳиби давлат шудани бенавоёнро пешгӯӣ мекунад :

Ин ҳама зулматсарои ту шавад охир хароб,
Ваҳшати сели бало аз оби чашмони ман аст…

Давр меронӣ адӯ, имрӯз даврони ту аст,
Мешавад фардо, бидон, фардош даврони ман аст.
Тиру тӯпу лашкару зиндон дорӣ, подшоҳ,
Оҳи сӯзон, ашки резон тиру пайкони ман аст. 24

Пай бурдан душвор нест, ки ҳодисаҳои муҳимми сиёсие, ки дар ибтидои қарни XX бар асари Инқилоби аввали рус дар Мовароуннаҳр ба вуқуъ пайвастанд, ба шоир асар гузоштаанд. Чунонки Ҳ. Назаров гувоҳӣ медиҳад, “Карим-Девона бо маорифпарварони давраи худ, бо одамони пешқадами(пешрави) водии Вахш ва Ҳисор алоқаи зич(робитаи танготанг) доштааст.” 25

Натиҷаи ҳамин аст, ки ҷаҳонбинии Карим- Девона хеле васеъ шуда, ӯ ба ҳодисаҳои табииву иҷтимоӣ бо диди тоза менигарад ва онҳоро ба манфиати мардум арзёбӣ менамояд. Дар силсилашеърҳои “Шӯриши Ҳисор”, ки дарвоқеъ қуллаи баланди осори шоир аст, пеш аз ҳама вазъи ошуфтаву нooромии кишвар дар ибтидои қарни XX тасвир шудааст. Пас аз зилзилаи даҳшатангез, ки боиси ҳалокати ҳазорҳо мардуми бегуноҳ ва харобии чандин шаҳру деҳот гардид, аҳволи мардум хеле бад шуд. Вале шоҳу ҳоким ва амалдорон барои ободонии кишвар ва беҳтар намудани вазъи мардум тадбире намеандишиданд. Аз ин ҷост, ки дар саросари Ҳисор алайҳи сарватмандону амалдорон шӯриш ба амал омад. Сабаби сар задани шӯришро шоир чунин ба қалам додааст :

Шаҳаншоҳе, ки лоиқ нест номаш, мурданаш матлаб,
Шудаст ғозӣ амир Абдулаҳадхон соҳиби мансаб.

Замин дар ларза омад чил шабу чил рӯз пайваста,
Ба шаҳр не коху айвон монд, не дукону не раста.
Ба дарбораш равад соил, бигӯянд мир дар хоб аст.

Ба пеши қозӣ ояд, ноибон гӯянд: “Бетоб аст.”

Дилам аз бетамизиҳояшон як кӯза зардоб аст,
Қасам, билло, раису миру қозӣ мурданибоб аст.

Куҷо шуд муфтӣ Қурбону чӣ шуд фатвову девонаш,
Куҷо шуд хирмани кӯкнорашу хирвори афюнаш ?

Низомиддин мирохур ку ? Канӣ он базму давронаш ?
Аҷал бигрифтааст имрӯз аз ҷайби гиребонаш.

Ба ҷои ошу нон онҳо шаробу бӯза мехӯрданд,
Ба нимрӯзӣ кабобу шаккару самбӯса мехӯрданд.

Аз ин боис ғазаб аввал ба ҷамъи ҳокимон омад,
Ба онҳо марги нимрӯзӣ ба ҷои ошу нон омад…26

Дар шеъри мазкур ғазабу эътирози мардум ба шоҳу амалдорон, ки боиси бадбахтии мардум буданд, ба таври мушаххас ва муассир баён шудааст. Дар ин шеър рӯҳияву неруи инқилобии мардум ба қалам омадааст. Инро тасвири ҷанг ҳам ба субут мерасонад. Тавре ки маълум аст, шуришро сипоҳиёни мусаллаҳи амир хомӯш намуданд. Вале дар шеър ғалабаи мардум бар золимон тасвир шуда, он рӯҳияи некбинона дорад, ки аз байтҳои зерин ҳам инро пай бурдан душвор нест :

Золимонро ман чӣ гӯям, ҳам Худо зад, ҳам фалак,
Мурдаи золим фитод дар кӯчаҳо монанди саг…
Аҳли золим чанг зад бар оташи нори ҷаҳим,
Буд Қосимхӯҷа нарсаг, ҳам девонбегӣ Насим…27

Силсилаи “Шӯриши Ҳисор” и Карим-Девонаро, ки аз шеърҳои “Зилзилаи Қаратоғ”, “Баъд аз зилзилаи Қаратоғ”, “Қатл дар Душанбе” ва “Табли ҷанг” иборат аст, метавон аз аввалин

шеърҳои инқилобии на танҳо ҳавзаи адабии Ҳисор, балки умуман адабиёти тоҷик маҳсуб донист.

Дар осори шоирони Ҳисор мавзӯи ғарибӣ ҷойгоҳи хос дошта, нисбат ба осори шоирони қарнҳои пешин бештар ва муассиртар ба назар мерасад, ки беваҷҳ нест. Ин бешак ба вазъи зиндагии мардум ва ба хусус аҳли илму адаб иртиботи қавӣ дорад. Зеро, тавре ки қаблан зикр шуд, ба иллати бадии вазъи рӯзгор, набудани маҳалли хуби кор ва сарпарасту муштарии шеър онҳо маҷбур буданд, ки ватанро т арк намуда, барои ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба шаҳру кишварҳои дигар сафар кунанд.

Дар осори боқимондаи Ҷазбӣ ғазалҳое ба назар мерасанд, ки саросар шикоят аз ғурбату ҷудоиро дар бар мегиранд. Шоир дар ғазали зер ғаму дарди ғарибӣ ва ранҷу азоби ғарибонро ба таври хеле муассир ба қалам дода, ба ҳамватанонаш хитоб менамояд, ки ҳеч гоҳ ватанро тарк насозанд :

Зи ғурбатам ба ватан орзуи бисёр аст,
Дили аламзадаи ман зи ҳаҷр афгор аст.
Зи ғусса шуд ҷигарам пора-пора ҳамчун гул,
Ки хуни дидаи ман сурх чун гули нор аст.
Касе, ки пой бурун мениҳад зи кишвари хеш,
Агарчи Юсуфи Мисрӣ бувад, дар озор аст .
Ғариб ба масал тоҷи зар ниҳад бар сар,
Вале чӣ суд ба зиндони ғам гирифтор аст…
Марав ба ғурбату айши ватан ғанимат дон,
Асири кишвари ғурбат ҳамеша бемор аст.
Ба ҳоли зори ғарибон агар назар созӣ,
Ки ранги чеҳраашон зард чун гули хор аст.
Қадам бурун манеҳ аз кулбаи ватан, Ҷазбӣ,
Ки доғи меҳнати ҳиҷрон зи марг душвор аст. 28

Дар ғазалҳои Ҳасрат низ бештар лаҳзаҳои ғурбату ҷудоӣ ба қалам омадааст. Аз мақтаи зери яке аз ғазалҳои шоир пай бурдан душвор нест, ки он дар ҳоли ғарибӣ офарида шудааст, зеро ҳолу рӯҳияи ғарибро ба таври муҷаз таҷассум менамояд :

Ранги ҳасрат, бӯи кулфат, хоки ғурбат, гарди ғам,
Ин ҳама аз дурии нақши кафи пои туам. 29

Ғурбату ҷудоӣ аз диёр эҳсоси ватандӯстии шоиронро афзун намуда, боиси суруда шудани як идда ашъори ватандӯстӣ гардид. Ҷазбӣ дар ғазали зер меҳру муҳаббати зиёдашро ба ватан иброз намуда, дурӣ аз ватанро ба ҳеч кас орзу намекунад. Ватан барои шоир аз ҳама чиз азизу муътабар аст:

Дар дил маро ҳавои ватан ҷо гирифтааст,
Чун булбуле, ки домани саҳро гирифтааст.
Ҳаргиз мабод ҳеч касе дур аз ватан,
Юсуф чӣ ҳаз зи мисри Зулайхо гирифтааст ?
Боду ҳавои хоки ватан мекунад ҳанӯз
Бо он макон, ки ҳазрати Исо гирифтааст.
Айши ватан зи салтанати Ҷам бартар аст,
Хуш он касе, ки хӯй ба як ҷо гирифтааст…30

Ашъори Карим Девона низ саршори эҳсоси ватандӯстӣ мебошад. Барои ӯ меҳри ватан аз ҳама авлотар аст. Бо он ки шоир дар ватан бо хориву зорӣ ва ранҷу азоб умр ба сар мебарад, онро хеле дӯст медорад ва дурӣ аз ватан барояш ниҳоят душвор аст :

Ҳамон рӯзе, ки аз мулки ватан дурам, беморам,
Наосудам ба як манзил, ба ҷунбиш ҳаст рафторам.31

Дар осори боқимондаи шоирони ҳавзаи Ҳисор бозтоби мавзӯъ ва масоили мухталифи иҷтимоиву ахлоқӣ амсоли шикоят аз замону фалак, шикоят аз беқадрии илму ҳунар, шикоят аз зулму ситами қишри ҳукмрони ҷомеа, инъикоси воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии давр, ҳаҷву танқиди амалдорону зоҳидони риёкор, панду насиҳат, мадҳу фахрия, тасвири табиат, масъалаҳои ишқу ошиқӣ ва ҳоказо низ ба назар мерасад, ки дар ин бора А. Ҳабибов дар асари худ “Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ” таваққуф намуда, аз шоирони Ҳисор низ баъзе намунаҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ин рӯ аз таҳлили масоили мазкур худдорӣ намуда, танҳо ин нуктаро ёдрас менамоем, ки мавзӯоти ашъори шуарои ҳавзаи Ҳисор бо масоили фавқ маҳдуд намешавад. Тавре ки зикр шуд, адабиёт дар ин давра ба рӯзгори мардум хеле наздик гардид ва дарвоқеъ ба оинаи ҳаёти мардум табдил ёфт. Аз ин ҷост, ки дар осори шоирон тасвири ҳар гуна ҳодисаву ашёъеро, ки дар гузашта дар шеър, ба хусус ғазал ноҷоиз буд, метавон мушоҳида кард. Масалан, дар ғазалиёти Ҷазбӣ аз наъти Худо(Рӯзу шаб вирди забон номи Худо бошад маро, Мӯниси ҷон ҳар нафас ҳамду сано бошад маро) ва пайғамбар(Дар дил маро ҳамеша хаёли Муҳаммад аст, Ҷонро ҳавои базми висоли Муҳаммад аст) шуруъ намуда, то васфи баҳор(Омад баҳору фасли гулу лолазор шуд, Аз бӯйи гул тамоми ҷаҳон мушкбор шуд), сӯгвории яке аз наздикон(Як гуле аз гулшани боғи ҷаҳон гум кардаам, Булбули мастам, ки роҳи бӯстон гум кардаам), панду насиҳат(Ҳайфи умри ту, ки бе ёди Худо мебошӣ, Рӯзу шаб дар пайи ин нафсу ҳаво мебошӣ) ва амсоли инҳо ба назар мерасад.

Тасвири ҳодисаву воқеаҳо ва ашхосу ашёъи мушаххас дар осори шоирони Ҳисор хеле зиёд аст. Масалан, зилзилаи Қаратоғ, ки 14 рамазони соли 1325/ 8 октябри соли 1907 ба вуқуъ пайваст ва боиси ҳалокати беш аз 15 ҳазор нафар гардид, дар ашъори шоирон бо ҷузъиёташ бозтоб ёфтааст. Шоир Хатиб ин ҳодисаи мудҳишро чунин ба қалам додааст :

Замин дар ларза омад чил шабу чил рӯз пайваста,
Ба шаҳр не коху айвон монд, не дукону не раста.
На масҷид монду не саҳлу не пештоқу не васса,
Халоиқ беадад мурданд аз ин асрори сарбаста… 32

Тавре ки дар фавқ зикр шуд, зилзилаи Қаратоғро Карим-Девона низ хеле батафсил тасвир намудааст. Ӯ ҳамчунин зилзилаи Андиҷонро бо баъзе ҷузъиёт ба қалам дода, зимнан ба оқибати он, аз ҷумла арқоми кушташудагон(4558 нафар), нобуд гаштани амвол ба мабдағи нӯҳ миллиону панҷ лак сум, фавти 6000 ҳайвон ва ҳоказо ишора намудааст.Тасвири мушаххас дар шеърҳои дигари Карим-Девона низ ба назар мерасад. Масалан, дар шеъри "Тӯй дар Қарасирт" номи ҳафт шахс зикр ёфтааст. Дар шеъри "Муллоҳои фиребгар"шахсони воқеӣ бо зикри номашон(Мулло Сафар, Маҳмадалии Ашқар, Мулло Имом) мавриди мазаммат қарор гирифтаанд. Ин ҳама аз қавӣ шудани тамоюли воқеъгароиву ҳақиқатбаёнӣ дар осори шоирони ин давра гувоҳӣ медиҳад. Роҷеъ ба сабк ва анвои шеъри осори шоирони ҳавзаи адабии Ҳисор низ дар зимни асари А. Ҳабибов "Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ" сухан рафтааст. Аз ин рӯ ҳоло танҳо ба баъзе ҷанбаҳои муҳимми масъала ишора хоҳад шуд. А. Ҳабибов ба таври хеле мухтасар анвои шеъри шоиронро баррасӣ намуда, идома ёфтани суннатҳои адабии гузаштаро дар ҳамаи онҳо таъкид кардааст, ки ба назари мо чандон саҳеҳ нест. Аз ҷумла ӯ дар бораи маснавӣ менависад : "Шоирони давраи зикрёфта на аз рӯи мавзӯъ ва мундариҷа, на аз рӯи шакл дар ин жанри шеърӣ навигариеро надароварда, ба ҳамон мавзӯъҳои анъанавӣ(суннатӣ) ва шакли вуҷуддоштааш онро давом додаанд."33 Тавре ки дар мавридаш хоҳем дид, шоирони Ҳисор мисли Мавзун ва Мискин тавонистаанд ба ин навъи шеър мавзӯъҳои нави маҳаллиро дохил намоянд.

Дар осори шоирони ҳавзаи адабии Ҳисор ғазал мавқеи асосӣ дошта, на танҳо ҷои қасидаро гирифт, балки мавзӯоти онро низ соҳиб гардид. Дар ғазалҳои ин давра дар радифи ишқ, ки мавзӯи аслии ин навъи шеър дар ҳамаи давру замонҳост, мавзӯъҳои мадҳу ситоиш, марсияву панду насиҳат ва дигар масоили зиндагӣ баён шудаанд. Аксари ғазалҳои ин ҳавза хеле соддаву равон буда, баъзан ба сурудҳои мардумӣ шабеҳанд. Вале дар осори баъзе шоирон ғазалҳое ба назар мерасанд, ки дар пайравии сабки ҳиндӣ офарида шудаанд.

Навъи дигаре, ки бештар ривоҷ пайдо кардааст, мухаммас мебошад. Ривоҷи ин навъи шеър дар осори шоирони Ҳисор бесабаб нест, зеро онҳо бештар ба шоирони асрҳои пешин таваҷҷӯҳ доштанд. Агар гурӯҳе сабки Саъдиву Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизу Ҷомиро пайравӣ карда бошанд, гурӯҳи дигар ба Соибу Бедил, Калиму Урфӣ ва соири шоирони пайрави сабки ҳиндӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба ғазалҳои онҳо мухаммас бастаанд. Ҳамчунин Ҳасрат, Парӣ, Ирсӣ, Фориғ, Карим-Девона ва амоли онҳо мухаммасҳои мустақил офаридаанд. Аз ҷумла аз Ҳасрат 21 мухаммас боқӣ мондааст, ки 13-тои онҳо аз худи ӯст.

Маснавӣ низ дар осори шоирони Ҳисор ривоҷ даштааст. Ҳарчанд аз ин навъи шеър намунаҳои зиёд боқӣ намондаанд, вале аз чанд намунаи то имрӯз расида, танаввуъи онро пай бурдан душвор нест. Масалан, маснавии “Зафарнома”-и Парии Ҳисорӣ маснавии ҳамосии таърихӣ буда, дар пайравии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ навишта шудааст ва тасвири ҳодисаи таърихии аз тарафи ҳокими Ҳисор Абдулкаримбӣ барои ба аморати Бухоро тобеъ кардани шоҳи Дарвозу Рашт ҷангидану зафар кардани ӯро дар бар мегирад. Дар “Маснавии Мавзун” низ таъсири “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ эҳсос мешавад. Вале он ба мавзӯи маҳаллӣ

ихтисос дода шудааст. Маснавии “Раъно ва Сухангул”-и Фавқии Ҳисорӣ намунаи маснавиҳои ишқии он ҳавза мебошад.

Дар осори шоирони ҳавзаи Ҳисор ҳамчунин аз навъҳои қитъа, рубоӣ, мустазод, тарҷеъбанду таркиббанд намунаҳои хеле кам боқӣ мондаанд, ки ба эҳтимоли қавӣ онҳо чандон ривоҷ надоштаанд. А. Ҳабибов пайдо нашудани чистону муамморо дар доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ таъкид кардааст. Вале Фазлии Намангонӣ ба устоди муаммогӯӣ будани Музмари Ҳисорӣ ишора кардааст. Ин далели он аст, ки аз осори ғании шоирони доираҳои адабии мазкур намунаҳои хеле кам боқӣ мондаанд.

Навъи тозаи адабие, ки дар ҳавзаи адабии Ҳисор арзи вуҷуд кардааст, титол мебошад, ки намунаи барҷастаи он дар осори Ҳасрати Ҳисорӣ ба назар мерасад. Дар бораи ин навъи адабӣ бори аввал А. Ҳабибов дар асарҳои худ таваққуф намуда, хусусиятҳои онро муайян кардааст ва аз осори шифоҳии мардум ба адабиёти китобӣ аз тарафи Ҳасрат ворид гардидани онро ҳадс задааст. Маънои луғавии вожаи “титол” дар “Фарҳанги форсӣ”-и Муҳаммад Муин фиреб, макр, чоплусӣ, тамаллуқ шарҳ ёфтааст. Титол ҳамчун навъи адабӣ аз нақл ё ҳикояти дорои суханони берабту бемантиқ иборат аст, ки бо ҳадафи ҳазлу мутояба ва хандонидани одамон гуфта мешавад. Ду титоле, ки аз Ҳасрат боқӣ мондаанд, ба ҳамин тариқ офарида шудаанд. Титоли аввал бо ҷумлаҳои зер оғоз меёбад, ки саросар аз ибораҳои бемаънӣ иборатанд : “Рӯзе аз рӯзҳо бар сари саросемаи ман ҳавои соятарошӣ афтод ва рӯй ба кӯчаи Чалпакдӯзон ниҳодам. Дидам пиразане пундонарише, қатёқипӯше, нимтанаи лоҷураандом чингизхоние дар бар дораду мӯйбофти чӯбине харротӣ бар гӯшаи абру ниҳода ин байт мехонд :

Думи рӯбаҳ пайтобаи мокиён,
Саги лӯкка хар нест дар Систон.

Малах риши гӯсоларо шона зад,
Биғалтид қурбоқа аз нардбон…”

Ниҳоят иҷлоси подшоҳи аср бо “охунди домуллои кулӯлаи манаҳкашол” ва “домулло Лаванди чобуксавол” тасвир мешавад, ки ба назари мо ҳадафи аслии Ҳасрат ҳамин аст. Ин ҷо аз забони охунди кулӯлаи манаҳкашол “дар мадҳи подшоҳ ин абётро адо кард :

Шаҳо, пайтобаи хар бар сарат тоҷи бақо бошад !
Ба поят риши лаклак мӯзаи нашъунамо бошад !
Ба ҳар ҷониб барои баҳри ҷанги душман шавӣ муфсид
(?)
Мададгорат сагу пушту паноҳат гурбаҳо бошад !
Дароӣ гар ба майдони далерон аз пайи шиддат,
Туфангу тирҳо аз пешу маргат аз қафо бошад !
Фитад гар бар сарат мили шикори масҳи ҷамшедӣ,
Самандат бемиёну тозият бедасупо бошад !

Домулло Лаванди чобуксавол низ аз паи ӯ даромада, ин назм дар шаъни подшоҳ адо намуд :

Эй шоҳ, фурӯғи остона хишу биш,
Бар гардани ту канаб фитад ё гардиш !
Умри ту дароз бод ҳамчун думи буз !
Пои ту шикаставу бубинӣ лағжиш !

Ва мани ошуфта низ аз дари боргоҳ даромада, ин назмро адо намудам, ки

Эй шоҳ, фурӯғи давлати ту лаку пак !
Пайваста мададгори ту бошад хару саг !
Ҳар гоҳ шавад гуруснагӣ муставлӣ,
Хӯроки ту бод мушту зарбу калтак !…” 34

Дар абёти фавқ на танҳо танзу танқиди сахти шоҳ ба назар мерасад, балки нафрату адовати зиёд ба ӯ низ эҳсос мешавад. Ҳасрат бо ин равиши ҳазлу мутояба ҳадафи аслии худро, ки танқиду мазаммати шоҳу амалдорон аст, иброз намудааст. Ба ҷуз ду титоли Ҳасрат намунаи дигаре аз ин навъи адабӣ ҳанӯз ба даст наомадааст. Танҳо дар асари шоири поёни қарни Х1Х Шамсиддини Шоҳин “Бадоеъуссаноеъ” тарзи баёни титол ба назар мерасад.

А. Ҳабибов дар бораи сабки шоирони доираҳои мазкури адабӣ таваққуф намуда, мавҷудияти ду сабки адабӣ хуросонӣ( ё ироқӣ) ва омехтаро(хуросонӣ ва ҳиндӣ) таъкид намудааст. Дарвоқеъ дар ашъори шоирони ҳавзаи Ҳисор низ идомаи сабкҳои хуросониву ироқӣ ва ҳиндӣ ба назар мерасад. Вале дар ҳар сурат шоирон саъй кардаанд, ки матлабро ҳар чи соддатар баён намоянд, зеро мухотаби онҳо асосан мардуми бесавод буданд. Аз ин ҷост, ки дар ашъори онҳо суханбозиву лафзпарастӣ, истифодаи санъатҳои лафзиву такаллуфот тақрибан ба назар намерасад. Шоирон бештар санъаҳои маънавӣ амсоли ташбеҳ, истиора, тавсиф, талмеҳ, муболиғаро ба кор бурдаанд. Аз ҷумла Ҳасрат бештар ба санъати тавсиф таваҷҷӯҳ дорад. Тавсифҳои ӯ дар ғазали зер симои маъшуқ ва ҳолат рӯҳии ошиқро хеле хуб бармало месозанд:

Харобам мекунад тарзи нигоҳи ишваолуде,
Қиёматҷилва, раънодомату боғиирамрӯе.
Вафобегона, кофармашрабе, бераҳми хунрезе,
Ситамгар, зулмпарвар, сангдил, бедодгархӯе…35

Фориғи Ҳисорӣ дар истифодаи санъати талмеҳ маҳорати зиёд ба харҷ дода, дар мухаммасе ба 13 ашхоси таърихиву асотирӣ ишора кардааст. Таҳқиқи минбаъдаи сабки осори шоирони ҳавзаи Ҳисор барои таъйини маҳорати суханварии шоирон ва равшан намудани роҳҳои густариши сабки ҳиндӣ мадад мерасонад. Намояндагони ҳавзаи адабии Ҳисор хоҳ дар ватани худ ва хоҳ дар

марказҳои адабии Бухорову Балх, Самарқанду Хуқанд, Ҳинд ва сойири кишварҳо ба офаридани ашъори рангин машғул гардида, дар рушду тавсиаи адабиёти тоҷик саҳми босазо гузоштаанд.

Баррасии мухтасари вазъи ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе вежагиҳои он бори дигар ин нуктаро таъйид мекунад, ки он як ҷузъи таркибии адабиёти тоҷик буда, баррасии амиқу ҳарҷонибааш барои дарку ҳалли масоили зиёди таърихи адабиёт мусоидат хоҳад кард.

## ПАЙНАВИШТ

1 Дар ин бора руҷуъ шавад : یرژی بچکا. ادبیات فا رسی د ر تاجیکستا ن , مترجمان محمود عبادیان , سعید عبانژاد هجران د وست تهران, 1372 , صص. 3-6 ؛ یاد یار مهربان, به کوشش میرزا ملا احمد, تهران,1380, صص.14-15

2 Мероси адабии шоирони Ҳисор(аз нимаи дувуми асри ХУ111 то ибтидои асри ХХ), матни интиқодӣ, муқаддима ва тавзеҳоти Амирбек Ҳабибов, Душанбе, “Дониш”, 1974; А. Ҳабибзода. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор, Душанбе, “Эҳё”, 1995; А. Абибов. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ(асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ), Душанбе, “Дониш”, 1984.

3 Мероси адабии шоирони Ҳисор, с. 11.

4 Роҷеъ ба таърихи Ҳисор дар даврони қадим ва қуруни вусто руҷуъ шавад: Е. Давидович, А.Мухторов. Страницы истории Гиссара, Душанбе, 1969; Аҳрор Мухторов. Ҳисор.Очерки таърихӣ (охири асри ХУ аввали асри ХХ), Душанбе, 1995; Аҳрор Мухторов. Ҳисор.Очерки таърихӣ(охири асри ХУ - аввали асри ХХ), китоби 2,Душанбе, 1999; Аҳрор Мухторов. Ҳокимони Ҳисор, Душанбе, 1996.

5 Аҳрор Мухторов. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр(маҷмӯаи мақолаҳо), Душанбе, 2001, с. 8.

6 Ҳамон, с. 9.

7 Аҳрор Мухторов. Ҳисор, китоби 2, с. 20.

8 Аҳрор Мухторов. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр(маҷмӯаи мақолаҳо), с. 33.

9 Аҳрор Мухторов. Ҳокимони Ҳисор, с. 35.

10 А. Ҳабибзода. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор, Душанбе, 1995, с. 43.

11 Ҳамон, с. 10 - 11.

12 Аҳрор Мухторов. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр(маҷмӯаи мақолаҳо), с. 39.

13 , فضلی نمنگانی. مجموعة الشعرا, تاشکند, 1320, ص.275.

14 Мероси адабии шоирони Ҳисор, с. 33.

15 Ҳамон, с. 126.

16 Ҳамон, с. 227 - 228.

17 Ҳамон, с. 50.

18 Карим Девона. Сатрҳои оташин, ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда Ҳ. Назаров, Сталинобод, 1958, с. 51.

19 Ҳамон, с. 33, 34.

20 Ҳамон, с. 69.

21 Ҳамон, с. 42.

22 Ҳамон, с. 44, 45.

23 Ҳамон, с. 41.

24 Ҳамон, с. 35.

25 Ҳамон, с. 10.

26 Ҳамон, с. 43.

27 Ҳамон, с. 45.

28 Мероси адабии шоирони Ҳисор, с. 179 - 180.

29 Ҳамон, с. 46.

30 Ҳамон, с. 180.

31 Карим-Девона. Сатрҳои оташин, с. 37.

32 Ахрор Мухторов. Ҳисор, китоби 2, с. 98. Байти аввали ин шеър ба Карим-Девона ҳам нисбат дода шудааст. Ниг.: ба иқтибоси с. 10 ҳамин мақола.

33 А. Ҳабибов. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ, с. 211.

34 Мероси адабии шоирони Ҳисор, с. 69, 71 - 72.

35 Ҳамон, с. 51.

## Нигоҳе ба даврабандии таърихи адабиёти тоҷику форс

Адабиёти Эрон (ба мафҳуми васеъи таърихиаш) яке аз қадимитарин ва ғанитарин адабиётҳои олам буда, суннатҳо ва арзишҳои хос дорад, ки дар дарознои таърихи чандинҳазорсола сурат гирифтаанд. Ҳарчанд таҳқиқи ин адабиёт дар қуруни вусто аз тариқи тазкираву рисолаҳои гуногун ва аз қарни 19 дар Урупо бо равиши илмӣ шурӯъ шудааст, вале мутаасифона Ҳанӯз масъалаҳои зиёди он мавриди баҳсу таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтаанд ва ба таври гуногун тавзеҳ меёбанд. Аз ҷумлаи ҳамин гуна масъалаҳои баҳсангез даврабандии таърихи адабиёти мазкур мебошад. Дар манобеъи таърихиву адабӣ амсоли тазкираву рисолаҳо ва китобу дастурҳои зиёди таърихи адабиёт, ки донишмандони эрониву тоҷик ва аврупоӣ навиштаанд, даврабандии адабиёт ба таври гуногун сурат гирифтааст.

Тавре ки донишманди тоҷик Абдунабӣ Satторзода дуруст таъкид кардааст, «оғози даврабандӣ дар адабиёти порсии дариро метавон ба замони нигориши нахустин тазкираҳо, яъне ба садаҳои чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ ва ё даҳум ва ёздаҳуми масеҳӣ, нисбат дод.»1 Дарвоқеъ дар нахустин тазкираи то имрӯз бар ҷой мондаи адабиёти форсу тоҷик «Лубобулалбоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ даврабандии амалии таърихи адабиётро метавон мушоҳида кард. Дар қисмати аввали тазкира дастабандии адибон аз рӯи табақот, яъне салотин, мулук, умаро, уламо, фузало ва ғайра сурат гирифтааст. Сипас равиши мансубият ба хонадонҳои ҳукмрон чун сулолаҳи оли Тоҳир, оли Лайс, оли Сомон, оли Носир ва оли Салҷуқ истифода шудааст.

Дар тазкираҳои қуруни баъд равишҳои гуногуни дастабандии адибон сурат гирифтааст, амсоли замони таърихӣ(«Тазкиратушшуъаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Хулосатулашъор ва зубдатулафкор»-и Тақиуддини Кошонӣ, «Тазкираи нудрат»-и Донишвархон…), ҷуғрофиёӣ ё макониӣ(«Оташкада»-и Озар, «Мақолотушшуъаро»- и Қонеъ, ), табақаӣ («Тӯҳфаи Сомӣ»- Соммирзои Сафавӣ, «Анҷумани Хоқон»- и Фозилхони Гаррусӣ…), мавзӯъ ва анвоъи адабӣ(«Тазкираи майхона»- Мулло абдунабии Қазвинӣ, «Хулосатулкалом»-и Халил, «Риёзулъорифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Тазкиратулхавотин»-и Маликулкитоби Шерозӣ, «Бӯстонуссаноеъ»- и Шӯҳра…), алифбоӣ(«Риёзушшуъаро»-и Вола, «Анҷуманоро»-и Ахтар, «Калимотушшуъаро»- и Сархуш, «Тазкираи Ҳусайнӣ»_и Мирҳусайни Дӯст, «Хизонаи омира»-и Озоди Балгиромӣ, «Суҳуфи Иброҳимӣ»-и Халилхонӣ…) ва ғайра. Дар баъзе тазкираҳо корбурди чанд равиши дастабандиро метавон дид. Масалан, дар

«Оташкада»-и Озар равиши замонӣ ва маконӣ(ҷуғрофиёӣ), «Сафинатулмаҳмуд»-и Маҳмуд Мирзои Қоҷор равиши табақавӣ ва ҷуғрофиёӣ корбаст шудааст.

Ҳамин гуна даврабандиро дар осори муҳаққиқон муосир низ метавон мушоҳида кард. Гурӯҳе аз донишмандон амсоли Шиблии Нӯъмонӣ, Садриддин Айнӣ, Маликушшуъаро Баҳор, Забеҳулло Сафо, И. С. Брагинский аз рӯи замони таърихӣ, гурӯҳи дувум мисли Эдуард Браун, Ҳусайни Фаривар ба нисбати сулолаҳо, гурӯҳи дигар чун Ҳермон Эте, Зайнулобидини Мӯътаман бар мабнии мавзӯъот ва Аҳмади Тафаззулӣ бар асоси забон таърихи адабиётро даврабандӣ кардаанд.

Масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форсу тоҷикро ба таври ҷудогона ва илмӣ бори аввал муҳаққиқони шӯравӣ И.С. Брагинский ва А.Н. Болдирев мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаанд. Ҳамчунин Зайнулобидини Мӯътаман, Накҳат Саъидӣ, Асадулло Ҳабиб, Маҳмуди Футӯҳӣ, Абдунабӣ Сатторзода роҷеъ ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форсӣ таваққуф намудаанд. Аз ҷумла И.С. Брагинский даврабандии таърихи адабиётро бар мабнии қарнҳо пешниҳод намуда, «даврабандии сулолавиро комилан кӯҳнашуда» меҳисобад.2 Ба назари мо даврабандии таърихи адабиёти форсу тоҷикро фақат бар мабнии қарнҳо анҷом додан кофӣ намебошад. Зеро ҳодисаву падидаҳои муҳими адабӣ на ҳамеша бо давраҳои таърихӣ созгорӣ доранд.

Донишманди эронӣ Маҳмуди Футӯҳӣ низ ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форсӣ таваққуф намуда, ба таври қатъӣ таъкид мекунад, ки «тақрибан ҳамаи муаррихони адабиёти форсӣ раванди хаттии сохтмони китобҳои худро бар асоси ин тасалсули таърихӣ ва силсилаҳои подшоҳӣ тарҳ афкандаанд.»3

Яке аз аввалин донишмандоне, ки ба даврабандии амалии таърихи адабиёти Эрон даст задааст, Маликушшуаро Баҳор мебошад.Ӯ дар асари маъруфи худ «Сабкшиносӣ» таърихи насри форсиро ба чаҳор давра тақсим кардааст :

1. Нимаи аввали қарни 4ҳ. то охири қарни 5 ҳ (қарнҳои 10 – 11 м.).
2. Нимаи аввали қарни 6 ҳ. то ибтидои қарни 7 ҳ. (қарнҳои 12 – 13 м.).
3. Қарнҳои 7 – 12 ҳ. (қарнҳои 13 – 18 м.).
4. Охири қарни 12 ҳ. – нимаи қарни 14 ҳ. (қарни 18 - ибтидои қарни 20 м.).

Тавре ки мебинем, ин даврабандӣ бар мабнии сабкҳои насри форсӣ сурат гирифтааст. Вале аксари муҳаққиқон онро чун

даврабандии таърихи адабиёт пиндоштаанд. Аз ҷумла Аҳмади Тамимдорӣ даврабиндии Баҳорро даврабандии назму насри форсӣ дониста, ба он давраи панҷум – муосирро илова намудааст. Ҳарчанд давраҳои сабк аз давраҳои таърихи адабиёт ҷудо нест, вале тавре ки дар мавридаш хоҳем дид, онҳо на ҳамеша бо ҳам тавофуқ доранд.

И. С. Брагинский бо суолнома ба чанде аз эроншиносони маъруф амсоли В.Ф. Минорский, Жилбер Лазар, С. Махалский, Иржи Бечка, А.Н. Болдирев, А.З. Розенфелд, З.Г. Усмонова, А. Озар мурочиъат намуда, назари онҳоро роҷеъ ба зарурати даврабандии таърихи адабиёти форсу тоҷик, навъу тарзҳои даврабандии ин адабиёт ва амсоли инҳо мепурсад ва ҷамъбандӣ намуда, андешаи худро иброз медорад. Ӯ аз ҷумла ба чунин натиҷа мерасад, ки дар ин амр бояд аз даврабандии кӯҳнашудаи сулолавӣ даст кашида, «рушди адабиёт аз рӯи қарнҳо» арзёбӣ шавад.4

Ба назари мо даврабандии таърихи адабиёти форсу тоҷикро фақат бар мабнии қарнҳо анҷом додан кофӣ намебошад. Зеро ҳодисаву падидаҳои муҳими адабӣ на ҳамеша бо давраҳои таърихӣ созгорӣ доранд. Масалан, Баҳор ва Тамимдорӣ адабиёти қарнҳои 4 – 5\ 10 – 11-ро як давра донистаанд. Дар ҳоле ки адабиёти нимаи авали 11 бо ҳадафу мӯҳтавои худ аз адабиёти қарни 10 тафовути назаррас дорад. Ҳарчанд дар ин давра сабки хуросонӣ идома дошт, вале дар мавзӯъу мӯҳтво ва ҳадафу ормонҳои иҷтимоъиву зебошинохтии адабиёт тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Ормонҳои иҷтимоъии шоирони аҳди Ғазнавиён хилофи ормонҳои давраи Сомониён буд, ки ба таври барҷаста дар муносибати онҳо бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зоҳир мегардад.5 Ё худ адабиёти қарнҳои 7-11 як давра шуморида шудааст.Тавре ки маълум аст, пас аз фурупошии салтанати Темур на танҳо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ, балки дар ҳаёти адабии ҳам Эрон ва ҳам Мовароуннаҳру Хуросон тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Масалан, чӣ тавр метавон адабиёти қарни 7-ро ки давраи ривоҷи тасаввуф дар адабиёт аст, бо адабиёти қарни 11, ки замони рушди адабиёти динӣ буда, аҳли тасаввуф танқиду таъқиб мешуданд, муштарак донист?

Бинобар ин барои даврабандии таърихи адабиёт бояд қабл аз ҳама омилҳои ташаккулдиҳандаи ҳар давраи адабиётро ба таври мушаххас таъйин кард.Ин омилҳо барои ҳар адабиёт ё давраҳои он метавонанд мутафовит бошанд. Дар ташаккули давраи муайяни адабиёт гоҳ забон, гоҳ муҳити сиёсиву иҷтимоъӣ ва гоҳ муҳити фарҳангӣ ё авомили дигар асосӣ ва ҳалкунанда мебошанд. Масалан, барои адабиёти қарнҳои 9-10 форсу тоҷик забон омили

асосӣ буд, дар ҳоле ки барои давраи қабл аз он, яъне қарнҳои 7-8 адабиёти мазкур на забон, балки рӯҳияву андеша ва ормонҳои иҷтимоъиву сиёсӣ муҳимтар буданд. Вале барои адабиёти нимаи аввали қарни 11 муҳити сиёсиву иҷтимоъӣ муҳим буда, бидуни назардошти сиёсати Ғазнавиён дарк кардани ҳаёти адабӣ душвор аст.

Аз ин рӯ ҳангоми даврабандии таърихи адабиёт ба назар гирифтани авомилу меъёрҳои гуногун зарур буда, нодида гирифтани баъзе аз он омилҳо натиҷаи матлуб намедиҳад. Тавре ки зикр шуд, И.С. Брагинский даврабандии таърихи адабиётро бар мабнии қарнҳо пешниҳод намуда, «даврабандии сулолавиро комилан кӯҳнашуда» меҳисобад.6 Ҷои дигар боз ҳам қатъитар менависад: «ҳангоми даврабандии таърихиву адабӣ таъсири сулолаҳо наметавонад асли роҳнамо ва устувор бошад.»7

Ахиран донишманди тоҷик Абдунабӣ Сатторзода дар бобати даврабандии адабиёт аз нигоҳи равишшиносӣ баҳс намуда, аз ҷумла ду равиши маъмули даврабандиро дар тазкираҳои форсу тоҷик таъкид кардааст: «яке бар асоси мансубият ба хонадонҳои фармонраво ва дигаре ба асоси сабқати замон(хронологӣ).»8 Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ӯ баёни шарҳи ҳоли шоъиронро, ки аз лиҳози макон, минтақаҳои ҷуғрофӣ, табақа ё қишрҳои ҷомеъа, алифбоӣ дар тазкираҳо зиёд ба назар мерасад ва дар мақолаи ӯ ҳам ба онҳо ишораҳо шудааст, «даврабандӣ» намешуморад. Ӯ равишҳои гуногуни даврабандии таърихи адабиётро баррасӣ намуда, нуқсонҳои онҳоро ба қалам медиҳад ва дуруст таъкид мекунад, ки бояд «адабиётро ба сифати падидаи ҳунарии мустақил шинохт ва даврабандӣ кард.» Истифодаи равишҳои даврабандии дигарро ӯ «ба унвони равишҳои ёридиҳанда» тавсия менамояд. 9

Вале агар ба раванди таърихи адабиёти форсу тоҷик амиқтар назар кунем, пай бурдан душвор нест, ки баъзан дар ташаккули падида- ҳои адабӣ сулолаҳои муайян низ нақши муассир бозидаанд. Масалан, тавре ки борҳо зикр шуд, раванди адабиёти нимаи авали қарни 11 ба сиёсати давлаати Ғазнавиён ва адабиёти қарни 16 Эрон ба сиёсати давлати Сафавиҳо иртиботи қавӣ доранд. Бесабаб нест, ки аксаран онҳоро «адабиёти аҳди Ғазнавиён» ва «адабиёти давраи Сафавиён» меноманд.

Адабиётшиносони тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ ва амсоли онҳо асосан даврабандӣ бар мабнии қарнҳоро пазируфта, дар осори худ истифода намудаанд. Расул Ҳодизода ва ҳаммуаллифонаш дар китоби «Адабиёти тоҷик (асрҳои ХУ1 – Х1Х ва ибтидои асри ХХ)», ки дастури таълимие

барои донишгоҳҳост, таърихи адабиётро аз рӯи қарнҳо даврабандӣ карда, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳарчанд китоб бидуни муаддима буда, ба даврабандӣ ишора нашудааст, унвони бобҳои он ба ин далолат менамояд. Вале ахиран дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ», ки Расул Ҳодизода ва Алӣ Мухаммадии Хуросонӣ дар Кобул ба табъ расондаанд, Расул Ҳодизода дар муқаддимаи он  дар ин бора менависад: «Даврабандии адабиёти қуруни 16 – 20-ро мо мутобиқ бо давраи салтанати  хонадонҳои ҳукмрон қарор додем,зеро салтанати ҳар хонадон ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии давраи ҳокимияти он хонадон нақшу таъсири муайяне мегузошт.Чунончи тасаллути Русия дар Осиёи Миёна на танҳо ба муҳити адабии Туркистон, ки дар зери ҳукумати Русия буд, ҳатто дар ҳаёти адабии Бухоро, ки ба ном давлати мустақил маҳсуб мешуд, ҳам дар мазмун ва ҳам дар шаклҳои назму наср тағйироти боризе ворид намуд. Аз ин ҷост, ки давраҳои адабии аҳди ҳукмронии Шайбониён ва Аштархониён ва Манғитиён тафовутҳои муайян ва мушаххас доранд».10 Аз ановини бобҳои китоби мазкур бармеояд, ки муаллифон  танҳо ба даврабандии «мутобиқи салтанати хонадонҳои ҳукмрон» иктифо накарда, равишҳои дигари даврабандиро низ  истифода намудаанд: «Фасли аввал. Вазъияти адабии  қарни 16 м.(Шайбониён)», «Фасли дувум. Вазъияти адабии қарни 17 м.(Аштархониён), «Фасли савум.Вазъияти адабии қарни 18 ва нимаи авали арни 19 м.», «Фасли чаҳорум. Адабиёти маорифпарварии тоҷик (аз нимаи дувуми қарни 19 то Инқилоби Октябр)».

Тавре ки мебинем, дар китоби мазкур даврабандӣ бар асоси равишҳои гуногун сурат гирифтааст. Чунин даврабандиро эроншиносони чек низ мабнии асари дастҷамъии «Таърихи адабиёти форсу тоҷик» қарор додаанд, ки дар он даврабанди сулолавӣ бештар ба назар мерасад(Масалан, «Адабиёти аҳди Сомониён», «Давраи Ғазнавиён», «Давраи Салҷуқиён», «Давраи Темур ва ворисонаш», «Давраи Сафавиён» ва амсоли онҳо ).

Бинобар ин барои даврабандии таърихи адабиёт бояд қабл аз ҳама омилҳои ташаккулдиҳандаи ҳар давраи адабиётро ба таври мушаххас таъйин кард. Ин омилҳо барои ҳар адабиёт ё давраҳои он метавонанд мутафовит бошанд. Дар ташаккули давраи муайяни адабиёт  гоҳ забон, гоҳ муҳити сиёсиву иҷтимоъӣ ва гоҳ муҳити фарҳангӣ ё авомили дигар асосӣ ва ҳалкунанда мебошанд.

Ба  ин тартиб ба назари мо  дар даврабанди таърихи адабиёти Эрон  ё форсу тоҷик истифода кардани равиши ҷомеъ ва ба эътибор гирифтани  меъёру омилҳои гуногуне, ки дар ташаккулу рушди ҳаёти адабӣ асар гузоштаанд, зарур мебошад.

## ПАЙНАВИШТ

1Абдунабӣ Сатторзода. Даврабандии адабиёт аз нигоҳи равишшиносӣ, Кӯҳна ва нав, Душанбе, «Адиб», 2004, с. 168.

2 И.С. Брагинский. О проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур. И.С. Брагинский. Из истории таджикской и персидской литератур, Москва, «Наука», 1972, с. 29

Роҷеъ ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форс ва тоҷик. Дар китоби И.С.Брагинский. Аз таърихи адабиёти тоҷик ва форс, Маскав,1972, с.

3Маҳмуди Футӯҳӣ.Назарияи таърихи адабиёт. Баррасии интиқодии таърихи адабиётнигорӣ дар Эрон,Теҳрон, 1387, с. 256.

4(И.С. Брагинский. О проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур. И.С. Брагинский. Из истории таджикской и персидской литератур, Москва, «Наука», 1972, с. 29)

5Дар ин бобат руҷуъ шавад: Мирзо Муллоаҳмад. Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем…,Теҳрон, Амири Кабир, 1389, с. 11-18.

6И.С. Брагинский. Из истории таджикской и персидской литератур, с. 23.

7Ҳамон асар, с.24.

8Абдунабӣ Сатторзода. Кӯҳна ва нав, с. 169.

9 Ҳамон асар, с.169.

10 Расул Ҳодизода, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. Таърихи адабиёти форсӣ, ба кӯшиши Шамсулҳақ Ориёнфар, Кобул, Майванд, 1388, с. 21-22.

## Шеъри мондагори Туғрали Аҳрорӣ

Дар осори адибони барҷаста асарҳои ҷудогонае ҳастанд, ки муҳимтарин ҷанбаҳои ҳунари суханварии офарандаашро таҷассум намуда, чун ойинаи тамомнамо оламИ ботинии ӯро бармало месозанд. «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-и устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Рустам ва Сӯҳроб»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Бо корвони ҳулла»- и Фаррухии Систонӣ, қитъаи «Банӣ одам аъзои якдигаранд»-и Саъдии Шерозӣ, ғазали «Биё, то гул бараф шонему май дар соғар андозем»-и Ҳофизи Шерозӣ, қитъаи «Ба дандон рахна дар фӯлод кардан»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Кохи ёдгор»-и А.С. Пушкин, «Марги шоир»-и М.Ю. Лермонтов, «Васият»-и Т.Г.Шевченко, «Марши ҳуррият»-и С. Айнӣ, «Савтҳои форсӣ»-и

Сергей Есенин ва даҳҳо асари дигарро метавон ном бурд, ки офарандаи худро шӯҳратёр кардаанд. Осори мазкур бозгӯйи ҷаҳони ботинӣ, афкору омол, сабку салиқа ва ҳатто хислатҳои фардиву шахсияти офаридгори он мебошанд. Ба иборати дигар асари зубдаи ҳар офаридгор ба мисли ойинаест, ки ҳастии ботинии соҳибашро бозтоб менамояд. Муноҷоти «Сипеҳри бемурувват»-и Туғрал низ аз ҳамин зумраи осор буда, аз беҳтарин сурудаҳои шоир маҳсуб мешавад.

Муноҷот навъи адабиест, ки дар адабиёти тоҷику форс ва Шарқ таъриху суннатҳои қадимӣ дошта, асосан ситоиши Худовандро дар бар мегирад. Адиб ба Худованд муроҷиат намуда, эҳсосот ва самимияту садоқати худро ифроз менамояд. Муҳаққиқон пайдоиши ин навъи адабиро дар адабиёти тоҷику форс дар асри Х дониста, шеъри «Ё раб, биофаридӣ рӯе бад-ин мисол»-ро аввалин намунаи он ба қалам медиҳанд. Вале ба назари мо ин навъи адабӣ таърихи қадимтар дошта, осори шабеҳи онро метавон дар ёдгориҳои адабии даврони қадим, аз ҷумла «Авесто» мушоҳада кард.

Сурудани муноҷот махсусан, дар адабиёти тасаввуфӣ хеле густариш пайдо кард ва Саноиву Аттор, Ҷалолиддини Балхиву Фахриддини Ироқӣ, Хоқониву Саъдӣ ва амсоли онҳо намунаҳои беҳтарини ин навъи адабиро офаридаанд. Дар ривоҷи муноҷот ба хусус ориф ва шоири маъруф Абӯсаиди Абулхайр кӯшиши зиёд ба харҷ дода, ҳам ба назм ва ҳам ба наср осори ҷолиб офаридааст. Аз ҷумла дар муноҷоти зайли ӯ санъати саҷъ хеле моҳирона корбаст шудааст:

«Илоҳо! Ба ту ошно шудам, аз халқ ҷудо шудам, дар ду ҷаҳон шайдо шудам, ниҳон будам, пайдо шудам. На аз ту мо ҳаёти ҷовидон мехоҳем, на камоли дилу роҳати ҷон мехоҳем:

Ё раб, зи шароби ишқ сармастам кун,
Дар ишқи худат нест куну ҳастам кун.
Аз ҳар чи зи ишқ ҳаст, тиҳидастам к
Якбора ба банди ишқ побастам кун!»

Нақибхон Туғрал , ки дар давраи аввали эҷодиёташ ба сабкҳои хуросониву ироқӣ пайравӣ мекард, ба муноҷотнависӣ низ пардохтааст. Дар девони ашъори шоир чанд шеър ба назар мерасад, ки ҷавобгӯи талаботи муноҷот мебошанд. Аз ҷумла шеъре, ки дар шакли тарҷеъбанд навишта шудааст, бо ситоиши Худованд шурӯъ шуда, тавсифи сифатҳои волои Ӯро дар бар мегирад:

Эй на азал гашта туро ибтидо
В-эй на абад зоти туро мунтаҳо.
Эй барӣ аз хонаву фарзанду ҷо
Будиву ҳастӣ, напазирӣ фано.
Нест касе воқифи асрори ту,
Ҷуз ту надонад дигаре кори

Дар 10 банди дигари шеър бузургии Худованд, кариму ҳалим, холиқи якто будани Ӯ таъкид мешавад. Танҳо дар се банди охири шеър оҳанги заифи шикоят ба гӯш мерасад. Шоир аз нобаробарии иҷтимоӣ шикоят намуда, бо вуҷуди он эътироз намекунад ва ризояти худро изҳор медорад:

Кардӣ якеро ба ҷаҳон арҷманд
В-он дигаре бекасу ҳам мустаманд
Аз ту бувад ин ҳама пасту баланд,
Тобеи фармону ризои туанд.
Нест дигар чора ба ға йр аз ризо,
Ғайри ризо чора надорад қазо.

Ба назари мо муноҷоти мазкур дар давраи аввали эҷодиёти шоир навишта шудааст, зеро дар он суннати муноҷотнависӣ комилан риоя шудааст.

Муқаддимаи маснавии «Тасдиқот» ва «Қасидаи бузургон» низ аз муноҷоту наът иборат аст. Шоир дар маснавии «Тасдиқот» суханро аз ситоиши «Худованди аҳад» шурӯъ намуда, сипас ба васфи Паёмбару ёронаш мепардозад:

Ба саҳбои хумхонаи кибриё
Ба кайфияти ҷоми ваҳдатнамо,
Ба асрори зоти Худои аҳад
Ба осори васфи сифоти самад
Ба саббобаи ӯ, ки маҳ шуд ду ним
Ба ҷои Муҳаммад ба доли ду мим,
Ба сидқи Абӯбакру ҳоли Умар,
Ба Усмон, ки нахлаш ҳаё дода бар,
Ба шоҳи шуҷоат ҳужабри Алӣ,
Ба асҳоб, бо хонадони валӣ...

Дар муқаддимаи «Қасидаи бузургон» низ шоир пас аз баёни ҳоли худ ба таври хеле мухтасар Парвардигорро ситоиш мекунад:

Хонаи ҳастӣ, ки асосаш фаност,
Вому дараш ҷумла ба дӯши ҳавост.
Баски зи баҳри ту шудам ҳамчу най,
Нолаи ҳар банд зи бандам ҷудост.
Нест касе додраси ҳоли ман,
Ҳамдами шабҳои фироқам Худост…

Ин қасида низ маҳсули давраи аввали эҷодиёти Туғрал аст, зеро ба амир Насрулло бахшида шуда, дар он дилбастагии шоир ба сабки ҳиндӣ эҳсос намешавад. Баръакс ӯ ба шоирони сабки ҳиндӣ, амсоли Соиб, Шавкати Бухороӣ, Носиралӣ, Урфӣ, Нозим, Толиби Омулӣ назари манфӣ дорад ва суханҳои ононро пучу бемаънӣ ва беамал мешуморад.

Ниҳоят, муноҷоти машҳури Нақибхони Туғрал ғазали «Сипеҳри бемурувват» мебошад, ки қуллаи баланди осори шоир буда, давраи аввали эҷоди ӯро ҷамъбаст менамояд. Зеро ин шеър ҳарчанд дар назари аввал ба муноҷоти анъанавӣ монанд аст, вале дар он шикастани суннати муноҷотнависӣ мушоҳида мешавад.

Тавре ки зикр шуд, муноҷот асарест, ки хитобан ба Худованд суруда шуда, ситоиши Ӯро дар бар мегирад. Вале Туғрал ба ҷои Худованд, Раб, Эзид ба фалак, чарх, сипеҳр, гардун, фалак, Ноҳид муроҷиат мекунад:

Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ?
Рост будам чун алиф, монанди долам кардаӣ.
Охир, эй гардун, задӣ санги маломат бар сарам,
Зери пои бешуурон поймолам кардаӣ!...

Дар муноҷоти суннатӣ одатан сифатҳои Парвардигор баён мегардид. Вале , тавре ки мебинем, Туғрал ба ҷои ситоиш аз оғоз лаб ба шикоят мекушояд ва он шикоят тадриҷан ба эътироз табдил меёбад, ки ин хоси муноҷот нест:

Аз чӣ рӯ, эй чарх, -чун ман эътиборат дун бод!-
Қуръаи беэътибориҳо ба фолам кардаӣ?!
Оқибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун,
Аз чӣ дар рӯзи азал қисмат камолам кардаӣ?!
Эй сипеҳри бемурувват, ин кадомин шева аст?!
Нола месозам зи дастат, то чу нолам кардаӣ?!

Дар муноҷоти Туғрал эътирози шахсии шоир ҷанбаи иҷтимоӣ касб намудааст. Дар назари аввал шикояту эътирози шоир инфиродиву шахсӣ менамояд. Гӯё ӯ аз вазъи ногувори худ, бенэътиноиву таҳқиҳои дидааш шикоят мекнад. Вале агар ба шикояту эътирози ӯ ба тааммуқ нигарем , пай бурдан душвор нест, ки онҳо аз доираи шахсияти ӯ хориҷ шуда, ҷанбаи умумиву иҷтимоӣ касб кардаанд. Масалан, дар байти **2** зери пои бешуурон поймол гаштанашро таъкид кардааст , ки ин ишораи сареҳ аст ба ба вазъи иҷтимоии давр, ки аксари мансабдорону зимомдорон ашхоси нолоиқу бешуур буданд. Ё худ дар байти **7** ба бедонишиву

бефарҳангии атрофиёнаш ишора мекунад, ки ин ҳам асоси иҷтимоӣ дошта, баёнгари вазъи ногувори замон аст:

Ҳамдамонам нокасону ғулу аз дониш тиҳӣ,
Сӯҳбати донишварон амри муҳолам кардаӣ.

Дар ғазал шоир аз ҷавру бедоди замон шикоят мекунад. Дар он садои дили ранҷури шахси эҷодкор эҳсос мешавад. Дарвоқеъ ин ғазал муноҷоти шоир ба фалаки каҷрафтор буд, ки аз ҳоли ногувору беэътибориаш ҳикоят мекард. Носипосиву қадрношиносии аҳли ҳунар боиси маҳзуниву ғами бекарони шоири назарбаланд гаштааст. Дар ин ғазал на танҳо ғаму ғуссаи ҳунарманди эҷодкор, балки эътирози ӯ низ таҷассум ёфтааст. Дар ҳамаи давру замонҳо рӯзгори аҳли илму адаб ва ҳунару фарҳанг ҳамвор набуда, онҳо сахтиву ранҷҳои зиёд дидаанд. Ба аҳли эҷод гоҳ шодиву хуррамӣ, гоҳ хориву зорӣ, гоҳ роҳату фароғат ва гоҳ азобу машаққат насиб мешуд, вале онҳо дар ҳама ҳолат рисолати аслии худро, ки хидмат ба мардум ва ҳунар аст, адо намудаанд. Туғрал дар ин ғазал дарди дили онҳоро ба қалам додааст.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар ин муноҷот Туғрал танҳо бо шикоят ва тасвири вазъи ногувораш қаноат накарда, лаб ба эътироз мекушояд ва бо ҷасорат хитоб мекунад:

Оқибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун,
Аз чӣ дар рӯзи азал қисмат камолам кардаӣ!

Садои шиква ва эътирози шоир дар шеър хеле моҳирона ва табиӣ ифода ёфтааст. Андешаҳои шиквоиву эътиозомези ӯ бо эҳсоси ғамангезаш омезиш ёфта, баёни ӯро таъсирбахш кардаанд. Ин тарзи баёни муассири муноҷоти Туғрал рубоии машҳури Умари Хайём ва шеъри мансуб ба Носири Хусравро ба ёд меорад. Хайём низ дар хитоби худ ба Худованд чунин эътироз мекунад:

Ё раб, ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?!
Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде, ки ояд аз ман ба вуҷуд,
Ту бар сари ман навиштаӣ, ман чӣ кунам ?!

Оҳанги шикваву эътироз дар қасидаи «Фироқнорма»-и Туғрал низ, ки дар ҷавоби «Фироқнома»-и ҳаким Анварӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ навишта шудааст, садо медиҳад. Он қасида низ бо шикоят оғоз меёбад ва ба муноҷоти мазкур ҳамоҳангӣ дорад:

Фиғон зи гардиши чархи ситамгари ғаддор,

Ҳазор марҳала дурам фиканд аз дилдор.
Сипеҳри каҷрави пурфан маро ба пеш овард
Чӣ ҳолате, ки на ҳадди сукун, на сабру қарор.

Муноҷоти «Сипеҳри бемурувват»-и Туғрал аз лиҳози сохтору бандубаст, истифодаи санъатҳои бадеӣ, нағмаи ҳуруф, корбурди овозҳо ва амсоли инҳо низ хеле ҷолиб мебошад.

Муноҷот дар воқеъ на танҳо бо мазмуну мундариҷа, балки бо сохтори худ низ аз ғазалҳои дигар тафовут дорад. Тавре ки маълум аст, дар ғазали суннатӣ одатан ҳар байт мустақилият касб карда, бо байтҳои дигар робитаи қавӣ надорад ва ҳар байт метавонад мазмун ва ҳатто мавзӯи хос дошта бошад. Вале Туғрал дар ғазали муноҷоташ ин суннатро шикаста, кулли байтҳои шеърро дар як мавзӯъу мазмун ва оҳанг сурудааст. Оҳанги шикваву эътироз чун хати сурх ҳамаи байтҳоро ба ҳам мепайвандад ва шеър бо як оҳангу мазмун танинандоз мегардад. Танҳо дар байти охир аст, ки оҳанги ҳузн ба рӯҳбаландиву боландагӣ ва ғуруру фахри ба ӯ хос табдил меёбад ва дар дили хонанда шӯълаи умеду бовариро меафрӯзад:

Дар ҳавои мӯшикофӣ Туғралам пар мезанад,
То ту, эй гардун, маро дур аз висолам кардаӣ

Дар байти авали ғазал ташбеҳи қади рост ба алиф ва қомати хамида ба дол на танҳо зоҳиран вазъи ногувори қаҳрамони лирикиро ба таври барҷаставу равшан нишон медиҳад, балки бо вожаи «дод», ки дар мисраи аввал омадааст, ҳамоҳангиву таносуб дорад

Тавсифҳои гардуни дун, сипеҳри бемурувват, нокасони ғул, таъбирҳои халқии «санги маломат ба сар задан», «зери по», «поймол кардан» ҷанбаи воқеии шеърро қавӣ карда, таъсирнокии онро афзудаанд.

Дар шеър на танҳо вожаву таъбир, калимаву иборот, балки ҳар овоз низ бори эҳсосу андешаро мекашанд ва барои баёни маънӣ мусоидат мекунанд. Агар дар байти аввал овози **о 6** бор ва **а,** ки шакли кутоҳи он аст, 14 маротиба зикр шуда, ифодаи дарду оҳро қавӣ карда бошанд, дар байти дувум овози **р** 6 бор такрор шуда, эҳсоси тазъиқу фишорро бозтоб менамояд.

Радифи «кардаӣ» низ ба шеър қатъият бахшида, оҳанги шикояту эътирозро тақвият медиҳад.

Тавре ки мебинем, Туғрал баробари пайравӣ ба муноҷоти шоирони пешин ба ин навъи адабӣ навиҳо ворид намуда, онро аз шеъри ситоишӣ ба шеъри эътирозӣ табдил додааст. Тамоми аҷзои

шеър аз овозҳои ҷудогона то иборахову радиф барои баёни эътирозу дарди ичтимоӣ хидмат кардаанд. Ин ҷанбаҳои шеърро устод Ҷӯрабек Муродов бо камоли маҳорат дар суруди худ таҷассум кардааст, ки дар ин бора дар мақолаи дигари худ сухан рондаем.

Муноҷоти «Сипеҳри бемурувват» шеърест, ки давраи аввали эҷодиёти Туғралро ҷамъбаст намуда, аз камолоти ҳунари суханварии ӯ шаҳодат медиҳад. Мутаассифона, Нақибхони Туғрал бо сабабҳое, ки устод С.Айнӣ мунсифона баён кардааст, дар давраи дувуми эҷодиёташ аз сабки пеш гирифтааш рӯй тофт ва побанди талиди ҳазрати Бедил гардид,ки ин боиси таназзули эҷодии ӯ шуд. Дарвоқеъ агар Туғрал ҳамон сабку шеваи баёни муноҷотро идома медод, аз шоирони тирози аввали адабиёти форсизабон мегардид. Муноҷоти «Сипеҳри бемурувват» бешубҳа метавон аз шоҳкорҳои шоир ва аз беҳтарин шеърҳои адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ донист.

Муноҷоти «Сипеҳри бемурувват» дар осори боқимондаи Туғрал қуллаест, ки аз дидгоҳи он метавон раванди эҷодии ӯро мушоҳида намуд. Ин асар дар воқеъ таҷассуми олами ботинии шоири шӯрида буда, аз истеъдоду маҳорати баланди суханварии офарандааш гувоҳӣ медиҳад.

**МИРЗО МУЛЛОАҲМАД**

## ШАРҚИ ХОРИҶӢ АЗ НИГОҲИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Устод Мирзо Турсунзода аз бузургтарин шоирони қарни ХХ тоҷик аст, ки суннатҳои ғаниву рангини осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомиву Саъдӣ, Камолу Хофиз, Ҷомиву Бедил ва амсоли онҳоро бо андешаву эҳсосоти баланди худ идома ва такмил дода, дар бӯстони назми оламшумули форсизабон дарахти тозаи пурсамаре ба вуҷуд овард. Ному осори ӯ на танҳо дар ватанаш, балки берун аз он дар кишварҳои гуногуни Шарқу Ғарб паҳн гардида, шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намуд, Аз ин ҷост, ки созмони байналмилалии фарҳангии ЮНЕСКО таҷлили 100-умин солгарди зодрӯзи ӯро дар сатҳи ҷаҳон эълон намудааст.

Мирзо Турсунзода 2 моҳи майи соли 1911 дар рустои зебоманзари Қаротоғ, ки дар водии зарнисори

Ҳисори Тоҷикистон воқеъ аст, ба дунё омадааст. Падараш усто Турсун аз косибони чирадаст буда, пешаи дурудгарӣ доштааст. Модари шоир дар синни нӯҳсолагии ӯ аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Мирзо Турсунзода таҳсилро дар мактаби кӯҳнаи назди масҷиди маҳалла шурӯъ намуда, дар мактаби ҷадид идома додааст. Дар солҳои 1925 – 1926 дар мактаби давлатии шаҳри Душанбе таҳсил намудааст. Сипас барои идомаи таҳсил ба шаҳри Тошканд меравад ва дар Дорулмуаллимини тоҷикии он ҷо таҳсил мекунад. Шоир баъдтар дар манзумаи баланди «Ҳасани аробакаш» ин сафари худро чунин ба қалам додааст:

Ҳафт шаб бо аробакаш ҳамроҳ
Сахтии роҳро ба сар бурдем.
Хешро то ба истгоҳи вогун
Некбахтона бе хатар бурдем.1

Зимни таҳсил дар Дорулмуаллимин Мирзо Турсунзода дар радифи адабиёти гузаштаи форсу тоҷик бо осори адибони русу Ғарб ошноӣ пайдо мекунад. Нахустин шеърҳои худро низ ӯ дар ҳамин даврон офаридааст.

Баъди ба анҷом расонидаани таҳсил Мирзо Турсунзода ба шаҳри Душанбе омада, дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ба кор шурӯъ менамояд. Ӯ дар радифи мақолаву хабарҳо ба таълифи шеъру достони кӯтоҳ ва дром машғул мешавад. Намоишномаҳои ӯ «Ҳукм», «Хусрав ва Ширин», «Шӯриши Восеъ» ба ташаккул ва такомули дромнависӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуданд. Солҳои 1933 – 1935 ӯ дар театри навтаъсиси Хуҷанд кор мекунад. Пас аз таъсиси Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар онҷо ба кор пардохта, аз соли 1936 то поёни умр, яъне то соли 1976 раёсати ин иттиҳодияро ба ӯҳда дошт. Дар ин муддат ӯ ба риҷоли барҷастаи фарҳангиву сиёсии на танҳо Тоҷикистон, балки Шӯравию ҷаҳон табдил ёфт. Ӯ соли 1951 узви пайвастаи Академияи улуми Тоҷикистон интихоб мешавад. Мирзо

Турсунзода дар симатҳои муҳими раёсати Кумитаи шӯравии ҳамраъйии мардумони Осиёву Африқо, узви кумитаи шӯравии сулҳ, узви раёсати қумитаи ҷаҳонии сулҳ, раиси Кумитаи муҳофизати сулҳи Тоҷикистон, раиси Кумитаи ҷоизаҳои давлатии Тоҷикистон буд. Ӯ барои таҳкими сулҳу дӯстии мардумони ҷаҳон ба кишварҳои гунгогуни Осиёву Африқо, Урупову Амрико амсоли Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Афғонистон, Чин, Ҷопон, Кура, Индонезӣ, Ироқ, Сурия, Миср, Лубнон, Яман, Тоиланд, Бирмо, Шрилонко, Алҷазира, Генӣ, Судон, Чек, Қибрис, Фаронса, Суид, Суис, Итриш, Кубо, Конодо, Мексико сафар кардааст.

Барои сурудани ашъори баланди башардӯстӣ , хадамоти барҷаста дар роҳи сулҳу дӯстии мардумони ҷаҳон ӯ ба чандин ҷоизаҳои муҳим тақдир шудааст. Аз ҷумла ӯ сазовори ҷоизаи давлатии Шӯравӣ, Ҷоизаи байналмилалии Неҳру, Чоизаи Рӯдакӣ, нишони Крил ва Мифодий, нишони Ҷамол Абдулносир ва амсоли инҳо гаштааст. Ӯ ба унвонҳои Нависандаи мардумии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон мушарраф гардидааст.

Устод Мирзо Турсунзода осори ғании адабиву илмӣ боқӣ гузоштааст, ки аз ашъори ғиноиву манзумаҳои ҳамосӣ, достонҳову дромҳо, мақолаҳои илмиву публисистӣ ва амсоли инҳо иборатанд.Ӯ шеъргӯиро бо ғазалҳои навмашқона шурӯъ намуда, сипас дар навиштани мухаммас, мурабба ва амсоли онҳо ҳунарозмоӣ мекунад. Хидмати шоир ба хусус дар рушди маснависароӣ хеле бузург аст. Маснавии нахустини ӯ «Офтоби мамлакат», ки тасвири корномаи меҳнатии панбакоронро дар бар мегирад, соли 1935 таълиф шудааст.Дар ин маснавӣ таъсири суннатҳои маснависароии пешин, ба хусус маснавиҳои Низомии Ганҷавӣ ба назар мерасад. Дар маснавии дигари шоир «Хазон ва баҳор», ки он ҳам ба тасвири ҳаёти зани кишоварзи тоҷик ихтисос дода шудааст, суннатҳои маснависароии Низомӣ ҳувайдост.Дар солҳои ҷанги

дувуми ҷаҳон низ Мирзо Турсунзода навиштани маснавиҳои баландро идома медиҳад ва достони маъруфи худ «Писари Ватан»-ро меофарад. Тавре ки донишманди шинохтаи тоҷик Хуршеда Отахонова дуруст таъкид мекунад, «Писари Ватан» бо бисёр хусусиятҳои худ ба достонҳои Низомии Ганҷавӣ робитаи бевосита дорад.»2 Дар солҳои баъд шоир навиштани манзумаҳои баландро идома дода,  достонҳои барҷастаи «Ҳавсани аробакаш», «Чароғи абадӣ», «Садои Осиё»-ро меофарад, ки дар воқеъ боиси шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани  ному осори шоир гаштанд.

Осори Мирзо Турсунзода аз лиҳози мавзӯоту мӯҳтаво низ  хеле ҷолиб буда, паҳлӯҳои гуногуни зиндагии мардуми тоҷик ва халқҳои гуногуни оламро фаро мегирад.Чашмандози шоир аз тасвири меҳнату дастовардҳои мардуми тоҷик, ситоиши ватан шурӯъ гардида, тадриҷан васеъ мешавад ва таҷассуми муҳимтарин масоили ҳаёту муборизаи мардумони ҷаҳонро дар бар мегирад. Дар шеърҳои аввалини худ шоир қабл аз ҳама  дӯстии халқҳои  шӯравиро чун яке аз омилҳои пешрафтҳои иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон тараннум намуда, тасвирҳои тозаву рангини «меваи ширини як боғ», «нури як субҳ», «гулу гулдастаи як чаман», «шӯълаи офтоби як саҳар», «мурғи бахти як ошёна» ва амсоли инҳоро меофарад, ки иттиҳоду дӯстии мардумонро ба таври мушаххас таҷассум менамояд. Пас аз он ки  шоир бори аввал ба хориҷ аз кишвар сафар мекунад, мавзӯи дӯстӣ  дар ашъори ӯ густариш пайдо карда, тавсифи дӯстии халқҳои ҷаҳон  аз мавзӯоти асосии осори ӯ қарор мегирад.  Дӯстӣ дар ашъори шоир мафҳуми васеъ пайдо карда, аз рафоқати фардӣ то то дӯстии халқҳову абнои башарро дар бар мегирад. Дӯстӣ мароми асосии зиндагии шоири инсондӯст гардида, ӯ ҳамеша  дар ҷустуҷӯи  дӯстони нав мешавад :

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.3

Барои шоири тоҷик дар мароми дӯстӣ ирқу нажод, забону мазҳаб, ранги пӯст ва дигар ҷанбаҳои зоҳирии инсон муҳим нест :

Накарда фарқ ирқу пӯст аз пӯст,
Ба ҳар як хонадон рафтем чун дӯст.4

Дӯстие, ки шоир ба даст овардааст, аз ҳеч офат осеб намебинад. Шоир барои муассир баён намудани матлаб аз навтарин ихтирооти башар истифода мебарад ва дӯстиро ба киштии фалакпаймо монанд мекунад, ки ташбеҳи тозаву сода ва хотирмон аст :

Бувад ин дӯстии мо баробар
Ба киштии фалакпаймои кишвар.5

Солҳои 40 қарни 20 Мирзо Турсунзода чун сафири сулҳ ба кишварҳои гуногун сафар мекунад, дар ҳамоишҳои зиёди байналмилалии сулҳ суханронӣ намуда, алайҳи ҷангу ҷангҷӯён ва ба ҷонибдории муборизони сулҳ садои хешро баланд месозад. Ин мавзӯъ дар ашъори ӯ низ ҷойи асосиро мегирад ва пайвандгари масоили умдаи ашъору манзумаҳо ва хитобаву мақолаҳои ӯ мегардад. Шеъри «Суруди сулҳ», ки соли 1950 таълиф шудааст, мароми асосии Мирзо Турсунзодаро чун шоиру риҷоли сиёсӣ ба таври возеҳ баён менамояд :

Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо тапиданҳои бероми рӯзафзуни дил.
То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,
Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯйи ҷаҳон.6

Мавзӯи Шарқи хориҷӣ ба ҷаҳони шоири Мирзо Турсунзода аз соли 1947 ворид мешавад. Дар ин бора худи шоир навиштааст : «Ҳамон сол(1947 – М.М.) ба сифати узви ҳайати намояндагони советӣ дар якумин Конференсияи кишварҳои Осиё ба Ҳиндустон сафар кардан бароям муяссар гардид. Таҳти таассуроти сафари ин кишвари бостонӣ, ки на танҳо аз лиҳози ҳамсоягӣ, балки ба туфайли афсонаву ҳикоятҳои аҷоибу ғароиби овони кӯдакиам ҳамеша нисбат ба он муҳаббат

мепарваридам, силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро иншо намудам.

Аз ҳамон вақт ин ҷониб ман дар мавзӯи Шарқ бисёр кор мекунам. Ин мавзӯъ, хусусан, дар шароити ҳозира, ки халқҳои Осиё ва Африқо қадам ба роҳи озодӣ мегузоранд, маро ба ҳаяҷон меорад, ҳушу диққати маро фаро мегирад.».7

Ин мавзӯъ дар адабиёти муосири тоҷик аз осори манзуму мансури устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абулқосими Лоҳутӣ Фитрат, Пайрав Сулаймонӣ шурӯъ мешавад, «Суруди озодӣ»-и Айнӣ дарвоқеъ садои дили на танҳо мардуми тоҷик, балки кулли ҷафокашони Шарқ буд. Мирзо Турсунзода суннати онҳоро идомаву такмил дода, дар мавзӯи мазкур як силсила осори барҷастае офарид, ки на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти Шӯравӣ мақоми шоиста пайдо карданд.

Пас аз ҷанги дувуми ҷаҳон наҳзати истиқлолхоҳӣ дар кишварҳои Шарқ ривоҷ пайдо мекунад. Яке таз кишварҳои бузурги Шарқ - Ҳиндустон, ки беш аз 200 сол дар зери султаи истеъмори Инглистон буд, рӯ ба истиқлол мениҳад. Тавре ки зикр шуд, соли 1947 ба ин муносибат дар ин ҷо ҳамоиши байналмилалӣ баргузор мегардад, ки Мирзо Турсунзода дар он ширкат меварзад Дар зимни ин сафар шоир бо ҳаёти мардуми ин кишвари зебои афсонавӣ ошно мешавад. Вазъи гогувори мардуми ин сарзамин ба шоири тоҷик асари зиёд мебахшад ва ӯ таассуроту эҳсосоти хешро дар силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ба қалам медиҳад. Дар шеърҳои ин силсила, ки ҳар кадом мустақил буда, дар айни замон ба ҳам марбутанд, тазодҳои ин кишвар бозтоб ёфтаанд. Шоир аз як тараф табиати зебову сарватҳои гаронбаҳои ин кишвар ва аз сӯи дигар қашшоқиву бенавоии мардуми онро ба таври муассир тасвир менамояд. Шоир аз мушоҳидаи ранҷу заҳматҳои мардум мутаассир гашта, бо тааҷҷуб хитоб мекунад :

Чӣ нуқсон дорад ин мардум, ки ин сон
Надорад қадру қимат мисли инсон ?8

Шоир дар байти мазкур бо истифодаи моҳиронаи санъати таҷнис таваҷҷӯҳи хонандаро ба калимаи **инсон** ҷалб менамояд.Ин шеваи  муассири баён дар шеъри «Сайёҳи Ҳинд» низ корбаст шудааст. Дар ин шеър саргузашти фоҷиабори  афғонбачае, ки барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ватанашро тарк намуда, ба Бамбай омадааст ва хоки пои истилогарони нокасро пок месозад, ба қалам омадааст, Шоир дар ин маврид низ бо истифодаи таҷнис ва лутфи шоирона аз ин кишвар рондани истеъморгаронро таъкид намудааст :

Дузди бахти халқҳо минбаъд боз
Пои  худро сӯйи ту созад дароз.
Хоки пояшро набояд пок кард,
Пок аз он бояд, ки акнун хок кард! 9

Дар шеъри «Рӯди Ганг» барои тасвири ҳаёту муборизаи мардуми Ҳинд аз рамзу киноя хеле бамавқеъ истифода шудааст. Шоир дар мисоли рӯдхонаи бузурги Ганг, ки дар воқеъ тимсоли ин кишвар аст, вазъи мардуми онро таҷҷасум намудааст. Шоир бо истифода аз санъатҳои хитобу ташхис ва тамсил мардуми сархаму сокити ҳиндуро ба муборизаву хурӯш даъват менамояд :

Гуфтам : Эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ,
Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ ? 10

Дар шеъри «Боғи муаллақ» табиати зебои Ҳиндустон мавриди тасвир қарор гирифтааст. Боғе, ки дар щаҳри  Бомбай воқеъ аст, бо муъҷизоти худ ҳар бинандаро тасхир менамояд. Вале шоир таъкид  мекунад . ки  зебоии ин боғро ҳузури истилогаролни  англис халалдор месозад. Зеро онҳо  бо ҳадафи ғорати сарватҳои ин  кишвар меҳмон шудаанд.Шоир орзуманди он аст, ки меҳмонони нохонда ин кишварро тарк намоянд :

Фурсати он аст, ки  ин «меҳмон»
Тарк кунад кишвари Ҳиндустон.
Чунки дар ин мамлакат ин зарпараст
Ҳеч ба чизи дигаре дил набаст…11

Шоир таъкид мекунад, ки  ҳарчанд истилогарони англис  дар сарзамини Ҳинд беш аз ду қарн ҳукмронӣ

карданд, вале сазовори эҳтироми мардуми он нагардиданд ва ҳамеша бегона буданд. Аз ин рӯ онҳо бояд ногузир ин кишварро тарк намоянд :

Гарчи дусад сол дар ин хона монд,
Боз ба ин оила бегона монд.
Ҳукми вай имрӯз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм вале бебақост! 12

Манзумаи «Духтари муқаддас» тасвири муборизаи ҳиндудухтарро дар роҳи сулҳу адолат дар бар мегирад. Ин духтари мубориз бо саъю талоши зиёд ба ҷодаи сулҳи ҷаҳонӣ қадам ниҳода, муваффақ мегардад :

Духтари ҳинду адолатхоҳ шуд,
Олам аз таърихи он огоҳ шуд. 13

Шеъри «Бозгашт» фарогири эҳсосоти шоир аз сафари ӯ буда, таассуроташро ҷамъбандӣ менамояд. Шоир, ки аз мушоҳидаи вазъи ногувори мардуми ҷафокаши Ҳинд хеле ғамгин гашта буд, чун қадам ба ватани озоди хеш мениҳад, ҷойи ғаму андӯҳро дар вуҷуди ӯ аз нав шодиву фараҳ мегирад. Байти зер дарвоқеъ бозёфти шоиронаи ӯ буда, мароми башардӯстонаашро таҷҷассум менамояд :

Шодам,
аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.14

Муҳаққиқи осори шоир Ю.Бобоев дар байти фавқ таъсири ашъори Маяковскийро ҷустааст. Вале ба назари мо онро идомаи андешаи башардӯстии Саъдии Шерозӣ дар қитъаи машҳури ӯ ба тақозои замон донистан саҳеҳтар аст :

Банӣ одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор. 15

Мутаасифона, баъзе мукҳаққиқон моҳияти башардӯстонаи шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон»-ро дарк накардаанд ва онҳоро маҳдуд ва танҳо аз «ёддошти ҷанбаҳои манфии ҳаёти мардуми ҳинду»

иборат донистаанд.16 Дар ҳоле ки дар шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» андешаҳои баланди башардӯстӣ пайваста бо тасвири воқеии ҳаёти мардуми Ҳинд баён гардида, аҳамияти умумибашарӣ пайдо кардааст. Аз ин рӯ ҳақ ба ҷониби шоири бузурги озарбойҷонӣ Самад Вурғун аст, ки навиштааст : «Қиссаи Ҳиндустон»-и Турсунзода яке аз муҳимтарин асарҳои замони мо ба шумор меравад. Шоир бо ҳамдардиву ҳиссиёти бузург тарзи зиндагонии халқҳоит Ҳиндустонро бо тасвирҳои қавӣ баён намуда, бадкирдориҳои мустамликадоронро сахт нафрин мекунад».17

Мирзо Турсунзода ба ҳайси раиси Кумитаи шӯравии якдилии Осиё ва Африқо ва яке аз мубориозони фаъоли сулҳ дар ҷаҳон ба кишварҳои дигари Шарқ сафарҳои мутаадди карда, бо ҳаёти мардумони он сарзаминҳо ошно мегардад, аз рӯзгори пурмашаққати онҳо, ки ранҷи истеъморгаронро мекашанд, ғам мехӯрад ва аз муборизаашон баҳри озодиву истиқлдол хушҳол мкешавад. Сафари шоир ба Покистон дар соли 1949 барои ба вуҷуд омадани силсилашеърҳои «Ман аз Шарқи озод» замина муҳайё месозад. Дар ин силсила, ки аз шеърҳои «Ман аз Шарқи озод», «Чашмҳо», «Қиссаи машҳур» ва «Чароғҳои Ватан» иборат аст, шоир мушоҳидаҳои хешро аз ин кишвари тоза ба истиқлол расида баён мекунад, Аз ҷумла ӯ бар асари сиёсати ҷудоиандозии истеъморгарони англис авҷ гирифтани ихтилофи мусулмонону ҳиндуҳоро таъкид намуда, оқибатҳои нохуши онро ба қалам медиҳад.

Мардуми ҷафодидаи Африқо низ ба мубориза бархоста, аз асорати истеъморгарони Ғарб раҳо мешаванд ва озодиву истиқлол ба даст меоранд. Мирзо Турсунзода, ки ба аксари кишварҳои қитъаи мазкур сафар намуда, бо ҳаёти мардумони онҳо шинос шуда буд, дар як силсила шеърҳояш амсоли «Хоҳари мубориз Африқо», «Ҳар касе гӯяд Лумумба», муборизаи ононро баҳри озодӣ тасвир менамояд. Шоир ҳанӯз дар манзумаи

баланди «Садои Осиё» ба бедории Африқо ишора карда буд :

Осиё ҳамроҳи Африқо сухан оғоз кард,
Бо ду дасти худ дари иқболи худро боз кард.18

Дар шеъри «Хоҳари мубориз Африқо» ба мубориза бархостани мардумони ҷафодидаи кишварҳои гуногуни ин қитъа хеле муассир тасвир шудааст. Шоир барои баёни нишонраси матлаб аз санъатҳои гуногуни бадеӣ, ба хусус ташхису суолу ҷавоб моҳирона истифода кардааст :

Пурс акнун,
Кист дорои Ватан ?
Қоҳира аз ҷой бархезад, ки : - Ман !
Кӣ кунад бо ғайр ҷанги сафшикан ?
Алҷазоир хуни худ резад, ки : - Ман !
Кӣ дигар озод мегӯяд сухан ?
Аккра бар дил шавқ ангезад, ки : - Ман !
Кӣ муаттар кард боғи хештан ?
Аз Конакри бод бархезад, ки : – Ман !
Кӣ хӯрад захми паёпай дар бадан ?
Конго хоки хоинон безад, ки : - Ман !
Кӣ адӯрор масс кашонад дар кафан ?
Оби Атлантик бистезад, ки : - Ман !
Дар ҷавоб аз баҳру бар ояд садо :
- Офарин,
эй дӯст, Африқои мо !19

Беваҷҳ нест, ки шоири судонӣ Абдураҳмони **Гулдӣ** аз ашъори ба Африқо ихтисос додаи шоир ба ваҷд омада, аз номи ҳамватанонаш хитоб мекунад : «Мо африқоиён Мирзо Турсунзодаро хуб медонем, Номи ӯ рамзи муборизаи халқҳои Осиё ва Африқо буда, назми оташини вай қалби моро гарм карда, ба касс умед мебахшад ва моро ба мубориза даъват менамояд.»20

Мирзо Турсунзода бо Эрону эрониён иртиботи хосе дошт. Ин иртибот аз овони тифлии ӯ шурӯъ мешавад, ки аз падари бомаърифати худ ашъори Саъдиву Ҳофизро шунида, ба Шерозу шерозиён дил баста буд ва орзӯи дидори он шаҳрро мекард. Баъдтар адабиёти ғании

муштараке, ки мардумони тоҷику эронӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо офаридаанд, манбаъи асосии осори адабии ӯ қарор гирифт. Аз ин ҷост, ки шоир дар ашъори худ пайваста аз шоирони маъруфи гузаштаву имрӯзаи Эрон ёд мекунад. Дар шеъри «Ганҷинаи сурудҳо» муҳаббату мардуми тоҷик ба ин ганҷинаи пурбаҳо ва аз нав эҳё шудани он дар сарзамини қадимии тоҷикон баён шудааст:

Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,
Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун,
Барои Ҳофизу Саъдии Шероз
Намуда тоҷикон оғӯши худ боз.21

Дар шеъри «Тара – Чандри» Мирзо Турсунзода аз рақси дилошӯби ҳунарпешаи ҳинду илҳом гирифта, ба шоирони маъруфи форсизабон Ҳофиз ва Бедил руҷӯъ менамояд, Зеро онҳо низ дар ғазалу маснавиҳои хеш чунин хубрӯёнро васф кардаанд. Агар Бедил зебоиву маҳорати ҳунарпешаи ҳинду Комдеро ба қалам дода бошад, Ҳофиз, ки бо лутфи шоирона ба ивази холи ҳинду ду шаҳри бузургро бахшидааст, дар дили мардуми тоҷик ҷой гирифтааст :

Газал мегуфту дурр месуфт
Ҳофиз – шоири Шероз,
Суханро дода дар васфи шумо, ҷодугарон, пардоз.
Дили тоҷику эронӣ муҳаббатгоҳи Ҳофиз шуд,
Суруди ошиқон ҳамсӯҳбати дилхоҳи Ҳофиз шуд.
Дилу ҷонро фидо кард ӯ
Барои чашми ҷодуе,
Ба зулфони суманбӯе,
Ба холу хатти ҳиндуе.22

Дар шеъри «Таронаи ишқ» шоир дар зимни васфи духтари тоҷик ӯро бо духтарони Шарқи хориҷӣ, аз ҷумла бо духтарони шерозӣ мавриди муқояса қарор дода, ба вазъи ногувори иҷтимоии духтарони эронӣ дар замони шоҳӣ ишора менамояд :

Ёри мову дилбари шерозиён,
Фарқи он аз ин – замину осмон.
Чашми он тарсад шуои барқро,
Рӯйи ин равшан намояд Шарқро.23

Мирзо Турсунзода борҳо ба Эрон сафар карда, аз шаҳрҳои бузурги он боздид намуда, оромгоҳи Саъдиву Ҳофиз ва дигар адибону донишмандони маъруфро зиёрат кардааст. Дар мақолаи «Инсонпарвари бузурги банголӣ» ӯ зимнан ба яке аз сафарҳои худ ба Эрон, ки ба замони даргузашти адиби бузурги ҳинд Робиндронат Такур рост омада буд, ишора намуда, шӯҳрати зиёди ӯро дар Россия, Тоҷикистон ва ба хусус Эрон таъкид мекунад : «Ҳангоми дар Эрон буданам ман аз вафот ёфтани Такур огоҳ шудам. Рӯзнома ва журнолҳои Эрон ашъори ӯро мунташир месохтанд, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёташ мақолаҳо чоп мекарданд ва бисёр шоирон ба хотираи ӯ ғазалу қасидаҳо месуруданд.»24

Мирзо Турсунзода бо шоирону донишмандони муосири Эрон Абулқосим Лоҳутӣ, Саид Нафисӣ, Фурӯзонфар, Парвиз Нотили Хонларӣ, Нодири Нодирпур ва амсоли инҳо дӯстиву робитаи қавӣ дошт. Шоир бо Абулқосим Лоҳутӣ солҳои тӯлонӣ ҳамкорӣ намуда, ӯро чун устод эҳтиром мекард. Меҳру садоқати шоир ба устодаш дар мақолае, ки ба муносибати 80-солагии ӯ навиштааст, возеҳ аст. Дар мақола ӯ шарҳи ҳоли Лоҳутиро дар робита бо вазъи сиёсиву иҷтимоии Эрон, ба хусус бедории миллии мардуми он кишвар ба қалам медиҳад. Ҳамчунин робитаву ҳамкории Лоҳутиро бо шоирону равшанфикрони Кирмоншоҳ таъкид намуда, нақши падараш Илҳомиро дар тарбияи ӯ ёдовар мешавад. Сипас роҷеъ ба роҳи пуршарафи халлоқияти шоир дар кишвари Шӯроҳо, ки беш аз сӣ соли умри худро дар он ҷо гузарондааст, сухан ронда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки Лоҳутӣ ҳарчанд солҳои охир дар Маскав мезист, вале ҳамеша дар ёди ватан буд : «Лоҳутӣ бештар дар Маскав зиндагӣ мекарду ҳамеша Тоҷикистон ва зодгоҳи азазаш Эронро ёд мекард, шеърҳояш гоҳ ба сӯйи Эрон, гоҳ

ба тарафи Тоҷикистон ҳамчун кабутарон болу пар мекушоданд».25

Адибу донишманди маъруфи Эрон Саид Нафисӣ дар суханронии хеш дар анҷумани дувуми нависандагони Шӯравӣ ба осори Мирзо Турсунзода баҳои баланд дода, онро намунаи ибрат барои адибони ҷавони Эрон донис тааст. Шоири шинохта Нодири Нодирпур ба шахсияти волои инсонӣ ва чеҳраи дурахшони шоирии Мирзо Турсунзода ишора намуда, эҳтироми худро ба ӯ таъкид кардааст : «Дӯсташ медоштам, чаро ки чун ӯ марде дар рӯзгори мо бисёр набуд ва бисёр нахоҳад буд.»26 Муҳаққиқи эронӣ Парвизи Дориюш Мирзо Турсунзодаро аз «навоварони шаклу мазмуни назми Машриқзамин» донистааст.

Дар даврони Шӯравӣ, ки динситезӣ авҷ гирифта буд, ҳар чи бо он робита дошт, мавриди танқиду тардид қарор мегирифт. Аз ҷумла баъзе муҳаққиқон ба тасаввуф низ назари нохуш доштанд. Аз ин ҷост, ки як мушоҳидаи донишманди эронии муқими Амрико Иброҳими Пурҳодӣ, ки дар баъзе асарҳои Мирзо Турсунзогда суннатҳои башардӯстонаи тасаввуфро эҳсос карда буд, ба ҳамлаи муҳаққиқони тоҷик дучор омад. Муҳаққиқи аҳволу осори шоир Ю. Бобоев роҷеъ ба ин мушоҳидаи дуруст бо кинояи сахт менависад: «Кашфиёти тааҷҷубовар ! Ҳайрат- ангезии ин «кашфиёт» дар ҳамин, ки муаллифи он баъзе хусусиятҳои маданияти Шарқи асримиёнагиро қориёна ба адабиёти муосир кӯчонда татбиқ карданӣ шудааст».27 Сипас ӯ роҷеъ ба қаробат надоштани фалсафаи марксистӣ бо «фалсафаи идеалистии субъективии тасаввуф» сухан ронда, мубориза Ҳофизро ба аҳли тасаввуф таъкид менамояд ва «адоватро ба сӯи зулму золимӣ ва ҳомиёни он – «сӯфиёни солуси хирқапӯш» далел меорад. Аҷаб аст, ки муҳаққиқони тоҷик ба ҷои таҳсин барои дарёфти ин нуктаи тоза ба маломату мазамматиИброҳими Пурҳодӣ пардохтанд ва ҳатто хостанд ба лабони ӯ мӯҳри хомӯшӣ зананд: «Камолоти эҷодиёти Турсунзода ҳам бо

тараннуми одобу ахлоқ, ҳусниёт, одамият, халқият ва инсонпарварӣ ба ҳосил омадааст. Агар ҳамин фактҳои оддӣ ба ҷанобони китобхонаи конгресс фаҳмо набошад, беҳтар мебуд, ки ба ҳикмати халқ пайравӣ карда, аз коре, ки онро ӯҳда карда наметавонанд, худро канор гиранд».28 Ю.Бобоев бо ҳар роҳ исрор менамояд, ки Мирзо Турсунзода бо тасаввуф ҳеч робитае надорад ва ҳар дастоварде дорад, танҳо натиҷаи «эътиқодмандии коммунистӣ, ифтихори милли ва дӯстдории ҳақиқат» аст. Вале ӯ фаромӯш мекунад, ки тавре зикр шуд, яке аз манбаъҳои асосии осори шоир адабиёти беш аз ҳазорсолаи тоҷику форс буда, ӯ давомдиҳандаи суннатҳои он адабиёт аст ва ин адабиёт, ба хусус осори адибони асрҳои X – XУ-ро бидуни таъсири тасаввуф тасаввур кардан муҳол аст. Осори Низомии Ганҷавӣ ва Саъдиву Ҳофизро, ки Мирзо Турсунзода беш аз ҳама ба онҳо таваҷҷӯҳ дошт ва таъсири осори онҳо дар ашъору маснавиҳои ӯ ҳувайдост, саршори андешаҳои башардӯстонаи тасаввуфианд. Набояд фаромӯш кард, ки маҳз ҳамин ҷанбаҳои инсондӯстии аҳли тасаввуф буд, ки дучори таъқиби рӯҳониёни мутаассиб мешуданд ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ барин дузургони тасаввуфро «сӯфиёни шум» мехонданд. Тавре ки зикр шуд, кулли осори ба Шарқи хориҷӣ ихтисос додаи Мирзо Турсунзодаро ҳам рӯҳияи башардӯстӣ фаро гирифтааст ва баъзе ҳамоҳангиҳоро бо андешаҳои шоирони мутасаввиф метавон мушоҳида кард.

Мавзӯи Шарқи хориҷӣ махсусан, дар манзумаҳои баланди солҳои 50 – 60 асри 20 офаридаи ӯ ба таври хеле барҷаста зуҳур кардааст. Дар манзумаҳои «Садои Осиё»(соли таълиф 1955), «Духтари муқаддас»(1955), «Чароғи абадӣ»(1957), «Ҷони ширин»(1960), «Аз Ганг то Кремл»(1970) муборизаи мардумони азияткашидаи Осиёву Африқо барои ба даст овардани озодиву истиқлол ба қалам омадааст.

Дар «Садои Осиё» бедории Шарқ пас аз хобу ғафлати чандинасра тасвир гардида, аз ҷабру ситам,

таҳқиру бандагӣ, асорату фақирӣ раҳоӣ ёфтани чиниҳову индонезиҳо, бирмагиву сарандебиҳо ва мардумони дигари Осиё таъкид мешавад. Аз байтҳои аввали ин манзума тавассути шикастани мисраъҳо садои пора шудани занҷири асорат ба гӯши хонанда мерасад :

Осиё гӯяд сухан,
Овози онро бишнавед!
Мавҷи дарё,
ғурриши баҳри дамонро бишнавед !
Осиё бедор шуд, бедор,
тарки хоб кард,
Ростиву дӯстиро
оқибат дарёб кард !29

Дар байтҳои боло овозҳои **о** ва **р** беш аз ҳама истифода шуда, барои равшани возеҳ ва муассир зуҳур кардани матлаби шоир мусоидат кардаанд.

Шоир вазъи ғамангези мардуми Шарқро бо тазмини як байти Ҳофиз, ки оҳанги навмедӣ дошта, рӯҳияи мардуми ранҷурро хеле возеҳ ифода мекунад, ба қалам дода, онро ба таври некбинона ва қотеъона тавзеҳ медиҳад :

Шеъри Ҳофизро ба ёд оред, -
дарди Шарқро,
Нолаҳои зор-зору оҳҳои сардро :
«Шаби торику бими мавҷу гирдоби чунин ҳойил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо».
Дар шаьи торик,
бими мавҷ дигар Осиё
Аз сабукборони соҳилҳо надорад шикваҳо.
Мефишоранд аз таҳи дил
Дасти онро дӯстон,
То сари онро расонанд аз замин бар осмон…
Рафт давре, ки ҷудо буданд мисли чашмҳо
Халқҳо-ҳамсояҳо дар сарзамини Осиё…30

Ташбеҳи вазъи мардумони Шарқ ба чашмони сар, ки аз ҳам ҷудо буда, якдигарро намебинанд, парешониву парокандагии онҳоро равшан нишон медиҳад.

Мирзо Турсунзода, ки ба ҳайси раиси қумитаи сулҳ борҳо ба кишварҳои гуногуни Щарқ сафар карда буд, аз вазъи ногуворои мардум огоҳӣ дошт ва аз ранҷу азоби онҳо ғам мехӯрд ва ин кишварҳоро мисли ватани худ дӯст медошт :

Осиё !

монанади модар меҳрубонастӣ маро

Мӯҳраи меҳри дилу беҳтар зи ҷонастӣ маро.31

Озодиву истиқлоли кишварҳои Осиёву Африқо шоири тоҷикро масрур месозад. Ӯ аз дастовварҳои коргарони кишварҳои озоди Чину Миср меболад. Барои муқоясаи дирӯзу имрӯзи кишварҳоти Шарқ ӯ аз як байти Саъдӣ суд мегирад ва онро некбинона бо шодиву нишот шарҳ медиҳад :

Аз гузашти рӯзгори бад

бузургон гуфтаанд,

Дури маъниро ба сӯхони тафаккур суфтаанд:

«Саъдӣ, ту бирав хайма ба гулзори дигар зан,

К-ин меваи боғи ту ба тороҷ расидаст».

Шарқ акнун шод бошадаз самар, аз бори худ,

Хаймаи худро занад дар гӯшаи гулзори худ…32

Мирзо Турсунзода пас аз тасвири дилсӯзонаи дирӯзу некбинонаи имрӯз вазъи мардуми Осиёву Африқо ёди ватани худ мекунад ва саодатманд будани онҳоро таъкид менамояд. Маснавӣ бо хитоби некбинонаи шоир ва таъкиди пойдор будани озодии Шарқ ба поён мерасад.

«Садои Осиё» дарвоқеъ садои озодихоҳони Шарқ гардида, дар кишварҳои гуногуни олам танинандоз шуд ва шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намуд. Нависанда ва донишманди маъруфи қазоқ Мухтор Авезов ба он баҳои баландж дода, навиштааст : «Турсунзода дар достони худ аз номи халқҳои Осиёву Африқо сухан мегӯяд; ба фикри ман ӯ аз чизҳое сухан мегӯяд, ки ҳоло ягон шоири ҳиндӣ, японӣ ё ганӣ аз он хусус лаб накушудааст.»33

Дар маснавии «Чароғи абадӣ» низ Мирзо Турсунзода ҳаёти устод Айниро қабл аз Инқилоби Октабр бо вазъи Шарқ монанд мекунад :

Чу Айнӣ Шарқ асиру бенаво буд,
Ба зери чоҳи зиндон Осиё буд.

Шоир вазъи ногувори Шарқ, харобиву нооромии онро осори истеъморгарони Ғарб медонад :

Ҳанӯз аз Ғарб гар чи танк ояд,
Ба сӯйи Осиё бо ҷанг ояд.
Ҳанӯз аз Шарқ бӯйи дуд хезад,
Сутуни дуди нафтолуд хезад.34

Маснавии «Ҷони ширин» бо хитоби маҳрамонаи шоир ба завҷааш шурӯъ мешавад, вале тадриҷан суханони маҳрамонаи ӯ аз чаҳорчӯбаи хонавода берун шуда, ба доираи кишвар, ватани бузург ва ниҳоят ба Шарқу Ғарб ва кулли ҷаҳон мерасад. Шоир дар ин маснавӣ таасуроти аз сафарҳои зиёд дар роҳи сулҳу амонӣ дар кишварҳои олам бардоштаашро ҷамъбаст мекунад ва ҳадафи аслии худро аз таҳкими дӯстиву пойдории сулҳ иборат медонад :

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Халқҳоро зиндагӣ илқо кунем,
Меҳри дилро ҳадя бар онҳо кунем.
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.35

Дар манзумаи баланди охирини худ «Аз Ганг то Кремл» Мирзо Турсунзода боз ба мавзӯи Ҳиндустон рӯй меорад ва муборизаи мардуми ин кишварро барои оздиву истиқлол ба қалам медиҳад. Ин манзума ҳам аз лиҳозу мавзуъ ва мазмун ва ҳам аз ҳайси тасвир ба «Садои Осмиё» ва «Қиссаи Ҳиндустон» робитаи қавӣ дорад.

Тавре ки аз намунаҳои нақлшуда ҳам бармалост ва муҳаққиқони осоришоир таъйид кардаанд, дар осори ба Шарқ, ба хусус Ҳиндустон ихтисос додаи шоир саноеъи гуногуни адабӣ корбаст шудааст, ки тазоду муқобала миёни онҳо ҷойгоҳи хос дорад. Масалан ин санъат на

танҳо дар тасвирҳои абёту шеърҳои ҷудогона истифода шудааст, балки мабнои кулли силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» бар тазод аст. Шоир зебоии табиати Ҳиндустонро дар мисоли Боғи мауаллақи Бомбай тавсиф намуда, онро ба вуруди киштии бегонагон, ки боиси халадор шудани акси зебои боғ дар об гардидааст, муқобил гузоштааст.Бад-ин минвол ҳаёти мусибатбори мардуми ҳинду бо зиндагиисаодатманди мардумони Шарқи озод дар тазод қарор гирифтааст.

Масъалаи озодии мардумони Шарқ аз мавзӯъҳои умдаи на танҳо осори манзуми Мирзо Турсунзода аст, балки ҳадафу мароми асосии фаъолияти иҷтимоиву зиндагии ӯ будааст, ки дар ин бора борҳо ишора кардааст : «Ман мавзӯъи озодии Шаркро тарк нахоҳам кард, Ба ин мавзӯъ на танҳо кори эҷодии ман, балки тамоми фаъолияти ҷамъиятиам низ бахшида шудааст.»36Азин ҷост ки ин мавзӯъ дар осори мансури публисистии ӯ низ мақоми баланд дошта, алоқаву рағбати зиёди ӯ ба кишварҳои Шарқ дар мақолаҳояш бо самимияту садоқат баён шудаанд. Дар яке аз мақолаҳои илмиаш ӯ навиштааст : «Қисмати Шарқ, қисмати халқҳое, ки ҳозираи онҳо гузаштаи на он қадар дури тоҷикон аст, як employees пораи дили ман мебошад, Агар дили ман ба Ҳиндустони дуру дар айни ҳол наздик мустаҳкам пайваст намебуд, ба эҷоди силсилаи шеърҳои ҳиндустонӣ шурӯъ мекардам ?»37

Дар мақолаҳои «Дӯст ва ҳамсояи бузурги мо» ва «Инсонпарвари бузурги Бангола» муҳаббату самимияти Мирзо Турсунзода ба мардуми Ҳиндустон ва нависандаи бузурги он Робиндранат Такур зуҳур ёфтааст. Мақолаҳои мазкур саршори эҳсоси дӯстӣ ба кишвари ҳинд ва умеду боварӣ баояндаи дурахшони он аст.

Мавзӯъи Шарқи хориҷӣ бо масоили дигари дар осору фаъолияти Мирзо Турсунзода ба хусус ватандӯстии ӯ пайванду иртиботи танготанг дорад. Ӯ дар ҳар ҷойи дунё бошад, ҳамеша дар ёди Ватан аст ва деҳаи худро дар Ҳисори шодмон пеши назар меорад :

Ватан дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Маназ он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.38

Осори ба Шарқи хориҷӣ ихтисос додаи Мирзо Турсунзода на танҳо дар Тоҷикистону ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ мавриди таваҷҷӯҳу тақдир қарор гирифта,сазовори ҷоизаҳои зиёд гардид, балки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда, ба забонҳои гуногуни шарқиву ғарбӣ тарҷумаву интишор ёфт ва дар ганҷинаи адабиёти ҷаҳон ҷой гирифт.

Мирзо Турсунзода дарвоқеъ бо ин осори худ таваҷҷӯҳи оламиёнро ба Осиё ҷалб намуд. Ӯ Осиёро аз нав кашф кард, Осиёе, ки бедор шуда, аз банди асорат раҳоӣ меёфт.Аз ин ҷост, ки нависандаи рус Вера Ибнер менависад : «Ӯ(Турсунзода – М.М.) моро на фақат бо Тоҷикистон, гузаштаву имрӯзи он шинос мекунад, инчунин дарвозаи Осиёро align="left"азнав ба рӯйи мо боз менамояд».39

Шоири шинохтаи Афғонистон Борик Шафеъӣ аз ашъори шоир садои дили Осиёро мешунавад :

Ҳамеша тавонам зи оҳанги шеърат
Садои дили Осиёро шунидан.
Чароғи абадро зи дастат гирифтан,
Ба нураш раҳи орзуҳо кушудан…
Сухан гуфтан аз Шарқи озод бо ту,
Зи Ҳиндустон достонҳо сурудан.40

Бад-ин минвол масъалаи Шарқи хориҷӣ ҳам дар осори манзуму мансур ва ҳам дар фаъолияти иҷтимоъиву сиёсии Мирзо Турсунзода ҷойгоҳи баланд дошта, яке аз авомили асосии таҷасуми симои шоирӣ ва шахсияти ӯ дар ҷомеаи қарни XX мебошад.

## Пайнавиштҳо

1. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан,Душанбе, «Адиб», 2001, с. 302.
2. Мирзо Турсунзода, Дар бораи худам.Осори мунтахаб,ҷ. 1, Душанбе, «Ирфон», 1981, саҳ. 17 – 18.
3. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с. 390
4. Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода. Роҳи нури офтоб, Душанбе, 1964, с. 28.
5. Ҳамон асар, с. 29.
6. Мирзо Турсунзода.Осори мунтахаб, ҷ.1, с.194.
7. Мирзо Турсунзода. Дар бораи худам. Осори мунтахаб, ҷ.1,с. 190.
8. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с. 229.
9. Ҳамон асар, с. 252.
10. Ҳамон асар, с. 238.
11. Ҳамон асар, с. 237.
12. Ҳамон асар, с. 237.
13. Мирзо Турсунзода. Се нозанини Шарқ, Душанбе, «Ирфон»,1967, с.213.
14. Ҳамон асар, с. 60.
15. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт, Теҳрон, с.250.
16. Дар ин бора руҷуъ шавад : Ю. Бобоев. Сипаҳсолори назм, Душанбе, 1971, с.140.
17. Аълохон Афсаҳзод. Ифтихори Шарқ, Душанбе, «Ирфон», 1983, с. 174.
18. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с. 384.
19. Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб, ҷ.1,с.229.
20. Аълохон Афсаҳзод. Ифтихори Шарқ, с. 193.
21. Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб, ҷ.1,с. 190.
22. Мирзо Турсунзода. Се нозанини Шарқ, с. 69.
23. Ҳамон асар, с. 81.
24. Мирзо Турсунзода. Инсонпарвари бузурги Бангола. Куллиёт, ҷ. 3,

Душанбе, «Ирфон», 1979, с. 81.
25. Ҳамон асар, с. 244.
26. Нодири Нодирпур. Ба ёди шодравон Мирзо Турсунзода, маҷаллаи
«Садои Шарқ», 1997, № 9, с.85.
27. Ю. Бобоев. Сипаҳсолори назм, Душанбе, 1971, с. 34.
28. Ҳамон асар, с. 37.
29. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с.381.
30. Ҳамон асар, с.381.
31. Ҳамон асар, с.382.
32. Ҳамон асар, с.386.
33. Ю. Бобоев. Сипаҳсолори назм, с. 31.
34. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с. 367.
35. Ҳамон асар, с. 390.
36. Аълохон Афсаҳзод. Ифтихори Шарқ, с.188.
37. Мирзо Турсунзода. Андешаҳо дар бораи лирикаи гражданӣ. Куллиёт,ч. 3, с.111.
38. Мирзо Турсунзода. Ҳамеша бо Ватан, с. 121.
39. Вера Ибнер. Бузург ва зебо, ҳафтаномаи «Литературная газета», 1960, 20.02.1960.
40. Борик Шафеъӣ. Ба хотири даргузашти аламноки шоири сулҳу озодӣ Мирзо Турсунзода, маҷаллаи «Садои Шарқ», 1997,№9 , с,84.

## ШОИРИ ДАРДОШНОИ МИЛЛАТ

Шоирон ба дунёи шеър бо роҳҳои гуногун ворид мешаванд. Яке роҳи ҳамвору фарохи суханварони бузурги пешинро интихоб мекунад. Дуввумӣ қадамхои нахустинро дар ин рох мегузорад, вале азми кушудани пайраха мекунад ва аз тариқи он ба олами шеър мерасад. Саввумӣ аз аввал бо роҳи тозае, ки бо тешаи ҳунари худ тарошидааст, ба рағми мушкилоти зиёд ба дунёи шеър меравад ва дар он ҷаҳони

худро бунёд мекунад. Рудакиву Фирдавсӣ, Анвариву Низомӣ, Саноиву Хайём, Саъдиву Ҳофиз, Ҷалолиддини Румиву Абдураҳмони Ҷомӣ, Соибу Бедил, Иқболу Шаҳриёр, Турсунзодаву Халилӣ, Нимо Юшичу Парвини Эътисомӣ ва чанд суханвари бузурги дигари форсигӯй бо чунин рох рафта, хар кадом дар олами шеър дунёи худро офаридаанд ва даҳҳо шоирон аз пайи онон рафтаанд.

Аз х,амин зумраи ангуштшумори суханварон буд шоири забардасти тоҷик устод Лоиқ Шералӣ, ки аз ибтидо бо рохи фароху хамвори дигарон рафтанро азоб дониста, бо ҷодаи хеш вориди дунёи шеър гардид. Ӯ дар дехаи Мазори Шариф дар миёни кӯҳсорони  баланду рӯдхонаи пурхурӯши Зарафшон ба дунё омад. Дар маконе, ки Рӯдакии бузург бачагиву наврасиро гузаронида, сипае роҳи Самарқанду Бухороро пеш гирифта буд. Вале Лоиқ бо он роҳ нарафт ва озими пойтахти навини тоҷикон шахри Душанбе шуд. Ӯ қабл аз хама бо дунёи шеър ва роҳҳои бузургони адаби форсии дарӣ ошно шуда, аз самари бӯстони осори онон бархурдор гардид ва саранҷом роҳи хешро дар олами бекароии шеър боз намуд.

Шеъри нахустин Лоиқ, ки бо унвони «Ном» чоп гардид, барқе буд дар осмони шеъри имрӯзи тоҷик, ки таваҷҷӯҳи ҳамагонро ҷалб намуд. Дар он солхо умуминависиву пургӯӣ дар шеъри тоҷик авҷ гирифта, бозори васфу ситоиш гарм буд. Вале дар шеъри мазкур сухан аз манияти шахс, аз мақому манзилати инсон дар ҷомеа, аз гузоштани коми нек дар зиндагӣ мерафт. Шоир аз шеъри аваал ба худшиносиву худогоҳӣ майл намуд ва ин майл то охир дар офаридаҳои ӯ идома дошт.

Шеъри мазкур тасвирҳои дилнишину тавсифҳои рангин надошт, вале ба сони чашмаи кӯҳсорон софу беғубор, шаффофу равон буд ва дар умқ ҷавҳари худшиносиву худогоҳӣ дошт. Ин ҷавҳари худшиносӣ, ки дар шеъри аввалини Лоиқ; ҷанбаи фардӣ дошт, минбаъд сайқалу рушд меёбад. Худшиносии наврасе, ки мехоҳад бо ҳаккокии ном бар рӯйи санг аз худ нишоне бигузорад, тадриҷан боло меравад, вусъат меёбад ва дар ашъори ласин ба худшиносии миллӣ мерасад. Ҷавхари худшиносиро ҳатто дар ашъори ишқии шоир хам метавои мушоҳида кард. Ошиқ дар ашъори Лоиқ  майл ба худогоӣ  дорад ва онро мояи бақо медонад:

Ошиқӣ ҳам санъати фарзонаҳост,

Ҳар ки худро ёфт,  алҳақ  бефаност.

- х -

Дилро ба қумоши ишқ савдо кардам,

Дар синаи гарми шавқ маъво кардам.

То ин ки дар ин ҷаҳон биёбам ҷое,

Худро зн ҷаҳони хеш пайдо кардам.

Баъзе муҳаққиқон дар ашъори Лоик мавзӯъро хеле муҳим қалам- дод кардаанд, ки дуруст нест. Зеро Лоиқ маҳз ба хотири матраҳи мавзӯъе шеър нагуфтааст. Мавзӯи шеърҳои ӯ худи зиндагист, руй-додҳои мухталифи он аст. Ӯ ҳамеща саьй мекард, ки эҳсосу_андешаи тозае, бардошти хосеро аз рӯйдодҳои зиндагӣ иброз дорад. Ӯ ба зиндагӣ назари шоирона ва ҳакимона дошт. Аз ин ҷост, ки дар ҳар шеъри ӯ як нигоҳи тоза, як ҳикмати то ҳанӯз надидаву дarкнакардаи зиндагиро .метавон дарёфт. Муҳимтарини ин ҳикматҳо ҳамоно ба андешаи худшиносӣ марбут аст, ки раҳнамову ҳидоятгари ӯ ба гузаштаву имрӯзи инсон, таъйини мақому манзалати он дар ҷомеа аст. Худшиносӣ дар ашъори шоир мавзӯи хосе нест, ки ӯ дар шеъри ҷудогонае перомуни он баҳсу баррасӣ карда бошад. Окро дар ҳар замина, ҳам дар баёни андешаҳои иҷтимоӣ, ҳам дар зимни ибрози эҳсосоти ошиқона ва ҳам дар нуктаҳои ахлоқиву фалсафии ашъори шоир метавон пайдо кард.

Худшиносии Лоиқ маншаъ аз тамаддуни волок ниёгсн мегирад, аз тазоди некиву бадӣ, равшаниву торикӣ, аз талошҳои Аҳура Маздову Аҳриман, Коваву Заҳҳок сарчашма дорад. Аз ин ҷост, ки дар пиндори шоирии ӯ Кова ҳанӯз зиндааст ва дар ҳама ҷои дунё зидди бедодиву ситам, ки бозмонда аз Аҳриману Заҳҳоканд, мубориза мебарад, то даме ки зиштиву нопокӣ, зулму ситам, беадолативу нобаробарии иҷтимоӣ вуҷуд дорад, Кова муборизаи худро идома медиҳад ва кини фарзандони ҷавонмаргашро аз золиму ноҷавонмардон меситонад:

Кова зиндасту нахоҳад мурдан,
Ҷони худро зи қазо бирҳонад,
То зи Заҳҳоки ҳама давру замон
Кини ҳабдаҳ писараш настонад.
Кини у нест фақат дар дили ӯ,
Кини ӯ дар дили ҳар инсон аст.
Кова як Коваи Фирдавсӣ нест,

Кова исёнгари ҳар даврон аст.

Хоса имрӯз, ки як он кофист,

То шавад зеру забар кулли ҷаҳон.

Хоса имрӯз, ки имое бас,
То шавад қасри тамаддун вайрон.
Кова ҳушёртару зиндатар  аст,
Муштҳо гурзаи пуртобтаранд.
Алҳазар, холигарони Заҳҳок
Писари ҳаждаҳумашро набаранд...

Қаҳрамонони ашъори Лоиқ дорои рӯҳу иродаи қавианд. Фирдав-сиву Рустам ин ду қҳрамони маҳбуби шоир маҳз бо рӯҳи қавию аз-му суботи матин дар ҳамаи давру замонҳо номбардору муҳофизони мардуманд. Ҳатто мурдаи онҳо аз зиндагон болотар аст:

Пирамарде гуфт: «Гохо ҳазратам
Мурдаҳо аз зиндаҳо афзалтаранд.
Фатҳи кӯҳ аз фатхи рӯҳ осонтар аст,
Мурдахо аз.зиндахо пурдилтаранд».

Лоиқ ҳам мисли Фирдавсӣ Рустамро тимсоли худшиносиву худогоҳии мардум қарор додааст. Рустам дар ашъори Лоиқ ҳам муборизи роҳи озодиии мардум, бахту саодат ва доду адолат аст. Ӯ ҳамеша алайҳи зиштиву адоват меҷангад, барои худшиносӣ мубориза мебарад:

Дар куҷое, ки рӯҳи озодон
Мвшавад пойкуби  шайтонҳо.
Дар кучое, ки мешавад саркуб
Худшиносиву шӯру исёнҳо
Мепарад Рахш ҷониби майдон
Ҳамчу рӯҳи шикастнодида.
Рустами ял ба хонаи зинаш
Рӯҳи мардонагӣ санҷида.

Рукни мухими худшиносӣ дар ашъори Лоиқ забони модарист, ки на танҳо нишонан ифтихори мардум аст, балки сармояи маънавӣ ва ҳуввиятн миллии ҳар фард мебсшад.

Меҳрн ватан аз нигохи шоир бо эҳтироми забони модарӣ робитаи мустақим дорад, зеро:

Он яке қадри сухангумкардае,
Дигар.е боғу чамангумкардае.
Аз забони модарй гумкарда лек
Мерасад рӯзе ватангумкардае...

Байти маъруфи шеъри мазкур имрӯз чун ҳикмати зиндагӣ ба шиори мардуми тоҷик табдил ёфта, баро« бедории миллии забонгумкардагони зиёде асар мегузорад:

Заҳр бодо шири модар бар касе,

К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

Дарвоқеъ, ҳикматписандиву ҳикматбаёнӣ дар шеъри Лоиқ беш аз дигар шоирони муосири порсигӯй (ба истисноu Муҳаммад Иқболv Парвини Эътисомӣ) ҷой дорад. Баъзе байтҳои ҳикматомези Лоиқ ҳамсанги абёти ҳикмату андарздори шоирони классик буда, имрӯз моли халқ шудаанд:

Бузургонро бузургон зинда медоранд,

Бузургснро бузургсни дигар поянда медоранд.

* * *

Одамӣ аз худписандӣ, худсарӣ,
Қатра ҷуста баҳрро гум мекунад.

* * *

Мулк сангистону мо бесангарем,

Сарбасар сардору мо бесарварем.

* 1* *

Соҳиби сарчашмаему ташнаем,
Соҳиби ганҷинаему абтарем.

* * *

Ҳар қадар рост бигӯӣ, ки ба хато мепечӣ,

Равӣ ҳар қадр ба боло, ба бало мепечӣ.

*   * *

Ҷаҳон бишносадам боке набошад,

Агар.худро шиносам, сад ҷаҳонам.

*   * *

Ҳама ғамро бувад хурсандӣ дар пай

Ғаме аз беғамӣ бадтар набошад....

Ё худ ғазали зерини Лоиқ саросар аз ҳикмат таркиб ёфтааст:

Аз санг кӯҳе чун фитад, сад сангро беҷо кунад,
Марде чу номардӣ кунад, сад мардро расво кунад.
Нодон чу доноӣ кунад, аҳсан бигӯемаш ҳама,
Аммо чӣ битвон кард агар нодоние доно кунад?
Шавқе агар саркуб шуд, нохуб шуд, нохуб щуд,
Аз кур завқе дод агар истеза бо бино кунад.
Ҳар кас тавонад рӯдро бо ҷӯйҳо созад ҷудо,
Он кист, к-аз дарёдилӣ як қатраро дарё кунад?

Ҳодисаҳои нохуше, ки пас аз фурӯпошии давлати Шуравӣ дар кишвари тоҷикон рух доданд, раванди худшиносиро дар осори Лоиқ хеле ривоҷ дода, ҷанбаҳои тозаи онро зоҳир намуданд. Худшиносӣ бо дарду алам, ғаму ғуссаи зиндагӣ бештар омезиш ёфт. Воқеаҳои хунину нангин бори дигар зарурати худшиносиро барои ҳар фарди тоҷик нишон доданд. Бори дигар ҳақ будани шоир собит гардид, ки қабл аз вуқуи ҳодисаҳои хунин таъкид мекард, ки мо бояд ба худшиносӣ бипардозем, душманеро, ки дар дилу дар ниҳоди мост, мағлуб созем:

Дили мо арсаи ҷанги ҷаҳонист,

Дили мо саҳни разми ҷовидонист.

Дар ин дунё на танҳо бар адувон,
Зафар бар хештан ҳам қаҳрамонист.

Дар замоне, ки Тоҷикистонро ҷанги бародаркушӣ фаро гириф- та буд, Лоиқ сукут накард ва бо эҳсоси баланди ватандӯстона фоҷиаи мидлатро ба қалам дод ва мардумро ба иттиҳоду ҳамбаста- гӣ, худшиносиву худогоҳӣ даъват намуд.. Ӯ ба мардуми тоҷик ҳушдор дод, ки имрӯз мубориаи Аҳура Маздо ва Аҳриман идомадорад ва зиштӣ бар некӣ ғолиб омадааст ва миллати бостонии тоҷик дар вартаи ҳалокат аст ва бояд худро наҷот диҳад :

Гунаҳи мост ҳолия ин хок
Мадфани  мурдагони бегунаҳ аст.
Гарданафроз мардуме будем,
Гарданамон ба ҳалқаи расан аст.
Тоҷико, асли хешро дарёб
Варна фардот бенишон шудан аст.

Дар шеърҳои Лоиқ, ҳанӯз қабл аз  ҳодисаҳои хунин навишта шуда буданд, омилҳо ва заминаҳои ба ин ҳолати ногувор расидани  мардуми тоҷик ба қалам омадааст. Дурӣ аз асли хеш, бехабарӣ аз фарҳанги ғании ниёгон, адами худшиносиву худогоҳии миллӣ, маҳалгароиву бегонапарастӣ ва амсоли инҳоро шоир аз омилҳои  касоди маънавӣ ва ахлоқӣ медонист, ки билохира  мунҷар ба касоди куллии ҷомеа вас ар задании  ҳодисаҳои нохуш гардиданд :

Миллати мо миллати яклахт нест,
З-ин сабаб хушдавлату хушбахт нест.
То ғамони  хешро ғамхора нест,
Миллати мо миллати якпора нест.
Шаҳманиш будан барояш каҳкашист,
Хештаннашносии ӯ худкушист.

Заминаву омилҳои  таназзули  худшиносии мардуми тоҷик махсусан, дар силсилаи охирин шеърҳои шоир «Фарёди

бефарёдрас» басе возеҳу равшан, муассири нишонроасбаён шудаанд, Ин шеърҳо, ки аз каҷдору марезҳои замони шӯравӣ, аз сиёсати бемантиқу бебунёди идеологӣ, аз фишоору тазйиқҳои иапънавӣ ба мардум ва амсоли инҳо ҳикоят мекунанд, моломоли дарданд. Шоир аз он ғусса мехӯрад, ки Зарафшон – он мавзее, ки кӯҳҳояш пур аз ганҷ аст ва мисли Рӯдакиву Туғрал бузургоне парвардааст, имрӯз танбокукор шудааст ва тифлонаш «аз барги талхи танбону ба гардан банди салосил мекашанд», модари тоҷик аз обу ҳавои заҳролуд ғизо мегирад. Шоир ғам мехӯрад, ки имрӯз дар маҳди тамаддуни тоҷикон Бухорои шариф – зодгоҳи Ибни Синову Муҳаммад Авфӣ, Донишу Айнӣ забону фарҳанги асили тоҷикӣ рӯ ба нестӣ мениҳад :

Ин замон андар Бухорои шариф
Худшиносон худфидоӣ мекунанд,
Нохудогоҳон худоӣ мекунанд,
Он Бухоро,
Он қадамгоҳи бузургон
Шуд адамгоҳи бузургон…

Шоир аз бефарҳангиву бепарвоӣ, беҳавсалагиву коҳилӣ, дурӯягиву ҷоҳилии як тоифаи мансабхоҳу ҷоҳталаб, ки мардумро гумроҳ карда, сабабгори ҷанги бародаркушӣ шудаанд, сахт дилгир аст. Парешониву беҳолӣ, сарсониву оворагӣ, фақри моддиву маънавии мардум шоирро басо мутаассир кардаанд. Ӯ аз сарварони беор, ки «дар забон қариби халқ, ҳомиву ҳабиби халқ», вале «дар ниҳон рақиби халқанд», нафрин мехонад. Шоир дар ҳайрат аст, ки кишвари тоҷик бо ҳама пурганҷӣ мардуми фақир дорад, мардуме, ки дорои фарҳанги бостонист, имрӯз аз бефарҳангӣ маҳалгироиро шиор кардааст, фарзандони Коваи одангар сӯзангарӣ мекунанд, ба ҷои некиву накӯкорӣ ба бародаркушӣ машғуланд…

Дар як силиса шеърдое, ки шоир аз вазъи ногувори фоҷиабори мардуми тоҷик сухан меронад, худшиносиву худогоҳӣ барангезандаи эҳсосу ҳаяҷони ӯ мебошад. Шоир бо таассуфи зиёд таъкид мекунад, ки сарзамини бузургу паҳновари Эронвич ва Хуросони бузурги бостон имрӯз пора-пора гаштааст ва ватани ӯ ба як мулки хурди кӯҳистонӣ табдил ёфтааст. Ватане, ки замоне «байту шшараф» буд,

имруз «байтулҳазан» гаштааст, ватане, ки дар паҳновариву сарсабзӣ беҳамто буд, имрӯз ҳоли ҳузноваре дорад:

Гирям аз он ки ту танҳоиву ман танҳотар,
Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам.

Аксари шеърҳои солҳои охири Лоиқро оҳанги ғаму андӯҳ фаро гирифтааст. Шоир на танҳо аз ҳодисаҳои нохуши ҷанги дохилии кишвар, балки аз таърихи ноҳамвору фоҷиабори миллаташ низ сахт андӯҳгин аст.Ғуссаи ӯ дар он аст. ки миллати точик дар дарознои таърих ҳамеша ҷабру зулми аҷнабиёни истилогарро кашида, пораву парешон гаштааст, мулки худро ба тороҷ дода, имрӯз ҷабр мекашад:

Ҷабри таърих ягон халқ надидаст, ки мо,
Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо.
Миллате зери фалак бо ҳама фарҳанги сутург,
Ин қадар зиллату хорӣ накашидаст, ки мо.

Вале шоир навмед намешавад ва ба неруи хиради миллате, ки ин қадар ҷабру азоб кашида, боз дам зиндаву устувор мондааст, бовар дорад. Лоиқ ҳам мисли Ҳофиз бовар дорад, ки аз паси шаб субҳ хоҳад омад: .

Куштаи бисёр додӣ, боз рӯҳат зинда аст,
Поя дар ин хок дорӣ, давлатат поянда аст.
Гарчи аз домони кӯҳат рӯди хун ҷорӣ шуда,
Қуллаи кӯҳат нишони қуллаи оянда аст.

То туро бетоб дидам, тоб хӯрдам рӯзу шаб
Шукри борӣ аз паи шаб субҳи ту тобанда аст.

Шоир аз бемории миллату давлат ранҷ мебурду менолид ва аз шифои тадриҷии онҳо тасаллӣ мееёфту меболид. Ӯ аз гузаштани ҷанги бунёдсӯз ва фаро расидани сулҳи бунёдкор дар кишвари ҷафоди-

даи точикон хеле хушҳол шуда, тақвияту таҳкими сулҳи деринти-
зорро таманно мекард. Вале дарди шоир .танҳо бо дарди миллату
кишвари худ маҳдуд камешуд. Дар дили дардошнои ӯ ғами дунё ҳам
ҷой дошт:

Чаро мо ин қадар дардошноем?
Куҷо дард аст, дарди худ бидонем.
Ғами дунё ҳама андар дили мо,
Ҷаҳон дар мост ё мо дар ҷаҳонем.

Қаҳрамони ашъори Лоиқ дар роҳи худшиносӣ ҳамеша кӯшову пӯёст ва ҳеҷ гоҳ аз худи ҳамзамононаш қаноатманду розӣ нест. Ӯ мехоҳад, ки ҳамзамонаш сарбаланду лекном, бофарҳангу бонизом, ватандӯсту соҳибкалом бошад, қадри вақтро донад, аз он барои пешрафти миллат, хушбахтии ҳамзаминону ҳамзамонон баҳра гирад.

Лоиқ андешахои волои ватандӯстиро дар қолабҳои зебову пирояи шево бозгӯ кардааст,. ки баррасии онҳо мавзӯи баҳси ҷудогона аст. Ин ҷо танҳо бо зикри ин нукта иктифо мешавад, ки хидмати Лоиқ дарривоҷу густариши тозаи анвои кӯҳани шеъри форсиву тоҷикӣ ба хусус ғазалу рубоӣ бузург аст. Зеро аксари шоирони муосири тоҷик навъҳои мазкурро кӯҳнашуда маҳсуб мекарданд ва аз истифодаи онҳо худдорӣ менамуданд. Вале Лоиқ бештару беҳтар аз хама суханварони муосир ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ суруд, ҳамчунин фард ё такбайтро, ки ҳатто дар девони шоирони гузашта ба нудрат дучор меояд, хелеривоҷу густариш дод.

Устод Лоиқ Шералӣ, ки меросдори фарҳанги бостонииориёист,
ҷавҳари аслии он фарҳангро, ки набарди некиву бадӣ, пирӯзии пин-
дори нек, рафтори нек ва гуфтори нек аст ва дар Авастову Худойно-
махо, Пандномаву Зафарномаҳои аҳди бостон оғоз ёфта, дар Шоҳномаи безаволи Фирдавсӣ, Маснавии Маънавии Ҷалолиддини Румӣ, андарзномаҳои Рӯдакиву Носири Хусрав, Саъдиву Ҷомй, Соибу Бедил, Донишу Айнӣ идома пайдо кардааст, амиқан дарк намуда, дар сурудаҳои худ бо эҳсосу андеша ва тасвирҳои тоза таҷассум карда буд. Шоир бо ашъори салису рангин ва фалсафиву хикматоини худ

пайваста ин бозёфти пурбахои ниёгонро ба ҳамватанони оқилу ғофил, ба ҳамзабонону ҳамзаминони ҳамдил талқин мекард, то ватани хурду сайёраи бузургро аз вартаи касоди маънавӣ наҷот диханд ва қарзи фарзандиро назди миллату башар бо сарбаландӣ адо намоянд. Шеъри Лоиқ имрӯз ва фардо ҳам ин рисолати таърихиро иҷро хоҳад кард.

## Сатрҳои муҳаббат

Бӯ стони адабиёти тоҷ ик имрӯ з пур аз ниҳолону дарахтони гуногун аст, ки ҳар яке бо шоху барг, гулу самари худ ба мардум неъмату лаззат, шодиву фараҳ ва сururу тараб мобахшанд. Миёни онҳо чанд дарахти тануманде ҳастанд, ки басо пуршоху пурсамар буда, аз меваҳои лазизи онҳо ҳамагон - кӯдаку наврас, пиру ҷ авон лаззат мебаранд. Яке аз чунин дарахтони тануманди пурсамар дар бӯ стони адабиёти тоҷик Шоирп Мардумии Тоҷ икистон Гулназар Келдӣ мебошад.

Гулназар 20-уми сентябри соли 1945 дар деҳаи зебоманзари Дардари ноҳияи Айни (Заҳматобод ва Фалғари собиқ) Тоҷикистон ба дунё омадааст. Зодгоҳи Гулназар рустои камзамини кӯ ҳистон буда, таърихи хеле қадимӣ дорад. Бесабаб нест, ки соли 1989 ҷ ашни 2500 - солагии он бошукӯ ҳ баргузор гардид. Дар бораи таърихи деҳа, ёдгорихои таърихиву фарҳангӣ, корномаи мардуми он, намояндагони машҳури илму фарҳанги ҷ умҳурӣ , ки аз ин деҳа бархостаанд, рисолаи гаьрихии Пиронкул Ҷ онмаҳмадов ҳикоят мскунад. Деҳаи мазкур ва мардуми соҳибзавқу бомаърифати он, ки давраи тифливу наврасии Гулназар дар оғӯ ши онҳо гузаштааст, бешубҳа яке аз омилҳои асосӣ ва заминаи рушду камолоти ӯ чун суханвар мебошанд.

Албатта, омили асосии ҳамчун шоир ба камол расидани Гулназар ҳам истеъдоди худодод аст, ки бидуни он шоири асил ба вуҷуд намеояд. Вале истеъдоди табиӣ танҳо донаест ё тухмест, ки ниёз ба хоку об, ғизову муҳити созгор ва талошу парвариш дорад. Хушбахтона, барои Гулназар ин заминаҳо муҳайё буданд. Модари ӯ зани хеле меҳрубону ҳалим ва кони байту рубоӣ буданд, ки коми писарчаи кучак ва хеле ҳассосро аз тифлӣ бо шеъру тарона бардоштанд. Падари шоирро мардуми деҳа бо эҳтиром Мирзокелдӣ меномиданд, ки аввалан кӯ тоҳшудаи Мирзоев Келдӣ аст. (Зимнан бояд гуфт, ки як вежагии лаҳҷ аи Дардар, ки дорои хусусиятҳои хос буда, ба ҳеҷ лаҳҷ аи дигар монанд нест, ин кӯ тоҳ кардани калимаву ибораҳост). Сонияи Мирзокелдӣ ҳарчанд деҳқон буданду маълумоти олӣ надоштанд, вале дорои саводи хуб

буда, шеърҳои зиёдеро аз шоирони классик медонистанд ва аз ҳама муҳиммаш ҳамеша бо лаҳни ба худ хос ба забони адабӣ ҳарф мезаданд.

Ҳамин муҳити созгори ōнаводагӣ ва тарбияти волидон буд, ки ҳар се писари онҳо (як писар дар чавонӣ бар асари беморӣ фавтидааст) чун шахсиятҳои маъруфи ҷумҳурӣ ба камол расиданд. Фарзанди аршади хонавода Умед Келдиев сиёсатшинос ва таърихдони маъруф буда, солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои масъули давлатӣ кор кардааст ва дар солҳои охири умр сардабирии маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» ва мудирии Хонаи маорифи сиёсии ҷумҳуриро ба ӯхда дошт. Фарзанди дигари оила Имомназар Келдиев олими машҳур, доктори илмҳои таърих, профессор, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ буда, солиёни зиёд дар вазифаи мудири шӯъбаи Институти таърихи ҳизби Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, мудири курсии Донишгоҳи кишоварзӣ кор кардааст. Духтарони оила низ мактаби миёнаро хуб ба поён расонданд, вале муҳити деҳа ва рӯзгори хонаводагӣ имкон надоданд, ки таҳсилро идома диҳанд.

Мактаби деҳаи Дардар, ки онро Гулназар соли 1961 бо медали тилло ба поён расондааст, аз машҳуртарин мактабҳои на танҳо ноҳияи Айнӣ, балки водии Зарафшон ва кулли ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Зикри хамин далел кофист, ки аз дастпарварони ин мактаб 2 нафар узви Академии улуми Тоҷикистон, беш аз 20 нафар доктори илм мебошанд. Муаллимони ин мактаб Холбутта Маҷидов, Фахриддин Маликов, Икром Раҳмонов, Гулмирзо Ҷабборов, Ҳобил Ҷабборов, Соҳиббой Ниёзов, Пирон Шодиев, Шералӣ ва Ёралӣ Ниёзовҳо, Аброр Шомирзоев, Пирмаҳмад Бойматов, Топкамбой Ҷумъаев, Абдумӯьмпн Ҷумъаев, Пиронқул Ҷонмаҳмадов, Туракул Холиқов, Ҳосил Мнрзоев, Муллоаҳмад Орифбоев, Мирзораҳмат Саидов ва амсоли онҳо обрӯ ву шӯҳрати зиёд доштанд. Масалан, омӯзгори риёзиёт Ф. Маликов, вақте ки шӯьбаи ғиёбии факултаи риёзиёти Донишгоҳп омӯзгории шаҳри Душанберо ба поён мерасонад, бо дониши амиқу васеи худ устодонро ба ҳайрат меорад ва ӯро ба омӯзгорӣ дар донишгоҳ даъват менамоянд.

Солҳое, ки Гулназар дар мактаби мазкур таҳсил мекард, аз забон ва адабиёти тоҷик ду шоири ҷавон - Қутбӣ Кибром ва Адирмуҳаммад Зафарзода дарс мсгуфтанд. Онҳо ба Гулназар олами пурасрорп шеъру шоириро боз намуда, аввалин сурудаҳои ӯро веросторӣ мекарданд, ба ӯ маслиҳату машварати судманд медоданд.

Бо ин ҳама муҳимтарин омиле, ки ба рушду камолоти Гулназар на танҳо чум шоир, балки инчунин шахсияти фарҳехтаи фарҳангӣ мусоидат намудааст, ба назари мо меҳнатдӯстии ӯст. Гулназар аз хурдӣ ёвари асосии падару модар дар ҳамаи корҳои рӯзгор буд, зеро бародарони бузург ба сабаби дар он солҳо набудани клоссҳои болоӣ дар мактаби деҳа барои идомаи таҳсил ба шаҳри Душанбе рафта буданд. Ӯ дар мактаб низ на танҳо бо баҳои аъло мехонд, балки дар хамаи корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзид. Дар давраи таътили тобистона ҳам ба корҳои мактабу кишоварзӣ машғул мешуд. Мисли дигар ҳамсолон вақтро беҳуда намегузаронд. Бо ҳидояту маслиҳати падар ба қадри вақт расиданро омӯхта буд, зеро падар хар замон ин байти Ҳофизро хотиррасон намуда шарҳ медод:

Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз умр, эй ҷон, як дам аст, то донӣ

Гулназар аз хурдӣ ба ҳайвонот дилбастагии зиёд дэшт, ба заргӯшпарварӣ шуғл меварзид ва хари таърифии падарро хуб иигоҳубин мекард. Зимнан бояд гуфт, ки дар бораи хари думбуридаи онҳо мардуми деҳа мақоле ҳам сохта буданд, ки ҳарчанд аз он хар ному нишоне намондааст, вале мардум то имрӯз он мақолро истифода мебаранд: То ин кор тамом мешавад, ки думи хари Мирзокелдӣ ба замин мерасад...

Ба умеди ошноии бештар бо асрори шеър ва омӯхтани адабиёти бою қадимии ниёгон Гулназар соли 1961, пас аз хатми мактаби миёна, ба факултаи таърих, забон ва адабиёти Донишгохи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1966 онро бо диплэми аъло ба поён расонид. Дар солҳои таҳсил дар донишгоҳ низ ӯ меҳнатдӯстиву талоши илмомӯзӣ зоҳир менамуд. Аз фаъолони маҳфили Адибони ҷавони донишгоҳ буд, дар конфронсҳои илмии донишҷӯён пайваста суханронӣ мекард, дар нашри рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» бо дӯсти ҳамсабақаш Саидалӣ Маъмур ҳамкорӣ менамуд, дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ шеъру мақолаҳо чоп мекард.

Фаъолияти кории худро Гулназар соли 1966 дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз вазифаи ходими адабӣ шурӯъ намуда, дар як муддати кӯтоҳ ба вазифаи мудири шӯъба ва муовини сардабир расид. Солҳои кор дар рӯзнома барои шоири ҷавон давраи омӯзиши ҷиддии ҳаёт буд. Инро аз мақолаҳои ӯ низ метавон пай бурд, зеро дар онҳо назари амиқу дақиқи рӯзноманигори ҳирфаӣ ба ҳаёт ва мушкилоти он эҳсос мешуд.

Дар ҳар мақола ягон масъалаи ҳассоси зиндагиро ба миён мегузошт ва роҷеъ ба роҳҳои ҳалли онҳо изҳори назар мекард. Масалан, дар мақолае, ки сӯҳбати ӯ ро бо ронандаи номдор Алла Ҷӯ рақулов дар бар мегирифт, масъалаҳои муҳими роҳсозӣ дар ҷ умҳурӣ ва зарурияти он дар кӯ ҳистон матраҳ шуда буданд. Ё худ бо мақолаи дигари худ ӯ дар яке аз мактабҳои ноҳияи Қумсангир сарояндаи ҷ авони соҳибистеъдодро кашф намуда, ӯ ро барои омадан ба пойтахти ҷ умҳурӣ ташвиқ кард. Аз он сарояндаи ҷ авон ҳунарпешаи номдор Мастона Эргашева ба камол расид. Фаъолияти рӯзноманигории Гулназар то имрӯ з идома дорад. Ӯ солҳом тулонӣ дар маҷ аллаи адабии «Садои Шарқ» мудири шӯ ба ва дар хафтапомаи «Адабиёт ва санъат», «Ваҳдат» ва маҷ аллаи байналмилалии «Пайванд» сардабир буд.

Гулназар дар ҳаёти фарҳангиву иҷ тимоии ҷ умҳурӣ фаъолона ширкат меварзад. Ӯ раиси Шӯрои назми Иттифоқи нависандагони Тоҷ икистои буда, дар тарбияи шоиронн ҷ авон саҳми бузург дорад. Ӯ узви Иттифоқи нависандагон ва Иттиҳодияи рӯ зноманигорони ҷ умҳурӣ аст. Ӯ вакили Шӯрои намояндагони шаҳри Душанбе ва Маҷ лиси намояндогони Маҷ лисяи Олии Ҷ умҳурии Тоҷ икистон буд.

Ба шеърнависӣ Гулназар ҳангоми таҳсил дар мактаб шурӯ ъ кардааст. Шеърҳои аввалини ӯ дар рӯзномаҳои «Пионери Тоҷ икистон», «Комсомоли Тоҷ икистон» ва маҷ аллаи «Машъал» чоп шудаанд. Маҷ мӯ аи нахустини ашъораш «Расми сарбозӣ» соли 1969 ба табъ расид ва он аз вуруди як шоири соҳибсалиқа ба олами адабиёти тоҷ ик муждагонӣ дод. Ин маҷ муаро хонандагону муҳаққиқон хуб пазируфтанд. Сипас пайи ҳам маҷ муаҳои дигари ашъори ӯ «Дастархон» (1972), «Нардбон» (1975), «Ағба» (1979), «Паҳно» (1981), «Лангар» (1984), «Паи дарё» (1987), «Чашми нигин» (1988), «Табхола» (1992) ба табъ расиданд. Ин маҷ мӯ аҳо ба мисли нардбон болорафти эҷ одии шоир, рушду такомули маҳорати суханварии ӯ ро нишон медиҳанд.

Ҳамчунин маҷ мӯ аҳои ашъори Гулназар барои бачагон бо унвонҳои «Аз барои Гулъизор» (1983), «Се кӯ лчаи танӯ рӣ »(1990), «Об омаду об омад» (1991) интишор ёфтанд, ки тӯ ҳфаи хубе барои кӯ дакону наврасони ҷ умҳурӣ мебошанд.

Маҷ мӯ аҳои ашъори Гулназар ба забони русӣ дар шаҳрҳои Маскав ва Душанбе бо номҳои «Ситораи Улуғбек» (1981), «Чашмаи беном» (1981), «Сояи тут» (1989) чоп шудаанд.

Ашъори Гулназар дар кишварҳои форсизабон низ шӯ ҳрат дорад. Бори аввал бо ҳуруфи форсӣ маҷ мӯ аи ашъори ӯ «Тахти Рустам» дар нашриёти «Ирфон» (1990) ба табъ расид. Сипас дар

интишороти «Сурӯш»-и Эрон гулчини ашъораш «Забони ошиқӣ» бо иитихоби шоири маъруфи Эрон Қайсари Аминпур чоп шуд. Дар пешгуфтори китоб доктор Алиасғари Шеърдӯст чанд вежагии шеъри Гулназарро ёдовар шуда, аз ҷумла навишта аст: «Шеъри Гулназар чун худи ӯ содаву самимӣ аст ва дар Тоҷикистон алоқамандони бисёр дорад».

Маҷмӯаи ашъори Гулназар бо забони арабӣ низ таҳти унвони «Тоҷикистон ватани ман» дар тарҷумаи Назруллои Назар интишор ёфтааст.

Гулназар дар тарҷумаи шеър низ маҳорати баланд дорад. Ӯ беҳтарин осори Ҳ. Ҳейне, М. Лермонтов, А. Фет, М. Светаева, М. Светлов, Р. Рождественский, О. Ватсиетис, Н. Гумилев, Р. Казакова ва шоирони арабу фаронсавиро ба тоҷикӣ тарҷума ва чоп кардааст.

Фаъолияти эчодии Гулназар хеле васеъ ва пурдомана аст. Ӯ ҳамчунин ба насрнависӣ машгул буда, илова бар мақолаҳои публисистӣ дар таълифи ҳикоя(достон) низ ҳунарнамоӣ мекунад. Ҳикояҳои ӯ хеле кӯтоҳу сода буда, арзиши баланди маънавию ахлоқӣ доранд. Дар ҳикояҳои ӯ, ки бештар воқеиянд, ҳақиқати зиндагӣ ва андешаҳои ҳикматомези вай бозтоб ёфтаанд. Дар аксари ҳикояҳои Гулназар хислатҳои ишратдӯстиву зарофатгӯии мардуми Дардар, ки ба он ҳанӯз дар асри XIX Мустаҷири Самарқандӣ дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» ишора карда буд, ба қалам омадааст. Маҷмӯаи ҳикояҳои «Таъми тути балхӣ» аз маҳорати баланди нависандагии ӯ дарак медиҳад.

Гулназар дар навиштани драма низ қувваозмоӣ мекунад. Ӯ бештар ба таълифи драмаҳои таърихӣ майл дошта, дар бораи Мансури Ҳаллоҷ ва Имом Ғаззолӣ асарҳои драмавӣ офаридааст.Намоишномаҳои ӯ «Муҳокима дар шахри ҳазору як шаб», «Аз ин варта киштӣ фурӯ шуд ҳазор» дар озмунҳо соҳиби ҷоизаҳо шудаанд.

Хидмати Гулназар дар пешрафти накди адабӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик низ назаррас аст. Ӯ солҳо ба ҳайси мудири шӯъбаи накду адабиётшиносии маҷаллаи «Садои Шарқ» ба ҷалби мунаққидону адабиётшиносон ба масъалаҳои мубрами адабиёт талош варзида, ба пешрафти ин соҳа мусоидат намудааст. Зеро он солҳо маҷаллаи мазкур оинаи ҳаёти адабии ҷумҳурӣ ба шумор мерафт ва беҳтарин мақолаву тақризҳо дар он нашр мешуданд. Гулназар аввалпн адибест, ки дар бораи шоири бузурги асри XX тоҷик Лоиқ Шералӣ китоби ҷудогонае таҳти унвони «Лоиқи чун Лоиқе» навиштааст, ки дар он муҳимтарин хусусиятҳои шеъри он ва ҳунари волои шоириаш арзёбӣ шудаанд.

Дар мақолаҳои адабиётшиносии Гулназар назари амиқу пурвусъати ӯ ба падидаҳои адабӣ, андсшаҳои холисонаи ӯ нисбат ба ашъори ҳампешагони худ ироа шудаанд. Аз ҷумла дар мақолаи «Вожаҳоро бояд шуст », ки онро дар охири маҷмӯаи ашъори ӯ «Забони ошиқӣ» (Теҳрон, 1999») низ ҷой додаанд, андешаҳои муҳаққиқонаи Гулназар роҷеъ ба шеъри муосири тоҷик ва бурду бохтҳои он баён шудаанд.

Фаъолиёти пурдоманаи адабиву иҷтимоии Гулназар доираи ҷаҳонбиниву чаҳонфаҳмии ӯро васеъ намуда, ба рушду пешрафти вай чун шоир мусоидат кардааст. Саҳми Гулназар дар пешрафти шеъри муосири тоҷик бузург аст. Ӯ дар радифи Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳақназар Ғоиб, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Саидалӣ Маъмур ва дигар ҳамсафони худ дар пойдории шеъри нав дар адабиёти тоҷик нақши муҳим бозидааст. Ӯ шоири ҷӯяндаву нававар буда, на танҳо ба навпардозӣ дар шаклу қолаби шеър пардохтааст, балки ба мӯҳтавои шеър, тасвиру бофти сухан низ тозагиҳо ворид намудааст. Дар маркази ашъори Гулназар низ инсони мубориз у ҷӯянда карор дорад. Қаҳрамони ғиноии ашъори ӯ инсони фаъолу пӯё ва пурталошу ҷӯё буда, пеш аз ҳама ба модар, Ватан, муқаддасоти миллат меҳру муҳаббат ва дилбастагиву ҳурмати фаровон дорад. Ӯ таваҷҷӯҳи зиёде ба худшиносиву худогоҳии миллӣ дорад, аз таъриху фарҳанги ғании ниёгони худ ифтихор мекунад, ҳар пораи хоки Ватанро азизу муқаддас мешуморад. Гулназар андешаҳои башардӯстии шоирони маъруфи гузаштаро идома дода, бузургии мақоми инсонро таъкид менамояд:

Ба одам одамиро кашф карданд,
Ки ҷуз ӯ дар ҷаҳон пайғамбаре нест.
Ба накди дил басе исбот карданд,
Ки қимматар зи одам гавҳаре нест.

Ҷанбаи иҷтимоии шеъри Гулназар хеле қавист. Аз ин ҷост, ки шсьри ӯ ба сифати Суруди миллии Тоҷикистон интихоб шуда, ба ҷузъи муқаддасоти миллӣ шомил гардидааст. Шеъри дигари ӯ низ дар озмун ғолиб омада, ҳамчун Суруди Анҷумани тоҷикони дунё пазируфта шудааст. Баёни андешаҳои ҳикматомезу нуктаҳои фалсафӣ, ки аз вежагиҳои шеъри Лоиқ буда, аз шеъри классикии форсу тоҷик ва олам маншаъ мегирад, дар шеъри Гулназар низ мавқеъ пайдо мекунад. Ин ҳоло бештар дар ғазалҳову рубоиёт ва дубайтиҳои ӯ ба назар мерасад:

Сифла аз бенангии худ зинда аст,
Суннати номусу орам мекушад.

* * *

Нахезад аз яхистон ҳосиле ҳаргиз,
Ба хоки гарм деҳқон дона мерезад.

* * *

Чу дарёҳо дамидан ҳам ҳунар бод,
Чу шохи гул хамидан ҳам ҳунар бод.
Ҳунармандон ба қадри зар расиданд,
Ба қадри сар расидан ҳам ҳунар бод.

Мавзӯи ҷовидонии ишқ низ дар ашъори Гулназар мавқеи баланд дорад. Вале дар тасвиру баёни ин мавзӯъ низ Гулназар ба умуми -нависиву пургӯйӣ, ки ба аксари шоирони мо хос аст, роҳ намедиҳад. Ӯ саъй менамояд, ки ҳатто дар ҳадиси ишқ, ки ҳазорон сол аст такрор мешавад, сухани тозае гӯяд. Тавре ки маълум аст, ишқ мавзӯъ ва василаи асосии баёни андеша дар адабиёти ғании тасаввуфии мост ва баъзе тасвирҳо борҳо такрор шуда, ба рамзу қолаб табдил ёфтаанд. Вале Гулназар дар шеъри «Масҷиди ишқ» бо истифода аз падидаҳои динӣ шеъри ишқие офаридааст, ки дар он меҳру садоқати ошиқ ба маъшуқ хеле содаву самимӣ ва мушаххас баён шудааст:

Канорам нишиниу ба сеҳри нигоҳам
Гуноҳе ту кам кун, савобе ту зам кун.
Чу фирдавси пок аст оғӯши покат,
Ту фирдавсиам кун, ту фирдавсиам кун.

Мавзӯи ишқ дар ашъори Гулназар ҳамеша бо масоили иҷтимоиву ахлоқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ишқияҳои шоир баёни урёни эҳсосоти шаҳвонӣ, ки мутаассифона, дар шеъри имрӯзи тоҷик ривоҷ меёбад, ба назар намерасад. Барои қаҳрамони ғиноии Гулназар ишқ гавҳари азизу муқаддас, василаи покиву таҳорати ботинии инсон аст:

Чу номи духтарӣ поку ҳалолӣ,
  Чу шавқи дилбарӣ поку ҳалолӣ,
Ба сони байти навҷустам туро ман,
  Чу нони шоирӣ поку ҳалолӣ.

Доираи мавзӯоти ашъори Гулназар низ мисли худи ҳаёт васеъ ва густурда аст. Яке аз мавзӯъҳои муҳиме, ки дар чандин шеъри шоир ва ба хусус дар силсилаи шеърҳои «Тахти Рустам» бозтоб ёфтаанд, масъалаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тасвири хаёту муборизаи мардуми кишвари дӯсту ҳамсояи мо Афғонистон аст. Азбаски Гулназар муддате дар ин кишвар зиндагӣ ва кор кардааст, аз дарду ранҷҳои мардуми ҷафокашу муборизи он огаҳӣ дорад ва онро дар шеърҳои худ хеле самимиву муассир баён кардааст.

Мавзӯи ҷанг ва оқибатҳои фоҷиабори он дар ашъори Гулназар мавқеи хос дорад. Дар як силсила шеърҳои ӯ муборизаи мардум бар зидди фашизм тасвир шуда бошад, дар чанд шеъри солҳои охир офаридаи шоир паёмадҳои номатлуби чанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ ба қалам омадааст.

Гулназар дар сурудани ашъори ҳаҷвӣ низ маҳорати баланд дорад. Шеърҳои ҳаҷвии шоир содаву равон ва нишонрас буда, аз як тараф нуқсонҳои ичтимоиву фардиро фош карда, аз сӯйи дигар завқи хонандаро болида месозанд.

Саҳми Гулназар дар ривоҷи шеър барои кӯдакону наврасон низ бузург аст. Ӯ аз зумраи он шоирони ангуштшумор аст, ки пайваста барои баччаҳо шеър менависанд. Вежагии чунин шеърҳои шоир низ пеш аз ҳама содагиву самимияти онҳост. Ӯ эҳтиёҷи мубрами ин соҳаи адабиётро ба эътибор гирифта, ҳамвора саъй менамояд, ки барои парвариши завқи баччаҳо, тарбияи ахлоқиву маънавии онҳо шеъри дарҳӯри замон офарад. Бесабаб нест, ки дар кӯдакистону дабистонҳо имрӯз бештар шеърҳои ӯро азбар мекунанд.

Ашъори Гулназар аз назари анвоъу қолаб низ ҷолиб аст. Ӯ тақрибан дар ҳамаи навъҳои маъмули шеъри классик ва наву кунунӣ асар офаридааст. Ба хусус дар сурудани рубоӣ ва эҳёи суннатҳои волои он, ки аз қадимтарину шевотарин навъи шеъри на танҳо форсизабонон, балки ҷаҳон аст, Гулназар низ саҳми шоиста гузоштааст. Рубоиёти Гулназар бо содагиву латофат, маонии бикру амиқ, андешаҳову нуктаҳои ҳакимонаву фалсафӣ ва дигар вежагиҳои худ сурудаҳои Рӯдакиву Умари Хайёмро, ки аз саромадону устодони ин навъи шеър маҳсуб мешаванд, ба ёд меоранд.

,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,,

Шеъри муосири тоҷик ба дарёе мемонад, ки аз рӯдборону чашмасорони зиёде манщаъ мегирад.Яке аз он рӯдҳо, ки аз

чашмаҳои софи кӯҳистон ҷорист,  осори шоири шинохта Салими Хатлонӣ мебошад. Дарвоқеъ дар шеъри  ӯ софиву шаффофии обҳои чашмасорон, ҷӯшу хурӯши рӯдҳои кӯҳсоронро метавон эҳсос кард.

Салими Хатлонӣ  замоне ба арсаи адабиёт қадам ниҳод, ки шеъри тоҷик  ба марҳалаи тозаи рушд ворид шуда, аз умумигӯиву пурҳарфӣ дурӣ меҷуст ва рӯй ба суннатҳои волои  шеъри классикӣ ва ҳамзабонон ниҳода буд. Аз ин ҷост, ки  ӯ аз қадамҳои аввал шеъри  классикиро меъёру милоки эҷодии худ қарор дод.Ӯ на танҳо бештар  дар қолабҳои маъмули  ғазалу маснавӣ, рубоиву дубайтӣ шеър мегуфт, балки  ба тарзи ифодаву шеваи баёни суханварони пешин пайравӣ мекард.

Барои ошноии бештар бо осори шоирони гузашта  ӯ ба таҳқиқи ҷиддии адабиёти классикӣ пардохт ва баррасии Маснавии маънавии Ҷалолиддини Балхиро  мавзӯи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ қарор дод. Осори Мавлоно барои Салими Хатлонӣ мактаби бузурги эҷодӣ буд, ки аз он сабақи донишу маърифат ва ҳунару балоғат  гирифтааст. Ӯ ба шоирони бузурги дигар амсоли Фирдавсиву Ҳофиз, Саъдиву Бедил низ таваҷҷӯҳи зиёд дорад, вале таъсири  осори Мавлоно  дар сурудаҳояш бештар ба назар мерасад. Дар  аксари ғазалиёти шоир асари  шӯру эҳсос,  андешаву афкори Мавлоно аён аст. Салим низ мисли Мавлоно дар ҳамаи мавҷудоти олам  таҷаллии илоҳиро мебинад:

Эй ҳама ҷон! Эй ҳама ҷон! Ёр туӣ! Ёр туӣ!
Бар ҳамагон! Бар ҳамагон! Ёр туӣ!Ёр туӣ!
Рӯҳ туӣ! Рӯҳ туӣ! Мидҳату мамдӯҳ туӣ!
Ҷумла туӣ ҷони ҷаҳон! Ёр туӣ! Ёр туӣ!
Роҳ туӣ! Ҳодӣ туӣ! Кӯҳ туӣ ! Водӣ туӣ!
Оби равон, ҳам ту равон! Ёр туӣ!Ёр туӣ!

Ишқи заминиву илоҳӣ дар ашори Салим низ бо ҳам омезиш ёфта, ҳастии қаҳрамони лирики ӯро фаро гирифтаанд:

Ҳарфест зи ишқ, эй данӣ, медонӣ ?
К-аз булҳавасон дӯст наояд ҷонӣ.
Бар ҳар чи муҳаббате, ки дорӣ, бодо!
Кофист маро муҳаббати Раббонӣ.

тасвиру маъниофариниҳои бедилона ба назар мерасад. Ӯ низ бо истифода аз  мафҳуму падидаҳои муқаррарии  зиндагӣ хаёлбандиҳои зеҳнӣ мекунад ва хонандаро ба андеша водор менамояд:

Дасти иакон аст то касро тавонгар мекунад,
Завқ миннатдори идрок аст, бовар мекунад.

Сарфарозӣ қомати хамро ба боло мекашад,
Барфи пирӣ гардрези давр бар сар мекунад.

Қаҳрамони лирикии Салим низ мисли ринди лоуболи Ҳофиз майл ба шароби ноб ва шодиву тараб дорад, аз неъматҳои зиндагӣ бархӯрдор мешавад:

Бода биёвар, ки дилам танг шуд,
Бо ғами ин қавм ҳамоҳанг шуд.
Бонги тараб хоҳ ба ин дам накӯ,
Навбати эъҷози дафу чанг шуд.

Дар ашъори Салими Хатлонӣ ҳикматписандиву содагии сабки Саъдиро низ метавон мушоҳида кард. Ғазали зер саршоори панду андарзҳои ҳакимона мебошад:

Шӯри бешафқат ҳаёро мегазад,
Роҳ саг дорад, гадоро мегазад…
Мубталоро нест боке аз шикаст,
Ғайрати саркаш балоро мегазад

Воқеан дар ашъори Салими Хатлонӣ масоили ахлоқӣ ҷойгоҳи хос дошта, таваҷҷӯҳи хонандаро зуд ҷалб менамояд. Шоир дар ривоҷи ин суннати хеле қадимаи адабиёту фарҳангамон, ки аз «Авесто»-ву пандномаҳои аҳди бостон шурӯъ мешавад, саҳми босазо гузоштааст. Яке аз муҳимтарин нуктаҳои арзишманде, ки дар андарзҳои бостонӣ ба такрор таъкид шудааст, некиву накӯкорист. Салими Хатлонӣ низ пандномаи худро бо таъйиди ҳамин мароми волои инсонӣ оғоз намуда, фарзандро ба некиву накӯкорӣ даъват мекунад:

Накӯ хоҳӣ, накӯӣ судманд аст,
Накӯкорӣ чӣ коре, бегазанд аст.
Накӯ гуфтан туро дорад гиромӣ,
Зи некӯӣ расӣ бар некномӣ.

Салими Хатлонӣ низ мисли Низомӣ фарзандро ба ғофил набудан аз зиндагӣ ва мардонагиву озодагӣ, фозиливу башардӯстӣ даъват менамояд. Дар пандҳои ӯ хислатҳои ҳамидаи инсонӣ талқин

шуда, зиштиву бадкорӣ маҳкум мегардад. Шоир бо таъкиди ногузир будани марг ҷавононро ба парҳез аз бадӣ талқин менамояд:

Қимати неку бад ба ҳам омез,
Аз бад он беҳ, ки ҳамчу мо парҳез.

Тарбияи инсони нек мароми ахлоқии шоир дар кулли сурудаҳояш мебошад. Инсон дар маркази чашмандози шоирии ӯ қарор дошта, бо ҳама мураккабиву тазодҳои ботинӣ ҳамеша барои накукориву бунёдкорӣ, пешрафту созандагӣ талош менамояд:

Одам! Одам! Бақои олам Одам!
Аз неку бади ҷаҳон фароҳам Одам!
Бе хубии ту зишт нашуд фаҳми касон,
Эй шодии ту фузуда аз ғам Одам!

Осори ғаниву рангини Салими Хатлонӣ гувоҳи он аст, ки ӯ танҳо пойбанди суннатҳои ниёгон набуда, ҳамқадами замон низ мебошад. Дар ашъори ӯ тапиши набзи замони зудсайру пуртазодро метавон эҳсос кард.Шоир аз пешрафту хушиҳои зиндагӣ меболад, вале нобасомониву беинсофиҳо, карахтиву коҳилиҳо, маҳалгароиву ошнопарастиҳо ва дигар костиҳои рӯзгор, ки халалдори пешрафти ҷомеа мешаванд, ӯро дилгир месозанд:

Изтиробе… беқарори миллатем,
Доғи миллат, рӯзи тори миллатем.
Дар маҳал кобем, не миллатгаро,
Заҳрҷӯши рӯзгори миллатем.
Мову ту не бори ин миллат ба дӯш,
Балки нангу дӯшбори миллатем…
Пора-пора бо маҳал, ҳам порагир,
Пораи имрӯзу пори миллатем.
То маҳалгӯён маҳалбозем мо,
Чун дами дай дар баҳори миллатем.

Эҳсоси баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз фарҳанги волои гузаштагон, ситоиши бузургони илму адаб, тараннуми ишқи поку беолиш, ёди азизон ва амсоли инҳо аз мавзӯоти исосии ашъори шоир мебошанд, ки ба хонанда завқу сурур ато намуда, ӯро ба талошу бунёдкорӣ талқин месозанд.

Сабку шеваи баёни Салими Хатлонӣ ҳам мисли мавзӯоту муҳтавои ашъораш гуногунранг аст.Ӯ дар радифи сабку қолабҳои суннатии шеъри классикӣ ашъори зиёди ба истилоҳ нимоиву озод ва сафед низ сурудааст, ки онҳо бо содагиву фасоҳат мумтозанд.

Масалан, дар пораи зер ҳолати равонии ғариб табиӣ ва муассир ба қалам омадааст:

Ғарибро шевост:
Хаёли об!
Хок!
Ҳавои Ватан!
Сафири мурғаки озоди хушнавои Ватан!

Салими Хатлонӣ шоири ҷӯянда аст, пайваста талош менамояд, ки ба олами ботинии инсон ворид шавад, орзува омолашро тараннум кунад, пешрафту костиҳои ӯро ба қалам диҳад, маъниҳои тозаи ҳаётро кашф созад. Тавре ки худи ӯ навиштааст:

Бори маънӣ мекашад бар сози дил осори ман,
Ҳарф ҷо дорад, ки бинмояд рухи пиндори ман.

# Равзанаи илму фарҳанг

# Некӣ дар Авесто

Авесто аз бузургтарин ва қадимтарин ёдгориҳои диниву фарҳангии мардумони ориёӣ буда, дар ганҷинаи тамаддуни олам ҷойгоҳе хосе дорад. Ҳарчанд ин шоҳасари аҳди бостон беш аз дусад сол аст, ки мавриди таҳқиқи донишмандони варзидаи олам қарор гирифтааст, вале ҳанӯз бисёр паҳлӯву ҷанбаҳои он баррасӣ нашуда ва арзишҳои зиёди он ошкор нагардидааст. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми Авесто, ки мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст, арзишҳои ахлоқию тарбиявии он аст. Бо он ки ин асар саросар аз панду андарзҳои ҳакимона саршор буда, раҳнамоиву тарбияи ахлоқии мардум аз рисолатҳои асосии он буд, ба ин масъала камтар таваҷҷӯҳ шудааст.

Ин ҷо аз таҳқиқи ҳарҷонибаи аҳамияти ахлоқии Авесто, ки вазифаи тадқиқоти васеъу пурдомана аст, худдорӣ намуда, танҳо ба масъалаи некӣ, таҷалливу таҷассуми он дар Авесто ва аҳамияти ин мавзӯъ дар тарбияи ахлоқиву маънавии мардум таваққуф мекунем. Зеро некӣ аз рукнҳои асосии Авесто ва мояву ҷавҳари аслии он маҳсуб шуда, аз мавзӯъҳои марказӣ ва муҳимтарини асар ба шумор меравад.

Некӣ дарвоқеъ меҳвари асосии Авесто аст, ки мавзӯъҳои дигар пайваста бо он арзи зуҳур мекунанд. Аз ин ҷост, ки аксари сурудҳои асар бо зикри некӣ оғоз меёбанд. Агар замоне фарҳанги басомади Авесто мураттаб гардад, ки воқеан кори зарур ва судманд аст, бешак вожаи «нек» аз пуристифодатарин калимаҳои асар хоҳад буд. Масалан, Арт яшт бо ин суруд шурӯъ мешавад, ки дар як банди он чор маротиба калимаи «нек» такрор ва таъкид шудааст: «Хушнудии ашии нек, чистои нек, иршои нек, расастои нек ва фарру подоши нек».1Ҳамчунин дар бисёр сурудҳои Авесто сатрҳои ба некӣ бахшидашуда ба нақарот табдил ёфта чандин бор такрор мешаванд. Масалан, дар Диняшт банди зер нақароти суруд гардида чор бор такрор шудааст: «Зардушт некандешӣ ва некгуфторӣ ва неккирдорӣ ва озодии ин комёбиро бад-ӯ намоз бурд»[2].

Шиору мароми асосии оини зардуштӣ «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» ҳам дар саросари Авесто чун ҳалқаи заррин такрор шуда, андешаву армонҳои гуногунро ба ҳам мепайвандад.

Некӣ чун меҳвари асосӣ аз ибтидои Авесто зуҳур карда дар дуову ниёиш ва суруду ситоишҳои саросари асар бо рангу ҷилваҳои гуногун таҷассум меёбад. Дар банди аввали суруди якуми Ясна маниши нек дар радифи ростиву росткорӣ ва хирад аз

василаҳои хушнудсозии нигаҳбони галаҳо Гушварван дониста мешавад.

«Эй Маздо, эй сапед мину

Инак дар оғоз бо дастҳои бароварда туро намоз мегузорам…

Ва бо ҳама хираду маниши нек Гушварванро хушнуд кунам.»[3]

Дар банди дуввуми суруди мазкур маниши нек ба василаи иртиботи инсон ба яздон табдил меёбад:

«Эй Маздо Аҳура

Бо маниши нек ба ту рӯй меоварам.»[4]

Дар банди саввум низ маниши нек мавриди ситоиш қарор мегирад:

«Эй Маздо Аҳура

Ту ва ашаву маниши некро суруде навоин мегӯям.»[5]

Некӣ тӯшаи асосии инсон дар роҳи умр буда, тавассути он ростиву росткорӣ, ҳақиқату додгарӣ, назму сомон дар ҷаҳон ҷорӣ мегардад.

Дар банди чоруми суруд дар ин бора сухан меравад.

Инсон ҳамеша ҷӯёи некист ва мехоҳад ҳарчи зудтар ба он даст ёбад ва тавассути он мардумро ба роҳи рост ҳидоят намояд. Дар банди панҷуми суруд дар ин бора омадааст:

«Эй аша

Кай туро хоҳам дид ва маниши некро ба фарзонагон дархоҳам ёфт?»[6]

Дар Авесто ростиву росткорӣ ва некиву некӯкорӣ аз омилҳои асосии зиндагии поку беолоиш дониста мешавад. Аз ин ҷост, ки дар банди шашуми суруд ба Аҳура Маздо муроҷиат мешавад, ки ба Зардушт ва пайравони ӯ маҳз маниши нек ва фариштаи некӣ ашаро бахшад, то ки бо ин силоҳҳо бо душман мубориза бурда, зафарёб шаванд:

«Эй Аҳура

Бо маниши нек ва аша /ба сӯи мо/ ой ва ба гуфтори рости хеш Зардуштро ва ҳамаи моро диҳиши зиндагии дерпой арзонӣ дор.»[7]

Ба ин минвол дар аксари сурудҳои дафтари аввали Авесто сухан аз маниши нек ва нақши асосии он дар зиндагии инсон меравад. Манишу сиришти пок нерӯи тавоноест, ки боиси пешрафту зафарҳои инсон дар мубориза бо ҳама зиштиҳо мегардад. Аз ин ҷост, ки инсон дар ниёиши худ аз яздон ҳамеша онро дархост менамояд.

Инсон маниши нек ва ашаро чун атои муқаддаси яздон ҳифзу нигаҳдорӣ мекунад ва азизу мӯҳтарам мешуморад:

«Эй Маздо Аҳуро

Бо ин бахшиш ҳаргиз Туро ва аша ва маниши некро намеозорам ва хашмгин намекунам.»[8]

Инсоне, ки дорои сиришту неку равони ростист, ҳеҷ гоҳ ба зиштиву нопокӣ роҳ намедиҳад ва ҳамеша амали хубу шоистаро анҷом медиҳад. Аз ин рӯ дар яке аз сурудҳо аз Яздон хоҳиш мешавад, ки ба инсонҳои нексиришту росткор таваҷҷӯҳ шавад, то ки онҳо дар зиндагӣ комёбу муваффақ бошанд. Зеро рафтору кирдори онҳо самимона, пок ва беолоиш аст:

«Эй Маздо Аҳуро

Он фарзонагони равшанбинро, ки дар пайравӣ аз аша ва маниши нек сазовор мешиносӣ, ба хубӣ комраво кун, чи ба ростӣ медонам, ки ситоишҳои аз дил баромада ва некхоҳона аз сӯи Шумо бе посух намемонад.»[9]

Дар сурудҳои Ясна маниши нек мақоми муҳим дошта, чун симои мушаххас зуҳур мекунад. Дар банди ҳафтуми суруд Маниши нек мухотаб қарор мегирад ва ба ӯ чун шахс савол дода мешавад:

«Эй маниши нек

Кист он, ки аз туст ва мардумонро ба ростӣ ёрӣ хоҳад бахшид?»[10]

Маниши нек дар банди ҳаштуми суруди мазкур ба ин суол ҷавоб медиҳад ва Зардуштро ягона шахси сазовор медонад:

«Ягона касе, ки ман дар ин ҷо мешиносам, ки ба омӯзиши мо гӯш фаро дода, Зардушти спитамон аст.

Танҳо ӯ хоҳони он аст, ки сурудҳои ситоиши Маздо ва ашаро ба гӯши /мардумон/ бирасонад.»[11]

Маниши нек дар таъйини паёмбари оини зардуштӣ нақши асосиро бозидааст. Аз ин бармеояд, ки некиву накӯкорӣ аз муҳимтарин ва асоситарин хислатҳои инсон буда, маҳак ва меъёри шинохти ҳувияти он маҳсуб мешудааст. Бинобар ин дар интихоби Зардушт ҳам маҳз сиришти неки ӯ нақши ҳалкунанда бозидааст. Зеро аз бандҳои баъдии суруд бармеояд, ки Зардушт ҷисман нерӯманду қавипайкар набудааст ва ҳатто Гушварван аз посухи Маниши нек изҳори норизоӣ карда сазовор набудани ӯро ба паёмбарӣ таъкид намудааст:

«Он гоҳ Гушварван бархурӯшид:

-Оё /ман/ бояд ба пуштибонии норасои марде нотавон хурсанд бошам ва ба суханҳои ӯ /гӯш фаро диҳам/? Ба ростӣ маро орзуи фармонравои тавоно буд…»[12]

Чунон ки мебинем, дар сурудҳои аввали Ясна маниши нек дар шакли инфиродӣ, яъне дар шумораи танҳо зуҳур мекунад. Вале аз ҳоти 30 шурӯъ намуда мафҳуми некманишон, яъне шакли ҷамъи он пайдо мешавад:

«Эй некманишон

Ин /сухан/-ро дар партави аша… ва ростӣ дарёбед.»[13]

Аз ин ҷо пай бурдан душвор нест, ки маниши нек дар мубориза ғалаба ба даст оварда, на танҳо ба пирӯзии Зардушт мусоидат кардааст, балки пайравони зиёде ҳам пайдо намудааст.

Дар банди дуввуми ҳоти 30 Ясна ба мардум хитоб мешавад, ки аз ду роҳи зиндагӣ якеро интихоб намоянд. Дар банди сеюм он роҳҳо ба таври мушаххас нишон дода шуда, нерӯҳои ҳамзод будани некиву бадӣ таъкид мегардад:

«Дар оғоз он ду минуи ҳамзод ва дар андешаву гуфтор ва кирдор /яке/ нек ва /дигаре/ бад, бо якдигар сухан гуфтанд.»[14]

Аз ин ҷо муборизаи некиву бадӣ ё худ «зиндагиву нозиндагӣ» оғоз меёбад ва то охири Авесто идома пайдо мекунад. Онҳое, ки ба зиштӣ гаравидаанд, ҷазои худро хоҳанд дид ва ононе, ки ба некӣ майл доранд, ба орзуи хеш мерасанд.

Дар сурудҳои Авесто борҳо ёдовар шудааст, ки маниши нек аз ёварони асосии Аҳура Маздо аст. Ҳама чизи нек мансуб ба Аҳура Маздо ва чизҳои бад хоси Аҳриман аст. Маниши нек ҳатто фарзанди Маздо номида мешавад.

Дар Авесто яке аз нишонаҳои девон, ки аз табори маниши зиштанд, дурӣ ҷустани онҳо аз маниши нек аст:

«/Онон – яъне девон/ аз маниши нек дурӣ мегузинанд ва аз хиради Маздо Аҳура ва аша рӯй барметобанд.»[15]

Зардушт маҳз бо сиришти неки худ мавриди пазириши Аҳура Маздо қарор мегирад. Ӯ ҳамеша дар партави маниши нек ба зидди зиштиву нопокӣ ва душманони худ мубориза бурда пирӯз мешавад. Барои Зардушт некӣ чунон муҳим ва арҷманд аст, ки ӯ ҳатто дини худро дини нек меномад. Ӯ дар ҳама кор некиро раҳнамои худ медонад. Ҳатто ҳангоми интихоби домод ба гироиши ӯ, ба маниши неки вай таваҷҷӯҳ дорад:

«Маздо он касро, ки ба маниши нек ва аша сахтбовар аст, ба анбози /зиндагӣ/ ба ту мебахшад.»[16]

Дар Авесто Зардушт чун «некхоҳтарини офаридагон» аст, ки бори аввал аз рӯи шиори «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» амал намуда, барои дар ҳаёт татбиқ намудани он мубориза бурдааст:

«Нахустин касе, ки нек андешид, нахустин касе, ки нек сухан гуфт, нахустин касе, ки нек рафтор кард.»[17]

Дар роҳи мубориза алайҳи бадиву нерӯҳои аҳриманӣ ба Зардушт ва пайравонаш ҳамеша маниши нек мадад расонда, боиси пирӯзиву хушбахтии онҳо мегардад. Аз ин ҷост, ки Зардушт дар сурудҳои худ ҳамеша онҳоеро, ки дорои маниши неканд, ситоиши менамояд: «Ашоспандон, шаҳриёрони неки хубкунишро меситоям.»[18]

Зардушт на танҳо некӯкор асту некиро ситоиш мекунад, балки ӯ «нахустин касест, ки ба инсон озодии андеша, гуфтор, кирдор ва бовар медиҳад ва инро ба санҷиши ӯ вогузор мекунад, ки роҳро аз чоҳ шиносад.»[19]

Некӣ дар Авесто маънии васеъу густурда дошта, кулли хислатҳои ҳамидаро фаро мегирад. Бесабаб нест, ки ҳама чизи хуб сифати некро дорад. Некӣ ҳамчунин зебоиву ҳусни зоҳирӣ ва ҷисмониро таҷассум менамояд. Аз ҷумла эзиди об Анаҳито, ки ҳамеша бо сифати нек ёд мешавад, дар кардаи сиюми Обонбиҳишти Яшт чунин тавсиф мегардад:

«Аредвисура Анаҳито ҳамвора ба пайкари дӯшизае ҷавон, зебо, барӯманд, камару миён баста, ростболо, озода ва бузургвор, ки ҷомаи заррини гаронбаҳои пурчине дар бар дорад, падидор мешавад.»[20]

Дар Вандидод мафҳуми некӣ маънии мушаххаси ҳаётӣ мегирад. Дар аксари сурудҳои ин асар сухан аз покии муҳити зист, бахусус обу хок меравад ва покӣ таҷассуми некӣ маҳсуб мешавад: «Покӣ дар зиндагии инҷаҳонӣ бузургтарин некӣ барои мардумон аст. Он покӣ, ки мардумон аз дини Маздо дарёбанд, то хештанро бо андешаву гуфтор ва кирдори нек пок кунанд.»[21]

Некиву покӣ дар Авесто бо ҳам сахт марбут буда, бе ҳам вуҷуд надоранд. Агар дар қисматҳои аввали Авесто некӣ бештар мафҳуми маънавӣ дошта бошад, дар қисмати охири Вандидод он мафҳуми моддиву ҳаётӣ касб мекунад. Ниҳоят покии моддӣ бо покии маънавӣ яке шуда мафҳуми некиро ба таври барҷаста таъкид менамоянд:

«Хештанро пок бидор! Ҳар кас дар ин ҷаҳони зерин метавонад покиро барои хештан ба даст оварад; худро бо андеша ва гуфтори нек пок кунед.»[22]

Ин хитоб, ки аз қаъри ҳазорсолаҳои пешин садо медиҳад, имрӯз ҳам ба ҳамон андоза муассир ва ҳаётист.

Парҳез аз хашму ғазаб, ки аз хислатҳои аҳриманист, аз шартҳои дигари некиву накукорист:

«Эй касоне, ки дил ба маниши нек бастаед, хашмро фурӯ афканед ва худро дар баробари тундхӯӣ нерӯманд кунед ва барои густариши аша ба мардумони нек пайвандед.»[23]

Дар Авесто як қатор эзидҳо бо тавсифи нек ёд мешаванд. Аз ҷумла эзиди бонуи тавонгариву подош Ашай ба мардум ҳамеша некиву ободӣ ато менамояд. Ӯ ҳатто ба ҳайвоноти пайравонаш ғамхорӣ зоҳир мекунад. Фариштаи нигаҳбони чорпоён Дрваспа бошад ба мардум некиву тандурустӣ мебахшад, «гуруснагиву ташнагиро аз оафаридагони Маздо дур месозад.»[24]

Зардушт дар як зумра сурудҳояш ҷавонону занони некандешу некгуфтор ва неккирдорро ситоиш мекунад.

Дар Авесто на танҳо эзидҳову одамон бо сифатҳои нек тавсиф мешаванд, балки падидаҳои табиат низ дорои ин сифати ҳамида мебошанд. Аз ҷумла рӯди Дойитӣ, ки ба андешаи баъзе муҳаққиқон рӯди Зарафшон аст, бо тавсифи нек ёд мешавад.

Яке аз муҳимтарин омилҳо ва манбаъҳои некӣ дар Авесто хуршед аст, ки бо партаваш табиату ҳастиро пок месозад. Дар Вандидод Эронвич «нахустин сарзамин ва кишвари нек» номида мешавад.[25]

Дар Авесто махсусан ба покиву некии об таваҷҷӯҳи зиёд дода шудааст ва он яке аз омилҳои поксозии олудагиҳо қаламдод гаштааст. Баррасии ин масъаларо ба ҷои дигар мавқуф гузошта, ҳоло фақат ин нуктаро ёдовар мешавем, ки эътиқод ба поксозии оби нек то имрӯз миёни мардуми тоҷик побарҷост: «Бо се бор шустани тан, бо се бор шустани ҷомаҳо… ва бо ниёз бурдани ошомиданӣ назди оби нек.»[26]

Дар Авесто ҳамчунин ҷонвароне чун мурғ, хурӯс, гов нек тавсиф шудаанд, ки ба нақши онҳо дар ҳаёти мардум вобаста аст.

Тавре ки мебинем, некӣ дар Авесто мафҳуми хеле васеъ, амиқ ва ҳаётӣ дошта, дорои аҳамияти калони ахлоқиву тарбиявӣ мебошад. Вале, мутаассифона, то имрӯз ба ин масъала таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намешуд. Шояд яке аз сабабҳои ин ба Авесто ҳамчун як асари муқаддаси динӣ нигоҳ кардани муҳаққиқон ва нодида гирифтани арзишҳои баланди фарҳангиву таърихии он бошад. Ҳатто донишманди маъруфе чун И.С. Брангинский, ки дар таҳқиқи ин асар хидмати шоиста кардааст, роҷеъ ба мақоми инсон дар он тавaққуф намуда, консепсияи инсонро дар Авесто сирф динӣ дониста, инсонро танҳо хидматгузори худоён, иҷрокунандаи иродаи ҳокимони осмониву заминӣ ба қалам медиҳад.[27]Ҳол он ки худи симои Зардушт дар Авесто пеш аз ҳама чун инсони накӯкор ва дорои хислатҳои заминӣ тавсиф гардида дар маркази тасвир дар саросари асар қарор гирифтааст. Илова бар ин дар Авесто ҳамаи худоҳо хислатҳои инсонӣ касб карда, ба зиндагии мардуми кишоварзу чорводор наздик оварда шудаанд. Бинобар ин Авесторо фақат чун ёдгории динӣ ва ҷудо аз ҳаёти мардум арзёбӣ кардан дуруст нест. Ин шоҳасар дар баробари китоби муқаддаси динӣ будан ёдгори барҷастаи фарҳангиву фалсафӣ, таърихиву адабӣ низ ҳаст. Дар сурати таҳқиқи ҷомеи Авесто бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои он мо метавонем ба арзишҳои воқеии он пай барем ва онҳоро дар тарбияи ахлоқиву маънавии мардум истифода намоем. Аз ин рӯ дар рӯҳияи некӣ тарбия намудани мардум ва тарғиби пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек, ки ба таври хеле

муҷазу зебо тамоми ҷанбаҳои ҳаётро фаро мегирад, чун шиори асосии ҳар фарди ҷомеа новобаста аз ирқу нажод, дину оин, забону миллат имрӯз ва фардо низ метавонад судманд бошад. Агар ҳар фарди ҷомеа аз рӯи ин шиори ҳикматомез амал намояд, ҳамаи ҷангу низоъҳо, зиштиҳо аз байн хоҳад рафт ва ҷомеаи воқеан ободу озод барқарор хоҳад шуд.

***Соли 2002***

## ПАЙНАВИШТ

[1] Авесто, гузориши Ҷалили Дӯстхоҳ,Теҳрон, ч.1,1370, с.465.
[2]Ҳамон асар, саҳ. 462.
[3] Ҳамон асар, саҳ. 7.
[4]Ҳамон асар, саҳ. 7.
[5] Ҳамон асар, саҳ. 7.
[6]Ҳамон асар, саҳ. 8.
[7]Ҳамон асар, саҳ. 8.
[8] Ҳамон асар, саҳ. 9.
[9]Ҳамон асар, саҳ. 9.
[1]0Ҳамон асар, саҳ. 11.
[1]1 Ҳамон асар, саҳ. 12.
[1]2Ҳамон асар, саҳ. 12.
[1]3Ҳамон асар, саҳ. 14.
[1]4Ҳамон асар, саҳ. 14.
[1]5 Ҳамон асар, саҳ. 24.
[1]6Ҳамон асар, саҳ. 85.
[1]7Ҳамон асар, саҳ. 424.
[1]8 Ҳамон асар, саҳ. 282.
[1]9 Алиакбари Ҷаъфарӣ. Ошноӣ бо Зардушт, 1989, саҳ. 30.
20Авесто, гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ, саҳ. 320.
[2]10Ҳамон асар, саҳ. 786.
[2]21Ҳамон асар, саҳ. 787.
[2]3Ҳамон асар, саҳ. 66.
24Ҳамон асар, саҳ. 659.
25Ҳамон асар, саҳ. 795.
[2]6 И.С. Брагинский.Иранское литературное наследие,М.,1984, с. 62.

## Мароми Имоми Аъзам

Ниёгони шарафманди мо дар тӯли таърих дар бунёду ривоҷи тамаддуни исломиву ҷаҳонӣ саҳми бузург гузошта, ганҷинаи илму адаб ва фарҳангро бо осори рангину пурмӯҳтаво ғанӣ кардаанд. Яке аз чунин абармардони майдони илму маърифат Абӯҳанифа Имоми Аъзам аст, ки на танҳо яке аз бунёдгузорони фиқҳи исломиву мазҳаби ҳанафия маҳсуб мешавад, балки дар пешрафти фалсафаву ҳикмати исломӣ низ саҳми бузург гузоштааст. Андешаҳои баланди башардӯстони ӯ, ки дар муҳимтарин асарҳояш аз қабили «Фиқҳи акбар», «Китобалолим вал мутааллим», «Китоб Алфиқҳалавсат», номаҳо ва ба хусус насиҳатномаҳо ба писараш Ҳаммод ва шогирдонаш Абӯюсуф, Юсуф ибни Холиди Самтӣ, Абӯисмат Нӯҳ ибни Абӯмарям баён шудаанд, асрҳост, ки мардумони кишварҳои гуногуни оламро ба роҳи неки зиндагӣ ҳидоят менамоянд.

Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояш ба арзишҳои волои инсондӯстии андешаҳои Имоми Аъзам ишора намуда, таҳқиқу баррасӣ ва ташвиқу тарғиби онҳоро таъкид кардааст. Дар мақолаи «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо» навиштааст: «Аз ҷумла поягузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам намунаи баланди инсондӯстиро дар зиндагӣ ва таълимоти худ нишон додааст».1Дар ҳақиқат инсондӯстӣ аз масъалаҳои асосии андешаҳои ахлоқии Абӯҳанифа буда, мароми зиндагиву фаъолияти ӯ маҳсуб мешуд.

Инсон барои Абӯҳанифа хеле азизу муътабар аст, аз ин рӯ ҳамеша ба ҷой овардани эҳтирому поси ӯро новобаста аз мақому мансаб ва оину насаб талқин менамояд. Ӯ ҳамеша дар муносибат бо мардум эҳтиёткор ва воқеъбин буданро дархост менамояд. Дар зимни насиҳат ба шогирдаш Холид ибни Самтии Басрӣ барои дарк кардани вазъи шахси мухотаб лаҳзае ба ҷои ӯ тасаввур кардани худро тавсия менамояд:

«Рафторат бо мардум ҳамчунон бошад, ки бо худат рафтор мекунӣ ва барои онон ҳамон чизе биписанд, ки барои худат меписандӣ».2

Тавре ки худи Абӯҳанифа дар васият ба фарзандаш Ҳаммод ишора кардааст, ин матлаб аз як ҳадиси Пайғамбар(с) сарчашма мегирад: «Ҳеч яке аз шумо, то ҳангоме мусалмони комил наметавонад бошад, ки он чиро барои худаш меписандад, барои бародари мусалмонаш низ биписандад».3 Бояд гуфт, ки ин маънӣ дар осори шоирони форсу тоҷик низ борҳо ба риштаи назм кашида шудааст.

Имоми Аъзам махсусан ба мардуми дорои дину оини дигар муносибати шоиста доштанро тақозо менамояд, ки аз назари баланди таҳаммулпазирии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Тавре ки файласуфи тоҷик А. Муҳаммадхоҷаев ба субут расондааст, «умуман, Имом Абӯҳанифа нисбат ба ҳамаи мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат, ташайюъ ва ҷараёнҳои мухталифи он нигоҳи таҳаммулпазир дошт».4 Илова бар ин Имоми Аъзам эҳтироми аҳли динҳои дигарро низ барои мусалмонон зарур медонад ва таъкид менамояд: «Ба пайравони динҳои дигар рафтори муносиб ва ҳусни муоширатро ба роҳ мон ва дар пайи ислоҳи ҳамзистӣ бо онҳо бош !»5 Ин андеша дар он замон ва дар ҳамаи замонҳо барои пешгирӣ аз таассуби диниву мазҳабӣ хеле муҳим буда, имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст ва яке аз рукнҳои асосии гуфтугӯи тамадунҳо дар ҷаҳони муосир ба шумор меравад.

Имоми Аъзам дар осори худ, ба хусус дар насиҳатномаҳояш муҳимтарин хислатҳои ҳамидаи инсонро ситоиш ва талқин намудааст. Аз ҷумла ӯ ба шогирдонаш ҳамеша дар зиндагӣ ба роҳи рост рафтан («аз ростӣ кор бигир»), вафодор будан(«вафо пеша кун»), саховатмандӣ («саховатпеша бош ва суфраат ҳамеша кушод бошад»), қаноатмандӣ(«бар он чи, ки Худованд аз моли дунё ва мақому мартаба ба ту иноят кардааст, қаноат кун»), ҳақгӯӣ(«дар гуфтани ҳақ аз касе андеша ва бим надошта бош»),ҷавонмардӣ(«мурувват ва ҷаваонмардиро дар тамоми корҳо дар худ ҳифз фармо !»), ҳимматбаландӣ(«ҳиммати

баланд дошта бош»), ҳалолкору ҳалолхӯр будан(«дар тамоми корҳо

нияти худатро холис гардон ва дар ҳар сурат кӯшиш кун, ки ҳалол бихӯрӣ»), хушгуфторӣ(«чун сухане гуфтӣ, некӯ бигӯ»), дӯстӣ(«дар ҳузури мардум то метавонӣ изҳори дӯстӣ ва муҳаббат кун»), бадкорӣ накардан(«аз шарписандӣ гурез намо»), мағрур набудан(«такаббурро раҳо кун»), фиреб надодан(«мабодо касеро фиреб диҳӣ, гарчи туро фиреб диҳанд»), бухл наварзидан(«аз бухлу ҳасад дурӣ гузин, ки он одамро расво месозад»), аз дурӯғу тамаъ дур будан(«одами тамаъҷӯ, дурӯғгӯ ва муғолатаандоз набош»), пургӯӣ накардан(«ҳеч гоҳ дар назди ҳоким пурҳарфӣ ва пургӯӣ накун») ва амсоли инҳоро тавсия менамояд. Вале муҳимтарин хислате, ки дар маромномаи ахлоқии Абӯҳанифа ҷойгоҳи хос дорад ва ҳам дар осори фиқҳӣ, ҳам дар насиҳатномаҳо ва ҳам дар рӯзгори ӯ ба мушоҳида мерасад, некиву накӯкорист.

Имоми Аъзам дар муносибат бо мардум некиро меъёру василаи асосӣ қарор додааст. Инсон бояд дар ҳама кор ба ҷанбаи некии он таваҷҷӯҳ дошта бошад. Ӯ некиро на танҳо ба падару модар, балки ба ашхоси бегонаву ношинос низ зарур мешуморад.

Маҳз бо ҳамин нукта оғоз шудани насиҳатномаи Абӯҳанифа ба шогирдаш Юсуф ибни Холиди Самтӣ низ далели муҳим будани он аст: «Бидон, ки вақте ба мардум бадӣ ва бадрафторӣ кардӣ, бо ту душман ва бадбин мешаванд, ҳарчанд падару модарат бошанд ва низ агар ба онҳо хушрафторӣ ва некӣ кардӣ, гарчи бо ту бегона ҳам бошанд, бароят ба монанди падару модар мегарданд».6

Ба андешаи Абӯҳанифа инсон бояд дар ҳамаи мавридҳои зиндагӣ некиро пеш гирад, яъне некиву накукорӣ бояд маҳаку меъёри асосии зиндагии инсон бошад : «Ҳамеша сабру таҳаммул, дили пургунҷоиш ва рафтори нек дошта бош».7 Дар насиҳат ба фарзандаш низ ӯ пайваста некиву накукориро талқин менамояд: «Чун сухан гуфтӣ, некӯ бигӯ ! Бо одамони хуб дӯстиву наздикӣ кун ва бо бадон мадоро намо !»8

Ин нуктаро, ки дар осори Абӯҳанифа борҳо такрор шудааст, Ҳофизи Шерозӣ низ дар ғазале хеле барҷаста баён кардааст:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:

Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.9

Абӯҳанифа ба ҳама некӣ карданро раво медонад: «Ба ҳама кас хубӣ кун, чи касоне, ки ба ту хубӣ мекунанд ва чи ононе, ки бадӣ мекунанд».10 Ӯ ҳатто ба ҷафокорон некӣ карданро талқин менамояд: «Касе ба ту ҷафо намояд ҳам, бо ӯ рафтуомад кун ва касе ба пеши ту ояд, ӯро икром намо!»11 Ҷои дигар ин матлабро боз равшантар ва қатъитар баён кардааст: «Касе бо ту бадӣ кунад, аз вай даргузар ва касе дар бораи ту сухани бад бигӯяд ва аз ту ба бадӣ ёд кунад, ту аз ӯ ба некӣ ёд кун!» Ин андеша дар насиҳатҳои дигари Абӯҳанифа низ такрор шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар масъалаи некӣ кардан донишмандону адибони Шарқ назари гуногун доранд. Баъзе касон некиро танҳо ба шахсони шоиста сазовор медонанд. Назари ин гурӯҳро Саъдӣ дар «Гулистон» бо зикри мисолҳо хеле равшан баён кардааст: «Ҷои гул гул бош, ҷои хор хор». Вале намояндагони гурӯҳи дигар ба ашхоси бад низ некӣ карданро раво ва ҳатто зарур мешуморанд. Абӯҳанифа низ аз ин гурӯҳ буда, ҳамеша ба бадкорон некӣ карданро зарур мешуморад : «Бо ҳама некӣ кун, чи дар ҳаққи ту некӣ карда бошанд, чӣ накарда бошанд!»12 Таҳқиқи омилҳои пайдоиши ин андешаҳоро ба муҳаққиқони таърихи афкори ахлоқӣ вогузор намуда, ҳоло ин нуктаро ёдовар мешавем, ки андешаи дуввум бештар дар осору афкори аҳли тасаввуф ҷой дорад. Масалан, Сайидалии Хамадонӣ низ ҷонибдори ин андеша аст.

Абӯҳанифа муътақид аст, ки некиву накукории инсон ҳеч гоҳ зоеъ намешавад ва оқибат самар хоҳад дод. Дар яке аз номаҳои худ ӯ ин матлабро равшан баён кардааст: «Агар инсон дар садади кори нек баромада бошад, Худованд агар ирода кунад, ба ҳукми

худ иҷоза хоҳад дод… ӯро дастгирӣ мекунад ва подош медиҳад…»13

Андешаҳои ахлоқии Абӯҳанифа ва назари ӯ ба некиву накӯкорӣ, албатта, қабл аз ҳама аз Қуръони маҷид ва ҳадисҳои Пайғамбар(с) маншаъ мегиранд. Омили дигаре, ки боиси таваҷҷӯҳи зиёди имом ба ин ҷанбаи ахлоқӣ шудааст, бешубҳа афкору андешаҳои ахлоқии тоисломии ориёист, ки ба таври равшан дар Авесто ифода ёфтааст ва далели барҷастаи он нуктаи маъруфи он «рафтори нек, пиндори нек ва гуфтори нек» аст.

Тавре ки зикр шуд, Имоми Аъзам на танҳо бо осору навиштаҳо ва афкору андешаҳо, балки бо амалу рафтор ва рӯзгори худ низ ба ҳамзамонону пасояндагон сабақи одамияту башардӯстӣ додааст. Дар сарчашмаҳо ҳамаи муосирон аз қаноатпешагиву саховатмандӣ, солеҳиву парҳезгорӣ, ҷавонмардиву хоксорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи худи Абӯҳанифа ёд кардаанд. Вале муҳимтарин хислати ӯро ҳамоно накукорӣ донистаанд. Масалан, халифа Ҳорунаррашид аз қозиюлқуззоти хилофат Абӯюсуф роҷеъ ба ахлоқи Абӯҳанифа суол мекунад ва ӯ да ҷавоб мегӯяд: «Ман аз ӯ чизе намедонам, эй амирулмуъминин, магар ин ки дар ҳифзи нафси худ мекӯшид ва ба ислоҳу тазкияи нафс бештар мепардохт, то ин ки ба ислоҳи дигарон бипардозад ва дар бораи касе ба ҷуз аз некӣ ёд намекард.»14

Дар бораи некиву накукории Абӯҳанифа қиссаву ривоятҳои зиёде мавҷуданд, ки бешубҳа асоси воқеӣ доранд. Аз ҷумла дар ривояти «Ҳаққи ҳамсоягӣ» омадааст, ки Абӯҳанифа ҳамсояе дошт, ки «шабро бо дӯстонаш бо рақсу тарона мегузаронд» ва ӯро noроҳат мекард. Вале вақте ки маъмурони низомӣ ӯро ба зиндон меандозанд, Абӯҳанифа ба назди ҳокими шаҳр рафта ҳамсояашро озод менамояд.15

Некӣ барои Абӯҳанифа мароми асосии зиндагӣ буд ва ҳар чи хилофи он бошад, намеписандид. Ӯ маҳз ба хотири он ки роҳи накукории ӯро мебандад, вазифаҳои сарварии байтулмол ва муҳрдории доруламоратро, ки воли Ироқ Ибни Ҳубайра пешниҳод карда буд, рад менамояд ва ба ҷазо гирифтор мешавад. Дар поёни умр низ ба ӯ вазифаи қозиюлқуззоти хилофатро пешниҳод мекунанд, вале ин дафъа ҳам ӯ розӣ намешавад ва дучори азият гашта зиндонӣ мешавад ва ба ҳалокат мерасад.

Андешаву омоли накухоҳонаи Имоми Аъзам ба афкору андешаҳои адибону донишмандони асрҳои пасин таъсири амиқ бахшидааст. Масалан, панди зерини ӯ, ки аз як ҳадиси Пайғамбар маншаъ мегирад, дар адабиёти тоҷику форс хеле машҳур аст: «Ба

мардум ҳамон тавре раятор кун, ки ба худат рафтор мекунӣ ва барои онҳо чизеро биписанд, ки онро барои худат меписандӣ!»16

Андешаҳои ахлоқии Имоми Аъзам, Ки на танҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, балки дар тамоми кишварҳои исломӣ хеле густариш доштанд, имрӯз длр замони ҷаҳонгирой низ дар тарбияи мардум, ба хусус ҷавонон хеле арзишманд буда, шоистаи таҳқиқу баррасӣ ва тарғибу ташвиқанд.

## ПАЙНАВИШТ


1 Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ, Д., 2009, саҳ. 20.

2 Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми
Аъзам, Д., 2008, саҳ. 100.

3 Ҳамон асар, саҳ. 109.

4 А.Муҳаммадхоҷаев. Таҳаммулпазирӣ(мудоро) дар мазҳаби Абӯҳанифа.Дар маҷм.:Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ, Д., 2009,саҳ.24.

5 Абдушарифи Боқизода. Пандномаи Имоми Аъзам, Д., 2008, саҳ.41.

6 Ҳамон асар, саҳ. 36-37.

7 Ҳамон асар, саҳ.38.

8 Ҳамон асар, саҳ.44.

9 Гулчини Девони Ҳофиз, Д., Деваштич, саҳ.19.

10 Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам, саҳ. 99.

11 Ҳамон ҷо.

12 Абдушарифи Боқизода. Пандномаи Имоми Аъзам, саҳ.41.

13 А,Шамолов. Имоми Аъзам ва муносибати ӯ ба калом. Дар маҷм.: Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ, Д., 2009,саҳ.63.

14 Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош. Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам, саҳ. 82.

15 Ҳамон асар, саҳ. 46.

16 Абдушарифи Боқизода. Пандномаи Имоми Аъзам, саҳ.47.

## ФАРҲАНГИ ХУҶАСТАИ НАВРӮЗ

Наврӯз аз зеботарину шевотарин ва деринатарину бостонитарин ҷашнҳоест,ки табиат ба инсон ато кардааст. Ҷойи басо хушҳоливу хушбахтии мо тоҷикону эрониён аст, ки аҷдодони шарафмандамон бори аввал дар таърих арзиши ин падидаи табиату ҳастиро дарк намуда, пазируфтаанд ва дар тӯли ҳазорсолаҳо пайваста онро алорағми ҳама душвориҳо азизу гиромӣ доштаанд. Онҳо бо хираду заковат ва ҳушу фаросати азалии худ ин падидаи зебои табиатро бо беҳтарин расму оин, одоту маросим, бовару суннатҳои наҷиб ороста, онро ба як фарҳанги умумибашарӣ табдил додаанд. Аз ин ҷост, ки фарҳанги Наврӯз аз ҳуҷуму тохтутозҳои бешумори аҷнабиён, харобкориву яғмогариҳо, истилову салтанати тӯлонии онҳо, ки боиси аз байн рафтани ёдгориҳои зиёди илмиву адабӣ, ҳунариву фарҳангӣ, хатту забонҳо гардиданд, на танҳо осеб надид, балки истилогаронро ҳам тасхир намуда, мавриди қабули онҳо қарор гирифт. Ба василаи Наврӯз мардумони эронӣ суннатҳову унсурҳои фарҳанги бостонии худро идома доданд. Аз ин рӯ Наврӯзро метавон эҳёгару фарогири фарҳанги бостон дар ҳар давру замон донист, ки волотарин унсурҳои фарҳангии мардумони эронитаборро ҷамъ овардааст.

Наврӯз ҳамеша баёнгари наҷибтарин орзӯву омол, ормону умедҳои башар буда, некиву накӯкорӣ, покиву озодагӣ, тарабу шодӣ, осудагиву ободиро талқин менамояд, мардумро ба созандагиву бунёдкорӣ даъват мекунад, дили онҳоро ба хушиҳои табиату зиндагӣ гарм месозад. Дар ин ҷашн таҷаллии пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек, ки мароми ахлоқии мардумони эронӣ аст, ҳувайдост. Наврӯз ҳамчунин пайвандгари дӯстиву бародарӣ, нерӯбахши сулҳу оштист, зудояндаи занги кинаҳову озурдагиҳост.

Ин ҷашни фархунда аз ибтидо ҷанбаи умумибашарӣ дошта, орзуву мароми инсон ва робитаи ӯро бо табиат бозтоб менамояд. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, «Наврӯз падидаест, ки аз ҷониби худи табиат барои аҳли сайёраи Замин тақдим шудааст» Аз ин ҷост, ки Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони кишварҳои форсизабон ва сойири кишварҳои Шарқ барои ҷаҳонӣ шудани Наврӯз саъю кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Дар натиҷа 23 феврали 2010 дар 64 умин Маҷмаъи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид. Дар қатъномаи Маҷмаъи мазкур таъкид шудааст, ки «Наврӯз ба гуфтугӯи миёни фарҳангҳо ва ҳамдигарфаҳмии мардумони сайёра мусоидат мекунад.» Аз ин рӯ аз кишварҳои ҷашнгирандаи Наврӯз даъват шудааст, ки таъриху суннатҳои таҷлили ин иди бостониро баррасии илмӣ намуда, натиҷаҳои онро дар миёни аҳли олам паҳн кунанд.

Дар бораи пайдоиши ин ҷашни фархунда ахбороту ривоёти зиёде мавҷуданд. Нахустинсон Каюмарс, нахустин шоҳи бузург Ҷамшедро аз бунёдгузорони он донистаанд, ки гувоҳи бостонӣ будани ин ҷашн аст. Аз замони пайдоиш ин ҷашн, ки зодаи табиати зебои сарзамини паҳновару биҳиштосои Хуросони бузург ё Эронзамин (Эронвиҷ) аст, бо арзишҳои моддиву маънавии мардумони он ғанӣ гардида, таҷассумгари ҳувияти миллии онҳо шудааст.

Наврӯз аз замони пайдоиш василаи муҳими ваҳдату ҳамбастагии мардумони эронитабор буд. Қавмҳои гуногуни эронӣ дар сарзамини паҳноваре дар муҳити мухталиф зиндагӣ мекарданд, дорои урфу одот, забону оин, ҳатто дину мазҳабҳои гуногун буданд, вале Наврӯзро бо ҳам истиқбол мегирифтанд, ҷашни шодиву тараб мероstanд. Баъдтар забони форсии дарӣ низ ин нақши ваҳдатсозро ба ӯҳда гирифт ва ҳамроҳ бо фарҳанги наврӯзӣ мардумони эрониро аз маҳвшавӣ наҷот доданд. Истилогарони аҷнабиро ин ду падидаи волои фарҳангӣ мафтун ва тасхир намуданд. Пирӯзии ин

ду падида ғалабаи маънавӣ бар аҷнабиён буд. Ин ду падидаи зебои табииву иҷтимоӣ бо ислом низ созгорӣ пайдо карда, барои ғановати тамаддуни исломӣ, густариши он миёни қавмҳои гуногун амсоли туркону ҳиндувон,чиниҳову балкониҳо мусоидат намуданд.

Пайванди Наврӯз ва забони форсиро метавон як падидаи муҳими фарҳангие донист, ки дар ниҳояти созгориву зебоӣ сурат гирифтааст. Аз ин ҷост, ки дар васфу ситоиши Наврӯзу баҳор ба забони форсӣ чандон осори фаровоне офарида шудааст, ки дар ҳеч адабиёти дигари олам ба назар намерасад.

Фарҳанги ғаниву волои Наврӯз саросар аз рамзҳо иборат аст. Ҳар унсуру падидаи он ишорае ба як ҷанбаи ҳаёти инсон буда, ӯро ба табиат наздиктар ва дилбастагиашро ба зиндагӣ бештар месозад. Аз ҷумла сафедӣ дар фарҳанги Наврӯз рамзи покиву озодагӣ ва сафову осудагист. Аз ин ҷост, ки духтарон либоси сафед ба бар мекунанд, кадбонуҳо хонаҳоро сафед менамоянд, мардон ба сафед кардани зарфҳои мисин мепардозанд, ҳар кас саъй менамояд, ки ҳангоми таҳвили сол ва фаро расидани Наврӯз шири сафед нӯшад, то ки дар соли нав солиму бардам ва роҳи зиндагиаш сафед бошад.

Ҳар унсури ҳафтсину ҳафтшини дастархони наврӯзӣ дорои рамзҳоест, ки дар шарҳашон метавон китобҳо таълиф кард. Худи рақами ҳафт дар фарҳанги ориёӣ як ҷаҳон маънӣ дорад, ки Ҳафт додарон, Ҳафт авранг, ҳафт айвон, ҳафт аъзо, ҳафт гунбад, ҳафт иқлим, ҳафт кишвар, ҳафт фалак, ҳафт ранги камони Рустам, ҳафт хони Рустам ва ғайра далели онанд.

Рамзу розҳои наврӯзӣ ба хусус дар осори шифоҳии мардум ба таври соддаву фасеҳ баён шудаанд. Мардум дар остонаи Наврӯз ба умеди фаровонии ҳосилу сарсабзии рӯзгор гандумро сабз намуда, аз афшураи он суманак (саману) мепазанд. Худи маросими пухтани суманак, ки бо суруду тарона сурурбахшу хотирмон сурат мегирад, рамзист. Суманакро, ки аз таомҳои хоси айёми наврӯзӣ аст, мардум рамзи эҳёи табиату нишоти зиндагӣ, меҳнату роҳат, фаровониву пурӣ, шодиву тараб, болидагии инсон ва таҷассумгари покиву некӣ медонанд .

!

Соли навро мардумони кишварҳои гуногуни олам дар замонҳои гуногун ва тарзу равишҳои мухталиф ҷашн мегиранд ва аксаран такя ба ривоёту пиндорҳои асотирӣ доранд. Вале Наврӯз бунёди илмӣ дошта, ба баробарии шабу рӯз ва эҳёву бедории табиат асос ёфтааст. Ба ин ҷанбаи илмии Наврӯз низ дар таронаҳои мардум ишора шудааст:

Бародар, рӯзи Наврӯзат муборак !

Баробар шуд шабу рӯзат, муборак !

Бо фаро расидани Наврӯзу баҳор табиат либоси тозаву зебо ба бар мекунад ва бо ҳусну таровати беназираш ба дилҳо сурури ба дидаҳо нур мебахшад. Аз омади Наврӯз на танҳо табиат пас аз хоби гарони зимистонӣ бедор мешаваду гиёҳу дарахтон зинда мегараданд, ҷӯши чашмаҳову хурӯши наҳрҳо баландтар мегарданд, балки рӯҳияи мардум низ болидаву чеҳраҳо шукуфта ва дилҳо саршори фараҳу шодии бештар мешаванд. Дар баҳорон талу теппаҳо сабзу дилситон, боғу роғ рангину шукуфон, гулу гиёҳ ҷунбону фурӯзон ва мардум хураму шодон мешаванд.

Ин ҳама зебоиву таровати табиату инсон дар айёми баҳорон ба шоирону мутрибон, ҳунармандону мусаввирон илҳоми тоза мебахшад, онҳоро ба эҷоди шеъру таронаи нав, мусаввараву ҳунари тоза илқо менамояд. Ба хусус шоирон беҳтарин ашъори худро дар васфу ситоиши ин арӯси сол сурудаанд.

Падари шеъри форсӣ Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тасвири баҳор ҳамчун наққоши чирадаст бо рангҳои баланду дурахшон зебоиҳои табиатро хеле ҷаззобу дилнишин ба қалам медиҳад. Дар ин шеъри баҳория хонанда на танҳо зебоиҳои манзараи табиатро амсоли шукуфтани лолаву боридани борон мебинад, балки садои тундару нолаи раъд, нағмаи мурғону вазиши боди саборо мешунавад, бӯйи гулҳову боронро мешамад ва худро лаҳзае дар оғӯши табиати баҳорон эҳсос мекунад:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,  
Бо сад ҳазор накҳату ороиши аҷиб.  
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,  
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз паи машиб.  
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,  
Лашкар абри тираву боди сабо нақиб.  
Наффот барқи равшану тундар–таблзан,  
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин муҳиб.  
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор  
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб…

Ҷои дигар Рӯдакӣ мамдӯҳро бо ду ид, ки бо ҳам мусодиф омадаанд, табрик менамояд :

Бод бар ту мубраку хуншон
Ҷашни Наврӯзу Гӯспандкушон.

Қобили зикр аст, ки шоир номи форсии иди Қурбонро меорад, ки имрӯз фаромӯш шудааст.

Дар шеъри Рӯдакӣ робитаи инсон бо табиат дар фасли баҳор чунон барҷаставу шево таҷассум ёфтааст, ки назирашро на танҳо дар шеъри форсӣ, балки дар адабиёти ҷаҳон наметавон пайдо кард. Шоир аз ҳар узву андоми маъшуқ зебоиву таровати баҳорро мебинад ва дар ин таносуб бартарии инсонро бар табиат таъкид менамояд. Барои ӯ ид бе инсон маънӣ надорад:

Як бор бувад ид ба ҳар сол, ба як бор,
Рӯи ту маро ҳаст ҳамеша гули пурбор …
Як ҳафта падидор бувад наргиси даштӣ
В-он наргиси чашми ту ҳамасола падидор.

Тавре ки аён аст, дар тасвири табиат низ Рӯдакӣ чун инсондӯсти бузург аз дидгоҳи башардӯстӣ назар кардааст.

Шоирони асрҳои баъдина суннатҳои устод Рӯдакиро идома дода, ашъори зиёде дар ситоиши Наврӯзу баҳор суруданд..

Ситоиши Наврӯзу баҳор ва тасвири табиат дар он овон дар осори шоирони тоҷику форс то имрӯз идома дорад. Дарвоқеъ имрӯз ба файзу баракати Истиқлол Тоҷикистон аз нав ватани Наврӯз гаштаст ва бо шукӯҳу таровати тоза ҷашн гирифта мешавад.

## Даврони пурбори гуфтугӯи тамаддунҳо

Пойдориву истиқрори сулҳ дар ҷомеаи башарӣ ба омилҳои зиёде бастагӣ дорад. Яке аз муҳимтарин омилҳои он ҳамзистии осоишта ва ҳусни тафоҳуми мутақобилаи мардумони дорои қавму нажод, расму оин, дину мазҳабҳои гуногун мебошад. Бахусус имрӯз, ки иртиботу ихтилоти халқу миллатҳои гуногун дар ҳамаи кишварҳои олам рӯз ба рӯз меафзояд ва кишвареро ё ҳатто шаҳракеро дар гӯшаи дунё пайдо кардан душвор аст, ки танҳо аз як қавму халқ таркиб ёфта бошад, ин масъала аҳамияти бештар касб менамояд.

Аз ин ҷост, ки солҳои охир ба масъалаи робитаи халқҳову оинҳо ва фарҳангу тамаддунҳо таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Аз

ҷумла соли 1993 донишманди амрикоӣ мудири Маркази мутолиоти стратегии Донишгоҳи Ҳарвард Самуил Ҳантингтон дар ин замина назарияи «бархӯрди тамаддунҳо»-ро пешниҳод намуд. Тибқи ин назария ҷангҳои оянда миёни 8 тамаддуни асосии дунё амсоли тамаддунҳои исломӣ, конфутсионӣ, ғарбӣ, японӣ, ҳинду, славянӣ, ортодоксӣ, амрикои лотинӣ ва африқоӣ ба амал хоҳад омад. Назарияи мазкур мавриди баҳсу нақди донишмандону сиёсатмадорон қарор гирифт ва дар муқобили он назарияҳои дигар пешниҳод гардиданд, ки «назарияи омехтагии тамаддунҳо», назарияи «поёни таърих» Фукуяма, назарияи «воқеъгироии чандқутбӣ будани ҷаҳон»-и Киссенҷер, «назарияи навини ҷаҳон», назарияи «ҷаҳонгироии неолибералҳо» аз маъруфтарин онҳоянд.

Назарияҳои мазкур мавриди таваҷҷӯҳ ва баррасии донишмандону сиёсатмадорони эронӣ низ қарор гирифтанд. Файласуфони муосири шинохтаи эронии муқими Амрико Сайид Ҳусайни Наср назарияҳои мазкур ва ба хусус назарияи «Бархурди тамаддунҳо»-ро таъкид намуда, беасосиву якҷониба будани онҳоро таъкид мекунад, худи ӯ низ баъзан ба он роҳ медиҳад. Наср тамаддунро зодаи дин дониста, нақши башарро дар офаридани он инкор менамояд: «…ва тамаддунҳои бузурги дунё тамоман зодаи адён ва паёмҳои илоҳӣ ҳастанд. Ҳеҷ вақт башар тамаддун ба вуҷуд наёвардааст. Аслан ин ҳарф, ки башар тамаддун ба вуҷуд оварда, ин як ҳарфи лоадрӣ аст, ки аз фалсафаи ғарбии қарни нуздаҳум бархостааст».[1]

Сайид Ҳусайни Наср борҳо ин андешаро таъйид намуда, аз ҷумла мафҳуми тамаддуни мардумони эрониро саҳеҳ намедонад ва онро тамаддуни исломӣ мешуморад ва тамаддуни тоисломии онҳоро нодида мегирад ва ё ҷузви тамаддун исломӣ медонад: «Тамоми тамаддунҳои ҷаҳон (тамаддунҳои асил) зодаи дин аст, ба ҳамин ҷиҳат банда ақида дорам, ки усулан як дин наметавонад бештар аз як тамаддун дуруст кунад».[2]

Ахиран Раиси Ҷумҳурии исломии Эрон ҳуҷҷатулислом вал-муслимин Сайид Муҳаммад Хотамӣ ноябри соли 1998 дар иҷлоси Маҷмаъи умуми Созмони Милали Муттаҳид пешниҳоди гуфтугӯи тамаддунҳоро матраҳ намуда, хоҳиш кард, ки соли 2001 соли гуфтугӯи тамаддунҳо номида шавад. Ин пешниҳод мавриди қабули ҳам Созмони Милали Муттаҳид ва ҳам донишмандону сиёсатмадорони маъруфи олам қарор гирифт ва соли 2001 соли гуфтугӯи тамаддунҳо эълон гардид.

Сайид Муҳаммади Хотамӣ дар суханрониаш дар иҷлоси Маҷмаъи умумии Созмони милал ба масъалаи сулҳ бештар таваҷҷӯх зоҳир намуда, онро ба мафҳуми васеъи сулҳи куллӣ маънидод мекунад ва дар баробари сулҳи миёни мардумон сулҳи

инсон бо табиатро низ таъкид месозад: «Сулҳи тамомиёр илова бар сулҳи миёни инсонҳо шомили сулҳи миёни инсон ва табиат низ мешавад. Инсон бояд аз ғалаба ва истило бар табиат даст бардорад ва дар оянда бештар бар ҳамоҳангӣ миёни инсон ва табиат таъкид кунад, ҳифзи муҳити зист ба масобаи мероси муштараки табиӣ аз муҳимтарин авлавиятҳои қарни отӣ аст».[3]

Бояд гуфт, ки назарияву амалияи гуфтугӯи тамаддунҳо дар таърихи башар решаҳои амиқ дошта, аз замонҳои қадим арзи вуҷуд мекардааст. Дар ин бобат махсусан, дар тамаддуни тоисломӣ ва исломи мардумони эронитабор ва аз ҷумла тоҷикон далелҳои фаровонеро пайдо кардан мумкин аст, ки ин ҷо чанде аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Тоҷикон чун яке аз қадимтарин мардумони ориёии сокини Осиёи Марказӣ дар робитаҳои гуногунҷабҳаи Шарқу Ғарб ва гуфтугӯи тамаддунҳо саҳми босазо гузоштаанд. Кишвари бостонии Бохтару Суғд, ки онҳоро барҳақ «гаҳвораи нахустини давлати тоҷикон» номидаанд, ба тамаддуни олам дастовардҳои азиме ҳадя кардааст, ки барои пешрафти ҷомеаи инсонӣ то имрӯз хидмат менамоянд. Муҳимтарини онҳо ганҷи шойгони ниёгони мо китоби муқаддаси Авасто ва оини зардуштӣ мебошад, ки ба фарҳангу тамаддун, дину оини халқҳои дигар таъсири калон расондаанд.

Авесто нахустин шоҳасарест, ки дар дунёи қадим ба мардуми олам сулҳу дӯстӣ, кору кӯшиш, гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори некро талқин намудааст. Офаридгори ин асари бузург Зардушт то имрӯз аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи башар маҳсуб мешавад. Чунон ки донишманди Белжик Жак Дюшен фармудааст: «Аз ҳамаи фарзандони Осиёи Ғарб аввалин касеро, ки ба фарзандӣ хондааст, Зардушт буд. Таълимоти ӯ Юнонро тақрибан чаҳоряк аср қабл аз он ки таълимоти Масеҳ пазируфта шавад, ғанӣ гардондааст. Зардуштро Афлотун ҳам медонист… Зардушт ягона касе буд, ки ҳикмати Осиёи бостонро муаррифӣ мекард»4

Таъсири пурфайзи Авесто ва оини зардуштро ба тамаддунҳои гуногуни олам донишмадон бо далелҳои фаровон нишон додаанд. Аз ҷумла Б. Ғафуров дар ин бора фармудааст: «Оини зардуштӣ, ки дар Осиёи Миёна ба зуҳур омада буд, дар замони Ҳахоманишиҳо ба Эрон ва боз дуртар ба тарафҳои Ғарб паҳн шуда, баъдҳо (то замони тахти истилои арабҳо воқеъ гардидани Эрон ва Осиёи Миёна) мазҳаби давлатии эрониҳо қарор гирифт. Ҳанӯз дар асри 5 пеш аз мелод дар шаҳри Мемфиси Миср маъбади худои эронӣ Митра вуҷуд дошт. Дар давраи империяи Рим парастиши Митра дар бисёр мамлакатҳо расм гардида, то ҷазираҳои Британия расида буд…».[5]

Парастиши чор унсур – оташ, об, хок, бод низ аз оини зардуштӣ ба фалсафаи Юнони бостон гузоштааст.

Дар давраи истилои Искандари Мақдунӣ, ба хусус пас аз даргузашти ӯ ва ташкили давлати Юнону Бохтар таъсири мутақобилаи тамаддунҳои Шарқу Ғарб бештар гардида, барои гуфтугӯи тамаддунҳо заминаи мусоид ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи омезиши фарҳангҳои гуногуни Шарқу Ғарб фарҳанги тозаи эллинистӣ падид омад.

Чунонки Конрад Н.И. таъкид менамояд, дар замони истилои Искандари Мақдунӣ ва ҳукмронии Куруши Кабир Осиёи Миёна, Афғонистон, шимоли Ҳиндустон, Эрон, Кавказ ва кишварҳои ҳамҷавор аз лиҳози илмиву фарҳангӣ минтақаи марказии олам маҳсуб мешуданд.[6]

Мардумони эронӣ барои ривоҷу густариши ислом хидмати бузурге анҷом додаанд. Саҳми Салмони Форсӣ, ки аз аввалин мусалмонони эронӣ буд ва аз наздикони пайғамбари ислом маҳсуб мешуд, дар таърих маълум аст.

Гироиши хеле зиёди эрониён ба ислом ва саҳми бузурге, ки мардумони эронитабор дар ривоҷу густариши ислом гузоштаанд, бисёр донишмандони гузаштаву муҳаққиқони муосирро ба ҳайрат овардааст. Аз ҷумла файласуф ва муаррихи асри 14-и араб Ибни Халдун ин ҳодисаро аҷиб донистааст. Дар ин бобат муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Малоирӣ навиштааст: «Ибни Халдун аз муҳаққиқони қадим инро аз шигифтиҳои таърих навишта, ки дар ҷаҳони ислом, бо он ки ислом дине будааст, ки аз миёни аъроб бархоста, пайғамбари ислом араб буда ва забони Қуръон ҳам арабист, бо ин ҳол парчамдорони илм дар он бештар эрониёнанд, на аъроб. Вале бо ин ки иллатҳои табииву имронӣ ва иҷтимоиву ҳуззории ин амрро ҳам шарҳ дода, боз онро ба иборати «миналғароибилвақоеъ», яъне аз рӯйдодҳои шигифт ёд карда».[7]

Асрҳои 9-10, яъне аҳди Сомониён замони пешрафтҳои куллии соҳаҳои гуногуни илму фан, тиҷорату кишоварзӣ, иқтисоду фарҳанги Хуросону Мовароуннаҳр буд. Донишмандони форсу тоҷик дар муҳити созгоре, ки муҳайё шуда буд, ба омӯзиши амиқи илму дониши халқҳои гуногуни олам, ба хусус Юнону Рими Бостон, Ҳинду Чини Қадим пардохта, муҳимтарин осори онҳоро ба забонҳои арабиву форсӣ тарҷума карданд, ки ин боиси боқӣ мондани онҳо гаштааст. Онҳо бо нерӯи хираду заковати худ ганҷинаи илму дониши то он замон гирдомадаи башарро ғанӣ гардонда, дар ҳар соҳаи илм кашфиёту ихтирооти зиёде кардаанд. Кашфиёту дастовардҳои илмии онҳо дар асрҳои минбаъда мавриди омӯзиши донишмандони халқҳои дигари олам, ба хусус

Аврупо қарор гирифта, яке аз омилҳои асосии пешрафти илму фарҳанг дар асрҳои охир гаштааст.

Кашфиёту дастовардҳои илмии донишмадони форсу тоҷик хеле зиёд буда, мутаассифона, ҳанӯз ҳарҷониба таҳқиқу таъйин нашудааст. Ин ҷо ба чанде аз онҳо, ки воқеан ҷавҳари гуфтугӯи тамаддунҳо дар он асрҳо мебошанд, ишора мешавад.

Кимиёдони маъруфи хуросонӣ Ҷобир ибни Ҳайён назарияи пайдоиши филизотро эҷод кард.

Муҳаммад Закариёи Розӣ осори Гиппократу Гален ва дигар донишмандони Юнону Рум, Ҳинду Миср, Чину Сурияро омӯхта, тибби назариро бо амалӣ пайваст. Ӯ бори аввал фарқи бемории обиларо аз сурхак муайян карда, усули гулбуриро дар муолиҷаи нағзак истифода намудааст. Ӯ нахустин донишмандест, ки дар таърихи тиб навиштани таърихи бемориро ҷорӣ кардааст, ки то имрӯз идома дорад. «Розӣ аввалин донишмандест, ки имконияти бо усули кимиёвӣ сохтани доруҳои сунъиро ба аҳли башар пешкаш намудааст. Ӯ усули алкаҳол (Spiritus vini) ва сулема – дихлороди симобро (Hudraryrum dichioratum) кашф намудааст ва аввалин табибест, ки тори (кетгути) аз рӯдаи борики гӯсфанд сохтаро барои дӯхтани захм ва докаро барои бастану захму ҷои ҷарроҳӣ истифода бурдааст. Ӯ чангаки махсуси фулузӣ барои бартараф намудани ҷисми ба гулӯ афтода ихтироъ кардааст».[8]

Абуабдулло Муҳаммади Хоразмӣ рақамҳои ба истилоҳ арабиро, ки решаи ҳиндӣ доранд, дар илм ва зиндагӣ ҷорӣ намуд, ки имрӯз дар истифодаи аҳли олам аст.

Дар таҳкими робитаҳои илмии Шарқу Ғарб ва тарвиҷи гуфтугӯи тамаддунҳо ба хусус хидмати ду донишманди бузурги ин даврон Абуалӣ ибни Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ хеле бузург аст. Онҳо дар ин роҳ тамоми нерӯву заковати худро сарф намуда, осори гаронбаҳое офариданд, ки пайвандгари тамаддунҳо мебошад.

Ибни Сино дар пешрафти илмҳои тиб, кимиё, риёзиёти ҳандаса, маъданшиносӣ, набототшиносӣ, ҳайвонотшиносӣ, физикаву геология, фалсаву мантиқ ва амсоли инҳо саҳми калон гузошта, ганҷинаи илми ҷаҳониро бо кашфиёту дастовардҳои илмии худ ғанӣ гардонидааст. "Алқонун"-и Ибни Сино доиратулмаорифи тиббиест, ки тамоми дастовардҳои тибби ҷаҳониро то он замон ҷамъбаст намуда, сипас дар тӯли асрҳо китоби дарсии донишкадаҳои тиббии Аврупо будааст. Кашфиёти ӯ дар соҳаҳои гуногуни тиб хеле фаровон буда, аввалин рисолаи илмиро дар бораи муолиҷаи бемории қалб навиштааст ва садҳо доруи навро сохтааст. Дар осори фалсафии Ибни Сино, ба хусус "Шифо"-и ӯ гуфтугӯҳои фалсафаву ҳикмати Шарқу Ғарб эҳсос мешавад.

Абӯрайҳони Берунӣ низ дар соҳаҳои гуногуни илм кашфиёту ихтирооти зиёд карда, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудааст. Ӯ андешаи низоми гелиосентрии оламро қабл аз Коперник баён карда буд. Берунӣ ҳарчанд дар кишваркушоиҳои Султон Маҳмуд дар Ҳиндустон ширкат варзида, чандин бор ба он кишвар сафар карда буд, вале ӯ бо худ донишу ҳикмат бурд ва дар зимни сафарҳо ба омӯзиши забону фарҳанги ҳиндувон пардохта, шоҳасари худ "Китоб фӣ таҳқиқи молилҳинд"-ро офарид. Ӯ ҳамчунин барои пайвастани комёбиҳои ҳисоби юнониву ҳиндӣ кӯшишҳо ба харҷ додааст.

Берунӣ дар китоби "Сайдана" дар бораи 1116 даво маълумот дода, номи 4500 даворо ба забонҳои арабӣ, форсӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, лотинӣ, чинӣ ва ғайра сабт намудааст.

Аббос Маҷусии Аҳвозӣ, Абулҳасани Табарӣ, Абумансури Қамарӣ, Абусаҳли Масеҳӣ, Абӯбакри Бухорӣ, Ҳаким Майсарӣ ва амсоли онҳо бо омӯзиши манбаъҳои тибби Юнон, Араб, Ҳинд ва таҷрибаҳои табибони кишварҳои гуногун осори зиёде офаридаанд, ки бештари онҳо ба забонҳои аврупоӣ чоп гардиданд.

Чунин мисолҳоро аз соҳаҳои дигари илму адаб ва фарҳанг ҳам метавон овард, ки бештари онҳо аз равобити мутақобилаи илму фарҳанги кишварҳои Шарқу Ғарб гувоҳӣ медиҳанд.

## ПАЙНАВИШТ

[1] Гуфтугӯ бо доктор Сайид Ҳусайни Наср дар боби гуфтугӯи тамаддунҳо. Китоби моҳ, 20 марти 1999, Теҳрон, саҳ. 10.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Сайид Муҳаммад Хотамӣ. Мабонии гуфтугӯи тамаддунҳо, Китоби моҳ, 20 матри 1999, саҳ. 3.

4Ю. Нуралиев. Медицина эпохи Авиценны, Душанбе, 1981, с. 13.

[5]Б. Ғафуров. Тоҷикон, китоби якум. Душанбе, 1983, саҳ. 113

[6] Н.И. Конрад, Запад и Восток, М., 1972, саҳ. 273-274.

[7] Муҳаммад Муҳаммадии Малойирӣ. Таърих ва фарҳанги Эрон, ҷилди аввал, Теҳрон, 1372, саҳ. 453.

[8] Ю. Нуралиев, Тиббу табоат дар замони Сомониён. Дар китоби «Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ», Душанбе, 1998, саҳ. 332.

## Донишманд ва инсонпарвари бузурги хоразмӣ

Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ аз бузургтарин донишмандони олам буда, номи ӯ дар таърихи илму тамаддуни башарӣ ҷовидона сабт гардидааст. Асарҳои пурарзиши ӯ чун ганҷи пурбаҳои хазинаи илм асрҳост, ки барои пешрафти илму фарҳанги ҷаҳон ва ҳалли мушкилоти оламиён хидмати босазое мекунанд.

Ба майдон омадани нобиғаҳои илму фарҳанге мисли Муҳаммад Хоразмиву ҳамватани дигари шӯҳратмандаш Абӯрайҳони Берунӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, ба муҳити илмиву анъанаҳои фарҳангии Хоразми бостонӣ зич алоқаманд аст. Ҳамон тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, Хоразм яке аз қадимтарин марказҳои мадании халқҳои эроннажод буда, фарзандони барӯманди он дар бунёди кохи тамаддуни башарӣ саҳми арзандае гузоштаанд. Ин кишвари бостонӣ дар тӯли таърих ба бисёр офату балоҳо мубтало шуда, борҳо дар натиҷаи ҳуҷумҳои ваҳшиёнаи истилогарони арабу муғулу турк харобу валангор гашта, аз нав қад афрохтааст. Ҳамлаи истилогарони араб бо сардории Қутайба ибни Муслим дар асри 8 аз ҷумлаи ҳамин гуна офатҳои харобиовар буда, Хоразми ободу машҳурро ба харобазор табдил дод. Чунон ки Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» менависад, истилогарон на танҳо шаҳру деҳоти Хоразмро хароб менамуданд, балки ба маҳву нобуд сохтани ёдгориҳои илму тамаддуни ин сарзамин кӯшида, донишмандону адибонро қир мекарданд, соҳибони фарҳангу забони хоразмиро аз байн мебурданд: «Қутайба ибни Муслим, - менависад Берунӣ, - ҳар касеро, ки хатти хоразмӣ медонист, аз дами шамшер гузаронид ва онон, ки аз ахбори хоразмиён огоҳ буданд ва ин ахбору иттилоотро миёни худ тадрис мекарданд, эшонро низ ба дастаи пешин мулҳақ сохт (яъне ба қатл расонд – М.М.), бад-ин сабаб ахбори Хоразм тавре пӯшида монд, ки пас аз ислом намешавад онҳоро донист…»[1]

Бо ин ҳама харобкорӣ истилогарон ҳарчанд ба маҳви забону хатти хоразмӣ ва бисёр ёдгориҳои мадании хоразмиён муваффақ шуданд, вале онҳо натавонистанд тамаддуни бостонии Хоразмро ба куллӣ аз байн баранд. Анъанаву суннатҳои ҷудогонаи маданияти бои гузашта ва унсурҳои забони хоразмӣ пас аз истилои арабҳо низ идома ёфта, ба таъсири офати дигар – ҳамлаи ваҳшиёнаи лашкари муғул бо сардории Чингизхон, ки Хоразмро ба хок яксон кард, аз байн рафтанд. Аз рисолаҳои Хоразмиву Берунӣ бармеояд, ки онҳо аз дастовардҳои илмии ниёгони худ то

андозае баҳраманд гашта, анъанаҳои фарҳангии ононро идомаву такмил додаанд. «Дар Хоразм, -навиштааст муҳаққиқи таърихи илм Г.П. Матвиевская, - ки анъанаҳои пешини маданияти баланди маънавӣ зинда буданд, илм хеле босуръат ба дараҷаи баланд мерасид. Ба ин пайдоиши олимони гениалии осиёимиёнагӣ Ал-Хоразмӣ (асри 9) ва сонитар Берунӣ (асри 11) далел шуда метавонад».[2]

Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ тақрибан дар солҳои 780 дар Хоразм ба дунё омада, дар ҳамон муҳити илмиву мадании зодгоҳи худ ба камол расидааст. Доир ба шарҳи ҳол ва ҷараёни рӯзгори Хоразмӣ маълумоти кофие то замони мо нарасидааст. Бешубҳа ӯ дар ҷавонӣ ҳамаи илмҳои маълуми замони худ, махсусан, илмҳои табиатшиносиву дақиқро аз худ карда, ба донишмандӣ шӯҳрат ёфтааст, ки дере нагузашта ба маркази хилофат – шаҳри Бағдод даъват шудааст. Дар Бағдод бо ташаббуси халифаи аббосӣ Маъмун (солҳои ҳукмрониаш 813-833) «Байт-ул-ҳикма» (хонаи ҳикмат) таъсис шуда буд, ки он дорои бузургтарин ва бойтарин китобхонаи он давра буда, донишмандони халқҳои гуногуни тобеи хилофатро фаро мегирифт. Дар ин муассисаи мӯътабари илмӣ, ки муҳаққиқон онро барҳақ «Академияи илмҳои шарқи асримиёнагӣ» шуморидаанд, ҳамроҳи Муҳаммад Хоразмӣ Аҳмад ибни Муҳаммади Фарғонӣ, Аҳмад ибни Абдуллои Марвазӣ, Холиди Марварудӣ, Аббоси Ҷавҳарӣ барин даҳҳо донишмандони номӣ кор мекарданд, ки аксари онҳо аз мардуми Осиёи Миёна буданд. Фаъолияти кормандони «Байт-ул-ҳикма», ки бо расадхона ва асбобу дастгоҳҳои гуногуни илмӣ муҷаҳҳаз буд, бештар ба тадқиқи илмҳои табиатшиносиву амалӣ равона шуда буд.

Муҳаммад Хоразмӣ дар «Байт-ул-ҳикма» мақоми шоистае дошта, тамоми донишу ғайрати худро ба ривоҷу равнақи илм мебахшад. Ӯ ба бисёр ҷустуҷӯву тадқиқоти дастҷамъии донишмандон сарварӣ карда, аз ҷумла дар кашфиёти муҳимми илмиву амалии давр – андозагирии дарозии як дараҷаи хатти тӯли (меридиани) замин фаъолона иштирок менамояд. Вай барои пешрафти илмҳои табиатшиносиву дақиқ ва кашфи асрори табиат кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад, таҷрибаву мушоҳидаҳои дақиқи илмӣ гузронида, ба кишварҳои гуногун сафарҳои илмӣ мекунад.

Фаъолияти илмиву эҷодии Муҳаммад Хоразмӣ хеле пурдомана буда, ӯ дар соҳаҳои гуногуни илм монанди ҳисоб, ҷуғрофия, нуҷуми назариву амалӣ тадқиқот бурда, асарҳои ниҳоят гаронқадре эҷод намудааст, ки чанде аз онҳо то имрӯз боқӣ мондаанд. Дар ҳамаи асарҳои ин донишманди бузург кӯшиши ӯро дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат, кашфи асрори табиат ва ба манфиати инсон ба кор бурдани он мушоҳида кардан мумкин аст.

Муҳимтарин нуктаи дигаре, ки аз фаъолияти илмии Муҳаммади Хоразмӣ бармеояд, ин ба ҳаёт наздик кардани илм ва татбиқи дастовардҳои илм дар зиндагӣ барои ҳалли мушкилоти гуногуни одамон аст. Ин хусусияти фаъолияти донишмандро, ки аз назари гуманистии ӯ сар мезанад, дар тамоми асарҳояш мушоҳида кардан мумкин аст.

Асари маъруфи Муҳаммад Хоразмӣ «Ҳисоб-ул-Ҳинд» аз ҷумлаи аввалин рисолаҳоест, ки ба ҳисоби амалӣ бахшида шуда, ба инкишофи минбаъдаи математика такон додааст. Бо ин рисолаи худ Хоразмӣ системаи ҳисоби даҳиро, ки нисбатан хеле содда буда дар Ҳинд ба вуҷуд омада буд, аввал дар Шарқ ва сониян дар кишварҳои Европа ҷорӣ ва паҳн намуд, ки то имрӯз дар муомилоти халқҳои гуногуни олам маъмул аст. К. Маркс ҳам дар зимни конспектҳои математикии худ бо моҳияти системаи шумури даҳӣ ишора намуда, онро яке аз «кашфиётҳои зеботарин» мешуморад.[3]

Рисолаи дигари Муҳаммад Хоразмӣ «Ал-ҷабр вал-муқобала...» бошад ном ва мақоми баланди ин донишманди барҷастаро дар таърихи математика ҷовидон гардонидааст. Рисола барои ташаккул ва такомули алгебра ҳамчун илми мустақил асос гузоштааст. Беҳуда нест, ки худи мафҳуми «алгебра» ҳам аз шакли лотинишудаи қисмати аввали унвони рисола – «алҷабр» ба вуҷуд омадааст. Дар ин рисола ҳам баробари баёни масъалаҳои назариявӣ ба масъалаи татбиқи амаливу ҳаётии усулҳои математикӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муҳаммад Хоразмӣ мафҳуми абстраксияро дар математика васеъ намуда, бо роҳи индуксия ва дедуксия ҳал кардани масъалаҳоро ба таври возеҳ нишон додааст. Хоразмӣ дар ташаккул ва такомули математика ҳамчун илм саҳми бузург гузоштааст. Беҳуда нест, ки рисолаҳои математикии ӯ ба забонҳои гуногуни олам тарҷума шуда, ҳамчун дастур хизмат мекарданд. Номи ӯ дар шакли лотинишудааш «алгоритм» ба истилоҳи махсуси математикӣ табдил ёфтааст. Алгоритм ҳоло на танҳо аз мафҳумҳои асосии математикист, балки назарияи муҳимми соҳаҳои нави илм – кибернетика ва мантиқи математикӣ низ ба шумор рафта, дар асоси амали мошинҳои электроникиву автоматӣ қарор гирифтааст. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки Хоразмӣ вазифаи асосии илми ҳисобро пеш аз ҳама аз қонеъ кардани эҳтиёҷу ниёзҳои мардум, осон ва ҳал намудани мушкилоти зиндагӣ иборат медонад. Ӯ дар муқаддимаи рисолаи «Ҷабр ва муқобала» вазифаи худро равшан намуда, аҳамияти амалии рисолаашро таъкид мекунад: «Барои равшан сохтани масоили мубҳам ва осон намудани мушкилоти илмӣ ба по хостам ва китобе дар таърифи ҳисоби ҷабру муқобала таълиф намудам. Китобе, ки

дар айни ихтисор шомили матолиби дақиқ ва боаҳамияти илми ҳисоб, ки мавриди ниёзи ҳамагон аст, буда бошад.

Матолиби ин китоб шомили муҳосабате аст дар ирсу васият ва муқосама (тақсим кардани амволи муштарак) ва умури девониву тиҷорат ва низ дар мавриди тамоми умуре, ки ба ҳисобу муомила марбут мешавад, монанди масоҳат кардани заминҳо ва андозагирии наҳрҳо ва ҳандаса (нақшакашӣ) ва дигар мубоҳиса ва фунуни риёзӣ қобили истифода хоҳад буд».[4]

Пай бурдан душвор нест, ки рисолаҳои математикии Хоразмӣ ба тақозову талаби зиндагӣ таълиф шудаанд. Чунон ки муҳаққиқону бостоншиносони маъруф В.В. Бартолд, Б. Ғафуров, С.П. Толстов, А.Ю. Якубовский, Я.Ғ. Ғуломов, В.А.Шишкин дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ муайян кардаанд, инкишофи илмҳои дақиқу амалӣ дар Хоразм ва дигар вилоятҳои Осиёи Миёна дар он давра пеш аз ҳама ба тавсиаи кишоварзиву системаи обёрӣ, равнақи тиҷорату ҳунармандӣ зич алоқаманд будааст. Ин зарурат ва алоқамандиро фарзандони донишманди он сарзамин монанди Муҳаммад Хоразмӣ хеле хуб дарк карда, барои рушду камоли ватани худ дар ҳар ҷое набошанд, хидмат кардаанд.

Рисолаҳои математикии Хоразмӣ натиҷаву маҳсули ҳамин гуна омилҳои ҳаётӣ буда, ҷавобгӯи дархостҳои давру замон ва мушкилкушои рӯзгори одамон буданд. Ин ҳама аз як тараф ба он далолат мекунад, ки Хоразмӣ ва муосирони ӯ қудрати ақлу заковати худро барои хидмат ба халқу ватан харҷ намудаанд, аз тарафи дигар ба даъвоҳои беасоси олимони Ғарб, ки назарияҳои илмии донишмандони Шарқро такрори маҳз мешуморанд, хати батлон мекашанд.

Хидмати Хоразмӣ дар инкишофи илми ҷуғрофия низ хеле бузург аст. «Китоб сурат-ул-арз»-и ӯ, ки дар он замон беҳамто буд, аввалин асари ҷуғрофии боқимонда ба забони арабӣ мебошад. Рисолаи ҷуғрофии Хоразмӣ харчанд аз лиҳози мундариҷа бо «Дастури ҷуғрофӣ»-и Птолемей наздик аст, вале онро тарҷума шуморидан мумкин нест. Зеро, чунон ки шарқшиноси маъруф Ю. Крачковский собит намудааст, Хоразмӣ рисолаи Птолемейро хеле амиқ омӯхта, матолиби онро бо таҳриру такмил дар шаклу ҷадвалу зич баён намудааст. Рисолаи Муҳаммад Хоразмӣ маълумоти пурқимматеро роҷеъ ба 637 мавзеи асосӣ, 209 кӯҳ ва дигар маҳалҳои ҷуғрофӣ дарбар мегирад. Дар ин асар Хоразмӣ таҷрибаи донишмандони гуногуни олам, бозёфту кашфиётҳои ононро ҷамъбаст намуда, асари ҷомеъу мустақиле офарида, харитаи дар он замон дақиқи оламро ба вуҷуд овардааст, ки аҳамияти калони амалӣ дошта, асрҳо чун дастури муҳим барои баҳрнавардону кишоварзон хидмат кардааст.

Дар рисолаҳои ба илми нуҷум бахшидаи Муҳаммад Хоразмӣ низ бештар ба ҷиҳатҳои амалии он илм диққат дода шудааст ва ҷадвалу зичҳои офаридаи ӯ дар соҳаҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирифтанд. Ҷадвалу зичҳои астрономии Хоразмӣ дар асоси мушоҳидаҳои гузаронидаи ӯ ва ҳамкоронаш аз як тараф ва анъанаҳои астрономии эрониву ҳиндӣ аз тарафи дигар офарида шуда, дар навбати худ барои ривоҷи минбаъдаи тадқиқотҳои астрономӣ дар Европаи Ғарбӣ замина гузоштаанд. Ҷадвали астрономии Хоразмӣ, ки ҳанӯз соли 1126 ба лотинӣ тарҷума шуда, ба тадқиқотҳои астрономӣ дар Европа асос гузоштааст, барои андозагириву ченкунии масоҳатҳои гуногун васеъ истифода мешуд.

Чунон ки мебинем, дар тамоми асарҳои Муҳаммад Хоразмӣ консепсияи ҳамбастагии илму амал ба таври равшан зоҳир гаштааст. Зимнан бояд гуфт, ки масъалаи илму амал аз мавзӯъҳои муҳимми адабиёти халқҳои эронинажод буда, дар ашъори шоирони гузаштаи тоҷику форс низ дар ҳар маврид таъкид мешуд. Аз ҷумла Саъдии Шерозӣ омӯзиши илмро бидуни амал эътироф намекунад ва ҳатто нодонӣ мешуморад:

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ бошад илми беамалро зиёдативу бефоида медонад:
Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
Ки илми беамал борест бар дӯш.

Илми беамалро Бадриддини Ҳилолӣ низ кори бефоида диниста, амалро меъёри асосии қадру арзиши илм қарор медиҳад:

Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.

Камолиддини Биноӣ илми беамалро ҳатто барои инсон зарарноку халаловар меҳисобад:

Илм агар бо амал наёмезад,
Халал орад, залолат ангезад.

Ба ин минвол классикони адабиёт орзуву умеди халкро ифода намуда, моҳияти илмро танҳо дар ҳамбастагии он бо амал

медонистанд. Мафҳуми «амал» бошад маънии кору амали некро ифода менамуд ва беҳуда нест, ки Носири Хусрав «то илм наёмӯзӣ, некӣ натавон кард» мегӯяд.

Муҳаммад Хоразмӣ низ дар рисолаҳои худ маҳз ҳамбастагии имлу амали некро ба таври  аёнӣ талқин мекунад ва таъкид менамояд, ки илм бояд ба манфиати инсон хизмат кунад, мушкилоти рӯзгори ӯро ҳал намояд. Эҳтимол баъзе муодилаҳои ҳалкардаи Хоразмӣ бо мурури замон кӯҳна шуда, ҳоло арзиши худро аз даст дода бошанд, вале ғояҳои инсондӯстонаи рисолаҳои ӯ, яъне ба кори нек, ба манфиати одамон истифода бурдани илм ҳеҷ гоҳ кӯҳна нахоҳад шуд ва ҳар қадар инсоният ба зинаҳои баландтари тамаддун барояд ва ба дараҷаи олии инкишофи илму фан бирасад, боз ҳам нуктаҳои башардӯстонаи Хоразмӣ арзиши бештаре касб намуда, наву замонавӣ хоҳанд монд.

Имрӯз, ки яке аз дастовардҳои муҳимми илми муосир, зодаи ақлу тафаккури инсон – атом ба ҳаёти худи инсоният таҳдид мекунад ва хавфи маҳви зиндагиро ба вуҷуд овардааст, арзиши ғояҳои инсондӯстонаи Хоразмӣ даҳчанд меафзоянд. Беҳуда нест, ки донишмандони бузурги замони мо низ нисбат ба оқибатҳои истифодаи дастовардҳои илм бетараф набуда, монанди Хоразмӣ ба манфиати инсон равона кардани онҳоро таъкид мекунанд. Аз ҷумла физики барҷаста, раиси собиқи Шӯрои Умумиҷаҳонии сулҳ Федерик Жюлио–Кюри навиштааст: «Ҳарчанд мо ба оқибатҳои некфарҷоми он (илм – М.М.) имони росих дорем… мо медонем, ки дар дасти ҷинояткорони оташафрӯзи ҷанг вай ба аслиҳаи харбиоваре табдил меёбад…»[5]

Дар ҳақиқат, кашфиёту дастовардҳои илмро бо мақсадҳои мухталиф истифода кардан мумкин аст. Як кашфиёти физикиву химиявӣ ё биологӣ метавонад барои пешрафти азими инсоният хидмат кунад. Вале баръакс, дар сурати истифодаи нодуруст худи ҳамон кашфиёт метавонад боиси харобии оламу бадбахтии одам гардад. Ин бори дигар моҳияти иҷтимоиву ахлоқии илм ва олимро дар ҳамаи давру замонҳо нишон медиҳад.

Муҳаммад Хоразмӣ монанди Ибни Синову Форобӣ асарҳои фалсафӣ таълиф накардааст (навишта бошад ҳам, то имрӯз нарасидааст), то мо бо ҷаҳонбиниву нуқтаи назарҳои иҷтимоиву ахлоқии ӯ огоҳ шавем. Вале дар зимни рисолаҳои хурди илмии ӯ ҳам, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, метавон ишораҳое пайдо кард, ки аз мавқеъ ва эҳсосу андешаҳои инсондӯстии ин донишманди бузург шаҳодат медиҳанд.

Яке аз масъалаҳои нозук ва мураккаби зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар асрҳои миёна тақсими мерос ба шумор мерафт. Дар ин масъала низ аҳли ҳукмрони давр сӯистифода намуда, ба

манфиати худ амал мекарданд. Намунаи ғайриодилонаи тақсими мерос дар шеъри машҳури «Тақсими мерос»-и мансуб ба Мушфиқӣ мавриди ҳаҷву мазаммат қарор гирифтааст:

Ҳамшира! Харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману масорифи қурро аз они ту.
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз они ман
В-он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.
Ин ҷомахобу бистару болин аз они ман,
Бетоқатию нолаи шабҳо аз они ту…
Аз рӯи хона то ба лаби бом аз они ман,
Аз рӯи бом то ба сурайё аз они ту.
Рафтан ба сӯи қабру нишастан аз они ман,
Даструхони чалпаку ҳалво аз они ту.

Муҳаммад Хоразмӣ низ зарурати ҳалли одилонаи ин масъаларо ба назар гирифта, қисмати амалии рисолаи «Ҷабр ва муқобала»-ро бештар ба ин мавзӯъ бахшидааст. Муаллиф мисолҳои фаровонеро аз зиндагӣ нақл намуда, усули дурусти тақсими меросро дар ҳолатҳои гуногун ба таври дақиқ нишон додааст. Ҳарчанд Хоразмӣ дар ин масъала аз қоидаву қонунҳои шариат берун намебарояд, вале дар мисолҳои овардаи ӯ занон низ дорои ҳуқуқи муайян мебошанд.Ӯ на танҳо ҳиссаи занону духтаронро дар тақсими мерос таъкид мекунад, балки мисолҳоеро меорад, ки зан пеш аз вафоташ мувофиқи салоҳдиди худ васият мекунад. Аз ҷумла мисоли зеринро аз назар гузаронем: «Зане даргузашт. Ворисони ӯ ду духтар ва модару шавҳараш буданд ва низ васият кард то ба марде ба андозаи саҳми модараш ва ба марди дигар як нуҳум аз тамоми сарваташро бидиҳанд. Роҳи ҳалли он чунин аст»…

Аз ин қабил мисолҳо, ки дар рисола хеле зиёданд, маълум мегардад, ки Хоразмӣ, мақоми занро ҳамчун инсони мустақил эҳтиром намуда, ҳатто ҳуқуқи занро ба васият кардани мерос ба марди дигар таъкид кардааст.

Аксари мисолҳое, ки Хоразмӣ зикр кардааст, аз ҳаёти рӯзмарра гирифта шуда, ба кору фаъолияти мардуми оддӣ (аз қабили хариди ҷаву гандум) алоқамананд. Бобҳои махсуси «Ҷабру муқобала» бошад ба масъалаҳои амалии рӯзгор амсоли хариду фурӯш, ивазу иҷора ва муомилоти дигар бахшида шудаанд. Ҳамаи ин аз як тараф аҳамияти амалии асарҳои Муҳаммад Хоразмиро нишон диҳад, аз тарафи дигар симои ӯро чун шахси накӯкору инсондӯст, ки мехоҳад бо ҳар роҳ мушкилоти мардумро

осон намояд ва раҳнамову мушкилкушои мардум бошад, ҷилвагар месозад.

Барои Хоразмӣ барин донишманди инсонпарвар ихтилофу тамизи дину мазҳаб, ирқу нажод, миллату забон тамоман бегона буд. Ӯ ҳамчун инсони пешқадами давр барои касби камолу дониш аз ганҷинаи илму фарҳанги халқҳои гуногун баҳравар мешуд ва аз дастовардҳои муҳимми илмии донишмандони Риму Юнони қадим, Ҳинду Бобулистон, Мисру Хитой ва дигар кишварҳои олам огоҳии комил дошт. Дар рисолаҳои худи ӯ ба асарҳои Аристотел, Евклид, Птолемей истиснод мекунад, андешаву фарзияҳои ононро тавзеҳу такмил медиҳад ва аз «донишмандони миллатҳои пешин» ҳамеша бо эҳтиром ёдовар мешавад.

Дар бароари ин меҳру муҳаббати беандозаи ватандӯсти ҳақиқӣ Муҳаммад Хоразмӣ ба зодгоҳи азизи худ Хоразм, таъриху маданияти бостонии он, ба ҳамватанони шӯҳратмандаш аз асарҳои боқимондаи ӯ ҳам эҳсос мешавад. Вале, мутаассифона, дар бобати аслу насаби ин донишманди бузург баҳсу талошҳои беасос мавҷуданд ва чунон ки Г. П. Матвиевская қайд мекунад, «дар адабиёти ҷаҳонӣ дар бораи баромади миллии ал-Хоразмӣ фикру мулоҳизаҳои мухталиф ва баъзан тамоман бемаънӣ мавҷуданд»[6] Шарқшинос М. Сале ба таври ҳаққонӣ ақидаи ховаршиносони буржуазии Ғарбро дар хусуси маданияти араб шуморидани тамоми дастовардҳои мадании халқҳои истилошуда ба зери тозиёнаи танқид гирифта дуруст таъкид мекунад, ки «аз Хоразмӣ миллати ӯро гирифта шарқшиносони буржуазӣ… симои олими бузургро пардапӯш намуда, ба зери соя гирифтанд»[7]. Вале муаллифи рисола дар ақидаи худ то охир устувор намонда, ҳарчанд араб будани Хоразмро дуруст рад мекунад, вале худ ба иштибоҳи дигаре роҳ дода, ӯро «фарзанди шӯҳратманди халқи ӯзбек» мешуморад. М. Сале ҳамчунин ба забони модарии худ содиқу вафодор будани Хоразмиро таъкид намуда менависад: «Забони Хоразм ҳам барои ӯ ҳамеша забони модарӣ монд. Дар Бағдод, маркази хилофат зиста, Хоразмӣ шеваи падарони худро фаромӯш накард ва ҳатто дар забон «араб» нашуд». Вале муаллиф дар хусуси «забони Хоразм» хомӯш мемонад. Чунон ки тадқиқотчии маъруфи ёдгориҳои забони хоразмӣ А.А. Фрейман ба субут расонидааст ва дар «Энсиклопедияи советии ӯзбек» ҳам қайд шудааст, забони хоразмӣ, ки унсурҳои он то асри 12 мавҷуд будааст, аз забонҳои шохаи шарқии эронӣ буда, ба забони суғдӣ наздикӣ доштааст.[8]

Мутаассифона, ин иштибоҳи М. Сале на танҳо сари вақт ислоҳ ва тасҳеҳ нагардид, балки дар асарҳои баъзе олимони дигари Ӯзбекистон тақвият ёфт. Файласуфи ӯзбек О. Файзуллоев низ бе ҳеҷ қайду шарте маҳз дар Хоразм таваллуд шудани донишмандро

ба асос гирифта таъкид мекунад: «Абу Абдулло Муҳаммад ибни Мӯсо дар Хоразм таваллуд шуда, фарзанди номии халқи ӯзбек мебошад»[9]

Ҳамин тавр ин иштибоҳ аз як асар ба асари дигар мегузарад. Аз ҷумла дар китоби илмӣ-оммавии «Ҳикояҳо доир ба математикҳо», ки дар Минск чандин бор бо адади зиёд интишор ёфтааст, Хоразмӣ ҳамчун «алгебрашиноси маъруфи ӯзбек» муаррифӣ шудааст.

Сабаби асосии ба чунин иштибоҳ роҳ додани муҳаққиқон ба назар нагирифтани принсипи таърихият, ба ҳодисаҳои таърихӣ аз рӯи ҳолату тақсимоти маъмурии имрӯза баҳо додан ва эҳсоси дурӯғини «ватандӯстии» онҳост. Ҳоло аз тафсили ин масъала, ки аён аст, худдорӣ намуда, танҳо ҳаминро бояд қайд кард, ки дар сарчашмаҳои боқимонда ба турк будани Хоразмӣ ишорае нарафтааст (Одатан муаллифони сарчашмаҳо ба турк будани шахсони таърихӣ ишора менамоянд). Тадқиқоти донишмандони маъруф Н.И. Веселовский, В.В. Бартолд. И.Ю. Крачковский, С.П. Толстов гувоҳӣ медиҳад, ки дар асрҳои 8-9 сокинони Хоразм асосан мардуми эронинажод буданд. Абӯрайҳони Берунӣ ҳам аҳли Хоразмро «шохае аз форсиён» шуморида, умумияти забон, одату русум, мазҳабу оин ва умуман маданияти хоразмиёну суғдиён ва дигар мардумони эронинажодро таъкид кардааст. Академик В.В. Бартолд дар асоси маълумоти сарчашмаҳо вуруди туркҳоро ба Хоразм ва турконида шудани ин кишварро ба асрҳои 12-13 мансуб медонад. Хоразмшиноси маъруфи рус профессор Н.И. Веселовский «мустаҳкамшавии ӯзбекҳоро дар Хоразм аз асри 16 дониста, таърихи нави Хоразмро ҳам аз ҳамин давра шурӯъ мекунад»[1]0.

Бинобар ин ҳақ ба ҷониби академикҳо В.В. Бартолд, И.Ю. Крачковский. Б.Ғафуров, муҳаққиқони маъруфи таърихи илм П.Г.Булгаков, Г.П. Матвиевская, муаллифи мақолаи «Хоразмӣ» дар «Энциклопедияи советии ӯзбек» ва амсоли инҳост, ки «баромади хоразмии» донишманди бузург Муҳаммад Хоразмиро таъкид кардаанд. Фақат ҳаминро ҳам бояд дар назар дошт, ки Хоразмии асри 9, на асри 20. Вагарна ба таҳрифи ҳақиқати таърихӣ ва иштибоҳҳо роҳ додан мумкин аст. Таърих бошад ҳеҷ гуна таҳрифро намебардорад…

Муҳаммад Хоразмӣ на танҳо донишманди бузург, балки аз ташкилотчиёну созмондеҳони барҷастаи илм буда, андешаҳои ӯ дар хусуси моҳияти илм низ қобили таваҷҷӯҳанд.

Мулоҳизаҳои Муҳаммад Хоразмӣ доир ба одобу илму олим ва гурӯҳбандии донишмандон саршори эҳсоси баланди гуманистӣ буда, имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Ӯ дар муқаддимаи рисолаи «Ҷабр ва муқобала» аҳли илмро ба се гурӯҳ

тақсим намуда, дар байни онҳо имтиёзе намегузорад ва хидмату моҳияти ҳар гурӯҳро дар илм ва расонидани манфиат ба мардум нишон медиҳад:

«Донишӣ, – менависад Хоразмӣ, – се гуна аст.

Ё донишӣ мардест, ки барои аввалин бор донишеро ибдоъ ё кашф мекунад ва барои ояндагон ба ёдгор мегузорад. Ё донишмандест, ки осори пешиниёнро шарҳу тафсир мекунад ва матолиби муҳими печидаи китоберо равшан месозад, барои баёни матлаб роҳи соддатаре нишон медиҳад ва натиҷагириро осон мекунад. Ё хирадмандест, ки дар баъзе аз китобҳо ба нодурустӣ ва ошуфтагӣ бармехӯрад, пас нодурустиро ислоҳ мекунад ва ошуфтагиҳоро сомон мебахшад, бо хушбинӣ ба кори муаллиф менигарад, бар ӯ хӯрда намегирад ва ӯ ба ин ки мутаваҷҷеҳи хатову иштибоҳи дигарон шуда, ба хештан намеболад».

Дар ин гурӯҳбандии Хоразмӣ пеш аз ҳама масъалаи одобу вазифаи инсонии олим ба миён гузошта шудааст. Махсусан мулоҳизаҳои донишманд дар хусуси танқиди илм ва мунаққидон хеле ҷолиб аст. Ба ақидаи Хоразмӣ олиме, ки ба таҳқиқи таъриху танқид ва тафсири илм машғул аст, пеш аз ҳама дар баробари нишон додани иштибоҳу норасоиҳои асар бояд инсони хушоин бошад, ба хӯрдагириву худситоӣ дода нашавад ва ба иззати нафси муаллиф нарасида, ба ӯ ва асараш муносибати объективона дошта бошад. Ин нуктаҳои одилонаву инсондӯстонаи Хоразмӣ на танҳо аҳамияти худро гум накардаанд, балки имрӯз ҳам бояд сармашқи аҳли илм ва махсусан, мунаққидон бошанд. Зеро имрӯз ҳам аз аҳли илм касоне ёфт мешаванд, ки бо ғаразҳои беасоси шахсиву бадбинӣ қаламфарсоӣ мекунанд, ба ҷои баҳои объективона додан ба асар ва тақдири хидмати ҳамкасбон аз рӯи иштибоҳи ночизе аз пашша фил сохта, асареро ботил ва муаллифашро бадном месозанд.

Чунон ки борҳо ёдовар шудем, вазифаи асосии илмро Хоразмӣ дар хидмат ба мардум медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки донишмандони асили халқҳои гуногун қудрату тавоноии худро сарфи ин кору нияти нек намудаанд:

«Донишмандони рӯзгорони гузашта ва андешамандони миллатҳои пешин пайваста саргарми нигоришу тасниф будаанд. Онон ба андозаи тавоноиву биниш барои мардуми пас аз худ дар анвои дониш на гузидаҳои фалсафа китобҳо таълифу тасниф кардаанд бад-он умед, ки дар дигар сарой подоше ёбанд ва дар ин ҷаҳон номи нек бар ҷой монад. Номе, ки тамоми сарватҳову пирояҳое, ки заҳмату ранҷи бисёр ба даст меояд, дар баробари он ҳеҷ аст…»

Ҳамин тавр, Хоразмӣ илмро на манбаи даромаду маишати рӯзгор, балки василае барои мададрасонӣ ба мардум ва соҳиб шудан ба номи нек медонад, ки он аз ҳама гуна молу сарвати дунё афзалтар аст. Бо ин андешаҳои худ Хоразмӣ низ монанди файласуфи юнонӣ Протагор, ки 24 аср муқаддам шиори ҳикматомези «инсон меъёри ҳама чиз аст»-ро ба миён гузошта буд, накӯкорӣ ва хидмат ба инсониятро вазифаи муқаддаси илм мешуморад.

Донишманди инсонпарвар Муҳаммад Хоразмӣ, ки тамоми ақлу хирад, донишу заковаташро барои хидмат ба мардум, пешрафти илму тамаддун, хушбахтиву саодати одамон сарф карда, некиву накӯкориро мароми аслии худ қарор дода буд, аз ёди халқ ҳеҷгоҳ нахоҳад рафт ва мисли дигар бузургони илму адаби олам номи ӯ ҳамеша ба некӣ вирди забон хоҳад монд, чунон ки Ҳофиз гуфтааст:

Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

## ПАЙНАВИШТ

[1] Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия, тарҷумаи Акбари Доносиришт, Теҳрон, 1352, саҳ. 58.

2 Г.П.Матвиевская. К истории математики Средней Азии. Тошкент, 1962, стр. 26.

[3] К.Маркс. Математические рукописи, М., 1968, стр. 144.

[4] Муҳаммад бинни Мӯсо Хоразмӣ. Ҷабр ва муқобала, тарҷумаи Ҳусейн Хадиви Ҷам, Теҳрон, 1348, саҳ. 27.

[5] Маҷ. «Новое время», 1983, №1, саҳ, 11

[6] Г.П. Матвиевская. Асари зикршуда, саҳ. 44.

7 М. Сале. Мухаммед ал-Хорезми великий узбекский ученый. Тошкент, 1954, саҳ. 25.

8 А.А. Фрейман. Хорезмийский язык, М-Л., 1951.

[9] О. Файзуллоев. Муҳаммад Хоразмӣ, Тошкент, 1965, саҳ. 3.

10 Ниг.: Б.В. Лунин. Средняя Азия в научном наследии отечественного востоковедения, Тошкент, 1979, саҳ. 31.

# Мароми ахлоқии аҳли ҳунар

Замони зиндагии Камолиддин Беҳзод аз давраҳои шукуфотарин фарҳангу ҳунари мардуми тоҷик ва халқҳои дигари Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон ба шумор меравад. Дар ин давра пойтахти давлати Темуриён шаҳри Ҳирот аз марказҳои муҳимми фарҳангии на танҳо Хуросону Мовароуннаҳр, балки Шарқ маҳсуб шуда, ҳунармандону адибон, донишмандону косибони зиёдеро ҷамъ оварда буд ва ҳунарҳои меъмориву ороишӣ, мусиқиву рассомӣ, хаттотиву минётурӣ ва амсоли инҳо хеле равнақу ривоҷ доштанд.

Оромии нисбие, ки дар нимаи аввали асри XV дар ин сарзамин ба вуҷуд омад ва махсусан сарпарастиву ғамхории вазири бофарҳангу донишманд ва шоири маъруф Алишер Навоӣ, шоиру мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ва баъзе шоҳони фарҳангдӯсти темурӣ чун Султон Ҳусейнмирзо барои пешрафти фарҳангу ҳунар заминаи мусоиде фароҳам оварданд. Вале ин дер давом накард ва аз охирҳои қарни мазкур дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давр ихтилофҳо авҷ гирифта, ба хусус фасоди ахлоқӣ вусъат пайдо кард. Тавре ки академик А. Мирзоев дуруст таъкид кардааст, "дар охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI ба вуҷуд омадани як қатор асарҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ, аз ҷумла "Ахлоқи Мӯҳсинӣ"-и Кошифӣ, "Ахлоқи Ҷалолӣ"-и Даввонӣ, "Беҳрӯзу Баҳром"-и Биноӣ ва ғайра, агар хато накунам, барои пешгирӣ кардани фосидии ахлоқи ҳамин давра низ равона карда шудаанд".[1]

Дарвоқеъ масъалаҳои ахлоқӣ ба яке аз масоили муҳимми замон табдил ёфта, на танҳо дар осори бадеиву дидактикии ин давра, балки дар осори ҳунарии он низ роҳ пайдо кард, ки рисолаи манзуми ҳунарвари барҷастаи замон, шоҳи хаттотони даврон Султон Алии Машҳадӣ гувоҳи он аст.

Ҳарчанд аҳволу осори ин ҳунарманди маъруф таваҷҷӯҳи донишмандонро ҷалб намуда, аз ҷумла муҳаққиқи рус Г. И. Костигова рисолаи номзадӣ ҳам таълиф кардааст, вале арзиши ахлоқии асари ӯ ҳанӯз комилан таҳқиқу баррасӣ нашудааст. Бинобар ин мо аз нақли шарҳи ҳоли Султон Алӣ, тавсифи осори ӯ, ки дар китобҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла китобхонаи оммавии Салтиков-Шедрини Санкт-Петербург маҳфуз аст, худдорӣ намуда[2], ин ҷо баъзе андешаҳои ахлоқии ӯро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Вале қабл аз ҳама бояд роҷеъ ба иртиботи ду ситораи тобноки ҳунари он даврон Камолиддин Беҳзод ва Султон Алии Машҳадӣ чанд сухан гуфта шавад, зеро ин иртибот дар ташаккули афкори ахлоқии онҳо бетаъсир нест.

Тавре, ки маълум аст, Султон Алӣ охири солҳои 60-и қарни XV бо даъвати Алишери Навоӣ ба Ҳирот-маркази давлати Темуриён омада буд. Дар ин солҳо Камолиддин Беҳзод ҷавони 14-15 сола буд. Бинобар ин аз Султон Алӣ сабақ гирифтани ӯ, ки баъзе сарчашмаҳо хабар медиҳанд, аз воқеият дур нест. Дӯстиву ҳамкории ин ду ҳунарманди бузурги аср то охири умрашон идома пайдо карда, боиси офарида шудани як зумра шоҳкорҳои ҳунарӣ гаштааст. Аз ҷумла нусхаҳои нодире, ки бо хати зебои Султон Алӣ ва мусавварахои шевои Камолиддин Беҳзод офарида шудаанд, чун Бӯстони Саъдӣ (китобат дар соли 1476), ки дар китобхонаи Честер Битли Будлин нигаҳдорӣ мешавад, ё нусхаи дигари Бӯстон, ки соли 1488 китобат шуда, дар китобхонаи Қоҳираи Миср маҳфуз аст ва чандин нусхаҳои дигар осори гаронбаҳои ҳунарӣ буда, намунаи олии ҳунари хаттотиву минётурӣ маҳсуб мешавад ва аз тарафи донишмандону ҳунармандон баҳои хеле баланд гирифтаанд.

Дарвоқеъ дар нусхаҳои мазкур афкору андешаҳои баланди ахлоқии Саъдӣ, хатти зебову назаррабои Султон Алӣ ва мусавварахои ҷаззобу дилкушои Беҳзод бо ҳам омезиш ёфта, асари бузурги бадеиву ҳунарҳо ба вуҷуд овардаанд, ки на танҳо мутолиаи онҳо, балки ҳатто дидорашон ба кас таассуроти амиқ мебахшад.

Аз иртиботу муносибатҳои дӯстонаи ин ду ҳунарманди бузурги аср тасвири (портрети) Султон Алӣ, ки бо қалами Беҳзод кашида шуда, хушбахтона, то имрӯз боқӣ мондааст, низ гувоҳӣ медиҳад. Дар ин мусаввара чеҳраи Султон Алӣ чун шахси ҳалиму фурӯтан ба қалам омадааст.

Рисолаи манзуми Султон Алии Машҳадӣ, ки нусхаи аслии қаламии худи ӯ (автограф) дар китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрини Санкт-Петербург таҳти шумораи Дорн 454 маҳфуз аст, аз 14 варақ иборат буда, моҳи муҳаррами 920 ҳ. / марти 1514 м. Ба поён расидааст. Ин рисола ҳам дар замони худ ва ҳам дар асрҳои баъд шӯҳрати зиёде касб карда, дар тарбияти ҳунариву ахлоқии хаттотон саҳми арзанда гузоштааст. Ба ин нусхаҳои фаровони он, ки дар китобхонаҳои гуногуни олам маҳфузанд, дар рисолаи хаттоти маъруфи қарни XVI Қозӣ Аҳмад ва рисолаи ...ул-фузалои донишманди қарни XIX Эрон Санглох пурра дохил шудани он ва таъсираш ба рисолаҳои гуногуни хаттотони қарнҳои охир ҳам гувоҳӣ медиҳанд.

Рисолаи хаттотии Султон Алии Машҳадӣ аз 273 байт иборат буда, ба забони соддаву фасеҳи форсӣ дар қолаби маснавӣ навишта шудааст. Дар он асосан дар хусуси усулу қоидаҳои маъмули хушнависӣ, таҳияи маводу таҷҳизоти хаттотӣ ва тарзи навишти

навъи хатти настаълиқ, ки хаттоти маъруф Миралии Табрезӣ аз омезиши навъҳои насху таълиқ ихтироъ карда буд, сухан меравад.

Рисола бо ҳамди Худованд шурӯъ шуда, офаридаи илоҳӣ будани қаламу ҳарф таъкид мегардад. Сипас аз ситоиши пайғамбар, пас аз он дар бораи Алӣ (а) ва ихтироъгари хатти куфӣ будани ӯ ва аз хатти куфӣ баромадани навъҳои дигар сухан меравад.

Султон Алӣ аз забони Алӣ(а) ҳадафи аслии хатро на танҳо офаридани ҳарфу лафз, балки аз эҷоди зебоиву хубӣ низ иборат медонад:

Ғарази Муртазо Алӣ аз хат
На ҳамин лафзу ҳарф буд нуқат,
Бал усули сафову хубӣ буд,
З-он ишорат ба ҳусни хат фармуд.[4]

Барои ҳунарманд шудани Султон Алӣ меҳнати мудовиму пайгиронаро зарур медонад. Ӯ меҳнату машаққати зиёди худро дар машқи хат нишон медиҳад ва ба таври аёнӣ ин матлабро бозгӯ менамояд:

Рӯз то шом машқ мекардам,
На ғами хоб буду на хӯрдам.
Аксари рӯзҳо чу моҳи сиём,
Рӯза медоштам ба сидқи тамом.[5]

Султон Алӣ дар зимни рисола маълумоти зиёди тарҷумаиҳолӣ меорад, ки онҳо на танҳо барои барқарор кардани тарҷумаи ҳоли ӯ хеле судманданд, балки барои шинохти андешаҳои ахлоқии вай ҳам арзиши баланд дорад. Масалан, дар пораи зер ӯ дар хусуси падару модараш, дар тифлӣ аз падар маҳрум гаштанаш сухан ронда, зимнан ба эҳтироми падару модар чун вазифаи муқаддаси писар ишора менамояд:

Чунки аз равза омадам берун,
Пеши модар шудам ба хонам дарун.
Хидматашро ба ҷон камар баста
Дари матлуби хеш дар баста.
То бидонистамаш наёзурдам,
Рӯзгоре бад-ӯ ба сар бурдам.
Аз падар з-он нагуфтаму ҳолам,
Ки сафар карда буд аз олам.
Ман аз ӯ ҳафтсола монда ҷудо,

Ӯ ба чилсолагӣ бурида зи мо.[6]

Сипас Султон Алӣ солҳои ҷавонии худро ба ёд меорад, ки асосан дар мадраса ба омӯзиши илм ва машқи пайвастаи хат сипарӣ шудааст ва он боиси рушду камолоти ӯ чун устоди хушнависӣ гардида, ба вай обрӯю эътибор ва шӯҳрати зиёд овардааст. Шогирдони зиёде аз ҳар гӯшаву канори мамлакат ба назди ӯ ҷамъ меоянд, то ҳунари хаттотӣ омӯзанд. Ӯ ба шогирдон чун дӯсту бародар муносибат намуда, бо меҳру дилбастагӣ ба таълим мепардозад. Вале таълим аз назари ӯ танҳо аз омӯзишу тадрису илму дониш иборат нест, балки тарбияи ахлоқӣ ва рушди маънавии шахсро ҳам дар бар мегирад. Аз ин рӯ дар баробари таълими усули хаттотӣ ӯ ба тарбияи маънавии шогирдон пардохта, чашми ботинии онҳоро боз менамуд, то ки оламро беҳтару амиқтар дарк созанд:

Чунки аз машқи беҳаду беад
Шудам алқисса шӯҳраи Машҳад.
Пеши ман маҳрухони симзақан
Баҳри таълими хат ба ваҷҳи ҳасан
Омаданд зи дуру аз наздик
Хоҳ аз турку хоҳ аз тоҷик.
Ҷумла ёру бародарам буданд,
Ҳамарӯза баробарам буданд.
Чашми сар бастаму кушодам сир
Дидани чашми сир чу нест музир.
Чашми сар айббину маъюб аст,
Чашми сир ҳар чи дид, маҳбуб аст7

Ин ҷо назари Султон Алӣ дар бораи пайвастагиву робитаи ногусастании таълиму тарбия ифода ёфтааст, ки имрӯз ҳам дар педагогикаи ҷаҳонӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва ба хусус барои ҷомеаи мо хеле зарур аст.

Дар фасли ҷудогонаи рисола Султон Алӣ дар хусуси "таъйини авқот ва сулуки котиб" сухан меронад. Ин фаслро метавон маромномаи ҳунариву ҳирфаӣ ва ахлоқии котибӣ номид. Зеро дар он усулҳои умдаи касбӣ ва ахлоқии ҳунари хаттотӣ, шартҳои асосии он, фазилатҳои муҳимтарини шахсияти котибон возеҳу равшан баён шудаанд.

Пеш аз ҳама чунон ки қаблан ҳам зикр шуд, Султон Алӣ кору заҳмати зиёду муттасилро аз овони ҷавонӣ барои котиби хуб шудан зарур мешуморад:

Тарки орому хоб бояд кард
В-ин зи аҳди шубоб бояд кард.
Сар ба коғаз чу хома фарсудан,
З-ин амал рӯзу шаб наёсудан.[8]

Муаллифи рисола таъкид мекунад, ки саъю кӯшиши бардавом, азму субот ва ҷаҳду талош саранҷом боиси ба даст овардани ҳадаф мешавад ва ҳунармандро ба мақсад мерасонад. Ӯ ин матлабро дар мисоли шахсияти худ нишон дода, ҳамчунин барои таъкиди матлаб аз ҳадиси пайғамбар меорад:

Пас нишастам ба ҷидду ҷаҳди тамом
Ҳосили қисса рӯзҳо то шом.
Машқро чун қалам камар баста,
Паси зонуи хеш биншаста.
Буридам зи ёру хешу рафиқ
Охируламр ёфтам тавфиқ.
Гуфт Пайғамбар он шоҳи сарвар
Сар мапеч аз ҳадиси Пайғамбар:
"Ҳар ки кӯбад даре зи рӯи ниёз,
Мешавад оқибат ба рӯяш боз".[9]

Вале барои котиби ҳақиқӣ шудан танҳо саъю кӯшиш ва меҳнати муттасил кофӣ нест. Котиб инчунин бояд ахлоқу одоби хуб дошта, аз лиҳози маънавӣ поку беолоиш бошад, инони нафси худро идора карда тавонад. Аз ҷумла ӯ ҳарисиро душмани маънавии худ медонад:

З-орзуҳои хеш бигзаштан
В-аз раҳи ҳирсу оз баргаштан.[10]

Муборизаи беамон бо нафси бад дарвоқеъ аз шартҳои асосии на танҳо ҳунари котибист, балки василаи муҳимми ташаккули шахсияти инсон аст. Аз назари Султон Алӣ танҳо шахсе метавонад чун инсони наҷиб ба камол расида, дар ҳар касбу ҳунар муваффақ ва комёб гардад, ки бо нафси бад, ки дар вуҷуди ӯ ниҳон аст, мубориза бурда ғолиб ояд:

Низ бо нафси бад ҷадал кардан,
Нафси бадкешро задан гардан.
То бидонӣ ҷиҳоди асғар чист,
Бозгаштан ба сӯи акбар чист.[11]

Котиб низ мисли ҳар инсони дигар бо мардум сарукор дорад, дар робита бо аҳли сайфу пешаҳо кору фаъолият мекунад. Аз ин ҷост, ки Султон Алӣ рафтору муомилаи хубу шоистаро бо дигарон барои ҳар котиб зарур мешуморад. Ӯ ҳам мисли Саъдӣ дилозориро аз хислатҳои зишт донистa, даст кашиданро аз он талқин месозад:

В-он чӣ бо худ раво намедорӣ,
Ҳеҷ касро бад-он наозорӣ.
Дил маёзор гуфтамат зинҳор,
К-аз дилозор Ҳақ бувад безор.[12]

Султон Алӣ қаноатмандиву поксириштиро аз хислатҳои ҳамидаи котибон мешуморад ва риояти инҳоро ба котибони ҷавон талқин месозад:

Дар вуҷуди кас қаноату тоат
Бе таҳорат мабош як соат.[13]

Дурӯғгӯиву ғайбат, тӯҳмату бӯҳтон барин хислатҳои бади инсонӣ барои котибон низ зарарнок аст ва бояд онҳо аз ин хислатҳои ношоям дурӣ ҷӯянд:

Ҳама вақт иҷтиноб воҷиб дон
Аз дурӯғу зи ғайбату бӯҳтон.

Ҳасад аз хислатҳои бади инсонист, ки мутаассифона, дар ҳамаи давру замонҳо, махсусан, дар байни ҳунармандон ривоҷ дошта, боиси на танҳо ранҷу озоби аҳли ҳунар шудааст, балки сабабгори ҳалокати иддае аз онҳо ҳам гаштааст. Аз ин ҷост, ки Султон Алӣ ба котибони ҷавон дурӣ ҷустанро аз ҳасаду ҳосидон таъкид менамояд:

Аз ҳасад дур бошу аҳли ҳасад,
К-аз ҳасад сад бало расад ба ҷасад.[14]

Макру фиреб зоҳиран барои зуд ба ҳадаф расидан мадад мерасонад, вале ин хислати зишт оқибат фош гардида, боиси бадномии шахс хоҳад шуд. Зеро ин хислат аз нопокии ботинӣ маншаъ мегирад, ки бахусус барои ҳунарманд норавост. Бинобар ин Султон Алӣ таъкид мекунад, ки котиби ҷавон набояд ба макру фиреб машғул шавад ва дар паи пок кардани ботини худ бошад:

Ҳилаву макрро шиор макун,

Сифати нохуш ихтиёр макун.
Ҳар ки аз макру ҳилаву талбис
Пок гардид, гашт покнавис.[15]

Покии дилу сафои ботинӣ барои котиб хеле зарур аст. Зеро ба қавли Султон Алӣ ҳусни хатти котиб таҷаллии покиву зебоии ботинии ӯст:

Донад он кас, ки ошнои дил аст,
Ки сафои хат аз сафои дил аст.
Хат навиштан шиори покон аст,
Ҳарза гаштан на кори покон аст.[16]

Султон Алӣ ба такрор таъкид мекунад, ки котиб бояд тамоми нерӯи худро баҳри иҷрои кор харҷ намояд ва ҳатто агар зарур бошад, гӯшанишиниву хомӯширо ихтиёр кунад. Ӯ дар ин бобат гӯшанишинии ҳазрати Алиро, ки барои китобати Қуръони маҷид пеш гирифта буд, мисол меорад.

Тавре ки ҳувайдост, Султон Алӣ рисолаи худро "дар қавоиди хат" ё "дар одоби хат" донистааст, вале дар асл он вазифаи бештареро адо намуда, баробари қоидаҳои хаттотӣ одобу ахлоқи инсониро низ ба котибон меомӯзад. Ба назари Султон Алӣ барои котибон хислатҳои неки инсонӣ мисли хислатҳои кориашон хеле зарур аст. Аз ин рӯ ӯ барои тарғибу ташвиқи ин хислатҳо аз воситаҳои гуногуни тасвир, аз ҷумла тамсилу ҳикоёт, зарбулмасалу мақолҳо, ташбеҳу тавсифҳо ва амсоли инҳо бамаврид истифода менамояд.

Рисолаи манзуми Султон Алии Машҳадӣ ҳарчанд ҳаҷман хеле хурд аст, вале дорои мазмуну матолиби муҳим ва арзишҳои волои ахлоқиву зебошиносӣ буда, тадқиқи амиқу ҳарҷонибаи он барои таъйини меъёрҳои ахлоқиву эстетикии ҳунари аҳди Беҳзод мадад мерасонад ва имрӯз низ барои тарбияи маънавии мардум хеле судманд аст.

## ПАЙНАВИШТ

[1] Абдулғанӣ Мирзоев, Биноӣ. Сталинобод, 1957, саҳ. 25.

[2] Дар ин бора ниг.: Г.И. Костигова. Трактат по каллиграфии Султон Али Мешхеди. Труды Государственной публичной библиотеки им. Ш.Е. Салтыкова-Щедрин, том 11(V), Ленинград, 1957, с. 103-110.

Маҳдии Баёнӣ. Султон Алии Машҳадӣ. Паёми навин, 1339, №2,4,5.

Сарвари Гӯё. Султон Алии Машҳадӣ. Ориёно, 1339, №5.

[3] Султон Алии Машҳадӣ. Рисола дар илми хат, нусхаи Китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрини Санкт-Петербург, Дорн 454 (факсимиле), вар. 2[б].

[4] Ҳамон ҷо, вар. 4 [а].

[5] Ҳамон ҷо, вар. 4 [а].

[6] Ҳамон ҷо, вар. 4 [а].

[7] Ҳамон ҷо, вар. 4 [а]

[8] Ҳамон ҷо, вар. 4 [б]

[9]. Ҳамон ҷо, вар. 12[а]

[1]0Ҳамон ҷо, вар. 5 [а]

[1]1 Ҳамон ҷо, вар. 12 [а]

[1]2 Ҳамон ҷо, вар. 12 [а]

[1]3 Ҳамон ҷо, вар. 12 [а]

[1]4Ҳамон ҷо, вар. 12 [а]

[1]5 Ҳамон ҷо, вар. 12 [а]

16Ҳамон ҷо, вар. 12 [б]

## Мулоҳизаҳо дар атрофи хостгоҳ ва ҷойгоҳи забони форсии дарӣ(тоҷикӣ)

Тавре ки маълум аст, замони мо даврони рушди иттилоот ва фановарӣ аст ва аз ин дастоварди муҳими илму хиради инсонӣ ҳар кишвар саъй мекунад, ки ба манфиати худ истифода барад. Мутаассифона, дар ин масир баъзе каҷравиҳо ва таҳрифи рӯйдодҳои таърихӣ, аз ҷумла азхуд кардани мероси фарҳангии халқҳои дигар ва ҳуҷумҳои фарҳангӣ ба назар мерасанд.

Ин моро водор менамояд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бетараф ва фориғ набошем ва на танҳо арзишҳои маънавиии худро ҳифз намоем, балки мисли Наврӯз онҳоро ҷаҳонӣ гардонем.

Аз ҷумлаи ҳамин гуна арзишҳои бузурги маънавии мо ва мардумони эронитабор ин забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикист, ки бешубҳа яке аз омилҳои асосии мондагории миллати тоҷик дар тӯли таърих будааст.

Дар бораи пайдоишу ташаккули ин забон ва рушду густариши он дар асрҳои миёна муҳаққиқони зиёде амсоли Маликушшуаро Баҳор, Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Б. Ғафуров, В. Ҳеннинг,Ж. Лазар, Е.Э. Бертелс, А.А. Фрейман,

Парвиз Нотили Хонларӣ, Муҳаммад Муин, А. Мирзоев, И.М. Оранский, А.Ҳабибӣ, А. Қавим, Г.И.Козлов, А.Л.Хромов,М Қосимова,А. Турсунов, Ғ. Ашӯров, Х. Додхудоев, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон ва дигарон изҳори назар кардаанд.

Пайдоиши забони форсии дарӣ ё тоҷикӣ, яъне форсии нав ва заминаҳои шаклгириву рушди он аз зумраи масъалаҳои баҳснок аст, ки ҳалли он барои равшан намудани омилҳои мондагории мардум ва худи забон низ мадад мерасонад.

Дар ин мавзӯъ дар ибтидои қарни XX баҳсҳои зиёде сурат гирифта буд. Шоир ва донишманди маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор бо далелҳои қотеъ андешаи аз қисмати ҷанубу ғарбии Эрон ба Хуросону Мовароуннаҳр омадани забони порсии дариро рад намуда, маҳз дар қисмати шарқии Эронзамин падид омадани онро ба субут расонда буд.[1] Ин андеша мавриди таъйиди устод С.Айнӣ, Е.Э.Бертелс, Б.Ғафуров, Забеҳулло Сафо, А.Н.Болдирев, А.Мирзоев ва дигарон қарор гирифт. А.Мирзоев мулоҳизоти дар ин мавзӯъ баёншударо ҷамъбаст намуда, навишта буд, ки «забони дарии порсӣ-тоҷикӣ на ин ки дар вақти истилои ҳукмронони араб аз қисмати ҷануби ғарбии Эрон-вилояти Форс ба Хуросон ва Мовароуннаҳр оварда нашудааст, балки вай забони аҳолии маҳаллии мардуми эронинажоди ҳамин сарзамин будааст».[2]

Андешаи мазкур минбаъд дар асарҳои донишмандони тоҷику эронӣ бо далелҳои тоза тақвият пайдо кард.[3] Вале вақтҳои охир баъзе донишмандон амсоли Ричард Нилсон Фрай, Жилбер Лазар боз ҳамон андешаи радшударо бидуни далели тозаву қотеъ такрор менамоянд. Аз ҷумла эроншиноси маъруфи фаронсавӣ Жилбер Лазар дар суханроние, ки соли 1990 дар кунгураи «Ҳазораи тадвини «Шоҳнома» дар Теҳрон эрод намуд, аз нав андешаи тавассути асироне, ки арабҳо пас аз истилои вилояти Форс ҳамроҳи худ ба Хуросону Мовароуннаҳр овардаанд, интиқол ёфтани забони порсии дариро иброз дошт.[4] Ӯ ин фарзияро соли 1993 дар суханрониаш дар анҷумани устодони Донишгоҳи Ҷорҷ Вашингтони Амрико дар мавзӯи «Решаҳои забони форсии адабӣ» идома дод, ки тарҷумаи форсии он дар маҷаллаи «Эроннома» ба табъ расид.

Жилбер Лазар кулли таҳқиқоти эроншиносонро дар ин замина нодида гирифта, пайдоиши забони порсии дариро дар Хуросону Мовароуннахр ба истилои арабҳо марбут медонад: «Пас аз пирӯзии аъроб дар Эрон форсии гуфторӣ ҳамчунон ба сӯи Ховар пеш рафт ва ба василаи сипоҳиёну бозаргонон ба Мовароуннаҳр ва Афғонистони кунунӣ расид».5 Ба ин тартиб ӯ ба

натиҷае мерасад, ки «форсӣ гӯйиши маҳаллии ҷанубитарин ноҳияи Эрон буд, ки ба унвони як забони муколама ба тадриҷ аз ҷануб ба шимол ва ховари Эрон густариш ёфт ва он гоҳ дар шимоли ховарии Эрон ба забони адабии он ноҳия табдил гардид ва аз он ҷо ба бохтару ҷануби Эрон рафт ва саранҷом дар бахше бузург аз Осиё реша давонд».6

Дар асоси ҳамин андешаҳои беасос аст, ки Р. Абдуллоев барин олимони аз илм дур аҷдоди тоҷиконро арабу форсҳое медонанд, ки дар асри У111 бо истилои арабҳо ба Осиёи Миёна омадаанд.

Далелҳои зиёде мавҷуданд, ки бебунёдии ин андешаҳоро ба субут расонда, аз вуҷуд доштани забони порсии дарӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр то истилои арабҳо гувоҳӣ медиҳанд. Дар мақолаи Мирзо Ҳасани Султон аз сарчашмаҳои гуногун далелҳои зиёде оварда шудаанд, ки ин ҷо бо зикри ду далел қаноат мешавад. Далели аввал суруди машҳури «Аз Хуталон омадия» мебошад, ки тавассути «Таърихи Табарӣ» то ба имрӯз расидааст. Ҳангоме ки сарлашкари араб Асад ибни Абдулло дар Хатлон шикаст хӯрда, ба Балх меояд, мардум ин суруди ҳаҷвомезро месароянд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯй табоҳ омадия.
Овор боз омадия,
Бедил фароз омадия.7

Аз ин бармеояд, ки то омадани арабҳо ба ин сарзамин мардум бо забони порсии дарӣ ҳарф мезаданд.

Далели дуюм маълумоти «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ роҷеъ ба ҷорӣ шудани ислом ва забони арабӣ дар ин сарзамин аст. Тавре ки Наршахӣ хабар медиҳад, мардуми Бухоро арабҳоро водор менамоянд, ки оятҳои Қуръон маҳз ба забони порсии дарӣ тарҷума шавад, ки забони гуфтории онҳо будааст.

Ин ду далел ва мисолҳои фаровони дигар собит менамоянд, ки забони порсии дарӣ то истилои арабҳо дар радифи забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, ориёӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар шакли гуфторӣ вуҷуд доштааст.

Ба назар нагирифтани ин воқеияти таърихӣ боиси пайдо шудани муаммоҳо барои Жилбер Лазар гаштааст. Аз ҷумла барои ӯ «муаммои» нахустро Ибни Муқаффаъ, донишманди номдори эронӣ, ки поягузори насри арабӣ ва мутарҷими «Калима ва Димна» аз форси миёна ба арабӣ буд, матраҳ кардааст».[8]

Жилбер Лазар иттилои Ибни Муқаффаъро дар бораи панҷ забоне, ки дар поёни даврони Сосониён вуҷуд доштанд, яъне забонҳои паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, хузӣ ва сурёнӣ зикр намуда, тааҷҷуб мекунад, ки чаро «Ибни Муқаффаъ ба талвеҳ мегӯяд, ки

дар миёни забонҳои Хуросон балхӣ беҳтарин гӯйиши дарӣ аст».[9] Ва ин ҳақиқатро ӯ муаммо медонад ва аз осори қарнҳои IX-XI мелодӣ амсоли тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», «Донишнома»-и Майсарӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Кайковус мисолҳо меорад, ки дар ҳамаи онҳо ибораи форсии дарӣ ё порсии дарӣ истифода шудааст.

Азбаски ин далелҳои қотеъ андешаи ӯро ба субут намерасонанд, тааҷҷуб мекунад, ки «чаро Ибни Муқаффаъ ба ҳангоми сухан гуфтан аз «дарӣ» танҳо ба пойтахт ва ба Хуросон ишора мекунад ва на ба ҳеҷ бахшу шаҳри дигаре аз Эрон?» [10]

Ин пурсишу тааҷҷуби донишманди фаронсавӣ ниёз ба тавзеҳу посух надорад ва гуфтаи Ибни Муқаффаъ дар воқеъ забони мардуми Хуросон будани порсии дариро собит менамояд. Ахиран донишманди Афғонистон Абдулқайюми Қавим низ пас аз таҳлили муфассали андешаҳои муҳаққиқони Ғарбу Шарқ дар бораи хостгоҳи забони форси дарӣ ба чунин натиҷаи дуруст расидааст: «Хулоса ин ки бар асоси шавоҳиди инкорнопазир хостгоҳи забони дарӣ навоҳии Балху Бухоро ва ба таври куллӣ Хуросони муқорини даврони исломӣ мебошад.»[11]

Масъалаи баҳсбарангези дигар номи ин забон аст, ки ҳанӯз решаи он ба таври дақиқ муайян нашудааст. Мирзо Ҳасани Султон ба чор фарзияи пайдоиши истилоҳи дарӣ ишора намуда, аз вожаи дарборӣ баромадани дариро ҷонибдорӣ мекунад. Аксари муҳаққиқоне, ки дар ин хусус изҳори назар кардаанд, пайдоиши вожаи «дарӣ»-ро аз калимаи «дарборӣ» донистаанд. Жилбер Лазар низ дар пайравии онҳо таъкид менамояд, ки «дарӣ» муштақ аз «дар» ва «дарбор» аст. Чунин ба назар меояд, ки дарӣ танҳо забони гуфторӣ будааст, он ҳам дар дарборӣ шоҳон ва дар пойтахти онон».[12]

Дарвоқеъ дар аксари сарчашмаҳои таърихиву адабӣ пайдоиши дарӣ ба дарборӣ мансуб дониста шудааст, ки ба назари мо ҷанбаи ривоятӣ дошта, ба сиёсату мафкураи ҳукмрони давр марбут аст, ки ҳар чизи хуб ба шаҳру дарбор вобаста мегардид.

Дар хусуси тасмияи «дарӣ» чанд сол қабл аз ҷониби шодравон Расул Ҳодизода андешаи нави зерин баён гардид: «Аммо фикри банда он аст, ки «дарӣ» ба маънои «дарунӣ, дохилӣ» аст, яъне забоне, ки бо он мардуми даруни маҳаллӣ - на арабҳои омада - сухан мегуфтанд ва аз он ҷо номи «дарӣ», (яъне «дарунӣ»)-ро гирифтааст».[13]

Ба назари мо вожаи «дарӣ», тавре ки дар баъзе фарҳангҳо, аз ҷумла «Бурҳони қотеъ» омадааст, аз калимаи «дара» буда, мухаффафи(шакли кутоҳшудаи) «дараӣ» ё дарагӣ» аст, ки талаффузашон равон нест. Зеро дар забони мо қаринаи дигаре

нест, ки дарӣ ба маънии дарборӣ ё дарунӣ истифода шуда бошад, вале ба маънии дарагӣ як мисоли хубе ҳаст, ки он ибораи шевои «кабки дарӣ» мебошад. Лафзи дарӣ, забони дарӣ дар ҳамин қолаби иборасозӣ сохта шудаанд. «Дар» ба маънии «дара» дар ашъори шоирони асрҳои гуногун хеле зиёд дучор меояд, ки чанде аз онҳо зикр мешавад:

Тазарвону товусу кабки дарӣ<br>
Биёбӣ, чу бар кӯҳҳо бигзарӣ.

Фирдавсӣ

Тозон чун кабки дарӣ дар камар,<br>
Ёзон чун сарви сиҳӣ дар чаман.

Фаррухӣ

Чу кабки дарӣ боз мурғ аст, лекин<br>
Хатар нест бо боз кабки дариро.

Носири Хусрав

Дигар назар накунам болои сарви чаман,<br>
Дигар сифат накунам рафтори кабки дарӣ

Саъдӣ

Агар фарзияи мазкур пазируфта шавад, муаммоҳое, ки Ж. Лазар ёд кардааст, ҳал хоҳанд шуд. Яъне забони порсии дарӣ як навъи гуфтории забони порсӣ буд, ки на дар дарборҳо, балки дар дараҳои кӯҳистони Хуросону Мовароуннаҳр дар баробари забонҳои соҳибхати суғдӣ, бохтарӣ, ориёӣ, хоразмӣ дар байни мардум амал мекард. Бар асари истилои арабҳо ва ҷорӣ шудани забону хати арабӣ ба сифати забони расмӣ забонҳои мазкур аз байн рафтанд ва забони гуфтугӯии мардум бо фароҳам омадани шароити мусоид дар аҳди Саффориёну Тоҳириён ва Сомониён дар як муддати кӯтоҳ на танҳо чун забони адабӣ ташаккул ёфт, балки ба дараҷаи камолот расид. Агар ин шароит ба вуҷуд намеомад ва дастгириву пуштибонии он давлатҳо, ба хусус давлати Сомониён намебуд, яқинан забонҳои эронӣ имрӯз ба ин ҳолат намерасиданд.

Ин ҳақиқати таърихӣ, ки аз ҷониби эроншиносони олам пазируфта шудааст, ахиран дар асари Г. Ҳидоятов «Заволи Сомониён», ки ба забони русӣ ба табъ расидааст, нодида гирифта шуда, мақоми Сомониён дар арсаи таърих рад гардидааст.

Мо ҳоло дар хусуси андешаҳои беасосу муғризонаи Г. Ҳидоятов роҷеъ ба «ватани аслии туркҳо будани Осиёи Марказӣ», «шаҳри қадимии туркҳо будани Бухоро», «сардори наҳзати милливу озодихоҳии халқҳои турк будани Абумуслими Хуросонӣ», «Ҳокими Балх будани туркони қарлуқ дар асри IX» боаслу насаб ва бомутакко будани давлатҳои Қарохониён, Темуриён, Аштархониён, Манғитиён ва беаслу насаб ва бе асоси этникӣ

будани Сомониёну тоҷикон дар Осиёи Марказӣ, «давлати хориҷӣ будани Сомониён» «дар укёнуси ҷаҳони туркон», «ҳеҷ осори намоёне дар солномаи таърихии Осиёи Марказӣ нагузоштани сулолаи Сомониён» ва амсоли инҳо чизе намегӯем, зеро таърихшиносон посухи сазовори онҳоро қисман додаанд ва хоҳанд дод.

Андешаҳои роҷеъ ба забон ва адабиёти форсу тоҷик баён кардаи Г.Ҳидоятов низ аксаран беасосу ғалатанд, ки ҷиҳати намуна ба чанде аз онҳо ишора менамоем.

Г. Ҳидоятов ба Сомониён тӯҳмат намуда, гуноҳи аз байн бурдани забонҳои маҳаллиро ба гардани онҳо бор мекунад: «Сомониён саъй менамуданд, ки ба дарбори худ ба Бухоро шоирону мутрибонро ба таври васеъ ҷалб намоянд, ба ин тарз онҳо ният доштанд, ки забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла суғдиро танг намоянд ва фарҳанги маҳаллиро аз байн баранд. Вале худи онҳо чизе наофариданд».14

«Иштибоҳи марговари Сомониёнро» Г.Ҳидоятов дар кӯшиши «суръатафзои арабисозии Мовароуннаҳру Хуросон» медонад, ки дурӯғи маҳз будани онҳо ниёз ба исбот надорад.

Таҳрифкории Г.Ҳидоятов ба ҳаддест, ки зодгоҳи бунёдгузори адабиёти форсизабонони олам устод Рӯдакӣ Панҷакентро вожаи туркӣ дониста, онро «шаҳри қадимии туркон» эълон мекунад ва дар ҳамин замина менависад: «Рӯдакӣ бо ҳама наздикиаш ба мардум дар сарзамине зиндагӣ мекард, ки аҳолии асосии этникии он туркҳо буданд, ки ӯро кам мефаҳмиданд ва онҳо дар он замон назми туркии худро доштанд».[15] Чунин андешаҳои беасосу тӯҳматангез дар ин китоб фаровон аст, ки аз надонистани таъриху фарҳанг ва боғаразона будани нияти муаллифи асари «Заволи Сомониён» шаҳодат медиҳанд.

Муҳаққиқи дигари ӯзбек Султонмурод Одинаев ҳам дар мақолаи худ дар маҷмӯаи «Одамушшуаро Рӯдакий», ки бо ҳамкории Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Низомии шаҳри Тошкент ва Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ба табъ расидааст, нақши забони форсиии дариро нодида мегирад ва осори Рӯдакиву чандин адибони дигар амсоли Айнӣ, Улуғзода, Ҷалол Икромиро маҳз барои он ки ки дар Бухорову Самарқанд муддате зиндагӣ кардаанд, «қисми таркибии адабиёти ватан»,16 яъне ӯзбек мешуморад. Ӯ ошкоро таъкид мекунад, ки «мантиқан ҳар кадом асари бадеие, ки дар ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон офарида шудааст, қатъи назар аз он ки ба кадом забон аст, қисми таркибии адабиёти Ватанро ташкил медиҳад».17 Ӯ ҳатто осори ба забони суғдӣ эҷод шударо ҳам мероси миллии ӯзбекон медонад, «чунки суғдҳо,- менависад ӯ,-

асосан дар ҳудуди вилоятҳои ҳозираи Бухоро ва Самарқанди зиндагӣ кардаанд».18 Тавре ки мебинем, меъёри асосии ӯ дар таъйини мероси адабӣ на забону халқ, балки ҳудуди имрӯзаи ҷуғрофист, ки хилофи мантиқ ва ҳақиқати таърихӣ мебошад.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз мавриди баҳс аст, имконоти забони илм шудани забони форсии тоҷикист. Бояд гуфт, ки дар аҳди Сомониён ин забон ба дараҷаи забони илмии давр расида буд. Хидмати донишмандони замон, ба хусус Ибни Синову Берунӣ дар сохтани истилоҳоти илмҳои риёзиву физика, тиббу нуҷум, фалсафаву илоҳиёт, ҳандасаву маъданшиносӣ ва илмҳои дигар хеле бузург аст. Онҳо ҳатто усулҳои вожагузиниву истилоҳсозиро дар соҳаҳои гуногуни илм муайян карда буданд. Имрӯз донишмандони илмҳои дақиқу табиатшиносии кишварҳои форсизабонро зарур аст, ки он таҷрибаву усулҳоро омӯзанд ва дар эҷоди истилоҳоти тоза ба кор гиранд. Ҳамчунин моро зарур аст, ки барои ба мақоми байналмилалӣ расидани забони тоҷикӣ, ки дар асрҳои миёна онро дошт, кӯшиш ба харҷ диҳем ва барои ба яке аз забонҳои расмии кории ЮНЕСКО ва созмонҳои дигари ҷаҳонӣ табдил додани он, ки аз ҳар ҷиҳат сазовор аст, талош варзем.

## ***ПАЙНАВИШТ***


1. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи тататвури насри форсӣ, Теҳрон, 1342; Баҳор ва адаби форсӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Гулбун Теҳрон, ҷ.1,1351.

2. А.Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ.33.

3. Н.Неъматов. Давлати Сомониён, Душанбе, 1989, М. Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо, Душанбе, 1996; Алиасғари Шеърдӯст. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик, Душанбе, 1997; Ш.Рустамов. Шаклгирии забони адабии тоҷик, Номаи Оли Сомон. Маҷмӯаи мақолот,Теҳрон, 1378; М.Қосимова. Сомониён ва анҷоми ташаккули забони адабӣ, Сомониён ва эҳёи тамаддуни форси тоҷикӣ, Душанбе 1998, саҳ.456-459; Ҷаводи Ҳиравӣ. Таърихи Сомониён (асри тиллоии Эрон баъд аз ислом), Теҳрон, 1380, саҳ. 15-16

4. Жилбер Лазар. Решаҳои забони форсии адабӣ, маҷ. Эроннома, 1993, №4, саҳ.571.

5. Ҳамон ҷо.

6. Ҳамон, саҳ.572.

7. Таърихи Табарӣ, Душанбе, 1992, ҷ.1.

8. Жилбер Лазар. Мақолаи мазкур, саҳ. 572.

9. Ҳамон, саҳ.572-573.

10. Ҳамон, саҳ. 575.

11. Абдулқайюми Қавим. Забони дарӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои тахрихӣ, адабӣ ва таърихи забони дарӣ, Кобул, 1390, саҳ.285.
12. Жилбер Лазар. Мақолаи мазкур, саҳ.582.
13. Расул Ҳодизода. Равнақи адабиёти форсии тоҷикӣ дар аҳди Оли Сомон, «Садои мардум», 16 октябри соли 1998.
14. Г.Ҳидоятов. Крушение Саманидов, Москва-Ташкент, 2004, с.53,76,89,109-110,114,13.
14. Ҳамон, саҳ. 129.
15. Ҳамон, саҳ. 140.
16. С. Олимов. «Ватан адабиёти» тушунчаси, адабиёт сиёсати ва Рӯдакий ижодига муносабат. Одамушшуаро Рӯдакий, Тошкент, 2008, с. 78.
17. Ҳамон асар, с. 79.
18. Ҳам

## ХОВАРШИНОСИ ШИНОХТАИ РУС

Яке аз ховаршиносони маъруфи асри XX, ки дар таҳқиқи адабиё1ти тоҷику форс саҳми хеле калон гузоштаанд, Евгений Эдуардович Бертелс (26.10.1896, Петербург-7.10.1957, Москва) мебошад. Ӯ тамоми ҳаёти худро ба ҷустуҷӯву талошҳои илмӣ ва баррасии масъалаҳои гуногуни забон, адабиёт, таърих ва фарҳанги мардумони Шарқ бахшида, дар ин замина беш аз 500 мақолаву рисола навиштааст, ки аксари онҳо ба адабиёту фарҳанги мардум и тоҷик марбу

т мебошанд. Осори муҳими илмии ӯ дар мунтахаботи панҷҷилдааш «Таърихи адабиёти форс-тоҷик» (1960), «Низомӣ ва Фузулӣ (1962), «Тасаввуф ва адабиёти сӯфия» (1965), «Навоӣ ва Ҷомӣ» (1965), «Таърихи адабиёт ва фарҳанги Эрон» (1988) ба табъ расидаанд. Дар эроншиносии рус ӯ бунёдгузории мактаби матншиносӣ буда, барои ширкат дар омода кардани матни илмиву интиқодии «Искандарнома»-и Низомӣ ба Ҷоизаи давлатии Шӯравӣ (1948) сазовор шудааст. Таҳти сарварии ӯ матни илмиву интиқодии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омода ва чоп гардидааст, ки ҳамчун беҳтарин нашри илмиву интиқодии он шинохта шудааст.

Дар фаъолияти илмии Е.Э. Бертелс тадқиқи таърихи адабиёти форсу тоҷик ҷои асосиро ишғол менамояд. Аксари асарҳои илмии ӯ таҳқиқи масъалаҳои гуногуни адабиёти давраи бостон ва асрҳои миёнаи форсизабонро дар бар мегиранд. Дар зимни ин асарҳо дар бораи устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ низ сухан рафтааст ва ё ягон масъалаи рӯзгор ва осори ӯ мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Рисолаи «Назми форсӣ дар Бухорои асри X», ки с. 1935 дар шакли ҷузва ба табъ расидааст, аз нахустин таҳқиқоти сабкшиносии шеъри он давра ба шумор меравад. Дар бораи ташаккули шеъри форсӣ ва робитаи он бо назми араб сухан ронда, Е.Э. Бертелс дар симои Рӯдакӣ аввалин шоири касбиро мебинад, ки дар «дарбори Сомонӣ ба ҷуз эҷоди шеър ҳеҷ вазифаи дигар надошт»[1]. Ӯ қасидаро навъи асосии шеъри асри X шуморида, ба «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ» чун намунаҳои барҷаста ва зебои ин навъи шеър ишора менамояд.

Навъи дигари шеъри форсӣ, ки Е.Э. Бертелс роҷеъ ба он таваққуф кардааст, ғазал мебошад. Ҳарчанд ба ғазалҳои Рӯдакӣ шоирони асрҳои X1 - X11 ишораҳо кардаанд, ки чанде аз онҳо дар рисола ҳам нақл шудааст, муаллиф вуҷуди ғазалро ҳамчун навъи мустақили шеър дар асри X1 инкор менамояд ва онро муқаддимаи қасида мешуморад. Дар ҳоле ки дар байни осори хеле кам боқимондаи Рӯдакӣ ҳам чанд ғазали комилро пайдо кардан мумкин аст, ки ба талаботи ин навъи шеър ҷавобгӯ мебошанд.

Дар бораи навъи шеърии рубоӣ низ Е.Э. Бертелс ҳамин гуна андешаҳо баён намуда, ҳарчанд ба решаҳои даврони тоисломии он дар адабиёти Эрон ишора мекунад, вале «вуҷуди рубоиро ба доираҳои феодаливу ашрофӣ дар давраи сомонӣ аз эҳтимол дур»[2] медонад. Вале дар маҷмӯаи ашъори Рӯдакӣ ва ҳатто пешгузаштагони ӯ намунаҳои сайқалёфтаи ин навъи овозадори шеъри форсу тоҷикро метавон дарёфт. Ҳатто дар баъзе сарчашмаҳо ихтирои рубоӣ ба Р. нисбат дода шудааст. Дар рубоиҳои Рӯдакӣ, ки теъдоди онҳо ба 40 мерасад, муҳимтарин хусусиятҳои ин навъи шеърро ҳам аз лиҳози мундариҷаву мавзӯот ва ҳам аз ҷиҳати вазну қолаб ва дигар вежагиҳои шаклӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар рисола Е.Э. Бертелс ҳамчунин роҷеъ ба мавзӯоти асосии шеъри асри X таваққуф намуда, ба абёти ҷудогонаи Рӯдакӣ ишораҳо мекунад. Рисола ҳарчанд аз баъзе норасоиҳо холӣ нест, вале дар ҳамон замон барои таҳқиқи амиқи шеъри асри X форсу тоҷик мусоидат намуд.

Е.Э. Бертелс таҳқиқи назми ин давраро дар мақолаи муфассали дигари худ «Адабиёти мардумони Осиёи Миёна аз замонҳои қадим то асри XV м.», ки соли 1939 дар се шумораи маҷаллаи «Новый мир» чоп шудааст, идома медиҳад. Дар ин мақола, ки раванди адабиёти форсу тоҷик ба қалам дода шудааст, ба ташаккули он дар асри X ва нақши Рӯдакӣ дар густариши мавзӯот ва такомули навъҳои шеър таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир гардидааст.[3]

Дар мақолаи Е.Э. Бертелс «Адабиёт ба забони форсӣ дар Осиёи Миёна» (1948) пеш аз ҳама мафҳумҳои Осиёи Миёна, адабиёти форсӣ шарҳ дода шуда, саҳми ин сарзамин дар пешбурди адабиёту фарҳанг таъкид мегардад. Муаллиф таъйид менамояд, ки бунёди адабиёт ба забони форсӣ маҳз дар Осиёи Миёна гузошта шудааст. Ташаккули забони адабии форсӣ, эҷоди навъҳои асосии адабиёт дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд сурат гирифтааст, ки инро муҳаққиқ натиҷаи таваҷҷӯҳи зиёди давлати Сомониён ба адабиёту фарҳанг медонад. Инро муҳаққиқ дар мисоли Рӯдакӣ, ки дар дарбори Сомониён мақоми хеле баланд дошт ва сухани ӯ ба дарбориён асар мекард, нишон дода, таъкид менамояд, ки «дар байни шоирони бухороии он давра ҷои аввалро Рӯдакии бузург ишғол менамуд»[4]. Сипас гуфтаҳои Рашидии Самарқандӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Маъруфии Балхӣ дар бораи бузургии Рӯдакӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Ҳамчунин ба хидмати шоистаи устод Рӯдакӣ дар ташаккули қасида, маснавии ахлоқӣ ишора мешавад. Дастовардҳои муҳимми адабиёти форсу тоҷикро дар асрҳои баъд зикр намуда, Е.Э. Бертелс ба чунин хулоса меояд: «Ҳамин тавр, мо мебинем, ки шеъри дарбории асрҳои Х11 – Х111 Осиёи Миёна ривоҷи хоси асосҳое мебошад, ки Р. гузоштааст».[5]

То солҳои 50-уми асри ХХ чор мунозираи **Асадии Тӯсӣ**_дар тахияи Ҳ. Эте маълум буд. Мунозираи панҷум ба сабаби аз ниҳоди бадеият суст будан чоп нашуда буд ва нусхаи ягонаи он дар Китобхонаи_Бодлеан маҳфуз мебошад. Е.Э. Бертелс бо талошҳои зиёд он нусхаро пайдо намуда, ба чоп омода месозад ва бо тарҷумаи таҳтуллафзии русӣ ва тавзеҳоти муфассал ба табъ мерасонад. Дар байти 33 қасида Асадӣ ба миқдори ашъори Рӯдакӣ ишора кардааст[6](Шоир чу гузин ҷуз ин Рӯдакӣ он, к-аш \Бувад абёт, беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дару девон). Мутаассифона, ба он ишораи муҳим Е.Э. Бертелс дар мақолаи «Мунозараи панҷуми Асадии Тӯсӣ» эътибор надодааст.[7] Ба ин ишора донишманди эронӣ Алиашрафи Содиқӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар мақолаи «Ашъори тозаи Рӯдакӣ» (маҷ. «Нашри дониш», 1372/1993, № 3) мавриди истифода қарор додааст. Вале дар мақола маъхази байти мазкур нишон дода нашудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки Алиашрафи Содиқӣ байти мазкурро аз матни чопкардаи Е.Э. Бертелс нақл карда бошад.

Ҷустуҷӯҳои илмии Е.Э. Бертелс перомуни рӯзгору осори Рӯдакӣ дар муҳимтарин асари тадқиқотии ӯ «Таърихи адабиёти форс-тоҷик», ки нотамом мондааст, ҷамъбаст гардидаанд. Дар таркиби ин асар, ки дарвоқеъ «қуллаи баланди фаъолияти илмии»[8] Е.Э. Бертелс аст, фасли «Рӯдакӣ» рисолаи ҷудогонаро мемонад,

ки дастовардҳои рӯдакишиносии оламро то солҳои 50-уми а. XX фаро мегирад. Е.Э. Бертелс қабл аз ҳама аз таърихи таҳқиқи Рӯдакӣ сухан оғоз намуда, осори **Ҳ. Эте, Ризоқулихони Ҳидоят, Денисон Росс, Саид Нафисӣ, Садриддин Айнӣ, Деҳотиро** арзёбӣ мекунад. Ӯ махсусан, ба бозёфтҳои илмии С.Айнӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, аз ҷумла муайян кардани зодгоҳи Р. ва нисбаи ӯро дастоварди муҳим дар рӯдакишиносӣ медонад. Ӯ ҳамчунин ба норасоии рисолаи С.Айнӣ ва А.Деҳотӣ **«Устод Рӯдакӣ»** ишора менамояд, ки ин кӯри модарзод номида шудани шоир аст. Дар зимни баёни тарҷумаи ҳоли шоир ин масъаларо ба таври амиқ баррасӣ намуда, Е.Э. Бертелс бо зикри мисолҳои зиёд аз осори худи шоир кӯри модарзод будани ӯро рад мекунад ва андешаи дар охири умр кӯр карда шуданашро тарафдорӣ менамояд.

Е.Э. Бертелс маълумоти дар бораи Рӯдакӣ додаи **Низомии Арӯзии Самарқандиро** нақл намуда, аз чӣ сабаб бошад, ки онро латифа (анекдот)меномад, вале ваҷҳи нобоварии худро баён намекунад. Ӯ дар ин маврид низ мисли мақолаҳои пешинаш ба масъалаи рубоӣ сурудани Рӯдакӣ бо шубҳа менигарад. Дар ҳоле ки дар маҷмӯаи осори боқимондаи шоир, тавре ки зикр шуд, тақрибан 40 рубоӣ мавҷуд буда, ба рубоӣ сурудани ӯ дар сарчашмаҳо низ ишораҳо мавҷуданд.

Ба масъалаи баҳсангези миқдори ашъори шоир дахл намуда, Е.Э. Бертелс байтҳои машҳури **Рашидии Самарқандиро** мавриди таҳлил қарор медиҳад ва як миллиону сесад ҳазорро рақами муболиғавӣ донистa, дар пайравии А. Иқбол беш аз сад ҳазор байт будани матлаби Рашидиро таъйид менамояд. Сипас ба теъдоди ками осори боқимондаи Рӯдакӣ, ки С.Нафисӣ ҷамъоварӣ намудааст, ишора карда, пораҳои муҳимтарин асарҳои ӯро аз қабили **«Калила ва Димна» ва «Синдбоднома»,** қасидаи **«Модари май»** мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ӯ ҳамчунин ба шаш маснавии Рӯдакӣ, ки дар баҳрҳои гуногун назм шудаанд, ишора менамояд. Е.Э. Бертелс бо баррасии қасидаи «Модари май» маҳорати баланди суханварии Рӯдакиро нишон дода, қасидаи мазкурро дар назми Шарқи Наздик ва Миёна беназир медонад.

Е.Э. Бертелс аз таҳлили чанд пораи боқимондаи осори шоир ба натиҷае мерасад, ки «Рӯдакӣ бидуни ҳеҷ шакку шубҳа устоди хеле барҷастаи сухан буд, ки рушди ҳамаи шеъри Осиёи Миёна ва Эронро ба муддати тӯлонӣ муайян намуд» [10].

Фасли «Рӯдакӣ»-и китоби «Таърихи адабиёти форс-тоҷик» ҷанбаҳои зиёди аҳволу осори шоирро равшан намуда, саҳми барҷастае дар рӯдакишиносӣ мебошад.[11]

## ПАЙНАВИШТ

1. Е. Э. Бертельс. Персидская поэзия в Бухаре. X век., М.-Л., 1935, с. 393.

2. Ҳамон асар, саҳ. 410.

3. Литература народов Средней Азии от древнейших времен до XV века н.э.ж. Новый мир, 1939, № 9, 270;

4. Персидская литература в Средней Азии, Дар китоби: «Рабочая хроника Института востоковедения АН СССР». 11, Тошканд, 1944;

5. Ҳамон асар, саҳ. 282.

6. Литература на персидском языке в Средней Азии . Советское востоковедение, 1948, № 5;

7. Пятое мунозире Асади Тусского. Ученые записки Института востоковедения АН СССР, М.-Л., 1985, вып. X1X;

8. А.Н.Болдырев. Научное наследие Евгения Эдуардовича Бертельса. Дар китоби: Е.Э.Бертельс .Избранные труды . История персидско-таджикской литературы, М., Изд-во восточной литературы, 1960, с. 15.

9. Е.Э.Бертельс. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы. М., Изд-во восточной литературы, 1960;

10. Ҳамон асар, саҳ. 147.

11. Дар бораи аҳволу осори Е.Э. Бертелс ба асаорҳои зерин мурочиат шаад : Г. Ю. Алиев. Библиография научных трудов чл. кор. АН СССР Е.Э. Бертельса, мачаллаи «Советское востоковедение», 1958, № 1; Дар китоби: И.С.Брагинский. Проблемы востоковедения. М., интишороти «Наука», 1974; В.Б.Кляшторина. Российская иранистика и труды члена-корреспондента АН СССР Е.Э.Бертельса. Дар китоби: Иранистика в России и иранисты. М., И В Р А Н, 2001; Б.Н.Заходер. Е.Э.Бертельс. Дар китоби: Иранистика в России и иранисты. М., ИВ РАН, 2001. …

## МУҲАҚҚИҚИ БАРҶАСТАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Александр Николаевич Болдирев (29.05.1909, Санкт-Петербург-1984,Санкт-Петербург) аз зумраи он муҳаққиқони барҷастаи рус аст, ки дар омӯзиши фарҳанги мардуми тоҷик хидмати босазо кардаанд. А.Н. Болдирев фаъолияти меҳнатиро ҳамчун корманди илмии Базаи Тоҷикистонии АФ СССР шурӯъ намуда, сипас дар Эрмитажи давлатӣ, Институти шарқшиносии

АФ СССР, кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи давлатии Ленинград кор кардааст. Ӯ муҳаққиқи барҷастаи таърихи адабиёти форсу тоҷик, таърихи забони форсӣ, фолклори тоҷик ба шумор меравад. Ӯ дар бораи аҳволу осори нависандаи маъруфи тоҷики асри ХУ1 Зайниддин Маҳмуди Восифӣ таҳқиқот анҷом дода[1], матни илмиву интиқодии «Бадоеъулвақоеъ»-и ӯро дар Маскав (с. 1961) ва Теҳрон (1971) ба табъ расондааст. Дар асарҳои илмии А.Н. Болдирев робитаҳои адабии Низомиву Хоқонӣ, арзишҳои адабиву таърихии сарчашмаи муҳимми асри ХУ1 «Тазкираи Ҳасани Нисорӣ», аҳволу осори Дарвеши Деҳакӣ, даврабандии адабиёти Шарқ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

А.Н. Болдирев дар остонаи ҷашни 1100-солагии устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба аҳволу осори ӯ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар асоси як рубоии шоир, ки дар муқаддимаи доиратулмаорифи табиӣ-таърихии Шоҳмардон ибни Абулхайр «Нузҳатномаи Алоӣ» зикр шудааст, соли таълифи ин асарро муайян мекунад. Ин бозёфти худро ӯ дар мақолаи «Муайян намудани таърихи таълифи «Нузҳатномаи Алоӣ» аз рӯи як рубоии Рӯдакӣ» ба қалам медиҳад ва ин мақола дар маҷмӯаи мақолаҳои «Рӯдакӣ ва замони ӯ» ба табъ мерасад.[2]

Яке аз масъалаҳои мубоҳисавии аҳволи Рӯдакӣ ба ҷараёни мазҳабии қарматия гаравидани ӯ мебошад, ки дар ин бора ҳам дар сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳам дар осори муҳаққиқон андешаҳои мухталиф баён шудаанд. А. Н. Болдирев низ ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда, бо мақолаи «Оё Рӯдакӣ исмоилӣ буд?» ба ин баҳс ҳамроҳ мешавад. Дар мақолаи мазкур ӯ бо далелҳои мӯътамад андешаи исмоилӣ ё қарматӣ будани Рӯдакиро рад менамояд. Аз ҷумла ӯ андешаҳои яке аз намояндагони маъруфи ҷараёни исмоилияи асрҳои Х – Х1 Муҳаммад ибни Сурхи Нишопуриро роҷеъ ба Рӯдакӣ ва муосиронаш Шаҳиди Балхӣ ва Абӯтайиби Мусъабӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки «суханони Муҳаммад ибни Сурх ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки исмоилиҳо Рӯдакиро ҳамақидаи худ намедонистанд»[3].

Тавре ки зикр шуд, А. Н. Болдирев бештари умри худро ба тадриси донишҷӯён ихтисос додааст. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) аз таърихи адабиёти форсу тоҷик дарс гуфтааст. Матни суханрониҳои ӯ ва ҳамкоронаш тахти унвони «Таърихи мухтасари адабиёти Эрон, Афғонистон ва Туркия» с. 1971 ба табъ мерасад.[4] Боби «Адабиёти форсӣ аз асри VII то ибтидои асри XIX», ки ба қалами А.Н. Болдирев тааллуқ дорад, бо фаслҳои «Давраи барқароршавии жанрҳои классикӣ (а. VIII-нимаи а. IX)» ва

«Аввалин шоирони форсигӯй» шурӯъ мешавад. Дар фасли «Доираи адабиёти Осиёи Миёнаву Хуросон» (асри Х) таъкид мешавад, ки дар даҳсолаи аввали асри Х барои рушди адабиёт шароити хуб муҳайё гардид, дар Бухоро мактаби адабӣ ба вуҷуд омад. Фасли ҷудогонаи асар ба Рӯдакӣ бахшида шудааст. Аз чӣ сабаб бошад, ки санаи таваллуди шоир соли 860 нишон дода шудааст. А.Н. Болдирев таъкид менамояд, ки аз осори ғании Рӯдакӣ танҳо 1 дар сад боқӣ мондааст, ки аз қасида, ғазал, маснавӣ ва рубоиҳо иборат аст. Роҷеъ ба мавзӯоти осори боқимондаи шоир таваққуф намуда, А.Н. Болдирев таъйид месозад, ки дар баробари мадҳ шоир ба масъалаҳои озодихоҳонаи фалсафӣ, инсондӯстӣ, ҳикмат, хираду некӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Дар ин боб ҳамчунин роҷеъ ба шоирони ҳамасри Рӯдакӣ маълумоти мухтасар дода шудааст.

Дар мақолаи «Рӯдакӣ», ки дар «Энсиклопедияи мухтасари адабӣ» (КЛЭ) чоп шудааст, А.Н. Болдирев тарҷумаи ҳоли мухтасари шоирро зикр намуда, ба муҳимтарин ҷанбаҳои мазмун ва сабки осори боқимондаи ӯ ишора кардааст.[5] Дар ин мақола низ соли таваллуди Рӯдакӣ санаи 860 нишон дода шудааст. Дар бораи миқдори осори Рӯдакӣ таваққуф намуда А.Н. Болдирев 1300 ҳаз. байт шеър гуфтани ӯро «аз ҳақиқат дур» донистааст.

Ҳамин тавр А. Н. Болдирев дар таҳқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ ва тарғиби ашъори шоир корҳои пурарзишро анҷом додааст.

## ПАЙНАВИШТ


[1] Болдырев А.Н. Зайниддин Васифи-таджикский писатель 16 в. Опыт творческой биографии. С., 1957;

[2] Муайян намудани таърихи таълифи «Нузҳатномаи Алоӣ» аз рӯи як рубоии Рӯдакӣ, дар кит.: Рӯдакӣ ва замони ӯ, С., 1958, саҳ. 79-83;

[3] Был ли Рудаки исмаилитом? Archiv Orientani, t. 28, Praha, 1960. 3; s. 501;

[4] Персидская литература с VIII по начало XIX в.- В кн.: Краткая история литератур Ирана, Афганистана и Турции., Л., 1971, стр. 17-49;

[3] Рудаки, КЛЭ, т. 6, М., 1971, стр. 411.

# РӮДАКИШИНОСИ ШИНОХТА*

Рӯдакишиносӣ аз рукнҳои асосии осори илмии донишманди маъруфи тоҷик, академик А. Мирзоев ба шумор меравад. А. Мирзоев ба тадқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ асосан дар остонаи ҷашни 1100 – солагии бунёдгузори адабиёти классикии форсу тоҷик , ки соли 1958 ҷашн гирифта шуд, шурӯъ намудааст.

Соли 1955 қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Дар бораи гузарондани ҷашни 1100 – солагии рӯзи таваллуди классики бузурги адабиёти тоҷик Рӯдакӣ» қабул гардид ва як гурӯҳ донишмандон, аз ҷумла А. Мирзоев ба ҷамъовариву таҳқиқи осори шоир сафарбар гардиданд.

А. Мирзоев дар баробари ҷамъоварии ашъори Рӯдакӣ ва маводи таҳқиқотӣ ба тадқиқи масъалаи пайдоишу ташаккули ғазал ва нақши Рӯдакӣ дар рушду такомули он пардохт ва соли 1957 рисолаи «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои Х – ХУ» -ро ба ҳуруфи форсӣ дар шакли китоби алоҳида ба табъ расонд. Ин асар соли 1958 ба муносибати ҷашни мазкур ба забони русӣ (дар тарҷумаи М.Н. Усмонов) низ чоп шуд.

Таҳлили муфассали асари мазкурро, ки бештар ҷанбаи назариявӣ дорад, ба ҷои дигар мавқуф гузошта, ҳоло ба таъкиди ин нукта иктифо менамоем, ки дар ин рисола ҳарчанд андешаи баҳсноки «ғазал дар асри Х ҳанӯз як шакли хосси назмро ташкил намедиҳад», баён ёфтааст, вале муаллиф дар охир ба натиҷае расидааст, ки «Рӯдакӣ аз рӯи тамоми ғазалсароёни форс-тоҷик фармонравоӣ мекардааст».[1]

Тавре ки маълум аст, рӯдакишиносӣ таърихи қадимӣ дошта, ба хусус аз асри Х1Х сар карда дар Аврупо ҷанбаи илмӣ пайдо мекунад. Дар ин муддат дар баробари мақолаҳову рисолаҳои зиёд чанд асари ҷамъбастӣ низ офарида шудаанд, ки асарҳои Ҳ. Эте, С. Айнӣ, Саид Нафисӣ, А. Мирзоев, А. Тоҳирҷонов, А. Афсаҳзод аз ҳамин қабиланд.

---

Асари А. Мирзоев «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» аз муҳимтарин таълифот дар ин замина буда, дастовардҳои илмии то он замон, яъне то соли 1958 дар рӯдакишиносии олам ба вуҷуд омадаро ҷамъбаст менамояд. Китоб аз сарсухан, 6 боб ва феҳрастҳои гуногун иборат аст.

Дар сарсухани хеле мухтасар А. Мирзоев дар хусуси шароити таълифи китоб сухан ронда, дар муддати ниҳоят кӯтоҳ навишта шудани онро гӯшрас менамояд. Тавре ки аз мулоҳизаҳои худи А. Мирзоев дар боби дуюми асар низ бармеояд, ба ӯ ҳангоми

таълифи асар китоби Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» мадади зиёд расондааст. Зеро Саид Нафисӣ дар китоби худ маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабиро, ки бештар ба забони арабӣ мебошанд, ҳамчунин мақолаҳои муҳаққиқони аврупоиро, ки ба забонҳои хориҷӣ таълиф шудаанд, ба забони форсӣ тарҷума намуда, ҷой додааст. Инчунин Саид Нафисӣ ашъори парокандаи Рӯдакиро аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъоварӣ намуда, дар қисми сеюми китобаш бо зикри маъхаз ба табъ расондааст. Аз ин рӯ А. Мирзоев иқрор мешавад, ки «агар асари Саид Нафисӣ намебуд, мо низ тадқиқоти худро дар муддати якчанд моҳ ба анҷом расонида наметавонистем».[2] Дар сарсухан ҳамчунин нотамом будани асар ва дар оянда давом додани таҳқиқи мавзӯъҳои забон ва санъати шеъри Рӯдакӣ таъкид мегардад.

Боби аввали китоб «Замони Рӯдакӣ» пеш аз ҳама шарҳи вазъи ҳаёти иҷтимову сиёсӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳрро дар асрҳои 1Х – Х дар бар мегирад. А. Мирзоев дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ амсоли «Китобулмасолик валмамолик»-и Алистахрӣ, «Муъҷамулбулдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Таърихулмулук валумам»-и Табарӣ, «Осорулбоқия»-и Берунӣ, «Зайнулахбор»-и Гардезӣ, «Равзатуссафо»-и Мирхонд ва асарҳои тадқиқотии В.В. Бартолд, Б. Ғафуров, А.Ю. Якубовский, А. Семенов, Е. А. Давидович, М.Е. Массон, Б.А. Литвинский, Саид Нафисӣ ва

---

дигарон муборизаҳои сиёсиву озодихоҳонаи мардуми тоҷик, таъсиси давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёнро дар қаламрави хилофат, рушди иқтисоду вусъату ободонии шаҳрҳоро ба қалам медиҳад.

Сипас дар ҳамин замина инкишоф ёфтани илм, адабиёт, фарҳангро таъкид намуда, аз ҷумла А. Мирзоев мақоми забони давлатӣ гирифтани забони порсии дарӣ-тоҷикиро аз дастовардҳои муҳими ҳаёти фарҳангӣ медонад. Ӯ ба масъалаҳои баҳсноки маҳалли пайдоиш ва решаи забони порсии дарӣ дахл намуда, бо истинод ба маводи сарчашмаҳои муътабар дурустии андешаҳои Маликушшуаро Баҳорро дар ин масъала таъкид месозад ва ба чунин натиҷа мерасад: «Аввал ин ки забони дарии порсӣ-тоҷикӣ на ин ки дар вақти истилои ҳукмронони араб аз қисмати ҷануби ғарбии Эрон – вилояти Форс ба Хуросон ва Мовароуннаҳр оварда нашудааст, балки вай забони аҳолии маҳаллии мардуми эронинажоди ҳамин сарзамин будааст…».[3] Ин хулосаҳои А. Мирзоев имрӯз низ хеле муҳиманд. Зеро вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон амсоли эроншиноси фаронсавӣ Жилбер Лазар дар

мақолаву суханронихои худ андешаи нодурусти мазкурро бе овардани далелҳои муътамад аз нав ба миён мегузоранд.[4] Дар боби мазкур ба пешрафти илм дар он замон ишора гардида, хидматҳои барҷастаи донишмандони бузург Абӯбакр Муҳаммади Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯбакри Наршахӣ, Абулфазли Балъамӣ ва амсоли онҳо ба қалам дода шудааст.

А. Мирзоев ба вазъи ҳаёт адабӣ дар асрҳои 1Х – Х таваҷҷӯҳи

хос зоҳир намуда, пеш аз ҳама таъкид мекунад, ки «насри дарии порсӣ-тоҷикии китобатӣ ҳамчун назми классикӣ маҳз зодаи ҳамин давра

---

мебошад».[4] Ӯ ба навъҳои гуногуни насри он давра ишора намуда, арзиши баланди се «Шоҳнома»-и насрӣ, тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири Табарӣ», «Ҳудудулолам», «Донишнома»-и Ибни Сино, «Аттафҳим»-и Беруниро дар ташаккул ва пешрафти насри форсу тоҷик таъкид мекунад.

Назми форсу тоҷикро дар он даврон А. Мирзоев «дурахшонтарин даврaи таърихи адабии пешазоктябрии халқи тоҷик ва умуман халқҳои эронинажод»[5] медонад. Дар ин боб муаллиф шарҳи ҳоли мухтасари намояндагони барҷастаи адабиёти асри Х Шаҳиди Балхӣ, Муродии Бухороӣ, Робиаи Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Дақиқӣ, Кисоии Марвазӣ, Башшори Марғазӣ, Мунҷики Тирмизиро зикр намуда, муҳимтарин хусусиятҳои назми он давраро ба қалам медиҳад. Аз ҷумла таъкид мешавад, ки маҳз дар ҳамин давра шаклҳои асосии назми форсу тоҷик маснавӣ, рубоӣ, қасида, қитъа ташаккул ёфтаанд, намунаҳои барҷастаи ашъори мадҳӣ, васфӣ, марсиявӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, ҳасбиҳолӣ, шиквоӣ, ҳамосавӣ, ҳаҷвӣ, хамриявӣ офарида шудаанд, ки дар инкишофи онҳо нақши Рӯдакӣ хеле бузург аст.

Дар боби дуюми китоб масъалаи таърихи омӯхта шудани Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама дар бораи тадқиқотҳое, ки дар Ғарб анҷом ёфтаанд, маълумот дода мешавад. А.Мирзоев таъкид менамояд, ки ҳарчанд омӯзиши Рӯдакӣ дар Ғарб аз ибтидои асри Х1Х шурӯъ шудааст, вале маълумоти аксари муҳаққиқони он давра асосан аз такрори маълумоти тазкираҳо иборатанд. Ба назари А. Мирзоев аввалин асари тадқиқотӣ дар рӯдакишиносии Ғарб мақолаи ховаршиноси маъруфи олмонӣ Ҳ. Эте мебошад, ки соли 1873 таҳти унвони «Рӯдакӣ – шоири Сомониён» ба табъ расидааст. Дар ин мақола асарҳои тадқиқотӣ роҷеъ ба Рӯдакӣ ҷамъбаст гардида, ашъори дар сарчашмахои гуногуни адабиву таърихӣ

---

парокандаи ӯ ҷамъоварӣ ва тарҷума мешавад. Ҳамчунин дар мақола масъалаи «кӯри модарзодии» Рӯдакӣ ба миён гузошта шуда, ба маълумоти дар ин хусус додаи Муҳаммад Авфӣ шубҳа баён мегардад. Зимнан бояд гуфт, ки ин масъала то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ҳарчанд дар асари дигари ҷамъбастии А. Тоҳирҷонов дар ин бора баҳси тӯлоние кушода шудааст, вале ӯ низ ба хулосае меояд, ки Рӯдакӣ кӯри модарзод буд. Дар ин бора ҷои дигар баҳси муфассал намуда, ҳоло бо зикри ин нукта иктифо мешавад, ки дар охирин асари ҷамъбастӣ дар рӯдакишиносӣ «Одамушшуаро Рӯдакӣ», ки ба қалами А. Афсаҳзод тааллуқ дорад, андешаи дар охири умр кӯр карда шудани шоири бузург, ки қаблан Саид Нафисӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, И.С. Брагинский баён карда буданд, ҷонибдорӣ карда мешавад.[6]

Дар мақолаи дигари Ҳ. Эте, ки дар ибтидои асри XX ба табъ расидааст, масъалаи ба Қатрон тааллуқ доштани аксари ашъори мансуб ба Рӯдакӣ ба миён гузошта шудааст. А. Мирзоев онро «кашфиёти Ҳ. Эте» медонад, ки «дар масъалаи муайян кардани ашъори Рӯдакӣ ва Қатрон кӯмаки калоне расонд»[7].

Ба ин тартиб дар бобати арзиши асарҳои муҳаққиқони дигари Ғарб амсоли Паул Ҳорн, Э. Браун, В. Ҷексон, Р. Левӣ, Денисон Росс, Ян Рипка дар таҳқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ мулоҳизаҳо баён шудааст. Мулоҳизаҳои А. Мирзоев бештар интиқодӣ буда, норасоиҳои муҳаққиқон бо далелҳо нишон дода шудаанд. Масалан А. Мирзоев дар хусуси асари Рубен Левӣ «Адабиёти Эрон» сухан ронда, таъкид менамояд, ки «аз мутолиаи ин асар чунин тасаввуроте ба миён меояд, ки муаллифи он ё аз таърихи адабиёти классикии мо тамоман бехабар аст ё худ бо ҳисси бадбинӣ, ки одамони мутаассиб нисбат ба маданияти

миллати дигар зоҳир месозанд, ба мероси шоирони бузург наздик шудааст».[8] Сипас ӯ чанд норасоии ҷиддии онро нишон медиҳад.

Тавре ки А. Мирзоев дуруст ба мушоҳида гирифтааст, омӯзиши аҳволу осори Рӯдакӣ агар дар Ғарб дар ибтидои асри Х1Х оғоз ёфта бошад, дар кишварҳои Шарқ тақрибан пас аз сад сол, яъне дар аввали асри XX бо асари барҷастаи донишманди Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ «Шеърулаҷам» шурӯъ шудааст.

А. Мирзоев ба ҳусну қубҳи асарҳои донишмандони Туркия ва Эрон, ки ба Рӯдакӣ бахшида шудаанд, ишора намуда, махсусан арзиши баланди асари сеҷилдаи Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакӣ»-ро таъкид месозад : «Аҳамияти ин тадқиқот, чӣ навъе ки пеш аз ин ишора карда

будем, хурд нест. Дар ин ҷо фақат ҳаминро бояд илова кард, ки баъд аз соли 1930 ин асари Саид Нафисӣ дар тадқиқотҳои минбаъдаи мероси адабии Рӯдакӣ ҳамчун сарчашмаи мӯътабартарини дараҷаи аввал қарор мегирад»[9] .

Дар баробари ин А. Мирзоев ба баъзе норасоиҳои асари Саид Нафисӣ дар зимни асари худ ишора менамояд. Аз ҷумла дар боби мазкур розӣ набудани худро ба мулоҳизаи Саид Нафисӣ роҷеъ ба ҷоҳилона будани «гуфтаҳо ва раъйҳои» шарқшиносони Ғарб оид ба Рӯдакӣ иброз медорад [10].

Дар фасли ҷудогонаи боби мазкур тадқиқоти шарқшиносони рус ва шӯравӣ амсоли А. Кримский, С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, А. Семенов, Б. Ғафуров, С. Улуғзода, И.С. Брагинский, Ш. Ҳусейнзода, Д. Кобидзе, М. Занд роҷеъ ба аҳволу осори Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

А. Мирзоев, махсусан, ба асарҳои устод С. Айнӣ, ки саҳми шоистае дар рӯдакишиносӣ мебошад, баҳои сазовор медиҳад ва онҳоро «аз пурратарин тадқиқотҳои ба Рӯдакӣ бахшида шуда»[11] медонад.

---

Боюи сеюми китоб «Ҳаёти Рӯдакӣ» бо баррасии замон ва маҳалли таваллуди шоир шурӯъ мешавад. А. Мирзоев дар асоси маълумоти сарчашмаҳои мӯътамад инчунин масъалаҳои куния, ном, насаб, тахаллус, давраҳои зиндагии берун аз дарбор ва дарбории шоир, нобиноии ӯ, муносибати шоир бо қарматиҳо, пайдо кардани қабри Рӯдакӣ ва амсоли инҳоро мавриди баҳс қарор дода, натиҷаҳои ҷолиб ба даст меорад.

Андешаҳо ва хулосаҳои А. Мирзоев дар бораи лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии Рӯдакӣ то имрӯз арзиши худро нигоҳ дошта, мавриди таъйиди донишмандон қарор гирифтаанд. Масалан, роҷеъ ба муносибати Рӯдакӣ бо қарматиён баҳсҳои зиёде сурат гирифтааст. А. Тоҳирҷонов дар асари ҷамъбастии худ тақрибан 140 саҳифаро ба ин масъала бахшида, онро ривоят донистааст ва ба чунин натиҷа расидааст : «Насри 11, Балъамӣ ва Рӯдакӣ ҳеч муносибате ба қарматиҳо надоштанд»[12]. Вале дар охирин тадқиқоти рӯдакишиносии А. Афсаҳзод дурустии натиҷаҳои ба даст овардаи А. Мирзоев таъкид мешавад : «Дуруст аст, ки А. Мирзоев менависад..., Рӯдакӣ дар як давраи муайяни зиндагии худ ба фотимиҳо ва таълимоти қарматӣ майл доштааст», ки ин дуруст асту рост !»[13]

Дар масъалаи нобиноии Рӯдакӣ низ, тавре ки зикр шуд, ихтилофи назарҳо мавҷуд аст ва андешаи ба ҳақиқат наздик ҳамоно фарзияи аввалии А. Мирзоев аст, ки «Рӯдакӣ хеле пеш аз таърихи маъзул шудани Абулфазли Балъамӣ қувваи чашми худро аз даст дода будааст».[14]

Дар боби чоруми асари А. Мирзоев мероси адабии Рӯдакӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Муаллиф қабл аз ҳама ахбороти сарчашмаҳо

ва маълумоти муҳаққиқони асрҳои охирро дар ин масъала баррасӣ намуда, ба ихтилофи назарҳо ишора мекунад ва фарзияи то асри X111 мавҷуд будани девони Рӯдакиро ироа месозад. Сипас ӯ ба таҳқиқи масъалаи ҷамъоварии осори боқимондаи Рӯдакӣ пардохта, таърихи масъаларо равшан менамояд ва миқдори саҳеҳи ашъори боқимондаи шоирро муайян мекунад.

Боби панҷуми китоби А. Мирзоев аз муфассалтарин ва муҳимтарин бахшҳои он буда, ба таҳқиқи мавзӯъҳо ва ғояҳои осори боқимондаи Рӯдакӣ бахшида шудааст. А. Мирзоев аввалин муҳаққиқест, ки ба ин масъала бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, муҳимтарин мавзӯъҳои осори боқимондаи шоир ва андешаву афкори ӯро ба таври амиқ баррасӣ кардааст. Ӯ қабл аз ҳама таъкид намудааст, ки оид ба ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои иҷтимоиву ахлоқии Рӯдакӣ хулосаҳои мушаххасу ҷамъбастӣ баровардан дуруст нест. Зеро аз шоир осори ниҳоят кам ва абёти пароканда боқӣ мондааст. Бо вуҷуди ин А. Мирзоев тавонистааст дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ «масъалаҳои ҳассоси зиндагии асри шоир - санҷидани моҳияти ҷаҳони моддӣ ва ҳаёти инсонӣ, аҳамияти таҷриба ва роли дониш дар зиндагӣ, шартҳои сабзиши шахсӣ, ташвиқи ҳаракат ва кӯшишу кор, шикояти замон, истифода бурда шудани мавзӯи нопойдории зиндагӣ, панду насиҳат, ҳимояи мазлумон, бечорагон, хушгузаронии вақт, ҳукмрони намунавӣ, масоили ҷудогонаи ахлоқӣ, тасалливу дилдорӣ, масъалаҳои ишқу ошиқӣ, тасвири май, баҳор ва манзараҳои табиат, мадҳ, тасвири маҷлисҳои сурур ва шод, ҳаҷв ва амсоли инҳо»-ро[15] баррасӣ намуда, бузургии шоирро нишон диҳад.Дар боби охирини китоб «Мақоми Рӯдакӣ» мулоҳизаҳои дар бораи мақому манзалати шоир баён кардаи суханварони асрҳои X –XУ форсу тоҷик, муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, шарқшиносону муҳаққиқони Ғарбу Шарқ баррасӣ шудаанд. Дар хотима хидматҳои бузурги Рӯдакӣ дар ташаккулу пешрафти адабиёти форсу тоҷик, ташаккулу такомули навъҳои шеър, эҷоди сабки хуросонӣ ва рушди забони форсии дарӣ нишон дода шудааст.

Асари мазкур дарвоқеъ на танҳо тӯҳфаи шоистае ба ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ буд, балки тадқиқоти барҷастае дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки он мавриди писанди муҳаққиқону хонандагон қарор гирифт, ки тақризҳои зиёди дар матбуот чоп шуда гувоҳи онанд. Аз ҷумла эроншиноси маъруф Эраҷи Афшор дар маҷаллаи «Роҳнамои

китоб» асарро ба таври муфассал ба хонандагони эронӣ муаррифӣ намудааст.[16] Эроншиноси маъруфи чех Иржи Бечка дар тақризи худ, ки ба забони англисӣ ба табъ расондааст, ба асари А. Мирзоев баҳои баланд додаст.[17] Гувоҳии дигари таваҷҷӯҳ ба ин асар он аст, ки китоби мазкур соли 1968 дар нашриёти «Наука»-и шаҳри Москва дар тарҷумаи русии М.Н. Усмонов ба табъ расид. Ба ин нашр муаллиф сарсухани нав навишта, дар бораи асарҳое, ки пас аз чопи китоб дар бораи Рӯдакӣ ба табъ расидаанд, маълумот дода, ба тақризҳое, ки роҷеъ ба китоб чоп шудаанд, ишора менамояд.

Тафовути дигари нашри русӣ аз нашри тоҷикии китоб дар он аст, ки дар охири он тарҷумаи русии рисолаи «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои Х – ХУ», ки дар Душанбе қаблан ба ҳуруфи форсӣ ва забони русӣ дар шакли китобчаҳои алоҳида чоп шуда буд, ҷой дода шудааст.

---

Дар остонаи ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ инчунин чанд мақолаи А. Мирзоев дар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расиданд. Дар мақолаҳои «Мероси адабии Рӯдакӣ ва ашъори тоза ба даст даромадаи ӯ», ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ»(1958, №4, саҳ. 66-77) чоп шудааст, «Мероси адабии Рӯдакӣ ва чигунагии нашри ҳозираи он» дар маҷмуаи «Осори Рӯдакӣ» ва «Пешгуфтор» дар китоби «Осори Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»(ба ҳуруфи форсӣ ), «Нашри осори гузаштагон ва ҳамасрони Рӯдакӣ» дар «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» муаллиф дар асоси маълумоти сарчашмаҳо шоири хеле пурмаҳсул будани Рӯдакиро таъкид намуда, аз таърихи ҷамъоварии ашъори ӯ ва муосиронаш дар кишварҳои Шарқу Ғарб ёд мекунад ва маъхаз, миқдор ва таркиби ашъори ба даст даромадаи шоир ва шеваи нашри онҳоро нишон медиҳад.

Мақолаҳои «Назаре ба ҳаёти устод Рӯдакӣ» («Шарқи сурх», 1958, № 10, саҳ. 46-76) ва «Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ» (маҷмуаи «Рӯдакӣ ва замони ӯ», 1958, саҳ. 20-57) шарҳи ҳоли Рӯдакиро дар бар гирифта, баъдтар боби сеюми китоби «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»-ро ташкил доданд.

А. Мирзоев тадқиқи аҳволу осори Рӯдакиро дар солҳои баъд низ идома дода, чанд мақолаи дигар ба табъ расондааст. Аз ҷумла соли 1968 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи ӯ таҳти унвони «Боз як нусхаи қалбакии ашъори Рӯдакӣ» ба табъ мерасад. Дар мақола нусхаи хаттии «Маҷмуаи шуаро», ки таҳти рақами 322 дар Китобхонаи давлатии оммавии ба номи Салтиков – Шедрини Санкт-Петербург маҳфуз аст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пас аз тавсифи нусха маълумоти дар бораи Рӯдакӣ додаи маҷмуа, ки нисбат ба ахбори Давлатшоҳ тозагие надорад,

нақл гардида, матлаи 38 қасида ва қитъаи шоир оварда мешавад. Муаллиф дар асоси номи мамдӯҳ, ки дар 26 қасидаи мазкур омадааст ва сабки баён ба хулосае меояд, ки ашъори мазкур ба Қатрони Табрезӣ тааллуқ дорад.

А. Мирзоев ашъори ба Рӯдакӣ нисбат додаи маҷмуаро бо абёти дар Душанбе ва Теҳрон чоп шуда ва мақолаҳои Денисон Росс ва Саид Нафисӣ ва девони Қатрон муқоиса намуда, тафовути онҳоро нишон медиҳад. Дар мақола ҳамчунин ба сабабҳои рух додани ин воқеа ишора мегардад, ки он ҳамном будани мамдӯҳони Рӯдакӣ ва Қатрон мебошад. Ин мақола, ки барои шинохти ашъори аслии Рӯдакӣ хеле судманд аст, дар маҷаллаи «Эроншиносӣ»-и Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳрон (1350\1971, № 3) ва дар маҷмуаи мақолаҳои «Сездаҳ мақола» (Душанбе, 1977) айнан ба табъ расидааст.

Қасидаи «Модари май» аз машҳуртарин асарҳои Рӯдакӣ буда, аз замони шоир то имрӯз таваҷҷӯҳи шоирону донишмандонро ба худ ҷалб менамояд. А. Мирзоев низ ба ин қасида ҳамеша таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» таҳти унвони «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ва таъсири он» бо муқаддимаи хеле кӯтоҳ намунаи ашъори дар пайравии қасидаи мазкур навиштаи шоирони гузаштаро ба табъ мерасонад. Дар ҳамон шумораи маҷалла мақолаи А. Мирзоев «Ду фикри ғалат роҷеъ ба як қасидаи машҳур» низ нашр мегардад, ки ба қасидаи мазкур бахшида шудааст. Дар мақола оид ба масъалаи вақти суруда шудани қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» баҳс меравад. Зеро донишмандони эронӣ Бадеуззамон Фурӯзонфар ва Муҳаммад Муин саъй намудаанд, ки маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандиро дар бораи дар Ҳирот суруда шудани қасидаи мазкур рад созанд. А. Мирзоев бо далелҳои қотеъ нодурустии андешаи ононро ба субут расонда, таъкид менамояд, ки «маълумоти ин сарчашма(«Чаҳор мақола»- М.М.) дар бораи сабаб, вақт ва маҳалли суруда шудани қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» аҳамияти аввалаи худро ба тамоми маънӣ нигоҳ дошта меояд»[18]. Ин мақола бори аввал дар шакли мухтасар таҳти унвони «Боз дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият»(18.XI. 1971) чоп шуда буд. Баъдтар мақола бо унвони «Дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ» дар маҷмуаи мақолаҳои «Сездаҳ мақола» ба табъ мерасад.

А. Мирзоев ҷамъоварии маводро дар масъалаи шӯҳрати қасидаи

---

«Бӯи ҷӯи Мӯлиён» давом дода, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаи «Захмаи чанги Рӯдакӣ дар Покистон»-ро нашр намуд, ки он ба таъсири қасидаи мазкур ба осори шоирони Покистон

бахшида шудааст. Пеш аз ҳама ӯ таъкид менамояд, ки қасидаи мазкур дар қаламрави забони форсӣ шӯҳрати зиёд дорад, ки сабаби он «тарз ва услуби баён, мазмуни ватандӯстона ва ташвиқи муҳаббати ватан, ки ба як шакли рӯпӯшона дар ин шеър дарҷ гардидааст», мебошад. Сипас шӯҳрати зиёди қасидаи мазкур дар Покистон дар асрҳои охир таъкид гардида, шеърҳои дар пайравии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» сурудаи шоирони покистонии асри ХУ11 ва нимаи авали асри Х1Х Мирғуломалии Моилӣ (1768 – 1836), Саид Обидшоҳи Таъсир (1898 – 1949), Зафаралихони Зафартахаллус (1870 – 1956), Саидансории Ништари Лоҳурӣ (1894 – 1956) мавриди таҳлил қарор мегиранд. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» на ин ки то ба ин рӯз аҳамият ва арзиши худро аз даст намедиҳад, балки дар он давраи муайяни таърихии Покистон, ки дар пеши аҳли сухан талабҳои ҷиддии аз ҳам фарққунандаи зиндагӣ меистоданд, таъсири гуногун расонида, дар се навъи шеър – қасида, қитъа ва ғазал тазмин гардидааст».[19]

А. Мирзоев илова бар ҷустуҷӯйҳои илмӣ оид ба аҳволу осори Рӯдакӣ муаллифони дигарро низ ба таҳқиқи осори шоир ташвиқ ва роҳнамоӣ менамуд. Аз ҷумла, тавре ки А. Афсаҳзод менависад, «бо ташаббуси ӯ (А. Мирзоев – М.М.) соли 1970 Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон зарурати боз ҳам амиқ ва ҳаматарафа омӯхтани ҳаёт, эҷодиёти Рӯдакӣ ва таъсири эҷодиёти ӯ ба давраҳои минбаъдаро ба назар гирифта, конференсияи илмии ҳарсолаи «Солонаи Рӯдакӣ»-ро ташкил намуд, ки он дар зиндагии А. Мирзоев шаш бор баргузор гардид»[20] А. Мирзоев дар ҳар конференсияи ин солона оид ба паҳлӯҳои гуногуни аҳволу осори Рӯдакӣ ва муосиронаш суханрониҳои илмӣ эрод намудааст. Яке аз суханрониҳои илмии ӯ «Тарғиби илму

---

дониш дар назми асри Х ва муносибати он ба ҳаёти илмиии замон» буд, ки соли 1973 дар шакли мақолаи илмӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1973, №7 ) ба табъ расид. Дар мақолаи «Тарғиби илму дониш дар назми асри Х» ашъори оид ба илму дониш бахшидаи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулҳайсами Гургонӣ, Абӯшакури Балхӣ ва Майсарӣ маврида баррасӣ қарор мегирад ва таъкид мегардад, ки дар он даврон ба ин масъала дарвоқеъ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамуданд.

Дар конференсияҳои илмии солонаи мазкур А. Мирзоев инчунин дар мавзӯъҳои «Обзори адабиёте, ки доир ба асосгузори назми тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ пас аз ҷашни 1100 – солагии шоир нашр гардидааст», «Боз дар атрофии як қасидаи Рӯдакӣ», «Боз дар атрофии мақоми таърихии Абӯабдулло Рӯдак ӣ», «Рӯдакӣ – асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик» ва амсоли инҳо суханронӣ кардааст, ки дар ин бора дар «Барномаи

конференсияҳои илмии «Солонаи Рӯдакӣ» дар солҳои 1970 – 1974» маълумот дода шудааст.

Дар муқаддимаи маҷмуаи мазкур, ки ба қалами муҳаррири масъули маҷмуа, раиси кумитаи баргузории «Солонаи Рӯдакӣ» А. Мирзоев тааллуқ дорад, оид ба идомаи тадқиқи аҳволу осори шоир пас аз ҷашни ӯ, пайдо шудани абёти тозаи ӯ сухан рафта, ба дурнамои рӯдакишиносӣ ишора шудааст. Вале бо таассуф бояд тазаккур дод, ки пас аз вафоти А. Мирзоев, тавре ки Р. Ҳодизода дуруст таъкид намудааст, «даъвати кунфаронс қатъ гардид. Дар пружаҳои илмии институтҳои забон ва адабиёти Рӯдакӣ ва шарқшиносӣ мавзӯи рӯдакишиносӣ ворид набуд» [21].

Ба ин тартиб метавон таъйид кард, ки хидмати А. Мирзоев на танҳо дар тадқиқи аҳволу осор ва андешаҳои шоир хеле бузург аст, балки ӯ дар пешрафти рӯдакишиносии олам низ саҳми калон гузоштааст.

---

## ПАЙНАВИШТ

* Бо ҳаммуаллифии С. Қурбонова таълиф шудааст.

[1]. Мирзоев А. Сездаҳ мақола. – Душанбе : Ирфон, 1977, с. 52.

[2]. Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. – Сталинобод : Нашрдавтоҷ., 1958, с. 81.

[3] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. – Сталинобод : Нашрдавтоҷ., 1958, с. 33.

[4]. Дар ин бора ниг.:Муллоаҳмад М. Инсон. Адабиёт. Фарҳанг. – Душанбе : Адиб, 1998, с. 148-149.

[4] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, с.48.

[5] Ҳамон асар, с. 51.

[6] Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ. Душанбе , Адиб, 2003, с. 76.

[7] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, с. 73.

[8] Ҳамон асар, с. 76.

[9] Ҳамон асар, с.80.

[10] Ҳамон асар, с.80.

[11] Ҳамон асар, с.87.

[12]. Тагирджанов А. Т. Рудаки : Жизнь и творчество. История изучения. – Ленинград : Изд-во ЛГУ, 1968, с.271

[13]. Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ. Душанбе , Адиб, 2003, с. 161.

[14].Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, с. 73.

[15] Ҳамон асар, с. 178.

[17]Афшор, Эраҷ. Осори тозаи эроншиносӣ \\ Роҳнамои китоб. – 1339. - № 5. С. 659

[18] “Archiv Orientalni”, t.28, Praha, 1960, 3. – S. 494 – 501.

191Мирзоев А. Ду фикри ғалат роҷеъ ба як қасидаи машҳур, «Садои Шарқ», 1971, № 9, с. 130.

[19] Мирзоев А. «Захмаи чанги Рӯдакӣ» дар Покистон \\ Садои Шарқ, 1975, № 9, с. 124.

[20] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев, Душанбе , Ирфон, 1985, с. 41.

[21] Ҳодизода Р. Аз Рӯдакӣ то «Рӯзи Рӯдакӣ»,маҷ. «Рӯдакӣ», 2006, № 8 – 9, с. 212.

## РӮДАКИШИНОСИ МУМТОЗ

Шарқшиноси шинохтаи рус Иосиф Самуилович Брагинский

(18.06.1905, Киев-1989. Москва) аз муҳақққикони барҷастаи таърихи адабиёти форсу тоҷик аз замонҳои қадим то поёни асри XX мебошад. Ӯ солҳои 1933-1940 дар Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 1952 то охири умр корманди илмии Институти шарқшиносии АИ Русия буд. Рӯдакишиносӣ аз муҳимтарин соҳаҳои фаъолияти илмии Б. ба шумор меравад. Аз ибтидои солҳои 40 асри XX устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таваҷҷӯҳи ӯро ҷалб намуд. Дар мақолаҳои илмиву оммавиаш, ки ба адабиёти классикии форсу тоҷик оид аст, бузургиву шӯҳрати Рӯдакӣ таъкид гардидааст («Ҳазор соли адабиёти точик», «Правда», 21.04.1941, «Адабиёти тоҷик» дар МСЭ, БСЭ).

Дар муқаддимаи ба баёзи адабиёти тоҷик[1] ва маҷмӯаҳои ашъори Рӯдакӣ навиштааш И.С. Брагинский хонандагони русзабонро бо аҳволу осор ва андешаву афкори шоир шинос мекунад[2].

Дар тадқиқоти бунёдии И.С. Брагинский «Аз таърихи назми халқии тоҷик» зимни баррасии унсурҳои эҷодиёти бадеии мардум дар осори хаттии қадим ва асрҳои миёна масъалаи халқияти ашъори Рӯдакӣ ва муосиронаш дар фасли ҷудогона мавриди баҳс қарор гирифтааст.[3] И.С. Брагинский робитаи зичи шоирро бо зодгоҳаш – деҳаи дурафтодаи Панҷрӯд ва мардуми он таъкид намуда, баёнгари орзуву омоли халқи заҳматкаш будани ашъори ӯро нишон медиҳад. Ҳамчун намунаи барҷастаи ашъори соддаву равон ва саршори оҳангҳои халқи шеъри «Бӯи Ҷӯйи Мӯлиён» таҳлил шудааст.

Истифодаи фаровони зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо, образҳои фолклорӣ ва амсоли инҳоро И.С. Брагинский дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ аз таъсири пурфайзи эҷодиёти шифоҳии халқ медонад. «Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» мақолаҳои И.С. Брагинский ро роҷеъ ба масъалаҳои фолклор, адабиёти классикӣ ва адабиёти шӯравии тоҷик дар бар мегирад. Аз ҷумла дар мақолаи «Рӯдакӣ ва муҳити ӯ» аҳволу осори Рӯдакӣ, мавзӯъҳои асосии эҷодиёти ӯ ва саҳми шоир дар ташаккулу такомули навъҳои шеър ва андешаҳои баланди башардӯстиаш мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.[4]

Дар остонаи ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ рисолаи А.Мирзоев «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои10-15» ба табъ расид, ки дар он андешаи дар асри X ҳолиё ташаккул наёфтани ғазал баён гардида буд. И.С. Брагинский дар мақолаи «Дар бораи пайдоиши ғазал дар адабиёти тоҷик ва форс» ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода, қабл аз ҳама роҷеъ ба сайри ғазал дар адабиёти араб тавақққуф менамояд. Сипас дар бораи мафҳуми ғазал дар асри X, истифодаи он дар ашъори Рӯдакӣ ва шоирони асрҳои X-XI сухан ронда, И.С. Брагинский бар хилофи А. Мирзоев ба натиҷае мерасад, ки ғазал дар асрҳои IX-X ҳамчун «жанри хоси ашъори ғиноии ишқӣ» вуҷуд дошт.[5]

Соли 1964 дар нашриёти «Наука»-и ш. Маскав китоби «Ашъор»-и Рӯдакӣ ба забонҳои тоҷикӣ (бо ҳуруфи ниёгон) ва русӣ ба табъ расид, ки мураттиби он Д. Комиссаров ва муҳарриру муаллифи тавзеҳоташ И.С. Брагинский мебошанд. Китоб дорои ду тавзеҳоти муфассал мебошад, ки яке ба масъалаи матншиносӣ ва дигаре бо маҳорати шоирии Рӯдакӣ тахсис ёфтааст. Дар тавзеҳоти матншиносӣ И.С. Брагинский ба нуқсонхои зиёде, ки дар навишти ашъори боқимондаи Рӯдакӣ роҳ дода шудааст, ишора намуда, чанде аз онҳоро ислоҳ кардааст.

Тавзеҳоти шеършиносии маҷмӯа, ки «Дар бораи маҳорати Рӯдакӣ» унвон дорад, дар воқеъ як рисолаи мукаммал буда, асрори зебоиву малоҳати ашъори шоирро ошкор менамояд. Муаллиф пеш аз хама сабки «саҳли мумтанеъ»-и Рӯдакиро мавриди тадқиқ қарор дода, хусусиятҳои онро нишон медиҳад. Сипас абёти пароканда ва ашъори дигари шоир ба таври амиқ таҳлили ҷомеи сабкшиносӣ мешаванд.[6].

Тавзеҳоти мазкур аз ҷумлаи беҳтарин тадқиқот дар шинохти ҳунари шоирии Рӯдакӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки он ҳамчун рисолаи илмӣ дар маҷмӯаҳои мақолоти илмии «Аз таърихи адабиёти тоҷик ва форс», «Абӯ Абдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакӣ», «Сомониён: даврон ва маншаи фарҳанг» чоп шудааст.

Китоби «12 лавҳа» (12 миниатюр), ки соли 1966 ба табъ расид, аз муқаддима ва 12 боб иборат буда, дар ҳар боб аҳволу осори як шоири маъруфи қарнҳои Х - ХУ форсу тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.[7] Боби аввали китоб «Одамушшуаро» ном дошта, ба рӯзгору осори Рӯдакӣ тахсис ёфтааст. Дар ин боб И.С. Брагинский ба таври хеле мухтасар муҳити таърихии рӯзгори шоирро ба қалам дода, тарҷумаи ҳоли ӯро меоварад ва сипас ба таври муфассал ашъори боқимондаи Рӯдакиро аз лиҳози мавзӯъу мундариҷа ва сабку баён таҳлил менамояд. Зимнан дар бораи андешаҳои адабиву эстетикии шоир низ сухан рафтааст. Мақолаи мазкур ҳамон сол дар маҷаллаи «Звезда Востока» низ ба нашр мерасад.

Соли 1972 маҷмӯаи мақолаҳои И.С. Брагинский «Аз таърихи адабиёти тоҷик ва форс» бо пешгуфтори Б. Ғафуров ба табъ мерасад[8], ки дар он ду мақолаи ба Рӯдакӣ бахшидаи муаллиф ҷой дода шудааст, ки яке «Дар бораи пайдоиши ғазал дар адабиёти форсу тоҷик» ва дигаре «Оид ба маҳорати Рӯдакӣ» унвон гирифтааст. Ҳар ду мақола бо таҳриру такмил чоп шудаанд.

Дар китоби «Ахтарони назм», ки мураттиб ва муаллифи пешгуфтори он И.С. Брагинский мебошад, тарҷумаи русии беш аз 50 шеъри пурра ва нотамоми Рӯдакӣ ҷой дода шудааст.[9] Китоб бо пешгуфтори «Шеъри аҳди эҳё» шурӯъ мешавад, ки дар он чи тавре, ки И.С. Брагинский ишора кардааст, ба ошкор намудани сарнавишти шоирии Рӯдакӣ амдан дар ин мақола ҷои бештар ҷудо шудааст, зеро он ба сарнавишт, такомулу ҷанбаҳои кулли шеъри классикони тоҷик равшанӣ меандозад ва ин барои дарки беҳтари офаридаҳои манзуми классикони бузурги дигар мадад мерасонад. Дар пешгуфтори мазкур бештар аз ҳама ба робитаи Рӯдакӣ ба зодгоҳу мардуми диёраш ва осори бадеии халқ, ки мабдаъу маншаи ашъори шоир мебошанд, таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст. Чунин равиш дар муқаддимаи китоби «Шеъри тоҷику эронӣ» низ, ки ба қалами И.С. Брагинский тааллуқ дорад, ба назар мерасад.[10]

Асари тадқиқотии «Аз Авесто то Айнӣ», ки соли 1981 дар ш. Душанбе ба муносибати 75-солагии И.С. Брагинский нашр шуд, таърихи адабиёти тоҷикро аз замонҳои қадим то имрӯз дар бар мегирад.[11] Дар ду боби ин китоб, ки қаблан ҳамчун муқаддима ва мақолаи ҷудогона ба табъ расида буд, аз аҳволу осори Рӯдакӣ сухан рафтааст. Дар боби «Шеъри оламшумул» И.С. Брагинский сайре ба таърихи шеъри форсиву тоҷикии асрҳои Х – ХУ намуда, бештар дар бораи ашъори Рӯдакӣ сухан рондааст. Дар боби чоруми китоб мақолаи «Одамушшуаро» ҷой дода шудааст.

Китоби «Мероси адабии эронӣ» тадқиқоти беш аз панҷоҳсолаи И.С. Брагинскийро дар боби адабиёти форсу тоҷик

аз замони бостон то асри ХУ ҷамъбаст менамояд.[12] Тавре ки муаллиф дар пешгуфтори китоб ишора кардааст, мӯҳтавои он бар се китоби қаблан чопшудаи ӯ асос ёфтааст. Боби панҷуми асар, ки «Ибтидо. Рӯдакӣ асосгузори шеъри форсизабон» ном дорад, таҳқиқи аҳволу осор, навъҳои ашъор, мавзӯоти асосии онҳоро дар бар мегирад.

Дар мақолаҳои дигари И.С. Брагинский, ки доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёти классикии тоҷику форс иншо гардидаанд, низ ба Рӯдакӣ ишораҳо рафтааст. И.С. Брагинский дар нашри осори Рӯдакӣ низ заҳмати зиёде ба харҷ додааст.

Дар воқеъ, хидмати И.С. Брагинский дар таҳқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ, ба хусус ҳунари шоирии ӯ хеле калон аст.

Дар китоби «Абу Абдуллох Ҷаъфар Рӯдакӣ», ки с. 1989 дар ш. Маскав ба табъ расид, таҳқиқоти роҷеъ ба Рӯдакӣ дар тӯли солҳои зиёд анҷом додаи И.С. Брагинский ҷамъбаст гардидааст.[13] Дар муқаддима, ки «Роҳ ба шинохти шоир» унвон дорад, дар бораи зодгоҳи Рӯдакӣ ва замони ӯ сухан меравад. Боби аввал «Роҳи ҳаёти Рӯдакӣ» шарҳи ҳолу осори шоирро дар бар мегирад. Муаллиф дар асоси маълумоти сарчашмаҳо лаҳзаҳои муҳимми зиндагии шоирро равшан намуда, мавзӯъҳои асосии осори боқимондаи ӯро баррасӣ мекунад. Боби дуюми китоб «Маҳорати шоирии Рӯдакӣ» таҳлили сабки ашъори боқимондаи шоирро дар бар мегирад. Хотимаи китоб «Мақоми Рӯдакӣ дар назми форсизабони классикӣ» ном дошта, дар бораи маншаи осори шоир ва шоирони пешгузаштаву муосираш баҳс менамояд ва муҳимтарин ҷанбаҳои осори ӯро нишон медиҳад. Дар қисмати «Иловаҳо» тарҷумаи русии ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасронаш оварда шудаанд.[14]

## ПАЙНАВИШТ


1 Антология таджикской поэзии, М., 1951, 1957.

2 Рудаки. Сталинабад, 1949; Рудаки. Стихи, Сталинабад, 1955;Рудаки. Избранное, М., 1957.

3 Из истории таджикской народной поэзии: Элементы народного поэтического творчества в памятниках древней и средневековой письменности. М., 1956;

4 И.С. Брагинский. Очерки из истории таджикской литературы,

5 И.С. Брагинский. О возникновении газели в персидской и таджикской литературе, ж. «Советское востоковедение», 1958, № 2, стр. 98.

6 О мастерстве Рудаки. В ин.: Рудаки. Стихи. М., 1964;

7 12 миниатюр. М., 1966;

[8] Из истории персидской и таджикской литератур. М.,1972;

[9] Поэзия возраждения. В кн. Звезды поэзии. Д.,1974 стр. 14;

[10] Поэзия мирового звучания. В кн. Ирано-таджикская поэзия. М., 1974;

[11] От Авесты до Айни, Д., 1981;

[12] Иранское литературное наследие, М., 1984;

[13] Абу Абдуллах Джафар Рудаки, М., 1989.

[14] Дар бораи аҳволу осори И.С. Брагинский ба асарҳои зер руҷӯъ шавад: Миллибанд Д. Библиографический словарь советских востоковедов. М., 1975; Иосиф Самуилович Брагинский. Библиография., Д., 1966; Миллибанд С.Д. Список работ члена-корреспондента АН Тадж.ССР, проф. И.С.Брагинского. Народы Азии и Африки, 1975, №3; Азизқулов Ҷ. Марди шариф, олими шаҳир, рӯзномаи «Маориф ва маданият»; 1965, 13 май; Афсаҳзод А. Дӯст ва сабақомӯз, маҷ. «Садои Шарқ, 1975, № 7; Шукуров М. Пири илм, рузн. «Маориф ва маданият», 1980, 5 июн.

### *Аламбардори илму фарњанг*

Аз таърихи илм маълум аст, ки дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна аксари донишмандон зуфунун буда, соҳаҳои гуногуни илмро фаро мегирифтанд ва дар ҳар соҳа кашфиёту ихтироот ҳам мекарданд. Арастуву Афлотун, Ибни Синову Абӯрайҳони Берунӣ, Форобиву Закариёи Розӣ ва амсоли онҳо аз ҳамин зумра буданд.

Дар асрҳои минбаъда, ба хусус дар асри XX илм ба шохаҳои зиёд ҷудо шуда, ихтисоси донишмандон низ хеле маҳдуд гардид. Вале ба нудрат дар ин давра ҳам донишмандони зуфунун по ба арсаи васеи илм ниҳода, дар чанд соҳа фаъолият менамоянд. Тааҷҷубовар аст, ки таҳқиқоти ин донишмандон бо умқу вусъат ва баёни андешаҳои тозаи илмӣ мумтоз мебошад, ки осори яке аз ховаршиносони бузурги асри XX В.В. Бартолд далели барҷастаи он аст.

Аз донишмандони асри XX тоҷик метавон пеш аз ҳама устод Садриддин Айниро ёдовар шуд, ки муҳаққиқи барҷастаи соҳаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихшиносӣ, сиёсатшиносӣ, мусиқишиносӣ ва амсоли инҳо ба ҳисоб меравад.

Донишманди маъруф Ахрор Мухторов низ аз ҳамин зумраи олимон аст, ки дар чандин соҳаи илм фаъолияти пурдомана намуда, осори фаровоне таълиф ва чоп кардааст ва бешубҳа аз пурсамартарин донишмандони муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Ӯ дар соҳаҳои таърихшиносӣ, сарчашмашиносӣ, нусхашиносӣ, адабиётшиносӣ,

матншиносӣ, эроншиносӣ, ҳиндшиносӣ, афғоншиносӣ ва ғайра беш аз 75 китоб ва 550 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ офаридааст.

Албатта, Аҳрор Мухторов пеш аз ҳама таърихшиноси мумтоз буда, на танҳо дар илми тоҷику кишварҳои ИДМ, балки дар арсаи илми ҷаҳонӣ ҷойгоҳи хосе дорад. Ба узвияти чандин марказҳои байналмилалии илмӣ пазируфта шудани ӯ, ба китоби «500 арбоби бонуфузи ҷаҳон» ворид гаштани номаш, ба унвони ифтихории «Инсони соли 1995» дар ИМА интихоб гардиданаш ва амсоли инҳо гувоҳи он аст.

Аҳли илму адаб Аҳрор Мухторовро чун адабиётшиноси пуркору дақиқсанҷ низ мешиносанд. Донишмандони зиёде ба фаъолияти адабиётшиносиву фарҳангшиносии ӯ ишора намуда, арзиши баланди осори ба адабиёту фарҳанги мардумони Шарқ бахшидаи ӯро таъкид кардаанд. Аз ҷумла таърихшиноси варзида Ҳ.Дӯстов дар ин бора навиштааст: «Як ҷиҳати фарққунандаи Аҳрор Мухторов нисбат ба дигар таърихнависон аз он иборат аст, ки ӯ адабиётшиноси хуб ҳам ҳаст. Бозёфтҳои тозаи мисраъҳои Абӯабдуллои Рӯдакӣ аз кишвари Ҳиндустон ва муайян кардани мавқею мақоми ин бузургвор дар ин сарзамини пурасрор, бозёфти мероси гаронбаҳои Камоли Хуҷандӣ, паҳлӯҳои ноаёну шарҳи ҳоли Носири Хусрав, табсираи катибаи рӯйи санги Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигар бузургони адабиёти тоҷик дар он мамлакат, рӯйнависи катибаҳои рӯйи санги мазори ҳазрати Ҷомӣ ва Ҳилолии бузургвор ва чандин тадқиқоти дигари ӯ, дар бораи шоирони классики тоҷик ба аҳли фазли олам маълуманд.»[1]

Донишмандони маъруф Иржи Бечка, А.М.Беленитский, А.Н.Болдирев, И.Брагинский, М.Н. Усмонов, М.Занд, Б.Фрагнер низ ба саҳми калони А.Мухтров дар таҳқиқи адабиёти фарҳанги Шарқ ишора кардаанд.

Аз қадамҳои аввал ба арсаи илм таваҷҷӯҳи А.Мухторовро фарҳанги ғаниву бостонӣ ва гуногунпаҳлӯи тоҷик ба худ ҷалб намудааст. Яке аз чунин падидаҳои фарҳангӣ, ки комилан ношинохта ва аз назари муҳаққиқон дур монда буд, катибаҳо ба шумор мерафтанд. Катибаҳо дар воқеъ таҷассуми донишу хиради мардум буда, дар онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ, зебошиносиву балоғат, хушнависиву хаттотӣ ва амсоли онҳо инъикос ёфтаанд. Аз сӯи дигар касе ба ҷамъоварии онҳо машғул нашуда буд. А.Мухторов бо ҷуръату ҷасорати қатъӣ ба ин роҳи душвор қадам ниҳод ва қисмати умдаи умри худро сарфи ҷамъоварӣ ва тадқиқи ин ёдгори беназири фарҳангии ниёгон намуд. Натиҷаи заҳматҳои зиёди ӯ даҳҳо мақолаву суханрониҳои илмӣ дар симпозиуму конференсияҳои байналмилалӣ ва ниҳоят нашри монографияи дуҷилдаи «Ёдгориҳои эпиграфии Кӯҳистон» гардид. Монографияи мазкур яке аз муҳимтарин тадқиқотҳо доир ба таърихи саргаҳи водии Зарафшон дар асрҳои миёна мебошад. Зеро дар ин китоб тақрибан 200 катибаи гуногун ҷамъоварӣ ва ҳарҷониба таҳқиқ шуда, як қатор масъалаҳо ва ҳодисаҳои муҳими таърихи ин сарзамин муайян гардиданд. Аксари катибаҳое, ки дар китоб мавриди таҳлили амиқ қарор

[1] Аҳрор Мухторов. Асрори номаҳо, Душанбе, «Афсона», 1988, саҳ. 11-12.

гирифтаанд, дар натиҷаи заҳматҳои зиёди худи муаллиф ҷамъоварӣ шуда, дар олам беназиранд ва барои ҳалли масъалаҳои таъриху фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ ва кишварҳои дигар низ мадад мерасонанд. Дар китоб на танҳо ҳодисаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии Кӯҳистон баррасӣ гардидаанд, балки ному рӯзгор ва осори як зумра фарҳехтагоне, ки дар офаридани ёдгориҳои беназир саҳм гузоштаанд, барқарор карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки ба китоби мазкур дар кишварҳои гуногун тақризҳои зиёде ба табъ расиданд, ки муаллифони ҳамаи онҳо асарро тадқиқоти барҷастаи беназир донистанд ва барои ин рисола А.Мухторов ба дарёфти дараҷаи доктори илмҳои тоърих ноил гардид.

Асари дигари А.Мухторов, ки аз лиҳози мавзӯъ ба таҳқиқоти ӯ робитаи зич дорад, китоби «Санг ҳам диле дорад» мебошад, ки онро метавон аз беҳтарин асарҳои илмиву оммавии тоҷик дар солҳои охир донист. Ин китоб аз заҳмату талошҳои фаровони чандинсолаи донишманди тоҷик дар роҳи пайдо кардани катибаҳои гуногун, садоқату дилбастагии ӯ ба фарҳангу ҳунари мардум ҳикоят мекунад. Муҳаққиқонро зарур аст, ки ин асарро ба таври амиқ омӯхта, жанру навъи онро муайян намоянд. Дар ин асар омезиши хусусиятҳои чандин илм, аз ҷумла таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, палеография, петрография, назмшиносӣ, мардумшиносӣ, фолклор, забоншиносӣ ва амсоли онҳо ба назар мерасанд. Илова бар он дар асар завқу салиқаи баланд, эҳсоси латифи зебописандиву башардӯстии донишманди нуктасанҷу васеъназир ифода шудаанд. Ин асар барои муҳаққиқони соҳахои гуногуни илм метавонад чун сарчашмаи беназире хидмат намояд. Мутолиаи асар хонандаро бо таърихи фарҳанги бою нотакрори мардум ошно намуда, эҳсоси зебописандии ӯро парвариш медиҳад. Ба назари мо худи ҳамин асар кофист, ки ба муаллифи он ҷоизаи давлатии Абӯалӣ ибни Сино ё Рӯдакӣ дода шавад. Ин ҷо беихтиёр китобчаи илмиву оммавии ховаршиноси маъруфи рус И.Ю.Крачковский «Дар сари дастхатҳои арабӣ» ба хотир меояд, ки соли 1951 сазовори Мукофоти давлатии СССР гардида буд. Зимнан бояд гуфт, ки ин ду асар умумиятҳои зиёде дошта, ба ҳам монанд ва ҳамсанганд.

Аз ҷумла дар ҳар ду асар аз бозёфту кашфиёти онҳо ва роҳҳои душвори ба даст оварданашон сухан рафтааст. Яке аз кашфиёти муҳимми А.Мухторов сангнавиштаи Бобур аст, ки таваҷҷӯҳи ҷаҳониёнро ҷалб намудааст. Тавре ки маълум аст, Заҳириддини Бобур аз шахсиятҳои маъруфи ҷаҳон буда, чун бунёдгузори давлати темуриёни Ҳиндустон дар густариши забон ва адабиёти тоҷику форс низ нақши калон бозидааст. Бинобар ин барқарор кардани ҳар сафҳаи рӯзгору осори ӯ хеле муҳим аст. Аз ин ҷост, ки А.Мухторов аз даврони ҷавонӣ ба аҳволу осори бОбур таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, дар баррасии онҳо заҳмату кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст. Ин заҳматҳои донишманд самар доданд ва ба ӯ кашфиёти таърихиву фарҳангие насиб гардид, ки ба вай шӯҳрати ҷаҳонӣ оварданд. Бозёфти сангнавиштае, ки бо дасти Бобур дар Оббурдон канда шудаанд, ба А.Мухторов имкон доданд, ки як давраи муҳимми рӯзгори Бобурро равшан намуда, чандин муаммои аҳволи ӯро

боз кунад. Аз ҷумла дар асоси он катибаҳо А.Мухторов таърихи сафарҳои Бобурро ба таври дақиқ муайян карда, ҳатто ба иштибоҳҳои худи Бобур дар нишон додани таърихи катибаи машҳураш аз абёти Саъдӣ ишора намудааст. Он катибаи машҳур, ки соли 1960 ҳангоми баргузории Конгресси XXV шарқшиносони ҷаҳон дар толори Донишгоҳи Ломоносови шаҳри Москва ба маърази намоиш гузошта шуда буд, таваҷҷӯҳи на танҳо ширкаткунандагони он кунгураи бонуфуз, балки ҳамаи аҳли илму фарҳангро ҳам ҷалб намуд. Чунин бозёфтҳои ҷолиби А.Мухторов хеле фаровон буда, як ганҷинаи сангнавиштаҳоро ташкил кардаанд, ки дар Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанд.

Дар китоби «Санг ҳам диле дорад» инчунин аз бозёфтҳои дигари донишманди ҷӯянда, арзиши онҳо ва роҳҳои пайдо карданашон сухан рафтааст.

Кашфиёту бозёфтҳои академик А.Мухторов дар заминаи таърихи адабиёти тоҷик низ хеле ҷолиб буда, барои равшан намудани гӯшаҳои торики он судманданд. Ӯ ҳамчунин перомуни масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт дар матбуоти даврӣ баҳсҳо намуда, дар ҳалли муаммоҳои зиёди адабиёти форсу тоҷик саҳм гузоштааст. Мулоҳизаҳои ӯ роҷеъ ба рӯзгору осори Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бедил, Зебуннисо, Накҳат, Дилшоди Барно, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода, Лоиқ ва амсоли онҳо хеле пурарзиш мебошанд.

Тавре ки маълум аст, то солҳои 60 асри XX дар бораи шоира Дилшоди Барно дар адабиётшиносии тоҷик маълумоте набуд. Аввалин хабарҳо оид ба ин шоираи озодандеш, ки дар матбуоти он солҳо пайдо шуданд, таваҷҷӯҳи А.Мухторовро ба худ ҷалб намуданд ва ӯ дар пайи ҷустуҷӯи осори шоира шуд. Бо кӯшишу ҷустуҷуйҳои зиёд ӯ даҳҳо шаҳру деҳоти Тоҷикистону Ӯзбекситонро тай намуда, зарра-зарра маълумот ҷамъ овард ва дар натиҷа китоби «Дилшод ва мақоми ӯ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик дар асри XIX ва ибтидои асри XX» ба вуҷуд омад, ки аввалин тадқиқоти ҷиддӣ дар бораи шоира буд.

Дар ин асар на танҳо лаҳзаҳои рӯзгори шоира барқарор гардида, осори боқимондаи ӯ тавсиф ва аз лиҳози мавзӯъ ва муҳтаво таҳлил шудаанд, балки дар бораи муҳити зиндагии ӯ ва афкору андешаҳои шогирдаш Анбаротун низ маълумоти пурарзиш дода шудааст.

А.Мухторов роҳу василаҳои ҷамъоварии осори Дилшоди Барноро ба таври муфассал баён намуда, барои муайян кардани арзиши нусхаҳо таҳқиқоти палеографӣ мебарад. Муаллиф иқрор мешавад, ки дар нусхаҳои мавҷуда хатоҳои зиёди имлоиву грамматикӣ мавҷуданд, ки аксари онҳо бо гуноҳи котибон рух додааст. Ӯ мисли баъзе мураттибони ашъори гузаштагон ба тасҳеҳу ислоҳи матн, ки равиши илмӣ нест, машғул намешавад ва ҳатто исбот мекунад, ки худи Дилшод низ хатти хуб надоштааст. Ҳамин иштибоҳот боис шуд, ки дар бораи китоби мазкур баҳсҳои зиёд ба вуҷуд омаданд. Бо ин ҳама то имрӯз асари А.Мухторов ягона тадқиқоти ҷиддӣ дар бораи Дишоди Барно буда,

симои як зани фозилаву мубoризро, ки дар ҳаёти адабиву фарҳангӣ ва иҷтимоии асри XIX Осиёи Миёна мақоми шоистае дорад, таҷассум менамояд.

Хидмати А.Мухторов дар нашри осори Дилшоди Барно низ хеле калон мебошад. Ӯ пеш аз ҳама нусхаи аксии осори боқимондаи шоирaро дар мулҳақоти монографияи худ ҷой дода, сипас дар шакли маҷмӯаи мунтахаб ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ ба табъ расонд.

Ҳаёт ва осори шоири намоён ибтидои асри XX Зуфархон Ҷавҳарӣ низ ҳамеша таваҷҷӯҳи А.Мухтороврo ҷалб менамояд. Дар китоби «Зуфархон Ҷавҳарӣ», ки андешаҳои таърихшиносро дар бораи паҳлӯҳои зиндагӣ ва осори шоир дар бар мегирад, чанд мақолаи А.Мухторов ҷой дода шудаанд. Дар мақолаи аввал «Перомуни шарҳи ҳоли Зуфархон Ҷавҳарӣ» муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба асари адабиётшинос А.Сайфуллоев, «Зуфархон Ҷавҳарӣ» баён намуда, норасоиҳои онро бо далелҳои мустанади таърихӣ нишон медиҳад.

Ӯ дар зимни мақолаҳои мазкур андешаву пешниҳодҳои судмандро низ сиброз медорад. Аз ҷумла ӯ таъкид менамояд, ки «асноди дар бойгониҳо гирдомадаро, инчунин ҳуҷҷатҳои дар назди ашхоси алоҳида мавҷударо, ки ғубори таърих гирифтаанд ва ба ин васила мӯҳри хомӯшӣ ба онҳо зада шудааст, гирди ҳам биёварем, онҳоро дақиқ биёмӯзем».[1]

Дар мақолаҳои дигари маҷмӯа дар хусуси достони «Офтобхон»-и Зуфархон Ҷавҳарӣ, асосҳои таърихии ин достон ва иштибоҳоте, ки дар таҳлили он рӯй додааст, дар бораи мукотибаи шоир бо хаттоти маъруфи истаравшанӣ Мурҳусайн ва муносибати Б.Ғафуров ба Зуфархон Ҷавҳарӣ сухан рафтааст. Дар мақолаи «Намунаи як қасидаи Носири Хусрав ва Зуфархон Ҷавҳарӣ» дар бораи матни як қасидаи Носири Хусрав, ки Ҷавҳарӣ рӯйнавис кардааст, изҳори назар шудааст. Мақолаҳои маҷмӯа паҳлӯҳои гуногуни рӯзгор ва осори Зуфархон Ҷавҳариро равшан намуда, барои боз ҳам амиқтар омӯхтани офаридаҳои шоир мадад мерасонанд.

А.Мухторов дар асарҳои худ на танҳо ҳамеша ба сарчашмаҳои мӯътамад такя мекунад, балки ба шинохту муаррифии сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ҳам мепардозад. Аз ҷумла тавре ки маълум аст, «Музокируласҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ аз муҳимтарин ва пурарзиштарин сарчашмаҳои адабии асри XVIII тоҷик маҳсуб мешавад. Ҳарчанд ин асари гаронбаҳо таваҷҷӯҳи донишмандони зиёдро ба худ ҷалб намудааст ва академик А.Мирзоев роҷеъ ба он чанд мақола навишта, дар таълифи асари машҳури худ «Сайидо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷик» аз он хеле истифода кардааст, бо вуҷуди ин тазкираи мазкур то ҳол ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст. А.Мухторов ба ин тазкира амиқтар назар намуда, бозёфтҳои тоза ба даст овардааст. Дар мақолаи «Малеҳо дар бораи мақбараи Гӯри Мир» ӯ қабл аз ҳама дар бораи тазкира ва муаллифи он таваққуф намуда, чанд маълумоти тозаро доир ба он овардааст. Аз ҷумла ӯ нусхаҳои мавҷудаи тазкираро баррасӣ намуда ба натиҷае мерасад, ки то имрӯз 11 нусхаи он маълум аст. Ҳол он ки то он замон муҳаққиқон вуҷуд доштани 8 нусхаи боқимондаро таъйид

[1] А.Мухторов. Зуфархон Ҷавҳарӣ (андешаҳои муаррих), Душанбе, 2004, саҳ.11.

менамуданд. Маълумоте, ки муаллифи мақола аз нусхаи дар Кобул будаи тазкира овардааст, ҷолиби диққат буда, дар нусхаҳои дигар ба назар намерасанд.

Дар натиҷаи муқоисаи нусхаҳо ӯ дар бораи миқдори шоирони дар тазкира сабтшуда, тартиби тадвини тазкира ва амсоли инҳо маълумоти тоза додааст.

Тавре ки А.Мухторов ба субут расондааст, арзиши муҳимми тазкираи мазкур боз дар он аст, ки барои муайян кардани ашхоси дар мақбараи Гӯри Мири Самарқанд мадфун буда мадад мерасонад. Зеро то вақтҳои охир номи чанде аз шахсоне, ки дар мақбараи мазкур дафн шудаанд, ба аҳли илм маълум набуд.

Ба ин минвол А.Мухторов на танҳо сарчашмаҳои адабӣ, балки осори шоиронро низ дар асарҳои таърихшиносии худ дар мавридҳои зарурӣ истифода бурдааст. Масалан, дар рисолаи «Курушкада. Истаравшан, Ӯротеппа» барои исботи маънои хона, маҳалро доштани калимаи **када** байти зерини Фирдавсиро далел овардааст:

**Бад-ин бенишон роғу кӯҳи баланд**
**Када сохтанд аз ниҳеби газанд.**[1]

А.Мухторов бо аҳли адаб, шоирону нависандагон робитаву ҳамкорӣ дорад. Кашфиёту бозёфтҳои таърихиву адабии ӯ як зумра шоиронро ба илҳом оварда, боиси офарида шудани чандин шеър гаштаанд. Шоирон Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Алӣ Бобоҷон, Раънои Сафарзод, Мӯҳтарам, С.Зикирзода, Шаҳобиддин Шуҷоъ, А.Туробӣ, С. Одинаев, Шукрӣ Иброҳим, М.Оқилов ва амсоли онҳо дар ситоиши ин донишманду инсони мумтоз шеърҳои самимӣ навиштаанд.

А. Мухторов аз фарҳангшиносони шинохта буда, дар таҳқиқи соҳаҳои гуногуни таърихи фарҳанг саҳми калон гузоштааст. Ӯ аввалин муҳаққиқест, ки ба ҷамъовари ва баррасии осори хаттоти чирадасти асрҳои XIX-XX Осиёи Миёна Мирҳусайн пардохтааст. Маводи ҷамъовардаи худро ӯ дар рисолаи «Хаттот Мирхусайн» соли 1994 ба забони русӣ ба табъ расондааст. Аз рисола бармеояд, ки Мирҳусайн хаттота хушқалам ва инсони фозилу соҳибзавқ буда, аз таърихи адабиёти тоҷик огоҳии хуб доштааст. Дар қитъаву нусхаҳои қаламие, ки ӯ офаридааст, абёти маъруфи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ҷалолиддини Румӣ, Саноӣ, Аттор, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Бедил, Зебуннисо, Соиб ва амсоли онҳо сабт шудаанд. Тавассути қитъаҳои Мирҳусайн имрӯз намунаҳои осори шоирони номашҳуре чун Ҳомиди Урганҷӣ, Амонулло Ҳусайнӣ, Шайх Муҳаммади Омӣ, Солики Истаравшанӣ, Қаттолӣ, Султонхони Адо, Сафо дастрас гаштанд.

Ҳамчун муҳаққиқи барҷастаи мусиқии классикии тоҷик «Шашмақом» ӯ роҷеъ ба ин шоҳкори мусиқӣ чандин мақола таълиф намудааст, ки барои таҳқиқи таърихи он хеле судманданд. Зеро то ҳол

[1] А.Мухторов. Курушкада. Истаравшан. Ӯротеппа, Душанбе, 2000, саҳ.7.

таърихи пайдоиш, ташаккул ва такомули он ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Дар мақолаи «Восифӣ дар бораи бастакорон, ҳофизон, навозандагон ва раққосон» маълумоти «Бадоеъул воқеъ»-ро доир ба устодони «Шашмақом» дар асри XVI нақл ва баррасӣ намудааст, ки минбаъд ба таҳқиқи таърихи мусиқӣ мусоидат менамояд.

«Оё мақомҳо иваз шудаанд?» ном мақолаи А.Мухторов нигоҳи тозаест ба таърихи «Шашмақом». Ӯ дар асоси далелҳои сарчашмаҳо ба пайдоиши истилоҳи «Шашмақом» назар афканда, беасосии ақидаи аз «Дувоздаҳмақом» пайдо шудани «Шашмақом»-ро нишон медиҳад ва пешниҳод менамояд, ки «даставвал бояд рисолаҳои мусиқии дар мамлакатҳои ҳамсоя маҳфуз буда омӯхта шавад»[1].

Дар мақолаи «Бастакорон, ҳофизон ва навозандагони асри XVI А.Мухторов баробари нишон додани ривоҷи санъати мусиқии тоҷик дар он давра, ҳамчунин бо далелҳои зиёд исбот менамояд, ки ҳунари мусиқии тоҷик мисли забон ва адабиёти он дар Ҳиндустон низ густариш пайдо кардааст. Дар дарбори Бобур ва Бобуриён мутрибону сарояндагони маъруф хидмат мекарданд. Дар мақола чандин далелҳои тоза ва андешаҳои судманд дар бораи санъати мусиқӣ ва «Шашмақом» баён шудаанд, ки барои муҳаққиқони ин соҳа хеле муфиданд.

Китоби «Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон», ки соли 1984 ба табъ расид, на танҳо ҳодисаи муҳимме дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, балки дар таҳкими робитаҳои ду кишвари дӯст ҳам ба шумор мерафт. Зеро дар ин китоб масъалаҳои зиёди адабӣ, илмӣ, фарҳангии марбут ба ин ду кишвар, ки ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, таҳлилу баррасӣ шуда, бо сабку забони фасеҳ баён гардидаанд.

Аксари мақолаҳои маҷмӯа ҷанбаи маърифатомӯзӣ доранд. Аз ҷумла дар мақолаи ба хаттотӣ бахшидашуда на танҳо дар бораи осори хаттотони маъруфи тоҷику форс дар Ҳиндустон, балки дар хусуси арзишу нархи нусхаҳо, аҳамияти тарбиявию ахлоқии қитъаҳои хушнависӣ, сабабҳои ба Ҳиндустон бурдани дастнависҳои тоҷикиву форсӣ низ сухан рафтааст.

Дар баъзе мақолаҳо маълумоти осори хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Ҳиндустон, ки барои равшан кардани лаҳзаҳои ҷудогонаи таърихи халқи тоҷик арзиш доранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар чанде аз мақолаҳо бозёфтҳои худро аз нусхаҳои хаттии маҳфуз дар Ҳиндустон ба қалам додааст. Аз ҷумла дар мақолаи «Бо номи устод Рӯдакӣ» дар хусуси дастнависи «Маҷмӯаи ашъори шуарои мутақаддимин» сухан ронда, таъкид мекунад, ки дар он 302 мисраи Рӯдакӣ низ мавҷуд мебошад, ки 38 мисраи он тоза аст. Албатта, мансубияти он абёти тоза ба Рӯдакӣ бояд ҳарҷониба баррасӣ ва таъйин гардад. Вале худи матни ашъори дар он дастнавис ҷой дошта ҳам хеле ҷолиб буда, барои тасҳеҳи осори Рӯдакӣ, ки ҳанӯз муаммоҳои зиёд

---

[1] А.Мухторов. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр (маҷмӯаи мақолаҳо), Душанбе, 2001, саҳ.73.

дорад, судманд аст. Ҳоло мо бо ишора ба як мисол иктифо менамоем, ки то чӣ андоза муҳим будани онро нишон медиҳад. Дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ масъалаи чӣ тавр рехтани дандонҳои шоир мавриди баҳси муҳаққиқон қарор гирифтааст. Масалан, антропологи маъруф М.М.Герасимов аз тасвири шоир натиҷа гирифтааст, ки дандонҳои ӯ якбора рехтаанд. А.Тоҳирҷонов барои рад кардани ин андешаи нодуруст аз забони ҳозираи тоҷикӣ далелҳо оварда буд. Ҳол он ки якбора нарехтани дандонҳояшро худи шоир дар ҳамон қасида таъкид кардааст, ки ин танҳо дар матни пайдокардаи А.Мухторов дар Ҳиндустон мавҷуд аст: «Яке намонд кунун, паи ҳам бисуду бирехт».

Мутаассифона, рӯдакишиносон то имрӯз матни пайдокардаи А.Мухторовро ба таври ҷиддӣ наомӯхта, мавриди истифода қарор нададаанд.

Бозёфти дигари А.Мухторов аз захираҳои дастхатҳои Ҳиндустон «Девони Мавлоно Аҳмади Хуҷандӣ» мебошад, ки дар Музейи миллии Деҳлӣ маҳфуз аст. Бори аввал аҳли илму адаб ва хонандагони тоҷик тавассути мақолаи А.Мухторов бо ин шоир ва намунаи осори ӯ шинос шуданд.

Таваҷҷӯҳи А.Мухторовро дар зимни сафари Ҳиндустон осори занони суханвар низ ҷалб намудааст. Ӯ аз нусхаҳои хаттӣ осори бонувонро ҳам ҷустуҷӯ намуда, шеърҳои тозаи Саида бинти Носир, Дилшодхотун, Меҳрӣ, Ниҳонӣ, Нурҷаҳонбегим, Зебуннисоро пайдо кардааст.

Ба ин тартиб А.Мухторов аз осори даҳҳо шоирони номашҳуре, ки дар китобхонаҳои Ҳиндустон маҳфузанд, намунаҳо овардааст, ки онҳо минбаъд ба муҳаққиқон барои омӯхтани масъалаҳои таърихи адабиёт ва равобити фарҳангии тоҷику ҳинд мадад мерасонанд.

А.Мухторов ба масъалаи робитаҳои фарҳангии тоҷикон ва бародарони ҳамзабону ҳамтабор ва ҳамоини худ эрониҳо низ таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Дар мақолаҳои зиёди ӯ, ки дар маҷаллаву маҷмӯа ва нашриёҳои Эрон ба табъ расидаанд, аз умумияти таърихиву фарҳангии тоҷикону эрониҳо ва саҳми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ сухан рафтааст. Китоби А.Мухторов дар бораи таърихи Балх бо сифати баланд дар Теҳрон чоп шуд ва мавриди пазироии хуб гардид.

А. Мухторов узви Анҷумани устодони забону адаби форсӣ ва эроншиносони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз буда, дар чандин ҳамоишҳои илмии Эрон ширкат ва суханронӣ кардааст. Таҳти роҳнамоии ӯ чандин муҳаққиқони ҷавони эронӣ рисолаҳои докторӣ менависанд.

Бо саъю кӯшиши А.Мухторов дар Эрон китоби маъруфи «Тоҷикон»-и Б.Ғафуровро бо теъдоди зиёд бо ҳуруфи форсӣ ва кириллӣ чоп шуд. Дар бораи ин ҳодисаи муҳимми фарҳангӣ ӯ навиштааст: «Чопи асари Б.Ғафуров дар ин мамлакати ба мо дӯст бори дигар пайванди забон, тамаддун ва таърихи халқи тоҷикро бо мардуми эронзамин исбот мекунад».[1]

[1] А.Мухторов. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр, Душанбе, 2001, саҳ.101.

Ҳамин тавр саҳми академик Аҳрор Мухторов дар таҳқиқу баррасӣ ва равшан намудани масъалаҳои зиёди таърихи адабиёту фарҳанги тоҷик ва равобити адабиву фарҳангии он хеле калон буда, аз чашмандози васеи илмии ин донишманди мумтоз ва аламбардори илми тоҷик гувоҳӣ медиҳад.

## Ховаршиноси мумтоз

Ҳар гоҳ ки сухан аз омӯзиши рӯзгори Фирдавсии бузург ва "Шоҳнома"-и безаволи ӯ ба миён ояд, пеш аз ҳама номи шарқшиноси маъруфи шӯравӣ Муҳаммаднурӣ Усмонов ба хотир мерасад. Зеро ин донишманди пуркору шинохта солҳои зиёди умри пурбаракати худро баҳри тадқиқу баррасии ин шоҳасари адабиёти олам бедареғ сарф намудааст. Солҳои тӯлонист, ки ӯ дар баҳри беканори "Шоҳнома" ғаввосӣ намуда, дурру марворидҳои бешумори онро бо ҳама ҷилову шаҳоматаш ба муштоқони адабиёт намоиш медиҳад.

Ҳамин "Шоҳнома"-и безавол буд, ки ҷавони доғистониро пас аз хатми факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Москва дилбохтаи адабиёти тоҷику форс кард ва водор намуд, ки ӯ ҳастии худро ба ин адабиёт пайваста, аз сарчашмаҳои файзбори он ғизо гирад, аз ҳавои гулистону бӯстони бехазонаш нафас кашад.

Муҳаммаднурии ҷавон ҷустуҷӯйҳои аввалини илмии худро дар рисолаи "Мақоми "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар адабиёти асрҳои IX-X тоҷик" ҷамъбаст намуда, соли 1954 ба муҳокимаи шарқшиносон пешниҳод кард.

Ҳарчанд доир ба "Шоҳнома" то он дам чӣ дар адабиётшиносии Эрон ва чӣ дар ховаршиносии шӯравию хориҷӣ мақолаву рисолаҳои зиёде таълиф шуда буд, вале асари М. Усмонов бо фаро гирифтани далелу санадҳои тоза, андешаву мулоҳизаҳои ҷолиб, таҳлилу муҳокимаҳои амиқ фарқ мекард ва моҳияти "Шоҳнома"-ро ҳамчун бузургтарин достони қаҳрамониву башардӯстона на танҳо дар адабиёти тоҷику форс, балки дар адабиёти ҷаҳон ба субут мерасонд. Ба рисола ҳамчун самараи расидаи яке аз навниҳолони боғи шарқшиносии шӯравӣ баҳои баланд дода шуд ва муаллиф сазовори унвони номзади илми филология гардид.

М. Усмонов бо рӯҳбаландиву шавқи тамом ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни адабиёти тоҷику форс машғул шуд, вале "Шоҳнома" ҳамеша дар мадди назари ӯ буда, тадқиқи онро пайваста идома медод. Мақолаҳои ӯ аз қабили "Асарҳои эпикии қаҳрамонии "Худойнома" ва "Шоҳнома" ҳамчун сарчашмаи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ", "Доир ба баъзе санаҳои роҳи ҳаёти Фирдавсӣ", "Қайдҳои матншиносӣ оид ба "Шоҳнома", ки дар солҳои гуногун навишта шудаанд ва рисолаи "Фирдавсӣ. Ҳаёт ва эҷодиёт", ки соли 1959 дар Москва ба табъ расидааст, гувоҳи он мебошанд.

Дар баробари тадқиқи "Шоҳнома" М. Усмонов ҳамчунин ба таҳияи матни илмиву интиқодӣ ва тарҷумаву нашри он низ диққат медод. Ӯ

матни илмиву интиқодии "Шоҳнома"-ро дар 9 ҷилд бо ҳамкории шарқшиноси номӣ Е.Э. Бертелс ва Р.М. Алиев ва тарҷумаи русии достонро дар ду ҷилд бо тавзеҳоти муфассал ба чоп омода намуд. Зимнан бояд гуфт, ки нашри илмиву интиқодии "Шоҳнома" на танҳо дар шарқшиносии шӯравӣ ҳодисаи муҳиме ба шумор мерафт, балки дар матншиносии олам низ шӯҳрати калон пайдо кард. Беҳуда нест, ки донишмандони эронӣ ҳам дар асоси нашри мазкур бо ҳамкории М. Усмонов ва дигар шарқшиносони шӯравӣ ба нашри илмиву интиқодии достон шурӯъ намуда, чанд ҷилди онро дар Теҳрон ба табъ расониданд.

Таҳияи матни илмиву интиқодии "Шоҳнома", ки қариб ҳазор сол пеш аз ин эҷод шуда, беш аз 60 ҳазор байтро дар бар мегирад ва нусхаҳои бешумори он дар китобхонаҳои олам маҳфуз буда, дорои тафовути зиёд мебошанд, дар ҳақиқат кори басо заҳматовар аст ва аз мураттибон дониши амиқу ҳавсалаи дақиқро дархост менамояд. Ин кор барои М. Усмонов ва ҳамаи матншиносони шӯравӣ як мактаби муҳими эҷодӣ буд. Аз ин ҷост, ки таҷрибаҳои андӯхтаи худ ва ҳамкоронашро дар таҳияи матни илмиву интиқодии достони мазкур М. Усмонов дар мақолаҳояш "Аз таҷрибаи кори матншиносӣ бар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" ва "Матншиносии осори Шарқи Наздик дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва усулҳои асосии он (дар асоси маводҳои матншиносии осори эронӣ)" баён намудааст, ки онҳо барои муайян ва муқаррар кардани усулҳои матншиносии осори шарқӣ аҳамияти калони назариву амалӣ доранд.

Чандин сол аст, ки таҳти сарварии М. Усмонов гурӯҳи калони кормандони илмии Институти шарқшиносии АФ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Тоҷикистон ба тартибу таҳияи "Фарҳанги "Шоҳнома" машғуланд, ки он бешубҳа барои тадқиқи амиқтари ин шоҳасар ва ошкор сохтани шаҳомату ғановати он хеле судманд хоҳад буд.

Чашмандози илмиву эҷодии М. Усмонов хеле васеъ буда, тадқиқи аҳволу осори адибони асрҳои гуногун, масъалаҳои мухталифи таърихи адабиёти тоҷику форс, тарҷумаву таҳрири намунаҳои барҷастаи ин адабиёт ва як қатор масъалаҳои дигари илмиву фарҳангии мардуми Шарқро фаро мегирад.

Рисолаи доктории М. Усмонов "Сабки шеъри тоҷику форс дар асрҳои IX-X", ки соли 1974 дар шакли китоби алоҳида ба табъ расид, аз асарҳои барҷастае дар услубшиносии Шарқ буда, барои тадқиқу таҳлили сабки даврахои гуногуни таърихи адабиёти тоҷику форс ва адабиёти халқҳои дигар чун раҳнамое хидмат мекунад. Чунон ки маълум аст, тадқиқи масъалаҳои назарияи адабиёт, аз ҷумла сабку услуб ва жанру шаклҳои адабӣ дар шарқшиносӣ хеле ба сустӣ сурат мегирифт. М. Усмонов пеш аз он ки масъалаҳои тип, метод ва услуб дар адабиёти асрҳои IX-X тоҷику форсро баррасӣ намояд, аввал худи мафҳумҳои мазкурро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дарвоқеъ дар илми адабиётшиносӣ ҳанӯз таърифи бисёр мафҳуму истилоҳҳо аниқ муайян нашудааст. Аз ин ҷост, ки М. Усмонов барои равшан намудани масъала дар ин хусус баҳс кушода, то ҳадди имкон мафҳумҳои тип, метод,

услубро маънидод мекунад ва таърифу ҳудуди истеъмоли онҳоро муқаррар месозад.

Фазилати дигари рисолаи мазкур ва умуман навиштаҳои М. Усмонов дар навпардозии ӯ ва истифодаи тарзҳои навтарини тадқиқи илмӣ зоҳир мегардад. Дар шарқшиносии шӯравӣ М. Усмонов яке аз аввалин муҳаққиқон аст, ки аз усулҳои навтарини тадқиқи адабиётшиносӣ монанди тадқиқи структураливу статистикӣ бомувафаққият истифода бурдаанд. Зимнан бояд гуфт, ки солҳои 60 дар давраи авҷи усулҳои мазкур баъзе адабиётшиносон ба ифроту тафрит роҳ дода, усулҳои статистикиву структуралиро методҳои асосии тадқиқотӣ меҳисобиданд ва шаклпарастиро, ки солҳои 20 дар адабиётшиносии шӯравӣ ҷой дошт, аз нав ривоҷ доданӣ мешуданд. Қобили қайд аст, ки М. Усмонов ҳадди эътидолро риоя намуда, доира ва ҳудуди истифодаи усулҳои мазкурро ба таври амалӣ нишон дод. Рисолаи М. Усмонов собит намуд, ки усулҳои статистикиву структуралӣ ба ҳеҷ ваҷҳ методи анъанавии таърихиву адабиётшиносиро комилан иваз накарда, балки чун ёвари он дар таҳқиқи амиқтару дақиқтари баъзе паҳлӯҳои эҷоди бадеӣ, амсоли санъатҳои бадеӣ, забон ва дигар ҷиҳатҳои услубиву шаклӣ мадад мерасонад. Асари дигари М. Усмонов"Фарҳанги басомади Унсурӣ", ки нахустин таҷрибаи эҷоди чунин фарҳангҳост, низ бо истифодаи оқилонаи усулҳои навтарини илмӣ тартиб дода шуда, бори дигар аз навпардозии ӯ шаҳодат медиҳад. Ин фарҳанг махсусан барои омӯхтани таърихи забон далели фаровон медиҳад.

Дар навпардозиҳои илмии М. Усмонов баробари дониши амиқу васеъ ҷуръату ҷасорати эҷодии ӯ низ нақши муҳиме дорад. Ҳамин ҷасорати калон аст, ки ӯ солҳои охир чанд кори бузурги дастаҷамъиро ба миён гузошта, ба иҷрои онҳо сарварӣ менамояд. Яке аз ҳамин гуна корҳои муҳим таълифи таърихи бисёрҷилдаи академии адабиёти форсу тоҷик мебошад, ки бо роҳбарии М. Усмонов шурӯъ шудааст. Асари мазкур, ки дар таълифи он шарқшиносони Москва, Ленинград, Тбилиси, Боку, Душанбе, Тошкент ва дигар марказҳои эроншиносӣ иштирок менамоянд, дар асоси дастовардҳои навтарини адабиётшиносии шӯравӣ эҷод гардида, тадқиқоти ҷомеъ ва муфассали ҷараёни адабиёти тоҷику форс аз давраҳои қадим то замони мо хоҳад шуд.

Кори муҳими дигаре, ки бо ташаббус ва роҳбарии М. Усмонов оғоз ёфтааст, эҷоди "Фарҳанги суханварон / Ономастикон/-и адабиёти форсу тоҷик" мебошад. Соли гузашта дар симпозиуми байналхалқие, ки ба ин муносибат барпо шуд, профессор М. Усмонов бо маърӯзаи муфассали илмӣ баромад намуда, зарурату аҳамияти тартиб додани фарҳанги мазкур ва сохту усулҳои тадвини онро баён кард. Ҳоло гурӯҳи калони донишмандон дар марказҳои гуногуни олам ба ин кор машғуланд.

М. Усмонов аз зумраи он донишмандонест, ки ҳамеша навҷӯиро пеша карда, таваҷҷӯҳи худро ба тадққи масъалаҳои мушкил ва камомӯхтаи назария ва таърихи адабиёти тоҷику форс равона менамояд. Мақолаҳои пурарзиши М. Усмонов "Аз таърихи адабиёти халқҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-IX", "Ҳаёти адабии Эрони ғарбӣ дар асри X ва ибтидои асри XI", "Сохти синтаксисии байт /дар

мисоли ғазалиёти Ҳофиз/" ба масъалаҳои умда ва камтадқиқшуда оид буда, бо гузориш ва ҳалли масъала ва таҳлилу санадҳо хеле ҷолибанд.

Саҳми М. Усмонов дар тарғибу ташвиқи адабиёти тоҷику форс низ калон аст. Ӯ махсусан дар тарҷумаи дурдонаҳои насри классикии тоҷику форс корҳои зиёде анҷом додааст. Дар тарҷумаи русии "Синдбоднома"-и Заҳирии Самарқандӣ, "Баҳори дониш"-и Иноятуллоҳи Канбу, "Бахтиёрнома"-и Дақоиқӣ М. Усмонов сайъ намудааст, ки на танҳо мазмуну мундариҷаи асарҳоро пурра баргардонад, балки ба он низ муваффақ шудааст, ки таровату латофати сабки онҳоро низ нигоҳ дорад. Аз ҷумла дар тарҷумаи русии "Бахтиёрнома" дар бисёр мавридҳо ҳатто санъати саҷъ истифода шудааст. М. Усмонов донандаи хуби забон ва адабиёти араб буда, аз ин забон низ як қатор асарҳо ба русӣ гардонидааст. Солҳои охир ӯ дар исломшиносӣ ҳам иқдоми шоиста мегузорад ва тарҷумаи илмии "Қуръон"-ро ба забони русӣ, ки кори ниҳоят душвор аст, ба анҷом мерасонад.

Доманаи фаъолияти илмиву эҷодии профессор М. Усмонов хеле васеъ буда, дар ҳаҷми як мақола аз назар гузаронидани он аз имкон берун аст. Ӯ дар тартиб додани фарҳангҳо аз қабили фарҳанги дуҷилдаи форсӣ ба русӣ, тарҷумаи таҳтуллафзи рубоиёти оламгири Хайём, маснавиҳои ҷудогонаи Низомии Ганҷавӣ ва тарҷумаи русии як қатор асарҳои тадқиқотии донишмандони тоҷик ширкат варзидааст.

М. Усмонов пайваста дар ҷамъомадҳои калони илмии умумииттифоқиву байналхалқӣ иштирок намуда, бо маърӯзаҳои пурбаҳои илмӣ баромад мекунад. Аз ҷумла ӯ дар конгресси 26-и байналхалқии шарқшиносон / Деҳлӣ, соли 1964/, конгресси эроншиносон / Теҳрон, соли 1971/ ва симпозиуму конференсияҳои дигари байналмиллалӣ иштирок намудааст.

Хидмати М. Усмонов дар тарбияву роҳнамоии адабиётшиносони ҷавони тоҷик низ шоистаи таҳсин аст. Бо сарвариву мадади ӯ як гурӯҳ олимони ҷавони тоҷик рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ намуда, дар пешрафти илму маданияти кишварамон ҳисса мегузоранд.

Устод Муҳаммаднурӣ Усмонов Дар авҷи камолоти эҷодӣ буда, бо ҷасорати ғайратмандии беҳамтои ба худ хос дар тадқиқи паҳлӯҳои нав ба нави таърихи адабиёти тоҷику форс пурсамарона меҳнат мекунад ва дар пешрафти шарқшиносии шӯравӣ саҳми босазо мегузорад.

*1984*

## Носирҷон-Маъсумӣ – адабиётшиноси варзида

Устод Носирҷон Маъсумӣ аз зумраи он адибону донишмандони ангуштшумори асри XX аст, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм, адабиёт ва фарҳанги тоҷик саҳми шоиста гузоштанд. Хидмати Н.Маъсумӣ, махсусан, дар рушду такомули адабиётшиносӣ ниҳоят

бузург аст. Чашмандози адабиётшиносии ӯ хеле васеъ буда, давраҳо ва масъалаҳои гуногуни адабиёти классикиву муосири тоҷикро дар бар мегирад.

Адабиёти классикии форсу тоҷик ҳамеша дар мадди назари устод Н.Маъсумӣ будааст. Тавре ки маълум аст, Ҳофизи Шерозӣ аз маъруфтарин шоирони форсизабон аст, ки дар Тоҷикистон низ шӯҳрати зиёд дорад. Ҳарчанд Ҳофиз аз писандидатарин шоирони мардуми тоҷик буда, дар мактабҳо омӯхта мешавад, вале, мутаассифона, то имрӯз дар адабиётшиносии мо хеле кам тадқиқ шудааст. Дар чанд мақолаи донишмандони тоҷик А.Мирзоев, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод, А.Абдуллоев, К.Айнӣ ва дигарон дар бораи ин шоири бузург андешаҳои гуногун баён гардида, бар асари мафкураи ҳукмрон ба осори ӯ баъзан баҳои нодуруст ҳам дода шудааст.

Яке аз донишмандоне, ки дар арзёбии ашъори Ҳофиз ва андешаву ақоиди ӯ ба ифроту тафрит роҳ надода, баҳои воқеӣ додааст, устод Н.Маъсумӣ аст. Ӯ дар мақолаҳои худ «Ғазалсарои номии Шарқ» ва «Ганҷинаи фикру ҳис» аз шӯҳрати ҷаҳонии Ҳофиз ёд карда, сабаби асосии «дар дили халқи тоҷик маъво гирифтани Ҳофизи Шерозиро пеш аз ҳама дар маънию мазмунҳои баланди ҳаётӣ ва фалсафии шеърҳояш» медонад.

Дар таҳлили ашъори шоир Н.Маъсумӣ саъй намудааст, ки муҳимтарин хусусиятҳои осори суханвари бузургро нишон диҳад. Ӯ бар хилофи донишмандоне, ки дар ҳамон солҳо аз Ҳофиз як шоири атеист сохта, андешаҳои ӯро зиддидинӣ тавзеҳ медоданд, бо қатъият таъкид мекунад: «Ҳофиз шахси бедин набуд. Дар ғазалу шеърҳои ӯ ҷо-ҷо ишораҳо ва мазмунҳои динӣ-тасаввуфӣ кам нестанд».

Муаллиф дар мақолаҳо андешаҳои иҷтимоӣ, шикояту эътирозҳои шоирро бо мисолҳо нишон дода, ба арзишҳои баланди башардӯстии онҳо ишора менамояд. Дар охири мақолаи «Ғазалсарои номии Шарқ» Н.Маъсумӣ аз таърихи нашр ва омӯзиши ашъори Ҳофиз ёд намуда, хидмати донишмандони Эронро дар чопу

баррасии девони шоир таъкид месозад ва корҳои дар ин замина анҷомдодаи муҳаққиқони тоҷику русро ҳам ёдовар мешавад. Натиҷаҳои ба даст овардаи Н.Маъсумӣ симои Ҳофизро чун шоири башардӯст дуруст ва воқеӣ пеши назар меорад: «Чунон ки дидем, Ҳофиз ҳамчун устоди назм яке аз бузургтарин ва бонуфузтарин адибони мутафаккири инсонпарвари адабиёти классикии форсу тоҷик мебошад. Баёни он ҳама шӯридахотирӣ ва эътирозҳои иҷтимоӣ, талқини ҳаёту баҳри умри одамӣ ва радди мавҳумотфурӯшии ҷоҳилона, тарғиби дӯстию рафоқат ва тараннуми диловези ишқу зебоӣ, ки дар эҷодиёти ӯ дида мешавад, маҳз зуҳуроти гуманизми ҳаётбахши ӯст».

Адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик ҳарчанд аз давраҳои муҳими таърихи адабиёт аст, вале то солҳои 40 асри XX таваҷҷӯҳи донишмандонро ба худ ҷалб накарда буд ва махсусан дар шарқшиносии Аврупо ин давра комилан нодида гирифта мешуд.

Пас аз кӯшишу талошҳои пайгиронаи академик А.Мирзоев тасаввурот оид ба адабиёти давраи мазкур тадриҷан тағйир ёфт. Махсусан баъди ба нашр расидани монографияи барҷастаи ӯ «Биноӣ» дар соли 1957 таваҷҷӯҳ ба адабиёти ин давра зиёд шуд. Устод Н.Маъсумӣ, ки он солҳо дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе ба тадрис машғул буд, дар таълими адабиёти асрҳои XVII-XIX душвории зиёд эҳсос мекард. Бинобар ин таҳқиқи давраи мазкурро идома дод ва китоби «Адабиёти тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XIX”-ро аввали солҳои 60 ба вуҷуд овард.

Дар ин китоб Н.Маъсумӣ таваҷҷӯҳро ба давраe ҷалб намуд, ки тақрибан омӯхта нашуда буд ва танҳо номи чанд адиби намоён ба аҳли илму адаб маълум буд. Муҳаққиқи ҷӯянда дар асоси маводи сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва ба хусус девону маҷмӯаҳои осори шоирони давр, ки нусхаҳои хаттии онҳо дар китобхонаҳои Петербург, Тошканд, Душанбе маҳфузанд, ҳаёти адабии он давраро ба таҳқиқ гирифта манзараи умумӣ ва хусусиятҳои хоси онро муайян намуд. Муаллифи китоб ба субут расонд, ки дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX адабиёти тоҷик асосан дар Бухоро, Қуқанд ва Хева ҷараён доштааст. Ӯ бо дақиққорӣ хусусиятҳои хоси ҳар яке аз ин доираҳои адабиро нишон дода, намояндагони ҷудогонаи онҳоро муаррифӣ намуд.

Дар асар бори аввал аҳволу осори як зумра адибони ин давра амсоли Ҳозиқ, Ҳусайни Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Гулханӣ, Махмур, Маъдан мавриди баррасии нисбатан муфассал қарор гирифта, ба осори онҳо баҳои воқеӣ дода шуд. Асари мазкур дар таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик як марҳилаи тоза ва иқдоми ҷиддӣ буд. Арзиши ин асар боз дар он аст, ки роҳро барои омӯзиши адабиёти давраи мазкур боз намуда, барои ба вуҷуд омадани асарҳои монографии Р.Ҳодизода, Х.Мирзозода, Т.Неъматзода, У.Каримов, С.Амирқулов дар солҳои 70-80 замима гузошт.

Нақибхон Туғрал аз он шоирони тавоноест, ки сарнавишти талх насибашон гаштааст. Ӯ на танҳо беасос ва ноҷавонмардона ба қатл расид, балки то солҳои 60-асри XX ному осори ӯ низ аз назарҳо дур монда буд. Аввалин донишманде, ки пас аз устод С.Айнӣ ба аҳволу осори Туғрал таваҷҷӯҳ зоҳир намуда пардаи сиёҳи бадномиро аз рӯи ӯ ва осораш бардошт, Н.Маъсумӣ буд. Ӯ барои барқарор намудани ҳақиқати таърих хеле талошу кӯшишҳои зиёд намуда, осори шоирро ба чоп расонд ва хотираҳои ҳамсафону наздикони ӯро ҷамъ оварда, тарҷумаи ҳолашро барқарор кард. Сипас ӯ ба таҳлилу баррасии осори шоир пардохта, мазмуну мундариҷа, сабку услуби онро баррасӣ намуд ва ҳусну қубҳашро нишон дод.

Н.Маъсумӣ пеш аз ҳама ба муҳити адабии Туғрал, ки ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд, назар намуда, ихтилофҳои он замон ва инкишофи равияи бедилиро дар Осиёи Миёна ёдовар мешавад, ки барои дарки осори шоир мадад мерасонанд. Дар мақола мазмуну мундариҷа, образҳои асосӣ, хусусиятҳои услубии осори Туғрал мавриди баҳси муфассал қарор гирифтааст. Махсусан, робитаи адабии Туғрал ва Бедил ҳарҷониба таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар мақолаи мазкур моҳияти эҷодиёти Туғрал ба қавли худи муаллиф «бо ҳамаи зиддияту маҳдудиятҳо ва бо ҳамаи ҳусну қубҳи назми шӯрангези вай» ба қалам дода шудааст. Ин мақола ҳарчанд ба ҳайси сарсухан ба маҷмуаи шеърҳои Туғрал навишта шуда буд, вале ҳам аз лиҳози мазмуну мухтаво, фарогирии маводу таҳлилу баррасӣ ва ҳам ҳаҷм ҳукми як рисоларо дошт ва то имрӯз беҳтарин тадқиқот роҷеъ ба Туғрал мебошад.

Осори Туғрал низ ҳарчанд пас аз он борҳо ба ҳуруфи кириливу форсӣ чоп шуд, вале баррасии матну муқоясаи онҳо нишон медиҳад, ки матни омодакардаи устод Н.Маъсумӣ низ ҳоло беҳтарин ва босифаттарин аст.

Н.Маъсумӣ ба осори устод С.Айнӣ таваҷҷӯҳу дилбастагии зиёд дошт. Махсусан, повести «Марги судхӯр» диққати ӯро бештар

ҷалб мекард. Ӯ қабл аз ҳама арзиши адабии ин асарро таҳқиқ намуда, дар он омезиш ёфтани суннатҳои беҳтарини адабиёти классикии тоҷику русро дар мақолаи пурарзиши «Асари барҷастаи реализми сотсиалистӣ» ба субут мерасонад. Сипас ӯ ба таҳқиқи забону услуби он мепардозад.

Осори Абулқосими Лоҳутӣ ва М.Турсунзода низ ҳамеша диққати Н.Маъсумиро ба худ ҷалб менамуд. Дар мақолаҳои «Устод Лоҳутӣ – сарояндаи ғояҳои инқилобӣ», «Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил» ва «Достони табаддулоти ҳаёт» хидматҳои барҷастаи ин ду адиби барҷастаи асри XX тоҷик нишон дода шудааст.

Мақолаҳои «Муҳаммадҷон Раҳимӣ» ва «Шоири ҷанговар» то имрӯз аз беҳтарин асарҳои таҳқиқотӣ оид ба шоирони соҳибсабки асри XX тоҷик Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ мебошанд.

Н.Маъсумӣ дар тадқиқи адабиёти рус ва ба хонандагони тоҷик ошно намудани намояндагони барҷастаи он М.Ю.Лермонтов, В.Г.Белинский, М.Горкий низ саҳми калон гузоштааст.

Устод Н.Маъсумӣ  на танҳо адабиёти ғании тоҷику русро хеле хуб медонист, балки аз адабиёти муосири форсизабони Эрону Афғонистон ва кишварҳои гуногуни дунё огоҳӣ дошт. Масалан, дар мақолаи «Оинаи дӯстӣ» ӯ зимни таҳлил аз шоирони зиёди Эрону Афғонистон, Амрикову Италия, Шветсияву Англия, Россияву Ҳолланд, Австралияву кишварҳои дигари Шарқу Ғарб ёд мекунад, ки ин аз чашмандози васеи илмиву адабии ӯ шаҳодат медиҳад.

Н.Маъсумӣ аз зумраи он донишмандони ангуштшуморе буд, ки масъалаҳои забон ва адабиётро пайваста таҳқиқ мекард. Албатта, таҳқиқи  амиқи масъалаҳои забон зарур аст, вале робитаи он бо ҷанбаҳои адабии асарҳо набояд аз  назари муҳаққиқ дур монад. Дар ҳамаи асарҳои забоншиносии Н.Маъсумӣ ишорае ба масъалаҳои адабӣ ва дар асарҳои адабиётшиносии ӯ зикри масъалаҳои забон  ба назар мерасад. Масалан, дар зимни баррасии масъалаҳои тараққиёти забони адабии муосири тоҷик сухан ронда, аз таърихи ташаккули он ёд  мекунад ва «асосгузори маъруфи назми классикии тоҷик Рӯдакиро мураббӣ ва сардафтари забони адабии тоҷик» медонад.

Дар аксари мақолаву асарҳои тадқиқотии Н.Маъсумӣ пайвастагии зичи масъалаҳои забон ва адабиётро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар мақолаи «Забон ва маҳорати адабӣ» ин пайвастагӣ хеле барҷаста зоҳир шудааст, зеро муаллиф масъалаи истифодаи сарвати забони адабиро таъкид намуда, норасоиҳои забони  ашъори шоирони ҷавони тоҷикро бо мисолҳои мушаххас

нишон додааст. Ии равиши таҳқиқ бояд барои забоншиносону адабиётшиносони мо, ки, мутаассифона, ба ҷои наздик шудан торафт аз ҳам дур мешаванд, сармашқ гардад.

Дарвоқеъ пайванди равишҳои таҳқиқи адабиётшиносиву забоншиносӣ, баррасии ҷомеи асари бадеӣ ба Н.Маъсумӣ имкон дод, ки бунёди услубшиносии навро дар филологияи тоҷик гузорад.

Сабки нигориши устод Н.Маъсумӣ дар асарҳои илмиаш низ хеле ҷолиб буда, рангину фасеҳ ва муассиранд. Ӯ баъзан дар услуби илмӣ ҳам аз истифодаи ташбеҳу тавсифҳо ва тасвирҳои шоирона худдорӣ намекунад. Масалан, дар яке аз мақолаҳои илмии худ ӯ менависад: «Адабиёт оинаи зиндагист. Шоирони мо бо кӯмаки хонандагони одилу сахтгири худ кӯшиш мекунанд, ки оина ҳамеша мусаффо бошад, ҳаётро, зоҳиру ботини одамро чунон бинамояд, ки ҳаст ва бо ҷилову сайқали хоси худ чунон биёрояд, ки бояд бошад».

Н.Маъсумӣ ҳамчунин дар таълифи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои мактабҳои оливу миёна, барномаҳову дастурҳои методиву таълимӣ ва тарбияи адабиётшиносон саҳми арзанда гузоштааст. Хидматҳои шоистаи устод Н.Маъсумӣ дар таҳқиқу баррасии адабиёти гузаштаву имрӯза номи ӯро дар радифи беҳтарин адабиётшиносони тоҷик дар асри XX мегузоранд.

**Фотеҳи қуллаҳои баланди илм**

Аълохон Афсаҳзод аз зумраи он донишмандонест, ки дар соҳаҳои гуногуни илми адабиётшиносии тоҷик хидмати пурсамар намуда, дар пешрафти адабиёту санъат ва маданияти мо саҳми босазо мегузоранд. Фаъолияти илмии Аълохон Афсаҳзод ҳанӯз дар замони донишҷӯии ӯ шурӯъ шудааст. Ҳангоме ки ӯ дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекард, на танҳо дар маҳфилҳои гуногуни илмӣ бо маърӯзаҳои пурмазмун баромад мекард, балки доир ба масъалаҳои адабиёт, драматургия ва театри тоҷик мақолаву тақризҳо навишта, дар матбуот чоп намуд. Аввалин мақолаву тақризҳои донишҷӯӣ, ки дар рӯзномаҳои "Тоҷикистони советӣ", "Комсомоли Тоҷикистон", "Маориф ва маданият" ба табъ расида буданд, аз истеъдоду қобилият ва қалами буррои ӯ шаҳодат медоданд.

Аз ин ҷост, ки пас аз хатми донишгоҳ Аълохон Афсаҳзодро ба Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии /ҳоло Институти шарқшиносии/ АФ Тоҷикистон ба кор даъват намуданд. Ӯ, ки аз хурдӣ ба адабиёти бою бостонии тоҷику форс, ба ашъори саромадони ин адабиёт дилбастагӣ дошт, бо иштиёқи том ба мутолиаву омӯзиши осори классикони адабиёт пардохт. Ӯ аз як тараф саъй менамуд, ки осори адибони маъруфи гузаштаро, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, амиқтару пурратар

омӯзаду аз асрори маҳорати беназири онҳо огоҳӣ ёбад. Аз тарафи дигар ӯ ҷаҳд мекард, ки мушоҳидаву дарёфтҳои худро пешкаши оммаи васеи хонандагон гардонад, то ки онҳо низ ҳар чи бештар бо осору афкори гузаштагони хирадманди худ ошно гарданд. Мақолаҳои сершумори А. Афсаҳзод дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Хоқонӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Суҳайлӣ, Ҳотифӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мактабии Шерозӣ, Абдибеки Шерозӣ ва амсоли инҳо, ки солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд, натиҷаи ҳамин омӯзишу мутолиоти ӯ буданд. Вале диққати муҳаққиқи ҷавонро беш аз ҳама осори хеле ғаниву рангини шоир ва донишманди номии асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ ба худ ҷалб менамуд. Махсусан, ҷашни 550-солагии ин инсонпарвари бузург, ки соли 1964 дар Душанбе баргузор гардид ва барои арзи садоқату муҳаббат ба суханвари маъруф адибону донишмандони зиёдеро аз кишварҳои гуногуни олам ҷамъ овард, дилбастагии муҳаққиқи ҷавонро ба осори Ҷомӣ боз ҳам бештар кард. Аз ин ҷост, ки ӯ тадқиқи яке аз маснавиҳои шоир "Лайлӣ ва Маҷнун"-ро мавзӯи кори илмӣ қарор дода, соли 1967 дар ин мавзӯъ рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Минбаъд Аълохон Афсаҳзод тадқиқи паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва осори Ҷомиро идома дода, ҳамчун ҷомишиноси маъруф дар мамлакати мо ва берун аз ҳудуди он шинохта шуд. Хидмати ӯ махсусан, дар омӯзиши нусхаҳои хаттии осори Ҷомӣ ва тартибу нашри матни асарҳои шоир хеле калон аст. Агар солҳои аввал ӯ бештар ба таҳияи матни оммавии асарҳои Ҷомӣ машғул шуда, дар нашри матни осори мунтахаби панҷҷилдаи шоир иштирок карда, достонҳои "Лайлӣ ва Маҷнун", "Хираднома Искандарӣ" ва "Ғазалиёт"-ро ба чоп тайёр карда бошад, пас минбаъд ӯ ба омода сохтани матнҳои илмиву интиқодии осори шоир пардохт. Матни илмиву интиқодии "Баҳористон"", ки соли 1972 дар Душанбе ва "Лайлӣ ва Маҷнун", ки соли 1974 дар Москва ба табъ расиданд, қобилияту маҳорати А.Афсаҳзодро чун матншиноси пухтакор намоиш доданд. Ӯ ҷустуҷӯйҳои худро дар ин арса идома дода, акси қадимтарину комилтарини нусхаҳои осори Ҷомиро аз ганҷинаву китобхонаҳои кишварҳои гуногуни олам ҷамъ оварда, мавриди баррасии амиқ қарор дод ва аз байни садҳо нусхаҳои қаламӣ чанд нусхаи аз ҳар ҷиҳат қобили эътимодро интихоб намуда, ба тартиби матни девонҳои ашъори шоир шурӯъ намуд. Натиҷаи ин кори ниҳоят заҳматталаб, ки вусъати донишу назар, меҳнату тоқати зиёдро тақозо мекард, дар шакли се девони калони ашъори шоир дар Москва интишор ёфта, ҳодисаи фараҳбахше дар ҷомишиносии шӯравӣ гардид ва шӯҳрати матншиносии тоҷикро афзун намуд.

Дар баробари таҳияи матни осори Ҷомӣ муҳаққиқ пайваста тадқиқу таҳлили афкору андеша, мундариҷаву мавзӯот, тасвиру образҳои эҷодҳои шоирро идома медод. Китобҳои ӯ "Достони Лайлӣ ва Маҷнун"-и Абдураҳмони Ҷомӣ (Душанбе, 1970), "Абдураҳмони Ҷомӣ" (1978), "Рӯзгор ва осори Ҷомӣ" (1980), "Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ" (1981) ва зиёда аз бист мақолаи вай аз қабили "Ҳофиз ва Ҷомӣ", "Дарёи

нур", "Вазн ва қофияи ғазалҳои Ҷомӣ", "Баҳористон" ва шӯҳрати он" аз ҷумлаи беҳтарин асарҳо доир ба аҳволу осори Ҷомӣ буда, мавриди қабулу писанди ҷомишиносони маъруфи олам қарор гирифтаанд. Дар асарҳои мазкур симои Абдураҳмони Ҷомӣ пеш аз ҳама ҳамчун шоир ва мутафаккири барҷастаи инсондӯст ҷилвагар мешавад.

Дастовардҳои илмии А. Афсаҳзод дар соҳаи ҷомишиносӣ дар рисолаи доктори ӯ, ки дар мавзӯи "Проблемаҳои матн ва поэтикаи лирикаи Абдураҳмони Ҷомӣ" соли 1980 дар Шӯрои илмии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бомуваффақият ҳимоя намуд, ҷамъбаст ёфтаанд. Шарқшиноси маъруфи шӯравӣ ба ин тадқиқоти пурарзиши донишманди тоҷик баҳои баланд дода, онро саҳми бузурге дар ҷомишиносӣ донистанд. Соли 1988 дар Москва монографияи А. Афсаҳзод "Лирикаи Абдураҳмони Ҷомӣ" ба забони русӣ ба табъ расид, ки он на танҳо самараи ҷустуҷӯйҳои тӯлонии илмии муаллиф аст, балки барҳақ ҷамъбасти як давраи калони ҷомишиносӣ ба шумор меравад.

Фаъолияти адабиётшиносии Аълохон Афсаҳзод танҳо бо тадқиқи ҳаёту осори Ҷомӣ маҳдуд намегардад. Ӯ аз ҷумлаи пуркортарин адабиётшиносонест, ки ба таҳқиқи адабиёти классикии тоҷику форс машғуланд. Рисолаҳои ӯ "Ҳофизи Шерозӣ" (1971), "Ҳофизнома" (1971), "Камоли Хуҷандӣ" (1976), мақолаҳои зиёдаш, ки дар маҷмӯаҳои илмӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо нашр шудаанд, ба тадқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт ва шиносонидани хонандагони тоҷик бо суханвари маъруфи гузашта бахшида шудаанд.

Аълохон Афсаҳзод ба ҷараёни инкишофи адабиёти муосир низ пайваста таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар як қатор рисолаву мақолаҳои худ масъалаҳои гуногуни адабиёти шӯравии тоҷикро ба доираи таҳқиқ кашидааст. Дар мақолаву тақризҳои зиёде, ки ба масъалаҳои мазкур бахшида шудаанд, ӯ чун мунаққиди нозукбин баромад мекунад.

Хидмати Аълохон Афсаҳзод дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни адабиёти халқҳои Шарқ, махсусан, мардуми форсизабон ва ба хонандагон пешкаш намудани намунаи осори адибони маъруфи Эрону Афғонистон низ хеле калон аст. Мақолаҳои "Октябр ва адабиёти Шарқ", "Назаре ба шеъри форсизабонон", "Он ҷо, ки Ленинро нашиносанд, куҷост?" ва маҷмӯаи "Амвоҷи Корун" аз ҷумлаи ҳамин қабил корҳои ӯ мебошанд.

Чунон ки маълум аст, аз сабаби кам будани миқдори санъатшиносони касбӣ бисёр мақолаҳои санъати театрӣ (ба истиснои асарҳои Н. Нурҷонов), хаттотӣ, мусиқӣ хеле кам мавриди тадқиқ қарор мегиранд. А. Афсаҳзод бо мақсади мададрасонӣ барои пешрафти театр, драматургия ва санъати мусиқии тоҷик дар ин бобат низ корҳои шоёне анҷом медиҳад. Мақолаҳои "Песаҳои соли 1967", "Мазҳакаи шавқангез", "Дар фироқи муосирон", "Фоҷаҳои хурд", "Достонҳои куҳан", "Театр бояд мувофиқи талаби тамошобинон кор кунад", "Фоҷиаи қаҳрамонӣ" ва як қатор мақолаву тақризҳои дигари ӯ, ки дар маҷмӯаи "Зиндагӣ дар саҳна" (1984) гирд оварда шудаанд, масъалаҳои муҳимми драматургияву театр, таҳлилу танқиди намоишҳои нави театрҳои тоҷик, роҳҳои

пешрафти камолоти санъаткорони моҳир, робитаи театр бо адабиёти бадеӣ ва амсоли инҳоро фаро мегиранд.

Дар тарҷумаи асарҳои драмавӣ низ Аълохон Афсаҳзод хидмати шоистае кардааст. Тарҷумаи асарҳои драматургони маъруф Ж. Руссо "Пигмалино" /Ж.Б. Молер /"Ашрофпараст", /А.Н. Островский /"Ҷои сердаромад", "Гирдоб/, Тавфиқ-ул-ҳаким/ "Султони бадқаҳр"/, Г. Бес/ "Писар бармегардад"/, Сарвар Азимов /"Сароби хунин"/, Т. Эсанова /Арӯси маълумоти олидор"/, ки дар театрҳои ҷумҳурӣ ва телевизиони тоҷик намоиш дода шудаанд, ба қалами ӯ мансубанд.

А. Афсаҳзод дар кори хайри бо мероси пурбаҳои адабии гузаштаи халқи тоҷик шиносондани оммаи васеи хонандагон низ саъю кӯшиши зиёде ба харҷ додааст. Ӯ "Оинаи Искандар" ва "Панду андарзҳо"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, "Ҳафт пайкар" ва "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомӣ, "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Мактабии Шерозӣ ва намунаҳои осори як қатор шоирони маъруфи гузаштаро ба чоп ҳозир кардааст. Бо сарварии ӯ бори аввал бо ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ тазкираи нисбатан мукаммали панҷҷилдаи ""Гулшани адаб" нашр гардид, ки шарҳи ҳоли мухтасар ва намунаи ашъори суханварони маъруфи гузаштаро фаро мегирад.

Дар муҳокимаву таҳрири асарҳои илмии ҳамкорону олимони ҷавонА. Афсаҳзод хеле фаъолона ширкат меварзад. Ӯ мураттиби маҷмӯаҳои илмии "Ҷашнияи Баҳром Сирус", "Ёдбуди устод Рӯдакӣ" ва муҳаррири зиёда аз 25 монографияву маҷмӯаҳои илмиву адабӣ мебошад. Солиёни зиёд аст, ки ӯ мудири шӯъбаи матншиносии Институти шарқшиносии ҷумҳурӣ буда, дар ташкилу пешбурди мактаби матншиносии тоҷик саҳми калон дорад. Саҳми А. Афсаҳзод дар тарбияи шарқшиносони ҷавон ва тайёр намудани мутахассисон низ шоистаи тақдир аст. Шогирдони ӯ Ҷ. Назриев, Ш. Нуриддинов, И. Хоҷиев, М. Қосимов, А. Муҳаммадиев, А. Раҳмонов, З. Зарифов, А. Юлдошев, М. Умаров ва дигарон рисолаи номзадӣ дифоъ намуда ва ё дар арафаи ҳимоя буда, бо сарварии устоди худ корҳои илмиашонро бомуваффақият давом медиҳанд.

А. Афсаҳзод аъзои Иттифоқи журналистони Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷамъияти театрии ҷумҳурӣ ва як қатор шӯроҳои дигари илмиву методӣ буда, дар ҳаёти илмиву мадании ҷумҳурӣ фаъолона иштирок менамояд. Чанде пеш хукумат хидматҳои А. Афсаҳзодро ба назар гирифта, ӯро ба муносибати 50-солагиаш бо Грамотаи Фахрии Президуми Шӯрои Олии Тоҷикистон тақдир намуд. Ӯ ҳоло дар айни камолоти эҷодӣ буда, барои пешрафти илму маданияти тоҷик беш аз пеш бо кӯшишу ғайрати тамом хидмат мекунад. Дар ин роҳ ба ӯ комёбиҳо ва авҷу барори тоза орзумандем.

***1986***

# Рӯдакишиносӣ дар чашмандози илмии Абдулманнони Насриддин

Абдулманнони Насриддин аз зумраи он донишмандони пуркоре буд, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни суханшиносӣ саҳми шоиста гузоштаанд. Чашмандози илмии ӯ васеъ буда,ҷанбаҳои гуногуни улуми адибаро мисли фарҳангшиносӣ, шарҳнигорӣ, матншиносӣ, луғатшиносӣ, нақди тарҷумаву тафсир аз нигоҳи суханшиносӣ ва ҳоказоро фаро мегирад. Хидмати равоншод, ба хусус дар баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти ғаниву бостонии тоҷику форс ва намояндагони барҷастаи он хеле назаррас аст. Аз миёни онҳо беш аз ҳама таваҷҷӯҳи ӯро бунёдгузори адабиёти тоҷику форс, Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷалб намудааст.

Ба замон, рӯзгор ва осори устод Рӯдакӣ Абдулманнони Насриддин дар ҳамаи давраҳои фаъолияти илмии худ таваҷҷӯҳ доштааст. Ҳанӯз дар асарҳои аввалини илмии худ, ки ба масъалаҳои шарҳнависӣ ихтисос доштанд, ӯ дар мавридҳои гуногун ба осори устод Рӯдакӣ ишора намудааст. Масалан, барои ҳалли он нуктаи баҳсангези «маънои «шуд»-ро ифода кардани «буд» дар шеъри қудамо»[1] байти маъруфи Рӯдакиро шоҳид меорад:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,  
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

Тавре ки маълум аст, матншиносӣ аз муҳимтарин соҳаҳои суханшиносӣ ба шумор меравад, зеро ба қавли академик Д.С. Лихачев «таҳқиқи матн пояи фаъолияти олим буда, кулли таҳқиқоти дигар бар мабнии он қарор мегирад»[2]. Аз ин ҷост, ки Абдулманнони Насриддин ба ин бахш таваҷҷӯҳи зиёд пайдо кард ва пас аз талошу пажӯҳишҳои зиёди пурсамар, чунон ки А. Сатторзода дуруст таъкид кардааст, соҳиби мактаби илмӣ дар матншиносии тоҷик гардид[3].

Ба хусус ҷусторҳои ӯ дар матншиносии осори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва муосирони ӯ хеле пурсамар буда, натиҷаи онҳо дар чандин мақола ва китоби пурарзиши «Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда), ки ба муносибати ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён бо ибтикори Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён соли 1999 дар шаҳри Хуҷанд ба табъ расид, таҷассум ёфтаанд.

Пешгуфтори китоб, ки ба қалами худи муаллиф мансуб аст, муфассал буда, шарҳу тавзеҳи чанд масъалаи муҳимми матншиносии тоҷикро фаро мегирад. Муаллиф пеш аз ҳама

аҳамият ва зарурати матншиносиро ҳамчун илм таъкид намуда, аз замонҳои хеле қадим ибтидо гирифтани он ва ҳанӯз дар таҳияи матни Авесто истифода шудани унсурҳои матншиносиро бо далелҳо ба субут расондааст. Дар пешгуфтор ҳамчунин масъалаҳои умдаи матншиносии тоҷик, амсоли нусхашиносӣ, тасҳеҳи матни осори адибон, меъёрҳои шинохти муаллифи ҳақиқии осори илмиву адабӣ(атрибутсия), мансубияти асари адабӣ, омехташавии ашъори шоирони ҳамному ҳамтахаллус, шинохти рӯзгори адибон барои дарёфти асолати матни осори онҳо, омӯзиши таъриху анвоъ ва сабкҳои хат, имло, навъҳои коғаз, саҳҳофӣ, ба эътибор гирифтани котибон ва амсоли инҳо матраҳ шудаанд, ки арзиши баланди маърифативу амалӣ ва роҳнамоӣ доранд. Аз ҷумла ӯ дуруст таъкид мекунад, ки «соҳибони адабиёти оламшумул худ меъёрҳои шинохти асолати матнро низ кайҳо кашф кардаву дар таълифоташон татбиқ намудаанд. Фақат ҷои он мондааст, ки мо он меъёру усулҳои суннатиро омӯхта, санҷида, танзим намуда, бо назардошти усулиёти матншиносии ҷадиди урупоӣ асосҳои назарии матншиносии муосири форсиро фароҳам орем»[4].

Дарвоеъ худи Абдулманнон Насриддин пас аз андӯхтани таҷрибаи ғании шореҳону фарҳангнависони гузашта ва бо истифода аз равишҳои нави матншиносӣ ба таҳқиқи матни осори бозмондаи Рӯдакӣ пардохта, комёбии назаррас ба даст овардааст.

Яке аз вазифаҳои муҳимми рӯдакишиносон бешубҳа гирдоварии осори шоир мебошад. Ҳарчанд беш аз дусад сол аст, ки муҳаққиқон ба ин кор машғуланд ва аз сарчашмаҳои гуногуни адабиву таърихӣ ашъору абёти парешони шоирро зарра-зарра ҷамъ меоваранд, вале ҳанӯз аксари осори шоир ба даст наомадааст. Ҳамчунин он теъдоди каме ҳам, ки аз осори ғании шоир бозмондааст, бо мурури замон дучори таҳрифоту олоиш гардида, ниёз ба тасҳеҳу танқеҳ ва поксозӣ доранд. Дар мақолаи «Нусхашиносӣ ва нашри ашъори Рӯдакӣ» 15 маҷмӯаи осори боқимондаи шоир, ки бо истифода аз манбаъҳои дастраси адабӣ, таърихӣ, илмӣ, ба хусус фарҳангҳо дар Теҳрон, Душанбе, Маскав ва шаҳрҳои дигар ба забони асл чоп шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф баробари нишон додани арзишҳои ҳар нашр ба норасоиву нуқсонҳои онҳо низ ишора менамояд ва барои ислоҳи онҳо пешниҳодҳои судманд ироа мекунад. Аз ҷумла ӯ хидматҳои устод С. Айнӣ ва А. Деҳотиро дар ҷамъовариву таҳияи осори Рӯдакӣ чунин арзёбӣ менамояд: «Хидмати шоистаи тақдири мураттибони ин нусха боз дар он зоҳир гардидааст, ки онҳо аввалин шуда асноди шеърии «Тӯҳфатулаҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳиро, ки аз осори Рӯдакӣ мстифода кардааст, ба нусхаи хеш ҳамроҳ кардаанд. Муаллифи ин фарҳангнома дар 30 маврид аз

ашъори Рӯдакӣ иқтибос кардааст ва мураттибони ин нусха бо истифода аз он бар феҳристи манобеи ашъори Рӯдакӣ ҳамин як фарҳангномаи нодирро илова карданд»5.

Дар мақолаи «Манбаъшиносии осори Рӯдакӣ» таваҷҷӯҳи муаллиф ба он сарчашмаҳое ҷалб шудааст, ки дар онҳо ашъори шоир сабт ёфтаанд ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин маврид низ Абдулманнони Насриддин арзиши ҳар манбаъро нишон дода, ҳамзамон хидмати онҳоеро, ки дар ёфтану ба муомилот ворид кардани он пораҳои тозаи ашъори шоир саҳм гузоштаанд, арзёбӣ намудааст. Масалан, дар бораи яке аз манбаъҳои муҳим ва қадимии ашъори Рӯдакӣ «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ сухан ронда, ӯ ёдовар мешавад, ки бори аввал аз ин луғат С.Нафисӣ абёти шоирро фаро гирифтааст. Баъдтар луғатшинос В. Капранов аз нашри дигари «Луғати фурс»-и Асадии Тӯмӣ 57 байти навро пайдо карда, ба мероси шоир афзудааст. Пас аз он донишманди эронӣ Дабири Сиёқӣ нусхаи дигари луғати мазкурро ба чоп расонда, боз чанд байти тозаро аз осори шоир дарёфт намудааст. Бо зикри ин далел А.Насриддин бо хушбинӣ таъкид менамояд, ки имкони пайдо кардани манбаъҳои нав ва ашъори тозаи Рӯдакӣ мавҷуд аст. Ин андешаи донишманд муҳаққиқон ва ба хусус ҷавононро водор менамояд, ки ҷиддан ба ҷустуҷӯи осори Одамушшуаро машғул шаванд ва дурдонаҳои тозаи осори ӯро пайдо намоянд.

Дар мақола ҳамчунин хидмати муҳаққиқони тоҷик бо сарварии А. Мирзоев, ки аз «Тӯҳфатулаҳбоб»-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, «Донишномаи Қадархон» ва «Фарҳангномаи Вафоӣ», ки мавриди истифодаи С.Нафисӣ қарор нагирифтаанд, абёти тозаро пайдо карда буданд, таъкид мегардад.

Зимнан муаллиф ба мушкилоти истифодаи манбаъҳо низ ишора намудааст. Аз ҷумла дар баъзе сарчашмаҳо амсоли «Луғати фурс», «Сиҳоҳулфурс» илова бар ашъоре, ки мансубияташон ба Рӯдакӣ таъкид шудааст, шеърҳое низ ба назар мерасанд, ки зери унвони «устод гуфт» омадаанд ва муайян кардан душвор аст, ки муаллиф киро дар назар дорад. Шояд дар аксар мавридҳо манзур аз «устод» Рӯдакӣ бошад, вале баъзан Фирдавсӣ ва шоирони дигар низ ба унвони устод ёд шудаанд. Бинобар ин дар чунин мавридҳо муҳаққиқро зарур аст, ки барои равшан кардани масъала аз сарчашмаву воситаҳои дигар истифода намояд.

Ашъори Рӯдакиро илова бар манбаъҳои адабӣ дар сарчашмаҳои дигар низ метавон пайдо кард, ки осори таърихӣ, диниву мазҳабӣ, рисолаҳои илмӣ аз он ҷумлаанд. Масалан, маҳз тавассути «Таърихи Систон» шакли комили қасидаи машҳури

«Модари май» дастрас шуд ва аз осори Рӯдакӣ будани он мусаллам гашт.

Масъалаи дигаре, ки дар мақола матраҳ шудааст, мансубияти шеърҳо ба Рӯдакӣ мебошад. Дар таърихи адабиёт шеърҳое, ки ба чанд шоир нисбат дода мешаванд, зиёданд. Аз ҷумла дар маҷмӯаҳои осори Рӯдакӣ низ чунин шеърҳо ба назар мерасанд, ки чанде аз онҳоро А. Насриддин мавриди баррасӣ қарор додааст. Қабл аз ҳама ӯ он шеърҳоро ба 4 гурӯҳ ҷудо намуда, сипас ҳар яки онҳоро бо зикри далелҳои фаровон тавзеҳ додааст.

Дар мақолаи «Мансубияти асар – атрибутсия» ин масъала боз ҳам амиқтару дақиқтар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла сабаб ва роҳҳои ба Рӯдакӣ нисбат дода шудани шеъри машҳури «Бихандад лола бар саҳро», ки аслан порае аз қасидаи тӯлонии Қатрон аст, ба таври муфассал шарҳ ёфтааст. Ҳамчунин дар осори Саноӣ,Ҷалолиддини Балхӣ бо баъзе тағйироти ҷузъӣ ҷой доштани марсияи «Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд» ва ашъори дигари мансуб ба Рӯдакӣ матраҳ шудааст. Мулоҳизаҳои муаллиф роҷеъ ба маснавии мансуб ба Рӯдакӣ «Даврони офтоб» низ хеле ҷолибанд. Ӯ дар асоси далелҳои зиёд ба субут расондааст, ки Рӯдакӣ чунин достон надошта, ин интисоб аз дуруст дарк накардани тафсири шореҳони луғатҳо сар задаст.

Яке аз мушкилоти матншиносии осори Рӯдакӣ ва адибони дигар тағйиру тасҳиф дар матни офаридаҳои онҳост. Дар мақолаи «Тағйироти матн» А. Насриддин ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода, қабл аз ҳама роҳҳои ба вуҷуд омадани тағйироту дигаргуниҳоро дар матнҳои адабӣ дар мисоли осори Ҳофиз ва Шаҳиди Балхӣ нишон дода, ба ин натиҷа мерасад: «Тағйироте, ки дар матн рух медиҳад, маъмулан се ҳолат дорад:

1.Таҳриру тағйирот аз ҷониби худи муаллифон(дар замони мо ҳамчунин муҳаррирон – А.Н.).

2.Тағйир додани матн аз ҷиҳати надонистани маъно ва ё ба таври худ тавзеҳ додани матлаби адиб.

3.Тағйироти ғаразмандона ва таҳрифгарона ба мутуни адабӣ».[6]

Сипас дар мақола ба таври муфассал дар бораи ин се ҳолат дар матни осори бозмондаи Рӯдакӣ изҳори назар шудааст. Қобили тазаккур аст, ки дар ин маврид низ муаллиф хидмати муҳаққиқонро ёдовар шуда, ба баҳсе, ки перомуни «қатраборон» дар шеъри Рӯдакӣ ва «БӯйиҶӯйи Мӯлиён» дар матбуот густариш ёфта буд, ишора мекунад ва мулоҳизаҳои худро роҷнъ ба онҳо иброз медорад.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои зиёд ӯ 6 манбаи муҳим ва нисбатан муътамаду кӯҳани шеъри мазкурро муайян намуда, сипас 14 манбаи дигарро, ки пас аз асри Х1У ба вуҷуд омадаанд, зикр мекунад. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур ба такрори абёт дар матни осори Рӯдакӣ ишора намуда, ҳатто дар маҷмӯаҳои таҳиякардаи донишмандони маъруф С. Нафисӣ, И.С. Брагинский, Манучеҳри Донишпажӯҳ, Ҷаҳонгири Мансур ҳам роҳ ёфтани ин иштибоҳ бо мисолҳо нишон дода шудааст. Аз ин рӯ муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки барои ба чунин иштибоҳ роҳ надодан бояд «муҳаққиқи матншинос ҷузъиёти дигари мутуни адабӣ ба монанди вазн, ҳуруфи аввали матлаъ ва байтҳои дигар, таносуби мавзӯиву мантиқии каломро ба эътибор бигирад, вагарна ҳатман матни таҳиянамудаи ӯ нуқсу халал пайдо хоҳад кард»[7].

Қобили таваҷҷӯҳ аст, муаллиф пас аз таҳлилу қиёсҳои матншиносӣ сабабҳои рух додани тағйироту иштибоҳотро дар матни ашъори Рӯдакӣ ба қалам додааст.

Ҳарчанд шарҳи махсуси осори Рӯдакӣ дар асрҳои миёна то имрӯз боқӣ намондааст, вале шарҳу тавзеҳи абёти шоирро метавон аз фарҳангу луғатномаҳои гуногун ва шарҳи осори шоирони дигар мушоҳида кард. Дар мақолаи «Шарҳи ашъори устод Рӯдакӣ» Абдулманнони Насриддин ин масъаларо таҳқиқ намуда, мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардааст. Дар мақола ба таври муфассал «Шарҳи девони Хоқонӣ»-и Абдулваҳҳоб ибни Муҳаммад ал-Ҳусайнӣ ал-Ҳасанӣ ал-Маъмурии Ғаноӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, таъкид шудааст, ки дар ин шарҳ баробари ашъори Хоқонӣ муаллиф ба «шарҳи абёти мушкилаи шуарои мутақаддимин» низ пардохтааст. Аз он ҷумла иддае аз абёти Рӯдакӣ дар шарҳи мазкур тавзеҳ ёфтаанд, ки муаллифи мақола ба онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, арзиши илмиву адабии онҳоро ба қалам додааст. Тавзеҳоти мазкур дар баробари дорои аҳамияти маърифатӣ будан арзиши матншиносӣ низ дорад. Масалан, дар мисраи «Ҳам ба сони гард бардорад зи рӯй» вожаи «гард» дар маҷмӯаҳои гуногун дар шакли «курд», «гурд» низ сабт шудааст. Аз шарҳи мазкур саҳеҳ будани шакли навишти гард маълум мегардад. Дар поёни сухан муаллифи мақола пешниҳод менамояд, ки суннатҳои маънигузории шарҳҳои асримиёнагӣ идома дода шавад, зеро «дар ҳамин равиш таҳия кардани шарҳи ашъори Рӯдакӣ арзиши бисёре хоҳад дошт»[8].

Дар воқеъ ин пешниҳод хеле ҷолиб буда, қобили дастгирист.Зеро шарҳу таҳлили мавҷудаи осори адабӣ ба хусус дар китобҳои дарсӣ ислоҳталаб буда, барои дарку шинохти воқеии матн мусоидат намекунад.

Устод Рӯдакӣ баробари шоиру ҳунарманди бузург будан донишманду ҳаким низ ба шумор мерафт. Далели равшани ин истифодаи бамавқеъ ва мантиқии истилоҳоти соҳаи нуҷум метавонад бошад. Мақолаи Абдулманнони Насриддин «Маънигузорӣ дар назми Рӯдакӣ ва муосирони ӯ» ин матлабро ба субут мерасонад. Муаллифи мақола бо далелҳои фаровон аз осори бозмондаи Рӯдакӣ ва муосиронаш, ки ишора ба ситораву сайёра ва ҷирмҳои осмонӣ кардаанд, таъйид менамояд,ки «маънигустарӣ ба тавассути мусталеҳоти нуҷум дар назми Рӯдакӣ ва муосирони ӯ мавқеи хосса пайдо мекунад»[9]. Масалан, танҳо дар қасидаи «Модари май» Рӯдакӣ 14 маротиба ба ҷирмҳову рӯйдодҳои кайҳонӣ ишора карда, бо истифода аз онҳо тасвирҳои ҷолиби бадеӣ офаридааст.Дар мақола ҳамчунин истифодаи моҳиронаи истилоҳоти нуҷумӣ дар осори муосирони Рӯдакӣ, ба ҳусус Фирдавсӣ нишон дода шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар «Шоҳнома» асосан номҳои тоҷикии ситораву сайёраҳо зикр гардидааст. Аз ҷумла «калимаи Хуршед… 536 маротиба, Офтоб 145 маротиба. Хур 36 маротиба, Ҳур 84 маротиба, Меҳр 30 маротиба, Шед 32 маротиба, Гетифурӯз 41 маротиба дар маънигузорӣ корбаст шудаанд, ки ҳамагон дарии тоҷикианд»[10].

Ин ҳама хулосаи дурусти Абдулманнони Насриддинро таъйид менамояд, ки «шеъри тоҷикӣ дар асри Х… дар ҳамбастагӣ бо илмҳои табиӣ тараққӣ мекард»[11].

Тавре ки қаблан зикр шуд, барои муайян кардани усулҳои матншиносӣ ва ҳалли масъалаҳои назариву амалии он шарҳҳои осори адибон, ки дар асрҳои миёна хеле фаровон буданд, мадади зиёд мерасонанд. Дар мақолаи «Асолати сухан ва сиҳҳати матн» Абдулманнони Насриддин ин мавзӯъро мавриди баҳс қарор дода, дар мисоли шарҳҳои «Гулистон»-и Саъдӣ то ҷӣ андоза барои тасҳеҳи матн судманд будани онҳоро нишон додааст. Ӯ дуруст дарёфтааст, ки шореҳон дар интихоби матн пеш аз ҳама ба қадимӣ будани нусха, қазовати мантиқӣ ва дигар ҷанбаҳои матн таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Ҳарчанд мақолаи мазкур ва мақолаҳои «Балхи Бомӣ Ё Балхи Номӣ». «Байти тозаи Фароловӣ» мустақиман ба матни осори Р ӯдакӣ марбут нестанд, вале дар онҳо нуктаҳои муҳиме роҷеъ ба масъалаҳои назариву амалиии матншиносӣ баён шудаанд, ки метавонанд дар ҳалли масъалаҳои матни осори Рӯдакӣ ва муосиронаш мадад расонаанд.

Бахши дуюми китоби «Рӯдакӣ»-и Абдулманнони Насриддин аз «Девони устод Рӯдакӣ» иборат буда, бо тавзеҳоти мухтасар ва феҳристи сарчашмаҳои осори шоир шурӯъ мешавад. Сипас ашъори бозмондаи шоир аз рӯи тартибе, ки дар нашри Маскав бар асоси нусхаи Саид Нафисӣ сурат гирифтааст, ҷой дода

шудаанд. А. Насриддин саъй намудааст, ки матни сара ва нисбатан комили осори боқимондаи Рӯдакиро ба вуҷуд орад. Барои расидан ба ин ҳадаф ӯ аз бозёфтҳои муҳаққиқони кишварҳои гуногун аз қабили Алиашрафи Содиқӣ, А. Мухторов, Л.И. Брагинская ва дигарон истифода кардааст. Ҳамчунин аз мақолаҳои зиёде, ки дар тасҳкеҳи абёти ҷудогонаи Рӯдакӣ навишта шудаанд, истифода намуда, нуқсонҳоеро, ки дар матни маҷмӯаҳои пешин ҷой доштанд, ислоҳ намудааст.

Ҳарчанд матни таҳиякардаи А. Насриддин ба маънии том матни илмиву интиқодӣ нест ва нусхабадалҳо зикр нагардидаанд, вале дар поёни ҳар шеър ё баётпораҳо бо рақамҳо маъхази он шеъро нишон дода шудаанд, ки аз рӯи онҳо хонанда метавонад ба он манбаъҳо муроҷиат карда, матни дилхоҳро интихоб намояд.

Аз ин рӯ метавон таъкид кард, ки асари А.Насриддин «Рӯдакӣ» ва мақолаҳои роҷеъ ба аҳволу осори Одамушшуаро таълиф кардаи ӯ саҳми назаррасе дар рӯдакишиносӣ буда, барои ворид шудани муҳаққиқон ва хонандагон ба олами рангини эҷодии шоир ва дарку шинохти матни саҳеҳу дурусти осори гаронбаҳои ӯ роҳнамои судманд мебошанд.

## Пайнавишт


[1] А. Насриддинов. Нависанда ва шореҳи осори адабӣ, Д., Дониш,1990, саҳ. 119.

[2] Д. С. Лихачев. Текстология, М.-Л., Наука, 1964, с. 26.

[3] А. Сатторзода.Мактабдори матншиносӣ. Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»,
21.11.2013.

[4] Абдулманнони Насриддин. Рӯдакӣ(нусхашиносӣ ва накду баррасии ашъори
бозмонда), Хуҷанд, 1999, саҳ.13.

[5] Ҳамон асар, саҳ. 25.

[6] Ҳамон асар, саҳ. 81.

[7] Ҳамон асар, саҳ. 105.

[8] Ҳамон асар, саҳ. 123.

[9] Ҳамон асар, саҳ. 127.

[10] Ҳамон асар, саҳ. 136.

[11] Ҳамон асар, саҳ. 137.

**Шоҳномашиносӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои он**

«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ дар тӯли ҳазор сол таваҷҷӯҳи хонандагону муҳаққиқони зиёди оламро ҷалб намуда, дар бораи он садҳо ҷилд китоб ба забонҳои гуногун таълиф шудаанд. Вале ҳанӯз моҳияту арзиши ин шоҳасар ҳарҷониба муайян нашудааст ва ба қавли устод Садриддини Айнӣ касе ин асарро мисли худи Фирдавсӣ тавсиф накардааст :

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Ё

Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Ин шоҳасар аз замони таълиф дучори қадрношиносиҳо ҳам шудааст, ки он то имрӯз идома дорад. Аз ин ҷост, ки дар чанде аз сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва осори баъзе мҳаққиқон ба он баҳои сазовор дода нашудааст. Бесабаб нест, ки нашру таҳқиқи илмии асар низ маҳз дар Аврупо дар асри ХУ111 шурӯъ шуда, аз ҷумла донишмандони олмониву фаронсавӣ Мокону Жул Мул, Вуллерсу Рюккерт ва амсоли онҳо солҳои зиёди умри худро ба таҳияи матну тарҷумаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бахшидаанд. Асари Теодор Нёлдеке «Ҳамосаи миллии Эрон» то имрӯз арзиши илмиашро гум накардааст. Таҳқиқи илмии ин шоҳасар дар Эрон аз охири асри Х1Х ва дар Тоҷикистон аз солҳои 30 асри ХХ оғоз ёфтааст.

Қадами аввалро дар ин замина ҳам дар Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ гузоштааст. Соли 1934 ба муносибати 1000 - солагии Фирдавсӣ рисолаи устод Айнӣ «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» ба табъ расид, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгори шоир ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯро мавриди баррасӣ қарор дод. Ин рисола дорои чанд нуктаи муҳим ё кашфи илмӣ мебошад. Аз ҷумла устод Айнӣ бори аввал ба давраи Сомониён мансуб будани Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро таъкид намуд. Зеро то он вақт аз Муҳаммад Авфӣ то Этеву Шиблии Нӯъмонӣ Фирдавсиро шоири аҳди Ғазнавиён мешумориданд. Нуктаи дигар он аст, ки устод Айнӣ бо далелҳои зиёд нишон дод, ки «Забони «Шоҳнома»…на ин ки сар то пои он ба оммаи тоҷикон фаҳмост, балки бештарини онҳо имрӯз дар забони зиндаи мардуми тоҷик кор фармуда мешаванд: ҳатто дар «Шоҳнома» он гуна луғатҳои форсӣ ва бо он гуна талаффуз кор фармуда шудаанд, ки имрӯз дар забони адабии Эрон кор намефармоянд. Аммо Фирдавсӣ кор фармудааст ва тоҷикон ҳам бо вай гап мезананд.»1

Барои мисол калимаҳои зиёде аз қабили набера, ангишт, гурунҷ, яла, гала, мондагӣ, фартут, охур, бодиринг, ҷар, ҷувол, курта, мондан, лунҷ оварда шудаанд.

Худи ҳамон сол мақолаи «Фирдавсӣ»-и Абдурауфи Фитрат низ дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» нашр мешавад, ки дар он ҳарчанд бузургии шоир таъкид гардидааст, вале моҳияти «Шоҳнома» дуруст арзёбӣ нашудааст. Ӯ навиштааст: « Фирдавсӣ ягона шоири форсизабонон аст ва яке аз беҳтарин шоирони дунё аст, лекин фақат дар соҳаи ҷангноманависӣ».2

Дар солҳои баъд дар Тоҷикисмтон роҷеъ ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ асарҳои зиёде ба табъ расиданд, ки баррасии ҳамаи онҳо дар як мақола имконпазир нест. Аз ин рӯ ҳоло танҳо ба муҳимтарин асарҳое, ки ба «Шоҳнома» ихтисос дода шудаанд, ишора хоҳад шуд..

Зимнан бояд тазаккур дод, ки дар матбуоти тоҷик баъзе мақолаҳое низ ба табъ расиданд, ки дар онҳо Фирдавсӣ чун шоири «шовинисти ифротӣ» ва миллатгаро қаламдод шудааст. Муҳимтарин асаре, ки дар солҳои ҳафтодуми қарни XX ба вуҷуд омад, китоби файласуфи маъруфи тоҷик Мӯсо Раҷабов «Фирдавсӣ ва замони муосир» буд ки ба забони русӣ нашр гардид. Дар ин асар андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фалсафиву ахлоқии шоир ба таври воқеӣ баррасӣ шуда, дар замоне ки муҳаққиқони тоҷик аз шоирони классик бештар андешаҳои зиддидиниро меҷустанд, қотеона изҳор карда буд, ки «ҳама гуна кӯшишҳои ба Фирдавсӣ мансуб донистани ғояҳои атеистӣ ва ҳато деистиро бояд беасос ва таҳрифи воқеият донист.»3

Шоҳномашиносӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 90 -–уми асри XX, ба хусус баъди солҳои 1989 -–1994-ро панҷсолаи бузургдошти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эълон кардани созмони илмиву фарҳангии ЮНЕСКО ривоҷу тавсиа пайдо кард. Дар бораи арзишҳои ахлоқиву фарҳангии «Шоҳнома» ва махсусан, забони он асарҳои ҷолиб ба вуҷуд омаданд. Чашмандози Шоҳномашиносони тоҷик васеъ гардида, масъалаҳои гуногунро фаро мегирад. Вале дар ин замина масъалаҳои ҳалталаб хеле зиёданд.

Имрӯз дар замони ҷаҳонишавӣ «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ба ҳазорсолаи дуюм қадам мениҳад ва ниёз ба таҳқиқу тарғиби амиқтару бештар дорад, то ки мақоми ин шоҳасар дар тамаддуни олам ва тарбияи маънавии мардум равшан гардад. Шоҳномашиносии тоҷикро зарур аст, ки ҳамқадами замон бошанд ва ба баррасии масъалаҳои муҳим даст занад.

Қабл аз ҳама бояд зикр кард, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ танҳо шоҳкори адабӣ ва ҳамосаи бузурги миллӣ набуда, онро метавон қомус ё донишномаи фарҳанги Эрони бостон

ба мафҳуми васеъаш донист. Аз ин рӯ таҳқиқи фарҳангшиносии ин шоҳасар аз вазифаҳои муҳими шоҳномашиносони тоҷик аст. Яъне «Шоҳнома» бояд ҳамчун ойинаи таъриху тамаддун, одобу русум, дину оин, урфу одат, пешаву ҳунар, сиёсату давлатдорӣ ва амсоли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирад.

Таҳқиқи муҳит ва масъалаҳои ҷуғрофии «Шоҳнома» низ метавонад гиреҳҳои зиёдеро боз намояд.

Робитаи Фирдавсӣ бо шуубия ва ҷараёнҳои дигари замон ҳанӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун ҳаким маъруф аст ва «Шоҳнома» низ далолат ба он мекунад, ки ӯ аз илмҳои замони худ ба хубӣ баҳравар будааст. Бинобар ин муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла таърихшиносону файласуфон, забоншиносону фарҳангшиносон, равоншиносону ҳунаршиносон, табибону мунаҷҷимон, набототшиносону ҷонваршиносон ва амсоли онҳо бояд ба мутолиаву баррасии ин шоҳасар машғул шаванд. Барои мисол донишманди маъруфи соҳаи тиб профессор Абдурауф Қаҳҳоров дар мақолааш ба субут расондааст, ки Фирдавсӣ ҳатто аз нозукиҳои илми ҷарроҳӣ огоҳ буда, ба тариқи ҷарроҳӣ аз батни модар берун овардани Рустамро ба таври дақиқ тасвир кардааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ зоҳиран чун ҳамосаву ривоят ба назар мерасад, ки дарки он душвор нест. Вале тавре ки худи Фирдавсӣ таъкид кардааст, асари ӯ танҳо аз ривоят иборат набуда, дорои рамзҳои зиёдест, ки дарки онҳо тааммуқи бештар мехоҳад:

Аз ин номвар номаи шаҳриёр
Бимонам ба гетӣ яке ёдгор.
Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксон равишни замона мадон.
Аз ӯ ҳар чи андар хӯрад бо хирад,
Дигар бар раҳи рамз маънӣ барад.

Барои мисол метавон ба рамзҳои Эрону Турон, Рустаму Сӯҳроб, Сиёвушу Судоба ва дигар симоҳои барҷаста, кушта шудани Сӯҳроб бо дасти Рустам ва амсоли инҳо ишора кард, ки ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ дода мешаванд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ганҷинаи пурбаҳои забони форсии дарист. Тавре ки зикр шуд, устод Айнӣ хеле наздик будани забони «Шоҳнома»-ро бо забони мардуми тоҷик таъкид карда буд. Забоншиносони моро зарур аст, ки забони ин шоҳасарро дар робита бо забони адабии тоҷик ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд ва вожаҳои ноберо, ки дар «Шоҳнома» фаровон аст, дарёфт ва пешниҳод намоянд. Ҳамчунин

кори таҳияи фарҳанги муфассали «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки солҳои ҳафтодуми асри XX бо сарварии узви хориҷии Академияи илмҳои Тоҷикистон профессор Муҳаммаднурӣ Усмонов дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ шурӯъ шуда буд, бояд идома дода шавад ва бо истифода аз роёна равишҳои навини фарҳангнигорӣ ба кор гирифта шаванд.

Дар захираи фолклори Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ривояту афсонаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба «Шоҳнома» ва шахсияти Фирдавсӣ марбутанд. Таҳқиқи амиқ ва нашри пурраи онҳо иқдоми муҳиме дар шоҳномашиносӣ хоҳад буд. Зеро тавре ки академик В.В.Бартолд ишора карда буд, ривоёти асотирии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бештар ба муҳити қисмати шарқии Эрон робита дорад.

Шоҳномашиносони тоҷик метавонанд дар баррасии тарҷумаву таҳқиқи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар Россия, кишварҳои Шӯравии собиқ ва Аврупо корҳои зиёду судмандро анҷом диҳанд.

Дар бораи сохтор, мавзӯъҳо ва муҳтавои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асарҳои зиёд таълиф шудаанд. Вале имрӯз барои ҷомеаи мо таҳқиқи амиқ ва тарғиби андешаҳои ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ, ки дар саросари «Шоҳнома» бозтоб ёфтааст, хеле муҳим мебошад.

Барои иҷрои ин корҳо ва ҳамоҳангсозӣ дар ин замина таъсиси як марказ ё бунёди шоҳномашиносӣ дар Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

## Пайнавишт


1 Садриддин Айнӣ. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Куллиёт, ҷилди 11. Китоби якум, Душанбе, 1963, саҳ. 44.

2 Абдурауфи Фитрат. Шӯриши Восеъ. Фирдавсӣ. Душанбе, 1992, саҳ. 55.

3 М. Раҷабов. Фирдавсӣ ва замони муосир, Душанбе, 1976, с. 134. (ба забони русӣ).

# Муҳаққиқи китобдороии Эрон

Сафар Сулаймонӣ аз зумраи донишмандони пуркорест, ки дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои гуногуни фарҳанг тадқиқоти фаровон дорад. Дар чашмандози пурдоманаву васеи илмии ӯ масоили эроншиносӣ ҷойгоҳи хос ва асосӣ дорад.

Фаъолияти илмии худро Сафар Сулаймонӣ бо таҳқиқи масоили китобхонаҳо дар қаламрави Тоҷикистон шурӯъ карда, сипас бо вазъи китобхонаҳои кишвари ҳамҷавору ҳамзабон Афғонистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҳангоми таҳсил дар докторантураи Донишгоҳи фарҳанги Маскав соли 1987 ба ӯ муяссар мегардад, ки ба Афғонистон сафари илмӣ намояд. Дар тӯли ин муддат ӯ дар китобхонаҳои Кобул аз субҳ то шом ба мутолиаву таҳқиқ машғул гардида, на танҳо бо вазъи китобхонаҳои он ҷо ба хубӣ огоҳ мегардад, балки ба фарҳангу таърихи ғаниву бостонии ин кишвар ошноӣ пайдо мекунад. Ширкат дар семинару ҳамоишҳо ва маҳфилҳои илмӣ низ барои шиносоии бештари ӯ бо хусусиятҳои китобхонаҳои ин кишвар  ва усули кори онҳо мадад мерасонад.

Пас аз бозгашт Сафар Сулаймонӣ натиҷаи мушоҳидаву баррасиҳои худро дар рисолаи «Кори китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон» баён намуд. Ин рисолае, ки таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалии китобдориро дар Афғонистон дар бар мегирад, таваҷҷӯҳи донишмандону мутахассисонро ба худ ҷалб намуд. Дар тақризҳои Б. Холов ва А. Ғаффоров, ки дар матбуоти тоҷик ба табъ расиданд, ба рисола баҳои баланд дода шуда, он чун муқаддимае дар омӯзиши фарҳанги китобдории Шарқ муаррифӣ гардид.

Мулоҳизаҳои Сафар Сулаймонӣ роҷеъ ба хусусиятҳои китобхонаҳои Афғонистон дар рисолаи «Китобҳои мубориз» (1998) низ баён шудаанд. Дастури таълимии «Китобдории ҷаҳони саввум» (1989) аввалин асаре буд, ки муҳаққиқонро  ба таври умумӣ ба вазъи китобхонаҳои кишварҳои шарқи хориҷӣ шинос намуд.

Тасаввури хуб аз вазъи кунунӣ ва таърихи китобдории Тоҷикистону Афғонистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба Сафар Сулаймонӣ имкон дод, ки ба таҳқиқи ҷиддии таърихи китобдории Эрон пардозад.

Дар охири солҳои 80 бо нармтар шудани сиёсати дохиливу хориҷии Давлати Шӯравӣ дар равобити фарҳангии Тоҷикистону Эрон шароити мусоиде ба вуҷуд омад. Соли 1989 гурӯҳе аз аҳли фарҳангу ҳунари Эрон таҳти сарварии раиси Китобхонаи миллии Эрон, донишманди варзида ва инсони наҷиб Муҳаммад Раҷабӣ ба Душанбе омад ва дар ҷашну симпозиуми 1400-солагии Борбад ва конфронси байналмилалии «Китоб ва эҳёи тамаддуни Шарқ: дирӯз ва имрӯз» ширкат намуд. Яке аз созмондиҳандагон ва иштирокчиёни фаъоли ин тадбирҳои муҳими илмиву фарҳангӣ, ки барои пешрафти робитаҳои фарҳанги Тоҷикистону Эрон марҳилаи тозае боз намуд, Сафар Сулаймонӣ буд. Маҳз бо талошу кӯшишҳои ӯ ва ҳамсафонаш конфронси мазкур дар сатҳи баланди илмӣ

баргузор гардид ва миёни фарҳангиёни тоҷику эронӣ риштаҳои дӯстӣ баста шуд.

Дар рӯзҳои баргузории конфронси мазкур Муҳаммад Раҷабӣ, ки ӯро метавон яке аз бунёдгузорони равобити фарҳангии Эрону Тоҷикистон донист, аз марказҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон дидан намуда, бо раёсати пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ, Донишкадаи давлатии санъати ба номи Мирзо Турсунзода қарорҳои ҳамкорӣ имзо кард. Дар ҳамин рӯзҳо буд, ки миёни Муҳаммад Раҷабӣ ва Сафар Сулаймонӣ, ки ҳарду ба фарҳангпажӯҳиву кӯшишмандӣ, пуркориву ҷӯяндагӣ бо ҳам қаробат доштанд, дӯстии самимӣ ва ҳамкории илмӣ шурӯъ шуд ва минбаъд рушду тавсиа пайдо кард.

Ниҳоли дӯстие, ки ин ду донишманди фарҳангшинос ва ҳамсафони онҳо дар бӯстони фарҳанги Эронзамин шинонданд, ба дарахти тануманде табдил ёфта, самари зиёде ба бор меорад.

Дере нагузашта Муҳаммад Раҷабӣ ба аҳди худ вафо намуда, як гурӯҳ фарҳангиёну донишмадон ва адибони тоҷикро тибқи қарордоди имзошуда ба Эрон барои боздид аз марказҳои фарҳангии он ҷо даъват намуд. Дар ин гурӯҳ шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералӣ ва Сафар Сулаймонӣ ҳам шомил буданд, ки ҳар ду беш аз ҳама иштиёқи дидори Эронро доштанд.

Дар муддати як моҳ аъзои гурӯҳ бо муассисаҳои зиёди илмиву фарҳангии шаҳрҳои Теҳрон, Қум, Шероз ошно гардида, дар конфронси байналмилалии «Ҳазораи тадвини Шоҳнома ва бузургдошти Фирдавсӣ» низ ширкат намуданд. Ин сафар, ки дар он донишмандону фарҳангиёни тоҷик Муҳиддин Олимпур, Камол Айнӣ, А. Раҳимов, Р. Амиров, Ҷ. Назриев, С. Ғойибназаров, А. Юнусов ва нависандаи ин сатрҳо низ ширкат доштанд, аввалин сафари дастҷамъии аҳли илму фарҳанги тоҷик буд, ки сароғози робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон гардид. Пас аз ин робитаву ҳамкории Китобхонаи миллии Эрон бо марказҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон, ки Муҳаммад Раҷабӣ ва Сафар Сулаймонӣ аз пешоҳангону пайвандгарони ин робитаҳо буданд, идома пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки Муҳаммад Раҷабӣ дӯсти ҳампешаи худ Сафар Сулаймониро ба муддати 6 моҳ барои коромӯзӣ дар Китобхонаи миллӣ даъват намуд.

Шаш моҳи коромӯзӣ барои Сафар Сулаймонӣ ба як донишгоҳ баробар буд, зеро ӯ аз захираҳои ғании китобхонаҳои бузурги Эрон баҳравар гардида, бо донишмандону китобшиносони маъруф мулоқот намуда, аз онҳо сабақ гирифт.

Аз ҳамин давра шурӯъ намуда Сафар Сулаймонӣ ба таҳқиқи амиқу ҳарҷонибаи таърихи китобхонаҳои Эрон ва суннатҳои китобдориву китобшиносии ин кишвари бостонӣ машғул гардид.

Баъди баргаштан аз коромӯзӣ Сафар Сулаймонӣ таассуроти ғаниву рангини худро дар мақолаву сӯҳбатҳои зиёди худ бо эҳсосу ҳаяҷони баланд ироъа намуд. «Дар оғӯши кишвари китобҳо», «Забони форсӣ ва забони илм», «Китоб моро ба ҳам мепайвандад», «Чӣ ганҷҳое нуҳуфтааст», «Эрон фарҳангистонро монад», «Ҳавзаи забони форсиро

ғанӣ кунем», «Ҳама ҷои Эрон сарои ман аст», «Аз Шумо бӯи Бухоро меояд»- мегуфтанд аҳли аҳли фарҳанги Эрон», «Андар таҳқиқи китобхонаҳои Эрони бостон», «Оинаи ибрат», «Ҳадяи осмонӣ», «Ҳар пораи санги Эрон ҷаҳони маънихост» аз зумраи мақолаҳову мусоҳибаҳои ӯст, ки дар онҳо хонанда самимияту садоқат ва ихлосу муҳаббати шахсеро, ки ба Эрон ва мардуму фарҳанги он дилбастагии ҳақиқӣ дорад, эҳсос менамояд. Аз ҷумла дар мусоҳибае, ки бо рӯзноманигори «Ҳақиқати Ӯзбекистон» сурат гирифтааст, Сафар Сулаймонӣ таассуроти хешро чунин ба қалам додааст: «Зеро дидани ҳар санги Эрон орзуяш аст. Лиҳозо ҳар порасанги он таърих дорад, гузашта дорад, мисли китобҳояш зебост ва ҷаҳони маънихост». Ин мусоҳиба, ки воқеаи саршори муҳаббату садоқати як эрондӯсти асил аст, дар Эрон низ интишор ёфта, дар маҷаллаҳои «Адабистон» ва «Раҳоварди Донишгоҳи Исфаҳон» ба табъ расид.

Солҳои 1991-1994 барои аҳли илму фарҳанги тоҷик низ давраи сахту душвор буд. Вале як гурӯҳ донишмадон ба рағми ҳама мушкилот аз таҳқиқи илмӣ дур нашуда, кори худро идома медоданд. Сафар Сулаймонӣ низ даъвати раёсати Донишгоҳи Исфаҳонро пазируфта, барои давраи таҳқиқӣ ба он ҷо сафар намуд. Сарварони гурӯҳи китобдории донишгоҳ аз дониши васеаш аз илми китобхонашиносиву китобдории ҷаҳон огоҳ шуда, ӯро ба тадрис даъват намуданд. Дар муддати чаҳор сол ӯ ба донишҷӯёни Донишгоҳи Исфаҳон аз китобхонашиносиву китобдорӣ дарс гуфт. Азбаски Сафар Сулаймонӣ аз таърихи китобдории Тоҷикистон, Русия, кишварҳои Осиёи Миёна, Афғонистон огоҳии хуб дошт, дарсҳои ӯ барои донишҷӯён хеле шавқовар ва судманд буданд. Ба дарсҳои ӯ на танҳо донишҷӯёни донишкадаҳои дигар, балки омӯзгорон низ ҳозир мешуданд.

Дар тӯли ду моҳе, ки нависандаи ин сатрҳо низ дар донишгоҳи мазкур ба таҳқиқу тадрис машғул буд, робитаи хуби Сафар Сулаймониро бо донишҷӯёну устодони донишгоҳ ва мавриди эҳтироми онҳо қарор гирифтани ӯро мушоҳида намуд.

Сафар Сулаймонӣ вақти зиёди худро дар китобхонаи илмии донишгоҳ гузаронида, ба таҳқиқи таърихи китобдорӣ машғул мешуд. Ӯ ҳатто барои такмилу тавсиаи дониш дар соатҳои фароғат дар дарсҳои устодони донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ низ ширкат меварзид ва бо онҳо робитаи хубу ҳамида дошт.

Маводи фаровонеро, ки Сафар Сулаймонӣ тӯли ин солҳо аз маъхазҳои гуногун гирд оварда буд, ҷамъбандӣ намуда, таҳлилу баррасӣ кард ва таҳти унвони «Китобдорӣ дар Эрон: Дирӯз ва имрӯз» рисолаи муфассали илмиро офарид, ки соли 1994 ба забони русӣ дар Душанбе ба табъ расид. Дар ин рисола таърихи китобдории Эрон аз замони бостон то имрӯз давра ба давра баррасӣ шудааст. Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни китобдориро дар Эрон бори аввал ҳарҷонибаву муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Рисола на танҳо дорои маводи нодиру фаровон буд, балки бо таҳлилу арзёбии амиқ ва баҳсҳои илмӣ низ қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Аз ин ҷост, ки дар асоси ин китоб ӯ дар Шӯрои илмии Академияи давлатии

фарҳанги Санкт-Петербург рисолаи докторӣ дифоъ намуд. Донишмандони маъруфи рус ба арзишҳои баланди назариявию амалии таҳқиқоти олими тоҷик ишора намуда, аҳамияти онро дар китобшиносии Шарқ, бахусус Эрон таъкид карданд.

Дар чашмандози илмии Сафар Сулаймонӣ дар солҳои 90 масъалаи китобдории Эрон ва умуман фарҳанги ин кишвар ҷои асосиро мегирад. Дар як зумра рисолаҳои ҷудогона ва мақолаҳои илмии ӯ, ки дар маҷмӯаҳову маҷаллаҳо ба табъ расиданд, муҳимтарин масъалаҳои таърих ва вазъи кунунии китобдорӣ ва фарҳанги Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин давра Сафар Сулаймонӣ дар ҳаёти илмиву фарҳангии Эрон низ ширкат намуда, дар он ҷо чандин рисолаву мақолаҳоро интишор дод, ки барои таҳқиқи амиқи масоили китобдорӣ ва таҳкими равобити фарҳангии Тоҷикистону Эрон хидмати босазо кардаанд.

Аз ҷумла, дар Донишгоҳи Исфаҳон ҷузваҳои ӯ «Китобхона ва китобдорӣ», «Муқаддимаи китобдорӣ» нашр гардидаанд, ки ба сифати дастури таълимӣ барои донишҷӯён пешиҳод шудаанд. Ҳамчунин мақолаҳои ӯ «Фаъолияти илмӣ ва пажӯҳишҳои китобдорон дар Тоҷикистон», ки дар маҷаллаи «Фаслномаи китоб» ба табъ расидааст, «Китобхона дар низоми сохторгиройӣ», ки дар маҷаллаи «Карона» интишор ёфтааст, хонандагони эрониро бо дастовардҳои китобдорони тоҷик ошно намудаанд.

Аксари суханрониҳои илмие, ки Сафар Сулаймонӣ солҳои охир дар конфронсу ҳамоишҳои илмии байналмилаливу минтақавӣ эрод намудааст, ба масоили гуногуни фарҳанги Эрон бахшида шудаанд. «Мушкилот ва тазодҳо дар китобхонашиносии муосири Эрон», «Китобхона дар рушди фарҳангии мардуми Шарқ», «Нақши китоб дар инкишофи фарҳангии мардуми Шарқ дар асрҳои IV-VI», «Созмондиҳии низоми иттилоърасонии минтақаӣ дар кишварҳои форсизабон», «Эрониёни муҳоҷир дар Осиёи Марказӣ ва нуфузи фарҳанги ошуро дар нимаи қарни нуздаҳум ва авоили асри XX» аз ҷумлаи суханрониҳои илмии ӯ буда, ҳар кадом маводу далели тоза ва андешаву мулоҳизаҳои наверо роҷеъ ба фарҳанги Эрон дарбар мегиранд.

Бо ташаббуси Сафар Сулаймонӣ аввалин маҷаллаи илмиву фарҳангии китобшиносӣ ва нақди китоб дар ҷумҳурӣ бо номи «Анис» таъсис гардид, ки дар мақолаву тақризҳои он низ масъалаҳои эроншиносӣ матраҳ гардида, роҷеъ ба китобҳои чопи Эрон баҳс мешавад. Дар маҷаллаи «Паёмномаи фарҳанг», ки сардабирии онро низ ба ӯҳда дорад, дар хусуси фарҳанги гузаштаву кунунии Эрон мақолаву матлабҳои илмӣ ба табъ мерасанд.

Сафар Сулаймонӣ чун устоди Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва мудири кафедраи китобхонашиносӣ саъй мекунад, ки дар тадрису таълим беҳтарин суннатҳои китобдорӣ ва таҷрибаи устодони эрониро истифода намояд.

Дар Пажӯҳишгоҳи фарҳанг, ки ӯ сарварии онро ба ӯҳда дорад, ҳоло ба масъалаҳои таҳқиқи равобити фарҳангии Тоҷикистону Эрон таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад.

Сафар Сулаймонӣ яке аз бунёдгузорони маркази илмиву фарҳангии ғайридавлатии эронишиносист, ки чанде пеш ба фаъолият шурӯъ намудааст. Аввалин коре, ки ин марказ шурӯъ намуд, чопи китоби муҳаққиқи эронӣ Ҷаводи Ҳиравӣ «Эрон дар замони Сомониён» буд, ки баргардону нашри онро ҳам Сафар Сулаймонӣ ба анҷом расонидааст. Ин китоб тӯҳфаи хубе ба ҷашни 1100-солагии Сомониён буда, мавриди истифодаи донишмандону хонандагони тоҷик қарор гирифт.

Ӯ ҳамчунин дар баргардону интишори асарҳои донишмандони Эрон Аббоси Ҳуррӣ «Оини таҳқиқи илмӣ», Пурии Султонӣ ва Фарвардини Ростин «Истилоҳномаи китобдорӣ», Аминӣ «Интихоби ҳамсар» кӯшиш ба харҷ дода, хонандагони эрониро бо маҷмӯаи ашъори Лоиқ Шералӣ «Дасти дуои модар» ошно намудааст.

Он чи ин ҷо зикр шуд, шаммае аз фаъолияти пурдоманаи профессор Сафар Сулаймонӣ дар ҷодаи эроншиносӣ буда, аз заҳмати фаровону хидмати шоёни ӯ дар ин росто ва муҳаббату дилбастагии зиёдаш ба фарҳангу мардуми ҳамзабону ҳамтабори Эрон гувоҳӣ

## Истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ ва баъзе мушкилоти он

Дар замони пешрафти босуръати илму фановарӣ ва иттилоот истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ аз масъалаҳои хеле муҳим ва мубрами рӯз ба шумор меравад. Зеро интихоби дурусти истилоҳоту вожаҳои хориҷӣ боиси ғановату рангинӣ ва афзудани ҳусни забон гардида, баръакс вуруди бенизоми онҳо мунҷар ба коҳиши ҳусни он хоҳад шуд. Ҳамчунин рушди сареъи ҳамкорӣ ва робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии кишварҳои форсизабон ҳамгунсозии истилоҳотро дар байни ин кишварҳо тақозо менамояд.1 Дар асри XX ба ин масъалаҳои мубрам камтар таваҷҷӯҳ мешуд, ки ин биоси нигаронии донишмандон ҳам гардида буд. Ҳушбахтона, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ дар ин бобат баъзе кӯшишҳои судманд сурат гирифтанд. Аз ҷумла вожаву истилоҳоти зиёде амсоли «ҷумҳурӣ», «ҳизб», «Шӯравӣ», «фурудгоҳ», «ҷаласа», «иҷлосия», ки истифода намешданд, эҳё ва ҷорӣ гардиданд, таваҷҷӯҳ ба имкониятҳо ва захираҳои забони ноби тоҷикӣ бештар шуд. Самараи он аст, ки адибону донишмандон ба эҷоди вожаву истилоҳоти нав пардохтанд ва мисли «чархбол», «фурӯзонак», «гулбайт» истилоҳоти тоза сохтанд. Вале ин раванд хеле суст ҷараён дорад ва дар ин замина комёбиҳои назаррас мушоҳида намешавад. Ҳанӯз усулҳо ва равишҳои истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ дар забни тоҷикӣ ба таври дақиқ муайян карда нашудаанд. Аз ин ҷост, ки дар интихоб

ва корбкрди истилоҳот нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки инак мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба чанде аз онҳо баён хоҳем кард.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аз сабаби ба масъалаи истилоҳсозӣ камтар таваҷҷӯҳ кардани забоншиносону мутахассисон дар Тоҷикистон ба истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ бештар рузноманигорон машғуланд. Масалан, дар солҳои 80 асри гузашта рӯзноманигороне, ки дар Афғонистон тарҷумонӣ кардаанд, вожаи «аэропорт»-ро ба «майдони ҳавоӣ» иваз намуданд. Вале онҳое, ки дар Эрон кор кардаанд, вожаи «фурудгоҳ»-ро ба ҷои он истифода мекарданд.

Иштибоҳи дигар дар ин маврид шитобкорӣ ва тақлидкорӣ дар интихоби истилоҳот аст. Тавре ки зикр шуд, дар давраи истиқлолият истилоҳоту вожаҳои зиёде ба забони тоҷикӣ ворид шуданд, ки чанде аз онҳо аз забонҳои форсии Эрон ва дарии Афғонистон гузаштаанд. Масалан, истилоҳи «гумрук» аз форсии Эрон гирифта шуд. Дар ҳоле ки дар таърихи забони форсии дарӣ ё тоҷикӣ вожаи «боҷгирӣ» вуҷуд дошт, ки маънии гумрук ва вазифаи онро адо менамуд. Дар марзи Эрону Туркманистон мавзеъе ҳаст, ки Боҷгирон ном дорад ва дар гузашта он маҳалли ситондани боҷ аз мусофирон будааст. Вожаи «боҷ» ё «бож»-ро ба маъниии хироҷу андоз Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» хеле фаровон истифода кардааст. Аз ҷумла ӯ навиштааст:

Ки мо шоҳро чокару бандаем,
Ҳамон божро гардан афкандаем.2

Ҷои дигар Фмрдавсӣ «божгоҳ»-ро ба маънии маҳалли ситондини боҷ ва «божхоҳ»-ро ба маънии ситонандаи боҷ ба кор бурдааст:

Гирифтанд пайкор бо божхоҳ,
Ки киштӣ кадои аст бар божгоҳ ?3

Тавре ки мебинем, хубии ин вожа боз дар он аст, ки аз ин реша чандин вожа ё истилоҳи дигар, амсоли «боҷгир», «боҷгирӣ», «боҷгирхона», «боҷситон», «боҷдеҳ», боҷхоҳ… сохтан мумкин аст. Тааҷҷубовар аст, ки мутахассисони ӯзбек аз ин вожаи зебои тоҷикӣ истифода карда, ба ҷои «гумрук» «боҷгирхона»-ро қабул намуданд, вале мо онро нодида гирифтем.

Вожаи дигаре, ки онро ҳам бошитоб аз форсии Эрон қабул намудем, «артиш» ба ҷои «армия» аст. Дар таърихи забон, ба хусус, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин маънии калимаи мазкурро

вожаҳои «сипоҳ», «лашкар» ифода менамуданд. Дар «Шоҳнома» омадааст:

Бирафту бад-ӯ дод тахту кулоҳ,
Бузургиву дайҳиму ганҷу сипоҳ.4
***
Хурӯше баромад з лашкар ба зор,
Кашиданд саф бар дари шаҳриёр.5

Интихоби яке аз онҳо ба сифати истилоҳ хеле муносиб аст. Зеро бар хилофи «артиш, ки имконияти сохтани истилоҳоти дигарро надорад, бо вожаҳои мазкур метавон чандин истилоҳи дигарро мисли «сипоҳӣ», «сипаҳсолор», «сипаҳбуд», «лашкарӣ», «лашкаркаш», «сарлашкар», лашкарситон, лашкаргоҳ … сохт.Масалан Фирдавсӣ «лашкарӣ»-ро ба маънии сарбоз истифода бурдааст:

Ҳамон беҳ, ки ёбад дили лашкарӣ,
Ҳаме дар накӯҳиш кунад кеҳтарӣ.6

Дар забони тоҷикӣ калимаи хеле зебо ва хушоҳанги бофандагӣ вуҷуд дорад. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки вақтҳои охир онро бо вожаи «нассоҷӣ» иваз кардаанд, ки он ҳам тақлид ба бародарони эронӣ аст. Аз ин вожа ҳам бар хилофи «нассоҷӣ» метавон вожаҳои дигар сохт: бофанда, бофандагон, бофандавор…

Тавре ки маълум аст, дар гӯиши форсии Эрон важаву таъбирҳои арабӣ хеле зиёд истифода мешавад ва ин раванд дар солҳои охир афзоиш меёбад. Баъзе қаламбадастони мо низ бо таъсири ин падидаи номатлуб вожаҳои ноби тоҷикиро ба вожасхои арабӣ иваз менамоянд. Аз ҷумла вақтҳои охир вожаи арабии «тахфиф», ки талаффузаш низ дурушт аст, ҷои калимаи зебову хушоҳанги «арзон»-ро мегирад. Ё худ вожаи арабии «мариз» ҷои калимаи «беморро, ки ба забони арабӣ ҳам ворид шудааст, танг кардааст. Ибораи «маводи нашъаовар» ҷои худро ба «маводи мухаддар», ки мисли мусаммояш нохушоянд аст, додааст.

Албатта, мо мухолифи ҳамгунсозии истилохоти забонҳои эронӣ нестем. Баръакс мо ҷонибдори онем, ки ин се шохаи як забон дар истифодаи истилоҳот ба ҳам наздик шаванд.Вале дар ин маврид меъёр бояд муайян бошад ва танҳо истилоҳте пазируфта шаванд, ки комилан ҷавобгӯи талаботи истилоҳот ва хушоҳангу зебо бошанд. Вақтҳои охир чанд истилоҳи тозае сохта шуданд, ки ба ин талабот ҷавобгӯянд. Масалан, ахиран дар Эрон истилоҳи «компютер»-ро ба «роёна» ва «СММ»-ро ба «паёмак» иваз

намуданд, ки бачо ва зебоянд. Дар забони тоҷикӣ истилоҳи «лампа»-ро ба «фурӯзонак» иваз намуданд, ки ин ҳам хеле зебост ва бояд дар Эрону Афғонистон ҳам пазируфта шавад,

Вақтҳои охир лар масъалаи истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ Фарҳангистни забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон хеле фаъол буда, корҳои шоиста анҷом медиҳад. Гурӯҳи истилоҳсозии Фарҳангистон, ки ба он забоншиноси маъруф Алӣ Ашрафи  Содиқӣ сарварӣ мекунад, ҳар замон истилоҳоти навини сохтаи гурӯҳро ба баррасии мутахассисон пешниҳод менамояд, ки пас аз баррасии васеъ ба тасвиб мерасад ва манзури ҳамагон карда мешавад. Дӯстони эронӣ дар мавриди интихоби истилоҳ низ ба шитобкорӣ роҳ намедиҳанд. Масалан, вақте ки дар Тоҷикистон «вертолет»-ро ба «чархбол» иваз намуданд, забоншиносони эронӣ онро ба «болгард» табдил доданд, то ки хушоҳангтар ва дар талаффуз муносиб бошад. Ин тарзи муносибат ба истилоҳгузинӣ воқеан шоистаи ибрат аст.

Пешниҳод мешавад, ки барои созмон бахшидан ба истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ як гурӯҳи муштарак аз забондонону забоншиносони се кишвари форсизабон ташкил гардад, ки ба таври ҷиддӣ бо барномаи муйян амал намояд. Ин на танҳо ба ҳамгунсозии истилоҳот мусоидат мекунад, балки боиси покизагии забонҳо ва рушди онҳо хоҳад шуд.

**Пайнавиштҳо**

1 Дар бораи зарурати ҳамгунсозии истилоҳот руҷуъ шавад:

Абдунабӣ Сатторзода. Лузуми ҳамгун сохтани истилоҳот дар забони форсӣ(дарӣ ва тоҷикӣ).Маҷмӯаи мақолоти  семинарии «Забони форсӣ ва забони илм», Теҳрон,1372; Мирзо Муллоаҳмад. Ҳамгунсозии мстидоҳоти адабиётшиносӣ. Дар олами эроншиносӣ, Душанбе, 1905.

2 Фарҳанги мухтасари  «Шоҳнома», тартибдиҳанда Иброҳим Ализода, Душанбе, «Адиб», 1992, с. 67.

3 Ҳамон ҷо, с.68.

4 Ҳамон ҷо, с.335.

5 Ҳамон ҷо, с.189.

6 Ҳамон ҷо, с.189.

## БАЁНГАРИ ДАРДИ ЗАМОН

Асари асили ҳар офаридгор хоҳ шеъру достон, қиссаву роман, суруду тарона ва ё офаридаи дигари ҳунариву фарҳангӣ метавонад бозгӯйи ҷаҳони ботинӣ, афкору омол, сабку салиқа ва ҳатто хислатҳои фардиву шахсияти офаридгори он бошад. Ба иборати дигар асари зубдаи ҳар офаридгор ба мисли ойинаест, ки ҳастии ботинии соҳибашро бозтоб менамояд. Дар ҳар суруди сарояндаи маъруфу маҳбуби мардум устод Ҷӯрабек Муродов низ метавон шахсияту фардияти ӯро равшан эҳсос кард. Зеро ӯ дар офаридану иҷрои ҳар суруд заҳмати тоқатфарсои эҷодро кашида, матои онро аз тори дил танидаву бо пуди ҷон бофтааст. Мутаассифона, то имрӯз ҳунари волову маҳорати сарояндагии ин ҳунарманди асил ҳанӯз ҳарҷониба таҳқиқ нашудааст. Санъатшиносони моро зарур аст, ки ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд, то ки сабақи эҷодие бошад ба насли имрӯзу ояндаи ҳунарпешагон. Ин ҷо чанд мулоҳизаву бардошт аз суруде аз «Шашмақом», ки онро устод Ҷӯрабек Муродов месарояд, ҳамчун шунавандаву мухлис баён мегардад.

«Шашмақом» дарвоқеъ аз муҳимтарин падидаҳои ҳунари мусиқии мардуми тоҷик аст, ки дорои таъриху суннатҳои хеле қадимӣ буда, аз навоҳои бостонии борбадӣ сарчашма гирифта, ба ҳикмату фарҳанги мардум робитаи қавӣ дорад. Дар он чун дар ойина завқу салиқа, орзуву омол, эҳсоси нозуки зебраписандӣ, ҳувият ва хираду ҳикмати волои мардум басо зебову шево ифода ёфтааст. Аз ин ҷост, ки он шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намуда, бо номҳои гуногун ба фарҳанги мардумони дигари Шарқ роҳ ёфтааст. Дар ҳамаи даврu замон «Шашмақом» санги маҳаке буд, ки сатҳи истеъдод ва маҳорати сарояндаро ба хубӣ муайян мекард. Хушбахтона, имрӯз ҳам «Шашмақом суннатҳои аслии худро нигоҳ дошта, бо дастгирии устод Садриддин Айниву Бобоҷон Ғафуров ва кӯшиши як зумра ҳунармандони маъруфи қарни XX амсоли Содирхон, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Левӣ Бобохонов, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Барно Исҳоқова, Нериё Аминов, Боймуҳаммад Ниёзов густариши тоза пайдо намуд. Дар рушду густариши ин падидаи беназири мусиқӣ имрӯз устод Ҷӯрабек Муродов саҳми шоиста мегузорад. Ӯ на танҳо чандин таронаи ин шоҳасари мусиқиро бо маҳорати баланд месарояд, балки дар такмилу эҳёи матни сурудҳои он низ хидмати арзанда мекунад.Бо саъю талошҳои зиёди ӯ матни чандин суруди «Шашамақом» эҳё ва барқарор гардид. Яке аз онҳо суруди

«Муноҷот» аст, ки аз силсилаи таронаҳои пардаи Дугоҳ буда, замони офаридани оҳанги он маълум нест ва бешак таърихи хеле қадимӣ дорад. Аввалин матне, ки дар асоси он суруди мазкур офарида шудааст, низ маълум нест. Ҳамчунин маълум нест, кӣ онро офаридааст ва кӣ бори аввал сурудааст. Вале мусаллам аст, ки ин сурудро касоне офаридаанд, ки дар баробари шоиру ромишгари бузург будан шахсияти барҷастаи замон буда, дарди замону инсони даврони худро дар дил доштаанд. Аз ин ҷост, ки ин суруд низ мисли девони Рӯдакӣ мавриди тахриби аҷнабиён қарор гирифта, вале аз байн нарафтааст ва дар дилҳо маскан ёфта, аз насл ба насл то имрӯз расидааст.

Дар ибтидои асри XX бо рушди пантуркизм раванди туркӣ кардани матни сурудҳои «Шашмақом» низ аз нав ривоҷ пайдо кард. Тавре ки шашмақомшиноси варзида Наим Ҳакимов бо далелҳои муътамад ба субут расондааст, туркгароён бо пуштибонии Файзулло Хоҷаев ва сарвариву назорати Абдурауф Фитрат бо истифода аз мусиқишиносони маъруфи рус В.А.Беляев, В.А. Успенский ва Н. Миронов ҳангоми бори аввал ба нут даровардани «Шашмақом» матни шеърҳои аксари мақомҳоро сабт намекунанд ва ё ба ашъори туркӣ иваз менамоянд. Онҳо ба ҳар васила саъй менамуданд, ки «Шашмақом»-ро ҳамчун осори мусиқии мардуми ӯзбек ба қалам диҳанд. Дар ин роҳ ба хусус Файзулло Хоҷаев ва Фитрат хеле саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд, Бо хиёнати ба қавли академик Муҳаммадҷон Шакурӣ «ин фарзандони нохалафи миллати тоҷик» аксари сурудҳои тоҷикии «Шашмақом» аз байн рафтанд ва ҷои онҳоро ашъори туркӣ гирифт. Яке аз ҳамин сурудҳо «Муноҷот» буд, ки мутаассифона, матни нахустину аслии он боқӣ намондааст. Ин сурудро ҳофизони маъруф Содирхон, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Барно Исҳоқова ва дигарон бо маҳорати баланди сарояндагӣ ба забони узбекӣ иҷро кардаанд. Оҳанги ғамангези ин суруд ба Ҷӯрабек Муродов хеле писанд буд, Ба хусус дар лаҳзаҳои ранҷурӣ аз каҷдору марезҳои замон, аз таҳқиру беэҳтиромиҳо нисбат ба ҳунари асил, аз бефарҳангии зимомдорони фарҳанг, аз бухлу ҳасади тоифаи нотавонбин ва нохушиҳои дигари рӯзгор ба ин суруд рӯй меовард ва аз оҳанги он тасаллӣ меёфт. Вале матни он ӯро наметавонист пурра қонеъ намояд, зеро дар шеър шиква аз ҷудоии маъшуқ мерафт, оҳанг бошад дорои авҷи баланди фалакӣ буда, тақозои эҳсосоти густурдатару васеътар мекард. Аз ин рӯ ӯ дар ҷустуҷӯи шеъре шуд, ки ба ин оҳанг созгор бошад. Ниҳоят пас аз ҷустуҷӯйҳои зиёду мутолиаи чандин девону маҷмӯҳои ашъори шоирон як ғазали Нақибхон Туғрал таваҷҷӯҳи ӯро ҷалб намуд. Дар он ғазал шоир аз ҷавру бедоди замон шикоят мекунад. Дар ин

ғазал садои дили ранҷури шахси эҷодкор эҳсос мешуд, ки ба рӯҳияи ӯ дар он лаҳзаҳо мувофиқ буд. Дарвоқеъ ин ғазал муноҷоти шоир ба фалаки каҷрафтор буд, ки аз ҳоли ногувору беэътибориаш ҳикоят мекард. Носипосиву қадрношиносии аҳли ҳунар боиси маҳзуниву ғами бекарони шоири назарбаланд гаштааст. Дар ин ғазал на танҳо ғаму ғуссаи ҳунарманди эҷодкор, балки эътироози ӯ низ таҷассум ёфтааст. Дар ҳамаи давру замонҳо рӯзгори аҳли илму адаб ва ҳунару фарҳанг ҳамвор набуда, онҳо сахтиву ранҷҳои зиёд дидаанд. Ба аҳли эҷод гоҳ шодиву хуррамӣ, гоҳ хориву зорӣ, гоҳ роҳату фароғат ва гоҳ азобу машаққат насиб мешуд, вале онҳо дар ҳама ҳолат рисолати аслии худро, ки хидмат ба мардум ва ҳунар аст, адо намудаанд. Туғрал дар ин ғазал дарди дили онҳоро ба қалам додааст.

Дар суруди «Муноҷот» пайванди мазмуну оҳанг ва шеваи иҷро боиси муассир гаштани он шудааст. Мувофиқату таносуби оҳангу мазмун ба ҳамаи сурудҳои Ҷӯрабек Муродов хос буда, ҳусну фазилати онҳост. Вале дар суруди «Муноҷот» ин пайванд ба таври хеле барҷаста зуҳур мекунад. Суруд бо изҳори дарди ботинӣ тавассути муроҷиат ба фалак оғоз меёбад:

Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ ?!
Рост будам чун алиф, монанди долам кардаӣ !

Хитоби ҷонгудози «Эй фалак» ва кашиши овози **о** дар калимаҳои **дод**, **ҷафоят**, **ҳолам**, **рост**, **монанд**, **долам** эҳсоси ғамангезу дардолудро барҷаста ифода мекунанд. Дар байти мазкур вожаҳои **фалак**, **дод**(ба маънии фарёд), **ҷафо** бори асосии маъноро мекашанд, аз ин рӯ сароянда онҳоро мавриди таъкид қарор медиҳад. Барои ифодаи дарду алам дар саросари суруд овози **о** нақши калон бозидааст, ки бесабаб нест. Инсон дар ҳолатҳои ногувору пайдоиши дард беихтиёр ин овозро ба забон меорад ё суханонеро мегӯяд, ки ин овозро доранд, монанди **оҳ**, **воҳ**, **вой**. Аз ин ҷост, ки дар суруди мазкур аз ҳама бештар овози **о** ва муродифи кутоҳаш **а** ба назар мерасад. Дар ҳар мисраъ ин овоз чандин бор такрор шуда, барои баёни ғаму андӯҳи ботинӣ мусоидат кардааст. Зимнан бояд гуфт, ки овози **о** ҳама ҷо бо кашиши яксон талаффуз намешавад. Масалан, дар мисраи дувуми матлаъ, ки тазоди замони пириву ҷавонӣ таъкид мешавад, дар калимаи **рост** кашиши бештар дорад, вале дар вожаи **дол**, ки ишора ба қомати хамида аст, овози **о** кӯтоҳтару пасттар садо медиҳад. Яъне овози мазкур барои таҷассуми ду давраи зиндагии инсон, ки дар ҷавонӣ қомати чун алиф росту дар пирӣ қомати чун ҳарфи **дол** хамида дорад, мадад расондааст. Корбурди калимаи **кардаӣ** низ, ки чун радиф дар ҳар байт такрор мешавад, вазъи ногувори гӯяндаро дар пириву барҷомондагӣ ироа менамояд. Ба ин минвол метавон

ҳар мисраъу байт ва ҳар ибораву таркиб ва вожаву овозро баррасӣ кард ва ошкор кард, ки онҳо барои ифодаи мазмуни аслии суруд, ки ибрози дарду эътироз аст, мусоидат намудаанд…

Табибони бузурги гузашта мисли Абӯалӣ ибни Сино ва тибби муосир арзиши табобатии мусиқиро таъкид кардаанд, Ҳатто имрӯз бахши мусиқишифоӣ(мусиқитерапия) ба вуҷуд омадааст ва тавассути оҳангу сурудҳо ба дардҳои гуногун шифо мебахшанд. Суруди «Муноҷот»-ро табибон метавонанд барои муолиҷаи бемориҳое, ки дар заминаи ноумедиву ошуфтагӣ сар задаанд, истифода баранд.

Суруди «Муноҷот» воқеан аз беҳтарин сурудҳои бозгӯйкунандаи дарди дили ҳунарманди асили эҷодкор аст. Суруд на танҳо рӯҳи шунавандаро ба навозиш меорад, балки ба андешаву хираду ӯ низ асар мегузорад. Он моҳияти фалсафӣ дошта, касро ба андеша водор месозад. Суруд моломоли дард аст, вале он шунавандаро ба яъсу ноумедӣ намебарад, балки чун эътироз садо дода, дар поён тобиши ғурури виқорро ифода менамояд ва хушбинона садо медиҳад :

Дар ҳавои мӯшикофӣ Туғралам пар мезанад,

То ту,эй гардун, маро дур аз висолам кардаӣ!

Оре, ба рағми ҳама сахтиву душвориҳо ҳунарманди асил мисли уқоб дар ҳавои зиндагӣ баландпарвозӣ мекунад. Ба устоди беназири ҳунари мусиқии тоҷик Ҷӯрабек Муродов дар фазои мусиқии ҷаҳонӣ парвозҳои баланди эҷодӣ таманно дорем.

## Робитаҳои судманд

Тоҷикону эрониҳо, ки ду шохи боровари дарахти тануманди ориёӣ мебошанд, дар дарозои ҳазорсолаҳо бо самараҳои фаровони худ тамаддуни ҷаҳониро ғанӣ гардондаанд. Яке аз муҳимтарин самараҳои ин ҳамкорӣ китоб аст, ки фарогирандаи донишу хирад, таҷрибаву ҳикмати он мардумон буда, омили мондагории онҳо дар арсаи таърих гаштааст. Аз китоби «Авесто», ки қадимтарин ёдгории фарҳангии башар аст, то пандномаҳои аҳди сосониву «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, Донишномаву Сафарномаҳо, «Гулистон»-у «Бӯстонҳо», «Баҳористону «Парешонҳо» ва садҳо асарҳои манзуму мансур таҷассумгари ҳунару фарҳанги онҳо будааст. Ҳарчанд дар тӯли таърих ин мардумон борҳо дучори харобкориву китобсӯзиҳои аҷнабиёни таҷовузкор шудаанд, бо дасисаи онон миёни онҳо ҷудоиҳо

афтодааст, вале  ин ҳама мушкилот натавонистааст робитаву ҳакориии ононро қатъ намояд.Масалан,  пас аз  талошҳои зоҳиран мазҳабии давлатҳои Сафавиёну Шайбониҳо, ки боиси тақсим шудани  Эронзамини ягона гардид, робитаҳои фарҳангӣ идома пайдо карданд. Адиби тоҷик Малеҳои Самарқандӣ маҳз барои ошноӣ бо ҳаёти адабии ҳамзабонон ба Эрон сафар намуд ва дар тӯли се соли сафар  бо даҳҳо шоирону нависандагон мулоқот намуда, осори онҳоро гирд овард ва дар тазкираи беназири худ «Музаккируласҳоб» ҷой дод. Иттилооте, ки ӯ дар бораи 58 адиби эронӣ сабт намудааст,хеле нодир буда, дар ҳеч сарчашмаи дигар ба назар намерасад. Дар ибтидои асри 20  ҳамон амалро Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ анҷом додааст.

Дар қарни 20 ҷудоӣ миёни ин ду мардум бештар гардид, вале робитаи фарҳангӣ ҳамоно идома дошт.Ба хусус дар  Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба адабиёту фарҳанги Эрон хеле зиёд буд. Ҳарчанд онҳо робитаи мустақми надоштанд, вале бо осори Маликушшуаро Баҳору    Эраҷ Мирзо, Парвини Эътисомиву Фурӯғи Фаррухзод, Ҳушанг Ибтиҳоҷи Сояву Нодири Нодирпур, Сиёвуши Касроиву Маҳдии Ахавони Солис, Саид Нафисиву Бузурги Алавӣ, Содиқ ҲидоятуМуҳаммад Алии Ҷамолзода, Содиқи Чубаку  Ҷалол Оли Аҳмад, Симини Беҳбаҳониву Фаридуни  Тункобунӣ, Симини Донишвару Нодири Иброҳимӣ ва дигарон  ошно буданд.Осори аксари онҳо ба шакли катобҳои ҷудогона ё  маҷмуаҳои дастаҷамъӣ амсоли «Пайванд», «Амвоҷи Корун», «Ҳикояҳои нависандагони Эрон»(дар ду ҷилд)    ба табъ рисиданд. Дар Эрон низ осори як зумра адибони тоҷик чун Садриддин Айнӣ, Пайрав  Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Убайд Раҷаб, Мавҷуда Ҳакимова, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ,Гулрухсор, Бозор Собир,Сотим Улуғзода, Муҳаммадзамон Солеҳ ва дигарон

ба табъ расиданд, ки муҳимтарини онҳо «Ёддоштҳо»-и  устод С. Айнӣ буд, ки онро донишманди эронӣ Саиди Сирҷонӣ бо луғату тавзеҳоти муфассал омода ва нашр намуд.

Инқилоби исломии Эрон ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон марҳилаи тозаеро дар робитаҳои адабиву фарҳангии ду халқи ҳамзабон  боз намуд. Таъсиси сафоратхона ва ройзании фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон ва сафоратхонаи Тҷикистон дар Эрон  ба рушду густариши ин равобит мусоидат намуданд. Ба хусус ташкили чопхонаи «Пайванд» ва фурӯшгоҳҳои китоби «Алҳудо»-ву «Сурӯш» дар Душанбе ошноии хонандагони тоҷикро бо адабиёту фарҳанги Эрон бештар намуд. Дар ин давра осори адибони зиёди эронӣ дастраси хонандагони тоҷик гардиданд.Хонандагони тоҷик имкон

пайдо карданд,ки на танҳо бо осори адибони Эрон аз тариқи баргардон ошно шаванд, балки онҳоро дар асл бихонанд.

Сафарҳои зиёди адибону ҳунарпешагон ба кишварҳои ҳамдигар, ташкили ҳамоишу маҳфилҳои муштараки илмиву адабӣ, ширкат дар намоишгоҳҳои байналмилалии китоби Теҳрон ва Душанбе ва дигар ҳамоишу озмунҳо боиси ривоҷи робитаву ҳамкории дутарафа гардиданд.

Бо фарохони муштараки анҷуманҳои дӯстии Эрону Тоҷикистон ва Тоҷикистону Эрон барои Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар Эрон беш аз 20 ҳазор китоб ҷамъ оварӣ шуд, ки қисмате аз онҳо ба наздикӣ ба китобхона супорида шуд. Аксари онҳо китобҳои илмиву бадеӣ буда барои омӯзиши адабиёти Эрон имконияти бештар фароҳам меоранд.

Дар Ҷумҳурии исломии Эрон низ дар ин давра таваҷҷӯҳ ба адабиёти тоҷик хеле афзуд. Нашриётҳои гуногуни давлативу хусусӣ ба нашри осори адибони тоҷик пардохтанд. Дар маҷаллаву рӯзномаҳо осори адибони тоҷик бештар ба табъ мерасанд. Масалан, маҷаллаи бонуфузи Эрон «Бухоро»(сардабираш Алии Деҳбошӣ) дар ҳар шуморааш таҳти унвони «Китобҳо ва нашриёте аз Тоҷикистон» тақризу китобиётро роҷеъ ба китобҳо ва маҷаллаву рӯзномаҳои чопи Тоҷикистон ба табъ мерасонад, ки аксари онҳо ба қалами Масъуди Ирфониён мансуб аст. То ин дам маҷаллаи мазкур беш аз 200 нашрияи Тоҷикистонро ба хонандагони эронӣ муаррифӣ кардааст. Иттифоқи ависандагонро зарур аст, ки нисбат ба маҷаллаи «Бухоро»- ву кормандони он ва Масъуди Ирфониён қадршиносӣ намояд. Зеро воқеан маҷаллаи мазкур алҳол вазифаи ройзании фарҳангии Тоҷикистонро дар Эрон адо менамояд. Ҷои таассуф аст, ки то имрӯз Тоҷикистон дар Эрон ройзании фарҳангӣ надорад ва зарурати таъсиси он кайҳо расида буд.

Ҳоло аз зикри номи адибон ва унвони асарҳои онҳо, ки дар пойтахти ду кишвар чоп шудаанд, худдорӣ намуда, мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба тарзу равиши нашри осор ҷалб намоям.

Аввалан бояд иқроро шуцд, ки ҳарчанд ҳам дар Тоҷикитстон ва ҳам дар Эрон китобҳои адибони эрониву тоҷик зиёд чоп мешаванд, вале мутаассифона, дар ин кор тартибу барномаи мушаххас вуҷуд надорад ва чопи асарҳо ба таври тасодуфиву номуназзам сурат мегирад. Ба назари мо хуб мешуд, ки дар Теҳрон ва Душанбе як комиссия ё шӯрои муштараке ташкил шавад, ки асарҳои беҳтаринро барои баргардон ва нашр интихоб намояд. Баъзан ҳолатҳое рух додааст, ки хандаовар аст. Масалан, дар

Тоҷикистон ҳикояҳои нависандаи маъруфи Эрон Бузурги Алавиро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва чоп карда буданд. Нашриёим «Тӯс»-и Эрон романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромиро аз забони фаронсавӣ ба форсӣ тарҷума ва чоп кдааст.Тарҷумаи фаронсавӣ ҳам на аз забони тоҷикӣ, балки аз забони русӣ сурат гирифтааст.

Масъалаи дигари баҳсангез ин тарзи баргардон аст. Тавре маълум аст, забонҳои муосири тоҷикиву форсӣ ба ҳам хеле наздиканд ва ниёз ба тарҷума надоранд ва осор фақат аз як хат ба хатти дигар баргардон мешаванд. Ин баргардон дар назари аввал кори осон менамояд, вале дар асл хеле дукшвориҳо дорад ва на ҳар кас аз ӯҳдаи он мебарояд. Аз ин ҷост, ки дар баргардони матни аксари асарҳо ғалатҳи фаровон ба назар мерасанд, ки зикри онҳо вақти зиёдро мегирад.

Дар баргардони матни осори адибони эронӣ ба ҳуруфи тоҷикӣ, мутаассифона, низому равиши ягона вуҷуд надорад ва ҳар кас мувофиқи завқу салиқаи худ ин корро анҷом медиҳад. Масалан, баъзеҳо калимаҳои барои тоҷикон номафҳуми форсиро ба муродифи тоҷикиашон иваз менамоянд. Мисол:

Ба назари мо ин равиши дуруст нест, зеро ҳангоми иваз кардани вожаҳо латофату нафосати услуби нависанда осеб мебинад.

Ҳангоми таҳияи ҳикояҳои нависандагони Эрон мо ҳеч калимаро иваз накарда муродифи калимаҳои номафҳумро дар қавсайн зикр намудем. Масалан, «Панҷара»(тиреза)…

Агар ҷумла ва ё ибораи дароз номафҳум бошад, дар он сурат дар поварақӣ ваё «Тавзеҳот» шаорҳ додан беҳтар аст.

Мутаасифона, ин равиши матншиносӣ дар аксари асарҳои баргардоншаванда риоя намешавад.

Барои рушду тавсиаи робитаву ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои форсизабон имкониятҳои зиёде мавҷуданд, ки мо бояд аз онҳо истифода намоем.То ҳол мо як муассисаи муштараки адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ надорем. Мутаассифона, фаъолияти Ройзании фарҳангӣ сол аз сол суст мешавад. Ҳоло ройзанӣ ба нашри маҷаллаи «Рӯдакӣ» ба хатти форсӣ машғул аст, ки он дар Тоҷикистон паҳн мегардад. Ин мантиқӣ нест. Замоне, ки Муҳаммад Алии Ҷаъфарӣ ройзани фарҳангӣ буд, маҷаллае ба ҳуруфи тоҷикӣ чоп мекард, ки беҳтарин мақолаҳои донищмандону адибони Эронро фаро мегирифт. Ин корро ҳоло пажӯҳишгоҳи назди сафорат шуруъ кардааст, ки амри хуб аст. Дар Эрон

ҳамоишҳои зиёди илмӣ, озмунҳои гуногуни адабӣ баргузор мегарданд, ки аксари онҳо байналмилалианд. Вале аз он аксаран мо бехабар мемонем. Барои мисол чанд рӯз пеш дар Теҳрон конференсияи байналмилалии бузургдошти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баргузорор гардид, ки дар он аз Тоҷикистон ягон нафар ширкат накард, зеро касе огоҳ набуд. Солҳои қабл ройзании фарҳангӣ маҷаллаҳои чопи Эронро мегирифт. Холо ягон маҷалла ҳатто маҷаллаи «Бухоро»-ро намегирад.

Дар хулоса бори дигар ин нуктаро таъкид кардани робитаҳо як шӯрои муштараки байналитлалӣ(Тоҷикистон, Эрон,Афғонистон) зарур аст. Он шӯро метавонад масъалаҳои имло, ҳамгунсозии вожаву истилоҳотро низ назорат намояд.

# ПАЙВАНДИ НОГУСАСТАНӢ

Пайванди дӯстӣ ва равобити иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву адабии мардумони тоҷику эронӣ дорои суннатҳои хеле ғаниву қадимӣ буда, решаи он ба сапедадами таърих мерасад. Дар тӯли ҳазорсолаҳо ин мардумони ҳамтабору ҳамзабон бо ҳамдастиву ҳамёрӣ кохи бузурги фарҳангеро бунёд намуданд, ки дар тамаддуни ҷаҳон ҷойгоҳи хос дорад. Онҳо яке аз қадимтарин ва пурбаҳотарин китобҳои ҷаҳон «Авесто»-ро, ки тарғибгари «пиндори нек», «гуфтори нек», «рафтори нек» мебошад, садҳо адибону донишмандон, фозилону ҳунармандони бузургро, ки бо осору кашфиёти худ ба пешрафти илму фарҳанги ҷаҳон мусоидат кардаанд, ҳазорҳо шоҳкорҳои ҳунари меъморӣ, мусиқӣ, тасвирӣ ва амсоли онҳоро ба аҳли башар эҳдо намудаанд. Саҳми онҳо ба хусус дар ташаккулу такомули тамаддуни исломӣ хеле назаррас аст. Онҳо ҳарчанд ҷабри зиёди таърихро дида, борҳо гирифтори истилои аҷнабиён гардидаанд, вале ҳеҷ гоҳ аз офаридани осори ҳунариву фарҳангӣ даст накашидаанд ва ба истилогарон низ маърифат омӯхтаанд.

Мутаассифона, бар асари ҳаводиси сиёсӣ ва ба хусус ихтилофи давлатҳои навтаъсиси Шайбониву Сафавӣ дар қарни 10 ҳиҷрӣ миёни ин ду мардуми ҳамтабор ҷудоӣ ба вуҷуд омад, Ин ҷудоӣ ба хусус дар қуруни ахир бо таъсиси давлати абарқудрати Шӯравӣ бештар гардид. Дар он давра равобити мустақими сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ байни Тоҷикистону Эрон вуҷуд надошт. Вале ин натавонист наххои дӯстиву робитаи фарҳангии онҳоро барканад. Дар қуруни вусто адибону донишмандон ва фарҳехтагони ҳар ду кишвар алорағми сиёсати давлатҳо бо роҳу василаҳои гуногун пайванди дӯстиро ҳифз менамуданд. Аз ҷумла адибони тоҷику эронӣ ба Ҳиндустон рафта, дар он ҷо маркази бузурги адабиву фарҳангиро бунёд намуданд, ки ба унвони адабиёти форсизабони Ҳинд маъруф аст. Адибону донишмандон ба кишварҳои ҳамдигар сафар намуда, робитаҳои гусастаро барқарор мекарданд. Масалан адиби тоҷик Малеҳои Самарқандӣ дар қарни 11 ҳиҷрӣ ба Эрон сафар намуда, дар тӯли се сол аз шаҳрҳои гуногуни он ҷо дидан мекунад, бо садҳо шоирону донишмандон мулоқот менамояд ва иттилооти муфидеро роҷеъ ба онҳо дар тазкираи «Музокируласҳоб» дарҷ менамояд. Тавре ки муҳаққиқон ба субут расондаанд, аксари иттилооти Малеҳо ҳатто нисбат ба маълумоте, ки ҳамзамони эронии ӯ Насрободӣ дар тазкирааш додааст, муфассалтару саҳеҳтар аст.

Дар замони Шӯравӣ ҳам фарҳехтагону фарҳангиёни ҳар ду кишвар саъй менамуданд ки мардумро бо дастовардҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии ҳамзабонони худ ошно намоянд. Вақте ки адибу донишманди маъруфи Эрон Саъид Нафисӣ бори аввал бо «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, ки соли 1926 дар Маскав ба табъ расида буд, шинос мешавад, ба ваҷд омада, дар рӯзномаи «Шафақи сурх» менависад : «Барои ҳар касе, ки дар адаби порсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад ва бар ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди бародарони туркистонии мост, бихонанд». Садриддин Айнӣ ҳам бо мақолоти худ мардуми тоҷикро бо вазъи Эрон дар он даврон ва рӯйдодҳои фарҳангии он пайваста ошно менамуд. Адибону донишмандони тоҷик бо ҳар васила осори адибони эрониро дастрас намуда, ба ҳуруфи сириллик баргардон ва нашр менамуданд. Осори Маликушшуаро Баҳор, Эраҷ Мирзо, Мирзода Ишқӣ, Фаррухии Яздӣ, Муртазо Мушфиқи Козимӣ, Саъид Нафисӣ, Содиқ Ҳидоят, Парвини Эътисомӣ, Сиёвуши Касроӣ, Нодири Нодирпур ва даҳҳо адибони дигар бо теъдоди зиёд мунташир гардиданд. Дар Эрон низ «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва осори зумрае аз адибони тоҷик ба нашр расиданд.

Пирӯзии Инқилоби Исломии Эрон ва истиқлол пайдо кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи наверо дар робитаи фарҳангии ду кишвари ҳамзабон оғоз намуд. Ба хусус пас аз таъсиси Сафортаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ройзании фарҳангии он дар Тоҷикистон робитаҳои фарҳангӣ хеле ривоҷ пайдо кард. Таъсиси китобфурӯшиҳои интишороти «Алҳудо» ва «Сурӯш» дар шаҳри Душанбе, ташкили сафарҳои ҳунарии театрҳои Тоҷикистон ба Эрон ва ширкати онҳо дар ҷашнвораҳои гуногун, сафари гурӯҳҳои мусиқӣ, ҳунарпешагону коргардонҳои синамо ба кишварҳои ҳамдигар, ширкати намояндагони илму адаб дар намоишщгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон ва тадбирҳи зиёди дигари фарҳангӣ, ки ҳар сол баргузор мегарданд, аз рушди бесобиқаи робитаи фарҳангии ду кишвари дӯст шаҳодат медиҳанд.

Ширкати олимони тоҷик дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ, ки дар марказҳои илмиву омӯзишии Эрон баргузор мегарданд ва ширкати олимони эронӣ дар конфаронсу семинарҳои илмие, ки дар Тоҷикистон баргузор мегарданд, хеле вусъат пайдо кардааст. Дар айни замон дар Академияи улуми Тоҷикитон ва донишгоҳҳои гуногуни Тоҷикистон беш аз 1600 нафар донишҷӯёни эронӣ дар мақтаъи докторӣ таҳсил мекунанд, ки ин аз рушди робитаи илмии ду кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Қобили тазаккур аст, ки робитаҳои фарҳангии мардумони мо аз замонҳои қадим то имрӯз қабл аз ҳама бар китоб асос ёфтааст. Аз ин ҷост, ки нашри китоб ва ташкили намоишгоҳҳои китоб дар равобити фарҳангии ду кишвар мақоми асосӣ дорад.

Ҳанӯз соли 1989 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши байналмилалии «Китоб ва мавқеи он…» баргузор гардид, ки дар он як гурӯҳ донишмандони эронӣ бо сарварии раиси Китобхонаи миллии Эрон доктор Муҳаммад Раҷабӣ ширкат варзида, дар радифи олимони тоҷик ва кишварҳои дигар роҷеъ ба масоили мубрами марбут ба китоб ва нақши он дар фарҳанги мардумони форсизабон суханронӣ намуданд. Ҳамоиши мазкур оғози марҳилаи нав дар робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон гардид. Зеро дар ин ҳамоиш масъалаҳои таҳкими равобити фарҳангии ду кишвари ҳамзабон, роҳҳои рушду тавсиаи ҳамкориҳои илмиву ҳунарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ҳошияи ҳамоиши мазкур бай ни муассисаҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон, аз ҷумла Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳи Тоҷикистон,Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон, Институти санъати ба номи Мирзо Турсунзода ва Китобхонаи миллии Эрон қарордоди ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дере нагузашта тибқи он қарордод як гурӯҳ адибону донишмандон ва фарҳангиёни Тоҷикистон, ки дар ҳайати он устод Лоиқ Шералӣ, А. Раҳимов, Ҷ. Назриев, Муҳиддин Олимпур, С. Сулаймонӣ, А.Юнусов ва дигарон буданд, бо даъвати раёсати Китобхонаи миллии Эрон ба он ҷо сафар намуда, бо ёдгориҳои фарҳангӣ ошно шуданд, дар муассисаҳои гуногуни илмиву фарҳангӣ мулоқотҳо оростанд ва барои рушди минбаълаи равобити фарҳангиии ду кишвар замина гузоштанд. Онҳо ҳамчунин дар Кунгураи байналмилалии «Ҳазораи Шоҳномаи Фирдавсӣ ширкат намуданд. Аз ҷумла муаллифи ин сатрҳо дар ин ҳамоиши бузургти илмӣ дар мавзӯи «Некӣ дар Шоҳнома»-и Фирдавсӣ суханронӣ намуд.

Пас аз пирӯзии Инқилоби исломии Эрон ва ба хусус дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон нашри осори адабиву илмии адибону донишмандони тоҷик дар Эрон ва офаридаҳои фарҳехтагони эронӣ дар Тоҷикистон хеле рушд пайдо кард. Бо ибтикору кӯшишҳои Алиасғари Шеърдӯст, Акбари Эронӣ, Меҳроби Акбариён, Мӯҳсини Боқирзода, Қаҳрамони Сулаймонӣ, Сорухонӣ, Фарҳодӣ, Муҳаммад Азизӣ, Муҳаммад Борӣ ва амсоли онҳо осори зиёди адибону донишмандони тоҷик дар нашриётҳои маъруфи Эрон чун Амири Кабир, Алҳудо, Сурӯш, Тӯс, Мероси мактуб, Нашри Рӯзгор, Гулбарг ба табъ расиданд. Бад-ин васила хонандагони эронӣ бо осори устод Садриддини Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо

Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор, Абдулҳамид Самадов, Гулназар, Меҳмон Бахӣ, Фарзона, Раҳмат Назрӣ,Муҳаммадзамон Солеҳ, Камол Насрулло,М. Аҷамӣ, А. Мухторов, М. Шакурӣ, Раҳими Қубодиёнӣ, М. Шукурзода ва дигарон ошно шуданд.

Дар тавсиаи равобити фарҳангии ду кишвар, ба хусус нашру интишори китобу маҷаллоти илмиву адабӣ нақши Сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, ки нахустин сафоратхонаи кишвари хориҷӣ дар мамлакати мо буд ва Ройзании фарҳангии он хеле бузург аст. Нахустин сафири ҶИЭ дар Тоҷикистон Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ, ки воқеан фиристодаи доно ва дӯсти содиқу вафодори мардуми тоҷик буда, барои пешрафти фарҳанги мо саҳми бузург мегузорад, фаъолияти худро дар он солҳои пурошӯб бо тадбирҳои фарҳангӣ шурӯъ намуда, ба дастгириву пуштибонии аҳли илму адаби тоҷик пардохт. Таъсиси китобфурӯшиҳои Алҳудо ва Сурӯш дар шаҳри Душанбе, таъсиси китобхонаҳо дар шаҳрҳои гуногуни ҷумҳурӣ, чопи китобҳои зиёди адибону донишмандони тоҷик, ташкили сафарҳои гурӯҳҳои олимону ҳунармандони тоҷик ба Эрон ва амсоли инҳо аз ҷумлаи он тадбирҳо буданд, ки маҳз дар замони сафирии эшон сурат гирифтааст.

Маҳз бо намоишгоҳи китоб оғоз ёфтани аксари тадбирҳои муштараки фарҳангии ду кишвар низ ба муҳим будани ҷойгоҳи китоб дар ҳаёти мардумони мо гувоҳӣ медихад. Аз ҷумла Ҳафтаи фарҳанги Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, ки дар остонаи наврӯзи соли 2011 дар Китобхонаи миллии Фирдавсии Тоҷикистон баргузор гардид, бо намоишгоҳи китобҳои наву нафиси нашриётҳои эронӣ шурӯъ шуда, таваҷҷӯҳи аҳли илму адаб ва хонандагони пуршуморро ҷалб намуд.

Ташкили Ҳафтаи фарҳангӣ ва ҳамоишу тадбирҳои дигари фарҳангӣ на танҳо боиси рушди робита мегардад, балки заминаҳои ҳамкориро дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт фароҳам меорад.

Ҳамкории кишварҳои форсизабон солҳои охир дар ҳамаи ҷабҳаҳо ба хусус дар заминаи фарҳанг самараҳои хуб медиҳад. Самараи муҳими он ҷаҳонӣ шудани ҷашни миллии мардумони эронитабор Наврӯз мебошад, ки дар замони ҷаҳоншумулӣ пирӯзии бузург аст. Мо бояд барои мақоми ҷаҳонӣ пайдо кардани забони форсӣ ҳам кӯшиш ба харҷ диҳем..

Барои рушду тавсиъаи ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон имконоти фаровоне мавҷуд аст, ки бояд аз он барои пешрафти илму адаб ва фарҳангамон истифода кард. Ташкили марказҳои муштараки илмиву фарҳангӣ, мадрасаву донишгоҳҳои

муштарак, нашрияҳои муштарак, садову симои форсизабонон, синамои муштарак ва амсоли инҳо ба пешрафти фарҳанги мардумони форсизабон ва кулли ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард.

## Фарҳангсолор ва офаридгори китоб

Донишманди фарзона академик Д.С.Лихачев аз зумраи он мардони бузургест, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг саҳми арзанда гузошта, ҳамчун фарҳангсолори замон шинохта шудаанд. Ном ва осори ӯ ба хонандагони тоҷик, ба хусус ба муҳаққиқони таърихи адабиёт ва матншиносон хеле хуб ошност. Асарҳои илмӣ, назару андеша, равиши таҳқиқи ӯ дар баррасии масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёту фарҳанги мо низ судманданд. Зеро аввалан он асарҳо бештар ҷанбаи қавии назарӣ доранд, сониян равиши таҳқиқи ӯ ва ба хусус усули матншиносиаш барои муҳақиқони мо низ қобили истифода мебошанд. Бесаба нест, ки ховаршиносони маъруф Е.Э.Бертельс ва М.Н. Усмонов ҳангоми таҳияи матни илмиву интиқодии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ усул ва равиши матншиносии Д.С.Лихачевро асоси кари худ қарор додаанд.

Рӯзгори ин марди бузург ҳамеша бо китоб тавъам буда, ин ганҷи дониш мояи ҳаёти ӯро ташкил медод. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқи маъруфи соҳаи китобшиносӣ узви вобастаи Академияи илмҳои Россия В.И. Василев дар асари худ « Дмитрий Сергеевич Лихачев ва китоб» ин мавзӯъро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Китоб ба муносибати 100-солагии донишманди бузург нашр гардида, аз чор бахш ибооат аст. Дар ҳар бахш як ҷанбаи муҳимми робитаи ӯ бо китоб баррасӣ шудааст.

Дар бахши авали китоб «Д.С.Лихачев – корманди нашриёти академия» фаъолияти олим дар давраи ҷавонӣ ба қалам дода шудааст. Муаллиф муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгори олимро, ки бо чопи китоб марбутанд, зикр намудааст. Фаъолияти Д.С.Лихачев соли 1932 дар нашриёти иқтисодии шаҳри Ленинград ба ҳайми муҳаррири адабӣ шурӯъ шудааст.Соли 1934 нашриёти мазкур ба шӯъбаи ленинградии нашриёти Академияи илмҳои Шӯравӣ табдил меёбад ва Д.С.Лихачев то соли 1938 дар он ҷо дар вазифаҳои мусаҳҳеҳи илмӣ, муҳаррири адабӣ ва муҳаррири шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ кор мекунад. Д.С.Лихачев ба матбааи аввалини академия, ки ҳанӯз соли 727 таъсис шуда буд,

дилбастагии зиёд дошт ва борҳо аз он ки аксари китобҳояш дар ин чопхонаи хеле маъруф ба табъ расидаанд, ифтихор кардааст.

Бахши дувуми китоб «Д.С.Лихачев – муаллифи нашрияҳои академӣ» ном дошта, баррасии осори илмии донишмандро, ки дар нашриёти Академияи илмҳои Шӯравӣ чоп шудаанд, дар бар мегирад. Нахустин асари Д.С.Лихачев, ки дар нашриёти мазкр ба табъ расидааст, фушурдаи рисолаи номзадии ӯ дар мавзӯи «Солномаҳои асри XV11 Новгород» буд, ки соли 1941 дифоъ кардааст. Соли 1945 аввалин монографияи олим таҳти унвони «Худшиноси миллӣ дар Руси қадим: очеркҳо аз адабиёти асрҳои X1 – XV11 рус» чоп мешавад. Дар китоб муборизаи мардуми рус барои ба даст овардвнми мстиқлоли фарҳангӣ, вазъи фарҳанг дар арафаи ҳамлаи муғул ва масъалаҳои дигари адабиёт ва фарҳанги кишвар ба қалам доа шудаанд.

Дар китоби дигари Д.С.Лихачев, ки соли 1947 бо унвони «Солномаҳои русӣ ва аҳамияти фарҳангиву таърихии онҳо», нашр шудааст, таърихи солносанависӣ, давраҳои тахърихии он, шароити таълиф ва ташаккулу такомули солномахо мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Яке аз муҳимтарин ва қадимтарин осори адабии мардуми рус «Гуфтор дар бораи полки Игор» таваҷҷӯҳи Д.С.Лихачевро ҷалбнамуда бцуд ва ӯ ин ёдгории маъруфро ҳарҷониба таҳқиқ намуда, арзишҳои ғояваву бадеии онро ошкор кард.

Ба ин минвол дар бахши мазкур муҳимтмрин асарҳои Д.С.Лихачев «Пайдоиши адабиёти рус»(1952), «Инсон дар адабиёти Руси қадим»(1958), «Фарҳанги асрҳои X- XV11 халқи рус»(1961), «Матншиносӣ (Дар асоси маводи адабиёти асрҳои X- XV11), «Фарҳанги Рус дар аҳди Андрей Рублев ва Епифан Премудрий»(1962), «Поэтикаи адабиёти қадими рус»(1967), «Мероми бадеии Руси қадим»(1971), «Рушди адабиёти рус дар асрҳои X- XV11. Давраҳо ва сабкҳо»(1973), «Мутаяба дар Руси қадим»(бо ҳаммуаллифии А.М.Панченко,1976), «Назми боғҳо»(1982), «Гузашта барои оянда»(1985), «Баррасиҳои адабиёти қадими рус»(1986), «Номаҳои некӣ»(2006) таҳлил шудаанд. Муаллиф саъй намудааст, ки ба таври мӯҷаз моҳият ва арзиши ҳар асари донишмандро баён созад. Масалан, дар бораи китоби «Инсон дар адабиёти Руси қадим» ӯ навиштааст: «Дар илми ҷаҳонӣ ин асари олим, ки ба забонҳои хориҷӣ тарҷума шудааст, ҳамчун таҳқиқоти навоваронаи ёдгориҳои адабиёт ва ҳунар дар заминаи рушди шуури иҷтимоӣ, андешаҳои ахлоқиву эстетикӣ арзёбӣ шуда, яке аз осори классикӣ роҷеъ ба фарҳанги Руси қадим эътироф гардидааст.»(с. 54). Ё худ мӯҳтавою моҳияти охирин асари Д.С.Лихачев «Номаҳои некӣ»-ро, ки пас аз фавти

муаллифаш интишор ёфтааст, хеле мӯҷазу возеҳ баён намудааст: «Номаҳои некӣ –ин насри бадеву фалсафӣ, хитобаи инсони пуртаҷриба ба ҷавонон, андешаҳо дар бораи гузашта, ҳозира ва оянда, роҷеъ ба одобу фарҳанг, арзишҳои ахлоқиву зебошинохтӣ, дар бораи муносибатҳои мутақобилаи одамон, равобти ҷамъияту табиат, тарбияи худист. Ин китоби ҳикмат – намунаи барҷастаи фарҳанги забони вата наст, ки дар суннати адабиёти классики рус офарида шудааст ва бешубҳа метавонад чун ёдгорибарҷастат адабиёти рус шинохта шавад.»(с. 55).

Дар бахши «Д.С.Лихачев – матншинос, мутарҷим ва мураттиби нашрияҳои академӣ» фаъолияти пурсамари олим ҳамчун узви ҳайати таҳририяи силсилаи «Ёдгориҳои адабӣ», к ибо қарори Раёсати Академияи илмҳои Шӯравӣ соли 21948 таъсис ёфта буд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар силсилаи мазкур беҳтарин ёдгориҳои фарҳанги рус ва халқҳои дигари олам ба нашр расидаанд. Аз ҷумла тарҷумаи русии «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ҳам дар ҳамин силсила ба табъ расидааст. Д.С.Лихачев солҳои тӯлонӣ сарварии ҳайъати мазкурро низ ба ӯҳда гирифта, дар интишори як зумра шоҳкорҳои адабӣ, таърихъӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ғайра саҳми босазо гузоштааст. Ӯ илова бар сарварӣ дар таҳияи матни асарҳо ба нашр низ хидмати шоиста ба ҷой овардааст. «Қиссаҳои ҷангии Руси Қадим»(1949), «Қиссаҳои солҳои муваққатӣ»(1950), «Гуфтор дар бораи полки Игор»(1950), «Паёми Иван Грозний»(1951), «Қиссаи ғаму бадбахтӣ»(1984) дар таҳияи Д.С.Лихачев ва бо муқаддимаву тавзеҳоти муфассали ӯ ба табъ расидаанд.

Дар бахши «Д.С.Лихачев – муҳаррири нашрияҳои академӣ роҷеъ ба 20 китобе, ки бо таҳрири бевоситаи ӯ интишор ёфтаанд, маълумот дода шудааст. Китобҳои «Сафрҳои сафирогни асрҳои XV1 – XV11 рус»(1954), «Ҳаҷви демократии рус дар асри XV11»(1954), «Ашъори қадимии рус, ки Киршей Данилов ҷамъ овардааст»(1958),»Искандария: Роман дар бораи Искандари Мақдунӣ аз рӯи дастнависи аври XV1»(1968), «Ривоятҳои Византия»(1972), «Достоевский, Номаҳо»(1976), «Александр Бенуа. Ёддоштҳо»(1980), «Петербург»-и А.Белий(1981) ва амсоли инҳо бо таҳрири ӯ ба табъ расидаанд.

Д.С.Лихачев дар фаъолияти Шӯрои силсилаи таърихи фарҳанги ҷаҳони Академияи илмҳои Шӯравӣ низ саҳми калон гузошта, дар нашри солномаҳои «Ёдгориҳои фарҳангӣ. Кашфиёти нав», ки ҳар сол ба табъ мерасад ва дастовардҳои навини донишмандони оламро дари н соҳа фаро мегирад, ширкат варзидааст.

Дар китоб зимнан андешаҳои Д.С.Лихачев дар бораи аҳамияти китоб дар пешрафти ҷомеа, арзишҳои он низ сухан рафтааст. Аз ҷумла тавре ки маълум аст, дар бораи нақши китоб дар замони пешрафтҳои млму фановарӣ, ба хусус пас аз пайдоиши вомитпаҳои нави иттилоот баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Гурӯҳе даъво мекунанд, ки замони китоб ба поён мерасад ва ҷои онро воситаҳои дигар хоҳанд гиирфт. Д.С.Лихачев да сӯҳбатҳои худ ба ин даъвои муҳаққиқонэътироз намуда, аз ҷумла гуфта буд: «Манн ёд дорам, ки дар баччагӣ вақте кино пайдо шуд – ин қабл аз анги авали ҷаҳон – ҳама фикр мекарданд, ки акнун умри театр ба охир расид: фақат кино мемонад ва театр аз байн меравад. Вале ҳам кино боқӣ монд, ҳам театр, ҳар кадом ҷои худро пайло карданд. Ин ҷо ҳам ҳамин тавр: ҳам телевизион мешавад, ҳам китобҳо мемонанд, яъне рушди фарҳанги китоб барои мо хеле муҳим аст»(с. 21). Ин андешаҳои Д.С.Лихачев, ки дар охири асри XX гуфта буд, имрӯз дар асри XX1 низ дурустии худро исбот намуд. Имрӯз бо он ки василаҳои навини иттилоотрасонӣ чун интернет ба вуҷуд оммаданд, китоб ҳамчунон арзиши маънавию зебошинохтии худро нигоҳ мелорад ва пай васта рушд меёбад.

Китоби В.И. Васильев ба субут мерасонад, ки академик Д.С.Лихачев на танњо адабиётшинос, забоншинос, муаррих, фарњангшинос, файласуф, санъатшиноси барљаста аст, балки дар китобшиносї низ сањми босазо гузошта, дар таърихи илму фарњанги рус ва олаи љойгохи хос дорад.

**Хӯшае аз дастовардҳои илми тоҷик**

Дар соле, ки гузашт, илми тоҷик низ ҳамқадами замон пеш рафта, ба дарёфти дастовардҳои зиёд ноил гардид. Фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маркази ҳпмоҳангсози илми кишвар маҳсуб меёбад, далели он мебошад. Муассисаҳои илмии академия тибқи «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» ва 7 барномаи давлатии соҳавӣ нерӯи илмии худро барои рушди таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ оид ба самтҳои афзалиятноки илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ, ҳамоҳангсозии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намуданд.

Олимони академия дар натиҷаи талошу ҷусторҳои пайгиронаи илмӣ, заҳмату кӯшишҳои зиёд дар соҳаҳои гуногуни

илм кашфиёту ихтироот намуда, комёбихои тоза ба даст овარданд. Аз ҷммла дар Институти химияи ба номи В.И.Никитин технологияи ба даст овардани ҳомилони маводи доруворӣ дар асоси моддаҳои пектинӣ ва сафедаҳои зардоби шир коркард ва такмил дода шуд. Тарҳи технологияи ғанигардонии маъданҳои фосфоритии кони Қаратоғ коркард шуда, консентрати фосфоритие ҳосил гардид, ки маводи пурарзиш барои истеҳсоли нуриҳои фосфорӣ ба ҳисоб меравад. Технологияи саноатии истеҳсоли оддии лигатураи алюминий бо стронсий ва барий коркард шудааст. Муқаррар шуд, ки ҷавҳаронидани пешакӣ бо миқдори ками бериллий ба камшавии талафоти металлҳои ишқорзаминӣ мусоидат мекунад. Ин технологияро дар Корхонаи алюминийии Тоҷикистон ба роҳ мондан судманд хоҳад буд.

Кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология захираи маълумотро дар барномаи ГИС (системаҳои геоитиллоотӣ) барои силсиланерӯгоҳҳи обии барқӣ ба вуҷуд овარданд, ки имкони баҳодиҳии гуногуни хатари сейсмикӣ ва устувории нишебиҳоро муайян мекунад. Ҳамзамон баҳодиҳии эҳтимолии хатари сейсмикии ноҳияҳои ҷойгиршавии силсиланерӯгоҳҳо дар дарёи Вахш ба иҷро расонида шуд.

Дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология бо назардошти тадқиқоти қаблӣ ва корбурди моделҳои математикӣ системаҳои идоравии ҷараёни об бо истифода аз обанборҳои нисбатан азим дар Осиёи Марказӣ – Норак, Токтогул, Қайроқум ва Андиҷон коркард шуданд.

Илова бар ин бо истифода аз модели математикии танзими маҷ-маавии ҷараёни силсила НБО-ҳои мавҷуда, ба монанди НБО-и Норак ва обанбори сохташудаистодаи НБО-и Роғун, системаҳои танзимкунандаи ҷараёни дарёи Вахш бо назардошти манфиатҳои оянадаи муштараки энергетикӣ ва ирригатсионӣ коркард ва пешниҳод шуданд.

Олимони Институти астрофизика дар асоси мушоҳидаҳои шабакаи болидии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2010-2012 гузаронида шудаанд, метеороидҳои ғайриоддие ба қайд гирифта шудаанд, ки ба атмосфераи Замин ворид шудаанд. Аз рӯи базаи додашудаи мадорҳои астероидҳои наздизаминӣ (АНЗ), ки тайи солҳои 2009-2013 кашф карда шудаанд, се астероиди бо мадорҳои наздик бо ҳам ва кометамонанд ҳаракаткунанда ошкор карда шуданд.

Дар Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ хосияти ҷаббиши пустлохи чормағзи юнонӣ, чалғӯзаҳои сосна, тут ва арча барои аз уран тозакунии обҳои урандор омӯхта шудаанд. Схемаи принсипиалии технологии тоза намудани об коркард шудааст. Нишондиҳандаҳои муқоисавии ҷаббандаҳои табиӣ аз маводҳои маҳаллӣ оварда шуданд.

Дар Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нави Академияи илмҳо модели амалкунандаи “Хонаи офтобӣ” бо системаи офтобии идораи таъмини об ва энергия коркард шуда, сохтмони он бо истифодаи маводҳои ҳозиразамони сохтмонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ анҷом дода шуд.

Кормандони Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловский бо истифода аз домҳои аксбардорӣ дар ҳудуди Помири Шарқӣ оид ба ҷойҳои нави паҳншавии баъзе намудҳои нодир ва дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордоштаи ҳайвонот аз қабили бабри барфӣ, гӯсфанди Марко Поло, силовсин, мурғи ҳилоли ҳимолоӣ ва тибетӣ маълумотҳои нав ба даст оварданд. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Дарвоз мавҷудияти 6 фарди бабри барфӣ ошкор карда шуд. Дар қаторкӯҳи Дарвоз тавассути истифодаи домҳои аксбардорӣ нахустин маротиба паҳншавии гурбаи даштӣ ба қайд гирифта шуд.

Таҳқиқоти кормандони Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбеков нишон дод, ки бо нурҳои кӯтоҳмавҷи ултрабунафш пеш аз кишт коркард намудани растаниҳо бо давомнокии ҳархела ба таъғирёбии ҷараёни расиши растаниҳо оварда мерасонад. Муайян карда шуд, ки дар шароити Боғи ботанот дар баландии 2320 м, растаниҳои шифобахш ба монанди чойкаҳак, ҳуҷастаи доругӣ, мармарак қобилияти баланди сабзиши тухмӣ доранд.

Дар муассисаҳои илмии Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии академия низ масъалаҳои муҳими таърих, забон, адабиёт, иқтисод, расму оин, фарҳанг ва амсоли онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Дониш таҳияи харитаҳои бостоншиносии водии Ҳисор: ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳритус ва Турсунзода ва водии Зарафшон: ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Мастчоҳ ба анҷом расонида шуд.

Гурӯҳи бостоншиносони институт дар қабристони маркази ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ҳафриёт гузаронид. Дар натиҷаи ҳафриёт асбобу анҷоми фаровон, ки ба давраи биринҷии миёна тааллуқ дорад, пайдо шуданд, аз он ҷумла, кӯзаву гулдонҳо, оинаи биринҷӣ, ҳалқаи тиллоии шакли доирадошта, мӯҳраҳои резаи сангин ва ғайра. Дар натиҷаи омӯзиши бозёфтҳои экспедитсияи бостоншиносӣ дар ноҳияи Фархор аз тарафи олимон (аз ҷумла, донишмандони Россия, Олмон, Италия) исбот карда шуд, ки ноҳияи Фархор таърихи зиёда аз 4000-сола дорад. Он ёдгориҳои нодире, ки дар Фархор бозёфт шуданд, бо ёдгориҳои таърихии Саразм шабоҳат доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми Фархор дар гузашта бо

аҳли Саразм робитаҳои хуби фарҳангӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ғ. доштаанд.

Дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов манобеъ ва масъалаҳои муҳимтарини тасаввуф, калом ва фалсафаи ишроқ аз давраҳои аввал то асри 15 мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Кормандони Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ дар мавзӯъҳои «Таҳқиқи грамматикаи меъёрии забони тоҷикӣ», «Омӯзиш ва пажуҳиши забонҳои шарқӣ-эронии Тоҷикистон», «Баррасӣ ва таҳияи луғатҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ», «Масъалаҳои фарҳангнигории забони тоҷикӣ», таҳия ва тадвини матни илмиву омавии маснавии «Тӯҳфат-ул-ироқайн»-и Хоқонии Шервонӣ, "Ҷомеъ-ул-улум"-и Фахриддини Розӣ, «Девони Бадри Шервонӣ» «Мусибатнома»-и Фариддуни Аттор, девони Соиби Табрезӣ бо луғат ва тавзеҳот корҳо анҷом доданд; доир ба насри ривоятӣ ва фолклори идҳои исломии мардуми тоҷик, «Гӯрғулӣ»-и насрӣ ва манзум, «Симои Сулаймон дар адабиёти шифоҳӣ»,«Нақлҳои шифоҳӣ», «Нақлу ривоятҳои фолклори яғнобӣ» аз сарчашмаҳои хаттӣ ва маҷмӯаҳои фолклорӣ мавод ҷамъоварӣ намуданд.

Таҳқиқоти кормандони Институти иқтисодиёт ва демография муқаррар намуд, ки барои беҳбуд бахшидан ба вазъи пасти молиявии бозори Тоҷикистон бо ма[illegible]сади имрӯзикунонии иқтисодиёти кишвар қарзҳои беруна ва маблағгузорӣ лозим аст, аммо ин ба афзоиши қарзи беруна оварда мерасонад. Яъне барои таъмини ҷараёни имрӯзикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон на танҳо танзими макроиқтисодӣ ва молиявӣ дар иқтисод зарур аст, кам будани қарз ва коҳиш додани шартномаҳои молиявии дарозмӯҳлат низ лозим мебошанд; дар натиҷаи омӯзиш муайян карда шуд, ки бо мақсади фароҳам овардани шароит ва таъмини замина барои гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ бояд як қатор чорабиниҳои ташкиливу иқтисодӣ анҷом дода шаванд.

Дар Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б.Искандаров таълифи бобҳои чудогонаи «Грамматикаи таърихии забони шуғнонӣ (морфология)» ба итмом расонида шуд. Натиҷаҳои тадқиқоти маводи фолклорӣ нишон медиҳанд, ки ривоятҳо оид ба ҷойҳои муқаддас, ки аз насл ба насли гузашта, имрӯз маҳфуз нигоҳ дошта шудаанд, решаи ягона дошта, бо ривоятҳои ноҳияҳои дигари Тоҷикистон умумият доранд.

Олимони Академияи илмҳо илова бар баррасиҳои илмии масъалаҳои бунёдиву назарӣ ба коркарди ҷанбаҳои амалии ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодву фарҳангӣ машғул шуда, дар ҳалли мушкилоти зиёде саҳми арзанда гузоштанд. Масалан, кормандони

Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология санҷиши(экспертизаи) лоиҳаҳои қисмҳои сохтмонии як қатор биноҳои баландошёна ва бунёдҳои баланд, аз он ҷумла чор бинои истиқоматӣ ва бинои маъмурии 12-14-ошёна мисли бинои 12-ошёнаи Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бинои истиқоматии 14-ошёнаи воқеъ дар кӯчаи Карамов, маҷмӯаи варзишӣ дар ш. Душанберо анҷом доданд.

Дар Институти химияи ба номи В.И.Никитин технологияи истеҳсоли пектин аз партовҳои мевагин коркард шуда, бо патент ҳифз карда шуд. Технологияи раванди ишқорронии сианидии тилло ва нуқра дар ҳарорати 25-30 $^{o}$ С, ки дар Институт коркард шудааст, дар қитъаи хокгардони кони Ҷилав, инчунин дар ишқорронии маъдани корхонаи «Зарафшон» татбиқ гардид.

Кормандони Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умаров тарзҳои тозаи ташхиси пешакии псориаз ва витилигоро бо усули спектроскопияи инфрасурхӣ дар таҷрибаи клиникии Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ ва Беморхонаи шаҳрии №1 ш. Душанбе татбиқ намуданд. Ба Беморхонаи клиникии шаҳрии «Ёрии таъҷилӣ» ш. Душанбе тарзи спектроскопии ташхиси марҳилаҳои гуногуни бемории холетсистит барои татбиқ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти кормандони Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология оид ба таҳлил ва коркарди маълумотҳои воқеии кори НОБ-ҳои азими Тоҷикистон – Норак, Қайроқум, инчунин моделҳои математикии коркардшудаи низоми кори гидрогиреҳҳо бо обанборҳояшон ба ҶС «Барқи Тоҷик» барои истифодаи амалӣ пешниҳод карда шуд.

Дар шароити ноҳияи Ҷиргатол бештар аз 3600 дона картошкаи аз вирус озод кардашуда, ки дар шишанайчаҳо дар лабораторияи биологияи молекулявӣ ва биотехнологияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сабзонида шудааст, кошта шуданд. Дар майдони 1 гектар навъҳои ояндадори картошкаи «Тоҷикистон», «Рашт» ва клон- навъи ояндадори «Академияи илмҳо», ки дар санҷиши Комиссияи давлатии навъсанҷӣ ва ҳифзи навъи ВК ҶТ қарор доранд, кишт карда шуданд. Дар хоҷагии деҳқонии «Авесто»-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон навъи нави пахтаи миёнанахи минтақабобокардашудаи «Шавкат-80» дар майдони 20 гектар кошта шуд.

Олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Дониш китобҳои "Мероси илмии А.А. Семёнов ва М.С.

Андреев (ҳуҷҷатҳои бойгонӣ)”, “Мунтахаби осори академик А.А. Семёнов”, “Мактаби актёрии тоҷик”, “Борбад ва Рӯдакӣ. Ворисият ва умумияти анъанаҳо” ва амсоли онҳоро ба чоп расонданд, ки ба пешрафти илму фарҳанги муосири тоҷик хеле судманданд.

Дар Академияи илмҳо ба тарбияи олимони ҷавон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мешавад. Ҳоло 273 аспирант дар муассисаҳои илмии он таҳсил менамоянд. Олимони академия ҳамчунин умтоди роҳнамои беш аз ҳазор рисолаи дипломи донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва унвонҷӯёни кишварҳои хориҷӣ мебошанд.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои зиёди байналмилалии илмӣ буда, бо муассисаҳои гуногуни илмии кишварҳои пешрафтаи олам ҳамкориву робитаи зич дорад. Соли гузашта Ёддошти тафоҳум байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба ҳамкорӣ имзо гардид. Созишномаи илмиву техникӣ байни Маркази илмиву техникӣ ва маълумотҳои иқтисодии Осиёи Марказии ноҳияи Синзяни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Маркази инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ ба имзо расид; Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2013-2017 байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатӣ оид ба масъалаҳои илмӣ, навоварӣ ва иттилоотии Украина баррасӣ шуд. Бо ташаббуси Шӯъбаи илмҳои биология ва тибби АИ ҶТ ва Шӯрои биоахлоқ дар назди АИ ҶТ, бо кӯмаки Вазорати дифои Британияи Кабир, Донишгоҳи Бредфорд(Британияи Кабир), намояндагони МНТС ва Сафорати Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семинари таълимии байналмилали дар мавзӯи ”Таълими мутахассисони биоахлоқ ва биобехатарӣ. Серияи миллӣ” ташкил карда шуд. Ҳамроҳ бо мутахассисони амрикоӣ дар соҳаи сейсмология семинари илмву амалии “Ҳамкорӣ дар соҳаи сейсмология” баргузор гардид.

Дар соли 2013 59 нафар корманди АИ ҶТ барои коромӯзӣ, ширкат дар конференсияҳои илмӣ, симпозиумҳо, семинарҳо, форумҳо, хондани лексияҳо ва ҳамчунин гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмӣ 124 сафари хизматӣ ба давлатҳои хориҷӣ доштанд.

Академияи илмҳо ҳамчун маркази ҳамоҳангсози илмӣ дар ташкили тадбирҳои гкногуни илмиву фарҳангӣ саҳми калон мегузорад. Муассисаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли сипаришуда 8 конференсияи байналмилалӣ, 20 конференсияи умумиҷумҳуриявӣ ва 15 семинару мизҳои мудаввар ва курсҳои омӯзишӣ баргузор намуданд, ки Конференсияи байналмилалии «Коркард ва истифодаи комплексии ангишт»;

Конференсияи байналмилалии «Физикаи муҳити конденсӣ» бахшида ба 85 солагии академик А.А.Адҳамов;III-умин Конференсияи илмӣ оид ба нурҳои кайҳонӣ; Конференсияи V-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ»; Конференсияи байналмилалии "Саҳми илмии М.С. Андреев дар омӯхтани таърих ва этнографияи халқи тоҷик" бахшида ба 90-солагии М.С.Андреев; Конференсияи байналмилалии «Саҳми Амир Хусрави Деҳлавӣ дар фарҳанги Осиёи Марказӣ»; Конференсияи илмӣ-амалии «Фазои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ» аз он ҷумлаанд.

Дар соли 2013 кормандони Академияи илмҳои ҶТ дар бештар аз 400 чорабинии илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар 10 симпозиум, 3 форум, 175 конференсия, 50 семинар, 6 ҷаласаи «Мизи мудаввар»-и байналмилалӣ, 13 семинари минтақавӣ, ҳамчунин 48 конференсия, 15 ҷаласаи «Мизи мудаввар» ва 31 семинари ҷумҳуриявӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Самараи ҷустуҷӯву баррасиҳо ва заҳматҳои эҷодии олимон дар мақолаву монографияҳои илмии онҳо ба зуҳур мерасад. Дар соли 2013 кормандони муассисаҳои илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 1250 асари илмӣ, аз ҷумла 164 китобу монография ва 1086 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 926 мақола дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ, 103 мақола дар маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ ва 57 мақола дар маҷаллаҳои давлатҳои хориҷии дур ба табъ расонданд.

Дар соли 2013 4 шумораи маҷаллаи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникӣ", 4 шумораи маҷаллаи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои биология ва тиб", 5 шумораи маҷаллаи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ», 4 шумораи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи филология ва шарқшиносӣ" ва 4 шумораи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ» аз чоп баромад.

Дар ин давра олимони Академияи илмҳо 9 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,1 қарори мусбат барои гирифтани патент барои ихтироот ва 1 шаҳодатнома оид ба сабти давлатии захираи иттилоотӣ ба даст оварданд.

Ҳамчунин Раёсат ва муассисаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз ҳазор ҳуҷҷатро дар намуди маълумотнома, шартномаву созишнома, гузоришот, хулосаҳои экспертӣ, лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

иттилооти дигар дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро намуда, дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар фаъолона ширкат варзиданд.

Дар соли сипаришуда чанд олими академия соҳиби ҷоизаҳои гуногун гардиданд. Академик Р. Масов ба дарёфти ҷоизаи ИДМ “Ситораи Иттиҳод” дар бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника ноил гардид. Доктори илмҳои филологӣ, профессор С. Ш. Табаров ба Ҷоизаи ба номи М. Осимӣ ва доктори илмҳои биологӣ Х. Ақназаров ба Ҷоизаи ба номи Е.Н. Павловский сарафроз шуданд.5 нафар олими ҷавони АИ ҶТ барои дастовардҳои назарраси илмӣ соҳиби дипломҳои АИ ҶТ гардиданд.

Дар муассисаҳои илмии АИ ҶТ монанди солҳои пешин душвориҳое мавҷуданд, ки асосан ба норасоии маблағ барои таъмири биноҳои институтҳо, харидани лавозимоти зарурии илмӣ, таҷҳизоти техникӣ, асбобҳо, маводи кимиёвӣ, китобу маҷаллаҳои илмӣ, ташкили сафарҳои илмӣ ва ғайра вобастаанд. Дар иқтисодиёти кишвар коркардҳои илмии олимони АИ ҶТ ба сабаби набудани дархосту фармоишҳо хеле кам татбиқ мешаванд. Заминаи моддиву техникии муассисаҳои илмии АИ ҶТ ҷавобгӯи талаботи замон намебошад. Маблағгузории бештар ба илм, ҳавасмандгардонии моддиву маънавии олимон, ки ҳанӯз қаноатбахш нест, боиси боз ҳам бештар гардидани самараи меҳнати онҳо хоҳад шуд.

Умед аст, ки дар соли 2014 олимони Академияи илмҳо қуллаҳои навро фатҳ намуда, комёбиҳои тозаи илмӣ ба даст меоранд ва барои пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву маънавии ҷумҳуриамон саҳми шоиста мегузоранд.

Соли 2013

## Нигоҳи тоза ба падидаи нодири адабӣ

Рӯдакишиносӣ аз замони пайдоиш, ки ба аҳди Одамушшуаро рост меояд, то имрӯз хеле рушд пайдо кардааст.Дар бооаи адабиёти асрҳои 1Х – Х тоҷику форс ва бунёдгазори он устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ осори фаровоне ба забониҳои гуногуни олаим офприда шудаанд. Дарҳамаи саочашмаҳои маъруфи адабӣ, тазкараву баёзҳо, фарҳангу свфинаҳо зикре аз Рӯдакӣ ва абёти ӯ ба назар мерасадад.Ӯро ӯстоди шоиронм ҷаҳон,Одамушшуаро, маликушшуаро ва амсоли инҳо номида, пурмаҳсултарин шоир ба қалам доданд. Вале бо ин ҳама ҳанӯз осори ӯ гирдоварӣ нвшуда, масоили зиёди рӯзору ообаш норавшан мондааст ва рози бузургии ӯ ошкор нагардида ҷойгоҳи ас дар адабиёти олаи муайян ашудааст. Аз ин рӯ ҳар за асари тозае, км дар бораи Устод Рӯдакӣ ба вуҷуд меояд, ба хусус асаре, ки дороаи далелҳои нав ва диди тоза бошад, қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

Китоби профессори Донишгоҳи Милли Тоҷикистон, адабиётшиноси варзида Субҳон Амирзода «Падидаи нодир», аз ҳамин зумраи осор вст.Дар китоб як рисола ва шаш мақолаи муаллиф, ки солҳои гуногун таълиф шудаанд, ҷой гирифтаанд. Китоби нава устодро бо шавқу рағбати зиёд мутолиа намудам. Зеро аввалан устод кам менависанд, вале хелехуб менависанд. Сонияи вақтҳот охир бо истифода аз озодии баён ва ривоҷи исломгароӣ баъзе муҳаққиқон, ки дирӯз сухани худро бо иқтибос аз Марксу Ленин намуда, аз осори адибон фақат андешаҳои балан ди сиёсиву иҷтимоӣ меҷустанд, имрӯз ба қутби дигар гузашта, аз адабиёти ғании гузашта ва аз ҷумоа аз осори Устол Рӯдакӣ воаву таъбирҳои диниву ирфонӣ хир меҷӯянд.Ман, ки солҳои охиграир бо «Донишномаи Рӯдакӣ» сарукор дорам,аз ин вазъ шуда мехостам ҷавобе ба онҳо гӯям. Хушбахтоа, ин ҷавобро ман дар китоби С.Амирзода пайдо намудам.

Муаллмфи китоб ба ҳаёти адабии асрҳои 1Х – Х тоҷиек форс аз дидгоҳи тоза нигариста, ба он ҷанбаҳое бештар таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст, ки қаблан ноаён буданд. Яке из чунин ҷанбаҳои фарҳанги онр даврон, ки дар адабиёт низ зуҳур кардааст, масъалаи таъсири унсурҳои дини масеҳист, ки аз назари муҳаққиқон дурр монда буд. С. Амирзода пеш аз ҳмама ба осори таърихшиносони маъруф Р.Фрейман ва Н. Неъматов ва дастоврдҳои бостоншиносон такя намуда, ба зуҳури унсурҳои дини масеҳӣ дар фарҳанги аҳди Сомониён ишора мекунад. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳмд, ки давлати Сомониён нисбат ба дину мазҳабҳои гуногунозодӣ дода, ба таасуби диниву мазҳабӣ, ки да асрҳои баъд ривоҷ ёфт,роҳ

наседоданд. Муаллиф самараи ҳамин озодиву истиқлоли миллиро дар мисоли осори боқимондаи Устод Рӯдакӣ нмшон додаст.

Масъалаи дигаре, ки ба ҳаёти сиёсиву ичтимоии дав рва давлати Сомониён иртибот дорад, падидаи нодир будани адабиёти ин аҳд ва ӯстод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст. С.Амирзода зуҳури ин падидаро дар ҳамаи чанбаҳои ҳаёти адабӣ ва осори боқимондаи Одаиушшуаро дармеёбад. Ӯ ҳатто дар мадҳияҳои Рӯдакӣ ва муосиронаш зуҳури барчастаи худшиносиву мфтихороти миллии онҳоро муайян мекунад ва консепсияи наверо дар ин мавзӯъ баён мекнад. Ӯ пеш аз ҳама решаҳои мадҳи Рӯдакиро, ки дар қасидаи «Модари май» бозтоб ёфтааст, баррасӣ намуда аз дуову саноҳои Авесто маншаъ гирифтани онро таъкид менамояд.

Яку аз омилҳои шӯҳрати чаҳонӣ пайдоькардани Рӯдаккиро низ муҳаққиқ дар иртиботми ӯ бо давлати Сомониён ва ифодаи орммонҳои озодихоҳиву истиқлолшталабии он медонад.

Тавре ки С. Амирзода таъйид намудааст, Устод Рӯдакӣ танҳо бунёдгазори адабиёти форсмзабон нест,балки шоирест, ки мақоми чаҳонӣ дорад ва худи лақаби Одамушшуаро ҳам гувоҳи бузургиыу оламшумулии ӯст. Мутаассифона, дар адабиётшиносии мо ба ин масъала камтар таваччӯҳ мешавад ва ҳар гоҳ сухан аз шӯҳрати чаҳонии шоир равад, бо ичтибоси чанд гуфтаи умумии донишмандони хоричиву ватанӣ иктафо мешавад.

Дар рисола ва мақолаҳои ин китоб кӯшиши кушодани рози бузургиву оламшумлии осори Устод Рӯдакӣ ба назар мерасад.

Дар воқеъ ҳоло замоне расидааст, ки мо рози мондагории ашъори Рӯдакӣ, моҳияту арзишҳои умумибашарии онро бармало созеи. Дар ин чо бамаврид аст ҳодисаеро, ки моҳи авгвсти соли 2008 шоҳиди он будам, ёдовар шаваи. Бо кқшиши намояндагии Точикистон дар СММ ин созмони бонуфузи байналмилалӣ ба муносибати 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ҳамоиши байналмилалии илмиву фарҳангӣ баргузор намуд, ки дар кори он гурӯҳе аз Точикистон ҳам ширкат дошт. То лаҳзаи ифтитоҳи ҳамоиш маълум набуд, ки аз раёсати СММ кӣ дар ин ҳамоиш ширкат ва суханронӣ мекунад. Зеро ҳамон рӯз чнд0020аласи муҳимми дигар низ дар он созмон баргузор мешуд. Нитҳоят ғайри чашидошт худи Дабири кулли СММ Пан Ги Мун ташриф овард ва скханронӣ кард. Ӯ скханрониашро бо он шуруъ кард, ки мирӯз чанд чаласаи суҳимми дигар дар назар аст, вале вақте ки мпан бо маводи ин ҳамоиш шинос шудаи, ба ҳайрат омадам, ки ҳазор сол қабл ин шоир вазифаҳои моро хеле равшан муайён кардааст. Аз ин рӯ манн ин ҳамоишро интихоб намудам ва омадам ьло ба шумо ин матлабробаён намоям. Ин ҳодиса дарвоқеъ далели он аст, ки осори Рӯдакӣ рисолати умумичаҳониву умумибашарии худро

комилпн ҳифз кардааст. (Зимнан бояд гфт, ки ин суханронии бисёр ҷолиби Пан Ги Мун дар иатбуоти тоҷик бозтоб наёфт ва рӯзноманигорони иелевизиони тоҷик ба ҷои он консертеро, ки чандон арзиши баланд надошт чандин бор нишон доданд…)

Хкди ҳамон сол  дар Теҳрон низ ҳамоиши баёналмилалӣ бахшида ба санаи мазкур баргузор гардид, ки дар н гурӯҳи Тоҷиемстон  маҷмуаи м усаввари осори Рӯдакиро, ки ба забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисиву хатти ниёгон хеле зебо чоп шуда буд, ба раиси ҷумҳурии Эрон ҳадя намуд. Ӯ ин ҳадяи гаронбаҳор бо ду дасташ баланд бардошта хитоб намуд: Дар замоне ки баъзе давлатҳои абарқадрат ба сохтани бомби атомӣ машғуланд, мо бар алайҳи онҳо Девони Рӯдакиро мегузорем.

Вале бояд тазаккур дод, ки  баъзе адабиётшиносони мо ба ҷои нишон додани  андешаҳои волои  умумибашарии шоир саъй доранд, ки ӯро ба чаҳорчӯбаҳои диниву мазҳабӣ  ворид намоянд.Маҳдудиву тангназарии ҳампешагон боис шудааст, ки С. Амирзода бо эҳсоси пуршӯри ватандӯстона ба осори Рӯдакӣ менигарад ва арзишҳои  баланди башардӯстии онро нишон медиҳад. Мақолаи «Рӯдакӣ шоири ҷаҳонӣ буд» аз ҳамин дидгоҳ таълиф шудааст. Муаллиф пеш аз ҳама шӯҳрати ҷаҳонии Рӯдакиро бо шӯҳрати ҷаҳонии  давлати соҳибистиқлошли Сомонӣ тавъам медонад.Дарвоқеъ давлати Сомониён на танҳо аз лиҳози иқтисодиву сиёсӣ қав буд, балки барои ривоҷи фарҳанг низ ҳама имконоторо фароҳам овард, ки муҳимтарин он  озодии эҷодкор буд. Ҳамин озодӣ имкон дод, ки адибону донишмандон  ба фарҳангҳои бостонии Ҳинду Юнон ва кишварҳои дигар  рӯй оварда суннатҳои волои онҳоро идомаву такмил диҳанд.

Дар мақолаи  «Вокуниши баъзе иштибоҳот дар шинохти Устод Рӯдакӣ» муаллиф  мавқеъгирии ислогароёнаи «рӯдакишиносони навбаромад»-ро, ки «Рӯдакиро  чун «ҳофизи Ққръон», шоири ориф ва  сӯфӣ», «олими ақоиди дин», «пфйрави китоби Муҳаммад(с)». «муфассири  Ққръон», «шореҳи аҳодисми Пайғамбри акрам(с)»  ва ғайра муаррифӣ кардаанд ва ё мазмунҳои ққръонӣ, зоҳтидонаи исломӣ, орифона ва инзивоҷӯию гӯщанишиниро аз вежагиҳои шеъри  Рӯдакӣ шуморидаанд», мавриди нақд қарор медиҳад ва бо далелҳои смуътамад  бесосии андешаҳои ононро ьа суьуит мерасонад. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин роҳ нҳо ҳатто аз таҳрифивожаву таъбирҳо ҳам истифода кардаанд. Масалан, калимаи «Талвино»-ро  мштибоҳан «тилви нубо» хонда  ба нитиҷахои нодуруст расидаанд. С. Амирзода ба осору андешаҳои Рӯдакӣ бод иди васеъ нигариста,  би исбот мерасонад, киманзури шоир аз ҳатто аз истифодаи «набиву

Фурқон» на танҳо Пайғамбари ислому Қуръон аст, балки Зардушту Авесторт низ дар назар дорад.

Дар рисола ва мақолаҳои маҷмуа ҳамчунин андешаҳои тоза дар бораи кӯри модарзод набудани шоир, дар мавзӯъҳоии ишқ, ватандӯстӣ, озодӣ ва амсоли инҳо дар ашъори ӯ баён шудаанд.

Қобили қайд аст, ки С.Амирзода дар аксари мавридҳо равиши таҳқиқи татбиқиро пеш гпигифта, падидаҳои адабии давраи Сомониёнро бо фарҳанги даврони Эҳёи Аврупо мавриди муқояси қарор медиҳад ва дар воқуъ ҷой доштани унсурҳои Ренесансро дар ҳуросони он даврон таъйид менамояд.

Китоби С.Амирзода бешкбҳа саҳифаи тозае дар Рӯдакишиносӣ буда, аз он башорат медиҳад,ки Рӯдакишиносии тоҷик аз умумгӯиву иҷтимоигароӣ раҳо шуда, ба баррасии мушаххаси падидаҳои адабӣ рӯй овардаст.

## *Роҳнамо ба олами адаб*

Китоби дарсиро манбаъи асосҳои дониши ҳар соҳаи илм медонанд, ки комилан дуруст аст. Вале рисолати китоби дарсӣ танҳо бо ин маҳдуд намешавад. Зеро имрӯз, ки замони иттилоот ва пешрафтҳои азими фановарист, асосҳо ва нуктаву дастовардҳои тозаи ҳар илмро ба таври дақиқу муфассал метавон аз тариқи интернет хеле ба роҳатӣ ва зуд пайдо ва истифода кард. Аз ин ҷост, ки мутолиаи китоб сол аз сол на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кулли ҷаҳон коҳиш меёбад. Бинобар ин дар назди китобҳои дарсӣ ва муаллифони онҳо вазифаи басо масъул – нигоҳ доштани нақши роҳнамоии китоби дарсӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳи хонанда ба он меистад.

Пас барои адои ин вазифа чӣ бояд кард? Китоби дарсӣ чӣ сон бошад, ки хонандаро ба мутолиаи китоб ҷалб намояд, меҳру муҳаббати ӯро ба ин сарчашмаи дониш афзун намояд, дар баробари интернету телевизион ва дигар василаҳои навини иттилоот пойдории худро аз даст надиҳад?

Ба назари мо имрӯз китоби дарсӣ дар баробари сарчашмаи дониш будан бояд фонуси раҳнамо ҳам бошад ва толибилмонро ба қуллаҳои дониш ва дарки амиқи матолиби илмӣ ҳидоят намояд. Дар ин арса, махсусан, китоби дарсии адабиёт метавонад нақши калон бозад. Аз ин рӯ қабл аз ҳама мо мехоҳем аз ҳамин дидгоҳ ба китоби дарсии Адабиёти тоҷик барои синфи 10, ки муаллифонаш У. Тоиров, М. Солеҳов, Р. Шарифов мебошанд, назар андозем.

Ҳамчунин зимнан ба ҷанбаҳои дигари китоби дарсӣ амсоли арзишҳои адабиву эстетикӣ, ахлоқиву маънавӣ, ки аз рисолати адабиёт маншаъ мегиранд, ишораҳо хоҳад шуд.

Китоби дарсии Адабиёти тоҷик барои синфи 10 ба адабиёти асрҳои ХУ1-Х1Х бахшида шудааст, яъне китоб маводи панҷ асри таърихи адабиёти тоҷикро, ки дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон густариш ёфта буд, фаро мегирад.

Адабиёт падидаи иҷтимоист ва ба раванди таърихии ҷомеа робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷост, ки дар китоби мазкур адабиёти ҳар давра пайваста бо вазъи замон ва ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ баррасӣ шудааст. Ба хусус дар фасли «Адабиёти асри ХУ111 ва нимаи авали асри Х1Х» ин пайвастагӣ хуб ба қалам дода шуда, хусусиятҳои ҳаёти адабии давр дар робита бо авзои иҷтимоиву сиёсӣ тавзеҳ ёфтааст.

Адабиёти тоҷик дар асрҳои ХУ1-Х1Х низ густариш ва ривоҷ дошта, дар ин давра ҳам теъдоди зиёди адибон ба арсаи эҷод қадам ниҳодаанд. Муаллифони китоби дарсӣ тавонистаанд, намояндагони барҷастаи ҳар асрро, ки дар адабиёти замони худ ҷойгоҳи шоиста дошта ба раванди адабиёт дар асрҳои баъд низ таъсир гузоштаанд, интихоб намуда, аҳволу осори онҳоро ба хонандагон шарҳ диҳанд.

Китоби дарсӣ аз асарҳои илмӣ бо он фарқ мекунад, ки пайваста тағйир меёбад ва бояд ҳамқадами замон бошад ва ҳар тағйироте, ки дар ҳаёт ба вуҷуд меояд, инъикос намояд. Аз ин рӯ мо мехоҳем андешаҳои худро бештар дар бораи роҳҳои боз ҳам беҳтар кардани сифати китоби мавриди баррасӣ баён намоем.

Китоби дарсӣ, ба хусус китоби дарсии адабиёт бояд аз ибтидо, яъне аз муқаддима бо сабку шеваи баёни худ таваҷҷӯҳи хонандаро ҷалб намояд. Дар муқаддимаи китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 10 муаллифон саъй кардаанд, ки дар бораи хусусиятҳои адабиёти бадеӣ маълумот диҳанд, вале забону баёни он ҷаззобу фасеҳ нест ва ҳатто аз чунин ҷумлаҳои берабту ғалат холӣ нест: «Аз ҷумла: илми луғат, илми наҳв, илми сарф, илми баён, илми арӯз, илми қофия, илми хат, илми иншо, илми маонӣ ва ғайра ба шумор мерафтааст.»(саҳ.4); «Илме, ки….адабиётшиносӣ ном дорад, ки он дар навбати худ дорои се қисм аст: таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди адабӣ мебошанд.»(саҳ.7); «Ҳадафи шоир дар ин байт эҷоди бадеъро фарзанди эҷодкор гуфтан буда, ӯ шеърро фарзанди шоир медонад ва бояд ҳаматарафа дар камолоти эҷод саъй намуд, то нуқсоне дар он роҳ наёбад.»(саҳ.8).

Агар дар муқаддима  ба умумияту тафовутҳои адабиёт бо навъҳои дигар илму ҳунар, ки инсонро меомӯзанд, таваҷҷӯҳи бештар мешуд, барои шинохти моҳияти адабиёт судманд буд.

Тавре ки маълум аст, дар замони Шӯравӣ таъсири мафкураи сиёсӣ ва иҷтимоигарӣ дар адабиётшиносӣ хеле қавӣ буд ва ин  ба китобҳои дарсӣ низ асар гузоштааст.

Хушбахтона, дар замони истиқлол адабиётшиносии мо аз ин дард ба тадриҷ раҳо меёбад, вале ҳанӯз нишонаҳои он боқист ва дар китоби дарсии мавриди баррасӣ низ ба назар мерасад. Ҳангоми таҳлили осори адибон дар аксари мавридҳо  ба нақли мазмуну муҳтаво ва ба хусус масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ намуда, ба тарзи баёни он андешаҳо, образофарӣ, сувари хаёл ва дигар василаҳои баёни осори адабӣ камтар эътибор дода шудааст. Ин ҳолат бештар дар зимни таҳлили осори ғиноии ишқӣ ба назар мерасад. Масалан, пас аз таҳлили ғазали ишқие, ки бо матлаи зер шуруъ мешавад:

Ҳар шабе аз оҳи дил кошонаро оташ занам,
Шамъро сӯзам, дили парвонаро оташ занам.

муаллифон ба чунин натиҷа расидаанд: «Албатта, чунин сурат гирифтани  мазмунсозиву маъниофарӣ дар ашъори Мушфиқӣ, пеш аз ҳама  дар ғазалиёти ӯ  аз нобасомониҳои  замони шоир , аз тангии маишӣ, аз дасткутоҳӣ пеш омадааст.»(саҳ 39).

Дар ғазали мазкур на масоили иҷтимоӣ, балки оҳангҳои тасаввуфӣ ҷой доранд, ки ба хонандаи синфи X шарҳ додани он зарар надорад.

Ҳатто дар фасли «Аҳмади Дониш» таҳлили  ҷанбаҳои бадеии осори ӯ ба назар намерасад. Дуруст аст, ки Дониш мутафаккир, файласуф муаррих, ҷомеашиноси бузург ҳам буд, вале  модом ки ӯро чун нависанда дар китоби «Адабиёти тоҷик» ҷой додаанд, бояд бештар ба ҷанбаҳои адабии осори ӯ таваҷҷӯҳ шавад. Он 25 саҳифаро, ки ба шарҳи аҳволу осори Дониш ҷудо шудааст, бидуни тағйир дар китоби «Таърихи халқи тоҷик» ҷой додан мувофиқтар аст. Зеро дар он на танҳо таҳлили адабиётшиносӣ ба назар намерасад, балки пас аз нақли як ғазали Дониш таъкид шудааст, ки он «ҳунармандона нест».

Албатта, тавре ки зикр шуд, адабиёт бо вазъи сиёсиву иҷтимоии замон  робитаи қавӣ дорад, вале рушди адабиётро танҳо бо он маҳдуд кардан дуруст нест. Дар зимни баррасии вазъи илму фарҳанг дар нимаи дуюми асри X1X  муаллифон менависанд:«Барои рушди ин адабиёт дар асрҳои миёна, махсусан ду омили марказӣ: яке идеологияи ҳукмрони давр –идеологияи

исломӣ ва дигаре сохтори сиёсӣ-сохти феодалӣ буд»(саҳ. 210). Вале шарҳи минбаъдаи худи муаллифон нишон медиҳад, ки ин ду омил на ба рушди адабиёт, балки ба заъфу касоди он боис шудаанд. Ҷараёни маорифпарварӣ, ки дар он замон ба вуҷуд омад, тавре муаллифон дуруст таъкид кардаанд, «алорағми сиёсати амирӣ буд», яъне бар хилофи он ду омил сурат гирифтааст. Бингобар ин дар китоби дарсӣ ҳангоми баёни андешаҳои назарӣ бояд боэҳтиёт ва санҷида сухан гуфт.

Норасоии дигари адабиётшиносии мо ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, ки имрӯз рӯ ба ислоҳ овардааст, баррасии оҳангҳои тасаввуфӣ дар осори адибони гузашта аст. Пӯшида нест, ки тасаввуф дар асрҳои миёна бо адабиёт ва фарҳанги мо омезиш пайдо карда, ба ҷузъи таркибии осори аксари адибон табдил ёфтааст, Бесабаб нест, ки як гурӯҳро орифони шоир ва гурӯҳи дигарро шоирони ориф меноманд. Ҳатто дар осори шоироне, ки ба ин ду гурӯҳ мансуб нестанд, таъсири андешаҳои ирфониву тасаввуфиро метавон мушоҳида кард. Мисоли он маснавии «Гулзорои Ирам»-и Мушфиқӣ шуда метавонад. Дар китоби дарсӣ мазмуни мухтасари маснавӣ нақл гардида, баъзе хусусиятҳои он баён шудааст. Вале ба моҳияти тасаввуфии он бо ин як ҷумла қаноат шудааст: «Маснавии «Гулзори Ирам» ҳатто аз унвони он пайдост, ки дорои қавитарин оҳангҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ аст»(саҳ. 44). Ин ҷо бояд оҳангҳои ирфонӣ-тасаввуфӣ шарҳ дода мешуд, то хонанда аз ҳадафи шоир огоҳ гардад. Ҳамчунин бояд тарзи тасвиру баёни он андешаҳо нишон дода шаванд.

Тавре ки зикр шуд, ҳангоми таҳлили осори адибон бояд бештар ба забон, сабк ва тарзи баёни онҳо таваҷҷӯҳ кард. Зеро танҳо ба ин васила метавон ба олами эҷодии онҳо ворид шуд. Дар китоб дар баъзе мавридҳо зерфаслҳои забон ва услуби шоирон ҷудо карда шудааст. Вале ин равиш ба назари мо роҳи ҳалли масъала шуда наметавонад. Бояд таҳлили мазмуну мавзӯъ ва забону баён бо ҳам анҷом дода шавад, на ба таври ҷудогона, чунонки дар ҳамаи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ба назар мерасад. Дар асрҳои миёна шарҳнависӣ ба осори адибон ривоҷ дошт, ки аз ҷумла шарҳҳои ба ғазалиёти Ҳофиз, қасоиди Анвариву Хоқонӣ, маснавии Ҷалолиддини Балхӣ, осори Бедил ва амсоли инҳо машҳуранд. Дар он шарҳҳо мо намунаи барҷастаи таҳлили филологиро мебинем. Яъне шореҳон таҳлили асарро аз калимаҳо шуруъ намуда, ҳар вожаву ибораро тавзеҳ медоданд, сипас андешаи муаллифи асар ва бардоштҳои худро ба қалам медоданд. Ин анъанаро имрӯз то андозае дар китобҳои дарсии Эрон

мушоҳида кардан мумкин аст. Дар китобҳои дарсии онҳо такя бештар ба таҳлили забон ва тарзи баён карда мешавад.

Барои нишон додани зарурати чунин тарзи таҳлил як мисол меорем. Дар пораи зери «Дахмаи шоҳон»-и Мирзосоди- қи Муншӣ калимаи «мукофот» ниёз ба шарҳ дорад:

Зи бас маст будам зи ҷоми ғурур,
Мукофотро дидам аз хеш дур.
Кунун ин мукофоти кирдорҳост,
Ҳамин ранҷам озори озорҳост.

Калимаи «мукофот» имрӯз дар забони тоҷикӣ ба маънии ҷоиза, подош истифода мешавад. Вале дар пораи мазкур мукофот ба маънии манфии ҷазо ба кор рафтааст. Аз ин рӯ таҳлили он пораи манзум бояд аз шарҳи чунин вожаҳо шуруъ шавад.

Ба назари мо дар китоби дарсӣ таҳлили асарҳои зиёд зарур нест.Агар аз ҳар шоир як - ду шеър ё асари мансур таҳлили амиқу ҷомеи филологӣ шавад, дар хотири хонанда мемонад. Ин равиш дар китобҳои дарсии Эрон истифода мешавад. Дар адабиётшиносии рус низ вақтҳои охир таҳқиқи ҷомеи як шеър ва ба ин васила муайян кардани услуби эҷодии шоирон маъмул шудааст, ки шоистаи пайравист.

Таҳлил дар китоби дарсӣ бояд равшану фаҳмо, дақиқу мантиқӣ ва аз калимаву ибораҳои берабту бемантиқ холӣ бошад. Мутаассифона, ин меъёр низ дар баъзе мавридҳо дар китоби мазкур риоя нашудааст. Масалан, пас аз нақли як ғазали пурраи Сайидо навишта шудааст: «Ғазали зикршуда моҳияти амиқи панду андарзӣ, насиҳатӣ-тарбиявӣ дошта, олами сабаб-олами инсонҳо хеле нозуку ҳунармандона мавриди тасвир қарор гирифтааст ва ғазал аз оғоз то анҷом(байт-байт) ирсоли масал аст.»(саҳ. 64). Аз ин таҳлил хонанда чӣ бардошт мекунад? Оё паи ҳам овардани чор калима, ки як маъно доранд, зарур аст? Олами сабаб-олами инсон чӣ маъно дорад? Чунин саволҳоро боз идома додан мумкин аст. Зеро матлаб равшан баён нашудааст.

Таҳлили як ғазали дигари Сайидо низ ба ҳамин тариқ сурат гирифтааст: «Ё худ ғазали дигари шоир, ки аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, моҳияти қавитари иҷтимоӣ дошта, ҳасби ҳоли шоир ва ҳолати қаҳрамони лирикӣ аз оғоз то анҷоми ғазал давом мекунад, ки аз тангии маишӣ ва бенавоӣ ба сари шоир омадааст.»(саҳ.64).

Дар зимни таҳлили ғазали комилан ошиқонаи Соиб, ки оҳанги иҷтимоӣ надорад, навиштаанд: «Газали мазкур низ ишқӣ буда, бо қавитарин оҳангҳои иҷтимоӣ қобили вуқуъ шудааст, ки

танҳо як ишораи сабуке метавон бар муҳтавои он намуд, то ҳадафи эҷодкор ошкортар гардад»(саҳ96).

Таърифи мусаммат муғлақ буда, дарки он барои хонанда душвор аст: «Мусаммат навъе аз шеъри тасмит буда, аз бандҳои 3-10 мисраӣ иборат аст.»(саҳ.69).

Баъзан андешаҳо бедалел, вале қотеона баён шудаанд. Масалан, зимни баррасии осори Сайидо таъкид шудааст, «сурудани мавзӯъҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ, ҷамъиятӣ-инсондӯстӣ… ҳанӯз аз Саъдӣ шурӯъ шуда буд.» (саҳ.62). Маълум аст, ки мавзӯъҳои мазкур қабл аз Саъдӣ дар осори адибони зиёд матраҳ шудаанд.

Китоби дарсӣ бояд аз ҳар ҷиҳат намунавӣ бошад,дар он ба хурдтарин нуқсонҳо роҳ дода нашавад, зеро хонандагон аз рӯи онҳо савод меомӯзанд. Мутаассифона, дар китоб ғалатҳои имлоӣ, ноҷо гузоштани аломатҳои китобат ва амсоли инҳо зиёд ба назар мерасанд. Масалан, калимаи ҷанба дар ҳама ҷо ҷанбаъ навишта шудааст. Ғалатҳои дигари имлоӣ аз қабили ғолибон, гирбод, серсеҳа, минависад, тарих,ҷоҳонбинӣ, аз сатр ба сатр гузаронидани калимаҳо низ роҳ ёфтаанд, ки хонандаро ба иштибоҳ мебаранд. Зеро дар охири китоб тасҳеҳ ҳам дода нашудааст.

Дар поёни сухан барои нашриояндаи китоб чанд пешниҳод баён мешавад.

Аз чи сабаб бошад, ки ба китоби дарсии мазкур адибони маъруф Бадриддин Ҳилолӣ ва Восифӣ, ки дар адабиёти замони худ мавқеи баланд доштанд, дохил нагардидаанд. Ба назари мо онҳо бояд ба барномаи таълим дохил карда шаванд. Вале ба дохил кардани Гулханӣ зарурате нест. Зеро ӯ шоири зуллисонайн буда, бештар дар адабиёти узбек мавқеъ дорад ва таҳлили муфассали «Зарбулмасал», ки ба забони туркӣ таълиф шудааст, дар китоб чун дарбеҳи ночаспон аст.

Ҳамчунин сабаби ба китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» дохил кардани шоири асри X1X Эрон Қоонии Шерозӣ ҳам норавшан аст. Тавре ки маълум аст, адабиёти ягонаи тоҷику форс дар асри XУ1 ба шохаҳо ҷудо шуд ва адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳру Хуросон ҷараён ёфт, ки сабабҳои онро академик А. Мирзоев, Иржи Бечка ва дигарон нишон додаанд. Мутаассифона, ин масъала дар муқаддимаи китоби дарсӣ матраҳ нашудааст.

Тавре ки маълум аст, дар пешрафти раванди адабии асрҳои XУ1 – X1X нақши ҳавзаҳои адабӣ хеле калон аст. Аз ин рӯ дар нашрҳои оянда додани маълумот дар бораи ҳавзаҳои адабии

Ҳисор, Бадахшон, Рашт, Хатлон, Зарафшон, Истаравшан ва амсоли инҳо, ки таҳқиқ шудаанд, аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Қисмати «Рӯйхати адабиёт» низ хеле ноқис аст. Ҳатто осори муҳаққиқони маъруф А. Мирзоев, Х.Мирзозода, Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев ва амсоли онҳо зикр нашудаанд. Хуб мешуд дар охири ҳар фасл муҳимтарин осори чопшудаи адибон ва асарҳои таҳқиқотӣ роҷеъ ба онҳо дарҷ гарданд, то ки роҳнамои хонандагоне бошад, ки ба омӯзиши таърихи адабиёт шавқу рағбати бештар доранд.

Китоби дарсӣ дарвоқеъ бояд мисли фонус роҳи толибилмро дар олами беканори дониш мунаввар созад, шавқу рағбати онҳоро ба мутолиаи китоб бештар намояд ва эҳсоси зебошинохтиву зебописандии онҳоро парвариш диҳад.

## Ахлоқ ва ирсият аз нигоҳи адибони тоҷику форс

Масъалаи тарбияву ахлоқ ва ирсият аз мавзӯъҳои муҳими илмҳои гуногун буда, то ҷое, ки мо хабар дорем, ҳанӯз ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст ва донишмандон дар ин хусус ба хулосаи муайяне наомадаанд. Муҳаққиқи рус И. Кузмичев дар ин бора навиштааст: «Масъалаи таъсири ирсият ва муҳит ба ташаккули ахлоқ аз ҷумлаи душвортарину аҷибтарин масоил буда, то ин дам мавзӯи баҳсҳои тезутунд аст. Илми муосир на танҳо ирсиятро дар ташаккули хусусиятҳои равониву маънавӣ инкор намекунад, балки онро чун қонуни тағйирнопазиру аслӣ эътироф менамояд».[43]

Донишмандони тоҷику эронӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳи хосе зоҳир накардаанд ва онро мавриди таҳқиқи амиқу ҳарҷониба қарор надодаанд. Ҳатто дар рисолаи «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик»-и М. Орифӣ, ки бояд масъалаи мазкур таҳқиқ мешуд, фақат дар зимни шарҳи афкори ахлоқии Ҷомӣ бо ин ишора қаноат шудааст: «Ҷомӣ ин ҷо ба он фикри Фирдавсӣ, ки дарахти талх бо ҳама парвариш ҳам меваи талх хоҳад дод, мегуфт, пайравӣ кардааст. Бо ин фикри худ Ҷомӣ таъсири ирсиятро пурзӯр ва тарбияро дар назди он оҷиз мешуморад, ки ин аз маҳдудиятҳои ақидаҳои ӯ буда, бо таъсири замон пайдо шудааст».[44]

Тавре ки баъдтар хоҳем дид, на Фирдавсӣ ва на Ҷомӣ тарбиятро дар ташаккулу рушди шахс инкор накардаанд ва фақат онро ба шахси бадасл беасар донистаанд ва ин на аз таъсири замон, балки аз эътиқоди суннатии мардум будааст.

---

[43] И. Кузмичев. Литература и нравственное воспитание личности. М., 1980, С. 114.
[44] М. Орифӣ. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Душанбе, 1962, С. 102.

Чунин ишораҳо дар як зумра аз асарҳое, ки ба андешаҳои ахлоқии Саъдӣ бахшида шудаанд, низ ба назар мерасад, ки дар мавридаш ба онҳо ишора хоҳад шуд.

Донишманди шодравон А. Мирзоев ҳам дар зимни тадқиқи осори шоири барҷастаи асри 15-и тоҷик Камолиддин Биноӣ ба масъалаи мазкур, бахусус таърихи он чанд ишораи муҳим кардааст, ки қобили таваҷҷӯҳ ва ёдоварӣ мебошад. Ӯ дар боби ҷудогонаи «Биноӣ ва масъалаи ташаккулёбии шахсияти фардӣ» андешаҳои ахлоқии шоирро дар бораи пайдоиши хислатҳои неку бад бо зикру таҳлили мисолҳо аз маснавии "Беҳрӯзу Баҳром" мавриди баррасӣ қарор додааст ва ба натиҷае расидааст, ки Биноӣ низ ирсӣ будани хулқи баду некро таъйид намудааст.

А. Мирзоев зимнан ба таърихи масъала назар андохта, онро ба имтиёзи табақавӣ дар ҷамъияти феодалӣ вобаста медонад. Ҳамчунин бо таъсири ҳадиси «Кулли шайъин ярҷаъу ила аслиҳи» ҷанбаи (характери) динӣ гирифтани он ақидаро таъкид менамояд. Вале ба назари мо, ақидаи ирсияти хислати бад таърихи қадимтар дошта, шояд ба давраҳои ибтидоии таърих мансуб буда, аз тасаввуроти мардум дар хусуси муборизаи оштинопазири некиву бадӣ маншаъ мегирад. Бесабаб нест, ки ин ақида то имрӯз дар тасаввури марумони эронитабор сахт ҷой гирифтааст. Зарбулмасалу мақолҳои зиёде, ки дар ин мавзӯъ ҷой доранд, аз ин гувоҳӣ медиҳанд:

Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Зангӣ ба шустан сафед намешавад.

Гургзода гург шавад.

Албатта, дар ташаккули ақидаи мазкур таъсири ислом, бахусус оятҳои ҷудогонаи Қуръони маҷид ҳам ҳаст, ки дар ин бобат дар мавридаш сухан хоҳад рафт.

Дар хусуси ҳадиси мазкури расули акрам (с) бошад ҳаминро бояд гуфт, ки дар он на ирсияти хислатҳои инсонӣ, балки баргашт ба асл пас аз марг таъкид шудааст ва ба масъалаи ирсияти хулқ робитаи мустақим надорад.

А. Мирзоев дар идомаи сухани худ ҳамчунин таъкид мекунад, ки дар андешаи шоирони гузашта дар хусуси ирсияти хулқи неку бад баъзан «роли тарбият инкор карда шудааст».[45] Вале пас аз тааммул дар саргузашти Беҳрӯзу Баҳроми маснавии ҳамноми Биноӣ, ки ҳар ду аз як падару модар зода шудаанду пас аз ба камол расидан бо таъсири муҳит яке манфиатрону дигаре зараррасони мардум мегардад, бар хилофи ақидаи аввал ба хулосае меояд, ки дар назари шоирон, аз ҷумла Биноӣ ихтилоф мавҷуд аст. Яъне, аз як тараф, таъсири тарбиятро нодида мегирад, вале, аз тарафи дигар, бо таъсири муҳит тағйир ёфтани хислати қаҳрамонро нишон медиҳад.

Ба назари мо, ин ҷо ихтилофе нест, балки андешае ниҳон аст, ки хислати аз асли бад реша гирифта ҳеҷ гоҳ ислоҳ, яъне нек намешавад (намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад, гургзода гург мешавад…). Вале хислате, ки аз асли нек сарчашма мегирад, бо таъсири муҳити бад ва тарбияти нодуруст метавонад бад гардад. Масалан, Баҳром аз оилаи хуб аст, вале бо таъсири одамони бад ба шахси зараррасон табдил меёбад. Шоирони форсу тоҷик дар он ақида буданд, ки тарбият ба шахси некасл хеле муҳим аст. Зеро дар сурати суст шудани тарбият

---

[45] А. Мирзоев. Биноӣ, Сталинобод, 1957, саҳ. 225.

ашхоси нек ба бадкор табдил меёбанд. Барои равшантар шудани масъала чанд мисолро аз шоирони гуногун аз назар мегузаронем.

Анварӣ таъкид кардааст, ки тифли бадгуҳар ҳарчанд дорои сурати зебо бошад ва дар муҳити хуб тарбият ёбад, инсони нек намешавад, яъне тарбият ба ӯ асар нахоҳад кард:

Агар тифли бадгавҳари некчеҳр,
Ки ҳуснаш фузун бошад аз моҳу меҳр.
Диҳад шири пистони худ Марямаш,
Масеҳо шавад рӯзу шаб ҳамдамаш.
Нагирад тариқи накӯахтарӣ
Шавад фолаш охир ба бадгавҳарӣ.[46]

Фузулӣ ва Сайидои Даканӣ низ ба тифли бадсиришт таъсир накардани тарбиятро таъкид кардаанд. Вале бисёре аз шоирон ин матлабро бо мисолҳо аз олами ҳайвоноту табиат ироа намудаанд. Аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ барои таъйиди андешаи боло сагбаччаро мисол меорад, ки ҳар қадар соҳибаш онро бо камоли ғамхорӣ парвариш намояд, оқибат ӯро хоҳад газид:

Агар баччаи саг кунӣ парвариш,
Ба ташти заринаш бимонӣ хӯриш.
Ба зар пур кунӣ мӯи аъзои ӯ,
Ба гавҳар бигирӣ саропои ӯ.
Чу дар зӯру қувват шавад беназир,
Газад соҳиби хешро билахир. [47]

Барои тақвияти андешаи мазкур Абдураҳмони Ҷомӣ мори афъиро мисол меоварад, ки ба ҳама парвариши хубу тарбият ром намегардад ва ба одам захр мезанад:

Агар афъиеро бигирӣ зи дашт,
Ба ҷаннатсарояш диҳӣ сайру гашт.
Ба ҳар ҷои марғуб ҷояш диҳӣ,
Миёни гул оромгоҳаш диҳӣ.
Ғизояш гар аз решаи ҷон диҳӣ
В-агар обаш аз оби ҳайвон диҳӣ.
Нагардад бад-ин тарбият роми ту,
Ки охир кунад захр дар коми ту.[48]

Ба ин минвол Шоҳпири Кашмирӣ баччаи ҷуғзро, Фидоӣ ва Ноқиси Каттақурғонӣ харро мисол меоранд, ки тарбияту парвариш ба онҳо асаре надорад.

Тавре ки мебинем, дар ҳамаи мисолҳои зикршуда фақат таъсир накардани тарбият ба бадасл таъкид шудааст. Саъдӣ низ ҳамин андешаро хеле барҷаста бо мисолҳои зиёд таъкид кардааст. Вале ӯ ба асли нек ҳам ишора намуда, ёдрас мешавад, ки тарбият ба он асар мекунад:

Чун бувад асл гавҳари қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.

Аммо ба шахси бадасл тарбият таъсир намекунад:

---

[46] А. Мирзоев. Биноӣ, саҳ. 445. Ин намуна ва мисолҳои дигар аз шоирони асрҳои 10-19 аз баёзи Ноқиси Каттақӯрғонӣ, ки таҳти рақами 1829 маҳфуз аст, гирифта шудаанд.
[47] Ҳамон ҷо, саҳ. 445.
[48] Ҳамон ҷо, саҳ. 445.

Ҳеҷ сайқал накӯ натонад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Саг ба дарёи ҳафтгона бишӯй,
Ки чу тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд ҳанӯз хар бошад.[49]

Ин мисолҳо бори дигар ин андешаро тақвият медиҳанд, ки хулқи бади аз асли бад реша гирифта тарбиятнопазир аст. Вале асли нек вобаста ба тарбият буда, он бо таъсири муҳит ва тарбият тағйир меёбад.

Ҳамин нуктаи назари ахлоқии дар адабиёту ҳикмати мардумони эронитабор то қарни XX маъмул дар Шоҳномаи Фирдавсӣ ҳам хеле равшану барҷаста бозтоб ёфтааст. Вале муҳаққиқи андешаҳои ахлоқии шоир С. Ҳасанова онро нодида гирифтааст ва ба ихтилофи назари Фирдавсӣ дар ин масъала ишора карда, мисоле наовардааст: «Вале дар айни замон ақидаҳои ӯ (Фиравдсӣ – М.М.) дар хусуси манбаъҳои ахлоқ аз ихтилоф озод нест. Фирдавсӣ ҳам хосиятҳои модарзодиро эътироф мекунад, вале ӯ бовар дорад, ки хосияти модарзодӣ бо таъсири муҳити беруна, тарбият метавонад тағйир ёбад».[50]

Донишманди покистонӣ Ҳофиз Маҳмудхони Шеронӣ назари Фирдавсиро роҷеъ ба решаи хулқи бад дуруст дарк намуда, навиштааст: «Дар асари шарофати нисбӣ ақидаи миллии эрониён бар ин будааст, ки разилу камина ва пастфитрат ҳамеша пасту разил аст ва ҳеҷ таълиму тарбият наметавонад ӯро ба ахлоқи ҳасанаи инсоният ороста кунад».[51]

Дарвоқеъ Фирдавсӣ ҷонибдори ҳамин ақидаи маъмул буда, ҳамеша тарбиятнопазир будани ашхоси бадсириштро бо ҳар васила таъйид намудааст. Ӯ ҳам иддао дорад, ки аз мағзи талх ҳеҷ гоҳ дарахти меваащ ширин намерӯяд, ҳарчанд онро дар боғи биҳишт парвариш диҳанд:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангубин резиву шаҳди ноб.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Дар осори бозмондаи шоирони асри X форсу тоҷик на танҳо айни ҳамин андешаро метавон мушоҳида кард, балки дар байтҳои зерини Абӯшакури Балхӣ барои тақвияти фикр мисоле оварда шудааст, ки бо далели Фирдавсӣ хеле монанд аст:

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талх орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Албатта, ҳоло аз Абӯшакури Балхӣ гирифта шудани тасвири мазкурро таъйин кардан хеле душвор аст. Зеро дар Шоҳнома ишорае

---

[49] Ҳамон ҷо, саҳ. 445.
[50] С. Ҳасанова. Социально-этические взгляды Абулкасыма Фирдоуси, Автореферат кандидатской диссертации. Душанбе, 1967, С. 15.
[51] Ҳофиз Маҳмудхони Шеронӣ. Дар шинохти Фирдавсӣ, тарҷумаи Шоҳиди Ҷавҳадарӣ. Теҳрон, 1369, саҳ. 310.

дар ин бора дида намешавад. Вале чуноне ки муҳаққиқон ишора кардаанд, ҳам Абӯшакури Балхӣ ва ҳам Фирдавсӣ ба эҳтимоми қавӣ дар тасвири худ аз ояи зерини сураи Иброҳими Қуръони маҷид илҳом гирифтаанд: «Ва масали сухани нопок чун дарахте нопок аст, ки реша дар замин надорад ва барпо натавонад буд».[52]

Дар Шоҳномаи Фирдавсӣ низ барои ифодаи матлаби мазкур василаҳои гуногун истифода шудаанд. Агар дар мисоли боло тамсил аз олами наботот бошад, дар мисоли зер аз олами ҳайвонот масал зада шудааст:

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез, кайфар барӣ.

Дар байти зер бошад тамсил ба олами инсонӣ мансуб буда, назари шоир хеле возеҳ ва ошкоро баён шудааст:

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сапед.

Аксари муҳаққиқон ҳангоме ки дар бораи андешаҳои Фирдавсӣ роҷеъ ба тарбият сухан меронанд, назари ӯро ба афкори ахлоқии Саъдӣ мавриди муқоиса қарор медиҳанд. Аз ҷумла донишманди покистонӣ Мумтоз Ғафур дар ин хусус навиштааст: «Фирдавсӣ дар бораи тарбият мисли Саъдӣ тарбият[53] намудааст, мегӯяд, ки бо тарбият наметавон зиштиро ба покӣ ва талхиро ба ширинӣ табдил кард. Агар аслу гавҳар нест, тарбият фоидае надорад».[54]

Таҳқиқи татбиқиву қиёсии андешаҳои ахлоқии ин ду шоири бузург аз доираи вазифаи ин рисола берун аст. Бинобар ин танҳо бо зикри чанд мисол дар ин замина иктифо мешавад.

Саъдӣ ҳам мисли сойири адибони форсу тоҷик ҷонибдори андешаи ирсӣ ё худ таврисӣ будани ахлоқ аст, ки инро муҳақиқон низ таъйид кардаанд. Аз ҷумла Н. Арабзода омилҳои муҳиммеро, ки дар радифи муҳиту ирсият барои ташаккули ахлоқи шахсият таъсир мегузоранд, бо мисолҳои фарвон нишон додааст.

Саъдӣ дарвоқеъ барои ташаккули ахлоқии инсон нақши муҳитро хеле бузург медонад, ки дар қитъаи маъруфи зер равшан тасвир шудааст:

Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-он гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯйи диловези ту мастам.

---

[52] Қуръони маҷид, с. 14, 26.
[53] Ин ҷо тарбият маънии равшан намедиҳад, шояд «ироа» бошад.
[54] Мумтоз Ғафур. Фирдавсии ҳаким. Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам…, С. 527.

Бигуфто: « Манн гиле ночиз будам,

Валекин муддате бо гул нишастам.

Камоли ҳамнишин дар манн асар кард

В-агарна манн ҳамон хокам, ки ҳастам.»2

Дар қитъаи мазкур Саъдӣ бо тасвири содаву табиии шоирона андешаи амиқи фалсафии бо таъсири ҳамнишин тағйир ёфтани ашёро хеле зебову равшан баён кардааст.

Саъдӣ нақши тарбиятро низ дар ташаккули инсон бузург медонад ва борҳо ин нуктаро таъкид кардааст:

Чун бувад асли гавҳаре қобил,

Тарбиятро дар ӯ асар бошад

Барои андеша ҳар ду шоир зарбулмасали «зангӣ ба шустан сафед намешавад»-ро ба кор бурдаанд:

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сапед.
Фирдавсӣ
Маломат кун маро ҳарчанд хоҳӣ,
Ки натвон шустан аз зангӣ сиёҳӣ.
Саъдӣ

Фирдавсӣ дар чанд маврид барои ифодаи матлаб шербачаро мисол меорад:

Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Чу дандон кунад тез кайфар барӣ.

Саъдӣ ҳамон матлабро бо истифода аз саг ва хар баён мекунад:

Саг ба дарёи ҳафтгона бишӯй,
Ки чун тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд ҳанӯз хар бошад.

Тавре ки қаблан зикр шуд, Фирдавсӣ барои баёни андешаи ирсӣ будани хулқи бад дарахти аз донаи талх сабзандаро мисол овардааст. Саъдӣ низ ҷиҳати ифодаи ҳамон матлаб дарахтро мисол оварда, онро мушаххас мегардонад ва аз дарахти муқл меваи хурмову шафтолу нарӯиданро таъкид менамояд:

Муқаддар аст, ки аз ҳар касе чу феъл ояд,
Дарахти муқл на хурмо диҳад на шафтолу.

Ба ин минвол Фирдавсию Саъдӣ дар масъалаи ирсияти хислатҳои неку бад ва нақши муҳиту тарбият дар ташаккули шахсият ҳамақида буда, хулқи бадро тарбиятнопазир медонанд. Саъдӣ андешаҳои Фирдавсиро ҳарҷониба ривоҷ дода, бо далел тоза такмил намудааст. Андешаҳои ахлоқие, ки ин ду адибу омӯзгори бузурги хислатҳои ҳамидаи инсонӣ баён кардаанд, то ибтидои қарни XX тақрибан бетағйир идома ёфтааст

**Роҷеъ ба шинохти нусхаҳои хаттии осори адибони форсизабон**

Нусхаҳои хаттӣ аз муҳимтарин падидаҳои фарҳанги ғаниву босто
Хоразмӣ, Умари Хайёму Насириддини Тӯсӣ, Ғиёсуддин Кошониву Қутбиддини Шерозӣ ва садҳо донишмандони форсу тоҷик ошно гаштанд.

Дар китобхонаву музейҳо, бойгониву захираҳои гуногуни олам ва китобхонаҳои шахсӣ теъдоди зиёди нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ маҳфузанд, ки осори адабӣ дар байни онҳо ҷои муҳимро ишғол менамояд. Ин осор пеш аз ҳама аз девонҳои шоирон, баёзҳо, ҷунгҳо, маҷмӯаҳо, тазкираҳо, рисолаҳои илми бадеъ, арӯз, қария, қиссаҳо, тафсилҳо, афсонаву ривоятҳо ва амсоли онҳо иборатанд.

Шинохти ин нусхаҳо, феҳристнависӣ ва таҳқиқу нашри онҳо пеш аз ҳама барои муайян кардани осори адибони гузашта хеле зарур аст. Инчунин онҳо барои барқарор намудани тарҷумаи ҳоли адибон, таҳқиқи аҳволи осори онон, вазъу раванди адабиёт ва масъалаҳои дигари таърихи адабиёт хеле судманданд. Илова бар ин, шинохти нусхаҳо барои муайян кардану омӯхтани арзишҳои ҳунарии онҳо, бахусус хаттотиву хушнависӣ, миниатурнависӣ ва амсоли онҳо аҳамияти калон дорад.

Шинохти нусхаҳои хаттии форсӣ на танҳо барои таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёту фарҳанги форсу тоҷик, барои мардумони дигар низ аз аҳамият холӣ нест. Тавре, ки нусхашиноси маъруф О.Ф. Акимушкин таъкид намудааст, маҳз дастнавис нигоҳдорандаи ғамкор ва ноқили эҳтиёткори осори гуногуни фарҳанги маънавии ҳам худи Эрон ва ҳам мардумони ҳамсояе, ки барои онҳо забони форсӣ муддати тӯлонӣ ҳамчун забони назму таърихнигорӣ, адабиёти бадеиву санаднигорӣ хидмат кардааст, ба шумор мерафт (1, 330).

Зимнан бояд гуфт, ки барои таҳқиқи адабиёту фарҳанги мардумони форсизабон нусхаҳои хаттии арабӣ низ заруранд, зеро бидуни онҳо шинохти адабиёти гузашта дар баъзе мавридҳо комил нахоҳад буд.

Дар муаррифӣ ва шинохти нусхаҳои хаттӣ бешубҳа феҳристҳои нусхаҳои хаттӣ нақши муҳимро мебозанд. Тавре ки маълум аст, тавсифи илмии нусхаҳои хаттии форсӣ ва таълифу танзими феҳристҳои дастнависҳои форсии китобхонаҳо гуногуни олам дар Аврупо дар қарни XIX оғоз ёфтааст. Дар феҳристнависии нусхаҳои хаттии форсиву

арабии маҳфуз дар китобхонаҳои Шарқу Ғарб бахусус хидмати ховаршиносон Ҳ. Эте, К. Риё, В. Перч, Д.Рос, А.Шпренгер, Э.Блоте, К. Брокелман, Ҳамнер-Пурчистал, В.Иванов, Э. Браун, А. Арберри, А. Кристенсен, М.Шефер, П.Ҳорн, Б. Дорн ва амсоли онҳо хеле бузург аст. Дар қарни XX феҳристнависии дастнависҳои форсӣ бештар дар Эрон рушду тавсиа пайдо кард ва донишмандони маъруфи эронӣ Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ, Саид Нафисӣ, Муҷтабо Минувӣ, Эраҷи Афшор, Сайид Аҳмади Ҳусайнӣ, Рукниддин Ҳумоюнфаррух, Маҳдии Баёнӣ, Аҳмади Мунзавӣ, Сайид Абдулло Анвар дар ин кори муҳим саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҷумла, танҳо Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ беш аз 40 ҳазор нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои Эрон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигарро тавсифи илмӣ кардааст. Феҳристнигории дастнависҳои форсӣ дар Русия, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар торафт рушду густариш меёбад, ки феҳристи бисёрҷилдаи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои шӯъбаи дар Санкт-Петербург будаи Институти ховаршиносии АИ Русия, Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, феҳристи дастнависҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон, феҳристи дастнависҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, феҳристи дастнависҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва амсоли инҳо, ки дар 60-соли охир ба табъ расидаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳарчанд то имрӯз садҳо ҷилд феҳристи нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ ба забонҳои гуногун ба табъ расидаанд, вале онҳо ҳанӯз дастнависҳои зиёдеро ки дар китобхонаҳои кишварҳои олам маҳфузанд, дар бар намегиранд. Масалан, дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Туркия, баъзе кишварҳои араб дастнависҳои зиёде маҳфузанд, ки тавсифи илмӣ нашудаанд. Илова бар ин дар китобхонаҳои шахсӣ дастнависҳои фаровоне мавҷуданд, ки кассе аз онҳо хабаре надорад. Ҳол он ки дар байни онҳо нусхаҳое ҳастанд, ки хеле нодир ва гаронбаҳо мебошанд. Барои мисол метавон таърихи пайдо кардани пораҳои китоби «Вомиқ ва Азро»-и Унсуриро ёдовар шуд. Донишманди покистонӣ Муҳаммад Шафеъ нусхаи хаттии арабии «Алкитобулмухтасар мин китобилвақф»-ро ки дар асри X11 китобат шудааст, ба саҳҳофе медиҳад, ки ҷилди онро иваз кунад. Саҳҳоф мебинад, ки ба ҷои муқова варақҳои коғаз гузошта шудаанд, ки дар онҳо шеърҳо сабт ёфтаанд. Бинобар ин, варақҳоро ба соҳиби китоб месупорад. Муҳаммад Шафеъ пас аз мутолиаи

варақҳо дармеёбад, ки онҳо пораҳо аз маснавии гумшудаи «Вомиқ ва Азро»-и Унсурӣ будаанд. (2, 60-61). Ҳамин тавр 372 байти достони мазкур кашф мешавад, ки барои омӯхтани осори Унсурӣ ва таърихи маснависароӣ хеле судманданд.

Вақтҳои охир бо саъю кӯшиш ва заҳматҳои тӯлонии донишманди эронӣ Аҳмади Мунзавӣ нусхаҳои фаровони хаттии китобхонаҳои Покистон тавсифи илмӣ шуда, дар чандин ҷилд феҳристи онҳо ба табъ расид. Кори муҳимми дигаре, ки Аҳмади Мунзавӣ анҷом дод, тартиб додани феҳристи мавзӯӣ дар асоси нусхаҳои хатти Покистон буд. Ӯ феҳристеро таҳти унвони «Саъдӣ бар мабнои нусахи хаттии Покистон» мураттаб ва нашр намуд, ки тавсифи беш аз 100 нусхаи хаттии осори Саъдиро, ки дар китобхонаҳои Покистон маҳфузанд, дар бар мегирад (5).

Вале дастнависҳои фаровони китобхонаву музейҳои зиёди Ҳиндустон ҳанӯз тавсиф ва феҳристнависӣ нашудаанд. Ҳол он ки Ҳиндустон аз бузургтарин ва муҳимтрани марказҳои нигоҳдории нусхаҳои хаттии форсиву тоҷикӣ дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Тавре ки донишманди маъруфи тоҷик Аҳрор Мухторов зимни сафарҳои худ ба ин сарзамин мушоҳида кардааст, дастнависҳои тавсифнашуда дар китобхонаву музейҳо хеле зиёд буда, аксаран дар шароити номусоид нигоҳдорӣ мешаванд (7,4). Ӯ дар зимни ҳар сафари худ аз ганҷинаҳои нусхаҳои хаттии он сарзамин дурдонаҳо пайдо намуда, тавассути мақолаву гузоришҳои илмии худ манзури аҳли илму адаби тоҷик мегардонад. Аз ҷумла, ӯ дар музеи Солорҷанг бо нусхаи хаттии «Маҷмӯаи ашъори шуарои мутақаддимин» ошно мешавад, кидар он намунаҳои ашъори 149 шоир, ки аксари онҳо номашҳуранд, дарҷ гардидааст. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар маҷмӯаи мазкур 151 байти устод Абӯабдулло Рӯдакӣ низ сабт шудааст. Таҳқиқи муқоисавии А. Мухторов нишон медиҳад, ки 34 мисраи он «ашъори тозаи ӯ (Рӯдакӣ – М.М.) будааст, ки то ин вақт дар ҳеҷ куҷо чоп нашудааст» (7, 87). Аз тарафи дигар дар матни аксари шеърҳои машҳури устод Рӯдакӣ тафовутҳо ба назар мерасанд, ки барои ба вуҷуд овардани матни саҳеҳи илмиву интиқодии шоир ва ҳалли масъалаҳои норавшани аҳволу осори ӯ мадад мерасонанд.

Дар сафари дигари худ устод А. Мухторов дар Музеи миллии Деҳлӣ нусхаи хаттии «Девон»-и Мавлоно Аҳмади Хуҷандиро кашф менамояд, ки мунҳасирбафард буда, дар ҷои дигар ба назар намерасад (7, 129-139).

Илова бар ин феҳристҳои нусахи хаттии китобхонаҳои ҷудогона, ки таълифи онҳо аз асри XIX то имрӯз идома дорад ва феҳристи дастнависҳои як кишвар, ки Аҳмади Мунзавӣ намунаи онро ба вуҷуд овардааст, вақтҳои охир феҳристҳои минтақавӣ мураттаб карда мешаванд, ки намунаи барҷастаи онро ҳам Аҳмади Мунзавӣ офаридааст. Ӯ бо истифода аз 85 феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои Эрон, Покистон, Туркия ва баъзе кишварҳои Аврупо феҳристи минтақавии нусхаҳои хаттии форсиро мураттаб ва чоп намудааст (6). Ниҳоят Аҳмади Мунзавӣ ба таҳия ва нашри феҳриствораи ***ҷомеи нусхаҳои хаттии форси ҷаҳон*** шурӯъ намудааст, ки 8 ҷилди он ба табъ расидааст.

Вале танҳо бо феҳристнигорӣ ҳал кардани масъалаи шинохти нусхаҳои хаттии форсиву арабӣ, ки дар кишварҳои гуногуни олам дар шароити мухталиф ва парешону бенизоми муайян нигоҳдорӣ мешаванд, душвор аст. Тавре ки китобшиносони маъруф Ю.С. Баршевский ва Ю.Э. Брегел дуруст таъкид кардаанд, «дар ҳолати камшумор будани мутахассисине, ки тавсифу таҳқиқи дастнависҳо машғуланд, ин кор чунон суст пеш меравад, ки ҳоло пешгуӣ кардан душвор аст, ки кай ақалан рӯйхати аксари дастнависҳо маълум мегардад?» (8,8). Бинобар ин, мавқеи китобҳои роҳнамову маълумотҳои китобшиносии нусхаҳои хаттӣ дар ин маврид хеле калон аст.

Яке аз чунин маълумотномаҳои муҳим китобшиносии феҳристҳои нусхаҳои хаттӣ мебошад. Ҳарчанд дар ин замина дар марказҳои гуногуни шарқшиносӣ баъзе корҳо сурат гирифтаанд, вале то ҳол асари қобили таваҷҷӯҳе дар китобшиносии феҳристҳои дастнависҳои форсӣ ба нашр нарасидааст. «Китобшиносии дастнависҳои арабӣ», ки кормандони шӯъбаи петербургии институти шарқшиносии АИ Русия таҳия ва чоп намудаанд, ҳарчанд ҳанӯз комил нест, вале иқдоми шоистаи пайравии эроншиносон аст(4). Чунин китобшиносӣ роҳнамои хубе на танҳо барои нусхашиносон, балки барои ҳамаи муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик ва умуман Шарқ хоҳад шуд.

Маҷмӯаҳои биобиблиографии мавзӯӣ низ дар ин замина хеле судманд мебошанд. Муҳаққиқон китобҳои маъруфи «Алфеҳрист»-и Ибни Надим (асри X) ва «Кашфуззунун»- и Ҳоҷ Халифаро аз намунаҳои барҷастаи чунин асарҳо донистаанд. Ин суннат дар асри XX, махсусан, дар Эрон ривоҷ пайдо кард, ки асари бисёрҷилдаи Ҳоҷӣ оқо Бузурги Теҳронӣ «Аззариа ила тасониф ашшиа» ва Эраҷи

Афшор «Эроншиносӣ. Феҳристномаи китобшиносиҳои Эрон» ва амсоли онҳо гувоҳи он аст.

Китоби сеҷилдаи шарқшиноси англис Чарлз Сторӣ «Адабиёти форсӣ» ки ба забонҳои русӣ ва форсӣ ҳам тарҷума ва чоп шудааст, намунаи барҷастаи чунин асарҳо дар ховаршиносии муосир ба шумор меравад. Ч. Сторӣ кори ховаршиноси маъруф К. Брокелманро, ки «Таъихи адабиёти араб»-ро офарида буд, дар эроншиносӣ идома дод ва маълумотномаи муфассалу ҷомеъро таълиф намуд, ки самараи меҳнати чилсолаи ӯ буда, асарҳои роҷеъ ба Қуръону масъалаҳои исломшиносӣ ва таърихи дар тӯли беш аз ҳазор сол навишта шударо дар бар мегирад (8).

Асари Ч.Сторӣ дар шарқшиносӣ баҳои баланд гирифт ва Кунгураи аввалини байналмилалии эроншиносӣ дар шаҳри Теҳрон (соли 1966) ва семинарии байналмилалии нусхаҳои хаттӣ дар шаҳри Кобул (соли 1967) қарор карданд, ки ин кор идома дода шавад. Дарвоқеъ, офаридани чунин маълумотномаҳои ҷомеи китобшиносӣ ҳам барои шинохти нусхаҳои хаттӣ ва ҳам барои таҳқиқи амиқи масъалаҳои таърихи адабиёту фарҳанги форсу тоҷик мусоидат менамоянд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло пешниҳодҳои зерин ироа мешавад:

1.Пеш аз ҳама нусхаҳои хаттии дар китобхонаву музейҳои дар кишварҳои гунггуни ҷаҳон маҳфуз бударо тавсиф намуда, феҳристи ***ҷомеи*** дастнависҳо тартиб дода шавад.

2.Дастнависҳои дар дасти ашхоси ҷудогона буда, то ҳадди имкон барои китобхонаҳо харидорӣ шуда, дар ҳолати хуб мавриди нигаҳдорӣ қарор гиранд.

3.Дар нусхашиносӣ ҳам аз имкониятҳои фановарии навин, аз ҷумла компютер самаранок истифода шавад.

4.Ҳамаи дастнависҳои мавҷуда ба компютер ворид карда шаванд.

5. То ҳадди имкон аз истифодаи мустақими нусхаҳои нодир худдорӣ намуда, акс ё нусхаи электронии онҳо ба истифода дода шаванд.

6. Аз созмони байналмилалии ЮНЕСКО хоҳиш карда шавад, ки як Маркази байналмилалӣ оид ба шинохти нусхаҳои хаттии шарқӣ таъсис дода шавад, то ки масъалаҳои нигоҳдорӣ ва тавсифи нусхаҳои хаттӣ, тартиб додану нашри феҳристу феҳриствораҳо ва китобшиносиҳои дастнависҳо ва масоили дигари марбут ба нусхаҳои хаттиро фаро гирад.

Танҳо бо ғамхории дилсӯзонаи мақомоти бонуфузи ҷаҳонӣ метавон нусхаҳои хаттиро ки сармояи муҳим ва пурбаҳои фарҳангии ҳар миллат ва махсусан мардумони эронинажод аст, ба таври шоиста ҳифзу таҳқиқ намуд ва манзури оламиён гардонид.

## Тибномаи манзум аз аҳди Сомониён

Тибби форсу тоҷик ҳам монанди адабиёту фарҳанги оламшумули он таъриху суннатҳои ғаниву қадимӣ дошта, ганҷинаи тибби ҷаҳониро бо асарҳои гаронбаҳои илмӣ бой гардондааст. Дар бахшҳои гуногуни илми тиб дар тӯли беш аз ҳазор сол садҳо асарҳо офарида шудаанд, ки ҳар кадом маҳсули заҳмат ва натиҷаи таҷрибаву андӯхтаҳои табибони тиббӣ на аз тарафи донишмандони тиб ва на аз ҷониби маъруф буда, барои пешрафти тиб хидмати босазо кардаанд. Вале, мутаассифона, имрӯз аксари онҳоро гарду ғубори фаромӯшӣ пӯшонидааст ва таърихи тибби тоҷик то кунун ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст.

Яке аз ҳамин гуна асарҳои кам тадқиқшуда куҳантарин рисолаи манзуми тиббӣ «Донишнома»-и ҳаким Майсарӣ мебошад, ки дар аҳди Сомониён, дар замони бедориву худогоҳӣ ва ташаккулу худшиносии миллии мардуми тоҷик ба забони форсии дарӣ офарида шудааст. Аз ин рисолаи пурарзиш алҳол танҳо як нусхаи хаттӣ маълум аст, ки он дар Китобхонаи миллии Париж таҳти шумораи R– 87779-310 маҳфуз буда, дорои 164 варақ аст ва 8448 байтро дар бар мегирад. Ин нусхаи ягона соли 852 ҳиҷрӣ-1448 мелодӣ ба қалами Маҳмуди Табрезии Шоҳномахон китобат шудааст. Пас аз тавсифи мухтасари Феҳрасти нусхаҳои хаттии Китобхонаи миллии Париж бори аввал аҳли илму адабро бо ин рисола ва нусхаи ягонаи он ховаршиноси маъруфи фаронсавӣ Жилбер Лазар ошно намудааст. Ӯ ба муносибати ҷашни 1100-солагии устод Абӯабдуллои Рӯдакӣ таҳти унвони «Ду рисолаи тиббии асри X ба забони форсии дарӣ» мақолае дарҷ намуда, «Ҳидоятулмутааллимин фиттиб»-и Абӯбакр Рабеъ бинни Аҳмад Ахвайни Бухороӣ ва «Донишнома»-и ҳаким Майсариро чун намунаҳои барҷастаи асарҳои тиббии замони Сомониён муаррифӣ мекунад ва ба қиммати илмиву амалии онҳо баҳои баланд дода, таваҷҷӯҳи донишмандони соҳаҳои мухталифи илмро ҷалб менамояд.

Сипас донишмандони соҳаҳои гуногун Ҷалоли Матинӣ, Раҳим Ҳошим, В. Капранов, Ю. Нуралиев дар зимни асарҳои худ ба «Донишнома»-и ҳаким Майсарӣ ишораҳо намуда, асосан баҳои

баланди Жилбер Лазарро таъкид кардаанд. Ниҳоят соли 1987 нусхаи «Донишнома»-и Майсарӣ аз тарафи Муассисаи мутолиаи исломии Донишгоҳи Макгил бо ҳамкории Донишгоҳи Теҳрон ба эҳтимоми донишманди эронӣ Бароти Занҷонӣ ба табъ расид, ки бо мақолаи файласуфи маъруф Маҳдии Муҳаққиқ «Ҷанбаҳое аз илми пизишкӣ дар ислом» оғоз меёбад. Дар пешгуфтори Бароти Занҷонӣ тарҷумаи ҳоли Майсарӣ, мазмуну мӯҳтавои «Донишнома» ва баъзе хусусиятҳои адабиву забони он мавриди баррасии кӯтоҳ қарор гирифтааст. Дар ҳошияи матни китоб баъзе калимаву таъбирҳои номафҳум шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Бо ин ҳама, «Донишнома»-и Майсарӣ қиёсан бо рисолаҳои дигари адабиётшиносону забоншиносон ҳанӯз бояду шояд таҳқиқ нашудааст. Ин ҷо танҳо дар хусуси мундариҷаи рисола, муносибати забони форсии тоҷикӣ ба забони «Донишнома» ва баъзе масъалаҳои истилоҳсозӣ дар он тавaққуф хоҳад шуд.

Дар бораи шахсияти Майсарӣ ва ҳолномаву осори ӯ дар сарчашмаҳо маълумоте ба назар намерасад. Дар ин бобат танҳо дар рисолаи ӯ «Донишнома» баъзе ишораҳо ҳастанд. Аз байтҳои зайли рисола маълум мегардад, ки Майсарӣ соли 370 ҳ./980 м. дар синни 46 солагӣ асарашро ба поён расонидааст. Аз ин рӯ ба таваллуди ӯ дар соли 324 ҳ./935 м. ҷои шубҳае нест:

Биянҷомид «Донишнома»-и ман,
Баромад з-ӯ муроди комаи ман.
Ба соли сесаду ҳафтод будем,
К-аз ин нома ҳамепардохт шудем…
Ман аз ду бисту се даргузаштам,
Ва девони ҷавонӣ барнавиштам.

Майсарӣ аз устодони худ илми тибро омӯхтааст:

Зи устодон ман ин нусха гирифтам,
Дар ин нома туро некӯ бигуфтам.

***

Панири хушк хӯрдан хушк кунад бод
В-аз ин устод огоҳӣ ба ман дод.

Майсарӣ аз осори табибони маъруфи Шарқу Ғарб огоҳии хуб доштааст, ки дар рисола борҳо ба Буқроту Афлотун, Арастуву Ҷолинус, Ҳермесу Муҳаммад Закариёи Розӣ ишора кардааст.

Аз байтҳои зерини «Донишнома» бармеояд, ки Майсарӣ пас аз андешаи зиёд асари худро ба сипаҳсолори маъруфи мулаққаб ба Носируддавла бахшидааст:

Фаровон бар дилам андеша дорам,
Хирадмандиву дониш пеша дорам.
Ки бигзинам шаҳе донову бедор,

Ки ҳаст ин хуб донишро харидор.
Набуд ин ҷуз сипаҳсолори Эрон,
К-аз ӯ обод шуд Эрони вайрон.
Бад ӯ мар шоҳиёнро иззу ком аст,
Бубинӣ Носируддавлат-ш ном аст.

Дар бораи шахсияти Носируддавла донишмандон андешаҳои гуногун баён кардаанд. Агар Жилбер Лазар ӯро Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯрӣ – ҳокими Кӯҳистон шуморад, ба назари Бароти Занҷонӣ «ба эҳтимоли бисёр қавӣ мамдӯҳи Майсарӣ бунёнгузори силсилаи Ғазнавӣ, яъне амир Сабуктегин аст, ки лақаби Носируддавла дошта ва аз шаъбони 366 ҳ.қ. ҷонишини Алптегин шуда ва қудратро ба даст гирифтааст.»[1]

Дарвоқеъ манзур аз Носируддавла Сабуктегин – падари Маҳмуди Ғазнавӣ будан ба ҳақиқат наздиктар аст. Зеро ҳокимони ғазнавӣ ҳарчанд туркнажод буданд, вале саъй мекарданд, ки худро эронинажод вонамуд сохта, давомдиҳандаи суннатҳои Сомониён нишон диҳанд.

«Донишнома» бо ситоиши офаридгори тамоми олам оғоз ёфта пеш аз ҳама тавсифи дониш ва таснифи иллатҳоро дар бар мегирад. Майсарӣ асосу аркони донишро, ки мавриди истифодаи мардум аст, чаҳорто, яъне нуҷум, ҳандаса, пизишкӣ ва дин медонад. Аз ин чаҳор навъи дониш ӯ бахусус пизишкиву динро дар ҳаёти мардум хеле муҳимму лозим мешуморад, зеро онҳо ба ҳастии ҷисмониву равонии инсон марбутанд:

Пизишкирову динро гар надонӣ,
Зиён аст ин ҷаҳонӣ в-он ҷаҳонӣ.
Яке танро зи беморӣ бисӯзад,
Дигар ҷонро ба дониш барфурӯзад.
Пизишкӣ донишаш танро паноҳ аст
Ва дин донистастанаш ҷонро сипоҳ аст.

Рисола, ки асосан ба тибби амалӣ бахшида шудааст, пеш аз ҳама дар бораи таркиби бадани инсон маълумот медиҳад. Аз ҷумла муаллиф таъкид мекунад, ки тани одам аз 246 лахт устухон ва 360 раг иборат аст. Сипас Майсарӣ ба шарҳи мизоҷ, хусусиятҳои ҳар мизоҷ, нишонаҳои онҳо дар бадани инсон мепардозад. Дар фасли «Асмои адвия» ба тартиби алифбои абҷад номи 215 доруи табииву кимиёӣ зикр шуда, табъу хосияти ҳар кадом баён мегардад. Муаллиф хусусиятҳои шифоии доруҳои гуногунро хеле мухтасар ва хотирнишин ба қалам додааст. Масалан, хосияти давоии қатрон ва истифодаи он дар дандонпизишкиву бемориҳои занона ба тариқи зайл баён шудааст, ки имрӯз ҳам қобили истифода мебошад:

Ва гарму нек бошад табъи қатрон,

Нишонад зуд-зуд ӯ дарди дандон.
Биронад ҳайзро, гардонад афзун,
Биёрад аз шикам кӯдак ба берун.

Дар охири ин фасл Майсарӣ таъкид мекунад, ки ҳар кас ин доруҳоро набояд худсарона истифода намояд ва ҳатман пизишк ё коршиносе дар ин кор роҳнамои ӯ бошад:

Аз ин дору, ки табъаш гуфта омад,
Або з-ӯ хосият пайваста омад.
Набояд як ба як з-ӯ кор фармуд,
Ба нопокӣ набояд тан биёлуд.
Магар устоди кас бошад гузида,
Раҳи ҳар доруе ӯ баррасида.

«Бобуннасиҳат» низ хеле ҷолиб буда, дар он муаллиф ба пизишкони ҷавон муроҷиат мекунад ва роҳу равиши ибтидоии табобатро нишон медиҳад. Тарзи муносибату муомила бо бемор, муоинаи аввал, ба кадом ҷиҳатҳои бемор диққат додан, санҷидани нишонаҳои беморӣ ва дигар масъалаҳои дар боби мазкур баёншуда, бешубҳа имрӯз ҳам қобили қабул мебошанд. Аз ҷумла Майсарӣ пизишки ҷавонро огоҳ мекунад, ки агар сабаби бемориро дарк карда натавонад, аз ҳукм кардану дору додан худдорӣ намояд ва ба бемор парҳез фармояд. Сипас дар чанд байт аҳамияти парҳезро, ки муродифаш эҳтимо аст, хотирнишон менамояд:

Ҳар он иллат, ки аслаш менадонӣ,
Нигар бар беҳуда ҳукмаш наронӣ.
Мар ӯро эҳтимо [2] фармой худ бас,
Нагардад з-эҳтимо бад ҳоли ҳар кас.
Набошад ҳеҷ дору з-эҳтимо беҳ,
Зи доруҳо ба ҷумла эҳтимо беҳ.
Ки худ беморро з-он эҳтимо кард,
Бар ӯ гил(а) басе камтар тавон кард.
Ва он касро, ки ӯ худ тандуруст аст,
Ҳанӯз андар танаш иллат нарустаст.
Мар ӯро эҳтимо аз дардмандон
Мувофиқтар бувад, бинюш бурҳон.
Наёрад эҳтимо ӯро ба сустӣ,
Бақо [3] дорад ӯро тандурустӣ…

Пас аз ин Майсарӣ дар қисмати асосии рисола дар хусуси бемориҳои инсон «аз мӯи сар то нохуни пой» сухан ронда, беш аз сесаду панҷоҳ дарду доруро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллиф ба ҷанбаи илмии рисола таваҷҷӯҳ намуда, номи доруҳо, тарз ва мавқеи истифодаи онҳоро ба тарзи дақиқ ва хеле кӯтоҳ баён кардааст. Майсарӣ танҳо ба бемории чашм хеле муфассал

таваққуф карда, 282 байтро ба шарҳи онҳо бахшидааст. Аз эҳтимол дур нест, ки ӯ дар ин соҳа бештар кор карда бошад. Ҳамчунин дар рисола ба масъалаи таб ё худ ҳарорати бемор таваҷҷӯхи зиёд зоҳир шуда, 16 навъи он бо ному нишонаҳояш шарҳ ёфтааст.

Дар фасли хотимавии рисола, ки «Панду насиҳати Майсарии ҳаким» унвон дорад, муаллиф гуфтаҳои худро ҷамъбаст намуда, ба мӯҳтавою арзиши рисолааш ишораҳо мекунад ва афсӯс мехӯрад, ки фақат маргро чорае нест:

Ман ин нома ба номи дил бигуфтам,
Басе илм андар ин нома нуҳуфтам.
Нишони дардҳои гуна-гуна
Бигуфтам ман туро чуну чӣ гуна.
Илоҷи дардмандон низ гуфтам,
Ба ҳар дарде илоҷе чанд ҷустам.
Ва номи доруву ҳам табъи дору
Дар ин нома бигуфтастам ҳар ду…
Намонд андар ҷаҳон аз доруву дард,
Зи тару хушк низ аз гарму аз сард.
Ки на дар номаам дар ёд кардам,
Басе дилҳои ғамгин шод кардам.
Валекин маргро чора надонам,
Ба ҷои марг бечора бимонам…

Ҳамон тавре ки ховаршиноси фаронсавӣ Жилбер Лазар ёдовар мешавад, «Донишнома»-и Майсарӣ «ягона манзумаи калонест, ки аз лиҳози замон қабл аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ то ба мо расидааст». Ӯ ҳамчунин таъкид менамояд, ки манзума «сарчашмаи муҳимми омӯзиши забони асри X мебошад».[4]

Донишманди эронӣ Бароти Занҷонӣ дар поёни пешгуфтори худ чанд хусусияти забони рисоларо бо зикри мисолҳо нишон додааст, вале ӯ ба масъалаи истилоҳоти тиббии рисола ишорае ҳам накардааст. Аз ин рӯ, мо кӯшидем, ки дар хусуси вожаҳои тиббии рисола ва муносибати он ба забони имрӯзаи форсии тоҷикӣ мулоҳизот баён намоем.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Майсарӣ низ монанди ҳамзамони бузургу ватандӯсти худ Фирдавсӣ аз муборизони покизагии забони форсии дарӣ буда, саъй намудааст, ки то ҳадди имкон аз калимаву ибораҳои арабӣ камтар истифода кунад. Масалан, дар панҷоҳ байти аввали маснавӣ ба ҷуз сарлавҳаҳо, ки ба назари мо на аз тарафи муаллиф, балки аз ҷониби котибон гузошта шудаанд, ягон калимаи арабӣ ба кор нарафтааст. Майсарӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки асарашро ба забони порсии дарии нағз, ки он замон

дар қисмати шарқии Эронзамин – дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷ дошт, иншо намояд:

Ва пас гуфтам, замини мост Эрон,
Ки беш аз мардумонаш порсидон.
Дарӣ гӯям-ш, то ҳар кас бидонад
Ва ҳар кас бар забонаш бар биронад.

Калимаҳои арабиро кам истифода бурдани Майсарӣ дар рисола маънии онро надорад, ки ӯ забони арабиро хуб намедонистааст, баръакс, чунон ки ӯ борҳо таъкид мекунад, забони тозиро хеле хуб медонист ва ҳатто мехост, ки рисолаашро ба арабӣ нависад, вале эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллиаш водор сохт, ки ба забони модарӣ иншо намояд. Бо вуҷуди ин дар рисола, ба хусус дар қисмати асосии он, вожаҳои арабиасл хеле фаровон ба кор рафтааст. Аз ҷумла, муаллиф номи аксари бемориҳоро аз қабили ихтилоҷ, ихтиноқ, истисқо, истифроғ, исҳол, қуланҷ, раъша, барас, саратон, сакта, судоъ, саръ, тоун, лақва, назла, ниқрис, ярақон ба арабӣ зикр кардааст, зеро ин истилоҳот дар тибби он давра маъмул буда, тарҷумаи онҳо боиси аз фаҳми мардум дур гардидани забони рисола мешуд. Дар баробари ин Майсарӣ номи як гурӯҳ бемориҳоро чун омос, бод, песӣ, обила, таб, хориш, дарди гӯш, дарди гардан, дарди сар, сипурз, дарди дандон, дарди чашм, захми чашм, дарди пистон, дарди ҷигар, ларза ва ғайра ба форсӣ зикр намудааст.

Чунон ки мебинем, Майсарӣ дар истифодаи истилоҳот ба ифрот роҳ надода, саъй кардааст калимаҳову истилоҳотеро ба кор барад, ки ба завқу дарки хонанда мувофиқ бошад. Дар баъзе мавридҳо бо ин мақсад ӯ ҳатто муродифҳои гуногуни як истилоҳро ба забонҳои гуногун ба кор бурдааст; монанди реш, захм, ҷароҳат; судоъ, дарди сар, сардард; барас, песӣ; раъша, ларза; омос ва ҳоказо. Чунон ки маълум аст, ба истилоҳ муродифсозӣ хос нест ва инро, албатта, Майсарӣ ҳам хуб медонист, вале ба назари мо сабаби ба ин ҳолат роҳ додани ӯ шояд ин бошад, ки хостааст аз ин муродифҳо дар оянда беҳтаринаш мавриди қабул қарор гирад. Аммо дар мавриди истифодаи калимаву истилоҳоти забони форсӣ муаллифи рисола қатъият зоҳир намудааст, ки ибратомӯз мебошад. Майсарӣ дар рисола истилоҳи беморро қабул карда, муродифҳои дигари он мариз, ки имрӯз дар Эрону Афғонистон маъмул аст ва касал, ки дар Тоҷикистон истифода мешавад, ба кор набурдааст. Дар ҳақиқат истилоҳи бемор аз ҳар ҷиҳат шоистаи истифода буда, дар таркиби истилоҳи бемористон ба забони арабӣ ҳам гузаштааст.[5] Вожаи касал бошад аслан маънии сустиву нотобиро дошта, мафҳуми беморро пура ифода наменамояд.

Ё худ ҳоло истилоҳҳои доруву дард камтар истифода шуда, ба ҷои онҳо давою мараз ё касалӣ ба кор мераванд. Ҳол он ки Майсарӣ ҳамеша доруву дардро истифода кардааст:

Худои мо, ки моро дард додаст,
Ба ҳар дардаш сад дору ниҳодаст.

Дар рисолаи «Донишнома»-и Майсарӣ ва дигар рисолаҳои тиббии ниёгон калимаву истилоҳоти нобу зебое ба назар мерасанд, ки онҳо имрӯз қобили қабул ва истифода мебошанд. Масалан, Майсарӣ ба ҷои истилоҳи «табби музмин» истилоҳи тоҷикии «табби кӯҳна»-ро ба кор бурдааст. Ё худ калимаи «тибнома»-ро ба маънии китоби таълимӣ ё дастури тиббӣ истифода кардааст. Бад-ин минвол калимаву истилоҳҳои «суда» (доруи хока ё ордак), «рабо ва дамо» (навъҳои зиққи нафас), «ҳаб» (курс, таблетка), «зимод», «шиёф», «аҷин» (навъҳои марҳам) ва амсоли инҳо имрӯз ҳам қобили истифода мебошанд. Чунон ки зикр шуд, на муаллифони сарчашмаҳо ва на худи Майсарӣ ба зодгоҳи ӯ ишорае накардаанд. Вале донишмандон Жилбер Лазар ва Бароти Занҷонӣ таъкид кардаанд, ки ӯ аз аҳли Хуросон аст ва далели асосии онҳо ин аст, ки дар асрҳои 9-10 забони форсӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷу равнақ доштааст. Мо дар тақвияти ин гуфтаҳо афзуданием, ки забони рисола аз лиҳози таркиби алфоз ва тарзи калимасозӣ ҳам ба гӯиши мардуми ин қисмати Эронзамин, яъне тоҷикон хеле наздик аст. Майсарӣ як зумра калимаву иборaҳоро ба кор бурдааст, ки то имрӯз дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он маъмул буда, вале дар забони форсии Эрону Афғонистон ба нудрат дучор меоянд ва ё истифода намешаванд. Масалан, калимаи «фарбеҳ», ки дар байти зайли «Донишнома» омадааст, аз ҳамин қабил аст:

На фарбеҳ бошаду на зишту лоғар,
Ки доя мӯътадил бошад-ш беҳтар.

Ё худ таъбири «сар шустан» ба маънии ғусл кардан, ҳаммом кардан дар забони тоҷикӣ маъмул аст. Майсарӣ таъбири мазкурро ба ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:

Чу марде хоб бинад, сар нашӯяд,
Або ҷуфташ дигар наҳмат биҷӯяд.
Чу фарзанд оядаш, девона бошад,
Ва сусту хору на мардона бошад.

Дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳангоми талаффузи баъзе калимаҳо ҳамсадои «б» ба «в» табдил меёбад, ки ин дар «Донишнома» ҳам зиёд ба назар мерасад:

<u>Таваш</u> аз тан биёрад ошкоро…
***
Ва <u>гармова</u> биёрад мондагиро.

Дар «Донишнома» калимаҳои «турш» дар шакли «туруш», «шикам» ба тарзи «ишкам» сабт шудаанд ва ин калимаҳо дар забони гуфтугӯии тоҷикон низ ҳамин шаклро доранд. Майсарӣ дар баъзе мавридҳо бандаки «ам»-ро дар шакли «ум» овардааст, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ маъмул аст:

Абар Ҳайдар, ки бошад ӯ чаҳорум,
Ки ҳаст ин дӯстишон ёдгорум.

Ба ин тартиб дар рисолаи Майсарӣ калимаву ибораҳои хоси гӯишҳои Мовароуннаҳр, ки то имрӯз дар забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд, зиёд ба назар мерасанд, ки ҳоло бо зикри чанде аз онҳо иктифо мешавад: рим, ҳулба, карам, чил, ёристан, ёзидан, нони фатир, мондагӣ, мӯза, лахт, ҳилм, гӯгирд, шуш, хурдакак, пист, оруғ, сабуса, нохунаки чашм, бодиринҷ, ганда, иллат (айб, дард), нам, тарӣ…

Тавре ки мебинем, рисолаи «Донишнома»-и Майсарӣ бо он ки беш аз ҳазор сол қабл аз ин навишта шудааст, на танҳо бо мазмуну мундариҷа, балки бо забону истилоҳоташ низ хеле ҷолиб буда, имрӯз ҳам арзиши баланди худро аз даст надодааст.

Ҳоло ки кишвари бостонии мо соҳибистиқлол гашта, забони тоҷикӣ аз нав мақоми гумкардаи расмиву давлатиашро пайдо мекунад ва мисли ҳазор сол муқаддам ба забони илму адаб дар ҳамаи соҳаҳо табдил меёбад, истифодаи оқилонаи ганҷинаи пурбаҳои рисолаҳои тиббии ниёгонамон беш аз пеш аҳамияти бузургро касб менамояд. Дар ин кори хайру муҳим нахустин рисолаи манзуми тиббии тоҷикӣ «Донишнома»-и Майсарӣ метавонад саҳми калоне гузорад. Инро худи Майсарӣ ҳам дар поёни рисолааш таъкид кардааст:

Магар ин номаи ман дер монад,
Пас аз ман то касе онро бихонад…

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо саъй намудем, ки хонандагони тоҷик, ба хусус аҳли тибро бо ин рисолаи муҳимму муфиди илмӣ ошно созем. Азбаски ин рисола ҳанӯз ҳарҷониба ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати забону истилоҳот баррасӣ нашудааст, ба таври комил манзури хонандагон кардани он басо душвор аст. Аз ин рӯ, мо лозим донистем, ки барои ошноии пешакӣ бо ин рисола қисмати умдаи онро интихоб намоем ва нашри пураи он пас аз омӯзиши ҳарҷонибаи рисола амалӣ гардад.

Нашри «Донишнома»-и Майсарӣ, яке аз офаридаҳои судманди ниёгони пуршарафи мо дар аҳди Сомониён, ки то вақтҳои охир аз назарҳо пинҳон монда буд, бешак имрӯз барои беҳдошти тану рӯҳи мардум дармон хоҳад гашт.

## ПАЙНАВИШТ

[1] Ҳаким Майсарӣ. Донишнома дар илми пизишкӣ, ба эҳтимоми доктор Бароти Занҷонӣ, Теҳрон, 1366, саҳ. ҳаждаҳ.

[2] Эҳтимо- парҳез

[3] Дар матн «боқӣ» сабт шудааст, ки вазнро халалдор месозад.

[4] Жилбер Лазар. Два медицинских трактата X века, в сб.: Рудаки и его эпоха, Сталинабад, 1958, с. 96.

[5] Масалан китоби донишманди араб Аҳмад Исо «Таърихул бемористонот фил ислом» (Димишқ, 1939) унвон дорад.

## Раҳнамои ояндаи дурахшон

Ҷашну маросимҳо, таҷлилу бузургдошти адибону донишмандон ва дигар бузургон аз суннатҳои муҳимми фарҳангӣ буда, барои пойдориву ваҳдати миллӣ, бақову устувории халқ мусоидат менамоянд. Аз ин ҷост, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём ба баргузории ҷашну маросимҳо, бузургдошти фарзандони барумади худ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамояд, онҳоро ба некӣ ёд мекунад, ба эҳтироми онҳо маҳфилҳои ёдбуд баргузор месозад, ибодатгоҳҳо бунёд мекунад. Ба хусус дар даврони истиқлол ин таваҷҷӯҳ беш аз пеш ривоҷ пайдо карда, ба як рукни муҳимми сиёсати давлатӣ қарор гирифт. Ҳоло илова бар ҷашнҳои миллии Наврӯз, Истиқлол, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Парчами миллӣ, Рӯзи қабули Сарқонун, Рӯзи Дониш ва амсоли инҳо ҳар сол таҷлили зодрӯзи адибону донишмандон ва арбобони бузурги сиёсиву фарҳангӣ баргузор мегардад.

Ибтидои солҳои 90 асри гузашта созмони байналмилалии ЮНЕСКО солҳои 1990 – 1994-ро panҷсолаи бузургдошти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эълон намуда буд. Ба ин муносибат соли 1990 дар шаҳри Теҳрон симпозиуми байналмилалӣ баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони Тоҷикистон , аз ҷумла устод Лоиқ Шералӣ ва муаллифи ин сатрҳо ширкат ва суханронӣ намуданд. Бузургдогшти ҳазораи «Шоҳнома» соли 1994 дар ҳамоиши байналмилалие, ки дар шаҳри Душанбе барпо гардид, ҷамъбаст шуд. Бо вуҷуди он ки дар он солҳо вазъи кишвар ноором буд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баргузории ин ҳамоиши пуршукӯҳи илмӣ саъй намуда, онро ба дараҷаи баланди ташкилӣ гузаронд. Дар ҳамоиши мазкур, ки воқеан ба як падидаи муҳимми фарҳангӣ табдил ёфта буд, меҳмононои зиёди хориҷӣ ширкат варзиданд. Аз ҷумла аз Ҷумҳурии исломии Эрон гурӯҳи

калони донишмандону ҳунармандон бо дастовезҳои шоиста ташриф оварда, намоишҳои гуногуни осори Фирдавсӣ ва «Шоҳномахониҳо» ташкил намуданд. «Шоҳнома» бори дигар дар нӯҳ ҷилд ба ҳуруфи имрӯзаи тоҷикӣ нашр гардид. Дар бораи ин шоҳкори безаволи Фирдавсӣ як силсила осори илмӣ ба табъ расид. Андарзҳои он дар чандин намуд чоп шуд. «Шоҳнома» дар он солҳои пурошӯб бешубҳа барои расидан ба оштии миллӣ ва ваҳдати мардум, ки аз ғояҳои асосии ин шоҳасар аст, мусоидат намуда, эҳсоси ватандорӣ ва худшиносии миллии мардумро боло бурд.

Дар баланд бардоштани маърифати мардум ва ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ нақши осори шоир ва мутафаккири барҷаста Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ низ хеле бузург аст. Аз ин ҷост, ки сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар чандин суханрониҳои худ зарурати омӯзиши осору афкори ин нобиғаро таъкид намуд ва ниҳоят соли 2007-ро соли бузургдошти Ҷалолиддини Балхӣ эълон кард. Кумитаи тадорукоти ҷашни 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ таъсис дода шуд , ки ба он худи Президенти мамлакат сарварӣ мекард. Тадбирҳои зиёде ба нақша гирифта шуданд. Аз ҷумла дар муассисаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бахшида ба ҳаёт ва осори шоир ва мутафаккири бузург конференсияҳои илмӣ баргузор гардиданд. Дар қонференсияи байналмилдалие, ки таҳти унвони «Мавлоно ва гуфтугӯи тамаддунҳо» дар шаҳри Душанбе барпо гардид, 90 донищманди хориҷӣ аз 29 кишвари дунё ширкат ва суханронӣ намуданд. Дар ҷаласи ифтитоҳии конференсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, арзишҳои маънавию ахлоқии осору афкори Ҷалолиддини Румиро баррасӣ намуд ва аҳамияти онҳоро дар замони имрӯз, ба хусус дар гуфтугӯи тамаддунҳо нишон дод. Ӯ дар бораи бузургии Мавлоно сухан ронда, ватандӯстиву башардӯстӣ, озодандешӣ, донишомӯзӣ, накӯкориву таҳаммулпазирӣ барин хислатҳои ҳамидаро фазилати осори ӯ медонад, ки имрӯз ҳам барои ҳидояти мардуми сайёра ба роҳи неки зиндагӣ судманданд.

Ба муносибати ҷашни мазкур асарҳои таҳқиқотии донишмандони тоҷик амсоли «Фалсафаи Ҷалолиддини Румӣ»-и М.Маҳмадҷонова, «Мавлоно»-и Х.Зиёев, «Девони кабир»-и Ҷалолиддини Румӣ дар ду ҷилд, «Дурдонаҳои назми Румӣ» ва ғайра ба табъ расиданд, ки на танҳо дастоварди муҳими илмӣ дар таҳқиқу тарғиби осори шоир бузург буданд, балки дар тарбияи ватандӯстиву худшиносии миллии мардум низ судманданд.

Ҷашни 1150-солагии бунёдгузори адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдулло Рӯдакӣ аз муҳимтарин падидаҳои фарҳангии даврони истиқлол буд. Барои баргузороии ин ҷашн

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хусус сарвари давлат таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, тадбирҳои назаррас андешиданд. Дар пойтахти ҷумҳурӣ Боғи Устод Рӯдакӣ бунёд гардид ва дар он муҷассамаи нави шоир гузошта шуд. Ҳамчунин дар шаҳри Хуҷанд пайкараи бирингии шоир қад афрохт. Иншооти зиёди идона дар зодгоҳи шоир ва шаҳри Панҷакент ба истифода дода шуданд. Мақбараи шоир ва осорхонаи ӯ таъмиру обод гардид. Олимони тоҷик дар таҳқиқи аҳволу осори шоир комёбиҳои тоза ба даст оварда, бори аввал дар таърих «Донишномаи Рӯдакӣ»-ро омода намуданд, ки ду ҷилди он то рӯзҳои ҷашн ба табъ расид. Бори аввал матни илмиву интиқодии осори боқимондаи шоир чоп шуд. Мақолаҳои зиёди илмӣ ва маҷмуаи «Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз» нашр гардид. Китобҳои «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ»-и Саид Нафисӣ ба ҳуруфи кириллӣ, «Дар бораи Рӯдакӣ»-и Аҳрор Мухторов, «Илм дар замони Рӯдакӣ»-и М.Илолов ва А.Комилӣ, «Суннатҳои устовори даврони пурбори адабиёт»-и М. Муллоаҳмад ва амсоли инҳо интишор ёфтанд. Ду албоми мусаввари «Ашъори Рӯдакӣ» ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар шаҳри Москва нашр гардид. «Андарзномаи Рӯдакӣ» низ ба се забон дар Душанбе ва Теҳрон ба табъ расид.

Дар Симпозиуми байналмилалии «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон», ки дар толори Кохи Ваҳдат баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронии пурмуҳтаво намуда, баробари нищон додани арзишҳои баланди андешаҳои устод Рӯдакӣ ба масъалаҳои умдаи рӯдакишиносӣ ишора кард. Ӯ таъкид намуд, ки арзишҳои умумибашарии осору афкори устод Рӯдакӣ имрӯз дар таҳкими гуфтугӯи тамаддунхо хидмати шоиста мекунанд. Ин нукта дар суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 63 Созмони Милали Муттаҳид низ баланд садо дод: «Ба ақидаи ман арзишҳои умумибашарие, ки Рӯдакӣ онҳоро тарғибу ташвиқ намудааст, имрӯз ба ҳадафу вазифаҳои СММ дар саросари ҷаҳон ҳамоҳанганд ва устуворсозии дӯстии халқхо, вусъати гуфтугӯи байни фарҳангҳо, ғояҳои башардӯстона ва тавозуни зиндагиро тараннум менамоянд.»[1]

Дар симпозиуми байналмилалии «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон» 122 суханронии илмии олимони кишварҳои гуногуни олам дар 5 бахш мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Симпозиум нишон дод, ки дар Рӯдакишиносӣ солҳои охир комёбиҳои зиёде ба даст омада, муҳаққиқон аз тадқиқи умумии аҳволу осори шоир ба баррасии ҷанбаҳои мушаххаси рӯзгору андешаҳои шоир рӯй овардаанд. Дар ин ҳамоиш баробари адабиётшиносону забоншиносон мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷамъиятшиносиву табиатшиносӣ, амсоли бостоншиносон,

сиёсатшиносон, ҳунаршиносон, табибон, физику риёзидонон низ ширкат ва суханронӣ намуданд. Симпозиум ва ҷашни мазкур марҳилаи тозаеро дар Рӯдакишиносӣ боз намуда, барои шиносоии бештару беҳтари мардум бо андешаҳои волои шоири башардӯст мусоидат намуданд.

Тавре ки маълум аст, дар замони Шӯравӣ ба дину ирфон таваҷҷӯҳ зоҳир намешуд ва ё муносибати якҷониба сурат мегирифт. Маҳз дар даврони истиқлол баррасии ҷиддӣ ва воқеии масоили динӣ ривоҷ пайдо кард. Илова бар расмӣ шудани маросиму идҳои динӣ, аз қабили Рамазону иди қурбон таҷлилу бузургдошти орифону намояндагони барҷастаи дин ба роҳ монда шуданд. Таҷлили 1310 –солагии Абӯҳани фа Имоми Аъзам, ки 5-6 октябри соли 2009 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, далели равшани он аст. Дар Симпозиуми байналмилалие, ки бо ширкати намояндагони олирутбаи давлатҳои исломӣ ва созмонҳои байналмилалӣ доир гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронии пурмӯҳтаво намуда, арзишҳои ахлоқиву маънавии афкори Абуҳанифа ва нақши волои ӯро дар ривоҷи дини ислом таъкид кард. Дар суханрониҳои муҳаққиқони кищварҳои гуногун аҳамияти таълимоти мазҳаби ҳанафӣ дар тарбияи ахлоқии мардум нишон дода шуд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои фарҳангии мардуми мо дар солҳои охир ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз аст. Дар замони ҷаҳонишавӣ мавриди пазириши оламиён қарор гирифтани ҷашни миллии тоҷикон аз фарҳанги ғаниву пурбори мардум гувоҳӣ медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари давлат барои ҳамчун ҷашни байналмилалӣ сабт шудану ҷорӣ гардидани он талошу кӯшишҳои зиёд ба харҷ доданд. Дар суханрониҳои худ Эмомалӣ Раҳмон ба фазилатҳо ва арзишҳои баланди ахлоқиву маънавии ин ҷашни бостонӣ ишора намуда таъкид мекунад: « Дар ин рӯз табиат ва инсон неруи тоза пайдо карда, дилу андешаҳо ба ҷон меоянд, одамон некиву накукорӣ ва омолҳои хайру савобро тарғиб месозанд, ки ҳамаи инҳо аз рисолати фарҳанги оламшумули сулҳовар ва ваҳдатгарои халқи мо шаҳодат медиҳад». Эмомадӣ Раҳмон ҳамеша ба арзишҳои умумибашарии ин ҷашнм фархунда ишора менамояд: «Бузургдошти Наврӯз – умуман бузургдошти таърих ва тамаддуни башарист, ки дар тӯли садсолаҳо арзишҳои неки инсониро дар худ таҷассум кардааст».[2] Аз ин ҷост, ки ҷашни Наврӯз дар саросари ҷумҳурӣ дар ҳар хонадону муассиса бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мешавад. Дар пойтахти ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияхои гуногн наврӯзгоҳҳо ташкил шудаанд, ки дар рӯзҳои ҷашн макони сайру тафреҳи идонаи мардум мебошанд…

Соли гузашта бо қарори ЮНЕСКО 600-солагии шоир ва мутафаккири барҷаста Мавлонро Абдураҳмони Ҷомӣ ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат дар ҷумҳурӣ тадбирҳои зиёде андешида шуданд. Аз ҷумла беш аз 20 китоб аз осори шоир ва таҳқиқот дар бораи аҳволу осори ӯ дар нашриётҳои «Дониш», «Адиб», «Бухоро», «Ирфон» ба табъ расиданд. Ҳамчунин нашриёти бонуфузи Россия «Наука» мунтахаби осори шоирро бо сифати баланд нашр намуд. Дар китоб мақолаи ҷолиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Мащъали фарҳанги тоҷик» ҷой дода шудааст, ки баёни арзишҳои маънавии осори шоирро дар бар мегирад.[3] Конференсияи байналмилалии «Ҷойгоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамаддуни Шарқ», ки дар толори пуршукӯҳи Театри опера ва балшети ба номи Садриддин Айнӣ ифтитоҳ ёфт, дар сатҳи баланди илмиву ташкилӣ гузашт. Ба конференсияи мазкур суханронии пурмазмуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳусни оғоз бахшид, ки дар он масъалаҳои умдаи аҳволу осори шоир баррасӣ гардида, вазифаҳои олимон дар Ҷомишиносӣ муайян карда шуданд. Дар 5 бахши конференсия беш аз 70 суханронии илмӣ шунида ва баррасӣ шуданд. Дар кори конференсия донишмандон ва намояндагони беш аз 30 кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла аз Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Амрико, Франсия, Туркия, Олмон, Россия, Белоруссия, Покистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва амсоли инҳо ширкати варзиданд. Дар кори конференсия директори Институти байналмилалиии тадқиқоти Осиёи Марказӣ (ЮНЕСКО) ҷаноби Пак Пилхо ширкат ва суханронӣ намуд. Дар суханрониҳои илмии конференсия муҳимтарин дастовардҳои Ҷомишиносӣ баён гардида, барои таҳқиқи бештару амиқтари аҳволу осор ва афкори Абдураҳмони Ҷомӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа шуданд.

Дар давраи истиқлол ҳамчунин 1000- солагии шоир ва мутафаккири бьузург Носири Хусрав, 110- солагии зодрӯзи Шириншо Щотемур, 100-солагии Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода ва амсоли инҳо дар сатҳи хеле баланд ва пуршукӯҳ таҷлил гардиданд. Қобили зикр аст, ки дар ҳамаи ҷаласаҳои ҷашниву ҳамоишҳои илмии марбут ба санаҳои мазкур Президенти мамлакат шахсан щиркат ва суханронӣ намуда, андешаҳои судманд баён кардааст. Дар суханрониҳои худ сарвари давлат мардумро ба гирифтани ибрат аз гузаштагони накуном, донишомӯзиву маърифатандӯзӣ, созандигиву ободкорӣ, дӯстиву ваҳдат ва дигар хислатҳои ҳамида даъват менамояд.

Дар воқеъ таҷлилу бузургдошти гузаштагон барои идомаи суннатҳои волои фарҳангӣ, тарбияи маънавию ахлоқии мардум мусоидат намуда, раҳнамо ба ояндаи дурахшон мебошад.

## Пайнавиштҳо

[1].Абдуфаттоҳ Шарифзода, Заробиддин Қосимӣ. Эмомалӣ Раҳмон ва Соли Рӯдакӣ(Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2008). Китоби 8, Душанбе, «Ирфон», 2011, саҳ. 294.

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии Наврӯз, Ҷумҳурият, 23.03 2014.

[3] Абдуррахман Джами. Кладезь мудрости, Москва, «Наука», 2015.

# РАВЗАНАИ КИТОБ

## «КИТОБШИНОСИИ ОСОРИ РӮДАКӢ»

Дар бораи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ садҳо мақолаву рисола ва китобҳои мухталиф ба забонҳои гуногуни дунё ба нашр расидаанд. Барои раҳнамоии муҳаққиқону хонандагон ва шинохти амиқтари аҳволу осори шоир феҳрастҳои китобшиносӣ аҳамияти бузург доранд. Аз ин ҷост, ки дар бораи устод Рӯдакӣ то ҳол чандин асарҳои китобшиносӣ таълиф шудаанд, ки муҳимтарини онҳо феҳрасти китобшиносии Рӯдакии Р. Телман ва А. Юнусов мебошад, ки дар ду ҷилд дар Душанбе ба табъ расид, ки номгӯи осори роҷеъ ба шоир чопшударо то солҳои 60 қарни 20 дар бар мегирад. Бе ваҷҳ нест, ки тарҷумаи форсии ин асар таҳти унвони «Китобшиносии Рӯдакӣ» дар таҳияи Муҳаммад Содиқи Ҳумоюнфард дар интишороти Маркази асноду мадорики Вазорати фарҳанг ва омӯзиши олии Эрон соли 1986 ба табъ расид.

Дар тӯли 50 соли ахир рӯдакишиносӣ хеле рушд пайдо кард ва осори фаровоне дар ин замина ба вуҷуд омаданд, ки ин тартиб додани феҳрастҳои тозаи китобшиносиро тақозо менамояд. Асари библиографии донишманди эронӣ Абулқосими Родфар «Китобшиносии осори Рӯдакӣ » бо назардошти ин зарурат ва ба муносибати ҷашни 1150-солагии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар интишороти Муассисаи таҳқиқот ва тавсиаи улуми инсонии Теҳрон дар силсилаи «Фарҳанг ва тамаддуни Эрон» ба табъ расид.

Китоб бо пешгуфтори мухтасари муаллиф шурӯъ мешавад. Дар фасли «Зиндагинома ва осори Рӯдакӣ» шарҳи ҳол ва осори шоир омадааст. Дар ин фасл ҳамчунин роҷеъ ба сабки ашъори Рӯдакӣ, таъсири ӯ ба шоирони асрҳои баъд, ҷойгоҳаш дар адабиёти форсу тоҷик ва сойири мардумони Шарқ ва шӯҳрати ҷаҳонии ӯ сухан рафтааст.

Дар фасли «Рӯдакӣ-китобҳо (эронӣ)» як силсила асарҳое, ки дар бораи шоир дар Эрон ба табъ расидаанд, шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Дар ин фасл метавон бо сохтору мӯҳтавои асарҳои таҳқиқии Саид Нафисӣ, Насрулло Имомӣ, Аскари Ҳуқуқӣ, маҷмӯаҳои осори шоир ва амсоли инҳо ошно шуд.

Фасли «Рӯдакӣ-китобҳо (ғайриэронӣ)» феҳристи асарҳои рӯдакишиносони ғайриэронӣ ва шарҳи мухтасари баъзеи онҳоро дар бар мегирад. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки аксари осори дар ин фасл ҷой гирифта дар Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар фаслҳои «Рӯдакӣ-бахше аз китобҳо (эронӣ)» ва «Рӯдакӣ-бахше аз китобҳо (ғайриэронӣ)» асарҳое муаррифӣ шудаанд, ки танҳо қисмате аз онҳо ба Рӯдакӣ ихтисос доранд.

Ба ин минвол китоб аз фаслҳои «Рӯдакӣ-тарҷумаҳо», «Рӯдакӣ-фарҳангҳо», «Рӯдакӣ-тазкираҳо», «Рӯдакӣ-поённомаҳо», «Рӯдакӣ дар китобҳои форсии умумӣ», «Рӯдакӣ-мақолаҳо (ғайриэронӣ)», «Рӯдакӣ-мақолаҳо (эронӣ)», «Рӯдакӣ-бахше аз мақолаҳо (эронӣ)», «Рӯдакӣ-бахше аз мақолаҳо (ғайриэронӣ)» ва ғайра иборат аст. Дар фаслҳои охир роҷеъ ба рӯдакишиносони маъруфи эрониву ғайриэронӣ иттилооти муфид дода шудааст.

Китоб дорои арзиши иттилоърасонӣ буда, хонандагони эрониро ба баъзе осоре, ки дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Шарқу Ғарб дар бораи Рӯдакӣ ба табъ расидаанд, ошно менамояд. Бо вуҷуди ин китоб ҳанӯз комил набуда, аз нуқсонҳо холӣ нест.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки мутаассифона, дар пешгуфтор равишу усули мураттаб сохтани феҳрист, манбаъҳои он нишон дода нашудааст, ки ин ба қисматҳои дигари китоб таъсири манфӣ расондааст. Масалан, дар фасли «Рӯдакӣ-китобҳо (эронӣ)» миёни такнавиштҳо (монографияҳо) ва осори мураттабшуда фарқ гузошта нашудааст. Дар як бахш гузоштани осори таҳқиқии Саид Нафисӣ, Насруллоҳи Имомӣ бо китобҳои таҳиякардаи Исмоили Ҳокимӣ, Манучеҳри Донишпажӯҳ, Алии Деҳбошӣ, Ҷаъфари Шиор ва амсоли онҳо дуруст нест. Дар ҳамин фасл китоби Ҳумоюнфард «Китобшиносии Рӯдакӣ» шарҳ дода шудааст, ки он тавре ки зикр шуд, дар асл тарҷумаи форсии ду ҷилд феҳристи китобшиносии Рӯдакӣ мебошад, ки дар Душанбе ба забонҳои тоҷикиву русӣ ба табъ расидаанд. Дар таълифи зиндагиномаи Рӯдакӣ, мутаассифона, аз таҳқиқоти ҷамъбастии рӯдакишиносии ғайриэронӣ, ба хусус асарҳои А. Мирзоев ва А. Тоҳирҷонов, ки ба забони форсӣ дар Теҳрон низ ба табъ расидаанд, истифода нашудаанд. Дар асарҳои мазкур роҷеъ ба нобиноии Рӯдакӣ, замони вуруди шоир ба дарбор, муносибати ӯ ба қарматия ва амсоли инҳо мулоҳизаҳои тоза баён шудаанд.

Дар фаслҳои китобшиносии асар ҳам низоми муайян ба назар намерасад. Масалан, дар бахши китобҳои ғайриэронӣ мақолаҳои М. Турсунзода, К. Айнӣ, М. Бақоев, М. Нурматов, А. Колпаков, Э. Алназаров ҷой дода шудаанд, ки на китоб, балки мақолаҳои оммавӣ буда, дар рӯзномаҳо ба табъ расидаанд.

Дар бахши фарҳангҳо дар радифи «Ғиёсуллуғот», «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Фарҳанги форсии Муин» гузоштани «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур дуруст нест, зеро он феҳристи китобшиносӣ мебошад.

Бахши тарҷумаҳо бештар мақолаҳои муҳаққиқони хориҷиро роҷеъ ба Рӯдакӣ дар бар мегирад, на тарҷумаи осори шоирро.

Дар бахши мақолаҳои ғайриэронӣ ба забони аксари мақолаҳо ишора нашудааст. Аз ин рӯ хонанда гумон мекунад, ки мақолаҳои М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, А. Хромов, Е. Э. Бертелс, М. Занд, А. Болдирев, М. Бақоев, Р. Аҳмадов, В. Эпифанова ва амсоли инҳо ба забони тоҷикӣ чоп шудаанд. Дар ҳоле ки мақолаҳои мазкур ба забони русӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои русӣ интишор ёфтаанд, вале дар китоб унвони ҳам мақолаҳо ва ҳам нашрияҳо ба забони форсӣ сабт гаштаанд. Дар ҳамин бахш мақолаи «Рӯдакӣ ва қарматия» ба Е. Э. Бертелс мансуб дониста шудааст, дар ҳоле ки он ба писари ӯ Андрей Бертелс тааллуқ дорад.

Асари маъруфи донишманди ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ «Шеърул Аҷам» дар радифи «Лубобулалбоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Маҷолисуннафоис»-и Алишери Навоӣ, «Риёзушшуаро»-и Волаи Доғистонӣ дар бахши тазкираҳо ҷой дода шудааст. Ба назари мо асари мазкур ҷанбаи қавии таҳқиқӣ дошта, ба таърихи адабиёт бештар қаробат дорад.

Яке аз қисматҳои бузурги «Китобшиносии осори Рӯдакӣ» бахши поённомаҳо мебошад, ки асосан номгӯи поённомаҳои коршиносии аршади донишгоҳҳои Эронро (муодили рисолаҳои дипломӣ) фаро мегирад. Аввалан, он поённомаҳо ба ҳукми дастнавис буда, аз онҳо ҳамаи хонандагону муҳаққиқон наметавонанд истифода кунанд. Сониян, чунин поённомаҳо дар кишварҳои дигар низ фаровонанд, ки мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ дар ин бахш танҳо зикри поённомаҳои докторӣ кофӣ буд.

Бахши рӯдакишиносон, ки шарҳи ҳоли як зумра донишмандони эрониву ғайриэрониро дар бар мегирад, барои муаррифии онҳое, ки дар таҳқиқи аҳволу осори шоир саҳм гузоштаанд, хеле судманд аст. Вале дар ин бахш дар бораи Е. Э Бертелс, М. Н. Усмонов, Р. Ҳодизода, А. Тоҳирҷонов, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, С. Саъдиев ва амсоли онҳо, ки дар рӯдакишиносӣ саҳми шоиста доранд, иттилооте дода нашудааст.

Дар «Китобшиносии осори Рӯдакӣ» на танҳо асарҳои зиёди рӯдакишиносони ғайриэронӣ, балки осори муҳаққиқони эронӣ роҷеъ ба Рӯдакӣ низ ворид нашудаанд. Аз ҷумла, ба мақолаи Муҳаммад Алии Сипонлу, ки дорои бозёфте аз осори Рӯдакӣ мебошад, мақолаи муфассали Ҳасани Надимхоҳ «Аносири ташкилдиҳандаи шеър дар девони Рӯдакӣ» ва амсоли инҳо ишорае ҳам нашудааст.

Вақти он расидааст, ки бо ҳамкории китобшиносони эрониву тоҷик як феҳрасти мукаммале роҷеъ ба аҳволу осори Рӯдакӣ офарида шавад. Ин ҳам барои роҳнамоӣ дар шинохти шоир зарур аст ва ҳам барои рушди рӯдакишиносӣ мусоидат хоҳад кард.

## «ДОНИШНОМАИ РӮДАКӢ» ВА ВЕЖАГИҲОИ ОН

Донишноманигорӣ таърихи басо қадимӣ ва суннатҳои ғанӣ дошта, намунаҳои нахустини онро дар адабиёти Юнону Рими қадим ва Эрони бостон метавон пайдо намуд. Муҳаққиқи эронӣ-Маҳноз Муқаддасӣвалин донишномаи форсӣ»[1] медонад, ки дар асоси «Авесто» навишта шуда, аз нӯҳ китоб иборат аст ва муҳимтарин иттилоотро дар бораи дини зардуштӣ дар бар мегирад.

Китобҳои «Бундаҳишн», «Додистони динӣ», «Зодиспарам»-ро низ аз ҷумлаи донишномаҳои тоисломӣ донистаанд, ки ба талаботи ин навъ асар ҷавобгӯянд, зеро дар онҳо ба таври ҷомеъ ва куллӣ дар бораи дину оини зардуштӣ иттилоъ дода шудааст.

Дар ибтидои давраи исломӣ таълифи донишномаҳо ба забони арабӣ густариш пайдо мекунад, ки «Эҳсоъулулум»-и Абӯнасри Форобӣ, « Ҷаво меъулулум»-и Ибни Фариъун, «Мафотеҳулулум»-и Муҳаммади Хоразмӣ аз намунаҳои барҷастаи онҳо ба шумор мерававд.

Дар асрҳои миёна, бахусус дар асрҳои 1Х-ХV ба забони форсии дарӣ донишноманависӣ ривоҷ пайдо мекунад ва як силсила донишномаҳои манзуму мансур ба вуҷуд меоянд. Яке аз аввалин донишномаҳои манзум «Донишнома»-и Ҳаким Майсарист, ки роҷеъ ба бемориҳои инсон «аз мӯй то нохуни пой» маълумот медиҳад ва қабл аз «Алқонун фиттибб»-и Абӯалӣ ибни Сино, ки ҷаҳониён ҳамчун донишномаи мукаммали тиббӣ эътироф кардаанд, дар соли 980 офарида шудааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки Маҳнози Муқаддасӣ ин китоби муҳимро нодида гирифта, иддао дорад, ки унвони «донишнома» нахустин бор дар китоби «Донишнома»-и Алоӣ - асари Ибни Сино ба кор рафт»[2] ва шарҳи донишномаҳои форсиро бо ин асари Ибни Сино оғоз намудааст. Дар ҳоле ки худи Ҳаким Майсарӣ асарашро «Донишнома» номида, ҷанбаи умумиву ҷамъбастӣ доштани онро таъкид намудааст:

*Бианҷомид «Донишнома»-и ман,*
*Баромад з-ӯ муроду комаи ман.*

Ҷои дигар ба мӯҳтавои асар ишора шудааст:

*Ман ин нома ба коми дил бигуфтам,*
*Басе илм андар ин нома нуҳуфтам.*
*Нишони дардҳои гуна-гуна,*
*Бигуфтам ман туро чуну чӣ гуна.*
*Илоҷи дардмандон низ гуфтам,*
*Ба ҳар дарде илоҷе чанд ҷустам.*
*Ва номи доруву ҳам табъи дору,*
*Дар ин нома бигуфтастам ба ҳар ду*

Тавре ки мебинем, «Донишнома»-и Майсарӣ ба талаботи донишномаҳои тахассусии тиббӣ ҷавоб медиҳад.

Дар поёни асри XX ва ибтидои қарни XX1, ки давраи рушду густариши иттилоот ва иттилоърасонист, донишноманигорӣ ривоҷи тоза пайдо намуд. Ҳоло дар кишварҳои гуногуни олам навъҳои мухталифи донишнома бо теъдоди зиёд ба табъ мерасанд. Имрӯз ҳатто навъҳои электрониву интернетии донишномаҳо ба вуҷуд омадаанд.

Танҳо ба забони форсӣ дар Эрон ва хориҷ аз он беш аз сад донишнома дар ҳоли таълиф ва нашр мебошад, ки «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ», «Донишномаи ҷаҳони ислом», « Донишномаи адаби форсӣ», «Донишномаи забон ва адаби форсӣ дар шибҳақора», «Доиратулмаорифи созҳои Эрон» намунаҳои барҷастаи онҳоанд.

Дар Тоҷикистон низ дар ин давра донишноманигорӣ ривоҷ пайдо кард, ки таълифу нашри «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» дар 8 ҷилд ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар 3 ҷилд гувоҳи он мебошанд. Ҳоло Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри «Донишномаи миллии тоҷик» дар 15 ҷилд тасмим гирифтааст, ки ин ба рушду тавсиаи донишноманигорӣ дар кишвар мусоидат хоҳад кард.

Тавре ки зикр шуд, донишнома навъҳои гуногун дорад, ки донишномаи тахассусии инфиродӣ яке аз онҳост. Мутаассифона, ин навъи донишнома дар Эрону Тоҷикистон ва сойири кишарҳои форсизабон ривоҷ наёфтааст. То ҷое, ки иттилоъ дорем, дар ин замина танҳо «Донишномаи Алӣ (а)» дар 12 ҷилд ба табъ расидааст, ки он ҳам бештар ба маҷмӯаи мақолот монанд аст.

Дар бораи адибони бузурги олам: Лермонтов, Пушкин, Шевченко, Абай, Янка Брис, Петрус Бровка ва амсоли онҳо донишнома офарида шудаанд, вале то ҳол дар бораи ягон адибу донишманди маъруфи форсу тоҷик чунин асар ба вуҷуд наомадааст, дар ҳоле, ки як зумра адибони мо шӯҳрати ҷаҳонӣ

дошта, дар таърихи тамаддуни олам дорои ҷойгоҳи баланд мебошанд.

Поягузори адабиёти форсу тоҷик, Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ аз зумраи онҳост.

Ҳарчанд дар бораи Рӯдакӣ рисолаву мақолаҳои зиёди таҳқиқотӣ навишта шуда, чандин асари ҷамъбастӣ ба забонҳои гуногун ба табъ расидааст, вале то ҳол як асари комили куллие офарида нашудааст, ки ҳамаи паҳлӯҳову ҷанбаҳои рӯзгору осори ӯро фаро гирад. Аз ин рӯ андешаи офаридани «Донишномаи Рӯдакӣ» дар охирҳои асри XX чандин бор ба миён омада буд, вале шурӯъи он ба таъхир гузошта мешуд. Ниҳоят, соли 2006 шӯъбаи аз нав таъсисшудаи таърихи адабиёти Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба ин кори муҳим даст зада, онро ба нақшаи фаъолияти илмӣ барои солҳои 2006-2010 ворид намуд. Худи ҳамон сол бо саъю талош ва ҷустуҷӯҳои кормандони шӯъба «Луғатномаи «Донишномаи Рӯдакӣ» омода гардида, ба теъдоди 100 нусха чоп ва ба рӯдакишиносону марказҳои илмиву фарҳангӣ фиристода шуд. Роҷеъ ба ин луғатнома, ки беш аз 2800 мадхалро дар бар мегирифт, муҳаққиқони зиёде изҳори назар намуда, пешниҳодҳои судманд баён карданд. Луғатнома пас аз ду маротиба баррасӣ шудан дар ҷаласаи шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ хеле такмил ёфт ва теъдоди мадхалҳои он тақрибан ба 5 ҳазор расид.

Тавре ки маълум аст, донишномаҳо пеш аз ҳама ҷанбаи иттилоотӣ доранд. Дар «Донишномаи Рӯдакӣ» низ саъй мешавад, ки роҷеъ ба ҳамаи паҳлӯҳои рӯзгору осори шоир иттилооти зарурӣ сабт гардад. Яъне он фарогирандаи кулли маълумоти дастрас дар робита ба Рӯдакӣ мебошад. Аз он хонанда новобаста аз сатҳи дониш метавонад дар бораи ҳар чи марбут ба Рӯдакӣ ва зиндагиву осору замон, андеша, мавзӯоти осор, ҳунар ва амсоли онҳост, маълумот пайдо кунад. Масалан, ба номи Рӯдакӣ кадом хиёбону кӯчаҳо,муассисоту марказҳо гузошта шудаанд, дорандагони ҷоизаи ба номи ӯ киҳоянд, зодгоҳи шоир дар куҷост, чӣ вазъ дорад ва амсоли инҳо. Ин иттилоот дақиқ ва саҳеҳ буда, аз сарчашмаҳои мӯътамад гирифта шудаанд. Маъхази иттилоот тибқи муқаррароти қабулшуда нишон дода мешавад.

Дар баъзе донишномаҳо, аз ҷумла дар «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ», «Доиратулмаорифи ҷаҳони ислом», «Донишномаи Ираника…»

мақолаҳо бештар ҷанбаи илмиву таҳқиқӣ дошта, мулоҳизаҳо дар асоси далелу бурҳон баён шудаанд . Дар аксари мақолаҳои «Донишномаи Рӯдакӣ» низ ин равиши илмӣ пеш гирифта шудааст. Ба хусус мақолаҳое, ки ба аҳволу осор, андешаву афкор, сабку

маҳорати суханварии Рӯдакӣ, шеърҳои ҷудогонаи ӯ бахшида шудаанд, ҷанбаи таҳқиқӣ дошта, сатҳу ҳолати кунунии рӯдакишиносиро нишон медиҳанд.

Саъй мешавад, ки дар мақолаҳо охирин дастовардҳои илмии рӯдакишиносии олам истифода шуда, натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии донишмандони кишварҳои гуногун ҷамъбаст гардад. Ҳамчунин баҳс перомуни масоили ҳалношудаи рӯдакишиносӣ идома меёбад. Масалан, дар бораи кӯрии Рӯдакӣ беш аз ҳазор сол аст, ки баҳс давом дорад. Ҳарчанд А.Тоҳирҷонов ин баҳсро то андозае ҷамъбаст намуда, дар асари худ беш аз 70 сафҳаро ба ин масъала бахшидааст ва ба хулосаи қатъӣ омадааст, ки шоир кӯри модарзод буд, дар мақолаи ба ин мавзӯъ ихтисос дода шуда, баҳс дар сари мавзӯи мазкур идома ёфта, фарзияи нав пешниҳод мегардад.

Мақолаи куллии аввал «Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ» дорои ҳар ду ҷанба--иттилоотӣ ва илмӣ буда, ба таври умумӣ дар бораи аҳволу осори шоир, дараҷаи таҳқиқи ӯ, мақом ва шӯҳраташ маълумот медиҳад. Сипас, мақолаҳо аз рӯи тартиби алифбои тоҷикӣ дода мешаванд. Унвони асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ дар тарҷумаи тоҷикӣ ва дар сурати зарурат дар қавсайн ба забони асл сабт мегардад. Санаҳои таърихӣ асосан ба солшумории мелодӣ дода мешаванд, вале дар мавридҳои зарурӣ солшумории ҳиҷрӣ низ зикр мегардад. Номҳои таърихиву ҷуғрофӣ дар шакли таърихӣ сабт гардида, дар қавсайн ба шакли кунунии онҳо ишора мешавад. Масалан, Кеш (Шаҳрисабз), Ҷайҳун (Ому)…

Рӯдакӣ на танҳо шоири бузург, балки донишманди барҷаста ҳам буд ва бесабаб нест, ки бо унвони ҳаким машҳур аст. Инро осори боқимондаи шоир ҳам ба субут мерасонад. Аз ин рӯ дар «Донишномаи Рӯдакӣ» ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти илмҳои гуногун, ба хусус нуҷум, набототшиносӣ, тиб, ҷонваршиносӣ, маъданшиносӣ, фалсафа, фиқҳ ва амсоли онҳо таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардад. Ҳамчунин ба вазъи илм дар замони Рӯдакӣ таваҷҷӯҳ зоҳир гардида, дар бораи илмҳои он давра маълумот дода мешавад.

Нақши Рӯдакӣ дар рушду такомули забони порсии дарӣ хеле бузург аст. Ӯ ва муосирони суханвараш забонро ба ҳадде сайқал доданд, ки то имрӯз идома пайдо карда, хеле кам тағйир ёфтааст. Ба иборати дигар маҳз осори безаволи Рӯдакиву Фирдавсӣ ва ҳамасрони онҳо боиси мондагории забони форси тоҷикӣ дар тӯли беш аз ҳазор сол шудааст. Бинобар ин дар донишнома ҳамаи калимаҳое, ки дар осори Рӯдакӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, шарҳу тавзеҳ дода мешаванд ё саъй мешавад, ки илова бар маънии аслии калимаҳо ба тобишҳои хосси

маъноии онҳо дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ, маънои маҷозии калимаҳо, нақши онҳо дар офаридани тасвирҳои бадеӣ, сувари хаёл ва амсоли инҳо низ таваҷҷӯҳ зоҳир гардад. Яъне дар шарҳи вожаҳо дар мавридҳои зарурӣ таҳлили забоншиносиву зебошинохтӣ ва сабкшиносӣ бо ҳам корбаст мешаванд. Ҳамчунин дар поёни донишнома басомади вожаҳои осори шоир дода мешавад, ки ин барои таҳқиқи қиёсии забони осори адибони дигар ҳам судманд хоҳад буд. Роҷеъ ба ҳамаи сарчашмаҳои дастраси таърихию адабӣ, ки дар онҳо зикри Рӯдакӣ рафтааст, маълумот дода мешавад.

Дар бораи аҳволу осори Рӯдакӣ муҳаққиқони зиёде асарҳои гуногуни илмӣ ва илмиву оммавӣ офаридаанд, ки роҷеъ ба ҳамаи онҳо ҷой додани мақола дар донишнома имконнопазир аст. Ҳамчунин асарҳо дар сатҳу савияи гуногун эҷод шудаанд. Бинобар ин дар бораи онҳо дар мавридҳои зер мақола дода мешаванд:

1. Муҳаққиқоне, ки бевосита роҷеъ ба Рӯдакӣ китоб таълиф кардаанд (амсоли С.Айнӣ,Саид Нафисӣ, А.Мирзоев, И.С.Брагинский).

2. Муҳаққиқоне, ки дар зимни асарҳои кулливу ҷамъбастӣ роҷеъ ба Рӯдакӣ таваққуф кардаанд (Э.Браун, Шиблии Нӯъмонӣ, Забеҳулло Сафо, А.Кримский, Е.Э.Бертелс, А.Баҳоваддинов).

3. Муҳаққиқоне, ки дар бораи Рӯдакӣ беш аз ду мақолаи илмӣ навиштаанд (Ҳ. Эте, Бадеуззамон Фурӯзонфар, А.Мухторов, Шафеии Кадканӣ, М.Занд, А.Сатторзода...).

4. Китобҳои ҷудогона роҷеъ ба Рӯдакӣ («Устод Рӯдакӣ»-и С.Айнӣ, «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ»-и Саид Нафисӣ, «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»-и А.Мирзоев…).

5. Мақолаҳое, ки дорои бозёфтҳо, далелҳо ва мулоҳизаҳои тозаи илмӣ мебошанд, сарфи назар аз ҷои чоп («Байте бозёфта аз чакомаи Бухоро»-и Муҳаммадалии Сипонлӯ, «Ду байти нав аз осори Рӯдакӣ»-и С.Шаҳобиддинов…).

6. Мақолаву гузоришҳое, ки дар бораи ҳодисаву падидаҳои марбут ба Рӯдакӣ хабар медиҳанд («Солонаи Рӯдакӣ», «Тайёрӣ ба юбилеи Рӯдакӣ»…).

Дар «Донишнома» ҳамаи санадҳои расмӣ дар бораи Рӯдакӣ шарҳ дода мешаванд (Қарор «Дар бораи гузаронидани ҷашни 1100-солагии рӯзи таваллуди классики бузурги адабиёти тоҷик Рӯдакӣ», Амр «Дар бораи ба қуллаи баландиаш 6300-метраи қаторкӯҳҳои Дарвоз додани номи Рӯдакӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷлили ҷашни 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ»). Дар бораи ҳамаи мутарҷимони осори Рӯдакӣ, рассомон, муҷассамасозон, оҳангсозон, сарояндагон,

ҳунарпешагон ва ҳунармандони дигар, ки дар робита бо шоир асар офаридаанд, мақолаи ҷудогона дода мешаванд.

Роҷеъ ба шоире, ки ба Рӯдакӣ чанд шеър бахшидааст, мақолаи ҷудогона дода мешавад (Лоиқ Шералӣ, Салими Хатлонӣ). Вале агар ӯ

дар ин мавзӯъ фақат як шеър навишта бошад, ба он шеър мақола бахшида мешавад («Ба Рӯдакӣ»-и Фаридуни Ҷунайдӣ, «Дар пояи ҳайкали устод Рӯдакӣ»-и Ҷумъа Қуввват). Ҳамаи шеърҳое, ки дар пайравии ашъори Рӯдакӣ ва ё дар ситоиши Рӯдакӣ навишта шудаанд, мавриди таҳлил қарор мегиранд ва ҳусну қубҳи онҳо нишон дода мешаванд.

Дар бораи Рӯдакӣ ривоятҳои зиёди халқӣ мавҷуданд, ки онҳо дар мақолаҳои ҷудогона баррасӣ мешаванд.

Дар бораи ҳамаи навъҳои шеърӣ, ки дар осори боқимондаи Рӯдакӣ ба назар мерасанд (амсоли ғазал, қасида, рубоӣ, маснавӣ, қитъа ва ғ.), санъатҳои бадеие, ки дар ашъори шоир мустаъмаланд, ҳамаи баҳрҳои вазни арӯз, ки истифода шуданд ва истилоҳоти марбут ба арӯзу қофия дар ашъори шоир шарҳ дода мешаванд. Дар охири «Донишнома» ҷадвали вазну қофияҳои ашъори боқимондаи Рӯдакӣ сабт мегардад.

Рӯзномаву маҷалла ва нашриётҳое, ки осори Рӯдакиро чоп кардаанд ва ё дар бораи аҳволу осори шоир асарҳо ба табъ расондаанд, дар «Донишнома» ҷой мегиранд (мисли «Ҷумҳурият», «Адабиёт ва санъат», «Садои Шарқ», «Адиб», «Ирфон», «Маориф», «Амири Кабир»…)

Ба ин минвол дар «Донишнома» ҳар чи ба Рӯдакӣ иртибот дорад, ҷой дода мешавад, то ки хонанда матлаби дилхоҳашро ба осонӣ пайдо намояд.

«Донишномаи Рӯдакӣ» агар аз як тараф ба хонандагон барои зуд пайдо кардани иттилои зарурӣ мадад расонад, аз сӯи дигар барои муҳаққиқону донишмандон ҷиҳати таҳқиқи амиқу густурдаи аҳволу осори шоир ва умуман рушду тавсиаи рӯдакишиносӣ замина муҳайё менамояд.

Умед аст, ки ин асар роҳро барои офаридани донишномаҳои Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Баҳор, Шаҳриёр, Садриддин Айнӣ ва дигар бузургони илму адаб боз хоҳад кард.

**Пайнавишт**

1 Маҳноз Муқаддасӣ. Донишномаҳои эронӣ, Теҳрон, 1384, саҳ.37.

2 Ҳамон асар, саҳ.11.

# АСАРИ МУҲИМ ДАР РӮДАКИШИНОСӢ

Дар бораи бунёдгузори адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз замони зиндагиаш то имрӯз шоирону тазкиранигорон, таърихнависону муҳаққиқони зиёде сухан ронда, даҳҳо монография, садҳо рисолаву ҷузва, ҳазорҳо шеъру мақола офаридаанд. Дарвоқеъ рӯдакишиносӣ имрӯз ба як шохаи муҳимми эроншиносӣ табдил ёфтааст, ки на танҳо таҳқиқи аҳволу осори шоири бузург, балки баррасии осору андешаҳои ҳамасрони ӯ ва суннатҳои адабии ононро фаро мегирад.

Дар ҳар давраи рӯдакишиносӣ як ё чанд асари ҷамъбастӣ офарида шудаанд, ки баррасиҳои муҳаққиқони оламро дар ин мавзӯъ арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумлаи чунин асарҳои ҷамъбастӣ метавон аз осори ховаршиноси маъруфи олмонӣ Ҳ. Эте ёд кард, ки таҳқиқоти эроншиносони Ғарбу Шарқро дар асри Х1Х ҷамъбаст намуда, 238 байти Рӯдакиро, ки то он замон ҷамъоварӣ шуда буд, соли 1879 бо тарҷумаи олмонӣ ба табъ расонид.

Асари дувуми ҷамъбастӣ дар ин замина «Устод Рӯдакӣ»-и Садриддин Айнӣ аст, ки соли 1940 чоп шуд ва баррасии иттилооти сарчашмаҳову осори таҳқиқотӣ ва кашфиёту бозёфтҳои худи Айниро дар рӯдакишиносӣ фаро мегирифт.

Яке аз муҳимтарин асарҳо дар рӯдакишиносӣ китоби сеҷилдаи Саид Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» ба шумор меравад, ки куллияи маълумоти дастраси марбут ба аҳволу осори Рӯдакӣ ва муосиронашро дар бар мегирад.

Ба муносибати ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ таҳқиқи рӯзгору осори шоир хеле ривоҷ пайдо кард, ки аксари онҳо дар асари А. Мирзоев «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» ҷамъбандӣ шудаанд.

Пас аз он дар рӯдакишиносӣ марҳалаи наве шурӯъ шуд, ки баррасии амиқу мушаххаси масъалаҳои замон, ҳаёт ва осору андешаҳои шоир аз хусусиятҳои хоси он аст. Ин ҷанбаи рӯдакишиносӣ дар асарҳои ҷамъбастии А. Тоҳирҷонов ва Аълохон Афсаҳзод ба назар мерасад. Ба хусус асари А. Тоҳирҷонов «Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ» дар ин бобат хеле қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Зеро дар он дастовардҳои рӯдакишиносӣ ва масъалаҳои ҳалношудаи он бозтоб ёфтааст. Вале ин асар ба таври шоиста тақдир ва қадрдонӣ нашудааст. Китоби мазкур соли 1968 дар нашриёти Донишгоҳи Ленинград бо теъдоди 500 нусха ба тариқи офсет бо сифати пасти полиграфӣ чоп шуда, дигар ба табъ нарасидааст. Аз ин ҷост, ки аз ин китоб на танҳо

хонандагону донишҷӯён, балки ҳатто аксари муҳаққиқон огоҳӣ надоранд. Масалан, дар яке аз мулоқотҳое, ки чанд сол қабл аз ин дар толори Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ баргузор гардид, як гурӯҳ донишмандони эронӣ таҳти сарварии раиси онвақтаи Фарҳангистони забон ва адабиёти форсии Ҷумҳурии исломии Эрон доктор Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил ширкат доштанд. Яке аз меҳмонон доктор Саркоротӣ дар зимни суханронии худ таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба масъалаҳои баҳсноки аҳволу осори Рӯдакӣ ҷалб намуд ва таъкид кард, ки мутаассифона, дар ин замина масоили ҳалношуда зиёданд. Ӯ ба тариқи намуна аз масъалаҳои кӯрии Рӯдакӣ, миқдори осори шоир, робитаи ӯ бо қарматиён ва ғайра ёд кард. Чун гуфта шуд, ки масоили мазкур дар китоби А. Тоҳирҷонов мавриди баҳси муфассал қарор гирифтааст, ӯ ноогоҳии донишмандони Эронро аз он китоб таъкид намуд. Дарвоқеъ аз ин китоби нодир на танҳо донишмандони хориҷӣ, балки муҳаққиқони зиёди ҷумҳурӣ низ огоҳӣ надоштанд.

Муаллифи асар Абдурраҳмон Тоҳирҷонов (1907 – 1983) зодаи кишвари Тотористони Россия буда, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Ленинград дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ(бахши ленинградии он) ва то охири умр дар факултаи ховаршиносии донишгоҳи мазкур кор кардааст. Фаъолияти илмии ӯ бо таҳқиқи достони «Хусрав ва Ширин»-и Қутб шурӯъ шудааст. Сипас ӯ дар бораи масъалаҳои гуногуни адабиёти классикӣ ва муосири форсӣ асарҳо таълиф намуда, дар тавсифи нусхаҳои хаттии форсиву тоҷикии Китобхонаи Донишгоҳи Ленинград саҳми калон гузоштааст.

А. Тоҳирҷонов ба таҳияву таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳо низ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, аз ҷумла китоби «Маҷмауттаворих»-ро бо муқаддимаву тавзеҳот ба чоп расондааст. Солҳои охири умр ӯ ба таҳқиқи аҳволу осори Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ машғул шуда, китоби «Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ»-ро ба табъ расонид. Барои таълифи ин асари ҷолиби илмӣ ба ӯ дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ дода шуд.

Китоби А. Тоҳирҷонов дар воқеъ аз чанд ҷиҳат хеле ҷолиб мебошад. Пеш аз ҳама он арзиши баланди сарчашмашиносӣ дорад. Муаллиф саъй намудааст, ки маълумоти ҳамаи манбаъҳои таърихиву адабии ба ӯ дастрасро дар бораи Рӯдакӣ ҷамъ оварда, дар ибтидои баҳс дар ҳар масъала ва мавридҳои зарурӣ онҳоро зикр намуда, сипас мавриди баррасӣ қарор диҳад. Хуб донистани забони арабӣ имкон додааст, ки ӯ бештар аз таърихномаву саёҳатномаҳои арабӣ пурсамар истифода намояд. Аз ин ҷост, ки дар асар таъсири идеологияи давр хеле кам ба назар мерасад. Зеро

кашфи ҳақиқат ҳадафи аслии муаллиф буда, дар ҳамаи мавридҳо ӯ ба далел такя намудааст.

Тавре ки зикр шуд, китоби А. Тоҳирҷонов бар пояи баҳс асос ёфтааст ва бесабаб нест, ки муаллиф зарбулмасали арабии «Алҳақиқат бинтулбаҳси»(ҳақиқат духтари баҳс)-ро шиори худ қарор додааст. Ҳарчанд ин баҳсҳо ҳамаи масъалаҳои печидаву пӯшидаи аҳволу осори Рӯдакиро комилан ҳал накардаанд, вале барои дарки ҳақиқат мадад мерасонанд.

Яке аз масъалаҳои хеле баҳснок, ки ҳанӯз то охир равшан нашудааст, кӯрии Рӯдакист. Ихтилофи назар дар бораи кӯрии шоир аз замони ӯ шурӯъ шуда, то имрӯз идома дорад. Аз ин ҷост, ки А. Тоҳирҷонов як боби калони китоби худро ба ин мавзӯъ ихтисос дода, баҳси хеле тӯлонӣ оростааст. Ӯ тақрибан ҳамаи байтҳои боқимондаи шоирро, ки марбут ба рангу биноиянд, тавзеҳ дода, маълумоти сарчашмаҳо ва назари муҳаққиқонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Тавре ки муаллиф таъкид кардааст, ҳанӯз ҳамасрони Рӯдакӣ амсоли Абӯзироаи Гургониву Дақиқӣ ва Абӯҳайёни Тавҳидиву Фирдавсӣ ба ин масъала ишораҳо кардаанд. Муҳаққиқон бо истинод ба он ишораҳо ва маълумоти сарчашмаҳо ду навъ андеша баён кардаанд. Як гурӯҳ ақида доранд, ки кӯри модарзод будааст. Гурӯҳи дигар дар охири умр кӯр кардани ӯро таъкид намудаанд.

Дар рӯдакишиносии Шӯравӣ андешаи кӯр кардани шоир зуд қабул гардид ва муҳаққиқон саъй менамуданд, ки онро бо далелҳои тоза тақвият диҳанд. Ин пеш аз ҳама ба ҷанбаи иҷтимоигароии адабиётшиносии шӯравӣ бастагӣ дошт. Зеро кӯр кардани шоир ҷанбаи мҷтимоии шахсияти ӯро пурқувват менамуд ва барои баланд бардоштани мақоми ҷамъиятии вай далели қотеъ мегардид. Аз ин ҷост, ки ҳатто антропологи маъруфи шӯравӣ М.М. Герасимов маҳз ба ҳамин хотир саъй намудааст, ки фарзияи кӯр кардани шоирро бо ҳар роҳу восила тақвият бахшад. Дар ин роҳ ӯ ҳатто аз сохтакориву бемантиқиҳо рӯй натофтааст, ки ҳамаи онҳоро А. Тоҳирҷонов бо далелҳои мӯътамад нишон додааст.

А. Тоҳирҷонов пас аз баҳси тӯлонӣ ниҳоят ба натиҷае мерасад, ки Рӯдакӣ кӯри модарзод буд. Дар воқеъ далелҳои пайдокардаи ӯ собит менамоянд, ки шоир кӯр карда нашудааст. Вале ба назари мо дар масъалаи кӯри модарзод будани шоир далелҳои ӯ қотеъ ва мӯътамад нестанд. Аз ҷумла А. Тоҳирҷонов гувоҳии муосирони Рӯдакиро «далели

қавитарин» медонад. Вале агар ба гуфтаҳои онҳо бо таҷдиди назар ва тааммуқи бештар нигарем, ҳеч кадом сареҳан шоирро кӯри модарзод нагуфтаанд. Масалан, Абӯзироа навиштааст :

*Агар ба кӯрии чашм ӯ ёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*

Дар байти мазкур шоир иддао дорад, ки Рӯдакӣ барои дарёфти сервату давлат нури чашмони худро аз даст дода, кӯр шуд, вале ман намехоҳам барои сарват кӯр шавам. Яъне Абӯзироа аз рӯи ҳасад ба Рӯдакӣ таъна задааст, ки барои сарват тамоми ҳастии худро бахшидааст. Ба кӯри модарзод ҳеч гоҳ чунин таъна раво нест, зеро он кори Худованд дониста мешуд, ки ба шахс вобаста нест.

Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва каме баъдтар Носири Хусрав Рӯдакиро «тирачашм» донистаанд. Тавре ки маълум аст, ин калима маънии тамоман нобино буданро надорад. «Тира» дар забони тоҷикӣ маънии хира, яъне камиро медиҳад. Масалан, Фирдавсӣ тираву хираро дар байти зер муродифи ҳам қарор додааст :

*Ҳаво тирафому замин тира гашт,*
*Ду дида дар ӯ андарун хира гашт.*

Дар ин масъала қасидаи ҳасбиҳолии «Шикоят аз пирӣ»-и шоир, ки хушбахтона, то имрӯз комилан боқӣ мондааст, метавонад беҳтарин далел бошад. Худи набудани ишорае ба кӯри модарзод будани шоир дар ин қасида беҳтарин далел аст. Агар Рӯдакӣ кӯри модарзод мебуд ва ё ӯро кӯр мекарданд, ҳатман ишора ва шикоят аз тақдиру душманон мекард. Зеро дар он қасида ба муҳимтарин лаҳзаҳову ҷанбаҳои ҳаёт ва шахсияташ амсоли дар ҷавонӣ зебову хушандом, сияҳмӯю симдандон, ҳамеша хушҳолу шодон будан, ишқварзиҳои зиёдаш, дорои истеъдоди баланди сухандониву сурудхонӣ ва мутрибӣ буданаш, сипас соҳиби зану фарзанд гаштан, хидмат дар дарбор, шӯҳрати ашъораш, робита бо сарватмандон, дарёфти атоҳои фаровон ва ғайра ишора шудааст. Байти охирини қасидаи мазкур ҳам далели қотеъе мебошад, ки кӯри модарзод будани шоирро рад менамояд :

*Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,*
*Асо биёр, ки вақти асову анбон буд*

Тавре ки маълум аст, ҳеч кӯри модарзод бидуни асо ҳаракат карда наметавонад, яъне олату ёвари асосии кӯрон аз қадимулайём то имрӯз асо мебошад. Агар Рӯдакӣ кӯри модарзод мебуд, дар охири умр намегуфт, ки акнун навбати ба даст гирифтани асо расидааст. Шояд баъзе муҳаққиқон, ҳамон тавре ки А. Тоҳирҷонов нисбат ба калимаҳои марбут ба дидану шунидан

гуфтааст, иддао кунанд, ки дар байти мазкур «асо гирифтан» ба маънии маҷозӣ истифода шудааст. Албатта, асо гирифтан дар забони тоҷикӣ маънии маҷозии «пир шудан», «хамидақомат гаштан», «мӯҳтоҷ шудан» ва ҳатто «азодор шудан»-ро медиҳад. Вале дар байти мазкур калимаи «асо» ду бор такрор шудааст ва асои аввал, ки бо таъкид зикр ёфтааст, маънии воқеиро дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки биноии Рӯдакӣ дар ҳақиқат заиф, яъне тира будааст, ки он ё ба таври модарзодӣ ва ё бар асари беморие ба вуҷуд омадааст. Табиист, ки сустиву заифии биноӣ бо мурури замон бештар гардида, дар охирҳои умр боиси нобино гаштани ӯ шудааст.

Аз рӯдакишиносон ба ин натиҷа А. Мирзоев наздик шуда буд. Ӯ дуруст мушоҳида карда буд, ки Рӯдакӣ заъфи биноӣ доштааст ва эҳтимоли ба бемории оби марворид гирифтор шудани шоирро таъкид карда буд, ки комилан табиист ва имрӯз ҳам зиёд ба назар мерасад. Вале мутаассифона, А. Мирзоев ин андеша ва ё ба ибораи дигар кашфи худро то ба охир нарасонда, бо далелҳо тақвият набахшид ва баръакс андешаи Саид Нафисиро ҷонибдорӣ намуда, фарзияи кӯр карда шудани Рӯдакиро тасдиқ намуд.

Мисоли мазкур гувоҳи он аст, ки баҳс перомуни аҳволу осор ва андешаву афкори Рӯдакӣ идома дорад ва асари А. Тоҳирҷонов метавонад дар ин замина маводу ғизо диҳад.

Аз ин ҷост, ки асари «Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ»-и А. Тоҳирҷонов ба забони форсӣ тарҷума шуда, дар муассисаи бонуфузтарини Эрон «Амири Кабир» ба табъ расид ва писанди хонандагони зиёд гардид.

## ОСОРИ ЗУБДАИ РӮДАКИШИНОСӢ

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ҳамчун бунёдгузори адабиёти тоҷику форс на танҳо дар ватанаш Тоҷикистон, балки дар ҳамаи кишварҳои форсизабон, ба хусус Эрон шӯҳрати хеле зиёд дорад. Дар бораи аҳволу осори ӯ донишмандони эронӣ чандин осори гаронбаҳои илмӣ офаридаанд, ки асари устод Саид Нафисӣ «Аҳволу ашъори Абӯабдуллоҳ ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» намунаи барҷастаи он буда, аз муҳимтарин асарҳои ҷамъбастӣ дар рӯдакишиносии олам маҳсуб мешавад. Илова бар ин ба қалами днишмандони эронӣ мақолоти зиёде таълиф шуда, дар нашрияҳои гуногун ба табъ расидаанд, ки дастрасӣ ба баъзе аз онҳо ба хонандагон душвор аст. Аз ин рӯ донишманд ва рӯзноманигори шинохта Алии Деҳбошӣ, ки ҳамчун сардабири маҷаллаи маъруфи

«Бухоро»(қаблан бо унвони «Килк» чоп мешуд) ва мураттиби чандин маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ дар пешрафти илму фарҳанги форсизабонони олам саҳми шоиста мегузорад, бо назардошти ин зарурат ба гирдоварии он мақолот пардохта, таҳти унвони «Ёди ёри меҳрубон» ба табъ расондааст.

Маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» беҳтарин мақолаҳои илмиеро, ки донишмандони маъруфи Эрон дар бораи аҳволу осори Рӯдакӣ таълиф кардаанд, дар бар мегирад. Дар «Ёддошт»-и Алии Деҳбошӣ, ки маҷмӯа бо он оғоз меёбад, ба муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгору осори шоир ишора шуда, арзиши волои ашъори ӯ таъкид гардидааст.

Мақолаи аввали маҷмӯа «Рӯдакӣ» ба қалами донишманди маъруфи эронӣ Муҳаммад Дабири Сиёқӣ тааллуқ дорад, ки дар он шарҳи ҳоли мухтасари шоир дода шудааст. Дар зимни мақола ба баъзе масъалаҳои баҳсноки аҳволу осори шоир ишора шудааст. Аз ҷумла муаллиф масъалаи нобиноии шоирро ба миён гузошта, таъкид менамояд, ки «гурӯҳе аз тазкиранависон ба кӯрии модарзодии ӯ ишора кардаанд»(саҳ. 19).Пас аз нақли маълумоти сарчашмаҳои гуногун амсоли ашъори Абӯзироаи Гургонӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва абёти худи Рӯдакӣ ба натиҷае мерасад, ки қобили таваҷҷӯҳ мебошад: «Гӯё гуфтаи дуруст он бошад, ки Маҳмуд ибни Умари Наҷотӣ соҳиби китоби «Басотинулфузало ва раёҳинулуқало», ки дар соли 709 ҳ.қ. таълиф шуда ва шарҳи «Таърихи Утбӣ» аст, ёд карда ва он ин ки «Рӯдакӣ дар поёни умр кӯр шудааст» (саҳ. 20).

Дар ҳақиқат баррасии амиқи масъалаи мазкур ва далелҳои зиёди дигар дурустии андешаи мазкурро ба субут мерасонанд.

Муаллифи мақола ҳамчунин ба баҳси роҷеъ ба миқдори ашъори Рӯдакӣ ишора намуда, сабабҳои устодии ӯро чунин ба қалам додааст : «Сирри ин саршиносиву устоди мусаллам шинохта шудани Рӯдакиро дар чанд нукта бояд ҷуст : яке моярии табъи суханофарини ӯст, ки аз нерумандии ҳофиза ва диди жарфу таваҷҷӯҳи амиқ ба мабонии адабу дониши забон натиҷа шудааст. Дигар қудрати тасаввур ва дурпарвозии хаёли ӯст дар халқи мазомини борик ва ҳамакасфаҳму латиф. Нуктаи севум, ки дар нозукхаёлии Рӯдакӣ ва бештари шоирони қарни чаҳорум асари амиқ дорад ва аз мухтассоти шеъри ин давра шинохта мешавад, тавоноии шоир дар васфи табиат ва тавсифи манозири табиӣ ва сохтани мазомини шоирона аз талфиқи авомили зебо ва содаи офариниш аст, чизе ки барои ҳама кас зебоиву қобилияти

дарк дорад ва дар либоси ташбеҳотест, ки аркони он аз сувари маҳсус моя гирифтааст ва дар қолаби суваре аз хаёл аст, ки аҷзои он дар олами хориҷ мавҷуд ва барои ҳама кас маҳсус аст» (саҳ. 22).

Дар мақолаи дигари Муҳаммад Дабири Сиёқӣ «Сездаҳ раҳ сад ҳазор» масъалаи миқдори ашъори шоир ба миён гузошта шудааст. Муаллиф дар атрофи маълумоти «Лубобулалбоб» ва махсусан, шеъри машҳури Рашидии Самарқандӣ баҳс кушода, мисраи «шеъри ӯро ман шумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор»-ро дар шакли зер тасҳеҳ менамояд : «Шеъри ӯро ман шумурдам сӣ рада : даҳ, сад, ҳазор» ва ба чунин натиҷа мерасад : «Даҳ, сад, ҳазор, яъне ададе даҳ ба иловаи сад ба иловаи ҳазор, ки мешавад ҳазору саду даҳ(1110) ва чун ин рақами ҳазорусаду даҳро дар сӣ рада(сӣ саф) бинависем(яъне монанди арқоми ҷамъи имрӯз зери ҳам қарор диҳем) ададе сиву се ҳазору сесад(33300) ба даст меояд, ки рақами бисёр маъқулест барои шумораи абёти Рӯдакӣ»(саҳ. 309 – 310). Ин пешниҳоди Дабири Сиёқӣ, ки ҳанӯз соли 1358\ 1979 тавассути маҷаллаи «Яғмо» баён шуда буд, мавриди қабули аҳли илму адаб қарор нагирифт.

Мақолаи Бадеуззамон Фурӯзонфар «Рӯдакӣ» низ ба шарҳи ҳоли шоир бахшида шудааст. Муаллиф қабл аз ҳама ному насаб ва зодгоҳи шоирро муайян намуда, сипас ба баррасии масъалаи «кӯрии Рӯдакӣ» мегузарад. Ӯ маълумоти сарчашмаҳоро дар ин бора зикр намуда, ба хулосае меояд, ки шоир «дар оғоз нобино набуда» баъд ӯро кӯр кардаанд ва ҳангоми назми «Калила ва Димна» ӯ кӯр будааст. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, ӯ аз ин андешаи худ баргашта саъй менамояд, ки кӯри модарзод будани Рӯдакиро ба субут расонад.

Фурӯзонфар дар бораи миқдори ашъори Рӯдакӣ таваққуф намуда, гуфтаи Рашидии Самаркандиро муболиға медонад. Зеро «нисбати ин миқдор шеър ба шоире, ки дар ибтидои зуҳури каломи манзум буда ва ҳанӯз забон барои таъбироти адабӣ парвариши комил наёфта буд ва шеър гуфтан ба осонӣ даст намедод, ба суҳулат қобили қабул нест» (саҳ. 30). Ба ин андешаи Фурӯзонфар наметавон розӣ шуд. Зеро забони форсии дарӣ дар ин давра хеле такомул ёфта, ба авҷи рушду камолот расида буд. Таълифи на танҳо ашъори фаровон, балки осори пурбаҳои илмиву динӣ, ҳатто «Донишнома»-и манзуми Ҳаким Майсарӣ ва чандин «Шоҳнома»-и манзуму мансур гувоҳи пешрафти он аст. Маҳз камолоти забону адаби ин

давра боиси мондагорӣ ва идомаи онҳо дар асрҳои баъд шудааст.

Тақрибан пас аз бист сол ба муносибати ҷашни 1100-солагии устод Рӯдакӣ Бадеуззамон Фурӯзонфар дар яке аз ҳамоишҳои илмӣ дар бораи ашъори шоир суханронӣ мекунад, ки он дар шакли мақолаи илмӣ таҳти унвони «Шеъру шоирии Рӯдакӣ» ба табъ мерасад. Ин мақола низ дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» ҷой дода шудааст. Дар ин мақола Фурӯзонфар дар асоси ашъори Рӯдакӣ, ки аз сарчашмаҳои нисбатан қадимӣ ва наздик ба замони шоир амсоли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Таърихи Систон», «Таърихи Байҳақӣ», «Тарҷумонулбалоға», «Ҳадоиқуссеҳр», «Тӯҳфатулмулук», «Лубобулалбоб», «Алмуъҷам» гирдоварӣ шудаанд, дар бораи чанд ҷиҳати ашъори ӯ мулоҳизаҳои тозаи худро баён намудааст. Пеш аз ҳама ӯ таърихи суруда шудани чанд шеъри машҳури шоирро муайян карда, зимнан иштибоҳотеро, ки гӯё дар мақолаи аввалааш роҳ додааст, ислоҳ менамояд. Масалан, ӯ қаблан ба сафари Наср ибни Аҳмад ба Ҳирот ва суруда шудани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» дар он ҷо шубҳа дошт. Пас аз ҷустуҷӯҳои илмӣ ва дарёфти далелҳои тоза вақти сафар ва таълифи қасидаи мазкурро муайян менамояд.

Дар ин мақола муаллиф масъалаи кӯрии Рӯдакиро ба миён гузошта, иштибоҳи дигари худро, ки ба кӯри модарзод будани шоир шубҳа карда буд, ислоҳ намуда, қотеона таъкид мекунад, ки «устод Рӯдакӣ бидуни ҳеч гуна шак кӯри модарзод буда ва ҳаргиз ҷаҳон ва сувари ҳиссиро ба чашми зоҳир мушоҳида нанамудааст»(саҳ. 107). Барои тақвияту исботи ин андеша ӯ Рӯдакиро бо шоири арабизабони эронӣ Башшор ибни Бурд муқояса мекунад ва аз девони ӯ мисолҳои фаровонеро меорад, ки бо вуҷуди кӯр будан ба дидан ва рангҳо ишора намудааст. Мутаассифона, далелҳои овардаи муаллиф ҳанӯз комилан муътамад нестанд ва андешаи дар мақолаи аввал баён кардаи ӯ ба ҳақиқат наздиктар аст, ки дар ин бора мо дар мақолаи дигар баҳси муфассал кардаем(ниг.: *Бори дигар дар бораи нобиноии Рӯдакӣ*).

Фурӯзонфар дар ин мақола ба масъалаи миқдори ашъори Рӯдакӣ низ ишора намуда, шубҳаи худро ба андешаи Муҳаммад Авфӣ ва Рашидии Самарқандӣ дар ин бобат рад менамояд ва муболиғаомез набудани гуфтаи онҳоро таъкид мекунад.

Ҳамчунин дар мақола ба забардастии Рӯдакӣ дар офаридани навъҳои шеъри форсӣ амсоли қасида, қитъа, ғазал,

маснавӣ, рубоӣ ва саҳми барҷастаи ӯ дар рушду такомули забони форсии дарӣ ишора шудааст.

Дар мақолаи Абдулҳусайни Зарринкӯб «Рӯдакӣ - шоири равшанбин» низ сухан аз шарҳи аҳволу осори шоир меравад. Мақола бо тасвири замони пирии Рӯдакӣ, ки дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» бозтоб ёфтааст, оғоз меёбад. Сипас муаллиф масъалаи кӯрии Рӯдакиро ба миён гузошта, ба маълумоти сарчашмаҳо ишора мекунад ва мувофиқ набудани худро ба кӯри модарзодии шоир иброз намуда, чунин фарзияро баён мекунад, ки ба назари мо комилан дуруст аст : « ...гӯйӣ кӯрӣ низ мисли пирӣ ва сустиву нотавонӣ фақат дар солҳои поёни умр ба суроғи ӯ омадааст» (саҳ. 37). Зарринкӯб ҳамчунин дар хусуси бо шиканҷа кӯр кардани шоир шубҳа намудааст. Дар мақола масъалаи бозтоби вазъи Бухоро, ба хусус ҳаёти дарбори Сомониён ва зиндагии лоуболонаи худи шоир дар ашъори боқимондаи ӯ батафсил баён шудааст.

Мақолаи Ҷаъфари Шиор ва Ҳасани Анварӣ «Дар бораи Рӯдакӣ ва асри ӯ» ба тасвири вазъи ҷаҳон дар қарни Х ва муҳити сиёсиву фарҳангии Рӯдакӣ оғоз меёбад. Сипас шарҳи мухтасари аҳволу осори Рӯдакӣ бо истинод ба маълумоти сарчашмаҳо зикр мегардад. Дар фасли «Достони нобиноии Рӯдакӣ» роҷеъ ба масъалаи кӯри модарзод будан ё баъд нобино гаштани ӯ сухан меравад. Муаллифони мақола пас аз нақли маълумоти сарчашмаҳо назари муҳаққиқони муосирро дар ин бобат мавриди баҳс қарор дода, бо зикри суханони донишманди тоҷик А. Мирзоев, ки ҷамъбасти назари муҳаққиқони шӯравӣ буд, баҳсро ба анҷом мерасонанд. Дар фасли «Рӯдакӣ чӣ мазҳабе доштааст ?» муаллифон далелҳоеро зикр мекунанд, ки ба мазҳаби шиаи исмоилия гаравиш доштани шоирро ба субут мерасонад. Вале дар охир таъкид мешавад, ки «Ӯ бар хилофи Носири Хусрав дар эътиқоди динии худ устувор нест, беш аз он ки андешаи тааббудӣ ва динӣ дошта бошад, андешаи фалсафӣ ва озод дорад»(саҳ. 54). Андешаи ӯро онҳо навъе «тафаккури эпикурӣ» медонанд. Муаллифони мақола ба муҳтавои ашъори боқимондаи Рӯдакӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, вуҷуди андешаҳои гуногуни фалсафиро дар осори шоир таъкид мекунанд : «Дар шеъри боқимондаи Рӯдакӣ хирадгароӣ(rationalisme), илмгароӣ(scietisme), беэътибориии ҷаҳон ва ишқ, лаззатгароӣ(epicureanisme) ва андешаи саодат(Pelicitologio: андеша ба он ки саодат дар чист ?)дида мешавад»(саҳ. 55). Сипас мавзӯъҳои «беэътибории ҷаҳон ва ишқ дар низоми фикрии Рӯдакӣ», «Саодат дар чист ?»-ро мавриди баҳс қарор медиҳад. Қисмати охири мақола ба шарҳи

ҳукумати Сомониён, шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро дар он даврон бахшида шудааст.

Мақолаи «Чашмаи равшан», ки ба қалами донишманди маъруфи эронӣ Ғуломҳусайни Юсуфӣ тааллуқ дорад, ба таҳлилу баррасии қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Рӯдакӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси ин қасида аз як тараф рӯзгори шоир, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии ӯро пеши назар меорад ва аз сӯи дигар маҳорати суханварии шоирро ошкор менамояд. Ғуломҳусайни Юсуфӣ пас аз таҳлили амиқу ҳарҷонибаи қасидаи мазкур ба хулосае меояд, ки ин қасида на танҳо яке аз беҳтарину мӯътамадтарин сарчашма роҷеъ ба рӯзгори шоир аст, балки намунаи барҷастаи шеъри форсӣ дар тӯли беш аз ҳазор сол аст : «Рӯдакӣ дар дарозои дерандаи қарнҳо аз кӯҳантарин սароядагони пирист. Ба илова ин қасида ҳасби ҳоли ӯ низ ҳаст ва дар айни ҳол намунаест аз шеъри дурахшони дарӣ дар беш аз як ҳазор сол пеш. Барои форсизабонон ва дӯстдорони шеъру адаб ин ёдгори гаронмоя аз падари шеъри форсӣ бегумон гаронқадр аст ва ҳифз карданӣ монанди ҳар ёдгори падар»(саҳ. 77).

Шеъри дигари машҳури Рӯдакӣ, ки бо унвони «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» маъруф аст, дар мақолаи Муҳаммад Амини Риёҳӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф пеш аз ҳама ба оҳангу мусиқии шеър тавaҷҷӯҳ зоҳир намуда, навиштааст : «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме…» шеъре дар вазне пурҳаракату ваҷдовар ва нишотангез, ки ҳамнавоиву пайванди дилнишини ҳуруф ва такрори радифи «Ояд ҳаме» мусиқии мастибахше бад-он додааст»(саҳ. 78). Сипас ӯ таърихи суруда шудани қасидаро, ки бори аввал дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ омадааст, нақл менамояд. Риёҳӣ таъкид менамояд, ки котибон аз ҳамон қадим дар навишти шеър, ба хусус матлаи он ба таҳриф роҳ додаанд. Дар «Чаҳор мақола» чунин сабт шудаасст :

*Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Ба назари муаллифи мақола «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» мафҳуми дилнишине надорад»(саҳ. 80). Дар ҳоле ки яке аз омилҳои хушоҳангиву мусиқии шеър, ки худи Риёҳӣ дар аввали мақола дуруст таъкид кардааст, ба назари мо аз ҳамин ифода шурӯъ мешавад. Дар ҳамин ифода оҳанги хеле хубу таъсирбахш мавҷуд аст, ки шояд сабабгор ва илҳомбахши шоир барои сурудани шеър шуда бошад. Ин ҷо ба назари мо

мантиқ муҳим нест, балки мазмуну оҳанг муҳим аст, ки мояи суруду тарона ҳам ҳамин аст. Вале, мутаассифона, баъзе донишмандон дар ин шеър на ба оҳанг, балки ба мантиқ бештар таваҷҷӯҳ намудаанд. Албатта, мантиқу маънӣ барои суруд ҳам зарур аст, вале дар баъзе мавридҳо чун дар байти мазкур оҳангу мусиқӣ нақши асосиро мебозанд ва мантиқ дар ҷои дувум қарор мегирад. Ё худ такрори бемаврид қубҳи шеър аст, вале дар суруд ҳусн буда, таъсири онро меафзояд.

Риёҳӣ суханро идома дода менависад, ки «такрори «бӯйи» дар мисраи паёпай нохушоянд аст»(саҳ. 80), ки комилан дуруст аст. Зеро дар манбаъҳои дигар ба ҷои «бӯйи» «ёди» омадааст, ки саҳеҳ аст. Ҳамчунин дар ифодаи «бӯйи ёри» оҳанге, ки дар «бӯйи Ҷӯйи» ҳаст, халалдор шудааст, чунки дар мисраи дувум ҳам оҳанги мисраи аввал идома дорад ва ин оҳанг ва вожаи «ёри» маҳз «ёди»-ро тақозо менамояд. Яъне ҳар ду мисраъ комилан боҳам мувозиву ҳамоҳанганд. Инро таҳқиқи савтиёти онҳо ҳам ба субут мерасонад. Ҳар ду мисраи байт дорои 11 овози садонок - 6 дароз + 5 кӯтоҳ мебошанд. Миқдори овозҳои ҳамсадо низ тақрибан мусовӣ аст. Бешак ҳамин таносубу мувозанаи овозҳо яке аз омилҳои хушоҳангии байт гаштааст. Агар ба байт аз дидгоҳи қонуни симметрия нигарем, ба чунин натиҷа мерасем, ки мисраъҳо аз ин лиҳоз низ комилан ба ҳам созгоранд. Вазни мисраъҳо ҳам дар асоси симметрия қарор гирифта, дорои тақтеъҳо ва ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози мусовӣ мебошад.

Риёҳӣ ба ҷои «бӯйи ёри» сабт шудани «ёди ёри»-ро, ки Саид Нафисӣ ва Фурӯзонфар пешниҳод кардаанд, намеписандад ва иддао дорад, ки «таркиби «омадани ёди ёр» дар забони форсӣ ба кор нарафта ва фасеҳ нест»(саҳ. 80). Шояд дар гӯйиши имрӯзаи форсӣ таъбири « ба ёд омадан» истифода нашавад, вале дар забони тоҷикӣ ин ифодаи маъмулӣ ва мустаъмал аст. Дар ашъори гузаштагон низ ин таъбир фаровон аст. Дар ғазали Сайидо, ки бо мисраи «Мурғи беболу паре дидам, дилам омад ба ёд» шурӯъ мешавад, «омад ба ёд» ҳамчун радиф дар ҳамаи байтҳо такрор мешавад.

Дар асоси матнҳои кӯҳан, ки асосан сарчашмаҳои таърихианд, муаллифи мақола сурати саҳеҳи байтро чунин медонад :

*Боди Ҷӯйи Мавлиён ояд ҳаме,*
*Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Аз лиҳози маъниву мантиқ дарвоқеъ сабти мазкур солим аст, вале он хушоҳангиву мусиқиро надорад.

Дар мақола ҳамчунин бидуни тавзеҳе ғазали машҳури Рӯдакӣ, ки бо матлаи

*Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,*
*З-ӯ бӯйи гулу мушку насими суман ояд,*

шурӯъ мешавад, ба Абӯсаиди Абулхайр нисбат дода шудааст.

Дар мақола масъалаҳои баҳсангез хеле зиёд аст, ки ҳамаи онҳоро зикр кардан ин ҷо имкон надорад ва ба мавриди дигар мавқуф гузошта мешавад.

Риёҳӣ пас аз муқаддимаи тӯлонӣ ба баррасии байти машҳури Ҳофиз мегузарад, ки дар он илова бар таркиби мазкур ишора ба «турки самарқандӣ» ҳам ҳаст. Доктор Ғанӣ мурод аз «турки самарқандӣ»-ро Амир Темур донистааст. Риёҳӣ дар ин бора андешаи худро изҳор накарда, ба он нукта таваҷҷӯҳ менамояд, ки Ҳофиз байти Рӯдакиро аз куҷо гирифтааст. Ба назари мо дар ин масъала ҳам ба хулосаи қатъӣ омадан дуруст нест. Зеро мо имрӯз на аз китобхонаи Ҳофиз хабаре дорему на ба ишораи сареҳи ӯ. Бинобар ин ба ҳадси Риёҳӣ, ки «ин байт(матлаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» - М.М.) дар китобҳо ба назари Ҳофиз расида ва аз ин роҳ ба шеъри ӯ роҳ ёфтааст»(саҳ. 88), наметавон розӣ шуд. Албатта ҳоло хулосаи қатъӣ баровардан мумкин нест, вале мусаллам аст, ки Ҳофиз ашъори Рӯдакиро дар ҳар шакле бошад, омӯхтааст (на танҳо хондааст), вагарна бе омӯзиши ашъори бузургони пешин мисли Рӯдакӣ бузург шудани Ҳофиз низ амри муҳол аст.

Нуктаи охирине, ки дар мақола беҷавоб мондааст,ин аст : «Дар байти Ҳофиз ибҳом ва ишколе ҳаст, ки ман онро дуруст намефаҳмам. Суол ин аст, ки замири «аш» дар «насимаш» ба куҷо бармегардад, ба турки самарқандӣ ё ба Самарқанд»(саҳ. 88). Ба назари мо ин ҷо ишколе нест ва Ҳофиз аз нигоҳи дастурӣ ҳам иштибоҳе накардааст. Айб дар худи мост, ки байти Ҳофизро дуруст нахондаем. Зеро агар мо ибораи «турки самарқандӣ»-ро ба тарзи «турки Самарқанде» бихонем, ҳамаи мушкилот ҳал мешавад.Он вақт дарвоқеъ насим на ба турк, балки ба Самарқанд мансуб мегардад. Дар мақолаи «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ»-и донишманд ва шоири шинохта Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ тасвирпардозиҳои Рӯдакӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф муҳимтарин хусусиятҳои тасвирҳои шоирро ба қалам дода, пеш аз ҳама ҷондору

мутаҳаррик будани сувари хаёлҳои ӯро таъкид менамояд. Шоир унсурҳои табиатро ба одамону ҷонварон монанд карда, ҷанбаи пӯёиву ҳаракатро дар тасвирҳо қавӣ намудааст. Барои офаридани тасвирҳо шоир аз унсурҳои табиат ва олами ҳайвонот ба таври фаровон истифода кардааст. Аз ин ҷост, ки «дар сувари хаёли ӯ(Рӯдакӣ- М.М.) умури зеҳниву интизоӣ низ ба ҷомаи умури ҳиссиву моддӣ дармеоянд ва агар як сӯи хаёли ӯ мафҳуме интизоӣ бошад, сӯи дигар амре маҳсусу малмус хоҳад буд»(саҳ. 90).

Мушоҳидаҳои муаллиф, ки аксаран тозаву ҷолибанд, на танҳо барои баррасии амиқтари сабки Рӯдакӣ ва ҳуросонӣ хеле муфиданд, балки ҷиҳати таҳқиқи қиёсии сабкшиносии осори шоирони асрҳои дигар низ судманд мебошанд. Аз ҷумла аз назари Шафеии Кадканӣ унсурҳои фарҳанги зардуштиву Эрони бостон дар осори боқимондаи Рӯдакӣ «беш аз аносири исломӣ ва арабӣ аст»(саҳ. 90).

Ба андешаи ӯ дар ашъори боқимондаи Рӯдакӣ ташбеҳ хеле зиёд буда, вале маҷозу истиора ниҳоят кам аст, шоир ба ранг камтар таваҷҷӯҳ дорад ва амсоли инҳо. Азбаски аз осори фаровони шоир то имрӯз намунаҳои хеле кам боқӣ мондаанд, дар масоили мазкур баровардани ҳукми қатъӣ душвор аст. Аз ин рӯ баъзе андешаҳои муҳаққиқ баҳсангезанд. Масалан, ӯ таъсири илмро дар тасвирҳои шоир нодида гирифта, таъкид мекунад, ки «таъсири илмро ба ҳеҷ гуна дар хаёли ӯ наметавон ҷустуҷӯ кард»(саҳ. 93). Дар ҳоле ки дар ашъори хеле ками бозмондаи шоир тасвирҳои мабнӣ бар илм, ҳатто улуми дақиқу табиатшиносӣ амсоли нуҷум, кимиё, набототшиносӣ, ҷонваршиносӣ, тиб… метавон хеле зиёд пайдо кард. Дар «Донишномаи Рӯдакӣ», ки ҳоло омода мешавад, беш аз 200 истилоҳи илмӣ дар ашъори боқимондаи шоир тавзеҳ ёфтаанд.

Шафеии Кадканӣ низ дар асоси таҳлили сувари хаёлҳои ашъори шоир ба натиҷаи дуруст мерасад, ки Рӯдакӣ кӯри модарзод набудааст.

Мақолаи «Аносири бадеӣ дар шеъри Рӯдакӣ»-и Ҳамиди Зарринкӯб ба наҳваи корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори бозмондаи шоир ихтисос дода шудааст. Муаллифи мақола баррасиро бо тарсеу мувозана шурӯъ мекунад ва хеле соддаву табиӣ будани онҳоро дар шеъри Рӯдакӣ бо мисолҳо ба субут мерасонад. Ба ин минвол дар мақола санъатҳои ҷинос, тасдир, миръотунназир, тазод, сиёқатулаъдод, тансиқуссифот, иғроқ, луғазу чистон ва амсоли инҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Зимнан муаллиф дар мақола роҷеъ ба нақши унсурҳои табиат дар тасвирофаринии маҷозу истиора таваққуф

намуда, хеле содаву табиӣ будани онҳоро таъкид месозад. Дар натиҷаи баррасии амиқи чанд санъати бадеӣ муаллифи мақола ба хулосае меояд, ки Рӯдакӣ аз санъатҳои лафзӣ ба мувозана ва аз санъатҳои маънавӣ ба мирътунназир таваҷҷӯҳи бештар дошта, «ҳаргиз маъниву мазмунро фидои санъатгарӣ накардааст»(саҳ. 132).

Дар мақолаи донишманди маъруф Муҳаммад Муин «Қасидаи Рӯдакӣ ва истиқболи гӯяндагон» қасидаи машҳури шоир «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама таърихи суруда шудани қасида дар асоси маълумоти «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ баён гардида, таъсири амиқи он ба амири сомонӣ ёдоварӣ мешавад. Дар баъзе сарчашмаҳо ин шеър ба Муиззӣ нисбат дода шудааст. Муаллифи мақола ба ин масъала ишора намуда, бо далелҳо ба Рӯдакӣ тааллуқ доштани онро ба субут мерасонад. Сипас чанд шеъре, ки дар пайравии қасидаи Рӯдакӣ суруда шудааст, ба таври муқоясавӣ баррасӣ гардида, ҳусну қубҳи онҳо нишон дода мешавад. Дар мақола ашъори Муиззӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Ғулом Ҳусайнхони Ҳайрат ва Сайид Аҳмадхон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар поёни мақола имтиёзҳои қасидаи мазкури Рӯдакӣ баён гардида, назари интиқодии Давлатшоҳи Самарқандӣ ба қасида баррасӣ мешавад.

Тавре ки маълум аст, дар пайравию татаббӯи қасидаи «Бӯйи Ҷӯй Мулиён» то имрӯз беш аз 100 шеър навишта шудааст, вале дар мақола танҳо чаҳор шеър мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва сабабу меъёри интихоби ин шеърҳо ҳам баён нагардидааст. Ба назари хонанда чунин мерасад, ки дар пайравии шеъри Рӯдакӣ фақат шоирони мазкур шеър гуфтаанд. Албатта, мақолаи Муҳаммад Муин бори аввал соли 1323\1944 дар маҷаллаи «Омӯзиш ва парвариш» чоп шудааст, ки он вақт ашъори ҷавобии шоирони дигар маълум набуданд. Вале пас аз он дар ин мавзӯъ чандин мақола ба табъ расид. Аз ин рӯ дар тавзеҳоти маҷмуа ин матлаб ёдоварӣ мешуд, арзиши мақола меафзуд.

Дар мақолаи Ҷалолиддини Ҳумоӣ «Рӯдакӣ ва ихтирои рубоӣ» масъалаи пайдоиши навъи рубоӣ ба миён гузошта шудааст. Муаллиф пеш аз ҳама таъкид мекунад, ки эрониҳо ба забони арабӣ чун ба забони бегона назар намекарданд ва калимаву истилоҳотро ба вожаҳои арабӣ месохтанд, ки рубоӣ яке аз онҳост, зеро худи арабҳо ба ҷои рубоӣ дубайтӣ мегӯянд. Сипас ӯ ба ривояти ихтирои рубоӣ ишора карда, саҳми Рӯдакиро дар ташаккулу такомули ин навъи овозадори шеър

нишон медиҳад. Ба андешаи Ҷалолиддини Ҳумоӣ вазни рубоӣ аз вазни ашъори тоисломии эронӣ маншаъ мегирад, «пас бояд решаи рубоӣ ва сойири мазоҳифоти ҳазаҷро дар лаҳни «Авромин» ва назоири он дар алҳону ашъори забони паҳлавӣ ҷустуҷӯ кунем, ки бисёре аз асрори миллияту адабиёти форсӣ дар ҳамин пардаҳо нуҳуфта аст»(саҳ. 158).

Мақолаи Муҳаммаризо Шафеии Кадканӣ «Рӯдакӣ ва ихтирои рубоӣ»-ро метавон идомаи мақолаи мазкури Ҷалолиддини Ҳумоӣ донист. Зеро Шафеии Кадканӣ бо далелҳои тоза аз осори шоирони мутасаввифи асрҳои X – X1 решаи эронӣ доштани рубоиро тақвият дода, ба натиҷаҳои зерин мерасад : « 1. Рубоӣ навъе шеъри эронии холис буда, ки солҳо қабл аз таваллуди Рӯдакӣ дар маҷомеи сӯфия ба он самоъ мекардаанд.

2. Рубоӣ дар истилоҳи сӯфия бештар бар шеърҳои фолклорӣ ё шеърҳое, ки гӯяндагонаш ношинохта будаанд, итлоқ мешудааст ва ғолибан сурудаи мардуми ошиқпешаи кӯчаву бозор будааст…»(саҳ. 168).

Дар воқеъ рубоӣ навъи шеъри форсиву тоҷикист, ки дар адабиёти шифоҳии мардум ба вуҷуд омада, сипас ба адабиёти китобӣ ворид шудааст ва устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар ташаккул ва такомули он саҳми бузург гузоштааст.

«Достони «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ» -и Муҷтабо Минуӣ аз шарҳи ҷустуҷӯйҳои дусолаи муаллиф барои пайдо кардани нусхаи хаттие, ки дар Олмон маҳфуз буда, гӯё маснавии шоирро дар бар мегирифтааст, иборат аст. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки он нусха «на «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ, балки шарҳи абёту амсол ва аҳодиси арабӣ аст, ки дар «Калила ва Димна»-и форсии Насруллоҳи муншӣ ба онҳо истишҳод шудааст ва шореҳи ин абёт ва амсолу аҳодис Фазлуллоҳ ибни Усмон ибни Муҳаммад Исфароинӣ аст ва нусха дар ҷазираи Касифун аз ҷазоири дарёчаи Қубодобод китобат шудааст»(саҳ. 180). Вале профессори турк Закӣ Валидӣ бо мӯҳтавои нусха ошно нашуда, «шарҳи абёти арабии «Калилаи…» Баҳромшоҳиро тарҷумаи манзуми форсии «Калила ва Димна»-и тавассути Рӯдакӣ пиндошта буда ва чунин навиштааст»(саҳ. 180).

Мақолаи дигари Муҷтабо Минуӣ, ки дар маҷмӯа ҷой дода шудааст, «Барзуяи ҳаким ва Рӯдакии шоир ва нашвунамои забони форсӣ» ном дошта, бо таъкиди бузургиву шаҳомати забони форсии дарӣ оғоз меёбад. Сипас муаллиф дар бораи пайдоиши забони форсӣ тавақкуф намуда, менависад, ки «ин забони дарӣ махсуси пойтахт ва махсуси касоне буд, ки

перомуни шоҳаншоҳ мезистанд ва бо корҳои давлатӣ марбут буданд ва навштаи худро барои мақомоти расмии давлатӣ ё барои умуми эрониён менавиштанд»(саҳ. 211). Яъне ӯ забони дариро забони хоси дарбори Сосониён медонад.

Муҷтабо Минуӣ ҳам мисли баъзе эроншиносони аврупоӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр омадани ин забонро ба ҳодисаи ҳамлаи арабҳо ва ночор Мадоинро тарк кардани охирин подшоҳи сосонӣ Яздигурд ва ҳамроҳи дарбориён ба Марв омадани ӯ вобаста менамояд ва таъкид мекунад, ки дар натиҷаи он «Марв маркази забони дарборӣ шуд»(саҳ. 211). Мутаассифона, дар мақола барои исботи ин андеша ягон далел оварда нашудааст. Тавре ки маълум аст, забони расмии давлати Сосониён забони паҳлавӣ буд ва бо ин забон осори фаровоне ба ёдгор мондааст. Вале ба забони дарии дарбори Сосониён мо далеле дар даст надорем ва дар мақола ҳам ба он ишора нашудааст. Дигар ин ки забон падидаи иҷтимоӣ буда дар ҳолати табиӣ(на истисноӣ, ки дар натиҷаи тасаллути давлати аҷнабӣ ба вуҷуд меояд) наметавонад дарбор як забон дошта бошаду мардум забони дигар. Тавре ки дар мақолаи дигар тазаккур дода шудааст, аввалан тавассути як гурӯҳ як забонро оварда дар сарзамине паҳн кардан боварибахш нест. Сониян далелҳои зиёде дар сарчашмаҳои таърихӣ мавҷуданд, ки аз вуҷуди забони дарӣ дар Хуросон то омадани арабҳо гувоҳӣ медиҳанд. Масалан, вақте ки лашкари арабҳо дар Хатлон шикаст хӯрда, ба Балх меояд, мардум дар ҳаҷви онҳо ба форсии дарӣ шеър мегӯянд, ки маъруф аст. Ё худ дар Бухоро мардум арабҳоро маҷбур менамоянд, ки Қуръонро ба забони онҳо, яъне забони порсии дарӣ тарҷума кунанд ва барои ба забони онҳо хондани намоз иҷозат диҳанд…

Дар мақола ҳамчунин масъалаи китобсӯзии арабҳоро ба миён гузошта, муаллиф ин қазияро қатъиян рад мекунад ва онро афсона мешуморад. Ӯ ҳатто маълумоти сарчашмаи мӯътабаре чун «Осорулбоқия»-и Абӯрайҳони Берунӣро, ки аз куштори донишмандони хоразмиву нобудсозии осори онҳо хабар медиҳад, рад менамояд. Гузашта аз ин ӯ иддао дорад, ки «дар Осиёи Марказӣ, чунонки дар Форс ва Эрон то замони Сосониён ҳеч китоби таърихӣ ба он маънӣ, ки аз ин калима мефаҳмем, вуҷуд надоштааст ва фақат ривоёти қавмӣ дар миёни мардум роиҷ будааст ва он ҳам баъд аз он ки мардум ба ислом гаравиданд, аҳамияти худро аз даст дод ва бе он ки фотеҳин ба тадобири шадид мутавассил шаванд, худ ба худ батадриҷ фаромӯш шуд»(саҳ.213).

Ҳоло аз баҳс дар ин мавзӯъ худдорӣ намуда, танҳо бо ишора ба «Авесто» ва «Бундаҳишн», ки ҳамчун қомусу донишномаи аҳди бостон шинохта шудаанд, иктифо менамоем.

Минуӣ барои пуштибонӣ аз арабҳо мисолҳои зиёде меорад ва аз ҷумла таъкид мекунад, ки онҳо осори фаровонеро аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кардаанд. Вале ӯ ба назар нагирифтааст, ки ин корро бештар на арабҳо, балки асосан худи эрониҳо алорағми истилогарон кардаанд, то бузургиву арзишҳои маънавии аҷдодони худро нишон диҳанд ва ҳифз намоянд.

Дар мақола ба он асарҳои аҳди бостон, ки Рӯдакӣ ба назм даровардааст, ишора шудааст. Аз ҷумла «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва «Булуҳар ва Бузосаф» зикр мешаванд ва таъкид мегардад, ки аз онҳо абёти хеле кам боқӣ мондаанд. Дарвоқеъ, аз ду маснавии аввал пораҳо боқӣ мондаанд, вале аз маснавии севум имрӯз байте ҳам дар даст нест ва дар кадом асос ба ин хулоса омадаани муаллиф ҳам номаълум аст.

Дар мақола ҳамчунин ба миқдори ашъори Рӯдакӣ ва кӯрии ӯ ишора шудааст. Аз ҷумла ӯ назари мухталифи муҳаққиқонро дар бораи кӯрии шоир баён намуда, розӣ набуданашро ба кӯри модарзодии Рӯдакӣ изҳор менамояд ва ҳамчун далел қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-ро меорад, ки воқеан андешаи ӯро ба субут мерасонад. Вале ӯ ҳам эҳтимоли дар поёни умр кӯр карда шудани Рӯдакиро ҷонибдорӣ карда, маълумоти Наҷотиро дар бораи бо мил кӯр карда шудани шоирро тасдиқ менамояд.

Дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» мақолаи донишманди тоҷик Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ, ки чандин сол дар Эрон зиндагӣ ва кор кардааст, таҳти унвони «Се сухан перомуни устод Рӯдакӣ» ҷой дода шудааст. Мақола аз се бахш иборат буда, дар бахши аввал дар бораи ифодаи шоиронаи «қатраборон», ки дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ» барои тасвири дандон истифода шудааст, баҳс меравад. Муалллиф бо далелҳои зиёд «қатраборон»-ро ба маънии гиёҳ шакли дурусти вожа мешуморад. Бахши дувуми мақола ба радифи қасидаи мазкур бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин қасида радифи «буд» ба тақозои мазмун ба «шуд» табдил ёфтааст. Дар бахши сеюм «Шинохте дигар аз Одамушшуаро» дар бораи вежагиҳои осори шоир ва мазмуну мӯҳтавои баланди он сухан меравад.

Дар мақолаи донишманди маъруфи эронӣ Алиашрафи Содиқӣ «Ашъори тозаи Рӯдакӣ» пеш аз ҳама ба миқдори хеле

зиёди ашъори шоир ва иттилои сарчашмаҳо ишора мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин бора Асадии Тӯсӣ низ дар зимни мунозараи «Аҷам ва Араб» ишора кардааст, ки «то кунун мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ нашудааст»(саҳ. 245). Тибқи ишораи Асадии Тӯсӣ ашъори Рӯдакӣ «беш аз саду ҳаштод ҳазор байт будааст»(саҳ. 245). Аз ин миқдор то имрӯз намунаи хеле кам боқӣ мондааст. Тавре ки дар мақола омадааст, устод Саид Нафисӣ дар нашри аввали китоби худ 832 байти шоирро аз манобеи гуногун ҷамъоварӣ карда буд. Дар чопи дувуми китоб миқдори ашъори шоир ба 1047 байт расид. Пас аз он ҷустуҷӯи осори шоир дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон идома пайдо кард ва чанд байти тоза ба даст омад. Алиашрафи Содиқӣ саъй намудааст, ки «ҳамаи ин ашъорро бо он чи худ дар баъзе нусахи хаттӣ ёфтааст, бо тасҳеҳи ағлоти ошкор ва афтодагиҳои онҳо ва бо порае мулоҳизоти дигар дар ин мақола дар дастраси толибон қарор диҳад»(саҳ. 246). Ба ин тартиб 52 байте, ки донишманди покистонӣ Муҳаммад Иқбол, олимони тоҷик А. Мухторов, С. Имронов ва донишмандони эронӣ Муҳаммадтақӣ Донишпажӯҳ, Эраҷи Афшор, Муҳаммадамини Риёҳӣ ва худи муаллифи мақола аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъ овардаанд, мавриди баррасӣ карор дода шуда, тафовуту нусхабадалҳо зикр мегарданд. Муаллиф мақоларо бо чунин орзу ба поён мерасонад: «Ҷои он дорад, ки соҳибҳиммате муҷаддадан тамоми ашъори шоирро бар асоси куллияи маъхази мавҷуд ва бо шеваи интиқодӣ ва ба даст додани куллияи забтҳо аз нав ҷамъоварӣ кунад; ашъореро, ки ба дигарон нисбат дода шудааст, дар фасле ҷудогона гирд оварад ва абётеро, ки вазну қофия ва сабки онҳо якест, аммо дар маъхази мухталиф пароканда аст, ҳамаро аз ҳам тафкик ва мутамойиз кунад, наончунон ки шеваи мутадовили муҳаққиқони мо аст, онҳоро ба дунболи ҳам ва ба сурати қитъаҳои пайваста биёварад, то аз ин шоири бузург, ки алҳақ бояд ӯро падари шеъри форсӣ номид, маҷмӯае қобили истинод, ки бароварандаи ниёзҳои таҳқиқии ин замон бошад, дар дастрас қарор гирад»(саҳ.265).

Бояд гуфт, ки барои амалӣ шудани ин орзу ахиран донишмандони тоҷик Расул Ҳодизода ва Алӣ Муҳаммадӣ ҳиммат гумоштанд ва матни илмиву интиқодии осори боқимондаи Рӯдакиро омода намуданд.

Пас аз чопи мақолаи мазкур дар маҷаллаи «Нашри дониш» Алиашрафи Содиқӣ ҷустуҷӯро идома дода, он 52 байти пас аз Саид Нафисӣ гирдоварӣ шударо ба девони Қатрон муқояса мекунад. Маълум мешавад, ки 23 байти он

дар девони Қатрон мавҷуд аст. Бинобар ин дар тавзеҳоти мақолаи мазкур хориҷ кардани он байтҳо аз осори шоир таъкид мешавад.

Хидмати Рӯдакӣ дар ташаккул ва рушди вазни арӯз низ калон аст. Ин мавзӯъ дар мақолаи Масъуди Фарзод «Арӯзи Рӯдакӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф пеш аз ҳама ба манбаи баррасии худ – маҷмӯаи ашъори Рӯдакӣ, ки бо кӯшиши И. Брагинский ва Д. Комиссаров с. 1964 дар Маскав ба табъ расидааст ва «ҷомеътарину дақиқтарин маҷмӯаи ашъори Рӯдакӣ»(саҳ. 267) мебошад, ишора менамояд. Қабл аз муайян кардани вазни ашъор муаллиф ба масъалаи интисоби шеър ба шоирони гуногун, авзони касирулистеъмол дар забони форсӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Сипас ба баррасии муфассали вазни ашъори Рӯдакӣ пардохта, ба тариқи ҷадвал онро нишон додааст. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки муҳаққиқ танҳо бо ҷадвал ва омор маҳдуд нашуда, вежагиҳои истифодаи вазни арӯзро дар ашъори Рӯдакӣ таъкид намудааст ва ба вазнҳои хосе, ки танҳо дар ашъои Рӯдакӣ ба назар мерасад ва ё хеле нодиранд, ишора намудааст. Масалан, дар ҷадвали «Авзоне, ки мӯҳтамалан аз ибтикороти арӯзии Рӯдакӣ аст» 12 вазн зикр гардидааст, ки онҳо аз «мухтареоти арӯзии худи ӯст»(саҳ. 301).

Ҳамчунин дар мақола роҷеъ ба такрори байтҳо дар чопи Маскав, иштибоҳоти арӯзӣ дар матни он нашр ва асолати арӯзи форсӣ изҳори назар шудааст. Муаллиф ба натиҷае мерасад, ки «авзони арӯзии Рӯдакӣ ва дар ҳақиқат тамоми системи арӯзии забони форсӣ асолати эронӣ дорад ва ҳамон аст, ки қабл аз ислом (балки ба қароине аз замони Ашкониён ба ин тараф) дар Эрон вуҷуд доштааст»(саҳ. 307).

Дар маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» ду мақолаи донишманди маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ, ки ба сарзамини Тоҷикистон ва мардуми тоҷик меҳру муҳаббати зиёд дошт, ҷой дода шудааст. Мақолаи аввал «Дар сарзамини Рӯдакӣ» аз сафари муаллиф ба Тоҷикистон ва ширкати ӯ дар симпозиуми байналмилалии шеъри форсӣ, ки соли 1967 дар Душанбе баргузор шуда буд, ҳикоят мекунад. Дар ин симпозиум аз кишварҳои гуногун, амсоли: Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон шоирону донишмандони маъруф мисли Нодири Нодирпур, Суратгар, Абдулҳаққи Вола, Моили Ҳиравӣ, Мунибурраҳмон ширкат варзиданд. Муаллифи мақола роҷеъ ба робитаи фарҳангии Тоҷикистону Эрон ва таваҷҷӯҳи зиёди мардуми тоҷик ба эрониҳо ва шеъри муосири форсӣ сухан ронда, ба шеъри шоири ҷавони тоҷик Убайд Раҷаб дар бораи

забони тоҷикӣ баҳои хеле баланд медиҳад : «Як шоири ҷавони тоҷик шеъре дорад, ки мазмуни он дилбастагӣ ба забони дарӣ аст ва ман дар форсӣ шеъре дигар чунин пуршӯр дар баёни ин алоқа ба забони форсӣ(дарӣ – тоҷикӣ) суроғ надорам»(саҳ. 315). Зимнан бояд гуфт, ки ба ин шеъри Убайд Раҷаб донишманди дигари эронӣ Ғуломҳусайни Юсуфӣ ҳам баҳои баланд дода, мақолаи ҷудогонае ба он ихтисос додааст.

Мақолаи дигари Парвиз Нотили Хонларӣ «Сафарнома аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ» ном дошта, дар бораи сафари дуюми муаллиф ба Тоҷикистон ҷиҳати ширкат дар ҷашни 650 –солагиии Ҳофизи Шерозӣ ҳикоят мекунад. Дар мақола инчунин сафари муаллиф ба шаҳри Самарқанд ва зодгоҳи Рӯдакӣ - деҳаи Панҷрӯд, шаҳри Панҷакент ва боздид аз ёдгориҳои таърихиву фарҳангии он шаҳрҳо тасвир шудаанд. Дар мақола ҳамчунин муаллиф мулоҳизаву мушоҳидаҳои худро дар бораи баъзе калимаҳое, ки дар гӯиши мардуми тоҷик асолати худро нигоҳ доштааст, баён намудааст. Масалан, ӯ аз шунидани лафзи «форам», ки дар забони имрӯзаи форсӣ истифода намешавад, ба ваҷд омада, таъкид мекунад, ки «ин луғати эронии асил аст, ки бо калимаи «хуррам» иртиботи реша дорад»(саҳ. 321).

Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ дар мақолаи кӯтоҳи «Як байт аз Рӯдакӣ» мулоҳизаҳояшро дар бораи асарҳои мансуб ба Рӯдакӣ ва байти тозаи зер, ки аз ӯ дар яке аз нусхаҳои хаттӣ дучор омадааст, баён менамояд:

*Ҳар киро эзид-ш лахте ҳуш дод,*
*Рӯзгор ӯро басанда устод.*

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар мақолаи «Боз ҳам дар бораи Рӯдакӣ» суханро аз тарҷумаи англисии ашъори Рӯдакӣ шурӯъ намуда, таъкид мекунад, ки ҳанӯз матни илмиву интиқодии осори боқимондаи шоир таҳия нашудааст. Зимнан ба норасоиҳои китоби Саид Нафисӣ ишора гардида, зарурати идомаи ҷамъоварии осори шоир ва омода намудани матни саҳеҳи девони шоир таъкид мешавад.

Дар маҷмӯа аз ашъори фаровоне, ки дар ситоиши Рӯдакӣ дар тӯли асрҳо офарида шудаанд, танҳо шеъри «Рӯдакӣ»- и Шаҳриёр интихоб шудааст. Дар ин қасида бузургии Рӯдакӣ ва шеъри ӯ ба қалам омадааст. Шаҳриёр дар зимни ин қасидаи тӯлонӣ ба баъзе лаҳзаҳои муҳимми рӯзгори шоир низ ишора кардааст. Аз ҷумла ӯ нобиноии шоирро таъйид намудааст :

*Рӯдакӣ бо ду чашми нобино*
*Раҳнамои маолбинон буд.*

Бахши «Дидгоҳҳо дар бораи Рӯдакӣ» зубдаи гуфтаҳои муаллифони сарчашмаҳо ва осори таҳқиқотиро роҷеъ ба Рӯдакӣ дар бар мегирад. Ба хусус иқтибосҳое, ки аз осори ховаршиносони аврупоӣ оварда шудаанд, хеле ҷолиб мебошанд.

Дар бахши охирини маҷмӯа ашъори Рӯдакӣ аз рӯи нашри Саид Нафисӣ ҷой дода шудааст.

Тавре ки мебинем, маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» аз лиҳози фаро гирифтани мавод хеле ҷолиб буда, пеш аз ҳама мӯҳтавои рӯдакишиносии Эронро таҷассум менамояд.

Бо вуҷуди ин маҷмӯа аз баъзе норасоиҳои ҷузъӣ барӣ нест, ки дар нашрҳои баъдӣ ба назар гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар шудани он хоҳад гашт. Хеле хуб аст, ки ба таърихи навишта шудан ва ё нашри ҳар мақола дар повароқӣ ишора шудааст. Вале беҳтар буд, ки тавзеҳоти бештар ба ҳар мақола дода шуда, дар он дар бораи муаллифи мақола, таърихи таълифи он ва баъзе норасоиҳои роҳёфта сухан мерафт. Масалан, дар мақолаи Ҳамиди Зарринкӯб шеърпораи «Бихандад лола дар саҳро…» барои нишон додани маҳорати Рӯдакӣ дар истифодаи санъати тазод таҳлил шудааст. Дар ҳоле ки пораи мазкур аз як қасидаи комили Қатрони Табрезист. Ё худ дар мисраи дувуми байти зер, ки дар ҳамон мақола оварда шудааст, ба ҷои «чу» «чун» сабт шудааст, ки вазнро халалдор кардааст :

*Чу ҳомун душманонат паст боданд,*

*Чун гардун дӯстон воло ҳама сол(саҳ. 127) .*

Дар қисмати «Дидгоҳҳо дар бораи Рӯдакӣ» гуфтаҳои баъзе муҳаққиқон (Бадеуззамон Фурӯзонфар, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Шафеии Кадканӣ…) такрор шудаанд. Ба ҷои онҳо аз гуфтаҳои ховаршиносон бештар нақл мешуд, беҳтар буд.

Ба таври куллӣ бояд гуфт, ки маҷмӯаи «Ёди ёри меҳрубон» беҳтарин мақолаҳои донишмандони Эронро дар бораи Рӯдакӣ дар бар гирифта, то андозае дастовардҳои муҳимми рӯдакишиносиро намоиш медиҳад.

# «ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ»

Бо ҳамин унвон маҷмӯаи маводи ҳамойиши байналмилалӣ бахшида ба 1150-солагии устод Рӯдакӣ, ки дар шаҳри Ҳироти Афғонистон 26-27 октябри соли 2008 баргузор гардидааст ба табъ расид. Маҷмӯа бо кӯшиши Абдулғафури Орзӯ дар матбааи Маслакии Афғони Кобул чоп шуда, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал «Бӯи Ҷӯйи Мӯлиён» бо дебочаи мураттиби маҷмӯа Абдулғафури. Орзу шурӯъ шуда, паёмҳои раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, комиссияи миллии ЮНЕСКО, Академияи улуми Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва суханрониҳои вазири умури хориҷаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Рангин Додфари Сипанто, сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Афғонистон Фидо Ҳусайни Моликӣ, мушовири Вазорати умури хориҷаи Тоҷикистон Икромиддин Неъматов ва волии Ҳирот Сайид Ҳусайни Анвариро, ки дар ҷаласаи ифтитоҳии ҳамойиш ироа шудаанд, дар бар мегирад.

Фасли дувуми маҷмӯа, ки «Ёди ёрӣ меҳрубон» унвон дорад, 28 мақолаи илмии донишмандони Афғонистон, Эрон ва Тоҷикистонро ба забонҳои форсиву пашту фаро мегирад. Дар мақолаи «Тиланге бар «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-и Абдулғафури Орзӯ қабл аз ҳама дар бораи бузургии Рӯдакӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёту фарҳанги мардуми форсизабон ва олам сухан меравад. Ба қавли ӯ «Рӯдакӣ уқёнусе аст маввоҷ, ки ҳамаи рӯдхонаи шеъри форсӣ аз он сарчашма гирифтаанд» (саҳ. 40). Муаллифи мақола ба囗 таври мӯъҷаз ба таъсири осори Рӯдакӣ, ба хусус, шеъри «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» ба шоирони асрҳои пасин амсоли Фирдавсӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Хоқонӣ, Азрақӣ, Муиззӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз ишора менамояд.

Абдулғафури Орзӯ дар асоси ривояти «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ чанд хусусияти муҳимми шеъри «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-ро баён мекунад, ки қобили таваҷҷӯҳанд. Вале ба баъзе мулоҳизаҳои муҳаққиқ, ба хусус, роҷеъ ба арзёбии шеъри мазкур наметавон розӣ шуд. Ӯ таъкид мекунад, ки «Ин суруда (Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» - М.М.) бозтобе аз фаварони ҳолати ботинӣ ва шоиронаи Рӯдакӣ нест. Бал ба хости фармондеҳони лашкарӣ ва кишварӣ суруда шуда аст» (саҳ. 43).

Аввалан агар шеъри мазкур баёни ҳолати ботинии Рӯдакӣ намебуд, ҳеҷ гоҳ ба амири Сомонӣ таъсири амиқ намерасонд ва ӯро водор ба «бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ оварда», ба Бухоро рӯй ниҳодан намекард.

Соният аз мутолиаи шеър ҳар хонанда эҳсос хоҳад кард, ки он хеле самимиву бо ҳаяҷони қалб суруда шудааст. Ин шеър мисли чашмаест, ки ба таври табиӣ аз қаъри дили шоир ҷӯш задааст. Шеър ё умуман сухане, ки сохтаву маснӯӣ аст (дар таърихи адабиёт чунин шеърҳо фаровонанд), ҳеҷ гоҳ ба дил асар намекунад. Аз ин рӯ яке аз омилҳои муассир гардидани «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ва шӯҳрати зиёд пайдо кардани он маҳз дар самимияту соддагӣ ва бо эҳсосу ҳаяҷони қалбии шоир оғушта будани он аст. Шеъри мазкур пеш аз ҳама на ба ақлу шуури шунаванда, балки ба эҳсосу қалби ӯ равона шудааст. Албатта, ин маънои онро надорад, ки дар шеъри мазкур андеша ҷой надошта бошад. Баръакс появу гавҳари шеърро андешаи ватандӯстӣ ташкил медиҳад, вале шоир онро тавассути эҳсосу ҳаяҷони қалбӣ баён намудааст. Яъне дар ин шеър ягонагиву пайванди эҳсосу андеша, ки шарти муҳимми ҳар шеъри асил аст, бо сабки хоси Рӯдакӣ «саҳли мумтанеъ» сурат гирифтааст.

Дар бахши натиҷаи мақола низ муаллиф, мутаассирона, ҳунари баланди шоирии Рӯдакиро дар шеъри «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» нодида гирифта, ба чунин хулосаи носаҳеҳ омадааст: «Бинобар ин ҳунари Рӯдакӣ на дар пардохтани шеър ва таснифе некӯст, бал ҳунараш бо ҳусули мавқеъшиносӣ аст…»(саҳ.48). Сипас ӯ шеъри мазкурро бо шеърҳои дигари Р. муқоиса намуда, аз онҳо сусттар будани «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-ро таъйид мекунад: «Ба боварии ин қалам, ҳаргиз «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» қуввати қасидаи «Модари май» ва «Маро бисӯду фурӯ рехт ҳар чи дандон буд»-ро надорад, наметавонад бо сурудҳои «Шод зӣ бо сиёҳчашмон, шод» ва «Эй он ки ғамгиниву сазоворӣ» ҳамсарӣ намояд» (саҳ. 48). Албатта, шеърҳои Рӯдакӣ ҳар кадом дорои сифату фазилатҳои хоси худанд ва якеро ба дигаре ба таври куллӣ тарҷеҳ додан дуруст нест. Вале чунин арзёбии шеъри мазкур мунсифона нест. Ба назари мо «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» на танҳо аз беҳтарин шеърҳои Рӯдакӣ, балки кулли назми форсизабонон аст. Маҳз дар ин шеър ҳунари «саҳли мумтанеъ» ба тамоми маънӣ зуҳур кардааст, ки мутаассифона, ба ҷуз ишораҳои И. С. Брагинский ин масъала ҳанӯз тадқиқ нашудааст. Бесабаб нест, ки ба шеъри мазкур беш аз 150 шоир ҷавобия навиштаанд, вале ҳеҷ кадом ба пояи устод Рӯдакӣ нарасидааст.

Бо вуҷуди ин мақолаи Абдулғафури Орзӯ барои шинохти шеъри машҳури Рӯдакӣ ва ба хусус нақши Ҳирот дар эҷоди он судманд аст.

Масъалаҳои ахлоқӣ дар осори боқимондаи устод Рӯдакӣ ҷойгоҳи хос дошта, қисмати умдаи он аз абёти пандомез иборат аст. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқи варзидаи Афғонистон Абдулғанӣ Барзинмехр дар мақолаи «Бархе аз шигардҳои тарбиятӣ дар

ашъори Рӯдакӣ» ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, чанде аз мавзӯъҳои муҳимми панду ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ пеш аз ҳама таъкид менамояд, ки Р. андешаҳои ахлоқиро дар қолабҳои гуногуни шеър амсоли қасида, ғазал, маснавӣ, қитъа баён кардааст. Зиндагӣ ба масобаи омӯзгор, розварӣ, оҷгузорӣ, шикоят аз замона, заҳри талаб, бесуботии дунё, раҳоӣ аз ғам, васвасаи ошиқӣ, хештандорӣ, дӯстиву душманӣ, саховатмандӣ, ростӣ аз ҷумлаи мавзӯъҳоеанд, ки ба таври иҷмолӣ таҳлил шудаанд. Вале бояд гуфт, ки доираи масоили ахлоқиву таълимӣ дар осори боқимондаи Рӯдакӣ бо ин маҳдуд намегардад ва мавзӯъҳои дигаре амсоли некиву некӯкорӣ, мардӣ, кӯшишу меҳнат, донишу хирад, қаноат, хушгузаронии умрро низ метавон мушоҳида кард.

Баъзе мушоҳидаву мулоҳизаҳои Абдулғании Барзинмеҳр қобили таваҷҷӯҳ буда, барои ҳалли мушкилоти осори шоир мадад мерасонанд. Аз ҷумла дар тавҷеҳи қитъаи зерини Рӯдакӣ назарҳои мухталифе миёни муҳаққиқон мавҷуд аст:

Рӯй ба меҳроб нанодан чӣ суд?
Дил ба Бухорову бутони Тироз.
Эзиди мо васвасаи ошиқӣ
Аз ту пазирад, напазирад намоз.

Барзинмеҳр бо муқоясаи қитъаи мазкур бо як байти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Мо забонро нангарему қолро, Мо дарунро бингарему ҳолро) ҳамоҳангии онҳоро таъкид карда, маънии воқеии қитъаи Рӯдакиро бозгӯ намудааст.

Зимнан бояд гуфт, ки дар мақолаи мазкур равиши татбиқӣ ё қиёсии таҳқиқ хеле хуб корбаст шуда, андешаҳои ахлоқии Рӯдакӣ дар мақола бо абёти шоирони дигар амсоли Шаҳиди Балхӣ, Абутайиби Мусъабӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва ба хусус Мирзо Абдулқодири Бедил мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Барзинмеҳр дар зимни баррасии мавзӯи «шикоят аз замона» таъкид менамояд, ки шоирони аҳди сомониву ғазнавӣ бештар «машғули сароиши як навъ шеъри хушбошӣ будаанд» (с.55), ки дуруст аст. Вале ба назари мо дар ин замина дар як гурӯҳ қарор додани шоирони ду давраи мухталифи таърихӣ дуруст нест. Зеро ҳадафу мароми шоирони аҳди сомонӣ, ба хусус даврони аввали он, ки Рӯдакӣ намояндаи барҷастаи он аст, аз аҳдофи шоирони давраи ғазнавӣ ба куллӣ фарқ дорад. Дар воқеъ дар назми давраи Ғазнавиён, бо он ки осори бештар боқӣ мондааст, масоили

иҷтимоӣ, ба хусус шикоят аз замон тақрибан ба назар намерасад. Дар ҳоле ки дар осори шоирони давраи Сомониён, ки миқдори хеле кам боқӣ мондааст, бозтоби масоили иҷтимоӣ нисбатан бештар ба назар мерасад, ки мутаасифона, дар мақола аз онҳо истифода нашудааст. Барои мисол ба ин абёт таваҷҷӯҳ шавад, ки шикоят аз замон хеле барҷаста баён шудааст:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем,
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хушу рӯзгори нох(в)аш моем.

***

Оҳ аз ҷаври ин замонаи шум,
Ҳама шодии ӯ ғамон омеғ.

***

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромӯш…

Мақолаи «Нигорхонаи андарзу ҳикмат»-и Партави Нодирӣ низ дар назари аввал гӯё ба андешаҳои ахлоқии Рӯдакӣ иртибот дорад. Вале дар ин мақолаи муфассал, ки аз 22 саҳифа иборат аст, ба таври куллӣ дар бораи аҳволу осор ва афкору сабки ашъори шоир сухан меравад. Қисмати умдаи мақоларо масъалаи нобиноии Рӯдакӣ ташкил дода, андешаи кӯри модарзод будани шоир рад мегардад. Агар мақола ба як мавзӯи мушаххас ихтисос дода мешуд, баҳс амиқтару босамар мегардид. Дар мақола роҷеъ ба панду андарзҳои шоир сухан намеравад ва унвони мақола мӯҳтавои онро бозгӯ намекунад.

Масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар мақолаи Сайид Махдуми Раҳин низ матраҳ шудааст. Ин мақола ҳарчанд кӯтоҳ аст, дорои чанд мушоҳидаву мулоҳизаи ҷолиб буда, масъалаи нобиноии шоирро дуруст ҳал намудааст. Муаллифи мақола бо далелҳои қотеъ кӯри модарзод набудан ва дар охири умр кӯр карда нашудани шоирро ба субут расонда, чунин натиҷаи мантиқан дуруст мебардорад: «Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Рӯдакӣ бинобар ривоёт «тирачашм» буда, эҳтимол меравад, ки дар солҳои чиҳилсолагӣ гирифтори бемории оби марворид шуда, чашмҳояш парда оварда бошад ва саросари давраи шӯҳрати худро то поёни умр бо тирагии чашм ба сар бурда бошад. Шояд ҳам аз кӯдакӣ чашмонаш аз биноии бисёр каму заиф бархӯрдор буда ва ин ноқиса тақрибан дар ҳадди кӯрӣ ба назар мерасида» (с.103-104). Фарзияи мазкурро қасидаи ба истилоҳ «Шикоят аз пирӣ-и шоир ва далоили дигар, ки дар мақолаи инҷониб оварда шудааст, низ тақвият мебахшанд

(Мирзо Муллоаҳмад. Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон, Д., Адиб, 2012, саҳ.81-90).

Мулоҳизаҳои муаллифи мақола дар бораи сабаби ба Рӯдакӣ таваҷҷӯҳи зиёд доштани Кисоӣ ва Носири Хусрав ҷанбаи таблиғотӣ доштани хулосаҳои Герасимов М. роҷеъ ба кӯр карда шудани Рӯдакӣ, исмоилӣ набудани шоир низ қобили таваҷҷӯҳ мебошанд ва барои ҳалли масоили рӯдакишиносӣ мусоидат менамоянд.

Зуҳури ташаккули адибону донишмандони бузург амсоли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Берунӣ бешубҳа ба муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии замони Сомониён вобаста аст. Аз ин ҷост, ки дар чанд суханронии ҳамоиши байналмилалии Ҳирот ба ин масъала низ таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст. Аз ҷумла дар мақолаи Бежани Салчуқӣ «Нақши Оли Сомон дар ҳавзаи тамаддун ва фарҳанг» вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар қарнҳои IX-X баррасӣ гардида, тавассути сиёсати дурусти Сомониён ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон табдил ёфтани ин сарзамин таъкид шудааст. Муаллиф ба хулосаи дуруст омадааст, ки дарбори сомонӣ аз оғози қарни чаҳорум муҳимтарин нақшро дар густариши забону адаби дарӣ бар ӯҳда дошт, ин дарбор бо ҳимоят аз суханварони даригӯй онҳоро ба халқи осоре ба назму наср барангехт ва муҷиб шуд, то ин забон ба тадриҷ ба унвони забони илмиву адабӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Сомониён бо бархӯрдорӣ аз чанд вежагии муҳим тавонистанд заминаи рушду густариши забони дариро фароҳам созанд» (саҳ.128).

Мақолаи дигаре, ки айнан дар ҳамин мавзӯъ таълиф шудааст, ба қалами Муҳаммад Фозили Шариф тааллуқ дорад. Дар мақолаи ӯ «Нақши Оли Сомон дар тавсиаи ҳавзаи фарҳангӣ ва тамаддунӣ» низ дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву адабии давлати Сомониён ба қалам дода шудааст. Муаллифи ин мақола низ ба натиҷае расидааст, ки «асри сомонӣ басомонтарин давраи таърихи ин минтақа дониста шудааст (с.141).

Дар мақолаи мазкур чанд нуктаи баҳсангез вуҷуд дорад. Аз ҷумла мақола бо чунин ҷумла оғоз меёбад, ки саҳеҳ нест: «Давлати муқтадири сомонӣ, ки тавассути Амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ асос гузошта шуд ва ҳудуди саду анд сол бар ин сарзамин ҳукм ронд, саҳми бузурге дар тавсиаи ҳавзаи фарҳангиву тамаддунии мо аз худ ба ҷо гузошт» (саҳ. 139).

Тавре ки худи муаллифи мақола ҳам баъдтар иқрор мешавад, қабл аз Наср ибни Аҳмад Исмоили Сомонӣ буд, ки қаламрави давлати Сомониёнро васеъ намуда, иқтидори сиёсиву иқтисодии

онро ба дараҷаи баланд бардошт ва ба эътирофи умум бунёдгузори ин давлат маҳсуб мешавад.

Дар як силсила мақолаҳои маҷмӯа ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри форсӣ, муҳтавову мавзӯоти ашъори боқимондаи ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мақолаи «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ, рушд ва инкишофи шеъри форси дарӣ»-и Абдусамади Самимӣ ба арзёбии мақоми шоирии Рӯдакӣ дар манбаъҳои гуногуни адабиву таърихӣ ва осори муҳаққиқони кунунӣ, таъсири ӯ ба раванди минбаъдаи адабиёти форсии дарӣ ихтисос дода шудааст.

Дар мақолаи «Мардумгароӣ дар шеъри Рӯдакӣ»-и Зоҳиди Ғафурӣ муҳимтарин мавзӯъҳои иҷтимоии ашъори шоир амсоли таваҷҷӯҳ ба дин, дониш, фарҳанг, бевафоии ҷаҳон, шодигароӣ, ғамгароӣ, талошу кӯшиш мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ҳамчунин таъкид кардааст, ки шоир аз зарбулмасалу мақолҳо барои ифодаи андешаҳои иҷтимоӣ хеле моҳирона истифода намудааст.

Мақолаҳои «Чаро Рӯдакиро таҷлил менамоем?»-и Ғуломалии Ғайрат, «Рӯдакӣ шоири бузурги башардӯст»-и Мирзо Муллоаҳмад, «Рӯдакӣ шоири хаёлпардози ишраткардаи Бухоро»-и Шоҳмуҳаммад Муслеҳ ба мавзӯи инсондӯстӣ, ки аз масъалаҳои асосии осори бозмондаи Рӯдакӣ аст, бахшида шудаанд.

Дар мақолаи Муҳаммад Ризо Нодир «Рӯдакӣ, мероси гаронқадри форсизабонон» ба муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгор ва осори шоир ишора шуда, арзишҳои адабиву ахлоқии андешаҳои ӯ таъкид гардидааст. Вале дар он баъзе иштибоҳҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла муаллифи мақола менависад, ки «аз маҷмӯи осори мондагори ин шоири барҷаста… то ба имрӯз (яъне то соли 2008 – М.М.) беш аз 550 байт ба даст наёмадааст» (с.297). Дар ҳоле ки то он вақт беш аз 1100 байти Р. дар дастраси муҳаққиқону хонандагон қарор дошт. Дар мақола қитъаи комили машҳури Рӯдакӣ «Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ…» абёте аз маснавии «Калила ва Димна» дониста шудааст.

Ашъори Рӯдакӣ низ аз таъсири достонҳои қуръонӣ, оёту ҳадисҳои набавӣ ва баёни андешаҳои динӣ холӣ нест. Ин масоил дар мақолаи Фазлурраҳмон Фақеҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Як силсила мақолаҳои маҷмӯа ба масъалаҳои сабкшиносии осори Рӯдакӣ ихтисос дода шудаанд, ки «Вазн дар ашъори Рӯдакӣ»-и Ғулом Яҳёи Фарҳанг, «Сувари хаёл дар ашъори Рӯдакӣ»-и Абдулқайюми Қавим, «Гузораи сохтгароёна аз як қасидаи Рӯдакӣ»-и Муҳаммад Довуди Мунир, «Рӯдакӣ тасвирпардози чирадаст»-и Солеҳи Ҳабибӣ аз он зумраанд. Дар

мақолаҳои мазкур сабки осори шоир бо истифода аз равишҳои маъмулӣ ва тозаи сохторгароӣ баррасӣ шудаанд.

Дар мақолаи Туғёни Сакоӣ «Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ» муштаракот ва ҳаммонандиҳои шахсият ва осору андешаҳои ин ду шоири бузург ва таъсирпазирии Фирдавсӣ аз Рӯдакӣ бо далелҳо нишон дода шудаанд. Вале, мутаасифона, дар он баъзан баёни андешаву нуктаҳои қотеъ бидуни далели воқеиву мантиқӣ ба назар мерасад. Масалан, муаллифи мақола бидуни далел ба таври қотеъ таъкид мекунад, ки «Рӯдакӣ дар соли 329 кушта шуд» (с. 107).

Аҳволу осори Рӯдакӣ дар кишвари гуногуни олам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар мақолаи Шарифуллоҳи Шариф «Ороъ ва назариёти шарқшиносон дар мавриди Рӯдакӣ» аз хидматҳои ховаршиносони ғарб Ҳаммер, Ҳерман Эте, Дермстетер, Шарл Шефер, Э. Браун, А. Кримский, О. Вилямс, Рубен Левӣ дар рӯдакишиносӣ ёд шудааст. Ҳарчанд муаллифи мақола таъкид мекунад, ки «ба хотири ҷилавгирӣ аз итолаи калом» бо зикри ховаршиносони мазкур қаноат кардааст, бо вуҷуди ин ишора ба рӯдакишиносони маъруф Е.Э.Бертелс, Ян Рипка, И.С. Брагинский, А. Тоҳирҷонов, М.Занд ва амсоли онҳо зарур буд.

Дар мақолаи Абдулалии Кӯҳӣ «Таъсири мутақобили шеъри форсии дарӣ ва арабӣ дар девони Рӯдакӣ» бо далелҳои фаровон ҳаммонандиҳои мазмуну тасвирҳои ашъори Р. бо шоирони араб ва таъсирпазирии ӯ аз онҳо ба қалам дода шудааст.

Айниддин Насри Валволиҷиён дар мақолааш «Симои Рӯдакӣ дар ойинаи сурудҳояш» се давраи зиндагии шоирро дар асоси ишораҳои ӯ дар ашъораш ба қалам медиҳад ва зимнан ба баҳси нобиноии Рӯдакӣ ишора намуда, кӯри модарзод набуданашро таъкид месозад.

Мақолаҳои «Бозтоби вожаҳои фаромӯшшуда дар шеъри Рӯдакӣ», «Бозтоби шуморе аз амсол ва истилоҳоти омиёна дар шеъри Рӯдакӣ», «Бархе аз вижагиҳои забонии замони Сомониён дар ашъори Рӯдакӣ», «Гоҳномаи вожаҳо дар ашъори Рӯдакии Самарқандӣ» ба баррасии баъзе ҷанбаҳои забони осори боқимондаи Рӯдакӣ бахшида шуда, мулоҳизаву мушоҳидаҳои зиёди тоза доранд. Вале дар онҳо низ баъзе андешаҳои баҳсангез баён шудаанд. Аз ҷумла дар мақолаи Асадуллоҳ Ҳарисӣ «Бозтоби вожаҳои фаромӯшшуда дар шеъри Рӯдакӣ» 22 вожае, ки дар ашъори Р. ва муосиронаш истифода гардида, имрӯз ба он маъно ба кор намераванд, тавзеҳ дода шудааст. Вале бояд гуфт, ки шояд баъзе аз он вожаҳо дар гӯиши дарии Афғонистон истифода нашаванд, вале дар забони навиштории ва шифоҳии тоҷикӣ зинда ва маъмуланд. Масалан, муаллифи мақола иддао дорад, ки вожаи нозиш (нозидан) «ба маънии истиғно ва карашмаи маъшуқ,

ишвагарӣ, фахру тафохур ва ба маънии такаббуру бузургманишӣ» имрӯз ба кор меравад. Дар ҳоле ки вожаи мазкур ба ҳамон маъноҳо дар забони адабӣ ва гуфтори тоҷикӣ зинда аст. Вожаи «чанбар» низ ба маънии ҳалқа дар забони тоҷикӣ мустаъмал аст. Ба хусус калимаи «гулчанбар» истифодаи фаровон дорад.

Дар мақолаи Муҳаммад Сарвари Покфар «Бозтоби шуморе аз амсол ва истилоҳоти омиёна дар шеъри Рӯдакӣ» вожаи «истилоҳ» ба назари мо бемавқеъ истифода шудааст. Зеро истилоҳ ҳамчун мафҳуми забоншиносӣ ба қавли Муҳаммад Муин «Луғоте, ки ҷамъе барои худ вазъ кунанд ва ба кор баранд» («Фарҳанги форсӣ», ҷ.1, с. 292). Бинобар ин ба ҷои  истилоҳ корбурди таъбир, ибора ё ифода беҳтар буд.

Муҳаммад Ҳусайни Ямин дар мақолаи «Гоҳномаи вожаҳо дар ашъори Рӯдакии Самарқандӣ» таъкид мекунад, ки аз калимоти ашъори Рӯдакӣ «иддае аз вожаҳо аз истеъмол афтода ва матрук шудаанд» (с.318). Мутаассифона, вақтҳои охир баъзе муҳаққиқони Эрону Афғонистон, ки ба ин масъала таваҷҷӯҳ кардаанд, ҳар вожаеро, ки имрӯз дар ин кишварҳо истифода намешаванд, матруку маҳҷур мешуморанд, ки Муҳаммад Ҳусайни Ямин низ аз зумраи онҳо буда, масалан, вожаи «алаґда»-ро, ки суғдиюласл  аст ва Р. истифода кардааст, «аз арсаи корбурд афтода» медонад. Дар ҳоле ки ин вожа дар забони тоҷикӣ, ба хусус шеваи зодгоҳи Р. водии Зарафшон ба маънии хашмгину нороҳат истифода мешавад.

Ӯ ҳамчунин дар зимни баёни матлаб ба зодгоҳи шоир чунин ишора мекунад: «Рӯдакӣ дар шаҳри Самарқанд… зода шудааст» (с.318). Дар воқеъ дар манобеъи адабиву таърихӣ Рӯдакӣ ҳамчун самарқандӣ маъруф аст, вале ин маънии дар Самарқанд зода шудани ӯро надорад. Дар замони гузашта, ба хусус, дар асри Х Самарқанд шаҳри Панҷакент  ва навоҳии атрофи онро ҳам фаро мегирифт. Рӯдакӣдар яке аз ҳамон рустоҳое, ки тобеи Панҷакент буданд, ба дунё омада, дар ҷавонӣ барои таҳсил ба Самарқанд рафта, пас аз муддате озими Бухоро шудааст.

Тавре ки маълум аст, дар ибтидои асри ХХ бар асари тақсимоти нодурусти манотиқи Осиёи Миёна шаҳри бостонии Самарқанд, ки асрҳо пойтахти тоҷикон буд, ба қаламрави Узбекистон дода шуд ва имрӯз миёни Самарқанду Панҷакент на танҳо робитае вуҷуд надорад, балки садди касногузар бунёд шудааст. Аз ин рӯ муҳаққиқон бояд ин тағйиротро ба назар гиранд.

Дар маҷмӯаи «Ҳеҷ ганҷе нест, аз фарҳанг беҳ» мақолае ба забони пашту ҳам чой дода шудааст, ки ба қалами Пирмуҳаммад Корвон тааллуқ дорад ва барои муаррифии рӯзгору афкори шоир ба паштузабонон хеле судманд аст.

Маҷмӯаи мазкурро метавон иқдоми тозаи муштараки рӯдакишиносони се кишвари форсизабон дар шинохти аҳволу осор ва андешаву афкори Одамушшуаро донист.

## Тӯҳфаи хуби дӯстон, вале нашри пурнуқсон

Дар бораи рӯзгор ва осору андешаҳои бунёдгузори адабиёти тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ муҳаққиқон асарҳои зиёде офаридаанд, ки на танҳо аз лиҳози ҳаҷму андоза гуногунанд, балки инчунин бо равишу сабк ва шеваи мухталиф эҷод шудаанд. Масалан, осори С.Айнӣ,С. Нафисӣ, А. Мирзоев, А. Тоҳирчонов, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод ва дигарон ба сабки илмиву таҳқиқӣ таълиф шудаанд. Вале навиштаҳои Ш. Ҳусейнзода, И.С. Брагинский, М. Занд, Ҷаъфари Тузиндаҷонӣ ва амсоли онҳо бештар ҷанбаи публисистӣ доранд. Осори ҳар ду навъ барои шинохти аҳволу осори шоир арзишманданд. Асари адабиётшиноси Афғонистон Абдулғафури Орзӯро, ки с.1388 /2010 дар Кобул ва с. 2012 дар Душанбе ба табъ расидааст, метавон ба гурӯҳи дувум дохил кард, ҳарчанд он аз муҳокимаву мудоҳизаҳои илмиву таҳқиқӣ холӣ нест вале дар он на танҳо муқаррароти шаклии асари илмӣ риоя нашудааст, балки тарзи баёни он низ озод буда, андешаҳои илмии ӯро дар бар мегиранд.

«Шод зӣ ...» аз муқаддимаи хеле кӯтоҳ ва ду фасл иборат мебошад. Фасли аввал 12 мақолаи муаллифро дар бар мегирад, ки ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни осору андешаҳои Рӯдакӣ бахшида шудаанд.Дар мақолаи «Диранге бар чӣ гуна зистани Рӯдакӣ» муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгори шоир ёдоварӣ мешавад. Абдулғафури Орзу зимнан ба ихтилофи назари муаллифони сарчашмаҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ роҷеъ ба кӯрии Рӯдакӣ, эътиқоди мазҳабии ӯ ва амсоли онҳо ишора менамояд.

Муаллиф шарҳи матолиби мазкурро дар мақолаҳои «Шоири ҷараёнсоз» ва «Шоири Хуросон» идома дода, ҳамчунин дар бораи шӯҳрату мақоми Рӯдакӣ дар таърихи адабиёт тоҷику форс сухан меронад.

Дар мақолаи «Таъсиргузории «тирачашму равшанбин» сухан аз таъсири ашъори Рӯдакӣ ба шоирони асрҳои баъдина меравад. Муаллиф ин таъсирро дар осори шоирону орифони маъруф ҷуста, онҳоро ба гурӯҳҳои ҳамосасароён, қасидасароён, шоирони исмоилӣ, шоирони ориф, орифони шоир, қитъасароён ва рубоисароён тасниф менамояд ва бо таҳлили чанд намуна аз осори

онон ба хулосае меояд, ки «Рӯдакӣ бидуни шак чатри таъсиргузоре ба вусъати адабиёти мост. Ҳамаи баландқоматони шеър дар зери ин чатр қарор доранд»(нашри Душанбе, с.31). Вале аз чи сабаб бошад, ки дар ин тасниф гурӯҳи аз ҳама бузурги пайравони Рӯдакӣ – ғазалсароён зикр наёфтааст. Дар ҳоле ки фақат дар пайравии шеъри машҳури «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» беш аз 100 шоир ғазал сурудаанд. Аз ин рӯ дар тасниф ба ҷои шоирони исмоилӣ, шоирони ориф ва орифони шоир ғазалсароён номгузорӣ кардани гурӯҳи мазкури шоирон беҳтар буд. Зеро гурӯҳҳои дигар низ аз рӯйи анвоъи шеър дастабандӣ шудаанд.

Мақолаи «Таланге бар «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ба баррасии шеъри машҳури Рӯдакӣ ва ривояти Низомии Арӯзии Самарқандӣ бобати таърихи суруда шудани он ихтисос дода шудааст. Муаллиф қабл аз ҳама хусусиятҳои асосии шеърро бозгӯ намуда, сипас ба таҳлили ривояти Низомии Арӯзӣ ва тавсифи шаҳри Ҳирот дар аҳди Сомониён мепардозад. Бо он ки муаллиф чашмандози шоирон шудани шеъри мазкурро таъкид мекунад, вале арзиши бадеии онро нодида мегирад ва онро шеъри фармоишӣ дониста менависад: «Ин суруд бозтобе аз фаварони ҳолати ботинӣ ва шоиронаи Рӯдакӣ нест, бал ба хости фармондеҳони лашкарӣ ва кишварӣ суруда шудааст» (с.38) Пас аз таҳлили ривояти таърихи сурудани «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ба чунин натиҷа мерасад, ки «ҳунари Рӯдакӣ на дар пардохтани шеър ва таснифи некӯст, бал ҳунараш моҳасали мавқеъшиносӣ аст»(с. 45). Яъне ӯ сабаби таъсири суруди мазкурро ба амири сомонӣ дар он медонад, ки Рӯдакӣ ҳангоми сархуш будани амир он шеърро сурудааст ва маҳорати шоир дар ин маврид на дар эҷоди шеър, балки дар мавқеъшиносии ӯст.

Ба чанд далел наметавон ба ин назари муаллиф розӣ шуд. Аввалан ҳарчанд «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён»-ро ҳам дар сарчашмаҳо ва ҳам дар осори таҳқиқӣ ба таври мухталиф арзёбӣ кардаанд, вале ҳамагон онро яке аз беҳтарин шеърҳои на танҳо Рӯдакӣ, балки назми форсизабон донистаанд. Аз ҷумла И.С.Брагинский чанд ҷиҳати шеъри мазкурро таҳлил намуда, онро намунаи барҷастаи сабки саҳли сумтанеъ медонад. Сониян агар ин шеър суст мешуд, мавриди таваҷҷӯҳи шоирони қарнҳои гуногун қарор намегирифт ва дар пайравии он беш аз 100 шеър навишта намешуд.

Албатта, омили таъсиргузор будани мавқеъшиносӣ ва маҳорати равоншиносии Рӯдакӣ дар эҷоди шеъри «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ҷой дорад, вале мазмуну андеша ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ, тасвирҳои содаву табиии дилнишин, ташбеҳу тавсифҳои зебову маҳсус, оҳангу нағмаи ҳуруф ва ниҳоят савти мусиқии Ушшоқ аз омилҳои асосии муассир гаштани шеър

мебошанд. Бинобар ин шеъри мазкурро аз ашъори дигари боқимондаи Рӯдакӣ паст донистани муаллифи мақола аз рӯи инсоф нест. Бо вуҷуди он ки дар бораи ин шеър суханони зиёде гуфтаанд, ҳанӯз моҳияту арзиши он ба дурустӣ ва комил нишон дода нашудааст. Ба назари мо ин шеърро бояд пеш аз ҳама ҳамчун суруд мавриди баррасӣ қарор дод. Дар он сурат арзишҳои он бештару равшантар ошкор хоҳад шуд.

Дар мақолаҳои «Шод зӣ, бо сиёҳчашмон шод», «Бода пеш ор, ҳар чи бодо бод», «Мустӣ макун, ки нашнавад ӯ мустӣ» андешаҳои ҳаётдӯстиву фалсафии Рӯдакӣ роҷеъ ба ҷаҳону ҳастӣ баррасӣ гаштаанд. Аз ҷумла мақолаи «Мустӣ макун, ки нашнавад ӯ мустӣ» бо баррасии масъалаи зиндагиву марг дар ашъори Ҷалолиддини Балхӣ, Бедил, Ҳофиз шуруъ шуда, сипас бозтоби ин мавзӯъ дар осори боқимондаи Рӯдакӣ матраҳ мегардад. Ба назари мо агар баррасии мавзӯъ аз ашъори Рӯдакӣ шуруъ мешуд , аз ҳар лиҳоз беҳтар буд.

Дар мақолаи «Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ» муҳимтарин андешаҳои ахлоқии Рӯдакӣ амсоли хирадмандиву накукорӣ, панди рӯзгор, ҷавонмардӣ, парҳезгориву шодкомӣ, саховатмандиву тараҳҳум ва ғайра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин мақола низ таъсири баъзе андешаҳои ахлоқии Рӯдакӣ ба шоирони муосир ва баъдина амсоли Дақиқиву Носири Хусрав ва Фирдавсиву Саъдӣ нишон дода шудааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки дар ин маврид низ аввал аз таъсири андешаҳои Рӯдакӣ сухан рафта, сипас андешаҳои ахлоқии ӯ баррасӣ шудаанд.

Мақолаи «Наврӯз ва Меҳргон» тавсифи ин ду ҷашни бостонии мардумони эронитаборро дар осори бозмондаи Рӯдакӣ дар бар мегирад. Мақолаи «Боғи ваҳши Рӯдакӣ» хонандаро ба сайри олами он шеърҳои Рӯдакӣ мебарад, ки аз тасвири паррандагону хазандагон ва гулу гиёҳҳои гуногун иборатанд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки «дар ин ҳазору анд байт гулҳои рангоранг, дарахтони мутанаввеъ, паррандагон, хазандагону даррандагон чунон фазоилро эҷод кардааст, ки нохоста инсон аз қаламрави интизоъии шеър ба домони табиат қадам мегузораду эҳсоси таровату тозагӣ менамояд»(с.88). Инро ҷадвали номгӯи гулҳо, дарахтон, чаҳорпоён, паррандагон, хазандагон ва гиёҳон, ки оварда шудааст, низ ба субут мерасонад.

Мақолаи охирини маҷмуа «Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то буни кӯ» бо нақле аз «Ал-муъҷам»-и Шамс Қайси Розӣ оғоз ёфта, таърихи ихтироъи навъи шеъри рубоиро бозгӯ менамояд. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки Рӯдакӣ дарвоқеъ бунёдгузори ин навъи зебову ихчами шеър аст ва муҳимтарин хусусияти рубоиёти ӯ содагиву фасоҳат аст, аз ин ҷост, ки имрӯз

ҳам барои ҳамаи хонандагони форсизабон комилан фаҳмову дастрас мебошад.

Фасли дувуми китоб «Гузидае аз сурудаҳои Рӯдакӣ» намунаҳои ашъори комили шоирро дар бар мегирад. Дар ин бахш ғазалу қасидаҳо ва рубоиҳои шоир интихоб шудаанд.

Тавре ки зикр шуд, мақолаҳои маҷмуа бештар ҷанбаи маърифативу ташвиқотӣ доранд, бо вуҷуди инмуаллиф дар баъзе мавридҳо баҳси илмӣ намуда, андешаҳои худро баён кардааст. Аз ҷумла ӯ масъалаи ба исмоилия гаравиш доштани Рӯдакиро баррасӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки «ҳоло ба таври қотеъ наметавон аз мазҳаби Рӯдакӣ дам зад»(с.15).

Бо назардошти арзиши баланди асари мазкур намояндагии фарҳангии Сафорати Афғонистон дар Тоҷикистон онро ба ҳуруфи кунунии тоҷикӣ баргардон карда ба табъ расондааст. Вале, мутаассифона, баргардони асар хуб анҷом нашудааст ва хатоҳои имлоӣ дар нашри Душанбе хеле зиёд ба назар мерасанд, ки ҳоло бо зикри чанде аз онҳо иктифо мешавад. Дар аксари мавридҳо ғалатҳо боиси таҳрифи маънӣ гаштаанд: «Гӯё(?) ин ки ин навъ(?) столижи(?) фақат буди(?) шоирона дорад»(с.71). Дар матни асл чунин аст: «Ва ё ин ки ин нусталжӣ(ностальгия) фақат буъди шоирона дорад».

Дар баргардони матн баъзан қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нашудааст. Масалан, тибқи қоидаи мазкур ҳарфи **ъ** дар аввали калима навишта намешавад, вале дар саҳ. 63 калимаҳои ъино, ъалайҳо сабт шудаанд. Исми шоири муосири Рӯдакӣ Шаҳид дар ҳама ҷо бо ҳарфи хурд навишта шудааст, ки боиси таҳрифи маънӣ гаштааст: «Корвони шаҳид(?) рафт аз пеш»(с.6), «Устоди(?) шаҳид(?) зинда боистӣ(с.70). Чунин ғалатҳо хеле зиёд ба чашм мерасанд: манус(маънус), Арзуқӣ (Азрақӣ), Фарюидӣ (Фарюмадӣ), айҳом(иҳом), мутаассиф(мутаассир), Абузаръа (Абӯзироа), ойинае(ононе), тамсияе(тамсиле), татабуъ (татаббӯъ), танъим(танаъъум), майю(маю), Рӯдакӣро(Рӯдакиро), Рӯдакӣст(Рӯдакист), найю (наю) , маъсун(масун), вай(в-эй), мо ҳасали (моҳасали), муттаъриф(муътариф), зинагӣ(зиндагӣ), ҳаки тақадам(ҳаққи тақаддум), сава(саъва), биёби (биёбӣ), андеша ай(андешае), шоядам(шояд ҳам), ҳайяҷон(ҳаяҷон)…

Ғалатҳои имлоӣ, ба хусус дар пораҳои манзум хеле зиёд буда,боиси харобии мазмун ва вазни онҳо гаштаанд. Дар байти зер «май биёрӣ» дар шакли «мебиёрӣ» сабт шудааст:

То бишканӣ сипоҳи ғамон бар дил,
Он беҳ, ки мебиёриву(?) бигсорӣ.

Байти машҳури Ҳофиз дар чунин шакли пурғалат омадааст:

Биниши(?) бар лаби ҷӯйю(?) нишину(?) гузари умр бубин,
К-ин ишорат зи ҷаҳони гузарон моро бас.
(с.65).

Дар ду байти зер 7 хатои имлоӣ ба назар мерасад:

Ин ҷаҳони(?) пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дилаш(?) бедор аст.
Некии у(?) ба ҷойгоҳ(?) ба(?) даст(?),
Шодии у(?) ба ҷойи тимор аст.
(с. 58).

Агар кормандони сафорати Афғонистон ҳангоми ба нашр омода кардани китоб бо мутахассисони Тоҷикистон ҳамкорӣ менамуданд, китоб бе чунин хатоҳо чоп мешуд.

## "БУЗУРГОНРО БУЗУРГОН ЗИНДА МЕДОРАНД"

Ёду эҳтироми устодон ва гузаштагони накӯному накӯкор аз суннатҳои ҳамидаест, ки ба хусус дар миёни аҳли илму адабу фарҳанг хеле марсум аст. Маҳфилу ҳамоишҳои гуногуни илмиву адабие, ки дар бузургдошти донишмандону адибон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор мегарданд, далели сипосу қадрдонӣ ба заҳмату хадамоти онҳост.

Яке аз донишмандони маъруфе, ки дар он ҳамоишҳо пайваста ширкат ва суханронӣ менамояд, олим ва марди барҷастаи сиёсиву фарҳангии муосири Эрон Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил мебошад. Ӯ ҳарчанд дар мақомоту симатҳои гуногун адои вазифа кардааст, вале ҳеч гоҳ аз ҷодаи илм берун нарафта, ҳамеша бо аҳли илму адаб аст ва чун шамъ анҷумани онҳоро фурӯзон менамояд. Дар маҳфилу ҳамоишҳои бузургдошти адибону донишмандон ӯ на танҳо бо суханони табрикӣ, балки бо мақолаҳои пурмӯҳтавои илмӣ низ ширкат варзида, аз кашфиёти дастовардҳои илмии худ гузориш медиҳад.

Китоби тозанашри "Бо эҳтиром" 31 мақолаи Ҳаддоди Одилро, ки ҳар кадом ба яке аз устодону родмардони илму фарҳанги Эрон тақдим шудааст, дар бар мегирад. Пеш аз ҳар мақола шарҳи ҳоли мухтасари устоде, ки мақола ба ӯ эҳдо шудааст, дарҷ гардидааст. Дар се шеъри Ҳаддоди Одил, ки дар китоб ҷой дода шудааст, эҳтироми фаровони ӯ ба роҳбари Инқилоби исломии Эрон Имом Хумайнӣ ва устодонаш Муртазо Мутаҳҳариву Яҳёи Маҳдавӣ ба қалам омадааст. Дар муқаддимаи китоб ҳам қабл аз ҳама меҳру садоқат ва сипоси муаллиф ба

устодонаш самимона баён шудааст. Муаллиф мақолаҳои маҷмуаро аз лиҳози мӯҳтаво ба панҷ мавзӯъ дастабандӣ карда, фарҳангро мавзӯи воҳид ва пайвандгари онҳо донистааст, ки комилан дуруст аст, зеро дар зимни мақолаҳо масоили мухталиф матраҳ шудаанд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги Шарқу Ғарб марбутанд.

Бахши аввали маҷмӯа ба мавзӯи забон ва адабиёт тахсис дода шудааст. Забони форсии дарӣ, ки таърихи бостонӣ дорад, аз рукнҳои асосии фарҳанги мардумони эронитабор буда, омили муҳими мондагории он маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки маҷмӯа бо мақолаи "Чаро забони форсиро дӯст дорам?", ки саршори самимияту муҳаббат ба ин забон аст, оғоз ёфта, густариши васеи забони форсӣ дар сарзамини паҳновар ва омили ваҳдатсозу нишонаи ҳувияти миллии мардумони эронӣ будан онро бармало месозад.

Устод Ҳаддоди Одил имрӯз ба ҳайси сарвари Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ дар арсаи хеле муҳими истилоҳсозиву вожагузинӣ, ворид кардани мафҳумҳои тоза, тарҷумаи истилоҳоту таъбирҳои хориҷӣ ва ба таври куллӣ рушди забони илмӣ ва поку беолоиш сохтани забони форсӣ хидмати шоиста ба ҷо меорад. Ин фазилати ӯ дар мақолаҳои ба масоили забон тахсис додаи маҷмӯа падидор аст. Дар мақолаи "Ҳунари ҳусни интихоби вожаҳо," ки ба Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ бахшида шудааст, муаллиф бо далелҳои фаровон тобишҳои гуногуни маъноӣ доштани вожаҳоро нишон дода, бамаврид ва бамавқеъ истифода намудани онҳоро таъкид месозад. Дарвоқеъ чунонки мегӯянд, ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад. Муаллиф дар мисоли вожаҳои "оғушта," "ороста," "олуда" ба субут мерасонад, ки онҳо ҳарчанд муродифу ҳаммаъноянд, вале ҳар кадом бори ҷудогонаи маъноӣ ба дӯш дошта, дар аксар маворид наметавонанд ҷойнишини ҳамдигар бошанд. Аз ин рӯ бояд нависандагон, ба хусус мутарҷимон дар истифодаи вожаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо диққати бештар зоҳир намоянд. Дар поёни мақола зарурати тадвини фарҳанги ҷомеи луғоти мутародиф таъкид мегардад.

Мақолаи "Носириддиншоҳи вожагузин,"ки ба донишманди маъруф Маҳмуди Ҳисобӣ эҳдо шудааст, руҷуъеро ба таърихи вожагузинӣ дар Эрон дар бар мегирад. Тавре ки дар мақола омадааст, Носириддиншоҳ дар тӯли панҷоҳ соли салтанати худ се бор ба кишварҳои Аврупо сафар карда, ёддоштҳои сафарашро дар се "рӯзнома" ба қалам додааст. Ин сафарномаҳои Носириддиншоҳ на танҳо манбаи хубе барои шинохти вазъи сиёсиву иҷтимоии Эрон дар қарни Х1Х мелодӣ мебошанд, балки аз лиҳози фаро гирифтани вожаву истилоҳоти тоза низ қобили

таваҷҷӯҳанд. Ҳаддоди Одил он вожаҳоро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст. Қобили тазаккур аст, ки баъзе вожаҳои истифодакардаи Носириддиншоҳ имрӯз дар забони форсӣ роиҷ нестанд, вале дар забони кунунии тоҷикӣ мустаъмаланд. Аз ҳамин қабил мебошанд вожаҳои таҷриба(озмоиш), гармхона(гулхона), боғ(порк), беморхона(бемористон), ойина(шиша), корхонаи оҳанобкунӣ (корхонаи зуби оҳан), чарб кардан(равғанкорӣ), муаллимхона (донишсаро), намуна(мокет), қайчии нохунгирӣ(нохунгир), парда(тоблу), корхонаи обсофкунӣ(тасфияхонаи об), дандонсоз (дандонпизишк), суфрахона(утоқи пазирои)...

Дар мақолаҳои "Забон ва зиндагии иҷтимоии имрӯз", "Вожагоне, ки мефаҳмем, вожагоне, ки ба кор мебарем" масъалаҳои муҳими забоншиносии иҷтимоӣ матраҳ шудаанд. Муаллиф дар онҳо роҷеъ ба ғановату имкониятҳои забони форсӣ баҳс намуда, таъкид мекунад, ки мутаасифона, аз он имкониятҳо хеле кам истифода мешавад. Мақолаҳои мазкур арзиши зиёди амалӣ дошта, дорои пешниҳодҳои судманд ҷиҳати корбурди забон дар арсаҳои гуногуни ҷомеа мебошанд.

Роҷеъ ба таъсири забон ва адаби форсӣ ба фарҳанги кишварҳои дигари олам асарҳои зиёде офарида шудаанд. Вале ҳанӯз ин масъала ба таври комил баррасӣ нашудааст ва нақши фарҳанги мардумони эронӣ дар тамаддуни олам, чунонки ҳаст, таъйин нагардидааст. Ҳаддоди Одил дар мақолаи "Иқтидори фарҳангӣ ва забони форсӣ" бо чанд далели тоза густариши забону адаби форсӣ ва таъсири файзбахши онҳоро дар фарҳанги мардумони Шарқу Ғарб нишон додааст.

Чанд мақолаи бахши аввали маҷмӯа ба масоили шеъру шоирон тахсис дода шудааст. Тавре ки маълум аст, аз Арасту шурӯъ намуда донишмандони зиёде дар бораи шеър ва чигунагии он изҳори андеша намудаанд, вале то ҳол таърифи комилу дақиқи ин падидаи зеҳниву ботинӣ дода нашудааст. Устод Ҳаддоди Одил дар мақолаи "Шеър чист ?" ки ба донишманду қуръоншиноси маъруф Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ эҳдо шудааст, ба ин масъала аз дидгоҳи фалсафӣ назар намуда, изҳори андеша кардааст. Ӯ баррасии ин масъалаи душворро пайваста ба ҳунари наққошӣ, ки он ҳам падидаи зеҳниву ботинист, анҷом дода, таърифи тозаи "Шеър наққошии рӯҳ аст"- ро пешниҳод намудааст, ки баробари хеле мӯҷаз будан фарогири вежагиҳои ин навъи ҳунар мебошад. Дар мақола ба шабоҳат ва тафовути ин ду навъи ҳунар низ ишора шудааст, ки ин барои дарки амиқи масъала мадад мерасонад. Аз ҷумла яке аз тафовутҳои онҳоро дар

истифодаи васоили гуногун медонад: “Наққош бо ранг ва нақш дар олами мубассирот(биноӣ) сарукор дорад ва шоир бо маъонии маъқулу мафоҳими зеҳнӣ ва кашишҳову орзуҳо ва хаёлоту аҳволу амёл(майлҳо).” (Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, Теҳрон, интишороти Ҳермес, 1388, с. 22). Ҳамчунин барои возеҳу равшан шудани масъала дар мақола борҳо ба умумияту тафовути ҳунар ва илм, ба хусус илмҳои табиатшиносӣ ишора шудааст. Дар поёни мақола муаллиф таърифи худро ба сурати “Шеър наққошии мутаҳаррики рӯҳ аст” такмил намуда, онро табсира ба моддаи асл номидааст. Бо истифода аз ин амал мо мехостем табсираи дувумро ворид намуда, ба таърифи мазкур вожаи “сухан” ро биафзоем: “Шеър наққошии мутаҳаррики рӯҳ бо сухан аст”. Зеро мояи таҷассуми рӯҳ барои шоир маҳз сухан аст, ҳамон тавре ки ранг барои наққош ва гил барои муҷассамасоз аст.

Мақолаи “Меход ману бифрӯше” матлаби мақолаи “Шеър чист ?”-ро такмил дода, барои дарки амиқтари таърифи шеър мадад мерасонад. Дар ин мақола, ки бо сабки шоирона иншо шудааст, муаллиф саъй намудааст, ки ҷавҳару моҳияти шеърро ба таври мушаххас таъйин созад. Бо таҳлилу таҳқиқи як ҷумлаи кӯтоҳи “Меход ману бифрӯше”(Мехоҳад маро бифурӯшад), ки ронандае барои фурӯши мошин пушти шишаи ақиби он насб кардааст, пайваста бо ашъори Ҳофизу Иқбол ва шоирони сабки ҳиндӣ бори дигар ба субут расондааст, ки моҳияти шеър на дар вазну қофия, балки қабл аз ҳама дар тахайюлу эҳсосот аст, ки метавонанд ба табиати беҷон ҳам рӯҳу ҷон бахшанд. Зимнан дар мақола як мушоҳидаи муаллиф дар бобати сабки ҳиндӣ баён шудааст, ки ки хеле ҷолиб мебошад, зеро ба он муҳаққиқон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Ҳаддоди Одил таъкид мекунад, ки он чӣ дар “сабки ҳиндӣ буруз ва зуҳури том дорад, ҳамин инсонӣ дидани ҳама чиз аст, ки маншаи он ҳама ташбеҳ дар шеъри шоирони ин сабк гаштааст ва авҷи онро дар шеъри Бедил метавон ёфт.” (Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 87.)

Девони Ҳофизи Шерозӣ ҳаҷман он қадар бузург нест, вале дар шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу таҳқиқи он садҳо ҷилд осори хурду бузург таълиф шудааст. Дар маҷмӯаи “Бо эҳтиром” низ мақолае ба шарҳи яке аз ғазалҳои ирфонии ин шоири лисонулғайб тахсис дода шудааст. Ҳаддоди Одил дар ин мақола мулоҳизаву мушоҳида ва бардоштҳои хешро аз ғазале, ки бо матлаи зер шуруъ мешавад, баён намудааст:

Сари иродати мову остони ҳазрати дӯст,
Ки ҳар чӣ бар сари мо меравад, иродати ӯст.

Қобили тазаккур аст, ки дар шарҳи ғазали мазкур таҳлили мазмуну муҳтавои ҳар байт пайваста бо таҳқиқи зебошинохтӣ сурат гирифтааст. Яъне муаллифи мақола дар радифи маъниву матлаби абёти ғазал ба тарзи баёни онҳо низ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, маҳорати суханварии шоирро нишон додааст. Масалан, таҳлили байти фавқ чунин оғоз ёфтааст : "Нахустин байти ин ғазал махсусан аз назари овои ҳуруф ва ҳиҷоҳо ва мусиқии калимот бисёр дилнишину гӯшнавоз аст. Бештари алфози ин байт мураккаб аз ҳуруфи **с** ва **р** ва ҳамза ва алиф ва **ҳ** ва **д** ва **т** аст, ки ҳуруфе нарму хушоҳанг аст ва ҳамин нармӣ ба матлаи ин ғазал латофати хосе бахшидааст. Ду калимаи "сар" ва "иродат" ҳам дар мисраи аввали байт омада ва ҳам дар мисраи дувум ва шоир бо такрори ин калимот аз санъати радуссадр илоалаҷз баҳра бурда ва зебоии байтро афзунтар кардааст."( Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 27-28).

Осори ғаниву рангини Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ба хусус "Маснавии маънавӣ" ва "Девони Шамс" таваҷҷӯҳи муҳаққиқони зиёди Шарқу Ғарбро ҷалб намудааст. Вале "Мактубот"-и ӯ камтар мавриди баҳсу таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки Ҳаддоди Одил ба ин бахши осори гаронбаҳои Мавлоно таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ду мақолаи маҷмӯаро ба баррасии арзишҳои адабиву забонии номаҳои ӯ тахсис додааст. Дар мақолаҳои "Дастагуле аз гулистони "Мактубот" и Мавлоно" ва "Гулгаште дар "Мактубот" и Мавлоно" бо далелҳои фаровон соддагиву фасоҳати забон ва сабки номаҳои Мавлоно нишон дода шудааст. Аз таҳлилу баррасии муҳаққиқ бармеояд, ки Мавлоно на танҳо дар офаридани осори манзум, балки дар иншои насри форсӣ низ маҳорати баланд ба харҷ додааст, ки номаҳои ӯ гувоҳи он аст. Аз ин рӯ Ҳаддоди Одил пешниҳоди дуруст менамояд, ки "насри форсии Мавлоно дар канори насри форсии дигар устодони қадим чун он алгуи шоиста ба ҷавонони муштоқ омӯхта шавад ва шеваи нигориши ӯ роҳнамои раҳравони ин роҳ гардад." (Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 164).

Бахши дувуми маҷмӯа ба мавзӯи "Таълиму тарбият", ки аз муҳимтарин масоили иҷтимоӣ буда, ба пешрафти ҷомеа асар мебахшад, тахсис дода шудааст. Яке аз ҳадафҳои аслии Инқилоби исломии Эрон ва раҳбару раҳнамои он низ фарҳанг ва таълиму тарбият будааст, ки дар ин бора дар мақолаи "Имом Хумайнӣ ва таълиму тарбият" сухан рафтааст. Муаллиф ба таври мӯҷаз андешаҳои Имом Хумайниро дар бораи нақши фарҳанг ва таълиму тарбият дар ҷомеа, ба хусус дар парвариши насли ҷавон мавриди

баррасӣ қарор дода, рукни ососии таълиму тарбият будани хонавода ва муаллимро таъкид намудааст.

Дар мақолаҳои дигари ин бахш роҷеъ ба нақшу мақоми “Дабиристони Алавӣ” ва муассисони он Алиасғари Карбосчиёну Ризо Рӯзбеҳ, мутафаккири бузург устод Муртазо Мутаҳҳарӣ, донишманди маъруф Яҳё Маҳдавӣ дар рушду пешрафти илму маориф ва фарҳанги кунунии Эрон иттилооту мулоҳизоти тоза баён шудааст.

Бахши дувуми маҷмӯа бо “Чанд хотира аз устод” ва марсияи “Даргузашти Маҳдавӣ” ба поён мерасад, ки ба файласуфу мутарҷими маъруф Яҳёи Маҳдавӣ бахшида шудаанд. Дар хотираҳои худ Ҳаддоди Одил чанд лаҳзаи ҷолиби мулоқоту боздидҳояшро бо устоди роҳнамояш дар соҳаи фалсафа ба қалам додааст, ки он на танҳо барои шинохти беҳтари шахсияти ин донишманд мадад мерасонад, балки хонандаро бо баъзе марҳилаҳои муҳими таърихи илму фарҳанги муосири Эрон ва шахсияти худи муаллиф ошно месозад.

Мақолаи “Мухтасаре дар боби аҳамияти таърих”, ки бахши сеюми маҷмӯа “Таърих ва таърихи илм” бо он оғоз меёбад, андешаҳои муаллифро роҷеъ ба аҳамияти таърих ва арзиши осори таърихӣ барои ҳар фард ва кулли ҷомеа дар бар мегирад. Ҳаддоди Одил дуруст таъкид мекунад, ки ҳар фард ё ҷомеа, ки ҳофизаи таърихӣ надошта бошад, ҳувият ҳам нахоҳад дошт. Ӯ бо дилсӯзӣ таъкид менамояд, ки ҳисси таърихиву таърихнигарӣ ва худогоҳии мардумони эронӣ суст аст. Бо ин ӯ таваҷҷӯҳи бештарро ба осори таърихиву фарҳангӣ ва ҳифзу нигаҳдории онҳо тақозо менамояд. Зеро “миллате, ки гузашта надошта бошад, оянда надорад ва миллате, ки дарси таърихро надорад ва миллате, ки дарси таърихро наёмӯзад, ночор ба такрори он хоҳад шуд”.( Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 259 ). Ин таъкидҳои дилсӯзонаи Ҳаддоди Одил ба мардуми тоҷик низ дахл дорад, зеро на ҳамаи мардуми мо ба қадри осори таърихӣ мерасанд ва натиҷаи ҳамин беэътиноист, ки ҳар сол ёдгориҳои зиёди таърихӣ нобуд мешаванд.

Мақолаи “Фоидаи таърихи илм чист ?” ба донишманди маъруф Маҳдии Муҳаққиқ эҳдо шудааст, ки беваҷҳ нест. Зеро ӯ аз зумраи он донишмандонест, ки дар таҳқиқи таърихи илм фаъолияти пурсамар доранд. Ӯ дар баррасии таърихи фалсафаву тасаввуф, тиббу нуҷум ва дигар улуми табиатшиносии Шарқ корҳои шоиста анҷом дода, осори фаровони таҳқиқотӣ офарида, мероси гаронбаҳои илму фарҳангро бо муқаддимаву тавзеҳоти судманд ба табъ расондааст. Ҳаддоди Одил дар мақолаи

мазкур на танҳо зарурати таҳқиқи таърихи илмро таъкид менамояд, балки то чӣ андоза муҳим будани суннатҳои таърихи илмро барои ҷомеаи имрӯз нишон медиҳад. Мулоҳизаҳои муаллиф роҷеъ ба арзиши таърихи илм дар тарбияи ҷавонон ва ба хусус барои боло бурдани ҳисси ифтихору худогоҳии миллӣ низ хеле ҷолиб аст. Натиҷаҳои бардоштаи ӯ барои ҷавоноон ибратбахш аст : "Огоҳӣ аз таърихи илм, махсусан, барои миллатҳое, ки гузаштае дурахшон доштаанд ва имрӯза ба илали мухталифи таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз шӯру нишот ва дурахшандагии пешин бозмондаанд, амре зарурист."( Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 268).

Дар мақолаи "Ошноии эрониён бо улуми ҷадид" қабл аз ҳама дар бораи нақши нахустин мадрасаи олии кишвар "Дорулфунун" сухан ронда, онро "дарвозаи вуруди улуми ҷадид ба Эрон" медонад. Муаллиф зимнан масъалаи муносибати илм ва фалсафаро ба миён гузошта, нуктаеро таъкид менамояд, ки илму фалсафаи ҳар халқ бо ҳам робитаи қавӣ дошта, пайваста рушд меёбанд ва самар медиҳанд.

Масъалаи бархӯрди илм ва дин асрҳост, ки вуҷуд дорад. Ҳаддоди Одил дар мақолаи "Илм ва дин" ба ин масъалаи хеле мураккаб равшанӣ андохта, ба натиҷае мерасад, ки бояд миёни онҳо созиш эҷод шавад.

Дар мақолаи "Ҷойгоҳи Абулқосими Қурбонӣ дар таърихнигории илм дар Эрон" хидматҳои арзишманди ин донишманди маъруф дар таҳқиқи таърихи илм, ба хусус илми риёзии исломиву эронӣ ба қалам дода шудааст. Қурбонӣ дар осори фаровони худ дар радифи тафсиру ташреҳи назари доншмандони гузаштаи эронӣ саҳми онҳоро дар пешрафти илми ҷаҳонӣ нишон додааст. Аз ҷумла ӯ ба субут расондааст, ки риёзидони эронӣ Камолиддини Форсӣ як қазияи риёзиро 320 сол қабл аз риёзидону файласуфи фаронсавӣ Декарт баён кардааст.

"Сиёсат ва мабоҳиси иҷтимоӣ" бахши чаҳоруми маҷмӯа мебошад, ки бо мақолаи "Имом Хумайнӣ на мисли дигарон" шурӯъ мешавад. Дар ин мақола симои роҳбари Инқилоби исломии Эрон ба таври мушаххас ва барҷаста нишон дода шудааст. Муаллиф саъй кардааст, ки фазилатҳои хоси Хумайниро, ки ӯро аз ҳамаи сарварони инқилобҳои дигар фарқ менамояд, ба қалам медиҳад. Аз ҷумла ӯ ба истиқлоли андешаву фалсафа, рафтору амал, ҷаҳонбинии хос, имону боварии амиқ ба ислом ва иртиботи қавиаш бо мардум, ба хусус ҷавонон ва амсоли инҳо ишора намудааст.

Мақолаи “Коре, ки Фалсафӣ кард…” дар бораи корнамоиҳои воизу хатиби маъруфи эронӣ Муҳаммадтақии Фалсафӣ, ки аз пайравону ҳаммаслакони Имом Хумайнӣ буда, дар пирӯзии Инқилоби исломии Эрон саҳми калон гузоштааст, ҳикоят мекунад.

Бахши панҷуми маҷмӯа баррасии масъалаҳои гуногуни фалсафаро дар бар мегирад. Дар баъзе мақолаҳо роҷеъ ба андешаҳои фалсафии донишмандони аврупоӣ амсоли Лейбнитс ва Кант сухан рафтааст. Мақолаҳои дигари ин бахш ба масъалаҳои умумиву назарии фалсафӣ чун озодӣ, майлу нафрат, ақли маҳз тахсис дода шудааст. Дар мақолаҳои “Нақши аллома Таботабоӣ дар эҳёи фалсафаи исломӣ”, “Мутаҳҳарӣ ва фалсафаи татбиқӣ” саҳми ду донишманди маъруфи қарни XX Эрон дар пешрафти фалсафаи исломӣ ба қалам дода шудааст.

Сабки баёни мақолаҳои маҷмӯаи “Бо эҳтиром” низ хеле ҷолиб буда, асосан илмиву мантиқӣ аст ва матлабро равшан баён менамояд. Муаллиф саъй намудааст, ки ҳатто масоили мураккабу печидаи илмиро ҳам ба тарзи содда баён созад, то хонанда дар фаҳми он душворӣ накашад. Дарвоқеъ ба таври содда баён кардани андешаҳои амиқи илмӣ хеле душвор аст. Барои ҳалли ин масъала муаллиф баъзан ба санъатҳои бадеӣ рӯй меорад. Масалан, дар ҷумлаи зер барои равшан нпмудани масъалаи муносибати забон бо андешаву воқеият аз ташбеҳ суд мегирад: “Забон ба қатор ё автобус мемонад, ки фақат дар истгоҳҳои муайян ва маҳдуде барои пиёдаву савор кардани мусофир таваққуф мекунад, на ҳар ҷо, ки мусофир моил бошад…”( Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 109). Ё худ зимни баёни мулоҳизоти мушкили улуми поя аз сабки шоирона истифода мекунад, ки ин аз як тараф барои дарки матлаб мадад расонад, аз сӯи дигар хастагии мутолааро рафъ менамояд. Дар мақолаи “Нуҷум дар фалсафаи Арасту” омадааст : “Фалсафаи Арасту аз ин ҷо авҷ мегирад, ҳамчун мурғи баландпарвозе оҳиста-оҳиста аз замин бармехезад ва пой аз банди қуюду тағйироти заминӣ бармегирад ва оғози таҷарруд мекунад. Ин мурғи дурпарвоз он қадар боло меравад, ки дигар онро ба чашми сару ба ҳис наметавон дид ва вуҷуди онро дар осмон танҳо мебояд бо тааммули ақлонӣ дарёфт.”( Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. Бо эҳтиром, с. 332).

Тавре ки мебинем, мақолаҳои маҷмӯаи “Бо эҳтиром” масъалаҳои гуногуни улуми иҷтимоиву табиатшиносиро фаро мегиранд. Дарвоқеъ таърихи илм гувоҳ аст, ки баъзе донишмандон метавонанд дар чанд соҳаи илм фаъолияти пурсамар дошта бошанд. Аз ҷумла донишмандони маъруфи Юнони қадим

Арастуву Афлотун, Буқроту Суқрот, дандонсоздандонсозШарқ Ибни Синову Форобӣ, Беруниву Хоразмӣ, Хайёму Насириддини Тӯсӣ ва амсоли онҳо на танҳо ҳамаи илмҳои замони худро фаро гирифтаанд, балки дар илмҳои гуногун кашфиёту ихтироот кардаанд. Ҳарчанд дар қарнҳои баъд ҳар илм ба шохаҳои зиёд ҷудо шуда, он шохаҳо ба илмҳои ҷудогона табдил ёфтаанд, вале суннати мазкур ҳанӯз идома дорад. Имрӯз ҳам донишмандоне ҳастанд, ки дар арсаи илмҳои гуногун таҳқиқ анҷом дода, натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд. Аз зумраи ҳамин тоифаи донишмандон аст устод Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил, ки илова бар донишманди варзидаи риштаҳои физикаву риёзиёт, фалсафаву таърих, забону адабиёт будан чун сиёсатмадору сарвари тавоно ҳам шинохта шудааст. Маҷмӯаи мақолоти "Бо эҳтиром" гувоҳи равшани он аст.

## Назаре ба девони тозанашри Камоли Хуҷандӣ*

Шайх Камолиддин Муҳаммад Абуаҳмади Хуҷандӣ суханвари мумтоз ва хушилҳонест, ки ҳанӯз замони зиндагӣ шӯҳрати босазое ёфта, девони ашъори латифи ӯ дар тӯли қарнҳо аз китобҳои хонданӣ ва писандидаи мардуми форсизабон будааст. Нусхаҳои фаровони девони шоир, ки дар китобхонаҳои олам маҳфузанд ва дар чопхонаҳои гуногун ба зевари табъ ороста шудаанд, далели гӯёи ин шӯҳрату дилбастагист. Ҷои басо хушҳолист, ки интишороти «Суруш»-и Эрон нашри тозаи девони шоирро ба амал овард, ки он натиҷаи саъю кӯшиши донишманди эронӣ Эраҷи Гулисурхист.

Китоб аз ду ҷилд иборат буда, бо пешгуфторҳои хеле самимии мудири омили интишороти «Суруш» донишманди фозил Алиасғари Шеърдӯст ва Эраҷи Гулисурхӣ шурӯъ мешавад. Муқаддимаи муфассали Эраҷи Гулисурхӣ шарҳи масоили гуногуни аҳволу осор ва андешаҳои Камоли Хуҷандӣ ва тавсифи нусхаҳои хаттӣ ва чопии девони шоирро фаро мегирад.

Тавре ки маълум аст, матни илмиву интиқодии девони Камоли Хуҷандӣ то ин дам се маротиба чоп шуда буд: бо эҳтимоми Азизи Давлатободӣ дар Табрез (соли 1337 ҳ. (1958) К. Шедфар дар Маскав (соли 1975), Ш. Ҳусейнзода ва С. Асадуллоев дар Душанбе (соли 1987). Дар тақризҳое, ки роҷеъ ба нашрҳои мазкур чоп шудаанд[1], зимни баёни ҳусну қубҳи он нашрҳо ба номукаммал будани онҳо ишора рафтааст. Бинобар ин муштоқону муҳаққиқони осори Камоли Хуҷандӣ дар орзуи нашри ҳар чи мукаммалтари девони шоир буданд, ки хушбахтона Эраҷи Гулисурхӣ он орзуҳои деринаро ҷомаи амал пӯшонд.

Дар таҳияи матни девон ду нусхаи қадимиву мӯътабар, ки то ин вақт аз назарҳо дур будаанд, истифода шудааст: яке нусхаи шумораи 266, ки дар ганҷинаи кутуби хаттии китобхонаи Донишгоҳи шаҳид

Мутаҳаррии Теҳрон (китобат дар соли 821 ҳ.) ва дигаре нусхаи шумораи 264 ганҷинаи дастнависҳои Мадрасаи олии шаҳид Мутаҳаррии Теҳрон) (китобат дар замони шоир) нигаҳдорӣ мешаванд.

Матни бахши дуввуми девон бар асоси ин ду нусхаи қадимӣ мураттаб гардида, аз 817 ғазал, 71 қитъа, 11 рубоӣ ва 14 муаммо иборат аст ва дар поварақии ҳар саҳифа тафовутҳои матнии нусхаҳои хаттӣ ва чопии девон оварда шудаанд. Дар бахши саввуми девон 172 ғазал ва ашъори дигаре, ки дар соири нусхаҳои хаттиву чопӣ мавҷуданд, вале дар нусхаҳои қадимии мазкур нестанд, ҷой дода шудаанд. Ба ин тартиб девони мазкур аз лиҳози фаро гирифтани осори шоир аз ҳама мукаммалтар мебошад.

Қабл аз он, ки дар бораи чигунагии таҳияи матн таваққуф кунем, лозим медонем дар бобати муқаддимаи муфассали Эраҷи Гулисурхӣ чанд мулоҳизаро баён намоем. Эраҷи Гулисурхӣ дар муқаддима саъй кардааст, ки дар баробари шарҳи ҳолу осори Камол муҳимтарин масоили иҷтимоиву фарҳангии замони ӯро низ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Яке аз чунин масъалаҳо рушди тасаввуф дар аҳди шоир мебошад. Ховаршиносони маъруф Э. Браун ва Ян Рипка сабаби рушди тасаввуфро дар он даврон ҳамлаи муғул донистаанд. Гулисурхӣ дуруст менависад, ки «ҷангу хунрезӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад василаи эҷоди фарҳангу тарвиҷи ҳунар шуда бошад»[2].

Дар воқеъ ривоҷи тасаввуф дар Эронзамин қабл аз ҳуҷуми муғулҳо ҷой дошт ва ин дар қарнҳои баъд низ идома ёфтааст. Ин гуна мубоҳисаву мулоҳизаҳои ҷолиб, ки дар баъзе мавридҳо ба назар мерасанд, арзиши илмии муқаддимаро афзудаанд. Вале, мутаассифона, чунин ҳолат дар шарҳи ҳоли Камоли Хуҷандӣ, ки дар муқаддима ба як назму тартиби муайян баён нашудааст, камтар мушоҳида мегардад. Аз ҷумла дар хусуси исму куния ва ҳамсару фарзанд доштану надоштани шоир дар зимни тавсифи нусхаи хаттии мутааллиқ ба Раҳим Ҷалил ба ин тариқ изҳори назар шудааст: «Дар ҳеҷ як аз тазкираҳо ва кутубе, ки дар дастрас буд, «Абуаҳмад Муҳаммади Хуҷандӣ» барои Камоли Хуҷандӣ ба кор бурда нашудааст, баъзе «Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ» навиштаанд ва нусхае, ки наздик ба даврони шоир буда, ба «Мавлоно Шайх Камоли Хуҷандӣ» басанда кардаанд ва ин ишколест, ки бояд устод С. Асадуллоев худ бикушоянд, вагарна метавонад боиси шакки бисёр шавад ва ин андешаро пеш оварад, ки шояд номи шайхи Хуҷанд «Муҳаммад» буда ва «Абуаҳмад» низ дорои ишкол аст, ба хусус ки ба гуфтаи худи Шайх ӯ ҳамсаре нагузида ва фарзанде низ надошта аст.»[3]

Дар воқеъ дар аксари нусхаҳои хаттии девони Камоли Хуҷандӣ ва тазкираҳо номи пурраи шоир оварда нашудааст ва котибону тазкиранигорон бо зикри «Шайх Камоли Хуҷандӣ» ё «Хоҷа Камоли Хуҷандӣ» иктифо кардаанд. Вале дар баъзе нусхаҳои қадимии девони Камол номи пурраи шоир Камолиддин Абуаҳмад Муҳаммади Хуҷандӣ сабт шудааст. Инро илова бар нусхаи мутааллиқ ба Раҳим Ҷалил дар нусхаҳои дигари девони шоир, аз ҷумла дар нусхае, ки таҳти шумораи 1635 дар Китобхонаи миллии Париж маҳфуз аст, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин нусха котиб исми шоирро «Камолиддин Муҳаммад

Ал-Хуҷандӣ»[4] навиштааст. Ховаршиноси рус В.В. Григорев дар тадқиқоте, ки беш аз сад сол қабл аз ин анҷом додааст, исми шоирро «Шайх Камолиддин Абуаҳмади Хуҷандӣ»[5] зикр кардааст, ки албатта бе далел набояд бошад.

Дар мавриди зану фарзанд надоштани Камоли Хуҷандӣ дар ҷои дигари муқаддима низ ишора шудааст, ки шояд далели ягонаи Эраҷи Гулисурхӣ ҳамин бошад: «Чунон ки худи ӯ (яъне Камоли Хуҷандӣ) мефармояд, ҳамсаре надоштааст, бинобар ин имкон дорад занон дар хонақоҳи ӯ роҳ надоштаанд. Камол мегӯяд:

Гила кардӣ, ки зи ранҷур накардӣ пурсиш,
Ту бипурс аз мани бедил, ки рӯзону шабон
Мунисе нест маро дар бару машҳур аст ин,
Дилбаре ҳаст туро дар бару маъруф аст он».[6]

Аввалан дар байтҳои фавқ ишораи сареҳ ба зан надоштани шоир нест ва таъйид шудааст, ки дар ин чанд шабу рӯз шоир (шояд дар хонақоҳ) бе маҳбубу мӯнис аст. Чунон ки аз шарҳи ҳоли шоир маълум аст, чунин лаҳзаҳои ҷудоиву ғарибӣ борҳо ба ӯ мусодиф гаштааст. Сониян, далели қотеъи зану фарзанд доштани Камоли Хуҷандӣ яке аз ворисони машҳури ӯ донишманду адиби маъруф Ризоқулихони Ҳидоят мебошад, ки худи ӯ дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» дар ин бора навиштааст: «Волидамро масқатурраъс Чордаҳ Калота аз мулки Ҳазор Ҷариб буда, ки Симнону Домғон аз билоди машҳураи он ҳудуд аст ва чун насаби обову аҷдоди ӯ ба Шайх Камоли Хуҷандӣ мепайваста, дар асомии он тоифа Камолӣ илҳоқ мешуда, чунон ки ҷадди фақирро Исмоил Камол меномидаанд».[7]

Зимнан бояд тазаккур дод, ки роҷеъ ба баъзе нукоти рӯзгори Камол дар Тоҷикистон ва Русия мақолаву рисолаҳо чоп шудаанд, ки мутаассифона, дар ихтиёри Эраҷи Гулисурхӣ қарор нагирифтаанд.[8]

Дар муқаддима таҳти унвони «Шарҳи ҳоли Камол ва осори ӯ он тавр, ки устодони гузашта ва ҳол навиштаанд» барои ошноӣ бо рӯзгори шоир маълумоти муаллифони манбаъҳои адабиву таърихӣ ва муҳаққиқон амсоли Абдураҳмони Ҷомӣ, Хондамир, Э. Браун, Забеҳулло, Сафо, Ян Рипка, И.С.Брагинский, Садриддин Айнӣ ва дигарон нақл шудааст. Вале, мутассифона, он маълумотҳо, ки дорои ишораҳои зидду нақиз мебошанд, мавриди санҷиши қиёсӣ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст.

Зимнан бояд тазаккур дод, ки аввалин маълумотро роҷеъ ба Камол (ба истиснои муқаддимаи Алии Домғонӣ) Шайх Озарӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» додааст, ки дар муқаддимаи мазкур ёде аз он нашудааст. Як нусхаи нафиси ин асар дар Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ маҳфуз аст.

Масъалаи дигари марбут ба рӯзгори Камол, ки ба он ҳам дар зимни тавсифи нусхаҳои хаттии девони шоир ишора шудааст, санаи даргузашти ӯст. Эраҷи Гулисурхӣ аз рӯи муқаддимаи нотамоми Алии Домғонӣ то соли 821 ҳиҷрӣ дар қайди ҳаёт будани шоирро таъйид кардааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки аз муқаддимаи мазкур, ки акси он оварда шудааст,

ишораи сареҳе ба зинда будани шоир то санаи ёдшуда ба назар намерасад. Сонияи, чунон ки хоҳем дид, санаи вафоти шоир ба тиаври дақиқ маълум буда, ҷои шубҳае нест. Вале Эраҷи Гулисурхӣ далели дигаре дар ин маврид пеш овардааст, ки «ғазали зебо, ки тазкиранависон[9]онро нишонаи зистани шайх беш аз сад сол медонанд»[10] мебошад ва матлаб байти зайл аст:

Чу дидам қиблаи рӯи ту садсола намози худ
Ба меҳроби ду абрӯят қазо кардам, қазо кардам.[11]

Дар байти мазкур «садсола намоз» маънии сад сол намоз гузориданро надорад, балки ба маънии умри дароз аст. Адади сад дар забони форсӣ, ҳамон тавре ки дар фарҳангҳо ҳам ишора шудааст, мафҳуми зиёд, фаровонро низ дорад.[12] Дар ашъори худи Камол ҳам калимаи сад ба маънии зиёд, фаровон, дароз ба кор рафтааст, ки ба тариқи намуна чанд байтро меорем:

Гар як дами васли ту харидем ба сад ҷон,
Он ҳам сари як мӯй надонем баҳо буд.
***
Баъди садсола ҷафо бо мани аз ёр ҷудо
Гар кунад умр вафо, бӯи вафои ту расад.
***
Гар биҷӯянд ба сад қарн наёбанд, Камол,
Булбуле чун ту хушилҳон ба чаманҳои Хуҷанд.
***
Ман ба сад манзил зи Хоразмам ҷудо в-аз оби чашм
Ҳамчунон наззораи мардум ба Ҷайҳун мекунам.[13]

Камол дар чанд маврид дар воқеъ ба умри дароз ишора кардааст, вале ададҳои шасту ҳафтодро нишон додааст, ки ин ҳам умри кӯтоҳ нест:

Гуфт: «Камол, оқибат дар сари зулфи мо расӣ,
Ҳам бирасӣ ба шаст чун умр гузашт аз чилам».
***
Зулфи ту ба қарне нашавад ёфт, ки он шаст,
Гар умр расад низ ба ҳафтод наёбанд.[14]

Дар бобати санаи фавти Камоли Хуҷандӣ дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ихтилоф вуҷуд дорад. Вале дар ҳеҷ яке аз онҳо то соли 821 ҳ. (Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шерхони Лудӣ, Лутфалибеки Озар санаи даргузашти шоирро 792 ҳ.) 1389 м., Сайид Роқим, Абдуллоҳи Кобулӣ, Ризоқулихони Ҳидоят 793 ҳ. (1390 м., муаллифи «Маҷолис-ул-ушшоқ» 807 ҳ.–(1404 м. рақам задаанд. Аммо Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс», Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр», Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» соли вафоти Камолро 803 ҳ.) 1400 м. зикр кардаанд. Дар сарчашмаҳои дигар чун «Равзат-ул-ҷинон», «Риёз-ул-орифин»,

«Авлод-ул-атҳор», «Тароиқ-ул-ҳақоиқ», «Сомӣ-юл-асомӣ», «Ништари ишқ» низ санаи 803 ҳ. сабт ёфтааст. Санаи 803 ҳ., ки аксари манбаъҳо нишон додаанд, ба назари мо саҳеҳ аст. Инро чанд далели дигар низ ба субут мерасонанд. Шоир ва хушнависи маъруф Абдураҳими Хилватии Табрезӣ аз ҷумлаи муридони Шайх Камоли Хуҷандӣ буда, чунонки аз қитъаи зер бармеояд, борҳо ба сӯҳбати Шайх шарафёб шудааст:

Шунидам ман аз шайхи комил Камол
Ду қудсӣ ҳадису гирифтам ба гӯш…[15]

Хилватӣ дар қитъаи дигари худ сареҳан дар соли 803 ҳ. аз олам гузаштани Камолро таъкид кардааст:

Орифи ҳақшинос Шайх Камол,
Ки ҷаҳонро ба шеъри тар бигрифт.
То сухан аз даҳон бурун афтад,
Кас сухан мисли он бузург нагуфт.
Ҳаштсаду се гузашт, к-он хуршед,
Ҳамчу маҳ дар саҳоб ҷайб нуҳуфт.[16]

Санаи 803 ҳ. дар чанд қитъаи таърих ҳам баён шудааст. Аз ҷумла шоири муосири Камол Шарафиддин Ромии Табрезӣ навиштааст:

Куҷо монд дар шеъру иншо камоле?
Камоли суханвар намонда ба дунё.
Чу ҷустам зи Ромӣ син(н)и реҳлаташро,
«Камоли Хуҷандӣ бикӯчид» гуфто.[17]

Дар қитъаи боло «Камоли Хуҷандӣ бикӯчид» моддаи таърих буда, ба ҳисоби абҷад 803 мешавад. Аз моддаҳои таърихи дигар дар ин бобат гуфташуда монанди «Зиҳӣ офтоби бадр Камол», «Манбаъи ҳусни моҳтоби ҷамол» низ 803 истихроҷ мешавад.

Аз чӣ сабаб бошад, ки муаллифи муқаддимаи муфассали девон «таъйини соли таваллуд ва чигунагии зистани Камоли Хуҷандӣ»-ро вазифаи асосии худ намедонад ва ба масоили зиндагии ӯ камтар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар ин бобат дар зимни шарҳи масъалаҳои дигар сухан меронад. Ҳол он ки дар муқаддимаи девонҳо бояд қабл аз ҳама масоили рӯзгору осори шоирон ҳаталимкон равшан шавад, то роҳ барои хонандагону муҳаққиқон боз гардад.

Ба назари мо, дар муқаддима бо ҳар васила ба маслакҳои нақшбандия ва ҳаллоҷия пайвастани Камоли Хуҷандӣ дуруст нест. Зеро таъйини ҷаҳонбинии шоир бахси ҷиддии илмиро тақозо мекунад, ки аз доираи муқаддима берун аст. Мо низ тафсиру таҳқиқи ин масъаларо ба муҳаққиқони соҳаҳои фалсафаву тасаввуф вогузор намуда, фақат ҳамин бардошти худро аз мутолиаи девон ба тариқи пиндор гуфтанием, ки эҳтимол Камол ба ҳеҷ маслаки мушаххас нагаравида, ба қавли худаш,

риндиро пеш гирифта бошад. Ҳоло бо зикри чанд ишораи сареҳи шоир иктифо менамоем:

Кас бӯйи риё нашнид аз хирқаи мо риндон,
Чун дур ба сад фарсанг аз зоҳиди мағрурем.
***

Халқ гӯянд, ки ринд асту назарбоз Камол,
Ҳар чи гӯянд ба рӯйи ту, ки сад чандонем.
***

Гар шеваи Камол бипурсад касе зи ту,
Гӯ: «Сӯфиест ринд, вале ошнонамост».
***

Чун рӯз равшан аст, ки мо ринду ошиқем,
Чун субҳ дар парастиши рӯйи ту содиқем.
***

Камол ошиқу ринд аст ҳолиё зи азал,
Зиҳӣ саодат, агар то абад чунин бошам.
***

Ман тарки зӯҳд кардаву риндӣ гузидаам,
Хошоки роҳ додаву гавҳар харидаам.[18]

Назари яктарафа ва сатҳиро дар муқаддима дар баррасии мавзӯи ишқ низ метавон мушоҳида кард. Эраҷи Гулисурхӣ дуруст менависад, ки «гурӯҳе бо такя ба андешаҳои сӯфиёнаи он даврон эътиқод доранд дар ашъори Камол ишқ баёнкунандаҳои андешаҳаи орифонаи ӯст ва роҳест дар сӯфигарӣ ва гурӯҳе дигар, ба хусус пажӯҳишгарон ва донишмандони ҳафтод соли ахир, ҳама он ишқро ба ғамзаи чашму абрӯйе вобаста медонанд ва онҳо, ки хостаанд миёни ин ду бардоштро оштӣ диҳанд, эътиқод доранд сухани Камол аз ин ишқи ба зоҳир ҳадафаш фақат ботин будааст».[19]Вале, мутаассифона, ба ҷои тавзеҳи назари Камол ба ишқ ва кайфияти баёни он худи донишманд ноогоҳона ё огоҳона ба гурӯҳи аввал мепайвандад ва таъйид мекунад, ки Камол «чун Ҳофиз дар ғазалиёти худ масоили ошиқонаро ба зовияе бас орифона матраҳ карда ва бо ҳам меомезад… ва шояд ҳамин шеваи шоирона ва орифона аст, ки бартарин зебоии шеъри Камолро дар худ дорад».[20] Ба ин минвол дар ҷойҳои дигари муқаддима таъкид мешавад, ки ишқияҳои Камол фақат ҷанбаи ирфонӣ доранд. Вале мутолиаи девони Камол нишон медиҳад, ки дар ашъори ӯ дар радифи ишқи ирфонӣ тасвири ишқи заминӣ ва маъшуқаи воқеӣ низ кам нест. Ин ҷо барои намуна ғазалеро нақл мекунем, ки дар он бӯйе аз ирфон нест ва маъшуқ турки воқеии Сарой аст:

Турки ман маҳ[21]бувад ба туркӣ ой,

Хуш бувад як шабе ба пеши ман ой.
Дидаӣ маҳ, ки чун равад бар бом,
Ту маҳӣ, ҳам ба боми дида дарой.
Хонаи банда бандахонаи туст,
Хайра макдам, хуш омадӣ, фармой.
Гиряи ошиқон бубин зи бурун,
Рӯзи борон биё, ба хона дарой.
Хона холист, аз миён магрез,
Дар бибанду миёни баста кушой.
Гар вафо мекунӣ ба ҷойи худ аст,
Ваъдаҳои куҳан биёр ба ҷой.
Кард вайрон сарою кохи Камол
Тоқи абрӯи маҳвашони Сарой.[22]

Ё худ ғазали маъруфи Камол «Во ғарибӣ», ки он ҳам дар муқаддима аз ҳамин дидгоҳ якҷониба баррасӣ шудааст. Муаалифи муқаддима навишта:

«Дил муқими кӯйи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?

ишора дорад ба дурии ҷон аз ҷонон, ё рӯҳи равон аз он ҷойгоҳи нахустин, чӣ ба эътиқоди сӯфиён ҷон дар ин домгаҳ ғариб афтода ва ҳар лаҳза орзу дорад то бар остонаи арши худовандӣ бӯса занад ва он ғурбат... ҳамон зории ҷон аст дар бадан аз дурии ҷонон; ...тани мискини ӯ низ ғурбатафтода ва орзуманди диёри хеш асту ёрони хеш. Он диёр, ба қавли сӯфии бузурги дигарамон Мисри Ироқу Шом нест ва он шаҳре, ки орзумандона барояш ашк меборад, шаҳрест, ки ӯро ном нест ва дар охирин байт мефармояд:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб.

Ин як бардошт буд бо таваҷҷӯҳ ба тасаввуфи Камол, ки ҳеҷ гуна иртиботе бо ғарибиву зорӣ ва дурафтодагӣ аз шаҳру хона надорад».[23]

Маълум аст, ки тан назди орифон арзише надорад ва мурод аз ман ё тан ҳамон рӯҳ аст. Гузашта аз ин дар назарияи ваҳдати вуҷуди Камол Худованд, ки ҳақиқати кулл аст ва хориқуттабиат нест, он дар худи инсон, ки ҷузъи табиат аст, доништа мешавад. Ба абёти зер таваҷҷӯҳ шавад:

Ёр пеши ду чашми туст, эй ашк,
Ҳоҷати ҳар тараф давидан нест.
***

Дӯст дар ҷону нест з-ин хабарат,
Ташна мурдиву об дар назарат.
***

Солҳо шуд, ки дар такупӯем,
Ту ба мои̅, аҷаб чи̅ меҷӯем?
***

Роҳ паймуд басе дар талаби дӯст Камол,
Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон гардидем.[24]

Байтҳои зикршударо ҳоҷат ба шарҳ нест. Аммо матлаи ғазали «Во ғариби̅» бо мазмуни ирфонии байтҳои боло умумияте надорад ва дорои маънии воқеъии заминист. Ин иддаъоро байти дуввуми ғазали мазкур боз ҳам бештар равшани̅ меандозад:

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб.

Агар ба дунболи андешаи фавқи Эраҷи Гулисурхи̅ биравем, дар он диёре, ки онро ном нест, бояд як ёр бошад, ки он ҳам ҳақ таъолост. Аммо ин ҷо дили шоир аз зодгоҳаш дур афтода, орзуманди дидори хешовандону дидори ҷамъи ёрон аст. Дар нашри Гулисурхи̅ ба ҷои «гардидем» «мегардем» сабт шудааст, ки хилофи қофияи ғазал аст.

Эраҷи Гулисурхи̅ меафзояд, ки «Шайх бо майлу ишқ худ аз Хуҷанд ё аз Чоч ба Маккаву Мадина ва Бағдоду шаҳри Табрез сафар кардааст ва дар он ҷо низ дар ниҳояти неъмату осудаги̅ рӯзгоре мегузаронида». Ин дуруст аст, аммо бояд гуфт, ки эҳсоси меҳри ватан, зодгоҳ, дӯстону хешовандон мафҳуми маънавист ва иртиботе ба моддиёту дорои̅ ва зиндагии пурнеъмат надорад. Ба хусус Камол, ки шоири ҳассосу нозукхаёл буд, имкон дорад, ки гоҳо ёди ватани бобои̅ мекард ва дар лаҳазоти нигарони̅ ғаму андӯҳи фирокро ҳам ба қалам меовард, ки ғазали «Во ғариби̅» намунаи барҷастаи онҳост.

Дар муқаддимаи Эраҷи Гулисурхи̅ баъзан тазоди фикр низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла ҳамон тавре ки зикр шуд, Камол пайрави тариқати нақшбандия дониста шуда буд. Вале дар охири муқаддима таъйид мешавад, ки «ӯ дар тасаввуф низ ба роҳи худ мерафта». Ҳамин гуна ихтилофот дар навишти баъзе исмҳо низ ба назар мерасад. Масалан, номи яке аз мавзеъҳои Табрез, ки боғу хонақоҳи Камол дар он ҷо воқеъ буд, ба таври гуногун сабт шудааст. Дар муқаддима «Валийилонкӯҳ» ва «Валийилонкӯй» навишта шудааст. Ҳатто дар иқтибосе, ки аз «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳулло Сафо нақл шудааст, аввал «Валийилонкӯй» сипас «Валийилонкӯҳ» сабт шудааст. Ҳол он ки Забеҳулло Сафо дар ҳама ҷо «Валиёнкӯҳ» навиштааст. Дар матни ашъори девон ҳам «Валиёнкӯҳ» сабт ёфтааст. Вале дар охирсухани ҷилди дуввуми девон Эраҷи Гулисурхи̅ сафари худро ба Табрез ва зиёрати мақбараи шоир ба қалам дода, зимнан менависад, ки «пири доное, ки ӯро роҳнамои̅ мекард,

ки «Валиёнкӯҳ»-ро нодуруст медонад ва тарзи «Вайлонкӯҳ»-ро бидуни далеле саҳеҳ мешуморад. Ҳамин тавр ба хонанда равшан намегардад, ки кадом тарзи навишти исми мазкур дуруст аст.

Муқаддимаи Эраҷи Гулисурхӣ бо фасли «Ҳофиз дар пайи Камол ва ё Камоли Хуҷандӣ дар иктифои Камоли Хуҷандӣ» поён меёбад, ки он хеле муҳим буда, 76 ғазали дар пайравии ҳамдигар сурудаи ин ду ғазалсарои маъруфи оламро фаро мегирад ва барои таҳқиқи минбаъдаи робитаҳои эҷодии ду ғазалсарои бузург арзиши зиёд дорад.

Матни ашъори девони Камоли Хуҷандӣ, ҳамон тавре ки зикр шуд, дар асоси ду нусхаи қадимии девони шоир, ки дар китобхонаҳои Донишгоҳи шаҳид Мутаҳаррӣ ва Мадрасаи олии шаҳид Мутаҳаррии Теҳрон маҳфузанд, мураттаб шудааст. Эраҷи Гулисурхӣ ҳамчунин аз се нашри илмиву интиқодии пешин ва ба хусус аз нашри Маскав ва нусхаҳои дигар истифода карда, тафовутҳои матниро ҳатталимкон сабт намудааст. Аз ин рӯ матни девони ҳозирро метавон алҳол аз мукаммалтарин мутуни ашъори Камол донист. Бо вуҷуди ин девони мазкур ҳанӯз куллияи ашъори боқимондаи шоирро фаро намегирад ва дар нусхаҳои дигари девони шоир ва ҷунгу баёзҳои гуногун ашъори номатбӯъи ӯро пайдо кадан мумкин аст. Масалан, соли 1988 Азим Давлатободӣ лутфан ба нависандагони ин сатрҳо (Б. Мақсудов) се ғазали номатбӯъи Камолро, ки аз як ҷунги қадимӣ пайдо кардааст, ирсол намудааст, ки матлаъи онҳо чунин аст:

Шодӣ наёфт, ҳар ки ғами дилбаре надошт,
Дар сар ҳавои меҳри парипайкаре надошт.
***

Бе дарди диле роҳ ба дармон натавон ёфт,
То ҷон надиҳӣ, сӯҳбати ҷонон натавон ёфт.
***

Эй пеши шаккарин лаби лаълат набот ҳеҷ,
Дар маъризи даҳони ту оби ҳаёт ҳеҷ.

Умед аст, ки ҷустуҷӯи нусхаҳои қадимитару мӯътамадтари девон ва ашъори номатбӯъи Камоли Хуҷандӣ идома пайдо мекунад ва нашрҳои ҳар чӣ мукаммалтару саҳеҳтари девони шоир сурат хоҳанд гирифт. Бо ҳамин ният мо ҳам мулоҳизоти худро дар бобати матни девони Камоли Хуҷандӣ, ки самараи заҳматҳои фаровони донишманди гиромӣ Эраҷи Гулисурхӣ мебошад, баён менамоем.

Бо вуҷуди он ки девон шомили муқаддимаи муфассал аст, дар қисмати матн низ Эраҷи Гулисурхӣ таҳқиқро идома дода, дар поварақи шеърҳо талмеҳу ишораҳои шоирро ба сураҳои Қуръони маҷид, ба ҳодисаву масъалаҳои гуногуни таърихиву фарҳангӣ шарҳ кардааст, ки ин барои боз ҳам амиқтар дарк кардани ашъори шоир мадад мерасонад.

Бояд зикр кард, ки дар баробари арзишҳову фазилатҳои зиёд, ки ёдоварии ҳамаи онҳо аз гунҷоиши ин мақола берун аст, матни ашъори девон аз нуқсонҳову иштибоҳот низ барӣ нест, ки онҳоро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард.

Гурӯҳи аввал нуқсонҳои марбут ба мазмуну мантиқи байтҳо мебошанд: Дар девони Камол ғазале ҳаст, ки дорои радифи «надорад хат» мебошад, ки дар нашри Маскав ҳам чунин шаклро дорад. Вале агар ба мазмуни байтҳои ғазал таваҷҷӯҳ кунем, пай бурдан душвор нест, ки калимаи «хат» ба он иртиботе надорад. Масалан, матлаъи ғазалро бигирем:

Касе, ки дӯст надорад, зи ҷон надорад хат,
Ки ҷисм дур зи ҷон, эй ҷаҳон надорад хат[25]

Мантиқи байти мазкур ва абёти дигари ғазал аз радиф маънии баҳра, судро тақозо мекунад, ки инро вожаи «ҳаз» ифода менамояд ва дар нашрҳои Табрез ва Душанбе ҳамин тавр сабт шудааст.

Мазмуни байти зер дар шакли «бигдозам» навиштани қофияро тақозо менамояд:

Гар шамъ расад дар ту бугдозамаш аз ғайрат,
Боре чу ҳамесӯзам, бигзор, ки бигзорам.[26]

Дар байти зайл калимаи сӯҳбат ба мантиқи он созгор нест:

Хоби хуш сӯҳбат барад аз наргиси махмур,
Шаб гар шунавӣ нолаи мастонаи моро.[27]

Дар се нашри пешини девон ба ҷои калимаи мазкур «субҳат» зикр шудааст, ки комилан саҳеҳ аст. Вожаи «сӯҳбат» дар байти зер низ ноҷо омадааст:

Мо дар ҳарими маҷлиси ушшоқ маҳрумем,
Бо дарди ёр сӯҳбату бо нола ҳамдамем.[28]

Дар нашрҳои пешин ба ҷои калимаи мазкур «соҳиб» сабт шудааст, ки мантиқӣ ва дуруст аст. Дар байти зайл калимаи хай, ки дар фарҳангҳо ҳамчун мухаффафи «хик», яъне мушк шарҳ ёфтааст, ҳам ба мазмуни байт иртиботе надорад ва ҳам қофияи ғазалро хароб кардааст:

Офтоб аз ҷамоли ту хиҷил аст,
Ки зи рухсори ту чаконад хай.

Дар чопи Маскаав калимаи мазкур дар шакли «х(в)ай» омадааст, ки маъни арақро дорад ва аз ҳар лиҳоз мувофиқ аст.

Дар мисраъи дуввуми байти зер пешоянди бо маънии матлубро намедиҳад:

Боз тири ғамза бар дили мо кай расад?
Ин назар то бар кӣ афтад, ин бало бо кӣ расад?

Дар ҳар се чопи пешин ба ҷои он «то» омадааст, ки саҳеҳ аст. Мисраъи дуввуми байти зер аз лиҳози мантиқ, вазн ва қофия сакта дорад:

Аз гиря маро хонаи чашм об гирифтаст,
В-аз қиссаи мо чашми тар об гирифтааст.[29]

Дар чопи Маскав мисраъи дуввум ба ин шакл омадааст, ки саҳеҳтар аст:

В-аз қиссаи мо чашми туро хоб гирифтаст».[30]

Дар мисраъи дуввуми қитъаи зер исми Фарҳод ба мазмуни он робитае надорад ва калимаи фарёд, ки ба ҷои он дар чопҳои Табрезу Душанбе омадааст, дуруст аст:

Ҷуз оҳу нола надорам ба ошиқӣ ҳунаре,
Маро зи дасти ҳунарҳои хештан **Фарҳод**.

Мисрьаи дуввуми байти зер ҳам мазмуни равшане надорад ва ҳамчунин аз лиҳози вазн хароб аст:

Бо ҳама ранҷи ғарибиву ғами танҳоӣ,
Чун ғами ишқи ту ҳаргиз накунад ёди ҳаёт ҳам.

Дар чопҳои пешин мисраъи мазкур ба ин шакли саҳеҳ сабт шудааст:

Чун ғами ишқи туам мӯниси ҷон аст, чӣ ғам?

Дар рубоии зайл вожаи **хуррамӣ** бемавқеъ буда, ҳам ба мазмун ва ҳам ба вазни он халал ворид намудааст:

Имрӯз чу шеър, ҳар кӣ дар хат кӯшад,
Хуррамӣ зи хатат ба сад ғазал нафрӯшад.
Пӯшид хати хуби ту айби суханат
Ҳамчу хати хубон, ки занахро пӯшад.[31]

Дар чопҳои дигар ба ҷои калимаи мазкур **ҳарфе** омадааст, ки аз ҳар лиҳоз созгор аст. Дар мисраъи охир бошад, вазн, дар шакли **ҳамчун** навиштани **ҳамчу**-ро тақозо менамояд:

Гурӯҳи дуввум нуқсонҳое мебошанд, ки боиси харобии вазни мисраъҳо гаштаанд. Дар мисраъи зер калимаи **гулшан** ба ҷои **гулаш** вазнро халалдор кардааст:

Зулм бошад агар аз барги гулшан (?) пераҳан аст.

**Анбар** ба ҷои **абир**:
Дар шабистони сари зулфи анбарафшонат (?).

**Бин** ба ҷои **бубин**:
Дурр суфтаам аз ишқ бин (?) санъати устод.

**Шароб** ба ҷои **шурб**:
Сӯҳбати ёрони хуш, сӯҳбату шароби (?) мудом.

**Зи** ба ҷои **аз**:
Зи (?) оби Хуҷанд бигзару кӯҳ.

**Бо** ба ҷои **ба:**
Маро сӯхтиву бо (?) ӯ сохтӣ.

**Бипӯшид** ба ҷои **бипӯшидӣ**:
Рухи рангин зи муште хас бипӯшид (?), вале хасро.

**Гуфтам** ба ҷои **гуфтем**:
Як нукта аз ин дафтар гуфтаму (?) ҳамин бошад.

**Хонадаш** ба ҷои **хонданаш**:
Дил, ки дилдоре надорад, дил нашояд хонадаш (?).

Хӯрдам ба ҷои хӯрам:
Гуфтӣ: «Ғами ту хӯрдам (?) чӣ донӣ».

**Агар** ба ҷои **гар**:
Туро агар (?) бевафо гуфтам, чӣ гуфтам?

**Даме** ба ҷои **дӣ**:
Даме (?) гуфтамаш бигаз лаби худ ё бидеҳ ба ман.

**Дур** ба ҷои **дурӣ**:
Он беҳ, ки дар дур(?) чунин холӣ надорам ҷомро.

Тавба, зуҳд, вараъ ба ҷои тавбаву зуҳду вараъ:
Ӯ зулф бишкасту Камол аз тавба, зуҳд, вараъ (?).

**Сад** ба ҷои **зи сад**:
К-аз он мижгон сад (?) новак, саду як мерасад моро.

**Чашм** ба ҷои **чашмам**:
Ба чашм (?) гарм аз он рӯ менамояд.

**Гуфт** ба ҷои **бас**:
Гуфтам: «Зи Камоли ту чунин бехабару» гуфт.

Пайвандаки **ё** зиёдатист:
Чун замони васли рӯят ё(?) бувад нозук фурсате.
***

Анҷомаи **е** дар калимаҳои **хушилҳон** ва **дил** афтодааст:
Чунин мурғи хушилҳон(?), ки ман дорам, раво бошад.
***
Дар бар туро дил (?) сангин, вале чӣ сангин?

Анҷомаҳои **и** ва **е** дар мисраъҳои зер низ навишта нашудаанд:
Аз рух овехта (?) ҳар тарафе зулфи ба хам.
***

Дӣ гуфта (?): «Ба тӯҳфа оред сар бар ин дар».
***

Соя (?) ар мо ғарибон, эй аҷаб, ҳайф оядат.
***

Ҳаргиз ду чашми ӯ ба ҷафо ваъда надод.

Калимаи **чун** дар шакли мухаффафи **чу** омада, вазнро сактадор кардааст:
Гуле чу(?) сарви мо андар чаман нест.
***

Камол, аз заъфи тан чу(?) шамъ дорад зарфишон чеҳра.
***

Доман аз мо хокиён чу (?) зулф боре дармачин.
***

Чу(?) зи боғи васли гулрӯён чуз инам ранг нест.[32]

Ба гурӯҳи саввум нуқсонҳое мансубанд, ки қофияву радифи шеърҳоро хароб кардаанд. Дар ғазале, ки калимаҳои ҳамқофияаш «чидам», «бигзидам», «варзидем», «дидем»… мебошанд, дар мақтаъ калимаи «мегардем» хилофи қофияи умумист:

Роҳ паймуд басе дар талаби дӯст Камол,

Дӯст дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем(?).

Дар рубоии охирини девон «низомаш» ба ҷои «низомӣ» қофияро хароб кардааст:

Он хушписар, ки бурданд дар мактаби низомаш.

Дар ғазале, ки дорои радифи «чакад» аст, дар байти зайл «чакид» омадааст:

Аз ғамза неш зад ба ҷигар соҳире нигар,
К-ӯ неш аз куҷо заду хун аз куҷо чакид(?)?

Дар мисръаи охири ғазале радифи «набошад» ҳазф шудааст ва маълум нест, ки ин иштибоҳи котибон аст ё ноширон:

Ошиқ беҳ аз ин хонабарандоз (?)[33].

Гурӯҳи чаҳоруми нуқсонҳо ба қолабу навъҳои ашъори Камол марбутанд. Тавре ки маълум аст, мустазод навъи шеърест, ки дорои қолабу тарзи навишти хос мебошад. Ибороти изофии ҳар мисраъ ё байт ба таври ҷудогона дар як тараф ё дар зери онҳо навишта мешавад. Вале дар қисмати «Ғазалиёт»-и девон ғазали мустазод ба шакли зайл навишта шудааст, ки мустазод будани он маълум намешавад:

Эй рехта савдои ту хуни дили моро бе ҳеҷ гуноҳе,
Бинвоз даме хастаи шамшери ҷафоро боре ба нигоҳе.

Ба мустазод будани шеъри мазкур танҳо ноширони чопи Душанбе ишора кардаанд. Эраҷи Гулисурхӣ низ монанди К. Шедфар дар қисмати «Мустазод»-и девон танҳо як рубоии мустазодро ҷой додаанд. Вале, мутаассифона, дар ин маврид ҳам Эраҷи Гулисурхӣ онро тарзе сабт кардааст, ки мустазод будани он маълум намегардад:

Бо Акбари мисгар ба дӯкон гуфтам ман:
«З-ангишт сиёҳ шуд ба танат пироҳан».
Гуфто, ки зи ишқи… Аҳмад сӯхт
Бар оташи дил пераҳани пораи ман.

Дар чопҳои Маскав ва Душанбе шеъри мазкур бо порчаҳои изофӣ, пас аз ҳар байт омада, ба талаботи мустазод ҷавоб медиҳад.

Дар қисмати «Тарона»-и девон ду шеър нақл шудааст, ки ҳар ду аз чопи Табрез гирифта шудаанд. Агар бо тааммуқ ба он шеърҳо нигарем, пай бурдан душвор нест, ки онҳо аз лиҳози мазмун ва қолаб ба тарона нисбате надоранд ва бештар ба талаботи қитъа ҷавобгӯ мебошанд. Зеро таронаҳо аслан дубайтиву рубоиҳо ҳастанд, ки бо оҳанги мусиқӣ суруда мешаванд.

Дар қисмати «Муаммо»-и иловаҳо танҳо як муаммо оварда шудааст. Вале посухи муаммо, ки дарёфти он на ба ҳар хонанда муяссар мешавад, зикр нагардидааст.

Гурӯҳи панҷуми нуқсонҳо аз нодуруст ва ноҷо гузоштани ҳаракату аломатҳо сар задааст. Тавре ки маълум аст, аломат ё худ ҳаракатро дар хати арабӣ, бахусус дар Қуръони маҷид ҷиҳати роҳнамоиву дуруст хондани алфоз мегузоранд. Эраҷи Гулисурхӣ низ бо ҳамин нияти нек саъй кардааст ҳар чи бештар ба вожаву ибороти матни девони Камоли Хуҷандӣ аломат гузорад, ки кори хубест. Вале, мутаассифона, баъзан ноҷо гузоштани аломатҳо боиси ғалатхониву харобии мантиқу вазни байту мисраъҳо гаштааст. Масалан, дар байти зер аломатҳои мисраъи аввал барои дуруст хондани калимаҳои **наёрад** ва **ман** мадад мерасонанд. Вале дар мисраъи дуввум аломати фатҳа дар калимаи **манат** (ба ҷои **миннат**) боиси харобии мазмун ва вазн гаштааст:

Ақл наёрад ниҳод бар мани бедил сипос,
Бар сари озодагони манат(?) дастор нест.

Бемавқеъ гузоштани аломатҳо баъзан боиси иштибоҳҳои ҷиддӣ гаштааст, ки на танҳо ба дарки маънии байт, балки ба ҳалли масоили дигари аҳволу осори шоир низ халал мерасонад. Барои мисол ба байти зер таваҷҷӯҳ кунед:

Камол, чун суханат беҳ зи тарзи ҳусн шуд,
Дигар мадор аз ину аз он тавақкуъи таҳсин.

Аввалан, калимаи ҳусн ба вазни мисраъ сакта ворид кардааст. Сониян, ибораи **тарзи ҳусн** маънӣ надорад. Дигар ин ки ба ҳусн табдил додани Ҳасан боиси дур шудан аз дарки як масъалаи муҳими сабки нигорандагии Камоли Хуҷандӣ гаштааст. Зеро шоир дар байти мазкур ба монандии сабки ашъораш ба тарзи ғазалсароии Ҳасани Деҳлавӣ ишора карда, роҳро ба муҳаққиқон барои омӯзиши қиёсии сабки ин ду шоири маъруф боз намудааст. Аломатгузории беҷо имкон надодааст, ки муаллиф фикреро, ки дар муқаддима ба миён гузоштааст, тавсиъа дода, ба натиҷаи дуруст бирасад. Дар муқаддимаи девон дар фасли «Шеъри Камол ва иртиботи он бо шоирони дигар» зимнан роҷеъ ба муносибати ашъори Камол ва Ҳасани Деҳлавӣ тавақкуф карда навиштааст: «Ғазали Камол… аз ҷиҳати равон будан ба сухани Ҳасани Деҳлавӣ шабоҳати бисёр дорад. Онҳо, ки аҳли таъна буданд, Шайхро «дузди Ҳасан» мегуфтанд. Ҷомӣ дар китоби «Баҳористон» равзаи шашум ба ин масъала ишора карда». Эраҷи Гулисурхӣ бо ҳамин иктифо намуда, масъаларо то охир равшан накардааст. Байти мазкур метавонист дар ин роҳ кӯмак расонад.

Фели **ниҳодан** дар матни девон ҳама ҷо бо аломати фатҳа (**наҳодан**) омадааст:

**Нанаҳам** сару **нанаҳам** аз сар ин таманноро.

Фитнаангезиву шӯхиро агар айбе **наҳам**.
**Нанаҳӣ**, Камол худро зи сагони остонаш.

Дар ҳамаи фарҳангҳои қадимиву муосири форсиву тоҷикӣ ва гӯйишҳои онҳо ниҳодан бо касраи ҳиҷои аввал навишта ва талаффуз мешавад. Дар забони паҳлавӣ низ он шакли **ниҳатанро** доштааст. Бинобар ин сабаби ин тавр аломатгузорӣ шудани феъли мазкур норавшан аст:

Ноҷо ва нодуруст гузоштан аломат дар матни девонро зиёд метавон мушоҳида кард, ки чандеро зикр менамоем:

Машмур(?) айб, ки девонааму моҳ нав аст.
***
Гар футодӣ(?) гузаре сӯи ту ногаҳ-ногаҳ.
***
Дар пои ту танҳо на сари мост футода(?).
***
Чун футодӣ(?) ба зулфи ёр, Камол.
***
Он ҳам аз сангдилӣ буд, ки гуфтем чинонат(?).
***
Дар ғами фирқату(?) нолакунон бо дили реш.
***
Гуфтаӣ: «Пеши рақибон даҳамат(?) дашном».
***
Дамбадам з-ойина ин зангро чаро назудоӣ(?).
***
Ки таби баҳри ту бигудохт(?) тани лоғари ман.
***
Ба Чин арзон шавад нофаи(?) гар они(?) Ҳинду Хутан гирад.
***
Он ки осон шимурад(?) ин ҳама хун хӯрдани мо.
***
Саҳл аст ба чашми ман агар дурраҷи(?) сурайёст.
***
Дар биҳишти адан(?) ҷое хуштар аз ту нест.
***
Муршид он нест, ки аз май даҳадат(?) тавба, Камол.
***
Дар қалами(?) худ сухане нест, сухан дар ризқ аст.

Дар муқаддимаи девон сабаби аломатгузорӣ нишон дода нашудааст. Муаллифи муқаддима дар зимни баёни шеваи кори худ таъйид менамояд, ки нусхаи ба хатти Алии Домғонӣ китобатшуда, ки асли матн қарор гирифтааст, «нуқта бисёр кам дорад». Нусхаи дуввуми ба хатти Муҳаммад Ҷомӣ аз назари нуқтагузорӣ ба сурати навиштаи Домғонӣ аст». Эраҷи Гулисурхӣ борҳо таъйид кардааст, ки «аз ҳар гуна

ислоҳу тавъизи луғат ва танзими норасоиҳо дар радиф худдорӣ кардем». Вале аз муқоясаи матни чанд сафҳаи ду нусхаи мазкур, ки акси онҳо дар муқаддима оварда шудаанд, бармеояд, ки аломатҳо аз тарафи мураттиби девон гузошта шудаанд. Дар муқаддимаи Алии Домғонӣ 11 байт шеър нақл шудааст, ки ҳама бидуни ҳаракат мебошанд. Дар матни ашъори ҳошия низ аломатҳо ба назар намерасанд. Дар матни ду қасидаи аввали девони Камол низ аломате гузошта нашудааст. Ҳол он ки худи ҳамон матн дар чопи ҳозир дорои аломатҳои зиёд мебошад. Боиси тааҷҷуб аст, ки дар мавридҳои зарурӣ баъзан аломат гузошта нашудааст. Масалан, дар мисраъҳои зайл барои дуруст ва бесакта хондани матн гузоштани аломати ҳамза (барои ифодаи **и, й, е**) лозим буд:

Чашми Камол аз талхӣ (?) ҳаҷри ту шуд гавҳарфишон.
***

Ақл гуфт: «Андеша (?) дур аст азми кӯйи дӯст».
***

Гуфта(?) ҷони ту бар хоки дари мост, Камол.
***

Ки ба ҳусн аз он чӣ будӣ, шуда (?) ҳазор чандон.
***

Чора (?) кас накунад ғамзаи хунхораи ту.
***

Қатра-қатра зи дарё, чу ба соҳил ойӣ

Албатта, на ҳамаи ин иштибоҳот бо айби мураттиби девон рӯй додааст. Эҳтимол дорад, ки аксари нуқсонҳо натиҷаи шитобкории котибони нусхаҳо ва ноширон бошад. Бинобар ин гурӯҳи дигари иштибоҳотро саҳвулқаламии котибон ва нуқсонҳои чопӣ донистан мумкин аст. Мисраъи аввали байти зер нотамом буда, ибораи «ва лаъли» ба мисраъи дуввум гузаштааст:

Нисори хоки он дар аз дурр
Ва лаъл  биё, эй кони гавҳар то чӣ дорӣ.

Равшан аст, ки ин ҷо иштибоҳи котиб ё нуқси чопӣ аст. Вале дар поварақ ба ин ишора нашудааст. Дар ин гуна мавридҳо, ки дар матни девон кам нестанд, тавзеҳи мураттиб зарур аст. Ҳатто баъзе аз он нуқсонҳоро дар матн аз рӯйи нусхаҳои дигар ислоҳ карда, ба он дар поварақ ишора намудан беҳтар буд. Масалан, дар аввали ғазали шумораи 51 байте аз ғазали дигар омадааст, ки бо байтҳои баъдӣ ҳеҷ умумияте надорад:

Бо ту чун зулфат чӣ хуш бошад шаб овардан ба рӯз,
Кошки ин давлати бедор медидам ба хоб.
Ман талаб кардам висоли рӯзу шаб,
Ёфтам инак ба ҳукми ман талаб.

Намунае чанд аз ин гуна иштибҳот:

Муғанниён(?), суханони Камол борик аст
Лек чун дар(?) ту меояд, зи дил ғам меравад.
Вале ҳар ҷо, ки шир нест(?) ғавғои магас бошад.
Ҳеҷ магӯй, к-аз ту (?) рӯй ба роҳ кардаам.
Гирди лаби ӯ бе сабабе нест басе холист(?).
Ор ояд дигар аз хилъати шохӣ мо(?)
Наққош ҳар сурате, ки (?) ангехт дар бутхонаҳо
Чун тавон, ки (?) ангуштарӣ дар рӯз натвон бохтан[34]

Дар поёни сухан вазифаи худ медонем, ки аз ҷониби аҳли илму адаб ва кулли мардуми тоҷик ба донишманди гиромӣ Эраҷи Гулисурхӣ барои заҳмати фаровоне, ки дар таҳияи ин кори бузург кашидаанд; талошҳое, ки дар пайдо кардани нусхаҳои қадимии девони Камоли Хуҷандӣ варзидаанд; меҳнату машаққати сахте, ки дар таҳқиқи аҳволу осори шоир ва нусхаҳои девони ӯ кардаанд; кӯшиши зиёде, ки дар нашри девон бо дастгирии ҷаноби Шеърдӯст ба харҷ додаанд ва, ниҳоят, барои ихлосу садоқат ва самимияти зиёде, ки эшон ба мардуми тоҷик ва фарҳангу адаби он доранд ва ба ниятҳои неке, ки ба мардуми тоҷик ва таҳкими равобиту ҳамкории ҳамзабонону ҳамдилон изҳор намудаанд, арзи ташаккур ва сипоси фаровон намоем.

Ин чанд мулоҳизоте, ки аз мутолиаи девон пайдо шуд ва рӯйи коғаз омад, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши кори муҳиммеро, ки фозили гиромӣ Эраҷи Гулисурхӣ анҷом додаанд, коҳиш намедиҳад ва фақат бо нияти такмили кори азиме, ки шурӯъ кардаанд, баён мешавад ва умед аст, ки дар нашрҳои баъдинаи девони Камоли Хуҷандӣ матни боз ҳам мукаммалтару саҳеҳтари ашъори шоирро дар ихтиёр хоҳем дошт.

**Соли 1996**

## ПАЙНАВИШТ

[1] Бо ҳамкории Бадриддин Мақсудов навишта шудааст.

[2] Тақризҳо ба чопи Табрез аз Эраҷи Афшор дар маҷаллаи «Роҳнамои китоб», шумораи аввали соли дуввум, 1338; ба чопи Маскав аз Азизи Давлатободӣ дар маҷаллаи «Оянда», шумораи 10, соли 1361; ба чопи Душанбе аз Б. Мақсудов дар маҷаллаи «Садои Шарқ», шумораи 11 соли 1998.

[3] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, ба эҳтимоми Гулисурхӣ, Теҳрон, «Суруш», ҷилди аввал, 1374, саҳ. 88.

[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 12.

[5] Блошер Е. Феҳрасти дастхатҳои Китобхонаи миллии Париж, солҳои 1905-1912, с. 456.

[6] Григорев В.В. О местоположении Сарая – столицы Золотой Орды. Россия и Азия. – СПб., 1876, с. 113.

[7] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, нашри Эраҷи Гулисурхӣ, саҳ. 68.

[8] Ҳидоят. «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо, ҷ. 2, Теҳрон, 1340, - саҳ. 1209.

[9] Аз ҷумла ниг.: А. Афсаҳзод. Камоли Хуҷандӣ, Д. 1976, С. Асадуллоев. Ном, лақаб, кунияи Камоли Хуҷандӣ, рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», 30.09.1989, Б. Мақсудов. Назаре ба зиндагиномаи Камоли Хуҷандӣ. Маҷ. «Адаб», № 11-12, 1993; Д. С. Комиссаров. Садек Хедаят – потомок Камола Худжанди. Сб. Пути развития новой и новейшей персидской литературы, М.,1982; Б. Мақсудов. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ, Д., 1994.

[10] Мутаассифона, он тазкиранавсион нишон дода нашудаанд.

[11] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, чопи Гулисурхӣ, саҳ. 77.

[12] Ҳамон ҷо, саҳ. 78.

[13] Ниг.: Фарҳанги форсии Муин, Фарҳанги Амид.

[1] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, чопи Гулисурхӣ, саҳ. 485.

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 508.

[14] Муҳаммад Алии Тарбият. Донишмандони Озарбойҷон, Теҳрон, 1314, саҳ. 142.

[15] Муқаддимаи Азизи Давлатободӣ бар девони Камоли Хуҷандӣ, Табрез, 1337, саҳ. чаҳордаҳ.

[16] Ҳусейнқулихони_ Азимободӣ. «Ништари ишқ», захираи дастнависҳои ИШ АИ Ӯзбекистон, нусхаи шумораи 2096, саҳ. 539.

[17]Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, чопи Гулисурхӣ, саҳ. 748, 767, 1068, 1151, 1157, 1166.

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 56.

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 60.

[20] Дар нашри Гулисурхӣ «беҳ» сабт шудааст, ки матлабро дуруст ифода намекунад. Ҳадафи Камол ин ҷо лутфи шоирона аст, ки «маҳ» ба туркӣ «ой» мешавад.

[21] Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, чопи Гулисурхӣ, саҳ. 77.

[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 33.

[23] Ҳамон ҷо, саҳ. 345, 387, 737, 766.

[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 678.

[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 166.

[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 967.

[28] Девони Камолиддини Масъуди Хуҷандӣ, бо эҳтимоми К. Шедфар, Маскав, ҷ. 1, с. 1975, саҳ. 92.

[29]Девони Шайх Камоли Хуҷандӣ, чопи Гулисурхӣ, саҳ. 1213, 746, 101

[30] Ҳамон ҷо, саҳ. 345, 522, 399, 1155, 270, 934, 445, 567, 660, 713, 719, 721, 177, 301, 196, 202, 487, 860, 274, 807, 852, 592, 207, 591, 348, 659, 813, 373.

[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 766, 1237, 586, 605.

[32]Ҳамон ҷо, саҳ. 317, 841, 16, 1045, 815, 823, 874, 882, 898, 1060, 1076, 1161, 917, 955, 793, 515, 590, 271, 272, 499, 215.

[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 51, 790, 828, 817, 823, 853, 955.

[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 211, 532, 588, 567, 575, 741, 446, 766, 790, 844.

# Шиносномаи судманди адабӣ

Адабиёт ва фарҳанги бостонии эрониён ва тоҷикон, ки аз як сарчашмаи бузург об мехӯрад, аз дидгоҳи таҳқиқӣ ду шохаи рӯдхонаи бузургеро мемонад, ки бар асари ҳаводиси рӯзгор аз ҳам ҷудо гашта, вале ҳеҷ гоҳ бегонаву дур аз якдигар набудаанд ва робитаҳои худро ба василаи ҷӯю наҳрҳо нигоҳ доштаанд. Он садди ҷудоиафкане, ки дар асри 16 тавассути сиёсатҳои мазҳабии давлатҳои сафавиву шайбонӣ пайрезӣ шуда, дар ибтидои қарни 20 бар асари ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва ба рӯи кор омадани абарқудратҳои тоза истеҳком ёфта буд, пас аз гусехта шудани низоми сиёсии шӯравӣ рахна пайдо кард ва мӯҷиби наздикии он шохаҳои адабиву фарҳангӣ гардид.

Дар солҳои охир барои устувортар гардидани равобити адабиву ҳунарӣ ва илмиву фарҳангии Эрону Тоҷикистон корҳои зиёде сурат гирифтааст, ки бегумон яке аз муҳимтарини онҳо нашри «Донишномаи адаби форсӣ» мебошад, ки Муассисаи фарҳангиву интишоротии Донишнома бо ҳамкориву муованати умури фарҳангии Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон зери сарпарастии донишманди варзида Ҳасани Анӯша ба амал омадааст.

Ҷилди аввали ин китоби бузург, ки беш аз ҳазор сафҳаро дар бар мегирад, ба адабиёту фарҳанги форсизабонони Осиёи Марказӣ, яъне тоҷикон бахшида шудааст. Дар анҷоми ин кори бисёр тавонфарсо ҳайати калоне аз муаллифон шомили 55 донишманди эронӣ, покистонӣ ва тоҷикистонӣ ширкат варзидаанд.

Дар пешгуфтори Донишнома аз саргузашти забони форсии дарӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, аз густариши васеи ҷуғрофии ин забон дар асрҳои гузашта, ки кишварҳои зиёдеро фаро мегирифт, аз сахтиҳову мушкилот, пастиву баландиҳо, гармиву сардиҳое, ки дар тӯли беш аз ҳазор сол ин забони шеъру ирфон, илму фарҳанги Аҷам аз сар гузаронидааст, аз дуриву ҷудоиҳое, ки мардумони форсизабон бар асари марзбандиҳои сисӣ ба вуҷуд омадааст, сухан меравад. Аз ҷумла дар он аҳамияту арзиш ва мақоми волои забони форсии дарӣ таъкид шудааст, ки воқеан «пас аз забони арабӣ дуввумин забони фарҳангии ҷаҳони ислом аст ва пас аз забони арабӣ ба ҳеҷ забоне ба андозаи забони форсӣ китоб навишта нашудааст» (саҳ. 11). Бо ин забон шоҳкориҳои назму наср амсоли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Донишнома»-и Ибни Сино, «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ, «Аттафиҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ, Рубоиёти Умари Хайём, Ғазалиёти Ҳофиз, «Хамса»-и Низомӣ, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, «Маснавии маънавӣ»-ю «Девони Шамси Табрезӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ, «Ирфон»-и Бедил, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и

Аҳмади Дониш ва даҳҳо осори безаволи дигар офарида шудаанд, ки ганҷинаи илму адаби ҷаҳониро ғанӣ гардонидаанд.

Дарвоқеъ «забони дарӣ мероси муштараки камобеш сад миллион мардумест, ки имрӯз дар канораҳои бохтарии Эрон то Хуталону дурдастҳои Бадахшон бад-он сухан мегӯянд» (саҳ 17). Бинобар ин вақти он расидааст, ки иртиботи соҳибони ин забон ва адабиёту фарҳанги онон беш аз пеш қавитар гардад, то битавонанд аз дастовардҳои ҳамдигар барои пешрафти фарҳанги бостонии муштарак бештар баҳраманд шаванд. Дар ин замина ҳамкории илмиву фарҳангии донишмандону адибони кишварҳои форсизабон, нашри осори гузаштаву имрӯза, бахусус таҳияву интишори осори ҷомеъ ва доиратулмаорифҳои муштарак хеле судманданд, ки «Донишномаи адаби форсӣ» намунаи барҷастаи онҳост.

То ҷое, ки нигорандаи ин сатрҳо медонад, «Донишномаи адаби форсӣ» аввалин иқдом дар Эрон барои эҷоди як асари ҷомеъ дар бораи адаби форсӣ аз замонҳои дур то имрӯз дар яке аз ҳавзаҳои асосии фарҳанги Эронзамини бостонӣ мебошад. Мафҳуми «адаб» дар ин китоб ба маънии васеъ истифода шуда, ҷанбаҳои гуногуни фарҳанг ва қабл аз ҳама адабиётро фаро мегирад.

Аз пешинаи таърихӣ бармеояд, ки фарҳанги мардумони эронинажод аз замонҳои қадим то қарни 16 муштарак буда, роҷеъ ба фарҳангу осори адабӣ ва адибони ин давраи тӯлонӣ таҳқиқоти зиёде анҷом гирифта, дар ин замина доиратулмаорифҳои гуногун маълумоти фаровон медиҳанд. Вале бо вуҷуди ин муаллифон ва мураттибони "Донишномаи адаби форсӣ" аз онҳо сарфи назар накардаанд, ки дуруст ва мантиқӣ ба назар мерасад. Аз ин ҷост, ки дар "Донишнома" дар хусуси Авастову муҳтавиёти он, қаҳрамонони асотири қадим, ёдгориҳои Эрони бостон, муҳимтарин падидаҳои фарҳангии асрҳои миёна, сабкҳои адабӣ, адибону донишмандони маъруфи қарнҳои 10-15, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр зиндагӣ карда осоре падид овардаанд ва масоили дигари марбут ба адабиёту фарҳанги он даврон ба қалам омадааст.

Мақолоте, ки ба адабиёту фарҳанги қарнҳои 17-20 бахшида шудаанд, шомили арзишҳои баланду хос мебошанд. Зеро адабиёти ин давраи Хуросону Мовароуннаҳр, ки чун шохае ҷудогона бар густураи фарҳанги Эронзамин ва албатта, бо масире хос идома ёфта, таваҷҷӯҳи ховаршиносону эроншиносонро камтар ба худ ҷалб намудааст ва маълумот роҷеъ ба ин давра хеле кам аст. Вале хушбахтона, донишмандони Тоҷикистон ба адабиёту фарҳанги давраи мазкур дар чил соли охир таваҷҷӯҳи зиёд карда, таҳқиқоти фаровон намуда, осори ҷолиби илмӣ офаридаанд.

Аз ҷумлаи ин осори арзишманд "Энсиклопедияи советии тоҷик" дар ҳашт ҷилд ва "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик"-ро бояд ном бурд, ки дар се муҷаллад фароҳам омада ва то кунун ду ҷилди он интишор ёфтааст ва фишурдаи таҳқиқоти донишмадони тоҷикро фаро мегирад ва боиси хушҳолист, ки муаллифони "Донишнома" аз ин китобҳои ҷомеъ ва осори дигари донишмандони тоҷик хеле хуб истифода кардаанд.

Бозгӯии ҳамаи фазилатҳои китоби бузурге чун «Донишномаи адаби форсӣ» дар як мақола бисёр душвор аст, бинобар ин танҳо бо ишора ба чанд вежагии он, ки ба қавли донишманди маъруфи тоҷик академик Муҳаммадҷон Шакурӣ «як рӯйдоди бисёр муҳим дар ҳаёти фарҳангии Эрони имрӯза аст», иктифо мешавад.

Яке аз муҳимтарин хусусиёти "Донишнома" ба назари мо ин аст, ки таърих ва вазъи кунунии адабиёт ва фарҳанги Хуросону Мовароуннаҳрро, ки аз замонҳои қадим то имрӯз аз конунҳои асосии фарҳангии мардумони эронинажод мебошанд, ба таври куллӣ ҷамъбандӣ менамояд ва шиносномаи он конуни фарҳангиро ба хонандагони эронӣ ироа медиҳад.

Аксари адибону донишмандоне, ки дар садаҳои 17-20 дар Осиёи Марказӣ по ба арсаи вуҷуд гузоштаанд ва осори адабиву илмие, ки ин бузургон ба забони форсии тоҷикӣ офаридаанд ва Донишнома онҳоро хеле хуб муаррифӣ кардааст, барои хонандагони эронӣ комилан ношинохта ҳастанд ва метавон гуфт, ки бисёре аз ин хонандагон шояд номи онҳоро ҳам нашунида бошанд.

Дар "Донишнома" як зумра манобеъи таърихиву адабӣ – фарҳангномаҳо тавзеҳ ёфтаанд, ки арзиши хеле зиёд доранд. Зеро аз онҳо метавон барои таҳқиқоти муштараки донишмандон чун манбаъҳои аслӣ баҳраманд шуд. Масалан, бархе аз тазкираҳо чун «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдуллои Кобулӣ ва даҳҳо тазкираи дигар, ки дар қарнҳои 17-20 дар Осиёи Марказӣ офарида шудаанд, то ҳол чоп нашудаанд ва вежагии онҳо то кунун бар донишмандони эронӣ ва дигар кишварҳо номаълум аст. Аксари ин тазкираҳо на танҳо манбаи пурбаҳои адабиёти Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд, балки роҷеъ ба адабиёти Эрон ва робитаҳои ҳавзаҳои гуногуни фарҳанги форсизабонон ҳам донистаниҳои хеле фаровон доранд.

Дар "Донишнома" ба масоили назарии адабиёт таваҷҷӯҳи зиёд дода шудааст. Аввалан аксари истилоҳоти арӯз, қофия, санъатҳои бадеӣ, анвои адабӣ ва амсоли инҳо тавзеҳ ёфтааст. Сониян як зумра истилоҳоти наве, ки дар асри 20 дар адабиёти тоҷик роиҷ гаштанд, амсоли очерк, фелетон, повест, роман, драма шарҳ дода шудаанд.

Мақолоти ҷамъастӣ аз қабили «Адабёти ҷадида», «Адабиёти даҳонакӣ», «Адабиёти шӯравии тоҷик» «Адабиёти омиёна», «Адабиёти форс-тоҷик», «Адабиёти форсӣ ва мусиқӣ», «Адабиёти кӯдакон ва навҷавонон», «Адабиёти маорифпарварӣ», «Шеъри ахлоқӣ» «Шеъри таълимӣ», «Шеъри ривоятӣ», «Шеъри ғиноӣ», «Шеършиносии классикии форсу тоҷик»... барои ҳосил кардани тасаввуроти умуми роҷеъ ба адабиёти тоҷик хеле судманданд.

Дар "Донишнома" теъдоди зиёде аз шоирон, нависандагон, адабиётшиносон, драмнависон, забоншиносон, кормандони синамову театри тоҷик ва дигар кормандони соҳаҳои ҳунар ва фарҳанг муаррифӣ шудаанд. Зимнан бояд гуфт, ки роҷеъ ба бисёр адибони ҷавоне, ки дар Донишнома зикре аз онҳо рафтааст, дар доиратулмаорифҳои чопи Тоҷикистон маълумоте дарҷ наёфтааст.

Адабиёт бидуни забон маънӣ надорад ва миёни ин ду пайванде ногусастанӣ аст. Аз ин ҷост, ки дар Донишнома ба масоили гуногуни забони форсии тоҷикӣ таваҷҷӯҳ шудааст ва аз чандин истилоҳи забоншиносӣ, фарҳангҳои гуногун, рисолаҳои забоншиносӣ ва ғайра сухан рафтааст.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар "Донишнома" тақрибан ҳамаи рӯзномаҳову маҷаллоти асосии Тоҷикистон аз аввалин то навтарини онҳо муаррифӣ гардида, дар бораи онҳо маълумоти муфассалу ҷолибе дода шудааст.

Ногуфта намонад, ки зумрае аз мақолоти "Донишнома" ҷанбаи амиқи таҳлиливу таҳқиқотӣ дошта, шомили бозёфтҳои зиёди адабӣ мебошанд, ки ин илова бар арзиши иттилоотӣ аҳамияти илмии китобро ҳам нишон медиҳад. Мақолаҳое, ки ба сувари хаёл, рамзу киноя, тасвири гиёҳ, парранда ва ҳайвонот дар шеър ва амсоли инҳо бахшида шудаанд, аз ҳамин қабиланд. Аз ҷумла илова бар шарҳи паррандаҳои ҷудогона таҳти унвони «Паррандагон дар адаби форсӣ» низ мақолае ҷой дода шудааст, ки хеле муфассал буда, ҳукми як рисолаи таҳқиқиро дорад (саҳ. 220-234) ва мушоҳидаву мулоҳизоти тозаро дар бар мегирад.

Бисёр хуб аст, ки дар "Донишнома" ба масъалаи иттилоърасонӣ, ки аз ҳадафҳои асосии ин қабил китобҳост, таваҷҷӯҳи зиёд шудааст. Масалан, дар мақолаи «Кунгура» дар бораи 60 конфронсу кунгура аз ҳамоишҳои бузурги илмии барпо шуда дар шаҳрҳои гуногуни Эрону Тоҷикистон иттилооти судманде дода шудааст. Ҳамчунин як зумра маҷмӯаи мақолот, ҳикояҳо, шеърҳо, ки дар солҳои гуногун дар Душанбе, Самарқанд, Бухоро чоп шудааст (амсоли «Гулдастаи Самарқанд», «Масъалаҳои филологияи тоҷик», «Масъалаҳои муҳимтарини филологияи эронӣ», «Масъалаҳои адабиёт ва фолклори тоҷик», «Васлгари дилҳо», «Барги сабз», «Паймон», «Навниҳолони боғи адабиёт»…) тавзеҳ ёфтаанд.

Кори хуби дигаре, ки дар ин китоб анҷом ёфтааст, овонигории унвони мақолаҳо ва номи ашхос, макон ва истилоҳоти дигар бо ҳуруфи лотинӣ аст, ки барои дуруст талаффуз кардани онҳо мадад мерасонад.

Бо арзи сипоси фаровон ба донишманди фарзона Ҳасани Анӯша, ки бо талошу заҳматҳои зиёд ва сарпарастии ӯ ин кори хеле муҳимми фарҳангӣ иҷро мешавад, ба тақозои эшон, ки фармудаанд, «барои ин ки ин китоб аз он чи ҳаст судмандтар афтад ва огоҳиҳое, ки медиҳад, рӯзомадтар бошад, бар нависандагон, шоирон ва адабшиносон аст, ки моро дар роҳе, ки пеш гирифтаем, ёрӣ диҳанд ва агар дар ҷоҳое, ки ба бероҳа рафтаем, бо дилсӯзӣ ба роҳ бозоваранд», мо низ ҷиҳати такмилу тасҳеҳи ҳар чи бештари ин китоби хеле муҳими муфид мулоҳизоти худро баён менамоем.

Дар шарҳи масъалаҳои умумиву назариявии адабиёт аксаран мисолҳо аз адабиёти муосири Эрон ё аврупоӣ нақл мешавад, ки хуб аст. Вале баъзе мақолаҳо танҳо бо маводи адабиёти муосири Эрон маҳдуд шудааст. Масалан дар мақолаи «Шеъри мансур» аз адабиёти тоҷик мисоле зикр нашудааст ва хонанда огоҳ намешавад, ки ин падида дар адабиёти тоҷик вуҷуд дорад ё на. Чунин ҳолатро дар мақолаи «Нақди

адабӣ» ҳам метавон мушоҳида кард, ки дар он аз вазъи нақди адабии тоҷик сухане нарафтааст.

Дар мақолаи муфассали «Лолойӣ» аз муродифҳои англисиву туркии он баҳс рафтааст, вале аз муродифи тоҷикии он «Алла» ёде нашудааст. Ба назари мо аввалан дар ин мақола бояд сухан бештар аз аллаи тоҷикӣ, яъне лолойии мардуми Осиёи Марказӣ, ки ҳадафи "Донишнома" аст, мерафт. Сониян лолойии форсиро «баргирифта аз вожаи туркии лала» донистан дуруст нест. Зеро чунон ки худи муаллиф дар аввали мақола дуруст навиштааст, вожаҳои мазкур «аз исмҳо ва феълҳое ҳастанд, ки аз асвоти муштарак дар ақвоми мухталиф барои баёни мақосид яксон сохта шудаанд» (саҳ. 744).

Дар мақолаи муфассали «Филмнома» ҳам асосан аз филмномаҳои эронӣ баҳс шуда танҳо дар як ҷумлаи охир ба филмномаҳое, ки дар Тоҷикистон сохта шудаанд, ишорате рафтааст. Ба назари мо хуб мешуд, ки ҳангоми навиштани чунин мақолаҳо аввалан аз маводи фарҳангии баррасишаванда (дар ҷилди ҳозир фарҳанги тоҷик) бештар истифода гардад. Сониян таҳқиқоте, ки дар ин замина анҷом ёфтааст, мавриди истифода қарор гирад. Масалан, дар мақолаҳое, ки ар хусуси гиёҳҳо ва паррандагон дар шеър сухан меравад, аз адабиёти муосири тоҷик мисоле ба назар намерасад. Ҳол он ки илова бар маводи фаровон дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти зиёде ҳам анҷом ёфтааст. Аз ҷумла донишманди маъруфи тоҷик академик Раҷаб Амонов роҷеъ ба рамзҳои адабӣ дар фолклори тоҷик рисолаҳо навишта бозёфтҳои ҷолибе а даст овардааст, ки истифода аз онҳо ҷанбаи илмӣ ва қиёсии мақолаҳои мазкурро тақвият медод. Зимнан бояд гуфт, ки равиши қиёсиву татбиқӣ дар мақолаҳои "Донишнома" хеле кам ба кор рафтааст.

Дар "Донишнома" як зумра китобҳои маъруф ҳам мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Аз ҷумла роҷеъ ба «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ маълумот дарҷ шудааст. Вале дар бораи маҷмӯаҳои ҳикоёти омиёна, ки таҳти унвони «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» ё «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» машҳуранд ва нусхаҳои хаттиву чопии онҳо фаровон аст, зикре нарафтааст. Асари дигари насри омиёна, ки дар Мовароуннаҳр то имрӯз шӯҳрати зиёд дорад, китоби «Чор дарвеш» аст, ки борҳо чоп шудааст. Вале дар Донишнома роҷеъ ба он мақолае ба назар намерасад. Ҳамчунин аз «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ, «Беҳрӯзу Баҳром»-и Камолиддин Биноӣ ва аз осори нависандагони муосири тоҷик «Тори анкабут»-и Ҷалол Икромӣ, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, «Тобистон»-и Пӯлод Толис ва амсоли инҳо ёде нашудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми донишномаҳо саҳеҳ будани рақаму далелҳо ва якнавохтии мафҳуми унвонҳои гуногун мебошад, ки хушбахтона дар китоби ҳозир асосан муроот шудааст. Вале баъзе норасоиҳо ҳанӯз ҳам ба назар мерасад. Дар зимни тавзеҳи маҷаллаи «Мактаби советӣ» таъйид шудааст, ки маҷалла аз соли 1991 «бо номи «Адаб» мунташир мешавад» (саҳ. 814). Вале маҷалаи «Адаб» тозабунёд буда, «Мактаби советӣ» бо унвони «Маърифат» нашр мешавад. Соли таваллуди Садри Зиё ба ҷои 1867 соли 1887 сабт шудааст.

Адабиётшиноси тоҷик Худоназар Асозода сирфан нависанда муаррифӣ шудааст.

Дар навишти унвони баъзе муассисаҳои илмии Шӯравии собиқ якрангӣ ба назар намерасад. Аз ҷумла Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ (бахши Ленинград) ба тарзи Академии улуми Ленинград ва Академии фунуни русӣ, Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Ӯзбакистон ба тарзи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Тошканди Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбакистон навишта шудааст.

Қабл аз он ки ба тавзеҳи шоирону нависандагон назар андозем, зикри ин нукта зарур аст, ки дар Донишнома баъзе адибон бо номҳои гуногун сабт шудаанд. Анисӣ ва Анисии Самарқандӣ, Насимии Самарқандӣ ва Насими Маҳрам, ҳар ду Маҳрумии Бухороӣ, Маҷнуни Дарвозӣ ва Маҷнуни Бадахшонӣ якчанд, ки мукаррараран тавзеҳ ёфтаанд. Дар ду мақола дар бораи Баҳроми Бухороӣ сухан рафтааст. Азбаски муаллифони мақолаҳо гуногунанд, дар назари аввал шарҳи ҳоли шоирон мутафовит менамояд,  вале агар тааммули бештар шавад, шабоҳатро дар шарҳи ҳоли онҳо метавон мушоҳида кард. Аз ҷумла ҳар ду ҳам дар як давр зиндагӣ карда, соҳибдевон мебошанд. Чунин ҳолатро метавон дар шарҳи ҳоли Баёнии Хатойӣ ва Баёнии Хоразмӣ  ҳам мушоҳида кард. Шарҳи ҳоли адабиётшиноси муосири тоҷик Аҳмад Абдуллоев (саҳ. 559) дар ҷои игар бо номи Абдулло Аҳмад (саҳ. 597) такрор шудааст…

Ба монанди донишномаҳои дигар қисмати умдаи ин китобро шарҳи ҳоли ашхос ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар он аз шоирон, нависандагон, адабиётшиносон, хушнависон, рассомон, донишмандони соҳаҳои мухталиф ва дигар намояндагони аҳли илму адаб ва ҳунар хеле фаровон ёд шудааст. Вале дар пешгуфтор меъёри интихоби ин ашхос таъйин нашудааст. Аз ин ҷост, ки масалан дар радифи адибони маъруф шарҳи ҳоли адибоне ҳам дода шудааст, ки аз онҳо ба миқдори хеле кам осор боқӣ мондааст ва ё ҳанӯз гомҳои нахустинро ба майдони адабиёт мегузоранд. Вале бисёр адибоне, ки осори фаровон доранд ё соҳибдевонанд, дар сафаҳоти "Донишнома" ҷой наёфтаанд.

Мо ҳоло бидуни тавзеҳ асомии баъзе аз он адибонеро, ки соҳиби девону осори фаровон будаанд, ё дар тазкираҳо ба осори ками онҳо баҳои баланд дода шудааст, ё чанд маҷмӯаи осор интишор додаанд, вале дар Донишнома ҷои онҳо холист, ёдовар мешавем ба умеди он ки дар чопҳои баъд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гиранд. Адибони мазкурро мо ба ду гурӯҳ ҷудо карда, фақат ба асре, ки зиндагӣ кардаанд, ишора менамоем:

1.Адибони асрҳои 16-19: Камолиддин Биноӣ (16), Улфатии Бухороӣ (17), Улфатии Хуҷандӣ (19), Тоҷуддавла (19), Турсуни Фароизӣ (17), Собити Бадахшонӣ (18), Собиқи Бухороӣ (19), Ҷунайдулло Ҳозиқ (18), Иброҳим Ҷуръат (18-19), Чокарии Бухороӣ (16), Ҳозири Самарқандӣ (16), Ҳолатии Насафӣ (17), Ҳабибӣ (19), Ҳиҷоб (16), Ҳасрат (18), Хокӣ (19), Хоиф (18), Хиҷлат (19), Хуррамии Самарқандӣ (16), Хуррамии Ҳисорӣ (16), Хуррамии Бухороӣ (17), Халили Бухороӣ (17), Ҳотифи Хуҷандӣ (19), Хофӣ (18), Холӣ (19), Холиди Самарқандӣ (16), Ховарӣ

(16), Хомил (19), Хиргоҳии Ҳисорӣ (17), Шодоби Хуҷандӣ (17), Шоҳиди Истаравшанӣ (19), Шоиқ (19), Шоҳиди Самарқандӣ (17), Шамим (17), Шамси Уротеппагӣ (16), Шӯхии Бухороӣ (16), Шӯҳрати Оҳангаронӣ (16), Шаҳдӣ (16), Шаҳдии Истаравшанӣ (19), Шайдои Балхӣ (14), Шайдои Хуҷандӣ (17), Шерзода Ноил (19), Садри Сарир (19), Субҳии Намангонӣ (19), Толеии Самарқандӣ (16), Тоҳири Бухороӣ (16), Тарзии Самарқандӣ (16), Узрии Ҳисорӣ (16), Ғофил (19), Ғубор (17), Ғабро (19), Ғармӣ (17), Ғайратӣ (16), Ғаюрии Ҳисорӣ (16), Фориғи Ҳисорӣ (18), Фориғи Бадахшонӣ (17), Фозили Андиҷонӣ (16), Фозили Ҷӯйборӣ (19), Фоизӣ (19), Фонии Бухороӣ (16), Фоиқи Бухороӣ (19), Фатҳии Андиҷонӣ (16), Фатҳии Бухороӣ (16), Фахрии Румонӣ (19), Фурӯғии Самарқандӣ (14), Фитрати Бухороӣ (19), Фано (19), Файзии Косонӣ (16), Қатлии Бухороӣ (16), Қатилии Миёнколӣ (16), Қанбархон (19), Азизбек Ҳаҷрӣ (18), Ҳаҷрии Бухороӣ (16), Яҳёхоҷаи Бухороӣ (19), Юсуф Вафо (19).

2. Адибони асри 20: Аҳмадшо Маҳмадшо, Аҳмадҷон Раҳматзод, Асадулло Саъдулло, Юсуф Аҳмадзода, Акбар Абдулло, Одина Мирак, Одина Азимӣ, Ҳоҷӣ Мурод, Равшан Ёрмуҳаммад, Раҳмон Сафар, Ҳайрат Шанбезода, Озарахш, Саттор Шокирзода, Салими Хатлонӣ, Зариф Ибод, Раъногул Хоҷаева, Неъмат Додобоев, Абдулғаффор Партав, Баҳром Шермуҳаммадов, Ҷумъабой Азизқулов, Маъруф Раҷабӣ, Азим Аминов, Усмон Назир, Мансур Сурӯш, Абдуманнон Насриддин, Аламхон Кучаров, Муҳиб Қурбон, Назри Яздон, Холмурод Шарифов, Усмон Олим, Олимхон Исматӣ, Маҳкам Пӯлод, Шодӣ Солеҳ, Саид Абдулло, Абдулвайс Азиз, Ато Мирхоҷа, Абдулқодир Раҳим, Ҳабиб Имодӣ, Ғайрат Ҳаким, Усмон Шарифзода, Латофат, Меҳринисо, Маҷид Салим, Насим Раҷаб, Ҳабибулло Нозирӣ, Муҳаммад Субҳон, Субҳон Тӯйғун, Хосият Ваизода, Файз Сафар, Нуруллоҳ Абдуллоҳ, Нурулло Тиллозода, Азизи Азиз, Сайидаҳмади Зардон…

Илова бар ин дар бораи баъзе адибон шарҳи хеле кам дода шудааст. Масалан роҷеъ ба Имлои Бухороӣ ба зикри он иктифо шудааст, ки аз ӯ панҷ нусхаи девон дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Фарҳангистони улуми Ӯзбакистон, як нусха дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Петербург маҳфуз аст. Вале аз нусхаҳои хеле зиёди девони ӯ, ки дар китобхонаҳои Тоҷикистон мавҷуд аст, ёд нашудааст. Дар бораи аҳволу осори шоир маълумоти дигаре сабт наёфтааст.

Дар таъйини мансубияти адибон низ баъзе норасоиҳо ба назар мерасад. Масалан Муҳаммадҷон Васфӣ дар Бухоро зода шуда дар Тошканд зиндагӣ кардааст, аммо дар "Донишнома" тоҷикистонӣ ба қалам дода шудааст. Азбаски имрӯз шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва Тошканд дар қаламрави Ӯзбекистон мебошанд, дар ин маврид «тоҷик» номидани адиби ёдшуда беҳтар ва саҳеҳтар буд. Мисли ҳамин Бону Ҳоҷиева, Бердӣ Ҳамроев зодаву парваридаи Самарқанд буда, дар Тоҷикистон зиндагӣ накардаанд, тоҷиканд, на тоҷикистонӣ. Ё худ дар зимни шарҳи ҳоли Хумулии Сармақандӣ дарҷ шудааст: «Шоири тоҷик. Дар асл ӯзбак буд» (саҳ. 373). Ба назари мо дар ин маврид шоири зуллисонайни ӯзбак номидан беҳтар буд.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар Донишнома илова бар адибони шинохтаи муосири тоҷик як зумра адибони ҷавоне, ки аввалан самараи илҳомоти худро чоп кардаанд ва ба қавле навниҳолони боғи адабиёт мебошанд, ҷой дода шудаанд. Шояд аз байни ин навниҳолон дарахтони пурсамар ба вуҷуд оянд. Вале алҳол ба ҷои онҳо адибонеро, ки чандин маҷмӯаи осор чоп кардаанд ва зикрашон рафт, ҷой додан беҳтар буд.

Дар "Донишнома" шарҳи ҳоли яу гурӯҳ адабиётшиносону сухансанҷоне, ки дар таҳқиқи адабиёт, забон, фарҳанги форсу тоҷик саҳми бузург гузоштаанд, оварда шудааст. Вале шояд ба сабаби дар дастрас набудани маводи шарҳиҳолӣ гурӯҳи дигаре, ки саҳми онҳо низ кам нест, вориди Донишнома нашудаанд, ки асомии чанде аз онҳоро зикр менамоем: Т. Неъматзода, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, У. Каримов, Т. Хаскашев, С. Саъдиев, С. Имронов, Қурбон Восеъ, У. Тоҳиров, Рӯзӣ Аҳмадов, С. Ҳалимов, М. Муҳаммадиев, Б. Сиёев, А. Мирзоев, Р. Обидов, М. Аҳмадов, Н. Сайфиев, А. Алимардонов, А. Ҷонфидо, Ҷ. Додалишоев, Шокир Мухтор, Сафар Сулаймонӣ, М. Файзов ва дигарон.

Дар "Донишнома" ҳамчунин ному нишони як идда аз ховаршиносони маъруфи русу шӯравӣ, ки дар таҳқиқи фарҳанги мардуми тоҷик ва умуман эрониён заҳмати зиёде кашидаанд, ворид гардидааст. Вале гурӯҳе аз эроншиносони шинохта аз қабили Д. Комиссаров, З. Ворожейкина, В.Б. Никитина, А. Тоҳирҷонов, Н.И.Пригарина, Ҷ. Дуррӣ аз ёд рафтаанд.

Ба назари мо хуб мешуд, ки дар нашрҳоиояндаи Донишнома оид ба **сафарнома** чун як навъи роиҷи адабӣ, **матншиносӣ**, ки аз соҳаҳои пешрафтаи илми тоҷик аст, **шарҳнависӣ** ва ҳунари **хаттотӣ**, ки дар Осиёи Миёна таъриху суннатҳои ғанӣ доранд, мақолаҳои ҷудогона бахшида шаванд.

Дар пешгуфтори "Донишнома", он ҷо ки дар хусуси пайдоиш ва интишори забони форсӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр сухан рафтааст, изҳори назар шудааст, ки забони форсиро ба ин ҷо арабҳо тавассути маволии форс овардаанд. Бояд гуфт, ки ин андешаи носаҳеҳро эроншиносони аврупоӣ баён карда буданд, ки донишмандони маъруф Маликушшуаро Баҳор, Саид Нафисӣ, А. Мирзоев, Е. Бертелс, А. Болдирев бо далелҳои қотеъ рад карда буданд ва дар ин ҷо такрори он сухан ба дарозо хоҳад кашонид. Бо ин ҳол нуктаеро бояд тазаккур дод, ки забони форсии дарӣ то вуҷуди арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр дар ин хитта вуҷуд доштааст. Далелҳои зиёди таърихӣ ба он шаҳодат медиҳанд, ки ишора ба шеъри маъруфи мардуми Балх дар истеҳзои истилогарони араб пас аз шикаст дар Хатлон кофист.

Дар корбурди истилоҳоти бадеъ, арӯз, қофия, маонӣ, баён ва амсоли нҳо миёни гӯишҳои форсии Эрон ва тоҷикии Осиёи Марказӣ тафовуте ба назар намерасад. Вале чунин ҳамгуниву ҳамсонӣ дар истилоҳоти забоншиносӣ камтар мушоҳида мешавад. Бинобар ин дар "Донишнома" ба тарзи татбиқиву қиёсӣ шарҳ додани истилоҳоти мутафовити забоншиносӣ беҳтар буд. Масалан бун (асос), буни мозӣ (асоси замони гузашта), сомит (ҳамсадо), мусавват (садонок), замир

(ҷонишин). Зимнан бояд тазакур дод, чунон ки дар "Донишнома" омадааст, дар забони форсии Эрон «замир ба панҷ даста тақсим мешавад» (саҳ. 575). Вале дар забони тоҷикӣ ҷонишин ба ҳашт гурӯҳ ҷудо мешавад. Равиши қиёсӣ барои вожагузинӣ ва якнавохт сохтани истилоҳот, ки ҳар ду забон ниёз доранд, метавонад судманд бошад. Барои мисол дар забони тоҷикӣ ба ҷои «ҳарф» аз муродифи он пайвандак истифода мешавад ва истилоҳи «ҳарф» дар савтиёт ба маънии дигар корбурд дорад. Рӯиҳамафтода роиҷ кардани истилоҳи «пайвандак» холӣ аз манфиат нест.

Хеле хуб аст, ки дар поёни пешгуфтор барои суҳулати кор «Роҳнамои овонигорӣ» дода таъкид шудааст, ки он ҷадвал бар пояи «талаффузи эронӣ» танзим гардидааст. Вале ба назари мо шоистатар мебуд, агар ҷанбаи таърихӣ ва талаффузи имрӯзаи тоҷикӣ низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирифт. Масалан барои сомитҳои ғ ва қ, ки ҳарфҳои ҷудогона ва мустақиланд, бар асоси талаффузи кунунии мардуми Эрон як овои q интихоб шудааст. Вале дар забони тоҷикӣ ин ду ҳарф овозҳои қадимии худро ҳифз кардаанд ва ба таври мухталиф талаффуз мешаванд. Бинобар ин ба назари мо қ бо q ва ғ бо gh навишта шавад, беҳтар аст.

Чун дар "Донишнома" масъалаҳои забони форсиву тоҷикӣ хеле васеъ матраҳ шудааст, бад нест, ки дар нашри оянда номи китоб ба «Донишномаи забон ва адаби форсӣ» тағйир дода шавад.

Дар поёни сухан бояд тазаккур дод, ки «Донишномаи адаби форсӣ» дарвоқеъ на танҳо миллионҳо форсизабононро ба фарҳанги ғании тоҷикон ошно месозад, балки риштаҳои гусастаи фарҳангу адаби Хуросону Мовароуннаҳру Форсро ба ҳам пайваста, ба пешрафту ваҳдати фарҳанги форсизабонони саросари ҷаҳон мадади зиёд мерасонад.

**Соли 1998**

# Бо нигоҳи дӯстӣ

Сафарноманависӣ падидаи таърихиву адабиест, ки дар фарҳанги бостонии Шарқ ва аз ҷумла Эрон собиқа ва суннатҳои ғаниву рангин дорад. Аз "Сафарнома"-и Носири Хусрав то "Туҳафи аҳли Бухоро"-и Мирзо Сироҷи Ҳаким даҳҳо сафарномаву саёҳатномаҳо офарида шудаанд, ки то имрӯз арзиши илмиву таърихӣ ва адабиву маърифатии худро гум накардаанд.

Бо ин ки дар замони мо расонаҳои умумӣ хеле фаровонанд ва чун кинову радиову телевизион василаҳои муқтадири иттилоотӣ мавҷуданд, сафарнома арзишу мақоми худро дар тамаддуни олам ва ба хусус дар фарҳанги форсизабонон аз даст нādодааст. Сафарномае, ки бо шавқи дилу хулуси ният, талоши ақлу хурӯши эҳсос офарида шудааст, на камтар аз рисолаи илмиву романи таърихӣ арзиш дорад ва мавриди писанди хонандаи соҳибзавқ қарор мегирад

Китоби донишмандони шинохтаи эронӣ Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ ва Маҳдии Сайидӣ "Аз Ҷайҳун то Вахш: Гузориши сафар ба Мовароуннаҳр" аз зумраи ҳамин гуна сафарномаҳост, ки чанде пеш дар Остони қудси Разавии Машҳад ба табъ расидааст. Сафарнома таассуроти сафари гурӯҳи панҷнафарии донишмандони эрониро, ки бо ҳадафи шиносоӣ бо шаҳрҳои бостонии Ӯзбекистону Тоҷикистон дар зимистони соли 1354 ҳ. дар тӯли 24 рӯз (аз 11 феврал то 6 марти соли 1996) анҷом ёфтааст, дар бар мегирад. Сафар дар замоне сурат гирифтааст, ки кишварҳои тоза истиқлол ба дастовардаи Осиёи Миёна дар вазъи бӯҳрони шадиди иқтисодӣ қарор доштанд. Ҳамчунин дар он ҷойҳо барфи зиёде борида, сармои сахт ҳукмрон буд. Вале инҳо ва чанд мушкилоти дигар, ки мусофирон дар зимни сафар мувоҷеҳ шуданд, натавонистанд шавқу меҳри саршори муаллифони китобро ба ин сарзамини таърихӣ ва мардуми меҳмоннавози он коҳиш диҳанд. Муаллифони сафарнома ба рағми ҳама душвориҳо ба ҳадафи худ ноил гардида, аз сафар таассуроти хубу судманд бардоштаанд ва онро бо дилгармиву меҳри саршор ба қалам додаанд.

Сафари гурӯҳ аз шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Бухоро шурӯъ шуда, сипас дар шаҳру навоҳии Хуҷанд, Душанбе ва Кӯлоби Тоҷикистон идома меёбад. Дар ҳама ҷо таваҷҷӯҳи донишмандони эрониро, қабл аз ҳама ёдгориҳои барҷастаи таърихиву фарҳангӣ, марказҳои илмиву таълимӣ, ҳафриётҳои бостоншиносӣ, музею китобхонаҳо ва амсоли инҳо ҷалб намудаанд. Дар зимни тасвири ёдгориҳои таърихиву фарҳангии шаҳрҳои бостонӣ муаллифон саъй кардаанд, ки роҷеъ ба пайдоиши онҳо, санаи сохтмону бунёдкоронашон маълумоти бештареро манзури хонандагон намоянд. Ҳамчунин дар ин мавридҳо аз ахбороти манобеъу сарчашмаҳои мӯътамади таърихиву ҷуғрофиёӣ хеле моҳирона истифода шудааст. Масалан, дар зимни тасвири Тошканд ба номи таърихии он Чоч ишора шуда, маълумоти "Аҳсануттақосим"-и Муқаддасӣ, "Нуҳзатулқулуб"-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, "Зароифу тароиф"-и Бовил

сабт мегардад. Дар тасвири масҷиди Бибӣ Хонум, Маҷмӯаи Шоҳи зинда, Гӯри Мир аз маълумоти "Сафарнома"-и Ибни Батута, "Самария"-и Абӯтоҳири Самарқандӣ ва амсоли инҳо истифода шудааст. Вақте сухан аз меҳмоннавозии мардум меравад, муаллифони сафарнома аз "Масоликулмамолик"-и Истахрӣ иқтибос меоранд, ки аз фароҳдастиву меҳмондории мардуми Мовароуннаҳр дар замонҳои пешин ҳикоят мекунад. Дар зикри ёдгориҳои таърихии Бухоро низ ба маълумоти "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ, "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзӣ барин сарчашмаҳо истинод шудааст. Ин ҳама ҷанбаи таҳқиқӣ ва арзиши арзиши таърихии сафарномаро афзун намудааст. Воқеан бо ин хусусияташ сафарномаи мавриди назар аз саёҳатномаҳои дигар тафовут дорад.

Пайванди имрӯзу дирӯз дар саросари сафарнома аз ибтидо то интиҳо ба назар мерасад. Масалан, вақте муаллифон иттилоъ меёбанд, ки роҳбалади онҳо доктор Исмоил Бекҷонов аслан аз аҳли Ҳазораспи Хоразм аст, аз таърихи ин мавзеъ сухан ба миён оварда, аз ашъори шоирони аҳди Султон Санҷари Салчуқӣ, Анвариву Рашидии Ватвот дар бораи он намунаҳо нақл менамоянд.

Муаллифони сафарнома на танҳо аз манобеъи таърихӣ, балки аз осори муҳаққиқони асрҳои охир низ баҳра гирифтаанд. Аз ҷумла дар зимни тасвири расадхонаи Улуғбек пас аз зикри маълумоти "Самария"-и Абутоҳири Самарқандӣ дар бораи вазъи қаблии он аз хидматҳои донишмандони маъруфи рус В.Л. Вяткин ва В.А. Шишкин дар ҳафриёту барқарор кардани ин ёдгории муҳимми илмӣ ёд мешавад.

Дар поёни фасли "Зичи Улуғбек" ҳамчунин ишора мешавад, ки "Улуғбек дар Иттиҳоди Шӯравии коммунистӣ бузургтарин мунаҷҷими қуруни вусто ва "амири донишманде, ки тафаккури илмиро бар тафаккури динӣ тарҷеҳ медода" муаррифӣ мешавад. Русҳо чунин вонамуд мекунанд, ки яке аз илали кушта шуданаш бар дасти Мирзо Абдулатиф, фарзанди нохалафаш, ҳамин камэътиқодии ӯ ба дин будааст. Зеро муллоҳо ба ӯ чап афтода ва лобуд фарзандашро ба қатли ӯ барангехтаанд (Дар кишвари шӯроҳо, 275). Оё онҳо мехоҳанд Мирзо Улуғбек шаҳиди роҳи илм ва "галилейи Шарқ" қаламдод гардад? (саҳ. 81). Вале, мутаассифона, ба ин суол дар китоб посухе дода нашудааст ва ҳақиқати масъала барои хонандаи сафарнома ноаён мондааст. Ба назари мо хуб мешуд, ки муаллифон андешаи худро роҷеъ ба масъалаи мазкур баён мекарданд ва воқеиятро равшан менамуданд.

Сафари донишмандони эронӣ дар шароити хеле душвор дар сарзамине сурат гирифтааст, ки "дар ҳоли фурӯпошӣ ва интиқол аз як низоми иқтисодии баста ба як марҳила аз иқтисоди бамарзу валанг" қарор дошт. Аз ин ҷост, ки онҳо сахтиву ранҷҳо кашидаанд ва ҳатто дар роҳи байни Бухорову Каттақӯрғон дучори қотеъони тариқ гашта, "бештар аз шашсад ҳазор туман лавозиму амволро аз даст додаанд" (саҳ. 89). Бо ин ҳама онҳо сафари худро бо дилгармӣ идома дода, дар сафарнома таассуроташонро хушбинона қаламдод намудаанд.

Ҳарчанд дар он рӯзҳо дар Душанбе барфи зиёде борида, сармои сахте ҳукмрон будааст, меҳмонони эронӣ савораву пиёда ба марказҳои

гуногуни илмиву фарҳангӣ амсоли иттиҳодияи нависандагон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи осори хаттии АИ Тоҷикистон рафтаанд ва бо донишмандону адибони маъруфи тоҷик мулоқотҳо намудаанд. Боздид аз Ҳисору Кӯлоб ва ба хусус зиёрати оромгоҳи Сайид Алии Ҳамадонӣ ба меҳмонон таассуроти амиқ бахшидаанд.

Муаллифон дар тӯли сафари чандрӯзаи худ тавонистаанд аз корҳои шоиста ва хидматҳои аввалин сафири Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон ҷаноби Алиашраф Мучтаҳиди Шабистарӣ нисбат ба фарҳанги тоҷик огоҳ шуда, меҳру муҳаббати мардуми тоҷик ва ба хусус аҳли илму фарҳангро ба ӯ эҳсос намоянд. Вале дар зимни тасвири мулоқоташон бо масъули вақти Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Душанбе рамзомез сухан ронда, орзуи фаъол гаштани марказ ва беҳтар шудани муносибатҳои фарҳангии Эрону Тоҷикистонро кардаанд: "Орзу кардем ин дарҳо кушуда ва панҷараҳо боз шавад, бози боз... ва тафоҳуми ройзани мо бо сафирамон бар сари фаҳми фарҳанги Тоҷикистон бештар бошад..." (саҳ. 267).

Ҳадафи аслии ҳар сафарнома тасвиру баёни ҳақиқат аст. Муаллифони "Аз Ҷайҳун то Вахш" низ саъй кардаанд, ки ин усулро риоят намоянд ва аз баёни ҳақиқат, ҳарчанд ин барои тоифае талху нохушоянд аст, рӯй барнатобанд. Яке аз ҳамин гуна ҳақиқатҳои талх, ки дар осори баъзе таърихшиносону мақомоти расмӣ таҳриф мешавад, мақому нуфуси тоҷикон дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва шаҳру навоҳии дигари Ӯбекистон аст. Муаллифони сафарнома пас аз зикри мухтасари саргузашти Самарқанди бостонӣ ва нақли далелҳои мӯътамад ба чунин натиҷа расидаанд: "Бо вуҷуди ин ҳама фарозу нишеб ва ба рағми ҳокимияти дарозоҳанги туркону ӯзбакон бар ин сарзамин то рӯзгори султаи Русияи тезорӣ (подшоҳӣ) бар ин диёр тоҷикону форсизабонони Самарқанд ҳувияти фарҳангӣ ва забонии хешро ҳудудан ҳифз карда буданд, то он ҷо ки Радлев – академисияни русӣ дар ҳамон соли 1868, ки шаҳр ба тасарруфи русҳо даромад, "дар маобири Самарқанд ҷуз забони форсӣ нашунида буд". Аммо дар рӯзгори Бартолд (ҳудуди 1904) "мардуми он шаҳр ба туркӣ бештар сухан мегуфтанд ва камтар ба форсӣ" (Тоҷикон дар масири таърих, с. 75) саҳ. 87.

Дар ҷойҳои дигари китоб низ аз беадолативу беинсофие, ки ҳангоми тақсимоти маъмуриву миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна нисбат ба тоҷикону Тоҷикистон содир шудааст, бо дилсӯзиву дард сухан меравад. Мулоҳизаҳои муаллифон бар далелҳои қотеъ асос ёфта, барои дарки воқеияти таърихӣ мадад мерасонад: "Сиёсате, ки аз гузаштаҳо ба манзури зарба задан бар куллияти тоҷикони минтақа ба амал омада ва ағлаби шаҳрҳои тоҷикнишин ва дар раъси онҳо Бухорову Самарқандро ҷузви Ӯзбакистон кардааст, амалан нақшаи ин кишварро ба сурати камарбанди итминонӣ барои Тоҷикистони феълӣ дароварда ва сабаб шудааст, ки онро дар андаруни худ фурӯ бифушурад ва роҳи нуфузашро ба сӯи ҳамзабонони афғону эрониаш фурӯ бандад, тақсими нобародаронае, ки тоҷикони норозии тоҷикистон ҳамвора аз он ба

унвони "табартақсим" ёд карда ва аз захми ин табар ба шиддат нолидаанд" (р.к.: М. Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо, с. 10 ва 173), саҳ. 182.

Аз сафарнома метавон роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти мардумони Осиёи Миёна маълумоти судманде ба даст овард. Вале чунон ки зикр шуд, таваҷҷӯҳи муаллифонро беш аз ҳама ҳаёти фарҳангӣ ва ба хусус илмиву адабӣ ҷалб намудааст. Муаллифон саъй кардаанд, ки падидаҳо ва шахсиятҳои муҳимми фарҳангии хоси ин сарзаминро ҳарчи бештар шарҳу тавзеҳ диҳанд. Аз ҷумла роҷеъ ба аҳволу осори шоири маъруфи туркзабон Алишери Навоӣ, ки дар Ӯзбекистон хеле қадрдонӣ мешавад ва бунёдгузори адабиёти ӯзбек маҳсуб мегардад, ба таври муфассал сухан ронда, муаллифон инчунин аз хидматҳои ӯ дар ободонии Машҳад ва бунёди чандин иншооти фарҳангӣ ёд кардаанд.

Ҳамчунин дар сафарнома ба хидматҳои шоир ва донишманди маъруфи он замон Абдураҳмони Ҷомӣ ишора шудааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки шӯҳрату қадршиносии ӯро дар миёни ӯзбакҳо танҳо дар таҳсилаш дар мадрасаи Улуғбек донистаанд, ки саҳеҳ нест: "Лобуд ӯзбакҳо Ҷомиро ба хотири ҳамон чанд соли таҳсил дар мадрасаи Улуғбек аз худашон медонанд ва ин ҳама эҳтиромаш мекунанд" (саҳ. 77). Тавре ки маълум аст, сабаби асосии мавриди эҳтиром қарор гирифтани Ҷомӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки ӯ дӯст ва устоди Алишери Навоӣ буд. Дарвоқеъ маҳз Ҷомӣ буд, ки Навоиро ба навиштани осор ба забони туркӣ ташвиқ намуда, дар таълифи бисёр асарҳо ӯро роҳнамоӣ ва дастгирӣ кардааст.

Сафарнома бо забону сабки фасеҳу шево ва ширину гуворо ва дар баъзе мавридҳо ҳатто шоирона иншо гардида, осону равон хонда мешавад. Масалан, муаллифон шаҳри Самарқанд ва рӯди Зарафшонро бо нигоҳи шоирона чунин ба қалам додаанд: "Инак, ки аз масири Бухоро ва дарвоқеъ ҳамон роҳи Тошканд аз ҳошияи шаҳр пушти сари худро нигоҳ мекунӣ, Самарқандро дар оғӯши ду кӯҳ мебинӣ, ки аз ду тараф сар ба ҳам ниҳода ва кунҷи хилватеро барои наҷво бо шаҳр тартиб додаанд. Аз як тараф риштаи дарозу баланди Помир аст, ки пас аз убур аз саросари Тоҷикистон даст бар гардани Самарқанд афканда ва онро воситатуликди навоҳии тоҷикнишин кардааст ва аз сӯе дигар риштае аз шимоли ғарб меояд ва дар шарқи шаҳр сар ба домани Помир мениҳад, мисли Фарҳод, ки барои дидори Ширин сар бар қадами Хусрав мениҳод... Рӯди Суғд ё Зарафшони кунунӣ, ки аз дараҳои Зарафшони воқеъ дар шимоли Тоҷикистон сарчашма мегирад, пас аз сероб кардани Панҷакент – зодгоҳи Рӯдакӣ – ва ҷонбахшӣ ба даштҳову боғистонҳои ҳаволии Самарқанд ба сӯи Бухоро роҳ мекушояд, гӯӣ паёми ошнои тоҷиконро дар гӯши Самарқандиёну Бухороиён замзама мекунад ва ёди ёри меҳрубонро аз забони Рӯдакӣ ба хотири "Ҷӯи мӯлиён" меандозад" (саҳ. 83).

Муаллифони сафарнома дар мавридҳои зарурӣ номи баъзе маҳаллу мавзеъҳоро шарҳу тавзеҳ додаанд, ки ин арзиши маърифатии асарро афзудааст. Вале баъзе тавзеҳу пешниҳоди муаллифон баҳсбарангез аст. Масалан муаллифон дар мавриди номи Каттақӯрғон, ки дар байни Самарқанду Бухоро воқеъ аст, андешаи роҳбалади худ Исмоил

Бекҷоновро, ки маънии онро "ободӣ бар баландӣ" донистааст, рад намуда, бо Гургони форсӣ муртабит мешуморанд. Ба назари мо ҳар ду тавзеҳ саҳеҳ набуда, "қӯрғон вожаи туркист, ки маънии қалъа, ҳисор, истеҳкомро дорад[55]. Ин калима дар таркиби як гурӯҳ номҳои ҷуғрофӣ амсоли Қӯрғонтеппа (қалъаи воқеъ дар баландӣ), Тошқӯрғон (қалъаи сангин), Янгиқӯрғон (қалъаи нав), Ҷарқӯрғон (қалъаи воқеъ дар назди варта) ҷой гирифтааст.

Дар саҳифаҳои охири сафарнома дар чанд маврид ибораи "майда самалут" истифода шудааст, ки шояд онро муаллифон аз забони ашхоси ғайритоҷик шунидаанд ва он ибораи тоҷикӣ нест. Зеро ҳарчанд майда калимаи тоҷикист, вале тарзи иборасозӣ ӯзбекӣ мебошад. Шакли тоҷикии ибораи мазкур "ҳавопаймои хурд ё майда" мебошад.

Дар сафарнома чандин нақшаву ҷадвал ва феҳрасти ному муаррифии машҳуртарин хонҳои ӯзбаки шайбонӣ, аштархонӣ ва манғит оварда шудаанд, ки барои шинохти беҳтару амиқтари Мовароуннаҳр мадад мерасонанд.

Ба таври куллӣ китоб аз зумраи марғубтарину пурарзиштарин сафарномаҳост, ки барои шиносоии беҳтару бештари вазъи кунунӣ ва таърихии Мовароуннаҳр ба хонандаи эронӣ хидмати шоистае ба ҷой меорад ва бешубҳа саҳми бузургест дар таҳкими робитаҳои фарҳангии Эрон бо кишварҳои Осиёи Миёна ва тарҷумаву нашри он ба забонҳои дигар низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

---

[55] Ин вожа ба ҳамин маънӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ"-и С. Айнӣ (Душанбе, 1976, саҳ. 524) ва "Фарҳанги забони тоҷикӣ" (Душанбе, ҷ. 2, 1969, саҳ. 706) шарҳ ёфтааст.

## Шарҳи ҳоли Мирзо Муллоаҳмад

Мирзо Муллоаҳмад аз соли 1969 то имрӯз дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад. Дар ин муддат ӯ дар вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурд ва калони илмӣ, мудири бахш, мудири Шӯъба ва муовини директори институт оид ба корҳои илмӣ, сипас сардори Шӯъбаи созмондиҳии илми Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Ӯ доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиётшинос ва эроншиноси шинохта буда, перомуни масъалаҳои гуногуни адабиёт, забон, таърих ва фарҳанги тоҷику форс ва Шарқ, роҷеъ ба адибони қарнҳои мухталиф тадқиқот анҷом додааст.

Доираи фаъолияти илмии Мирзо Муллоаҳмад васеъ буда, таърихи адабиёти тоҷику форсро аз замонҳои қадим то имрӯз, адабиёти Эрон ва Шарқ, таърихи илму фарҳанги кишварҳои Шарқ, масъалаҳои забоншиносӣ ва робитаи адабиву фарҳангии Тоҷикистон ва кишварҳои Шарқи хориҷӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ӯ аз мутахассисони шинохтаи таърихи адабиёти тоҷику форс буда, асарҳои илмиаш дар шаҳрҳои Маскав, Вашингтон, Теҳрон, Боку, Машҳад ва амсоли инҳо низ чоп шудаанд. Ӯ яке аз муаллифони нашри академии "Таърихи адабиёти Эрон дар асрҳои XIX -XX"(Маскав, "Наука", 1999, 535 с.) мебошад. Китобҳои ӯ «Ёди ёри меҳрубон»(Теҳрон,2001,845с.), «Хубони порсигӯй» (Теҳрон, 2003), «Андарзҳои Рӯдакӣ»(Теҳрон, 2008), «Садои Осиё»(2011) хонандагони эрониро бо осори шоирони тоҷик шинос менамоянд. Дар нашриётҳои муътабари Эрон инчунин асарҳои илмии ӯ «Ҷанг ва сулҳ дар «Шоҳнома»(2005), «Рӯдакӣ ва суханварони ҳамрӯзгори ӯ (2008, бо ҳаммуаллифӣ), «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем»(2010), «Пиромуни Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон»(2014), «Сайре дар олами эроншиносӣ»(2014) нашр шудаанд.

Асарҳои илмии ӯ «Фаррухии Систонӣ» (1978),«Нишот ва Миҷмар»( 1983), «Лирикаи Адибулмамолики Амирӣ»(1985),«Фурӯғии Бастомӣ ва ғазалиёти ӯ» (1967),«Қоонии Шерозӣ»(1992),«Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт»(2008) дар нашриёти «Дониш», «Инсон.Адабиёт. Фарҳанг.» (1993), «Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон»(2012) дар нашриёти «Адиб»,«Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» (2003), «Дар олами

эроншиносӣ» (2005), «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем» (2011) дар нашриёти «Диваштич», «Бузургдошти инсони нек»(2011) дар нашриёти «Маориф ва фарҳанг» ва ғайра ба табъ расидаанд.

Дар осори илмии Мирзо Муллоаҳмад илова бар назари тоза ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиётти тоҷику форс чандин пешниҳоду навгониҳои илмӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла ӯ барои муайян кардани рубоиёти асили Умари Хайём равиши тозаи ҷомеъро пешниҳод намудааст, ки барои ҳалли ин масъалаи душвор кумак мерасонад. Ӯ бори аввал аҳли илму адабро бо як навъи тозаи шеър, ки маҳсули рӯйдодҳои таърихии асри XX Эрон мебошад, ошно намуд. Ӯ дар чанд мақолаи худ ба субут расондааст, ки навъи қитъа бар хилофи пиндошти муаллифони сарчашмаҳои адабӣ ва муҳаққиқон порае аз қасида набуда, навъи мустақили шеър аст, ки аз сурудҳои бостонии тоҷику форс маншаъ мегирад. Дар рисолаҳои «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» ва «Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем» ӯ исбот намуд, ки сабаби асосии бузургӣ ва мондагории «Шоҳнома» маҳз ҷанбаи ахлоқиву башардӯстии он аст. Ӯ бо далелои тоза ба субут расонд, ки Рӯдакӣ кӯри модарзод набуда ва ӯро кӯр ҳам накардаанд ва нобиноии ӯ бар асари бемориву пирӣ будааст. Чунин тозакориҳо дар осори илмии ӯ зиёданд.

Мирзо Муллоаҳмад дар матншиносӣ ва нашри осори гузаштагон низ саҳми калон гузошта, «Қобуснома»-и Кайковус (1979, 2007) «Рубоиёти Умари Хайём» (1983),«Баргузидаи ашъори Шаҳриёр» (бо ҳамроҳӣ, 1984, 2006), «Ҳикояҳои нависандагони муосири Эрон» (бо ҳамроҳӣ, 1986, 1988), «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и Абдураҳмони Мустаҷир (бо ҳамроҳӣ, 1989),«Гулбонги навҷавонӣ»-и Лоҳутӣ (бо ҳамроҳӣ, 1991), «Андарзномаи Рӯдакӣ» (1992), «Ғазалиёти Фурӯғии Бастомӣ» (1993), «Донишнома»-и Майсарӣ(1999), «Андарзномаи ҳаким Носири Хусрав»(2003)), «Дахунома»(2003), «Гулчини девони Ҳофиз»(2006), «Андарзҳои Ҷалолиддини Румӣ»(2007), «Ашъори мунтахаб»-и Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ (2008), «Дар партави хуршед»(2011), «Ҳикматномаи Носири Хусрав»(2013) ва ғайраро ба чоп расондааст.

Ба қалами МирзоМуллоаҳмад беш аз 550 асари илмӣ ва илмиву оммавӣ таълиф шудааст, ки аз чумла 20 монография ва маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, беш аз 30 маҷмӯаи гуногун аз осори адибони гузаштаву муосири форсизабон буда, бо кӯшиши ӯ ба табъ расидаанд.

Мирзо Муллоаҳмад дар ташкили конфаронсу ҳамоишҳои илмӣ фаъолона ширкат варзида, аз ҷумла котиби масъули

симпозиумҳои байналмилалии «Ҳазораи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» (1994), 675- солагии Камоли Хуҷандӣ (1996), «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон» (2001), Анҷумани панҷуми байналмилалии устодони забон ва адабиёти тоҷику форс»(2006), «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон» (2008) буд. Ӯ бо суханрониҳои илмӣ дар беш аз 30 конфаронсу симпозиумҳои байналмилалӣ, ки дар шаҳрҳои гуногуни олам баргузор шудаанд, ширкат варзидааст. Аз ҷумла дар толори Созмони милали муттаҳид дар ш. Ню-Йорк(18 июни соли 2008) дар мавзӯи «Рӯдакӣ – шоири бузурги башардӯст» суханронии илмӣ кардааст. Рӯдакишиносӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмии Мирзо Муллоаҳмад буда,бо сарварии ӯ «Донишномаи Рӯдакӣ»таълиф мешавад, ки ду ҷилди он ба табъ расидааст.

М.Муллоаҳмад дар тарбияи кадрҳои илмӣ низ саҳми арзанда мегузорад. Таҳти роҳбарии ӯ 10 нафар рисолаи номзадӣ, 4 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуда, 5 нафар рисолаҳои илмии худро омода кардаанд.

Ӯ узви ҳайати таҳририяи «Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ», маҷаллаи илмӣ-оммавии «Илм ва ҳаёт», маҷаллаи «Рӯдакӣ»(Теҳрон), фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии «Пажӯҳишномаи таърих»-и Донишгоҳи озоди исломии Буҷнурд(Эрон), маҷаллаи Муассисаи фарҳангии ЭКО(Теҳрон), узви ҳайати илмии «Доиратулмаорифи инсоншиносӣ» (Теҳрон), раиси Анҷумани дӯстии Тоҷикистону Эрон, узви раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва ғ. мебошад. Ӯ аз соли 1993 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, дорандаи Ҷоизаи ба номи Муҳаммад Осимӣ ва Ҷоизаи «Бунёди Манучеҳри Фарҳангӣ» мебошад.

**Фехраст**

Пешгуфтор________________________________
**Равзанаи адаб**
Бузургию неъмат зи оли Сомон буд__________
Бозтоби дардҳои замон_____________________

Нахустқасидаи фалсафӣ дар адабиёти тоҷику форс
Ҷамъоварӣ ва нашри осори устод Рӯдакӣ
Аз таърихи рӯдакишиносӣ дар Тоҷикистон
Асари муҳим дар Рӯдакишиносӣ

Осори зубдаи Рӯдакишиносӣ
«Китобшиносии осори Рӯдакӣ»
Бори дигар дар бораи нобиноии Рӯдакӣ
Шеъри рудакивор
«Донишномаи Рӯдакӣ» ва вежагиҳои он

**Ситоиши инсон дар осори Рӯдакӣ**_____________
Ҳикмату тарбият дар «Шоҳнома»____________
Хирад дар «Шоҳнома»_______________________
Ибни Сино – адиби инсонпарвар_____________

Насиҳатномаи судманд______________________
Маромномаи ахлоқии ҳакими ҳақиқатҷӯй_____
Ганҷинаи ахлоқи ҳамида______________________
Бузургдошти инсон дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ
Ҳасани Деҳлавӣ-устоди ғазал
Вассофи зебоии инсон_____________________
«Одамӣ аст аз пайи кори бузург»_
Абдурраҳмони Ҷомӣ – суханвари башардӯст

«Парешон»-и Қоонӣ________________________
Васфи бузургии мақоми инсон
Бозгашти адабӣ

**Равзанаи илму фарҳанг**
Некӣ дар Авесто___________________________
Мароми Имоми Аъзам______________________
Фарҳанги хуҷастаи Наврӯз
Даврони пурбори гуфтугӯи тамаддунҳо______

Донишманд ва инсонпарвари бузурги хоразмӣ_
Мароми ахлоқии аҳли ҳунар _________
Истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ ва баъзе мушкилоти он

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj